МУҲАММАД ҒИЁСУДДИН

# ҒИЁС-УЛ-ЛУҒОТ

## ҶИЛДИ 2

Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва фехристи
*Амон Нуров*

ДУШАНБЕ
НАШРИЁТИ «АДИБ»
1988

ББК 81. 2 тоҷик+81.2 форс
4 тоҷик (03)+4И (форс)
Ғ 58

Ғ 58 **Ғиёс-ул-луғот:** Иборат аз се ҷилд.—Душанбе: «Адиб». Ҷилди 2. Сод — Ё. 1988. 416 саҳ.

«Гияс-ул-лугот» — один из известных толковых словарей, составленнаи асарҳои бисьёри лексикографӣ ва илмию адабӣ тасниф шудааст. Фарҳанг 17537 мақолаи луғавии соҳаҳои гуногуни илму тамаддуни моро шарҳу эзоҳ медиҳад.

**Гияс-ул-лугот:** В 3-х томах. Т. 2.

«Гияс-ул-лугот» — один из известных толковых словарей, составленный на основе целого ряда лексикографических и научно-литературных произведений. Словарь включает 17537 словарных статей по различным вопросам науки и культуры.

Ғ $\frac{4602030000-275}{М\ 503(12)-88}$ 131—88

ББК 81. 2 тоҷик + 81. 2 форс
4 тоҷик(03) + 4 И (форс)

© Нашриёти «Адиб», 1988.

---

**ГИЯС-УЛ-ЛУГОТ**

**2 том**

*(на таджикском языке)*

Муҳаррир *Х. Рауфов.* Рассом *Ю. Волнянский.*
Муҳаррири ороиш *А. Муҳаммадиев.* Муҳаррири техникӣ *И. Насырова.*
Мусаҳҳеҳ *Н. Зиёмуҳаммад*
Ҳуруфчин ва саҳифабанди китоб *Гурез Қосимов*

БИ № 128

Ба матбаа 08. 07. 87 супурда шуд. Ба чопаш 05. 04. 88 имзо шуд. Формати 60×90¹/₁₆. Қоғази типографии № 1. Гарнитураащ адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 26,0. Ҷузъи рангаи шартӣ 26,125. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 37,838. Адади нашр 15 000 нусха. Супориши № 508. Нархаш 3 сум 10 тин.

734003, Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Рудакӣ, 33.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126.

## БОБИ СОДИ МУҲМАЛА

### Фасли соди муҳмала маъа алиф

**СОҲИБҶАВЗО//СОҲИБИ ҶАВЗО** صاحب جوزا Уторид, чаро ки Ҷавзо хонаи Уторид аст.

**СОҲИБ** صاحب ба маънии вазир ва ёр; ва ба маънии молик ва худованд низ мустаъмал; ва ин лафзи мактуъулизофат аст, яъне касраи изофат бар ин намеояд, магар ба нудрат, чунончи *соҳибдил* ва *соҳибқирон* ва *соҳибғараз*; Саъдии Шерозӣ фармояд, мисраъ:

Зи соҳибғараз то сухан нашнавӣ...

(аз «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**СОИБ** صائب ба маънии расо ва расанда; ва тахаллуси шоире, ки Муҳаммадалӣ ном дошт.

**СОМИТ** صامت ба маънии хомуш ва зару сим ва соҳибамвол; ва **моли сомит** *киноя аз* зевару нуқуд ва ғайра; ва дар муқобалаи **моли нотиқ**, ки иборат аст аз канизу ғулом ва чорпоя (аз «Мунтахаб» ва дигар кутуб).

**СОРУҶ** صاروج оҳаки омехта ба хокистар ва ҷуз он; *муарраби* **сору** سارو (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**СОЛЕҲ** صالح ба маънии некӯкор; ва номи пайғамбарест, ки ба дуои у ноқа аз санг пайдо шуда буд.

**СОФИКУШОД** صافی کشاد тире ки ба вақти раҳо шудан аз шаст софу озод барояд; ва инчунин тир каҷ намеравад ва нишона хато намекунад.

**СОИД** صاعد аз пастӣ ба сӯи баландӣ раванда.

**СОДИР** صادر аз ҷой беруноянда; пас **содир ва ворид** ба маънии раванда ва оянда мустаъмал аст («Шарҳи Нисоб» аз Юсуф).

**СОБИР** صابر лақаби Айюб алайҳиссалом.

**СОҲИБФИРОШ** صاحب فراش *киноя аз* мариз ва бемор, чаро ки бемор аксар бар фарш уфтода мемонад.

**СОЪ** صاع замини паст; ва номи паймонаест, ки чаҳор муд бошад ва ҳар муд як ратлу сулси ратл бошад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»); ва яке аз муҳаққиқин дар «Рисолаи авзон» навишта, ки **соъ** дусаду сиючаҳор тула бошад.

**СОИҒ** صائغ заргар (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**СОЛИҒ** صالغ гову гӯспанди шашсола; бидон ки синни гову гӯспанд, ки аз шаш сол гузашт, ном надорад (аз шарҳи «Нисоб»).

**СОФ(Ф)** صاف сафкашанда; ва ба тахфифи **фо** *мухаффафи* **софӣ**-ст, ба ҳазфи ёи таҳтонӣ, маъхуз аз **сафо**; ва лафзи **соф** дар форсӣ ба маънии шароби соф низ мустаъмал мешавад.

**СОРИМ** صارم теғи бурранда; муштақ аз **сарм**, ки ба маънии қатъ аст (аз шуруҳи «Нисоб»).

**СОИМ** صائم ба маънии рӯзадор; ва номи рӯдаи дуввум аз ҷумлаи шаш рӯдаи шикам (аз «Мунтахаб» ва кутуби тиббия).

**СОҲИБҚИРОН** صاحبقران он мавлуд, ки вақти уфтодани нутфаи падараш

дар раҳми модараш ё ба вақти вилодати ӯ қирони узмо бошад ва бурҷи қирон дар толеъ бувад; ва баъзе гӯянд, ки дар соли вилодати ӯ Зуҳал ва Муштариро қирони узмо бошад ва ин навъ қирони узмо баъд аз солҳои фаровон воқеъ мешавад. Ва инчунин мавлудро подшоҳӣ дер монад. Ва ин лафзи **соҳибқирон** лақаби амир Темур аст, ки подшоҳи шаш иқлим будааст. Ва **сонӣ соҳибқирон ё соҳибқирони сонӣ** ба маънии подшоҳе, ки қариби рутбаи амир Темур расида бошад. Ва аз лафзи **«инчунин»** то охир иборати муаллиф аст ва таҳқиқоти собиқ аз «Кашф» ва «Латоиф» ва «Муайид» ва «Мадор». Ва аз «Сикандарӣ» манқул аст он ки вақти вилодати ӯ Зуҳра ва Муштариро қирон бошад.

**СОҲИБУЗЗАМОН** صاحب الزمان лақаби ҳазрати имом Маҳдӣ алайҳиссалом.

**СОЪСИТОН** صاعستان закотхор, яъне фақир ва муҳтоҷ, ки гандум ё ҷав дар садақаи идулфитр аз мардумони ғанӣ бистонад.

**СОФИН** صافن рагест дар соқ; ва аспе ки ба ҳар се по ва канораи суми пои чаҳорум истода шавад ва инчунин аспи тезрав бошад (аз «Мунтахаб» ва «Кифоя» ва ғайри он).

**СОИБА** صائبه расо ва расанда.

**СОИҚА** صاعقه барқе ки аз абр бар замин уфтад.

**СОҲИБӢ** صاحبی қисме аз ангур аст; ва номи ҷомаи абрешумии мухаттат (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чаҳор шарбат» ва «Мусталаҳот»).

**СОФӢ** صافی ба маънии соф ва беғаш; исми фоил, маъхуз аз **сафо**, чунонки *қозӣ* аз *қазо* ва *розӣ* аз *разо*; ва **соф** мухаффафи он аст; ва дар истеъмоли форсиён ҷомае, ки даво ё шароб ё банг бад-он полоянд.

**СОБИРӢ** صابری номи шоире.

**СОБУНИ СУЛТОНӢ** صابون سلطانی тавзеъи ҳоким, яъне тақсим нумудани ҳоким чизеро бар ҷамоъате.

### Фасли соди муҳмала маъа бои муваҳҳада

**САБО** صبا боде ки аз тарафи машриқ вазад; баъзе гуфта, ки боди машриқӣ, ки дар айёми баҳор вазад; аввал асаҳ аст; ва номи нағмае аз мусиқӣ; ва ба фатҳи аввал ва мад (яъне **сабоъ**)* майл кардани дил ба чизе; ва бозӣ кардан бо кӯдакон; ва ошиқӣ; ва ба касри аввал ва бемад (яъне **сибо**)* ба маънии кӯдакӣ ва тифлӣ (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ» ва Ибни Ҳоҷ).

**САБ(Б)** صب ба маънии рехтан ва рехта шудани об; ва ба маънии ошиқ (аз «Мунтахаб»).

**САБАБ** صبب замини нишеб; ва ошиқ шудан (аз «Мунтахаб»).

**САБОҲАТ** صباحت хубрӯӣ ва сифедии ранги инсон; *зидди* **малоҳат.**

**САБӮҲ** صبوح шаробе ки ба вақти бомдод хурда мешавад, *зидди* **ғабуқ**, ки ба вақти шом хуранд (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Муайид»); ва низ дар «Муайид» ва «Мадор» навишта, ки ба замматайн (яъне **субӯҳ**)* масдар аз он ва вақти субҳ.

**САБЕҲ** صبیح хубру ва сифедранг, *зидди* **малеҳ**, ки сабзаранг ва намакин бошад.

**САБОҲ** صباح бомдод; ва ба маънии хуб ва ҷамил; ва билфатҳ ва ташдиди бои муваҳҳада (яъне **саббоҳ**)* соҳибҳусн ва шуълаи қандил; ва номи марде музаввир, ки онро Ҳасани Саббоҳ низ номанд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**САБИР** صبر ба фатҳи аввал ва касри сонист; ва сукуни сонӣ (яъне **сабр**)* ҷоиз нест, магар ба зарурати шеърӣ; ва он усораи талх аст аз дарахте, ки ба ҳиндӣ элва гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Музил» ва «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва Хони Орзу дар «Хиёбон» навишта, ки аз «Суроҳ» маълум мешавад, ки **сабир** ба маънии давои талх (ба фатҳи аввал ва касри дуввум) аст. Аммо аз «Қомус» маълум мешавад, ки шуарои араб ба сукуни дуввум (яъне **сабр**)* ҷоиз доштаанд, бинобар зарурат; дар ин сурат тасарруфи форсиён набошад, ки ба сукуни дуввум мехонанд; ва лиҳозо дар «Мадор» навишта, ки **сабр** (билфатҳ) маъруф аст ва навъе аз даво; ва баъзе гӯянд, ки ба маънии давои талх ба касри аввал ва сукуни со-

нӣ (яъне **сибр**)* низ ҷоиз аст. Чи ҳар исме, ки ба фатҳи аввал ва касри сонӣ бошад, дар он каср ва фатҳи аввал ва сукуни сонӣ низ ҷоиз аст, чунонки дар *катиф, катаф* ва *китф*; ва дар *фахиз, фахаз* ва *фахз*; ва дар *кизб, казаб*; ва дар *кабд, кабад*; ва дар *маъид, маъд.*

**САББОР** صبار бисьёр сабркунанда.

**САБОҲУЛХАЙР** صباح الخير калимаест, ки ҳангоми тулуъи субҳ муоширон бо ҳам гӯянд.

**САБУР** صبور собир ва шикебо; ва касе ки ҷалдӣ накунад дар интиқом (аз «Муайид» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**САББОҒУЛАРЗ** صباغ الارض *мурод аз* офтоб; чаро ки дар ҷамодот ва наботот ва ҳайвонот ранг аз таъсири офтоб мерасад.

**САББОҒ** صباغ рангрез (аз «Мунтахаб»).

**СИБҒ** صبغ ба маънии ранг; ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» навишта, ки **сабғ** (билфатҳ) ранг кардан.

**САББОҒИ ФАЛАҚ** صباغ فلك иборат аз моҳ аст (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**СИБЁН** صبيان кӯдакон; ин *ҷамъи* **сабий** аст; ва ба зам (яъне **субён**)* низ омада (аз «Мунтахаб»).

**САБИЙЯ** صبيه ба маънии духтар.

**СИБҒАТУЛЛОҲ** صبغة الله миллат ва дини муҳаммадӣ.

**СУБРА** صبره ба маънии ҷош, ки тӯдаи ғалла ва ғайра бошад, ки ҳануз онро вазн накарда бошанд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**САБУРӢ** صبورى дар коре таъҷил накардан (аз «Мунтахаб»).

**САБУҲӢ** صبوحى шароби бомдод (аз «Қашф»); ва дар «Мусталаҳот» ба вақти субҳ шароб хӯрдан.

**САБИЙ** صبى ба маънии кудак, ки аз шир боз шуда бошад; ва ба касри аввал ва фатҳи бои муваҳҳада ва дар охир алиф ба сурати ёи таҳтонӣ (яъне **сибо**)* тифлӣ ва кӯдакӣ (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**СУБҲИ ОХИРИН** ва **СУБҲИ ДУВВУМ** ва **СУБҲИ СОНӢ** صبح آخرين و صبح دوم و صبح ثانى ҳар се ба маънии субҳи содиқ.

## Фасли соди муҳмала маъа ҳои муҳмала

**СИҲНО** صحنا ба маънии **сиҳнот**, ки мазкур хоҳад шуд.

**СИҲОБ** صحاب *ҷамъи* **соҳиб** (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Музил»).

**САҲБ** صحب исми *ҷамъи* **соҳиб** аст ва **асҳоб** *ҷамъулҷамъ* аст (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**САҲОБАТ** صحابت ёр шудан ва ёрӣ кардан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва мустаъмал ба маънии маъа; ва ба касри аввал (яъне **сиҳобат**)* хатост.

**СИҲНОТ** صحنات номи нонхӯриш, ки дар мулки Миср созанд, ки моҳии фарбеҳ пора-пора карда се рӯз ба ғайри намак нигоҳ доранд ва баъд аз он намаку суммоқ ва арақи лиму дар зарф кунанд ва дар офтоб нигоҳ доранд ва ба чубе ҳаракат диҳанд, то намаку моҳи омехта шавад ва баъд аз он устухони ӯро аз гушт ҷудо карда мехӯранд (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**СИҲҲАТ** صحت бар вазни **ҳиммат**; ба маънии тандурустӣ, ки *зидди* беморист (аз «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»); ва касоне ки **сиҳат** (صحت) гӯянд, ба зиёдати ёи таҳтонӣ баъди сод маҳзи хато ва ғалати сареҳ.

**СУҲ** صح дуруст ва тандуруст (аз «Латоиф»).

**САҲОҲ** صحاح тандурустӣ ва пок шудан аз айб ва тандурусту пок аз айб; ва билкаср (яъне **сиҳоҳ**)* тандурустон, *ҷамъи* саҳеҳ; ва «Сиҳоҳ» номи китоби луғати араб аст; баъзе ба фатҳ ва баъзе ба каср гуфтаанд, фатҳ афсаҳ (аз «Мунтахаб» ва «Музил»).

**САҲЕҲ** صحيح тандуруст ва пок аз айб (аз «Мунтахаб»); ва он ки мардум аз беилтифотӣ бар вазни набӣ хонанд ва ҳои дуввумро ба талаффуз дарнаёранд маҳзи хатост.

**САҲЕҲНИГОР** صحيح‌نگار ахборнавис.

**САҲРОНИЮШ** صحرانيوش ба маънии саҳронавард (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**СИҲОФ** صحاف косаҳои бузург ва паҳн (аз «Латоиф»); ва дар «Мунтахаб» ҷоҳои ҷамъ шудани об; ва билфатҳ

ва ташдиди ҳо (яъне **саҳҳоф**)* ба маънии муҷаллиди китоб.

**СУҲАФ//СУҲУФ** صحف *ҷамъи* **саҳифа** (аз «Мунтахаб»); магар дар истеъмоли форсиён ба сукуни сонӣ низ омада, чунончи Низомӣ гӯяд, мисраъ:

Гаҳ аз суҳфи пешиниён дарсгир...

ва ҳамчунин лафзи *зулмот* ва лафзи *арнӣ*-ро ба сукуни сонӣ овардаанд.

**САҲНАК** صحنك табақи кӯчак ва рикобӣ; ва ин *тасғири* саҳн аст, ки ба маънии табақи бузург бошад.

**САҲН** صحن табақи бузург ва ташти фарох ва саҳни хона ва замини ҳамвор (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Чароғи ҳидоят»).

**САҲВ** صحو ҳушёр шудан ва ҳушёрӣ аз мастӣ ва пок будани осмон аз абр ва ғубор (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва ба истилоҳи сӯфия **саҳв** ба маънии гум ва нобуд кардани авсофу одот; ва **сукр** ба маънии истилои султони ҳол; ва баъзе инчунин гуфта, ки **саҳв** ба маънии авд кардан ба тарафи тартиби афъол; ва **фано** ба маънии суқути авсофи башарӣ.

**САҲИФА** صحيفه ба маънии китоб ва рисола (аз «Мунтахаб»).

**САҲОБА** صحابه ёрон ва ёрӣ нумудан (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**СИҲҲАТНОМА** صحت نامه қавлест дар илми мусиқӣ сохтаи Насируддини Тусӣ (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Баҳори Аҷам»).

**САҲОРО** صحارى *ҷамъи* **саҳро.**

### Фасли соди муҳмала маъа хои муъҷама [69]

**САХРАИ САММО** صخرهٔ صما сангест дар Байтулмуқаддас, ки дар ҳаво муаллақ монда. Чун як бор зане ҳомиларо аз хавф дар зери он вазъи ҳамл шуда буд, лиҳозо деворе ба зери он санг кашидаанд. Ва гӯянд, ки девор ба он санг вусул наёфта, ҳануз дар ҳаво муаллақ аст.

**САХАБ** صخب ба маънии фиғон ва фарьёд ба вакти заҷр кардан (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**САХР** صخر санги бузург (аз «Мунтахаб»).

**САХРА** صخره санг; ва сангест дар Байтулмуқаддас ва онро **сахраи саммо** низ гӯянд (ба фатҳи сод ва ташдиди мим; аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва номи ҷиннест аз ҷинниён; ва дар «Хиёбон» навишта, ки номи девест, ки ба бадталъатӣ шуҳрат дорад ва ангуштарии Сулаймон алайҳиссалом бурда буд.

**САХРИЙЯ** صخريه сангистон.

### Фасли соди муҳмала маъа доли муҳмала

**САДО** صدا овоз, ки аз гунбад ва кӯҳ ва чоҳ ва ғайра бозояд; ва мутлақ ҳар овозро низ гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Мунтахаб»).

**САДОРАТ** صدارت болонишинӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва номи мансабест, ки қариби визорат бошад; ва ба маънии шурӯъ ва ибтидо кардан; ва ба маънии пешрасонӣ.

**САДИЗОТ** صدى ذات номи мансабест, ки соҳиби он мансабро ду лакҳ дом муқаррар бошад. Чун як рупияро чиҳил дом мебошанд, пас ду лакҳ домро панҷ ҳазор рупия мешаванд.

**САДАД** صدد наздикӣ ва муқобала ва баробарии чизе (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва *маҷозан* ба маънии қасд нумудан ва дар пай шудан мустаъмал.

**САДРИ ХУҶАНД** صدر خجند лақаби бузургест; **садр** (билфатҳ) ба маънии болонишин ва амир аст ва **Хуҷанд** номи шаҳрест дар Турон.

**САДИД** صديد зардоб, ки аз захму ҷароҳат берун ояд (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**САД** صد адади маъруф; лафзи форсист, дар асл ба сини муҳмала (سد) буд. Қудамо ба ҷиҳати рафъи иштибоҳ ба калимаи дигар, ки **сад(д)** бошад, ба маънии ҳоил ва монеъ, исми ададро ба сод навиштанд.

**САДР** صدر сина ва аввалу болои ҳар чиз; ва ба маънии пешгоҳи хона ва ибтидо; ва ба маънии болонишин; ва амири соҳибмансаби маъруф; ва бозгаштан ва бадар омадан аз ҷое

(аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Қашф»).

**СУДУР** صدور синаҳо; ва болонишинон; ва масдар низ аст ба маънии аз ҷое берун омадан (аз шуруҳи «Нисоб»).

**СУДОЪ** صداع ба маънии дарди сар; ва ин маъхуз аз **садъ** аст, ки ба маънии шигофтан бошад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**СУДҒ** صدغ ба маънии ҷое, ки миёни гӯшаи абрӯ ва гӯш аст ва онро шақиқа низ гӯянд; ва ба маънии мӯи печида, ки овехта бошад бар он мавзеъ (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**САДАФ** صدف маъруф аст; ва навъе аз пиёлаи кӯчак ба ҷиҳати шаробхӯрӣ; ва се ситора аст ба шакли мусаллас бар даври **қутб**, ки онро **Садафи қутб** гӯянд (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**САДҚ//СИДҚ** صدق ростӣ, *хилофи* **кизб**; ва баъзе гуфта билфатҳ (яъне **садқ**)* рост гуфтан ва билкаср (яъне **сидқ**)* ростӣ; ва билфатҳ найзаи рост ва сахт; ва биззам (яъне **судқ**)* ростгӯён; ва ба зам ва ба замматайн (яъне **судқ** ва **судуқ**)* *ҷамъи* **сидқ** (аз «Мунтахаб»).

**СОДИҚ** صادق ростгӯянда (аз «Мунтахаб»).

**СИДОҚ//САДОҚ** صداق ба маънии кобин ва маҳри зан (аз «Хиёбон»).

**СИДДИҚ** صدیق бисьёр ростгӯ ва бағоят ростпиндорандаи сухани касеро; ва лақаби ҳазрати Абубакр, чаро ки бар нубувват ва меъроҷи ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама аввал аз ҳама имон оваранд; ва ба фатҳи аввал ва тахфифи доли максур (яъне **садиқ**)* ба маънии дӯст ва дӯстон, муфраду ҷамъ ҳар ду омада (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва ғайруҳумо).

**САДБАРГ** صدبرگ гулест зардранг, ки ба ҳиндӣ генда гӯянд; ва ба маънии ҳар гуле, ки ба нисбати дигар ақсоми худ барги бисьёр дошта бошад, ки дар муҳовараи диёри мо онро **ҳазора** гӯянд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**СУДҒАТАЙН** صدغتین ҳар ду судға.

**СУДРА** صدره ба маънии синапӯш; ва ба маънии куртаи хурд ва пироҳани нимтана ва ғайри он.

**СУДҒА** صدغه ҷои нарм, ки миёни гӯшаи абрӯ ва гӯш аст.

**САДУ ЧАҲОРДАҲ** صدو چهارده *мурод аз* сураҳои Қуръон, ки саду чаҳордаҳ аст, ё он ки саду чаҳордаҳ қалби чаҳордаҳ сад бошад; машҳур аст, ки дар вуҷуди одамӣ ҳазору чаҳорсад банд аст ва ҳар банд барои фоидаи дигар аст.

**САДМА** صدمه як навбат кӯфтани ду чиз бо ҳам ва осеб расонидан (аз «Мунтахаб»).

**САДАҚА** صدقه он чи ба роҳи худо ба фуқаро диҳанд; ва ба сукуни дол (яъне **садқа**)* хатост (аз «Музил» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**САДАҚАИ ҶОРИЯ** صدقهٔ جاریه мисли наҳр ва чоҳ ва пул ва масҷид ва ғайра, ки мисли ин аст.

### Фасли соди муҳмала маъа рои муҳмала

**САРОФАТ** صرافت сара кардан; ва холис будан; ва гардонидан.

**САРОМАТ** صرامت диловарӣ ва чолокӣ; ва буридан ва қатъ кардан (аз «Суроҳ»); ва дар «Маҷмаъ-ул-луғот» ба маънии бузургӣ.

**САРҲ** صرح қаср ва кушк ва binoи олӣ; ва ошкоро кардан; ва ба фатҳатайн (яъне **сараҳ**)* холис аз ҳар чиз (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**САРЕҲ** صریح зоҳир ва ошкоро.

**СУРОҲ** صراح холиси ҳар чиз ва хулоса; ва номи китоби луғат; ва ба маънии рушноӣ (аз «Суроҳ» ва «Муайид»).

**СУРАД** صرد мурғест бузургсар, ки гунҷишкро шикор кунад (аз «Мунтахаб»); ва дар тарҷамаи «Шофия» навишта, ки онро дар форсӣ **варкок** ва ба ҳиндӣ латура гӯянд.

**САРҲИ МУМАРРАД** صرح ممرد қасри дурахшон ва сода ва ҳамвор; *кинояи аз* фалак.

**САРИР** صریر овози қалам, ки ба вақти навиштан брояд; ва бонги малах; ва овози наълайн вақти рафтор; ва овози дар ба вақти бастан

ва кушодан (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**САРСАР** صرصر боди тунд ва боди сахти сард (аз «Латоиф»).

**СИРОТ** صراط ба маънии роҳи рост; ва номи пулест, ки бар сари дузах бошад ва он аз мӯй бориктар аст ва аз шамшер тезтар (аз «Мунтахаб»).

**САРЪ** صرع афгандан бар замин; ва номи марaзе, ки соҳиби худро бар замин меафганад; ба ҳиндӣ онро миргӣ гӯянд; наузубиллоҳи минҳо; маънии луғавии аввал аз «Мунтахаб».

**СИРФ** صرف ҳар шайъи холис ва шароби холис, ки дар он об наёмехта бошад (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва билфатҳ (яъне сарф)* сара кардани зару сим; ва гардонидан; ва харҷ кардан; ва бута; ва ҳила; ва ҳодиса ва гардиши замона; ва вожгун кардани чизе; ва номи илми маъруф.

**СУРУФ** صروف ҳаводис.

**САРМ** صرم *муарраби* чарм; ва ба маънии буридан ва қатъ кардан (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**САРИМА** صریمه ба маънии азимат ва қатъ кардани коре (аз «Мунтахаб»).

**САРХА** صرخه афғон ва бонг ва азоб (аз «Мунтахаб»).

**СУРРА** صره ҳамён (аз «Қомус» ва «Кашф» ва «Ҳиёбон» ва «Муайид» ва «Сурох»).

**САРФА** صرفه ситора аст рӯшан ва он манзили дувоздаҳум аст аз манозили Қамар; ва ба маънии бухл ва тангӣ дар харҷ; ва ба маънии фоида ва нафъ; ва ба маънии ҳила ва макр; ва ба маънии афзунӣ; ва ба маънии фасл ва адл ва фурсат (аз «Сироҷ» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Чароғи ҳидоят»).

**САРЪӢ** صرعی ба маънии касе ки ӯро марази саръ бошад.

### Фасли соди муҳмала маъа айни муҳмала

**САЪБ** صعب душвор ва саркаш; ва биззам (яъне суъб)* хатост (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Муайид»).

**СИЪОБ** صعاب душвориҳо; ва ин *ҷамъи* саъб аст, ки ба маънии душвор ва саркаш бошад.

**СУЪУБАТ** صعوبت душворӣ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**САЪИД** صعید хок ва рӯи замин; ва шаҳре буда дар Миср понздаҳ рӯз роҳ ба тӯл (аз «Мунтахаб»).

**СУЪУД** صعود ба боло рафтан ва боло баромадан; ва ба фатҳи аввал (яъне саъуд)* болораванда ва баландӣ, *зидди* ҳубут; ва азоб (аз «Латоиф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**СУЪЛУК** صعلوک ба маънии фақир ва дарвеш (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**САЪҚА** صعقه беҳушӣ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**САЪВА** صعوه дар «Мунтахаб» навишта, ки мурғест баробари гунҷишк, ки синаи сурх дорад; ва дар «Кашф» ва «Латоиф» ва «Мадор» навишта, ки тоири маъруф; ба ҳиндӣ мамула гӯянд.

**САЪДА** صعده гӯрхар ва гӯрхарон (аз «Сурох»)[70].

### Фасли соди муҳмала маъа ғайни муъҷама

**СУҒРО** صغری зани кӯчактар ва ҳар шайъи муаннас, ки кӯчак бошад; ва дар истилоҳи аҳли мантиқ қазияи аввалро гӯянд аз ҳар ду қазияи шакл, чаро ки он муштамил аст бар асғар; ва асғар мавзӯъи натиҷаро гӯянд, зеро ки мавзӯъи натиҷа аксар хос мебошад ва хос ба нисбати ом қалил аст аз рӯи афрод, чунонки: «кулли инсонин ҳайвони ва кулли ҳайвонин ҷисмун», пас «кулли инсонин ҳайвонун» суғрост ва «кулли ҳайвонин ҷисмун» куброст. Ва натиҷаи ин ҳар ду «кулли ҳайвонин ҷисмун». Пас лафзи инсон мавзӯъи натиҷа аст, яъне мубтадои он ва лафзи ҷисм маҳмули натиҷа аст, яъне хабари он. Ва зоҳир аст, ки афроди инсон асғар аст, яъне қалил аст ба нисбати ҷисми мутлақ, ки акбар аст, яъне касир аст дар афрод, зеро ки ҷисм ҷамодот ва наботот ва ҳайвонот ҳамаро шомил аст.

**САҒИР** صغیر ба маънии хурд ва кӯчак.

**СИҒАР** صغر хурдӣ ва кӯчакӣ (аз «Қашф» ва «Мадор» ва «Муайид» ва шарҳи «Нисоб»).

**САҒОР** صغار хорӣ ва ситам ва кӯчакӣ; ва ба каср (яъне **сиғор**)* хурдон; ба ин маънӣ *ҷамъи* **сағир** аст ва ҳам *ҷамъи* **суғро**-ст, чунонки **кикром** *ҷамъи* **карим** ва **инос** (ба каср) *ҷамъи* **унсо.**

**СИҒАРИ СИН** صغر سن хурдии умр ва хурдсолӣ.

**СУҒРОИ МУҶИБАИ КУЛЛИЯ** صغرى موجبة كليه «кулли инсонин ҳайвонун» куброи муҷибаи ҷузъия, «баъзал-ҳайвонин котибун»; ва бидон ки аз таркиби чунин суғро ва кубро шакли бадеҳиюлинтоҷ, ки шакли аввал бошад, ҳосил намешавад, балки ҳеч яке аз ашколи арбаъа сурат нabандад. Чун ин шаклро Неъматхони Олӣ аз ҷониби қозӣ изҳор карда, з-ин сабаб ғалат оварда, то далолат кунад бар ҳамоқат ва беақлии қозӣ.

### Фасли соди муҳмала маъа фо

**САФО** صفا пок ва беғаш ва бекудурат шудан; ва номи кӯҳча дар Маккаи муаззама ва кӯҳчаи дигар, ки Марва ном дорад низ аз он ҷост. Ва ҳоҷиён дар миёни **Сафо** ва Марва, ки тахминан дусад қадам масофат дорад, саъй кунанд, ай медаванд. Ва ин давидан яке аз лавозими ҳаҷ аст (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**САФРО** صفرا хилтест зардранг аз ахлоти арбаъа, ки ба форсӣ **онро талха** гӯянд ва ба ҳиндӣ пит номанд. Ва ахлоти арбаъа ин аст: аввал **хун**, ки мизоҷи он гарми тар аст; дуввум **балғам** ва он сарди тар аст; севвум **сафро** ва он бағоят гарм аст бо хушкӣ; чаҳорум **савдо** ва ранги он сиёҳ аст ва ба хосият сард ва хушк; гоҳе **сафро** ба маънии талхӣ ояд, ба муносибати он ки хилти **сафро** талх мебошад ва ҷӯшу ғалабаи сафроро хӯрдани турушӣ фурӯ менишонад; ва **сафро** ба маънии ҳар шайъи зардранг; ва ба маънии камон, ки ба он тир меандозанд низ омада (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва ғайра).

**САФУРО** صفورا номи духтари Шуъайб алайҳиссалом, ки дар никоҳи Мусо алайҳиссалом буд (аз «Латоиф»).

**САФВАТ//СИФВАТ//СУФВАТ** صفوت баргузидаги ва хулоса кардан; ва соф шудан; ва ба маънии баргузида ва он чи соф бошад аз тирагӣ ва ғаш (аз «Мунтахаб» ва «Қомус» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**СУФРАТ** صفرت зардӣ (аз «Муайид» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**СИФАТ** صفت баён кардани ҳол; ва аломат ва нишони чизе; ва ба истилоҳ фарқ миёни **васф** ва **сифат** он аст, ки **васф** калимоти мадҳи модеҳро гӯянд ва **сифат** хосил, ки дар зоти мамдӯҳ бошад; ва ба истилоҳи сарф исми фоил ва исми мафъул ва сифати мушаббаҳ ва афъалуттафзил.

**САФҲ** صفح ба маънии афв кардани гуноҳ ва даргузаштан аз хатои касе (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**САФОЕҲ** صفايح тахтаҳо ва сангҳои паҳн ва пораҳои ҳар шайъ, ки мисли коғази пахн бошанд; ва ин *ҷамъи* **сафҳа** аст.

**САФДАР** صفدر аз ҳам даррандаи сафи лашкар.

**САФФОР** صفار номи подшоҳе, ки дар авоил зуруфи руйин месохт.

**СИФР** صفر ба маънии тиҳӣ ва холӣ; ва *маҷозан* ба маънии холӣ будан аз миён; ва ба маънии доираи кӯчак ба ин шакл О, ки дар илми ҳисоб барои даҳчанд кардани ададе ба тарафи рости он адад менависанд. Фӣ замонино дар арабӣ ва форсӣ ба ивази он доираи кӯчак нуқта менависанд, магар дар ҳиндӣ ҳамон сифр нигоранд; ва низ **сифр** дар истилоҳи аҳли тақвим аломати ситораи Зуҳра аст; ва низ сифри мазкур, яъне нуқта аломати бурҷи Ҳамал аст дар тақвим. Ба ҳамин ҷиҳат аз лафзи **сифр** *кинoя* бошад бурҷи Ҳамал. Ва биззам (яъне **суфр**)* ба маънии зардӣ; ва ба маънии руйин, ки ба ҳиндӣ канса гӯянд; ва ба фатҳатайн (яъне **сафар**)* номи моҳи маъруф; ва ин маъхуз аст аз **сифр** (билкаср), ки ба маънии холист, чаро ки чун ин моҳи **сафар** баъди муҳаррам воқеъ аст, қабл аз зуҳури пайғамбари мо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама қитол дар моҳи муҳаррам ҳаром буд. Аз ин сабаб дар моҳи са-

фар мардуми араб барои қитол мерафтанд ва хонаҳоро холӣ мегузоштанд, лиҳозо ин моҳро **сафар** ном карданд. Ва баъзе навиштаанд, ки ба вақти вазъ кардани исми ин моҳ мавсими хазон ва айёми баргрез буд ва барги дарахтон зард мешуданд, лиҳозо ин моҳро **сафар** ном карданд. Дар ин сурат маъхуз аз **суфр** (биззам) аст, ки ба маънии зардӣ бошад (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Латоиф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Рисолаи нуҷум», ки ғоят муътабар аст ва аз баъзе кутуби муътабараи дигар).

**САФИР** صفير овози тоирон ва овозе ки барои талаби мурғон кунанд; ва ин *муарраби* **сапил** аст (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Рисолаи муарработ»).

**САФЪ** صفع силӣ задан (аз «Латоиф»).

**САФСОФ** صفصاف дарахти бед (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**САФСАФ** صفصف замини ҳамвор (аз «Мунтахаб»).

**САФИҚ** صفيق пӯсти дурушт; ва дар «Мунтахаб» навишта, ки ба маънии ҷомаи сифт, ки тунук набофта бошанд; ва руйсахт, ки ҳаё надошта бошад.

**СИФОҚ** صفاق пӯсте ки бар гирди рӯдаҳо ва аҳшо бошад; ва ин як парда аст аз се пардаи шикам (то лафзи «**бошад**» аз «Мунтахаб»).

**САФ(Ф)И НИЪОЛ** صف نعال сафи охирин, ки ба ҷониби берун бошад, ки аҳли маҷлис муттасилан наълайн аз по гузоранд; **ниъол** *ҷамъи* **наъл** аст ва **наъл** ба маънии попӯш ва кафш аст.

**СИФОҲОН** صفاهان номи шаҳрест, ки онро Исфаҳон низ гӯянд; ва ин *муарраби* **Сипоҳон** аст. Дар замини он кони сурма аст, ки сурмаи он ниҳоят хуб бошад. Ва номи пардае аз мусиқӣ, ки дар охири шаб саронд.

**САФВОН** صفوان санги ҳамвор; ва номи мардест, ки мунофиқон туҳмати уммулмуъминин Оиша бад-он нисбат карда буданд (аз «Мунтахаб»).

**СУФ(Ф)** صف айвони хона ва долон (аз «Мунтахаб»).

**САФВА//СИФВА//СУФВА** صفوه ба маънии хулоса.

**САФҚА** صفقه як бор даст бар дасти касе задан дар байъат ва байъ (аз «Мунтахаб»).

**САФИЙЯ** صفيه номи яке аз азвоҷи мутаҳҳароти ҳазрати расул саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**СИФАТИ МУШАББАҲ** صفت مشبه навъе аз исми фоил аст, ки бар вазни фоил набошад ва ба маънии субут бошад, яъне сифате, ки дар зоти мавсуфи худ доим мавҷуд бошад. Ва инро **сифати мушаббаҳ** аз он гӯянд, ки мушобеҳ ба сиғаи исми фоил аст дар тазкир ва таънис ва тасния ва ҷамъ будан.

**САФАВИЙЯ** صفويه мансуб ба шоҳ **Сафӣ**, ки аз авлоди аиммаи исноъашар будааст. Шоҳ Темур бар камоли маънавии ӯ эътиқоди тамом дошт. Шоҳ Исмоил набераи ӯ ба салтанати аъло расид. Шоҳ Таҳмосп ва шоҳ Аббос ва дигар салотини мутааххирини Эрон аз авлоди ӯ ҳастанд.

**САФӢ** صفى баргузида ва дӯсти софӣ ва холиси ҳар чиз; ва лақаби Одам алайҳиссалом (аз «Мунтахаб»); ва номи марде.

**САФАВӢ** صفوى мансуб ба шоҳ **Сафӣ**, ки дарвеши соҳибкамол буд. Авлодаш подшоҳи Эрон шуданд.

### Фасли соди муҳмала маъа қоф

**СИҚОЛАТ** صقالت сайқал кардан.

**САҚР** صقر ба маънии чарғ, ки мурғи шикорист; ва ҳар мурғе, ки шикор кунад (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**САҚҚОЛ** صقال муҳракаш ва сайқалкунанда (аз «Латоиф»); ва ба касри аввал бар вазни **висол** (яъне **сиқол**)* зудудагии шамшер ва ойина (аз «Мунтахаб»).

**САЙҚАЛ** صيقل зудудашуда ва рушан (аз «Мунтахаб»).

### Фасли соди муҳмала маъа коф

**САК(К)** صك кӯфтан ва задан; ва нола ва қабола; *муарраби* **чак** (аз «Мунтахаб»).

**САККОК** صکاک касе ки қаболаҳои шаръӣ нависад (аз «Қашф»).

### Фасли соди муҳмала маъа лом

**САЛО** صلا овоз додан барои таом хӯронидан ё чизе додан; ва ба каср (яъне **сило**)* ба маънии бирьён (аз «Мадор» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **сало** (ба фатҳ) овоз кардан ба сӯи касе барои додани чизе, хоҳ таом бошад, хоҳ ғайри он. Магар дар кутуби муътабараи арабия бад-ин маънӣ дида нашуд.

**САЛИБИ БОДПАРВО** صلیب باد پروا чӯби чаҳоргӯша, ки дар тобдонҳо ба ҷиҳати манъи духули ҳайвонот созанд (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**САЛБ** صلب бар дор кардан; ва биззам (яъне **сулб**)* мухраҳои пушт, яъне устухони пушт; ва ба маънии сахт (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва соҳиби «Мунтахаб» навишта, ки барои маънии сахт ба фатҳатайн (яъне **салаб**)* низ омада.

**САЛИБ** صلیب ба маънии сахт; ва ба маънии бар дор ниҳодашуда; ва чӯбест, ки тарсоён дар зуннор банданд: ва ба форсӣ онро **чалипо** гӯянд. Ва навиштаанд, ки ин *муаррaби* **чалиб** аст ва шаклаш ин бошад



Ваҷҳаш он ки чун Исо алайҳиссаломро бар осмон бурданд, Тартус ном шахсеро ки ҳамшакли Исо алайҳиссалом буд, бар дор кашиданд. Ва баъд аз ин воқеъа тарсоён онро Исо пиндошта шакли дори бо Исо аз чӯб тарошида дар гулӯ овехтанд ва таъзимаш карданд. Ва **салиб** ба маънии он хатти чаҳоргуша, ки аз тақотеъи хатти меҳвар ва муаддилуннаҳор дар фалаки ҳиндуззеҳн фарз карда мешавад. Ва чаҳор ситораанд, ки дар қурби Насри Вокеъ шудаанд (аз «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**САЛТ//СУЛТ** صلت кушодапешонӣ ва чизи ошкоро ва саховат (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**СИЛОТ** صلات ато ва инъомот.

**САЛОҲИЯТ** صلاحیت бар вазни **кароҳият** (аз «Мунтахаб»)[71].

**САЛАВОТ** صلوات *ҷамъи* **салот**; форсиён ба сукуни дуввум (яъне **салвот**)* аз олами **зулмот** низ оранд (аз «Чароғи ҳидоят»).

**САЛОБАТ** صلابت сахтӣ ва сахт шудан (аз «Мунтахаб»).

**САЛОТ** صلوة дуо ва омурзиш ва раҳмат ва намоз (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» навишта, ки ба маънии намоз ва дуо аз банда; ва ба маънии раҳмат аз худои таоло; ва ба маънии дуруд бар расул ва фириштагон; ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **салот** маъхуз аст аз **сало**, ки ба маънии сурин аст. Чун намозкунанда дар суҷуд сурин бармедорад, ин феълро **салот** гуфтанд. Ва баъзе маънии луғавии **салот** тахрикуссалвайн навиштаанд, яъне ҷунбониданн ҳар ду сурин. Ва маънии намоз манқул аст аз ин маънӣ.

**САЛОҲ** صلاح некӣ, *зидди* **фасод**; ва ба каср (яъне **силоҳ**)* оштӣ ва мусолаҳа (аз «Мунтахаб»).

**САЛД** صلد сахт ва соф (аз «Сурох»).

**САЛИБИХАТ** صلیبی خط *киноя аз* хатти чаҳоргӯша; ва дар «Сикандарнома» *мурод аз* ҷариби масоҳат.

**САЛАЪ** صلع мӯи пеши сар рафтан; ва ба форсӣ кал будан ва ба ҳиндӣ ганҷ гӯянд; ва соҳиби ин маразро аслаъ номанд.

**САЛАФ** صلف ба маънии лоф задан (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**СУЛСУЛ** صلصل бар вазни **булбул**; ба маънии фохта; ва бақияи оби дар ҳавз; ва мӯи пешонии асп; ва номи мавзеъ; ва номи обест (аз «Муайид» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**САЛСОЛ** صلصال гили бо рег омехта ва гили хушк ва хом, ки чун ангушт бар он зананд овоз барояд, ки хамири Одам алайҳиссалом аз он буд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**САЛИЛ** صلیل овози оҳан ва овози зарби шамшер (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**САЛОСИЛ** صلاصل ба маънии фохтаҳо; ва муйҳои пешонии асп; ва қадаҳҳо.

**СУЛҲИ КУЛЛ** صلح کل тариқаи мувaҳҳидон аст, ки маоли ҳама мазоҳиб воҳид дониста бо мардумони мухталифулмазоҳиб хусумат надоштан ва бо дусту душман ба оштӣ ба сар бурдан.

**СИЛАИ РАҲИМ** صلهٔ رحم муҳаббат ва сулук доштан бо хешу ақрибо.

**САЛСАЛА** صلصله овози занчир ва оҳан ва чарас (аз шарҳи «Нисоб»).

**СУЛБИЙЯ** صلبیه номи пардаи ҳафтум аз ҳафт пардаи чашм, ки андаруни ҳама пардаҳост.

**СИЛОЯ** صلایه санге ки ба даст гирифта дору соянд; ва ба маънии санги паҳн, ки бар он дору соянд (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**СИЛА** صله инъом ва ато додан; ва ба маънии пайвастан ва пайванд ва хешӣ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**САЛИБӢ** صلیبی қавми насоро.

### Фасли соди муҳмала маъа мим

**САММОЪ** صماع зани кар ва санги сахт (аз «Мунтахаб»).

**САМТ** صمت ба замми аввал (яъне сумт)* хатост; ба маънии хомӯшӣ (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Музил»).

**СУМУТ** صموت хомӯш будан (аз «Мунтахаб»).

**САМАДИЙЯТ** صمدیت бузургӣ ва бениёзӣ; ва пок шудан аз одоти ҳайвонӣ.

**СИМОХ** صماخ ба маънии сурохи гӯш (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»); ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ба маънии сурохи дида низ навишта.

**САМАД** صمد меҳтар ва бениёз ва баланд ва доим ва марде ки ташнаву гурусна набошад (аз «Мунтахаб»); ва дар «Ниҳоя»-и Ибни Асири Ҷазрӣ навишта: он ки қасд карда шавад ба сӯи ӯ дар инҷоҳи ҳавоич.

**СИМОД** صماد ҷоҳои баланд ва заминҳои дурушт; ин *ҷамъи* **самд** аст (ки ба фатҳи аввал ва сукуни мим бошад); ва ба фатҳи аввал (яъне **самод**)* он чи миёнтиҳии ҷавфдор бошад.

**САМҒ** صمغ чизест лазич, ки аз баъзе ашҷор ҳосил шавад; ба ҳиндӣ гунд гӯянд ва ба форсӣ жад номанд (ба фатҳи зои форсӣ ва доли муҳмала; аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Музил» ва «Қашф» ва «Рашидӣ»); ва билкаср ва ба фатҳатайн (яъне **симғ** ва **самағ**)* чунонки машҳур, хатост.

**САМИМ** صمیم холис ва хулус ва таҳи дил ва миёнаи дил; ва ба маънии марди ношунаво, ки идроки асвот накунад (аз «Қашф» ва «Қанз» ва «Тоҷ» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» навишта, ки **самим** миёни ҳар чиз ва хулосаи ҳар чиз.

**САМСОМ** صمصام ба маънии шамшери буррон (аз «Мунтахаб»).

**САМАМ** صمم карӣ ва гиронии гӯш ва ношунавоӣ (аз «Мунтахаб»).

**СУМ ВА БУКМ** صم و بکم ба маънии карон ва гунгон; ва ин ҳар ду лафз *ҷамъи* **асамм** ва **абкам** аст. Ва истеъмоли ҷамъ ба ҷои муфрад барои муболаға бошад дар касрат ё он ки форсиён баъзе ҷо сиғаи ҷамъ дар мақоми муфрад истеъмол кунанд, чунонки **хур**, ки *ҷамъи* **ҳавро** бошад (аз «Хиёбон»).

### Фасли соди муҳмала маъа нун

**САНЪОЪ** صنعاء қасабаест дар Яман; магар дар ҳолати нисбат нун дар охир хилофи қиёс зоид карда санъонӣ гӯянд (аз «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф» ва «Муайид» ва «Лубб-ул-албоб» ва «Мунтахаб»).

**СИНОАТ** صناعت пеша ва кор (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Суроҳ»).

**САНЪАТ** صنعت пеша ва ҳунар (аз «Қашф» ва «Суроҳ» ва «Мунтахаб»); ва дар «Баҳори Аҷам» билфатҳ ва биззам (яъне **санъат** ва **сунъат**)*.

**САНҶ** صنج *муарраби* **чанг**; номи сози маъруф, ки онро менавозанд; ва ба маънии ду табақи руйин, ки онро

бар якдигар мезананд. Дар ин сурат *муарраби* **чҳанч** бошад, ки лафзи ҳиндист. Ҳар калимае ки дар он сод ва чим чамъ мешавад муарраб бошад, чаро ки сод ва чим дар калимаи арабиюласл чамъ намешавад (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва ғайра).

**САНОДИД** صنادید меҳтарон ва бузургон; ва ин чамъи **синдид** аст (аз «Қашф»).

**САНАВБАР** صنوبر дарахти чилғуза, ки ба ҳиндӣ чир гуянд; ва дар «Мадор» навишта, ки **санавбар** дарахти чилғуза ва сарви нозро низ гуянд.

**СУНЪ** صنع кор кардан ва офаридан ва накуӣ кардан бар касе (аз «Қашф» ва «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**СИНФ** صنف ҳуваннавъ-ул-муқайяду биссифот-ил-аразият-ил-куллияти (аз «Бахр-ул-чавоҳир»); ва баъзе ба ин вазъ тасреҳ кунанд, ки **синф** ба маънии қисме аз ақсоми ҳар навъ аз анвоъи мавчудот, чунонки ҳайвон чинс аст ва анвоъи ӯ бақар ва фарас ва чамал ва инсон ва ғайра бошад. Пас чунонки ақсоми чинсро анвоъ гуянд, ҳамчунин ақсоми навъро **синф** номанд, чунончи аснофи навъи фарас туркӣ ва тозӣ ва качҳи ва куҳист. Ва аснофи навъи инсон чинӣ ва румӣ ва ҳиндӣ ва ҳабашӣ ва фарангӣ.

**СУНУФ** صنوف *чамъи* **синф.**

**СУНДУҚ** صندوق ҳар лафз, ки бар вазни **фуълул** ояд, биззам бошад, чунончи *зунбӯр* ва *усфур* ва *чумҳур*, магар саъфуқ (билфатҳ); дар «Муайид» ва «Хиёбон» навишта, ки таҳқиқ он аст, ки **сундуқ** ба замми аввал аст, на ба фатҳ (яъне **сандуқ**)*, чаро ки **фаълул** ва **фаълил** (ба фатҳ) дар каломи араб наёмада. Магар ба фатҳ хондани инчунин алфоз навъе аз тафрис аст, зеро ки форсиён ҳар лафзе, ки бар ин вазн омада, ба фатҳи аввал хонанд, чунонки *занбӯр* ва *чамҳур* ва *сандуқ*.

**САНОДИҚ** صنادیق *чамъи* **сундуқ.**

**САНАМ** صنم ба маънии бут; дар муҳовараи форсиён ба муносибати хубии сурат бар маъшуқ итлоқ кунанд.

**САНЪОН** صنعان номи бузурге, ки ҳафтсад мурид дошт. Ва шайх Фаридуддини Аттор ҳам аз муридони уст. Гуянд, ки аз баддуъои ҳазрати Ғавсулаъзам бар духтари тарсо ошиқ шуда аз ислом даргузашт. Магар ба охир ҳидояти ғайбӣ дасти ӯ гирифт (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Мадор»).

**СУНЪОН** صنعان бӯи бағал ва гандаи бағал (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**СИНВОН** صنوان дарахтҳои хурмо, ки аз як бех баромада бошад; ва ду чуи аз як чашма; ва бародарон, ки аз як модару як падар бошанд (аз «Мунтахаб»).

**САНДАЛИ** صندلی навъе аз тахти кучак, ки ба ҳиндӣ чавкӣ гуянд.

### Фасли соди муҳмала маъа вов

**САВМУЛАЗРО** صوم العذرا рӯзаи ҳазрати Марьям.

**САВБ** صوب тараф ва чониб (аз «Қашф» ва «Мадор»); ва дар «Мунтахаб» **савб** (билфатҳ) ростӣ, ки *зидди* **хато** бошад; ва рост рафтан.

**САВОБ** صواب росту дуруст, ки *зидди* **хато** бошад; ва ба маънии ростӣ ва дурустӣ (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**САВЛАТ** صولت ҳамла бурдан (аз «Мунтахаб» ва ғайри он); ва ба маънии руъб ва ҳайбат мустаъмал.

**СУВАРИ МАРЪИЙЕТ** صور مرئیات суратҳои ашьё, ки дида мешаванд ва ба назар меоянд.

**САВОБДИД** صوابدید ба маънии салоҳ ва тачвиз.

**СУР** صور шохи ҳайвон, ки онро меновозанд; ва он чи Исрофил рӯзи маҳшар хоҳад дамид як бор чиҳати миронидан ва бори дигар барои зинда кардан; ва миёни ҳар ду нафха чиҳил сол муфосила бошад; ва сувар (ба замми сод ва фатҳи вов) ба маънии суратҳо; ба ин маънӣ *чамъи* **сурат** аст.

**САВОМЕЪ** صوامع ибодатхонаҳои тарсоён; ин *чамъи* **савмаъа** аст.

**САВОРИФ** صوارف ба маънии ҳаводис ва гардишҳои замона (аз «Мунта-

хаб»; мустафод аз маъонии лафзи **сарф**).

**САВОФ** صواف говон ва аспон ва шутурони тезрав, ки бар се по истанд; ва қила шутуроне, ки барои қурбонӣ истода бошанд (аз «Латоиф»).

**СУФ** صوف ба маънии пашми баъзе ҳайвонот; ва навъе аз ҷомаи гундапашме (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва дар шарҳи «Нисоб» мӯи дунба ва меш.

**САВОИҚ** صواعق *ҷамъи* **соиқа**, ки ба маънии оташест, ки аз абр бар замин меуфтад.

**САВОРИМ** صوارم теғҳои бурранда ва тез.

**САВМИ МАРЬЯМ** صوم مریم навъе аз рӯза аст, ки аз шаби нияткарда ҳама рӯз аз касе калом накунад; ва ин зуҳди ҳазрати Марьям аст (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**САВЛАҶОН** صولجان ба маънии чавгон; ва дар асли луғат **савлаҷон** ба маънии асои саркаҷ ва хамида, муштақ аз **салҷ**, ки ба маънии каҷист (казо фил — «Мунтахаб»); чун чавгон низ саркаҷ мебошад, лиҳозо чавгонро ҳам савлаҷон гӯянд. Ва **савлаҷон** *муарраби* **чавгон** нест, чунонки аксари аҳли луғат гумон бурдаанд. Ва агар **савлаҷон**-ро *муарраби* **чавгон** гӯянд, зиёда будани ломро ваҷҳе набошад. Ва таҳқиқ ин аст, ки чун **чавгон**, ки чӯбе саркаҷ бошад, дар асл **чавлгон** буда, мураккаб аз **чавл**, ки (ба фатҳ) ба маънии хам ва каҷист ва лафзи **гон** барои нисбат. Пас **чавлгон**-ро, ки асли луғат аст муарраб карда **савлаҷон** гуфтанд.

**САВН** صون нигаҳбонӣ.

**«СУВАРИ АБДУРРАҲМОН»** صور عبدالرحمن китобест дар баёни ашколи буруҷ ва дигар суратҳои осмонӣ, таълифи Абдурраҳмони Суфӣ, ки яке аз ҳукамои мутааххирин будааст.

**СУВАРИ ИЛМИЯ** صور علمیه ба истилоҳи суфия он чи мавҷуд шуд ва мавҷуд хоҳад шуд, чаро ки ин ҳама мавҷудот суратҳоест, ки қабл аз зуҳури ҳама дар илми ҳақ субҳона собит буданд.

**САВМАЪА** صومعه ибодатхонаи тарсоён ва насоро, ки сари он баланд ва борик созанд; ва *маҷозан* ибодатхонаи аҳли исломро низ гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Музил»).

**СУФИЧА** صوفیچه номи ҷомаи суфиён.

**СУРАТБОЗӢ** صورت بازی сурати худро ба вазъ ва шакли дигаре сохтан; ба ҳиндӣ беҳруп гӯянд (аз «Мусталаҳот»).

**СУРАТИ НАВЪӢ** صورت نوعی ҷавҳарест, ки чун ба ҷисми мутлақ лоҳиқ шавад, ӯро анвоъи алоҳида созад, яъне сурати навъии ҳақиқист, ки бад-он ҳар навъро имтиёз ва тафриқа аз анвоъи дигар ҳосил ояд.

**СУРӢ** صوری мансуб ба **сурат**.

**СУФӢ** صوفی пашминапӯш, зеро ки **суф** пашмро гӯянд; ва дар истилоҳи фуқаро **суфӣ** онро гӯянд, ки нигоҳ дорад дили худро ва соф дорад хотири худро аз хаёли ғайри ҳақ (аз «Кашф» ва «Латоиф»); ва дар шарҳе муътабар аз шурӯҳ навишта, ки **суфӣ** мансуб ба **суфа** аст, ки қавме буд аз аҳли таҷарруд. Ва дар айёми ҷоҳилият, ки хидмати Каъба мекарданд ва хидмати халқ барои ҳақ менумуданд, пас аҳли тасаввуф мансуб ба эшон шуданд. Ва **суфӣ** ба маънии мухлис низ омадааст.

### Фасли соди муҳмала маъа ҳо

**САҲБО** صهبا шароби ангурӣ (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва ба фикри покиси муаллиф ба маънии шаробе, ки моил ба сурхӣ бошад, чаро ки **саҳбо** *муаннаси* **асҳаб** аст ва **асҳаб** сифати мушаббаҳ аз **суҳубат**.

**СУҲАЙБ** صهیب номи яке аз асҳоби расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ки аз Рум омада мушарраф ба ислом шуда буданд. Гӯянд бағоят фасоҳат ва ширинии калом доштанд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**СУҲУБАТ** صهوبت ба маънии ранги сурхи моил ба зардӣ ва сифедӣ; ва аз «Сурох» зоҳир мешавад, ки ранги сифеди моил ба сурхӣ, ки дар ин диёр онро гулобӣ гӯянд; ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» навишта, ки ранги сурх, ки дар мӯи сару риши баъзе мардум бошад; ва дар «Мун-

тахаб» гуфта, ки ранги сурхи ба тирагӣ моил; ва дар «Муфаррех-ул-кулуб» навишта, ки **суҳубат** рангест мутавассит миёни сурхӣ ва зардӣ, ки моилтар бошад ба сифедӣ.

**СИҲРИҶ** صهریج овози об ва ҳавзе, ки дар у об ҷамъ шавад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Суроҳ»).

**СЕҲР** صهر ба маънии хусур, яъне падари шавҳар ва падари зан ҳар дуро **сеҳр** гуянд; ва хеши шавҳар ва хеши зан; ва ба маънии шуи духтар ва шуи хоҳар (аз «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»).

**САҲИЛ** صهیل овози асп (аз «Мунтахаб»).

**САҲВА** صهوه миёни пушти асп (аз «Суроҳ»)[72].

**САҲ** صه исми феъл аст ба маънии амр, яъне хомуш бош (аз «Мунтахаб»).

**Фасли соди муҳмала маъа ёи таҳтонӣ**

**СИТ** صیت овоза ва зикри хайр (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**СИЁНАТ** صیانت нигаҳ доштан ва нигоҳбонӣ (аз «Мунтахаб»).

**САЙРУРАТ** صیرورت ба маънии гардидан ва шудан.

**СИЁҲ** صیاح ба маънии овоз ва навҳа ва фиғон (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**САЙД** صید ҷонваре, ки онро шикор кунанд; ва ҳам ба маънии масдар аст, ба маънии шикор кардан (аз «Кашф» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**САЙЁҒ** صیاغ заргар (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**САЙФ** صیف мавсими тобистон, ба маънии айёми гармо.

**САЙҚАЛ** صیقل зудояндаи ойина ва теғ ва ҷуз он ва тезкунанда; ва ба маънии олати зудудан *маҷоз* аст; ва ба маънии сайқал кардан низ омада (аз «Мунтахаб»).

**СИЁМ** صیام *ҷамъи* **савм,** ки ба маънии руза аст.

**САЙДИ ҲАРАМ** صید حرم ваҳше, ки дар сарзамини ҳарам бошад куштан ва шикор кардани он ҳаром аст. Ва итлоқи ҳарам бар замини ҳаволии Маккаи муаззама кунанд ба ин ҳудуди арбаъа ба тарафи машриқ аз Макка то шаш куруҳ ва ба ҷониби шимол дувоздаҳ куруҳ ва ба самти мағриб ҳездаҳ куруҳ ва ба суи ҷануб бистучаҳор куруҳ.

**СИҒА** صیغه дар луғат навъе рехтани зар дар қолаб; ва хилқат ва тариқа ва асл (казо фил — «Мунтахаб» вал — «Кашф»); ва ба истилоҳи **сарф** баййинатун ҳосилатун лилкалимати ба эътибори тақдимулҳуруф ва таъхирҳо ва ҳаракотҳо ва саканотҳо; ва **сиға** ба истилоҳи хос ба маънии никоҳ низ омада (аз «Мусталаҳот»).

**САЙҲА** صیحه ба маънии бонг ва овоз ва фиғон ва азоб (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Муайид» ва «Кашф»).

**САЙРАФӢ** صیرفی ба маънии сарроф, ки дираму динорро гардонида сараро аз носара дарёбад; ва тасарруфкунанда дар корҳо; ва лақаби хушнависе ва тахаллуси шоире (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Латоиф» ва ғайра).

**САЙҚАЛӢ** صیقلی санги фасон.

## БОБИ ЗОДИ МУЪҶАМА

**Фасли зоди муъҷама маъа алиф**

**ЗОБ** ضاب дарахте талх, мисли ҳанзал ва заққум.

**ЗОР(Р)** ضار зараррасонанда.

**ЗОҶИР** ضاجر дилтанг ва беором аз ғам ва музтариб (аз «Мунтахаб» ва «Хиёбон»).

**ЗОҒИТ** ضاغط номи дардест, ки соҳибаш пиндорад, ки он узвро меафшуранд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЗОҒУТ** ضاغوط ҳолатест, ки одаме хуфта мепиндорад, ки касе гулуи ман мефишорад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗОҲИК** ضاحك ба маънии хандон ва хандакунанда.

**ЗОЛ(Л)** ضال ба маънии гумроҳ (аз «Мунтахаб»).

**ЗОЛЛИН** ضالين ба маънии гумроҳон.

**ЗОН** ضان ба маънии меш; ва ба маънии бадбуии бадани одамӣ (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ЗОБИТА** ضابطه нигоҳдорандаи ҳар шайъро ба ҳадди худаш; ва мустаъмал ба маънии қоида ва дастур.

**ЗОРӢ** ضاری дар пайи сайд даванда (аз «Сурох»).

**Фасли зоди муъҷама маъа бои муваҳҳада**

**ЗАБ(Б)** ضب ба маънии сусмор, ки ҳайвонест онро ба ҳиндӣ гуҳ гӯянд (аз шурӯҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ЗУБОҲ** ضباح овози рӯбоҳ (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЗАБУЪ** ضبع ба маънии ҷонваре, ки онро кафтор гӯянд ва ба ҳиндӣ ҳундар номанд; ва ба сукуни бо (яъне **забъ**)* низ омада; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **забъ**)* ба маънии бозу ва бағал (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавохир»).

**Фасли зоди муъҷама маъа ҷим**

**ЗУҶРАТ** ضجرت тангдилӣ ва бероромӣ аз ғам (аз «Кашф»); ва дар «Мунтахаб» билфатҳ (яъне **заҷрат**)*.

**ЗАҶУР** ضجور ба маънии тангдил ва музтариб ва ғамгин (аз «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавохир»).

**ЗАҶИР** ضجر тангдил ва ғамгин.

**ЗАҶЕЪ** ضجيع бар вазни **фаъил**; ба маънии ҳамхоба ва ҳамбистар (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**Фасли зоди муъҷама маъа ҳои муҳмала**

**ЗИҲК** ضحك ба маънии ханда, ки ба овоз бошад.

**ЗАҲҲОК** ضحاك ба маънии бисьёр хандакунанда; ва номи подшоҳи золим, ки дар миёни шонаи ӯ ҷароҳат пайдо шуда, дар он мор пайдо гардида буд, ки димоғи мардум ғизои он мор мешуд; ва охир Заҳҳок ба дасти Фиридун гирифтор шуда. Ва лафзи **Заҳҳок** ба маънии номи подшоҳи мазкур муарраби **даҳок** (دهآك) аст, яъне худованди даҳ айб; ва даҳ айбаш ин аст: аввал зиштрӯӣ, дуввум кӯтоҳии қад, севвум бедодгарӣ, чаҳорум дурӯғгӯӣ, панҷум баддилӣ, шашум бединӣ, ҳафтум бисьёрхорӣ, ҳаштум бешармӣ, нуҳум бехирадӣ, даҳум бадзабонӣ (аз «Рашидӣ» ва «Кашф» ва «Шарҳи Нуруллоҳ» ва «Мунтахаб»); ва яке аз сиқот навишта, ки ба вақти таваллуд ду дандони пешин дошт. Чун модару падараш араб буданд аз руи тафаъул Заҳҳок ном карданд, ба маънии бисьёр хандакунанда. Ва ин қавл индалақл роҷеҳ аст.

**ЗАҲЛ** ضحل оби андак (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ЗАҲИМ** ضحيم касе ки каҷӣ дар даҳон ва ё ба гардан, ё дар занахдони ӯ бошад (аз «Мунтахаб»).

**ЗАҲВ** ضحو чоштгоҳ (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба маънии рӯшан ва ошкоро шудан ва таоми чоштгоҳ хурдан.

**ЗУҲКА** ضحكه он ки мардум бар вай ханданд (аз «Мунтахаб»).

**ЗУҲУКА** ضحوكه он чи мардумро ба ханда орад; ва он ки бар вай мардумон ханданд; ва ба фатҳ (яъне **заҳука**)* зани бисьёр хандакунанда ва роҳи фарох.

**Фасли зоди муъҷама маъа хои муъҷама**

**ЗАХОМАТ** ضخامت бузургтан шудан ва ситабр ва ситабрӣ (аз «Мунтахаб»).

**ЗАХИМ** ضخيم бузургҷусса ва ситабр.

**Фасли зоди муъҷама маъа доли муҳмала**

**ЗИД(Д)** ضد хилоф; ва фарқ дар миёни зид ва нақиз он аст, ки нақиз на ҷамъ шавад, на муртафеъ шавад, масалан адам ва вуҷуд ва зиддайн ҷамъ намешаванд, лекин муртафеъ шаванд, масалан савод ва баёз (аз «Баҳр-ул-ҷавохир»).

**Фасли зоди муъҷама маъа рои муҳмала**

**ЗАРРО** ضرا сахтӣ ва газанд (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРБ** ضرب задан; ва баён кардан; ва омехтани чизе ба чизе; ва тез рафтан; ва ба маънии монанд ва мисл ва навъ аз ҳар чиз; ва ба маънии лафзи охири шеър; ва ошкоро кардан; ва ба фатҳатайн (яъне **зараб**)* шаҳди сифеди ғализ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗУРУБ** ضروب ба маънии анвоъ ва аксом (аз «Муҳаззаб-ул-асмо»).

**ЗАРБИ ЛОЗИБ** ضرب لازب ба маънии зарбест, ки ҳарчанд беҳ шавад нишони он бимонад (аз «Хиёбон»)[73].

**ЗИРОБ** ضراب барҷастани нар бар мода; ва бо касе шамшер задан; ва ба фатҳи аввал ва ташдиди ро (яъне **зарроб**)* бар дирам сикказананда ва зуд задан* (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЗАРИБАТ** ضريبت ба маънии хӯй ва табиат (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРОАТ** ضراعت зорӣ ва аҷз (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЗАРОРАТ** ضرارت газанд расонидан ва нобино шудан (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ЗАРУРАТ** ضرورت ҳоҷат ва бечорагӣ (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ЗАРБ** ва **ҚИСМАТ** ضرب و قسمت зарб ба маънии задани ададе дар ададе, чунончи *серо дар панҷ зарб кардан понздаҳ шуд*; ва **қисмат** ба маънии тақсим кардан ададеро бар ададе, чунончи *ҳездаҳро бар шаш тақсим карданд, ба ҳар воҳид се-се расид.*

**ЗАРЕҲ** ضريح кабр; **зароеҳ** *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРБУЛФАТҲ** ضرب الفتح навъе аз навохтани навбат ва накора, ки дар вақти фатҳ навозанд ва онро нодиёна гӯянд (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Рисолаи мусиқӣ»).

**ЗАРБИ КУСУР** ضرب كسور аз зарб кардани кусури аъдод адади солим камтар ба хам мерасад; ва ин навъ зарби аъдоди солим мушкил аст.

**ЗАРИР** ضرير нобино, ки бинонии ӯ рафта бошад ва бемор ва лоғар (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗИРОР** ضرار якдигарро зарар расониндан; ва **масҷиди зирор** масҷиде буд, ки мунофиқон сохта буданд, ҳақ таоло дар ҳадми он амр фармуда (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ЗАРР//ЗУРР** ضر газанд ва сахтӣ ва бадҳоли ва лоғарӣ ва зиён ва нуқсон; ва билкаср ва биззам (яъне **зирр** ва **зурр**)* зан хостан бар зани пешин (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЗИРС** ضرس ба маънии дандони бузург, яъне дандони осиё, ки ба ҳиндӣ дарҳ гӯянд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Латоиф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗУРОТ** ضراط ба маънии тиз, яъне риҳе ки ба овоз аз шикам ё сифл барояд (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗАРЪ** ضرع пистони гов ва гӯспанд ва монанди он; ва ба фатҳатайн (яъне **зараъ**)* зорӣ ва фурӯтанӣ ва номи гиёҳест (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗАРЕЪ** ضريع гиёҳест, ки бар канори об рӯяд, бағоят бадмаза, ки аз сammияти он ҳеч чорпоя наздики вай натавонад шуд (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ЗИРЗИҚ** ضرزيك навъе аз тӯп.

**ЗАРБУЛМАСАЛ** ضرب المثل задани масал, яъне овардани масали чизе дар калом.

**ЗИРҒОМ** ضرغام шери дарранда; ва билфатҳ (яъне **зарғом**)* ғалат аст (аз «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**ЗИРОМ** ضرام ҳезуми борик ва реза, ки бад-он оташ афрӯзанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЗАРВОН** ضروان номи деҳест (аз «Латоиф»).

**ЗАРРАТОН** ضرتان ду зан, ки дар никоҳи як мард бошад.

**ЗАРАБОН** ضربان тапидани дил ва навъе аз дард аст, ки шароин ба шиддати тамом ҳаракат кунанд; ба ҳиндӣ лапак гӯянд (аз «Ҳудуд-ул-амроз» ва шарҳи «Нисоб»).

**ЗАРБА** ضربه понса, ки бад-он қимор мебозанд ва онро қуръа низ гӯянд.

**ЗАРРА** ضره ба маънии зане, ки бар зане оварда шавад; онро ба форсӣ

анбоғ гӯянд ва васнӣ низ; ва ба ҳиндӣ савт ва савкан гӯянд; ҳар кадом мард дигареро зарра бошад (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРУРӢ** ضروری мансуб ба **зарурат**, ба ҳазфи то.

**ЗАРАБӢ** ضربی мансуб ба **зараб**, ки ба маънии шаҳд аст.

### Фасли зоди муъҷама маъа айни муҳмала

**ЗИЪФ** ضعف дучандон; ва билфатҳ (яъне **заъф**)* беҳушӣ ва нуқсони ақл; ва биззам (яъне **зуъф**)* сустӣ ва нотувонии бадан (аз «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Музил»).

**ЗИЪОФ** ضعاف *ҷамъи* **заъиф** (аз «Латоиф»).

**ЗАЪФУТТАЪЛИФ** ضعف التالیف он чи бар хилофи муҳовара бошад, чунончи дар ин мисраъ баъзе гумон баранд, мисраъ:

> Ҳакиме сухан бар забонофарин...

чаро ки фасли миёни исму амр, ки муфиди маънии фоилият бошад, дуруст нест. Мисоли дигар, мисраъ:

> Ҳама аз меҳри ӯ хуни дилошом...

ва мисраъи сонии ин байт, байт:

> Дар вузӯ кун ба ниман истинҷо,
> Дор мар дасту руи нимакро.

### Фасли зоди муъҷама маъа ғайни муъҷама

**ЗАҒТ** ضغط афшурдан ва танг кардан (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ЗАҒИМ** ضغیم газанда ва дарранда (аз «Мунтахаб»).

**ЗИҒН** ضغن ба маънии кина (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Латоиф»).

**ЗАҒОИН** ضغائن кинаҳо; *воҳидаш* **зағина**.

**ЗАҒТА** ضغطه як бор фушурдан; ва биззам (яъне **зуғта**)* сахтӣ ва машаққат ва тангӣ ва фишориш (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗАҒИНА** ضغینه ба маънии кина (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»)[74].

### Фасли зоди муъҷама маъа фо

**ЗАФИР** ضفیر муи сар, ки бофта бошанд (аз «Кашф»).

**ЗАФОИР** ضفائر *ҷамъи* **зафира**, ки ба маънии муи бофта аст.

**ЗИФДИЪ** ضفدع ба маънии ғук; ва ин лафз ба фатҳи дол (яъне **зифдаъ**)* низ омада, магар заъиф аст (аз «Сурох» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва дар «Мунтахаб» ба ҳаракоти салоса (яъне **зафдиъ, зифдиъ** ва **зуфдиъ**)*; ва номи варамест, ки монанди ғук дар халқ пайдо шавад.

**ЗАФОДИЪ** ضفادع ғукҳо; ва ин *ҷамъи* **зифдиъ** аст.

**ЗАФИРА** ضفیره муи печида ва ҷамъкарда бар сар (аз «Мунтахаб»).

**ЗАФФА** ضفه канораи руд (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» билкаср (яъне **зиффа**)*.

### Фасли зоди муъҷама маъа лом

**ЗАЛОЛАТ** ضلالت гумроҳӣ (аз «Мунтахаб»).

**ЗИЛЛАТ** ضلت гумроҳӣ.

**ЗИЛЪ//ЗИЛАЪ** ضلع аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва ғайри он; ва баъзе ба фатҳ (яъне **залъ**)* низ гуфтаанд, ба маънии устухони паҳлу.

**ЗАЛОЛ** ضلال гумроҳӣ (аз «Муайид» ва «Латоиф»).

### Фасли зоди муъҷама маъа мим

**ЗИМОД** ضماد доруе, ки ба об ё ба чизи рақиқи дигар сиришта бар андоме паҳн кунанд; ва онро ба ҳиндӣ леп гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗУМУР** ضمور заъф ва лоғарӣ; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **замур**)* лоғар (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЗАМИР** ضمیر андеша ва хотир ва андаруни дил ва он чи дар дил гузарад; ва ниҳонӣ ва роз (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»); ва ба замми аввал ва фатҳи мим (яъне **Зумайр**)* номи ғуломи он ҳазрат сал-

лаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**ЗАМОИР** ضمائر *ҷамъи* **замир.**

**ЗИМНУЛЛАФЗ**ضمن اللفظ санъатест дар илми шеър; ва он чунон бошад, ки аз миёни лафзе лафзи дигар мазкур созанд, чунончи дар ин байт, байт:

Ту беназири ҷаҳониву ман назар накунам
Ба ҷонибе ки надорад рухи ту тоби назар.

**ЗАМ(М)** ضم ба маънии пайвастан ва фароҳам овардан чизеро бо чизе; ва номи ҳаракат, ки онро **пеш** гӯянд, магар дар калимаи мабнӣ (аз «Мунтахаб»); бидон ки ҳаракати **пеш**-ро зам аз он номанд, ки ба заммушшафатайн, яъне фароҳам омадани ҳар ду лаб ҳосил мешавад (аз Абдурраҳмон, ҳошияи «Шарҳи Мулло»).

**ЗАМЮРОН** ضميران ба маънии сипарғам, ки онро райҳон ва нозбӯ низ гуянд (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Латоиф» ва «Мадор»); ва ба замми аввал ва фатҳи мим ва ба фатҳи аввал ва солис (яъне **зумайрон** ва **замярон**)* ба маънии сипарғам, ки онро нозбӯ низ гӯянд; ва дар «Суроҳ» **завмурон** навишта (ба фатҳи аввал ва замми мим).

**ЗАМИН** ضمين ба маънии зомин.

**ЗИМН** ضمن андарун (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Латоиф»).

**ЗАМОН** ضمان пазируфторӣ (аз «Латоиф»); ва дар муҳовараи ин диёр онро зоминӣ гӯянд.

**ЗАМИМА** ضميمه ба маънии чизе ки онро бо чизе фароҳам ва ҷамъ карда бошанд.

### Фасли зоди муъҷама маъа нун

**ЗИННАТ** ضنت ба маънии бухл ва бахилӣ (аз «Мунтахаб»).

**ЗАНК** ضنك танг ва тангӣ дар ҳар чиз (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЗАНИН** ضنين бар вазни **фаъил**; ба маънии бахил (аз «Мунтахаб»).

**ЗАНӢ** ضنى ба маънии лоғар (аз шарҳи «Нисоб»).

### Фасли зоди муъҷама маъа вов

**ЗАВОҲИК** ضواحك чаҳор дандон, ки миёни анёб ва азрос воқеъ аст (аз «Мунтахаб»); ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» навишта, ки чаҳор дандони пеш.

**ЗАВ** ضو рушании офтоб.

### Фасли зоди муъҷама маъа ёи таҳтонӣ

**ЗИЁ** ضياء рушании офтоб; бидон ки зиё аз нур қавитар аст ва нур аз сано қавитар аст (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЗИЁЪОТ** ضياعات заминҳои мазрӯъа.

**ЗАЙР** ضير газанд ва нуқсон (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф-ул-луғот»).

**ЗИҚУННАФАС** ضيق النفس тангии дам ва кутаҳдамӣ; ва номи маразе, ки ба ҳиндӣ дама гӯянд.

**ЗИЁЪ** ضياع деҳҳо ва заминҳои мазрӯъа; *ҷамъи* **зайъа** (билфатҳ; аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЗАЙФ** ضيف ба маънии меҳмон ва меҳмонон муфрад ва ҷамъ ҳар ду омада (аз «Мунтахаб»).

**ЗУЮФ** ضيوف меҳмонон.

**ЗИҚ** ضيق ба маънии тангӣ; ва билфатҳ ва ташдиди ёи максур (яъне **заййиқ**)* ба маънии танг (аз «Мунтахаб»).

**ЗАЙҒАМ** ضيغم газанда ва шери дарранда (аз «Мунтахаб»).

**ЗАЙМ** ضيم нуқсон кардан дар ҳақи касе ва ситам кардан ва аз мазаррат наандешидан дар интиқом.

## БОБИ ТОИ МУҲМАЛА

### Фасли тои муҳмала маъа алиф

**ТОТО** طاطا сар паст кардан, чунонки дар рукӯъ кунанд (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва ғайраҳо).

**ТОҲО** طاها номи сураи Қуръон ва номи пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, чаро ки ишорат аст аз «ё тоҳир».

**ТОБ** طاب буи хуш (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ТОМОТ** طامات лофу гизофи суфиён, ки дар боби изҳори кашфу кароматп худ ва ҳарзагуӣ (аз «Рашидӣ» ва «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Муайид»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **томот** ба мим, бар вазни **ҳоҷот**, дар асл арабист ба ташдиди мим (яъне **томмот**)* ва форсиён ба тахфиф истеъмол кунанд, ба маънии аҳволи парогаида ва суханони беасл ва парешон, ки баъзе суфиён барои гармии бозори худ гӯянд; ва дар «Рашидӣ» навишта, ки **томмот** *ҷамъи* **томма** (ба ташдиди мим) ба маънии доҳия ва ҳодисаи азим. Магар дар форсӣ ба тахфиф, ба маънии суханони баланди суфия мустаъмал мешавад.

**ТОҒУТ** طاغوت номи бут ва номи деве (аз «Латоиф»).

**ТОЛУТ** طالوت номи сардоре аз Банӣ Исроил, ки саққо буд. Бо Ҷолут ном кофир ҷанг карда. Довуд алайҳиссалом, ки аз сипоҳиёни **Толут** буданд, Ҷолутро куштанд. **Толут** баъдаҳо, ки аз Довуд алайҳиссалом карда буданд, аз он баргашт ва душман гардид. Баъди мурдани у Довуд алайҳиссалом мулк ронданд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ТОЛЕҲ** طالح марди бадкирдор, ки *зидди* **солеҳ** бошад.

**ТОМЕҲ** طامح саркаш ва баланд (аз «Мунтахаб»).

**ТОФЕҲ** طافح ба маънии бадмаст, ки пур шуда бошад аз шароб (аз «Қашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ТОС** طاس дар асли форсӣ **тос** (تاس) ба тои қаршат. Форсизабонони арабидон ба тои ҳуттӣ нависанд. Ва ривоҷ гирифт аз оламп **тапидан** (طپیدن) ва **тило** (طلا). Ва ба маънии таштп калон ва косаи гҳарӣ; ва низ номи ҷомаи зартор (аз «Чароғи ҳидоят»); ва дар «Мунтахаб» навишта: зарфест, ки дар ӯ обу шароб хӯранд; ва ҳеҷ нагуфта, ки муарраб аст; ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **тос** аз луғоти мувалллад аст, яъне арабӣ нест, балки аз он гирифтаанд.

**ТОҚДЕС** طاقدیس номи тахти Хусрави Парвез, ки тӯли он яксаду ҳафтод зироъ ва арзи он яксаду бист зироъ ва мукаллал ба ҷавоҳир **буд**. Ва дар «Сироҷ» тафсили он бисьёр навишта аст, татвил пиндошта нанвиштам.

**ТОИРИ ҚУДС** ва **ТОВУСИ АРШ** طائر قدس و طاوس عرش Ҷабраил алайҳиссалом.

**ТОЛЕЪ** طالع ба маънии бароянда ва суъудкунанда; ва ба истилоҳи мунаҷҷимон бурҷе, ки ҳангоми вилодат ё вақти суоли чизе аз уфуқи шарқӣ нумудор бошад. Ва асари ҳар толеъ аз дувоздаҳгона дар нуҳусат ва саъодат алоҳида аст (аз «Мунтахаб»).

**ТОЕЪ** طائع фармонбардор (аз «Мунтахаб»).

**ТОРИФ** طارف мол, ки тоза ва нав ва беҳтар бошад («Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ).

**ТОИФ** طائف тавофкунанда ва хаёл, ки дар хоб нумояд; ва номи ноҳия аст қариби Макка дар мулки Ҳиҷоз. Ба сабаби он ки Ҷабраил алайҳиссалом он ноҳияро ба даст гирифта гирди хонаи худо тавоф нумуда буд (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ТОБАҚ** طابق *муарраби* **тоба** (تابه); ва он зарфи оҳанист мудаввар, ки бар он нон бипазанд.

**ТОРИҚ** طارق ҳодисаи шадид; ва ситорае, ки қариб ба субҳ толеъ шавад; ва ҳар шайъ, ки ба шаб зоҳир шавад; ва касе ки ба шаб роҳ равад; аз ин боис дузд ва соҳирро низ **торик** гӯянд (аз «Латоиф»).

**ТОЛИҚ** طالق соҳибраҳой, яъне раҳо (аз шарҳи «Нисоб»).

**ТОҚ** طاق биноп хамида ва меҳроб ва навъе аз ҷомаи пӯшиданӣ ва он ҷӯббаи пунбадор бошад; ва ба маънии танҳо ва фард, ки *зидди* **ҷуфт** бошад; ва номи дарахте (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»); ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **тоқ** ба маънии биноп хамида ва меҳроб *муарраби* **ток** аст ва ба маънии фард, ки *зидди* **ҷуфт** бошад, *муарраби* **то**-ст; дар ин сурат коф дар охир зиёда кардаанд.

**ТОХАК** طاخک самари озоддарахт (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ТОБАҚУННАЪЛ БИННАЪЛ** طابق النعل بالنعل ба маънии мутобиққунандаи

кафш бо кафш, яъне қадамниҳанда бар қадами пешравандагон; ва ба фатҳи бои муваҳҳада ва фатҳи қоф (яъне **тобақаннаъл биннаъл**)*, ба маънии он ки мутобиқ омад кафш бо кафш; ва ба ин маъни дар ҷое истеъмол кунанд, ки ин чиз ба он мутобиқ омад; магар дар «Баҳори дониш» ваҷҳи аввал аст, ки собиқ мазкур шуд.

**ТОИЛ** طائل ба маънии фоида (аз «Мунтахаб»).

**ТОРАМ//ТОРУМ** طارم ба маънии хонаи чӯбин ва хонаи баланд ва болохона; ва ин лафз *муарраби* **торум** (تارم) аст (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Баҳори Аҷам» ва «Кашф» ва «Мадор» ва «Муайид»); ва дар «Бурҳон» ба фатҳи рои муҳмала (яъне **торам**)* фақат; ва дар «Сироҷ» ба фатҳ ва замми ро (яъне **торам** ва **торум**)* ҳар ду навишта; ва дар «Мусталаҳот» гуфта, ки дар ҳаракати **ро**-и **торам** ихтилоф аст. Баъзе мафтуҳ ва баъзе мазмум оранд. Ва Солики Қазвинӣ максур (яъне **торим**)* оварда, ҷаро ки ба **абулмакорим** қофия сохта.

**ТОЛИҚОН** طالقان номи шаҳр (аз «Латоиф»).

**ТОЪУН** طاعون вараме бувад, ки дар хуся ё пистон ё бағал ё буни рон вокеъ шавад, аз моддаи саммӣ, ки узвро фосид кунад ва қай ва ғасаён ва ғашӣ ва хафақон ҳамроҳи он бувад (аз «Кифояи Мансурӣ»); ва дар «Латоиф» шомат ва марги ом; ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» навишта, ки бусрае бошад кӯчак монанди боқило сурх ё сиёҳ бо сӯзиши бисьёр; ва дар «Ҳудуд-ул-амроз» марқум аст, ки бусрае бошад ба қадри кунори саҳрой бо кабудӣ ва сӯзиш ва таби вабой лозими ӯст.

**ТОИН** طاعن найзазананда ва таъназананда (аз «Мунтахаб»).

**ТОҶАН** طاجن ба маънии **тоба**, ки чизеро бар он бирьён кунанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ТОВУСИ УЛВИОШЬЕН** طاوس علوی آشیان *кинояз аз* оташ.

**ТОҲУНА** طاحونه ба маънии осиё; ва **тоҳун** низ омада (аз шарҳи «Нисоб»).

**ТОИРИ СИДРА** طائر سدره Ҷабраил алайҳиссалом (аз «Бурҳон»).

**ТОБА** ва **ТАЙБА** طابه و طیبه ҳар ду номи Мадинаи мунаввара (аз шарҳи «Нисоб»).

**ТОҚА** طاقه як адад ҷома (аз «Бурҳон»); ва дар «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн» навишта, ки чунонки дар асп раъс ва дар фил занҷир оранд, ҳамчунин дар ҷома **тоқа** мустаъмал кунанд; ва **тоқа** ба маънии тувоной ва як ту расан ва пораи сабза.

**ТОИФА** طائفه ба маънии гурӯҳи мардум ва порае аз чизе (аз «Мунтахаб»).

**ТОРӢ** طاری зоҳиршаванда бар касе ногоҳ ва фурӯдоянда аз ҷое (аз «Мунтахаб»).

**ТОҒӢ** طاغی аз ҳад даргузаранда; ва касе ки аз ҳадди тоат ва адаб даргузашта бошад; ва ин маъхуз аз **туғён** аст; ва ҷое дар «Гулистон» *кинояз аз* Фиръавн.

**ТОҚӢ** طاقی навъе аз кулоҳ (аз «Бурҳон»).

**ТОММАИ КУБРО** طامهٔ کبری ба маънии қиёмат.

**ТОҲИРИ ТОТӢ** طاهر تاتی шахсест ки Тоҳир ном дошт ва алкан буд. Ба ҷои қофу коф то мегуфт. Ва ӯ яке аз мулозимони Мирзо Маҳдӣ, ки маъшуқи Мир Наҷот буд (аз «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**ТОФӢ** طافی он чи бар сари об аз сабукӣ ва латофат боло барояд; *зидди* **росиб**; ва **росиб** он чизест, ки дар об ва мисли он таҳнишин шавад, монанди дурд.

**ТОСБОЗӢ** طاس بازی навъе аз бозии бозигарон; ва он чунон бошад, ки тосро ба ҳаво андохта бар сари чӯбе ё най мегиранд ва бар он мегардонанд; ва ба маънии шаъбадабозӣ низ омада; ва ғоҳе *мурод аз* он фиреб бошад (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ТОЙӢ** طائی мансуб ба **Тай**, ки қабилаест дар араб, ки **Ҳотам** мансуб ба он аст. Ва дар лафзи **Тайй** ду ё-ст, аввал мудғам, дуввум мудғамфиҳ. Чун ёи нисбат дар арабӣ мушаддад мебошад дар охири он даровардаанд ба ҷиҳати сақолати иҷтимоъи чаҳор ё аз ҳар ду ёи аслӣ. Аввалро

ба алиф бадал кардaнд ва сониро ба ҳамза. Форсиён ёи нисбати лафзи арабиро низ ба тахфиф хонанд.

**Фасли тои муҳмала маъа бои муваҳҳада**

**ТАБОТАБО** طباطبا лақаби Исмоъил ибни Иброҳим ибни Ҳасан ибни Алӣ алайҳимуссалом. Зеро ки дар забон лукнат дошт ва ба ҷои қоф то мегуфт. Овардаанд, ки дар айёми хурдсолӣ ба рузи ид волиди бузургвори ӯ ба ӯ фармуд, ки чи навъ ҷома барои ту муҳайё кунам. У гуфт: **таботабо**, яъне қабо-қабо. Аз он рӯз Исмоъилро лақаби **Таботабо** машҳур гашт ва авлоди ӯро содоти **Таботабоӣ** гӯянд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ТАБТОБ** طبطاب чавгонест, ки сари он монанди кафча созанд ва гӯй дар он ниҳанд ва бар ҳаво афгананд. Чун ба фурӯд омадан расад боз сари **табтоб** бар ӯ зананд. Ҳамчунин нагузоранд, ки бар замин ояд, то аз ҳол нагзоранд. Ва ба форсӣ онро тахтаи гӯйбозӣ гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ТАББ//ТИББ//ТУББ** طب пучушкӣ ва нармӣ ва сеҳр (аз «Мунтахаб»).

**ТИБОБАТ** طبابت пизишкӣ (аз «Кашф»).

**ТАБОШИРИ СУБҲ** طباشیر صبح *киноя аз* сифедии субҳи содиқ (аз «Бурҳон»).

**ТАБХ** طبخ пухтан ва пазондан.

**ТАБИХ** طبیخ оби чизи ҷӯшонидашуда.

**ТАББОХ** طباخ ба маънии пазандаи таъом; ва ба маънии боварчӣ мустаъмал.

**ТАБАРЗАД** طبرزد ба маънии набот; *муарраби* **табарзад** (تبرزد): чун бисьёр сахт бошад, гӯё ки атрофашро ба табар тарошидаанд ё он ки ба сабаби сахтӣ ба табар шикаста мешавад (аз «Мунтахаб» ва «Рисолаи Муарработ»).

**ТИБОҚУЛАЗДОД** طباق الاضداد мувофиқ кардани чанд чиз, ки зидди ҳамдигар бошад, яъне дар пайи якдигар овардани онҳо.

**ТАБОШИР** طباشیر *муарраби* **табошир** (تباشیر); ва он давое бошад сифеди моил ба қадре кабудӣ; ба ҳиндӣ банслучан гӯянд (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**ТАБЛАҚИ БОЗ** طبلك باز нақораи кучак бошад, ки боздорон ва миршикорон ҳамроҳи худ доранд. Ҳар гоҳ, ки сайд баробари замин нишаста ё дар об шиновар бинанд, он нақораро мезананд, то аз овози он сайд аз ҷои худ бархоста ба парвоз ояд ва эшон бозро бар он сар диҳанд (ва ин аз «Сироҷ» мустафод аст).

**ТАБАС** طبس номи шаҳр.

**ТАБЪ** طبع сиришти мардум, ки бар он офарида шуда: ва муҳр ниҳодан бар нома ва сикка задан бар симу зар; ва ба маънии нақш кардан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ТАББОЪ** طباع соҳибтабиати закӣ; ва ба маънии кӯзагар низ омада; ва ба касри аввал ва тахфифи бо (яъне **тибоъ**)* сиришт ва хуи мардум, ки зоил нашавад (аз «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Кашф»); ва Мир Нуруллоҳ дар «Шарҳи Гулистон» навиштаанд, ки **тибоъ** (ба каср) ба маънии табиат ва сиришти мардум. Ва **тибоъ** дар ҷое истеъмол нумоянд, ки соҳиби онро шуъур бошад ва **табиат**-ро дар мақоме истеъмол кунанд, ки соҳибашро шуъур набуда бошад ва **табъ**-ро дар ҳар ду маҳал оранд (казо фӣ баъзалмуътабарот); ва лафзи **тибоъ** (ба касри аввал) *ҷамъи* **табъ** ва *ҷамъи* **табиат** ҳам метувонад шуд, чунончи **биҳор** *ҷамъи* **баҳр** ва **сабоҳ** *ҷамъи* **субҳа** (мустафод аз «Фусули Акбарӣ» ва «Шофия»).

**ТИБОҚ** طباق мувофиқ кардан ду чизро бо ҳам ва табақоте, ки баъзе бар баъзе бошанд (аз «Мунтахаб»).

**ТАБАҚ** طبق мувофиқ ва баробар, яъне ҳар шайъе, ки баробари он шайъи дигар бошад (аз «Мунтахаб» ва «Музил»); ва зарфи маъруф; ва номи иллатест, ки аспро пайдо мешавад ва он варамест, ки гирди нофи асп ба ҳам расад; ва дар «Латоиф» навишта, ки ба касри аввал ва сукуни бо (яъне **тибқ**)* ба маънии тариқ ва дастур; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **тибқ** амалест, ки занони ҳикка бо ҳам кунанд, ки сирф молидан ва сойидани узви махсус аст бо якдигар.

**ТАБЛ** طبل нақораи калон; ва ба фатҳатайн (яъне **табал**)* чунонки шухрат дорад, ғалат аст.

**ТАПИДАН** طپیدن *мубаддали* **тапидан** (تپیدن); дар асл ба маънии гарм шудан аст. Чун камоли гармиро беқарорӣ лозим аст, лиҳозо *маҷозан* ба маънии ғалтидан меоянд.

**ТАБЛ АЗ ЗЕРИ ГИЛЕМ БАРОМАДАН** طبل از زیر گلیم برامدن *киноя аз* зоҳир шудани рози касе.

**ТАБЛ ДАР ЗЕРИ ГИЛЕМ БУДАН** طبل در زیر گلیم بودن *киноя аз* пӯшида мондани рози касе.

**ТАБЛ ХӮРДАН** طبل خوردن рамидан ва худро канора кардан (аз «Мусталаҳот»).

**ТАБАРХУН** طبرخون беди сурх (аз «Бурҳон»); ва дар «Мадор» чӯбест сурхранги талхмаза; ва дар «Маҷмуъ-ул-луғот» ва «Фирдавс-ул-луғот» ба маънии сандали сурх навишта.

**ТАБОНЧА** طبانچه дар ин лафз ба ҷои то (ط) тои фавқонӣ (ت) навиштан саҳеҳ бошад, чаро ки лафзи форсист (аз «Музил»); ва Хони Орзу дар «Хиёбон» навишта, ки **табонча** аз «Мадор» ба бои муваҳҳада маълум мешавад ва фусаҳои Ироқ ба бои форсӣ хонанд. Муаллиф гӯяд, ки тои мутаббақа дар форсӣ наёмада ва мутааххирин ба сабаби ихтилоти арабу аҷам, ки дар баъзе алфоз тасарруфи гуна кардаанд, бархеро ба тои мутаббақа навиштаанд, масалан: *тило* ва *тапидан* ва *тапонча* ва ғайра, таммама каломуҳу.

**ТАБЛА** طبله сундукчаи кӯчак.

**ТАБОЕЪИ АРБАЪА** طبائع اربعه аввал сарди тар, дуввум сарди хушк, севвум гарми тар, чаҳорум гарми хушк.

**ТАБАЪӢ** طبعی мансуб ба **табиат**, чаро ки ҳарфи солисро агар ё бошад дар ҳолати нисбат ҳазф кунанд, чунончи: **маданӣ** мансуб ба **мадина**; ва ба ҳамин ҳаракот номи фанне аз фунуни ҳикмат; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **табъӣ**)* низ омада. Дар ин сурат мансуб ба **табъ** шуд.

**ТАБҚАРӢ** طبقری номи мақом; ва қила табақча (аз «Кашф» ва «Бурҳон»).

**ТИБӢ//ТУБӢ** طبی пистони чорпоя (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ТАБАРӢ** طبری *киноя аз* лаби маъшуқ; мансуб ба **табар**; дар ин ҷо *мухаффафи* **табарзад** аст, ки ба маънии набот бошад.

### Фасли тои муҳмала маъа ҳои муҳмала

**ТУҲЛАБ** طحلب сабзӣ, ки бар оби истода ҷамъ мешавад; ба ҳиндӣ кайӣ гӯянд (аз «Мунтахаб»).

**ТИҲОЛ** طحال супурз; ва ба замми аввал (яъне **туҳол**)* бемориест, ки дар супурз ба ҳам расад (аз «Мунтахаб»).

**ТАҲН** طحن орд кардани ғалла ва ғайра (аз «Мунтахаб»).

### Фасли тои муҳмала маъа рои муҳмала

**ТАРФО** طرفا дарахти газ, ки ба ҳиндӣ ҷҳав гӯянд.

**ТАРУБ** طروب ба маънии шодмон; ва ба замматайн (яъне **туруб**)* шодиҳо (аз «Латоиф»).

**ТАРИҚАТ** طریقت роҳ; ва дар истилоҳи соликон тазкияи ботин; ва **шариат** тазкияи зоҳир аст. Ва ин маъниро Ҳонсоҳиб Абдулкаримхони мағфур аз «Минҳоч» таҳқиқ кардаанд.

**ТАРОВАТ** طراوت тозагӣ (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии тарӣ.

**ТАРОСИС** طراثیث номи мева (аз «Бурҳон»).

**ТАРҲ** طرح андохтан ва дур кардан ва қоим кардани бинои макон ва нумунаи иморати нав; ва ба маънии наққошӣ ва канора гирифтан аз коре (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»); ва дар «Чароғи ҳидоят» ба маънии фурӯхтани ҷинсе ба зӯр бар раъоё; ва дар «Хиёбон» навишта, ки **тарҳ** расмест муқаррар, ки ҳуккоми золим ҷинси худро қимат афзуда бар раъоё ва зердастон диҳанд.

**ТАРРОҲ** طراح ба маънии наққош.

**ТАРД** طرد бар вазни **мард**; ва ба фатҳатайн (яъне **тарад**)* низ ба маънии рондан ва дур кардан; ва истеъмолаш аксар дар гурезонидани ҳавом бошад, мисли магас ва зунбӯр ва муш ва пашша ва мор (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Мадор» ва «Қашф» ва ғайра).

**ТАРАФДОР** طرفدار подшоҳи азимушшон ва ҳокими сарҳаднишин (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ТАРРОР** طرار ба маънии теззабон ва дузд ва гиреҳбур (аз «Бурҳон» ва «Хиёбон»); ва **таррор** маъхуз аст аз **тарр**, ки (ба фатҳ ва ташдид) тез кардан ва буридан бошад.

**ТАРИР** طریر бар вазни **фақир**; марди хубсурат ва хушлико (аз «Мунтахаб»).

**ТАРОИР** طرائر хубсуратон ва чизҳое, ки тез ва равон бошад.

**ТАР(Р)** طر ба маънии тез кардани пайкон ва буридан ва шикофтан; ва биззам (яъне **турр**)* ба маънии ҳама ва ҷамеъ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ТУРАР** طرر мӯи пешонихо; ва каронаҳои ҳар чиз; ва водиҳо; ва нукуши ҷома ва канорҳои бом; ва ин *ҷамъи* **турра** аст (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва гайри он).

**ТИРОЗ** طراز нақшу нигори ҳар чиз ва нақшу аламӣ ҷома; ва ба маънии санҷоф; ва ба фатҳ (яъне **Тароз**)* номи шаҳре хуснхез аз ҳудуди Туркистон; ва ба ҳар ду маънӣ *муаррааби* **тироз** (تراز) аст (аз «Қомус» ва «Лубб-ул-албоб» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Зубдат-ул-фавоид» ва «Иброҳимӣ»).

**ТУРОБУЛУС** طرابلس шаҳрест ба Шом ва шаҳрест ба магриб; ва ин лафзи румист ва маънии он ба забони румӣ се шаҳр аст (аз «Мунтахаб»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **Таробулус** (ба фатҳи аввал ва зaмми бои муваҳҳада ва лом) балдаест аз Шом ва балдае аз мағриб; ва баъзе гӯянд, ки лафзи румист, ба маънии маъмура, чунонки дар «Қомус» аст.

**ТАРТУС** طرطوس номи паҳлавоне ва номи деҳи пурравнак.

**ТУРУСИҚУС** ва **ТУРСИҚУС** طروسیقوس و طرسیقوس ҳар ду якест, номи подшоҳе аз насоро; ва баъзе гӯянд ҳакиме буд насоро (аз «Муайид» ва ғайра).

**ТАРИФ** طریف ғариб ва нодир ва навзода (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ТАРОИФ** طرائف чизҳои латиф ва хуш ва молҳои наву тоза.

**ТАРАФ** طرف канора; ва ба маънии ҷониб ва порае аз чизе ва ҳисса; ва ба фатҳи аввал ва **сукуни рои** мухмала (яъне **тарф**)* ба маънии чашм ва ҷунбонидани чашм ва ҷунбонидани палак ва нигаристан; ва ба маънии гӯша ва канора; ва ба истеъмоли форсӣ ба маънии куличаи камар, ки барои ороиш банданд; ва ба маънии банди зару нуқра, ки бар камар банданд; ва ба маънии сохти асп ҳам омада (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Рашидӣ» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Муайид»); ва ба истеъмоли форсӣ **тараф** (ба фатҳатайн) ба маънии муқобил (аз «Мусталаҳот» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **тараф** (ба фатҳатайн) лафзи арабист, магар форсиён ба маънии ҳариф истеъмол кунанд; ва гоҳе ба маънии **вақт** ояд, чунонки: *тарафи субҳ* ва *тарафи шом*; ва низ дар «Мусталаҳот» навишта, ки **тараф** (ба фатҳатайн) бидуни силаи лафзи **бастан**, ба маънии фоида омадааст; ва ба зaмми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **тураф**)* *ҷамъи* **турфа**, ки (биззам) ба маънии маъшуқ мустаъмал мешавад; ва **тирф** (билкаср) ба арабӣ ба маънии аспи хушасл ва гиронмоя (аз «Қашф» ва «Мадор» ва шарҳи «Нисоб»).

**ТУРК//ТУРУҚ** طرق ба маънии роҳҳо; ин *ҷамъи* **тариқ** аст (аз «Муайид» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**ТАРИҚ** طریق роҳ; ва ин маъхуз аз **тарқ** (ки билфатҳ) аст, ба маънии кӯфтан; чун пои равандагон роҳро мекӯбад, лиҳозо роҳро тариқ гуфтанд (аз шарҳи «Нисоб»); ва ба маънии хаҷил низ омада; ва **тариқ** ба истилоҳи рамл номи шаклест аз ашколи шонздаҳгонаи рамл.

**ТАРОҚ** طراق овозе ки аз задани тозиёна бароянд.

**ТИРБОЛ** طربال ба маънии манораи баланд ва ҳар бинои баланд ва савмаъаи баланд (аз «Мунтахаб»).

**ТАРАФДОРИ ПАНҶУМ** طرفدار پنجم *киноя аз* **Миррих**; чи фалаки панҷум ҷои уст (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ТИРМ** طرم шаҳди ғализ (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ТАРФ БАСТАН** طرف بستن ҳосил кардан ва фоида ва нафъ бардоштан; чи тарф ба маънии куличаи камар аст ва бастани он муҷиби зинат аст (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ» ва «Чаҳор шарбат»); ва ваҷҳи тасмия, ки мазкур шуд аз «Рашидӣ».

**ТАРФАТУЛЪАЙН** طرفة العين як бор бар ҳам задани палаки чашм (аз «Мунтахаб» ва «Музил»); ва касоне ки ба замми то (яъне **турфатулъайн**)* хонанд, маҳзи ғалат.

**ТАРАФ ШУДАН** طرف شدن муқобил ва ҳариф шудан (аз «Мусталаҳот»).

**ТАРАФ ГИРИФТАН** طرف گرفتن ҳимоят кардан ва гӯшанишинӣ (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ТАРҲ ҚАРДАН** ва **РЕХТАН** ва **АФШОНДАН** طرح کردن و ریختن و افشاندن бинои чизе андохтан.

**ТАРРИҚУЗАН** طرقوازن нақиб ва чӯбдор (аз «Бурҳон»).

**ТАРХОН** طرخان номи подшоҳи Туркистон; ва шахсе ки подшоҳ хадамоти худи ӯро муъоф карда бошад; ва номи тараи хӯрданӣ (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ТАРХУН** طرخون дарахтест, ки оқирқарҳо бехи он аст (аз «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки чӯби беди сурх аст; ва ин муарраб аст.

**ТАРАЁН** طریان ҳодис шудан ва ворид шудани чизест дар чизе («Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ).

**ТАРРИҚУ** طرقوا ҷамъи сиғаи амри ҳозир аст, ба маънии роҳ диҳед ва як сӯ шавед, маъмул аст, ки нақибони араб пеши салотин таррикутаррику мегӯянд.

**ТАРФА** طرفه як бор чашм бар ҳам задан; ва нуқтаи сурхе, ки дар чашм пайдо шавад аз зарб ва сақта; ва номи манзили нуҷум аз манозили Қамар; ва он ду кавкаб аст ба манзилан ду чашми бурҷи Асад (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва ғайра); ва биззам (яъне **турфа**)* чизи нав ва хуш; ва *маҷозан* ба маънии маъшуқ.

**ТУРРА** طره ба маънии зулф ва мӯи пешонӣ ва канораи ҳар чиз ва алоқаи мукайяш; ва ба маънии сақфе ки аз чубу хишт бар дарвозаҳо созанд ва онро боронгурез гӯянд; ва ба ҳиндӣ чҳаҷҷа номанд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мусталаҳот» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Бурҳон»).

**ТАРОВА** طراوه ҷомаи рангин, ки бар сари алам ва нишон банданд; ва дар «Муайид» ба ҷои вов доли муҳмала (яъне **тарода**)* навишта.

**ТАРИДА** طریده ба маънии ҳамла; ғолибан муштақ аз **тард**, ки ба маънии гурезонидани ҳавом бошад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мадор»); ва Хони Орзу дар «Шарҳи Сикандарнома» навишта, ки **тарид** *муарраби* **тарид** (ترید), ки ба маънии шӯр аст; ва муаллиф гӯяд: метавонад, ки **тиред** (ба касри аввал ва ёи маҷҳул) *имолаи* **тирод** бошад, ки ба маънии якдигар ҳамла овардан аст (казо фил — «Мунтахаб»); агар аз маънии иштирок ва тақобул таҷрид карда ба маънии ҳамла овардан гӯянд, музояқа надорад.

**ТАРИҚГАШТА** طریق گشته яъне шармандашуда (аз «Шамсӣ»); муаллиф гӯяд, ки **тариқ** дар асл ба маънии кӯфта ва мазруб аст ва хотири одами хаҷил ва шарманда низ кӯфта мебошад.

**ТАРИҚА** طریقه равиш ва мазҳаб; ва назди мунаҷҷимин муддати тай кардани Қамар масофати ин понздаҳ дараҷа аз нуздаҳум дараҷаи Мизон, ки махалли ҳубути Шамс аст то севвум дараҷаи Ақраб, ки маҳалли ҳубути Қамар аст. Ва ин муддатро, ки тақрибан як шабонарӯзу ду пеҳр бошад, **тариқаи муҳтариқа** номанд ва бағоят манҳус аст.

**ТАРФЕ** طرفی ба маънии андаке (аз «Хиёбон»).

**ТАРИЙ** طری ба маънии тоза ва нав.

**ТАРРОҲӢ** طراحی ба маънии наққошӣ (мустафод аз «Латоиф»).

**Фасли тои муҳмала маъа сини муҳмала**

**ТАССУҶ** طسوج карона ва ноҳия ва рубъи донг, ки миқдори ду ҳабба аст; *муарраби* **тассу** (تسو; аз «Мунтахаб»); ва дар «Рисолаи авзон» навишта, ки **тассуҷ** бисту чаҳорум ҳиссаи ҳар чизро гӯянд.

**Фасли тои муҳмала маъа шини муъҷама**

**ТАШТ** طشت *муарраби* **ташт** ( تشت ); маънӣ маъруф аст (аз «Сироҷ»).

**ТАШТГАР** ва **ҚОСАГАР** طشت‌گر و کاسه‌گر ҳар ду номи созанда, яъне сознавоз, ки дар замони собиқ буда.

**ТАШТИ ҚАСЕ АЗ БОМ УФТОДАН** طشت کسی از بام افتادن расво шудани касе ва фош шудани рози касе (аз «Чаҳор шарбат»).

**ТАШТУ ХОЯ** طشت و خایه навъе аз бозӣ, ки байзаи мурғро холӣ карда аз шабнам ё симоб пур кунанд ва дар ташт ниҳода ба офтоб гузоранд байза ба рақс меояд; ва *киноя аз* осмону замин (аз «Бурҳон»).

**Фасли тои муҳмала маъа айни муҳмала**

**ТАЪМ** طعم маза ва лаззат; ва биззам (яъне **туъм**)* хӯрданӣ, яъне таъом ва туъмаи мурғ (аз «Сороҳ» ва «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Кашф»).

**ТИЪОН** طعان найза задан ва найзазанандагон; ба ин маънӣ *ҷамъи* **тоъин** аст.

**ТАЪН** طعن найза задан ва айбгирӣ кардан дар кори касе (аз «Мунтахаб»); ва дар «Қомус» ба маънии сайр ва рафтор низ оварда.

**ТУЪМА** طعمه хӯриш ва рӯзӣ; ва билфатҳ (яъне **таъма**)* як бор чашидан (аз «Мунтахаб» ва «Сороҳ» ва «Муайид» ва «Мадор»).

**ТАЪНА** طعنه як бор найза задан ва айбҷӯӣ кардан (аз «Мунтахаб»).

**Фасли тои муҳмала маъа ғайни муъҷама**

**ТУҒРО** طغرا навъе аз хатти печидаҳуруф, ки ба он хат бар фармони подшоҳон алқоб нависанд; зоҳиран ин лафзи туркист (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»); ва дар «Мунозарат-ул-иншо» навишта, ки **туғро** хатти ситабрӣ бошад ба хатти печида, ки алқоб ва исми султон бошад мисли ассултон-ул-аъдал-улаъзам Ҷалолуддин Акбар подшоҳи ғозӣ.

**ТАҒМОҶ** طغماج номи вилояте аз Туркистон; ва ин лафз саҳеҳ **Тамғоҷ** аст, ба тақдими мим бар ғайни муъҷама, чунонки дар «Бурҳон» ва «Сироҷ» аст.

**ТУҒРИЛ** طغرل номи подшоҳ аз подшоҳони Салҷуқ; ва ба заммӣ аввал ва солис, бар вазни **булбул** (яъне **туғрул**)* ҷонварест шикорӣ, тоир мисли боз ва уқоб (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Чаҳор шарбат» навишта, ки **туғрул** (ба тои фавқонӣ تغرل ) дар туркӣ баҳриро гӯянд, ки тоири шикории маъруф аст. Муаллиф гӯяд, ки **туғрул** (ба то) мубаддали ҳамин аст.

**ТУҒОН** طغان номи яке аз подшоҳони турк; ва *мухаффафи* **туғён** низ омада.

**ТУҒЁН** طغیان аз ҳад даргузаштан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва *маҷозан* ба маънии афзунӣ ва касрат; истеъмоли ин дар афзунии чизҳои номарғуб аст; ва аз ин боис гоҳе ба маънии зулм ва бефармонӣ омада.

**ТУҒРИЛ ШУДАН** طغرل شدن мурдани салотини чағатой (аз «Чаҳор шарбат»).

**ТУҒОНШОҲ** طغانشاه номи подшоҳи азимулқадр аз авлоди Афросиёб.

**ТУҒЁНӢ** طغیانی ба зиёдати ё дар охири лафзи **туғён** зоҳиран дуруст набошад, чаро ки **туғён** худ масдар аст, ҳоҷат ба ёи масдарӣ надорад; дигар он ки гӯем маъмули форсиён аст, ки дар охири баъзе масодир ёи масдарӣ зоид кунанд, чунончи: *фузул* ва *фузулӣ* ва *халос* ва *халосӣ* ва *саломат* ва *саломатӣ*.

**Фасли тои муҳмала маъа фой**

**ТИФЛИ ШАБ** طفل شب *киноя аз* моҳ.

**ТАФУЛИЙЯТ** طفولیت ба маънии кӯдакӣ ва тифлӣ; ва ин масдари ҷаъ-

лист ба зиёдати вов ба хилофулқиёс; ва назири ин **ручулийят.**

**ТАФИФ** طفيف қалил ва нотамом (аз «Мунтахаб»).

**ТИФЛ** طفل навзода аз одамӣ ва ҳайвон; ҷамъ ва муфрад омада (аз «Мунтахаб»).

**ТУФАЙЛ** طفيل исми шоири куфӣ, ки нохонда дар маҷолиси таъом мерафт (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ҳар шахс, ки бидуни талаб ҳамроҳи мардуми мадъув ба даъват равад; ва гоҳе муқаллидин ё дар охир зоид карда туфайлӣ гӯянд; ва гоҳе лафзи **туфайл** дар муҳовараи форсӣ *маҷозан* ба маънии васила ва зареъа ояд; ва гоҳе ёи **туфайлӣ** масдарӣ бошад, ба маънии туфайл шудан.

**ТИФЛИ ҲИНДУ** طفل هندو мардумаки чашм (аз «Бурҳон»).

**ТИФЛИ ЧИҲИЛРУЗА** طفل چهل روزه *киноя аз* Одам алайҳиссалом аз он ки дар чиҳил рӯз тинати ӯ сиришта шуд (аз «Сироҷ»).

**ТАФРА** طفره барҷастан ва фурсат андохтан ва фосила, ки миёни коре уфтад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох»); ва назди аҳли ҳикмат **тафратуззовия** иборат аст аз ин ки шайъи сағир акбар гардад аз шайъи кабир бе он ки мусовии кабир шавад; ва такрираш ин ки зовияе, ки пайдо мешавад фӣ мобайни муҳити доира ва қутри он аъзам бошад аз ҷамеъи зовияҳои ҳодда, ки пайдо шаванд дар миёни ду хатти мустақим ва бурҳонаш мазкур аст дар мақолаи солисаи таҳрири Уқлидис; вақте ки андак ҳаракат додем сари қутрро ба ҷонибе бо вуҷуди собит мондани сари дигараш, пас аз ин ҳаракат он зовияи ҳодда, ки аз ҳар се ақсоми зовия сағиртар буд, ногоҳ зовияи мунфариҷа гардид, ки акбари ақсоми худ аст ва нагашт дар аснои ҳаракати мазкура зовияи қоима, ки мутавасситулҳол бувад дар хурдӣ ва калонӣ; ва ин нест магар **тафра** ки шайъи сағир бо шайъи мутавассит баробар нашуда ногоҳ кабир гардад ва сураташ ин аст.




*А* — кутр қабл аз таҳрики зовияи мунфариҷа, ки қабл аз таҳрики ҳодда буд; *Б* — қутр баъд аз таҳрик.

**ТУФОВА** طفاوه ба маънии доира, ки гирди офтоб воқеъ шавад; ва доираи гирди моҳро **ҳола** гӯянд (аз «Мунтахаб»).

### Фасли тои муҳмала маъа қоф

**ТАҚ-ТАҚ** طقطق овози бо ҳам задани ду чизи сахт (аз «Латоиф»).

### Фасли тои муҳмала маъа лом

**ТИЛО** طلا давое рақиқ, ки бар узв бимоланд; ва ба маънии зари сурх; ва соҳиби «Рашидӣ» навишта, **ки** ғолибан лафзи **тило** *муарраби* **тилло** (تلا)-ст, ки лафзи ҳиндист (ба касри фавқонӣ ва ташдиди лом) ба маънии зар ва ба маънии муламмаъ кардан ва муламмаъ низ омадааст; ва дар «Сироҷ» навишта, ки тило ба маънии зари сурх дар асл ба тои қарашат буд. Ба сабаби ихтилоти аҷаму араб ба тои мутаббақа навиштаанд, ҳатто ки **муталло** ба маънии зарандуда истеъмол кунанд.

**ТАЛУБ** طلوب ба маънии толиб (аз «Латоиф»).

**ТУЛЛОБ** طلاب бар вазни **ҷуллоб;** *ҷамъи* **толиб.**

**ТУЛБ** طلب *муарраби* **тулб** (تلب), ба маънии гурӯҳи мардум (аз «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Сироҷ»).

**ТАЛЪАТ** طلعت дидор ва дидани рӯй (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ТАЛОҚАТ** طلاقت ба маънии кушодагии забон ва теззабонӣ ва лақлақа

(аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ТАЛҲ** طلح дарахтест бузурги хордор дар регистон; ва ба маънии шугуфаи хурмо; ва ба маънии дарахти мавз, ки ба ҳиндӣ кела гуянд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Мадор»).

**ТИЛОИ ДАСТАФШОР** طلای دست افشار навъе аз зари беш қимат, ки Хусрави Парвез дошт, монанди мум нарм буд, чунонки дар **зари дастафшор** соҳиби «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» навишта.

**ТАЛЪ** طلع шугуфаи хурмо (аз «Мунтахаб»).

**ТУЛУЪ** طلوع баромадани офтоб ва ҳар ситора; ва ба маънии мутлак баромадан бар куҳ ва ҷуз он (аз «Мунтахаб»).

**ТАЛОҚ** طلاق раҳо шудани зан аз қайди никоҳ; ва ба маънии кушодагӣ ва равонӣ ва озодагӣ ва нишот низ омада.

**ТАЛҚ** طلق дарде ки занонро ба вақти зодан пайдо шавад ва онро **дарди зеҳ** низ гуянд; ва навъе аз санг, ки сифеду барроқ ва табақ бар табақ бошад, онро абрақ низ гуянд. Ва чун абрақи маҳлулро бар чизе бимоланд оташ он чизро насузад (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва ғайра); ва *маҷозан* ба маънии шароб ояд, ба муносибати он ки абрақи маҳлул, ки монанди об мешавад иксири аъзам аст. Ва шаробро низ дар фавоид қариби иксир донанд. Ва ба ҳамин ҷиҳат шаробро **талқи равон** низ гӯянд. Ва дар «Ҳудуд-уламроз» барои маънии дарди зеҳ ба фатҳатайн (яъне **талақ**)* навишта; ва билкаср (яъне **тилқ**)* ҳалол ва раҳошуда ва баромада аз чизе, чунончи дар «Мунтахаб» ва «Суроҳ» аст.

**ТАЛҚИ МАҲЛУЛ** طلق محلول он чи кимиёгарон ҳикмат ва таркиботи абракро мисли об мегардонанд; ва ин иксири аъзам аст.

**ТАЛ(Л)** طل борони катраҳои борик; ва ба маънии шабнам (аз «Мунтахаб»).

**ТАЛАЛ** طلل ҷисм ва колбуд ва тан ва ҷусса ва нишонаҳои хонаҳои вайрон; **атлол** *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ТИЛИСМ** طلسم он чи хаёлҳои мавҳум ба шакли аҷиб дар назар меоранд; ва низ шакле ва сурате муҳиб, ки бар сари дафоин ва хазоин таъбия кунанд (аз «Муайид» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Кашф»); ва аз баъзе кутуб дарёфт шуда, ки **тилисм** аз аҷзои арзӣ ва самовӣ сохта мешавад, яъне аз баъзе адвия ва соъоти махсуса. Фақир муаллиф гуяд, ки зоҳиран **тилисм** лафзи юнонист, арабӣ нест. Чи дар тақдири арабӣ будан ба касратайн омадани ин лафз ваҷҳе надорад, чаро ки ин вазн дар каломи араб наёмада. Агар арабӣ буди, ба касри аввал ва фатҳи сонӣ, бар вазни **қиматр** омадӣ.

**ТАЛҚИ ҲАЛОЛИ БОРДОН** طلق حلال باردان соҳиби «Муайид» навишта, ки ба фатҳи аввал, маҷмуъ ба маънии шароб; **талқ** ба маънии холис ва **ҳалол** ба маънии беруномада; ва **бордон** (ба бои муваҳҳада) суроҳи. Бояд донист, ки бар маънии ҳар ду лафзи аввал кутуби луғоти муътабара гувоҳӣ намедиҳад. Ва дигар он ки шаробро, ки ҳурмати он мансус аст, ҳалол гуфтан куфр аст. Фақир муаллиф гӯяд, ки **талқ** *маҷозан* ба маънии шароб ва **талқи ҳалол** иборат аз шароби мусаллас, ки мубоҳ аст. Ва он шираи ангур бошад, ки ду сулси он ба ҷушидан бисузад ва як сулс бимонад, сукр намеорад ва манофеъи он қариб ба хамр аст; ё он ки **тилқ** (билкаср) ба маънии он чи баромада бошад аз чизе мавсуф ва халол сифати он. Пас маҷмӯъи сифату мавсуф музоф ба сӯи **нордон** (ба нун), ки *мухаффафи* **анордона** аст, яъне оби ҳалол, ки баромада аст аз донаҳои анор. Ё он ки **халол**-и биттахфифро *мухаффафи* **ҳаллол** битташдид гӯянд, дуруст метавонад шуд, чаро ки шароб кушояндаи суддаҳо ва масомот аст.

**ТАЛҶАН** طلجن ин луғати «Нисоб» аст ва дар дигар кутуб дида нашуда аст, магар дар «Мунтахаб» **тоҷан** навишта ва *муарраби* **тоба** гуфта. Ва назди муаллиф **тоҷан** *муарраби* **тоба** нест, чи **тоҷан** маъхуз аз **таҷн** аст, ки ба маънии бирьён кардан

бошад. Зоҳиран **талчан** аз таҳрифи котибон аст ва саҳеҳ **точан** бошад.

**ТАЛАБИДАН** طلبیدن маъхуз аз **талаб**, ки лафзи арабист. Ҳамчунин чанд масдари арабист, ки аз тасарруфи форсиён тасрифи онҳо ба тариқи форсӣ мекунанд, мисли *фаҳмидан* аз *фаҳм* ва *рақсидан* аз *рақс* ва *талабидан* аз *талаб* ва *балъидан* аз *балъ*, ки ба маънии чизеро ба гулу фуру бурдан аст ва *ғоратидан* аз *ғорат* (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Хиёбон» ва дигар шуруҳи муҳаққиқин).

**ТАЛЕЪА** طلیعه фавҷе ки ба шаб ҳифозати лашкар ва шаҳр кунад; ва муқаддимаи лашкарро низ гуянд, ай фавҷе ки пешрави лашкар бошад, то аз душман воқиф шавад (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ТАЛОЯ** طلایه фавҷе ки ба шаб ҳифозати шаҳру лашкар кунад (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»); ва мардуми ин ҷо ки **талова** гуянд хатост; ва соҳиби «Баҳори Аҷам» дар рисолаи «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта аст: **талоя**, ки ба маънии фавҷи муҳофизи лашкар аст, дар асл **талоеъ** буд, *ҷамъи* **талеъа**. Магар форсиён ба маънии муфрад истеъмол кунанд, чунончи ба ҷои *аҷиб-аҷоиб* ва ба ҷои *малак-малоик*, чунончи Саъдӣ гуяд, мисраъ:

Малоиксурате, товусзебе...

ва *машоих* ва *умаро* ва *авлиё* ҳамин ҳол дорад.

**ТАЛАБА** طلبه ба маънии толибон; ва ин *ҷамъи* **толиб** аст.

**ТАЛҲА** طلحه дарахте; ва номи яке аз асҳоби ашараи мубашшира.

**ТАЛОҚИ РАҶЪӢ** طلاق رجعی талоқе ки баъд аз он дар миёни муддати иддат руҷуъ кардан ба зан бидуни никоҳ ҷоиз бошад ва он як бор ва ё ду бор лафзи талоқ гуфтан аст, ба хилофи талоқи боин, ки руҷуъ кардан дар он бидуни никоҳ ҷоиз набошад; ва он гуфтан аст занро: анти боинат ва он чи дар маънии ин бошад; ва ба хилофи талоқи муғаллаза, ки дар он **то** зан манкуҳаи шахси дигар шуда талоқ наёбад, никоҳ ба он зан шавҳари аввалро ҷоиз набошад ва он се талоқ додан аст.

**ТАЛҚИ РАВОНИ ГАВҲАРӢ** طلق روان گوهری *киноя аз* шароби ангурӣ.

**Фасли тои муҳмала маъа мим**

**ТУМАЪНИНАТ** طمانینت ба маънии сукуни қалб; ва касоне ки ба фатҳи то ва ба як нуни аввал хонанд ва нуни сониро надонанд (яъне **тамаънният**)* хатост (аз «Мунтахаб» ва «Музил»); ва аз «Фусули Акбарӣ» ҳамин мубарҳан аст, магар аз «Суроҳ» ҷавози ҳазфи як нун зоҳир мешавад.

**ТАМС** طمث ба маънии хуни ҳайз ва ҳоиз шудан ва ҷимоъ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ТАМҒОЧ** طمغاج номи вилоятест аз Туркистон (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ТАМС** طمس нопадид кардан ва дур шудан; ва дар истилоҳи суфия заҳоби русум ва одот аст билкуллийя дар сифоти ҳақ таоло; ва ин интиҳои мартаба аст (аз «Латоиф» ва «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ТАММОЪ** طماع бисьёр тамаъкунанда, ва биззам ва ташдиди мим (яъне **туммоъ**)* тамаъкунандагон; дар ин сурат *ҷамъи* **томеъ** аст.

**ТАМЪ//ТАМАЪ** طمع умед ва ҳирс (аз «Мунтахаб»).

**ТУМТУРОҚ** طمطراق ба маънии карру фар ва шаъну таҷаммул (аз «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Мадор»); ва соҳиби «Муайид» навишта, ки **тум** ба маънии улувв аст ва **турок** ба маънии овозаи хушӣ; ва **тумтуроқ** аз ин мураккаб аст.

**ТАМАЪИ ХОМ** طمع خام тамаъное амре, ки мумкин набошад.

**ТИМУ РИМ** طمر رم ба маънии моли бисьёр (аз «Латоиф»).

**ТАМАЪНИН** طمانین ором ва оромиш (аз «Латоиф»).

**ТУМОҚА** ва **ТУМОҒА** طماقه و طماغه ба маънии кулоҳи боз ва ҷурра ва ғайра; ва ин лафзи туркист.

**Фасли тои муҳмала маъа нун**

**ТИНОБ** طناب ресмони хайма (аз «Баҳори Аҷам»); ва дар «Мадор» ба фатҳ ва ба каср (яъне **таноб** ва **тиноб**)*.

**ТАНАБ** طنب качии найза; ва ба замматайн (яъне **тунуб**)* таноби хайма (аз «Сурох» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**ТИНҶИР** طنجیر бар вазни **дилгир**; ба маънии потила, ки ованди маъруф аст (аз шарҳи «Нисоб»).

**ТАНЗ** طنز ноз ва сухрийя ва сухан ба румуз гуфтан ва таъна (аз «Латоиф»).

**ТАННОЗ** طناز бисьёр сухан ба румуз гӯянда ва нозкунанда ва рафтори ба ноз кунанда ва шух (аз «Латоиф» ва «Мадор»).

**ТУНБАҚ** طنبک навъе аз дуҳули кӯчак; *муарраби* **тунбак** (تنبک; аз «Бурҳон»); ва дар «Сироч» навишта, ки **тунбак** (биззам) дуҳуле бошад думдароз, ки бозигарон ва гайра дар бағал гирифта нигоҳ доранд; ва ин дар асл ба тои қарашат буда.

**ТАНК** طنک ба маънии садо ва овоз (аз «Латоиф»).

**ТАНИН** طنین бар вазни **қарин**; овози магас ва зунбӯр ва пашша ва бонги гуш ва овози тос ва овози тунбӯр (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ТУНБУР** ва **ТУНБУРА** طنبور و طنبوره сози маъруф; ва ин *муарраби* **тунбура** ( تونبوره ) аст, ки луғати ҳиндист, ба маънии кадуи талх; чун сози мазкур дар асл аз кадуст, лиҳозо ба ин исм мусаммо гашт (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мадор»); ва дар «Мунтахаб» ва «Рашидӣ» чунин навишта, ки **тунбӯра** *муарраби* **тунбӯра** ( تنبوره ) аст; ва **тунбӯра** ( تنبوره ) дар асл **занаббура** буд; ва **бура** он аст, ки дар урф онро дунба гӯянд. Чун сози мазкур мушобеҳ ба **думбура** аст, лихозо ба ин исм мусаммо гардид.

**ТАНТАНА** طنطنه овози тунбӯра ва рӯд ва барбат; ва ба маънии карру фар (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон»); ва ба маънии овози нақора ва кӯс низ мустаъмал шуда, зеро ки аз ҳар ду нақора яке зер бошад ва дигаре бам. Пас овози зерро **тантана** номанд ва овози бамро дамдама.

### Фасли тои муҳмала маъа вов

**ТУБО** طوبی *муаннаси* **тиб**, ба маънии хушбӯдортар ва поктар; ва гоҳе ба маънии айши хуш ва башорат ва фарҳат ояд; ва номи дарахтест дар биҳишт, ки ба ҳар хона аз аҳли ҷаннат шохе аз он бошад ва меваҳои гуногун ва хушбӯҳо аз он ҳосил ояд; ва гоҳе форсиён барои ин маънӣ **тубӣ** (ба касри бои муваҳҳада) низ хонанд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**ТУРИ САЙНО** طور سینا кӯҳест ба Шом, ки Мусо алайҳиссаломро бар он таҷаллӣ шуда буд (аз «Мунтахаб»).

**ТАВЪАН** ва **КАРҲАН** طوعا و کرها қадре хуш ва қадре нохуш (аз «Хиёбон»).

**ТАВИЙЯТ** طویت ба маънии печидагӣ ва нийят ва андеша; ва чоҳ (аз «Мунтахаб» ва «Зубдат-ул-фавоид»).

**ТАВОЕҲ** طوائح ҳаводис ва офот ва ҳалокӣ (аз «Сурох»).

**ТАВД** طود кӯҳи калон (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ТУР** طور ба маънии мутлақи кӯҳ; ва ба забони сурьёнӣ низ кӯҳро **тур** мегӯянд; ва он кӯҳ, ки Мусо алайҳиссаломро таҷаллӣ бар он шуда буд, онро **Тури Сайно** ном аст ва фақат **тур** низ истеъмол кунанд.

**ТАВИЛАИ ДУР** طویلهٔ در силки марворид.

**ТУМОР//ТӮМОР** طومار нома ва саҳифа (аз «Мунтахаб»); ва дар «Қашф» мактуби дароз.

**ТАВОМИР** طوامیر *ҷамъи* **тумор**.

**ТУС** طوس *муарраби* **Тӯс** (توس); ва он шаҳрест дар Хуросон; ва номи шахсе (аз «Рисолаи муарработ»).

**ТУВАРСИҚУС** طورسیقوس зоҳиди насронӣ ва ҳакими эшон; ва назди баъзе номи подшоҳе аз насоро.

**ТАВОЛЕЪ** طوالع *ҷамъи* **толеъа**; ва номи китобест.

**ТАВЪ** طوع рағбат ва итоат ва он чи вочиб набошад ба ҷо овардан.

**ТӮҒ** طوغ лафзи туркист, ба маънии нишони фавҷ; ва тои ин мубаддал аз тои фавқонист.

**ТАВФ** طوف гирдогирди чизе гардидан (аз «Латоиф»); ва ба маънии мутлақи сайру гашт низ меояд.

**ТАВОФ** طواف гирди чизе гаштан; ва ба фатҳ ва ташдиди вов (яъне **таввоф**)* ходим, ки ба нармӣ ва меҳрубонӣ хидмат кунад; ва мардуми бисьёр тавофкунанда (аз «Мунтахаб»).

**ТАВҚ** طوق вусъ ва тоқат ва тувоной; ва гарданбанд ва ҳалқа ва ҳар чиз, ки мудаввар бошад ва гирди чизе баромада бошад (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **тӯқ** чизест аз олами **алам**, ки шакли панча бар он насб кунанд.

**ТАВОРИҚ** طوارق ҳаводис, ки ба шаб аз осмон фуруд меоянд ва сахтиҳои замона; *ҷамъи* **торица** (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ТУТАК** طوطك номи соз.

**ТАВИЛ** طويل дароз ва номи баҳрест аз нуздаҳ буҳури ашъор; ва ин баҳр ба ашъори араб тааллуқ дорад ва шеъри форсӣ дар ин баҳр камёб, чаро ки дар форсӣ матбуъ нест. Асли ин баҳр «фаулун, мафоӣлун» аст чаҳор бор, мисолаш байт:

Дилороми моро гар ба ваъда вафо будӣ,
Ба навъе будӣ, к-охир тасаллӣ ба мо будӣ.

Ва ин баҳрро аз ин ҷиҳат **тавил** гӯянд, ки возеъи илми арӯз ба хилофи ин баҳр баъзе буҳур мусаддас вазъ карда буд ва баъзе дигар мусамманoccupied. Ба сабаби зиҳофот кутоҳ ҳам мешаванд, маҷзув ҳам мегарданд. Баъзе як рукн аз охири ҳар мисраъ меандозанд, ба хилофи ин баҳр, ки мусамман вазъ карда ва маҷзув ҳам намеояд. Ва баъзе гӯянд, ки дар аркони ин баҳр автод муқаддаманд бар асбоб ва ватад тавил аст ба нисбати сабаб. Ва он чи дар ом ба баҳри тавил шуҳрат дорад, баҳри рамали мусаммани махбун аст, ки онро музоаф карда бар шонздаҳ рукн бино нумоянд.

**ТУЛИ АМАЛ** طول امل *киноя аз* ҳирси дуньё.

**ТӮФОН** طوفان сайли ғарқкунанда ва шиддати боди тунд ва ҳар чиз, ки бисьёр ғолиб бошад ва ҳамаро фуру гирад (аз «Мунтахаб»).

**ТАВТИЯ** طوطيه аввал тои ҳуттӣ навиштан ғалат аст, саҳеҳ ба тои фавқонӣ бошад, бар вазни **тазкия**, ба маънии густурдан ва тамҳид кардан ва пайсипур фармудан.

**ТАВИЛА** طويله муштақ аз **тул**; ва он расане дароз бошад, ки бад-он пои чанд аспон мебанданд; ва *маҷозан* ба маънии макон ва иморате, ки дар он аспонро нигоҳ доранд. Ва он иморат аксар ҷо тавил бошад, ки дар он чанд аспонро мақом бошад. Ва касоне, ки лафзи **тавила**-ро ба ёи маҷҳул (яъне **тавела**)* хонанд, хатост. Магар он ки инро аз тасарруфи форсиён донанд, чунонки *мадҳуш* ва *ғута*, ки ҳар ду лафз ба вови маъруф аст ва форсиён ба вови маҷҳул хонанд. Ва **тавила** ба маънии силк ва риштаи марворид (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Кашф» ва «Муайид»).

**ТУЙ** طوى *муарраби* **туй** (توى), ки ба тои фавқонӣ ва вови маҷҳул аст; дар туркӣ шодии арӯсиро гӯянд (казо фил — «Бурҳон»); ва муаллифро аз китоби муътабар ба субут расид, ки **туй** (ба замми то ва вови ғайри малфуз, ки аломати заммаи тост ва сукуни вов) дар туркӣ шодиро гӯянд. Дар асл ба тои қарашат аст, магар мутааххирин тои ин лафзро ба то ( ط ) мубаддал нумудаанд. Ва ба замми то ва фатҳи вов ва алиф ба сурати **ё** (яъне **туво**)* номи водиест дар Шом, ки онро водии Айман низ гӯянд (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳи то ва фатҳи вов ва алиф ба сурати **ё** (яъне **таво**)* ба маънии гуруснагӣ (аз шарҳи «Нисоб»).

**ТУТӢ** طوطى *муарраби* **тутӣ** (توتى ; аз «Рашидӣ»); ва он тоирест сабз, ки ба урф онро **тӯто** номанд; ва низ **тутӣ** (ба ҳар ду тои фавқонӣ) тоире кучак аст, ки дар айёми расидани **тут** пайдо меояд ва хурдани тутро дуст медорад; ва ин мансуб ба **тут** аст.

### Фасли тои муҳмала маъа ҳо

**ТАҲМОСП** طهماسپ чунонки дар форсӣ лафзи **порс** ва **корд** ва дар охир бои форсӣ; номи яке аз подшоҳони Эрон, ки саҳӣ ва одил буд (аз «Мадор» ва «Бурҳон»); ва гӯянд, ки ӯ ҷадди шоҳ Аббос буд; ва дар «Сироҷ» навишта, ки **Таҳмосп** номи подшоҳи Эрон ва ӯ писари шоҳ

Исмоил ибни Ҳайдари Сафавист ва ӯ подшоҳи дуввум аз салотини сафавия аст.

**ТАҲОРАТ** طهارت пок шудан (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии вузӯ ва истинҷо мустаъмал.

**ТАҲМУРАС** طهمورث номи подшоҳест аз абнои Ҳушанг, ки шайтонро маркаби худ сохта буд. Дар аввалу охири ин лафз тои фавқонӣ хоҳад буд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ТУҲР** طهر пок шудан аз ҳайз; ва айёми поки, ки зидди айёми ҳайз бошад.

**ТАҲУР** طهور ба маънии поккунанда ва пок.

**ТАҲИР** طهير поккунанда ва пок.

**ТЕҲРОН** طهران *муарраби* **Теҳрон** (تهران), ки шаҳрест дар Эрон.

**ТОҲО ЁСИН** طه يس ҳар ду лафз номи ду сураи Қуръони маҷид; ва дар ҳақиқат ин ҳар ду исми мубораки он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама аст; **тоҳо** *киноя аз* ё тоҳир аст ва **ёсин** ишорат аст ба исми ё сайид.

### Фасли тои муҳмала маъа ёи таҳтонӣ

**ТИБУЛАДО** طيب الادا *киноя аст* аз хушовоз ва хушгӯ (аз «Фирдавс-уллуғот»).

**ТИБ** طيب бӯи хуш ва хушӣ ва пок шудан ва хуштабъӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва ба фатҳи аввал ва касри ёи таҳтонии мушаддад (яъне **таййиб**)* ба маънии ҳалол ва лазиз ва пок.

**ТАЙЙИБ** ва **МУТАЙЙИБ** طيب و مطيب номи ҳар ду писарони набӣ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама; ва дар мардум номи эшон Таййиб ва Тоҳир машҳур аст (аз «Мунтахаб» ва «Музил»).

**ТИБОТ** طيبات хуштабъиҳо ва зарофатҳо.

**ТИБАТ** طيبت ба маънии мазоҳ ва хуштабъӣ ва ҳалол шудан (аз «Мунтахаб»).

**ТИНАТ** طينت андаке аз гил ва сиришг ва хӯ (аз «Мунтахаб»).

**ТИҲУЧ** طيهوج *муарраби* **тиҳу**; в[illegible] мурғе бошад шабеҳ ба кабк, ле[illegible] аз кабк кӯчактар (аз «Бурҳ[illegible] баъзе гӯянд, ки ба ҳиндӣ онро [illegible] ва номанд.

**ТАЙР** طير мурғ ва мурғон; [illegible] ҷамъ ва муфрад ҳар ду [illegible] аст (аз «Мунтахаб»); ва [illegible] ристон» навишта, ки [illegible] ҷамъ аст, аҳёнан бар во[illegible] лоқ кунанд.

**ТАЙЁР** طيار ба маънии парвозкунанда; форсиён *маҷозан* ба маънии муҳайё ва омода ва мустаъид истеъмол кунанд. Ва таҳқиқ он аст, ки ин лафз дар асл истилоҳи қушчиён, яъне миршикорон аст, ки чун ҷонвари шикорӣ аз гурез баромада мустаъид ва омодаи парвоз ва шикорандозӣ мешавад, гӯянд, ки ич ҷонвар тайёр шуд. Чун ба ин маънӣ шуҳрат гирифта, *маҷозан* ҳар шайъи муҳайёро **тайёр** гӯянд. Ва ба тои фавқонӣ навиштан ва форсӣ будани ин лафз маҳалли тааммул аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Сироҷ»); ва фақир муаллиф гӯяд, ки **тайёр** (تيار ба ташдид) ба маънии ҷалдрафтор ва ҷаҳанда ва маввоҷ аст (чунонки дар «Мунтахаб» ва «Сурох»); пас ба маънии дуруст ва муҳайё *маҷоз* бошад аз маънии луғавӣ ва тафсилаш дар боби тои фавқонӣ навиштаам.

**ТАЙҚАШ** طی‌کش рӯзадорандаи тай; ва рӯзаи тай чунон бошад, ки баъди се рӯз таом хӯранд, агарчи ба вақти шом ба се-чаҳор қатраи об ифтор мекунанд.

**ТАЙШ** طيش сабукӣ ва сабук шудан ва рафтани ақл ва хато шудани тир аз нишона (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва дар «Ҳиёбон» *маҷозан* ба маънии ғусса ва бедимоғӣ.

**ТАЙФ** طيف хаёл, ки дар хоб нумояд (аз «Мунтахаб»).

**ТАЯРОН** طيران ба маънии паридан; ва ба сукун (яъне **тайрон**)* низ омада, магар асл аввал аст (аз «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»).

**ТАЙЙИ ЛИСОН** طی لسان ба маънии навардидани забон; *мурод аз* **он** хомӯшист; ва гоҳе *киноя аз* истеъдоди гуфтан бошад.

**…ЛАСОН//ТАЙЛИСОН//ТАЙЛУСОН** طیلسان *муарраби* **толисон** (تالسان) …въе аз ридо ва фӯтае, ки арабон … хатибон ва қозиён бар дӯш андозанд (аз «Сироҷ» ва «Мунтахаб» … Бурҳон»).

… гил ва хоки намнок (аз шу…ісоб»).

… ба маънии гурусна ва пе… ғилкор, яъне кулол; ва но… …оири беҳудагӯ (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ТАЙРА** طیره ба маънии хашму ғазаб; ва билкаср (яъне **тира**)* хиффат ва сабукӣ ва хаҷолат ва айб (аз «Ҳиёбон» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Кашф» ва «Мунтахаб»); ва Хони Орзу дар «Сироҷ-ул-луғот» ва «Шарҳи Хоқонӣ» навишта, ки **тира** (ба ёи маъруф) бар вазни **хира**, ба маънии ғамнок ва хаҷил низ омада; ва он чи «Сурурӣ» гӯяд, ки аз байти Саъдӣ:

**Ду** чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан…

илах ба маънии хаҷалат ва озурдагӣ мустанбит мешавад. Муаллиф гӯяд, ки дар арабӣ **тайра** (билфатҳ) ба маънии хашму ғазаб омада. Чун дар байти мазкур дуруст намешавад, ғояташ он ки аз хашм мурод сабаби хашм хоҳад буд. Ва **тияра** (ба касри аввал ва фатҳи таҳтонӣ ва рои муҳмала) ба маънии фоли бад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ТАЙЁРА** طیاره *киноя аз* аспи тезрафтор; ва ин *маҷоз* аст; ва дар «Бурҳон» навишта, ки ба маънии каштӣ ва ҷиҳози тезрав.

**ТАЙБА** طیبه исми Мадинаи мунаввара (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ТАЙ** طی бар вазни **май**; номи қабилаест аз Яман, ки Ҳотами Тойӣ мансуб ба он аст; ва ба фатҳ ва ташдиди **ё** (яъне **тайй**)* ба маънии гуруснагӣ; ва ба маънии навардидан ва наварди чизе; ва номи иллате, ки аз он мӯй ҳалқадор мешавад (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Латоиф» ва «Шамсӣ»); ва дар «Баҳори Аҷам» навишта, ки форсиён ин лафзро аксар ба тахфиф ҳам истеъмол кунанд, вакте ки ба маънии навардидан бошад.

## * БОБИ ЗОИ МУЪҶАМА

### Фасли зои муъҷама маъа алиф

**ЗОҲИР** ظاهر майдони ақиби шаҳр ва қасаба, ай ҳаволии шаҳр ва қасаба.

### Фасли зои муъҷама маъа бои муваҳҳада

**ЗАБЙ** ظبی ба маънии оҳу (аз «Мунтахаб»).

**ЗИБОЪ** ظباء оҳувон; ин *ҷамъи* **забй** аст (аз «Мунтахаб»).

### Фасли зои муъҷама маъа рои муҳмала

**ЗУРАФО** ظرفا *ҷамъи* **зариф** (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРОФАТ** ظرافت доноӣ ва зиракӣ ва хуштабъӣ (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРИФ** ظریف зирак ва доно ва хуштабъ (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРРОФ** ظراف шахсе ки ба дараҷаи камол зирак ва хуштабъ бошад (аз «Мунтахаб»).

**ЗАРФ** ظرف зиракӣ; ва ованд, ки дар он чизро нигоҳ доранд (аз «Мунтахаб»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки дар муҳовараи форсӣ **зарф** ба маънии ҳавсала оранд, тамма каломуҳу.

### Фасли зои муъҷама маъа айни муҳмала

**ЗАЪН** ظعن ба маънии кӯч кардан ва рафтан (аз «Латоиф»).

**ЗАЪИН** ظعین раванда ва кӯчкунанда (аз «Латоиф»).

**ЗАЪИНА** ظعینه зани манкуҳа, ки дар ҳавдаҷ бошад (аз «Сурох»).

### Фасли зои муъҷама маъа фо

**ЗАФАР** ظفر фирӯзмандӣ; ва биззам (яъне **зуфр**)* нохун (аз «Мунтахаб-ул-луғот»).

### Фасли зои муъҷама маъа лом

**ЗУЛМАТ** ظلمت торикӣ (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» биззам ва ба замматайн (яъне **зулмат ва зулумат**)*.

**ЗУЛУМОТ** ظلمات ва ин *ҷамъи* **зулмат** аст; ва дар назм ба сабаби зарурати шеърӣ ба сукуни лом низ ҷоиз доштаанд (аз «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Музил»).

**ЗИЛЛИЙЯТ** ظلیت ба маънии соя шудан (аз «Шамсӣ»).

**ЗИЛФ** ظلف суми шигофта, чун суми гову гуспанд ва оҳу ва монанди он, ба хилофи суми аспу хар ва бағл ва гурхар, ки онро ҳофира гӯянд; **азлоф** *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб» ва дигар кутуби муътабара).

**ЗИЛ(Л)** ظل соя ва хаёл ва нумуна ва сояи аввали рӯз; ва **фай** (билфатҳ) сояи охири рӯзро гӯянд (аз «Мунтахаб»).

**ЗИЛЛИ ЗАЛИЛ** ظل ظلیل соя, ки доим монад ва сояи кашида ва дароз ва сояи тамом ва комил (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муайид» ва «Мадор»).

**ЗАЛОЛ** ظلال сояи абр ва ҷои сoядор; ва ба касри аввал (яъне **зилол**)* *ҷамъи* **зил(л)** аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ЗУЛМ** ظلم ситам ва гузоштани чизе дар ғайри маҳалли он; ва ба фатҳатайн (яъне **залам**)* торикӣ ва торик шудан; ва ба замми аввал ва фатҳи лом (яъне **зулам**)* *ҷамъи* **зулмат** аст (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЗАЛУМ** ظلوم сиғаи муболаға, ба маънии сахт золим ва бағоят зулмкунанда (аз «Кашф» ва «Латоиф»).

**ЗАЛОМ** ظلام торикии аввали шаб; ва ба касри аввал (яъне **зилом**)* *ҷамъи* зулмат; ва билфатҳ ва ташдиди лом (яъне **заллом**)* бисьёр зулмкунанда ва сахт золим; ва ба маънии мутлақ золим низ меояд (аз «Кашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Шамсӣ»).

**ЗИЛЛИ ЗАМИН** ظل زمین *киноя аз* шаб (аз «Бурҳон»).

**ЗИЛЛУЛЛОҲ** ظل الله сояи худо; ва ба истилоҳ подшоҳро гӯянд; чи сояи ҳар шайъ муносиби ӯст ва ҳикоят мекунанд аз зоти он шахс. Подшоҳ низ ҳамин ҳол дорад ба зоти илоҳӣ, ки интизоми мамлакат ба зоти ӯст, чунончи интизоми вуҷуди мумкинот ба вуҷуди борӣ таоло (аз «Хиёбон»).

**ЗУЛУМОТИ САЛОСА** ظلمات ثلاثه *киноя аз* се торикӣ, ки Юнус алайҳиссаломро пеш омад: яке торикии шаб, дуввум торикии шиками моҳӣ, севвум торикии қаъри дарьё; ва баъзе гӯянд *киноя аст* аз кудурати табъӣ ва ҳавои нафсонӣ ва сифоти ҳайвонӣ (аз «Бурҳон»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки зулмати шиками модар ва машима ва пушти падар.

**ЗАЛАМА** ظلمه ба маънии золимон; ва ин *ҷамъи* **золим** аст.

**ЗУЛЛА** ظله соябон ва суффа ва он чи соя кунад ва абре, ки соя афганад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**ЗАЛАМОНӢ** ظلمانی торик; ва ин мансуб аст ба **залам** (ки ба фатҳатайн аст, на ба зам), ба маънии торик шудан; ва алифу нуни моқабли ёи нисбат дар баъзе маҳал зоид оранд, чунонки дар *нуронӣ* ва *ҳаққонӣ* ва *ҷисмонӣ*.

**Фасли зои муъҷама маъа мим**

**ЗАМОЪ** ظماء ташнагӣ ва ташна шудан; ва билкаср ва мад (яъне **зимоъ**)* ташнагон (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**Фасли зои муъҷама маъа нун**

**ЗИННАТ** ظنت ба маънии тухмат (аз «Сурох»).

**ЗАНУН** ظنون бадгумон.

**ЗАН(Н)** ظن ба маънии гумон; ва ба маънии яқин; ва ба маънии тухмат; ва ба истилоҳ ғалабаи яке аз тарафайни вуқӯъ ва ловуқӯъ (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Мадор-ул-афозил»).

**Фасли зои муъҷама маъа ҳо**

**ЗИҲОР** ظهار ба маънии ҳампушт шудан; ва гуфтани мард зани худро, ки «ту бар ман пушти модари манӣ». Ба ин гуфтан мардро зан ҳаром мешавад, то каффора надиҳад ҳалол нагардад (аз «Мунтахаб»).

**ЗУҲР** ظهر ҳангоми завол; ва билфатҳ (яъне **заҳр**)* ба маънии пушт; ва ба фатҳатайн (яъне **заҳар**)* дарди пушт (аз «Мунтахаб»).

**ЗАҲИР** ظهير ба маънии ҳампушт; ва ба маънии ёридиҳанда ва пуштикунанда; ин лафз ҷамъ ва муфрад ҳар ду омада; ва ба маънии он ки пушти у дард кунад (аз «Мунтахаб»); ва номи шоире аз Форёб.

**ЗИҲОРА** ظهاره ба маънии абраи қабо ва ғайра (аз шарҳи «Нисоб»).

**Фасли зои муъҷама маъа ёи таҳтонӣ**

**ЗЕЪР** ظئر дояе, ки бачаи ғайрро шир диҳад (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); чун ҳамза дар ин лафз як гуна сурати ёи таҳтонӣ дорад, лиҳозо барои мубтадиён дар ин ҷо навишт.

## БОБИ АЙНИ МУҲМАЛА

**Фасли айни муҳмала маъа алиф**

**ОҚИРҚАРҲО** عاقرقرها номи давое маъруф (аз «Музил»).

**ОШУРО** ва **ОШУР** ва **АШУРО** عاشورا و عاشور و عشورا рӯзи даҳуми муҳаррамулҳаром (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва дар охири лафзи **ошуро** алифро ба ҳо бадал карда **ошура** навиштан ғалат аст.

**ОЛАМИ ОБ** عالم آب нашъаи шароб ва олами шароб ва ҳолати майнушӣ (аз «Баҳори Аҷам»).

**ОРИ(Й)ЯТ** عاريت он чи бидиҳанд ва бигиранд (аз «Мунтахаб» ва «Музил»); ва дар «Сурох» навишта, ки мансуб ба сӯи **ор,** чаро ки талабидани он ору нанг аст.

**ОҲАТ** عاهت ба маънии офат (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ОҲОТ** عاهات офатҳо ва сахтиҳо (аз «Мунтахаб»).

**ОТИФАТ** عاطفت меҳрубонӣ кардан.

**ОБИС** عابث бозикунанда (аз «Латоиф»).

**ОРИҶ** عارج болобароянда.

**ОЛАМИ БАРЗАХ** عالم برزخ мақоми арвоҳ, ки мобайни мавт ва қиёмат аст.

**ОД** عاد қавме, ки Ҳуд алайҳиссалом ба рисолати эшон омаданд ва эшон аз насли Од ибни Сом ибни Нуҳ буданд. Аз боиси нофармонии ҳақ ба тӯфони бод ҳалок шуданд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ОҚИД** عاقد аҳдкунанда ва гиреҳзананда.

**ОИД** عائد бозгарданда ва авдкунанда (аз «Мунтахаб-ул-луғот»).

**ОЗАР** عاذر номи марде, ки беимон мурда буд, Исо алайҳиссалом баъд аз чиҳил сол уро зинда карда мусулмон сохта буданд.

**ОТИР** عاطر бӯи хуш доранда.

**ОҚИР** عاقر ба маънии ақим ва нозоянда; ва дар ин муаннас ва музаккар баробар аст, яъне дар таънис то наёранд.

**ОБИР** عابر убуркунанда ва дар роҳ гузаркунанда.

**ОМИР** عامر ободкунанда ва обод; бар ин тақдир **омир** ба маънии маъмур бошад, чун **дофиқ** ба маънии мадфуқ; ва номи марде (аз «Мунтахаб»).

**ОР** عار нанг ва айб (аз «Мадор»).

**ОЛАМИ СУҒРО** ва **ОЛАМИ САҒИР** عالم صغرى و عالم صغير ҳар ду якест; иборат аз инсон ва ҷисми инсон, чаро ки ҳар чи дар ин олами кабир мавҷуд аст назираш дар инсон ва ҷисми инсон низ мавҷуд бошад, чунончи: **рӯҳ** — подшоҳ ва **ақл** — вазир ва ҳасад ва буғз ва қаҳр ва раҳм ва хаё ва ҳилм аз бадон ва некони мулк, ки сипоҳи ӯ ҳастанд ва **димоғ** — осмон ва **чашму гӯш** ва **минхарайн** ва **даҳон** — сабъаи ситораи сайёра ва **устухон** — кӯҳ ва **мӯй** — наботот ва **рагҳо** — анҳор, ало хазалқиёс.

**ОЛАМИ АМР** عالم امر олами арвоҳ ва олами малоика.

**ОРИЗ** عارض арздиҳандаи лашкар ва шуморкунандаи лашкар, яъне бахшии фавҷ ё солори фавҷ; ва он чи лоҳиқ шавад ба чизе; ва рухсора ва абри пароганда дар уфуқ ва мутлақ абр низ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва дар «Латоиф» навишта, ки он чи дар муҳоварот аст, ба маънии рухсора. ораз (ба фатҳи **ро**)

аст ва барои маънии дигар ба касри ро (яъне **ориз**)*.

**ОТИФ** عاطف меҳрубоникунанда ва баргардонанда; ва аспи шашум аз ҷумлаи даҳ асп, ки бад-он гарав баста давонанд (аз «Мунтахаб»).

**ОКИФ** عاکف ба ҷое муқимшаванда; ва дар масҷид барои ибодат нишинанда (аз «Мунтахаб»).

**ОШИҚУ МАЪШУҚ** عاشق و معشوق ду нигини мутағоируллавн, ки дар як хонаи ангуштарӣ бошад (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ОҚ** عاق саркаш бо модару пидар (аз «Мунтахаб»).

**ОИҚ** عائق ба маънии монеъ ва боздоранда ва баргардонанда (аз «Мунтахаб»).

**ОҶИЛ** عاجل шитобкунанда ва он чи ба шитоб бошад ва бемуҳлат; гоҳе *мурод* бошад аз ин дуньё (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва ғайра).

**ОТИЛ** عاطل бараҳна ва холӣ аз пероя ва бекор (аз «Мунтахаб»).

**ОЛАМИ МИСОЛ** عالم مثال оламест латифтар ба нисбати ин олами аҷсом; ҳар чиз, ки дар ин олам ба назар меояд назири он дар он олам мавҷуд аст.

**ОИЛ** عائل ба маънии дарвеш.

**ОДИЛ** عادل баробаркунанда ва додгар; ба маънии *зидди* **фосиқ**, ки дар шаръ гувоҳии у муътабар бошад.

**ОЗИЛ** عاذل маломаткунанда (аз «Мунтахаб»).

**ОСИМ** عاصم боздоранда ва нигоҳдоранда; ва номи яке аз қуррои сабъа, ки Ҳафс шогирди ӯст.

**ОЛИМ** عالم доно ва донанда; ва ба фатҳи лом (яъне **олам**)* ҷаҳон ва махлуқот (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»); баъзе аз муҳаққиқин навиштаанд, ки **фоал** (ба фатҳи айн) вазнест, ки муфиди маънии исми ола мешавад, чунонки **хотам** (ба фатҳи тои фавқонӣ) ба маънии мо юхтаму биҳи; пас **олам** (ба фатҳи лом) ба маънии мо юъламу биҳи бошад. Чун аз дидани аҷоиботи ҷаҳон илм бар қудрат ва зоти ҳақ таоло хосил мешавад, лиҳозо ҷаҳонро **олам** гӯянд ва *маҷозан* ба маънии анвоъи махлуқот ояд; ва дар муҳовароти форсӣ ва урду **ба** маънии ҳолат ва сурат низ мустаъмал мешавад.

**ОМ** عام ба маънии сол; ва ташдиди мим (яъне **омм**)* ҳамаро фарорасанда ва *зидди* **хос** (аз «Мунтахаб»).

**ОДИЁН** عادیان касоне ки мансуб ба қавми Од буданд.

**ОМИЛИ ДАРЬЁВУ КОН** عامل دریاو کان *киноя аз* офтоб (аз «Сироҷ»).

**ОМИР** ва **ОМИРА** عامر و عامره ободкунанда ва ободу маъмур (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ОРИФА** عارفه зани шиносо ва шикебо (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии меҳрубонӣ низ омада.

**ОСИФА** عاصفه боди тунду сахт (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»); **авосиф** *ҷамъи* он.

**ОНА** عانه зери ноф.

**ОРИЗӢ** عارضی он чи лоҳиқ шавад ба чизе.

**ОДӢ** عادی ҳар чиз, ки одат шавад; мансуб аст ба **одат**; ба ҳолати илҳоқи ёи нисбат, тои масдар аз охир уфтода; ва ҳам мансуб ба қавми **Од**, ки кофир буданд; ва ба маънии душман ва бедодкунанда.

**ОЛАМИ ҲАЮЛОНӢ** عالم هیولانی **олами** аҷсом.

**ОМИРӢ** عامری мансуб ба қабилаи **Банӣ Омир**.

**ОРӢ** عاری ба маънии бараҳна (**аз** «Мунтахаб»).

**ОМӢ** عامی дар асл ба ташдиди мим (яъне **оммӣ**)* аст, мансуб ба **омма**; аммо форсиён ҳарфи мушаддадро аксар мухаффаф созанд (аз «Хиёбон»).

**ОСӢ** عاصی гунаҳгор ва бефармон; **ва** ба истилоҳи атиббо меъдае, ки асари мусҳил напазирад; ва раге ки дар фасд хун надиҳад; ва абри сиёҳ, ки бориш накунад.

**ОИЛӢ** عائلی ба маънии дарвешӣ (аз «Латоиф»).

سنت الله

### Фасли айни муҳмала маъа бои муваҳҳада

**АБО** عبا гилем (аз «Мадор» ва «Қашф»); ва дар «Мунтахаб» гуфта: номи пушишест.

**АБДУЛМУТТАЛИБ** عبدالمطلب номи чадди расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**АБ(Б)** عب пай дар пай хурдани об; ва ба даҳонпурӣ хурдани об (аз «Мунтахаб»).

**УБОБ** عباب сайли бузург ва пурӣ ва бисьёрӣ ва баландии об; ва аввали ҳар чиз (аз «Мунтахаб»).

**УБУСАТ** عبوست турушруӣ.

**УБУДИЙЯТ** عبودیت бандагӣ (аз «Мунтахаб»).

**ИБРАТ** عبرت ба маънии андеша ва панд гирифтан (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Сурох»); ва муаллиф гӯяд, зоҳиран чун **ибрат** (билкаср) бар вазни **фиълат** аст, билкаср барои ҳолат ва навъ бошад. Пас маънии луғавии **ибрат** ба навъ хоси убур кардани табиат аст аз ғафлат ба суи огоҳӣ; ва он чи аҳли луғат ба маънии андеша ва панд гирифтан навиштаанд, *маҷоз* аст.

**ИБОРАТ** عبارت баён кардан ва таъбир кардан.

**АБДУЛЛОҲ ИБНИ ЗИЁД** عبدالله ابن زیاد яке аз умарои язиди палиди малъун; гӯянд, ки ӯ дар эҳтисоб хеле таъкид дошт.

**АБИД** عبید ба маънии бандаҳо ва ғуломон; ва ин *ҷамъи* **абд** нест, балки исми ҷамъ аст, ки маънии ҷамъ дорад; ва ба замми аввал ва фатҳи муваҳҳада (яъне **убайд**)* *тасғири* **абд** (аз «Фусули Акбарӣ» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ИБОД** عباد бандаҳои худо (аз «Мунтахаб»); ва ба замми аввал ва ташдиди муваҳҳада (яъне **уббод**)* ибодаткунандагон; ва ба ин маънӣ *ҷамъи* **обид** аст.

**АБИР** عبیر навъе аз хушбуҳои хушк, ки бар ҷома пошанд (аз «Сироҷ»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки номи хушбуие, ки аз сандал ва гулобу мушк созанд; ва дар «Сурох» ва «Муайид» ва «Қашф» ва ҳам дар «Мунтахаб» навишта: навъе аз хушбуист бо заъфарон омехта; зоҳиран қавли «Сироҷ-ул-луғот» мутобиқи муҳовара аст.

**АБҲАР** عبهر наргис, ки дар миёни он зард бошад, ба хилофи шаҳло, ки сиёҳ бошад.

**УБУР** عبور гузаштан аз об (аз «Мунтахаб»); ва дар истеъмол ба маънии мутлақ гузар кардан аз роҳе; ва ба фатҳи аввал (яъне **Абур**)* ба маънии ситораи Шеъро низ омада.

**АБР** عبر таъбири хоб гуфтан; ва биззам (яъне **убр**)* бисьёр аз ҳар чиз; ва ба маънии гуруҳ; ва ба маънии гармии чашм; ва билкаср (яъне **ибр**)* боҷ, ки ба вақти убури дарьё гиранд; ва биззам ва билфатҳ (яъне **убр** ва **абр**)* каноран ҷӯ ва рудхона; ва ба касри аввал ва фатҳи дуввум (яъне **ибар**)* ибрат гирифтан ва ашк боридан (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**АБДУЛҚОДИР** عبدالقادر номи яке аз устодони илми мусиқӣ.

**АБС//АБАС** عبس турушруӣ; ва бавл ва саргини хушк; ва билфатҳ (яъне **Абс**)* номи шахсе (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**АББОСИ ДАВС** عباس دوس номи марде, ки ба латоифулҳиял машҳур буд, чунонки дар «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» қиссаи ӯ мастур аст; ва **Давс** қабилаест аз Яман ва Ибни Аббос аз ҳамон қабила буд; ва дар «Латоиф» навишта, ки **Аббоси Дабс** (ба фатҳи дол ва сукуни муваҳҳада) номи гадоест, ки бисьёр маккор ва музҳик буд.

**УБУС** عبوس турушруӣ; ва номи беморӣ, ки аз он чинҳо бар пешонӣ меуфтад; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **абус**)* шахсе ки турушру бошад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**АББОС** عباس ба маънии шери даррандa (аз «Мунтахаб»); ва номи амми пайғамбари худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ки хулафои Аббосия мансуб ба ӯ ҳастанд; ва номи фарзанди ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу аз завҷаи дигар, ки баъди вафоти ҳазрати Фотима разияллоҳу анҳа ба никоҳ оварда буданд.

**АБДУЛМАНОФ** عبدالمناف номи чадди расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**АБИҚ** عبق ба маънии хушбӯдор (аз шарҳи «Нисоб»).

**АБДУЛМАЛИК ИБНИ МАРВОН** عبدالملك ابن مروان яке аз хулафои Бағдод, ки бисьёр золим буд.

**АББОСИЁН** عباسیان авлоди **Аббос**-и амми расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**АБДУРРАҲМОН** عبدالرحمن номи яке аз аиммаи илми ҳайъат, ки «Сувари Абдурраҳмон» аз уст.

**АБДУЛЧИННА** عبدالجنه кобус (аз «Мунтахаб»).

**ИБРА** عبره маҳсулот, ки аз каштинишинон ва чаҳознишинон гиранд; ва маҳсулоти роҳдорӣ; ва ба маънии убур низ омада; ва гоҳе *мачозан* ба маънии хароҷи мулк ҳам ояд (аз шурӯҳ); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **абра** (билфатҳ) ба маънии ашки чашм.

**АБАДА** عبده *ҷамъи* **обид**, ки ба маънии парастанда аст; ва билфатҳ ва замми дол ва замми хо (яъне **абдуҳу**)* ба маънии бандаи ӯ; ва баъзе навишта, ки **абдуҳу** *мухаффафи* **ано абдуҳу** аст, яъне бандаи уям.

**АБҚАРӢ** عبقری ба маънии ҷомаи латиф, ки аҷибу ғариб бошад; ва ба маънии ҳар чиз, ки нафису беҳтар бошад; ва ин мансуб аст ба **Абқар**; ва **Абқар** мавзеъест дар бодияи Араб, ки ҷинни бисьёр дар он ҷо монанди арабон ҳар чизи нафисро, ки бибинанд ба **Абқар** нисбат кунанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**АББОСӢ** عباسی мансуб ба **Аббос**; ва ранге сурхи ба кабудӣ моил; ва низ *кинoя аз* ранги сиёҳ, чаро ки хулафои Аббосия либоси сиёҳро мақбули худ сохта буданд.

**ИБРӢ** ва **ИБРОНӢ** عبری و عبرانی номи забони аҳли Қанъон.

**Фасли айни муҳмала маъа
тои фавқонӣ**

**ИТЕБ** عتیب *имолаи* **итоб**, ба маънии итоб.

**АТБ** عتب хашм гирифтан; ва ба фатҳатайн (яъне **атаб**)* фурҷаи миёни саббоба ва вусто, ё миёни вусто ва бинсир (аз «Мунтахаб»).

**ИТОБ** عتاب маломат кардан ва хашм гирифтан ва ноз кардан; ва билфатҳ ва ташдид (яъне **Аттоб**)* номи марде шоир (аз «Мунтахаб»).

**АТАБОТ** عتبات остонаҳо ва сахтиҳо ва умуроти нописандида.

**ИТРАТ** عترت хешон ва наздикон ва фарзандон (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Муайид»).

**ИТОД** عتاد ба маънии тайёрӣ ва асбоби сафар, мисли суворӣ ва тӯша ва машки об ва коса (аз шарҳи «Нисоб»).

**АТИД** عتید ҳозир ва муҳайё (аз «Латоиф»).

**ИТҚ** عتق озодӣ ва озод шудан (аз «Мунтахаб»).

**АТИҚ** عتیق бар вазни **фаъил**; дерина ва куҳна ва озодшуда ва гиромӣ ва баргузида (аз «Мунтахаб»).

**АТОҚ** عتاق озод шудани ғуломону канизон ва ғайра.

**АТИЛ** عتیل бар вазни **фаъил**; ба маънии ташна (аз «Латоиф»).

**УТУЛ(Л)** عتل дуруштовоз ва ситамгор ва найзаи ситабр (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**УТУВ(В)** عتو саркашӣ (аз «Мунтахаб»).

**УТБА** عتبه номи марде; ва ба фатҳот (яъне **атаба**)* ҷӯби пойини дар, ки по бар он мениҳанд; ва сахтӣ; ва номи шакле аз илми рамл (аз «Мадор» ва «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва «Зубдат-ул-фавоид»).

**УТИЙ(Й)//ИТИЙ(Й)** عتی аз ҳад даргузаштан ва такаббур нумудан ва ба ғояти пирӣ расидан (аз «Мунтахаб»).

**УТОБӢ** عتابی қисме аз хоро, ки ҷомаи маъруф аст (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**Фасли айни муҳмала маъа
сои мусалласа**

**ИСРАТ** عثرت лағзиш ва ба сар даруфтодан (аз «Мунтахаб»).

**ИСАРОТ** عثرات лағзишҳо ва ба сар даруфтодагиҳо.

**АСР** عثر даруфтодан.

**ИСОР** عثار ба маънии даромадан (аз «Латоиф»); ва дар «Мунтахаб» **асор** (ба фатҳ) ба сар даруфтодан.

### Фасли айни муҳмала маъа ҷим

**УҶБ** عجب такаббур ва худбинӣ ва марди мутакаббир (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**УҶОБ** عجاب шигифт ва таажҷуб (аз «Мунтахаб»).

**ИҶЛАТ** عجلت шитобӣ (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**ИҶОЛАТ** عجالت ба шитоб кардан; ва ба зам (яъне **уҷолат**)* чизе ки ба шитоб ҳозир оварда шавад (аз «Кашф»).

**ИҶОДОТ** عجادات ба маънии донаҳои ангур (мустафод аз «Мунтахаб»).

**АҶОҶ** عجاج ба маънии ғубор ва гард (аз шурӯҳи «Нисоб»).

**АҶЗ//ИҶЗ** عجز оҷиз шудан ва нотувонӣ (аз «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Музил»); ва ба фатҳи аввал ва замми ҷим (яъне **аҷуз**)* ба маънии сурин (аз «Кашф»); ва дар «Мунтахаб» ба ин маънӣ, ба фатҳи аввал ва касри ҷим (яъне **аҷиз**)* низ; ва дар шурӯҳи «Нисоб» ба ин маънӣ биззам ва сукуни ҷим (яъне **уҷз**)* низ омада.

**АҶУЗ** عجوز ба маънии пирзан; ва **аҷуза** (ба ҳо) навиштан хатост, чаро ки дар вазни **фаъул**, ки ба маънии исми фоил бошад, муаннас ва музаккар яксон аст (аз «Мадор» ва «Латоиф» ва «Сурох» ва «Муайид» ва «Сиҳоҳ» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**АҶОИЗ** عجائز занони пир; *ҷамъи* **аҷуз** (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**АҶИФ** عجیف лоғар; ва ба фатҳатайн (яъне **аҷаф**)* лоғарӣ (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ИҶОФ** عجاف лоғарон (аз «Мунтахаб»).

**АҶУЛ** عجول шитобанда ва ҳайрон (аз «Шамсӣ» ва «Латоиф»).

**ИҶЛ** عجل бачаи гов, ки онро гӯсола гӯянд; ва номи қабилае аз Араб (аз «Мунтахаб»).

**АҶИЛ** عجیل бошитоб (аз «Қомус»).

**АҶМ** عجم нуқта ниҳодан бар ҳарф ва эъроби ҳуруф; ва биззам (яъне **уҷм**)* кундзабонон ва бошандагони мулки Аҷам; ва ба фатҳатайн (яъне **Аҷам**)* ба маънии мулке, ки ғайри Араб бошад, хусусан ба маънии мулки Эрон ва Турон; ва мардуми ғайри арабро низ **аҷам** гӯянд; ва ҳаб ва донаи хурмо ва ангур ва донаи ҳар чиз (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»); гӯянд, ки чун мардуми дигар билод дар мулки Араб мерафтанд ва аз боиси новоқифии забони араб бо арабон камо ҳаққа муколама кардан наметувонистанд ва хомӯш мемонданд. Аҳли араб эшонро **уҷм** мегуфтанд, яъне гунг ва кундзабон ҳастанд.

**АҶН** عجن хамир кардан.

**АҶИН** عجین ба маънии хамир (аз «Мунтахаб»).

**УҶОЛА//ИҶОЛА** عجاله ҳар чи ба шитоб ҳозир оварда шавад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**УҶҶА** عجه ба маънии хогина, ки аз байзаи мокиён созанд (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» билфатҳ ва ташдид (яъне **аҷҷа**)*.

**АҶВА** عجوه хурмоест некӯ ва беҳтар дар Мадинаи мунаввара; ҳар ки ҳафт хурмои аҷва сабоҳ бихӯрад аз газанди захр эмин бошад.

**АҶАМӢ** عجمی мансуб ба сӯи **Аҷам** (аз «Лубб-ул-албоб»); ва дар «Шарҳи Хоқонӣ» навишта, ки **аҷамӣ** *мухаффафи* **аъҷамӣ**; ва **аъҷамӣ** ба маънии кундзабон ва он ки арабизабон набошад.

### Фасли айни муҳмала маъа доли муҳмала

**ИДО** عدا *ҷамъи* адӯ, ки ба маънии душман аст; ва билкаср ва дар охир ҳамза (яъне **идоъ**)* ду сайдро дар пайи якдигар задан ва андохтан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ИДДАТ** عدت ба маънии шумор; ва ба маънии айёми талоқи занон, ки дар он муддат шавҳар накунад; барои

муталлақа се ҳайз ё се моҳ ва барои бева чаҳор моҳу даҳ руз; ва иддати занони ҳомила ва вазъи ҳамл; ва лафзи **уддат** (биззам ва доли мушаддада) бар вазни **муддат**, ба маънии тайёрӣ ва омодагии чизе; ва сохту соз, ки барои дафъи ҳоҷот бошад (аз «Сурох» ва «Қашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**УДОТ** عدات *ҷамъи* **одӣ**, ки ба маънии душман ва бедодкунанда ва аз ҳад даргузаранда аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АД(Д)** عد ба маънии шумурдан (аз «Латоиф»).

**ИДОД** عداد ба маънии шумор (аз «Мунтахаб»).

**АДИД** عديد ба маънии назир; ва ба маънии шумор ва шумурдашуда; ва *муродан* ба маънии бисьёр ва фаровон ояд (аз «Мунтахаб»).

**УДУЛ** عدول баргаштан аз роҳ ва эъроз ва даргузаштан ва *ҷамъи* **одил**; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **адул**)* гувоҳи мақбул; ва марди ростгӯ ва бисьёр одил (аз «Латоиф» ва ғайра).

**АДИЛ** عديل ҳамсанг ва баробар дар қадру мартаба (аз «Мунтахаб»); ва ду кас, ки ба ҳар ду ҷониби як каҷова нишинанд, ҳар яке мар дигареро адил бошад.

**ИДЛ** عدل бори як тараф, ки бар пушти сутур баранд; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **адл**)* доддиҳанда ва марди солеҳ, ки шоистаи гувоҳӣ бошад; ва ба маънии монанд ва назир ва баробар кардан чизеро ба чизе; ва ба маънии дод ва инсоф; ва **додгарӣ**-ро ба ҳамин ҷиҳат **адл** гӯянд, ки золимро бо мазлум баробар кунанд; ва ба истилоҳи наҳвиён **адл** хуруҷи исм бошад аз сиғаи аслии худ бидуни қоида; тафсилаш ба ҳамин фасл марқум мешавад.

**УДВОН** عدوان ба маънии душманӣ кардан ва ситам ва туғён (аз «Латоиф»); ва ба маънии душманон; дар ин сурат *ҷамъи* **одӣ**-ст, ки ба маънии душман ва бедодкунанда бошад.

**АДН** عدن иқомат ва дар ҷое ҳамеша будан ва боғҳои биҳишт, ки мардум ҳамеша дар он хоҳанд буд; ва баъзе **сиқот** навишта, ки **чун** **адн** ба маънии истиқомат аст, биҳиштро **адн** ба ҳамин сабаб гӯянд, ки биҳиштиён доим дар вай иқомат хоҳанд дошт; ва ба фатҳатайн (яъне **Адан**)* номи ҷазираест дар ҳудуди Яман, ки марвориди хуб аз он ҷо ҳосил шавад; пас лафзи **Адан**-ро (ба фатҳатайн) ба маънии биҳишт овардан хато ва пурбеҷо.

**АДНОН** عدنان номи яке аз аҷдоди расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ки бағоят фасеҳ буданд ва насаби арабон то ба **Аднон** билиттифоқ ба субут мерасад.

**АДЛАЙН** عدلين ду марди солеҳи шоистаи гувоҳӣ.

**АДУВ(В)** عدو ба маънии душман (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**УДВА** عدوه канораи руд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ИДДАТ** عدت ба маънии гуруҳ ва шумори муддате, ки дар он муддат зани муталлақаро бо марди дигар никоҳ ҷоиз набошад ва он се моҳ аст (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**АДЛИ ТАҚДИРӢ** عدل تقديرى бидон ки **адл** ба истилоҳи наҳвиён хуруҷи исм бошад аз сиғаи аслии худ бидуни қоида. Ва он ду қисм аст: **таҳқиқӣ**, ки хуруҷи он аз асл муҳаққақ бошад ва далолат кунад бар вай далел бидуни манъи сарф. Чун *салоса* ва *мусаллас*, ки маъдул аст аз *салосати салосат*, зеро ки чун ёфтанд инҳоро ғайри мунсариф, пас мухтоҷ шуданд ба вуҷуди сабабайн ва ёфтанд дар он васф ва он бидуни сабаби дигар сабаби манъи сарф набошад ва сабаби дигар дар он мавҷуд набувад. Пас дониста шуд ин ки дар инҳо **адл** аст ва далолат мекунад бар ӯ далели дигар, сивои манъи сарф. Ва он ин аст, ки чун маънӣ мукаррар бошад, лафз ҳам мукаррар бошад. Ва дар ин ҷо маънӣ мукаррар аст, на лафз. Пас дониста шуд, ки асли инҳо лафзи мукаррар бошад ва он салосати салосат. Ва **тақдирӣ**, ки хуруҷи исм бошад аз асли муқайяд ва далел набошад бар вай ғайри манъи сарф. Чун *амр*, ки маъдул

аст аз *омир*, чун ёфта шуд ғайри мунсариф ва набувад дар вай сабабе ғайри илмийят ва он кифоят намекунад фақат дар сабаби манъи сарф. Пас фарз карда шуд хуруҷи у аз *омир*.

**Фасли айни муҳмала маъа золи муъҷама**

**АЗРО** عذرا ба маънии ошкоро; ва ба маънии духтари душиза ва зани бикр; ва номи маъшуқа, ки Вомиқ бар у ошиқ буд; ва номи бурҷи Сунбула, чаро ки бурҷи мазкур низ ба сурати духтарест, ки дар дасти у хӯшаи гандум аст; ва номи мунтаҳои ғалабаи бозии нард (аз «Қашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Мадор»); ва аз забони сиқот масмуъ аст, ки духтари душизаро **азро** аз он гуянд, ки муҷомеъат ба у тааззури тамом дорад, яъне душвор аст.

**АЗБ** عذب оби ширин ва хушмаза ва хушгувор (аз «Бахр-ул-ҷавоҳир» ва шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» хурданӣ ва нушидании хушгувор.

**АЗУБАТ** عذوبت хушмазагии об; ва ба маънии шириниии дигар ашъёи сивои об *маҷоз* аст (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва дигар шуруҳ ва расоил).

**ИЗОР** عذار зери буногуш, ки рустангоҳи хати риш аст, яъне рухсора ва ораз ва фисори асп; ва ба зам яъне **узор**)* хондан хатост (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Бахр-ул-ҷавоҳир»).

**УЗР** عذر баҳона ва маъзур доштан (аз «Сурох»).

**ИЗЯВТ** عذيوط касе ки ба муҷаррад инзоли бироз аз у хориҷ шавад (аз «Ҳудуд-ул-амроз» ва «Сурох»); ва *маҷозан* гоҳе бар марази мазкур низ итлоқ кунанд.

**УЗРИ ЛАНГ** عذرلنگ баҳонаи заъиф ва суст ва баҳонаи пуч ва номасмуъ (аз «Сироҷ» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Бурҳон»).

**УЗРИ ЗАНОН** عذر زنان *киноя аз* ҳайз.

**АЗОБУЛҲУВН** عذاب الهون ба маънии азоби хорӣ.

**Фасли айни муҳмала маъа рои муҳмала**

**ИРҚУННАСО** عرق النساء номи рагест, ки аз сурин то шитолинг омада ва иллати дарде, ки дар раги мазкур ба ҳам расад, онро низ **иркуннасо** гуянд; ва ба ҳиндӣ рангҳан номанд (аз «Ҳудуд-ул-амроз» ва «Сурох» ва «Бахр-ул-ҷавоҳир»).

**УРВАТУЛВУСҚО** عروة الوثقى ба маънии дастовези муҳкам; ва **урват**, ки ба маънии расан шуҳрат дорад, хатост.

**АРО** عرا ба маънии даргоҳ ва соҳати сарой; ва билмад (яъне **ароъ**)* кушодагии беҳиҷоб ва саҳрои бедарахту гиёҳ, ки хеч чиз дар он паноҳ натавон бурд (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва ба касри аввал (яъне **ироъ**)*, ба истилоҳи шатранҷбозон, мухрае ки миёни шоҳи худ ва рухи ҳариф ҳоил созанд барои ҳифозати шоҳ.

**УРАФО** عرفا *ҷамъи* **ориф,** чунонки **уламо** ва **шуаро** *ҷамъи* **олим** ва **шоир.**

**АРУСИ АРАБ** عروس عرب Қаъбаи муаззама (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**АРУБ** عروب зане ки шавҳараш уро дуст дорад; ва зане хандару; ва зане, ки у шавҳари худро дуст дорад (мустафод аз «Мунтахаб» ва тафосир).

**АРАБ** عرب мулкест маъруф; ва биззам ва ба фатҳатайн (яъне **урб** ва **араб**)* мардумони мулки Араб, ки бошандаи шаҳр бошанд (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва марди арабии шаҳрбош (аз «Қашф»).

**АРАФОТ** عرفات номи ҷои истода шудани ҳоҷиён ба рузи арафа, ки рузи ҳаҷ аст; ва он саҳроест фарох, ба фосилаи нуҳ куруҳ аз Макка. Ҳоҷиён дар он ҷо истода шаванд ва лаббайк ва адъия хонанд ва намози зуҳр ва аср дар он ҷо гузоранд ва ба Макка бозгарданд (аз «Қашф» ва «Сурох» ва ғайра).

**АРАСОТ** عرصات *ҷамъи* **арса** (аз «Қашф»); ва дар «Мунтахаб» ба маънии қиёмат.

**УРОТ** عرات бараҳнагон; *ҷамъи* **орӣ**.

**АРЗИ ҲАЁТ** عرض حيات ба хубиву хушӣ гузоштани айёми зиндагонӣ (аз «Мусталаҳот»).

**АРЪАР** عرعر бар вазни **сарсар**; дарахтест, ки қисме аз сарв бошад ва он сарви кӯҳист (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Муайид»); ва аз сиқот масмӯъ аст, ки ба ҳиндӣ онро чир гӯянд, ки равғани чӯби он маъруф аст.

**АРАҚИ БАҲОР** عرق بهار арақе ки аз гули норинҷ ва турунҷ ба таври гулоб кашанд; ва ба маънии шароб низ овардаанд.

**АРЗИ УМР** عرض عمر *киноя аз* лаззати умр.

**АРАҚРЕЗ** عرق ریز ходим; ва ба маънии хаҷлатдиҳанда низ омада.

**АРӮС** عروس зани навкадхудо ва марди навкадхудо; магар дар урф итлоқи ин бештар бар зан кунанд; ва ба замматайн (яъне **урус**)* хондан хатост (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Баҳори Аҷам» ва «Музил» ва «Латоиф»).

**АРОИС** عرائس *ҷамъи* **арӯс**, ки ба маънии зани навкадхудо бошад, на ба маънии марди навкадхудо бошад, чаро ки *ҷамъаш* **урус** меояд (ба замматайн; аз «Мунтахаб»).

**ИРС** عرس зани бо шуй; ва биззам ва ба замматайн (яъне **урс** ва **урус**)* таоми арӯсӣ ва никоҳ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва *маҷозан* ба маънии маҷлиси таоми фотиҳаи бузургон, ки ба рӯзи вафот баъд аз соле кунанд, чаро ки реҳлат аз ғамкадаи дунё ба манзилаи шодии арӯсист ба ҳаққи ошиқони ҳақ, чунонки Саъдӣ фармуд байт:

Арӯсӣ бувад навбати мотамат.
Агар некрӯзӣ бувад хотамат.

**АРШ** عرش тахт ва сақф (аз шарҳи «Нисоб»).

**АРИШ** عریش коза ва кулба ва ҳавдаҷ ва найбасте, ки бар он шоххои ангур уфтода мемонанд (аз «Латоиф»).

**АРЗ** عرض зоҳир кардан чизеро бар касе ва паҳноӣ ва матоъ ва рахти хона; ва ба маънии маломат ва девонагӣ; ва ба фатҳатайн (яъне **араз**)* чизе ки қоим ба чизи дигар бошад, мисли ранг бар ҷома ва ҳуруф бар қоғаз. Пас ҷомаву қоғаз ҷавоҳир бошад, чаро ки ба зоти худ қоим аст ва рангу ҳуруф **араз**, чаро ки қиёми он ба василаи ҷома ва қоғаз аст. Ва ба маънии беморӣ ва ранҷе, ки ба сабаби ранҷе ҳодис шавад, чунонки судоъ, ки ба сабаби тап ҳодис шавад ва тап, ки ба сабаби ваҷаъе пайдо гардад. Ва лафзи **ирз** (билкаср) ба маънии номус ва обрӯ дар нафс ва ҷасад; ва биззам (яъне **урз**)* ба маънии карона ва ҷониб (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Латоиф»).

**УРУЗ** عروض зуҳур; ва ба маънии ориз шудан; ва ба фатҳи аввал (яъне **арӯз**)* номи илмест маъруф, ки бад-он авзони бухур дарёфта мешаванд. Ва дар ваҷҳи тасмияи ин Сайфӣ дар «Рисолаи аруз» бисьёр вуҷуҳ навишта. Минҷумлаи он ду ваҷҳ ин аст, ки Халил ибни Аҳмад дар Маккаи муборака ба ин илм мулҳам шуда. Яке аз асмои Макка Арӯз аст. Ин илмро ба исми Макка хонад таяммунан, ё он ки **арӯз** ба маънии маъруз аст. Ва ин илм низ маърӯзи алайҳи шеър аст, ки шуаро бар он арз мекунанд, то мавзун аз номавзун ҷудо шавад ва ҷузви ахири мисраъи аввали ҳар байтро низ **арӯз** гуянд. Ин лафзро сивои расоили арӯз аз «Қашф» ва «Мунтахаб» низ таҳқиқ нумуда, чун тазкираи **арӯз** дар миён омад, барои хушии толибон қадре баёнаш зарур менумояд ҳомидан ва мусаллиян ва мусалламан. Мегуяд бандаи камтарин **Ғиёсуддин**, ки чун баъзе авқот толибонро ба **арӯз** ҳоҷат меуфтад, лиҳозо аз «Минҳоҷ-ул-арӯз», ки мустахраҷ аст аз «Рисола»-и Зиёуддини Хазраҷӣ ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот ва «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва «Рисола»-и Салмони Совачӣ ва ҳам аз «Ҳадоиқ-ул-балоғат» ва «Арӯзи Сайфӣ» ва «Ҳадоиқ-ул-Аҷам»-и Муҳаммад Ибнулқайс ва «Рисола»-и Шамсуддини Фақир ва «Ташреҳ-ул-ҳуруф» ва ғайра муқаддимоти зарурӣ интихоб нумуда шуд. Аввал бояд донист, ки шеър дар луғат ба маънии дарёфтан ва донистан аст. Ва ба истилоҳ иборат аст аз каломи мавзун ва муқаффӣ, ки ба қасди мутакаллим судур ёбад. Ва баъзе қофияро дохили таърифи шеър нашмурдаанд, ки риояти қофия барои таҳқиқи наф-

си шеър нест, бал амри оризест. Ва Саккокӣ дар «Мифтоҳ» ҳамин қавлро руҷҳон дода. Ва назди баъзе қасди мутакаллим низ дар шеър лозим нест. Ва ин қавли мардуд аст. Агар каломи мавзун бе қасд воқеъ шавад, онро шеър нагуянд, чунончи дар Қуръони маҷид «сумма ақрартум ва антум ташҳадуна сумма антум ҳоъу лоъи тақтулуна». Ва бояд донист, ки муҷид ва мудаввани илми арӯз Халил ибни Аҳмад аст, ки авзонро аз ашъори Араб татаббуъ нумуда, муқаррар дар понздаҳ баҳр сохта ва иддиои ҳаср дар ин авзон нумудан дур аз кор аст. Ва ин буҳурро дар лафзе чанд мунтазам ва мазбут сохтаанд ва он алфозро усул ва афоъил ва тафоъил гӯянд ва аркон низ номанд. Он даҳ аст ва назди баъзе ҳашт. Ва ин афоъил назди аксар аз ду ҷузв таркиб ёфта, сабаб ва ватад. **Сабаб** дар луғат ресмон аст ва дар истилоҳи **арӯз** калимаи дуҳарфиро гуянд. Агар ҳарфи дуввуми он сокин бошад, **сабаби хафиф** номанд, чун *бар* ва *сар*. Ва агар ҳар ду мутаҳаррик бошад **сабаби сақил** номанд, чун *ҳама* ва *рама*. Ва ҳарфи ҳо, ки дар мисоли ин ҳар ду калима менависанд, маҳз барои изҳори ҳаракати моқабли ӯст ва ба талаффуз дарнамеояд. **Ватад** дар луғат мехро гуянд. Ва ба истилоҳи **арӯз** калимаи сеҳарфист. Агар ҳарфи охираш сокин бошад, **ватади маҷмӯъ** номанд ва баъзе **ватади мақрун** ҳам гӯянд, мисли *чаман* ва *саман*. Ва агар ҳарфи васаташ сокин бошад, **ватади мафруқ** гӯянд, монанди *лола* ва *жола*. Ва ҳои ин низ ба ҷиҳати изҳори ҳаракати моқабл аст. Ва назди баъзе бинои афоъил бар се руки аст: **сабаб** ва **ватад** ва **фосила**. Ва **фосила** дар луғат ба маънии сутун аст. Ва ба истилоҳ **фосила** низ бар ду қисм аст: **суғро** ва **кубро**. **Фосилаи суғро** калимаи чаҳорҳарфӣ, ки се ҳарфи аввалаш мутаҳаррик бувад, чунончи лафзи *санамо*. Ва **фосилаи кубро** калимаи панҷҳарфӣ, ки чаҳор ҳарфи аввалаш мутаҳаррик бошад, чун *шиканамаш*. Ва баъзе аз арӯзиёни порсӣ гуфтаанд, ки **сабаб** се қисм аст: **хафиф** ва **сақил** ва **мутавассит**. Мисоли **сабаби мутавассит** як мутаҳаррик ва ду сокин, чун *корубор*. Ва **ватад** низ бар се қисм аст: **ватади маҷмӯъ**, **ватади мафруқ**, **ватади касрат**. Мисоли ватади касрат ва он ду мутаҳаррик ва ду сокин бошад, чун *ҷаҳон* ва *ниҳон*. Ва **фосила** низ се қисм гуфтаанд: **суғро** ва **кубро** ва **узмо**. Пас **узмо** панҷ мутаҳаррик дорад ва як сокин ва мисоли он аз пояи эътибор соқит.

**ФАСЛ:** бидон ки афоъили арӯз, ки даҳ аст, баъзе хамосӣ ва баъзе сабоъӣ, лекин хамосӣ аз онҳо ду бошад: фаӯлун ва фоилун. Ҳар яке мураккаб аз **ватади маҷмӯъ** ва **сабаби хафиф**. Ва сабоъӣ ҳашт аст: мафоӣлун, фоилотун, мустафъилун. Ҳар як аз ин се мураккаб аст аз як **ватади маҷмӯъ** ва ду **сабаби хафиф**. Чаҳорум мутафоилун, панҷум мафоилатун. Ҳар яке аз ин мураккаб аст аз як **ватади маҷмӯъ** ва як **фосилаи суғро**. Шашум мустафъилун, ҳафтум фоилотун, ҳаштум мафъӯлоту (ба замми то). Ва ҳар як аз ин мураккаб аст аз ду **сабаби хафиф** ва як **ватади мафруқ**.

**ФАСЛ:** бидон ки буҳуре, ки аз такрори баъзе афоъил ё аз таркиби баъзе ба баъзе ҳосил мешавад, ҳамагӣ нуздаҳ аст. Асомии онҳо билотартиб дар ин қитъа муҷтамеъ, қитъа:

Раҷаз хафифу рамал мунсареҳ, дигар муҷтас,
Баситу вофиру комил, ҳазаҷ тавилу мадид,
Мушокилу мутақориб сареъу муқтазаб аст.
Музореъу мутадорик қарибу низ ҷадид.

Ва баъзе арӯзиёни порсӣ ёздаҳ баҳри дигар истихроҷ кардаанд. Ва баёни онҳо дар охири ҳамин рисола оварда хоҳад шуд. Ва он **ариз** ва **амиқ** ва **сарим** ва **кабир** ва **мазил** ва **қалиб** ва **ҳамид** ва **сағир** ва **асим** ва **салим** ва **ҳамим** аст.

**ФАСЛ:** бидон ки аввал Халил ибни Аҳмад бинои **арӯз** бар ин понздаҳ баҳр гузошта буд: **тавил** ва **мадид** ва **басит** ва **комил** ва **вофир** ва **рамал** ва **ҳазаҷ** ва **раҷаз** ва **мунсареҳ** ва **музореъ** ва **сареъ** ва **хафиф** ва **муҷтас** ва **муқтазаб** ва **мутақориб**. Ва баъд аз ӯ Абулҳасани Ахфаш баҳри шонздаҳум, ки мусаммо ба **мутадорик** аст, пайдо карда. Ва баъд аз ӯ баҳри **қариб**

ва **чадид** ва **мушокил** аз мухдисоти мутааххирин аст.

**ФАСЛ:** бидон ки **тавил** ва **мадид** ва **басит** ва **вофир** ва **комил** махсуси араб аст. Форсиён дар ин панч бахр шеър камтар гуфтаанд. Ва **чадид** ва **қариб** ва **мушокил** махсуси аҷам ва боқи ёздаҳ бахр муштарак дар арабу аҷам. Ва аз ин бухур баъзе аз такрори як рукн ҳосил оянд ва баъзе аз ду рукн. Он чи аз як рукн ҳосил ояд **ҳазаҷ** ва **раҷаз** ва **комил** ва **вофир** ва **мутақориб** ва **мутадорик** аст. Ва он чи аз ду рукн сурат мегирад, **тавил** ва **мадид** ва **басит** ва **сареъ** ва **хафиф** ва **муҷтас** ва **мунсареҳ** ва **музореъ** ва **муктазаб** аст.

Бидон ки байт дар бахри **тавил** ба чаҳор фаулан мафоилун тамом мешавад ва **мадид** аз фоилотун фоилун чаҳор бор ва **басит** аз мустафъилун фоилун чаҳор бор ва **вофир** аз мафоилатун ҳашт бор ва **комил** аз ҳашт мутафоилун ва **ҳазаҷ** аз ҳашт мафоилун ва **раҷаз** аз ҳашт мустафъилун ва **рамал** аз ҳашт фоилотун ва **сареъ** аз мустафъилун, мустафъилун, мафъулоту ду бор ва **мунсареҳ** аз мустафъилун мафъулоту чаҳор бор [75] ва **хафиф** аз фоилотун мустафъилун, фоилотун ду бор ва **музореъ** аз мафоилун фоилотун чаҳор бор [76] ва **муқтазаб** аз мафъулоту мустафъилун чаҳор бор [77] ва **муҷтас** аз мустафъилун фоилотун чаҳор бор [78] ва **мутақориб** аз ҳашт фаулун ва **мутадорик** аз ҳашт фоилун ва **қариб** аз мафоилун мафоилун фоилотун ду бор ва **чадид** аз фоилотун мустафъилун ду бор ва **мушокил** аз фоилотун мафоилун мафоилун ду бор.

**ФАСЛ:** атамми аҷзои байт ҳашт рукн аст бар сабили касрат ва онро **мусамман** гуянд. Ва илло баъзе аз шуаро баъзе буҳурро бар шонздаҳ рукн бино кардаанд ва баъзе бар сию ду. Байте, ки дар ӯ шаш рукн бошад, онро **мусаддас** номанд ва агар байт чаҳор рукн дорад, онро **мураббаъ** гуянд. Магар шуарои Аҷам бештар истеъмоли **мусамман** ва **мусаддас** кардаанд ва истеъмоли **мураббаъ** ниҳоят қалил. Ва **мусаллас** ва **мусанно** дар форсӣ ҳаргиз наёмада, магар дар арабӣ [79].

**ФАСЛ:** бидон ки аз ҷумлаи буҳур **сареъ** ва **хафиф** мусаддасуласл, яъне мусамман намеоянд [80]. **Мусаддасе**, ки аслаш **мусамман** бошад, онро маҷзӯ хонанд ба эътибори кам кардани ҷузве аз он. Ва ҳар бахре, ки дар арконаш тағйире роҳ наёбад, онро **солим** гӯянд ва он чи мутағайир гардад, **музоҳаф** номанд.

**ФАСЛ:** рукни аввали мисраъи аввалро **садр** гӯянд ва рукни охири мисраъи аввалро **арӯз** ва рукни аввали мисраъи дуввумро **ибтидои матлаъ** ва рукни охири мисраъи дуввумро **зарб** ва **аҷз**. Ва ҳар рукн, ки дар миёни ин ҳар чаҳор аркон бошад, онро **ҳашв** номанд.

**ФАСЛ:** дар кайфийяти **тақтеъ**; бидон ки **тақтеъ** дар луғат порапора кардан; ва ба истилоҳи **арӯз** аҷзои байти ҳар бахрро бо аҷзои афоъили он бахр, ки ин байт дар он аст, баробар нумудан ба ваҷхе ки ҳар мутаҳаррик дар баробари мутаҳаррик ва ҳар сокин дар муқобалаи сокин биёяд ва ихтилофи ҳаракот, ки замма ва фатҳа ва касра бошад, эътибор нест, чунончи лафзи *илохо* бар вазни фаулун ва *сано гуфтан*ро бар вазни мафоилун шуморанд. Дар тақтеъ ҳуруфи малфуза муътабар аст, на мактуба. Алифи мамдуда, ки дар аввали калима меояд, ба ҷои ду ҳуруф шуморанд ва касраи изофат ҷое, ки ба **ишбоъ** бошад, ҳарф эътибор нумоянд, чунончи *мани шайдоро* бар вазни мафоилун доранд. Ва ҳарфи мушаддадро ба ҷои ду ҳарф шуморанд ва алифи васлро гоҳе соқит кунанд ва гоҳе ба ҳол доранд. Ва агар баъд аз мадда ду ҳарфи сокин воқеъ шавад, ҳамчу *гушт* ва *чист* ва *сохт* ва монанди он ва дар миёни мисраъ бошанд. Агар он ду сокин дар баробари як мутаҳаррик воқеъ шаванд, сокини аввал мутаҳаррик шавад ва сокини дуввум соқит. Ва агар ду сокин дар баробари ду мутаҳаррик воқеъ шаванд, ҳар ду сокин мутаҳаррик гардад ва вови хоб (خواب) ва хурд (خورد) ва хоча (خواجه) ва хуш (خوش) соқит мегардад ва вови атфро гоҳе ба ҷои ҳаракат шуморанд ва гоҳе ба ҷои ҳарфи сокин. Ва ҳо-и *гирья* ва *ханда* гоҳе соқит ва гоҳе саломат. Ва нуни сокин баъди ҳарфи мадда агар дар васат уфтад, соқит меша-

вад ва агар дар охири мисраъ уфтад, аксар ба ҳол монад. Ва ҳар **то**, ки қабл аз ӯ як сокин бошад, чун **дар миёни байт** уфтад, **мутаҳаррик** маҳсуб мешавад ва агар дар охири байт воқеъ шавад дар ҳисоби сокин гардад, чунонки **то-и** *маст* ва *параст*. Бидон ки дар тақтеъ донистани авзони буҳур ва аркони он воҷиб ва зарур аст, то имтиёзи тақтеъи ҳақиқӣ ва ғайри ҳақиқӣ ҳосил шавад, мисраъ:

Ба номи ҷаҳондори ҷонофарин...

дар баҳри **тақоруб**, ки ҳақиқист, инчунин тақтеъ тувон кард: **ба номи**—фаулун, **ҷаҳон до**—фаулун, **ри ҷон о** — фаӯлун, **фарин** — фаул. Ва дар вазни ғайри ҳақиқӣ низ тақтеъ нумуда мешавад: **ба номи**—фаулун, **ҷаҳондори**—мафоӣлун, **ҷонофарин**—мустафъилун. Вазни охир аз авзони хеч яке аз буҳур нест.

**ФАСЛ:** чун авзони аслии буҳури солим маълум шуд, **зиҳофот** ва илал ҳам бояд донист. Баъзе навишта, ки **заҳф** дар луғат аз асл дур уфтодан; ва ба истилоҳ тағйироти чанд аст, ки дар усули афоъил воқеъ мешавад. Ва мадори тағйирот бар се қисм аст: **ба нуқсон ё ба афзоиш ё ба таскини мутаҳаррикӣ**. Ва назди баъзе **зиҳоф** (ба каср) дар луғат расидани тир наздики нишона ва ба истилоҳи мутақаддимини арбоби **арӯз**, мисли Зиёуддини Хазраҷӣ ва Муҳибуддини Басрӣ ва Рашиди Ватвоти муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ва Хоҷа Насируддини Тусии соҳиби «Меъёр-ул-ашъор» ва Салмони Соваҷӣ ва ғайраҳум **зиҳоф** сокин ё ҳазф кардани ҳарфи **охири сабаби хафиф ё сақилро** гӯянд. Пас дар сурати ин маънӣ ҳарфи аввал ва севвум ва шашуми афоъил музоҳаф намешавад, чаро ки ҳарфи аввал ва севвум ва шашум нахустин ҳарфи **сабаб ё ватад** аст. Тағйироти ин ҳарфро илал ва ғайра гӯянд. Ва баъзе ҳамаро **зиҳоф** номанд. Асмои зиҳофот:

**ИЗМОР** اضمار дар луғат лоғар кардани асп; ва ба истилоҳ сокин кардани **то-и** мутафоилун (яъне мутфоилун)* аст ва нақл кунанд ба лафзи мустафъилун, чаро ки зобитаи арӯзиён аст. Агар рукне аз **зиҳоф ё илал** ғайри маънус гардад, лафзи маънуси ҳамвазни ӯ ба ҷояш ниҳанд.

**ХАБН** خبن дар луғат пинҳон кардан ва назди баъзе навардидани доман ва духтани он, то кутоҳ шавад; ва ба истилоҳ **исқоти** ҳарфи дуввуми сокин аз рукн, чунонки аз фоилун фаилун (ба касри айн) шавад ва аз фоилотун фаилотун (ба касри айн) гардад ва дар фоилотуни мунфасил[81] **хабн** намеояд. Ва дар мустафъилун чун **хабн** кунанд, мутафъилун бимонад, мафоилун ба ҷояш ниҳанд ва аз мафъӯлоту маӯлоту монад, манқул ба фаӯлоту кунанд ва баъзе мафоӣлу ба ҷояш ниҳанд. Ва мус-тафъи-луни мунфасил[82] низ дар **хабн** ҳукми мустафъилуни муттасил дорад. Ва ҳар баҳре, ки аз ин панҷ рукн холист, махбун намегардад.

**ҚАС**[83] قص гардан шикастан; дар ин ҷо исқоти ҳарфи дуввуми мутаҳаррик аз рукн, чунончи аз мутафоилун мафоилун кунанд. Ва **қас** ҷуз дар баҳри комил намеояд.

**ТАЙ** طی исқоти ҳарфи чаҳоруми сокин аз ду **сабаби хафиф**, ки бефосила дар аввали рукн воқеъ шавад, чунончи аз мустафъилун мустаилун бимонад, пас муфтаилун ба ҷои он ниҳанд ва аз мафъӯлоту мафъӯлоту бимонад, пас фоилоту (ба замми то) ба ҷояш ниҳанд. Ва дар мус-тафъи-луни мунфасил **тай** намеояд. Ва **тай** дар баҳри **басит** ва **раҷаз** ва **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **муқтазаб** вуқӯъ меёбад ва дар баҳри **комил** низ меояд, лекин ба шарти **измор**.

**АСБ** عصب фароҳам кардани шоххои дарахт барои буридан; ва назди баъзе хушк шудани оби даҳан дар даҳан; ва дар ин ҷо сокини ломи мафоилатунро (яъне мафоилтун)* гӯянд, ба ҷиҳати лафзи ғайри маънус мафоӣлун ба ҷояш ниҳанд. Ва **асб** дар ғайри баҳри **вофир** намеояд.

**ҚАБЗ** قبض гирифтан ба панҷа; дар ин ҷо исқоти ҳарфи панҷуми сокин аст, чунончи аз рукни мафоӣлун ва фаӯлун, дар аввал мафоилун ва дар сонӣ фаӯлу (ба замми лом) мешавад. Ва ин **зиҳоф** дар баҳри **тавил** ва **ҳазаҷ** ва **мутақориб** ва **музореъ** вуқӯъ меёбад.

**АҚЛ** عقل бастани бозу ва соқи шутур; дар ин ҷо исқоти ломи мутаҳаррик, чунончи аз мафоилатун мафоилун кунанд. Ва ин ба баҳри **вофир** ихтисос дорад.

**ҚАФ** کف боздоштан; дар ин ҷо исқоти ҳарфи ҳафтуми сокин аст, чунончи аз фоилотун фоилоту (ба замми то) ва аз мафоӣлун мафоӣлу (ба замми лом) кунанд. Ва ин зиҳоф дар баҳри **тавил** ва **мадид** ва ҳазаҷ ва **рамал** ва **хафиф** ва **мучтас** ва **музореъ** воқеъ мешавад. Ва **зиҳофоти муфрад** ҳамин ҳашт аст.

**ФАСЛ:** зиҳофоти муздаваҷа, яъне мураккаб аз ду зиҳоф:

**ХАБЛ** خبل дасту по буридан; дар ин ҷо ичтимоъи **хабн** ва **тай**-ро гуянд ки баёни ин ҳар ду **гузашт**, чунончи аз мустафъилун мутаилун бимонад, фаилатун ба ҷои он ниҳанд ва дар мафъулоту маулоту бимонад, фаилоту ба ҷояш ниҳанд. Ва ин хос ба ҳамин ду рукн ва дар баҳри **мунсареҳ** ва ғайра ояд.

**ХАЗЛ** خزل бурида шудан; дар ин ҷо ичтимоъи **измор** ва **тай** аст, чунончи аз мутафоилун муфтаилун созанд. Ва ин мухтас ба ҳамин рукн аст ва ин рукн мухтас ба баҳри **комил.**

**ШАКЛ** شکل пои чаҳорпоя ба расан бастан; дар ин ҷо ичтимоъи **хабн** ва **каф**. Ва ин хос дар рукни фоилотун ва мустафъилун ояд, чунончи аз фоилотун фаилоту (ба замми то) ва аз мустафъилун мутафъилу (ба замми лом) бимонад, мафоилу ба ҷояш оранд. Ва ин дар баҳри **хафиф** ва **мадид** ва **рамал** ва **мучтас** уфтад.

**НАҚС** نقص кам кардан; дар ин ҷо ичтимоъи **асб** ва **каф**, чунончи аз мафоилатун мафоӣлу кунанд. Ин мухтас ба баҳри **вофир** аст, қоиммақоми зиҳоф ва он **ташъис** аст.

**ТАШЪИС** تشعیث дар луғат парогапда шудан; ва дар ин ҷо ҳазфи яке аз ду ҳарфи мутаҳаррик аст дар **ватади маҷмуъ**, ки дар фоилотун бошад фолотун бимонад ё фоотун, пас мафъулун ба ҷои он ниҳанд. Ва ин тағйир дар баҳри **мадид** ва **хафиф** ва **рамал** ва **мучтас** меояд ва дар **музореъ** намеояд.

**МУЪОҚАБАТ**[84] معاقبت дар луғат аз пайи дигар омадан аст; ва ба истилоҳ ду сабаби хафифро, ки дар шеъре мучтамеъ бошанд, аз зиҳоф маъмун ва саломат доштан аст ҷавозан ё яке аз онҳоро вуҷубан нигоҳ доштан ва ин ичтимоъи ҳар ду сабаб хоҳ аз руи вазъ бошад дар як рукне, чунонки дар мустафъилун ва мафоӣлун, хоҳ аз зиҳоф, чунончи мутафоилун аз **измор** мустафъилун шавад ва мафоилатун аз **асб** мафоӣлун шавад, хоҳ аз иттисоли як рукн ба рукни дигар, масалан дар баҳри **рамал** фоилотун фоилотун **сабаби** охири рукни аввал ва **сабаби** аввали рукни сониро солим дошта **тун, фо** гуӣ, ё нуни **сабаби** аввалро ҳазф карда **ту, фо** ҳосил кунӣ, ё алифи **сабаби** сониро дур карда **тун, фа** хонӣ. Ин ҳар се сурат маъбари **муъоқабат** аст ва ҷоиз нест, ки **ту, фа** гуӣ, чаро ки тафъало ба ҳазфи ҳарфи дуввуми ҳар ду **сабаби** мазкур мунҷар ба фосилаи кубро мешавад ва арузиён инро сақил мепиндоранд. **Муъоқабат** дар **мадид** ва **мунсареҳ** ва **рамал** ва **вофир** ва **ҳазаҷ** ва **хафиф** ва **тавил** ва **комил** ва **мучтас** меояд ва дар **комил** ва **вофир** ба шарте ки музмар ва маъсуб бошад.

**МУРОҚАБА**[85] مراقبه дар луғат бо якдигар нигаҳбонӣ кардан; ва ба истилоҳ маъан ҳазф накардани ду **сабаби хафифи** мафоӣлун ва мафъулоту ва мустафъилунро гӯянд. Дар **мушокил** ва **қариб** ва **ҷадид** **муроқаба** лозим аст ва дар **сареъ** ва **мунсареҳ** ғолиб, дар баҳри **хафиф** **муроқаба** ҷоиз.

**МУКОНАФА**[86] مکانفه дар луғат фаро гирифтан якдигарро; ва ба истилоҳ дар **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **басит** ва **раҷаз** се ҳол ҷоиз доштан аст, яъне дар ин бухур ҷоиз аст, ки ҳар ду **сабаби хафифро** маъан саломат доранд ё маъан ҳазф кунанд, ё якеро саломат ва якеро сокит кунанд.

Бидон ки **илал** *ҷамъи* **иллат**; ва ба истилоҳ аз аввал ё аз охири рукн сивои зиҳофоти мазкура чизе кам кардан ё беш нумудан аст. Пас аз он ҷумла он чи дар охир зиёда шавад ин аст, аввал:

**ИЗОЛАТ** اذالت ба маънии домап дароз кардан; ва дар ин ҷо як алиф

дар **ватади маҷмуъ**, ки дар охири рукн бошад, зиёда кардан аст пеш аз сокин, чунончи дар мутафоилун, мутафоилон ва дар фоилун фоилон ва дар мустафъилун мустафъилон. Ва ин дар **раҷаз** ва **мутадорик** ва **басит** ва **комил** ва **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **муқтазаб** воқеъ мешавад ва дар **аруз** ва **зарб** бештар вуқуъ меёбад ва дар **ҳашв** камтар [87] ва дар **садр** ва **ибтидо** мамнуъ.

**ТАСБИҒ** تسبیغ тамом кардан аст; дар ин ҷо як алиф дар охири **сабаби хафифе**, ки дар **арузу зарб** воқеъ бошад, зиёда кардан аст, чунончи дар фаулун фаулон ва дар фоилотун фоилотон, пас манқул шавад ба фоилийён ба ду **ё** ва дар мафоӣлун мафоӣлон. Ва ин дар **ҳазаҷ** ва **рамал** ва **музореъ** ва **мутақориб** ва **мадид** ва **тавил** ва **муҷтас** имкони вуқуъ дорад.

**ТАРФИЛ** ترفیل доман кашидан ва дароз кардан; ва дар ин ҷо бар **ватади маҷмуъ**, ки дар **аруз** ва **зарб** воқеъ шавад, **сабаби хафиф** зоид кардан аст, чун мутафоилунро мураффал нумоянд, мутафоилунтун шавад, ба мутафоилотун манқул гардад, чун мустафъилунро мураффал кунанд, мустафъилунтун шавад, ба мустафъилотун манқул гардад. Ва ин дар баҳри арабӣ мухтас ба баҳри **комил** аст ва дар **раҷаз** низ ояд ва он чи аввал афоъӣл зиёда кунанд.

**ХАЗМ** [88] خزم ҳалқа дар бинии шутур ва ғайра кардан аст; дар ин ҷо як ҳарф ё ду ҳарф ё се ҳарф ё чаҳор зиёда кардан аст ва дар **тақтеъ** шумор намекунанд. Ва он махсуси ашъори араб бошад. Ва кудомо дар форсӣ ба як ҳарф овардаанд ва мутааххирин истеъмол накунанд. Ва аз ҷумлаи илал он чи аз охири афоъӣл соқит шавад, нуҳ аст:

**ҲАЗФ** حذف дар луғат андохтан; дар ин ҷо исқоти **сабаби хафиф** аст аз охири рукн. Пас дар фаулун фаў ва дар фоилотун фоило ва дар мафоӣлун мафоӣ бимонад. Аввалро ба фаал (ба фатҳи айн ва сукуни лом) ва сониро ба фоилун ва солисро ба фаулун манқул мекунанд. Ва **ҳазф** меояд дар **рамал** ва **тавил** ва **мутақориб** ва **муҷтас** ва **мадид** ва **ҳазаҷ** ва **хафиф**.

**ҚАТФ** قطف буридани хушаи ангур ва ғайра; дар ин ҷо исқоти **сабаби хафиф** аст аз охири моқабли он сокин кардан, чунончи аз мафоилатун мафоил (ба сукуни лом) мемонад, фаулун ба ҷояш ниҳанд. Ва ин мухтас ба баҳри **вофир** аст.

**ҚАСР** قصر кутоҳ кардан; дар ин ҷо исқоти ҳарфи сокин аст аз **сабаби хафифе**, ки дар охири рукн бошад ва моқабли он сокин кардан, чунончи аз фоилотун фоилот (ба сукуни то), пас фоилон ба ҷои он ниҳанд ва аз фаулун фаул (ба вақфи лом) ва аз мафоӣлун мафоӣл (ба вақфи лом) мемонад.

**ҚАТЪ** قطع буридан; ва дар ин ҷо исқоти як ҳарф аст аз охири **ватади маҷмуъ** ва моқабли онро сокин кардан аст, чунончи аз мустафъилун мустафъил бимонад, мафъулун ба ҷояш ниҳанд ва аз мутафоилун мутафоил монад, фаилотун ба ҷои он ниҳанд ва аз фоилун фоил (ба сукуни лом) монад, фаълун ба ҷояш ниҳанд. Ва аммо дар «Музҳиб»-и Насируддини Тусӣ ва атбоъаш **қатъ** дар фоилотун чунон аст, ки **сабаби хафиф** аз охираш бияндозанд ва аз **ватади маҷмуъ**аш ҳарфи сокинро искот нумуда, моқабли уро сокин гардонанд. Дар ин сурат низ фоил (ба сукуни лом) мемонад ва манқул ба фаълун мешавад, чунончи дар фоилун гуфта ояд. Ва ин дар баҳри **раҷаз** ва **комил** ва **рамал** ва **мутадорик** ва **басит** ва **мадид** ва **сареъ** ва **хафиф** ва **муҷтас** ва **муқтазаб** вуқуъ ёбад.

**ҲАЗАЗ** حذذ кутоҳ шудан аст; дар ин ҷо исқоти **ватади маҷмуъ** аст аз охири рукн. Пас дар мустафъилун мустаф ва дар фоилун фо ва дар мутафоилун мутафо мемонад. Авваларо ба фаълун (ба сукуни айн) ва сониро ба фаъ ва солисро ба фаилун (ба таҳрики айн) манқул месозанд. Ва ин тағйир дар баҳри **комил** ва **раҷаз** ва **мутадорик** бештар ояд.

**САЛМ** صلم гуш аз бун буридан; дар ин ҷо исқоти **ватади мафруқ** аст аз охири рукни мафъулоту. Ва дар ин сурат мафъу мемонад ва манқул ба фаълун (ба сукуни айн) мешавад. Ва ин дар баҳри **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **муқтазаб** меояд.

**ВАҚФ** وقف ва он дар луғат ба маънии истодан аст; ва дар ин ҷо сокин кардани тои мафъулоту (ба замми то)-ро гӯянд. Дар ин сурат манқул ба мафъулон мегардад. Ва ин тағйир дар се баҳр ба вуқӯъ меояд: **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **муқтазаб**.

**ҚАСФ** کسف ва он дар луғат буридани пошнаи шутур аст; ва дар ин ҷо сукути ҳарфи ҳафтум, чунончи аз мафъулоту мафъуло бимонад, мафъулун ба ҷояш оранд. **Вақф** ва касф дар баҳри **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **муқтазаб** меоянд.

**БАТР** بتر буридани думро гӯянд; ва аз бех баркандан; дар ин ҷо иҷтимоъи **салм** ва **ҳазф** дар рукни мафъулун **ва иҷтимоъи қатъ ва ҳазф** дар фоилотун ва иҷтимоъи **харм** ва **ҷаб** дар мафоӣлун, чунончи дар фаулун фаъ ва дар фоилотун фаълун, бадал аз фоил ва дар мафоӣлун фаъ, бадал аз фо оранд. Ва ин ба баҳри **тақориб** ва **ҳазаҷ** ва **рамал** ва **музореъ** ва **муҷтас** ва **хафиф** ояд. Баъзе рукнеро, ки дар у **батр** воқеъ шавад, мулаққаб бо **батр** кунанд. Ва баъзе **мақтӯъ** ва **маҳзуф** ва баъзе **ахрам** ва **маҷбуб** номанд. Аз ҷумлаи **илал** он ҷи аз аввали рукн соқит шавад, даҳ аст:

**ХАРМ** خرم шигофтани парраи бинӣ; ва дар ин ҷо исқоти ҳарфи аввал аз **ватади маҷмӯъ**, ки дар рукни аввал ояд. Ва ин тағйир агар танҳо дар мафоӣл[89] бошад, ба номи худ аст, яъне **харм** гӯянд. Ва он соқит кардани мими мафоӣлун аст, фоӣлун монад, мафъулун ба ҷояш оранд ва дар **ҳазаҷ** ва **музореъ** уфтад. Ва илло дар ҳар мавзеъе мулаққаб ба лақаби хос мешавад, масалан агар фаулунро **харм** танҳо кунанд, аслам гӯянд ва бо **қабз** асрам номанд ва кас ало ҳозо.

**САЛМ** ثلم рахна кардан; ва дар ин ҷо ҳарфи аввал аз рукни фаулун афгандан, ӯлун бимонад ва бадали он фаълун оранд.

**САРАМ** ثرم шикастани дандони пеш; дар ин ҷо иҷтимоъи **харм** ва **қабз** дар фаулун, яъне фо ва нуни онро соқит кардан, ӯл мемонад, фоъ ба ҷояш ниҳанд ва асрам меноманд. Ин ҳар ду дар **тавил** ва **мутақориб** уфтад.

**ШАТАР** شتر бурида шудан ва баргаштагии палак; ва дар ин ҷо **иҷтимоъи харм** ва **қабз** дар мафоӣлун, яъне ҳарфи аввал ва панҷуми онро соқит карда фоилун кунанд ва аштар номанд.

**ХАРБ//ХАРИБ** خرب вайрон шудан; **ва** дар ин ҷо иҷтимоъи **харм** ва **каф** дар мафоӣлун, яъне баъди сукути ҳарфи аввал ва ҳафтум фоӣлу (ба замми лом) бимонад, мафъулу (ба замми лом) ба ҷояш ниҳанд. Аштар ва ахраб ҳар ду дар **ҳазаҷ** ва **музореъ** уфтад.

**ҒАЗБ** عضب шикасташох; ва дар ин ҷо омадани **харм** дар **мафоилатун,** яъне ҳарфи аввал соқит кунанд ва муфтаилун ба ҷои фоилатун оранд ва **ғазб** номанд, мухтас ба **вофир.**

**ҚАСАМ** قصم шикастадандон; ва **дар** ин ҷо иҷтимоъи **харм** ва **асб** (ба соди муҳмала) дар **мафоилатун,** яъне ҳарфи аввали онро соқит карда, ҳарфи панҷумро сокин кунанд, фоилтун (ба сукуни лом) монад, мафъулун ба ҷояш оранд ва ақсам номанд.

**ҶАМАМ** جمم бенайза шудани мард дар ҷанг; ин ҷо иҷтимоъи **харм** ва **ақл** дар мафоилатун, яъне ҳарфи аввал ва панҷумро соқит **кунанд,** фоитун бимонад, фоилун ба ҷои он ниҳанд ва аҷам **гӯянд.**

**АҚС** عقص печидани муи кулола; **дар** ин ҷо иҷтимоъи **харм** ва **нақс, яъне аз** мафоилатун ҳарфи **аввал ва** ҳафтум соқит кардан ва панҷумро сокин нумудан, чунончи мафъулу манқул аз фоилту шавад ва ақс номанд. Ин чаҳор хоси баҳри вофиранд.

**РАФЪ** رفع ба маънии бардоштан; дар ин ҷо исқоти як **сабаби хафиф** аст аз ҷузве, ки дар аввали у ду **сабаби хафиф** бошанд, чунончи дар **мус**тафъилун фоилун, бадал аз тафъилун оранд ва дар мафъулоту мафъулу, бадал аз ӯлоту оранд ва марфӯъ номанд. Дар баҳри **мунсареҳ** ва **раҷаз** меоянд.

**Фасли мураккаботи ҷадида**

ки мутааххирин баъд аз Халил ибни Аҳмад истихроҷ кардаанд:

**ҶАБ** جب хасӣ кардан; дар ин ҷо **ду сабаби хафиф** аз охири **мафоӣлун**

дур кардан, яъне чун аз мафоӣлун илун дур кунанд мафо боқӣ монад, бадалаш фаул оранд.

**ҲАТМ** هتم дандон аз бун шикастан; дар ин ҷо иҷтимоъи **ҳазф** ва **қаср**, чун мафоӣлунро лун аз **ҳазф** ва ё бо ҳаракати моқабл аз **қаср** биюфтад, мафоъ бимонад, ба фаул бадал кунанд.

**ЗАЛАЛ** زلل бегуштии рон; дар ин ҷо иҷтимоъи **харм** ва **ҳатм**, чун аз мафоилун мим ва лун ва ё бо ҳаракати моқабл дур шавад, фоъ бимонад. Ва ин ҳар се, яъне **ҷаб** ва **ҳатм** ва **залал** дар **ҳазаҷ** ва **музореъ** уфтад.

**ХАЛЪ** خلع берун кардани ҷома; ва дар ин ҷо иҷтимоъи **хабн** ва **қатъ**, чун мустафъилунро хабн кунанд, мафоилун шавад, баъдуҳу аз мафоилун ба катъ фаулун гардад ва чун дар фоилун ин ҳар ду амал кунанд, фаул мегардад.

**ҶАҲФ** جحف нуқсон кардан; ва дар ин ҷо аз фоилон [90] **хабн** карда фаилотун кунанд ва боз фаило-ро, ки фосилаи суғрост, соқит кунанд, тун бимонад, фаъ ба ҷояш ниҳанд ва маҷҳуф ғӯянд.

**РАБЪ** ربع чор шудан; ва дар ин ҷо иҷтимоъи **хабн** ва **қатъ** ва **батр** дар фоилотун, яъне ҳазф нумудани алифи фо ва тун ва алифи ило. Пас фаал (ба сукуни лом) бимонад ва дар **рамал** ва **музореъ** ояд.

**НАҲР** نحر гулу буридан; дар ин ҷо исқоти ҳар ду **сабаб** ва тои мафъулоту аст. Чун ло бимонад, фаъ бадалаш оранд ва манҳур гӯянд. Ва ин ба **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **муқтазаб** ояд.

**ҶАДЪ** جدع бинӣ ва ғуш ва даст буридан; дар ин ҷо исқоти ҳар ду **сабаби хафиф** аст аз мафъулоту ва искони то-ст. Чун лот бимонад, фоъ ба ҷояш ниҳанд ва маҷдуъ номанд. Ва ин дар баҳри **сареъ** ва **мунсареҳ** ва **муқтазаб** ояд.

**Фасл дар фуруъи баъзе афоъили бисьёр мустаъмал:**

**ФУРӮЪИ МАФОӢЛУН** فروع مفاعيلن шонздаҳ аст: аввал мафоӣлон—мусаббағ, дуввум мафоилун—мақбуз, севвум мафоӣлу—макфуф, чаҳорум мафъӯлун — ахрам, панҷум мафъӯлу—ахраб, шашум фоилун—аштар, ҳафтум фаӯлун — маҳзуф, ҳаштум мафоӣл (ба вақфи лом)—мақсур, нуҳум фаул (ба вақфи лом) — аҳтам, даҳум фаал (ба фатҳи айн) — маҷбуб, ёздаҳум фоъ — азал, дувоздаҳум фаъ—абтар, сездаҳум фоилон—мақбӯзи мусаббағ, чаҳордаҳум мафъулон — ахрами мусаббағ, понздаҳум фоилон — аштари мусаббағ, шонздаҳум фаулон — маҳзуфи мусаббағ.

**ФУРӮЪИ ФОИЛОТУН** فروع فاعلاتن сездаҳ аст: аввал фоилийён — мусаббағ, дуввум фаилотун (ба касри айн) — махбун, севвум фоилоту (ба замми то) — макфуф, чаҳорум фаилоту (ба касри айн ва замми то) — машкул, панҷум фоилун — маҳзуф, шашум фоилон — мақсур, ҳафтум фаилон (ба касри айн) — махбуни мақсур, ҳаштум фаълун (ба сукуни айн) — абтар ва баъзе мақтӯъ ва маҳзуф номанд, нуҳум мафъӯлун — мушаъас, даҳум фаълои (ба сукуни айн) — мақтуъи мусаббағ, ёздаҳум фаал (ба фатҳатайн)—марбӯъ, дувоздаҳум фаъ — маҳҷуф, сездаҳум фоъ — маҳҷуфи мусаббағ.

**ФУРӮЪИ МУСТАФЪИЛУН** فروع مستفعلن низ сездаҳ аст: аввал мустафъилон — музол, дуввум мафоилун — махбун, севвум мафоилон — махбуни музол, чаҳорум фаълун (ба сукуни айн) — маҳзуз, панҷум фаъ — маҳзузи маҳзуф, шашум муфтаилун (ба касри айн) — матвӣ, ҳафтум муфтаилон — матвии музол, ҳаштум мафъӯл — мақтӯъ, нуҳум фаӯлун — мухаллаъ, даҳум фаалатун (ба фатҳи айн ва лом) — махбул, ёздаҳум фоилун — марфӯъ, дувоздаҳум фоилон — марфӯъи музол, сездаҳум мустафъилон [91] — мураффал.

**ФУРӮЪИ МАФЪӮЛОТУ** فروع مفعولات чаҳордаҳ аст: аввал мафоӣлу (ба замми лом)—махбун, дуввум мафоӣл (ба вақфи лом) — махбуни мавқуф, севвум фоилоту (ба замми то) — матвӣ, чаҳорум фоилот (ба вақфи то) — матвии мавқуф, панҷум фаалоту (ба фатҳи айн ва замми то) — махбул, шашум фаъилот (ба вақфи то) — махбули мавқуф, ҳафтум мафъулон — мавқуф, ҳаштум мафъӯлун — максуф [92], нуҳум фо-

илун — матвии максуф, даҳум фаулун — махбуни максуф, ёздаҳум фаълун (ба сукуни айн) — аслам, дувоздаҳум фоъ — маҷдуъ, сездаҳум фаъ — манҳур, чаҳордаҳум мафъулу (ба замми лом) — марфуъ.

**ФУРУЪИ ФАӮЛУН** فروع فعولن ҳашт аст: аввал фаулон — мусаббағ, дуввум фаӯлу (ба замми лом) — мақбуз, севвум фаул (ба вақфи лом) — мақсур, чаҳорум фаал (ба фатҳи айн ва сукуни лом) — маҳзуф, панҷум фаълун (ба сукуни айн) — аслам, шашум фаълон (ба сукуни айн) — аслами мусаббағ, ҳафтум фоъ — асрам, ҳаштум фаъ — абтар.

**ФУРУЪИ ФОИЛУН** فروع فاعلن панҷ аст: аввал фаилун (ба касри айн) — махбун, дуввум фаълун (ба сукуни айн) — мақтуъ, севвум фаал (ба фатҳи айн ва сукуни лом) — махбуни мақтуъ, чаҳорум фаъ — маҳзуз, панҷум фаълон — музол.

### Фасл дар инфикоки буҳур ва давоири онҳо

Бояд донист, ки баъзе аз буҳур мунфак ва алоҳида аз баъзе дигар мешаванд ба сабаби он ки аркони ашараи мазкура ба тақдим ва таъхири асбоб ва автод ва фавосили баъзе аз баъзе сурати дигар ҳосил мешавад. Ва Халил ибни Аҳмад ва муттабаъони у барои суҳулияти тафҳим инфикоки баҳрро аз якдигар панҷ доира вазъ нумуда, барои ҳар доира номе муносиб муқаррар карда буд. Баъдуҳу форсиён як доираи мунтазиъа афзуда, ҳамагӣ шаш доира муқаррар кардаанд, чунончи ба ҳамин тақдим ва таъхир аҷзои баҳри **тавил** ва **мадид** ва **басит** аз як доира мустахраҷ мешавад, масалан агар фаулун мафоӣлунро чаҳор бор мудаввар бар хати доира нависӣ ва аз фаӯлун оғоз нумоӣ баҳри **тавил** бошад; ва агар аз лун-и лафзи фаӯлун оғоз кунӣ ва лун мафоӣлун фаӯ чаҳор бор бигуӣ, бар вазни чаҳор фоилотун фоилун мешавад, ки баҳри **мадид аст**; ва агар аз ӣлун шуруъ созӣ ва чаҳор бор бигуӣ ӣлун фаулун мафо, бар вазни мустафъилун фоилун мешавад, ки баҳри **басит** аст ва номи ин **доираи мухталифа** бошад ба ихтилофи аркони субоъӣ ва хумосӣ; ва баҳри **вофир** ва **комил** аз як доира аст, чи агар ҳашт мафоилатун бар хати доира нависӣ ва аз мафо оғоз нумоӣ, баҳри **вофир** аст ва аз илатун оғоз кунӣ ва илатун мафо чаҳор бор бигуӣ, бар вазни чаҳор мутафоилун мешавад, ки баҳри **комил** аст. Ва ин доираро бинобар улфат ва иттиҳод ва аркон **муъталифа** номанд. **Ҳазаҷ** ва **раҷаз** ва **рамал** аз як доира аст, зеро ки агар мафоӣлун чаҳор бор бар хати доира нависи ва аз мафо оғоз кунӣ, **ҳазаҷ** аст ва агар аз ӣлун оғоз кунӣ ва ӣлун мафо хонӣ, бар вазни мустафъилун мешавад, ки баҳри **раҷаз** аст ва агар аз лун шуруъ кунӣ ва лун мафоӣ бигуӣ, бар вазни фоилотун гардад, ки **рамал** аст. Ва номи ин **доираи муҷталаба** бошад, ба сабаби ҷалби аркон аз **доираи мухталифа**. Ва баҳри **мунсареҳ** ва **музореъ** ва **муҷтас** ва **муқтазаб** аз як доира берун оянд, зеро ки агар мафоӣл(у) фоилоту, мафоӣл(у) фоилотуро як-як ва ду-ду ҳарф ҷудо-ҷудо бар хати доира нависӣ ва аз мими мафоӣлу оғоз нумоӣ ва бар то-и фоилотуи дуввум тамом кунӣ, баҳри **музореъи мусаммани макфуф** аст ва агар аз ӣл оғоз кунӣ ва гуӣ ӣлуфоилоту мафоӣлу фоилоту мафо, бар вазни фоилоту муфтаилун, фоилоту муфтаилун мешавад, ки баҳри **муқтазаби мусаммани матвӣ** аст ва агар азломи мафоӣлу шуруъ нумоӣ ва гуӣ лафоилоту мафоӣ, бар вазни мафоилун фаилотун, мафоилун фаилотун мешавад, ки баҳри **муҷтаси мусаммани махбун** аст ва агар аз лот оғоз кунӣ ва гуӣ: лоту мафоӣлу фоъ, лоту мафоӣлу фоъ, бар вазни муфтаилун фоилоту, муфтаилун фоилоту мешавад, ки баҳри **мунсареҳи мусаммани матвӣ** аст. Ва ин доираро **муштабаҳ**[93] гуянд ва ваҷҳи тасмия иштибоҳи мустафъилун ва фоилотун аст; мустафъилун ва фоилотуни муттасил чи аввал ва сонӣ ба **муҷтас** ва **хафиф** ва **музореъ** тааллуқ дорад ва солис ва робеъ ба буҳури дигар. Ва **сареъ** ва **ҷадид** ва **қариб** ва **хафиф** ва **мушокил** аз **доираи мунтазиъа** ҳама мусаддас бармеоянд, зеро ки муфтаилун, муфтаилун, фоилотуро ду-ду, як-як ҳарф ҷудо-ҷудо бар хати доира нависӣ ва аз маф оғоз нумоӣ ва бар **лот**







тамом созӣ, бахри **сареъи матвӣ**[94] ҳосил мешавад ва агар аз фои муфтаилун шуруъ нумои ва гуӣ: таилун маф, таилун маф, таилун фоилоту маф, бар вазни фаилотун, фаилотун мафоилун мешавад, ки бахри **ҷадиди махбун**[95] аст ва агар аз илун муфтаилун оғоз нумои ва бигӯӣ: илун муфтаилун фоилоту муфт, бар вазни мафоӣлу мафоӣлу фоилоту мешавад, ки бахри **кариби макфуф**[96] аст ва агар аз то-и муфтаилуни дуввум оғоз кунӣ ва гуӣ: таилун фоилоту муфтаилун муф, бар вазни фаилотун мафоилун фаилотун мешавад, ки бахри **хафифи махбун аст** ва агар аз лот оғоз нумоӣ ва бигӯӣ: лоту муфъилун, муфтаилун фоъ, бар вазни фоилоту мафоӣлу мафоӣлу мешавад, ки баҳри **мушокили макфуф аст. Аммо мутақориб** танҳо як доира дошт ва онро **мунфарида** мегуфтанд. Абулхасани Ахфаш аз он бахри **мутадорик** истихроҷ нумуда, муттафиқа ном ниҳода, ба ин тарик, ки чун ҳашт фаӯлунро масалан бар хати доира нависӣ ва аз фаӯ оғоз кунӣ бахри **мутақориб** аст ва агар аз лун оғоз нумоӣ ва бигӯӣ: лунфаӯ, бар вазни фоилун мешавад ва он бахри **мутадорик** аст. Ин аст тамоми баён дар ҳақиқати давоири буҳур.

**ФАСЛ:** чун ин хама маълум шуд, аввало ва ансаб он аст, ки абёте чанд дар назири авзони мустаъмали касирулвуқӯъи ҳар бахр маъа авзон ва афоъили ҳар яке навишта шавад, то тамизи каммийят ва кайфийяти ҳар бахр ҳосил ояд.

**БАҲРИ ТАВИЛ** بحر طویل: ин бахр ба ашъори араб тааллуқ дорад ва шеъри форсӣ дар ин бахр камёб, чаро ки назди форсиён матбуъ нест. Ва **тавил** аз ин ҷиҳат ном бошад, ки возеъи илми аруз сивои ин бахр баъзе буҳурро мусаддас вазъ карда буд ва баъзе дигареро, ки мусамман вазъ карда, маҷзу ҳам меоянд, яъне як рукн аз ҳар мисраъ меандозанд, ба хилофи ин бахр, ки мусамман вазъ карда ва маҷзу ҳам намеояд.

**БАҲРИ ТАВИЛИ СОЛИМ** بحر طویل سالم аз Салмони Совҷӣ, байт:

Ба эҳсон туӣ Ҳотам, ба рифъат туӣ Касро,
Ба фармон туӣ Осаф, ба бурҳон туӣ Исо.

мисоли дигар, байт:

Чӣ гуям нигорино, ки бо ман чиҳо кардӣ,
Қарорам зи дил бурдӣ, зи сабрам ҷудо кардӣ.

Фаӯлун, мафоӣлун чаҳор бор ва гоҳе баъзе аркон мақбузи маҳзуфи мусаббағ низ меояд.

**БАҲРИ ТАВИЛИ АРӮЗ ВА ЗАРБ МАҚБУЗ** بحر طویل عروض و ضرب مقبوض аз Саъдӣ, байт:

Саро тайфу ман яҷлу биталъатиҳиддуҷо,
Шигифт омад аз бахтам, ки ин давлат аз куҷо...

бар вазни фаулун мафоилун, фаӯлун мафоилун, фаулун мафоилун, фаулун мафоилун.

**БАҲРИ МАДИДИ СОЛИМ** بحر مدید سالم: ин бахрро аз он ҷиҳат **мадид** гуянд, ки **мадид** дар луғат ба маънии кашида аст. Ин **баҳрро** низ аз бахри **тавил** кашидаанд. Ва баъзе гуянд, ки ду **сабаб** дар ду тарафи




аркони субоъии у кашида шудааст; аз Ҷомӣ, байт:

Дил зи ҳиҷрат, эй санам, хуни худро мехурад,
Ҷон ба дастат, эй писар, ҷомаи тан медарад.

фоилотун фоилун, чаҳор бор.

**БАҲРИ БАСИТИ СОЛИМ** بحر بسيط سالم — **басит** дар луғат густаронида аст; дар ибтидои рукни субоъӣ аз ду **сабаб** густаронида шуда, ё он ки дар ибтидои аркони у **асбоб** густаронида шуда; субоъиро ду **сабаб** ва хумосиро як **сабаб**; аз Ҷомӣ, байт:

Чун хору хас рӯзу шаб уфтодаам дар раҳат,
Бошад ки бар ҳоли ман уфтад назар ногаҳат.

Мустафъилун фоилун, чаҳор бор. Мисоли дигар дар ҳамин баҳр, аз Сайфӣ, байт:

Эй бо висолат дилам шодон зи даври фалак,
Ҳаҷри ту бар хотирам чун бар ҷароҳат намак.

**БАҲРИ БАСИТ** بحر بسيط садру ибтидо—солим ва ҳашву арузу зарб[97]—махбун; аз «Гулистон»-и Саъдӣ, байт:

Донӣ, ки чӣ гуфт маро он булбули саҳарӣ,
Ту худ чӣ одамӣ, к-аз ишқ бехабарӣ?!

* * *

Уштур ба шеъри араб дар ҳолат асту тараб,
Гар завқ нест туро кажтабъ ҷонварӣ.

Мустафъилун фаилун, чаҳор бор.

**БАҲРИ ВОФИР** بحر وافر **вофир** аз он гуянд, ки дар ин баҳр ҳаракоти бисьёр бошад, чунончи дар ҳар рукн панҷ мутаҳаррика аст, ё он ки дар ин баҳр ашъори араб бисьёр аст.




**БАҲРИ ВОФИРИ МУСАММАНИ СОЛИМ** بحر وافر مثمن سالم аз Сайфӣ, байт:

Чӣ шуд санамо, ки суи касе ба чашми вафо наменигарӣ?
Зи расми ҷафо намегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ?

Мафоилатун, ҳашт бор.

**БАҲРИ ВОФИРИ МУРАББАЪ** بحر وافر مربع аз Насируддини Тусӣ, байт:

Бадӣ чӣ кунӣ ба ҷои касе,
Ки у накунад ба ҷои ту бад.

**БАҲРИ КОМИЛИ МУСАММАНИ СОЛИМ** بحر کامل مثمن سالم аз Ҷамолуддини Ҳусайн, байт:

Ба санавбари қади дилкаше агар, эй сабо, гузаре кунӣ,
Ба ҳавои ҷони ҳазини ман дили хастаро хабаре кунӣ.

Мутафоилун, ҳашт бор. Бахри **комил**-ро аз он **комил** номанд, ки ҳамчунон ки дар доира вазъ кардаанд, ҳамчунон тамом мустаъмал аст.

**БАҲРИ КОМИЛИ МУСАММАНИ МУЗМАР** بحر کامل مثمن مضمر **байт:**

Санамо, хаёлатро чӣ шуд, ки ба мо надорад улфатӣ,
Хаҷилам зи доғат, к-аз вафо ба саре гузорад миннате.

**БАҲРИ КОМИЛ** بحر کامل аз Саъдӣ:

Балағалъуло бикамолиҳӣ,
кашафаддуҷо биҷамолиҳӣ,
Ҳасунат ҷамеъу хисолиҳи, саллу алайҳи ва олиҳӣ.

Рукни саллу ало бар вазни мустафъилун ва боқи ҳама мутафоилун. Дар бахри **комил** агар солим муқобили музмар ё билъакс ояд, ҷоиз аст дар як байт.

**БАҲРИ ҲАЗАҶ** بحر هزج ин бахрро ҳазаҷ аз он гуянд, ки ҳазаҷ дар луғат овоз ё тараннуми хушоянда аст. Ва араб бештар ашъоре, ки ба овози хуш дар сурудҳо мехонанд, дар ин бахр аст. Ва ин бахр бар сиючаҳор вазн омадааст.




**ҲАЗАҶИ СОЛИМ**[98] هزج سالم аз Ҳофиз, байт:

Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан
ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале
уфтод мушкилҳо.

Мафойлун, ҳашт бор. Дар ин вазн агар баъзе солим ва баъзе мусаббағ оранд, ҷоиз аст.

**ҲАЗАҶИ МУСАММАНИ АХРАБИ МАҚФУФИ МАҚСУР** هزج مثمن اخرب مکفوف مقصور аз имом Муҳаммади Ғазолӣ раҳматуллоҳи алайҳи, байт:

Шӯре шуда аз хоби адам дида кушудем,
Дидем, ки боқист шаби фитна ғунудем.

Мафъулу мафойлу мафойлу мафойл, ду бор. Дар ин баҳр агар охири яке мафойл ва охири дигар фаулун бошад, ҷоиз, чунонки Саъдӣ гуяд:

Эй мурғи саҳар, ишқ зи парвона биёмӯз,
К-он сухтаро ҷон шуду овоз наёмад.

Мисраъи аввал мафъулу мафойлу мафойлу мафойл ва рукни охири мисраъи дуввум фаулун. Ва агар дар ҳашв солим ва ахраб ояд, ҷоиз бошад, чунонки Урфӣ гуяд:

Ҷам мартабаи хони ханон, к-аз асари
нутқ
Чун гул ҳамагӣ гуш кунад ҷазри асамро.

Бар вазни мафъулу мафойлу мафойлу мафойл.

**ҲАЗАҶИ МУСАММАНИ АХРАБ** هزج مثمن اخرب яъне садр ва ибтидо ва ҳашв, баъзе ахраб ва боқӣ солим; аз Ҳофиз:

Эй бодшаҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ,
Дил бе ту ба ҷон омад, вақтаст,
ки боз оӣ!

Мафъулу мафойлун мафъулу мафойлун; ду бор.

**ҲАЗАҶИ МУСАММАНИ МАҚБУЗ** هزج مثمن مقبوض аз Сайфӣ:




Дилам бурун шуд аз ғамат, ғамат
зи дил бурун нашуд,
Забун шудам, ки буд к-ӯ зи дасти
ғам забун нашуд.

**ҲАЗАҶИ МУСАММАНИ МАКФУФ** هزج مثمن مکفوف аз Ҷомӣ:

Туро лаъли шакаррезу маро чашми
гуҳарбор,
Туро ханда бувад хӯю маро гиръя
бувад кор.

Бар вазни мафоӣлу; ҳашт бор.

**ҲАЗАҶИ МУСАММАНИ АШТАР** هزج مثمن اشتر Носиралӣ:

Дидану зи худ рафтан тарзи ошноиҳо,
Пеши он санам будан олами ҷудоиҳо.

Бар вазни фоилун мафоӣлун, чаҳор бор.

**ҲАЗАҶИ МУҶАРРАД,** яъне **МУСАДДАСИ СОЛИМ** هزج مجرد یعنی مسدس سالم аз Салмон:

Чу дид он лӯълӯъи лаъли ту ло бар ло,
Ба лолой даромад лӯълуви лоло.

Бар вазни мафоӣлун, шаш бор.

**ҲАЗАҶИ МУСАДДАСИ МАҚСУР** هزج مسدس مقصور аз Ҷомӣ:

Илоҳӣ ғунчаи уммед бикшой,
Гуле аз равзаи ҷовид бинмой.

Бар вазни мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣл. Нусхаи «Юсуф ва Зулайхо» ва «Ширин ва Хусрав»-и Низомӣ ва «Маснавӣ»-и Носиралӣ ва «Маснавӣ»-и Ғанимат ва «Маснавӣ»-и Зулолӣ дар ин вазн аст.

**ҲАЗАҶИ МУСАДДАСИ АХРАБИ МАҚБУЗИ МАКФУФ** هزج مسدس اخرب مقبوض مکفوف аз Салмон:

Вард аст ба дасти дӯстат хор,
Нур аст ба чашми душманат нор.

Бар вазни мафъӯлу мафоилун мафоӣлу; ва ба ҷои мафоӣл фаулун овардан ҳам дуруст аст. Ва бидон ки гоҳе дар ин вазн ҳарфи сокин дар муқобалаи ҳарфи мутаҳаррик воқеъ шавад, ҷоиз бошад, чунонки дар ин мисраъ, мисраъ:

Чун рухсатҳои Бӯҳанифо...

то-и **рухсат**, ки сокин аст, дар муқобалаи мутаҳаррик воқеъ гашт; ва дар ин байти Файзӣ, байт:

Накши ҳама дид дар **муқобил**,
Искандар з-оина, вай аз дил.

Ро-и **Искандар**, ки сокин аст, дар муқобалаи мутаҳаррик уфтод. Ва маснавии «Налдаман» ва «Туҳфат-ул-Ироқайн» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ бар ҳамин вазн аст.

Бидон ки фусаҳои Аҷам авзони рубоӣ, ки онро дубайтӣ ва тарона низ гӯянд, аз ҳамин баҳри **ҳазаҷ** ихтироъ кардаанд ва он ба ҳамин баҳр ихтисос дорад ва бисту чаҳор вазн барои он дар ду шаҷара муқаррар кардаанд. Яке шаҷараи **ахраб**, ки рукни аввали он мафъӯлу бошад ва дигар шаҷараи **ахрам**, ки рукни аввали он мафъӯлун бошад. Ва ҳар яке аз он ҳар ду шаҷара дувоздаҳ вазн дорад. Ва маҷмӯъи ин авзон аз иҷтимоъи мафоӣлуни солим ва нуҳ қисм зиҳофоти дигар зоҳир мегардад. Ва он зиҳофот ин аст: **харм** ва **харб** ва **қабз** ва **каф** ва **ҳатм** ва **ҷаб** ва **шатар** ва **батр** ва **залал.** Чун рукни мафоӣлунро ахрам нумоянд, мафъӯлун шавад, чун ахраб нумоӣ мафъӯлу (ба замми лом) шавад ва чун макбуз нумоӣ мафоилун гардад, чун макфуф орӣ мафоӣлу (ба замми лом) шавад ва чун маҷбуб созӣ фаал (ба сукуни лом) гардад ва чун аҳтам нумоӣ фаӯл шавад (ба вақфи лом). Ва чун **ҷаб**-ро ба **ахрам** ҷамъ кунӣ, фаъ монад ва онро **батр** гӯянд; ва чун **ҳатм**-ро ба **ахрам** ҷамъ кунӣ, фоъ шавад, онро **залал** хонанд ва чун **аштар** нумоӣ, фоилун шавад. Ҳамчунон ки дар зиҳофот муфассал зикр шуд, авзони шаҷараи **ахраб** ин аст: аввал мафъӯлу мафоилун мафоӣлун фоъ; дуввум мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлун фоъ; севвум мафъӯлу мафоилун, мафоӣлу фаал; чаҳорум мафъулу мафоӣлун мафъулун фоъ; панҷум мафъулу мафоилун мафоӣлун фаъ; шашум мафъулу мафоӣлу мафоӣлун фаъ; ҳафтум мафъулу мафоӣлун мафъӯлу фаӯл; ҳаштум мафъулу мафоӣлун мафъӯлун фаъ; нуҳум мафъулу мафоӣлун мафъӯлу фаал; даҳум мафъулу мафоӣлу мафоилу фаул; ёздаҳум мафъӯлу мафоилун мафоӣлу фаӯл; дувоздаҳум мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаал. Авзони шаҷараи **ахрам** ва он ин аст: аввал мафъулун мафъулун мафъӯлу фаул; дуввум мафъулун мафъулу мафоӣлу фаулун [99]; севвум мафъӯлун мафъулун, мафъӯлу фаал; чаҳорум мафъулун фоилун, мафоӣлу фаул; панҷум мафъулун, мафъулун, мафъӯлун фоъ; шашум мафъулун мафъулу мафоӣлун фоъ; ҳафтум мафъулун мафъулу мафоӣлу фаал; ҳаштум мафъулун фоилун, мафоӣлун фаъ; нуҳум мафъулун мафъӯлун, мафъулун фаъ; даҳум мафъулун мафъулу мафоӣлун фаъ; ёздаҳум мафъулун фоилун, мафоӣлу фаал; дувоздаҳум мафъулун фоилун, мафоӣлу фаъ. Ва иҷтимоъи ҳар чаҳор вазн аз ин авзони бисту чаҳори мазкура дар як рубоӣ ҷоиз аст.

Ҳафтум **БАҲРИ РАҶАЗ** بحر رجز ва инро аз он **раҷаз** номанд, ки **раҷаз** (ба фатҳатайн) дар луғат изтироб ва суръат аст. Ва арабро аксар ашъоре, ки дар маъракаҳо ба мақоми муфохарати худ сароянд, дар ин баҳр ва дар чунин авқот овоз музтариб ва ҳаракот сареъ мебошад, аз ин ҷиҳат бад-ин исм мусаммо гардид. Ва баъзе гӯянд, ки **раҷз** (билфатҳ) шутуреро гӯянд, ки чун ҳаракат кунад, боз сокин шавад. Ва дар ин баҳр дар аввали аркон ду **сабаби хафиф** аст ва баъд ҳаракате сукун, аз ин ҷиҳат **раҷаз** номиданд.

## РАҶАЗИ МУСАММАНИ СОЛИМ

رجز مثمن سالم аз Хусрав:

Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ.
Ҳарчанд васфат мекуиам дар ҳусн з-он зеботарӣ.

Вазнаш мустафъилун, ҳашт бор. Ва баъзе устодон **раҷази солим** [100]-ро бар сию ду рукн овардаанд; аз Абдулвосеъи Ҷабалӣ:

Ё соҳибушшайъулҳазар,
З-он сарвқадди **симбар**,
Қ-аз ишки ӯ гаштам самар,
Бо коми хушку чашми тар,
Ташналабу хастаҷигар,
Баркандаҷон афгандасар.
Карда зи ғам зеру забар
Дуньёву дину ҷону тан.
Ояд ба чашмам ҳар нафас,
Олам зи ишқаш чун қафас,
Бе ӯ маро фарьёдрас
Шабҳо хаёли ӯст бас.

То чанд бошам чун чарас,
Бе у хурушон аз ҳавас,
Ҳаргиз мабод аҳволи кас
Дар ишқ чун аҳволи ман.

**РАҶАЗИ МУСАММАНИ МАТВӢ** رجز مثمن مطوی байт:

Мешугуфад гул ба чаманҳо зи насими сахарӣ,
Ваҳ чӣ шавад гар нафасе пахлуи мо бода харӣ.

Вазнаш муфтаилун, ҳашт бор.

**РАҶАЗИ МУСАММАНИ МАТВИИ МАХБУН** رجز مثمن مطوی مخبون аз Саъдӣ:

Он ки наботи оразаш оби ҳаёт мехӯрад,
Дар шакараш нигаҳ кунад, ҳар ки набот мехурад.

Вазнаш муфтаилун мафоилун, чаҳор бор.

**РАҶАЗИ МУСАММАНИ МАХБУНИ МАТВӢ** رجز مثمن مخبون مطوی аз Ҷомӣ:

Фиғонкунон ҳар саҳаре ба кӯи ту мегузарам,
Чу нест раҳ сӯи туам ба бому дар менигарам.

Бар вазни мафоилун муфтаилун, чаҳор бор. Дар ин баҳр агар муфтаилун ба ҷои мафоилун ояд, музояқа надорад.

**РАҶАЗИ МУСАММАНИ МАТВИИ МАХБУНИ МАҚТУЪ** رجز مثمن مطوی مخبون مقطوع аз Ҷомӣ:

Сарв нахонамат, ки ӯ нест бад-ин раъной,
Моҳ нағуямат, ки маҳ нест бад-ин зебой.

Бар вазни муфтаилун мафоилун, муфтаилун мафъулун.

**РАҶАЗИ МУСАДДАСИ СОЛИМ** رجز مسدس سالم байт:

Соқӣ ба ишрат кӯш дар даврони гул,
Мағзор аз каф ҷом то поёни гул.

Мустафъилун, шаш бор.

**РАҶАЗИ МУСАДДАСИ МАХБУН** رجز مسدس مخبون аз Ҷомӣ:

Кунун ки гардад аз баҳор хуш ҳаво,
Фузун шавад ба ҳар дил андараш ҳаво.

Бар вазни мафоилун [101], шаш бор.

**РАҶАЗИ МУСАДДАСИ МАТВӢ** رجز مسدس مطوی байт:

Нест маро ҷуз ту нигоре дигаре,
Менакунӣ ҳеҷ ба корам назаре.

Вазнаш муфтаилун, шаш бор.

**БАҲРИ РАМАЛ** بحر رمل инро **рамал** аз он гуянд, ки **рамал** дар луғат хасир бофтан аст. Чун аркони ин баҳрро **ватаде** миёни ду **сабаб** аст ва ду **сабаб** дар миёни **ватад**, гуё ки автоди уро ба асбоб бофтаанд, чунонки ҳасирро ба ресмон мебофанд. Ё он ки **рамал** навъе аз суруд аст ва ин бар ин вазн бошад. Ё он ки аз **рамалон** маъхуз кардаанд, ки навъе аз давидани шутур аст ба шитоб. Чун ин баҳр аз касрати **асбоби хафиф** ба суръат ва шитоб хонда мешавад, лиҳозо **рамал** номиданд.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ СОЛИМ** رمل مثمن سالم байт:

Шакли дил бурдан, ки ту дорӣ, набошад дилбареро,
Хоббандиҳон чашмат кам бувад ҷодугареро.

Вазнаш фоилотун, ҳашт бор.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ САДР** ва **ИБТИДО СОЛИМ** ва **ҲАШВ МАХБУН** ва **АРУЗ** ва **ЗАРБ МАХБУНИ МАҚСУР** رمل مثمن صدر و ابتدا سالم و حشو مخبون و عروض و ضرب مخبون مقصور аз Салмон:

Чашми давлат зи саводи қаламат гашт мунир,
Боғи дониш зи саҳоби карамат ҳаст назир.

Бар вазни фоилотун, фаилотун, фаилотун, фаилон.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ САДР** ва **ИБТИДО СОЛИМ** ва **ҲАШВ МАХБУН** ва **АРУЗ** ва **ЗАРБ МАҶҲУФ** رمل مثمن صدر و ابتدا سالم و حشو مخبون و عروض و ضرب مجحوف аз Салмон:

Он кунад қаҳри ту бо зулм, ки бо гул дай,
Он кунад лутфи ту бо адл, ки бо тан май.

Бар вазни фоилотун, фаилотун, фаилотун [102], фаъ.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ МУСАББАҒ** رمل مثمن مسبغ аз Салмон:

То ба кай гирьям ба зорӣ ҳамчу абри навбаҳорон,
Аз сари андуҳу ҳасрат дар фироқи гулъизорон.

Фоилотун фоилотун, фоилотун фоилийён [103].

**РАМАЛИ МУСАММАНИ ЯК РУКН МАШКУЛ ва ЯК СОЛИМ АЛАТ-ТАРТИБ** رمل مثمن یك رکن مشکول ویك سالم علی الترتیب

аз Ҳофиз:

Ба мулозимони султон кӣ расонад ин дуоро,
Ки ба шукри подшоҳӣ зи назар марон гадоро.

Фаилоту фоилотун, фаилоту фоилотун.

**РАМАЛИ[104] МАХБУНИ МУШАЪАС** رمل مخبون مشعث аз Насируддини Тусӣ:

Чӣ кунам? Ҳар чи кунам бо ту намедорад судам,
Ба ҷуз он ҳила надонам, ки аз ишқат бигрезам.

фаилотун, фаилотун, фаилотун, мафъулун.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ САДР ва ИБТИДО ва ҲАШВҲО СОЛИМ ва АРӮЗ ва ЗАРБ МАҲЗУФ** رمل مثمن صدر و ابتدا و حشوها سالم و عروض و ضرب محذوف

байт:

Ҳар киро бинам сухан бо ӯ зи ҳар ҷо мекунам,
То кунад зикри ту сад тақриб пайдо мекунам.

Вазнаш фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ МАШКУЛ** رمل مثمن مشکول байт:

Қадаре биханду аз рух қамаре нумой моро,
Сухане бигӯю аз лаб шакаре нумой моро.

фаилоту фоилотун, фаилоту фоилотун.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ САДР ва ИБТИДО МАХБУН ва ҲАШВ БАЪЗЕ СОЛИМ ва БАЪЗЕ МАХБУН ва АРУЗ ва ЗАРБ СОЛИМ** رمل مثمن صدر و ابتدا مخبون و حشو بعضی سالم و بعضی مخبون و عروض و ضرب سالم

аз Саъдӣ:

На бар уштуре суворам, на чу уштур зери борам,
На худованди раийят, на ғуломи шаҳриёрам.
Ғами мавҷуду парешонии маъдум надорам.
Нафасе мезанам осудаву умре мегузорам.

Бар вазни фаилотун фоилотун, фаилотун фоилотун; фаилотун фаилотун, фаилотун фоилотун.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ САДР ва ИБТИДО СОЛИМ ва ҲАШВҲО МАХБУН ва АРӮЗ ва ЗАРБ МАХБУНИ МАҲЗУФ** رمل مثمن صدر و ابتدا سالم و حشوها مخبون و عروض و ضرب مخبون محذوف

аз Мир Наҷот:

Боз дил бурд зи ман пурфане ботадбире,
Шерандом буте, навчаи куштигире.

Фоилотун, фаилотун, фаилотун фаълун[105]. Маснавии «Гулкуштӣ»-и Мир Наҷот дар ин баҳр аст ва шеъри мазкур ҳам аз он аст.

**РАМАЛИ МУСАММАНИ МАХБУН** رمل مثمن مخبون байт:

Шакаратро шуда гарчи сипаҳи мур мураттаб,
Магасе низ нахоҳам, ки кунад соя бар он лаб.

Фаилотун, фаилотун, фаилотун, фаилотун. Баъзе **рамали махбун**-ро бар шонздаҳ рукн бино кардаанд. Ва дар урф новоқифон аз ғалатӣ баҳри **тавил** гумон баранд, мисолаш аз Исматуллоҳи Бухорӣ:

Ранги рухсору дури гӯшу хату ҳадду қаду оразу холи лабат, эй сарви парирӯи саманбар,
Шафақу кавкабу шому саҳару тубию гулзори биҳишт асту ҳилолу тарафи чашмаи Қавсар.

Фаилотун, шонздаҳ бор.

**РАМАЛИ МУСАДДАСИ СОЛИМ** رمل مسدس سالم аз Сайфӣ:

Эй нигоринрӯй дилбар з-они мой,
Рух макун пинҳон, чу андар ҷони мой.

Фоилотун, фоилотун, фоилотун.

**РАМАЛИ МУСАДДАСИ МАҲЗУФ** رمل مسدس محذوف байт:

Гуфт: зоҳид аз биҳиштам деҳ хабар,
Гуфтамаш зинҳор номи деҳ мабар!

Фоилотун, фоилотун, фоилун. Маснавии ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Шайх Фаридуддини Аттор ва «Ному Ҳалво»-и Баҳоуддини Омулӣ дар ҳамин баҳр аст.

**РАМАЛИ МУСАДДАСИ МАХБУНИ МАҚСУР** رمل مسدس مخبون مقصور аз Сайфи:

Шаккарин лаъли ту кони намак аст,
Гарчи шаккар на макони намак аст.

Фоилотун, фаилотун, фаилот.

**РАМАЛИ МУСАДДАСИ МАХБУНИ МАҲЗУФ** رمل مسدس مخبون محذوف байт:

Муҳташамзода зи бас нахвату ҷоҳ
Мехиромид зарифона ба роҳ.

Фоилотун, фаилотун, фаилун. Ва бар ин вазн маснавихо кам воқеъ шудаанд.

**БАҲРИ САРЕЪ** بحر سريع чун дар ин баҳр асбоб бештаранд аз **автод** зудтар гуфта мешавад, лиҳозо сареъ ном карданд. Ва ин баҳрро дар форсӣ ҳама аркони **матвӣ** оранд ва **солим** наёмада, магар ба такаллуф.

**БАҲРИ САРЕЪИ МАТВИИ МАВҚУФ** بحر سريع مطوى موقوف аз Саъдӣ:

Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез.

Муфтаилун, муфтаилун, фоилон. Дар ин вазн агар мақтуъ муқобили матвӣ оранд, ҷоиз аст, тақдим ва таъхир шарт нест, чунончи Низомӣ фармуда, байт:

Ҳаст калиди дари ганҷи ҳаким,
Бисмиллоҳ-ир-раҳмон-ир-раҳим.

Бар вазни муфтаилун, муфтаилун, фоилон; мафъулун, мафъулун, фоилон. Дар ин вазн агар **аруз** ва **зарб** мухталиф бошад, ҷоиз аст, чунонки дар охири як мисраъ фоилун — матвии максуф ва дар охири мисраъи дигар фоилот — матвии мавқуф. Дар ин баҳр гоҳе ҳарфи мавқуф дар муқобалаи ҳарфи мутаҳаррик воқеъ шавад, ҷоиз бошад, чунонки Хоқонӣ фармояд, байт:

Халқае ар кам шавад аз зулфи ту,
Хотами Ҷам хоҳӣ товони он.

Ё-и **хоҳӣ** мавқуф аст, ки ба ҷои ҳарфи мутаҳаррик уфтода, мисраъи аввал бар вазни муфтаилун, муфтаилун, фоилун ва сонӣ бар вазни муфтаилун, мафъулун, фоилот. Ва дар ин баҳр аст «Қирон-ус-саъдайн» ва «Махзан-ул-асрор» ва «Матлаъ-ул-анвор». Ва дар ин вазн агар садру ибтидо солим ояд ва ҳашв матвӣ ва арузу зарб мавқуф ҷоиз аст, Салмон:

Сурати икболи туро бар ҷабин
Инно фатаҳно лака фатҳан мубин.

Муфтаилун, муфтаилун, фоилон; мустафилун, муфтаилун, фоилон.

**САРЕЪИ МАТВИИ МАКСУФИ МАҶЗУЪ** سريع مطوى مكسوف مجذوع аз Ҷомӣ, байт:

Эй гули руят сунбулхез,
Зулфи сиёҳат оташбез.

Муфтаилун, мафъӯлун, фоъ. Дар ин вазн иҷтимоъи **тай** ва **касф** дар **ҳашв** ҷоиз аст.

**БАҲРИ МУНСАРЕҲ** بحر منسرح **мунсареҳ** дар луғат ба маънии осон. Чун дар ин баҳр **сабабҳо** муқаддаманд бар **автод** осонтар гуфта мешавад ва солим наёмада.

**МУНСАРЕҲИ МУСАММАНИ МАТВИИ МАВҚУФ** منسرح مثمن مطوى موقوف Сайфӣ:

Он ки дилам сайди ӯст миршикори ман аст,
Даст ба хунам нигор карда нигори ман аст.

Муфтаилун фоилон, чаҳор бор; ва муфтаилун фоилот ва муфтаилун фоилун низ дуруст аст ва фоилун, муфтаилун, фоилун агар ба он ҷамъ шавад низ ҷоиз, чунонки Саъдӣ фармояд, байт:

Пушти дутои фалак рост шуд аз хуррамӣ,
То чу ту фарзанд зод модари айёмро.

**МУНСАРЕҲИ МУСАММАНИ МАТВӢ** ва **АРУЗ** ва **ЗАРБ МАНҲУР**[106] منسرح مثمن مطوى و عروض و ضرب منحور

Саъдӣ фармояд дар «Гулистон», байт:

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунъё
Пур нашавад ҳамчунон ки ҷоҳ ба шабнам.

Муфтаилун фоилоту муфтаилун фаъ.

**МУНСАРЕҲИ МУСАММАНИ АХРАБ**[107] منسرح مثمن اخرب Сайфӣ, байт:

Сайфӣ гадо аз он шуд дар шаҳри он парирӯ,
То рӯзҳои даврон ояд ба ҷониби ӯ.

Мафъӯлу фоилотун, ду бор.

**МУНСАРЕҲИ МУСАДДАСИ МАТВӢ** منسرح مسدس مطوی байт:

Шоҳи ҷаҳон бод, то замона бувад.
К-аз камараш халқ шодиёна бувад.

Муфтаилун, фоилоту муфтаилун.

**МУНСАРЕҲИ МУСАДДАСИ АХРАБИ МАКФУФ**[108] منسرح مسدس اخرب مکفوف байт:

Эй нозанин, ки моҳи манӣ имшаб,
Раҳме бикун чу шоҳи манӣ имшаб.

Мафъӯлу фоилоту мафойлун, ду бор.

**БАҲРИ ХАФИФ** بحر خفیف сабуктарин бухур аст. Дар арабӣ мусаддас ояд, форсиён ба нудрат мусамман ҳам овардаанд.

**БАҲРИ ХАФИФИ МУСАДДАСИ САДР** ва **ИБТИДО СОЛИМ** ва **БОҚӢ МАХБУН** بحر خفیف مسدس صدر و ابتدا سالم و باقی مخبون аз Ҷомӣ, байт:

Сабзаҳо навдамида ёр наёмад,
Тоза шуд боғу он нигор наёмад.

Фоилотун, мафоилун, фаилотун.

**БАҲРИ ХАФИФИ САДР** ва **ИБТИДО СОЛИМ** ва **ҲАШВ МАХБУН** ва **БОҚӢ МАҚТУЪ** بحر خفیف صدر و ابتدا سالم و حشو مخبون و باقی مقطوع

ва агар арӯз фаилун ояд ва зарб фаилот ё фаилон ё билъакс ояд, ҷоиз аст, Саъдӣ:

Кас набинад ки ташнагони Ҳиҷоз
Ба лаби оби шур гирд оянд.

Ва нусхаи «Номи ҳақ» ва «Мо мукимон» ва «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ва «Ҳашт биҳишт»-и Амир Хусрав ва «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ дар ҳамин баҳр аст.

**БАҲРИ ХАФИФИ АРУЗ** ва **ЗАРБ МУШАЪАС** بحر خفیف عروض وضرب مشعث аз Ҷомӣ:

Вақти гул шуд, ҳавои гулшан дорам,
Завқи ҷоми мудоми рушан дорам.

Фоилотун, мафоилун, мафъӯлун.

**БАҲРИ МУЗОРЕЪ** بحر مضارع чун **музореъат** ба маънии **мушобаҳат** аст, ин баҳрро музореъ аз он гӯянд, ки бо баҳри **мунсареҳ** мушобаҳат дорад дар ин ки ҷузви дуввуми ин ду баҳр **ватади мафруқ** дорад аз ду ҷузви дуввуми музореъ, фоилотун аст, муштамил бар фоъ ва ҷузви дуввум мунсареҳ, мафъӯлоту, муштамил бар лот (ва ба замми то). Ва Халил гуфта, ки мушобеҳ аст ба баҳри **ҳазаҷ** дар ин ки дар аркони ин ҳар ду баҳр **автод** муқаддаманд бар **асбоб**.

**МУЗОРЕЪИ МУСАММАНИ МАКФУФИ МАҚСУР** مضارع مثمن مکفوف مقصور аз Ҷомӣ:

Хуш он мавсими баҳор, ки бар тарфи лолазор
Ниҳад ёри гулъизор ба каф ҷоми хушгувор.

Мафойлу фоилоту мафойлу фоилот, **ду бор.**

**МУЗОРЕЪИ МУСАММАНИ АХРАБ АРУЗ** ва **ЗАРБ СОЛИМ** مضارع مثمن اخرب عروض و ضرب سالم аз Хусрав, байт:

Хоҳам, ки сер бинам руи чу ёсаминаш,
Лек офат аст чашмаш, метарсам аз каминаш.

Мафъӯлу фоилотун, мафъӯлу фоилотун, ду бор.

**МУЗОРЕЪИ МУСАММАНИ АХРАБИ МУСАББАҒ** مضارع مثمن اخرب مسبغ аз Ҷомӣ:

Эй лаъли нушхандат коми шакардаҳонон,
Сирри даҳон-т берун аз фаҳми нуктадонон.

Мафъӯлу фоилотун, мафъӯлу фоилотун[109] ду бор.

**МУЗОРЕЪИ МУСАММАНИ АХРАБИ МАҲЗУФ** مضارع مثمن اخرب محذوف аз «Гулистон»-и Саъдӣ, байт:

Дидор менамоию парҳез мекунӣ,
Бозори хешу оташи мо тез мекунӣ.

Мафъӯлу фоилотун, мафъӯлу фоилун.

**МУЗОРЕЪИ МУСАММАНИ АХРАБИ МАКФУФ**[110] مضارع مثمن اخرب مکفوف аз Урфӣ:

Эй муртафеъ зи нисбати зоти ту шони илм,
Қилки гуҳарфишони ту ратбуллисони илм.

Мафъӯлу фоилоту, мафойлу фоилот, ду бор.

**МУЗОРЕЪИ МУСАДДАСИ МАКФУФ АРУЗ ва ЗАРБ МАҲЗУФ** مضارع مسدس مكفوف عروض و ضرب محذوف аз Ҷомӣ:

Хушо ҷилваи ҷамоли ту дидан,
Хушо меваи висоли ту чидан.

Мафоилу фоилоту фаулун, ду бор.

**БАҲРИ МУҚТАЗАБ** بحر مقتضب **иқтизоб** буридан аст. Ин баҳрро аз баҳри мунсареҳ буридаанд, чаро ки аркони ин ҳар ду баҳр як аст ва ихтилофии ҳамин дар тартиб аст.

**МУҚТАЗАБИ МУСАММАНИ МАТВӢ** مقتضب مثمن مطوی аз Сайфӣ:

Бо лабат чӣ металабам, бода назди
ҷон чӣ бувад?
Бо рухат чӣ менигарам, банда пеши
хон чӣ бувад?

Фоилоту муфтаилун, фоилоту муфтаилун, ду бор.

**МУҚТАЗАБИ МАТВИИ МАҚТУЪ** مقتضب مطوی مقطوع аз Сайфӣ:

Вақтро ғанимат дон, он қадар
ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, як дам аст,
то донӣ.

Фоилоту мафъулун, чаҳор бор. Ва гоҳе дар ин вазн дар васати мисраъ як ҳарф аз тақтеъ зоид уфтад ва инро мазҳуфи мураввач гуянд, чунонки дар ин байт:

Майпарастиэҷодам, нашъаи азал дорам,
Ҳамчу донаи ангур шиша дар бағал
дорам.

ро-и ангур зоид аст.

**БАҲРИ МУҶТАС(С)** بحر مجتث **иҷтисос** аз бех баркандан аст. Мусаддаси ин баҳрро аз **хафиф** баркандаанд, чаро ки алфози ин ҳар ду якест. Ин ҷо мустафъилун муқаддам бар ҳар ду фоилотун ва дар **хафиф** дар миён.

**МУҶТАССИ МУСАММАНИ МАХБУН** مجتث مثمن مخبون аз Сайфи:

Зи дур нест муяссар назар ба руи
ту моро,
Чӣ давлат аст, таолаллаҳ аз қади
ту қаборо.

Мафоилун фаилотун, мафоилун фаилотун, ду бор.

**БАҲРИ МУҶТАССИ МУСАММАНИ МАХБУНИ МАҚСУР** بحر مجتث مثمن مخبون مقصور аз Сайфӣ:

Зи баски дарди ту бар ҷони нотавони
ман аст,
Ҳалоки ман талабад, ҳар кӣ меҳрубони
ман аст.

Мафоилун фаилотун, мафоилун фаилот, ду бор. Ва гоҳе рукни охири фаилотун ва гоҳе фаилун ва гоҳе фаилон; аз Ҳофиз:

Ғуломи наргиси масти ту тоҷдоронанд,
Хароби бодаи лаъли ту ҳушёронанд.

**БАҲРИ МУТАҚОРИБ** بحر متقارب зеро ки автод бо асбоби ӯ ба ҳам наздиканд.

**БАҲРИ МУТАҚОРИБИ МУСАММАНИ СОЛИМ** بحر متقارب مثمن سالم **байт:**

Зи шарми рухат лоларо доғ бар дил,
Зи рашки қадат сарвро пой дар гил.

Фаулун, ҳашт бор.

**МУТАҚОРИБИ МУСАММАНИ МАҚСУР Ё МАҲЗУФ** متقارب مثمن مقصور یا محذوف аз Салмон:

На чун нури роят бувад офтоб,
Ки ин аз хато ояд, он аз савоб.

Фаӯлун, фаулун, фаулун, фаул. «Юсуф ва Зулайхо»-и Фирдавсӣ **ва** «Бустон» ва «Сикандарнома» **ва** «Шоҳнома» бар ҳамин вазн аст.

**МУТАҚОРИБИ МУСАММАНИ АСЛАМ** متقارب مثمن اثلم аз Ҳофиз:

Ман риндошиқ в-он гоҳи тавба,
Астағфируллоҳ, астағфируллоҳ.

Фаълун, фаулун, фаълун, фаулун, ду бор.

**МУТАҚОРИБИ МУСАММАНИ МАҚБУЗИ АСЛАМ** متقارب مثمن مقبوض اثلم аз Ҳофиз:

Гарам бихонӣ в-арам биронӣ,
Дили ҳазинро ба ҷои ҷонӣ.

Фаулу фаълун, чаҳор бор.

**МУТАҚОРИБИ АСРАМИ МАҚСУР** متقارب اثرم مقصور аз Ҷомӣ:

Эй шаби зулфат ғолиясой,
В-эй маҳи руят ғолияпуш.

Фоъ фаулун, фоъ фаул.

**МУТАҚОРИБИ МУСАДДАСИ СОЛИМ** متقارب مسدس سالم аз Сайфӣ:

Зи дарди ҷудоӣ чунонам,
Ки аз зиндагонӣ ба ҷонам.

Фаулун, фаулун, фаулун, ду бор. Баъзе **тақориби аслам**-ро бар шонздаҳ рукн ниҳодаанд, аз Исматуллоҳи Бухорӣ:

Зиҳӣ ду чашмат ба хуни мардум
Кушода тиру кашида ханҷар.
Рухи чу моҳат сабоҳи давлат,
Хати сиёҳат шаби муанбар.

Фаулу фаълун, ҳашт бор. Ва баъзе ба ҷои фаулу фаълун, мафоилотун, ҳашт бор навиштаанд ва эҳтимоли буҳури дигар ҳам нумудаанд. Аз шоире дар ин вазн як ҳарф аз тақтеъ зоид баста шуда ва инро маҳзуфи ғайри мураввач хонанд, мисраъ:

Агарчи сад сол зи бехудиҳо ба хоки
роҳат фитода бошам...

**ломи сол** аз **тақтеъ** зоид аст; ва ин қисм зиёдат мамнӯъ бошад.

**БАҲРИ МУТАДОРИК** بحر متدارك инро **мутадорик** аз он гуянд, ки **тадорук** дар луғат дарёфтан ва пайвастан аст якдигарро. **Асбоби** ин баҳр дарёфта аст **автоди** инро. Ё он ки Абулҳасани Ахфаш ин баҳрро пайдо карда ба баҳрҳои дигар, ки Халил ибни Аҳмад пайдо нумуда буд, бипайваст. Аслаш фоилун, ҳашт бор.

**МУТАДОРИКИ МУСАММАНИ СОЛИМ** متدارك مثمن سالم аз Сайфӣ:

Ҳусну лутфи туро банда шуд меҳру маҳ,
Ҳатту холи туро мушки Чин хоки раҳ.

Фоилун, ҳашт бор.

**МУТАДОРИКИ МУСАММАНИ МАХБУН** متدارك مثمن مخبون аз Салмон:

Чу рухат набувад гули боғи Ирам,
Чу қадат набувад қади сарви чаман.

Фаилун (ба ҳаракати айн), ҳашт бор. Ва баъзе **мутадорики махбун**-ро бар шонздаҳ рукн бино кардаанд, чунончи байт:

Маю нағма мусаллами ҳавсалае,
ки қадаҳкаш гардиши
сар нашавад,
Бихил аст сабуксарӣ он қадарат,
ки димоғи ҷунунзада
тар нашавад.

Securing Вазнаш фаилун (ба ҳаракати айн), шонздаҳ бор.

**МУТАДОРИКИ МУСАММАНИ МАҚТУЪ** متدارك مثمن مقطوع аз Ҷомӣ:

То кай моро дар ғам дорӣ,
То кай орӣ бар ман хорӣ?

Фаълун (ба сукуни айн), ҳашт бор.

**МУТАДОРИКИ МУСАММАНИ МАХБУНИ МАҚТУЪ** متدارك مثمن مخبون مقطوع аз Ҷомӣ:

Сунбули сияҳ бар суман мазан,
Лашкари ҳабаш бар Ҳутан мазан.

Фоилун фаал, фоилун фаал. Ва баъзе **мутадорики мақтӯъ**-ро бар шонздаҳ рукн бино кардаанд.

**БАҲРИ ҚАРИБ** بحر قريب махсус ба форсист. Ва **қариб** аз он гуянд, ки ба баҳри **музореъ** қурбате дорад. Ё он ки баъд аз Халил ибни Аҳмад Мавлоно Юсуфи Нишопурӣ възъ карда.

**БАҲРИ ҚАРИБИ МУСАДДАСИ МАКФУФ** بحر قريب مسدس مكفوف байт:

Худованди ҷаҳонбахш, шоҳи одил,
Шаҳаншоҳи ҷавонбахт, рои комил.

**Мафоӣлу мафоӣлу фоилотун.**

**БАҲРИ ҚАРИБИ МУСАДДАСИ АХРАБИ МАКФУФИ АРӮЗ ва ЗАРБ СОЛИМ** بحر قريب مسدس اخرب مكفوف عروض و ضرب سالم аз Сайфӣ:

То табъи раҳӣ барқарор бошад,
Маддоҳи дари шаҳриёр бошад.

Мафъулу мафоилу фоилотун.

**БАҲРИ ҚАРИБИ АХРАБИ ҲАШВ АҲТАМ, АРУЗ СОЛИМ ва ЗАРБ МУСАББАҒ** بحر قريب اخرب حشو اهتم عروض سالم و ضرب مسبغ Неъматхон дар ташобуҳи қитъаи «Нисоб» гуфта, байт:

Сарфавҷ чу шуд асир **мегуфт**
**Аз** илми луғат ҳар он чи буд ёд.

Мафъулу фаул фоилотун ва зарб фоилийён ҳездаҳум.

**БАҲРИ ҶАДИД** بحر جديد ғариб ҳамноманд, зеро ки ин баҳр тоза пай-

до карда шудааст, баъд аз Халил ибни Аҳмад ва Абулхасан. Агарчи аслаш фоилотун, фоилотун, мустафъилун аст, лекин аксар солим намеоянд.

**БАҲРИ ҶАДИДИ МАХБУН** بحر جدید مخبون аз Сайфӣ:

Чу қадат гарчи санавбар кашад саре,
Набувад чун қади сарват санавбаре.

Фаилотун, фаилотун, мафоилун.

**БАҲРИ МУШОКИЛ** بحر مشاکل ин бахр бо баҳри **қариб** мушокилат дорад, зеро ки аркони ҳар ду якест. Ин ҷо фоилотун муқаддам бар ҳар ду мафоилун ва дар **қариб** муаххар. Аслаш фоилотун, мафоилун, мафоилун аст. Ва солим намеоянд ва аксар мусаддас омада, магар мутааххирин мусамман низ овардаанд.

**БАҲРИ МУШОКИЛИ МУСАММАНИ МАКФУФ** بحر مشاکل مثمن مکفوف аз Ҷомӣ:

Ҷеву тарфи чаман гир бо ҳарифи саманруй,
Гоҳ сунбули тар чину гоҳ шохи саманбуй.

Фоилоту мафоӣлу, фоилоту мафоӣл. Чун аз буҳури муттафиқи алайҳи ҷумҳур фароғат шуд, баёни буҳури мустаҳдас ба муҷиби ваъда лозим омад. Бояд донист, ки баъзе арузиён аз **доираи мухталифа** сивои **тавил** ва **мадид** ва **басит** ду баҳри дигарро, ки **ариз** ва **амиқ** бошад, шификок кардаанд.

**АРИЗ** عریض -ро аз ҷузви **севвуми доираи** мазкур ибтидо сохтаанд. Мафоӣлун, фаӯлун, чаҳор бор.

**АМИҚ** عمیق -ро аз ҷузви панҷум шуруъ нумудаанд. Лун, фаулун, мафоӣ, ки бар вазни фоилун, фоилотун мешавад, чаҳор бор. Чун ашъор дар ин ҳар ду баҳр наёфтаанд, лиҳозо аз дараҷаи эътибор фуру уфтода. Ва баъзе аз арузиёни порсӣ, мисли Баҳромии Сарахсӣ ва Бузурҷумеҳри Қуммӣ ва амсоли эшон сивои давоири шашгонаи мазкура як доираи дигари мусаммо ба мунъакиса ба заъми худ пайдо кардаанд. Ва ҷумлаи буҳури он нуҳ аст: **сарим** ва **кабир** ва **мазил** ва **сағир** ва асам ва **қалиб** ва **ҳамид** ва салим ва ҳамим.

**БАҲРИ САРИМ** بحر صریم мафоӣлун, фоилотун, фоилотун, ду бор.

**БАҲРИ ҚАБИР** بحر کبیر мафъулоту мафъулоту мустафъилун, ду бор.

**БАҲРИ МАЗИЛ** بحر مذیل мустафъилун, мустафъилун, фоилотун, ду бор.

**БАҲРИ САҒИР** بحر صغیر мустафъилун, фоилоту мустафъилун, ду бор.

**БАҲРИ АСАМ(М)** بحر اصم фоилотун, мафоӣлун, фоилотун, ду бор.

**БАҲРИ ҚАЛИБ** بحر قلیب фоилотун, фоилотун, мафоӣлун, ду бор.

**БАҲРИ ҲАМИД** بحر حمید мафъулоту мустафъилун, мафъӯлоту, ду бор.

**БАҲРИ САЛИМ** بحر سلیم мустафъилун, мафъӯлоту, мафъулоту, ду бор.

**БАҲРИ ҲАМИМ** بحر حمیم фоилотун, мустафъилун, мустафъилун, ду бор. Чун буҳури мустаҳдасаи ахира дар буҳури қадимаи собиқа ба эътибори таваҳҳуди аркон ва авзон баъзе ба баъзе мундариҷанд, индаттааммул тағоири куллӣ надоранд, лиҳозо ба тафсили инҳо ҳеч фоида надониста, бар ҳамин қадар ихтисор уфтод. Тамом шуд рисолаи **«Меъроҷ-ул-арӯз».**

**АРФ** عرف бӯи хуш; ва биззам (яъне **урф**)* шинохтагӣ ва накуӣ ва эҳсон (аз «Мунтахаб»).

**УРУҚ** عروق рагҳои бадан ва беххои дарахт; *ҷамъи* **ирқ** (билкаср).

**АРАҚ** عرق хайи андом ва обе, ки аз бухори табхи адвия ҳосил кунанд; ва билкаср (яъне **ирқ**)* ба маънии раги бадан ва бехи дарахти борик (аз «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Бахр-ул-ҷавоҳир»); ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **арқ**)* гушт аз устухон боз кардан ва устухоне, ки гушт аз вай боз карда бошанд (аз «Мунтахаб»).

**ИРОҚ** عراق бидон ки **Ироқ** ду ҳастанд: яке **Ироқи Аҷам**, ки Хуросон ва Исфаҳон дохили он аст; ва дигаре **Ироқи Араб** ва мулки он он руи Даҷла аст ва Бағдод дохили он аст. Ва **ироқ** дар луғат ба маънии канораи дарьёст. Чун ҳар ду мулки мазкур бар канораи дарьё воқеъ шудааст, лиҳозо **Ироқ** гуянд. **Ироқи Аҷам** бар канораи руди Ҷайҳун аст ва **Ироқи Араб** бар канораи Даҷла ва Фурот. Ва **Ироқ** номи мақомест аз мусиқӣ, ки ба вақти чошт сароянд.

**ИРОҚ** عراق анбӯҳӣ кардан; ба фатҳи аввал ва ташдиди рои муҳмала (яъне **аррок**)* сахтмоланда ва гуш молдиҳанда ва корзоркунанда (а[illegible] «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Мусталаҳот»).

**АРУСАК** عروسک манчаники кучак; ва он аз олоти чанги қалъагирист; ва луъбат, ки духтарон ба он бозӣ кунанд; ва номи меваест аз қисми зардолу (аз «Мусталаҳот» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мадор» ва «Сироҷ»).

**АРАЗИ ОМ** عرض عام ба истилоҳи мантиқиён куллест, ки содиқ меояд бар касирин, ки мухталиф бошанд дар ҳақиқат ва ҷузви афрод набошад, чунонки мошӣ, ки содиқ аст бар инсон ва фарас ва бақар, ки мухталифанд дар ҳақиқат ва ҷузви эшон нест.

**АРИМ** عرم ба маънии рӯдхона ва садде, ки пеши оби рӯдхона гирифта роҳи об масдуд созанд (аз «Мунтахаб»).

**ИРАМРАМ** عرمرم ба маънии лашкар навиштаанд; ва баъзе гуянд, ки туркист. Ва дар баъзе аксоми туркӣ айни муҳмала ҳам меояд, валлоҳу аълам биссавоб.

**АРУСИ АДАН** عروس عدن иборат аз моҳ (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**АРАҚЧИН** عرق چین навъе аз кулоҳ, ки дар зери дастор пушанд (аз «Мусталаҳот» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон»); ва баъзе ба маънии румол ҳам навиштаанд.

**УРҶУН** عرجون чуби хӯшаи хурмо, ки ба шакли дос хамида мебошад.

**ИРОҚАЙН** عراقین *таснияи* Ироқ аст, чаро ки **Ироқ** дуанд: яке **Ироқи Араб** ва дигаре **Ироқи Аҷам**; дар «Мунтахаб» навишта, ки **Ироқайн** Куфа ва Басра низ бошанд.

**ИРФОН** عرفان ба маънии шинохтан, лекин мустаъмал ба маънии шинохтан ва маърифати ҳақ таолост; ва ба маънии шарму хаё низ омада (казо фил — «Мусталаҳот»).

**АРАҚ КАРДАН** عرق کردن бихолат кашидан (аз «Мусталаҳот»).

**АРАҚ РЕХТАН** عرق ریختن шарманда шудан; ва ба маънии саъй дар коре кардан.

**АРИН** عرین бар в[illegible] нии беш[illegible] [illegible]роо[illegible]

[illegible]

ри[illegible] ва ш[illegible]ис[illegible]

**АРРХУ** عرعر овози [illegible] ҳангоми хашм (аз «[illegible]).

**АРАҚИЙЯ** عرقیه рум[illegible] кучак, ки бо он арақ пок кунанд (аз «Сироҷ»).

**УРВА** عروه гушаи ҳар [illegible] ва дастаи ҳар чиз ва дастаи куза ва офт[illegible] ва ҳар чиз, ки мисли он бош[illegible] ба даст метавон гирифт. Ва ка[illegible] ки ба маънии расан гуянд, дар [illegible] китоб дида нашуда, зоҳиран хатост. Ва номи марде, ки бар Афро ном зане ошиқ буд (аз «Муайид» ва «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»)[111].

**АРИКА** عریکه бар вазни **тарика**; ба маънии табиат; ва ба маънии кӯҳони шутур (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**УРОЗА** عراضه он чи мусофир барои дустони худ туҳфа биёрад (аз шарҳи «Нисоб»).

**АРЗА** عرضه як бор зоҳир кардан чи[illegible] ро бар касе; ва дар «Мунтаха[illegible] ошкоро кардан ва арз нумудан; ва биззам (яъне **урза**)* ҳиммат ва ҳила ва дар миён андохташуда ва пеш овардашуда ва он чи пеш кашида шавад; ва ба маънии сипар низ мустаъмал аст.

**УРИБА** عریبه номи қавме, ки муваккали роҳ ҳастанд (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**АРЗГОҲ** عرضگاه майдони шумор кардани сипоҳ.

**АРРОДА** عراده навъе аз олоти чанги қалъагирӣ; ва он олате бошад кучактар аз манҷаниқ, ки бад-он санг бар сари хасм андозанд (аз «Мунтахаб» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам»).

**АРБАДА** عربده бар вазни **вахраҷа**; ба маънии бадхӯӣ ва ҷангҷӯӣ (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Сиҳоҳ»).

**АРАФА** عرفه рузи нухуми зиҳаҷҷа, чаро ки рузи истода шудани ҳоҷиён

[illegible] ...рофот; ва ба су-[illegible] хатос[illegible] (аз [illegible] а-[illegible] и [illegible] ва [illegible] ...ҳар-[illegible] ...ост.

[illegible] ва бисоти шатранҷ (аз [illegible]).

**АРУСИ** عروسی [illegible]...ии никоҳ.

**ИРОҚӢ** عراقی тахаллуси шоире.

**ИРҚИ МАДАНИ** عرق مدنی номи бемо[ри]е, ки ба форси онро **ришта** но[манд] ва ба ҳиндӣ нару гуянд.

**[АРШ]И СОНӢ** عرش ثانی иборат аст аз Курси, ки бар он ҳама ситорагон ҳастанд.

**АРШӢ** عرشی тахаллуси шоире.

**АРЗБЕГӢ** عرض بیگی касе ки суол ва ҳоҷоти мардумро ба арзи подшоҳ расонад.

**АРОЙ** عرای саҳрои бедарахту гиёҳ, ки ба ҳеч чиз дар он паноҳ натвон бур[д] (аз «Мунтахаб»); ва ба касри аввал (яъне **ирой**)* ба истилоҳи шатранҷбозон муҳрае, ки миёни [ш]оҳи худ ва рухи ҳариф ҳоил со[з]анд барои ҳифозати шоҳ аз кишт; [ва] баъзе мардум, ки ба ҷои **ирой** лафзи **ироб** гуянд (ба зиёдати бои муваҳҳада), хатост.

**УРРГУЗӢ** عرگوزی ба гӯз саргин баровардан; чи **урр** (биззам) ба маънии саргин аст (казо фил — «Латоиф»); ва дар «Мусталаҳот» **арргузӣ** (ба фатҳи аввал ва ташдиди рои муҳмала) ба маънии шуру ғавғои бемаҳал.

**АРАБИ** عربی мансуб ба араб; мардум аз беилтифоти ба сукуни ро (яъне **арбӣ**)* хонанд.

### Фасли айни муҳмала маъа зои муъҷама

**АЗО** عزا сабр бар мусибат ва сабр кардан ва дар он истиқомат варзидан ва шикоят кардан; ва дар урфи ҳол *маҷозан* ба маънии мотампурсӣ ва нисбат доштан ба касе ё ба чизе (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Қашф» ва ғайра).

**УЗЗО** عزی *муаннаси* **аъазза**; ва номи бут аст ва он дарахте буд, ки араб онро мепарастиданд. Ба ҳукми пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама Холид ибни Валид он дарахтро бисухт (аз «Мунтахаб» ва «Қомус»); ва форсиён ин лафзро ба тахфиф (яъне **узо**)* ҳам овардаанд.

**АЗЛУ НАСБ** عزل و نصب ва мардум ба замми айн ва фатҳи сод (яъне **узлу касаб**)* хонанд ва он хатост; ба маънии тағайюр ва баҳоли[112].

**АЗАБ** عزب марди муҷаррад, ки зан надошта бошад (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»); ва ба маънии зани бешавҳар низ омада.

**УЗЛАТ** عزلت ҷудо шудан аз зану фарзанд ва гушанишинӣ барои ибодат (аз «Қанз»).

**АЗИМАТ** عزیمت дилниҳодагӣ ва қасду оҳанг ва афсун (аз «Мунтахаб»).

**АЗМОТ** عزمات *ҷамъи* **азм**.

**ИЗҲОТ** عزهات ба маънии суст, яън[и] касе ки қуввати боҳи у зоил шуда бошад (аз шарҳи «Нисоб»).

**ИЗ(З)** عز ба маънии иззат ва арҷмандӣ, ки хилофи **зилл** бошад; ва билфатҳ ва ташдид (яъне **азз**)* ба маънии ғалаба (аз «Қашф» ва «Мадор»).

**АЗИЗ** عزیز арҷманд ва марғуб ва камёб; ва ғолиб; ва лақаби подшоҳи Миср; ба замонаи қадим вазирони Мисрро **Азиз** лақаб мебуд (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Латоиф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**АЗЗА** ва **ҶАЛЛА** عز و جل ҳар ду сиғаи мозист; ба маънии ғолибшуда ва бузургшуда; ва ин мозӣ барои давом аст.

**АЗРОИЛ** عزرائیل номи фиришта, ки қобизи арвоҳ аст.

**АЗОЗИЛ** عزازیل номи шайтон.

**УЗЗОЛ** عزال ва назди баъзе ба тахфиф (яъне **узол**)*: номи пардаи мусиқӣ, ки он шуъба аст аз зангула (аз «Қашф»).

**АЗЛ** عزل бекорӣ ва бекор кардан касеро; ва биззам (яъне **узл**)* хатост (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**АЗМ** عزم ирода ва қасд ва оҳанг кардан; ва биззам (яъне **узм**)* низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қашф»).

**АЗОИМ** عزائم афсунҳо ва адъияе, ки барои эҳзори ҷинниён ва париён хонанд; ва оёти Қуръони маҷид, ки барои шифои бемор хонанд; ва фароизи худо воҷибкарда бар бандагон (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Мусталаҳот»).

**АЗВ** عزو нисбат кардан ба чизе ва шикебой кардан бар мусибат (аз «Сурох» ва ғайра).

**Фасли айни муҳмала маъа сини муҳмала**

**АСО** عسی ба маънии қариб аст ва наздик аст, ки чунин шавад; ва ба маънии яқин ва шояд ҳам омада (аз «Латоиф» ва «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**УСРАТ** عسرت душворӣ (аз «Мунтахаб»).

**АСЧАД** عسجد ба маънии зар ва тило; ва ба маънии ҷавоҳир чун дур ва ёқут (аз «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» ва «Мадор» ва шарҳи «Нисоб» ва «Қашф»).

**УСР//УСУР** عسر душворӣ ва душвор шудани кор; ва ба фатҳи аввал ва касри сини муҳмала (яъне **асир**)* ба маънии душвор ва мушкил (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**АСИР** عسیر ба маънии душвор (аз «Мунтахаб»).

**АСКАР** عسکر *муарраби* **лашкар** (казо фил — «Муарраб» ва «Сурох»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки аскар ба маънии лашкар ва бисьёр аз ҳар чиз; ва торикии шаб; ва маҳаллаест ба Нишопур; ва номи Сомира, ки деҳест миёни Ҳарамайн ва аз он ҷост имом Алинақии Аскарӣ ва имом Ҳасани Аскарӣ ва Аскарони Арафа ва Мино.

**АСОКИР** عساکر лашкарҳо; *ҷамъи* **аскар.**

**АСОР** عسار дарвешӣ ва тангдастӣ (аз шарҳи «Нисоб»).

**АСЪАСА** عسعس сиғаи мози аз **асъасат, ки ба маънии торикӣ даровардани** шаб аст (аз «Сурох»).

**УС(С)** عس қадаҳи бузург (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**АСАС** عسس касе ки ба муҳофизати шаҳр ба шаб гардад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва дар «Латоиф» навишта, ки асас *ҷамъи* **ос** аст, ки ба маънии шаҳнаи шаб бошад; ва дар форсӣ бар муфрад итлоқ кунанд.

**АСАЛ** عسل ба маънии шаҳд.

**УСУН** عسن ба маънии пиҳи кӯҳна (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ»).

**АСҚАЛОН** عسقلان номи шаҳрест ба Шом; ва номи рӯд низ навиштаанд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**АСКАРӢ** عسکری мансуб ба **Аскар**, ки шаҳрест аз Хузистон ва Аҳвоз, миёни Басра ва Форс (аз «Тақвим-ул-булдон»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки деҳест миёни Ҳарамайн; ва *киноя аз* имом Алинақии Аскарӣ ва имом Ҳасани Аскарӣ; ва навъест аз шароб, ки аз найшакар созанд (аз «Муайид» ва «Қашф» ва ғайра).

**АСАЛӢ** عسلی порчаи зард, ки яҳудон ба ҷиҳати имтиёз бар дӯши ҷома дӯзанд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**Фасли айни муҳмала маъа шини муъҷама**

**ИШО** عشا торикии шаб, ки вақти намози шаб аст; ва ба фатҳи аввал (яъне ашо)* таоме, ки ба шаб хӯранд; ва **ашо** (ба фатҳи аввал ва бе ҳамза) ба маънии шабкӯрӣ (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қашф»).

**УШБ** عشب гиёҳи тар (аз «Мунтахаб»).

**ИШРАТ** عشرت саҳеҳ ва ба фатҳ (яъне **ашрат**)* хатост; ба маънии хушдилӣ ва хуш зиндагонӣ кардан бо ҳам (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қомус» ва «Сурох»).

**АШАРОТ** عشرات *ҷамъи* **ашара**, ки онро даҳои гӯянд; ва даҳои ҳама нуҳанд, чунончи: даҳ ва бист ва сӣ ва чиҳил ва панҷоҳ ва шаст ва ҳафтод ва ҳаштод ва навад.

**АШИЙЯТ** عشیت ба маънии шабонгоҳ.

**АШИР** عشیر бар вазни **фақир**; ба маънии касе, ки ба касе ба як ҷо зиндагонӣ кунад; ва ба маънии хешованд ва ҳамсоя; ва ба маънии даҳум ҳисса аз чизе (аз «Қашф» ва «Муайид»).

**АШОИР** عشائر ба маънии хешон ва қабоил; ва ин *ҷамъи* **ашира** аст.

**УШРИ АШИР** عشر عشیر лафзи аввал биззам, бар вазни **шукр** ва лафзи сонӣ бар вазни **фақир,** ба маънии ҳиссаи даҳум аз даҳум ҳиссаи чиле. Пас он садум ҳисса мешавад аз маҷмуъаи аввал, чунонки **ашир** сад даҳ аст ва **ушр** даҳ аст (аз «Муаййид» ва «Қашф» ва ғайра).

**АШР** عشر даҳум ҳисса аз чизе гирифтан; ва биззам (яъне **ушр**)* даҳум ҳисса аз чизе; ва ба маънии даҳ ояти Қуръони маҷидро гуянд, ки дар замони қадим расми қориён ин буд, ки шогирди худро ҳар руз даҳ оят сабақ медоданд; ва ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **ушар**)* ҳар наботе, ки шир диҳад, хусусан дарахти ог; ва ба фатҳатайн (яъне **ашар**)* адади маъруф, ки ба форсӣ онро даҳ гуянд; ва даҳ зан, чунонки **ашара** даҳ мард (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Шамсӣ» ва дигар кутуб ва шуруҳ).

**УШ(Ш)** عش ошьёнаи мурғ (аз «Латоиф»).

**УШШОҚ** عشاق *ҷамъи* **ошиқ**; ва номи мақомест аз дувоздаҳ мақоми мусиқӣ, ки онро ду гҳарии руз боқӣ монда, месароянд.

**АШУҚ** عشوق бисьёр ишқкунанда ва соҳибишқ.

**ИШҚ** عشق бисьёр дуст доштани чизе (аз «Мунтахаб»); ва назди атиббо маразест аз қисми ҷунун, ки аз дидани сурати ҳусайн пайдо мешавад. Абдурраззоқи шореҳи Зуҳурӣ аз «Шарҳи Асбоб ва футуҳот-ул-ҳикам» нақл карда аст, ки **ишқ** маъхуз аз **ашиқа** ва он наботест, ки онро **лаблоб** гӯянд, чун бар дарахте бипечад онро хушк кунад. Ҳамин ҳолат ишқ аст бар ҳар диле, ки торӣ шавад соҳибашро хушк ва зард кунад; ва дар «Мусталаҳот» ба маънии салом ва вадоъ низ навишта, чи истилоҳи озодон аст, ки ба ҷои саломи алайк ишқуллоҳ гӯянд.

**АШИРОН** عشیران бар вазни **фақирон**; номи шуъбае аз Буслик, ки яке аз пардаҳои мусиқист (аз «Қашф» ва «Мадор»).

**ИШҚПЕЧОН//ИШҚИ ПЕЧОН** عشق پیچان наботест, ки бар дарахт печад, гули он сурх бошад ва дар урф онро **ишқпеча** гӯянд.

**УШРХОН** عشرخوان тифли навомузи қуръонхон, чаро ки тифлро аввал даҳ оят ба тариқи табаррук сабақ диҳанд; ва ба маънии қории Қаломуллоҳи шариф; ва *маҷозан* ба маънии маъзул (аз «Рашидӣ»); ва дар «Мусталаҳот» шахсе ки бар гури мурда Қуръон хонад.

**ИШВА//АШВА//УШВА** عشوه кори пушида кардан (аз «Суроҳ» ва «Қомус»); ва дар «Мунтахаб» ба ҳар се ҳаракати аввал, ба маънии **оташ,** ки дар шаб аз дур дида шавад; ва дар «Мадор» ва «Қашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» **ишва** (билкаср) ба маънии нозу фиреб ва ҳаракати маъшуқ, ки дили ошиқ бадон фирефта шавад; ва каср афсаҳ аст.

**АШИРА** عشیره хешон ва табор ва аҳли хона (аз «Мунтахаб»).

**АШАРАИ КОМИЛА** عشرهٔ کامله даҳ чизи комил ва *кинояаз* даҳ рӯзаи ҳоҷиён, ки се руза дар айёми ҳаҷ доранд ва хафт баъд аз ҳаҷ. Ва ин ҳукм бар касонест, ки қудрати қурбонӣ надоранд.

**АШИҚА** عشقه ба маънии ишқпечон (аз «Бурҳон»).

**АШИҚА** عشیقه ба маънии маъшуқа.

**УШОРӢ** عشاری номи санъати шеърӣ.

### Фасли айни муҳмала маъа соди муҳмала

**АСО** عصا чубдастӣ; ва сиғаи мозӣ аз исён, ба маънии бефармонӣ кардан; ва ишора ба ин оят: «ва асо одаму раббаҳу фағаво»; ва ба истилоҳ олати таносул.

**АСАБ** عصب ба маънии пай; ва он чизест сифед, ки ҳиссу ҳаракат ва мазбутии аъзо бад-он аст; ва дар «Мунтахаб» ва «Суроҳ» навишта, ки **асаб** (ба фатҳатайн) ба маънии найҳо; *ҷамъи* **асаба**; муаллиф гӯяд: аз ин ҷо маълум шуд, ки **аъсоб** *ҷамъулҷамъи* **асаб** аст; ва дар шарҳи «Нисоб» аз «Сиҳоҳ» манқул аст, ки **асаб** ба маънии пайи зард аст, на ба маънии пайи сифед, ки онро **ақаб** номанд.

**АСАБИЙЯТ** عصبیت тарафдорӣ ва устуворӣ ва хешовандӣ.

**ИСМАТ** عصمت боздоштан худро аз гунох; ва билфатх (яъне **асмат**)* хатост (аз «Бахр-ул-чавохир» ва «Музил»); ва ба истилох итлоқи ин лафз бар покист, ки аз ибтидои вучуд то интиҳои умр гуноҳи кабира, хусусан зино накарда бошад.

**АСАБОТ** عصبات *чамъи* **асаба**, ки ба маънии писарон ва хешовандони нарина бошад аз чониби падар.

**УСОТ** عصات *чамъи* **осӣ**; ва ба **ташдиди** сод (яъне **уссот**)* хатост, ки дар асл **асият** буд, бар вазни **фаъилат**, ба замми аввал ва фатҳи сонӣ ва солис ва ёи мутаҳаррики моқабли он мафтуҳ: он **ё**-ро ба алиф бадал карданд, **усот** шуд; ва бар ҳамин қиёс **кузот** *чамъи* **қозӣ** ва **рувот** *чамъи* **ровӣ** ва **вулот** *чамъи* **волӣ** ва **ғузот** *чамъи* **ғозӣ**; ғараз ки хар исми фоил, ки нокис бошад, чамъи он бар ҳамин вазн ояд (аз «Фусули Акбарӣ» ва «Шофия»).

**УСФУР** عصفر гули кочира, ки ба ҳиндӣ касанба гуянд; ва чомае, ки ба ранги он сурх карда шавад, онро муасфар гӯянд; ва гулро **гули муасфар** гуфтан, чунонки мардум мегуянд, хатост (аз «Қомус» ва «Мунтахаб»).

**АССОР** عصار равғангар; ва биззам (яъне **уссор**)* хатост (аз «Қомус» ва «Мунтахаб»); ва исми ҳар пешавар ба ҳамин вазн бошад, чунонки *қассор* ва *хайёт* ва *ҳаллоч* ва ғайрухум (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**АСОФИР** عصافير *чамъи* **усфур** аст ба маънии гунчишкон.

**УСФУР** عصفور гунчишк; ва билфатх (яъне **асфур**)* хатост.

**АСР** عصر рӯзгор ва замона; ва ба маънии охири руз; ва ба маънии афшурдан (аз «Шамсӣ» ва «Сурох»).

**АСИР** عصير ширaи ангур ва ғайри он; ва гоҳе *мачозан* ба маънии шароби ангури.

**УСЪУС** عصعص бар вазни **булбул**; устухони мобайни ҳар ду сурин, қариб аз макъад; аз «Мунтахаб» ва кутуби тиб ҳамин мустафод аст; ва дар «Мунтахаб» ба фатҳи ҳар ду айн (яъне асъас)* низ гуфта.

**ИСОМ** عصام даволи машки об, ки бадон машк аз об бардоранд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва дар шарҳи «Нисоб» бедмушк ва номи марде некухислат, ки ҳочиби Нуъмон ибни Манзар буд.

**ИСЁН** عصيان масдар аст; дар асли луғат маънии он сахт шудан аст. Пас гуноҳро исён аз он ном карданд, ки одами аз гунох сахтдил мешавад («Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ).

**АСВ** عصو ба асо задан (аз шарҳи «Нисоб»).

**ИСОБА** عصابه навъе аз чома, ки бадон сар банданд (аз «Мадор» ва «Қашф»); ва ба фатх (яъне **асоба**)* хатост.

**АСАБА** عصبه пай, ки ҳиссу ҳаракат ва пайвастагии мафосили андом бад-он аст; *чамъи* он **асаб** ва **аъсоб** меояд; ва ҳам **асаба** (ба фатҳатайн) писарон ва хешовандони нарина аз чониби падар; ва **усба** (биззам) гуруҳи мардони аз дах то чиҳил (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**АСИДА** عصيده бар вазни **қасида**; навъе аз ҳалвост (аз «Мунтахаб»).

**УСОРА** عصاره суфли чизе, ки афшурда шавад; ва ба маънии он чи ба фишоридан берун ояд аз обу равған ва чуз он (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Нуруллоҳ»).

### Фасли айни муҳмала маъа зоди муъчама

**АЗБ** عضب дар асл ба маънии катъ; ва ба маънии теғ мустаъмал шуда (аз шарҳи «Нисоб»).

**АЗБИЙЯТ** عضبيت теззабони.

**АЗУД** عضد ба маънии бозу; ва ҳамин асл аст; ва билфатх ва биззам ва фатҳи аввал ва касри сонӣ ва ба фатҳатайн (яъне **азд** ва **узд** ва **азид** ва **азад**)* ва ин чаҳор вачх фаръ аст (аз «Мунтахаб» ва «Сиҳох» ва «Сурох»); ва билфатх (яъне **азд**)* ёрӣ додан ва номи подшохе аз подшоҳони Шероз.

**АЗ(З)** عض ба дандон газидан (аз «Мунтахаб»).

**АЗРАФУТ** عضرفوط ба форсӣ онро карбосу гуянд (аз «Чорбардӣ»); ва дар «Мунтахаб» чонварест сифеду нарм, ки ангушти духтаронро бад-он ташбеҳ кунанд.

**АЗАЛ** عضل гуштпораҳои бо пайхо мураккаб; *воҳидаш* азала (аз «Мунтахаб»).

**УЗВ** عضو андом; ва билфатҳ (яъне азв)* хатост (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**УЗОДА** عضاده чуби тарафи дар, ки онро бозуи дар гуянд (аз «Мунтахаб»); ва ба касри аввал (яъне изода)* қитъае бошад мустатили мулсиқ бар пушти устурлоб, ки онро ба ҷиҳати аҳком ба гардиш меоранд.

### Фасли айни муҳмала маъа тои муҳмала

**АТОИ КУБРО** عطای کبری *киноя аз* умри табиӣ, ки яксаду бист сол бошад.

**АТАБ** عطب ба маънии ҳалок, ки ба урф онро ҳалокӣ гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Латоиф»).

**УТЛАТ** عطلت бекорӣ (аз «Сурох»).

**ИТОЛАТ** عطالت бекори ва муатталӣ, магар дар луғоти муътабара ба ин маънӣ ёфта нашуда.

**УТОРИД** عطارد ситораи маъруф, ки бар фалаки дуввум тобад ва онро дабири фалак гуянд; илму ақл бадў тааллуқ дорад ва шарафи ў дар Сунбула ва ваболи ў дар Қавс (аз «Сурох» ва «Қомус» ва «Музил» ва «Тақодим»); ва номи давое,ки онро сунбули румӣ гуянд; ва ба истилоҳи кимиёгарон ба маънии ҷаст, ки яке аз филиззот аст (аз «Туҳфат-ул-муъминин» ва ғайра).

**ИТР** عطر хушбу ва буи хуш; ва билфатҳ (яъне **атр**)* хушбу шудан ва хушбў кардан (аз «Қомус» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АТТОР** عطار хушбуфуруш; ва дар муҳовараи мардум ба маънии давофуруш; ва ин холӣ аз кароҳат нест (аз «Қашф»).

**УТОС** عطاس ба маънии атса ва оризае ки атса орад (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**УТОШ** عطاش ташнагон; ва биззам (яъне **утош**)* бемории ташнагӣ, ки ҳарчанд об хурда шавад, ташнагӣ наравад (аз «Мунтахаб»).

**АТАШ** عطش ташнагӣ (аз «Сурох»).

**АТФ** عطف гардонидан ва печидан ва майл кардан ва меҳрубонӣ ва санҷофи домани ҷома (аз «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**АТАЛ** عطل зани бепироя (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии ҳарфи бенуқта, мисли **дол** ва **син** ва **лом** ва **мим**.

**АТАН** عطن ҷои об хурдани шутурон (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» оромгоҳи гуспандон наздики об.

**АТШОН** عطشان ба маънии ташна; ва ба маънии ташнагӣ низ омада.

**АТУФА** عطوفه зани меҳрубон.

**АТРИ ҶАҲОНГИРӢ** عطر جهانگیری атре ки аз гулоб гиранд; чун ин атр собиқ набуд Нуриҷаҳонбегим дар аҳди Ҷаҳонгирӣ эҷод нумуда, лиҳозо ба **атри Ҷаҳонгирӣ** мавсум шуда (аз «Чароғи ҳидоят»).

### Фасли айни муҳмала маъа зои муъҷама

**УЗАМО** عظما ба маънии бузургон; ин *ҷамъи* **азим** аст.

**АЗАМАТ** عظمت ба маънии бузургӣ ва қадр (аз «Қомус» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва ба сукуни зои муъҷама ва замму фатҳи аввал (яъне **узмат** ва **азмат**)* чунонки машҳур аст, хато бошад.

**АЗМ** عظم устухон; ва биззам (яъне **узм**)* бузургӣ (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Мунтахаб»); ва ба касри аввал ва фатҳи зои муъҷама (яъне **изам**)* ба маънии калонӣ, *зидди* **сиғар**.

**ИЗОМ** عظام ба маънии бузургон ва калонон; ва ба ин маънӣ *ҷамъи* **азим** аст; ва ба маънии устухонҳо, дар ин сурат *ҷамъи* азм аст, ки (билфатҳ) ба маънии устухон бошад; ва биззам ва ташдиди зо ва тахфифи он (яъне **уззом** ва **узом**)* ба маънии бузург (аз «Мунтахаб»).

### Фасли айни муҳмала маъа фой

**АФРО** عفرا номи маъшуқаи Урво[113].

**АФАРНО** عفرنا ба маънии шери дарранда (аз шуруҳи «Нисоб»).

**УФУНАТ** عفونت бадбӯй ва ганда шудани чизе.

**ИФРИТ** عفریت ба маънии дев (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**АФОРИТ** عفاریت ба маънии девон; ин *ҷамъи* **ифрит** аст.

**ИФФАТ** عفت парҳезгорӣ ва порсоӣ; ва ба маънии эҳтироз аз муҳаррамот, хусусан аз шаҳвати ҳаром (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**АФС** عفص номи давоест, ки онро мозу гӯянд; ва ба фатҳи аввал ва касри фо (яъне **афис**)* ҳар чизе ки мазаи он талх ва туруш бо гирифтагии даҳан бошад (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**АФОФ** عفاف порсоӣ ва парҳезгорӣ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**АФИФ** عفیف марди порсо ва парҳезгор аз ҳаром.

**АФЪАФ** عفعف овози саг.

**АФАН** عفن ганда шудани ҳаво ва гӯшт ва ҷуз он; ва ба фатҳи аввал ва касри фо (яъне **афин**)* ба маънии ганда ва бадбӯ.

**АФВ** عفو. бар вазни **сарв**; аз хато даргузаштан ва тарк кардани уқубати гуноҳ дар ҳолати қудрат (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва ғайра); магар дар ибтидои боби чаҳоруми «Бустон» лафзи **афв** ба фатҳи аввал ва замми сонӣ ва тахфифи вов (яъне **афу**)* омадааст, чунончи мисраъ:

Афу кардам аз вай амалҳои зишт...

ва ин навъе аз тафрис аст; ва ба фатҳи аввал ва замми фо ва ташдиди вов (яъне **афувв**)* бисьёр даргузаранда аз гуноҳи касе.

**АФИФА** عفیفه зани порсо ва парҳезгор аз ҳаром.

### Фасли айни муҳмала маъа қоф

**УҚУЛИ УЛО** عقول اولی *киноя аз* **уқули ашара**, ки ҳақ таоло аввал аз ҳама олам он даҳ фириштагонро пайдо сохт. Ва ин қавли ҳукамои Ҳинд аст. Лафзи **уқул**, ки ҷамъ аст, ба лафзи **уло**, ки сиғаи муаннаси воҳид аст, сифат оварда, чаро ки ҷамъ ҳукми муаннаси воҳид дорад.

**АҚИБ** عقب ба маънии пошна; ва фарзанд ва фарзандзода; ва биззам ва ба замматайн (яъне **уқб** ва **уқуб**)* поёни кор ва оқибат; ва ба фатҳатайн (яъне **ақаб**)* пай, ки аз он чиллаи камон созанд; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **ақб**)* масдар аст, ба маънии паси чизе даромадан (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва Анварӣ барои маънии паси чизе ба фатҳатайн овардааст.

**ИҚОБ** عقاب азоб нумудан ва шиканҷа кардан; ва биззам (яъне **уқоб**)* мурғи шикории сиёҳ ва ҳар чизи баланд, ки бисьёр баланд набошад ва санги бузурги баромада аз кӯҳ; ва *маҷозан* ба маънии баландии мутлақ низ омада; ва риштаи кӯчак, ки дар сӯрохи гӯш кашанд барои гӯшвора; ва ба истилоҳи кимиёгарон ба маънии нушодур (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Шамсӣ» ва «Шарҳи Сикандарнома» ва ғайра).

**АҚРАБ** عقرب ба маънии каждум ва номи бурҷи ҳаштум аз буруҷи осмон ва он ба сурати каждум аст; ва *маҷозан* ба маънии манҳус ояд.

**АҚОРИБ** عقارب *ҷамъи* **ақраб** аст, ки ба маънии каждум аст.

**АҚИБ** عقیب пайрав ва он чи пас бошад.

**АҚАБОТ** عقبات роҳҳои душвор; ва ин *ҷамъи* **ақаба** аст.

**АҚЛИ МУҶАРРАДА** عقل مجرده яке аз **уқули ашара**.

**АҚД** عقد гиреҳ додан; ва ба маънии паймон ва никоҳ ва байъ кардан; ва ба фатҳатайн (яъне **ақад**)* гирифтагии забон дар сухан; ва билкаср (яъне **иқд**)* ба маънии силки марворид ва гулӯбанд, ки онро ба ҳиндӣ ҳар гӯянд; ва ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **уқад**)* *ҷамъи* **уқда** (биззам), ки ба маънии гиреҳ аст (аз «Муайид» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сиҳоҳ»).

**АҚОИД** عقائد *ҷамъи* **ақида**, ки чизеро ҳақ даниста дар дили худ муҳкам гирифтан аст.

**АҚОҚИР** عقاقیر *ҷамъи* **уққор**, ки (биззам ва ба қофи мушаддад аст) ба маънии адвия, ки аз қисми бехи наботот аст (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**АҚР** عقر нозойида шудан ва ақим шудани зан ва пай кардан сутурро ва боздоштан аз рафтан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**АҚИР** عقیر нозоянда ва ноумед (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**АҚОР** عقار обу замини зироат ва арози ва мулк ва қария; ва хурмобун; ва ба маънии матоъ ва асбоб; ва ба замми аввал (яъне **уқор**)* шароб ва май (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ» ва «Латоиф» ва «Қашф» ва «Мадор»).

**АҚУР** عقور ба маънии саги газанда (аз «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»).

**АҚДИ ЗИФОФ** عقد زفاف иборат аст аз никоҳ.

**АҚЪАҚ** عقعق тоирест сиёҳу тезпарвоз; ва дар «Мунтахаб» навишта, ки мурғест сиёҳу сифед, ки онро акка ва зоғи даштӣ гӯянд.

**УҚУҚ** عقوق нофармонии падару модар кардан (аз «Мунтахаб»).

**АҚИЛ** عقیل марди зирак ва бисьёр доно; ва зонубанди шутур; ва номи писари Абитолиб, ки донотар буд ба нисбати Қурайш.

**АҚЛ** عقل хирад ва дониш; ва он қувватест нафси инсонро, ки бад-он тамизи дақоиқи ашьё кунад; ва онро нафси нотиқа низ гӯянд. Ва Мавлоно Юсуф ибни Монеъ дар «Шарҳи Нисоб» навишта, ки **ақл** дар асли луғат масдар аст, ба маънии банд дар по бастан; чун хирад ва дониш монеъи рафтани табиат мешавад ба суи афъоли замима, лиҳозо хирад ва донишро **ақл** гӯянд; ва дар истилоҳи ҳукамо ба маънии малак, яъне як фиришта аз даҳ фириштагон, ки назди эшон муайян ҳастанд.

**АҚУЛ** عقول хирадманд; ва ба замматайн (яъне **уқул**)* *ҷамъи* **ақл**, ки ба маънии дониш аст ва *ҷамъи* **ақл**, ки ба маънии малак ва фиришта аст. Чи назди ҳукамо муқаррар аст, ки ҳақ таоло аввал як фиришта пайдо карда, пас он фиришта як фириштаи дигар ва як осмон пайдо карда, баъдуҳу фириштаи дуввум як фиришта ва як осмон пайдо карда, баъдуҳу фириштаи севвум як фиришта ва як осмон пайдо карда, баъдуҳу фириштаи чаҳорум як фиришта ва як осмон пайдо карда; ҳамчунин даҳ фиришта ва нуҳ осмон пайдо шуданд; ва ҳамин даҳ фириштагонро **уқули ашара** гӯянд. Ва назди аксари ҳукамо зиёда аз инҳо мутаҳаққиқ нест.

**АҚЛИ ФАЪОЛ** عقل فعال ба сиғаи муболаға, **ақли ошир**, ки фириштаи даҳум аст; ва назди ҳукамо ҳама афроди оламро ҳамун пайдо кардааст; ва Ҷабраил алайҳиссалом ҳамин **ақли фаъол** аст, чунончи дар «Майбазӣ» мастур аст.

**АҚЛИ АВВАЛ** عقل اول фириштаи аввал, ки аз у нуҳ фириштаи дигар пайдо шуда; ва **ҷавҳари аввал** низ онро гӯянд; ва дар «Бурҳон» навишта, ки **ақли аввал** нури муҳаммадист ва ҳам *киноя аз* Ҷабраил алайҳимуссалоту вассалом.

**АҚЛИ КУЛЛ** عقل کل *киноя аз* Ҷабраил ва *киноя аз* нури муҳаммадӣ ва гоҳе *киноя аз* арши азим бошад (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ИҚОЛ** عقال расане, ки бад-он соқи шутур банданд ва ё пои дигар сутурон банданд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Қашф»).

**АҚДИ АНОМИЛ** عقد انامل навъе аз асбоби шумори маснун, ки ба ашколи бастан ва кушодани ангуштони даст асмои аъдод малҳуз доранд ва тафсилаш ин аст, ки: барои воҳид хинсири дасти рост фуру бояд гирифт ва ҷиҳати ду бинсирро бо хинсир зам кардан ва барои се вусторо низ чунонки дар адади ашьёи байниннос маъҳуд ва мутаориф аст, ва лекин дар ин се ақд бояд, ки руъуси аномил бисьёр наздик ба усули асобеъ бошад ва барои чаҳор хинсирро рафъ бояд кард ва бинсиру вусторо маъқуд гузоштан ва барои панҷ бинсирро низ рафъ кардан ва ба ҷиҳати шаш вусторо рафъ карда, фақат бинсирро фуру бояд гирифт, чунончи сари анмулаи он бар васати каф бошад ва барои ҳафт бинсирро ҳам бардошта хинсири танҳоро ақд бояд гирифт, чунонки сари ангушт нек моил бошад

ба ҷониби нармаи даст, яъне қариб ба мунтаҳои каф ба суи соид ва барои ҳашт бо бинсир ҳамон бояд кард ва барои нуҳ бо вусто низ ҳамон бояд кард; ва бояд ки дар ин укуди салосаи ахир сарҳои ангуштон бар тарафи каф бошад, то ба укуди салосаи аввал муштабеҳ нагардад ва барои даҳ сари нохуни саббобаи дасти ростро ботин бар мафсили аввали анмулаи ибҳом, яъне нарангушт бояд ниҳод, чунонки фурҷаи миёни ду ангушт ба ҳалқаи мудаввар мушобеҳ бошад ва барои бист тарафи акди зерини саббоба, ки муттасили вустост, бар пушти нохуни ибҳом бояд ниҳод, чунончи пиндори анмулаи ибҳомро дар миёни усули саббоба ва вусто гирифтаанд, лекин вусторо дар далолати адади бист дахле набошад, чи авзоъи у барои укуди оҳод мутағайир ва мубаддал гардад ва иттисоли нохуни ибҳом ба тарафи акди зерини саббоба ба ҳоли худ далолат бар бист кунад ва барои си ибҳомро қоим дошта сари анмулаи саббоба ба тарафи нохуни у бояд ниҳод, чунонки вазъи саббоба бо ибҳом шабеҳ бошад, ба сурати қавс ва рудаи он ва барои чиҳил нохуни анмулаи ибҳомро бар заҳри акди зерини саббоба бояд ниҳод, чунонки миёни ибҳом ва тарафи каф ҳеч фурҷа намонад ва барои панҷоҳ саббобаро қоим дошта ибҳомро тамом хам бояд кард ва бар каф бояд ниҳод муҳозии саббоба; барои шаст ибҳомро хам дода ботини укдаи дуввуми саббобаро бар пушти нохуни ибҳом бояд ниҳод; ва барои ҳафтод ибҳомро қоим дошта, ботини укдаи аввал ё дуввуми саббоба бар пушти нохуни ибҳом бояд ниҳод, чунонки пушти нохуни ибҳом тамом макшуф бошад ва барои ҳаштод ибҳомро мунтасаб гузошта тарафи анмулаи саббобаро бар пушти мафсали анмулаи уло бояд ниҳод; ва барои навад сари нохуни саббобаро ботин бар мафсали укдаи дуввуми ибҳом бояд ниҳод; ва бояд донист, ки он чи дар дасти рост далолат бар акде аз укуди оҳод кунад аз яке то нуҳ, дар дасти чап далолат бар ҳамон акде аз укуди улуф кунад аз як ҳазор то нуҳ ҳазор; ва ҳамчунин он чи дар дасти рост далолат бар акде аз укуди нуҳгонаи ашарот кунад аз даҳ то навад, дар дасти чап далолат бар ҳамон акде аз укуди миот кунад аз яксад то нуҳсад; бидон ки ба асобеъи ҳар ду даст бад-он сувари ҳездаҳгонаи мазкуратуссадр аз яке то нуҳҳазору нуҳсаду навад ну нуҳ забт тувон кард; ва барои адади даҳҳазор тарафи анмулаи ибҳомро муттасил бояд сохт ба тарафи тамоми анмулаи саббоба, чунонки сари нохуни ибҳом баробар бошад ва тарафаш ба тарафи у.

**АҚИМ** عقیم ба маънии нозоянда, хоҳ мард бошад, хоҳ зан; дар ин лафз музаккар ва муаннас баробар аст (аз «Мунтахаб»); ва марди **ақим** он аст, ки нутфаи у қобили заръ набошад.

**УҚОБАФГАН** عقاب افکن *киноя аз* ҳалқабагуш, яъне мутеъ ва ғулом; чи **уқоб** ба маънии риштаест, ки дар сурохи гуш кашанд барои андохтани ҳалқа (аз шарҳи Хони Орзу).

**УҚОБИ ОСМОН** عقاب آسمان чанд ситора аст ба сурати уқоб ва онро **Насри Тоир** низ гуянд.

**УҚОБИН** عقابین хорҳои оҳанӣ (аз шуруҳи «Сикандарнома»); ва дар «Мусталаҳот» ба замми аввал ва фатҳи бои муваҳҳада (яъне **уқобайн**)* ду чуби баланд, ки мучримонро бад-он банданд.

**ИҚЁН** عقیان ба маънии зар, ки онро тило низ гуянд (аз шуруҳи «Нисоб»).

**ИҚБОН** عقبان *ҷамъи* **иқоб**, ки ба маънии шиканҷа ва азоб аст; ва биззам (яъне **уқбон**)* *ҷамъи* **уқоб**, ки паррандаи маъруф аст.

**АҚДИ РАВОН** ва **АҚДИ ТАМКИН** عقد روان و عقد تمکین никоҳи мутаъа (аз «Мусталаҳот»).

**АҚАБА** عقبه роҳи душвор дар куҳ ва ҷои душвор ва *мурод аз* амри сахт ва азим низ омада (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**УҚДА** عقده гиреҳ (аз «Мунтахаб»).

**УҚЛА** عقله ба маънии банд ва номи шаклест манҳус аз ашколи рамл (аз «Мунтахаб»).

**АҚИЛА** عقیله сардори қавм ва беҳтарини ҳар чиз ва баргузидатарин (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва ба маънии расан ва пойбанд.

**АҚИҚА** عقيقه бар вазни **фаъила**; зиёфати ном ниҳодан ва мӯй сутурдани тифл ба рӯзи ҳафтум аз вилодат (аз шарҳи «Нисоб»).

**АҚВА** عقوه ба маънии майдон ва саҳни сарой (аз шарҳи «Нисоб»).

**УҚУЛИ АШАРА** عقول عشره даҳ фириштагон; чи назди аксари ҳукамо ҳамагӣ даҳ фириштаанд. Аввал ҳақ таоло як фаришта пайдо кард ва пас он фаришта як фириштаи дигар ва як осмон пайдо карда ва баъдуҳу фириштаи дуввум як фиришта ва як осмон пайдо кард; ҳамчунин даҳ фиришта ва нуҳ осмон пайдо шуданд ва фириштаи даҳум ҳама оламро ба ҳукми ҳақ таоло пайдо кард.

**АҚРАБӢ** عقربی навъе аз лаъл, ки ҷавҳари машҳур аст.

**АҚЛИ КУЛЛӢ** عقل کلی ҳамон **ақли** кулл, ки мазкур шуд.

### Фасли айни муҳмала маъа кофи арабӣ

**АКСУ ТАРД** عکس و طرد яке аз саноеъи шеърӣ, ки нисфи мисраъро аз алфози қалб карда, мукаррар оранд, чунончи дар ин мисраъ:

Бода чӣ кунӣ пинҳон, пинҳон чӣ кунӣ бода...

**АКС** عکس бозгуна кардан; ва он чи дар обу ойина амсоли ашьё дида мешавад.

**УКОЗ** عکاظ номи бозори мобайни Нахла ва Тоиф.

**АККА** عکه навъе аз калоғ ва он аблақ бувад (аз «Бурҳон»); ва дар «Муайид» навишта, ки мурғест, ки онро ақъақ низ гӯянд.

**УКОША** عکاشه анкабут (аз «Латоиф»).

**АКСИ МУСТАВӢ** عکس مستوی дар истилоҳи мантиқ, дар қазияи ҷамила он аст, ки мавзӯъро маҳмул созанд ва маҳмулро мавзӯъ, чун: *кулли инсонин ҳайвони*, акси ӯ чунин бошад: *баъзалҳайвонин инсонун*; ва дар шартия он аст, ки муқаддамро толӣ созанд ва толиро муқаддам, чун: *ин канатишшамсу толеъатан фаннаҳору мавҷудун*; ва акси ӯ чунин бошад: *ин кананнаҳору мавҷудан фашшамсу толеъатун.*

### Фасли айни муҳмала маъа лом

**УЛО//АЛО** علا баландӣ ва бузургӣ (аз «Сурох»).

**УЛЁ** علیا ҳар чиз, ки баландтар бошад аз дигарон; ва ин *таъниси* **аъло**-ст; ва он чи дар «Гулистон» ҳадиқаи улё нависанд, хатост; саҳеҳ **ғалбо** (ба фатҳи ғайни муъҷама ва бои муваҳҳада) аст, ба маънии боғе, ки дарахтонаш сар ба ҳам бароварда доранд, чунонки дар «Сурох» аст.

**ИЛЛАТИ УЛО** علت اولی *киноя аз* **ақли аввал.**

**АЛОЛО** علالا шуру ғавғо (аз «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ИЛЛАТИ ОФТОБ** علت آفتاب мураккаб, ба маънии ярақон.

**ИЛЛАТ** علت беморӣ ва ваҷҳ ва сабаби чизе (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АЛОТ** علات ба маънии синдон, ки бар он оҳанро ниҳода мекубанд; ба ҳиндӣ онро эҳран гӯянд (аз шуруҳи «Нисоб»).

**ИЛЛАТИ МАШОИХ** علت مشائخ бемориест, ки аз юбусати савдовӣ дар мақъади баъзе пирон хорише пайдо мешавад, ки муқтазии мафъулият гардад, наузубиллоҳи минҳо.

**ИЛМИ НАЗАР** علم نظر илми мунозара, ки дар он одоби баҳс баён карда шавад; ва ба маънии илми ақлӣ, чунончи мантиқ ва ҳикмат (аз шуруҳи «Қирон-ус-саъдайн» ва ғайра).

**АЛОҚАИ ДАСТОР** علاقه دستار ба маънии турраи дастор (аз «Мусталаҳот»).

**АЛАФ** علف хӯриши сутурон ва дигар баҳоим (аз «Мунтахаб»); ва дар «Бурҳон» навъе аз гиёҳ.

**АЛЛОФ** علاف ба маънии коҳфурӯш (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии касе ки коҳу дон ва ҳезум фурӯшад низ омада.

**АЛАҚ** علق хуни баста ва кирми сиёҳи обӣ, ки хуни ҷилди бадан мемакад; ва онро ба форсӣ залу ва ба ҳиндӣ ҷунк гӯянд; ва ҳар чизе ки ба чизе даровехта шавад (аз «Мунтахаб»).

**УЛУҚ** علوق даровехтан ва дӯст доштан ва баста шудани хуни зан дар

ҷисм бо нутфаи мард дар ибтидои айёми ҳамл.

**ИЛАЛ** علل сабабҳо ва бемориҳо; *ҷамъи* **иллат** (аз «Мунтахаб»).

**АЛИЛ** علیل бемор (аз «Мунтахаб»).

**ИЛЛАТИ АСЛ** علت اصل ақли аввал.

**АЛАЛҲОЛ** علی الحال *киноя аз* зуд ва шитоб.

**ИЛЛАТИ ОЛАМ** علت عالم *киноя аз* ақли аввал.

**АЛАМ** علم роят ва нишони лашкар; ва ба маънии куҳ; чун дар ин ҳар ду вузуҳ ва сутуҳ ёфта мешавад, лиҳозо *маҷозан* ба маънии машҳур ва маъруф мустаъмал мегардад; ва ба маънии накши ҷома; ва ба маънии исми хоси нафси воҳид, яъне номе, ки мард ё зан ва ғайра бадон маъруф бошад, чунончи Зайд ва Зайнаб ва Макка ва Ҷайҳун; ва чоҳаке, ки дар лаби боло мебошад; ва билкаср (яъне **илм**)* огоҳ шудан ва донистан ва дониш (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ИЛМИ КАЛОМ** علم کلام иборат аз илмест, ки дар он илм муқаддамоти нақлӣ ба далоили ақлӣ собит кунанд; ва соҳибони ин илмро мутакаллимин гуянд (аз «Чаҳор шарбат»).

**УЛУМ** علوم *ҷамъи* **илм**, ки ба маънии донистан ва дониш аст; ва *ҷамъи* илме, ки ба маънии донистани моҳияти фанни хос аст; ва **улуми мудаввана** ин аст: илми сарф, илми наҳв, илми луғат, илми маонӣ, илми баён, илми аруз, илми қофия, илми иншо, илми расмулхат, илми муъаммо, илми мунозара, илми қироъат, илми тафсир, илми ҳадис, илми фиқҳ, илми фароиз, илми усул, илми калом, илми мантиқ, илми ҳикмат ва он муштамил аст бар бисьёр улум. Баъзе аз онҳо дар ин ҷо мазкур ва баъзе на: илми ҳайъат, илми ҳандаса, илми адад, илми тиб, илми фалоҳат, илми кимиё, илми нуҷум, илми мусиқӣ, илми манозир ва мароё, илми ҷабр ва муқобала, илми ҷарри асқол, илми рамл, илми ҷафр, илми тилисм, илми қиёфа, илми масоҳат, илми усттурлоб, илми муҳозирот ва он латифагуӣ ва ҳозирҷавобист ва илми таъбир ва илми таъвизот ва илми тасаввуф ва илми ахлоқ ва илми таворих ва ғайра.

**АЛЛОМ** علام ба маънии донотар ва бисьёр доно.

**АЛАРРАҒМ** علی الرغم *маҷозан* ба маънии бар хилофи ва баръакси; **чи рағм** ба маънии хоколуда шудан ва хор гаштан аст (казо фил — «Мунтахаб»); пас бар хилофи ва баръакс кардани касе, гуё ки хоколуда шудан ва хор гаштани уст.

**АЛАВИЁН** علویان содот; ва ба зам ва ба касри аввал ва сукуни лом (яъне **улвиён** ва **илвиён**)* малоик ва кавокиб (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ИЛЛОН** علان номи марде дасткор (дурусткор)* ва сунноъ; ва номи қалъае наздики Санъо (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**АЛАН** علن ба маънии ошкоро шудан ва ошкоро (аз «Сурох» ва **шарҳи** «Нисоб»).

**ИЛЛИЙИН** علیین ғурфаҳои биҳишт; *ҷамъи* **алийя**; ва хонаҳои баланди биҳишт ва китоби аъмоли бандагони солеҳ (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»); ва қила **иллийин** исми муфрад аст, ба маънии биҳишт; ва қила осмони ҳаштум; ва қила қоиматулъаршилюмно; ва қила сидратулмунтаҳо (аз «Шарҳи Макомоти Ҳарирӣ» ва «Фирдавс-ул-луғот»).

**ИЛЛАТАЙН** علتین дар «Маснавӣ» ба маънии наколалохирати валуло аст (аз «Латоиф»).

**ИЛМУЛЯҚИН** علم الیقین донистани амре ё чизе бошад ба камоли яқин ба кайфийят ва моҳийяти он, ки аслан буи шакку шубҳа дар он набошад, ба шарти ҳолате ки онро дида набошад; ва ин қисми нахустин аст аз се ақсом, ки: илмуляқин ва айнуляқин ва ҳаққуляқин бошад.

**АЛАМ ШУДАН** علم شدن зоҳир шудан.

**УЛУВ(В)** علو баланди (аз «Сурох»); ва билкаср ва биззам (яъне **илв** ва **улв**)* низ; ва ин лафзро форсиён гоҳе ба замматайн ва тахфифи вов оранд; дар ин сурат навъе аз **тафрис** бошад.

**ИЛОВА** علاوه боре ки бар сари боре ниҳанд ва ҳар чиз, ки болои **чизи** дигар бошад ва чизе ки бар сари

чизе зиёда кунанд; ба форсӣ онро сарбор гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Бахр-ул-ҷавоҳир» ва «Сурох»); ва ба фатх (яъне **алова**)* хатост.

**АЛОНИЯ** علانیه ба маънии ошкоро (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» ошкорагӣ.

**АЛИҚА** علیقه ба маънии тубра, ки ба даҳони аспон баста дона мехӯронанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**АЛОҚА** علاقه овезиши дил ва муносибати миёни ду чиз ва робитаи маънавӣ бо касе доштан, мисли дӯстӣ ва душманӣ ва нукарӣ ва он чи бад-он маъишат тувон кард; ва ба касри аввал (яъне **илоқа**)* ҷисми зоҳирӣ, ки баставу овезон бошад ба чизе, мисли даволи тозиёна ва шамшер ва илоқаи зевар ва полакӣ ва ғайри он (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Фарханг»-и Шайх Иброҳим).

**АЛИЙЯ** علیه ба маънии баланд (аз «Мунтахаб»).

**УЛУФА** علوفه ба маънии хурдании ва хурок (аз «Кашф»).

**АЛАЛЛОҲ** علی الله шуру ғавғо ва фарьёд (аз «Рашидӣ»).

**УЛОЛА** علاله бақияи шир ва боқии ҳар чиз; ва ба маънии шайъи қалил (аз «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ» ва «Мунтахаб»).

**ИЛЛАТИ ТОММА** علت تامه сабаби комил.

**АЛИЙ** علی ба маънии баланд; ва номи ҳақ таоло; ва номи халифаи чаҳорум каррамаллоҳу ваҷҳаҳу; ва номи падари Хоқонӣ, ки наҷҷорӣ мекард; ва ба фатҳи лом ва дар охир алиф ба сурати ё (яъне **ало**)* харф аст, тарҷамаи **бар**; ва дар ҷое *мухаффафи* **алайкуссалом** низ омада.

**АЛАВӢ** علوی ба маънии авлоди ҳазрати Алий (**Алӣ**)* каррамаллоҳу ваҷҳаҳу; ва мусталаҳ он аст, ки **Алави** (ба фатҳатайн) онро гӯянд, ки аз авлоди ҳазрати Алий бошад, магар аз авлоди ҳазрати Фотима разияллоҳу анҳа набошад; ва ба замми аввал ва сукуни лом ва ба касри аввал ва сукуни лом (яъне **улвӣ** ва **илвӣ**)* ба маънии малак, яъне фиришта ва кавкаб (аз «Лубби лубоб» ва «Бурҳон»).

**АЛОҚОПӢ** علی قاپی ба маънии дарвозаи баланд; чи дар туркӣ **қопӣ** ба маънии дарвоза аст; ва **алоқопӣ** *киноя аз* дарвозаи мулук ва салотин аст (аз «Мусталаҳот»); ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **Алоқопӣ** (ба қоф ва бои форсӣ) мақомест дар Сифоҳон, ки остонаи Амирулмӯъминин Алий алайҳиттаҳийёт муқаррар кардаанд ва он ҳукми Қаъба дорад, ки дохили он эмин аст аз офот.

**ИЛМИ РИЁЗӢ** علم ریاضی илмест, ки баҳс карда мешавад дар он аз умуре, ки фақат дар вуҷуди хориҷӣ муҳтоҷ ба сӯи модда бошанд, чунончи миқдор ва ададӣ хос, ки мавҷуд дар моддиёт аст; ва усули ин илм чаҳор аст: илми ҳандаса ва илми адад ва илми нуҷум ва илми мусиқӣ; ва фуруъи он чун илми манозир ва мароё ва илми ҷабр ва муқобала ва илми ҷарри асқол.

**ИЛМИ ҲУЗУРӢ** علم حضوری бидон ки илми сурати ҳосилаи назди ақлро гӯянд ва он бар ду қисм аст: яке илми ҳусули ва дигаре илми ҳузурӣ. **Илми ҳусулӣ** илмест, ки ба воситаи ҳусули сурат дар зеҳн бошад; ва мурод аз сурат мафҳум ва ҳайъати куллист, яъне тасаввури ҳайвони нотиқ бе лиҳози аърози ҷисмонӣ, *мин ҳайсу аннаҳу ҳайвонун нотиқун*, масалан агар тасаввури инсон кунӣ фавран бе лиҳози аърози ҷисмонӣ дар зеҳн ояд, ки ҳайвони нотиқ аст ва агар тасаввури фарас ё ҳимор кунӣ билбадоҳат маълум гардад, ки ҳайвони соҳил аст ё ҳайвони нотиқ ва ҳеч гуна тасаввури аърози ҷисмонӣ намешавад, зеро ки қисми илм ҳосил мешавад ба воситаи ҳусули сурате, ки дар зеҳн аст; ва **илми ҳузурӣ** илмест, ки ҳусули сурат ба зеҳн намешавад, балки ба ҳузури шайъ биловоситаи сурат бошад, чунончи илми нафси нотиқа ба нафси худ ва ба сифоти мунзамаи худ агар нафси нотиқа тасаввури нафси худ нумояд, ба ҳусули сурат наметувонад шуд, зеро ки агар сурати нафс дар нафс ҳосил шавад, иҷтимоъулмислайн лозим ояд; ҳамчунин **илми укул** бар нафсҳои худ ва илми бо-

ри таоло бар нафси хеш ва сифоти худ ва бар ҷамеъи мумкинот бар мазҳаби баъзе **илми ҳузурӣ**-ст, ки ҷамеъи мумкинот назди у субҳонаҳу таоло мавҷуд аст ва муҳтоҷ ба ҳусули сурат нест.

**АЛЛОМА** ва **АЛЛОМӢ** علامه و علامی ба маънии бисьёр бисьёрдонанда; ва **то** ва **ё** дар охири ин ҳар ду лафз барои таъниc ва нисбат нест, балки ҳар ду барои муболаға ва ё он ки дар ин ҳар воҳид ду аломати муболаға аст, магар итлоқи ин ҳар ду лафз бар ҳақ таоло накунанд, ҷиҳати шоибаи тои таънис ва **ё**-и нисбат (аз «Мунтахаб»).

**ИЛМИ ЛАДУННӢ** علم لدنی илме, ки касеро аз назди субҳонаҳу таоло маҳз ба файзи фазли у ҳосил шавад; ҳол он ки аз устод наёмухта бошад. **Ладунн** дар асли арабӣ ба маънии назд аст.

**ИЛЛАТИ ҒОЙӢ** علت غائی иборат аз амре, ки муддаъои ҳусули чизе ва мақсуди аслӣ аз сохтани коре бошад; бидон ки **иллат**, яъне сабаб он чизро гуянд, ки бад-он тавассул кунанд барои ҳусули амре дигар. Ва ин **иллат**, ки онро сабаб низ гуянд, бар чаҳор қисм аст: агар сабаб дар мусаббиб дохил бувад ё хориҷ, агар дохил бувад, билқувва онро **иллати моддӣ** гӯянд (ба ташдиди дол), чун нисбати чӯб бо сарир; ва агар дохил бувад, билфеъл онро **иллати суварӣ** гӯянд, чун сурати сарир, ки мураббаъ бошад ё мусаддас; ва агар хориҷ бувад, агар он сабаби муҷиди уст онро **иллати фоилӣ** гуянд, чун наҷҷор; ва агар эҷод барои он аст, онро **иллати ғойӣ** гуянд, чун ҷулус бар сарир. Пас **иллати ғойӣ** дар зуҳури муаххар аз ҳама иллатҳост ва дар зеҳн ва тааққул аз ҳама муқаддам. Иллати **ғойӣ** дар асл **иллати ғоятӣ** буд, яъне иллате ки ғоят ва мунтаҳои ҷамеъи иллатҳои арбаъа аст. То-и фавқониро дар ҳолати илҳоқи **ё**-и нисбат ҳазф карда **ғойӣ** гуфтанд. Ва бидон ки итлоқи **иллати ғойӣ** дар афъоли ҳазрати ҳақ субҳонаҳу таоло раво надоранд, чаро ки ҳақ таоло дар хилқати ашёъ муҳтоҷ ба ғаразе нест ва ин манфаъатҳо, ки дида мешавад ба ҷиҳати изҳори саноеъи худ офарида аст.

**Фасли айни муҳмала маъа мим**

**АМО** عما гумроҳӣ ва нобиноӣ; ва ба маънии абри ситабр ва ғализ; ва ба маънии абри тунук ва рақиқ монанди дуд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**АМЁ** عمیاء зани нобино ва ҳар чизи муаннас, ки нобино бошад; ва дар «Мунтахаб» пушидагӣ ва чизи пушида.

**ИМОРАТ** عمارت ободӣ ва обод кардан (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии мараммат низ омада.

**ИМОДОТ** عمادات ба маънии сутунҳои иморат.

**ИМРОНОТ** عمرانات ободиҳо; ин *ҷамъи* **имрон** аст, ки (билкаср) ба маънии ободӣ бошад (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**АМРЛАЙС** عمرولیث номи подшоҳе, ки бонии Шероз буд; ва ин ном мураккаб аст аз исми маҳза ва лақаб, чаро ки **лайс** ба маънии асад аст ва вови зоида дар ин исм барои аломати **Амр** (билфатҳ) аст, то ки фарқ монад миёни **Умар** (биззам; аз «Кашф» ва «Мадор» ва ғайра).

**АМИД** عمید пешвои қавм (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АМУД** عمود ба маънии сутун ва чӯби хайма ва гурз ва шоҳини тарозу ва меҳтари қавм (аз «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» ва «Мадор» ва «Кашф»); ва ба истилоҳ олати таносул; ва ба истилоҳи илми ҳандаса ҳар хат, ки воқеъ мешавад бар хате ба ин вазъ, ки собит шавад аз мулоқоти он ҳар ду хати қоима ё ду қоима. Пас ҳар яке аз он ду хат амуд аст бар дигаре ба ин шакл:




**ИМОД** عماد ба маънии сутун ва биноҳои баланд; *ҷамъи* **имода** (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Си-

ҳоҳ»); ва дар «Қашф» ва «Мунтахаб» навиштааст, ки ин лафз ба маънии муфрад ва ҷамъ ҳар ду омада.

**АМД** عمد ба ихтиёр кор кардан ва қасду оҳанг; ва ба замматайн ва ба фатҳатайн (яъне **умуд** ва **амад**)* ба маънии сутунҳо, *ҷамъи* **амуд** (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АМР//УМР** عمر исмун лилмуддатиллати фиҳо иморатулбадани билҳаёт, яъне лафзи **умр** исм аст барои муддате, ки дар он иморат, ай ободонии бадан мешавад ба сабаби ҳаёт (аз Тайййибӣ «Шарҳи Мишкот» ва «Сурох»); ва **Амр** (билфатҳ ва сукуни мим) исми шахсе; дар ин сурат дар охири ин лафз вови зоида навиштан зарур аст бад-ин сурат (**Амр** عمرو) магар ин вов ба хондан намеояд, чаро ки барои фарқ ва имтиёз аст аз лафзи **Умар** (عمر), **ки** ба замми аввал ва фатҳи мим, исме алоҳида бошад ва баръакс накарданд, чаро ки ба зам сақил аст ва билфатҳ хафиф. Пас ҳарфи зоида навиштан дар хафиф муносиб дониста ва гоҳе **Умар**-ро (ки ба замми айн ва фатҳ ва тахфифи мим аст) форсиён ба зарурати назм ба ташдиди мим оранд.

**УМУР** عمور гушти миёни дандонҳо ва гушти беххои дандон (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АМАШ** عمش заъфи басар ва рафтани ашк аксар авқот ба воситаи иллате (аз «Мунтахаб»).

**УМРИ ХОС** عمر خاص лақаби Ҷирҷис пайғамбар, ки кофирон се бор уро куштанд ва боз зинда шуд.

**АМРИ ОС** عمر عاص номи саҳобӣ; гуянд ки дубора ҷавон шуда ё ҷавонии сонӣ *киноя аз* ислом (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**УМУҚ** عمق таги чоҳ ва ҳавз ва дарьё ва ғайри онҳо; ва биззам (яъне умқ)* жарф шудан (аз «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**АМИҚ** عميق жарф; ва ба маънии дурдароз низ омада (аз «Мунтахаб»).

**АМЪАҚ** عمعق номи шоир.

**УММОЛ** عمال *ҷамъи* **омил**; ва он чи баъзе **уммолон** нависанд, хатост; чи сиғаи ҷамъро боз ба таври форсӣ ҷамъ кардан чӣ ҳоҷат? Ва инро бар лафзи **ҳурон** қиёс набояд кард, чаро ки **уммолон** дар назми сиқот вокеъ нашуда ва дар наср эътибор нашояд.

**УМАРИ ХАЙЁМ** عمر خيام номи шоире, ки рубоъиёти у дар баёни шароб бисьёр аст.

**АМ(М)** عم бародари падар (аз «Мунтахаб»).

**УМУМ** عموم фаро гирифтан ҳамаро (аз «Сурох»).

**АМИМ** عميم тамом ва ҳамаро фарогиранда (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**АМОИМ** عمائم ба маънии дасторҳо; **ин** *ҷамъи* **имома аст, ки ба маънии** дастор бошад.

**УММОН** عمان номи шаҳрест ба Яман бар канораи баҳри Аъзам, яъне дарьёи Муҳит, **лиҳозо дарьёи** Аъзамро ба он нисбат карда **дарьёи** Уммон гуянд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Қанз» ва «Тоҷ-ул-лугот»); ва **Аммон** (билфатҳ ва ташдид) номи шаҳрест аз Шом; ва *ҷамъи* **ам(м)**, ки ба маънии бародари падар бошад, агарчи лафзи арабист, *ҷамъи* он **аъмом** меояд. Магар гоҳе форсиён лафзи арабиро ба таври алфози форсӣ ҷамъ кунанд ва назири он лафзи маликон аст, *ҷамъи* **малик**, ки ба маънии подшоҳ бошад, Анварӣ гуяд, мисраъ:

Зи даргаҳи маликон хинги абраку аблақ...

ва ба[illegible] ин қиёс аст лафзи **ғуломон** (аз «[illegible]иёбон»).

**ИМРОН** عمران ободӣ; ва номи падари Мусо алайҳиссалом; ва номи падари ҳазрати Марьям; ва номи Абутолиби амми ҳазрати расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама (аз «Мунтахаб»).

**АМВ** عمو гумроҳӣ ва хорӣ ва фурутанӣ (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳи айн ва замми мим (яъне аму)* ба маънии бародари падар; дар ин сурат вов зоида бувад бар лафзи **амм** (аз «Чароғи ҳидоят»); ва ҳамчунин дар лафзи **холу**, ки дар асл **хол** бувад, ба маънии бародари модар, ки дар ин замона ба маънии шавҳари хола мустаъмал аст.

**АМАЛИ ГЕСУ** عمل گیسو навоест аз мусиқӣ, ки ба ҳинди дҳунасри гуянд (аз «Мусталаҳот»).

**ИМОМА** عمامه ба маънии дастор (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Сикандарӣ» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф» ва «Қомус» ва «Баҳори Аҷам»); ва ба ташдиди мим (яъне **иммома**)* низ омадааст.

**ИМЛА** عمله кор ва амал; ва билфатҳ (яъне **амла**)* некӣ; ва ба фатҳатайн (яъне **амала**)* коркунандагон; дар ин сурат *ҷамъи* **омил** аст (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**АМАЛХОНА** عملخانه девонхона.

**АММА** عمه хоҳари падар ва гуруҳе аз мардум.

**УМДА** عمده он чи бар вай эътимод карда шавад (аз «Сурох» ва «Сиҳоҳ»).

**УМРА** عمره ибодатест ҳоҷиёнро ва он чунон бошад, ки эҳром баста аз Макка ба мавзеъи Танъим, ки ба фосилаи се куруҳ аст аз Макка, мераванд ва дар он ҷо чанд ракъат нафл гузорида, боз ба Маккаи шариф омада, тавофи хонаи Каъба мекунанд.

**ИМОДӢ** عمادی номи шоире.

**АММОРӢ** عماری он чи бар пушти пил ниҳанд ва дар он нишинанд ва он маъруф аст; мансуб ба **Аммор**, ки номи возеъи он аст; ва **аморӣ** (ба фатҳ ва тахфиф) низ омада (аз «Қашф» ва «Сироҷ» ва «Муайид» ва «Бурҳон»); ва *маҷозан* ба маънии гардун ва ратҳ, хоҳ аспон кашанд, хоҳ нарговон; ва дар «Мусталаҳот» **аморӣ** (ба тахфифи мим) маъруф аст; ва дар асл маҳмили шутур аст; ва ба маънии тобут низ омада.

**УМӢ** عمی ба маънии курон; *ҷамъи* **аъмо**; ва ба фатҳи аввал ва фатҳи мим ва дар охир алифи мақсура ба сурати **ё** (яъне **амо**)* ба маънии курӣ ва нобиной.

**УМРИ ТАБЪ** عمر طبع иборат аз умри яксаду бист сол аст, чаро ки назди ҳукамо умри навъи инсон саду бист сол бошад ва камию бешии он ба авориз [114].

**Фасли айни муҳмала маъа нун**

**АНО** عنا ранҷ ва машаққат (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Қашф»).

**АНҚО** عنقا тоирест дарозгардан, ки назди баъзе вуҷуди фарзи дорад, чаро ки ҳеҷ кас онро надидааст. Ва **Анқо** онро ба ҳамин ҷиҳат гуянд, ки тавилулъунуқ буда бошад ва ба форсӣ номи он Симурғ аст. Ва дар «Нафоис-ул-фунун» аз тафосир мастур аст, ки дар замини асҳобуррас мурғе бас азим бо чаҳор по ва руи монанди одамӣ ва бо парҳои алвон ва ба ифроти дарозии гардан пайдо шуда буд. Ҳар ҷо, ки кудаке дидӣ бибурдӣ. Он қавм пеши Ҳанзала ибни Сафвон, ки пайғамбари эшон буд рафта аз он шикоят карданд. Ҳанзала дуъо кард ҳақ таоло он мурғро дар баъзе аз ҷазоир андохт ва у дар он ҷазоир фил ва аждаҳоро шикор карда мехурд, тамма каломуҳу; ва номи созе ва он низ гардани дароз дорад; ва номи навое аз мусиқӣ; ва ба маънии сахтии замона; ва лафзи **Унқо** (биззам) ғалат бошад, чунонки машҳур аст (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Қашф» ва «Сироҷ»).

**АНҚОИ МУҒРИБ** عنقای مغرب мурғе буд бас азим ва дарозгардан; ва **муғриб** аз ин ҷиҳат гуянд, ки туюрро фуру мебурд ва атфолу духтаронро низ балъ мекард (аз «Мунтахаб»); ва баъзе навиштаанд, ки ба фатҳи ро (яъне **муғраб**)* **ба** маънии нав ва ғариб оварда шуда. Чун Анқоро ҳақ таоло ба ҳайъати аҷибу ғариб пайдо карда буд, аз ин ҷиҳат **муғраб** гуфтанд; ва баъзе **муғраб** ба маънии махфӣ ва нобуд навиштаанд.

**АНДАЛЕБ** عندلیب ба маънии булбул; ва билкаср (яъне **индалеб**)* хатост (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Қашф»).

**ИНАБ** عنب ба маънии ангур, ки меваи маъруф аст.

**ИНОНТОБ** عنان تاب аспе ки фақат ба ишораи инон бигардад (аз «Шарҳи Сикандарнома»).

**АНОЯТ//ИНОЯТ** عنایت қасд кардан ва эҳтимом доштан ба чизе (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» ранҷ кашидан ба ҷиҳати касе.

**АНКАБУТ** عنکبوت номи кирми маъруф ва номи табақае аз табақаҳои устурлоб, ки он мушаббак бошад.

**АНАТ** عنت гуноҳ ва фасод ва ҳалок (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**УНУД** عنود бар хилофи ҳақ коре кардан ва ситеза кардан; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **ануд**)* ба маънии ситезанда ва гумроҳ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф-ул-луғот»)

**АНИД** عنید ситезанда ва саркаш (аз «Мунтахаб»).

**АНОҚИД** عناقید *ҷамъи* **унқуд** (биззам), ки ба маънии хушаи ангур аст (аз «Мунтахаб»).

**УНСУР** عنصر ба маънии асл ва буньёд; ва назди атиббо хоку боду обу оташ (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф»).

**АНБАР** عنبر хушбуиест маъруф; гуянд он саргини ҷонвари баҳрист, ки ба сурати гов бошад; баъзе гуфта, ки манбаъи он чашмаест дар дарьё; ва саҳеҳ он аст, ки мумест хушбу, ки дар куҳистони Ҳинду Чин аз зунбури асал, ки анвоъи гиёҳи хушбу мехурад, ба ҳам мерасад ва сайл онро ба дарьё мебарад ва шустушу медиҳад ва аксар ҷонвари баҳрӣ онро фуру мебарад ва натавонад, ки ҳазм кунад, онро биандозад. Ва аз он ҷиҳат баъзе гумон баранд, ки саргини он ҷонвар аст. Аз баъзе сиқот масмуъ шуда, ки магаси асал дар миёни анбар ёфтаанд. Ва ба оташ мегудозад ва ин нишони зохир аст, ки мум бошад, валлоҳу аълам биссавоб (аз «Мунтахаб»).

**АНБАР** ва **ҶАВОҲИР** عنبر و جواهر номи ғуломон аст[115].

**ИНОНГАРДИШ** عنان گردش *киноя аз* кова додани асп (аз «Шарҳи Сикандарнома»).

**УНФ** عنف дурушти кардан ва тундӣ ва ситеза нумудан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АНИФ** عنیف дурушт ва тунд ва ситезанда (аз «Суроҳ»).

**УНУҚ** عنق гардан (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Муайид» ва «Мадор»); валекин соҳиби «Мунтахаб» ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **унақ**)* низ навишта.

**АНОҚ** عناق бузғолаи мода (аз шуруҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»); ва баъзе навиштаанд, ки аз ҳини виладати он то чахормоҳаги.

**АНОДИЛ** عنادل *ҷамъи* **андалеб**, ки ба маънии булбул аст; бидон ки ҳар исме, ки панҷҳарфӣ ё шашҳарфӣ бошад, дар ҳолати ҷамъ як ҳарф ё ду ҳарф аз охири он исм соқит мекунанд, чунонки **сафориҷ** *ҷамъи* **сафарҷал** ва **анодил** *ҷамъи* **андалеб.**

**УНВОН** عنوان дебоча ва сари нома ва аввали ҳар чиз ва он чи фаҳмида шавад аз чизе (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Муайид»).

**УНФУВОН** عنفوان ба маънии аввали ҳар чиз ва оғози ҷувонӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Қомус» ва «Муайид» ва «Мадор»).

**ИННИН** عنین ҷавоне ки бар ҷимоъ қодир набошад; онро дар урф номард гуянд (аз «Мадор» ва «Қашф»); ва **иннӣ** (ба ҳазфи нуни охир) хатост; ва баъзе гуянд, агар **иннӣ**-ро мансуб ба суи **унна**, ки масдар аст (ба ҳазфи то) гуфта шавад, саҳеҳ бошад.

**АНБАРИЁН** عنبریان қавмест аз араб, мансуб ба **Анбар**, ки падари қабилае аз Тамим аст (ин мустафод аз «Мунтахаб» аст).

**ИНОН** عنان лигом ва муъораза ва он чи аз осмон зохир шавад дар вакти назар кардан бад-он (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» **анон** (ба фатҳ) навоҳии осмон навиштааст; ва дар «Суроҳ» ба фатҳ, ба маънии абр низ омада.

**ИНОН ДОДАН** عنان دادن давонидани асп.

**ИНОНЗАНОН РАФТАН** عنان زنان رفتن *киноя аз* шитоб рафтани сувор.

**ИНОН БАР ИНОН** عنان برعنان ба маънии баробар ва ҳамсар (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ИНОН ДУЗДИДАН** عنان دزدیدن *киноя аз* бозмондан (аз «Сироҷ»).

**ИНОН ГИРОН КАРДАН** عنان گران کردن ба маънии истодани сувор.

**АН** عن ин лафзро наҳвиён ҳарф гӯянд; тарҷамаи ин дар форсӣ лафзи

аз бошад; ва истеъмоли ан дар маҳалли мучовазат аст, яъне аз чизе гузаштан ё суварӣ бувад, монанди: *рамайту саҳман аналқавси*, ки таҷовузи тир аст аз камон; ё маънавӣ, ка қавли таоло: *фаляҳзарилла-зина юхолифуна ан амриҳи* (аз «Шарҳи Нисоб»-и Мавлоно Юсуф ибни Монеъ).

**ИНАБИЙЯ** عنبیه номи табақаи севвум аз ҳафт табақоти чашм; лавни он мухталиф мебошад: дар баъзе ашхос сиёҳ ва дар баъзе ашҳал ва дар баъзе азрақ бувад (аз «Кифояи Мансурӣ» ва ғайра).

**АНБАРЧА** ва **АНБАРИНА** عنبرچه و عنبرینه навъе аз зевар мисли дуҳкдуҳки, ки ҷавфи он ба анбар пур кунанд ва гирди он марворид овезанд (аз «Бурҳон» ва «Мусталаҳот» ва «Сироҷ»); ва дар «Чароғи ҳидоят» ба маънии шамома.

**АНКАБУТИЙЯ** عنکبوتیه сафҳаи болоини устурлоб, ки мадори аксари аҳкоми устурлоб бар он аст; ва табақаи чаҳорум аз табақоти чашм ва он ғишои рақиқ аст монанди насҷи анкабут.

**АНКАБУТӢ** عنکبوتی сафҳае бошад мушаббак бар устурлоб.

**УНСУРӢ** عنصری ҭахаллуси шоири қадим.

**АНУШӢ** عنوشی асбоби шодӣ аз ҷониби домод; лоиқ он аст, ки дар ин лафз ба ҷои айн алиф нависанд.

### Фасли айни муҳмала маъа вов

**АВВО** عوا ба маънии саге, ки бонгу фарьёди бисьёр кунад; ва номи манзили сездаҳум аз манозили Қамар; ва он панҷ кавокиб аст бар синаи Сунбула; ва номи шакли панҷум аз ашколи шимолӣ; ва он ба сурати марди истода аст ва дастҳо кашида, ба дасти рост асо гирифта ва кавокибаш бисту ду; ба замми аввал ва тахфифи вов (яъне **уво**)* бонги гург ва саг ва шағол ва рубоҳ ва оҳу (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва ғайра).

**АВҶО** عوجا ба маънии камони тирандозӣ (аз шарҳи «Нисоб»).

**УДУССАЛИБ** عودالصلیب чӯбест аз дарахти хос, ки тарсоён бад-он салиб созанд ва чун онро дар гулуи атфол овезанд, ба хоб натарсад ва саръро бисьёр муфид (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**АВОҚИБ** عواقب пасояндагон ва он чизҳо, ки паси чизе оянд ва анҷомҳои кор.

**АВРАТ** عورت андоми шарми мардум; ва ҳар чи аз дидан ва нумудани он шарм ояд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва ба маънии зан, ки дар урф шухрат дорад *маҷоз* аст; ва ба маънии рахнаи сафи лашкар ва ҳисор, ки аз он биму ҳарос бошад (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии душворӣ низ ояд.

**АВОРОТ//ИВОРОТ//УВОРОТ** عوارات ба маънии айбҳо.

**УҶ** عوج номи марде тавилулқомат, ки дар замони Одам алайҳиссалом ба вуҷуд омад, то замони Мусо алайҳиссалом бизист. Умраш сеҳазору понсад сол шуд. Туфони Нуҳ алайҳиссалом то камари у буд. Мусо алайҳиссалом асои худ бар каъби у зад, биюфтод ва бимурд. Ва номи падари у Уқ (биззам) аст. Ва он чи ки дар мардум Уҷ ибни Унуқ машҳур шуда хатост. Саҳеҳ Уҷ ибни Уқ аст. Ва ба касри аввал ва фатҳи вов (яъне **иваҷ**)* ба маънии каҷӣ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**АВОИД** عوائد бозгардандагон ва судҳо ва манофеъ ва фавоид ва силаҳо ва меҳрубониҳо (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва ин *ҷамъи* **оида** аст.

**АВД** عود бозгаштан; ва ба маънии шутури пир, ки нар бошад; ва биззам ва вови маъруф (яъне **уд**)* ба маънии чӯби мутлақ аз ҳар дарахт, ки бошад; ва номи чӯбест хос, ки рангаш сиёҳ бошад, чун дар оташ сузанд бӯйҳои хуш диҳад; ба ҳиндӣ онро агар гӯянд; ва номи соз, ки онро барбат гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» ва «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб»).

**АВЗ** عوذ ба маънии паноҳ бурдан (аз «Мунтахаб»).

**УР** عور ба маънии бараҳна (аз «Кашф» ва «Латоиф»); ва дар «Мунтахаб» билфатҳ (яъне **авр**)*; ва **авар** (ба фатҳатайн) як чашм кур шудан; ва билфатҳ ва касри вов (яъне **авир**)* бадботин; ва баъзе навишта, ки **авр** (билфатҳ) ма-

разе бошад, ки дар буни нохун пайдо шавад.

**АВАЗ** عوز ноёфт ва дарвеш шудан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**УДСУЗ** عودسوز ба маънии миҷмар.

**АВС** عوص душворӣ (аз «Кашф»).

**АВИС** عویص душвор ва мушкил (аз шарҳи «Нисоб»).

**ИВАЗ** عوض ба маънии бадали чизе; ва мардум аз беилтифотӣ **айваз** (**эваз**)* гуянд ва он ғалат аст (аз «Мунтахаб» ва «Мадор»ва «Кашф» ва «Муайид» ва «Баҳори Аҷам»).

**АВОРИЗ** عوارض *ҷамъи* **ориза.**

**АВОСИФ** عواصف ба маънии бодҳои сахт ва тунд (аз «Мунтахаб»).

**АВОТИФ** عواطف меҳрубониҳо (аз «Мунтахаб»).

**АВОРИФ** عوارف шиносандагон ва собирон ва эҳсонкунандагон ва хушбуҳо (мустафод аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии бахшишҳо низ омада.

**АВОИҚ** عوائق мавонеъ ва ҳаводис; ин *ҷамъи* **оиқа** аст, ки ба маънии монеъ бошад, муштақ аз **авқ** (билфатҳ) ба маънии боздоштан ва баргардонидан аст (аз «Мунтахаб»).

**АВЛ** عول касеро иёли худ сохтан ва бисьёръиёл шудан; ва бахшиш ва қисмати зиёда кардан; ва ғалаба кардан; ва ҷавр нумудан; ва нафақа додан иёлро; ва овоз бардоштан ва гирья кардан; ва майл кардан; ва душвор шудани кор; ва ба фатҳи аввал ва касри вов (яъне **авил**)* эътимод ва такья бар касе (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**АВИЛ** عویل бар вазни **фаъил**; овози ба гирья (аз «Мунтахаб»).

**АВОЛИМ** عوالم *ҷамъи* **олам**, ки ба фатҳи лом бошад, ба маънии ҷаҳон.

**АВОМ(М)** عوام *ҷамъи* **омма** (ба ташдиди мим), ки аз **умум** маъхуз аст, ба маънии ҳама мардум; ва ба фатҳи аввал ва ташдид ва тахфифи вов (яъне **аввом** ва **авом**)* аспи рохвор (аз «Суроҳ» ва ғайра).

**АВОН** عوان кадбону ва зани миёнасол; ва ба маънии зане, ки ӯро шавҳар бошад; ва ба фатҳ ва ташдиди вов (яъне **аввон**)* ба маънии сахтгиранда ва золим ва заҷркунанда ва сарҳанги девони султон (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Мадор» ва «Кашф»).

**АВН** عون ёрӣ ва мададгорӣ (аз «Мунтахаб»).

**АВВОРА** عواره ба маънии баддил (аз шарҳи «Нисоб»).

**АВИСА** عویصه ба маънии мушкил ва душвор.

**АВОЛӢ** عوالی чизҳои баланд; ва ин *ҷамъи* **олия** аст, ки ба маънии баланд бошад.

**УДӢ** عودی рангест мушобеҳ ба чӯби уд; ва он ранге бошад сиёҳи моил ба андак сифедӣ ва сурхӣ; ва навъе аз ҷомаи абрешумӣ, ки рангаш сиёҳ бошад.

**УДИ ҚУМОРӢ** عود قماری уде ки аз **Қумор** оварда шавад; ва **Қумор** (ба замми аввал) номи шаҳрест дар мунтаҳои Ҳинд, қариби дарьёи Шӯр, ба тарафи ҷануб (казо фил — «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **Қумор** (биззам) номи шаҳрест аз Ҳинд; чун қоф дар ҳиндӣ нест, зоҳиран **Қумор** (ба зам) *муарраби* **Кумор** бошад, чунончи **қанд** *муарраби* **канд**; ва дар «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф» ба ин маънӣ **Кумор**-ро ба фатҳи қоф (яъне **Қамор**)* навиштааст.

### Фасли айни муҳмала маъа ҳо

**АҲД** عهد замона ва рӯзгор ва паймон ва савганд ва зинҳор (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**УҲУД** عهود замонаҳо ва паймонҳо ва савгандҳо.

**ИҲР//АҲР//АҲАР** عهر зино кардан (аз «Мунтахаб»).

**ИҲН** عهن ба маънии пашми рангин (аз «Мунтахаб» ва Ибни Ҳоҷ).

### Фасли айни муҳмала маъа ёи тахтонӣ

**АЙШО** عیشا қароргоҳи бача дар раҳими модар ва он асбоб, ки бача бад-он дар раҳим мавҷуд гардад (аз «Муайид» ва ғайра).

**ИЁДАТ** عیادت беморпурсӣ (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Кашф» ва

«Сурох» ва «Музил» ва «Латоиф»); ва ба фатҳ дида нашуда, зоҳиран хатост.

**АЙНУЛҲАЁТ** عين الحيوة чашмаи оби ҳаёт.

**ИД'** عيد рузи чашни мусулмонон; ва ин чашнро аз он **ид** гуянд, ки **ид** ба маънии он чиз, ки дар он авд кунад фараҳ ва шодӣ (аз «Шарешӣ»); ва дар «Мунтахаб» ва «Сурох» навишта, ки **ид** (билкаср) ҳар чи бозояд; чун **ид** ба ҳар сол авд мекунад, лиҳозо **ид** гуфтанд.

**ИЁЗ** عياذ ба маънии паноҳ ва паноҳ гирифтан (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**АЙР** عير гурхари вахшӣ; ва ба маънии хари аҳлӣ, ки хари шаҳрӣ бошад; ва рафтани асп ба чавлон кардан; ва билкаср (яъне **ир**)* қофила ва ҳар маркабе, ки бад-он ғалла оранд (аз «Мунтахаб»).

**ИЁР** عيار чошнии зару сим, ки онро ба ҳиндӣ бангӣ гуянд; ва ба маънии тарозуи зарсанч (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Латоиф»); ва дар «Баҳори Ачам» ва «Мунтахаб» ба фатҳ (яъне **аёр**)* ба маънии санчидан ва чошнии зару сим; ва ба фатҳи аввал ва ташдиди сонӣ (яъне **айёр**)* марди бисьёр омадурафткунанда ва марди бисьёрҳаракат; маъхуз аз **айр** (билфатх), ки ба маънии ба ҳар су рафтани асп ба чавлон.

**АЙНУЛҚИТР** عين القطر номи равғане сиёҳ ва бадбу, ки бар шутурони хоришдор моланд; ва баъзе гуянд чашмаи гугирд, ки ба маънии миси гудохта (аз «Муайид» ва «Мунтахаб»); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **айнулқитр** чашмаи миси гудохта, ки ҳақ таоло барои Сулаймон алайҳиссалом равон карда буд; ва дар «Мадор» навишта, ки **айнулқитр** равған аст сиёҳ, ки бӯи ганда дорад ва бар шутурони гаргин моланд; ва баъзе аҳли таҳқиқ навиштаанд, ки **айн** ба маънии чашма ва **қитр** *мухаффафи* **қитрон**, ки ба маънии равғани дарахти чир аст.

**АЙНУЛҲИР(Р)** عين الهر чавҳарест қиматӣ, ки ба чашми гурба мушобаҳат дорад; ба ҳиндӣ леҳсаниё номанд (аз «Чароғи ҳидоят»).

**АЙНИ МУҲАЙЙИР** عين محير қисме аз айн, ки ҳарф аст; ва ин истилоҳи хушнависон аст (аз «Чароғи ҳидоят»).

**АЙНУССАВР** عين الثور ситораест, ки онро **Дабарон** гуянд; агар касе ба вақти тулуъ онро бинад кӯр шавад; ва он ситора бурчи Савррро ба чои чашм воқеъ шудааст.

**ИС** عيس шутурони сипед, ки сипедишон ба сурхи омехта бошад (аз «Мунтахаб»); ва гоҳе аз ин лафз қофила мурод бошад.

**АЙШ** عيش хуш зиндагонӣ кардан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АЙЁШ** عياش хуб зиндагоникунанда (аз «Мунтахаб»).

**ИС** عيص дарахти бисьёр печида ва анбуҳ; ва номи писари ҳазрати Исҳоқ алайҳиссалом, ки румиён аз авлоди уянд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**АЙЮҚ** عيوق номи ситорае, ки сурхрангу рушан аст дар канораи рости Қаҳкашон, ки паси Сурайё бароянд ва пеши он шавад (аз «Мунтахаб»); ва онро **Айюқ** аз он гуянд, ки у гӯё нигаҳбони Сурайёст; муштақ аз **авқ**, ба маънии боздоштан ва нигаҳбон ва боздоранда аст аз умури макруҳ (аз Бирчандӣ «Шарҳи бист бобе»...).

**АЙНУДДИК** عين الديك чашми хурус; ва он донаест сурхранг, ки сараш сиёҳ бошад; ба ҳиндӣ онро гҳангчӣ гуянд.

**ИЁЛ** عيال ба маънии зану фарзандон ва дигар тавобеъ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Қашф» ва «Мадор» ва «Сурох» ва «Музил»); ва ба фатҳ (яъне **аёл**)* хатост.

**АЙНУЛКАМОЛ** عين الكمال чашмзахм, яъне назаре ки ба чизи зебо ва хуш зарар бирасонад.

**УЮН** عيون чашмҳо; ва ба маънии чашмаҳои об; ва номи китоби ҳикмат аз Буалӣ Сино; ва ба фатҳи аввал (яъне **аюн**)* ба маънии шӯрчашм, яъне касе ки назараш зарар расонад (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Музил» ва «Минҳоч»); ва ба фатҳ хатост.

**ИЁН** عيان дидани чашм; ва ба маънии зоҳир *мачоз* аст (аз «Мунтахаб» ва

«Сурох» ва «Кашф» ва «Музил» ва «Минхоҷ»); ва ба фатҳ (яъне **аён**)* хатост.

**ИН** عين занони хушчашм; ва ин *ҷамъи* **айно**-ст, ки ба маънии зани хушчашм аст; ва билфатҳ (яъне **айн**)* чашмаи об; ва офтоб; ва зону; ва динор; ва зари сурх; ва мол; ва борон; ва абре ки аз қибла ояд; ва чашм; ва меҳтар; ва баргузидаи ҳар чиз ва зоти ҳар шайъ; ва бародари модарӣ ва падарӣ; ва шахс ва нафс; ва ҳақиқати ҳар чиз; ва аҳли хона; ва қавми ҷосус ва дидбон; ва ҷои равон шудани об; ва дидор ва назар кардан (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Сурох» ва «Кашф»); ва маонии лафзи **айн** бисьёр аст, чунончи соҳиби «Мунтахаб» чиҳилу ҳашт маънӣ навишта; ва баъзе бар ин низ зиёда кардаанд.

**АЙНУЛЯҚИН** عين اليقين ба кайфийят ва моҳийяти чизеро ба яқин дарёфтан баъди дидани он ба чашм; бидон ки яқин-ро се мартаба аст: яке **илмулякин**, ки донистани амре чизе бошад ба камоли таяққун ба кайфийят ва моҳийяти он, ки аслан буи шак дар он набошад; дуввум **айнулякин** ва он дидани чизест ба чашми худ, масалан дидани оташ аз дур; ва ин ба нисбати аввал қавист; севвум **ҳаққулякин** ва он дохил шудан аст дар он чиз ё худ он чиз гардидан ё дар он маҳв шудан, масалан дохил шудан дар оташ, ки аз дур дида мешавад ва сухта шудан дар он; ва ин яқин аз яқини дуввум низ қавист; ва баъзе чунин мисол овардаанд, ки чунончи шахсе медонад, ки хурдани заҳр мекушад, ин **илмулякин** аст ва агар дид, ки ру ба руи ӯ касе заҳр хурд ва бимурд, **айнулякин** аст ва агар худ бихурад ва дар назъ уфтад, ин **ҳаққулякин** аст.

**АЙБ БУРДАН** عيب بردن зоҳир кардани айб (аз «Мусталаҳот»).

**АЙЛА** عيله дарвешӣ (аз «Мунтахаб»).

**АЙБА** عيبه ба маънии ҷомадон; ва он сундуқмонанд зарфе бошад аз чарм, ки дар он рахт ва силоҳ ва ҷома нигоҳ доранд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва дар «Шарҳи Хоқонӣ» ба маънии чавшан навишта.

**АЙҚА** عيقه ба маънии канораи ҷӯй ва соҳили руд (аз «Мунтахаб»).

**АЙНУЛЛОҲ** عين الله ба маънии ҳифзи худо, фард:

Ало айнийя айнуллоҳ, чӣ чашмони сиё ҳасташ,
Чи мижгони синоносо, чӣ мардафган ниго ҳасташ.

(аз «Мадор»).

**ИСО** عيسى номи пайғамбари маъруф алайҳиссалом; *муарраби* **ясуъ**, ки лафзи сурёнист (аз «Рисолаи муарработ»).

**АЙНОТӢ** عيناتى ба маънии ҳуруфи айнҳои ӯ; дар туркӣ ёи маъруф дар охири калима барои замири ғоиб ояд; тарҷамаи ӯ.

**ИЙ(Й)** عى дармондагӣ дар коре ва дармонда шудан ба сухан (аз «Мунтахаб»).

**АЙНУННАБӢ** عين النبى номи чашмае дар Мадинаи мунаввара.

## БОБИ ҒАЙНИ МУЪҶАМА

### Фасли ғайни муъҷама маъа алиф

**ҒОНИМАН** غانما дар он ҳолат, ки ғаниматдоранда бошад.

**ҒОБ** غاب бешаҳо ва саҳроҳо, хусусан бешахое, ки дар он шер монад; ва ин *ҷамъи* **ғоба** аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҒОБОТ** غابات бешаҳо ва саҳроҳо.

**ҒОИР** غائر фурушаванда; ва дар нишеб фуруравандa; ва замини паст.

**ҒОТФАР** غاتفر номи маҳаллаест аз Самарқанд (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ»); ва дар «Латоиф» навишта: номи шаҳрест аз Туркистон хубонхез; ва дар «Бурҳон» **Ғонқар** (ба нун ва қоф) номи шаҳрест аз Туркистон; аввал асаҳ.

**ҒОФИР** غافر ба маънии пушанда ва бахшандаи гуноҳ (аз «Латоиф»).

**ҒОБИР** غابر боранда ва ҳалокшаванда; ва мозию мустақбал, лекин ба маънии замонаи истиқбол бештар мустаъмал (аз «Латоиф»); ва дар «Мунтахаб» оянда ва раванда.

**ҒОИББОЗ** غائب‌باز шатранҷбози комил, ки худ аз ҳариф ғоиб нишаста ба воситаи дигаре муҳра ба хонаҳо давонад ва бар ҳариф мот кунад.

**ҒОРИС** غارس дарахтнишонанда.

**ҒОШИЯБОФОНИ РИШ** غاشیه بافان ریش *киноя аз* мардумони масхара.

**ҒОИС** غائص ғутазананда.

**ҒОИТ** غائط саргини одамӣ; ва таҳқиқ он аст, ки **ғоит** дар асл ба маънии замини паст ва мағок аст. Чун дар саҳро мардум барои қазои ҳоҷат дар замини паст менишинад, лиҳозо *киноятан* саргини одамиро гуянд ва гоҳе *маҷозан* ба маънии саргини дигар ҳайвонот (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ҒОРАТИДАН** غارتیدن тороҷ кардан; маъхуз аз **ғорат**, ки лафзи арабист, ва олами *талабидан* ва *фаҳмидан* (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ»).

**ҒОРИҚУН** غاریقون номи давое мусҳил, ки исҳолаш ба ҷиҳати ихроҷи хилти балғам муфид.

**ҒОИЛА** غائله ба маънии шар ва бадӣ ва офат ва ногоҳгиранда; маъхуз аз **ғавл**, ки (билфатҳ) ба маънии ногоҳ гирифтан; ва ҳалок кардан; ва ранҷу машаққат аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муайид» ва «Кашф» ва ғайри он).

**ҒОШИЯ** غاشیه қиёмат; ва беморип андарун; ва зинпуши асп ва полон (аз «Мунтахаб»).

**ҒОЛИЯ** غالیه хушбуии маъруф; ва он мураккаб бошад аз мушк ва анбар ва кофур ва духнулбон ва ғайра (аз «Мунтахаб»).

**ҒОЗА** غازه гулгуна; ва он сурхие бошад, ки занон бар руй моланд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҒОДИЯ** غادیه абре ки бомдод пайдо шавад ва бомдод (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**ҒОЗИЯ** غاذیه номи қувватест, ки дар ғизо тасарруф кунад ва онро мушобеҳи ҷавҳари бадан гардонад ва муттасил ва мулсиқ ба аъзо нумояд [116].

**ҒОЛИ** غالی гиронқимат, ба муқобалаи камбаҳо.

**ҒОНӢ** غانی ба маънии бениёз ва тувонгар; ва ба маънии сурудкунанда.

**ҒОЗИ** غازی ба арабӣ кушанда ва қатлкунандаи куффор; ва ба форсӣ ба маънии дорбоз ва бозигар, ки ба ҳиндӣ нат гуянд (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ҒОЙИ** غائی мансуб ба **ғоят**, ки ба маънии ниҳояти чизест.

### Фасли ғайни муъҷама маъа бои муваҳҳада

**ҒАБРОЪ** غبراء ба маънии замин; ва ин *муаннаси* **ағбар** аст; ва гоҳе дар назм ҳамза соқит шавад (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шуруҳи «Нисоб»).

**ҒУБАЙРО** غبیرا шароби коварс; ва номи мевае, ки онро санҷид гуянд (аз «Мунтахаб»).

**ҒИБ(Б)** غب ба маънии як рӯздармиён тап омадан; ва дар ҳафта як руз мулоқоти касе кардан (аз «Мунтахаб»).

**ҒАБҒАБ** غبغب гушти овехтаи зери зақан (аз «Мунтахаб»); ва он мардуми пургуштро аз лавозими хубсуратист.

**ҒАБАБ** غبب гушти овехтаи зери зақан ва онро тавқи гулӯ низ гуянд; ва он аз лавозими ҳусн аст (аз «Мунтахаб»).

**ҒАБОВАТ** غباوت кундзеҳнӣ.

**ҒАБНИ ФОҲИШ** غبن فاحش хисораи сареҳ ва бисьёр дар хариди ҷинс ба наҳве ки ду шахси моҳир аз дастурoти хариду фурӯхт хисораи зиёда аз ҳадди одот дар он таҷвиз нумоянд.

**ҒАБУҚ** غبوق шароби шабонгоҳ ва охири рӯз (аз «Мунтахаб»).

**ҒАБАН** غبن хато воқеъ шудан дар рою тадбир; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **ғабн**)* зиён ёфтан дар хариду фурӯхт; бо лафзи *кашидан* мустаъмал (аз шурӯҳи «Нисоб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Мадор»).

**ҒАБИН** غبین заъифрой (аз «Латоиф»).

**ҒИБТА** غبطه орзу бурдан ба моли касе бе он ки заволи ӯ хоҳад (аз «Мунтахаб»).

**ҒАБӢ** غبی кундзеҳн.

**Фасли ғайни муъҷама маъа сои мусалласа**

**ҒАС(С)** غث лоғар; ва ба маънии фосид ва табоҳ шудани гушт ва ҳар чиз *маҷозан*; ва гушти ганда ва рафтани риму хун аз ҷироҳат (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**ҒАСАЁН** غثیان шӯридани дил, яъне тақозои табиат бар қайи беҳаракат (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**Фасли ғайни муъҷама маъа ҷими форсӣ**

**ҒИЧАҚ** غیچک номи соз, ки ба ҳиндӣ сарангӣ гуянд (аз «Фарҳанг»-и Ҳаким Нуруддин); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ва «Сироҷ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» созе, ки онро камонча гуянд.

**Фасли ғайни муъҷама маъа доли муҳмала**

**ҒАДО** غدا ба маънии фардо рӯз; ва ин дар асл **ғудувв** буд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҒУДАД** غدد *ҷамъи* **ғудда**, ки (ба зам ва ташдид) гиреҳмонанд чизе сурх, ки дар гушт ё пиҳ мебошад.

**ҒАДР** غدر бевафоӣ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҒАДИР** غدیر ба маънии толоб, ки оби борон ва сайл дар он ҷамъ шуда монад (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ҒАДДОР** غدار ба маънии бисьёр бевафо (аз «Мунтахаб»).

**ҒАДАҚ** غدق оби бисьёр (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҒУДУВ(В)** غدو ба маънии бомдод; ва ба фатҳи аввал ва сукуни дол (яъне **ғадв**)* ба маънии фардо (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва шурӯҳи «Нисоб»).

**ҒАДВА** غدوه миёни фаҷр ва тулӯъи офтоб (аз «Мунтахаб»).

**Фасли ғайни муъҷама маъа золи муъҷама**

**ҒИЗЕ** غذی *имолаи* ғизо (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**Фасли ғайни муъҷама маъа рои муҳмала**

**ҒАРО//ҒИРО** غرا ба маънии сиреш, ки аз моҳӣ бароваранд; ва ҳар чи часпанда бошад; ва билфатҳ ва ташдиди рои муҳмала ва ҳамза (яъне **ғарроъ**)* ҳар чизи муаннас, ки сифеду рушан бошад (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҒАРИБ** غریب нодир ва мусофир.

**ҒАРҚОБ** غرقاب ба маънии оби амиқ.

**ҒАРБ** غرب фуру нишастан; ва ба маънии мағриб; ва ба маънии далви калон, ки бад-он об аз чоҳ кашанд; ва ба маънии носур ва варам ба гушаи чашм, ки ба тарафи бинист, пайдо мешавад; ва ба фатҳатайн (яъне **ғараб**)* номи дарахте, ки кабудранг бошад ва бар лаби рӯдхонаҳо руяд ва ба форсӣ онро **пад** гуянд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва дар «Сиҳох» ба маънии дарахти сифедор навишта; ва ба замматайн (яъне **ғуруб**)* ба маънии ғариб ва нодор.

**ҒУРОБ** غراب дар арабӣ зоғро гӯянд; ва навъе аз каштии дарьё.

**ҒАРОМАТ** غرامت товонзада шудан ва пушаймонӣ ва азоб (аз «Кашф» ва «Суроҳ»).

**ҒАРИЗАТ** غریزت бар вазни **фазилат**; ба маънии сиришт ва табиат (аз «Мунтахаб»).

**ҒАРАС** غرث гуруснагӣ (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҒАРАР** غرر рушноӣ; ва хатар; ва гарав ва шарте ки дар байъ ва ҷуз он кунанд ва байъи ғоиб, яъне байъи чизе, ки дар тасарруф набошад, чун байъи моҳии дар об ва мурғи дар ҳаво ва ҷуз он; ва ин манҳист; ва ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **ғурар**)* сипедиҳо; ва аввали чизҳо; ва сипедиҳои пешонӣ; ва беҳтарҳои ҳар чиз; ва сардорҳои қавм; дар ин сурат *ҷамъи* **ғурра** аст; ва дурари **ғурар** ба маънии марворидҳои беҳтар ва баргузида (аз «Латоиф» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**ҒАРҒАР** غرغر чархе ки ресмонро бар он кашанд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҒИРОР** غرار камӣ ва нуқсон дар ҳар чиз; ва нодонӣ; ва тезии шамшер; ва тариқа ва тавр; ва косид шуданӣ бозор (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҒУРУР** غرور масдар аст, ба маънии фирефтан; ва ба фатҳи аввал (яъне **ғарур**)* фиребанда (аз «Латоиф» ва «Суроҳ»).

**ҒИР(Р)** غر марди ғофил ва ноозмудакор; ва биззам ва ташдид (яъне **ғурр**)* бузургон ва машоҳир; ва сифедиҳои пешонӣ; дар ин сурат *ҷамъи* **ағарр** аст; ва дар форсӣ ба фатҳ ва тахфиф (яъне **ғар**)* ба маънии баддил; ва зани фоҳиша ва қаҳба; ва биззам (яъне **ғур**)* маразест, ки хуся аз миқдор калон шавад ва гоҳе ин мараз дар пусти гулу пайдо мешавад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҒАРОИР** غرائر ба маънии ҷуволҳо; *ҷамъи* **ғирора**; ва ба маънии хӯҳои нек; ва зоминон ва ҷавонони корноозмуда; ба ин маънӣ *ҷамъи* **ғарир**; ва ба маънии нуқсонҳо; ва ба маънии равишҳо ва тарзҳо; ва тезиҳои шамшер; ва ба маънии найза ва тирҳо; ва миқдори муддатҳои чиз; ва ба ин маънӣ *ҷамъи* **ғирор** аст (аз «Мунтахаб»).

**ҒАРС** غرس дарахт нашондан ва дарахти дар замин нашондашуда (аз «Мунтахаб»).

**ҒУРРИШ** غرش овоз кардан ва ҳайбат (аз «Сироҷ»).

**ҒАРАЗ** غرض ба маънии ҳадаф ва нишона; ва *маҷозан* матлаб ва мақсуд ва ҳоҷат (аз шарҳи «Нисоб» ва «Кашф» ва «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Қомус» ва «Баҳори Аҷам»).

**ҒУРАФ** غرف *ҷамъи* **ғурфа**-и маъруф.

**ҒАРАҚ** غرق масдар аст, ба маънии тамом фурӯ рафтан дар об ва аз сар гузаштани об ва ғайра; ва машҳуру мустаъмал ба сукуни ро (яъне **ғарқ**)* аст; ва ба фатҳи аввал ва касри ро (яъне **ғариқ**)* ба маънии ғариқ (غريق; аз «Кашф» ва «Қомус» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»).

**ҒАРОНИҚ** غرانيق *ҷамъи* **ғурнуқ**, ки ба маънии ҷавони зебошакл аст; ва **ғароникулъуло** *мурод аз* асном (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва ғайруҳумо).

**ҒАРЧАҚ** غرچك аҳмақ ва нодон (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҒАРБОЛ** غربال *мубаддали* **карбол**; ба каср (яъне **кирбол**)* *муарраби* он; ва баъзе гуянд, ки *мубаддали* **ғарбол** аст ва муарраб нест; ва ба маънии парвезан (аз «Хиёбон»); ва дар «Мунтахаб» билкаср (яъне **ғирбол**)* ва муарраб.

**ҒАРДИЛ** غردل ба маънии баддил, ки зидди шуҷоъ бошад, чаро ки **ғар** (билфатҳ) қаҳба аст (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ҒУРМ** غرم товон; ва ба форсӣ ба маънии меши куҳӣ, Саъдӣ гуяд, мисраъ:

> Пас аз ғурму оҳу гирифтан ба пай...

(аз «Муайид» ва «Рашидӣ» ва шарҳи «Нисоб» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҒАРОМ** غرام ҳирс ва ишқ ва шефтагӣ ва ҳалок ва азоб (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**ҒАРИМ** غريم товонзада (аз «Латоиф»).

**ҒУРОБУЛБАЙН** غراب البين зоғи сиёҳи даштӣ, ки аз шумии нишастани худ мабонияти ва муфоракат андозад миёни дӯстон ва ақрибо; ва дар «Суроҳ» ба маънии зоғи аблақ ё зоғи сурхминқор; ва баъзе гуянд навъе аз зоғ, ки минкору пои ӯ сурх бошад; араб онро наҳс донанд ва гуянд, ки агар касе аз хона барояд ва зоғи мазкурро мулоқӣ шавад, далолат мекунад бар фироқ дар миёни ӯ ва матлуб, чунонки дар «Хиёбон» аст.

**ҒАР(А)Қ КАШИДАН** غرق كشيدن тамом ва комил кашидан (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**ҒАРРОН** غران шӯркунанда ва овози гарон ва муҳиб бароранда.

**ҒАРИН** غرين ин лафз дар сифати шер вокеъ мешавад; пас ин лафзро ба ғайни муъҷама хондан ва ба маънии шӯркунанда фахмидан маҳзи хатост; саҳеҳ ба айни муҳмала (яъне **арин**)* аст, ба маънии беша ва саҳро, ки дар он шер монад (казо фил — «Мунтахаб»).

**ҒАРСОИ** غرثان гурусна.

**ҒИРЕВОН** غریوان шуркунанда.

**ҒАРВ** غرو бар вазни **сарв**; ба маънии нае, ки аз он қалам созанд (аз «Бурҳон»); ва дар шарҳи «Нисоб» ба фатҳатайн (яъне **ғарав**)*.

**ҒИРЕВ** غریو шуру ғавғо (аз «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Музил»).

**ҒАРФА** غرفه як бор об бардоштан ба даст; ва билкаср (яъне **ғирфа**)* навъе аз бардоштани об ба даст; ва ба зам (яъне **ғурфа**)* ба қадри як мушт ва болохонаи бар канори бом (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»); ва аз «Латоиф» ба маънии дарича низ мустафод мешавад.

**ҒАРҚА** غرقه ба маънии ғариқ; чи дар **ғарқ** ҳои нисбат аст.

**ҒАРЧА** غرچه муханнас ва нодон ва забун (аз «Бурҳон»).

**ҒАРОРА** غراره ноозмудакор шудан ва фиреб хурдан; ва ба каср (яъне **ғирора**)* ҷувол (аз «Мунтахаб»).

**ҒАРҒАРА** غرغره лафзи арабист, ба маънии гардонидани об дар гулӯ; форсиён тафрис карда **ғарора** гӯянд.

**ҒАРИБЗОДА** غریب زاده лӯлизода (аз «Мусталаҳот»).

**ҒУРРА** غره сифедии пешонии асп бузургтар аз дирам; ва сайиди қавм ва беҳтар аз ҳар чиз; ва аввали рӯзи моҳро, ки **ғурра** гӯянд бар ваҷҳи истиъора аз пешонӣ маъхуз аст; ва **ғирра** (билкаср ва ташдид) ба маънии фирефтагӣ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Муайид»); ва дар «Латоиф» билфатҳ ва ташдид (яъне **ғарра**)* фирефта шудан; ва ба касри аввал ва ташдид, фирефтагӣ ва ғофилӣ.

**ҒАРИЗӢ** غریزی ба маънии табиъӣ; чи **ғариз** ба маънии табиат аст (аз «Кашф»).

**ҒАРИБӢ** غریبی дурӣ аз хонумон; ва қумошест бисьёр нафис (аз «Мусталаҳот»).

**Фасли ғайни муъҷама маъа зои муъҷама**

**ҒАЗО** غزا бо душмани дин ҷанг кардан (аз «Сурох»).

**ҒУЗОТ** غزات *ҷамъи* **ғозӣ**, ки қотили куффор бошад; ба ташдид (яъне **ғуззот**)* ғалат аст.

**ҒАЗАВОТ** غزوات *ҷамъи* **ғазва**, ки маънии он баён хоҳад шуд.

**ҒАЗОР** غزار дар «Шарҳи Хоконӣ» навишта, ки ба маънии гирдогирди девор ва даруни манзил; ва дар «Мунтахаб» ва «Сурох» **ғазорат** (ба зиёдати то) ба маънии бисьёрӣ ва бисьёр шудани шир ва об ва мева ва ҷуз он.

**ҒУЗ** غز қавме аз туркон, ки ба замони султон Санҷар Хуросонро ғорат карданд.

**ҒАЗОЛ** غزال оҳубарра; ва ба маънии офтоб низ оранд (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Муайид» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»).

**ҒАЗАЛ** غزل бозӣ кардани маҳбуб ва ҳикоят кардан аз ҷавонӣ ва ҳадиси суҳбат ва ишқи занон; ва **билфатҳ** (яъне **ғазл**)* риштан ва ресидан; ва ба маънии ришта ва ресмон ва расан оранд (аз «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҒАЗНИН** ва **ҒАЗНӢ** ва **ҒАЗНА** غزنین و غزنی و غزنه номи шаҳри мавлиди Маҳмуди Ғазнавӣ.

**ҒАЗОЛА** غزاله бачаи оҳу, ки мода бошад; ва ба маънии офтоб; ва ба касри аввал (яъне **ғизола**)* хатост (аз «Мунтахаб»).

**ҒАЗВА** غزوه ҷанги муъминин бо куффор ба ҷиҳати ислом, ба шарте ки расул алайҳиссалом ё имоми вакт дар он ҷанг ҳамроҳ бошад. Ва агар ҷанги муъминин бо куффор ба саркардагии имоми вакт бошад, онро **сарийя** гӯянд.

**ҒАЗОЛӢ** غزالی мансуб ба **Ғазола**, ки қарияест аз музофоти Тус, мавлиди имом Муҳаммади Ғазолӣ раҳматуллоҳи алайҳи (аз «Лубб-ул-албоб»); баъзе гӯянд, ки **Ғаззолӣ** (ба ташдиди зои муъҷама) мансуб ба **ғаззол**, ки ресмонфурӯш бошад. Чун бо ресмонфурӯше эшонро дӯстии камол буд, лиҳозо ба ин нисбат шуд; бояд донист, ки ин ваҷҳ маҳзи хатост.

### Фасли ғайни муъҷама маъа зои форсӣ

**ҒУЖБ** غژب донаи ангур, ки пухта ва тоза бошад (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҒАЖ** غژ амр аст аз ғажидан, ки ба маънии нишаста ба сурин роҳ рафтан аст ба таври атфол (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**ҒАЖМ** غژم донаи ангур, ки пухта ва тоза бошад (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҒАЖИДАН** غژیدن нишаста ба сурин роҳ рафтан ба зўри бозуӣ ва даст (аз «Бурҳон»).

**ҒАЖГОВ** غژگاو навъе аз гов аст, ки аз думи он парчами алам ва магасрон созанд; ва он қисм гов дар кўҳистон, ки мобайни Хато ва Ҳиндустон аст, ба ҳам мерасад; ба ҳиндӣ онро суригай гўянд (ба замми «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

### Фасли ғайни муъҷама маъа сини муҳмала

**ҒАСАҚ** غسق торикии аввали шаб (аз «Мунтахаб»).

**ҒАС(С)ОҚ** غساق он чизи сард ва ганда, чун зардоб ва рими ҷироҳат ва ҷуз он (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҒАСАҚ** غسك ҷонварест кўчаки газанда; ба ҳиндӣ кҳатмал гўянд (аз «Бурҳон»).

**ҒУСУЛ//ҒУСЛ** غسل шустушўи тамоми бадан; ва билфатҳ (яъне **ғасл**)* ба маънии мутлақ шустани ҳар чиз, ки бошад; ва билкаср (яъне **ғисл**)* обе, ки бад-он шуста шавад (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҒИСЛИН** غسلین обе ки бад-он ҷироҳат ё чизи дигарро шуста бошанд; ва он чиз, ки аз бадани дўзахиён равон шавад, мисли хун ва рим ва зардоб (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»); ва мавлоно Рафеъуддиншоҳи Деҳлавӣ тағаммадаҳуллоҳу биғуфронихи дар рисолаи «Аҳволи қиёмат» навиштаанд, ки **ғислин** чашмаест дар дўзах, ки касофатҳо ва олудагиҳои куффорон дар он ҷамъ шавад.

**ҒУСОЛА** غساله обе ки бад-он рўй ва даст шўянд; ва ҳар обе ки баъди шустан ба ҷое уфтад (аз «Мунтахаб»).

**ҒУСЛХОНА** غسلخانه иборат аз ҳаммом.

### Фасли ғайни муъҷама маъа шини муъҷама

**ҒИШО(Ъ)** غشا/غشاء пўшиш ва парда ва ғилоф; ва ба маънии пусти тунук ва борик, ки ба ҳиндӣ ҷҳиллӣ гўянд (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф»).

**ҒИШ(Ш)** غش кудурат; ва билфатҳ (яъне **ғаш**)* ба маънии зоҳир кардан хилофи он чи дар дил бошад; ва ба маънии хиёнат кардан; ва омезиши чизе камбаҳо дар зару нуқра ва мушк ва шароб; ва ба маънии беҳушӣ; ва бад-ин маънӣ дар асл **ғашӣ** (ба ёи таҳтонӣ) буд, ки лафзи арабӣ бошад. Форсиён ёро аз он лафз ҳазф карда бо лафзи *кардан* мустаъмал кунанд, чунончи гўянд: *фулонӣ ғаш кард* (аз «Муайид» ва «Тоҷ-ул-масодир» ва «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Сикандарӣ» ва «Фарҳанги Ҳусайнӣ» ва «Зубдат-ул-фавоид»); магар соҳиби «Суроҳ» навишта, ки билкаср (яъне **ғиш**)* хиёнат кардан; ва соҳиби «Кашф» навишта, ки билфатҳ кудурат ва ба каср, айбу хиёнат; ва дар «Латоиф» билкаср, ба маънии хиёнат ва кудурат ва ташвиш ва билфатҳ, масдар аст, ба маънии хиёнат кардан.

**ҒИШЁН** غشیان ҷимоъ кардан; ва ба фатҳатайн (яъне **ғашаён**)* беҳуш шудан (аз «Латоиф»).

**ҒИШОВА** غشاوه парда (аз «Мунтахаб»).

**ҒАШӢ** غشی беҳуш шудан ва беҳуш гардонидан; ва ҷимоъ кардан (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

### Фасли ғайни муъҷама маъа соди муҳмала

**ҒАСБ** غصب ба ситам гирифтан чизеро аз касе ва қаҳр кардан бар касе (аз «Мунтахаб»).

**ҒУСАС** غصص *ҷамъи* ғусса (аз «Мунтахаб»).

**ҒУСН** غصن шохи дарахт (аз «Мунтахаб»).

**ҒУСУН** غصون шохҳои дарахт; ин *ҷамъи* **ғусн** аст (аз «Мунтахаб»); ва дар кутуби тиб ба маънии чинҳо ва шиканҳо.

**ҒУССА** غصه андуҳи гулугир (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); агарчи ин лафз дар мардум ба маънии мутлақи хашм ва қаҳр мустаъмал шуда, лекин таҳқиқ ин аст, ки лафзи **ғусса** *маҷозан* ба маънии хашмест, ки онро аз хавфи касе забт карда бошад. Ба ин маънӣ маънии маҷозиро ба маънии ҳақиқӣ муносибате боқӣ мемонад, лиҳозо фусаҳо итлоқи **ғусса** бар ҳақ таоло ҷоиз надоранд, балки дар ин мақом лафзи қаҳр ва ғазаб мустаъмал менумоянд.

### Фасли ғайни муъҷама маъа зоди муъҷама

**ҒАЗУБ** غضوب бисьёр ғазабнок ва хашмгин.

**ҒАЗОТ** غضات бар вазни **ҳаёт**; дарахте саҳроӣ монанди кунор, ки оташи чӯби он дер монад; ва ин *ҷамъи* **ғазо**-ст (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»); зоҳиран дар истеъмоли форсиён ба маънии воҳид шуҳрат ёфта, чунонки **ҳур**, ки *ҷамъи* **ҳавро** аст ва ба маънии воҳид шуҳрат гирифта.

**ҒАЗАНФАР** غضنفر ба маънии шери дарранда (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҒАЗН//ҒАЗЗАН** غضن чашм хобонидан ва фурӯ доштани овоз; ва таҳаммул кардан; ва бардоштани макруҳ ва нуқсон кардан (аз «Мунтахаб»).

**ҒАЗБОН** غضبان сиғаи сифати мушаббаҳ аз **ғазб**, ба маънии қаҳрнок ва хашмнок (аз «Қанз»); ва дар истеъмоли форсӣ, ба маънии санге, ки аз манҷаниқ ба сӯи қалъаи хасм андозанд (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҒАЗОИРӢ** غضائرى номи шоире маддоҳи яминуддавла Маҳмуди Субуктегин.

### Фасли ғайни муъҷама маъа тои муҳмала

**ҒИТО** غطا ба маънии парда ва пӯшиш (аз «Кашф» ва «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҒАТИТ** غطيط бар вазни **ғализ**; ба маънии овози хур-хур, ки аз гулуи баъзе мардум ба ҳолати хоби комил бармеояд (аз «Мунтахаб»).

**ҒИТРИФ** غطريف меҳтар ва шариф ва ҷавонмард (аз «Мунтахаб»).

### Фасли ғайни муъҷама маъа фо

**ҒАФР** غفر пӯшидан ва омурзидани гуноҳ ва пинҳон кардан ва номи манзили понздаҳум аз манозили Қамар; ва он се кавкаб аст каҷмаҷ дар Мизон; ва ба маънии ҷамоат низ (аз «Мунтахаб»).

**ҒАФИР** غفير бар вазни **фақир**; ба маънии бисьёр ва ҷамъ, ки зиёда аз эшон натавонад дид; ва ба маънии пушанда (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ҒАФС** غفص тандор ва лук ва ситабр ва фарбеҳ (аз «Фирдавс-ул-луғот»); чун ин лафз дар дигар кутуби муътабараи луғот ёфта намешавад ва зоҳиран дар асл **ғабз** буда, ба маънии ситабр ва қави, чунонки дар «Бурҳон» аст. Мувофиқи қоидаи форси кофи форсиро ба ғайни муъҷама ва бои муваҳҳадаро ба фо ва зои муъҷамаро ба сини муҳмала бадал карда **ғафс** (غفس) карданд, баъдуҳу сини муҳмаларо ба дастури арабӣ ва форсӣ ба соди муҳмала бадал нумуданд.

**ҒУФРОН** غفران омурзиш.

### Фасли ғайни муъҷама маъа лом

**ҒАЛБОЪ** غلباء ба маънии мавзеъе, ки дарахтонаш бо якдигар пайваста ва дарҳам ва ё анбуҳ бошанд; ва **ғулба** (ба замми аввал) *ҷамъи* он; ва **ғулбоъ**-ро ба замми аввал хондан маҳзи ғалат, чаро ки сиғаи муаннас аст аз афъоли фаълоъ.

**ҒАЛО** غلا ба маънии қаҳт ва гирон шудани нархи ғалла ва ҳар чиз (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҒУЛОТ** غلات ба маънии аз ҳад гузаштагон; *ҷамъи* **ғолӣ.**

**ҒАЛАБОТ** غلبات *ҷамъи* **ғалаба.**

**ҒИЛЕВОЗ** غليواز тоирест маъруф, ки онро заған низ гӯянд; ва мураккаб аст аз **ғилев,** ба маънии саргаштагӣ; ва ин дар у зоҳир аст. Ва навиштаанд, ки он соле нару соле мода бошад; ва баъзе гӯянд, ки дар шаш моҳ ин инқилоб мешавад (аз «Кашф» ва ғайра).

**ҒАЛАС** غلس торикии охири шаб (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҒАЛАТ** غلط хато кардан дар сухан ва ҳисобу китоб; ва **ғалат** ба маънии фоил, яъне ғалаткунанда ва ба маънии мафъул, яъне ғалат кардашуда низ меояд; ва **ғалати** (ба зиёдати ёи таҳтонӣ) муҳовараи новоқифон аст; ва **ғалат** бар ду гуна аст: ғалати авом ва ғалати ом. Пас **ғалати** ом он аст, чунонки лафзи **мансиб**, ки ба касри сод меояд ва ба фатҳ (яъне **мансаб**)* шуҳрат дорад ва оммаи шуъаро бо *лаб* ва *таб* ва *ғабғаб* қофия оранд; ва **ғалати авом,** чунонки лафзи **таъинот** ба маънии шахсе ки таъйин гардида бошад ба тарафе ё коре; ва ин муҳовараи авом аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Музил» ва «Мунтахаб»).

**ҒУЛОЗ** غلاظ ба маънии ситабр ва дурушт; ва ба касри аввал (яъне **ғилоз**)* *ҷамъи* **ғализ** (аз «Мунтахаб»).

**ҒАЛИЗ** غليظ ситабр ва дурушт; *зидди* **рақиқ** (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии нопок дар халоиқ шуҳрати азим гирифта ва ёфта нашуд.

**ҒИЛАЗ** غلظ ситабрӣ ва ситабр шудан (аз «Мунтахаб»).

**ҒАЛҚ** غلق дар бастан; ва ба фатҳатайн (яъне **ғалақ**)* чӯбест, ки бадон дарро бибанданд; ва ба форсӣ калидон гӯянд.

**ҒАЛТАК** غلطك мубаддали ғалтак (غلتك) на муарраб, ба маънии ғалтидан ва як бор аз паҳлу ба паҳлу гардидан ва пояи ароба, ки он мудаввар ва ғалтон бошад (аз «Рашидӣ» ва «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҒУЛУЛ** غلول хиёнат кардан дар ғанимат ва оби равон дар миёни дарахтон; ва ба фатҳи аввал (яъне **ғалул**)* таъоме ки ба андаруни ками пиру нотувон зуд гуворо шавад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҒУЛ//ҒУЛЛ** غل тавқи оҳанӣ ва банд ва ташнагӣ; ва билкаср (яъне **ғил**)* кина ва хиёнат ва кудурат (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Кашф» ва «Суроҳ»).

**ҒАЛИЛ** غليل ташнагӣ ва ташна ва кина (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва ғайруҳумо).

**ҒАЛАЛ** غلل ташнаги ва сузиш; ва ба замматайн (яъне **ғулул**)* ташнагон; ва ин *ҷамъи* **ғалил** аст (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҒУЛОМ** غلام ба маънии кудак; ва *маҷозан* ба маънии нукар ва банда.

**ҒАЛЁН** غليان ба маънии ҷушидан ва ҷуш (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»); ва низ лафзи **ғалён** ба маънии ҳуққа мустаъмал, чаро ки оби ҳуққа ба сабаби кашидан ба ҷуш меояд; ва баъзе ғайнро ба қоф бадал карда **қилён** (ба касри қоф) хонанд; ва баъзе гуянд **ғалаён** (ба фатҳот) лафзи арабист, ба маънии ҷуш; дар ин сурат ба фатҳи аввал бояд ва форсиён ба ҷиҳати тахфиф ломро сокин кунанд (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Баҳори Аҷам»).

**ҒИЛМОН** غلمان *ҷамъи* **ғулом**; ва итлоқи **ғулом** бар амрад мешавад; ва дар биҳишт низ махлуқе ба сурати амрадон дар хидмати аҳли ҷаннат хоҳанд буд. Агарчи лафзи **ғилмон** сиғаи ҷамъ аст, магар дар форсиён ба маънии муфрад мустаъмал. Ва ин лафз аз олами **ҳур** аст, ки *ҷамъи* **ҳавро** аст, ки ба фатҳ бошад ва дар форсӣ ба маънии муфрад мустаъмал аст (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ҒАЛТБОН** غلتبان номи санге бошад гирду дароз; ва мардуми беҳамийят ва дайюсро **ғалтбон** аз он гӯянд, ки: чунончи он санг дар ихтиёри гардонанда бошад, он шахс низ маҳкуми зани худ бошад; ва ғайнро ба қоф бадал карда **қалтбон** низ гӯянд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҒУЛУВ(В)** غلو дар луғат ба маънии даст баланд кардан он қадар, ки тувон баланд кард (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба маънии ҳуҷум ва ба маънии аз ҳад даргузаштан низ омада; ва ба истилоҳи илми маонӣ навъе аз анвоъи мубolағa: ва он чунон бошад, ки муд-

даъои мутакаллим ба ҳасби ақл ва одат, ҳар ду муҳол бошад, чунончи Низомӣ фармояд, байт:

Зи сумми сутурон дар он паҳндашт
Замин шаш шуду осмон гашт ҳашт.

**ҒИЛОЛА** غلاله ҷомаи кӯчак, ки дар зери ҷома ё зиреҳ пӯшанд (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох»); ва **ғулола** (ба замми аввал) дар форсӣ ба маънии зулфи маъшуқ (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҒАЛАБА** غلبه ба маънии забардастӣ ва зӯр (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ҒУЛУЛА** غلوله ба маънии ҷуш ва хуҷум навиштаанд, магар дар китоби муътабар ба назар дарнаёмада.

**ҒАЛМА** غلمه тезии шаҳват; ва билкаср (яъне **ғилма**)* *ҷамъи* **ғулом** (аз «Мунтахаб»).

**Фасли ғайни муъҷама маъа мим**

**ҒАМРУРРИДО** غمرالردا фурӯ гирифтани чодар андом; ва ба истилоҳ ҷавонмард ва фароҳҷуд ва марди бисьёрхайри айбпӯш (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»); ва дар «Шарҳи Хоқонӣ» ба маънии саховат, зеро ки саховат фурӯ мепушад уюби соҳиби худро, чунонки чодар фурӯ мепушад соҳиби худро; *маҷозан* ба маънии карими бисьёрхайр аз қабили Зайди Адл.

**ҒАМАРОТ** غمرات сахтихо ва анбуҳҳои мардум ва бисьёриҳои об (аз «Сурох»).

**ҒИМД** غمد ниёми шамшер ва корд (аз «Муайид» ва «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Қомус» ва «Сурох»).

**ҒАМР** غمر оби бисьёр ва фаро пӯшидани об чизеро ва анбуҳӣ; ва кина кардан; ва ташна шудан; ва ҷавонмард ва сахӣ; ва билкаср (яъне **ғимр**)* кина ва ташнагӣ; ва биззам (яъне **ғумр**)* нодон ва корноозмуда ва аҳмақ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шурӯҳи «Нисоб»).

**ҒУМОР//ҒАМОР** غمار ба маънии анбуҳӣ ва бисьёрӣ (аз «Сиҳоҳ» ва «Сурох»).

**ҒАМГУСОР** غمگسار ба маънии ғамхор; чи **гусордан** ба маънии хӯрдан аст (аз «Сироҷ»).

**ҒАМЗ** غمز ишорат кардан ба чашм ва сахт афшурдан ва туҳмат кардан ва суханчинӣ (аз «Латоиф»).

**ҒАММОЗ** غماز суханчин ва ишоракунанда ба чашм ва таъназананда (аз «Латоиф»).

**ҒАМАС** غمص ба маънии жафк, яъне чирки чашм ва пихоли чашм (аз шурӯҳи «Нисоб»).

**ҒАМУС** غموص номи қалъае аз қилоъи Хайбар (аз шурӯҳи «Нисоб»).

**ҒАМЗ** غمض замини паст ва мағок ва пушида ва дур аз фаҳм будани сухан; ва биззам (яъне **ғумз**)* ғунудан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҒУМУЗ** غموض мушкилоти ҳар фан ва пушидагиҳои илму ҳунар.

**ҒАМОИМ** غمائم *ҷамъи* **ғамома**, ки ба маънии абри воҳид аст.

**ҒАМОМ** غمام ба маънии абр ва саҳоб (аз «Мунтахаб»).

**ҒАМ(М)** غم ин лафзи арабист, ба ташдиди мим ва дар форсӣ ба тахфифи мим мустаъмал мешавад. Бидон ки дар калимаи муфради форсиюласл ҳарфи мушаддад ҳеч ҷо наёмада, магар ба зарурати идғом, чунонки: *шаппар*, ки дар асл *шабпар* буд, номи тоири маъруф ва *фаррух*, ки дар асл *фаррух* (فررخ) буд ва ба нудрат дар назм воқеъ шуда, ба одати назм. Дар наср низ мушаддад хонанд, чунонки: *калла* ва *палла*. Агар лафзи арабӣ, ки ҳарфи охираш мушаддад бошад, дар форсӣ ба унвони форсӣ, яъне бидуни алифу лом воқеъ шавад, онро ҳам дар форсӣ ба тахфиф бояд хонд, чунончи: *ғам(м)* ва (*ҳам(м)*, ки ба маънии андуҳ аст ва *қад(д)* ва *хад(д)* ва *дур(р)* ва *ҳур(р)* ва ғайру золик, ки ҳама мушаддад ҳастанд ва дар форсӣ ҳамаро мухаффаф бояд хонд, магар дар назм ба зарурати ташдид зоҳир кунанд, чунончи мисраъ:

Ту он дурри макнуни якдонаӣ...

аммо дар сурати таркиби арабиюлуслуб асли калимаро риъоят карда ташдид зоҳир кардан ансаб ва авлост, чун: *авомуннос* ва *хавосулмулук* ва *ҳавоҷҷи* байтуллоҳ, ки дар асл *авомим* ва *хавосис* ва *ҳа-*

*воҷич* буд (ин ҳама аз «Рисола»-и Абдулвосеъ ва ғайра навишта шуд).

**ҒАМДОН** غمدان иморате буд бисьёр олӣ дар Нишопур ва *киноя* бошад аз дуньё (аз «Шарҳи Хоқонӣ» ва «Бурҳон») [117].

**ҒАМОН** غمان ғамнок (аз «Латоиф»).

**ҒАМЗА** غمزه ба абрӯ ва чашм ишора кардани маъшуқ; ва ба маънии афшурдан низ (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ҒУМҶА** غمجه пасхурдаи об, ай ҷуръа (аз «Суроҳ»).

**Фасли ғайни муъҷама маъа нун**

**ҒИНО** غنا тувонгарӣ ва бениёзӣ ва давлатмандӣ; ва ба касри аввал ва мад, яъне дар охир ҳамза (яъне **ғиноъ**)* ба маънии нағма ва сурудхонӣ; ва билфатҳ валмад (яъне **ғаноъ**)* суд ва нафъ ва фоида; ва билфатҳ ва ташдиди нун ва дар охир ҳамза (яъне **ғанноъ**)* ҷои анбӯҳи чизе, чун **қаряи ғанноъ** ба маънии деҳи бисьёрмардум ва **равзаи ғанноъ** ба маънии боғи бисьёрдарахт (аз «Суроҳ» ва шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Рисола»-и Ибни Ҳоҷ).

**ҒУНЧАИ ОБ** غنچهٔ آب ба маънии ҳубоби об (аз «Сироҷ»).

**ҒУНЯТ** غنيت ба маънии молдорӣ ва тувонгарӣ.

**ҒАНҶ** غنج карашма ва ноз (аз «Муайид» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»); ва дар фарҳанге муътабар эътидоли ҳаракоти маъшуқ; ва соҳиби «Мунтахаб» ва «Суроҳ» биззам (яъне **ғунҷ**)* навиштаанд, ба маънии карашма ва ноз; ва дар «Бурҳон» **ғанҷ** (билфатҳ) ба маънии ҳаракати чашму абрӯ.

**ҒУНД** غند ба маънии печида ва фароҳамомада ва ҷамъшуда ва баҳамомада (аз «Муайид» ва «Кашф» ва «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҒАНҶОР** غنجار гулгуна (аз «Муайид» ва «Бурҳон»).

**ҒИНЧАК** غنچك ба маънии ғичак, ки номи созест; ва баъзе камончаро гӯянд.

**ҒАНАМ** غنم бузу гусфанд (аз «Мунтахаб»).

**ҒАНОИМ** غنائم молҳои ғанимат.

**ҒУНҶА** غنجه гули ношугуфта; дар асл **гунҷа** буд (ба замми кофи форсӣ), маъхуз аз **гунҷидан**, чаро ки дар зоти ӯ гунҷидагист ба ҷиҳати он ки барги **ғунҷа** дар андарун бо ҳам муҷтамеъ ва гунҷон мебошад, лиҳозо чунин гуфта кофи форсиро ба ғайни муъҷама бадал кунанд барои фасоҳат; ва қила ба ҷими форсист (аз «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Бурҳон» ва манқул аз «Шарафнома» ва «Иброҳимшоҳӣ»).

**ҒУННА** غنه овози бинӣ; ва тахрир аст аз мусиқӣ, ки дар ҳангоми ғиноъ ва саройидан ба хайшуми бинӣ ва димоғ адо кунанд (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Хоқонӣ»).

**Фасли ғайни муъҷама маъа вов**

**ҒАВОЯТ** غوايت гумроҳи (аз «Мунтахаб»).

**ҒАВС** غوث фарьёдрас (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва низ яке аз он ду тан, ки ямину ясори қутб бошанд (аз «Шамсӣ»).

**ҒУЧ** غوچ мешн нарн шохдори ҷангӣ; лафзи туркист.

**ҒАВР** غور дар арабӣ ба маънии умқ ва қаъри ҳар чиз ва замини паст ва фурӯ рафтан ва фоида расонидан; ва биззам ва вови маҷҳул (яъне **Ғӯр**)* дар форсӣ номи мулкест аз Аҷам (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**ҒАВС** غوص дар об ғӯта задан (аз «Мунтахаб»).

**ҒАВОМИЗ** غوامض пӯшидагиҳои калом ва маъниҳои борик.

**ҒУҚ** غوك ҷонварест, ки дар об ва замини намнок мемонад; ба арабӣ онро зифдиъ гӯянд (аз «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Бурҳон» **ғӯк** бар вазни **дук** навишта; ва ба фатҳатайн (яъне **ғавак**)* *мубаддали* **гавак**, ки ба маънии замини канда ва амиқ аст.

**ҒАВОИЛ** غوائل ба маънии сахтиҳо ва бадиҳо ва балоҳо; ва ин *ҷамъи* **ғоила** аст (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ҒУЛ** غول дар арабӣ навъе аз ҷин ва дев, ки дар саҳрову кӯҳ мебошанд, ба ҳар шакл, ки хоҳанд бармеоянд, ва номи ситора аст, ки онро **Сари Ғул** низ гӯянд; ва ба вови маҷҳул (яъне **ғӯл**)* дар форсӣ ба маънии гӯш ва ба маънии анбӯҳи сипоҳ (аз «Бурҳон»); ва дар туркӣ фавҷеро гӯянд, ки сардор дар он бошад.

**ҒАВОМ(М)** غوام мӯҳои сар, ки пешонӣ ва қафоро фуру гиранд (мустафод аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҒАВҒОИЁНИ ГУЛБУН** غوغائیان گلبن *кинoя аз* булбулон.

**ҒУТА** غوطه ба вови маъруф, на ба вови маҷҳул, чаро ки дар лафзи арабӣ ба вови маҷҳул намеоранд; ба маънии фуру шудан ба об ва номи шаҳрест.

**ҒУРА** غوره ангурҳои норасида, ки мазаи он туруш мебошад (аз «Сироҷ»).

**ҒАВЗА** غوزه пӯсте ки болои пунба бошад ва ҳануз натарқида бошад; ва ин лафз дар асл **ғавза** аст, мураккаб аз **ғавз**, ки (ба фатҳи кофи форсӣ) ба маънии чормағз бошад ва ҳои нисбат, ки ифодаи маънии ташбеҳ кунад (аз «Сироҷ»).

**ҒАВОНӢ** غوانی *ҷамъи* **ғонийя**, ба маънии зане, ки ба шӯи худ хуш бошад ва ба ҳусни хеш аз зевару ороиш бениёз бувад (аз «Мунтахаб»).

**ҒАВОШӢ** غواشی пардаҳо ва хаймаҳо ва зинпӯшҳо ва беҳушкунандагон ва бемориҳои андарун (аз «Мунтахаб»).

**ҒАВОДӢ** غوادی абрҳои бомдод; *ҷамъи* **ғодия** (аз «Сурох»).

**ҒАВЧИ** غوچی гави хурд, яъне мағоки кӯчак (аз «Бурҳон»).

**ҒАВИЙ** غوی ба маънии гумроҳ (аз «Латоиф»).

### Фасли ғайни муъҷама маъа ёи таҳтонӣ

**ҒАЙБАТ** غیبت *зидди* **ҳузур**; ва билкаср (яъне **ғибат**)* айби касе дар қафои ӯ гуфтан.

**ҒАЁБАТ** غیابت он чи бипӯшад чизеро; ва ғоиб шудан; ва умқи дег ва чоҳ ва ғайра.

**ҒАЙБУБАТ** غیبوبت нопадид шудан (аз «Сурох»); ва *маҷозан* ба маънии муфорақат низ мустаъмал шуда.

**ҒАЙС** غیث ба маънии борон, ки аз абр меборад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох»).

**ҒИЁС** غیاث ба маънии фарьёдрасӣ ва фарьёдрас ва чизе ки бад-он мухлисӣ ёбанд (аз «Муайид» ва «Лубб-ул-албоб» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҒАЙР** غیر манфаат расонидан ва об хӯронидани борон заминро; ва ба маънии ҷузви дигар ва муғоир (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Латоиф»).

**ҒАЙРИМУҚАРРАР** غیر مکرر иборат аз шахсе аҷнабӣ, ки собиқ аз ӯ мулоқот нашуда бошад.

**ҒИЁР** غیار порчаи зард, ки яҳудон бар ҷома наздики дӯш медӯзанд, то маълум шавад, ки аз қавми яҳуд аст (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**ҒАЮР** غیور бар вазни **ғафур**; ба маънии бисьёр ғайраткунанда ва рашкбаранда (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҒЕЖ** غیژ амр аст аз **ғежидан**, ки ба маънии нишаста ба зӯри дасту сина рафтан аст, чунонки атфол бе дасту поён раванд (аз «Латоиф»).

**ҒАЙЗ** غیض кам шудани об; ва *мурод аз* ин оби андак; ва *маҷозан* ба маънии бахшиши андак; ва дар «Фирдавс-ул-луғот» ба маънии саҳро ва беша; ва дар «Мунтахаб» билкаср (яъне **ғиз**)* ба маънии шукуфа.

**ҒАЙЗ** غیظ хашми сахт (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» хашми пинҳон аз аҷз.

**ҒАЙРИМУНСАРИФ** غیر منصرف он аст, ки дар он ду иллат ё як иллат, ки қоиммақоми он ду иллат бошад, аз нуҳ иллати манъи сарф ёфта шавад ва ҳукми он наёмадани касра ва танвин аст, магар ба зарурат; ва он нуҳ иллати мазкур ин аст: аввал адл, чун *умр* ва *сулс*; дуввум васф, чун *аҳмар* ва *асвад*; севвум таънис, чун *ҳамро* ва *ҳубло* ва *талҳа* (Талҳа) ва *зайнаб* (Зайнаб); чаҳорум ва панҷум маърифа ва уҷма, чун *моҳ* ва *ҷавр* ва *Исмоил* ва *Иброҳим*; шашум ҷамъ, яъне вазни

мунтаҳоулҷумуъ, чун *масоҷид* ва *саҳоиф* ва *масобеҳ* ва *тамосил*; ҳафтум таркиб, чун *баълбак*; *ҳаштум* алифу нуни зоидаи он, чун *Усмон* ва *атшон*; нухум вазни **фаъал**, чун *шамар* ва *Аҳмад*.

**ҒАЙДОҚ** غيداق номи мавзеъе аз Туркистон (аз «Бурҳон»); ва дар «Шарҳи Хоқонӣ» **Ғайлоқ** (ба лом) навишта, номи мавзеъе дар дашти Қибчоқ, ки тири хуб дар он ҷо мешавад.

**ҒИЛ** غيل беша ва саҳро ва найистон; ва билфатҳ (яъне **ғайл**)* шире ки зан дар ҳангоми ҷимоъ ё ба ҳангоми обистанӣ ба тифл диҳад ва он бағоят музир аст дар ҳақи тифл; ва ба маънии оби равон бар замин; ва номи обест, ки дар пои кӯҳи Абулқайс равон аст (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ҒАЙМИ ҲОТИЛ** غيم هاطل абри резанда; чи ғайм ба маънии абр ва **ҳотил** ба маънии резанда (аз «Латоиф»).

**ҒАЙМ** غيم ба маънии меғ, яъне абре, ки осмонро бипушад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҒУЮМ** غيوم *ҷамъи* **ғайм** аст.

**ҒАЙЛОН** غيلان номи шоир; ва билкаср (яъне **ғилон**)* девон; *ҷамъи* **ғул** аст (аз «Мунтахаб»).

**ҒАЙН** غين ба маънии абр ва абре, ки осмонро бипушад; ва ба маънии ташнагӣ ва тирагӣ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох»); ва **ғайн** ба маънии булбул, ба муносибати он ки булбулро ба форсӣ ҳазор гӯянд, ба лиҳози ҳазордостон будани ӯ; ва ҳарфи **ғайн** низ ҳазор адад дорад. Пас булбулро низ ба тариқи таъмия **ғайн** гуфтанд. Ва номи яке аз ҳуруфи таҳаҷҷист; соҳиби «Рашидӣ» гӯяд, ки ин ҳуруф дар форсӣ кам омада, гоҳе ба ҷими арабӣ бадал шавад, чун *мағлоғ* ва *мағлоҷ*, маънии таркибии он гавдолбозист; **мағ** ба маънии гавдол ва **лоғ** ба маънии бозӣ; ва ба хои муъҷама бадал шавад, чун *чарғ* ва *чарх*, номи паррандаи шикорист; ва ба коф, чун *оруғ* ва *оруқ*; ва ба мим, чун *ғилғич* ва *ғилмич*, хоридани зери бағал ва пахлу то ханда ояд; ва ба вов, чун *коғуна* ва *ковуна* (ба кофи арабӣ), кирмест сурхи пурзаҳрдор бо нуқтаҳои сиёҳ, дар фолизҳо ба ҳам расад; ва ба ҳо, чун *испарғам* ва *испарҳам*; ва дар охир зоид ҳам ояд, чун *чарэ* ва *чароғ*, ба маънии чаридан.

**ҒАЙЗА** غيضه беша ва ҷангал (аз «Сурох»).

**ҒАЙБА** غيبه таркаш ва ҷаъба ва пораҳои оҳан, ки онро дар бактар ва ҷавшан ба кор баранд (аз «Бурҳон»).

**ҒАЙДОҚӢ** غيداقى навъе аз тири бағоят муҳкам, ки сангро мешиканад ва аз шаҳри **Ғайдоқ** оранд, ки аз Туркистон аст (аз «Бурҳон»).

**ҒАЙ(Й)** غى гумроҳӣ (аз «Латоиф»).

**ҒАЙРИВУҚУФӢ // ҒАЙРИВУҚӮЪӢ** غيروقوفى//غيروقوعى ношоистаги ва нолоиқӣ ва амре, ки ба вуҷуд наёмада бошад[118].

## БОБИ ФО

### Фасли фо маъа алиф

**ФО** فا ба маънии бо, чунонки *фо ӯ гуфт* — бо ӯ гуфт (аз «Латоиф» ва ғайра); ва ҳарфи **фо** дар музореъи баъзе масодир ба ёи таҳтонӣ бадал шавад, ба қалби маконӣ, чун аз *гирифтан — гирад*; ва ба вов, чун аз *шунуфтан — шунавад*; ва ба бои арабӣ, чун аз *куфтан—кубад* ва аз *ёфтан — ёбад*; ва ба хои муъҷама, чун *фалова* ва *халова*, ба маънии саросема; ва ба ғайни муъҷама, чун *фалив* ва *ғалив*; ва ба кофи арабӣ, чун *фалова* ва *калова*; ва ба доли муҳмала, ба маънии мазкур; ва ба ҳо, чун *туфу* ва *туҳу*, ба маънии туф (биззам).

**ФОЛИ ТУҒРО** فال طغرا фолест, ки бар ибтидои сафҳаи Қуръони маҷид бисмиллоҳ ё исми ҳақ таоло бароянд ва ин муборак аст (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ФОХТАЗАРБ** فاخته ضرب навъе аз усул, ки онро усули фохтазарб низ гӯянд.

**ФОРЁБ** فارياب *муарраби* **Порёб**; ва он шаҳрест дар Хуросон ва ҳаволии Балх, ватани Заҳири Форёбӣ, ки

шоирест маъруф (аз «Сироҷ» ва «Рисолаи муарработ»).

**ФОРОБ** فاراب шаҳрест дар навоҳии Туркистон, он тарафи оби Сайҳун, мавлиди муаллими сонӣ, Шайх Абунасри Форобӣ; ва ин Фороб шаҳрест дигар сивои Форёб (аз «Сироҷ» ва «Мунтахаб» ва «Лубб-ул-албоб» ва «Бурҳон»).

**ФОИТ** فائت нестшаванда ва фавткунанда.

**ФОЛИҶ** فالج истирхо ва сустии нимаи бадани одамӣ дар араз ба воситаи хилти балғамӣ, ки бад-он аз ҳаракат бозмонад (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳи лом (яъне **фолаҷ**)* низ гуфтаанд.

**ФОЛИҚУЛИСБОҲ** فالق الا صباح шигофандаи сипедаи субҳ аз сиёҳии шаб; ва он ҳақ таолост.

**ФОСИХ** فاسخ табоҳ ва фосидкунанда ва табоҳу фосидшаванда ва баргардонандаи байъ ва азм (аз «Мунтахаб»).

**ФОҚИД** فاقد гумкунанда; ва лафзи **гум** дар ин ҷо ба замми кофи форсист (аз «Кашф» ва «Мадор»).

**ФУЪОД** فؤاد бар вазни **мурод**; аз «Мунтахаб» ба маънии дил; ва дар «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб» **фуъод** (ба замми аввал) ба маънии дил ва дарди дил.

**ФОРИД** فارد ягонаи замон ва ҷудо (аз «Мунтахаб»).

**ФОНИЗ** فانيذ шакари сифед (аз «Мунтахаб»).

**ФОҚИДУЛБАСАР** فاقد البصر нобино.

**ФОТИР** فاتر суст ва забун ва оби нимгарм (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ФОҶИР** فاجر марди бадкирдори зонӣ (аз «Мунтахаб»).

**ФОКИР** فاكر андешакунанда дар коре.

**ФОР** فار мушон; *воҳидаш* **фора**; ва ба маънии нофаи мушк (аз «Мунтахаб»).

**ФОИЗ** فائز ба маънии расанда ва раҳойӣ ва фирӯзиёбанда (аз «Мунтахаб»).

**ФОРИС** فارس ба маънии сувори асп ва худованди асп ва номи вилоятест аз Эрон, ки чаҳор шаҳр дорад: аввал Шероз, дуввум Сифоҳон, севвум Кирмон, чаҳорум Язд; ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **Форис** (ба касри ро) *муарраби* **Порс** (ки ба сукуни ро) аст, вилояти маъруф.

**ФОС** فاس табар, ки бад-он чӯб ва ғайра тарошанд ва шигофанд (аз «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»).

**ФОНУС** فانوس дар асл ба маънии сухончин аст; ва **фонус** шамъро аз ин ҷиҳат гуянд, ки рушанӣ берун медиҳад (аз «Мунтахаб»).

**ФОШ** فاش ба маънии ошкоро; ва зоҳиран ин мубаддали **пош** аст (аз «Сироҷ»).

**ФОПЕШ** فاپيش ба маънии фаропеш.

**ФОҲИШ** فاحش аз ҳад даргузаранда дар бадӣ ва ҳар бадӣ, ки аз ҳад даргузарад (аз «Мунтахаб»).

**ФОИЗ** فائض файздиҳанда.

**ФОҚЕЪ** فاقع ҳар чиз, ки бисьёр зард ва асфар бошад.

**ФОФ** فاف забонбаста ва лукнаткунанда дар сухан (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

**ФОРУҚ** فاروق фарққунанда миёни ҳақ ва ботил; ва лақаби ҳазрати Умар; ва номи тирёкест, ки фарқ мекунад миёни сиҳат ва мараз (аз «Мунтахаб»).

**ФОИҚ** فائق беҳтар ва баргузида ва афзун (аз «Мунтахаб»); ва номи китобест дар илми ҳадис аз Ҷоруллоҳи Замахшарии соҳиби «Тафсири Кашшоф»).

**ФОЛИҚ** فالق шигофанда ва бароранданаи чизе (аз «Мунтахаб»).

**ФОТИҚ** فاتق шигофанда (аз «Мунтахаб»).

**ФОҚ** فاق суфори тир; зоҳиран лафзи туркист (аз «Чароғи ҳидоят»); ва он чи аз устодони фанни тирандозӣ масмуъ шуда ин аст, ки **фоқ** ресмони хом, ки васати чиллаи камон ба арзи як ангушт печанд, то суфор бар он банд карда зеҳ бикашанд.

**ФОЛ** فال ба маънии шугун; ва ба лафзи *задан* ва *дидан* ва *кушудан* ва *гирифтан* ва *ҷустан* ва *баровардан* ва *бастан* мустаъмал (аз «Баҳори Аҷам»).

**ФОМ** فام ранг ва лавн (аз «Сироҷ»);

ва дар «Бурҳон» ба маънии қарз ва вом низ навишта.

**ФОТИН** فاطن зирак ва доно (аз «Латоиф»).

**ФИЪАТАЙН** فئتين ба маънии ду гурӯҳи мардумон; ин таснияи **фиъат** аст.

**ФОХИРА** فاخره гиронмоя ва неку аз ҳар чиз (аз «Мунтахаб»); ва *мурод* аз **моли фохира** ҷавоҳирот бошад.

**ФОРА** فاره муш; ва ба маънии нофаи мушк; ва ба касри рои муҳмала ва ҳои малфуз (яъне **ҳориҳ**)* ба маънии тезрафтор; ва ба маънии зирак (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФОЖА** فاژه даҳандара, ки ба ҳиндӣ ҷанбҳаӣ гуянд (аз «Сироҷ»); ва дар «Бурҳон» ба маънии хамёза навишта.

**ФИЪА** فئه ба касри фо ва фатҳи ҳамза, ки ҳарфи дуввум аст ва сукуни ҳо, ки дар асл **то** буда, дар ҳолати вақф ҳо шудааст. Форсиён инчунин ҳо дар аксар ҷо мухтафӣ хонанд. Пас лафзи **фиъа** ба маънии гурӯҳи мардумон аст (аз «Мунтахаб»).

**ФОИҲА** ва **ФОИҲ** فائحه و فائح буи хуш диҳанда ва буи хуш; маъхуз аз **фуҳ**, ки ба маънии дамидан ва буи хуш омада (аз «Мунтахаб» ва манқул аз «Зубдат-ул-фавоид»).

**ФОҚИҲА** فاکهه ба маънии мева, мисли ангур ва хурмо ва себ ва анор ва ғайра; **фавокеҳ** *ҷамъи* он.

**ФОТИМА** فاطمه зане ки бачаи дусоларо аз шир гирифта бошад; ва номи ҷигаргушаи ҳазрати рисолатпаноҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама (аз «Мунтахаб»).

**ФАҶТОРУ ИЛАЙҲИ** فاجتاروا اليه тазарруъ кунед ба суи ӯ; чи **иҷтиёр** тазарруъ кардан (казо фис—«Суроҳ» аз «Латоиф»).

**ФОТИҲА** فاتحه ба маънии зане, ки кушоянда бошад; *муаннаси* **фотеҳ**; ва номи сурате, ки дар аввали Қуръони маҷид воқеъ аст; чун ифтитоҳи оғози Қуръон бад-он мешавад, лиҳозо онро **фотиҳа** гӯянд. Ва чун сураи мазкур дар аввали Қуръони маҷид воқеъ аст, лиҳозо **фотиҳа** *маҷозан* ба маънии аввал ва оғози чизе бошад.

**ФОХИТА** فاخته лафзи арабист; номи тоири маъруф; форсиён ба хои мавқуф (яъне **фохта**)* истеъмол кунанд.

**ФОЗИЛА** فاضله бузург ва афзун; ва ба маънии ато.

**ФОСИЛА** فاصله ба истилоҳи аруз ду қисм аст: яке **суғро** ва он калимаи чаҳорҳарфӣ бошад, чун *ҷабалун* (ба танвин); ва дигар **фосилаи кубро** ва он калимаи панҷҳарфи бошад, чун *самакатун* (ба танвин).

**ФОРСИ** ва **ПОРСӢ** فارسی و پارسی ҳар ду як аст; номи забоне маъруф; ва ин забон ба Порси писари Паҳлав ибни Сом ибни Нуҳ алайҳиссалом мансуб аст. Ва ин ҳафт **гуна** аст: яке **порсии сирф**, ки билоди Порс, ки Истахр дорулмулки он буда, бад-он сухан кунанд; дуввум **паҳлавӣ**, ки мардуми Рай ва Нуҳованд ва музофоти он бад-он такаллум кунанд ва ин мансуб ба **Паҳлав** аст ва **Паҳлав** (ба фатҳи бои форсӣ ва фатҳи лом) ба маънии шаҳр аст. Пас **паҳлавӣ** ба маънии шаҳрист. Чун дар замони собиқ ҳамин Рай, Ҳамадон ва Нуҳованд ва ғайра шаҳр буданд, лиҳозо ин забонро паҳлавӣ гуянд; севвум **дарӣ**, ки дар дараҳои кӯҳ ва рӯсто бад-он нотиқ будаанд. Чун ин забон махлут ба забони дигар набуд, лиҳозо фасеҳ хонанд. Ва ин се забон мутадовил ва мутаъориф аст. Ва чаҳор забони дигар, ки **ҳаравӣ** ва **сикзӣ** ва **зовулӣ** ва **суғзӣ** бошад, матрук ва матруҳ аст. **Ҳаравӣ** (ба фатҳатайн) ва **сикзӣ** (ба касри сини муҳмала ва сукуни кофи арабӣ ва зои **муъҷама**) ва **зовулӣ** (ба зои муъҷама ва замми вов) ва **суғзӣ** (ба замми сини муҳмала ва сукуни ғайни муъҷама). Ва дар «Рисола»-и Ноҷӣ марқум аст, ки Шайх ибни Ҳаҷари шореҳи «Саҳеҳи Бухорӣ» гуфтааст, ки **форсӣ** мансуб ба Форс ибни Ғомур ибни Ёфис ибни Нӯҳ алайҳиссалом аст. Ва баъзе гуянд, ки мансуб аст ба **форисиён**, ки писарони Пидром ибни Азфахшид ибни Сом ибни Нӯҳанд. Чун Пидромро даҳ писар буданд, ҳамаи эшон сувор, пас ба забони араб **форис** суворро гӯянд. Эшон бад-ин ном мавсум шуданд ва забони эшон ба лақаби эшон мулаққаб ва мансуб шуд.

**ФОНИ** فانی фаношаванда ва сахт пир (аз шарҳи «Нисоб»).

**ФОНУСИ ХАЁЛ** ва **ФОНУСИ ХАЁЛӢ** فانوس خیال و فانوس خیالی фонусе бошад, ки андаруни он гирди шамъ ё гирди чароғ ҳар чизе, яъне ҳалқаи тасовир аз коғаз тарошида васл кунанд ва он чизро ба гардиш оранд, акси тасовир аз беруни фонус бо як гуна лутф менумояд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

### Фасли фо маъа тои фавқонӣ

**ФАТО** فتا марди ҷавон; ва ба маънии шуҷоъ ва сахӣ низ омада.

**ФАТҲУЛБОБ** فتح الباب кушодагии корҳо ва оғози мавсими барсот (аз «Латоиф»).

**ФУТУВВАТ** فتوت ба маънии ҷавонмардӣ ва мурувват (аз «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муайид»).

**ФИТРАТ** فترت ба маънии сустӣ ва заъф; ва замони миёни ду пайғамбар (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» ба ҳар ду маънӣ билфатҳ (яъне **фатрат**)* аст

**ФАТОТ** فتات зани ҷавон (аз «Сурох»).

**ФИТАРОТ** فترات *ҷамъи* **фитрат.**

**ФАТҲ** فتح ба маънии кушодан ва кушоиш; ва номи ҳаракати ҳуруф, ки онро ба форсӣ **забар** гӯянд ва истеъмоли он дар мабниёт аст; ва ин ҳаракатро **фатҳ** аз он гӯянд, ки ба талаффузи он даҳан ифтитоҳ меёбад; ва номи фаннест аз фунуни куштӣ ва он ҳарифро аз пас даромада, дар миёни камар даст андохта боло кашидан аст (аз «Мусталаҳот» ва ғайра).

**ФУТӮҲ** فتوح кушоишҳо; ба ин маънӣ *ҷамъи* **фатҳ**; ва ба маънии кушоиш ва шодӣ; дар ин сурат масдар аст.

**ФУТУР** فتور сустӣ ва суст шудан; ва *маҷозан* ба маънии харобӣ (аз «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Латоиф» ва «Қомус»).

**ФИТР** فتر фурҷаи миёни саббоба ва ибҳом; ва **фурҷа** (биззам ва ҷими арабӣ) кушодагӣ ва фарқи миёни ду чиз (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ФАТШ** فتش ковидан ва ҷустуҷӯ кардан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ФАТҚ** فتق кушодагӣ ва шигофтан; ва номи беморие, ки хуся калон шавад (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ФИТРОК** فتراك даволе, ки бар ямину ясори зини асп овезанд, ба ҷиҳати бастани шикор ва ғайра (аз «Сироҷ» ва «Маҷмаъ-ул-фурс» ва «Бурҳон»).

**ФИТАН** فتن лафзи арабист; ба маънии фитнаҳо, чаро ки *ҷамъи* **фитна** аст; ва ба фатҳатайн, бар вазни **чаман** (яъне **Фатан**)* номи шаҳрест дар Гуҷарот, *муарраби* **Патан** (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва «Мунтахаб»).

**ФИТНА БАР ЧИЗЕ ШУДАН** فتنه بر چیزی شدن ошиқ бар чизе шудан (аз «Сироҷ»).

**ФИТЁН** فتیان ба маънии мардони ҷавон (аз «Мунтахаб»).

**ФАТТОН** فتان фитнаангез (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ФУТОДАН** فتادن на ба касри аввал (яъне **фитодан**)*.

**ФИТНА** فتنه азоб ва девонагӣ; ва ба истилоҳ ба маънии ошиқ ва фирефта; ва ба маънии маъшуқ ҳам омада (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ФАТҲА** فتحه ҳаракати забар; ва истеъмоли ин назди Басриён дар мабнӣ ва муарраб ҳар ду омада.

**ФАТИЛА** فتیله маъхуз аз **фатл**, ки (ба фатҳ аст) ба маънии тофтан ва тобидан; ва касоне ки **фалита** (ба тақдими лом) хонанд, хатост (аз «Баҳори Аҷам»); ва баъзе гӯянд агар фалита муштақ аз **фалтат**, ба маънии ногоҳ, гуфта шавад ва маънии он ногоҳгирандаи шуъла, эй ҷалдгирандаи шуъла гӯянд, дуруст бошад.

**ФАТОТА** فتاته ба маънии резаи ҳар чиз (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ФАТВО** فتوی ҳукми шаръ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ФАТО** فتی ба маънии марди ҷавон аз вақти булуғ то чиҳилсолагӣ; ва ба маънии сахӣ низ омада (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Латоиф» навишта, ки ба фатҳ, ҷавон ва ҷавонмард; ва биззам (яъне **футо**)* ҷавонон; ва ба фатҳ ва касри сонӣ ва ташдиди таҳтонӣ (яъне **фатий**)*

марди ҷавон; ва ба алифи дароз (فتا) низ нависанд ва ба имола низ хонанд.

### Фасли фо маъа ҷими арабӣ

**ФИҶОЪ//ФУҶОЪ** فجاء муфоҷот ва ногоҳ гирифтан (аз «Латоиф» ва «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ФАҶИЪАТ** فجیعت бар вазни **ҳақиқат**; дарди сахт ва мусибат (аз «Муҳаззаб» ва «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**ФАҶЪАТ** فجعت дардмандӣ ва мусибат.

**ФИҶОҶАТ** فجاجت ба маънии хомӣ ва нопухтагӣ (аз «Мунтахаб»).

**ФАҶ(Ҷ)** فج роҳи кушодаи миёни ду кӯҳ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ФУҶУР** فجور барангехта шудан бар маъосӣ ва зино кардан; ва ба фатҳ (яъне **фаҷур**)* марди бадкор (аз «Мунтахаб»).

**ФУҶҶОР** فجار *ҷамъи* **фоҷир**; ва билфатҳ ва ташдид (яъне **фаҷҷор**)* бисьёр бадкорикунанда (аз «Мадор»).

**ФУҶЛ//ФУҶУЛ** فجل турб; ва билфатҳ ва фатҳатайн (яъне **фаҷл** ва **фаҷал**)* суст шудан ва ситабр шудан (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба касри аввал ва фатҳи ҷим (яъне **фиҷал**)* суст ва номард.

**ФУҶФУҶ** ва **ФУҶФУҶА** فجفج و فجفجه сухане, ки дар афвоҳ уфтад ба тариқи ихфо ва сухан бо ҳам оҳиста гуфтан; ва ин муарраб ё мубаддали **пуҷпуҷа** аст (аз «Латоиф»).

**ФАҶАРА** فجره зинокорон ва бадкорон; ва ин *ҷамъи* **фоҷир** аст.

### Фасли фо маъа ҳои муҳмала

**ФАҲВО** ва **ФАҲВОЪ** فحوی و فحواء ба маънии мазмун ва маонӣ (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Рисола»-и Ибни Ҳоҷ).

**ФУХШ** فحش аз ҳад даргузаштани бадӣ (аз «Суроҳ» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**ФАҲС** فحص ба маънии пажӯҳидан ва ковидани чизе (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ФАҲЛ** فحل ба маънии нар, ки зидди мода бошад; ва ситораи Суҳайл (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ФУҲУЛ** فحول ба маънии мардон ва нарҳои ҳайвонот; ва ин *ҷамъи* **фаҳл** аст (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ФАҲМ//ФАҲАМ** فحم ба маънии зугол ва ангишт, ки ба ҳиндӣ кула гуянд (аз «Мунтахаб»).

**ФАҲОВӢ** فحاوی *ҷамъи* **фаҳво**, ки ба маънии мазмун ва сухан аст.

### Фасли фо маъа хои муъҷама

**ФАХОМАТ** فخامت бузургӣ ва қадр ва ситабрӣ ва баланди (аз «Мунтахаб»).

**ФАХТ** فخت бар вазни **тахт**; ба маънии рушании моҳ (аз шарҳи «Нисоб»).

**ФАХ** فخ ба маънии тала; ва он навъе аз дом аст, ки бад-он мурғонро шикор кунанд (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАХЗ//ФАХИЗ** فخذ ба маънии рон (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАХОР** فخار нозидан; ва ба каср (яъне **фихор**)* бисьёр нозкунанда; ва билфатҳ ва ташдиди хо (яъне **фаххор**)* суфоли пухта ва гили хушк.

**ФУХУР** فخور нозидан; ва ба фатҳи аввал ва заммн сонӣ (яъне **фахур**)* бисьёр нозанда (аз «Мунтахаб»); ва дар «Фирдавс-ул-луғот» нозон ва мутакаббир ва саркаш.

**ФАХИМ** فخیم бузургқадр ва ҳар чизи бузург (аз «Мунтахаб»).

**ФАХРУДДИН** فخرالدین номи олими аҷалл ва муҳаққиқи акмали ҷомеъи маъқул ва манқул ва аз теъдоди мусаннифоташ хомаи ду забон малул; ва эшонро имом Фахруддини Розӣ гуянд.

**ФАХФАРА** فخفره бар вазни **масхара**: ғаллаи ҷав (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Рашидӣ» ва «Латоиф»); ва дар «Бурҳон» ба маънии ғаллаи ҷав ва сабуси орди гандум.

**ФАХРӢ** فخری навъе аз ангур (аз «Кашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Чаҳор шарбат» ва «Фирдавс-ул-луғот»).

### Фасли фо маъа доли муҳмала

**ФИДО** فدا сарбаҳо ва сархарид ва он чи фидо карда шавад; ва ба маънии масдар ҳам омада.

**ФАДОМАТ** فدامت дуруштӣ ва ҷафокори (аз «Мунтахаб»).

**ФАДФАД** فدفد ба маънии саҳро ва замини ҳамвор (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ФАДАК** فدک номи деҳе, ки пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама дар он ҷо боғи хурмо доштанд (аз «Сурох» ва «Муайид» ва ғайра).

**ФАДДОН** فدان дар «Сиҳоҳ» навишта олатуссаврайн; ва дар «Мунтахаб» гуфта, ки ҳар ду гов бо ҳам банданд дар қулба; ғараз ки чизест ба ҳиндӣ онро ҷува гӯянд, ки бар гардани ҳар ду гови қулба ва ароба биниҳанд.

**ФИДЯ** فدیه он чиз, ки асирро бад-он бихаранд; ва ба маънии сарбаҳо ва садақа (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва ғайра).

**ФИДВӢ** فدوی сарбаҳошаванда ва ивази касе ҷондиҳанда ва қурбоншаванда (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

### Фасли фо маъа золи муъҷама

**ФАЗОЛИК** فذالک бар вазни **масолик**; агарчи алиф ба сабаби расмулхат мактуб нест; ба истилоҳ ба маънии боқӣ ва бақияи чизе (аз «Шарҳи Хоқонӣ»); ва дар «Муайид» навишта, ки ба истилоҳи муҳосибони дафтар мадди ҷамъи ҳисоб баъди тафсил.

### Фасли фо маъа рои муҳмала

**ФАРО** فرا бар вазни **саро**; ба маънии пеш, ки ба арабӣ қабл гӯянд; ва ба маънии наздик ва давр ва боло низ омада; ва ин калимаест, ки гоҳе зоид меоянд (аз «Сироҷ»); ва дар арабӣ ба маънии гӯрхар (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва **фарро** (билфатҳ ва ташдиди сонӣ) ба маънии пустиндуз ва лақаби нахвист (аз «Мунтахаб»).

**ФАРБО** فربی ба маънии фарбеҳ ва калон Анварӣ овардааст (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ФУРОДО** فرادی ба маънии танҳоён, яъне танҳо-танҳо; ва ин *ҷамъи* **фард** аст (аз «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ»).

**ФИРЕБ** فریب ишва ва макру дағо ва тилисм (аз «Бурҳон» ва «Қашф»).

**ФАРАСИ УСТУРЛОБ** فرس اصطرلاب мехе бошад дар васати устурлоб қадре муртафеъ аз сатҳаи анкабут ва қутби устурлобро бад-он устувор кунанд ва он мушобеҳ бошад ба шакли сари асп.

**ФИРОСАТ** فراست ба маънии суръати фаҳм ва идрок ва зиракӣ ва доноӣ ва қиёфа ва он илмест, ки аз сурат пай ба сират баранд; ва ба фатҳи аввал (яъне **фаросат**)* сувории асп кардан ва доноӣ дар муқаддимаи аспон ва асп шинохтан (аз «Музил» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»).

**ФУРУСИЯТ** ва **ФУРУСАТ** فروسیت و فروست суворӣи асп ва шинохтани асп (аз «Мунтахаб»).

**ФАРОҲАТ** فراهت зиракӣ ва устодӣ ва некрафтории асп (аз «Мунтахаб»).

**ФУРОТ** فرات оби хуш ва оби ширин ва номи руди наздики Куфа (аз «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»).

**ФУРСАТ** فرصت дар «Мунтахаб» навишта, ки ба маънии навбати чизе; ва дар «Фирдавс-ул-луғот» ором ёфтан ва муҳлат додан; ва баъзе аҳли луғат ба маънии мувофақати рӯзгор навишта.

**ФАРТУТ** فرتوت ба маънии пири сахти солхурда (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки ба маънии солхурда ва аз кор рафта; ва ин сифати пир воқеъ мешавад.

**ФИРТ** فرت ба маънии шитобӣ ва ҷалдӣ (аз «Баҳори Аҷам»).

**ФАРС** فرث саргин, ки дар шиканба мебошад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба маънии шигофтан ва пора-пора кардани ҷигар низ навишта.

**ФАРҶ** فرج андоми ниҳонии зану мард ва рахна ва шигоф ва дарича ва шигофтан ва кушодан ва кушодагии миёни ду чиз ва во шудани андух; ва ба фатҳатайн (яъне **фараҷ**)* ба маънии кушоиш ва осо-

иш; ва ба маънии дови куштӣ ва мусораъат; зоҳиран ба ин маънӣ истилоҳи аҷамиён аст; ва ба замми аввал ва фатҳи ро (яъне **фурач**)* ба маънии шигофҳо, *ҷамъи* **фурча** (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох» ва «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**ФУРУҶ** فروج шигофҳо ва андомҳои ниҳонии зану мард; дар ин сурат *ҷамъи* **фарҷ** аст; ва ба замми аввал ва фатҳи аввал ва ташдиди рои муҳмалаи мазмум ва вови маъруф (яъне **фурруҷ** ва **фарруҷ**)* ба маънии ҷузаи мурғи хонагӣ; *ҷамъи* он **фароиҷ** меояд (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»).

**ФАРХАҶ** فرحج ба маънии зишт; ва дар «Бурҳон» ва «Сироҷ» навишта ки ба фатҳатайн ва хои муъҷамаи сокин (яъне **фарахҷ**)* ба маънии нозебо ва зишт.

**ФАРАҲ** فرح шодӣ ва шодмонӣ ва сурур; ва ба фатҳ ва касри сонӣ (яъне **фареҳ**)* ба маънии шодон (аз «Мунтахаб»).

**ФАРХ** فرخ дар арабӣ ҷӯзаи мурғи хонагӣ ва бачаи ҳар мурғ; ва **афрох** *ҷамъи* он аст; ва ба фатҳи аввал ва замми рои мушаддад (яъне **фаррух**)* дар форсӣ ба маънии муборак ва ҳумоюн ва зеборух; дар ин сурат мураккаб аст аз калимаи **фар**, ки ба маънии зебоии шукуҳ аст ва **рух**, ки ба маънии чеҳра бошад; дар асл **фаррух** (فررخ) буд, ба маънии касе ки дар руи у фар ва зебоӣ бошад; ду ҳарф аз як ҷинс ба ҳам омаданд, идғом карданд (аз «Мунтахаб» ва «Сироҷ» ва «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Суроҳ» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАРФАХ** فرفخ ба маънии тараи хурфа; ва ин *муарраби* **парпаҳан** аст (аз «Мунтахаб» ва «Рисолаи муарработ» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАРСАХ** فرسخ микдори се мил; ва ин *муарраби* **фарсанг** аст; ва **мил** чаҳор ҳазор қадами уштури роҳвор аст (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Рисолаи муарработ»); ва дар «Бурҳон» навишта, ки ҳар **мил** чаҳор ҳазор газ ва ҳар **газ** шаш мушт; ва дар «Сироҷ» навишта, ки **мил** чаҳор ҳазор газ ва ҳар **газ** бисту чаҳор ангушт.

**ФАРОХ** فراخ маънии он маъруф аст; гоҳе *маҷозан* ба маънии бисьёр ояд (аз «Сироҷ»).

**ФАРОСИХ** فراسخ *ҷамъи* **фарсах.**

**ФУРУД** فرود ба маънии зер ва тахт (аз «Кашф»); ва дар «Бурҳон» ба касри аввал ва замми сонӣ (яъне **фирӯд**)*.

**ФАРҶАД** فرجد бар вазни **абҷад**; ба маънии падари ҷад (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Кашф»).

**ФАРАҲОБОД** فرح‌آباد номи шаҳр дар Эрон [119].

**ФАРҒАНД** فرغند ба маънии **окосбел**; ва он наботест, ки бар дарахтони хордор печад (аз «Латоиф»).

**ФИРСОД** فرصاد тут, ки меваи маъруф аст (аз «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Муайид»); ва дар «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» навишта, ки ба маънии тут ё тути сурх.

**ФАРҚАД** فرقد гусола; ва ҳар яке аз он ду ситора, ки наздики кутб аст (аз «Мунтахаб» ва «Қомус»).

**ФИРИНД** فرند *муарраби* **паранд**, ба маънии шамшер ва ба маънии ҷавҳари шамшер ва ҷомаи маъруф аст (аз «Мунтахаб» ва «Қомус» ва «Сиҳоҳ» ва «Рисолаи муарработ»); ва дар «Сироҷ» ба касри аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **фиранд**)*.

**ФИРИСТАНД** فرستند саҳеҳ бошад; ва **фирисанд** ба ҷои он ғалат.

**ФАРЗИНБАНД** فرزین بند он аст, ки фарзин ба тақвияти пиёда, ки паси у бошад, муҳраи ҳарифро пеш омадан надиҳад, чаро ки агар муҳраи ҳариф пиёдаро кушад, фарзин интиқоми у хоҳад гирифт.

**ФУРУЗД//ФАРАЗД** فرزد гиёҳест, ки ниҳоят сабз бошад (аз «Бурҳон» ва «Мадор»).

**ФАРЗАНД** فرزند писар ва духтар ҳар дуро гуянд.

**ФАРОИД** فرائد *ҷамъи* **фарида**, ки ба маънии муфрад ва танҳост.

**ФАРАСИ ТАНБУР** فرس طنبور ба маънии харак; ва он ҷубе ё устухоне бошад, ки бар танбур насб кунанд; ба ҳиндӣ гхурҷ гуянд.

**ФАР(Р)** فر дар арабӣ ба маънии гурезанда; ва дар форсӣ билфатҳ ва

тахфиф (яъне **фар**)* шаън ва шавкат; ва ба маънии нур ва партав; ва дар «Муайид» ба маънии зебо; ва лафзи **фаррух** аз ин мураккаб аст (аз «Сироҷ»).

**ФАРОХУР** فراخور ба маънии лоиқ ва сазовор (аз «Сироҷ»).

**ФАРХОР** فرخار номи шаҳрест дар Туркистон ҳуснхез, мансуб ба хубруён (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ»); ва дар «Муайид» ва «Қашф» ба маънии бутхона низ навишта.

**ФИРОР** فرار гурехтан ва тарсидан; ва билфатҳ ва ташдиди ро (яъне **фаррор**)* бисьёр гурезанда (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Бахр-ул-ҷавоҳир» ва «Қомус» ва «Муайид» ва «Латоиф»).

**ФИРҶОР** فرجار *муарраби* **паргор**, зеро ки фаълол (ба фатҳи аввал) дар каломи араб ғайр аз рубоъӣ музоъаф наёмада, чунонки *халхол* ва *салсол*.

**ФАРҚИР** فرقير бар вазни **шабгир**; ба маънии бунафша, ки гули маъруф аст; ва дар «Бурҳон» навишта, ки ба ин маънӣ арабист.

**ФАРФАР** فرفر ба маънии зуд-зуд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ФАРҒАР** فرغر толоби кучак (аз «Бурҳон»).

**ФАРОЗ** فراز ба маънии кушодашуда ва басташуда; ва ба маънии боло, ки зидди нишеб аст; ва ба маънии нишеб низ омада; ва ба маънии фурӯ ва зер; ва ба маънии бар, ки ба арабӣ ало гӯянд, чунонки **фарози чашм** ба маънии бари чашм, лекин бад-ин маънӣ исм аст, на ҳарф; ва ба маънии пахн ва кушода; ва ба маънии ақиб; ва ба маънии даромада ва фарорафта; ва ба маънии қариб ва наздик; ва ба маънии пеш, ки ба арабӣ қабл гӯянд ва рушан ва баланд ва ҷамъ ва фароҳам ва зоид низ ояд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Латоиф»).

**ФИРЗ** فرز *мухаффафи* **фарзин**, ки муҳраи шатранҷ аст ва он ба манзалаи вазир бувад ва рафтори он каҷ мебошад (аз «Бурҳон»).

**ФАРОВИЗ** فراويز санҷофи домани ҷома (аз «Бурҳон»).

**ФАРОБУРЗ** فرابرز номи паҳлавоне аз сипаҳдорони Доро (аз «Сироҷ»).

**ФАРЕБУРЗ** فريبرز *имолаи* **Фаробурз**; ва номи паҳлавоне ва номи подшоҳе (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ФАРОМУРЗ** فرامرز номи писари Рустам ибни Зол (аз «Сироҷ»).

**ФУРӮЗ** فروز тобиш (аз «Бурҳон»); ва ба маънии фуруд низ омада; зоҳиран бад-ин маънӣ ба золи муъҷама (فروذ) бошад, чаро ки ҳар доли муҳмала, ки қабл аз у ҳуруфи иллат бошад, онро золи муъҷама хондан ҳам равост; ва **фарвиз** (ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ ва касри вов) *мухаффафи* **фаровиз**, ки ба маънии санҷофи ҷома аст.

**ФАРИЗ** فريز гиёҳест хушбудор, ки ба ҳиндӣ мирчёганд гӯянд (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»); ва баъзе ба зои форсӣ гуфта.

**ФАРИС** فريس ба арабӣ чанбареро гӯянд, ки аз чӯб созанд (аз «Суроҳ»); ва **чанбар** дар ин ҷо ба фатҳи ҷими форсӣ ва сукуни нун ва бои мувахҳадаи мафтуҳ (аз «Бурҳон»).

**ФАРАС** فرس ба маънии асп; ва биззам (яъне **фурс**)* аҳли билоди Форс (аз «Мунтахаб» ва «Музил»).

**ФАРОС** فراس шери дарранда; ва ба фатҳ ва ташдиди ро (яъне **фаррос**)* ба маънии ходими асп.

**ФИРДАВС** فردوس номи биҳишт; ва баъзе гуфта, ки табақаи аълои биҳишт ва бустоне, ки он чи дар ҳама бустонҳо бувад дар он мавҷуд бошад аз дарахти ангур ва хурмо ва ҷуз он (аз «Мунтахаб»); ва дар «Бурҳон» навишта, ки ба маънии боғи ангур аст; ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **фирдавс** *муарраби* **пирдавс** (казо фит — «Таърих-ил-Байҳақӣ»); ва дар «Комус» гӯяд, ки **фирдавс** бустоне, ки дар у мавҷуд бувад он чи дар ҳама басотин бувад; дар асл арабист ё румӣ ё суръёнӣ, ки ба арабӣ нақл кардаанд; ва низ гуфта, ки **фирдавсия** ба маънии вусъат ва фароҳӣ ва минҳулфирдавс, тамма каломуҳу.

**ФАРОДИС** فراديس *ҷамъи* **фирдавс** (аз «Мунтахаб»).

**ФАРАНГЕС** فرنگیس номи духтари Афросиёб, ки дар никоҳи Сиёвуш буд; Қайхусрав писари ӯст (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ФИРОСАТШИНОС** فراست شناس қиёфашинос; ва **қиёфа** илмест, ки бад-он аз сурат сират шинохта мешавад.

**ФУРУС** فروس *ҷамъи* **фарас**, ки ба маънии асп бошад.

**ФАРЕШ** فریش ба маънии тохту тороҷ (аз «Сироҷ»).

**ФАРШ** فرش бисот; ва ба лафзи *кардан* ва *афгандан* ва *андохтан* ва *кашидан* мустаъмал (зз «Баҳори Аҷам»).

**ФИРОШ** فراش ҷомаи хоб ва фарш ва бисот; ва ба фатҳи аввал (яъне **фарош**)* парвона, ки ҷонварест маъруф, бар шамъу чароғ месузад (аз «Кашф» ва шуруҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ФУРӮКАШ** فروکش фурудоянда дар ҷое ва иқоматкунанда ба маконе; ва ба маънии масдар низ омада, яъне фуруд омадан дар ҷое.

**ФУРАС** فرص *ҷамъи* **фурсат** (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» билфатх (яъне **фарс**)* ба маънии буридан ва даридан ва шигофтан.

**ФАРЗ** فرض таъйин кардан ва диққати чизе мушаххас кардан ва ато додан ва андоза кардан ва фармуда ва воҷибкардаи худо ва навъе аз хурмо (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ФАРОИЗ** فرائض фармудаи худо аз намозу руза ва закот; *ҷамъи* **фариза**; ва номи илми тақсими мерос (аз «Мунтахаб»).

**ФАРТ** فرط ба маънии зиёдатӣ ва ғалаба (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ФАРЪ** فرع ба маънии шохи дарахт (аз «Мунтахаб»).

**ФУРУЪ** فروع шохҳо; ва ба истилоҳи аҳли илм ба маънии илми фиқҳ.

**ФУРУҒ** فروغ ба маънии рӯшанӣ (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» ва «Муайид»).

**ФАРҚ** فرق ҷудо кардан ва кушодани роҳи миёни мӯи сар; ва билкаср (яъне **фирқ**)* рамаи гӯспандон; ва ба касри аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **фирақ**)* гурӯҳҳо; *ҷамъи* **фирқа** (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» навишта, ки **фарқ** (билфатҳ) ба маънии сар, ки ба арабӣ раъс гуянд; ва ба маънии кушодагии миёни муи сар, ки дар Ҳиндаш манг гуянд; ва дар «Бурҳон» навишта, ки ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **фарқ**)* ба маънии миёни сар.

**ФАРАЗДАҚ** فرزدق лақаби шоири машҳур аз Араб.

**ФАРИҚ** فریق гурӯҳе, ки аз қавме ҷудо шуда ба мавзеъи дигар равад (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки **фариқ** гурӯҳи бештар аз фирқа.

**ФУРУҚ** فروق ба маънии фарқ кардан; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **фаруқ**)* фарққунанда (аз «Латоиф»).

**ФАРСАНГ** فرسنگ микдори се мил; ва ҳар **мил** чаҳор ҳазор газ ва ҳар **газ** ба қадри шаш мушт (аз «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **фарсанг** микдори се мил ва ҳар **мил** чаҳор ҳазор газ ва ҳар **газ** бисту чаҳор ангушт; ва баъзе дувоздаҳ ҳазор заръ ва ҳар **заръ** бисту чаҳор ангушти бар хам ниҳода ва ҳар **ангушт** шаш ҷави шикам бар шикам ниҳода ва ситабрии ҳар ҷав хафт муи думи асп; ва дар «Мунтахаб» навишта, ки мил **чаҳор** ҳазор қадами уштури роҳвор аст.

**ФАРАНГ** فرنگ номи мулки маъруф; ва *киноя* ба маънии сабеҳ ва сифед ва пурнур (аз «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**ФАРАНҶАК** فرنجک кобус; ва он сангинӣ ва гиронӣ бошад, ки дар хоб бар мардум уфтад (аз «Бурҳон»); ва баъзе навишта, ки навъе аз дев аст, ки ба хоб мардумро зер кунад.

**ФАРҲАНГ** فرهنگ ақл ва адаб ва андозаи хар чиз нигоҳ доштан; ва ба *маҷоз* ба маънии китоби луғоти форсӣ, чунонки «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Фарҳанги Рашидӣ» (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Латоиф»).

**ФАРГУЛ** فرگل навъе аз пироҳани сармоӣ (аз «Баҳори Аҷам»).

**ФАРҶОМ** فرجام ба маънии анҷом ва интиҳо ва охир ва накуии охир

кор (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Латоиф» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки ҳама аҳли луғат **фарҷом**-ро ба маънии охири кор ва интиҳо ва муродифи анҷом навиштаанд, лекин маро ба маънии оқибат маълум мешавад; ва ба маънии лоиқ. Пас **нофарҷом** ба маънии бадоқибат ва ба маънии нолоиқ бошад.

**ФАРЗОН** فرزان илму дониш (аз «Бурҳон»).

**ФАРВАРДИН** فروردین муддати мондани Офтоб дар бурҷи Ҳамал ва он сию як рӯз аст; ва ин моҳи сари сол бошад ва аввали моҳ аз ҳар се моҳи баҳори вилоят ҳамин аст; ва ба ҳиндӣ ин моҳро тақрибан байсакҳ гӯянд; ва рӯзи нуздаҳуми ҳар моҳи шамсиро низ **фарвардин** ном аст (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Сурурӣ»).

**ФИРЕФТАН** فریفتن фиреб додан (аз «Кашф»).

**ФАРОМИН** فرامین *ҷамъи* **фармон**; ва ин тасарруфи форсидонони арабидон аст, ки ҷамъи лафзи форсиро ба таври арабӣ овардаанд (аз «Баҳори Аҷам»).

**ФИРОВОН** فراوان бисьёр (аз «Кашф»).

**ФУРӮЗОН** فروزان рушан (аз «Кашф» ва «Бурҳон»).

**ФАРӮКАШ ШУДАН** فروکش شدن ба маънии мондан ва таваққуф кардан дар ҷое ва фуруд омадан (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ»).

**ФИРИСТОДАН** فرستادن маъруф аст (мустафод аз «Бурҳон»).

**ФАРЗИН** فرزین номи муҳраи шатранҷ; лафзи форсист; ва билкаср (яъне фирзин)* муарраб; он чи фаълул ва фаълил (ба фатҳи аввал) дар луғати араб наёмада, лиҳозо **зарних**-ро, ки (ба фатҳи аввал) лафзи форсист, дар ҳолати таъриб билкаср (яъне **зирних**)* гӯянд; ва ҳамчунин Бирҷис (аз «Муайид» ва «Мадор» ва «Музил» ва «Кашф» ва «Бурҳон»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **фарзин** (билфатҳ) номи муҳрае, ки вазири шатранҷ аст; дар асл **фарзон** буд, ба маънии оқил, лиҳозо **фарзона** ба маънии оқил аст, ба зиёдати ҳои мухтафӣ. Пас итлоқи ин бар муҳраи мазкур *маҷозан* бувад, зеро ки муҳраи мазкурро вазир донанд ва вазир оқил бувад; ва **фирзин** (билкаср) *муаррраби* он аст.

**ФАРЗИННИҲОДОН** فرزین نهادان *кинояаз* каҷниҳодон, чаро ки рафтори фарзин каҷ мебошад.

**ФИРИДУН//ФИРЕДУН** فریدون номи подшоҳе азимушшон, ки у Заҳҳокро кушта подшоҳ шуда буд (аз «Сурурӣ» ва «Мадор»).

**ФАРО ГИРИФТАН** فرا گرفتن омӯхтан ва ёд гирифтан ва маълум кардан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ФАРАС АФГАНДАН** فرس افگندن оҷиз сохтан.

**ФАРМОН РАСИДАН** فرمان رسیدن аҷали муқаддар расидан.

**ФУРӮ ХУРДАН** فرو خوردن таҳаммул кардан.

**ФУРҚОН** فرقان Қуръони маҷид ва он чи ҷудокунандаи ҳақ аз ботил бошад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ФАРҚАДОН** ва **ФАРҚАДАЙН** فرقدان و فرقدین номи ду ситораи наздики қутби шимоли, ки гирдогирди қутб мегарданд ва мудом аз шом то субҳ зоҳир бошанд ва ғоиб намешаванд (аз «Сиҳоҳ» ва ғайра).

**ФАРМУДАН** فرمودن маъруф аст; ва ба маънии омадан ва рафтан (аз «Мусталаҳот»).

**ФУРҶАҶӮ** فرجه جو фурсатҷӯянда (аз «Латоиф»).

**ФАРВ** فرو бар вазни **сарв**; ба маънии пӯстини рубоҳ (аз «Мунтахаб»).

**ФАРСУДА** فرسوده чизе ки кӯҳна ва рехташуда бошад (аз «Бурҳон»).

**ФАРҒОНА** فرغانه номи вилоятест аз Мовароуннаҳр мобайни Самарқанд ва Андиҷон; ва номи шуъбае аз мусиқӣ ва он шуъбае аз Нуҳованд аст (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ФУРУЗИНА** فروزینه он чи ки бад-он оташ афрӯзанд аз хору хошок; ва ба маънии чақмоқ (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ФАРРА** فره ба маънии шаъну шавкат ва азамат; ва ба касратайн ва тахфифи рои муҳмала ва ҳои малфуз бар вазни **гиреҳ** (яъне **фиреҳ**)* ба

маънии зиёдатӣ ва ғалаба ва сабқат ва зафар; ва ба маънии зиёда ва афзун ва ғолиб ва музаффар (аз «Сироҷ» ва «Қашф»); ва ба фатҳатайн ва тахфиф (яъне **фараҳ**)* ба маънии хушманиш (аз «Латоиф»); ва дар «Мунтахаб» ба фатхатайн, ба маънии сахт шод шудан.

**ФАРЗОНА** فرزانه ҳаким ва донишманд; ва ин мансуб аст ба **фарзон**, ки ба маънии дониш ва ҳикмат аст (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ФАРЗАЧА** فرزجه порчае ки аз адвия тар карда дар дубур ва ё қубл ниҳанд; ва ин *муаррабы* **парча** аст (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Рисолаи муарработ»).

**ФИРУМОЯ** فرومایه ба маънии бадасл ва беҳунар (аз «Музил» ва «Қашф» ва «Бурҳон»).

**ФИРИШТА** فرشته дар асл **фириста** буд ба сини муҳмала, исми мафъул аз фиристодан аст; пас сини муҳмаларо ба шини муъҷама бадал кардаанд; ва **фиришта** тарҷамаи **малак** аст, ки маъхуз аз **алука** бошад, ки ба маънии фиристодан аст (аз «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ-ул-луғот»); ва низ дар «Сироҷ» навишта, ки **фиришта** дар асл **параста** (ба фатҳатайн) ба маънии ибодаткунанда, маъхуз аз **парастидан**.

**ФИРУХТА** فروخته байъ кардашуда ва рӯшан (аз «Бурҳон» ва «Музил»).

**ФУРЧА** فرجه кушодаги ва андаке фарқ, ки миёни ду чиз бошад ва шигофи чизе; ва ба фатхатайн (яъне **фарача**)* аз тангӣ ва душворӣ берун шудан (аз «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф» ва «Сурох» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАРИСА** فریسه сайде, ки шер ё юз ё саг гардани ӯ шикаста бошад; ва ба маънии бовалӣ низ омада.

**ФАРҲЕХТА** فرهیخته ба маънии адаб омухташуда.

**ФАРБЕҲ** فربه маъруф аст; ва итлоқи ин лафз бар ҳайвонот мешавад.

**ФИРЯ** فریه дуруғ ва ифтиро (аз «Мунтахаб»).

**ФАРОҲ** فراه номи шаҳрест наздики Сиҷистон; ва аз ин ҷост Абунасри Фароҳӣ-и соҳиби «Нисоб-ус-сибён» (аз «Мунтахаб»); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки шаҳрест наздики Ҳирот.

**ФУРЗА** فرضه аз банодир маконеро гӯянд, ки боҷ аз мутараддидин ва туҷҷор меситонанд (аз «Шарҳи Хоқонӣ»); ва дар «Сурох» навишта, ки даҳонаи ҷӯй ва ҷои даромадан ба каштӣ аз лаби дарьё.

**ФАРИЗА** فریضه фармудаи худо аз намоз ва руза (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ФАРРОША** فراشه ба маънии ҷорӯб навиштаанд.

**ФАРҒУДА** فرغوده ба маънии сиришта ва печида (аз «Латоиф»).

**ФИРЕФТА** فریفته дар асл **фиребанда** буд, бои муваҳҳадаро ба фо ва долро ба фавқонӣ бадал карда, **таҳтонии** сонӣ ба ҷиҳати тахфиф ҳазф карданд; ба маънии фиребхӯрда; ва *маҷозан* ба маънии ошиқ ояд.

**ФИРЕФТА** فرفته *мухаффафи* **фирефта** (فریفته).

**ФАРОИЗИ ПАНҶГОНА** فرائض پنجگانه намози панҷгона ё аркони имон, ки панҷ аст, чунонки савм ва салот ва ҳаҷ ва закот ва як бор хондани калимаи шаҳодат; ва назди баъзе хумс, ки ба содот медоданд.

**ФАРХУНДА//ФАРХАНДА** فرخنده ҳар ду дуруст аст (аз «Мадор» ва «Муайид»).

**ФАРРУЧА** فروجه ҷӯзаи мурғ, яъне бачаи мокиён.

**ФАРФАРА** فرفره чарми мудаввари ба ду сурох, ки кӯдакон дар ришта кашида ба ду даст ба чарх оранд; ба ҳиндӣ пхиркӣ гуянд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ФАРҶӢ** فرجی навъе аз қабои бебанди кушодапеш, баъзе тукма афзоянд ва бештар бар фарози ҷома пӯшанд (аз «Ойини Акбарӣ»).

**ФАРРАҲӢ** فرهی бо шаъну шавкат ва пурнур ва зебо; мансуб ба **фарр**; ва ба касратайн (яъне **фириҳӣ**)* *мухаффафи* **фарраҳи**, ба маънии афзун ва ғолиб аст [120].

**ФАРДАМЕ** فردمی калимаи мураккаб аст, яъне ягона ва фард будаме (аз ҳавошии «Маснавӣ»-и Мавлонои Рум).

### Фасли фо маъа зои муъҷама

**ФАЗАЪИ АКБАР** فزع اکبر *киноя аз* қиёмат.

**ФАЗАЪ** فزع ба маънии хавф ва тарсу бим; ва ба фатҳи аввал ва касри сонӣ (яъне **фазиъ**)* ба маънии тарсон (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФУЗУДАН** فزودن зиёда кардан (аз «Қашф»).

**ФУЗУН** فزون ба маънии афзун; ва қила ба фатҳи аввал (яъне **фазун**)*.

### Фасли фо маъа сини муҳмала

**ФУСҲАТ** فسحت фарохӣ ва кушодагии макон (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Мадор» ва «Муайид»).

**ФАСХ** فسخ фасод кардан дар раъй ва фикр; ва бозгардонидани байъ ва никоҳ ва баргардонидани азм (аз «Мунтахаб»); ва дар «Суроҳ» ба маънии зоил кардан.

**ФИСОР** فسار чизест аз чарм, ки бар каллаи асп бошад ва баъзе онро тахта гӯянд ва *мухаффафи* **афсор** низ, ки ба маънии расани асп (аз шарҳи «Нисоб» ва «Қашф»).

**ФИСУС** فسوس бозӣ ва зарофат ва сухрийя ва истеҳзо; ва ба маънии дареғ ва ҳасрат; ва ба вови маъруф (яъне **фисус**)* номи шаҳри Дақёнус (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Рашидӣ» ба замматайн (яъне **фусус**)* аст, *мухаффафи* **афсус**, ба маънии дареғ ва истеҳзо.

**ФУСТАҚ** فستق *муарраби* **писта**; ва ба замми то (яъне **фустуқ**)* низ дуруст (аз «Мунтахаб» ва «Рисолаи муарработ»); ва дар «Қашф» ба касри аввал ва фатҳи фавқонӣ (яъне **фистақ**)*.

**ФУСУҚ** فسوق ба маънии фисқ; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **фасуқ**)* марде, ки ҳамеша фисқ кунад (аз «Мунтахаб»).

**ФИСҚ** فسق тарки амри ҳақ нумудан ва кори бад кардан (аз «Мунтахаб»).

**ФИСҚИЛ** فسکل номи аспи дувоздаҳум; ва дар «Мунтахаб» навишта, ки ин ном номи аспи даҳум аст.

**ФАСТАҚИМ** فستقم ишорат аст ба ояи карима: «фастақим камо умирта», яъне пас устувор бош, эй Муҳаммад, чунонки амр кардашудаӣ ту.

**ФУСУРДАН** فسردن аз сардӣ мунҷамид шудан (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва «Сурурӣ» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Қашф»).

**ФАСОЙИДАН** ва **ФАСОНИДАН** فسائیدن و فسانیدن ҳар ду дуруст; афсун кардан ва ром кардан (аз «Бурҳон»).

**ФАСОН** فسان навъе аз санг, ки бад-он корду шамшер тез кунанд; ва ба маънии чизе паҳн ва мудаввар, ки онро ба гардиш оварда корду шамшер тез кунанд; ва ба ҳиндӣ сан гӯянд (аз «Бурҳон»); ва дар «Мадор» ба каср (яъне **фисон**)* низ омада.

**ФУСУН** فسون ба маънии афсун (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Қашф»); гӯянд ки афсун онро гӯянд, ки дар он калимоти куфр набошад, ба хилофи сеҳр.

**ФАСЕҲА** فسیحه ба маънии фарох (аз «Шамсӣ»).

**ФАСАҚА** فسقه ба маънии фосиқон; ва ин *ҷамъи* **фосиқ** аст.

**ФАСАДА** فسده фасодкунандагон; ва ин *ҷамъи* **фосид** аст.

**ФАСОНА** فسانه *мухаффафи* **афсона**, ба маънии саргузашт ва моҷаро; ва ба маънии ҳикояти беасл *маҷоз* аст (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ФАСОНИДА//ФАСОЯНДА** فسانیده // فساینده афсунгар.

**ФУСТАҚӢ** فستقی рангест сабзи ба зардӣ моили мушобеҳ ба ранги мағзи писта; ва ин *муарраби* **пистаӣ** аст.

### Фасли фо маъа шини муъҷама

**ФАШОР** فشار ба маънии афшурдан; ва ба ин маънӣ ба каср (яъне **фишор**)* низ омада (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Ҷаҳонгирӣ»);

ва ба замми аввал (яъне **фушор**)* ҳазаён ва беҳуда ва душном; ба ин маънӣ ҳам форсист (аз «Латоиф» ва ғайра).

**ФАШР** فشر ҳазаён ва беҳуда (аз «Латоиф»).

**ФАШ** فش муродифи **ваш**, ба маънии монанд; ва ба маънии шамлаи дастор; ва ба маънии муи ёли асп (аз «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Кашф» ва «Сироҷ»).

**ФАШОФАШ** فشافش овози теғбозон дар ҷанг ва овози тир андохтани пай дар пай (аз «Бурҳон»).

**ФУШУРДАН** فشردن чизеро ба мушт ба зур гирифтан ё бар чизе по ниҳода зур кардан (аз «Сироҷ» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Кашф»).

**ФИШОРДАН** فشاردن ба маънии афшурдан ва халонидан (аз «Муайид»).

**ФИШОНДАН** فشاندن дар «Кашф» ба касри аввал.

**Фасли фо маъа соди муҳмала**

**ФАСЛУЛХИТОБ** فصل الخطاب аҳодиси набавӣ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ки фосил аст миёни ҳақ ва ботил, яъне ҷудокунанда аст ҳақро аз ботил; ва ҳар каломе ки фасеҳ ва рушан бошад ва фарқкунанда бувад миёни ҳақ ва ботил (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ФАСЛИ ҚАРИБ** فصل قریب ба истилоҳи мантиқ он ки навъи худро аз ҷамеъи мушорикот дар ҷинс имтиёз диҳад, чун нотиқ ба нисбати инсон.

**ФАСОҲАТ** فصاحت кушодасухан шудан ва теззабонӣ ва хушгӯӣ (аз «Мунтахаб»); ва ба истилоҳи илми маонӣ холӣ будани калом аст аз алфозе, ки забонзади булағо набошад ва аз заъфи таркиби калимот, яъне тарокиби ғайримаънус ва алфози сақил ва дурушт ва иҷтимоъи ду ҳарфи аз як ҷинс, ки муҷиби сиқл аст, чунончи дар ин алфози «ҷамъи илм» (جمع علم) ва «сидқи қавл» (صدق قول), ки ду айн ва ду қоф ҷамъ шуданд; ва алфози ғайримаънус ва луғоти мушкила (казо фӣ «Мухтасар-ул-маонӣ» ва дигар расоил).

**ФАСД** فصد раг задан; ва ба син навиштан хатост (аз «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» ва «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ФАСЛИ БАЪИД** فصل بعید ба истилоҳи мантиқ он ки навъи худро аз мушорикот дар ҷинс филҷумла имтиёз диҳад, чун ҳассос ба нисбати инсон.

**ФАС(С)** فص ба маънии нигина, ки бар ангуштарӣ нишонанд; ва билкаср ва биззам (яъне **фисс** ва **фусс**)* низ омада (аз «Кашф»).

**ФУСУС** فصوص ба маънии нигинҳо; *ҷамъи* **фас(с)** аст; ва номи китоб дар илми тасаввуф аз Шайх Муҳйиуддин ибни Арабӣ, дар баёни асрори ҳақиқати илоҳийя.

**ФИСОЛ** فصال муфорақат ва аз шир боздоштан кудакро; ва *ҷамъи* **фасил**; ва билфатҳ ва соди мушаддад (яъне **фассол**)* ба маънии ҷудокунандатар; ва гоҳе *маҷозан* ба маънии дарбон ва пардадор ояд ё сифати пардадор воқеъ шавад, чаро ки ҷудокунанда аст борёфтагонро аз бегонагон.

**ФАСИЛ** فصیل бачаи шутури аз шири модар ҷудо кардашуда; ва девори қалъа ва авом, ки **сафил** гӯянд, ғалат аст (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Кашф» ва «Музил»).

**ФАСЛ** فصل як мавсим аз чаҳор мавсими сол; ва як бахш аз сухан ва порае аз калом; ва ҷудо кардан ва ҷудо шудан; ва парда ва ҳиҷоб миёни ду чиз; ва боздоштан ва буридан (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии қатъи чизе низ ояд, чунончи **фасли чуб** ба маънии қатъи чуб; ва ба истилоҳи мантиқ чизест, ки тамйиз диҳад шайъро аз мушорикоти зотия ва воқеъ мешавад дар ҷавоб: «айю шайъин ҳува фӣ зотиҳӣ», чунончи нотиқ, ки тамйиз медиҳад инсонро аз дигар ҳайвонот, ки шариканд ӯро дар ҳайвоният.

**ФУСУЛИ ЧАҲОРГОНА** فصول چهارگانه замистон, тобистон, рабеъ, хариф.

**ФАСЛӢ** فصلی баъд аз ҳамду салот мегӯяд Муҳаммад Ғиёсуддини муаллифи ин китоб, ки он чи ҳақиқати таърихот аз «Ойини Акбарӣ» ва «Рисола»-и Қозӣ Наҷмуддинхон ва дигар расоил ва тақовими зоиҷот

ва кутуби таворих ба вузуҳ пайваста, ба сабили ихтисор ин аст ва таърифи таърих чунин кардаанд: «явмун маълумун юнсабу илайҳи замонун яъти алайҳи», яъне рузи муайян, ки айёми дигарро бад-у бозҷуянд. Бидон ки **фаслӣ** таърихест аз соли шамсӣ, ки ба **фасл** таъаллуқ дорад, аммо маъхази он таърихи ҳиҷрии қамарӣ бошад ва тафсили ин иҷмол бар ин минвол аст, ки дар аҳди Ҷалолуддин Акбари подшоҳ ҳар гоҳ, ки дар дафотири таҳсили хароҷи Ҳиндустон тарзи ҷадиди сиёқи мирзоёни форс қарор ёфт, ба ҷиҳати ҳамийяти ислом, таърихи санбати Бикрамаҷит [121], ки дар дафотири Ҳинд аз қадим маъмул буд, бароварда соли ҳиҷрии қамарӣ, ки дар он вақт буд, мундариҷ сохтанд. Лекин чун мадори таҳсили хароҷ бар фусули шамсия аст, лиҳозо тафовути бисьёр пайдо шудан гирифт. Аз ин боис ба қавле девони тудармал ва ба қавле мирзоёни форсӣ, дар он вақт, ки санини ҳиҷрии нуҳсаду ҳафтоду як буд, иттифоқан дар он айёми мабдаъи соли ҳиҷрӣ, ки ғурраи муҳаррам бошад, ба айёми ибтидои фасли харифи ва қурби замони эътидоли лайлу наҳор, ки назди ҳиндуён ёздаҳум дараҷаи Сунбула аст, мутобиқ уфтод. Ва аз он вақт санини ҳиҷриро ба он қадар ки гузашта буд, **фаслӣ** ном ниҳода оғози сол аз таҳвили Шамс ба Сунбула, ки тақрибан ибтидои моҳи кувар ва шурӯъи ҳангоми дурудани зироати фасли хариф бошад, муқаррар сохтанд. Чун соли таърихи ҳиҷрӣ, ки қамарӣ буд, дар дафотири таҳсили хароҷ ба сабаби тааллуқи фасл ба соли шамсӣ мунтақил гардид ва дар дигар мақомот соли таърихи ҳиҷрӣ ба дувоздаҳ шуҳури қамарӣ ба дастури собиқ ба хол монд. Пас ба муқобалаи теъдоди айёми ҳар ду таърих дар муддати ду солу ҳашт моҳу шонздаҳ рузу чаҳор гҳарӣ зиёдати як моҳ дар шуҳури қамарӣ пайдо гашт, чаро ки соли шамсӣ сесаду шасту панҷ рӯзу рубъи рӯз бошад ва соли қамарӣ сесаду панҷоҳу чаҳор рӯзу бисту ду гҳарӣ бошад. Ва дар ин ҷо мурод аз рӯз маҷмӯъи рузу шаб аст, ки шаст гҳарӣ бошад. Пас аз ин ҷо дарёфт шуд, ки соли қамарӣ кӯтоҳ бошад аз соли шамсӣ ба даҳ рӯзу панҷоҳу се гҳариву нуҳ пал. Ва соли шамсӣ дароз бошад аз соли қамарӣ ба ҳафт гҳарӣ кам ёздаҳ рӯзи тақрибӣ. Ва ба ҳамин зиёдати як моҳро ҳиндуён моҳи лавнд гӯянд [122]. Баъди инқизои муддати сад соли фаслии шамсӣ зиёдати се солу чанд рӯз бар сад соли ҳиҷрии қамарӣ зуҳур меояд. Чунончи дар васоиқи мактубаи аҳди Нуруддини Ҷаҳонгир тафовути ҳиҷриву фаслӣ ба ду сол аст ва дар ибтидои аҳди Оламгири Аврангзеб тафовут се сол. Чунончи дар охири аҳди Аврангзеб Мир Муҳаммадҷаъфари Рӯҳӣ [123] барои амри воҳид мутобиқи санаи ҳиҷрӣ ва фаслӣ ду таърих гуфта: таърихи ҳиҷрӣ лафзи заҳир аст ва таърихи фаслӣ лафзи зуҳур. Дар миёни ин ҳар ду таърих тафовут миқдори чаҳор сол аст. Ва дар қаболаҷоти марқумаи замонаи Муҳаммадшоҳӣ тафовут панҷ сол ба назар омада. Ва рафта-рафта то алявм, ки якҳазору дусаду чиҳилу дуи ҳиҷрист ва якҳазору дусаду сию чаҳори фаслӣ, тафовути миёни санини ҳар ду таърих ба ҳашт сол расида. Ҳамчунин ба замонаи оянда тафовут дар тараққӣ хоҳад монд. Дар кутуби ахбор мазкур аст, ки яке аз аҳли куттоб ба ҷаноби Амирулмӯъминин Алии Муртазо карамаллоҳу ваҷҳаҳу омада гуфт, ки: — Шумо дар китоби худ мехонед: «лабсу фӣ каҳфиҳим салоса миъатин синина вазудоду тисъан», яъне даранг карданд асҳоби каҳф дар ғори худҳо сесад сол ва зиёда кардаанд мардум нуҳ соли дигар. Ва мо зиёда бар сесад дар китоби худ наёфтаем. Пас мухолафат миёни ҳар ду китоб аз ҷӣ роҳ аст?! Ҳазрати Амирулмуъминин фармуданд: сесад дар китоби шумо бар ҳисоби юнониён аст ва дар китоби мо ба ҳисоби араб. Ва сесад соли юнониён сесаду нуҳ соли араб мешаванд. Китобӣ мутааҷҷиб шуд ва ислом овард. Пас ин қавли ҳазрати Амирулмӯъминин каррамаллоҳу ваҷҳаҳу хам ишъор бар ҳамин маънист, ки тафовути шамсиву камарӣ дар яксад сол се соли тақрибист, дар сесад сол ба нуҳ сол мерасад.

**Баёни соли ҳиндуён ва ваҷҳи падид омадани моҳи адиҳк, ки ба урф моҳи лавнд гӯянд:** бидон ки

назди ҳиндуён сол чаҳор қисм аст: яке соли начҳтар, дуввум соли муштарӣ, севвум соли шамсӣ, чаҳорум соли қамарӣ. Баёни соли аввал ва сонӣ, ки роич нест татвил пиндошта тарк нумуда. **Баёни шуҳур ва соли шамсӣ** ин аст, ки кураи фалак бар дувоздаҳ ҳисса тақсим шудааст. Ва ҳар ҳиссаро ба арабӣ бурҷ гуянд; ва асмои буруҷи дувоздаҳгона ин аст: Ҳамал, Савр, Ҷавзо, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷадй, Далв, Ҳут. Ҳиндуён бурҷро рас номанд ва асомии дувоздаҳ рас ба тариқи тарҷамаи буруҷи мазкур ин аст: Мекҳ, Баркҳ, Матҳан, Қарк, Сингҳ, Қанйён, Тула, Бирчхак, Дхан, Бакр, Кунба, Мин. Шамс ба ҳаракати хоси худ, ки аз мағриб ба суи машриқ аст, масофати ҳар якеро аз Ҳамал ва Савр ва Саратон ва Асад ва Сунбула дар сию як руз тай менумояд ва Ҷавзоро ба сию ду руз ва ҳар якеро аз Мизон ва Ақраб ва Далв ва Ҳут ба сӣ руз қатъ мекунад; ва Қавсу Ҷадй ҳар якеро ба бисту нуҳ рузу чанд соат тай менумояд. Ва муддати мондани Офтобро ба бурче моҳи шамсӣ мегуянд. Пас ҳамагӣ муддати дувоздаҳ шуҳури шамсӣ, ки мазкур шуд, сесаду шасту панҷ рузу понздаҳу ним гхарӣ бошад. Ва ибтидои ин сол аз санкронти[124] Мекҳ гиранд, яъне аз таҳвили Ҳамал. Ва шуҳуру соли қамарии хиндуён ин аст: аз вақте ки қурси Қамар мукаммал шуда шуруъ ба инхитот ва нуқсон кунад, аз ҳамон вакт моҳи қамарии эшон шуруъ мешавад; ва ҳангоме ки курси Қамар комил ва мудаввар ва том гардад, моҳи эшон низ тамом ва комил мешавад. Ва он рузи итмоми моҳро эшон пурнамашӣ гуянд ва он мутобиқи таърихи сездаҳуми моҳи ҳилолии арабист. Рузи дигари он ки чаҳордаҳуми моҳи арабӣ бошад ва қурси Қамар, ки шуруъ ба нуқсон ва инҳитот кунад, эшон он рузро парево номиданд. Ва ибтидои моҳи қамарии ҳиндӣ аз ҳамин руз кунанд. Ва асмои шуҳури қамарии ҳиндӣ ин аст: Чайт, Байсакҳ, Четҳ, Асарҳ, Саван, Бхадун, Квар, Қатик, Агҳан, Пус, Магх, Пҳагун. Дар ҳар сол шаш моҳ аз ин шуҳури мазкур ба таври шуҳури араб сируза бошад ва ҳар яке аз шаш моҳи боқӣ бисту нуҳ рузу ду гхариву чиҳил пал бошад. Пас ҳамагӣ муддати дувоздаҳ шуҳури қамарӣ, ки мазкур шуд, сесаду панҷоҳу чаҳор рузу бисту ду гхарӣ бошад. Чун дониста шуд, ки соли шамсӣ, ки ба дувоздаҳи санкронт таъаллуқ дорад, сесаду панҷ рузу понздаҳу ним гхарӣ бошад ва соли қамарии ҳиндӣ сесаду панҷоҳу чаҳор рузу бисту ду гхарӣ. Пас тафовут ин бошад, ки соли шамсӣ даҳ рузу панҷоҳу севуним гхарӣ калон бошад аз соли қамарӣ. Лиҳозо аз якҳазору чаҳор рузу ҳездаҳ гхарӣ ва ду солу нуҳ моҳи шамсӣ мураккаб мешавад. Ва ҳамчунин аз якҳазору чаҳор рузу ним гхарӣ ва ду солу ду моҳи қамарӣ таркиб меёбанд. Чун дар муқобалаи теъдоди айёми шуҳури шамсӣ шуҳури қамариро ба сабаби қиллати теъдоди айёми худ дар ҳар сол шашу ним гхарӣ кам ёздаҳ руз зоид мемонад, аз ин боис дар муқобалаи муддати ду солу нуҳ моҳи шамсӣ, ба сабаби ичтимоъи ин зиёдат чизе кам ёздаҳ руз, ки дар соли қамарист, ду солу ду моҳи қамарӣ ба ҳам мерасаид. Барои он ки шуҳури шамсӣ калон ҳастанд ва шуҳури қамарӣ кучак, ба ҳамин ҷиҳат дар соли севвуми қамарӣ баъди ҳар моҳе, ки айёми кусур мучтамеъ шуда муддати як моҳи мукаммал мешавад ва он муддатро биззарур ба исми ҳамон моҳ мавсум сохта, он соли севвумро ҳездаҳмоҳа гиранд, яъне он зиёдати якмоҳа дар ҳамон ду солу нуҳ моҳ дарҷ нумуда аз назар меандозанд ва алоҳида ба ҳисоб малҳуз надоранд, то соли қамарӣ бо соли шамсӣ баробар монад; ва он моҳи зоидаро адиҳкмас гуянд (ба фатҳи ҳамза ва касри дол ва ҳои хафӣ ва сукуни кофи арабӣ) ва оммаи халоиқ лавнд номанд. Ва ин моҳи зоид аз чайт то квар вокеъ шавад. Ва сивои ин ҳафт моҳ, дар панҷ моҳи дигар афзуда нагардад. Агар дар соли севвум бинобар мутобиқи шуҳури шамсӣ ва қамарӣ ва тадоруку тафовути онҳо як моҳро муқаррар нагиранд ва зиёдати айёми шуҳури қамариро ба ҳамон шуҳури қамарӣ мундариҷ насозанд, биззарур ҳар моҳи ҳиндӣ ба таври шуҳури араб ба ҳар мавсим доир ва

соир гардад. Гоҳе асарҳ дар замистон ояд ва гоҳе пус дар тобистон расад. Ва назди ҷумҳур дар ду солу ҳашт моҳу понздаҳ рузу си гҳари зиёдати як моҳ фароҳам ояд, валлоҳу аълам биссавоб.

**Баёни таърихи румӣ:** бидон ки аксаре аз таворих мабнӣ бар шуҳури шамсиянд, чунончи чанд таърихи мутаъорифа ба тақдими асмои шуҳури онҳо мазкур мегардад. Ва асомии машҳураи шуҳури таърихи румӣ, ки ибтидои он аз маҳраҷон, яъне катик гиранд, ин аст: Тишрини аввал, Тишрини охир, Қонуни аввал, Қонуни охир, Шубот, Озор, Найсон, Аёр, Ҳазирон, Там(м)уз, Об, Айлул. Ин соли румиён сесаду шасту панҷ рузу рубъи руз аст. Ва ҳар як аз Тишрини охир ва Найсон ва Ҳазирон ва Айлул сӣ руз бошад. Ва ҳар як аз моҳҳои дигар сию як руз, илло Шубот, ки бисту ҳаштруза аст. Ва он рубъи зоид, ки дар муддати чаҳор сол як рузи тамом мешавад, дар моҳи Шубот афзоянд ва кабиса гӯянд. Мабдаъи ин таърих аз аҳди Сикандар аст, ки то ин замон дуҳазору яксаду сию ҳашт соли шамсӣ мешаванд.

**Баёни таърихи ингризӣ:** бидон ки асомии машҳураи шуҳури таърихи инглишӣ ин аст: Ҷанварӣ, Фарварӣ, Морч, Април, Майи, Ҷун, Ҷулойӣ, Агаст, Сетамбар, Актубар, Нувамбар, Десамбар. Соли эшон монанди соли румиён аст. Ҳар як аз Април ва Ҷун ва Сетамбар ва Нувамбарро сируза ва ҳафт моҳи дигарро, сивои Фарварӣ сию якруза шуморанд ва Фарварӣ бисту ҳаштруза то се сол эътибор кунанд ва дар соли чаҳорум ҳамон касри рубъи зоидро як рузи тамом гирифта дар охири Фарварӣ афзоянд ва бисту нуҳ руз гиранд ва он рузи кабиса бошад. Қоида барои дарёфти кабиса ин аст, ки: санаи исавиро бар чаҳор тақсим нумоянд, агар хориҷулқисмат саҳеҳи билокаср бошад, он санаро соли кабиса донанд; агар як боқӣ монад, соли аввал аз се сол билокабиса бувад; ва агар ду монад, соли дуввум ва агар се монад, соли севвум. Ва мабдаъи ин таърих аз замони вилодати ҳазрати Исо алайҳиссалом гирифтаанд, лиҳозо таърихи исавӣ низ гӯянд. Ва дар ин замон якҳазору ҳаштсаду бисту ҳафт сол аст аз ин таърих. Ва якуми моҳи Ҷанварӣ, ки сари соли эшон аст, баъди даҳ руз аз таҳвили Офтоб дар бурҷи Ҷадй, ки шуруъи даймоҳи форсӣ аз он таҳвил аст, мешуморанд. Шоире шуҳури инглишӣ [125] ва қоидаи дарёфти кабиса ба назм оварда, ин аст, назм:

Ҷанвариву фарвариву морчу априлу майи,
Ҷуну ҷулойи, агасту низ сетамбар бад-он
Ҳаст актубар, нувамбар ҳам десамбар охирин
Аз шуҳури соли ингризӣ ба сони румиён.
Пас бувад априлу ҷуну низ сетамбар дигар
Шуд нувамбар ин ҳама сируза бошад дар миён,
Фарварӣ ду кам бувад, лекин ба соли чорумин
Як бар ин афзо кабиса бисту нуҳ гардад аён.
Ҳафти боқӣ сию як руз аст, гар қисмат кунӣ
Солҳои исавӣ бар чорто, эй меҳрубон,
Барнаёяд каср гар соли кабиса шуд ҳамин,
В-ар барояд, пас ба тарки каср кун тақсими он,
Гар яке монад зи соли бекабиса аввал аст,
Дар ду дуввум, дар се севвум сол бошад бегумон.

**Баёни таърихи форсии Яздиҷурдӣ:** асомии шуҳури таърихи форсӣ, ки онро таърихи Яздиҷурдӣ низ гӯянд, ин аст: Фарвардин, Урдибиҳишт. Хурдод, Тир, Мурдод, Шаҳревар, Меҳр, Обон, Озар, Дай, Баҳман, Исфандормуз. Соли эшон дар теъдоди айём баробари соли румиён аст, лекин ҳар моҳро сируза гиранд, панҷ рузи зоидро дар охири Исфандормуз зиёда кунанд ва он панҷ рузро хамсаи мустарақа гӯянд. Ва он касри рубъро мутааххирин тарк менумоянд ва мутақаддимин яксаду бист сол ҷамъ карда, як моҳи тамом мегирифтанд ва соли саду бистумро сездаҳмоҳа месохтанд. Ва ҳаррузаи моҳро низ назди форсиён номе муқаррар аст: Урмуз, Баҳман, Урдибиҳишт, Шаҳревар, Исфандормуз, Хурдод, Мурдод, Дайбозур, Озар, Обон, Хурмоҳ, Тир, Гуш, Даймеҳр, Меҳр, Суруш, Раш. Фарвардин, Баҳром, Ром, Ёд, Дайбодин, Дин, Ордоштод, Осмон, Замиёд, Морисфанд, Анирон. Ба ҳар моҳ рузе, ки номи моҳ бо номи руз мутобиқ уфтад, ид кунанд. Ва асмои хамсаи мустарақа ин аст: Аҳнавад, Ашнавад,

Сифандормуз, Вахшат, Ҳаштивеш. Мабдаъи ин таърих аз аввали подшоҳии Яздиҷурд аст, ки то ин вақт якҳазору яксаду наваду шаш сол гузашта. Ва сари сол дар ин таърих аз таҳвили Офтоб ба аввали дараҷаи бурҷи Ҳамал гиранд, он рузро навруз номанд.

**Баёни таърихи Ҷалолӣ:** асомии машҳураи таърихи Ҷалолӣ, ки онро таърихи Маликшоҳӣ низ гуянд, биайниҳи асомии машҳураи Яздиҷурдӣ аст, лекин ба ҷиҳати тамйиз асомии машҳури Яздиҷурдиро ба тақдим муқайяд созанд. Ва соли ин таърих сесаду шасту панҷ рузу панҷ соату чиҳилу нуҳ дақиқа эътибор кунанд ва ҳар моҳеро сируза гиранд ва хамсаи мустарақаро дар охири Исфандормуз зиёда кунанд ва дар соли чаҳорум, ки як руз аз каср зоид ҷамъ шавад, дар охири хамсаи мустарақа афзоянд, то шаш руз гардад, онро кабиса гуянд. Ва мабдаъи ин таърих аҳди Ҷалолуддини Маликшоҳи Салҷуқист, ки то ин замон ҳафтсаду чиҳилу нуҳ сол гузашта.

**Баёни ҳар ду таърихи ҳиндӣ, ки соли якеро санбат ва соли дигареро сака гуянд:** асомии шуҳури таърихи ҳиндӣ, ки соли онро **санбат** гуянд, ин аст: Чайт, Байсакҳ, Четх, Асарҳ, Саван, Бҳадун, Қвар, Қатик, Агҳан, Пус, Магҳ, Пҳагун. Ва ин таърихи санбат мансуб ба роҷаи Бикрамаҷит аст. То ин вақт аз ин таърих якҳазору ҳаштсаду ҳаштоду чаҳор сол сипарӣ шуда. Ҳар гоҳ роҷаи Салбаҳан бар роҷаи Бикрамаҷит ба ҷанг ғолиб омад, сивои санбати Бикрамаҷит таърихи худ низ муқаррар нумуд ва соли онро ба сака мавсум сохт. То имруз аз сакаи Салбаҳан якҳазору ҳафтсаду чиҳилу нуҳ сол мунқазӣ шуда. Ва ибтидои ин ҳар ду таърих аз шуруъи моҳи **Чайт**, ки Офтоб дар бурҷи Ҳут бошад, гиранд. Бидон ки назди мунаҷҷимони Ҳинд ба рузи ёздаҳум аз таҳвили Офтоб ба бурҷи Ҳут мусовоти лайлу наҳори рабеъӣ собит бошад. Ва ҳукамои Ҳинд шабу рузро шаст бахши мусовӣ кунанд ва ҳар бахшеро гҳарӣ гуянд ва ҳар гҳарӣ шаст пал бошад ва ҳар пал шаст бипал ва ҳар бипал, ки (ба касри бои арабӣ ва фатҳи бои форсист) миқдори шаш нафаси одамии муътадилулмизоҷи билоарузи давидан ва хашм ва ғайра бошад.

**Баёни таърихи ҳиҷрӣ:** асомии машҳураи шуҳури қамарии ҳилолӣ, ки дар таърихи Араб мутадовил мебошад, ин аст: **Муҳаррам**, Сафар, Рабеъулаввал, Рабеъулохир, Ҷумодиюлуло, Ҷумодиюлухро, Раҷаб, Шаъбон, Рамазон, Шаввол, Зилқаъда, Зилҳиҷҷа. Чун араб ибтидои моҳ аз рузи дуввуми руъяти ҳилол гиранд ва онро ғурра номанд ва ба рузи руъяти ҳилол мунтаҳо нумоянд ва он рузро салх гуянд. Дар ҳар сол шаш моҳ аз ин шуҳури ҳилолӣ сируза бошанд ва шаш моҳ бисту нуҳруза. Пас тамоми муддати дувоздаҳ шуҳури ҳилолӣ сесаду панҷоҳу чаҳор руз бошад. Ва мабдаъи ин таърихи ҳиҷрӣ аз замони ҳиҷрати ҳазрати пайғамбари худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама аз Маккаи муаззама ба Мадинаи мунаввара аст. Лиҳозо соли ин таърихро санаи ҳиҷрия номанд. Ва дар вақти таҳрири рисолаи ҳозо якҳазору дусаду чиҳилу ду сол аст. Соҳиби «Аҷоиб-ул-булдон» овардааст, ки сабаби вазъи таърихи ҳиҷрӣ он аст, ки Абимусои Ашъарӣ, ки ҳокими Яман буд, дар замони хилофати ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу, нома навишт, ки аз ҷониби шумо макотиб, ки ба ман судур менумоянд, таърихаш маълум намешавад, ки кадом вақт навишта шуда. Бояд ки бори дигар агар нома ба ман нигоранд, ба таъйини таърихи он бояд пардохт. Пас ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу ба асҳоби пайғамбар алайҳиссалоту вассалом ба ҷиҳати вазъи таърих машвара нумуданд. Баъзе гуфтанд, ки бинои таърих бар вафоти сарвари коинот саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама бояд ниҳод, ки воқеъаи азим бувад. Умар разияллоҳу анҳу инро писанд накард, ки маро ин амр ба сабаби ёди вафоти он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама ҳар лаҳза ғаме тоза ру хоҳад дод. Ва баъзе гуфтанд, ки бинои кор бар мабъаси он сарвари мавҷудот бояд сохт. Ин маъниро низ написандиданд, ки аз ин андуҳу алам зиёда хоҳам кашид, зеро ки дар он вақт ба залолат гирифтор будам, ҳар гоҳ, ки

таърихи куфри худам ёд хоҳад омад, ба шиканҷаи ҳумум хоҳам кашид. Пас ин уқдаи молоянҳал марқум сохта ба Амирулмуъминин Алии Муртазо разияллоҳу анҳу фиристоданд. Он ҳазрат ишора ба ҳиҷрат фармуданд. Пас бинобар ишорати он ҳазрат мабдаъи таърих аз ҳиҷрат нумуданд, чи ҳиҷрат ибтидои зафар ва нусрат ва қуввати ислом буд. Аз он вақт руз ба руз давлати ислом тараққӣ пазируфт. Ва ҳиҷрат иборат аст аз ташриф бурдани ҳазрати хайрулбашар аз Маккаи муаззама ба сабаби изои куффор ба суи Мадинаи мунаввара ба таърихи бисту ҳафтуми Сафар ва дохил шудан ба Мадина ба дувоздаҳуми шаҳри Рабеъулаввал. Ва ин таҷвизи таърихи ҳиҷрӣ ба соли ҳафтдаҳум будааст аз ҳиҷрат, яъне ба вақти муайян кардани таърихи ҳиҷрӣ ҳафтдаҳ сол бар ҳиҷрат гузашта буд. Чун он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама иродаи ҳиҷрат аз ибтидои Муҳаррам пешниҳоди хотир доштанд, лиҳозо ба ҳангоми вазъи таърихи ҳиҷрӣ ибтидои азм муътабар дошта ин тафовути як моҳу бисту шашрузаро аз назар андохтанд, ё он ки Муҳаррам ашҳари шуҳури ҳаром буд, аз ин боис ибтидо аз Муҳаррам карданд.

**Баёни таърихи ҷулусӣ:** таърихи ҷулусӣ он аст, ки мабдаъи соли он аз таърихи ҷулуси подшоҳе бар тахти салтанат бошад. Шумори санини ин таърих то ҳаёти султони аҳд мустаъмал гардад ва баъди реҳлаташ мунқатеъ шавад, чунонки билфеъл соли ҷулусии подшоҳи динпаноҳ Муъинуддин Муҳаммади Акбари сонӣ бистум аст ва ибтидои сол аз таърихи ҳафтуми моҳи Рамазон аст.

**Баёни таърихи илоҳӣ:** таърихи илоҳӣ иборат аст аз таърихи ҷулуси Ҷалолуддин Акбар-подшоҳ, ки ба севвуми Рабеъулохири санаи нуҳсаду шасту сеи ҳиҷрӣ иттифоқ уфтода. Солу моҳи шамсӣ ҳақиқист, кабиса дар ин таърих нест. Номи моҳ ва номи рӯзҳои форсӣ, яъне қадимии Яздиҷурдиро ба ҳоли худ гузошт. Ва шумори рӯзҳои моҳ аз бисту нуҳ то сию ду бошад, ба муҷиби байти машҳур, байт:

Лову лолаб лову лоло шаш маҳ аст,
Лалкату катлал шуҳури кутаҳ аст.

Ду рузи пасинро, ки сию якум ва сию дуввум бошад, ба рузу шаб мусаммо сохт. Билфеъл, ки санаи ҳиҷрӣ якҳазору дусаду чиҳилу дуст санаи таърихи илоҳӣ дусаду ҳафтоду як аст.

**Баёни таърихи туркӣ:** инро таърихи уйғуз (уйғур)* ва таърихи Ғозлим низ гуянд. Ва асомии шуҳури таърихи туркӣ ин аст: Оромой, Икиндиой, Учунҷиой, Туртинҷиой, Бешинҷиой, Алтинҷиой, Этинҷиой, Саккизинҷиой, Туқузинҷиой, Унунҷиой, Унбиринҷиой, Уникинҷиой. Соли туркон ба таври ҳиндуён камарӣ бошад, гоҳе сируза ва гоҳе бисту нуҳруза. Ба соли севвум як соли кабиса ба дастури аҳли Ҳинд афзуда, соли севвумро сездаҳмоҳа гиранд ва номи моҳи сездаҳум ин аст: Сивоой. Ва ибтидои сол аз иҷтимоъи Шамсу Қамар бошад, ки дар бурҷи Далв воқеъ шавад. Ва ибтидои ҳар моҳ аз иҷтимоъ гиранд: агар иҷтимоъ пеш аз нимрӯз шавад, аз ҳамин рӯз ибтидои моҳ кунанд ва агар баъд аз нимруз шавад, аз рӯзи дигар ибтидо кунанд. Ба ҳамин ҷиҳат ҳамеша моҳи туркия як рӯз ё ду руз аз моҳи арабия бештар бувад. Мабдаъи ин таърих аз ибтидои подшоҳии Ғозлим аст, ки то ин вақт чаҳорҳазору яксаду бист сол аз ин таърих сипарӣ шуда буд. Абӯрайҳон гуяд, ки туркон нуҳ адад бар солҳои нокисаи румӣ афзоянд ва бар дувоздаҳ қисмат кунанд, он чи бимонад аз соли Муш оғоз ниҳанд ва ба ҳар ҳайвоне, ки расад соли вай бошад. Ҳарчанд оғози сол маълум нагардад, лекин аз ин ҳисоб лахте шиносоӣ ба даст меуфтад, ки кадом сол аст аз ин давр ва чи ном дорад. Соли аввал **Сичқонйил,** яъне соли Муш, **Сичқон** (ба касри сини муҳмала ва сукуни ҷими форсӣ ва коф) ба маънии Муш ва **йил** (ба ду ёи таҳтонӣ, сонӣ маъруф) ба маънии сол; дуввум **Увдйил** (ба замми аввал ва сукуни вов ва доли муҳмалаи мавкуф) ба маънии соли Гов; севвум **Порсйил** ба маънии соли Паланг; чаҳорум **Тавишқонйил** (ба фатҳи фавқонӣ ва касри вов ва сукуни шини муъҷама ва қоф) ба маънии соли Харгуш; панҷум **Луйи-**

йил (ба лом ва вови маҷҳул ва касри ёи тахтонии аввал) ба маънии соли Наҳанг; шашум **Йилонйил** (ба касри ёи тахтонии аввал) ба маънии соли Мор; ҳафтум **Юнтйил** (ба замми ёи тахтонӣ ва вови маъдула ва сукуни нун ва тои фавқонӣ) ба маънии соли Асп; ҳаштум **Қуййил** (ба вови маҷҳул) ба маънии соли Гуспанд; нуҳум **Бичийил** (ба бои арабии максур ва ёи маъруф ва ҷими форсӣ) ба маънии соли Бузина; даҳум **Тахоқуйил** (ба фатҳи тои фавқонӣ ва хои муъҷама ва қофи мазмум) ба маънии соли **Мурғ**; ёздаҳум **Итйил** (ба касри аввал ва ёи маъруф ва тои фавқонӣ) ба маънии соли Саг; дувоздаҳум **Тунгузйил** (ба замми тои фавқонӣ ва сукуни нун ва замми кофи форсӣ ва зои муъҷамаи сокин) ба маънии соли Хук.

**Таърихи Одам алайҳиссалом:** ҳафт ҳазору яксаду ҳафтод соли шамсӣ аз ибтидои Одам то ин дам гузашта.

**Таърихи туфон:** сароғоз аз ходисаи туфон гиранд. Соли шамсии ҳақиқӣ ва моҳи қамарӣ ибтидои сол аз Ҳамал гиранд. То ин сол чаҳор ҳазору нуҳсаду бисту ҳашт сол гузашта.

**Таърихи Бахт Нуссар:** оғоз аз унфувони фармондиҳии у соли шамсӣ сесаду шасту панҷ рӯзи бекаср, ҳар як моҳ сирӯза ва ба панҷрӯза дар охири сол афзоянд. Ду ҳазору понсаду ҳафтоду се сол то ҳол гузашта.

**Таърихи Мусо алайҳиссалом:** сеҳазору яксаду сию ҳафт соли шамсӣ гузашта.

**Таърихи Ҷадхаштар:** бидон ки пештар дар ҳиндуён санбати роҷа Ҷадхаштар ривоҷ дошт. Роҷаи мазкур назди эшон дар оғози килҷук ҳал буда ва тамоми ҷаҳонро баркушода. Ва то ин замон аз санбати йёлати ӯ чаҳор ҳазору нуҳсаду бисту хашт соли шамсӣ гузашта.

**Таърихи Иброҳим алайҳиссалом:** чаҳор ҳазору дусаду даҳ сол гузашта.

**Таърихи Довуд алайҳиссалом:** се ҳазору понсаду чиҳилу ду сол гузашта.

**Таърихи мунаҷҷим мутобики қавли аҳли Форс:** оғози он аз ибтидои офариниш гиранд. Гуянд ки дар он ҳангом ҳамагӣ сайёра дар аввали Ҳамал буданд. Соли шамсӣ бошад то кунун як лаку ҳаштоду чаҳор ҳазору нуҳсаду се сол гузашта.

**Таърихи ибтидои олам ба қавли ҳукамои Ҳинд:** 1955804933, яъне як арабу наваду панҷ круру панҷоҳу ҳашт лаку чаҳор ҳазору нуҳсаду сиву се соли шамсӣ гузашта. Ва қавли ҳукамои Ҳинд он аст, ки ҳақ субҳонаҳу таоло дар ин олами фонӣ чиҳилу се лаку бист хазор соли шамсиро як давр офаридааст, муштамил бар чаҳор қарн: қарни аввалро сатҷаг ном бошад, муддати он 1728000, яъне ҳафтдаҳ лаку бисту ҳашт ҳазор сол будааст; қарни дуввумро тиртия ном бошад, муддати он 1296000, яъне дувоздаҳ лаку наваду шаш ҳазор сол будааст; қарни севвумро давис ном бошад, муддати он 864000, яъне ҳашт лаку шасту чаҳор ҳазор сол будааст; қарни чаҳорумро килҷук ном аст, ибтидои он магх бадӣ амавас, яъне бисту ҳаштуми моҳ, ки офтоб дар Ҷадӣ бувад ва ин замони амали уст. Муддати он 432000, яъне чаҳор лаку сию ду ҳазор сол аст то акнун, минҷумлаи муддати килҷук 4928, яъне чаҳор ҳазору нуҳсаду бисту ҳашт сол гузашта. 427072, яъне чаҳор лаку бисту хафт ҳазору ҳафтоду ду сол боқӣ мондаанд. Ҳар гоҳ ки боқии килҷук тамом хоҳад шуд, давраи дигар ба тартиби мазкур шурӯъ хоҳад гашт, валлоҳу аълам биссавоб.

### Фасли фо маъа зоди муъҷама

**ФАЗО** فضا замини фарох ва фарохии замин ва кушодагии саҳни хона ва майдон (аз «Мунтахаб» ва «Баҳрул-ҷавоҳир» ва «Музил» ва «Кашф» ва «Сурох»); ва ба каср (яъне физо)* хатост.

**ФУЗАЛО** فضلا *ҷамъи* фозил (аз «Мунтахаб»).

**ФАЗҲ** فضح расвой.

**ФУЗӮҲ** فضوح расвой (аз «Мунтахаб»).

**ФАЗУЛНАФС** فضول نفس *киноя аз* носеҳ ва воиз.

**ФАЗЛИ РАБЕЪ** فضل ربیع номи вазири Ҳорунуррашид, ки бас сахӣ ва некукор буд; ва номи ҳоҷиби Алӣ

ибни Абдуллоҳ, ки дар фиросат игонаи аср буд (аз «Муайид»).

**ФАЗЛ** فضل афзунӣ ва зиёдат ва бахшиш ва ғалаба кардан ба касе ба фазилат; ва номи шоир (аз «Мунтахаб»).

**ФАЗОИЛ** فضائل афзуниҳо ва ҳунарҳо ва дараҷоти баланд; *ҷамъи* **фазилат** (аз «Мунтахаб»); ва баъзе навиштаанд, ки **фазоил** неъматҳои ботин ва **фавозил** неъматҳои зоҳир.

**ФУЗАЙЛ** فضیل номи валии комил (аз «Латоиф»).

**ФУЗУЛ** فضول масдар аст; ба маънии афзунӣ; ва ҳам *ҷамъи* **фазл**; ба маънии зиёдатҳо ва афзуниҳо; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **фазул**)* ба маънии зиёдагу ва касе ки ба афъоли ғайри зарурӣ пардозад.

**ФУЗОЛАЧИН** فضاله چین иборат аз боғбон, ки шохҳои зоидро метарошад.

**ФУЗЛА** فضله пасмондаи хӯрданиҳо ва шохҳое, ки баъд аз чидани мева қобили самар набошад; ва назди атиббо он чи баъд аз ғизои бадан суфли маъкулот аз меъда ва масона ва димоғ ва ғайра хориҷ шавад.

**ФУЗОЛА** فضاله зиёдаомада аз чизе ва он чи зоид аз ҳар чизе ки бошад; ва ба маънии шохҳои бемавкеъ ва баргҳои рехта; ва ба маънии шохҳое ки аз он мева чида бошанд ва ояндаро қобили гулу бор набошад; ва ба маънии пасмондаи таом ва фузла низ навиштаанд; ва номи яке аз ғуломони ҳазрати расул саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ки ба асирӣ омада буд; ва дар шарҳи «Нисоб» ба ин маънӣ ба фатҳи аввал (яъне **фазола**)* навишта; ва дар «Мунтахаб» ба зам (яъне **фузола**)*.

**ФИЗЗА** فضه ба маънии нуқра (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ФАЗОИЛИ АРБАЪА** فضائل اربعه аввал ҳикмат, дуввум шаҷоат, севвум иффат, чаҳорум адолат. Бидон ки сифоти аҷноси ин ҳар чаҳор фазилат ва баёни анвоъи инҳо ин аст: ҳикматро ду қисм аст: яке **қуввати назарӣ** ва он идроки ҳақоиқи ашьёст ба қадри тоқати башарӣ то ба шинохтани ҳазрати воҷибулвуҷуд, ки матлуби ҳақиқист расад; дуввум **қуввати амалӣ** ва он қиём кардан аст ба афъоли неку, то ба ахлоқи писандида нафсро одат шавад. Пас анвоъи ҳикмат чаҳор аст: аввал **зако**, ки аз бисьёрии идроки нафси нотиқа чунон қавӣ шавад, ки истинботи натоиҷ аз муқаддамот ба муҷаррад таваҷҷуҳ тувонад нумуд; дуввум **сафои зеҳн** ва он малакаи истеъдод ва истихроҷи матлуб аст бе изтироб ва ташвиш; севвум **ҳусни тааққул** ва он сиёнат аз саҳву хатост; чаҳорум **таҳаффуз** ва он чунон аст, ки сувари маъқулаи маҳсусаро неку забт нумояд, то дар вақти эҳтиёҷ мулоҳазаи он ба осонӣ ру нумояд. Ва **шаҷоат**-ро, ки инбиъоси қуввати ғазабист, ки нафси нотиқаро дар маҳолик ва махофат суст напумояд, шаш анвоъ аст: аввал **кибри нафс** ва он қиём кардани нафси нотиқа аст дар корҳои бузург ва ба роҳат ва машаққате, ки дар зимни он ру нумояд, илтифот нанамудан; дуввум **улувви ҳиммат**, ки нафси нотиқаро дар талаби зикри ҷамил ва камолоти инсонии макореҳи ин ҷаҳон малҳузи назари эътибор набошад; севвум **ҳилм**, яъне сабот ва **истиқомат** ба ҳангоми ғазаб ва сабуксорӣ ва изтироб накардан дар мушоҳадаи умури номулоим; чаҳорум **тавозуъ**, яъне худро бар касоне ки дар ҷоҳу фазилат аз ӯ камтар бошад мазийяте нашумурд, аммо ба шарти эътидол, чунонки қуввати оқилонро писандида дорад; панҷум **ҳамийят** ва он ҳифзи аҳкоми шариъат ва муҳофазати ҳурмати худ ва ҳурмати аҳбоби худ бошад аз умури нолоиқ; шашум **риққат**, яъне нармдилӣ ва шафақат бар абнои ҷинс бар ваҷҳе ки мушоҳадаи олом ва макореҳи эшон муътабар шавад бе он ки изтиробе дар аҳвол ва ақвол падид ояд; ва **иффат** он аст, ки шаҳват мутеъи нафси нотиқа шавад, то тасарруфи ӯ ба хасби иқтизои ақл бошад ва анвоъи ин ҳафт аст: аввал **ҳаё**, ки мулоҳаза аз афъоли қабеҳа ва эҳтироз нумудан аз алами пушаймонӣ ва лиҳози истихфоф, ки дар зимни он ҳосил ояд; дуввум **ҳусни ибтидоӣ**, яъне роғиб будан дар иктисоби фазоил ва дар дафъи макореҳи ақрон хатталмақдур кӯшиш нумудан; севвум **сабр** ва он забт кардани қувои

нафсонист аз лаззоти қабеҳа аз руи қудрат ва ихтиёр; ва баъзе **сабр**-ро ду қисм гуфта: яке сабр аз матлуб, дуввум сабр бар матлуб; чаҳорум **қаноъат** ва он чунон буда, ки нафс кори маъқул ва малбусро саҳл фаро гирифта ба ҳамон қадр, ки садди зарурати у кунад аз ҳар ҷинс, ки бошад иқтисор нумояд; панҷум **вақор** ва он итминони нафс аст дар таҳсили матлубот ва эҳтироз аз шитобзадагӣ; шашум **хайрийят** ва он мукнати иктисоби мол аст аз макосиби ҷамила ва сирати писандида ва сарфи он дар вуҷуҳи лоиқ мувофиқи шариъат ва ҳикмат бошад; ҳафтум **саховат** ва он малакаи сарф кардани мол аст ба осонӣ дар муроъоти мискинон ва муҳтоҷон бар ваҷҳи эътидол ва мулоҳазаи масрафи истеҳқоқ; ва **адолат** он аст, ки ин ҳама қувватҳо бо якдигар иттифоқ кунанд ва қуввати мумаййизаро имтисол нумоянд, то асари инсоф дар у зоҳир шавад. Ва анвоъи **адолат** панҷ аст: аввал **садоқат** ва он дустии содиқ аст бар ваҷҳе ки ҳар чи дар ҳаққи худ хоҳанд, бар дуст писанд нумоянд ва он чи бар худ написанданд, бар дуст раво надоранд; дуввум **вафо** ва он ҷавонмардист бо табақоти банӣ навъ, хусусан ба ақориб ва инро силаи раҳим гӯянд; севвум **таслим** ва он чунон бувад, ки ба аҳкоми илоҳӣ ва навомиси шаръӣ ва авзоъи набавӣ ризо диҳад ва ба ҳусни қабул талаққӣ нумояд, агарчи мувофиқи табъи у набошад; чаҳорум **ибодат** ва он таъзими илоҳист ва ба ҷо овардани фароиз ва воҷибот; панҷум **таваккул** ва он чунон бувад, ки дурустии кори худ ба худо супорад ва ҭавкил ба наъмалвакил нумуда хаёлоти саъйи худ ва таъйиди ғайр бартараф созад.

**ФУЗУЛӢ** فضولی ба маънии масдар шоеъ аст, аммо **фузул** (ба зам) чун худ масдар аст, будани **ёи** масдарӣ дар он ваҷҳе маъқул надорад, магар он ки зобитаи форсиён чунон аст, ки гоҳе дар охири калима ёи зиёда лоҳиқ кунанд, хоҳ исми ҷомид бошад ё масдар ё форсӣ бошад ё арабӣ, чун: *армағон* ва *армағонӣ* ва *фулон* ва *фулонӣ* ва *қурбон* ва *қурбонӣ* ва *ҷараён* ва *ҷараёнӣ* ва *халос* ва *халосӣ* ва *саломат* ва *саломатӣ* (аз «Баҳори Аҷам» ва «Хиёбон»); ва дар «Мунтахаб» ва «Шарҳи Нуруллоҳ» навишта, ки **фузулӣ** (ба замматайн) ба маънии шахси соҳибфазул, ки ба лояънӣ машғул шавад ва зиёдасарӣ кунад, тамма каломуҳумо; метавонад ки **фазулӣ** (ба фатҳи аввал ва ёи масдарӣ) ба маънии кардани кори ғайри зарурӣ бошад; чи **фазул** (ба фатҳи аввал ва ёи масдарӣ) ба маънии касест, ки ба афъоли ғайри зарурӣ пардозад; ва дар ин сурат ба замми аввал (яъне **фузулӣ**)* хондан хатост.

### Фасли фо маъа тои муҳмала

**ФИТНАТ** فطنت зиракӣ ва доноӣ (аз «Қашф»).

**ФАТОНАТ** فطانت зиракӣ ва доноӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Қомус»).

**ФИТРАТ** فطرت офариниш; ва доноӣ; ва садақаи иди рамазон; ва он ду осор гандум бошад ё чаҳор осор ҷав сари одамии хона бар ғино (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ФАТР** فطر шигофтан; ва офаридан; ва руза кушудан; ва билкаср (яъне **фитр**)* рузакушоӣ ва рузакушояндагон, муфрад ва ҷамъ ҳар ду омада (аз «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Қомус»).

**ФАТИР** فطیر орди сиришта; зидди хамири мутаъориф.

**ФАТАС** فطس паҳнбинӣ шудан ва паҳнбинӣ (аз «Латоиф»).

**ФИТТИС** فطیس митрақаи бузург, яъне путки калон, ки бад-он оҳанро мекубанд; ба ҳиндӣ онро гҳан гӯянд.

**ФИТРАТИ АВВАЛ** فطرت اول пайдоиши арвоҳ.

**ФИТОМ** فطام мавқуф кардани ширхорагии кудак баъди умри дусолагӣ; ва ба маънии шикастагӣ ба муфорақат аз ҳар чиз (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ФИТН//ФАТН//ФУТН//ФУТУН//ФАТАН** فطن зирак шудан ва зиракӣ; ва ба фатҳи аввал ва касри сонӣ (яъне **фатин**)* ба маънии зирак ва доно (аз «Мунтахаб»).

**ФИТРӢ** فطری хилқӣ ва пайдоишӣ; ва ин мансуб ба **фитрат** аст.

### Фасли фо маъа зои муъҷама

**ФАЗ(З)** فظ бадху ва сахтдил ва дуруштсухан (аз «Мунтахаб»).

**ФАЗЕЪ** فظیع ба маънии шанеъ ва қабеҳ, ки дар қубҳ аз андоза бигзарад (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

### Фасли фо маъа айни муҳмала

**ФЕЪЛИ НОҚИС** فعل ناقص мисли кона ва сора ва асбаҳа; ва **феъли ноқис**-ро ноқис аз он гуянд, ки маънии он бидуни хабар фоидаи том намебахшад, ба хилофи соири афъол, чунончи гуфта шавад, ки «кона Зайдун», маънии кона фоидаи том набахшад, то вақте ки қоиман мазкур нагардад.

**ФАЪОЛ** فعال ба маънии бисьёр коркунанда; ва ба касри аввал ва тахфифи айн (яъне **фиъол**)* *ҷамъи* **феъл**, ки ба муқобалаи исму ҳарф бошад, хоҳ **феъл** ба маънии кор бошад.

**ФЕЪЛУ ИНФИЪОЛ** فعل و انفعال **феъл** кору кирдор, чунончи ҳаракати наҷҷор дар буридани чуб; ва **инфиъол** асар пазируфтан, чунончи бурида шудани чуб аз буридани наҷҷор.

### Фасли фо маъа ғайни муъҷама

**ФАҒФУР** فغفور номи подшоҳи Чин; дар асл **Фағпур** буд, ба маънии писари бут, **фағ** (билфатҳ) ба маънии бут аст ва **пур** (ба бои форсӣ) ба маънии писар. Чун падару модараш уро назри бут карда буданд, ба ин исм мусаммо гашт (аз «Рашидӣ»).

**ФАҒ** فغ ба маънии бут, ки ба арабӣ санам гӯянд (аз «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» биззам (яъне **фуғ**)* аст.

**ФУҒОҚ** فغاک аблаҳ ва нодон (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва баъзе ба маънии ҳаромзода низ навиштаанд.

**ФУҒОН** فغان ба маънии нолаву фарьёд; ин лафз ба каср (яъне **фиғон**)* шуҳрат дорад; магар аз лаҳҷаи ироқиён ба замми аввал (яъне **фуғон**)* масмуъ аст. Ва **фуғон** аз нола баландтар бошад (аз «Чароғи ҳидоят»); ва соҳиби «Баҳори Аҷам» ва «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки **фуғон** дар асл ба маънии ноқус аст, зеро ки **фуғ** (биззам) ба маънии бут аст ва алифу нун барои нисбат. Ҳоло ба маънии ноқус маҳҷур гашта ва ба маънии нолаву фарьёд мустаъмал шуда.

**ФУҒОНӢ//ФИҒОНӢ** فغانی тахаллуси шоире.

### Фасли фо маъа фо

**ФУФ** فف ҳар ду лаб ба ҳам печида як бор ба зур дамидан; ба ҳиндӣ пхунк гуянд (аз «Шамсӣ» ва ғайра).

### Фасли фо маъа қоф

**ФУҚАҲО** فقها донишмандони илми шариъат; *ҷамъи* **фақеҳ.**

**ФАҚОҲАТ** فقاهت донишмандӣ ва дарёфтан ва донистан.

**ФУҚҚОҲ** فقاح гул ва шугуфаи ҳар чиз (аз «Мунтахаб»).

**ФАҚД** فقد гум кардан ва гум шудан (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва дар ин ҷо ҳар ду лафзи **гум** ба замми кофи форсист.

**ФАҚИР** فقیر дарвеш, ки қут ва кафофи чандрузаи иёл дошта бошад; **мискин** он ки бисьёр муҳтоҷ бошад ва ҳеч надорад (аз «Мунтахаб»).

**ФАҚОР** فقار муҳраҳои пушт аз гардан то камар (аз «Мунтахаб»).

**ФУҚОЪ** فقاع ба маънии бузае, ки аз биринҷ созанд ва нашъа меорад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ»); ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» навишта, ки ба маънии шароби ғайри мускир; ва дар «Латоиф» ба маънии шиша ва ҳубоб низ; ва баъзе ба маънии пиёла ва куза овардаанд; ва Хони Орзу дар «Шарҳи Сикандарнома» ба маънии шарбат навишта; ва дар «Мунтахаб» марқум аст, ки ба замми аввал ва ташдиди қоф (яъне **фуққоъ**)* шаробе, ки аз ҷав ва ғайри он созанд.

**ФУҚАЪ** فقع *мухаффафи* **фуқоъ,** ки навъе аз шароб аст; ва ба фатҳатайн (яъне **фақаъ**)* навъе аз саморӯғ (аз «Бурҳон»).

**ФАҚИДУЛМИСЛ** فقید المثل бемисл ва адимунназир.

**ФУҚАЪ КУШОДАН** فقع كشادن ба маънии тафохур кардан ва лоф задан ва таҳсин нумудан (аз «Бурҳон» ва «Муайид»).

**ФУҚДОН//ФИҚДОН** فقدان гум шудан ва гум кардан (аз «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» ва «Қашф»); ва дар ин ҷо лафзи **гум** ба замми кофи форсист.

**ФИҚҲ** فقه дарёфтан ва донистан; ва илм, лекин махсус шуда ба илми маърифати аҳкоми шариъат (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАҚОҲ** فقاه доной (аз шарҳи «Нисоб»).

**ФАҚЕҲ** فقيه бар вазни **фасеҳ**; ба маънии донишманд ва донои илми шаръ.

**ФИҚРА** فقره устухони муҳраи пушт ва порае аз наср ба манзалаи мисраъи байт (аз «Мунтахаб»).

**Фасли фо маъа кофи арабӣ**

**ФУКОҲАТ** فكاهت мазоҳ ва мутоиба, яъне хуштабъӣ (аз «Мунтахаб»).

**ФИКРАТ** فكرت андеша (аз «Мунтахаб»).

**ФИКР** فكر андеша; ва ба фатҳ (яъне **факр**)* низ омада; ва ба касри аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **фикар**)* *ҷамъи* **фикрат** (аз «Мунтахаб» ва «Шофия»).

**ФИГОР** فكار ба маънии маҷрӯҳ; ва ба маънии ҷироҳат ҳар ду омада (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»); ва аз ин ҷост **дилфигор** ба маънии ошиқ; ва касоне ки **дилфигор** ба маънии маъшуқ гумон баранд, ғалат аст.

**ФАКАЙФА** فكيف ба маънии таркибии пас чигуна (аз «Фирдавс-ул-луғот»); ва соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки **факайфа** барои истифҳоми ҳолат аст, ки ба ҷиҳати улувви шаъни амре ва ғаробати мартабаи он дидаву диниста истифсор карда мешавад ва коф, ки баъди вай оранд, барои баёни вақт ва ҳолат бошад, чунонки дар ибораги Абулфазл: «яке аз ин равобит дар илтиёми **валоъ** кофист, факайфука ин ҳама давоъи ҷамъ шуда бошанд».

**ФАК(К)** فك ҷудо кардани ду чизи ба ҳам даршуда аз якдигар ва халос нумудан ва озод кардан ва яке аз ду устухон, ки дандон дар он маркузанд; зеринро **факки асфал** ва болойинро **факки аъло** гӯянд; ба ҳинди ҷабра номанд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сироҳ»).

**ФАГОНА** فكانه бачае, ки пеш аз айёми вилодат соқит шавад (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**Фасли фо маъаллом**

**ФАЛО** فلا биёбон (аз «Латоиф»).

**ФАЛУНИЕ** فلونيا маъҷунест мукаййиф, ки афюн ва базрулбанҷ дар он дохил кунанд (аз «Мусталаҳот»).

**ФИЛИЗЗОТ** فلزات *ҷамъи* **филиз(з)** аст, ки ба касратайн ва ташдиди зои муъҷама бошад; ҳар санге, ки гудохта шавад дар оташ ва он ҳашт машҳур аст, мисли: оҳан ва арзиз ва мис ва сим ва зар ва усруб ва ҷаст ва симоб ва дар руйин ихтилоф аст; баъзе гӯянд, ки мураккаб аст ва баъзе гӯянд, ки руйин ду қисм аст: яке конӣ ва он камёб аст ва дигаре маснуъи ва он бисёр аст. Ва мутаъориф ва аз ҳама гиронтар зар аст ва аз ҳама сабуктар арзиз ва биринҷ; ва руйин аз таркиби ҷасту мис ва арзиз ҳосил мешавад (аз «Суроҳ» ва «Қашф» ва «Қомус» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва шурӯҳи «Нисоб» ва ғайра).

**ФАЛОҲАТ** فلاحت кашоварзӣ (аз «Суроҳ»).

**ФАЛОТ** فلات ба маънии биёбон, ки холи аз обу гиёҳ бошад ва саҳрои фарох (аз «Мунтахаб» ва шурӯҳи «Нисоб»).

**ФАЛОКАТ** فلاكت фалакзадагӣ ва нодорӣ ва гардиши замона (аз «Фирдавс-ул-луғот»); ва ин масдари ҷаълист, вазъкардаи мутааххирин.

**ФАЛОҲ** فلاح растгорӣ ва фирӯзӣ ва бақо ва мондан дар хайру некӣ; ва ба фатҳ ва ташдиди лом (яъне **фаллоҳ**)* ба маънии кашоварз ва базргар (аз «Мунтахаб»).

**ФИЛИЗ(З)** ва **ФУЛУЗ** فلز ҷавоҳири конӣ, ки гудохта мешавад (аз «Мунтахаб»).

**ФАЛАКИ АТЛАС** فلك اطلس иборат аз фалакулафлок, ки онро дар шаръ арш гӯянд; чи **атлас** ба маънии дирами бесикка аст. Пас чунонки ди-

рами бесикка аз нуқуш сода мебошад, ҳамчунин фалаки нуҳум, ки арш бошад, низ аз нуқуши кавокиб сода аст.

**ФАЛС** فلس пул, ки аз мис мебошад; ва *ҷамъи* он **фулус** (ба замматайн) аст; аҳли Ҳинд ба ҷои муфрад ҳам лафзи ҷамъ истеъмол кунанд; ва дар ин назар **аст** (аз «Кашф»).

**ФАЛЕЪ//ФАЛИЪ** فلع ба маънии шигофанда; ва ба маънии табари бузург, ки бад-он ҳезум шигофанд; ва ба касри фо ва фатҳи лом (яъне **филаъ**)* низ омада.

**ФАЛҚ** فلق шигофтан; ва ба фатҳатайн (яъне **фалақ**)* сипедаи субҳи содиқ (аз «Қашф»).

**ФУЛК** فلك ба маънии киштӣ, ки бадон аз дарьё убур нумоянд; ва ба маънии киштиҳо; муфрад ва ҷамъи ин лафз бар як вазн омада; ва ба фатҳатайн (яъне **фалак**)* ба маънии осмон; **афлок** ва **фулук** (ба замматайн) *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва дар «Мусталахот» навишта, ки **фалак** (ба фатҳатайн) номи чубест, ки дар ҳар ду сараш сурох кунанд ва ресмон аз у бигзаронанд, муаллимон дар ҳар ду пои тифли бозигуш афганда тоб диҳанд то марбут шавад, он гоҳ чуб зананд.

**ФАЛАКУЛАФЛОК** فلك الافلاك иборат аст аз фалаки нуҳум, ки он осмони ҳама осмонҳост, яъне болои ҳама афлок ва бар ҳама муҳит аст ва ба лисони шаръ онро **арш** номанд; бидон ки олам ҳама як кура аст, марказаш маркази Замин ва афлок ҳама нуҳанд гирди якдигар баромада монанди пустҳои пиёз. Аз он нух яке **фалакулафлок** аст, ки муҳит шудааст ба ҷамеъи афлок. Ва ибтидои осмонҳо аз **фалакулафлок** аст ва ба фалаки Қамар мунтаҳо



шаванд ва дар ҷавфи фалаки Қамар кураи оташ аст ва дар ҷавфи он кураи ҳаво ва дар ҷавфи кураи ҳаво кураи об аст ва дар миёни кураи об кураи хок аст; ва кураи хоку кураи об ҳар ду ба манзалаи як кураанд, чи об кураи хокро, ки Замин бошад, иҳотаи томма накардааст, балки рубъе аз кураи Замин аз об макшуф аст; ва бидон ки давраи кураи Замин бисту чаҳор ҳазор куруҳ аст ва тули рубъи маскун аз машриқ то ба мағриб дувоздаҳ ҳазор куруҳ ва арз шаш ҳазор куруҳ ва қутри Замин ҳафт ҳазору шашсаду сию панҷ куруҳ; ва буъди муқаари фалаки Қамар аз сатҳи Замин чиҳил ҳазору шашсаду шасту се фарсанг аст; ва буъди муқаари фалаки Шамс аз Замин як лакҳу чиҳилу ҳафт ҳазору шашсаду даҳ фарсанг аст; ва буъди муҳаддаби фалаки савобит, ки муқаари **фалакулафлок аст**, аз рӯи Замин сию ҳашт лакҳу бисту се ҳазору шасту се фарсанг аст; ва буъди муҳаддаби **фалакулафлок** ба ҷуз худои таоло касе намедонад, валлоҳу аъламу биссавоб. Барои тафҳим ва тафреҳи толибон шакли афлок ва кураҳои аносир, ки маҷмуъи олам бошад, навишта мешавад.

**ФАЛОСАНГ** فلاسنگ ба маънии фалохан ва биёбон (аз «Латоиф»).

**ФУЛФУЛ//ФИЛФИЛ** فلفل давое маъруф; ва он донаҳои сиёҳ бошад; *муарраби* **пилпил** (аз «Мунтахаб»); ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» фақат ба замми ҳар ду фо (яъне **фулфул**)* навишта.

**ФАЛХУДАН** فلخودن пунбаро аз пунбадона ҷудо кардан (аз «Бурҳон»).

**ФАЛХИДАН** فلخیدن пунбаро маҳлуҷ кардан (аз «Бурҳон»).

**ФАЛЕВОН** فلیوان беҳудагон ва аҳмақон.

**ФАЛОХАН** فلاخن чаро ки *мухаффафи* **фалохон**, ба маънии олати сангандозӣ, ки аз расани дуто созанд; ва ҳиндӣ гупҳан гӯянд; ва **фалохун** (ба замми хои муъҷама) чунонки машҳур аст, хато бошад; аз ин ҷост, ки баъзе устодон бо лафзи *ман* ва *гулшан* қофия кардаанд (аз «Сироҷ» ва «Сурурӣ» ва «Бурҳон»).

**ФАЛОХОН** فلاخان ба маънии **фалохан** (аз «Бурҳон»).

**ФУЛОН** فلان ба маънии шахси ғайри маълум; ин лафзи арабист, форсиён ё дар охири он зиёда карда **фулонӣ** гӯянд, чунонки дар **қурбонӣ** кардаанд, чи дар асл **қурбон** аст, ба маънии фидя (аз «Сироҷ»); ва дар «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Кашф» ва «Мадор» ва «Музил» низ ба замми аввал (яъне **фулон**)* аст ва ба фатҳ (яъне **фалон**)* хатост.

**ФИЛАСТИН** فلسطین номи мулкест дар Шом (аз «Лубб-ул-албоб»).

**ФАЛУВ(В)** فلو ба маънии курраи асп ва курраи хари яксола, ки аз шир боз карда шуда бошад (аз «Сурох»).

**ФАЛЕВ** فلیو ба маънии беҳуда ва бефоида (аз «Латоиф»).

**ФАЛАКИ СОБИТА** فلک ثابته ба маънии фалакест, ки кавокиби собита, яъне кавокиби ғайри сайёра бар вай маркузанд ва он фалаки ҳаштум аст; дар шаръ онро **курсӣ** номанд; ва ҳукамо онро **фалакулбуруҷ** гӯянд.

**ФУЛКА** فلکه бодреса; ва он чӯбаки мудаввари миёнсурох бувад, ки бар сутуни хайма ниҳанд; ва курси кӯчаки сурохдор, ки дар дуки чарха мекашанд (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**ФИЛЗА** فلذه ба маънии пораи ҷигар (аз «Мунтахаб»).

**ФАЛСАФА** فلسفه ҳаким ва донишманд шудан (аз «Мунтахаб»); ва Мир Нуруллоҳ навишта, ки ин масдар аст ҷаълӣ, аз **филосуфо** маъхуз кардаанд.

**ФАЛОСИФА** فلاسفه ҳакимон ва донишмандон; ин *ҷамъи* **фалсафӣ** аст, ки ба маънии ҳаким бошад.

**ФУЛА** فله шири нахустини ҳайвони навзода, ки чун бар оташ ниҳанд мунҷамид ва баста шавад; ва ба ҳиндӣ онро кҳес ва пиюсӣ гӯянд (аз «Кашф» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ»); ва дар «Бурҳон» билфатҳ ва ташдид ва тахфифи лом (яъне **фалла** ва **фала**)*.

**ФАЛОТУСӢ** فلاطوسی номи ҳаким (аз «Бурҳон»); ва баъзе шореҳони «Сикандарнома» навишта, ки **Фалотус**

номи паҳлавоне будааст; ва дар «Қашф» мастур аст, ки қавмест ниҳоят диловар; ва дар «Фарҳанг» омада, ки **фалотус** вазни як дирамро гӯянд.

**ФАЛУБӢ** فلوبی маъҷунест мукаййиф, ки афьюн ва базрулбанҷ дар он дохил кунанд (аз «Мусталаҳот»)[126].

**ФАЛСИ ЮНОНӢ** فلس یونانی ба маънии хармухра навиштаанд; магар дар кутуби луғат ёфта нашуда.

**ФАЛСАФӢ** فلسفی ба маънии ҳаким ва донишманд; ва ин мансуб аст ба **фалсафа**, ки ба маънии ҳаким ва донишманд шудан аст (казо фил — «Мунтахаб»).

**Фасли фо маъа мим**

**ФАМ** فم ба маънии даҳон (аз шурӯҳи «Нисоб» ва «Латоиф»); ва дар «Мунтахаб» ба ҳар се ҳаракат (яъне **фам** ва **фим** ва **фум**)* ба маънии даҳон; ва ба ташдиди мим (яъне **фамм**)* низ омада.

**Фасли фо маъа нун**

**ФИНО** فنا ба маънии ҳаволӣ ва навоҳӣ; ба маънии гирдогирди хона ва пеши сарой, ки фарох ва кушода бошад; ва ба фатҳи аввал (яъне **фано**)* сипарӣ шудан ва нест будан; ва назди сӯфиён зоил шудани тафриқа ва тамйиз дар миёни ҳудусу қидам (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ФАНҲ** فنح сер нашудани асп аз об, яъне камтар нӯшидан аз серӣ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ФАНД** فند дурӯғ ва хато ва сустии раъй (аз «Сиҳоҳ» ва «Мунтахаб»); ва дар истеъмоли форсӣ ба маънии макр, чунонки дар «Бурҳон» аст.

**ФАНҶАНУШ** فنجنوش рими оҳани маснӯъӣ (аз «Бурҳон»).

**ФУНДУҚ** فندق меваест вилоятӣ, сурхранги баробари кунор, мушобеҳ ба сарангуштон; онро бундуқ низ гӯянд; гоҳе *кинноя аз* он бошад лаби маъшуқ ва гоҳе сарангушти ҳинобастаи маъшуқ; дар Ҳиндустон, ки тухми **фундуқ** аз вилоят меояд, онро низ **фундуқ** мегӯянд ва ба даво ба кор мебаранд; ва лафзи **фундуқ** ба маънии гӯй, ки бад-он бозӣ кунанд; ва ба маънии корвонсаро, ки бар роҳ бошад; ва номи мавзеъест (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»); ва дар «Латоиф» ба касри аввал ва замми дол (яъне **финдуқ**)*.

**ФАНАК** فنک ҷонварест пашмини сифедранг, ки аз пусташ пустин созанд ва пусташро низ **фанак** гӯянд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ФИНҶОН** فنجان пиёлаи кучаке, ки дар он қаҳва пур кунанд; ва ин зоҳиран *муарраби* **пангон** аст, ки дар форсӣ ба маънии **пиёла** бошад (аз «Мусталаҳот»).

**ФАН ХУРДАН** فن خوردن даға хӯрдан.

**ФУНДУҚ БАСТАН** فندق بستن сарангуштон ба ҳино рангин кардан.

**ФАН(Н)** فن дар арабӣ ҳол ва гуна ва навъ аз ҳар чиз ва рондан (аз «Мунтахаб»); ва дар истеъмоли форсӣ ба тахфифи нун (яъне **фан**)* ба маънии ҳунар ва дови куштӣ.

**ФУНДУҚ ШИКАСТАН** فندق شکستن *кинноя аз* бӯса додан, яъне бӯса гирифтан (аз «Баҳори Аҷам»).

**ФУНДУҚ ЗАДАН** فندق زدن он бошад, ки дасти чапро мушт кунанд ва сарангушти саббобаи дасти рост ба навъе дар мобайни ангушти саббоба ва вустои дасти чап зананд, ки овоз барояд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**Фасли фо маъа вов**

**ФАВҲОТ** فوحات бӯҳои хуш (аз «Мунтахаб» ва «Шамсӣ»).

**ФАВОТ** فوات ба маънии нестӣ ва даргузаштан (аз «Мунтахаб»).

**ФАВТ** فوت даргузаштан; аҷваф аст ва тои ин аслист (аз «Суроҳ»); агарчи ин лафз масдар аст, лекин дар урфи мардум ба маънии фоит мустаъмал мешавад.

**ФАВҲОТ** فوهات даҳанҳо; *ҷамъи* **фавҳ** (ва **фуҳ**)*, ки ба маънии даҳон аст.

**ФАВҶ** فوج гурӯҳ; ва бо лафзи *кашидан* мустаъмал аст (аз «Баҳори Аҷам»).

**ФАВОЕҲ** فوائح чизҳои хушбӯдиҳанда ва бӯҳои хуш (аз «Мунтахаб»).

**ФУЪОД** فؤاد бар вазни **мурод**; ба маънии дил; ва ба маънии дарди дил (казо фил — «Мунтахаб» вал — «Латоиф» ва шарҳун — «Нисоб» вас—«Сурох»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки **фавод** (ба фатҳ ва вов) ба маънии дил, **нодир** аст, тамма каломуҳу; дар ин ҷо мукаррар навишта шуд бинобар маслаҳате то ҷӯянда биёбад.

**ФӮЛОД** فولاد *муарраби* **пӯлод** (аз «Кашф» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАВР** فور ба маънии ҳангом ва соат ва зуд; ва ба маънии ҷуш, хоҳ дар дег бошад, хоҳ дар чашма ва ҷуз он (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва ба зам ва вови маъруф, бар вазни **нур** (яъне **Фур**)* номи подшоҳи Қаннавҷ (аз «Бурҳон»).

**ФАВЗ** فوز растан; ва расидан ба хубӣ, ба мақсад ва фирузӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва дар «Латоиф» навишта, ки **фуз** (биззам) *муарраби* **пуз**, ки ба маънии бинии чаҳорпоён ва чехраи баҳоим аст.

**ФУВОҚ** فواق бар вазни **ғуроб**; боде ки аз сина бароял, зеро ки аз қаъри меъда суъуд мекунад ба тарафи фавқ; ба форсӣ онро ҳикҳик гӯянд (ба касри ҳар ду ҳо ва ҳар ду кофи арабӣ), ҳичкӣ ба ҳиндӣ номанд (аз «Мунтахаб» ва «Қомус» ва «Ғароиб-ул-луғот»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки ҳам ба маънии ҳолате, ки вақти назъ шахсро мешавад.

**ФАВОЗИЛ** فواضل бахшишҳои бузург ва атоҳои неку (аз «Мунтахаб»); ва баъзе аз муҳаққиқин навиштаанд, ки **фавозил** *ҷамъи* **фозила**, ки сиғаи исми фоил бошад; чун васфи фоилияти амри мутааддист, лиҳозо истеъмоли **фавозил** дар авсофи мутааддия мебошад, яъне сифоте, ки аз фоил ба сӯи мафъул мунтақил тувонад шуд, чунончи: ато ва илм ва ҳунар ва адаб; ва **фазоил** *ҷамъи* **фазилат** аст, ки сиғаи сифати мушаббаҳ бошад. Чун сифати мушаббаҳ аз авсофи лозими зотия аст, лиҳозо истеъмоли **фазоил** дар авсофи лозима мебошад, яъне дар сифоте, ки мутааддӣ ба сӯи ғайр натувонад шуд, чунонки: ҳусн ва зако ва қувват ва ҳаё ва исолат ва ғайра.

**ФАВОСИЛ** فواصل калимаҳои авохири оёти Қуръони маҷид ба манзили қавофӣ дар шеър (аз «Мунтахаб»).

**ФУФАЛ** فوفل супорӣ, ки бо барги танбул мехуранд: ва ин *муарраби* **пупал** аст (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Рисолаи муарработ»).

**ФУМ** فوم сир, ки ба ҳиндӣ леҳсан гӯянд; ва ба маънии гандум (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ФАВРОН** فوران ҷуш; ва **биззам** (яъне **Фурон**)* номи шаҳри Қаннавҷ (аз «Бурҳон»).

**ФУВОРА** فواره сарҷуш (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки ин лафзи мустаҳдаси форсизабонони арабидон аст, аз моддаи **фавр**, ки ба маънии ҷушидан аст, иштиқоқ кардаанд, тамма каломуҳу; ва дар «Сироҷ» навишта, ки **фаввора** (билфатҳ ва ташдиди вови маъруф) аст; баъзе гӯянд, ки зоҳиран сиғаи муболаға аст аз **фавр**, ба маънии ҷушидан, лекин дар арабӣ мустаъмал нест. Пас аз тасарруфи форсиёни мутаарраб бошад; ва аз «Қомус» ба маънии манбаъи об дарёфт мешавад, тамма каломуҳу; ва дар «Мунтахаб» навишта **фувора** (биззам) он чи дар дег ҷӯш кунад ва билфатҳ ва ташдиди вов (яъне **фаввора**)* бисьёр ҷушкунанда, тамма каломуҳу; фақир муаллиф гӯяд, ки **фувора** пхуҳора, ки лафзи ҳиндиюласл аст, мансуб ба **пхуҳор**, ки ба ҳиндӣ қатароти борикро гӯянд ва алифи охирро, ки ба қоидаи ҳиндӣ барои нисбат бувад, ба ҷиҳати тахфиф ҳазф карда, тои нақл, ки дар авохири алфози арабӣ барои нақл аз маънии васфӣ ба маънии исмӣ меоянд, лоҳиқ карданд, чунонки **то** дар лафзи *халифа* ва *забеҳа* ва *кофия* ва *шофия* (خلیفه و ذبیحه و کافیه و شافیه); ва таъриби лафзи ҳиндӣ бисьёр аст, чунонки *қаранфул* ва *итрифал* муарраби *каранпхул* ва *трипҳал*.

**ФУТА//ФӮТА** فوطه камарбанд ва ҷомаи нодӯхта ва лунги ҳаммомӣ; ва ба маънии дастор ва рӯмол **низ** омада; ва ба маънии заре, ки раъоё дохили хизона нумоянд; ва дар асл **фута** ба тои фавқонӣ (яъне فوته)* буда ва **фута** (ба то) тасарруф аст

(аз «Сурох» ва «Муайид» ва «Мусталаҳот» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам»).

**ФУҲ** فوه бӯи хуш, чунонки дар «Мағриб»[127] ва «Девон» аст; ва соҳиби «Муҳаззаб-ул-луғот» билфатҳ (яъне **фавҳ**)* навишта (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва билфатҳ, бар вазни навъ (яъне **фавҳ**)* ба маънии даҳон ва **афвоҳ** *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб»); ва биззам ва ташдиди вови мафтӯҳа ва ҳои мухтафӣ (яъне **фувва**)* ба маънии чӯбҳои борик, ки моил ба сурхӣ бошад ва ҷомаро бад-он ранги сурх разанд; ба ҳиндӣ онро маҷитҳ гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ФАВОКЕҲ** فواکه меваҳо; ва ин *ҷамъи* **фокиҳа** аст, ки ба маънии мева бошад.

### Фасли фо маъа ҳо

**ФЕҲРИСТ** فهرست он чи тафсилӣ бошад дар аъдод ва абвоб ва фусул ва ғайра дар ибтидои китоб ва ғайри он, ки дар он ба тариқи иҷмол асомии абвоб ва фусул ва ғайра баён кунанд; ва ба арабӣ онро **феҳрис** гӯянд (ба ҳазфи тои фавқонӣ); дар ин сурат **феҳрис** *муарраби* **уст** (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва дар «Муайид» ва «Рашидӣ» **феҳрист**-ро билфатҳ (яъне **фаҳрист**)* навишта.

**ФАҲД** فهد ба маънии юз, ки ҷонвари шикорист; ба ҳиндӣ чита гӯянд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФЕҲРИС** فهرس *муарраби* **феҳрист** (аз «Сироҷ» ва «Рисолаи муарработ» ва ғайра).

### Фасли фо маъа ёи таҳтонӣ

**ФАЙФОЪ** فيفاء ба маънии биёбони ҳамвор (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ФАЙХО** فيخا ҷуши ҷаҳаннам (аз «Шарҳи Хоқонӣ»); ва дар дигар кутуби луғат ёфта нашуд, магар дар «Сурох» ва «Мунтахаб» маънии **файх** муайиди маънии мазкур аст; ва дар «Бурҳон» фанҷо (ба фатҳи нун ва ҷими арабӣ) хамёза ва қушаъририра ва боде, ки ба вақти боридани барф вазад.

**ФУЮҲОТ** فيوحات дамиданҳои бӯи хуш ва арзониҳои баҳор ва фароҳиҳои бисьёр; ва ин *ҷамъулҷамъи* **файҳ** аст, ки (билфатҳ) ба маънии дамидани бӯи хуш бошад (казо фил — «Мунтахаб»); ва *ҷамъи* **файҳ, фуюҳ** аст.

**ФАЙҲУЗАҶ** فيحزج ҳолате бошад мисли ҳолати тап, ки хамёза ва фоза ва сурхии рӯю чашм аз осори уст; ин лафз *муарраби* **беҳуда** аст (аз «Ҳудуд-ул-амроз»).

**ФАЙД** فيد номи қалъаест дар роҳи Маккаи муаззама, ки **Файд** ном шахсе онро бино карда (аз «Мунтахаб»); ва дар «Кашф» ва «Сурурӣ» ва «Бурҳон» номи мавзеъест дар роҳи Макка; ва дар «Лубб-ул-албоб» номи шаҳр дар роҳи Макка; ва дар «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ба маънии хиромидан ва нафъ низ омада.

**ФИЛБАНД** فيلبند таркибест дар бозии шатранҷ, ки барои ҳифозати шоҳ ва дигар муҳраҳои худ, дар паси пили худ ду пиёда ниханд, то ин ҳар се тақвийят ва таъйиди ҳамдигар нумоянд ва муҳраи ҳарифро ба ин тараф омадан надиҳанд.

**ФИРӮЗМАНД** فيروزمند дар ин лафз калимаи **манд** зоид аст; ва баъзе муҳаққиқин навиштанд, ки зоид нест, балки гоҳе илҳоқи ҳарфи нисбат исми мулҳақро ба маънии масдар кунад; пас дар ин сурат **фирӯзманд** ба маънии фирӯзӣ бошад; ва аз ҳамин қабил аст **мон** дар **шодмон.**

**ФИРӮЗ//ФАЙРӮЗ** فيروز *муарраби* **перӯз**, ки (ба ёи маҷҳул бошад) ба маънии комёб; чун ёи маҷҳул дар арабӣ набошад, дар таъриб моқабли онро гоҳе максур ва гоҳе мафтуҳ хонанд; ва лиҳозо дар «Қомус» аст, ки Файрӯзобод (Фирӯзобод) ба фатҳ ва ба каср, номи шаҳр (аз «Сироҷ» ва «Рисолаи муарработ»).

**ФАЙЛАҚУС** فيلقوس номи падари Искандар; ва ин мураккаб аст аз лафзи **файлақ**, ки ба маънии лашкар аст ва аз лафзи **ус**, ки ба маънии

амир аст; ҳосили он амири лашкар аст (аз «Қашф»)[128].

**ФАЙЛОҚУС** ва **ФАЙЛАҚУС** فیلاقوس و فیلقوس номи ҳакиме; ва номи падари Сикандар (аз «Бурҳон») [129].

**ФАЙСОҒУРИС** فیثاغورس номи ҳакимест; ва ин *муарраби* **Пайтогурис** аст (ки ба заммы кофи форсӣ ва вови маъдула бошад; аз «Рисолаи муарработ»).

**ФАЙЗ** فیض бисьёр шудани оби руд, чунонки аз атроф бирезад ва рехтани об; ва хайри бисьёр; ва фош шудани хабар (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох» ва шарҳи «Нисоб»).

**ФАЙЛАСУФ** فیلسوف ба маънии ҳаким; ва ба маънии таркибӣ дустдори илм ва ҳикмат; чи лафзи **файласуф** мураккаб аст аз **файл (файло)***, ки ба забони юнонӣ ба маънии муҳиб ва дуст бошад ва аз лафзи **суф**, ки ба маънии илм ва ҳикмат бошад; ва *ҷамъаш* **фалсафа** ояд ва **фалсафӣ** мансуб ба он аст (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф»); ва дар «Бурҳон» навишта, ки **файласуф** *мухаффафи* **файлосуф**, ба маънии дустдори ҳикмат; чи **файло** (билфатҳ) ба маънии дустдор ва **суф** ба маънии ҳикмат.

**ФАЙСАЛ** فیصل ҳоким ва ҳукм, ки фасл кунад миёни муқаддамоти ҳақ ва ботил; форсиён ба маънии инфисол истеъмол кунанд ва ин *маҷоз* аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб»).

**ФИЛТАЛ** فیل تل тудаи чизе, ки ба қадри қомати фил бошад.

**ФАЙҶАН** فیجن ба маънии судоб; ва он гиёҳест мисли пудина (аз «Бурҳон» ва «Мунтахаб»).

**ФИРУЗАИ КУҲАН** فیروزهٔ کهن фирузаи куҳна, беҳтар ва хушранг ва бешқимат бошад.

**ФАЯЗОН** فیضان ба маънии рехта шудани об аз бисьёрӣ ва ҷорӣ шудани об ва фош шудани хабар (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Баҳори Аҷам»); бидон ки ҳар лафзе, ки бар ин лафз бошад аз масодир ва дар ӯ маънии ҳаракат ва интиқол бошад, пас он лафз ба фатҳоти салоса мебошад, чунонки: *ҳаявон* ва *саялон* ва *ҳаярон* ва *маялон* ва *ғашаён* ва *даварон* ва *ҷавалон* ва *таярон* ва *саварон* ва *ҳаяҷон* ва ғайруҳум; магар форсиён баъзеро аз ин алфоз ба сукуни сонӣ ҳам овардаанд (аз «Музил» ва ғайри он).

**ФИЛБОРОН** فیل باران борони охири баршигол ва он ба шиддат бошад (аз «Мусталаҳот»).

**ФИРУЗА** فیروزه *муарраби* **пирӯза**, ки ҷавҳарест сабзи зангориранг; ва ба фатҳи аввал (яъне **файрӯза**)* низ омада.

**ФАЙЛУЛА** فیلوله заъфи рой ва тадбир ва хоб кардан ба вақти аср; ва он сабаби ҷунун аст (аз шарҳи «Нисоб»).

**ФИЪА** فئه пас лафзи **фиъа** ба маънии гурӯҳи мардумон аст (казо фил — «Мунтахаб»); ин лафз дар ин ҷо бинобар маслаҳате мукаррар навишта шуд.

**ФИЛҶУМЛА** فی الجمله ба маънии мин ваҷҳи ва андаке; ва ба маънии ҳосили сухан ва муҷмали калом (аз «Шарҳ»-и Нуруллоҳ).

**ФИРӮЗАИ БУСҲОҚӢ** فیروزهٔ بوسحاقی навъе аз фирузаи хуб, ки кони онро Абуисҳоқ ном шахсе дар Нишопур пайдо нумуда буд («Шарҳи Сикандарнома» аз Хони Орзу ва дигар сиқот).

**ФИРУЗАИ ҲАБОБӢ** فیروزهٔ حبابی фирузае, ки ба шакли ҳабоб барангехта ва гунбадвор бошад.

**ФАЙЪ** فیء сояи ҳар шайъ пас аз завол, яъне сояи ҳар чиз, ки баъди нисфуннаҳор бошад; ва зилли сояи пеш аз нимрӯз (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» сивои маънии мазкура, ба маънии хароҷ ва ғанимат ва бозгузаштан ва ҷимоъ; ва ба каср (яъне **фи**)* маъруф аст, ки дар арабӣ яке аз ҳуруфи ҷорра бошад; ва дар форсӣ тарҷамаи он лафзи **дар** аст.

**ФАЁФӢ** فیافی биёбонҳо; ва ин *ҷамъи* **файфоъ** аст (аз «Канз»).

# БОБИ ҚОФ

## Фасли қоф маъа алиф

**ҚОҚУМИ АНГУШТНУМО** قاقم انگشت نما қокуме, ки муи дароз ба қадри ангушти даст дароз дорад (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»); ва ба хотири ноқиси фақир муаллиф мерасад, ки иборат аз пусти қоқуме бошад, ки маъа думи он бошад, ки ба сурати ангушт мебошад ва ба дум доштани он далели асолат буда бошад; ё он ки **кокуми ангуштнумо** мурод аз он беҳтар бошад, чаро ки чизи беҳтарро бо ангушт менумоянд.

**ҚОЗИИ БАЙЗО** قاضیء بیضا соҳиби «Тафсири Байзовӣ»; ва **Байзо** шаҳрест дар Форс.

**ҚОЛАБ//ҚОЛИБ** قالب ба маънии қолаби хишт ва кафш ва чизе ки бад-он нақши чҳинт бар ҷома кунанд; ба ҳиндӣ онро чҳапа гӯянд; ва ба маънии ҷисм ва бадан (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Хиёбон» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Чароғи ҳидоят»).

**ҚОБ** قاب хони таом; ин лафзи туркист (аз «Баҳори Аҷам»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **қоб** лафзи туркист, ба маънии ованд ва зарф, чун табақ зарфи таом аст, онро **қоб** низ гӯянд; ва ба маънии устухони оринҷ ва по бошад; ва дар арабӣ **қоб** ба маънии мобайни қабзаи камон ва хонаи камон ва миқдори чизе (казо фил — «Мунтахаб»); ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **қоб** ба маънии хонаи айнак ва ойина ва устухонҳо, ки бадон қимор бозанд; ба хиндӣ панса номанд.

**ҚОМАТ** قامت ба маънии қад; ва ишорат аст ба ин калимот, ки ба вақти истода шудани имом дар такбир гӯянд: «қад қоматуссалот».

**ҚОНИТ** قانت фармонбаранда ва дуъохонанда дар намоз ва хомӯш (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚОЗУРОТ** قاذورات палидиҳо ва наҷосатҳо (аз «Мунтахаб»).

**ҚОЗИН ЧАРХ** قاضیء چرخ ситораи Муштарӣ, ки саъди акбар аст.

**ҚОИД** قاعد нишаста ва нишинанда ва зане, ки аз ҳайз ва зодан бозмонда бошад (аз «Мунтахаб»).

**ҚОИД** قائد асокаши мардуми кӯр; ва ба маънии лашкаркаш ва сардори фавҷ (аз «Мунтахаб»).

**ҚОСИД** قاصد оҳангкунанда ва роҳи рост раванда ва чӯбшикананда; ва гоҳе дар истеъмоли форсӣ, ба маънии мустаиди қатл ҳам меояд.

**ҚОР** قار дар туркӣ барфро гӯянд; ва ба арабӣ ба маънии қир; ва он самғест сиёҳ, лиҳозо нисбати ин лафз ба чизҳои сифеду сиёҳ ҳар ду кунанд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва луғоти туркӣ); ва **қор** ба маънии қир (аз «Мунтахаб»); ва **низ** дар арабӣ **қорр** (ба рои мушаддада) ба маънии қароргиранда, ки сиғаи исми фоил аст аз **қарор**.

**ҚОСИР** قاصر кутоҳикунанда (аз «Мунтахаб»).

**ҚОТИР** قاطر дар турки астарро гӯянд, ки ба арабӣ онро бағл номанд ва ба ҳиндӣ хаччар гӯянд; зоҳиран ин лафз ба тои фавқонӣ буда, мутааххирин ба то ( ط ) бадал кардаанд.

**ҚОТИМИШЛАР** قاتمشلر дар туркӣ ба маънии омехтаанд.

**ҚОСИР** قاسر ба зӯр бар коре доранда (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**ҚОШУР** قاشور аспи ёздаҳум (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» навишта аспи даҳум аз даҳ асп, **ки** паси ҳама аспон давад; онро **фискил** низ гӯянд.

**ҚОДИРАНДОЗ** ва **ҚАДАРАНДОЗ** قادر انداز و قدرانداز ба маънии тирандози комилҳунар ва бехато (аз «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Чароғи ҳидоят»).

**ҚОИМАНДОЗ** قائم انداز шатранҷбози комил ва беназир; ва *муродан* ба маънии ғолиб (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**ҚОЗ** قاز номи тоири маъруф; ва ин лафзи туркист (аз «Сироҷ» ва ғайра); ва он навъе аз бат аст.

**ҚОМУС** قاموس дарьёи амиқ ва ҷои жарфтарин аз дарьё ва миёни дарьё; ва номи китобест дар луғат аз

Маҷдуддин ибни Яъқуби Фирузободӣ (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ).

**ҚОБУС** قابوس номи подшоҳе; муарраби Ковус (аз «Мунтахаб»); ва баъзе навишта, ки номи ҳакиме, ки подшоҳи Астаробод буд [130].

**ҚОШ** قاش лафзи туркист; ба маънии абру; ва ба маънии пораи дароз, ки аз ҷониби тӯли мева тарошида бошанд; ба ҳиндӣ пҳанк гуянд.

**ҚОС(С)** قاص қиссахон ва воиз ва бар пайи касе оянда ва хабардиҳанда (аз «Мунтахаб» ва «Қомус»).

**ҚОМЕЪ** قامع шикананда ва хоргардонанда (аз «Мунтахаб»).

**ҚОРЕЪ** قارع фолзананда ба қуръа; ва сутур кашаникунанда; ва касе ки муи сари у рехта бошанд; ва қабулкунандаи машварат; ва касе ки бозистад аз он чи фармоянд (аз «Мунтахаб» ва ғайра) [131].

**ҚОЪ** قاع ба маънии замини ҳамвор ва фарох (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ҚОСИРОТУТТАРФ** قاصرات الطرف заноне, ки гӯшаи чашм ба сӯи ғайри шавҳари худ нагардонанд.

**ҚОФ** قاف номи кӯҳ, ки гирдогирди олам аст; ва гуфтаанд, ки аз зумуррад аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚОТЕЪИ ТАРИҚ** قاطع طريق ба маънии қуттоъуттариқ, ки раҳзан бошад.

**ҚОТИҚ** ва **ҚАТИҚ** قاتق و قتق дар туркӣ ба маънии туршие, ки дар ошҳо кунанд (аз «Сироҷ»).

**ҚОШУҚ** قاشق чумча; ва ин лафзи туркист.

**ҚОДИРУН АЛАЛИТЛОҚ** قادر على الاطلاق соҳибқудрат бар ҳар коре.

**ҚОҚ** قاق лафзи туркист; ба маънии гушти хушк кардашуда, ки онро бирьён карда мехуранд; ва *маҷозан* ба маънии лоғар ва назор (аз «Бурҳон»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки ба маънии марди бисьёр дароз; ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **қоқ** ба маънии қисмест аз нон; *муарраби* **кок** нест, балки тасарруфи форсизабонон аст, ки мехоҳанд, ки ба махраҷи ҳарф зананд, **кок**-ро **қоқ** гуянд.

**ҚОИЛ** قائل гуянда ва қайлулакунанда (аз «Мунтахаб»); ва дар урф ба маънии иқроркунанда бар хатои худ.

**ҚОБИЛ** قابل пешоянда ва қабулкунанда; ва соли оянда; ва сазовор ва писандида; ва зомин (аз «Мунтахаб»).

**ҚОЛМАҚОЛ** قال مقال гуфтугуи бисьёр (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ҚОҚУМ** قاقم ҷонварест, ки пусташ бағоят сифеду мулоим бошад ва аз он пустин месозанд (аз «Бурҳон»).

**ҚОИМ** قائم ба истилоҳи шатранҷбозон он ки ҳар ду ҳариф баробар бошанд (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҚОЗҒОН** قازغان деги мисин (аз «Латоиф»); ва дар «Ғароиб-ул-луғот» навишта, ки **қазғон** ба маънии зарфи оҳанӣ, ки дар он равған андохта чизе бирьён нумоянд; онро **карҳой** гуянд; ва ин лафзи туркист.

**ҚООН** قاآن бар вазни **сомон**; лафзи туркист; номи подшоҳи бас одил ва сахӣ ва оқил, писари Чингизхон; ва ҳоло лақаби подшоҳи Туркистон; ва *маҷозан* ҳар подшоҳи ҷалилулқадрро гуянд (аз «Нафоис-ул-фунун» ва «Рашидӣ»).

**ҚОТИН** قاطن муқим.

**ҚОТИНИН** قاطنين муқимон ва бошандагон; *зидди* **мусофирин.**

**ҚОБА ҚАВСАЙН** قاب قوسين миқдори ду камон.

**ҚОЛ ҚАРДАН** قال كردن ҳарф задан ва нағма хондан.

**ҚОНУН** قانون ин лафзи сурьёнист ё юнонӣ; ба маънии асли ҳар чиз ва мистари китоб ва мистари ҷадвал ва низ микёси ҳар шайъ, яъне олаи андоза кардани ҳар чиз; ва *маҷозан* ба маънии қоида ва дастур; ва номи китоби Буали ибни Сино дар илми тиб; ва номи сози маъруф ва он тахтае бошад паҳн бо торҳои бисьёр (то лафзи микёси ҳар шайъ аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Суроҳ» ва «Қомус» ва «Шарҳи Таҳзиб» ва боқи аз ҷоҳои дигар); ва дар «Бурҳон» навишта, ки қонун *муарраби* **конун** аст, барои муъолаҷаи мазкур.

**ҚОШИ ЗИН** قاش زين ба маънии ҳинои зин.

**ҚОИМ РЕХТАН** قائم ریختن мағлуб ва оҷиз шудан (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»).

**ҚОРАН** قارن номи паҳлавоне дар замонаи Рустам (аз «Бурҳон»); ва номи писари хони хонон, ном Абдурраҳим.

**ҚОИН** قاین бародари шавҳар ва бародари зан (аз луғоти турки).

**ҚОҚУЛАТАЙН** قاقلتین ҳар ду илойчии сурх ва сифед.

**ҚОЛАБ ТИҲӢ КАРДАН** قالب تهی کردن беҳуш шудан ва ҷон додан (аз «Шаръ-уш-шуаро»).

**ҚОН** قان ба маънии хун; ва ин лафзи туркист (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**ҚОФИЯИ ШОЙГОН** قافیهٔ شایگان қофияе, ки муштамил бар итои ҷалӣ, ки ҳарфи зоидро бо асли қофия гардонанд, чунонки: *далерон* ва *мардумон*ро бо *ҷон* ва *замон*, ё *оҳанин* ва *рангин*ро бо *насрин* ва *чин*; ва ё *хандон* ва *гирьён*ро бо *камон* ва *макон*, ё *хӯрдан* ва *хуфтан*ро бо *гулшан* ва *сусан* қофия *оранд*; ва **шойгон** дар форсӣ коре, ки ба ҳукми ҳоким кунанд бемузду миннат; ба ҳиндӣ бегар гуянд. Чун кори бегар зишту хароб бошад, ҳамчунин ин қисм қавофӣ низ ба сабаби беэҳтимомӣ ва зиштӣ ба он кор мушобаҳат дорад, лиҳозо инро низ **шойгон** ном ниҳоданд (аз расоили қавофӣ навишта шуд).

**ҚОФИЯ ТАНГ ШУДАН** قافیه تنگ شدن оҷиз шудан дар гуфтор ва кирдор (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚОТЕЪИН** قاطعین мустаъҷирин [132].

**ҚОНИТИН** قانتین фармонбарандагон; ва дуъохонандагон дар намоз; ва хомӯшон.

**ҚОЛИН** قالین лафзи туркист; ба маънии қолича, ки фарши машҳур аст.

**ҚОПУ** قاپو лафзи туркист; ба маънии дарвоза; ва ба замми бои арабӣ (яъне **қобу**)* дар туркӣ ба маънии фурсат.

**ҚОТИБАТАН** قاطبةً ва ин лафз доимо мансуби мунавван меоянд; ва маънии ин лафзи **қотибатан** тамом ва ҳама аст (аз «Мадор» ва шарҳи «Нисоб» ва «Баҳори Аҷам» ва ғайраҳо).

**ҚОБХОНА** قاب خانه қиморхона; чи **қоб** (ба бои муваҳҳада) дар асл ба маънии устухон аст, ки бад-он қимор мебозанд (аз «Чароғи ҳидоят») [133].

**ҚОРУРА** قاروره ҳуққаи борут ва навъе аз пайкон; ва ба маънии шиша; ва назди атиббо шишаи кучаки мудаввар, ки ба сурати масона созанд ва дар он бавл пур кунанд ва чун бавлро низ бад-ин ном хонанд, пас ин *маҷозан* бошад, ба тасмияи хол ба исми маҳал (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Латоиф»).

**ҚОҚУЛА** قاقله илойчии калон, ки пусти он сурхи моил ба тирагӣ бошад (аз «Бурҳон»).

**ҚОҲҚОҲ** قاهقاه хандаи ба овоз (аз «Бурҳон»).

**ҚОБИЛА** قابله дар асл луғат ба маънии мутакаффил ва зомин аст, магар ба маънии доя, ки ба вақти таваллуд тадбир ва хидмати бачаву зачча кунад (аз «Шарҳи Нисоб»-и Юсуф ибни Монеъ).

**ҚОРЕЪА** قارعه ҳодисаи замона ва сахтӣ; ва ба маънии қиёмат (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚОҲИРА** قاهره ғолиб ва чира ва забардаст; ва номи шаҳр дар Миср (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ҚОФИЯ** قافیه дар луғат аз пай раванда аст; ва ин лафзро аз **қафв** гирифтаанд ва **қафв** ба маънии аз пай рафтан аст. Чун бештар он аст, ки қофия дар пайи боқии алфози байт ё дар пайи аксари онҳо воқеъ мешавад, гуё аз пайи онҳо меравад, лиҳозо **қофия** ном гардид; ва ба истилоҳ иборат аст аз маҷмуъи он чи такрор ёбад дар алфози мушобаҳатулавохир бо лафзе мутағоирулмаонӣ, ки воқеъанд дар авохири мисраъҳо ё байтҳо (аз «Рисола»-и Атоӣ ва дигар расоили қофия).

**ҚОИДА** قاعده зани нишаста; ва ба маънии дастур ва буньёд (аз «Мунтахаб»).

**ҚОФИЛА** قافله гуруҳи аз сафар бозгардида; маъхуз аз **қуфул**, ки ба маънии аз сафар бозгаштан аст (казо фис — «Сураҳ»); ҳоло барои тафаъули хайр ба маънии гуруҳи ба сафар раванда низ истеъмол нумоянд.

**ҚОИМА** قائمه ба маънии поя (аз «Муайид»); ва ба истилоҳи илми ҳандаса онро гӯянд, ки хатте мустақимро бар хатте мустақими мафруш ба наҳҷе насб ва қоим кунанд, ки аз ҳар ду паҳлуш ду зовияи баробари якдигар пайдо шаванд. Пас ҳар якеро аз ин зовиятайн зовияи қоима гӯянд ва ҳар якеро аз он хутут, ки бад-онҳо зовияи қоима пайдо шавад, амуд номанд; шаклаш ин аст:




**ҚОНИ** قانی бисьёр сурх (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»); ва дар ин лафз бисьёр тараддуд аст; зоҳиран тавофуқи лисонайн бошад миёни арабӣ ва туркӣ.

**ҚОРӢ** قاری хонанда (аз «Мунтахаб»).

**ҚОСӢ** قاسی сахт ва сиёҳдил (аз «Мунтахаб»).

**ҚОСӢ** قاصی ба ниҳоят расанда (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии баъид ва бошандаи роҳи дур мустаъмал.

**ҚОЗӢ** قاضی ҳукмкунанда ва адокунанда.

**ҚОПӢ** قاپی дар турки дарвозаро гӯянд.

**ҚОЛӢ** قالی номи қавм.

**ҚОПУЧӢ** قاپوچی ба маънии дарбон; ва ин лафзи туркист.

**Фасли қоф маъа бои муваҳҳада**

**ҚАБО** قبا ҷомаи дутаҳии маъруф; ва ба зам (яъне **Қубо**)* мавзеъест наздики Мадинаи мунаввара, ки масчиди Қубо мансуб ба он аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚАБАЪСАРО** قبعثری шутури бузург, ки бори бисьёр кашад; ва ҷонварест дар дарьё; ва чизе сахти бузургхилқат; ва номи шоирест маъруфи ба фасоҳат (аз «Мунтахаб»).

**ҚАБОЧО** قباچا қабои кӯчак (аз «Бурҳони қотеъ»).

**ҚИБОБ** قباب *ҷамъи* **қубба**; ва ба ҳиндӣ қуббаро калас номанд; ва **қубоб** (биззам) чунонки машҳур шуда, хатост (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ҚИБАБ** قبب *ҷамъи* **қубба.**

**ҚАБҚОБ** قبقاب наълайни чӯбин; ва ба маънии дурӯғгӯй; ва шутури масти овозкунанда; ва шери ғурранда; ва андоми фарохи зан; ва муҳраест, ки бад-он ҷомаҳоро муҳра кунанд (аз «Мунтахаб»).

**ҚАБОҲАТ** قباحت зишти ва бадӣ.

**ҚАБЧ** قبج *муарраби* **кабк**, ки тоири маъруф аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚУБҲ** قبح зиштӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАБЕҲ** قبیح зишт ва нозебо.

**ҚАБОЕҲ** قبائح зиштиҳо.

**ҚАБУҲ** قبوح зишт ва забун (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҚУБОД** قباد номи яке аз подшоҳони каён; ва номи падари Нушервон ва у аз оли Сосон буд; ва номи Муиззуддин, ки подшоҳи Деҳлӣ будааст; ва ҳар подшоҳи азимушшонро гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Латоиф»); ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки дар асл ин лафз **Кувод** буд, зеро ки қоф дар форсӣ намеояд.

**ҚАБАҚАНДОЗ** قبق انداز тирандози ҳадафзананда; чи **қабақ** (ба фатҳатайн) дар туркӣ кадуро гӯянд. Ва дар замонаи қадим туркон кадуе аз чӯби дароз овехта нишона мезананд. Ҳоло ба ҷои каду таштро мезананд.

**ҚИБЛАГОҲИ МАҶУС** قبله‌گاه مجوس *киноя аз* оташ (аз «Бурҳон»).

**ҚАБС** قبس оташ гирифтан; ва ба фатҳатайн (яъне **қабас**)* пораи оташ, ки бедуд бошад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ҚАБС** قبص ба сарангуштон гирифтани чизе; ва ба фатҳатайн (яъне **қабас**)* дарди шикам ва дарди ҷигар; ва шодмонӣ ва бузургӣ; ва ба фатҳи аввал ва каср (яъне **қабис**)* подшоҳон (аз «Мунтахаб»).

**ҚАБАЗ** قبض дард ва гирифтагии шикам (аз «Бахр-ул-ҷавоҳир»); ва ба

фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **қабз**)* гирифтан ва гирифтаги; ва дар аруз номи зиҳоф ва он андохтани ҳарфи панҷуми сокин аст, чун дар баҳри ҳазаҷ **ё**-и мафоӣлун биюфтад, мафоилун бимонад; ва дар баҳри мутақориб аз фаулун нун бияндозанд, фаулу бимонад (ба замми **лом**).

**ҚИБЧОҚ** قبچاق номи даштест миёни Турон ва Туркистон, ки атроки он ҷо бисёр бераҳм ва мардумкуш мебошанд. Мутааххирин аз олами тасмиятулҳол биисмилмаҳал бошандагони он ҷоро низ **қибчоқ** гуянд; ва *маҷозан* лафзи **қибчоқ** ба маънии бебок низ меояд (аз «Бурҳон» ва луғоти туркӣ ва шуруҳ).

**ҚАБУЛ** قبول пазируфтан; ва ин вазни масдар шоз аст; ва ба замматайн (яъне **қубул**)* пеш омадан (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва баъзе ки **ё** ва **то** дар охир афзуда **қабулият** гуянд, ғалат аст (аз «Музил»); ва **қабул** дар истеъмоли форсӣ аксар ба маънии мақбул ояд.

**ҚУБЛ** قبل фарҷи зан; ва ба замматайн (яъне **қубул**)* ба маънии гурӯҳҳо (гирдаҳо) [134]; ва ба маънии *зидди* **дубур**, ки ба маънии ҷониби пушт аст; ва ба касри қоф ва фатҳи бои муваҳҳада (яъне **қибал**)* ба маънии тараф ва ҷиҳат ва ҷониб; ва *маҷозан* ба маънии тариқ ҳам омада; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **қабл**)* *зидди* **баъд**, яъне пеш; ва ба фатҳатайн (яъне **қабал**)* баландии замин (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Бахрул-ҷавоҳир»).

**ҚАБОИЛ** قبائل гурӯҳҳо; *ҷамъи* **қабила** (аз «Мунтахаб»).

**ҚАБИЛ** قبيل пазируфтор; ва ба маънии гурӯҳи мардум (аз «Мунтахаб»).

**ҚУББАТУЛИСЛОМ** قبة الاسلام лақаби шаҳри Бухоро; ва дар «Мунтахаб» навишта, ки лақаби Басра аст [135].

**ҚАБО ҚАРДАН** قبا کردن чок кардани ҷома ва пироҳан (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Сироҷ»).

**ҚУББА** قبه бинои гирдоварда чун гунбад ва ҳар чи мисли он бошад, чун қуббаи сар ва қуббаи аморӣ (аз «Мунтахаб»); ва гоҳе мурод аз он чатр ва хайма ва ҳуққа бошад; ва ба маънии кунгура ва калас низ омада; ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки *муарраби* **кубба** аст; ва дар «Шарҳи Хоқонӣ» ба маънии саводи шаҳр навишта.

**ҚАБУРҒА** قبرغه туркист; ба маънии паҳлу ва устухони паҳлу.

**ҚАБОЛА** قباله пазируфторӣ кардан; ва *маҷозан* ба маънии зомининома ва хатти шаръӣ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Мадор» ва «Музил»); на ба каср (яъне **қибола**)* чунонки машҳур аст.

**ҚУБЛА** قبله буса; ва билкаср (яъне **қибла**)* Қаъба ва ҷиҳате ки бад-он ру кунанд дар намоз (аз «Мунтахаб»); ва дар «Шарҳи Нисоб»-и Мавлоно Юсуф ибни Монеъ навишта, ки **қибла** дар асли луғат ба маънии як навъ пеш кардашуда; чи фиъла (билкаср) барои навъ бошад; ва агарчи **қибла** масдар аст, магар ба маънии мафъул мустаъмал.

**ҚАБИЛА** قبيله гурӯҳе ва ҷамоъатеро гуянд, ки аз авлоди як падар бошад (аз «Бурҳон»).

**ҚАБЗА** قبضه он чи дар мушт гиранд; ва дастаи чизе; ва биззам (яъне **қубза**)* миқдоре ки дар мушт дарояд; ва ба қадри як мушт аз ҳар чизе (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Сурох»).

**ҚУББАРА** قبره тоирест хушовоз ва тоҷе мисли худхуд бар сар дорад (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки чаковак аст, ки онро парасту низ гуянд; авом онро абобил номанд; ва дар «Муайид» ба маънии сурхоб навишта.

**ҚАБАҚАФГАНӢ** قباق افکنی//قبق افکنی ба маънии ҳадафзанӣ; ва он чунон бошад, ки чубе чиҳил ё панҷоҳ газ тавил дар майдон истода карда ва тошти мис ё нуқра ва ғайра болои чуб таъбия нумоянд ва суворон дар айни давонидани асп тир ё туфанг бар он тошт мезананд. Ва дар замонаи қадим салотини турк ба ҷои тошт кадуи тилоӣ ё нуқраӣ аз он чуб меовехтанд. Чи **қабақ** (ба фатҳатайн) ва **қабуқ** (ба фатҳи аввал

ва замми сони) дар турки кадуро гуянд.

**ҚАБУЛӢ** قبولی қисме аз палов, ки бо долу нухуд омехта мепазанд.

**ҚИБТӢ** قبطی мансуб ба **Қибт, ки** шахсе буд аз **наберагони** Нуҳ алайҳиссалом; ва қибтиён, ки аҳли Миср ва тобеъони Фиръавн буданд, аз авлоди уянд.

**ҚАБЗАИ БАҲРОМӢ** قبضهٔ بهرامی навъе аз гирифти қабзаи камон аст; ва он чунон бошад, ки ба хинсир ва бинсир ва вусто қабзаро гирифт менумоянд ва саббоба ва ибҳомро ҳалқадор карда чанд тир ба он мегиранд, то ба вақти зудафганӣ ҳар бор ҳоҷат ба кашидани тир аз таркаш наюфтад; ва ин гирифти қабзаи камон мансуб аст ба Баҳром, ки яке аз устодони фанни тирандозӣ будааст.

**Фасли қоф маъа тои фавқонӣ**

**ҚАТЛО** قتلی ба маънии мақтулон; ин *ҷамъи* қатил аст.

**ҚАТИҚ** قتق мост ва кашк; ва ин туркист; ба маънии турушӣ, ки дар ош кунанд ва нонхуриш созанд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚАТИЛ** قتیل ба маънии мақтул меояд, яъне кушташуда, хоҳ зан бошад, хоҳ мард (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**ҚИТОЛ** قتال бо ҳам ҷанг ва **силоҳ** ва корзор кардан; ва билфатҳ ва ташдиди то (яъне **қаттол**)* бисьёркушанда ва қатлкунанда.

**ҚАТОМ** قتام ба маънии гарду ғубор (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚУТТӢ** قتی дар турки сундуқчаро гӯянд.

**Фасли қоф маъа сои мусалласа**

**ҚИССО** قثا ба маънии хиёри дароз (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАСД** قثد хурдани хиёр; ва билкаср (яъне **қисд**)* шутури бузургкӯҳон (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳатайн (яъне **қасад**)* бодранг ва он аз хиёр кучак бошад (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Сиҳоҳ»).

**Фасли қоф маъа чими форсӣ**

**ҚУЧ** قچ меши нари шохдори ҷангӣ (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»); зоҳиран ин лафзи туркист.

**Фасли қоф маъа ҳои муҳмала**

**ҚУҲ(Ҳ)** قح ба маънии сода ва холис; ва дурушт ва ҷафокор (аз «Мунтахаб»).

**ҚИҲФ** قحف косаи сар, яъне устухони фавқи димоғ (аз «Қомус» ва «Суроҳ» ва «Қашф»).

**ҚАҲТОН** قحطان номи яке аз набоири Сом ибни Нуҳ алайҳиссалом.

**ҚУҲБА** قحبه зани бадкор ва фоҳиша; муштақ аз **қуҳоб**, ки (биззам аст) ба маънии сурфа ва суъол; чун фавоҳиши араб мардумро ба овози сурфа талаб менумоянд, лиҳозо ба ин исм мавсума шуд.

**Фасли қоф маъа доли муҳмала**

**ҚИДМАТ** ва **ҚАДОМАТ** قدمت و قدامت дерина шудан ва куҳнагӣ.

**ҚАДҲ** قدح шигофтан ва шикастан ва хурдани кирм чӯбу дандонро ва оташ задан ва айб кардан ва таъна задан дар насаби касе; ва он *зидди* **мадҳ** бошад; ва ба фатҳатайн (яъне **қадаҳ**)* косаи бузург; ва билкаср (яъне **қидҳ**)* тири бепайкон ва тири қимор ва он дувоздаҳ тир бошанд, ки араб бад-он бозӣ кунанд (аз «Суроҳ» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАД(Д)** قد ба дароз шигофтан ва аз бех буридан ва кутоҳ кардани сухан; ва буридани биёбон; ва боло ва қомат; ва тақтеъи эътидол; ва пусти бузғола, ки аз он зуруф созанд (аз «Мунтахаб»); ва ба тахфифи дол (яъне **қад**)* низ омада.

**ҚАДИД** قدید бар вазни **шадид;** ба маънии гӯште, ки онро дар офтоб хушк карда нигоҳ доранд, то ба вақти ҳоҷат бирьён карда бихуранд. Ва порчаҳои он гӯштро дарозу тунук метарошанд, то зуд хушк шавад (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Қашф»).

**ҚИДР** قدر ба маънии дег, хоҳ мисин бошад, хоҳ суфолин, ё калон бо-

шад ё кучак; ва ба фатҳи аввал ва сукуни дол (яъне **қадр**)* иззат ва бузургӣ ва бузург доштан; ва андозаи чизе ва андоза кардан; ва қисмат ва рӯзӣ; ва тувонгари ва бениёзӣ ва тоқат; ва ба фатҳатайн (яъне **қадар**)* қазо ва ҳукм; ва ниҳояту андозаи чизе; ва ҳукми куллии муҷмали илоҳӣ дар рӯзи азал ва андозакардаи худои таоло барои банда; ва муродифи тақдир (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **қадар** (ба фатҳатайн) ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **қадр**)* баробар ва мусоҳим ва шарик низ омада; ва дар «Хиёбон» навишта, ки **қадр** ва **қадар** (ба сукуни дол ва фатҳи он) ҳар ду саҳеҳ аст, чунонки дар «Суроҳ» омада ба маънии андозакардаи худо барои банда; ва ба маънии мутлақи андоза низ омада, тамма каломуҳу.

**ҚАДАРАНДОЗ** قدرانداز тирандози бехато, ки тираш ба хато наравад (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ҚУДС//ҚУДУС** قدس покизагӣ ва пок; ва номи кӯҳе (аз «Мунтахаб»); ва дар «Кашф» ва «Суроҳ» ба замматайн (яъне **қудус**)* пок ва пок шудан; ва биззам ва сукуни сонӣ (яъне **қудс**)* номи кӯҳе дар замини Наҷд ва кӯҳест дар замини Байтулмуқаддас.

**ҚУДДУС** قدوس бисьёр пок ва номе аз номҳои ҳақ таоло.

**ҚАДРИ МУШТАРАК** قدر مشترک иборат аст аз мафҳуми куллӣ, ки дар афроди худ муштарак бошад, монанди вуҷуди мутлақ, ки моҳийяташ миқдорест муштарак дар афроди мавҷудот, мисли ҳайвон ва инсон ва ғайра.

**ҚАДРИ АВВАЛ** قدر اول бидон ки ҷумла кавокиби марсуда, ки як ҳазору бисту панҷанд ва аз ин ҷо ашколи буруҷ ва ғайра мураккаб шудаанд. Ҳар гоҳ ки мақодири ин савобити марсуда ба эътибори калонию кӯчакӣ мухталиф аст, пас шаш қисм мақодир қарор додаанд. Ҳар қисмеро қадри алоҳида аст. Тафовути ҳар қадр каме шашум ҳисса аст аз якдигар. Пас кавокиби қадри аввал понздаҳанд ва кавокиби қадри сонӣ чиҳилу панҷ ва кавокиби қадри солис дусаду ҳашт ва кавокиби қадри робеъ чаҳорсаду шасту чаҳор ва кавокиби қадри хомис дусаду ҳафтдаҳ ва кавокиби қадри содис чиҳилу ҳафт (аз «Шарҳи Чағминии форсӣ»).

**ҚИДАМ** قدم дерина шудан ва дерина ва кӯҳнагӣ ва қадим будан; ва яке аз сифоти ҳақ таолост (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва ба фатҳатайн (яъне **қадам**)* ба маънии пой ва ҳафтум ҳиссаи ҳар чиз, ки сояи он бигиранд ва масофати миёни ҳар ду пой дар рафтор.

**ҚУДУМ** قدوم масдар аст, ба маънии омадан аз ҷое ва бозомадан аз сафар; ва ба фатҳи аввал ва замми дол (яъне **қадум**)* ба маънии тешаи наҷҷорон (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАДАРХОН** قدرخان лақаби подшоҳи Чин (аз «Бурҳон»); ва баъзе гуфтаанд, ки лақаби подшоҳи Туркистон [136].

**ҚАД КАШИДАН** قدکشیدن зоҳир ва нумоён шудан.

**ҚАДҒАН** قدغن зоҳиран лафзи туркист; ва ба маънии таъкид ва тақйид.

**ҚАДРДОН** قدردان саҳеҳ бошад; баъзе мардум аз беилтифотӣ долро низ мутаҳаррик хонанд ва ин хатост.

**ҚУДСИЁН** قدسیان фариштагон ва сулаҳо ва авлиёуллоҳ.

**ҚАДАМ БАР САРИ ЧИЗЕ НИҲОДАН** قدم برسر چیزی نهادن ба маънии тарки он чиз кардан (аз «Мусталаҳот»).

**ҚИДВА//ҚУДВА** قدوه ба маънии пешво (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ҚАДАРМОЯ** قدرمایه ба маънии андакмиқдор.

**ҚУДУРӢ** قدوری мансуб ба байъи **кудур**; ва ин лафзи **қудур** *ҷамъи* **қидр** (билкаср) ба маънии деги суфолин ва ғайра (аз «Лубб-ул-албоб»).

**ҚАДИМӢ** قدیمی дар охири ин лафз зиёдати ё хато бошад, чунонки дар *зиёдатӣ* ва *ҷадидӣ*.

**ҚАДҒАНЧӢ** قدغنچی ба маънии таъкидкунанда; ва ба маънии дарбон ва

чубдор ва муҳассил (аз «Чароғи ҳидоят»).

### Фасли қоф маъа золи муъчама

**ҚАЗО** قذى хошок дар чашм уфтодан; ва ба маънии хошок; ва ба касри аввал (яъне **қизо**)* хоки борик (аз «Мунтахаб» ва «Қомус»).

**ҚУЗУР** قذر палидӣ ва нацосат; ва ба фатҳи аввал ва касри золи муъчама (яъне **қазир**)* палид (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба фатҳатайн (яъне **қазар**)*.

**ҚАЗФ** قذف санг андохтан ва душном додан ва ба зинову бадӣ нисбат кардан; ва қай кардан; ва ба фатҳатайн (яъне **қазаф**)* биёбони фарох (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚУЗАЪМИЛ** قذعمل шутури фарбеҳ (аз «Чорбардӣ» ва тарчамаи «Шофия» аз Муллосаъд).

**ҚАЗОЛ** قذال паси сар аз ду тарафи сар ва дунболи гуши асп (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

### Фасли қоф маъа рои муҳмала

**ҚУРДУМОНО** قردمانا карвиёи саҳроӣ (аз «Бурҳон»).

**ҚАРНО** ва **КАРНО** قرنا و کرنا дар асл **харно** буд, ба маънии нойи бузург, зеро ки **хар** ба маънии калон меояд; хои муъчама ба қоф ва коф бадал мешавад (аз «Чавоҳир-ул-ҳуруф»).

**ҚУРБО** قربى ба маънии наздикӣ ва хешӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҚИРО** قرا меҳмонӣ; ва ба замми аввал (яъне **қуро**)* деҳҳо, *чамъи* **қаря**; ва биззам ва ташдиди ро (яъне **қурро**)* *чамъи* **қорӣ**; ва билфатҳ ва ташдиди ро (яъне **қарро**)* хушхон (аз «Мунтахаб»); ва чун марди хонанда оромдуст бошад, лиҳозо *мацозан* ба маънии гиронцон низ омада; ва ба фатҳи аввал ва тахфиф (яъне **қаро**)* дар туркӣ ранги сиёҳро гӯянд.

**ҚУРЪ** قرء ба маънии тухр, ки *зидди* ҳайз аст; ва ба маънии ҳайз низ омада; ва ин аз луғоти аздод аст (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ҚИРТАЪБ** قرطعب ба маънии шайъи қалил (аз «Чорбардӣ»).

**ҚИРОБ** قراب ниёми теғ ва ханчар ва бо якдигар як чо шудан ва наздикӣ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва баъзе ба маънии чариби масоҳат ва машкҳои об низ навиштаанд; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **қироб** (ба касри аввал) луғати туркист, ба маънии ниёми теғ; ва Мачдуддин Алии Қушчӣ ин лафзро ба ҳамин маънӣ арабӣ навишта. Пас тавофуқи лисонайн бошад.

**ҚИРАБ** قرب машкҳои об, *чамъи* **қирба** (аз «Латоиф»).

**ҚАРИБ** قريب номи баҳре аз нуздаҳ буҳури ашъор.

**ҚИРОНОТ** قرانات *чамъулчамъи* **қарн** аст, ки муддати сӣ сол бошад; чи **қиронот** *чамъи* **қирон** аст ва **қирон** (билкаср) *чамъи* **қарн**, чун **биҳор** *чамъи* **баҳр** аст.

**ҚУРТ** قرت чуғроти хушк ва як дам об; ва ин лафзи туркист (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҚУРУТ** قروت дар туркӣ панир ва чуғроти хушкшуда (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҚАРОРОТ** قرارات хӯрокҳо ва улуфаҳои сипоҳиён (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**ҚУРУТ ШУДАНИ СУҲБАТ** قروت شدن صحبت барҳам хӯрдани суҳбат (аз «Чаҳор шарбат»).

**ҚИРОЪАТ** قرائت бар вазни **ҳидоят**; ба маънии хондан; ва ба истилоҳ номи илми тачвид ва аз махорич баровардани ҳуруф; ва ин лафз бар вазни **ҳикмат** низ омада.

**ҚАРОҲ** قراح оби соф ва холиси ҳар чиз (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАРҲ** قرح захм кардан ва реше, ки ба фасод мунчар шавад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ҚУРУҲ** قروح *чамъи* **қурҳа**, ки ба маънии чироҳат аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚИРД** قرد бӯзина, ки онро капӣ низ гӯянд (аз «Мунтахаб»).

**ҚУРОД** قراد ба маънии кана; ва он чонварест, ки дар бадани саг аксар бошад; дар ҳиндӣ чичрӣ гӯянд.

**ҚАРИР** قریر хунукии чашм ва хунукчашм, яъне шодмон (аз «Латоиф»).

**ҚАРОҚИР** قراقر *ҷамъи* **қарқара**, ки (ба фатҳи ҳар ду қоф аст) ба маънии овози батн, ки дар андаруни шикам мафҳум ва масмӯъ шавад (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Музил»).

**ҚУР(Р)** قر ба маънии сармо, ки фасли зимистон бошад ва сардӣ; ва билфатҳ ва ташдид (яъне **қарр**)* чизе ки сард бошад (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚУРСИ МОР** قرص مار номи давое мураккаб аз мор ва дигар адвия, ки дофеъи заҳри мор аст.

**ҚАРОСУНҚУР** قراسنقر лафзи туркист; номи мурғи шикории сиёҳранг; ва гоҳе *киноя* бошад аз шаб; ва номи подшоҳе; ва номи ғуломони турк низ мебошад; ва **оқсунқур** ба маънии сунқури сифед; ва *киноя аз* **рӯз.**

**ҚИРМИЗ** قرمز ва он чизе бошад, ки бад-он решмро сурхранг разанд; ва дар ҳақиқат он ҷонварон бошанд кучак ба қадри нухуд, ки дар бешаи килки арман пайдо мешаванд. Онро хушк карда нигоҳ доранд, ба вақти ҳоҷат ҷуш дода ранги сурх ҳосил нумоянд. Ва лафзи **қирмиз** *муарраб* ва *мухаффафи* **қирмқаз** аст. Чун дар асл **қирмқаз** буд, яъне кирме ки бад-он қазро яъне решмро ранг диҳанд. Пас муарраб карданд, **қирмқиз** шуд. Баъдуҳу тахфиф карда қофи дуввумро ҳазф карданд, **қирмиз** шуд (аз «Сироҷ»); ва дар «Бурҳон» ба касри аввал ва севвум (яъне **қирмиз**)* ба маънии ҷонварони кӯчак, ки бад-он решмро ранги сурх диҳанд; ва дар «Чароғи ҳидоят» ба касри аввал ва фатҳи мим (яъне **қирмаз**)*.

**ҚАРБУС** قربوس баландии пеши зин, ки онро ҳинои зин гӯянд (аз «Бурҳон»).

**ҚУРНОС** قرناس бинии кӯҳ (аз «Қомус»); ва низ номи дев аст.

**ҚИРТАБУС** قرطبوس балои азим ва доҳия (аз «Ҷорбардӣ»).

**ҚАРИЗ** قریض ба маънии шеър, яъне каломи манзум (аз «Мунтахаб»); ва ба заммии қоф ва фатҳи ро (яъне **қурайз**)* номи қабилаест аз яҳуд (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**ҚУРБИ ФАРОИЗ** قرب فرائض он ки ҳақ таоло монанди солик фоил ва мудрик бошад ва банда ба ақвой ва аъзой ва ҷаворeҳи худ ба манзалаи олаи вай шавад (аз «Кашф»); ва баъзе навишта, ки **қурби фароиз** ба маънии қурби ҳақ, ки бандаро ба сабаби адои фароиз ҳосил шавад.

**ҚУРТ** قرط гӯшвора (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох»); ва дар «Бурҳон» навишта, ки **қурт** (биззам) овози фуру бурдани об ба гулу.

**ҚИРВОТ** قرواط баъзе аз шореҳони «Сикандарнома» ба маънии каштӣ ва сафина навишта; ва баъзе навиштаанд, ки **қирвот** ҳафтанд, чунонки рус ҳафтанд; ва дар «Мадор-ул-афозил» ва «Муайид» **қирвот** ба маънии хик навишта; ва он машки чармин бошад, ки онро пурбод карда бар он нашаста аз дарьё убур нумоянд, валлоҳу аълам биссавоб.

**ҚАРЪ** قرع кадуе, ки тару сабз бошад; ва **ба маънии** куфтан ва задан; ва ба фатҳатайн (яъне **қараъ**)* рехтани мӯи сар ба иллате; ва ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **қураъ**)* *ҷамъи* **қуръа**, ки бад-он фол зананд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»); ва дар ҷое яке аз шореҳони «Нисоб» дар тарҷамаи лафзи хуммо гуфта, ки **қуруъ** лафзи туркист, ба маънии чарогоҳ. Пас ин чи гуна дуруст бошад? Чаро ки айни муҳмала дар туркӣ намеояд. Ғолибан дар ин сурат **қуруғ** бошад (ба замматайн ва ғайни муъҷама), ки **қуруқ** ва **қурук** мубаддали ӯст, валлоҳу аълам биссавоб.

**ҚАРОБОҒ** قراباغ шаҳрест дар ҳадди шарқии Эрон [137].

**ҚАРҚАФ** قرقف ба маънии шароб; ва номи се китоби тарсоён дар мазҳаби ушон (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚУРНОҚ** ва **ҚУРНАҚ** قرناق و قرنق хидматгор ва канизак; ин лафзи туркист (аз «Латоиф»).

**ҚАРҚ** قرق овози мокиён; ба ин маънӣ лафзи арабист (казо фил — «Мунтахаб»); ва билфатҳ (яъне **қарқ**)* дар туркӣ ба маънии дунба (казо фил — «Мадор»); ва биззам (яъне **қурқ**)* низ дар туркӣ ба маънии

нигаҳбонӣ; ва дар «Мусталаҳот» **қурқ** (биззам) ба маънии манъ ва боздоштан; ва дар «Чароғи ҳидоят» **қурук шудан** (ба замматайн) ба маънии манъ шудан.

**ҚУРТАҚ** قرطق *муарраби* **курта**, яъне пираҳани маъруф.

**ҚУРАМСОҚ** قرمساق ҳар ки зани худ ба дигарон бидиҳад; лафзи туркист (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**ҚАРАНФУЛ** قرنفل номи давоест маъруф; ва ин *муарраби* **каранпхул** аст ва маънии он дар ҳинди гулгуш (гули гуш), чаро ки **каран** дар ҳиндӣ гушро гуянд ва **пхул** тарҷамаи гул аст. Чун аксар занони ҳинд дар сурохи гуш гузоранд, лиҳозо ба ин исм мусаммо гашт (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ»).

**ҚАРОВУЛ** قراول лафзи туркист; ба маънии касе ки ба бундуқ шикор андозад (аз «Баҳори Аҷам»); ва дар «Чароғи ҳидоят» шикорандози барқандоз; ва дар «Шамсӣ» ба маънии пешрави лашкар; ва дар луғоти турки ба маънии шикор ва фавҷе, ки барои таъйин ба макони ҷанг муайян шавад; ва дар «Мусталаҳот» фавҷе, ки пеш-пеш равад аз сиёҳӣ задан, яъне нумудор шудани душман хабар диҳад; чи қаровул дар туркӣ сиёҳиро гуянд.

**ҚУРБИ НАВОФИЛ** قرب نوافل Мавлоно Абдурраҳмон навиштаанд, ки бандаи солик фоил ва мудрик бошад ва ҳақ таоло олаи вай шавад (аз «Кашф»); ва назди баъзе қурби ҳақ таоло, ки бандаро ба сабаби илтизоми навофил ҳосил шавад.

**ҚИРМИЛ** قرمل шутуркурраи бухтӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҚИРОМ** قرام пардаи тунук ва борик; ва ба маънии пардаи рангин ва мунаққаш низ навишта (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**ҚАРМ** قرم шутури нар ва меҳтари қавм (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАРОҚУРУМ** قراقرم лафзи туркист; номи шаҳре аз Туркистон.

**ҚАРН** قرن шохи ҳайвон ва гесӯ ва муддати тавил; ва дар таъйини он ихтилоф аст: соҳиби «Қомус» навишта, ки сад сол; ва дар «Мунтахаб» сӣ сол ё ҳаштод сол ё сад сол; ва дар «Бурҳон» ҳаштод сол; ва баъзе гуянд, ки сӣ сол аст; ва дар «Сурох» ва «Кашф» ва ғайра сӣ сол; ва фӣ замонино ҳамин мухтор аст. Магар Анварӣ дар шеъри худ барои ҳамин маънӣ ба фатҳатайн (яъне **каран**)* оварда; ва дар «Мунтахаб» номи мавзеъ; ва ба фатҳатайн, падари қабилаест аз Яман ва Увайси Қаранӣ аз он аст.

**ҚАРИН** قرین мусоҳиб ва ҳамнишин ва ёр (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии мисл ва назир ҳам омада.

**ҚАРОТУҒОН** قراطغان номи подшоҳи Ироқ.

**ҚАРОТУҒОНШАҲИ ПАШМИН** قراطغان شه پشمین сурати Қаротуғоншоҳ, ки подшоҳи Ироқ буда, кӯдакон барои бозӣ аз пашм созанд.

**ҚУРТАЙН** قرطین ду гушвора ва ҳазрати Ҳасанайн разияллоҳу анҳумо низ мурод доранд (аз «Мадор» ва «Латоиф»).

**ҚУРСИ РӮЙИН** قرص روئین ба маънии гҳарнёл; ва ин лафзи сохтаи ҳиндуёни форсидон аст[138].

**ҚУРУН** قرون *ҷамъи* **қарн**, ба маънии шохҳои ҳайвон ва замонаҳои тавил.

**ҚАРОИН** قرائن *ҷамъи* **қарина** (аз «Мунтахаб»).

**ҚУРБОН** قربان чизе ки дар роҳи худои таоло тасаддуқ кунанд ва бадон тақарруб ҷуянд ба худо (аз «Мунтахаб»); ва қурбон дар муҳовараи форсиён ба маънии камондон; ва он даволе бошад, ки дар таркаш духта ҳамоилвор дар гардан андозанд, ба тавре ки таркаш паси душ мемонад ва гоҳе суворон камони худро дар он давол нигоҳ доранд; ва **қарбон** (билфатх) ба маънии наздик шудан; ва низ *кинояаз* чимоъ бошад (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ва «Кашф» ва «Сурох» ба ин маънӣ билкаср (яъне **қирбон**)* аст.

**ҚИРОН** قران қарин шудан ва иттисоли чизе ба чизе ва ҳаҷу умра бо ҳам кардан; ва ба истилоҳи илми нуҷум як ҷо шудани ду кавкаб аз ҷумлаи ҳафт кавокиби сайёра сивои Шамс дар бурҷе ба як дараҷа ё ба як дақиқа; қирони Зуҳра бо Муштарӣ ва қирони Моҳ бо Зуҳра

е Муштарӣ дар ҳаққи мавлуд ва корои кардани ҳар кор бағоят некуст; ва **соҳибқирон** касе ки вакти вилодати у Зуҳра ва Муштариро қирон бошад ва бурҷи қирон дар толеъи ӯ бошад; ва соҳибқирон лақаби Амир Темур аст, ки подшоҳи шаш иқлим будааст. Бидон ки чун бурҷро сӣ ҳисса кунанд, ҳар ҳиссаро дараҷа гуянд ва чун дараҷаро шаст ҳисса кунанд, ҳар ҳиссаи онро дақиқа номанд. Бидон ки муҷтамеъ шудани Қамарро бо Шамс иҷтимоъ номанд ва муҷтамеъ шудани яке аз хамсаи мутаҳайййираро бо Шамс эҳтироқи он кавкаб гуянд. Ва **хамсаи мутаҳайййира** панҷ кавкаби сайёраро номанд, сивои Шамсу Қамар. Ва ниҳоро мутаҳайййира аз он гуянд, ки гоҳ-гоҳ ин панҷ кавкабро дар сайри худ таҳайюр мешавад, яъне дар рафтор аз пеши руи худ баргашта ба суи ақиб раванд ва гоҳе бар ҷои худ вуқуф нумоянд.

**ҚУРЪОН** قرآن каломуллоҳ аст; ва он саду чаҳордаҳ сура аст ва шаш ҳазору шашсаду шасту шаш оят ва понсаду чиҳил рукуъ ва минҷумлаи оёти мазкура ба ривояти Ҷоруллоҳи Замахшарии соҳиби «Кашшоф» дар як ҳазор қисас аст ва дар як ҳазор масал ва дар ваъда як ҳазор ва дар ваъид як ҳазор ва дар амр як ҳазор ва дар наҳӣ як ҳазор ва баъдуҳу понсад дар ҳиллу ҳурмат ва яксад дар дуъо ва шасту шаш дар носиху мансух. Ва лафзи **қуръон** масдар аст, ба маънии хондан, ки мустаъмал шуда ба маънии мафъул.

**ҚАР(Р)ОБА** قرابه шишаи шароб ва сурохӣ (аз «Кашф»).

**ҚАРИҲА** قریحه табиъати одамӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҚУРРА** قره ба маънии хунуки ва сарди (аз «Сурох» ва «Кашф» ва «Муайид»); ва баъзе ба маънии роҳат ва рушанӣ навиштаанд, магар аввал асаҳ; ва он чи дар урфи мардум қурра ба маънии мардумаки чашм шуҳрат дорад ғалати маҳз аст; ва мардум аз ин муносибат ғофиланд, ки чашмро ба сардӣ ва хунукӣ мувофақати тамом аст; ва дар «Мунтахаб» ба маънии рушании чашм; ва дар «Латоиф» ба маънии рушании чашм ва хунуки.

**ҚУРТА** قرطه гушвораи воҳид (аз «Мунтахаб»).

**ҚАРҚАРА** قرقره нае, ки дар он мил ба ҳангоми калова кардан мегардад (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ҚИРБА** قربه ба маънии машки об (аз «Мунтахаб»).

**ҚУРОЗА** قراضه резаи зару сим (аз «Мунтахаб»); ва дар асл луғати **қуроза** (ба замми аввал) резаи ҳар чиз, ки аз миқроз қатъ шуда бар замин уфтад, магар ба маънии резаи зар мустаъмал.

**ҚУРУТӢ ШУДАНИ МУЪОМАЛА** قروتی شدن معامله барҳам хурдан ва сурат нагирифтани муъомала (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Мусталаҳот»).

**ҚУРЪА** قرعه чубпора ё он чи аз биринҷ ва руйин созанд, ки бад-он фол гиранд; ва билфатҳ (яъне **қаръа**)* кадуи тар (аз «Мунтахаб»).

**ҚАРЯ** قریه деҳ ва мавзеъ.

**ҚАРИНА** قرینه пайваста **шудани чизе** ба чизе; ва муносибати маънавии миёни ду амр; ва муносибати зоҳирии миёни ду чиз; ва он чи дар баъзе буҳур дар васати ҳар ду мисраъи байти воҳид ду лафзи қофиядор вокеъ шаванд.

**ҚУРҲА** قرحه реш ва ҷироҳат (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва дар «Ҳудуд-ул-амроз» билфатҳ (яъне **қарҳа**)* захме, ки дар он рим пайдо шуда бошад.

**ҚУРУНИ ХОЛИЯ** قرون خالیه замонаҳои гузашта (аз «Мадор»).

**ҚУРАШӢ** قرشی мансуб ба тарафи **Қурайш**, ки номи қабилаест маъруф; ва падари он қабила Назр ибни Канона аз аҷдоди ҳазрати пайғамбари мо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама; ва **қурайш** дар асл тасғири қарш аст; ва **қарш** (билфатҳ) ҷонвари азимулҷусса аст дар дарьё, ки бар тамомии ҷонварони баҳрӣ ғолиб бошад; ва ба тафаъули ғалаба лақаби қабилаи мазкур муқаррар шуда (аз «Музил» ва «Шарҳи Шофия» ва «Лубб-ул-албоб» ва «Мунтахаб» ва ғайра); ва дар «Сурох» қурашӣ (ба замми аввал ва фатҳи сонӣ) ва **қурайшӣ** (ба саломат доштани ё) ҳар ду сурат дуруст навишта; ва лиҳозо Хо-

қонӣ дар «Туҳфат-ул-Ироқайн» **қурайшӣ** овардааст.

**ҚИРТӢ** قرطی навъе аз порча, ки сабзу сиёҳ бошад; зоҳиран мансуб ба **қирт**, ки ганданоро гӯянд.

**ҚИРМИЗӢ** قرمزی иборат аз сурхранг аст; мансуб ба **қирмиз**.

**ҚУРБОНӢ** قربانی дар ин лафз ёи таҳтонӣ зоид аст, чаро ки зобитаи форсиён аст, ки гоҳе дар охири калима ёи зоида лоҳиқ кунанд, чунонки: *фулонӣ* ва *фулон* ва *фузулӣ* ва *фузул* ва *халоси* ва *халос*. Пас **курбонӣ** ба маънии он ки дар иди азҳо шутур ё гуспанд забҳ кунанд.

**ҚУРУТӢ** قروتی номи ошест, ки аз ҷуғроти хушк пазанд.

### Фасли қоф маъа зои муъҷама

**ҚУЗАҲ** قزح номи кӯҳе; ва номи фириштаи муваккали абр.

**ҚАЗОГАНД** قزاگند ҷомае, ки аз абрешуми хом оганда кунанд; дар рӯзи ҷанг мепӯшанд, теғ бар он кор намекунад; чи **қаз** ба маънии абрешуми хом аст (аз «Рашидӣ»).

**ҚАЗ** قز навъе аз абрешум, ки камбаҳо бошад; ва ин лафзи **қаз** *муарраби* **каж** аст (ба фатҳи кофи арабӣ ва сукуни зои форсӣ; аз «Рашидӣ» ва «Сироҷ» ва «Кашф»).

**ҚИЗИЛБОШ** قزلباش лафзи туркист; ба маънии сурхсар; ва *киноя аз* сипоҳӣ; чи шоҳ Исмоили Сафавӣ эҷод карда, ки ҳама лашкари худро тоҷи қирмизи, ки дувоздаҳ тарк дошт, пӯшонид; чун **қизил** ба маънии сурх аст ва **бош** ба маънии сар; аз он рӯз ин лақаб дар Эрон бар лашкариён монд ва аз адади таркикулоҳ, ки дувоздаҳанд адади аиммаи исноашар алайҳимуссалом манзур дошт (аз «Сироҷ»).

**ҚАЗЗОҚ** قزاق дар туркӣ ба маънии раҳзан (аз луғоти туркӣ).

**ҚИЗИЛ** قزل сурх ва аҳмар; ин лафз ба ин маънӣ туркист (аз «Муайид» ва «Кашф» ва луғоти туркӣ); ва ба фатҳатайн (яъне **қазал**)* лафзи арабӣ, ба маънии лангии зишт; ва ба фатҳи аввал ва касри сонӣ (яъне **қазил**)*, ба маънии ланг (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ҚИЗИЛ АРСЛОН** قزل ارسلان мураккаб аст аз ду калима; ва ин лафзи туркӣ ба маънии шери сурх; чи **қизил** ба маънии сурх ва **арслон** ба маънии шер; ва **Қизил Арслон** лақаби подшоҳ аст, ки мамдӯҳи Заҳири Форёбӣ буд (аз «Кашф» ва ғайри он); чун подшоҳи мазкур ланг буд, метавонад, ки мураккаб бошад аз арабӣ ва туркӣ; ва дар ин сурат ба фатҳи аввал ва касри сонӣ (яъне **қазил**)* саҳеҳ бошад; чи дар арабӣ **қазил** (ба фатҳи қоф ва касри зои муъҷама) ба маънии ланг аст.

**ҚАЗҒОН** قزغان потилаи бузург (аз «Бурҳон»).

**ҚАЗВИН** قزوین номи шаҳрест аз Эрон дар Ироқи Аҷам.

### Фасли қоф маъа сини муҳмала

**ҚУСТО** قسطا номи китоб дар аҳкоми дини оташпарастӣ, ки Луқо ном ҳаким тасниф нумудааст (аз «Муайид-ул-фузало»).

**ҚАСОВАТ** ва **ҚАСВАТ** قساوت و قسوت сахтдилӣ ва сиёҳдил шудан (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСМАТ** قسمت ҳисса кардан; ва билкаср (яъне **қисмат**)* исми он, яъне ҳисса (аз «Музил»).

**ҚАСР** قسر ба зӯр бар коре бардоштан (аз «Мунтахаб»); ва **даври қасрӣ** ва **ҳаракати қасрӣ** ба маънии давр ва ҳаракати чизе, ки муҳаррики он дигаре бошад.

**ҚИСТОС//ҚУСТОС** قسطاس каппон, яъне тарозуи бузург, ки ба ҳиндӣ онро так гӯянд; ва ин лафзи румист (аз «Кашф» ва «Қомус» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Мадор»).

**ҚИССИС** قسیس донишманд ва олими дини насоро; *муарраби* **кашиш** (аз «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**ҚАСТ** قسط бедод ва ҷавр кардан; ва билкаср (яъне **қист**)* дод ва адл; ва ба маънии ҳисса ва насиб ва порае аз чизе; ва биззам (яъне **қуст**)* номи ҷубест, ки он барои амрози бурудат даво бошад ва он ду қисм аст: талх ва ширин; ба ҳиндӣ талхи онро кут гӯянд (ба замми кофи арабӣ ва тои ҳиндӣ; аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ҚАССОМ** قسام бахшанда ва ҳиссадиҳанда; ва савганди бисьёр хуранда.

**ҚАСАМ** قسم савганд; ва ба касри аввал ва сукуни сонӣ (яъне **қисм**)* баҳра ва бахшиш ва синф; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **қасм**)* ба маънии қисмат кардан ва бахшиш нумудан (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ҚАСИМ** قسيم қисматкунанда; агарчи дар «Мунтахаб» навишта, ки **қасим** ба маънии қисматкунанда дар луғати араб наёмада, магар Хони Орзу дар «Хиёбон» ба тавҷеҳоти бисьёр ба маънии қисматкунанда мувачҷаҳ сохтааст; ва ба маънии шарик ва ҳам бахш; ва **қасим** ба маънии хубру низ омада.

**ҚУСТАНТИН** قسطنطين бар вазни **пуртамкин**; лафзи румист; номи подшоҳи бонии шаҳри Қустантиния, ки алҳол ба Истанбул дар Рум шуҳрат дорад ва он дорулмулки Рум аст (аз «Сироҷ»).

**ҚУСТАНТИНИЯ** قسطنطنيه номи шаҳрест, ки он дорулмулки Рум аст (аз «Лубб-ул-албоб» ва «Муайид» ва «Қомус» ва «Бурҳон»).

**ҚАСОМА** قسامه савганд додани панҷоҳ мардумро; ва он чунон бошад, ки чун дар қаря касе кушта шавад ва аҳли қаря гуянд, ки қотили он моро маълум нест, панҷоҳ касро аз аҳли қаря савганд диҳанд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАСИМА** قسيمه дар «Нисоб» ба маънии нофаи мушк навишта.

**ҚАСВА** قسوه сахтдил шудан (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСВАРА** قسوره ба маънии шери дарранда (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСТЛОНӢ** قسطلانى мансуб ба тарафи **Қастла**, ки номи шаҳрест; ва биззам (яъне **қустлонӣ**)* хато бошад (аз «Музил»).

**Фасли қоф маъа шини муъҷама**

**ҚАШИБ** قشيب бар вазни **нақиб**; ба маънии ҷомаи нав ва чизи нав (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚИШР** قشر пӯсти дона ва пӯсти дарахт ва мева ва пӯсти ҳайвон ва ҷуз он; ғараз, ки ҳар пустро қишр гуянд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҚАШУР** قشور доруест, ки бар чеҳра моланд, то ранги ру соф шавад; ва ба замматайн (яъне **қушур**)* пустҳо; *ҷамъи* **қишр** (аз «Мунтахаб»).

**ҚАШ(Ш)** قش баъд аз лоғарӣ фарбеҳ шудани одамӣ ва сутур ва накӯӣ ёфтани сутур (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚИШФ** قشف мутағаййиршуда ва ранг баргардида; ва ба фатҳатайн (яъне **қашаф**)* сӯхтани руй аз офтоб ва хушкии руй аз дарвешӣ ва тангии маъош (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**ҚИШЛОҚ** قشلاق ҷоҳои гарм, ки зимистон дар он ба сар баранд; лафзи туркист.

**ҚУШУН** قشون ин лафзи туркист; дар ҳақиқат бидуни вов (яъне قشن)* аст; вов барои изҳори замма дар туркӣ менависанд; форсиён аксар **қушун**-ро ба вови маъруф хонанд, ба маънии гурӯҳе аз фавҷ (аз «Сироҷ» ва луғоти туркӣ).

**ҚАШҚА** قشقه ба маънии нишоне, ки ҳиндувон бар пешонӣ аз сандал а ғайра созанд (аз «Сироҷ»).

**ҚУШАЪРИРА** قشعريره ногоҳ мӯ бар бадан хостан аз дидан ё тасвири макрӯҳ.

**Фасли қоф маъа соди муҳмала**

**ҚУСВО** قصوى ба маънии интиҳо ва ниҳояттар ва поён ва дуртар; ва ин сиғаи муаннаси **ақсо**-ст (аз «Қашф» ва ғайра).

**ҚАСАБ** قصب най ва ҳар чи монанди най бошад, мисли найқалам; ва ҷомае бошад, ки аз катон ва абрешум бофанд; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **қасб**)* ба маънии буридан; ва **қассоб** аз ин аст (аз «Мунтахаб»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **қасаб** ба маънии ҷома *муарраби* **касаб** аст; ва касаб (ба фатҳатайн ва кофи арабӣ) ҷомаест, ки дар Ҳинд машҳур аст, навъе аз бофтаҳои абрешумӣ.

**ҚАСАБУЛҶИБ** قصب الجيب навъе аз хурмо ва гиёҳест, ки андак ширинӣ дорад (аз «Хиёбон»); ва гӯянд, ки он бехи конис аст, ки дар қурби дарьё

руяд; ва баъзе **қасабулҷубб** навиштаанд (ба замми чим ва ташдиди бои муваҳҳада) ба маънии чоҳ; пас **қасабулҷубб** ба маънии нае, ки ба сахро дар миёни чоҳхои куҳна меруяд; ва баъзе **қасабулчайб** (ба фатҳи чим) гуфтаанд ва он пораи кучак аз най бошад, ки номаборон номаҳои умаро дар он ниҳода, ба кисаи чайб пинҳон сохта, ба масофоти баъида мебаранд; ва баъзе муҳаққиқин **қасабулҳабиб навиштаанд** (ба фатҳи ҳои муҳмала ва касри бои муваҳҳада ва сукуни таҳтонӣ) ба маънии найшакар; дар ин сурат дар фикраи «Гулистон» ба чои **найшакар** лафзи **шакар** менависанд ба ин тавр ва **қасабулҳабиб**-и ҳадисашро ҳамчу шакар мехуранд.

**ҚАСОРАТ** قصارت чома шустан, яъне пешаи гозурӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСД** قصد ба маънии оҳанг; ва ба маънии эътидол ва ҳар чизи муътадилро **қасд** гӯянд; ва ба маънии роҳи рост рафтан ва ростии роҳ (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ҚАССОР** قصار гозур (аз «Мадор»).

**ҚАСР** قصر кушк; ва кутоҳӣ; ва чома шустан (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСИР** قصير кутоҳ ва кутоҳикунанда ва номи ғуломе, ки бисьёр бовафо бувад.

**ҚУСУР** قصور кутоҳӣ ва очиз шудан ва фуру мондан аз чизе; ва *чамъи* **қаср**, ки ба маънии кушк аст; ва кушк хонаи бузургро гӯянд, ки аз сангу хишт ва чуз он созанд (аз «Мунтахаб»); ва номи шахр аз тавобеъи Лоҳур.

**ҚИСАС** قصص *чамъи* **қисса**; ва ба фатҳатайн (яъне **қасас**)* масдар аст, ба маънии ҳикоят кардан; ва назди баъзе ба маънии қиссаҳо; дар ин сурат исми *чамъи* **қисса** бошад, на *чамъи* қисса.

**ҚАС(С)** قص ба маънии сина ё устухони он (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСАБУССАБАҚ** قصب السبق гуянд, ки ба фосилаи баъид як най бар замин истода месозанд ва суворон аз дур ба иттифоқи якдигар ба суи он най якборагӣ аспон медавонанд. Аввал касе ки аз чумлаи суворон сабақат нумуда он найро аз ҳама пештар бардорад, дар ҳама суворон муаззаз ва мумтоз мегардад ва аз ҳама нақди машрут мегирад.

**ҚАСИЛ** قصيل ғаллаи чави навдамида ва норасида, ки ба форсӣ хавид гӯянд (аз «Латоиф»).

**ҚАСД КАРДАН** قصد كردن иродаи хуни касе кардан.

**ҚАСАБУССАБАҚ БУРДАН** قصب السبق بردن ғолиб омадан ва сабақат ва пешдастӣ кардан.

**ҚАССОБГОН** قصابكان *чамъи* **қассоб** аст ба таври форсӣ, лекин хилофулқиёс; ва гуянд, ки номи қисме аз мурғон аст (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»); ва дар сурате ки ба маънии қисме аз мурғон бошад, ба кофи арабист, *чамъи* **қасобак**, ки ғолибан каргас бошад; ва дар «Рашидӣ» навишта, ки қасобак мурғест бағоят тезпар ва хушрафтор, ки бар лаби обҳо нишинад. /

**ҚАСАБА** قصبه шаҳри кучак ва ё деҳи калон; ва ба маънии най ва ҳар чи мисли най бошад; ва нойи гулуй; ва ба сукуни сод (яъне **қасба**)* хатост (аз «Кашф» ва «Рашидӣ» ва «Мунтахаб»).

**ҚАСАБУЗЗАРИРА** قصب الزريره давои маъруф, ки ба ҳиндӣ чираэта гуянд (ба касри чими форсӣ).

**ҚИСЪА** قصعه косаи бузург (аз «Баҳр-ул-чавоҳир»); ва дар шарҳи «Нисоб» билфатҳ (яъне **қасъа**)*.

**ҚАСАБЧА** قصبچه порчае аз қисми катон.

**ҚАСИДА** قصيده дар луғат ба маънии мағзи ситабр ва ғализ; ва дар истилоҳи шуаро назме, ки ҳар ду мисраъи байти аввал бо мисраъҳои сонии абьёти дигар ҳамқофия бошанд ва дар он мадҳ ё зам ё ваъз ё ҳикоят ё амсоли он баён шавад ва камтар аз понздаҳ байт набошад. Ваҷҳи тасмия ин аст, ки дар қасида маънии чалилаи касира мундариҷ мегардад, ки дар мазоқи табъ мустақим лазиз ояд.

### Фасли қоф маъа зоди муъчама

**ҚАЗО** قضا ҳукм кардан ва гузордани вочиб ва адо кардан ва офаридан ва тамом кардан ва баён нумудан; ва ба маънии ибодате, ки вақти он

гузашта бошад; ва дар шурухи сикот ба назар омада, ки **қазо он аст,** ки хукми илохӣ дар ҳақи махлуқот дафъатан воқеъ шуда; ва **қадар** он чи ба тадриҷ бар тибқи он ҳукми аввалин дар арсаи зуҳур мерасад, пиҳозо қазо амр аст ва **кадар** маъмур; ва дар «Латоиф» чунин навишта, ки фарқ миёни **қазо** ва **қадар** он аст, ки қазо ҳукми азалӣ дар мартабаи тафсил; ва гоҳе лафзи қазо ба маънии иттифоқан ва ногаҳон ҳақ низ омада, чунонки: *«қазоро чунин бошад».*

**ҚАЗОРО** قضارا ба маънии аз қазо, чаро ки дар ин маҳал калимаи **ро** ба маънии *аз* бошад (аз рисолаи муътабара навишта шуд).

**ҚАЗИБ** قضيب шохи дарахт; ва *маҷозан* закари мардон ва ҷуз он (аз «Латоиф»).

**ҚУЗОТ** قضات *ҷамъи* **қозӣ**; ва ба ин маънии ба ташдиди зоди муъҷама (яъне **куззот**)* хатост; ҳамчунин ҳар исми фоил, ки ноқис бошад, ҷамъи он бар ҳамин вазни **қузот** ояд (ба заммы аввал ва тахфифи сонӣ), чунонки: **рувот** *ҷамъи* **ровӣ** ва **ғузот** *ҷамъи* **ғозӣ** ва **вулот** *ҷамъи* **волӣ.**

**ҚАЗИЙЯИ МУНЪАКИС** قضية منعكس дар муҳовара иборат аз муқаддимае, ки билъакси муддаъо воқеъ шавад; ва ба истилоҳи мантиқиён он бошад, ки гардонида шавад дар ӯ ҷузви аввалро сонӣ ва ҷузви сониро аввал, бар ваҷҳе ки эҷоб ва салб ва сидқи асл маҳфуз бошад, на куллийят ва ҷузъийят ва кизби асл, чунончи қазийяи мунъакиса аз *«куллу инсонин ҳайвонун ва баъзулҳайвони инсонун»* меояд; ва инро **қазийяи мунъакисаи муставийя** гуянд.

**ҚАЗИМ** قضيم ҷав, ки сутурро диҳанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚУЗБОН//ҚИЗБОН** قضبان шоххои дарахт; ин *ҷамъи* **қазиб** аст, ки ба маънии шохи дарахт бошад (аз «Мунтахаб» ва «Хиёбон»).

**ҚУЗОЪА** قضاعة хайвонест ба сурати саг, ки дар об мемонад ва хояи онро ҷунди бедастар гуянд; ва номи қабилаест аз Араб (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚАЗИЙЯ** قضية ба маънии матлуб; ва дар «Мунтахаб» ба маънии ҳукм гузордан ва хабар ва ҳукм; ва ба истилоҳи мантиқ мураккабест, ки эҳтимол дорад сидқу кизбро, ки ба истилоҳи наҳв онро ҷумлаи хабария гуянд, чунонки: *«алъоламу ҳодисун»* ва *«Зайдун қоимун».*

**ҚАЗИЙЯИ КУЛЛИЙЯ** قضية كليه он аст, ки ҳукм карда шавад дар он бар ҷамеъи афроди мавзуъ, монанди: *«куллу инсонин ҳайвонун».*

**ҚАЗИЙЯИ МУҲМАЛА** قضية مهمله он аст, ки набувад мавзуъи у шахси муайян ва набошад дар он баёни куллийят ва ҷузъийят, чунончи: *«алинсону ҳайвонун».*

**ҚАЗИЙЯИ ҶУЗЪИЙЯ** قضية جزئيه он аст, ки ҳукм карда шавад дар **он бар** баъзе афроди мавзуъ, мисли; *«баъзулҳайвони инсонун».*

**ҚАЗИЙЯИ ИНШОИЙЯ** قضية انشائيه агарчи Неъматхон дар «Вақоеъ» овардааст, лекин ҳеч қазийяи мантиқийя аз қазоёи мантиқийя ба ин исм мавсум нест, магар он ки аз **қазийяи иншоийя** муроди у ҷумлаи иншоийя бошад.

**Фасли қоф маъа тои муҳмала**

**ҚАТО//ҚАТАН** قطا мурғест, ки ба форсӣ онро сангхор гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва гуянд, ки овоз кардани **қато** дар биёбон мусофиронро далел бошад бар ин ки дар ин ҷо об аст.

**ҚАТЪАН** قطعا ба маънии ҳаргиз.

**ҚИТОБ** قطاب ҷайб, яъне гиребони ҷома (аз «Мунтахаб»); ва дар «Ойини Акбарӣ» навишта, ки ба замми аввал (яъне **қутоб**)* навъе аз санбуса аст.

**ҚУТБ** قطب мехи оҳанӣ, ки осиё бар он мегардад; ва сайиди қавм ва солор, ки мадори кор бар-у бошад; ва асли ҳар чиз (аз «Мунтахаб»); ва ба истилоҳи илми ҳайъат **қутб** яке аз он ду нуқта аст, ки муҳозии якдигар бар ҳар ду паҳлуи кура муайян кунанд, ки чун кураро ҳаракати дулоби диҳанд, он ҳар ду нуқта аз ҷои худ таҷовуз накунанд ба хилофи дигар аҷзои кура. Чун ҳар ду қутби фалакулафлок дар ҷануб ва шимоли олам воқеъ шудаанд ва ба

кудрати илоҳӣ ду ситора дар маҳалли ҳар ду қутб пайдо гаштаанд, онҳоро низ *маҷозан* **қутб** гӯянд. Чун рубъи маскун рубъи шимолии арз аст, лиҳозо қутби шимолӣ дар ҳама билоди олам маръӣ мегардад ва дар баъзе ҷазоир, ки қариби хатти истиво воқеъанд, қутби ҷанубӣ ва шимолӣ ҳар ду маръӣ мегарданд; ва баъзе аз рӯъяти қутби ҷанубӣ мункиранд. Ва низ лақаби он валӣ, ки интизоми мулкӣ ё шаҳрӣ дар олами маънавӣ ба ҳукми илоҳӣ дар қабзаи иқтидори ӯ муфаввaз бошад.

**ҚУТРУБ** قطرب қисме аз ҷунун аст; ва **кутруб** дар асл исми кирмест сиёҳ ки бар рӯи об ба суръати тамомтар ба ҳаракоти мухталифаи ғайри интизом меравад. Ва ба муносибати он, номи маразе, ки навъе аз анвоъи ҷунун ва девонагист. Соҳиби ин мараз дар ҳеч ҷо қарор нагирад ва аз ҳама гурезон бошад (аз «Садидӣ» ва «Мунтахаб»).

**ҚАТЪИЙЯТ** قطعیت буридагӣ ва ҷудоӣ ва дур шудан.

**ҚАТРАДУЗД** قطره دزد *кинoя аз* абр; ва баъзе офтобро гӯянд (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ»).

**ҚАТУР** قطور чизи рақиқ, ки дар гӯш ё бинӣ чаконанд (аз «Мунтахаб»).

**ҚАТР** قطر борон; ва билкаср (яъне **қитр**)* миси гудохта; ва биззам (яъне **қутр**)* каронаи чизе (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Кашф»); ва ба истилоҳи илми ҳандаса ва ҳайъат хатте, ки дар миёни доира кашанд, ба наҳҷе ки он хат бар маркази доира гузашта тансифи доира нумояд. Бидон ки **қутри** ҳар шайъи мудаввар аз масофати даварони шайъ тақрибан севвумӣ ҳисса мебошад.

**ҚИТОР** قطار шутурони баробар-баробар шуда ва бар як насақ раванда; ва чанд аҷсом, ки паҳлуи ҳамдигар бошанд; ва ба фатҳи аввал (яъне **қатор**)* хатост (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Кашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Латоиф» навишта ки **қитор** дар урф ба маънии даҳ шутур аст ва билфеъл дар Ҳинд панҷ шутурро **қитор** гуянд; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **қитор** ба маънии даҳ шутури фароҳамомада; ҳоло итлоқи он бар ҷамъи ҳар чиз, ки бошад, воқеъ мешавад.

**ҚИТМИР** قطمیر пусти борик, ки бар тухми хурмо мебошад; ё нуқтаи сифед, ки бар пушти тухми хурмо мебошад; ё шигофи тухми хурмо; ё решае, ки дар миёни шигофи тухми хурмо бошад; ва гоҳе *киноятан* ба маънии шайъи қалил ва кучак низ меояд; ва **қитмир** номи саги асҳоби каҳф аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Кашф» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚУТОС** قطاس *муарраби* **кутос** (قوتاس); лафзи туркист, ба маънии муи думи гови куҳӣ, ки онро қаҷғов гуянд (аз «Бурҳон» ва ғайри он ва аз луғоти туркӣ низ).

**ҚАТ(Т)** قط буридани чизи сахт; ва аз ин ҷост қатти қалам; ва **билкаср** (яъне **қитт**)* гурбаи нар, ки ҷонвари маъруф аст; ва билфатҳ ва биззам ва ташдиди то ва тахфифи он (яъне **қат, қатт** ва **қут, қутт**)*, ба маънии ҳаргиз ва ҳамеша; ва ин калимаи хоссаи замонаи гузашта аст; ва билфатҳ ва ташдиди то (яъне **қатт**)* ба маънии бас низ омада; ва аз ин ҷост **фақат** (аз «Мунтахаб»).

**ҚАТЪ** قطع буридан; ва ба ин маънӣ ба зиёдати **ҳо** навиштан хатост (аз «Баҳори Аҷам»).

**ҚАТФ** قطف чидани мева ва ҷуз он ва харошидан ва оҳиста роҳ рафтани сутур; ва билкаср (яъне **қитф**)* ба маънии мева ва бори дарахт, ки пухта бошад; ва ба фатҳатайн (яъне **қатаф**)* номи тараест, ки онро сифонохи румӣ ва сармақ низ гуянд; ва ба ҳиндӣ батҳува номанд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚУТУФ** قطوف меваҳо; *ҷамъи* **қитф** аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚИТОФ** قطاف вақти чидани мева ва чидани ангур (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба маънии коми наҳанг низ навишта.

**ҚАТОИФ** قطائف чодирҳои печида; *ҷамъи* **қатифа**; ва ба маънии лавзина ва нони лавзина ва риштае, ки аз майдаи гандум созанд, онро **риштаи қатоиф** гуянд (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» навишта, ки ҳалвоест нафис.

**ҚУТТОЪУТТАРИҚ** قطاع الطريق ба маънии раҳзанон, ки моли мусофиронро ба ғорат баранд, ё қатл кунанд, ё ба фиреб кушанд.

**ҚИТОРИҚ** قطاریق ҳоюҳуи чанг, яъне шуру ғавғо, ки ба вақти чанг ва амсоли он мебарояд (аз «Латоиф»).

**ҚИТРОН** قطران номи шоире[139] ва номи шаҳре ва номи равғане бошад сиёҳу бадбу, ки аз дарахти аръар, ки сарви кӯҳӣ бошад, мегиранд ва онро бар шутурони хоришдор мемоланд (аз «Бурҳон»); ва дар «Баҳр-ул-чавоҳир» ба маънии равғани мазкур ба фатҳ (яъне **қатрон**)* аст; ва дар «Мунтахаб» билфатҳ ва билкаср (яъне **қатрон** ва **қитрон**)*; муаллиф гӯяд зоҳиран он равғани чир аст.

**ҚАТРА ЗАДАН** قطره زدن давидан ва саъй кардан ва тез рафтан (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Ачам» ва «Сироч» ва «Рашидӣ»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **қатра кашидан** ва **кардан** ва **фишондан** ва **бардоштан** низ ба маънии саъй кардан ва давидан омада.

**ҚАТРАЗАН** قطره زن даванда ва тезрафтор (аз «Баҳори Ачам»).

**ҚУТН//ҚУТУН** قطن ба маънии пунба ва пунбазор; ва ба фатҳатайн (яъне **қатан**)* устухони миёни ҳар ду сурин ва бехи думи мурғ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАТЗАН** قطزن маъруф аст; ва ҳақиқатан ин лафз бар котиби содиқ меояд, ё бар корд; магар чун бар **миқатт** итлоқ кунанд, *мачоз* бошад (аз «Баҳори Ачам» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Мусталаҳот»).

**ҚАТРА** قطره ба маънии давидан ва пораи об, ки аз чое чакад (аз «Шамсӣ»).

**ҚАТЕЪА** ва **ҚАТЕЪ** قطیعه و قطیع галаи гусфандон ва говон ва аспон ва ғайри он (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАТТОМА** قطامه зани бисьёршаҳват; маъхуз аз **қатм**, ки ба маънии шаҳват аст (аз «Мусталаҳот»).

**ҚИТЪА** قطعه порае аз ҳар чиз; ва дар истилоҳи шуаро ду байт ё зиёда, матлаъ дорад ё надорад, гуё ки он порае аз ғазал ё қасида бурида шудааст (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Баҳори Ачам»); ва ба ин маънӣ билфатҳ (яъне **қатъа**)* хатост; магар баъзе фусаҳои мутааххирин чоиз ҳам доштаанд.

**ҚУТОБӢ** قطابی бар вазни **гулобӣ**; мисли санбуса чизест, ки дар равған бирьён нумоянд; ва дар форсӣ будани ин лафз назар аст (аз «Сироч»).

**ҚУТНӢ** قطنی карпоси бофта, ки аз ресмони пунба бошад; ва ба маънии чомаи машруъ, ки тори он аз решм ва пуди он аз ресмони пунба бошад.

### Фасли қоф маъа айни муҳмала

**ҚУЪУД** قعود мутлақ нишастан ва нишастан баъд аз хобидан ва шутури чавон (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЪР** قعر таги чоҳ ва буни чоҳ ва ғайри он; ва умқи чизе (аз «Латоиф» ва ғайра).

**ҚАЪЛ** قعل шикореро гӯянд, ки чонваронп шикориро якборагӣ сар диханд, то ҳама чонваронро якборагӣ шикор кунанд; ва таҳқиқи ин лафз дар китобе муътабар ёфта нашуда; ва **қиғул** (ба касри аввал ва замми ғайни муъчама) дар туркӣ хурӯси саҳроиро гӯянд; ва ин аз аҳли лисон ба субут пайваста.

**ҚАЪДА** قعده нишастан; ва билкаср (яъне **қиъда**)* навъе аз нишаст; ва биззам (яъне **қуъда**)* маркабе, ки бар он шубон сувор шаванд; ва чизе ки бар он сувор шаванд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАЪҚАЪА** قعقعه овози коғаз ва пӯсти хушк ва овози силоҳ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЪИДА** قعیده зане, ки ҳамнишини шавҳари худ бошад (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚАЪАЛЧӢ** قعلچی миршикор.

### Фасли қоф маъа фо

**ҚАФО** قفا паси гардан ва паси сар (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва *мачозан* ба маънии мутлақ пас ва ақиб; ва ба маънии вақти ғайбат низ; ва мушти даст, ки бар паси гардани касе зананд.

**ҚУФЛИ АБҶАД** قفل ابجد навъе аз қуфл аст, ки дар он чанд ҳалқаи паҳлудор таъбия бошанд ва бар сари паҳлуи ҳалқаҳо чанд ҳуруфи абҷад канда бошанд. Чун ҳуруфи паҳлуҳои ҳалқа ба тартиби ҳуруфи абҷад то зазағ (ضظغ) мураттаб шаванд, қуфл бикшояд ва агар ҳуруфи бар паҳлу дарҳам бошанд, қуфл ҳаргиз кушода нашавад.

**ҚАФОР** قفار нони бе нонхуриш ва замини холӣ аз обу гиёҳ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАФР** قفر замини холӣ аз обу гиёҳ; ва гурусна мондан; ва ба фатҳатайн (яъне **қафар**)* кам шудани мол ва андакгӯшт шудан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАФОҲИР** قفاهیر ба маънии сурат ва руи некӯ (аз «Бурҳон»); ва дар «Нисоб» **қафоҳир** ба ҳои ҳуттӣ навиштаанд; ва он чи шореҳон онро ду лафз пиндошта дар маънии он такаллуфот кардаанд, зоҳиран хатост; ва соҳиби «Фирдавс-ул-луғот» ба ҳои ҳуттӣ (яъне قفاحیر)* навишта, ба маънии руй ва хушруй.

**ҚАФИЗ** قفیز паймонаест миқдори дувоздаҳ соъ ва ҳар соъ ҳашт ратл бошад ва ратл ним осор бувад ва аз замин миқдори яксаду чиҳилу чаҳор гази шаръӣ (аз «Мунтахаб»); ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **қафиз** *муарраби* **кафиз** аст.

**ҚУФЛИ ВАСВОС** قفل وسواس чизе бошад аз оҳан, ки ҳалқаҳои оҳани дорад, ки бастан ва кушодани он холӣ аз ишкол нест; ва аҳли Ҳинд онро гуракҳдҳанда гӯянд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ»).

**ҚАФАС** قفس панҷараи мурғон; ин лафз ба син ва сод ҳар ду арабист, лекин ин қадар аст, ки истеъмоли ин лафз дар форсӣ ба син ва сод ҳар ду мешавад ва дар арабӣ фақат ба сод (аз «Сироҷ» ва «Кашф» ва ғайра).

**ҚИФОНАБКИ** قفانبك лафзи аввали аз матлаъи қасидаи Имраъулқайс, ки шоири номвар будааст дар Араб ва он матлаъ ин аст, байт:

Қифонабки мин зикро ҳабибин ва манзили
Бисиқтилливо байнад — Дахули ва Ҳавмали.

ва маънии байт ин аст, ки «биистед то бигирьям аз ёд кардани ҳабиб ва манзили ҳабиб, ки номи он Сиқтилливост ва он воқеъ аст дар миёни Дахул ва Ҳавмал, ки ҳар ду номи макон аст.

**ҚУФЛ//ҚУФУЛ** قفل маънӣ маъруф аст (аз «Суроҳ» ва «Фусули Акбарӣ»).

**ҚАФО ХОРИДАН** قفا خاریدن шарманда шудан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ҚУФФА** قفه ба маънии замини баланд (аз «Сурох»); ва аз «Мунтахаб» низ ҳамин мустафод мешавад, магар ба маънии баланд ва ҷои баланд мустаъмал; ва дар «Мусталаҳот», ки **қуффаи манор** ба маънии нишеман, ки болои манор созанд.

**ҚУФЛИ РУМӢ** قفل رومی навъе аз қуфл, ки бағоят муҳкам бошад.

### Фасли қоф маъа қоф

**ҚУҚНУС** ققنس чаро ки *мухаффафи* **қуқнус** (قوقنوس) аст, ки лафзи юнонӣ бошад; ва ба фатҳи нун (яъне **қуқнас**)* ғалат; ва он мурғест, ки мусиқиро аз овози у ҳукамо истихроҷ кардаанд ва умраш ҳазор сол бошад ва ҷуфт надорад ва таволуд ва таносули у ба ин тавр мебошад, ки ҳар гоҳ пир мегардад ҳезум ҷамъ карда дар миёни он менишинад ва аз минқори худ, ки бисьёр сурох дорад, овоз мекунад. Аз ҳар сурохи минқораш суруде алоҳида бармеояд. Ва суруде, ки ба ҳинди онро дипак гӯянд, низ бармеояд. Ва дар он ҳезум оташ афрухта мешавад ва он мурғ сухта хокистар мегардад. Ва баъзе навишта, ки дар минқораш сесаду шаст сурох бошад. Чун мавташ ояд, дар ҳезум нишаста суруд оғоз кунад ва аз овози худ маст гашта бол бар ҳам мезанад, чандон ки оташ аз боли у меҷаҳад ва месузад. Пас ба қудрати илоҳӣ борон бар он хокистар меборад ва дар он хокистар як байза пайдо мешавад, боз ҳамон ҷонвар аз он байза берун меояд. Ва

ба форсӣ онро **оташзан** гуянд (аз «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Латоиф»).

**Фасли қоф маъа лом**

**ҚАЛАМИ ДАСТУ ПО** قلم دست و پا устухони соқ ва оринҷ (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАЛЛАМО** قلما ба маънии андак (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚАЛАВЛО** قاولا ба маънии қоз, ки мурғи маъруф аст (аз шарҳи «Нисоб»); ва Мавлоно Юсуф ибни Монеъи шореҳи «Нисоб» ба замми аввал ва фатҳи лом (яъне **қулавло**)* навишта.

**ҚАЛО** قلا душманӣ ва душман доштан касеро (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва ба зам бидуни ҳамза (яъне **қуло**)* ба маънии аспе, ки рангаш бодомӣ ва аз муи аёл то думи у хатти сиёҳ бар пушташ бошад.

**ҚАЛИБ** قليب бар вазни **фаъил**; чоҳ ё чоҳи кӯҳна, ки хорим бошад (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚИЛУБ** قلوب дар туркӣ ба маънии карда, ки сиғаи мозист аз кардан, бо ҳои робита.

**ҚУЛЛОБ** قلاب хорохане хамидаи ҳалқамонанд, ки чизе бад-он тувон овехт; ва билфатҳ ва ташдиди лом (яъне **қаллоб**)* гардонанда аз сара ба носара, яъне дағобоз (аз «Латоиф»).

**ҚАЛБ** قلب вожгун ва баргардонидашуда; ва ба маънии дил; ва гуянд, ки дилро **қалб** ном аз он шуд, ки дар сина вожгун овезон аст; ва низ лафзи **қалб** ба маънии миёни ҳар чиз ва симу зари носара ва ғайрихолис; ва номи манзили ҳездаҳум аз манозили Қамар ва он се ситорааст: ситораи миёнагӣ сурх ва бузург, ки ба ҷои **қалби Ақраб** воқеъ шуда; ва ба маънии фавҷи миёна ва васати лашкар, ки подшоҳ дар он бошад ва чор фавҷи дигар, ки ҷаноҳ ва соқа ва маймана ва майсара бувад перомуни он бошад (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАЛЪАИ ГУЛОБ** قلعهٔ گلاب номи қалъаест, ки бар кӯҳи Қелула [140] воқеъ аст ва зиндониёнро дар он **нигоҳ** доранд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚУЛТ** قلت моши ҳиндӣ (аз «Бурҳон»); ба касри аввал ва ташдиди лом (яъне **қиллат**)* ками ва камёбӣ.

**ҚАЛАМ НЕСТ** قلم نيست ҳисобу пурсиш нест (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАЛАМДАСТ** قلم دست касе ки ба қалам кор кунад.

**ҚИЛИЧ** قليج шамшер (аз луғоти туркӣ); ва дар «Мадор» қилич ( قلج ) ба касратайн ва бидуни ё; ва ин **лафзи туркист.**

**ҚУЛЛОЧ** قلاج ба зур кашидани чизе мисли кашидани камон; ва миқдори дарозии ҳар ду даст; Туғро гуяд, мисраъ:

Чун панҷа ба қуллоҷ задӣ суи камон...

ва лафзи **қуллоҷ** туркист (аз «Чароғи ҳидоят» ва луғоти туркӣ ва «Сироҷ»).

**ҚАЛАХ** قلح зардии дандон ва чирку олудагии он.

**ҚАЛОИД** قلائد *ҷамъи* **қилода.**

**ҚАЛЪАИ БАҒДОД** قلعهٔ بغداد ба истилоҳи лутиён шикамро гуянд.

**ҚАЛАМБАНД** قلم بند созандаи муқалам, ки наққошӣ бад-он кунанд; ва он чи ба қайди таҳрир оварда шуда бошад.

**ҚАЛАМКОР** قلم کار навъе аз бофта, ки ба нуқуши алвон мунаққаш бошад.

**ҚАЛАНДАР** قلندر дар асл **каландар** буд (ба кофи арабӣ), ба маънии кундаи нотарошида, ки дар паси дар андозанд, то зуд кушода нагардад. Пас тағйири алсина ба сабаби ихтилофи Арабу Аҷам **қаландар** (ба қоф) шуда; баъзе муарраб гуфтаанд, аввал саҳеҳ аст (аз «Хиёбон»); ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки дар асл **ғаландар** (ба ғайни муъҷама) буд.

**ҚУЛҚАТОР** قلقاتر зок, ки ба ҳиндӣ пхаткарӣ гуянд (аз «Бурҳон»).

**ҚАЛОВУЗ** قلاوز лафзи туркист; ба маънии роҳбар ва муқаддимаи лашкар ва суворone, ки муҳофазати лашкар кунанд (аз «Бурҳон» ва

«Сироч» ва «Латоиф»); ва дар луғоти туркӣ ба замми қоф ва касри вов (яъне **қулөвиз**)*.

**ҚУЛАЙДИС** قليدس номи ҳаким ва номи китоби ӯ дар ашколи илми ҳандаса; ин *мухаффафи* **Уқлидис** аст.

**ҚАЛС** قلس он чи аз гулӯ ба як дафъа барояд аз таом; ва он чи ба ду бор ва се бор ояд, онро қай гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҚУЛҚОС** قلقاس арви, ки бехест маъруф, ки онро пухта нонхуриш созанд (аз «Бурҳон»).

**ҚУЛМОШ** قلماش беҳуда ва ҳарза; зоҳиран ба ин маънӣ *мухаффафи* **қул мо шиъта** бошад, яъне бигу ҳар чи хостӣ ту; ва дар фарҳанге ба маънии матоъи хона марқум сохта; зоҳиран ба ин маънӣ мазиди **қумош** хоҳад буд (аз «Латоиф»).

**ҚАЛЛОШ** قلاش беному нанг ва муфлис ва марди бехайр ва муҷаррад ва лаванд; ва ин лафзи туркист (аз «Бурҳон» ва «Сироч»).

**ҚАЛУС** قلوص шутури модаи ҷавон (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚИЛОЪ** قلاع *ҷамъи* **қалъа**; ва ба замми аввал (яъне **қулоъ**)* ҷушиши даҳон, ки бемории маъруф аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЛЪ** قلع баркандан; ва низ номи маъдани арзиз (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЛОҚ** قلاق номи мулкест аз Туркистон; ва номи қавме аз турк.

**ҚАЛПОҚ** قلپاق дар туркӣ кулоҳро гуянд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚУЛЧОҚ** قلچاق дар туркӣ дастонаи оҳанӣ (аз «Мусталаҳот»).

**ҚУЛОҚ** قلاق лафзи туркӣ; ба маънии гӯш (аз луғоти туркӣ).

**ҚАЛАҚ** قلق беқарорӣ ва бeоромӣ; ва ба фатҳи аввал ва касри лом (яъне **қалиқ**)* беқарор ва беором ва тарсон.

**ҚУЛ** قل дар туркӣ ғуломро гуянд; ва ба арабӣ сиғаи амр, ба маънии бигу.

**ҚУЛҚУЛ** قلقل овози рехтани обу шароб аз шиша ва сурохӣ; ва *маҷозан* ба маънии каломи муҳмал; ва ба маънии ҳабби қулқул, давоест мушобеҳ ба филфили гирд.

**ҚУЛАЛ** قلل сарҳои кӯҳ; *ҷамъи* **қулла**.

**ҚАЛЗУМ** قلزم мавзеъест дар миёни Мисру Макка; ва изофати баҳр ба тарафи ӯ карда мешавад, чаро ки бар канораи баҳри Муҳит воқеъ аст (аз «Қомус»); ва дар «Рашидӣ» навишта, ки рудест дар ҳаволии Хоразм; ва дар «Латоиф» **қулзум** (ба замми аввал ва севвум) дарьё ва ҷоҳи бисьёроб; ва фатҳи севвум (яъне **қулзам**)* низ омада; ва дар «Аҷоиб-ул-махлуқот» аст, ки дарьёест, ки аз Ҳинд барояд; ва **Қулзум** номи шаҳрест, ки бар канори он ободаст, ба он ном хонанд ва форсиён онро **Қурзум** низ гуянд, тамма каломуҳу; ва дар «Баҳори Аҷам» навишта, ки форсиён **қулзум**-ро ба замми аввал ва фатҳи зои муъҷама (яъне **қулзам**)* мехонанд; ва дар «Муайид» **қулзум** ба маънии дарьё ва ҷоҳи амиқи бисьёроб; ва низ навиштаанд, ки **қулзум** маъхуз аз **қулзума** ва маънии он ибтилоъ аст, яъне фурӯ бурдани чизе ба гулӯ. Чун дарьёи мазкур бағоят амиқ аст, лиҳозо **қулзум** гуянд.

**ҚАЛМ** قلم буридан ва тарошидан ва нохун гирифтан; ва ба фатҳатайн (яъне **қалам**)* хомаи тарошидашуда ва ҳар чи бурида ва мақтуъ бошад, маъхуз аз **қалм** (билфатҳ), ки мазкур шуд; ва ба маънии андаке аз муи сар, ки ба ҳар ду ҷониб дар миёни абрӯ ва гӯш фурӯ гузошта ба миқроз мебуранд (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ва аз баъзе шурӯҳ); ва ба истилоҳи тасаввуф ақли аввалро гуянд.

**ҚАЛҚОН** قلقان дар туркӣ сипарро гуянд, ки ба ҳиндӣ дҳал гуянд.

**ҚИЛЁН** قليان ҳуққаи танбокукашӣ; ва ин дар асл **ғалаён** буд (ба фатҳатайн), ки лафзи арабист, ба маънии ҷушидан; форсиёни туркидон тасарруф нумуда ба касри аввал ва гоҳе ба фатҳи аввал ва сукуни дуввум (яъне **қилён** ва **қалён**)* ба маънии ҳуққаи танбокукашӣ оранд, ба муносибати он ки ба вақти дам кашидан об дар он меҷушад, чунонки дар ҳуққаи обгина дида мешавад.

**ҚАЛТАБОН** قلتبان беғайрат ва дайюс, яъне касе ки бар аҳволи қабеҳи зани худ воқиф гардад ва чашмпушӣ нумояд; ва ин *маҷоз* аст; дар

асл **қалтабон** сангеро гуянд, ки мудаввар ва дароз бошад ва онро бар боми навсохта меғалтонанд, то ҳамвору муҳкам гардад. Ва шахси беғайрат ва беҳаёро аз он **қалтабон** гуянд, ки чунонки он сангро дар гардидан ихтиёр нест ва ихтиёраш ба дасти гардонанда аст, ҳамчунин у низ маҳкуми зани худ аст. Дар асл **ғалтабон** (ба ғайни муъчама) буд, ба чиҳати қурби махраҷ ба қоф бадал шуда (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Латоиф» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҚУЛЛАТАЙН** قلتين ба маънии ду хуми бузург, ки дар он якҳазору дусад ратли ироқӣ об бигунҷад. Пас ба қадри инчунин ду хум об дар мазҳаби шофеъӣ аз истеъмол наҷас намешавад.

**ҚАЛАМЗАН** قلمزن *киноя аз* нависанда; ва ба маънии мусаввир низ омада (аз «Суроҳ»).

**ҚАЛАМПОККУН** قلم پاک کن поккунандаи қалам; ва он порчаи пашмина ё карпос бошад, ки бад-он қалами сиёҳиолудро пок кунанд.

**ҚАЛАМ ДАРҚАШИДАН** قلم در کشیدن *киноя аз* маҳв кардан (аз «Сироҷ).

**ҚАЛАМ БА НОХУН ШИКАСТАН** قلم بناخن شکستن ба сазо расонидан.

**ҚАЛАМ ДАР СИЁҲӢ НИҲОДАН** قلم در سیاهی نهادن яъне рақами бадбахтӣ кашидан (аз «Рашидӣ»); ва ба сазо расонидан.

**ҚАЛАМ БА ДАМИ ШАМШЕР УФТОДАН** قلم بدم شمشیر افتادن дандонадор шудани шамшер ва дамаш баргаштан (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАЛАМРАВ** قلمرو мулке ва вилояте, ки дар он навиштаи қалами подшоҳе ё амире равад ва мардуми он ҷо навиштаи уро қабул нумоянд; ва дар ин лафз аз таркиби исму амр маънии исми зарф пайдо шуда, яъне маҳалли равон нумудани қалами касе; хулосаи маънии **қаламрав** мулки мутеъ аст.

**ҚУЛЛОБА** قلابه хори оҳанини хамдор, ки бад-он шикори моҳӣ кунанд; маъхуз аз **қалб**, ба маънии баргардонидан.

**ҚАЛЪАИ ҚАҲҚАҲ** قلعهٔ قهقه номи қалъае дар Эрон, аз мутааллиқоти Озарбойҷон, ки дар истеҳком зарбулмасали рузгор аст.

**ҚУЛЛА** قله сари куҳ ва болои сари ҳар чиз; ва сабуи бузург (аз «Мунтахаб»); ва баъзе навишта хуми обе, ки дар он сесад ман об гунҷад; ҳар ман ду ратл бошад; ва биззам ва тахфифи лом (яъне **кула**)* навъе аз алвони асп, ки моил ба зардӣ бошад, мисли ранги бодом ва аз муи ёл то думи у хатти сиёҳ бар пушт бошад.

**ҚАЛИЙЯ** قليه гушти бар тоба бирьён кардашуда; ва ба истеъмол гуште, ки дар равған миёни дег бирьён карда нонхуриш аз он созанд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Баҳрул-ҷавоҳир»).

**ҚИЛОДА** قلاده гулубанд ва гарданбанди саг ва шутур (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҚУЛБА** قلبه чубе дарози оҳанзада, ки бад-он ба воситаи ҷуфти гов заминро шигофанд (аз «Бурҳон»).

**ҚАЛАНҒА** قلنغه лафзи туркист; муҳосира кардан; ва ҳуроки пиёда, ки бар деҳ ба дастак меравад (аз фарҳанге навишта шуд).

**ҚАЛАНСА** قلنسه кулоҳ; зоҳиран ин *мухаффафи* **қалансуват** аст (аз Фирдавс-ул-луғот» ва ғайра).

**ҚАЛЪА** قلعه иморати сангин ва ҳисор (аз «Қашф» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Суроҳ» ва «Музил»); ва дар «Мунтахаб» билкаср (яъне **қилъа**)*.

**ҚАЛҚАЛА** قلقله ҷуш ва беқарорӣ; ва ҷунбонидани ҳарфи сокин дар махраҷаш бо шиддат; ва ҳуруфи **қалқала** панҷанд; қоф ва дол ва тои муҳмалатайн ва ёи муваҳҳада ва ҷим. Ва биззам (яъне **қулқула**)* овози сурохӣ ва шиша ба вақти баровардани шароб ва мисли он.

**ҚАЛЪӢ** قلعی мансуб ба **қалъа**, ки номи маъданест, ки арзизи холис аз он мехезад (аз «Суроҳ»).

**ҚУЛЛАР ОҚОСӢ** قللر آقاسی дар туркӣ сарвари ғуломон; **қул** ғулом ва **лар** (ба фатҳи лом ва сукуни рои муҳмала) ҳарфи ҷамъ ва **оқосӣ** сардор (аз «Мусталаҳот»).

**ҚУЛӢ** ва **ҚУЛ** قلی و قل ба маънии ғулом ва банда; лафзӣ туркист (аз «Муайид» ва «Мадор»).

**ҚУЛЪАЛӢ** قلعلی номи кабӯтарбоз (аз «Шамсӣ»).

**ҚУЛЛУҚЧӢ** قلقچی он ки нӯкар бошад, магар нукари подшоҳ набошад (аз «Мадор»); ва ба маънии хидматгор низ омада.

**ҚАЛӢ** قلی бар тоба бирьён кардани чизе (аз «Мунтахаб»); ва билкаср (яъне **қилӣ**)* шахор, ки ба ҳиндӣ онро саҷҷӣ гӯянд (аз «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва дар «Муайид» ва «Бурҳон» **қилӣ** (ба касратайн) ба маънии шахор; ва ба замми аввал ва касри лом (яъне **қулӣ**)* дар туркӣ ба маънии ғулом.

**ҚАЛАМӢ** قلمی қисме аз бурд, ки мухаттат бошад ба хутути рост.

**ҚАЛОВУЗӢ** قلاوزی раҳбарӣ ва пешравӣ ва муқаддимаи лашкар будан (аз «Рашидӣ» ва «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҚАЛЛОБӢ** قلابی носарафурӯшӣ ва дағобозӣ.

**ҚАЛАНДАРӢ** قلندری навъе аз хайма.

**ҚАЛОЙ** قلای навъе аз асп; магар дар китобе муътабар ёфта нашуда; зоҳиран ҳамон аст, ки дар баёни лафзи қула гузашт.

### Фасли қоф маъа мим

**ҚУММО** قما канизак; ва номи давое, ки барои афзунии қуввати боҳ ба кор ояд; ба ҳар ду маънӣ туркист (аз «Латоиф» ва ғайра).

**ҚАМРО** قمرا ба маънии моҳтоб, яъне рӯшании моҳ (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚУМОЧ** قماج навъе аз нон аст ва онро **кумоч** низ гӯянд; зоҳиран лафзи туркист.

**ҚАМҲ** قمح гандум ва писти хушк хӯрдан (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» гандум ва пист.

**ҚИМОР** قمار дар арабӣ ҳар бозӣ, ки дар он шарту гарав банданд; ва ҳар бозӣ, ки дар он зар ба шарт дода ва гирифта шавад; ва ба замми аввал (яъне **Қумор**)* номи шахрест дар мунтаҳои Ҳиндустон қариби дарьёи Шӯр ба тарафи ҷануб, ки уди хуб дар он ҷо пайдо мешавад (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Латоиф» навиштаанд, ки **Қамор** (ба фатҳи аввал) номи мавзеъест аз билоди Ҳинд, ки уди он ҷо беҳтар бошад; ва низ дар «Сироҷ» навишта, ки чун қоф дар ҳиндӣ нест, зоҳиран **Қумор** *муарраби* **Кумор** бошад, ки номи ҷое дар Ҳинд буда бошад.

**ҚАМАР** قمر моҳ; ва ба истилоҳи кимиёгарон нуқра.

**ҚИМАТР** قمطر шутури фарбеҳ ва марди кутоҳ ва сундуқе, ки дар ӯ китобро нигоҳ доранд (аз «Мунтахаб» ва «Қомус»); ва ба маънии харитаи китоб низ навиштаанд.

**ҚУМОШ** قماش рахт ва асбоб ва ҷомаи абрешуми ва матоъи хона; ва ба маънии ҷавҳар ва сифат низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох» ва «Муайид» ва «Латоиф»).

**ҚИМОТ** قماط порчае, ки тифли навзодаро дар он печанд ва бар болои он ресмон барпечанд, магар руи тифл кушода доранд; ва ин расми вилоят аст; ва дар Ҳиндустон ин расмро камтар мешиносанд; ва ба форсӣ онро **ғундак** гӯянд (ба замми ғайни муъҷама; аз «Мунтахаб» ва «Сурурӣ» ва «Шамсӣ»); ва ба маънии порчаи ҷома, ки тифли навзоида бар он бавл ва буроз кунад, ғалат аст.

**ҚАМЪ** قمع амуд задан бар чизе ва шикастан ва хор гардонидан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҚАМЛ** قمل супуш; ва ба фатҳатайн (яъне **қамал**)* супуш шудан ва шикамкалон шудан; ва биззам ва ташдиди мими мафтуҳ (яъне **қуммал**)* ба маънии кана ва малаххо; ва бад-ин маънӣ *ҷамъи* **қамла** (аз «Мунтахаб»); ва дар «Бурҳон» ба зам ва тахфифи мим (яъне **қумл**)* супуш; ва ташдиди мим (яъне **куммал**)* кана; ва **кана** ҷонварест, ки дар гӯспанд ва шутур ва гов меуфтад ва хун мемакад.

**ҚАМҚОМ** قمقام корди бузург (аз «Муайид» ва «Сурох»); ва дар «Мунтахаб» билфатҳ (яъне **қамқом**)* дарьё; ва ба маънии меҳтар; ва навъе аз супуш ва он канареза бошад.

**ҚИМАМ** قمم *ҷамъи* қумма, ба маънии сари ҳар чиз; ва *маҷозан* баландиҳо.

**ҚУМ** قم сиғаи амр аст ба маънии бархез ва истода шав; ва биззам ва ташдиди мим (яъне **Қумм**)* номи шаҳрест дар миёни Сова ва Исфаҳон; ва билфатҳ ва ташдиди мим (яъне **қамм**)* ҷоруб кардан хонаро (маънии дуввум аз «Лубб-ул-албоб» ва маънии севвум аз «Мунтахаб»).

**ҚАМИН** قمین бар вазни **фаъил**; сазовор ва лоиқ (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚАМАРОН** ва **ҚАМАРАЙН** قمران و قمرین ҳар ду таснияи Қамар, ки иборат аз Шамсу Қамар аст ба ҷиҳати тағлиби Қамар, зеро ки дар муҳовараи араб Қамар музаккар аст ва Шамс муаннас, чунонки модар ва падарро волидайн гӯянд, на волидатайн.

**ҚУММА** قمه сари ҳар чиз ва баландии ҳар чиз; ва ба маънии гурӯҳ (аз «Мунтахаб» ва ғайра); ва дар «Фирдавс-ул-луғот» навишта, ки **қумма** ба маънии калас, ки бар сари гунбад насб кунанд; ва ба фатҳатайн ва тахфиф (яъне **қама**)* дар туркӣ номи силоҳ аст; ва дупатта, ки ба камар мебанданд.

**ҚАМУРҒА** قمرغه шикоргоҳ, ки умаро ва салотин дар иҳотаи калони оҳу ва гавазн ва ғайра мегузоранд (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**ҚАМРА** قمره қиморхона ва қимор.

**ҚУМҚУМА** قمقمه номи зарфест кӯчак, ки ба форсӣ онро кӯза гӯянд.

**ҚАМАҲДУВА** قمحدوه паси ҳар сар, яъне одами хобида, ки рӯ ба сӯи осмон кунад; ва *маҷозан* саре, ки бар замин талоқӣ гардад.

**ҚУМОМА** قمامه хору хошок, ки аз хона руфта шавад ва гурӯҳи одамӣ (аз «Мунтахаб»); ва дар «Шарҳи қасоиди Хоқонӣ» номи шаҳри мулҳидон.

**ҚУМ(М)Ӣ** قمی мансуб ба Қум, ки номи шаҳрест дар Эрон; ва тахаллуси шоире, ки Малик ном дошт ва яке аз мулозимони султон Иброҳимшоҳи Одили тахтнишини Беҷопур буд. Ӯ духтари худро ба никоҳи Зуҳурӣ дода буд [141].

**ҚАМЧИ** قمچی дар туркӣ тозиёнаро гӯянд.

**ҚАМОРӢ** قماری *ҷамъи* қумрӣ, ки тоири маъруф аст.

**Фасли қоф маъа нун**

**ҚИННАБ** قنب дарахтест, ки баргаш нашъа орад; ба ҳиндӣ бҳанг гӯянд.

**ҚИНДИЛИ ОБ** قندیل آب навъе аз қиндили обгинаи баллурӣ, ки онро ба об пур карда ва равған бар он андохта фатилаи он миёни он рӯшан нумоянд.

**ҚАНОТ** قنات корез; ва найза; ва устухони муҳраи пушт (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва ба маънии пардаи карпос қоиммақоми девор бошад, туркист [142].

**ҚАНОАТ** قناعت розӣ шудан ба андак чиз (аз «Сурох» ва «Баҳори Аҷам» ва «Музил» ва «Хиёбон» ва «Мунтахаб» ва «Шакаристон»); ва дар «Кашф» ба каср (яъне **қиноат**)* навишта.

**ҚУНУТ** قنوت фармонбардорӣ ва дуъо хондан ва хомӯшӣ (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»); ва номи дуъои маъруф ва корезҳо ва муҳраҳои пушт (аз «Латоиф»).

**ҚАНАВОТ** قنوات корезҳо; *ҷамъи* қанот; ва ба маънии корез дар баёни лафзи **корез** мастур аст.

**ҚАНД** قند шакар (казо фил — «Мунтахаб»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **қанд** муарраби **канд** аст ва лафзи канд *муфарраси* **кҳанд** аст, ки муҳовараи аҳли Панҷоб бошад.

**ҚАННОД** قناد қандсоз ва ҳалвоӣ.

**ҚУНФУЗ//ҚУНФАЗ** قنفذ хорпушт; ва он ҷонварест хазанда, ки бар пушташ мисли дук хорҳо бошад; ба ҳиндӣ онро саҳӣ гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф») [143].

**ҚАНДИ МУКАРРАР** قند مکرر қанде, ки онро дубора соф карда бошанд; ва ба ин амал бағоят мусаффотар мешавад; ва аксар ҷо *мурод аз* **қанди мукаррар** лабони маъшуқа бошад (аз «Рашидӣ»).

**ҚИНТОР** قنطار як пусти гови пурзар; ва баъзе гуфтаанд, ки яксаду бист ратл аз тило ва нуқра (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ҚАНБАР** قنبر номи ғуломи ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу.

**ҚУНОР** قنار чубе ё оҳане тавил, ки қассобон гуспанд салх карда бад-он овезанд ва қитъа-қитъа фурушанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚИНТИР** قنطير *имолаи* **қинтор.**

**ҚУНДУЗ** قندز номи вилоятест қариб ба Зулумот; ва номи ҷонваре сиёҳ-ранги мушобеҳ ба саг, ки дар Туркистон мебошад; аз пусти он пустин созанд; *маҷозан* пусти онро низ қундуз гуянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Кашф»); ва низ дар «Сироҷ» навишта, ки баъзе гуянд қундуз сагобист; ғолибан лафзи туркист; ва дар луғоти туркӣ навишта, ки Қундуз (биззам) номи вилоятест мобайни Балх ва Бадахшон ва ҷонваре обӣ, ки пусти у бағоят гарм бувад ва чунди бедастар хояи уст.

**ҚАНС** قنص шикор кардан ва дом ниҳодан.

**ҚУНУТ** قنوط ноумед ва ноумед шудан (аз «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»); ва дар «Латоиф» ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **қанут**)* ноумед.

**ҚУНУЪ** قنوع қонеъ шудан (аз «Латоиф»).

**ҚИНЪ//ҚИНОЪ** قنع//قناع пардаи пушиш, ки болои миқнаъа бошад; ва баъзе ба маънии миқнаъа гуфта (аз «Мунтахаб»)[144].

**ҚУНДОҚ** قنداق чубе, ки ноли бундуқро дар-у менишонанд; лафзи туркист (аз «Латоиф»); мардуми Ҳинд аз новоқифӣ кунда гуянд.

**ҚУНУҚ** قنق меҳмон; ва ба фатҳи нун (яъне **қунақ**)* низ омада; зоҳиран туркист (аз «Латоиф»).

**ҚИНДИЛ** قنديل ба каср саҳеҳ ва билфатҳ (яъне **қандил**)* хатост; ва он маъруф, ки дар он чароғ меафрузанд; ва низ чизе бошад миёнтиҳӣ, ки тирҳо дар он андозанд барои камоли муҳофазати тир (аз «Чароғи ҳидоят»); ва дар «Рисолаи муарработ» **қиндил** *муарраби* **кандил** (билфатҳ).

**ҚИНВОН** قنوان хушаҳо (аз «Кашф»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки хушаҳои хурмои тоза; *ҷамъи* **қинв** аст ва ду хушаи хурмо; ва бад-ин маънӣ тасния аст.

**ҚИНУҚИН** قنوقن дар туркӣ ниёмӣ корд ва шамшерро гуянд.

**ҚИНВ** قنو хушаи хурмо (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАНТУРА** قنتوره навъе аз ҷомаи рангин аст, ки доманаш кутоҳ бошад ва банди бисьёр дорад; ва ҳам ба маънии чизест аз сақирлот, ки бар чироб банданд, то гард дар чироб наравад (аз «Мусталаҳот»).

**ҚИНЯ//ҚУНЯ** قنيه сармоя (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**ҚИННИНА//ҚИНИНА** قنينه ованде, ки шароб дар он пур кунанд, мисли шиша ва суроҳӣ ва ғайра; ва қанонӣ *ҷамъи* он (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Сурох»).

**ҚАНТАРА** قنطره пул, ки бар дарьё банданд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Қомус»).

**ҚАННОДХОНА** قناد خانه ҷое, ки қанд-созон дар он ҷо қанд созанд; ва ба ҳиндӣ кхандсол гуянд.

### Фасли қоф маъа вов

**ҚУВО** قوا *ҷамъи* **қувват**; дар асл **қував** буд, вови мутаҳаррики моқабли у мафтуҳ; он вовро ба алиф бадал карданд, **қуво** шуд.

**ҚУБО** قوبا иллатест, ки бар ҷилди бадан падид ояд; ба ҳиндӣ дад гуянд.

**ҚАВСУССАМО** قوس السماء иборат аз нисфи фалак ё рубъи маскун ва ғайри он, ҷаро ки чун тамоми фалаки маръӣ ва ғайри маръӣ ба шакли доира тасаввур карда шавад, пас нисфи он ё сулси он ё рубъи он албатта ба сурати қавс бошад; ё он ки аз **қавсуссамо** қавси қузаҳ мурод бошад.

**ҚУЧОҚЛАШУБ** قوچاقلاشوب дар туркӣ ба маънии бағалгирӣ карда.

**ҚУРУТ** قورت ҷуғроти хушк (аз луғоти туркӣ).

**ҚУЛАНҶ** قولنج дарде маъруф, ки дар рудаи қулун ҳодис шавад; ва ба касри лом (яъне **қулинҷ**)* низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва дар «Ҳудуд-ул-амроз»

ва дар «Муайид» ва «Мадор» ба касри лом; ва дар «Бурҳон» навишта, ки *муарраби* куланҷ, ки дарди шикам бошад.

**КУЧ** قوج меши нари шохдори ҷангӣ; ва **куч** (قچ) ба ҳазфи вов низ омада; ин лафзи туркист (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Хиёбон»).

**ҚАВЛИ ШОРЕҲ** قول شارح мураккабест, ки маҳмул бошад бар муарраф (ба фатҳи ро), то фоида диҳад тасаввури он; ва **қавл** ба маънии мураккаб ва шореҳи шарҳкунанда; ва ин мураккаб, ки шореҳи муарраф мебошад, ба ҳамин ҷиҳат **қавли шореҳ** гуянд, чунонки ҳайвони нотиқ қавли шореҳ аст, ки маҳмул бошад ба лафзи инсон муаррафи машрӯҳ.

**ҚАВСИ ҚУЗАҲ** قوس قزح камоншакле рангин ва мулавван, ки дар ҳавои абр зоҳир мешавад; ва онро **камони Рустам** ва **камони шайтон** низ гуянд; **қавси қузаҳ** аз он гуянд, **қузаҳ** маъхуз аст аз **қузҳат** (ба зам) ба маънии зарду сурх ва сабз; ё он ки баланд аст, маъхуз бошад аз **қузаҳ** ба маънии иртифоъ, ё мансуб аст ба **Қузаҳ**, ки номи фиришта аст муваккали абр (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» аз «Канз» оварда, ки **қузаҳ** номи шайтон аст. Ва аз ин ҷо **қавси қузаҳ**, яъне камони шайтон. Фақир муаллиф гуяд: зоҳиран ба шайтон аз он мансуб кардаанд, ки чун шайтон низ аз ҷинси дев аст ва маъмул аст, ки ҳар чиз, ки аз миқдори худ калон бошад, ба дев мансуб кунанд. Ва сабаби зуҳури **қавси қузаҳ** ин аст: вақте ки Офтоб қариб ба уфуқ макшуф бошад ва муҳозии ӯ аз абре тарашшуҳи қатароти сиғори пуранбуҳ бошад, пас он тарашшуҳи қатароти мазкури абре дигар бувад, ки то ба уфуқ, ки қариби уст, паҳн шуда бошад, дар ин сурат аз канораи нисфи аълои Офтоб акс дар он қатароти мутарашшиҳа меуфтад. Пас он касонро ки аз он қатароти мутарашшиҳа ба ҷониби Офтобанд ва Офтоб паси пушти ушон аст, камонвор шакле мулавван ба назар меояд. Ва ин ваҷҳ маҳз ба фазли ҳақ субҳонаҳу таоло фақир муаллифро дар ойинаи фикри нокиси худ мункашиф шуда. Чун дар баъзе кутуби ҳикмат ба ҷидан боиси зуҳури **қавси қузаҳ** иттифоқ уфтод, мутобиқ ёфт, алҳамду лиллоҳи ало наъмоиҳи. Ва ин фақир дар умри сию шаш соли худ аз акси моҳ ҳам **қавси қузаҳ** ба вақти шаб дида аст, магар он сифед будааст.

**ҚАВВОД** قواد даллол; ва ба маънии марди беғайрат ва қалтабон (аз «Латоиф» ва ғайра).

**ҚАВАД** قود қасос (аз «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» ва «Латоиф»).

**ҚАВОИД** قواعد номи китоб ва *ҷамъи* **қоида.**

**ҚАВСУННАҲОР** قوس النهار иборат аз миқдори масофати сайри зоҳирии Шамс аз уфуқи машриқӣ то уфуқи мағрибӣ; чаро ки чун тамоми фалаки маръӣ ва ғайри маръиро ба сурати доира фарз кунанд, нисфи он биззарур ба шакли қавс бошад. Пас нисфи маръии фалакро, ки сайри Шамс дар рӯз бошад, **қавсуннаҳор** гуфтанд.

**ҚӮР** قور дар туркӣ силоҳ ва оҳанро гуянд.

**ҚУМАС** قومس номи шаҳрест.

**ҚАВВОС** قواس камонсоз.

**ҚУШ** قوش мурғи шикорӣ (казо фил— «Мунтахаб» ва ғайри он); ва дар луғоти туркӣ навишта **қуш** (ба замми қоф ва вови маъдулаи ғайри малфуз ва сукуни шини муъҷама) ба маънии мурғи шикорӣ, мисли боз ва ҷурра ва шикара ва шоҳин умуман ва ба маънии боз хусусан.

**ҚАВОРЕЪ** قوارع ҳаводиси замона ва сахтиҳо; *ҷамъи* **қореъа.**

**ҚУРҚ** قورق лафзи туркист, мутобиқи қоидаи туркӣ вов аломати заммаи қоф аст; пас **қурқ** бар вазни лафзи **сурх** шуд [145], ба маънии мамнуъ ва манъ кардашуда (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Мадор» ба маънии нигаҳбонӣ; ва дар луғоти туркӣ, ки ниҳоят муътабар аст чунин навишта, ки: **қуруқ** (ба замми қофи аввал ва вови маъдула, яъне ғайри малфуз ва замми рои муҳмала ва сукуни қоф) ба маънии иҳота; ва дар фарҳанге ба маънии шикоргоҳ навишта; ва яке аз асҳоби таҳқиқ навишта, ки: **қуруқ** (ба замми қоф ва вови маъдулаи ғайри малфуз ва замми рои

муҳмала) ба маънии мамнуъ ва манъшуда, чунончи Асар гуяд, байт:

Қуруқ шуд гуфтугӯи май бад-он наҳв,
Ки соқинома шуд аз нусхаҳо маҳв.

Ва дар фарҳанге ба маънии қайд ва банд навишта.

**ҚУНШИЛИҚ** قونشیلق дар туркӣ ба маънии ҳамсоягӣ.

**ҚАВОФИЛ** قوافل *ҷамъи* **қофила.**

**ҚАВВОЛ** قوال марди забоновар ва бисьёрсухан; дар урф сурудгуйро гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАВЛ** قول дар арабӣ гуфтор; ва дар истилоҳи мусиқиён навъе аз суруд, ки дар он иборати арабӣ низ дохил бошад; ва дар туркӣ ба заммн аввал (яъне **қул**)* фавҷи дар миён ва анбуҳи сипоҳ; ва низ дар луғоти туркӣ **қул** (ба заммн коф ва вови маъдула ва сукуни лом) ба маънии дасту бозуй ва ғулом ва он чи дар мардум мутаъориф аст, ки ба вақти аҳду паймон дастро ба дасти дигар медиҳанд ва мегуянд, ки: мо қул додем ва ё қул гирифтем; дар ин сурат лафзи **қул** туркист; пас лафзи **қул**-ро ба ин маънӣ ба фатҳ (яъне **қавл**)* хондан ва арабӣ донистан хатост.

**ҚУЙЙИЛ** قوی ئیل ба маънии соли гуспанд; чи **қуй** ба туркӣ гуспандро гуянд ва **йил** ба маънии сол; бидон ки назди ҳукамои Туркистон давран дувоздаҳ сол муайян аст. Ва ҳар солро аз он ба номи яке аз ҳайвонот мансуб кунанд ва аҳкоми онҳоро аз хуи он ҷонварон истинбот менумоянд. Ва **Қуййил** соли ҳаштум аст аз дувоздаҳ соли мазкура ва он ин аст: «Сичқонйил, Увдйил, Порсйил, Тавишқонйил, Луййил, Илонйил, Юнтйил, Қӯййил, Бичийил, Тахоқуйил, Итйил, Тунгузйил.

**ҚАВОМ** قوام ростӣ ва адл; ва ба касри аввал (яъне **қивом**)* низом ва асли чизе (аз «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Латоиф»); ва истодан ва бақои чизе.

**ҚАВОИМ** قوائم пояҳои чизе, ки қиёми он чиз бад-он аст; *ҷамъи* **қоима**; ва дасту пои одами ва баҳоим (аз «Латоиф» ва «Кашф» ва «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҚАВИМ** قویم ба маънии рост ва устувор.

**ҚАВМ** قوم гурӯҳи мардон (аз «Шарҳи Нисоб»-и Юсуф»)[146].

**ҚАВИМА** قویمه ҳар чизи муаннас, ки рост ва устувор бошад.

**ҚУВОРА** قواره порчаи ҳар чиз ва порчаи мудаввар, ки хайёт вақти тақтеъи пироҳан аз маҳалли гиребон бармеорад; ва чизе ки аз атрофи он бурида шавад (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**ҚУҚА** قوقه тукмаи кулоҳ ва тукмаи гиребон ва амсоли он; ин лафзи туркист (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ-ул-луғот»).

**ҚАВУРМА** قورمه ба маънии мутлақи бирьён, хусусан гӯштбирьён (аз луғоти туркӣ).

**ҚАВСАРА** قوصره харита ва ҷуволи хурмо, ки аз барги хурмо созанд (аз «Латоиф»).

**ҚУВВА** قوه қувват ва истеъдод ва имкон.

**ҚУЛУҚЧӢ** قولقچی лафзи туркист; ба маънии нукар ва хидматгор (аз «Мусталаҳот» ва ғайра).

**ҚУШЧӢ** قوشچی миршикор.

**ҚУРЧӢ** قورچی силоҳдор ва оҳангар (аз «Мадор»); чи **қур** дар туркӣ силоҳро гуянд; ва дар луғоти туркӣ **қурчӣ** ба маънии эҳтимомкунандаи дарбори подшоҳ навишта.

**ҚУРЧИБОШӢ** قورچی باشی сардори силоҳдорон ва доруғаи силоҳхона; ин лафз мураккаб аст аз **қур**, ки силоҳ ва адавоти ҳарбро гуянд ва **чи** аломати фоилийят ва **бош** ба маънии сар ва ҳарфи **ёй** ҳарфи изофат аст.

**ҚУРЪӢ** قورعی дар туркӣ танобе, ки гирди хайма барои банду баст банданд; ва ҳоло мустаъмал дар банду баст ва забтист[147].

**ҚУЙ** قوی дар туркӣ гуспандро гуянд; ва ба заммн аввал ва ташдиди вови максур (яъне **қуввӣ**)* дар арабӣ мансуб ба **қувва**, ба ҳазфи тои фавқонии масдарӣ.

**ҚУВОИ ТАБИЪӢ** قوای طبیعی тааллуқи онҳо ба ҷигар аст; ва он ҷозиба ва мосика ва ҳозима ва ғозия ва дофеъа ва номия ва муваллида аст.

**ҚУВОИ ҲАЙВОНӢ** قوای حیوانی он ки аз дил мунбаъис шавад ва мухтас ба ҳайвон бошад; чун ҳаракати қалб ва набз ва қуввате, ки ҳофизи ҳаёт аст ва қуввате, ки баданро аз нуқс нигоҳ медорад ва ғазаб ва шаҳват ва фараҳ аз аворизи уст.

**ҚУВОИ НАФСОНӢ** قوای نفسانی аз димоғ мунбаъис мешавад, чун босира ва шомма ва сомеъа ва зоиқа ва ломиса ва ҳисси муштарак ва хаёл ва мутафаккира ва воҳима ва ҳофиза.

### Фасли қоф маъа ҳо

**ҚАҲБАЛИС** قهبلس бар вазни чаҳмариш; ба маънии закар ва казиби мард ё бузургу ситабр аз он чинс (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ҚАҲРАМОН** قهرمان *муарраби* **каҳрамон**, ба маънии корфармо (аз «Бурҳон»); ва дар «Рисолаи муарработ» ва «Мунтахаб» ба маънии ҳукм ба ичлол ва қаҳр; ва баъзе муҳаққиқин чунин навиштаанд, ки дар лафзи **қаҳрамон** калимаи **мон** аз калимоти нисбат аст, яъне мансуб ба қаҳр, ки ба маънии ғалаба аст. Пас **каҳрамон** ба маънии ҳоким бошад; ва *мачозан* ба маънии ҳукумат низ омада; ва баъзе муҳаққиқин навиштаанд, ки **қаҳармон** (ба фатҳи аввал ва сонӣ) лафзи туркист, ба маънии корфармо.

**ҚУҲИСТОН** قهستان мулкест аз Хуросон.

**ҚАҲВА** قهوه тухмест афиси моилтар ба сиёҳӣ, ки онро бун гуянд (ба замми бои муваҳҳада); ва дар баъзе билод онро куфта, чӯш дода (чун)* об менушанд; ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **қаҳва** (билфатҳ) шароб, ба чихати он ки уксо меорад, яъне орзу нокардан ба таом.

**ҚАҲҚОҲ** قهقاه хандаи бисьёр ба овози баланд; ва номи қалъае дар Эрон аз тавобеъи мулки Тус (аз «Бурҳон» ва ғайра).

### Фасли қоф маъа ёи таҳтонӣ

**ҚИЁМАТ** قیامت масдар аст ба маънии қоим шудан; ва **қиёмат-и** маъруфро **қиёмат** ба ҳамин сабаб гуянд, ки дар он вақт мурдагон зинда шуда қиём хоҳанд кард; ва низ лафзи **қиёмат** дар форсӣ ба маънии ниҳоят ва бисьёр ва кори ачиб мустаъмал мешавад, чунончи: фулон тифл қиёмат шух аст (аз «Баҳори Ачам» ва «Сироч»).

**ҚИЁДАТ** قیادت қоид шудан, яъне раҳбарӣ нумудан; ва *мачозан* ба маънии қурумсоқӣ ва даллолӣ низ омада.

**ҚАЙҲ** قیح рим; ва он хуни мутааффин аст, ки сифеди моил ба зардӣ ва ғализ мегардад (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚАЙДБАНД** قید بند қалъа ва ҳисор (аз «Кашф»).

**ҚИР** قیر бар вазни **мир**; равғанест сиёҳ, ки бар шутурони гаргин моланд; ва самғест сиёҳу часпанда, ки бар каштӣ ва чаҳоз моланд, то об ба дарзҳои каштӣ наравад (аз «Бурҳон»); ва дар «Баҳори Ачам» ба маънии рол навишта; ва дар «Латоиф» мисли «Бурҳон»; ва дар «Мунтахаб» чизест, ки бар каштӣ ва шутурон моланд.

**ҚАЙСАР** قیصر лақаби подшоҳи Рум аст, ҳар касе ки бошад; бидон ки ба забони румӣ **қайсар** он тифлро гуянд, ки модараш пеш аз он ки уро зояд, худ бимирад ва шиками модарашро бишгофанд ва он фарзанд берун ояд. Чун аввали подшоҳони қаёсира, ки Ӯгустус ном дошт инчунин ба вучуд омада буд, бинобар он бад-ин исм мусаммо гашт. Аз он рӯз ҳар подшоҳи Румро қайсар гуянд (аз «Бурҳон»).

**ҚАЙСУР** قیصور номи шаҳрест ба чонибӣ шарқии дарьёи муҳит; кофури хуб дар он чо пайдо мешавад (аз «Бурҳон» ва «Сироч»); ва низ номи дигар шаҳрест, ки дар куҳистони Кобул воқеъ аст (аз «Бурҳон»).

**ҚАЙМОЗ** قیماز каниз ва хидматгор (аз «Латоиф»).

**ҚАЙС** قیس номи Мачнун, ки ошиқи Лайлӣ буд; ва номи чазира аст; дар ин сурат *муарраби* Кайш аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚИЁС** قیاس андоза ва андоза гирифтан миёни ду чиз ва баробар гардонидан дар фикр якеро бо дигаре дар ҳукме (аз «Мунтахаб» ва «Му-

айид» ва «Баҳори Аҷам» ва «Канз» ва «Кашф» ва «Суроҳ»); ва ба истилоҳи мантиқиён қавлест мураккаб аз ду ҷумла, ки лозим ояд аз вай натиҷа; ва инро ба истилоҳи мантиқ **шакл** низ гуянд.

**ҚАЙҚОВУС** قیقاوس *муарраби* **Кайковус**; ва шаклест бар фалак аз ашколи шимолӣ ба сурати мусалласи бузург.

**ҚИРОТ** قیراط ним донг, ки чаҳор ҷави миёна бошад (аз «Мунтахаб»); ва аз «Алфоз-ул-адвия» ва «Маъсуми» ва китоби ҳаким Муҳаммадшарифхони Шоҳиҷаҳонободӣ низ ҳамин ба субут мерасад, ки **қирот** ним донг аст, ки чаҳор ҷави миёна бошад; ва дар «Шарҳи Виқоя» панҷ ҷав; ва ин ҳам ба андак зиёдати қариб ба он аст; ва дар «Қанз-ул-фиқҳ» ва «Қуня» як ҷав; ва дар «Кашф» навишта, ки **қирот** як ҳаббаву чаҳор хамси ҳабба; ва ҳабба як ҷав бошад ва қила севу ним ҷав; ва дар «Мунтахаб» аст, ки соҳиби «Қомус» навишта, ки **қирот** дар ҳар шаҳр мухталиф бошад дар вазн. Ғараз, ки мухтори аксарӣ қавли «Мунтахаб» аст, ки **қирот** ним донг аст.

**ҚИЁСИ МАЪАЛФОРИҚ** قیاس مع الفارق қиёс кардан чизеро бар чизе биломуносибат ва иштирок миёни ҳар ду.

**ҚАЙМОҚ** قیماق сари шир, ки ба ҳиндӣ малай гуянд (аз луғоти туркӣ).

**ҚИФОЛ** قیفال рагест, ки кушодани он ба хун гирифтани сару руй ва гулуй муфид бошад; ба ҳамин сабаб дар урф **саруру** гуянд (аз «Мунтахаб»).

**ҚИЛ** قیل номи биёбонест; ва *киноя аз* калом ва сухан; дар ин сурат *мухаффафи* **қилуқол** аст, ки аввал мозии маҷҳул, ба маънии *гуфта шуд* ва сонӣ маъруф, ба маънии *гуфт*. Чун дар каломи араб, хусусан каломи мубоҳаса ба ин ду лафз бештар иттифоқ меуфтад, аз ин ҷиҳат *маҷозан* ба маънии калом ва сухан мустаъмал мешавад (аз «Латоиф» ва «Муайид» ва «Мадор»); ва билфатҳ (яъне **қайл**)* ба маънии подшоҳ; ва **ақёл** *ҷамъи* он.

**ҚИЁМ** قیام истодан (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Суроҳ» ва «Кашф»).

**ҚИЯМ** قیم қиматҳо; ин *ҷамъи* **қимат** аст; ба фатҳи қоф ва ташдиди ёи максур (яъне **қаййим**)* ба маънии барподоранда (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЙЮМ** قیوم сиғаи муболаға, ба маънии бисьёр қоимшаванда ва яке аз асмои илоҳӣ.

**ҚАЙТУН** قیطون он чи аз нахи абрешум бофанд ва онро бар зеҳи доман ва гиребони ҷома дузанд (аз «Мусталаҳот»); ва ин туркист.

**ҚАЙРУВОН** قیروان номи шаҳрест дар мунтаҳои мулки мағриб, дар навоҳии Африқа (аз «Мунтахаб» ва «Лубб-ул-албоб»); ва дар «Бурҳон» ва «Латоиф» билкаср ва ёи маъруф ва рои муҳмалаи мавқуф (яъне **қирвон**)*; ва низ дар «Латоиф» ва «Мунтахаб» навишта, ки *муарраби* **корвон** аст.

**ҚИЁМАТ КАРДАН** قیامت کردن корҳои аҷибу ғариб кардан ва зиёда аз тоқат дар коре камол нумудан (аз «Шарҳ-уш-шуаро» ва «Бурҳон»).

**ҚАЙН** قین оҳангар; ба ин маънӣ арабист (аз шарҳи «Нисоб»); ва ба туркӣ зани манкӯҳа; ва ниёми корд ва шамшер.

**ҚИЛА** قیله ба маънии қайлула (аз «Латоиф»); зоҳиран билфатҳ (яъне **қайла**)* *мухаффафи* **қайлула** бошад; ва ба ёи маъруф, навъе аз фатк, ки бузург шудани хоя бошад.

**ҚАЙСАРИЯ** قیصریه номи шаҳр.

**ҚАЙДОФА//ҚАЙЗОФА** قیدافه / قیذافه номи Нушобаи маликаи мулки Бардаъ (аз «Рашидӣ»).

**ҚАЙЛУЛА** قیلوله хоби нимрӯз; ва дар «Мунтахаб» навишта хоби чоштгоҳ.

**ҚАЙ** قی радди таом; ва номи замине, ки маскани баъзе муғулон шудааст (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**ҚАЙСӢ** قیسی қисме аз зардолу (аз «Чаҳор шарбат»).

**ҚАЙЧӢ** قیچی миқроз; ва ин лафзи туркист (аз «Баҳори Аҷам»).

**ҚАЙРУТӢ** قیروطی ба луғати юнонӣ муми равғанро гуянд (аз «Бурҳон»).

**ҚИЁСИ ИҚТИРОНӢ** قیاس اقترانی бидон ки қиёсе, ки ба истилоҳи мантиқиён аст, бар ду қисм аст: **иқтиронӣ** ва

истисноӣ. **Иқтироӣ** он аст, ки дар вай натиҷа билфеъл мазкур набошад, балки билқувва бувад, яъне моддаи натиҷа дар суғро ва кубро мавҷуд бошад, магар дар тартиби аҷзои он мавҷуд набошад, чунончи: *«алъоламу мутағаййирун ва куллу мутағаййирин ҳодисун»*, пас натиҷаи вай *«алъоламу ҳодисун»* бошад. Ва иқтирониро иқтироӣ аз он гуянд, ки иқтирон ва муқоранат бо натиҷа аст ва билфеъл мавҷуд нест, яъне ҳайъати ҳосилаи натиҷа мазкур нест, балки моддаи он мавҷуд аст. Ва **истисноӣ** он аст, ки дар вай айни натиҷа ё нақизи у билфеъл мазкур бошад, чунончи: *«ин канатишшамсу толеъатан фаннаҳору мавҷудун»*, лекин *«ашшамсу толеъатан»*, пас натиҷаи вай *«аннаҳору мавҷудун»* бошад, билфеъл мавҷуд аст ба ҳайъати худ: ва агар чунин истисно кунанд *«ин канатишшамсу толеъатан фаннаҳору мавҷудун»*, лекин *«аннаҳору лайса бимавҷудин»*, пас натиҷаи вай *«ашшамсу лайсати битолеъатин»* бошад, пас дар ин сурат дар қиёс нақизи натиҷа мавҷуд аст, ки иборат аст аз *«ашшамсу толеъатан»*.

## БОБИ ҚОФИ АРАБӢ

### Фасли кофи арабӣ маъа алиф

**ҚОЛО** كالا асбоб ва рахт ва матоъ, ки ғайри ҳайвон бошад (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚОРКИЁ** کارکیا яъне киёи кор, ба маънии худованди корҳо, ки корҳо бад-ӯ мутааллиқ бошанд; ва он иборат аст аз подшоҳ (аз «Сироҷ» ва «Латоиф»); ва дар «Бурҳон» ба кофи дуввуми форсӣ (яъне **коргиё**)* ба маънии вазир навишта; ва баъзе аҳли луғат ба маънии корфармо ва корпардоз низ навиштаанд; ва ба маънии як унсур аз арбаъи аносир низ дар «Бурҳон» ва «Латоиф» марқум аст.

**ҚОҒАЗИ ҲАЛВО** كاغذ حلوا қоғазе, ки халво дар он печанд; пас он қоғаз бекор мегардад; лиҳозо ҳар чизи нокораро гӯянд; ва баъзе гуфта, ки навъе аз қоғаз аст бағоят нафис.

**ҚОКО** کاکا бародари калон; ва ба маънии ғуломи қадим, ки дар хона пир шуда бошад; ва ба ҳиндӣ ва афғонӣ бародари падарро гӯянд (аз «Бурҳон»).

**ҚОСИБ** کاسب касб ва пешакунанда.

**ҚОРИ ОБ** کار آب шароб хӯрдан (аз «Мусталаҳот»).

**ҚОТИБ** کاتب доно ва муншии наср, ки онро дабир низ гӯянд ва нависанда (аз «Мунтахаб»).

**ҚОРТАЛАБ** کار طلب *кинояаз* шуҷоъ ва баҳодур.

**ҚОТ** کات номи шаҳре аз Хуросон, ки наздики Хоразм воқеъ аст; ва навъе аз биринҷ ва усораи чӯби дарахте, ки бо барги танбул хӯранд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҚОФТ** کافت тафаҳҳус; ва ин сиғаи мозӣ ба маънии масдар аст.

**ҚОШТ** کاشت зироат кардан; ва ин мозӣ ба маънии масдар аст (аз «Бурҳон»).

**ҚОФИРНЕЪМАТ** کافر نعمت пушандаи неъмат ва носипос.

**ҚОСОТ** کاسات *ҷамъи* коса, ки ба маънии пиёла аст.

**ҚОИНОТ** کائنات мавҷудот ва махлуқот.

**ҚОҶ** کاج аҳвал; ва ба маънии кош, ки калимаи таманно ва афсус аст; ва ба ин маънӣ ҷим мубаддал аз шин аст; ва номи дарахте аз қисми санавбар (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»); сивои ин маънӣ ба маънии силӣ низ навишта аст, ки бар гардани муҷрим зананд.

**ҚОХ** کاخ қаср ва кушк (аз «Бурҳон»); ва дар «Латоиф» ба маънии борон низ навишта.

**ҚОСИД** کاسد беравоҷ, яъне матоъ ва накде, ки аз боиси нуқсони он касе ба рағбат наситонад.

**ҚОРБАНД** کاربند амалкунанда ва итоаткунанда (аз «Бурҳон»).

**ҚОРД** کارد ва маънӣ маъруф аст.

**ҚОЛБУД** کالبد қолаби ҳар чиз; ва ба маънии тан ва бадани одамӣ ва ди-

гар ҳайвонот; ва ба фатҳи бо (яъне колбад)* низ гуфтаанд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҚОҒАЗБОД//КОҒАЗИ БОД** کاغذ باد коғазест маъруф, ки бар ришта баста ба ҳаво кашанд (аз «Мусталаҳот»).

**КОД** کاد ҳирс ва шараҳ (аз «Латоиф»).

**КОЙД** کائد ба маънии маккор.

**КОРМАНД** کارمند хидматгор.

**КОҒАЗ** کاغذ *муарраби* **коғад** (ки ба доли мухмала аст); ва **коғад** *муарраб*[148] аз **коғ**, ки ба маънии бонг бошад ва ба доли мухмала, ки калимаи нисбат аст (аз «Баҳори Аҷам»).

**КОФИР** کافر ба маънии сотир ва пушанда; чун бедин дини ҳақро мепушад ва ба ислом намегаравад, кофир гуфтанд; ва форсиён ба фатҳи фо (яъне **кофар**)* низ истеъмол кунанд, чунонки **кофарро** бо **ханҷар** қофия созанд (аз «Латоиф» ва «Муайид» ва «Кашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб»); ва низ дар ҳамин кутуб мазкур аст, ки **кофир** ба маънии руди бузург; ва кошоварз; ва шаби торик; ва он ки болои зиреҳ ҷома пушад; ин ҳама *маҷоз* аст аз маънии сотир.

**КОРИГАР** کاریگر мазид алайҳи **коргар**.

**КОФУР** کافور давое хушбу ва сифеди маъруф; ва номи чашма аст дар биҳишт (аз «Бурҳон»).

**КОФУРХОР** کافور خوار сард ва номард (аз «Бурҳон»).

**КОЛИНҶАР** کالینجر бар вазни **болинсар**; номи қалъа аст дар Ҳиндустон (аз «Сироҷ»).

**КОЧОР** کاچار асбоби хона (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**КОСАИ ФАҒФУР** کاسهٔ فغفور пиёлаи чинӣ.

**КОҒАЗИ ЗАР** کاغذ زر тамассук ва қабола ва ҳиндуӣ ва барот ва ғайра (аз «Ҳиёбон»)[149].

**КОРЗОР** کارزار ҷанг ва муқобала; чаро ки он маҳалли касрати кору ҳаракоти мардум аст.

**КОСИР** کاسر шикананда; ва номи дардест, ки соҳибаш он узвро пиндорад, ки мешиканад (аз шарҳи «Ниcоб»).

**КОМГАР** کامگر *мухаффафи* **комгор**.

**КОСАГАР** کاسه‌گر номи мутрибе, ки во зеъи қавл аст; ва номи лаҳнест (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**КОР** کار ба маънии феъл аст; ва ба *маҷоз* санъат ва пеша ва ҳунар ва зироат ва кишт ва амр бад-ин маънӣ; ва гоҳе дар авохири асмо маънии фоил ва мафъул диҳад, чун *ҷафокор* ва *минокор*; ва ба маънии ҷадал, чунонки *корзор* (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**КОШҒАР** کاشغر шаҳрест аз Турон дар иқлими панҷум, мобайни Турон ва Туркистон ва Чин.

**КОҒАЗГИР** کاغذگیر панҷара ва дарича, ки ба талқ ва коғаз гирифта бошанд (аз «Мусталаҳот»).

**КОРИ ХАЙР** کار خیر ба истилоҳи форсидонони Ҳинд никоҳи духтарро гуянд.

**КОЗ** کاز хонае, ки аз наю алаф созанд; ва маконе, ки шохҳои дарахт бар он гузоранд, чунонки музореъон ва шубонон дар биёбон ва сайёдон вақти пинҳон шудан барои сайд созанд; ва ба маънии савмаъа, ки бар куҳ созанд *маҷоз* аст (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва соҳиби «Бурҳон» ба маънии дарахти санавбар низ навишта ва гуфта, ки барои маънии дарахти санавбар ба зои арабӣ ва форсӣ (яъне **коз** ва **кож**)* ҳар ду омада; ва лафзи **коз** ба кофи форсӣ ва зои арабӣ (яъне **гоз**)* ба маънии дандон ва миқроз, ки барои ҷома ва коғаз буридан бошад, ё барои тилову нуқра катъ кардан, ё барои гул гирифтани шамъ, ки онро гулгир низ гуянд; ва ба маънии алаф ва гиёҳ, ки ба забони ҳиндӣ онро гхас гуянд; ҳои махлутутталаффузро, ки бар ғайри ҳиндӣ талаффузи он душвор аст, ҳазф кунанд ва синро ба зои муъҷама бадал карданд; ва тавофуқи ин ду забон бисьёр аст (казо фӣ «Сироҷ-ул-луғот» вар — «Рашидӣ» вал — «Латоиф»).

**КОРЕЗ** کاریز бар вазни **фолез**; чун обро гуянд, ки музореъон ва боғбонон ба санъате дар зери замин бикованд, ки оби он болои замин

равон шавад (аз «Бурҳон» ва «Сироч» ва забони баъзе аҳли вилоят).

КОЖ کاژ аҳвал; ва қисме аз санавбар, ки онро санавбари сиғор гуянд (аз «Бурҳон» ва «Чаҳонгири» ва «Рашидӣ» ва «Муайид»).

КОС کاس нақора; ва ба маънии хук, ки чонвари маъруф аст; ва ба араби чоми пуршароб; ва ба маънии мутлақи чом низ навиштаанд (аз «Бурҳон» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

КОВУС کاوس подшоҳе буд азимушшон, ки Рустам аз нукарони ӯ буд; уро Қайковус низ гуянд; ва баъзе навиштаанд, ки у Нумруд буд; дар асл ин лафз ба ду вов (яъне کاوس) аст ва дар ин замон ба расми хат ба як вов аст, монанди товус (کاوس); вови аввалро ба ҳамзаи мулаййина бадал кардаанд, аз чиҳати тахфиф (аз «Сироч»).

КОБУС کابوس ҳолатест, ки марди хуфтаро фуру мегирад; он чунон бошад, ки одамишакли муҳиб бо ҳангомаи офате дар хоб дида метарсад, ба нахче ки бадан хама гирон мағлум мешавад ва хуруш кардан ба овоз дуруст ҳам наметавонад; ва аксар будани ин ҳолатро атиббо муқаддимаи саръ навиштаанд; ва инро зоғута ва нидилон низ номанд; ва ба форсӣ сугоча гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шуруҳи «Нисоб»); ва баъзе кобусро ба маънии аблаҳ ва нодон низ навиштаанд.

ҚОЗАРС کاذرس навъе аз ғалла, ки ба ҳиндӣ чина номанд; ва он реза ва борик бошад (аз «Мусталаҳот» ва «Муайид»); ва баъзе ба маънии ғаллаи бочра навиштаанд, лекин аввал ақвост.

КОВАЁНИДУРАФШ//КОВАЁНӢ ДУРАФШ کاویانی درفش алами Фиридуни мансуб ба Қоваи оҳангар; ва он чарме буд аз паланг, ки Қова ба вақти кор кардан бар миён мебаст. Фиридун ба чанги Заҳҳок онро бар алам баста буд. Баъд аз фатҳ онро ба чавоҳир мурассаъ карда (аз «Бурҳон» ва «Сироч»).

КОШ کاش калимаи орзу ва афсӯс; ва номи шаҳр; ва ба маънии шиша ва обгина; ба ин маънӣ *муфарраси* коч аст, ки лафзи ҳиндӣ бошад, ба табдили чими форсӣ ба шини муъчама (аз «Бурҳон» ва «Сироч»).

**КОКУЛИ ШАМЪ** کاکل شمع дуде, ки бар сари шамъ бошад.

ҚОҒ کاغ оташ; ва ба маънии нушхори чорпоён; ва нолаву фарьёд ва овози зоғ ва номи тоир (аз «Бурҳон»).

**КОФ** کاف *мухаффафи* шигоф; ва номи чазира; ва ин ҳарф барои чанд маънӣ ояд: аввал барои баён ва он баъди ёи сифат ва асмои ишорат ояд, мисраъ:

Гуле, ки як варақаш обрӯи нуҳ
чаман аст...

ва гоҳе ин коф аз ёи тавсифӣ бафосила уфтад, чунонки байт:

Вучуде диҳад рӯшной ба чамъ,
Ки сузеш дар сина бошад чу шамъ.

Ва гоҳе ҳазф ҳам бошад, мисоли он, байт:

Моҳи ман, гуфто, макун ҳар сӯ назар,
— Гуфтам, ба чашм!
Сӯи ман бину мабин сӯи дигар,
— Гуфтам, ба чашм!

Ва гоҳе дар охири мисраъ сокин ҳам ояд, чунончи байт:

Нагардад дарди ман беҳ аз даво, то-к
Напурсӣ ҳоли ман, эй офати чон!

Дуввум барои маънии таълил, ки он барои изҳори иллати муддаъо меояд ва қоиммақоми зеро ки бувад, мисоли он, мисраъ:

Чафо макун, ки чафо расми дилрубой
нест...

Севвум кофи муфочот ва инро фачоия низ гуянд ва маънии ногоҳ диҳад, чунончи байт:

Лашкари ислом чу он чо расид
Буд замин ташна, ки дарьё расид.

Чаҳорум кофи натича ва тараттуби фоида ва тафриғия низ номанд, чунонки дар ин иборат, ки: *чиҳил сол машқ кардам, ки хатти ман шаъно пайдо кард*; ва мисоли дигар, чунончи дар ин мисраъ:

Эй бехабар, бикӯш, ки соҳибхабар шавӣ...

Панҷум кофи атф, чунонки дар ибтидои мисраъи сонии ин байт, байт:

Эй басо аспи тезрав, **ки** бимонд,
**Ки** хари ланг ҷон ба манзил бурд.

Шашум кофи рабт ва он аксар барои рабти миёни ду ҷумла ва миёни мубтадову хабар воқеъ шавад, мисоли он, байт:

**Гуфтам, ки** дилам,
— Гуфт, ки пурхун кунамаш,
**Гуфтам** чашмам,
— Гуфт, ки Ҷайҳун кунамаш!

Ҳафтум кофи кадомия ва ин дар маҳалли истифҳом ояд; ва истифҳом се қисм аст: инкорӣ ва тақрирӣ ва истихборӣ. Мисоли инкорӣ, байт:

**Кӣ** мегуяд, ки бар азми сафар баст,
Ба қатли ошиқи мискин камар баст.

Мисоли тақрирӣ, байт:

...**Ки** барфурӯзад ҳар бомдод матлаъи субҳ,
**Ки** барфарозад ҳар шаб ба зидди субҳ шафақ.

Мисоли истихборӣ, мисраъ:

Фироқу ҳаҷр **кӣ** овард дар ҷаҳон, ё раб!..

Ва кофи истифҳом дар охири мисраъ ба ишбоъ низ меояд, чунончи дар ин байт, байт:

Гар сари қатли мани мискин бидорӣ рост гу,
Ҷуз ту кофир хасми ҷони ошиқони зор **кӣ**?!

Бояд донист, ки мардуми Эрон кофи истифҳомро ба ишбоъ касра хонанд ва ҳиндуён маҷҳул. Ҳаштум кофи тафсил ва он маънии балки диҳад, чунонки байт:

На ман бар он гули ораз ғазал сароям бас,
**Ки** андалеби ту аз ҳар тараф ҳазоронанд.

Нуҳум барои тардид, чунончи Ҳофиз фармояд, байт:

Агар ту захм низӣ беҳ, **ки** дигаре марҳам,
В-агар ту захр диҳӣ беҳ, ки дигаре тирёк.

Даҳум коф ба маънии **аз**, чунонки Саъдӣ гуяд, қитъа:

Тарки эҳсони хоҷа **авлотар**,
**К**-эҳтимоли ҷафои баввобон.
Ба таманнои гушт мурдан беҳ,
**Ки** тақозои зишти қассобон.

Ёздаҳум коф ба маънии **ҳар ки**, чунонки байт:

Дигар кишвар обод бинад ба хоб,
**Ки** дорад дили аҳли кишвар хароб.

Дувоздаҳум кофи тасғир ва он дар охири калима ояд ва моқаблаш мафтуҳ бошад, чун *мурғак* ва *чулак* ва *бутак*; сездаҳум коф барои таҳқир, чун *мардак*; чаҳордаҳум коф барои таъзим, чунончи *беҳтарак* ва *хуштарак*; понздаҳум коф барои тараҳҳум, чун *тифлак* ва *момак*; шонздаҳум коф ба маънии таъйид ва он монанди кофи таълил аст. Ва фарқи миёни ҳар ду ҳамин аст, ки мобаъди ин барои таъйиди моқаблаш бошад, чунонки дар ин байт, байт:

Муҳаббатро пас аз қатъи муҳаббат лаззате бошад,
**Ки шохи нахли пайвандӣ беҳ аз аввал** самар дорад.

Носиралӣ гуяд байт:

Муҳаббат кай равад гар устухонам тутиё гардад,
**Ки** аз сойидани сандал куҷо нуқсон расад бӯро?!

Ҳафтдаҳум кофи ташбеҳ ва он дар форсӣ маънии **чунончи** диҳад, байт:

Чунон мехурад зангии хомро,
**Ки** зангӣ хурад мағзи бодомро.

Ва аз ҳамин қисм аст коф ба маънии **ҳамчу**, байт:

Нест дар ҷанг силаҳдор, **ки** ӯ,
Набувад ҳеч вафодор, **ки** у.

Соҳиби «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки гоҳе кофи ташбеҳ дар охири калима сокин воқеъ мешавад, чунонки *тирак* ба маънии дарде, ки монанди тир ва ҷуволдӯз мехалад; ва *хиштак* ба маънии порчаи чоргуша, ки зери бағали ҷома ва миёни пойҷома дӯзанд, чаро ки мушобеҳ ба хишт бошад; ва дар арабӣ кофи ташбеҳ бар аввали калимоти араб мафтуҳ меояд ва он калимотро маҷрур созад, чунончи дар ин шеър, шеър:

Фатавло либоби кабайтилъатиқ,
Ҳаволайти мин кулли фаччи амиқ.

Ҳездаҳум кофи хитоб ва он дар авохири калимоти арабӣ музофилайҳ воқеъ шавад, чунонки кофи *аллоҳу маъак*; ва гоҳе кофи хитоб мафъул воқеъ шавад ва маънии туро диҳад, чунончи *ҳамокаллоҳ* ва *чазокаллоҳ*; ва гоҳе кофи хитоб ба маънии худ ояд, чунончи *камо аснайта ало нафсика*; нуздаҳум кофи фоил ва он дар форсӣ камтар ояд, чунончи *гузак* ба маънии гузкунанда; бистум кофи мафъул, ин ҳам кам ояд, чунончи *печак* ба маънии гулулаи абрешум ва ғайра, ки печида шуда бошад; ва дар «Чавоҳир-ул-ҳуруф» ба чои кофи фоил ва кофи мафъул кофи нисбат навишта, чун *чушак* (ба вови маъруф) ба маънии кузаи луладор, мансуб ба чушидан, ки ба маънии макидан аст ва *пардак* ба маънии луғз ва чистон, мансуб ба *парда* (ба ҳазфи ҳои мухтафӣ) ва *кудак*, мансуб ба *куд*, ки ба маънии фузла ва начосат аст; бисту якум кофи зоид, чунонки дар лафзи чуз ки, Мавлавии Рум фармояд, байт:

Гаҳ чунин бинмояду гаҳ зидди ин,
Чуз ки ҳайронӣ набошад кори дин.

Чомӣ мефармояд, байт:

Ин ҳама шуру изтироб, ки чӣ?
В-ин ҳама тарки хӯрду хоб, ки чӣ?

Ва аз ҳамин қисм коф барои такяи калом, чунонки дар «Шаръ-уш-шуаро» навишта, мисолаш аз Зулолӣ, байт:

Нахоҳам чон аз-ӯ бо барг гардад,
Ки метарсам, ки шодимарг гардад.

Дар ин байт мақсуд кофи сонӣ дар мисраъи сонист. Мисоли дигар дар зиёдати коф ба мисраъи чаҳоруми ин қитъаи Ҳотифӣ, қитъа:

Тирозандаи достони куҳан,
Чунин шуд хулибанди [150] бикри сухан,
Ки аз фарри иқболи шоҳаншаҳи,
Ки аз фитна шуд он мамолик тиҳӣ.

Ва зиёдати коф дар авохири баъзе асмо ҳам ояд, чунонки *кафк* ба маънии кафи об ва чуз он ва *зулу* ва *зулук* ва *руку* ва *рукук*; *ва* гоҳе коф баъд ва қабл аз лафзи то ба ҳар ду сурат зоид бошад. Бисту дуввум кофи тамсил, чунончи дар ин байт, байт:

Майи лаългун аз бати сарнигун
Равон ҳамчунон к-аз бати кушта хун.

Бисту севвум кофи таъриф, ай ба маънии маърифат ва сифат, чунончи Саъдӣ фармояд, байт:

Дар ин бум Ҳотам шиносӣ магар,
Ки фархундахуест некусияр.

Бисту чаҳорум кофи дуъо, чунончи Саъдӣ фармояд, байт:

Маро ҳочие шонаи оч дод,
Ки раҳмат бар ахлоки ҳуччоч бод.

Бисту панчум кофи нафӣ ва инро тафзилия ва истифҳомия ҳам гӯянд, зеро ки маънии нафӣ ва тафзил ва истифҳом ҳар се аз ӯ мустафод мешавад, мисраъ:

Чаве мушк беҳтар, ки як туда гул...

Мисоли дигар, мисраъ:

Хазина тиҳӣ беҳ, ки мардум ба ранч....

Мисоли дигар, чунончи Саъдӣ фармояд, байт:

Шарафи нафс ба чуд асту кароматба суҷуд,
Ҳар ки ин ҳар ду надорад адамаш беҳ, ки вуҷуд.

Бисту шашум кофи сила, ба маънии касе, мисолаш дар ин иборат: *ҳар ки бо ман дӯст аст, ман дӯстиуям*, яъне ҳар касе ки бо ман дӯст аст: бисту ҳафтум коф ба маънии агар, байт:

Чӣ кам гардад, ки суи ошиқи зор
Кунӣ аз лутф, эй бадхӯ, нигоҳе.

Бисту ҳаштум коф ба маънии ҳаргаҳ, яъне шарт, чунончи байт:

Гуфта будӣ, ки биёям, ки ба чон ой ту,
Ман ба чон омадам акнун, ту чаро меноӣ?!

Бисту нуҳум коф ба маънии ҳам, чунончи дар ин байт, байт:
Эътимоде ба вафои манат, эй кофир. нест,
Гар ҳама ваҳӣ биёяд, ки туро бовар нест.

Мисоли дигар, байт:

Ҳар сӯхтачоне, ки ба Кашмир дарояд,
Гар мурғи кабоб аст, ки бо болу пар ояд.

Сиюм коф ба маънии кас, чунонки дар ин байт, байт:

Ҳар киро мастӣ аз он наргиси ҷоду бошад,
Ахтари сӯхтааш дидаи оҳу бошад.

Сию якум кофи муътариза, байт:

Чашми бадандеш, ки барканда бод,
Айб нумояд ҳунараш дар назар.

Сию дуввум коф ба маънии қиллат, мисолаш байт:

Андак-андак ба ҳам шавад бисьёр,
Дона-донаст ғалла дар анбор.

Сию севвум коф ба маънии то, мисоли он: *сухан зиёда аз ҳадди худ нахоҳам гуфт, ки мардум айби ман накунанд.* Сию чаҳорум барои нисбат, чунонки *чушак* кӯзаи луладор, мансуб ба *чушидан*, ки ба маънии макидан аст ва *пардак* ба маънии чистон ва луғз, мансуб ба *парда.* Бидон ки ин кофи арабӣ ба алиф бадал шавад, чун *колуфта* ва *олуфта*, ба маънии ошуфта; ва ба лом, чун *товак* ва *товал*, ба маънии гову хари ҷавон ва *куч* ва *луч*, ба маънии аҳвал; ва ба мим, чун *башк* ва *башм* (ба фатҳи муваҳҳада), ба маънии шабнам; ва ба ҳо, чун *торак* ва *тора*, ба маънии фарқи сар ва *чаковак* ва *чакова*, номи паррандае; ва ба хои муъҷама, чун *сомокча* ва *сомохча*, ба маънии синабанди занон; ва ба ғайни муъҷама, чун *гажгов* ва *ғажгов*; ва кофи форсӣ барои нисбат ояд, чун *шанг*, ба маънии шӯх ва зариф, мураккаб аз лафзи *шан*, ба маънии нозу карашма. Ва низ дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки кофи форсӣ гоҳе дар ғайри калимаи зотулҳо дар ҳолати ҷамъ зоид ҳам оранд, чунончи *қумригон*, ба маънии *қумриён*; ва дар ин боб шеъри Мир Муиззӣ басанд оварда; ва низ кофи форсӣ табдил ёбад ба ғайни муъҷама, чун *гов* ва *ғоз* ва *гулӯла* ва *ғулӯла*; ва ба доли муҳмала, чун *оsанг* ва *ованд* ва *авранг* ва *авранд*, ба маънии тахт; ва ба алиф, чун *густох* ва *устох*; ва ба бои арабӣ, чун *гулғуна* ва *булғуна*; ва ба ҷими арабӣ, чун *гувол* ва *ҷувол* (ба зам); ва ба вов, чун *гул* ва *вул* (биззам) ва *гуроз* ва *вуроз* (ба зам), хуки нар; ва ба ён таҳтонӣ, чун *заргун* ва *зарюн.*

**КОШИФ** كاشف пайдокунанда ва бараҳнакунанда (аз «Мунтахаб»).

**КОК** كاك дар «Мунтахаб» навишта, ки нони тунук; ва **каък** *муарраби* уст; ва дар «Сироҷ» қурси нони равғанӣ.

**КОБУК** كابك ошьёнаи мурғон умуман ва хонаи кабутарон хусусан (аз «Бурҳон»).

**КОЧАК** كاچك устухони фарқи сар (аз «Бурҳон» ва «Сурурӣ»).

**КОВОК** كاواك холи ва бемағз ва ҳар чиз, ки миёнтиҳӣ бошад (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**КОЧОЛ** كاچال асбоби хона (аз «Бурҳон»).

**КОБУЛ** كابل номи шаҳре аз билоди шимолии Ҳиндустон муттасили мулки Турон (то лафзи шаҳре аз «Бурҳон» аст).

**КОМИЛ** كامل номи баҳрест аз нуздаҳ буҳури ашъор.

**КОКУЛ** كاكل муи миёни сари мардон ва кӯдакон ва муи гардани асп (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **кокул** муи тораки сар, лиҳозо тиреро, ки саргузор бошад, тири кокулрубо гуянд.

**КОФИЛ** كافل зомин (аз «Мунтахаб»).

**КОҲИЛ** كاهل суст ва миёни ду китфи сутур (аз «Мунтахаб»).

**КОМ** كام мурод ва мақсуд; ва ба маънии сақфи халқ, ки ба ҳиндӣ талу гуянд; ва ба кофи форсӣ (яъне гом)* қадам; ва ба маънии деҳ ва қаря (аз «Латоиф»); ва ком (ба кофи арабӣ) ба забони ҳиндӣ ба маънии шаҳват ва ҷимоъ аст.

**КОМНОКОМ** كام ناكام чорночор.

**КОЗИМ** كاظم хашм фурухуранда; ва лақаби имом Мусоризо ибни Ҷаъфари Содиқ алайҳиматтаҳийят (аз «Мунтахаб»).

**КОЛУМ** كالم *зидди* **бокира**, яъне зане, ки бакорати у рафта бошад (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»); ва дар «Рашидӣ» зане, ки шавҳари у мурда бошад ё уро талоқ дода бошад; ва ин лафзи форсист.

**КОҲИ ҚУҲНА БА БОД ДОДАН** کاه کهنه بباد دادن лоф задан (аз «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ»); ва дар «Бурҳон» лоф задан ва фахр кардан; ва дар «Сироҷ» навишта, ки ҳикоёт ва суханони замонаи гузашта ба ҷиҳати узми шаъни худ гуфтан; ва баъзе навиштаанд, ки кори бефоида кардан; ва баъзе навишта, ки изолаи хорӣ нумудан; аз ин иборати **коҳи куҳна ба бод додан** ин ҳама маонии маркума мустафод мешавад, фа тааммал.

**КОР ФАРМУДАН** کار فرمودن ба амал овардан ва дарҷ нумудан.

**КОРД БА УСТУХОН РАСИДАН** کارد باستخوان رسیدن *киноя аз* танг омадан ва қариб ба халок шудан (аз «Чаҳор шарбат»).

**КОБИН** کابین заре, ки ба ҳангоми никоҳ ба зиммаи мард муқаррар кунанд; ба арабӣ онро маҳр гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ»); ва баъзе ба маънии маҳри муаҷҷал навиштаанд.

**КОР БАСТАН** کار بستن ба амал овардан (аз «Шарҳи Сикандарнома»).

**КОР ЯКРУ ҚАРДАН** کار یکرو کردن қатъи муомала ва қатъи дӯстӣ кардан.

**КОНУН** کانون оташдон мутлақан, хоҳ куран оҳангарон, хоҳ гулхан, хоҳ манқал; ва номи ду моҳ аст ба забони румӣ: яке конуни аввал, ки тақрибан ба ҳиндӣ пӯс бошад; дуввум конуни охир, ки тақрибан ба ҳиндӣ магҳ бошад (аз «Бурҳон» ва «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»).

**КОСАЛЕСОН** کاسه لیسان ҳарисон ва гадоён ва дунҳимматон (аз «Бурҳон»).

**КОСА ДАР ЗЕРИ ОН НИМКОСА ГФТАН** کاسه در زیر آن نیم کاسه یافتن фиреби касе зоҳир сохта аҷоибот мушоҳада нумудан.

**КОСА БАНД КАРДАН** کاسه بند کردن хушомад нумудан ва тамаъ доштан.

**КОСА БАР САРИ ҚАСЕ ШИКАСТАН** کاسه بر سر کسی شکستن расво кардан касеро (аз «Мусталаҳот»).

**КОР БА ҶОН РАСИДАН** کار بجان رسیدن қариб ба ҳалок расидан.

**ҚОЛИДАН** کالیدن дарҳам ва парешон шудан ва гурехтан; ва асаҳ он аст, ки ба кофи форсист (аз «Рашидӣ»).

**ҚОВАЁН** کاویان яъне дурафши коваёнии мансуб ба Қоваи оҳангар; ва он пусти паланг буд, ки Қова ба вақти кор кардан бар миён мебаст. Чун ба ҷанги Заҳҳок Фиридун онро бар алам баста буд ва муборак уфтод, лиҳозо онро ба ҷавоҳири қимате мукаллал нумуда буд (аз «Шарҳи девони Хоқонӣ»).

**ҚОРВОН** کاروان қофила (аз «Бурҳон»).

**ҚОФТАН** کافتن ба маънии шигофтан (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҚОВИДАН** کاویدن кандидан (аз «Сироҷ»).

**ҚОСТАН** کاستن гум шудан; гоҳе ба маънии гум кардан низ меояд (аз «Сироҷ»).

**ҚОҲКАШОН** ва **ҚАҲКАШОН** کاهکشان و کهکشان чизест ба шакли ҷода дар осмон аз ситораҳои хурди бо ҳам омехта, ки ба шабҳо гоҳе ба назар меояд (аз «Сироҷ»); ва гуянд, ки **Қоҳкашон**-ро аз он Қоҳкашон гӯянд, ки он мушобеҳ аст ба хатте, ки бар замини нарм аз коҳ ва хор кашидан пайдо ояд.

**ҚОФУР ХӮРДАН** کافور خوردن *киноя аз* адами руҷулийят, яъне номард шудан (аз «Сироҷ»).

**ҚОИН** کائن мавҷудшаванда (аз «Мунтахаб»); муштақ аз **кавн** (билфатҳ), ки ба маънии будан ва ҳаст шудан аст; ва **кааййин** (ба фатҳи коф ва фатҳи ҳамза ва ташдиди таҳтонии максур ва сукуни нун) ва **коин** (ба касри ҳамза) бар вазни зомин ва **койин** (ба фатҳи коф ва сукуни ҳамза ва ёи таҳтонии максури мунавван) ва **кайъин** (ба фатҳи коф ва сукуни тахтонӣ ва ҳамзаи максури мунавван) ва **каъй** (ба фатҳи коф ва сукуни ҳамза) ин ҳар панҷ алфоз дар ҳақиқат гуё ки як лафз аст, ба маънии ками хабария; ва ками хабария ба маънии лафзи бисьёр бошад, чунончи: *«кам раҷулин инди»,* яъне бисьёр марданд наздики ман; пас маънии *«коин раҷулин инди»* ҳамин аст ва эҳтироз аз ками истифҳомия кардааст; ва маънии ками истифҳомия лафзи **чанд**

аст, чунончи: *«кам рачулан индака»*, яъне чанд марданд наздики ту? **Коин** асли ҳама аст ва боқӣ ҳар чаҳор алфози мазкура мутанаввеъа шудаанд аз он. Ва лафзи **коин** мураккаб аст аз кофи ташбеҳ ва лафзи **ой**-и истифҳомия ва танвини онро амдан ба нуни зоҳир нависанд; *«кақавлаҳу таоло ва кааййин мин қарятин»* (аз чаҳор шуруҳи «Нисоб»).

**ҚОҲИН** کاهن фолгиранда аз овози чонварон ва соҳир ва ғайбгуй (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҚОИН** ва **МАН ҚОНА** کائن و من کان *киноя аз* махлуқот.

**ҚОМИН** کامن пинҳон ва пушидашаванда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҚОШОН** کاشان номи шаҳр.

**ҚОФИ РОН** کاف ران шигофе, ки қариби буни рон аст; ва ин *киноя аз* **фарч** аст (аз «Латоиф»).

**ҚОФУ НУН** کاف و نون *киноя аз* лафзи **кун**, ки калимаи арабист (ба замми коф) сиғаи амр ба маънии шав, яъне мавчуд шав; аз **кона якун** аввал ҳақ таоло **кун** гуфт, қалам пайдо гардид, баъдуҳу қалам ба ҳукми илоҳӣ ҳама ашьё пайдо кард; ва қалам иборат аз ақл ва ҳақиқати муҳаммадист (аз «Шарҳи Зулайхо» ва ғайри он, мустафод аз «Миръот-ул-орифин»).

**ҚОҲ ДАР ДАҲАН ГИРИФТАН** کاه در دهن گرفتن *киноя аз* ачз ва зинҳор хостан; чи зинҳорӣ барги коҳ дар даҳан гирифта амон мехоҳад; ва ин расми Ҳиндустон аст (аз «Мусталаҳот»).

**ҚОРИ ҚАСЕ ШУДАН** کار کسی شدن мурдани касе (аз «Мусталаҳот»).

**ҚОРИ ҚАСЕ СОХТАН** کار کسی ساختن куштан касеро (аз «Мусталаҳот»).

**ҚОСАИ САРНИГУН** کاسهٔ سرنگون муфлис ва нодор (аз «Мусталаҳот»).

**ҚОВ-ҚОВ** کاوکاو тачассус ва тафаҳҳус (аз «Бурҳон» ва «Сироч»); ва баъзе ба маънии ковиш ва овоз додан низ навишта.

**ҚОЛЕВ** کالیو саргашта ва ҳайрон ва девона ва аҳмақ (аз «Бурҳон» ва «Сироч»).

**ҚОМРУ** کامرو номи вилоятест ба ақсои Бангола, ки мулки машриқии Ҳиндустон аст.

**ҚОВА** کاوه номи оҳангарест, ки бар Заҳҳок хуруч карда Фиридунро бар тахт нишонда буд; ва лафзи **кова** ба маънии шучоъ аст, ба шарте ки **ҳо**-ро зиёда шумуранд (аз «Сироч»).

**ҚОЛЕВА** کالیوه саргашта ва ҳайрон ва аҳмақ ва девона (аз «Бурҳон» ва «Сироч» ва «Рашидӣ» ва «Қашф» ва «Сурурӣ» ва «Чаҳонгирӣ»); ва дар «Латоиф» ба маънии кар ва ношунаво низ навишта.

**ҚОЛИДА** کالیده парешон ва дарҳам (аз «Рашидӣ» ва «Қашф»).

**ҚОМА** کامه ба маънии ком ва мақсуд ва мурод; ва нонхуришест турушмаза (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**ҚОШОНА** کاشانه хонаи кучак ва муҳаққар (аз «Бурҳон» ва «Сироч» ва «Латоиф»); ва дар «Баҳори Ачам» ва «Рашидӣ» навишта, ки хонаи зимистонӣ, ки дар он шишаҳо дар тобдонҳо барои рӯшанӣ васл карда бошанд монанди ҳаммом; чи **кош ба маънии шиша аст.**

**ҚОЗА** کازه мағоке, ки сайёдон дар он нишинанд ва бар он шоххои дарахт гузоранд, то сайд уро набинад; ва хонаи музореъон, ки аз наю алаф созанд; ва ба маънии савмаъа, ки бар сари куҳ созанд *мачоз* аст; ва ба маънии ресмоне, ки бар дарахт ва ғайра овезанд ва аксар занону кудакон дар он нишаста дар ҳаво оянду раванд (аз «Сироч» ва «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Рашидӣ» ва «Муайид»); ва қила барои маънии охир ба кофи форсӣ (яъне **гоза**)* аст ва зои арабӣ ва барои боқӣ ва маънии аввалин ба кофи арабӣ ва зои форсӣ (яъне **кожа**)* аст.

**ҚОБИША** کابیشه гули усфур, ки ба ҳиндӣ кусабна гуянд (аз «Бурҳон»).

**ҚОЖИРА** ва **ҚОЧИРА** کاژیره و کاجیره гули усфур, ки ба ҳиндӣ кусабна гӯянд.

**ҚОРНОМА** کارنامه мураккаъи тасовир, ки наққош барои изҳори камоли худ тайёр созад; ва ба маънии чангнома ва китоби таворих ва китоби қавонини риёсат ва адолат.

ки онро китоби ойин ва дастурулъамал низ гуянд (аз «Кашф» ва «Иброҳимӣ» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**КОЛА** کاله матоъ, ки онро коло низ гуянд; ва кадуи шароб; ва ба маънии харбузаи хом ва замине, ки барои зироат тайёр сохта бошанд (аз «Латоиф» ва «Мусталаҳот»).

**КОРИ ДАСТБАСТА** کار دست بسته кори мушкил, ки аз дасти дигарон ба осонӣ сурат набандад (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Баҳори Аҷам»).

**КОФФА** کافه ба маънии ҳама (аз «Мунтахаб»); ва соҳиби «Музил-ул-ағлот» навишта, ки ин лафз дар арабӣ мустаъмал нашавад, магар мунавван, лекин дар форсӣ бе танвин ояд.

**КОРГОҲ** کارگاه маҳалли сохтани чизҳо, хусусан бофтани ҷома (аз «Сироҷ»).

**КОВАРСА** کاورسه ҳар чизи реза ва борик, ки дар хурдӣ мушобеҳ ба коварс бошад.

**КОРТАЛАБӢ** کارطلبی баҳодурӣ ва ҷангҷуӣ.

**КОФИРМОҶАРОӢ** کافر ماجرائی кофирмоҷаро шудан; ва **кофирмоҷаро** касе ки ҳоли у монанди ҳоли кофир бошад; ва ба маънии зулму бедод *маҷоз* аст (аз «Баҳори Аҷам»).

**КОЛЕВАГӢ** کالیوگی саргаштагӣ ва ҳайронӣ ва девонагӣ.

**КОРКИЕӢ** کارکیائی амирӣ ва подшоҳӣ ва корфармоӣ; ва баёнаш ба тафсил дар лафзи коркиё гузашт.

**КОШӢ** کاشی мансуб ба **Кошон,** ки шаҳрест дар Эрон.

**КОХИ МУШТАРӢ** کاخ مشتری бурҷи Ҳут.

**КОТИБИ ВАҲӢ** کاتب وحی ҳазрати Усмон разияллоҳу анҳу (аз «Бурҳон»).

**КОДӢ** کادی наботест, ки гулаш комоли хушбу бошад; ва ба ҳиндӣ онро каюра гуянд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**КОСАБОЗӢ** کاسه بازی навъе аз рақс ва бозист аз олами шишабозӣ ва суроҳибозӣ; ва таҳқиқ он аст, ки косабоз касе бошад, ки хирқа мепушад ва аз зери хирқа зарфҳо бармеорад; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки ду-се косаи чинӣ пур аз об мекунанд ва косабозон вожгун шуда косаҳоро бар пушт гузоранд ва ба таҳрики сурин онро ҷунбонанд ва ба души худ расонанд ва қатрае об аз он намерезад; ва *маҷозан* ба маънии маккорӣ ва ҳилагарӣ ояд.

**КОҒАЗИ ШОМӢ** کاغذ شامی бағоят сифед ва шаффофу нафис бошад.

**КОФИ** کافی басшаванда, ки ба дигар ҳоҷат нагузорад ва замонкунанда; ва *маҷозан* ба маънии доно ва коргузор ва коранда ва пешкор; ва номи китобе дар илми фиқҳ; ва номи китобе дар илми наҳв (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва дар ҳинди номи рогнӣ.

**КОВӢ** کاوی ба оташ доғдиҳанда бар узв (аз «Мунтахаб»).

**КОСМУЙ** کاس موی муи хук; чи **кос** ба маънии хук аст.

**КОШКӢ** کاشکی калимаи таманно; дар асл **кош ки** کاش که буд; ҳои мухтафӣ, ки дар охири кофи баёнӣ буд, ба сабаби касри коф ба ёи таҳтонӣ бадал карда **кошки** менависанд (аз «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф»).

**КОРОСӢ** کاراسی ҷонварест, ки овози хуш дорад; ва номи ҳаким, ки пеши Султон Маҳмуд аҳволи салотини мозия мехонд (аз «Сироҷ»).

**КОТИБӢ** کاتبی шоире буд азимулқадри соҳибнисбат; бо вуҷуди камоли шоирӣ дар фанни хушнависӣ маҳорати тамом дошт; ва навъе **аз** малбусот.

**КОВЛӢ** کاولی ба маънии лулӣ (аз «Мусталаҳот»).

**Фасли коф маъа бои муваҳҳада**

**КИБРИЁ** کبریا ба маънии бузургӣ (аз «Мунтахаб»).

**КУБАРО** کبراء бузургон; ва ин *ҷамъи* **кабир** аст.

**КАБУТАРИ ПАРПО** کبوتر پرپا қисме аз кабутар, ки пар бар по дорад ва дар парвоз заъиф бошад (аз «Мусталаҳот»).

**КУБРО** کبری шайъи муаннаси бузургтар; ва ба истилоҳи мантиқ ҷузви сонии шакл; ва ҷузви лониро **кубро**

аз он гуянд, ки ҳамеша куллийят дар ӯ собит бошад, чунончи: *«алъоламу мутағаййирун ва куллу мутағаййирин ҳодисун»*, пас *«алъоламу мутағаййирун»* суғрост ва *«куллу мутағаййирин ҳодисун»* куброст; ва баъзе навиштаанд, ки қазийяи сониро кубро аз он номанд, ки муштамил аст бар акбар ва акбар маҳмули натиҷаро гуянд, зеро ки маҳмули натиҷа аксар ом бошад ва ом ба нисбати хос акбар аст, яъне касир аст дар афрод, чунончи: *«куллу инсонин ҳайвонун»* суғрост ва *«куллу хайвонин ҷисмун»* куброст ва натиҷаи ин ҳар ду *«куллу инсонин ҷисмун»*. Пас лафзи инсон мавзӯъи натиҷа аст ва лафзи ҷисм маҳмули он. Зоҳир аст, ки афроди ҷисми мутлақ акбар аст, яъне касир аст аз афроди инсон, зеро ки ҷисми ҷамодот ва наботот ва ҳайвонот ҳамаро шомил аст.

**ҚАБИБ** کبیب бар вазни **насиб**; ба сар даромада ва бар руй уфтода (аз «Латоиф»).

**ҚАБТ** کبت хор кардан ва ҳалок кардан ва бар ру афгандан (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**ҚИБРИТ** کبریت гӯгирд, ки ба ҳиндӣ гандҳак гуянд; ва ба маънии зару нуқраи холис низ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАБИД//ҚАБД** کبد ҷигар, ки узви раис аст дар паҳлуи рост; ва **акбод** *ҷамъи* он; ва ба фатҳатайн (яъне **кабад**)* сахтӣ (аз шуруҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ҚУБОД** کباد дарди ҷигар (аз шурӯҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ҚАБУД** کبود бар вазни **ҳасуд**; нилгун (аз «Бурҳон»).

**ҚАБОБИ ТАР** کباب تر иборат аз барф (аз шуруҳи «Сикандарнома»).

**ҚАБОБИ ҚАНДАҲОР** کباب قندهار навъе аз кабоб (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ҚИБРИТИ АҲМАР** کبریت احمر гугирди сурх; *киноя аз* иксир, чаро ки иксир аз у сохта мешавад ва он ҷузви аъзами иксири тилост; ва гугирди сурх бағоят камёб аст.

**ҚИБР** کبر бузургӣ ва бузург шудан; ва ба касри аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **кибар**)* калонсолӣ ва пирӣ; ва ба фатҳатайн (яъне **кабар**)* мева аст турушмаза, дарозтар аз сипорӣ, ки аз он аҷор созанд ва дар мулки Хуросон бисьёр пайдо мешавад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шурӯҳи «Нисоб»).

**ҚИБОР** کبار бузургон; ва ин *ҷамъи* **кабир** аст; ва биззам ва ташдиди муваҳҳада (яъне **куббор**)* бисьёр бузург; ва ба маънии бузургон; ба ин маънӣ *ҷамъи* **акобир** аст.

**ҚАБОИР** کبائر гуноҳҳои бузург; ин *ҷамъи* **кабира** аст.

**ҚАБС** کبس ба хок анпоштани чоҳ ва ҷуй ва сар ба гиребон фуру бурдан; ва ба маънии шабхун бурдан; ва ба фатҳатайн (яъне **кабас**)* ба пешонӣ дар мағок уфтодан ва ба сар пеш омадан; ва ба каср (яъне **кибс**)* хоке ки чоҳ бад-он анпошта мешавад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҚАБШ** کبش гуспанди нар, яъне меши нари шохдори ҷангӣ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАБӮТАРДАМ** کبوتردم бусан хотирхоҳ; ва ба замми дол (яъне **кабӯтардум**)* қаламест ба тарзи хос тарошида, ки мушобеҳ ба думи кабутар бошад (аз «Мусталахот»).

**ҚИБАРИ СИН(Н)** کبر سن калонии умр ва калонсолӣ ва пирӣ.

**ҚАБОБ ДАРРАСОНИДАН** کباب در رسانیدن пухтани кабоб (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАБӮТАРИ ЁҲУ** کبوتر یاهو навъе аз кабутар, ки овози ёҳу диҳад (аз «Баҳори Аҷам»).

**ҚАБИСА** کبیسه бар вазни **бариса**; дар луғат чоҳ ва ҷуи ба хок анпошта ва сар ба гиребон кашида; ва ба истилоҳ ёздаҳ рузу поу боло аз соли шамсӣ, ки дар муқобалаи қамарӣ зоид меуфтад ва онро ҷамъ карда соли севвуми қамарии ҳиндиро сездаҳмоҳа гиранд; ба ҳиндӣ лавнд номанд. Ва ҳар зиёдати айёму моҳ, ки дар ҳисоби соли дигар ақвом уфтад, онро дар моҳе дарҷ нумоянд.

**ҚУБАЙША** کبیشه номи ғуломи ҳазрати расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**ҚАБОДА** کباده камони бисьёр нарм; ва ба маънии лезум, ки паҳлавонон

кашанд ва чиллааш аз оҳан бошад (аз «Мусталаҳот»).

**Фасли коф маъа бои форсӣ**

**ҚАПАНАК** کپنك намаде, ки мардуми бенаво дар зимистон бар душ гиранд.

**ҚАППОН** کپان тарозуи калон, ки бад-он ҳезум ва қумош ва чуз он месанҷанд ва вазн кунанд; ба ҳиндӣ так гуянд (аз «Қашф» ва «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» ба тахфифи бои форсӣ (яъне **капон**)* низ омада.

**ҚАПӢ** کپی маймун ва бузина (аз «Латоиф» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»); ва баъзе навишта, ки ба маънии бузинаи сиёҳ; ва дар «Сироҷ» навишта, ки ба бои муваҳҳада, ба ташдид ва тахфиф (яъне **каббӣ** ва **кабӣ**)* ба маънии бузина; ва он чи баъзе ба маънии бузинаи сиёҳ навиштаанд асле надорад.

**Фасли коф маъа тои фавқонӣ**

**КИТОБ** کتاب набишта; ва ба маънии навиштан ва андоза ва фарз карда; ва озод кардани ғулом ва канизак ба муъовизаи моли эшон; ва биззам ва ташдид (яъне **куттоб**)* нависандагон; ва ба маънии мактаб ва дабиристон (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Латоиф» ва «Қашф»); ва биззам ва тахфиф (яъне **кутоб**)* низ ба маънии мактаб омада; ва яке аз арбоби таҳқиқ навишта, ки **китоб** (ба касри аввал) яке аз авзони боби тафъил аст, ба маънии навиштан: пас ба маънии мактуб мустаъмал бад-ин эътибор, ки масдар ба маънии мафъул гирифта мешавад; ва дар «Хиёбон» навишта, ки **куттоб** (биззам ва ташдид) нависандагон, чаро ки ин *ҷамъи* таксири **котиб** аст; ва ба маънии мактаб ва дабиристон; ва дар «Қомус» аст, ки саҳеҳ ба маънии нависандагон аст ва ба маънии мактаб ва дабиристон, чунонки дар «Сиҳоҳ» аст, хатост; ва баъзе муҳаққиқон навишта, ки хато нест, балки *маҷоз* аст.

**ҚУТУБ** کتب *ҷамъи* **китоб** (аз «Мунтахаб»).

**ҚАТОИБ** کتائب *ҷамъи* **катиба**, ки ба маънии лашкар аст.

**ҚАТИБ** کتیب бар вазни **насиб**; навишташуда; ва ба касратайн ва ёи маҷҳул (яъне **китеб**)* *имолаи* **китоб**; ва имола онро гуянд, ки ҳаракати моқабли алифро ба каср майл диҳанд, ба тарзе ки алиф ба сурати ёи маҷҳул пайдо шавад ва дар талаффузу дар китобат низ, чунончи: *китоб* ва *китеб* ва *рикоб* ва *рикеб ва ҳисоб* ва *ҳисеб* ва *иқбол* ва *иқбел*; ва дар алфози форсӣ низ имола мекунанд, чунонки: *озер* ва *обед* имолаи *озор* ва *обод*.

**ҚАТ** کت лафзи ҳиндист, ба маънии чорпой; ва дар ин тафрис кардаанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАТИР** کتر куҳони шутур (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚЕТУРМИШ** کتورمش ба маънии оварда.

**ҚАТИФ** کتف *ва ин асл аст;* ва ба касри аввал ва сукуни сонӣ ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **китф** ва **катф**)* фаръи он; ба маънии шонаи мардум (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Сиҳоҳ»).

**ҚУТАЛ** کتل заминн баланд дар саҳро (аз «Рашидӣ»).

**ҚАТМ** کتم пинҳон доштан ва роз пушидан; ва *маҷозан* ба маънии пушидагӣ ва парда; ва ба фатҳатайн (яъне **катам**)* гиёҳест, ки бад-он хизоб кунанд (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба фатҳатайн, гиёҳе ки хилт карда мешавад ба васма; ва дар «Бурҳон» навишта, ки лафзи арабист; билфатҳ (яъне **катм**)* ба маънии пушидан ва ихфо; ва барги нил, ки аз он васма созанд; ва ба фатҳатайн, гиёҳест шабеҳи васма, ки дохил ба васма кунанд.

**ҚАТОМ** کتام пинҳон доштани роз (аз «Латоиф»).

**ҚИТМОН** کتمان пушидани роз ва пушидагӣ ва пушидани гувоҳӣ ва ғайри он (аз «Латоиф»).

**ҚАТ(Т)ОН** کتان *ҳар ду дуруст*; навъе аз ҷомаи борик, ки аз пусти гиёҳе бофанд; ва ба маънии тухмест, ки равғани чароғ аз он ҳосил кунанд; ба ҳиндӣ алсӣ номанд (аз «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **кат(т)он** (мухаффаф ва мушаддад) ҷома аст маъруф, ки шоирон пора шудани он ба сабаби нури моҳ гуф-

та; ва баъзе гуянд, ки мукаррар озмудашуда, ки ин маъниро асле нест, тамма каломуҳу; ва баъзе гуянд, ки ҷомаи мазкурро аз пусти соқи дарахти катон, ки тухми маъруф аст, бофанд, чунонки дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки дар баъзе билод пусти соқи дарахти **катон** кашида, реша-реша карда, мисли решм ва пунба ресанд ва аз он ҷома мебофанд ва он ҷома дар маҳтоб қувват надорад.

**ҚАТОБУН** كتابون бар вазни **Фалотун** [151]; номи духтари қайсари Рум, ки дар никоҳи Гуштосп буд, Исфандиёр аз ў мутаваллид шуда (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид»).

**ҚАТИБА** كتيبه бар вазни **насиба**; ба маънии лашкар; ва номи қалъа аст аз қилоъи Хайбар (аз «Мунтахаб»).

**ҚАТОРА** كتاره лафзи ҳиндист, ки **катора** ба тои ҳиндӣ ва ҳазфи ҳо машҳур аст (аз «Бурҳон»); ва баъзе ба маънии ханҷар ва шамшер низ навишта; ва дар «Рашидӣ» мастур аст, ки дар асл **қатола** аст ва арабист; ва аҳли Яман чунин гуянд.

**ҚУТҚА** كتكه асои кўчак ва ситабр; ва ин лафзи туркист.

**ҚИТОБА** كتابه бар вазни **висода**; он чи ба хатти ҷалии насх ё настаълиқ ё ба хатти туғро бар масоҷид ва мақобир ва дарвозаи умаро нависанд ва ё нақш кунанд (аз «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Кашф»).

**ҚАТБА** كتبه масдар аст, бар вазни **фаъла**; ба маънии як бор навиштан; форсиён гоҳе ба маънии мафъул ва гоҳе ба маънии мутлақ навиштан оранд; ва ба фатҳатайн (яъне **катаба**)* *ҷамъи* **котиб.**

**ҚУТТОБӢ** كتابى мансуб ба **куттоб,** ки (биззам ва ташдид) ба маънии мактаб ва дабистон аст; ва ба касри аввал ва тахфифи фавқонӣ (яъне **китобӣ**)* ба маънии кофири китобӣ, ки дини мансух дорад [152]

**ҚАТ(Т)ОНИ МИТҚОЛӢ** كتان متقالى навъе аз катон, ки он нафис бошад (аз шарҳ).

**Фасли коф маъа сои мусалласа**

**ҚАСИБ** كثيب тудаи реги гирдомадаи баландшуда (аз «Мунтахаб»).

**ҚУСУБ** كثب тудаҳои реги баландшуда

**ҚАСРАТ** كثرت бисьёр шудан; ва *маҷозан* ба маънии ба анбўҳи мардум нишастан; ва ба маънии алоиқи дунявӣ низ бошад.

**ҚАСРОТ** كثرات *ҷамъи* **касрат.**

**ҚАСОФАТ** كثافت *зидди* **латофат**; ва ситабр ва ғализ шудан ва фароҳам шудан (аз «Мунтахаб» ва ғайра)

**ҚАСИР** كثير бисьёр ва вофир.

**ҚАСИФ** كثيف ситабр ва тира; *зидди* **латиф** (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҚУСБОН** كثبان хоктудаи баланд (аз «Латоиф»); ва дар «Сурох» регтудаҳои баланд; ва ин *ҷамъи* **касиб** аст.

**Фасли коф маъа ҷими арабӣ ва форсӣ**

**ҚУҶО** كجا маъруф; ва ба маънии ҳар ҷо низ омада (аз «Мусталаҳот»)

**ҚАЧМАЧ** كج مج он ки суханаш фасеҳ набошад ва забонаш ба калимот хуб ҷорӣ набошад (аз «Рашидӣ» ва «Сироҷ»).

**ҚАҶВОҶ** كجواج ба маънии кач ва нигун; мураккаб аст аз калимаи **кач** ва лафзи **воҷ**, ки *мубаддали* **боҷ** аст ба маънии нигун.

**ҚАҶДОРУМАРИЗ//ҚАҶДОРУ МАРИЗ** كجدارو مريز аҷоибот ва аҳком, ки ба ҷо овардани он душвор бошад [153].

**ҚАҶАК** كجك онкас, ки филбонон дар даст медоранд; ва чизест, ки то ва қабақро бад-он овезанд; ва ба маънии чизест, ки мардуми вилоят бар даври гиребон дўзанд; ва чўбе, ки духул ва кўсро бад-он навозанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚУЧАЛ** كچل бадрафтор ва хароб; ва ин ҳиндист.

**ҚАЧКУЛ** كچكول косаи гадоён (аз «Бурҳон»).

**ҚАҶИМ** ва **ҚАҶИН** كجيم و كجين ба маънии баргустувон; ва он пўшише бо

шад, ки ба рузи ҷанг бар асп андозанд; ба ҳиндӣ пакҳар гуянд; ва ин туркист (аз «Бурҳон» ва луғоти туркӣ).

**ҚАЧА ГУЛ ҚАРДАН** کچه گل کردن *киноя аз* зоҳир шудан ва фош гардидани рози ниҳонӣ ва айби пинҳони ба эътибори бозии **кача**, ки дар дастҳо пинҳон кунанд ва ҳар гаҳ ишорат бад-он кунанд ва аз он барояд, бозиро у мебарад (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Чаҳор шарбат»).

**ҚАҶОВА** کجاوه он чи бар пушти шутур банданд ва ду шахс дар он муқобили якдигар нишинанд (аз «Бурҳон»).

**ҚАЧА** کچه ангуштарии бенигин, ки хонаи нигин ҳам надошта бошад; ба ҳиндӣ онро чҳалла гуянд (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Сурурӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» ва «Сироҷ»); ва биззам ва ташдиди ҷими арабӣ (яъне **кучча**)* чизест, ки тифлон аз пораҳои карпос мудаввар созанд ва бад-он бозӣ кунанд (аз «Мунтахаб»).

**Фасли кофи арабӣ маъа ҳои муҳмала**

**ҚУҲЛУЛҶАВОҲИР** كحل الجواهر сурмае, ки дар он марвориди носуфта ва дигар ҷавоҳирот андохта месоянд барои рушании чашм (аз «Қашф»).

**ҚУҲЛ** كحل сурма.

**ҚАҲҲОЛ** كحال сурмакаш, яъне касе ки сурма ва даво ба чашми мардум кашидан пешаи ӯ бошад.

**ҚАҲИЛ** كحيل сурмадор; ва касе ки сурма ба чашми худ кашида бошад.

**ҚУҲЛӢ** كحلی сурмаранг; ва номи ҷома аст сиёҳ, ки бештар занони вилоят пушанд (аз «Муайид»).

**Фасли коф маъа хои муъҷама**

**КИХКИХ** کخ کخ калимаест, ки дар маҳалли нафрат гуянд; ва ба маънии овози ханда; ва ба замми ҳар ду коф (яъне **кухкух**)* овози сурфа (аз «Латоиф»).

**КУХ** کخ номи гиёҳест, ки бад-он буриё бофанд; ва ба маънии кирм, ки дар мева ва ғайра меуфтад; ва сурати муҳиб, ки тифлонро метарсонанд; ва ба маънии сурати зебо, ки аз чуб ва ғайра тартиб дода либоси рангин пушонанд, низ омада; ва билкаср (яъне **ких**)* мазаи талх ва калимаи нафрат ва боздоштан (аз «Бурҳон» ва «Шарҳи девони Хоқонӣ»).

**Фасли коф маъа доли муҳмала**

**КАДХУДО** ва **ҚАТХУДО** کدخدا و کتخدا соҳибхона; ва ба маънии лоиқ ва сазовор низ (аз «Чароғи ҳидоят»).

**КАДХУДО** ва **КАДБОНУ** کدخدا و کدبانو худованди хона ва бибии хона; ва ба истилоҳи мунаҷҷимон ду аслест, ки истихроҷи умри мавлуд аз он кунанд (аз «Сироҷ»).

**КАД** کد хона ва деҳ (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҚАДИР** کدر тира ва мукаддар (аз шарҳи «Нисоб»); ва ба фатҳатайн (яъне **кадар**)* ба маънии тирагӣ ва тира шудан; ва дар форсӣ ба маънии кодӣ, ки ба ҳиндӣ каюра гуянд ва он гулест маъруф (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**КИДЕВАР** کدیور музореъ ва деҳқон ва барзгар (аз «Муайид» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Сурурӣ» ва «Бурҳон» ва «Мадор» ба фатҳи аввал (яъне **кадевар**)* ва дар «Бурҳон» ба маънии соҳибхона низ навишта; ва дар «Сироҷ» ба фатҳ ва ёи маҷҳул ва фатҳи вов ва рои муҳмала (яъне **кадевар**)* раиси деҳ ва худованди хона; ва *маҷозан* ба маънии зироаткунанда ва боғбон; ва таҳқиқ он аст, ки **кидевар** *имолаи* **кадовар**, ки мураккаб аст аз **кад**, ки ба маънии хона ва деҳ бошад ва калимаи **вар** ба маънии соҳиб ва алифи миёни ҳар ду калима зоид аст; чи ҳар гоҳ ки калимаи духарфиро бо калимаи **вар** таркиб диҳанд, алиф дар миён зоид кунанд, чунончи дар *тановар* ва *қадовар.*

**ҚУДС** کدس хирмани нокуфта (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**ҚАДУИ ҲАҶҶОМ** کدوی حجام кадуе бошад кучак ва мудаввар, ки ҳаҷҷомон баъди устура задан бар захмҳои ҳиҷомат часпонанд, то хун бикашад.

**ҚУДОМ** كدام барои истифҳом бошад; ва итлоқи ин бар завилъуқул ва ғайри завилъуқул ҳар ду ояд.

**ҚАДА** كده хона ва деҳ (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҚАДИРА** كديره ба маънии мукаддар ва пушида навиштаанд.

### Фасли коф маъа золи муъҷама

**ҚИЗБ** كذب дуруғ; ва ба фатҳи аввал ва касри сонӣ (яъне **казиб**)* ба маънии дуруғӣ, яъне чизе ки ба дуруғ сохта бошанд ва дуруғгу; ва ба маънии дуруғ ҳам омада (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ҚИЗЗОБ** كذاب дуруғ гуфтан; ва билфатҳ ва ташдиди золи муъҷама (яъне **каззоб**)* дуруғгу (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЗО** كذا و كذى ба маънии чунон ва чунин; ва *киноя аз* душном.

### Фасли коф маъа рои муҳмала

**ҚИРО** كرا кироя додан ва кироя (аз «Мунтахаб»).

**ҚАРВИЁ** كرويا бар вазни **ағниё**; навъе аз зира, ки муқаввии меъда аст (аз «Бурҳон»).

**ҚАРБАЛО** كربلا машҳади ҳазрати имом Ҳусайн салавотуллоҳи алайҳи; зоҳиран ин лафз дар асл **Қарббало** буда бошад; бои аввалро ҳазф кардаанд, чаро ки чун ду калимаро таркиб диҳанд ва охири калимаи аввал ва аввали калимаи охир аз як ҷинс бошад, охири калимаи аввалро ҳазф кунанд.

**ҚАРО** كرا мурғи ҳуборо, ки нар бошад; ва оғози хоб (аз «Мунтахаб»).

**ҚАРБ** كرب андуҳ, ки нафас бозгирад ва беором кардан андуҳи касеро; ва ба фатҳатайн (яъне **караб**)* беором ва андӯҳгин шудан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор»).

**ҚУРУБ** كروب *ҷамъи* **курбат.**

**ҚАРАНБ** كرنب калам, ки онро карамкалла гуянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Мадор»); ва дар «Мунтахаб» билфатҳ ва нуни мафтуҳ (яъне **карнаб**)*.

**ҚУРСИИ УСТУРЛОБ** كرسیء اصطرلاب чизест баланд дар устурлоб, ки урваи устурлоб бад-у баста бошанд.

**ҚУРБАТ** كربت андуҳ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАРРАТ** كرت навбат ва бор; чунонки **се каррат**, ба маънии се бор.

**ҚАРРОТ** كرات борҳо; *ҷамъи* **каррат**; ва ба замми коф ва тахфифи ро (яъне **курот**)* *ҷамъи* **кура**, ки ба маънии гуй бошад, ё ҳар чи мисли гуй мудаввар бошад.

**ҚАРОҲИЯТ** كراهيت нописандӣ (аз «Сурох»); ва дар «Ҳиёбон» навишта, ки **кароҳият** бар вазни **салоҳият**, ба тахфиф, на ба ташдид, нописанд доштан.

**ҚАРАХТ** كرخت ба маънии узви беҳиссу ҳаракат; ва ба маънии сахт мустаъмал (аз «Бурҳон»).

**ҚУРУТ//ҚАРВАТ** كروت номи зарфи об.

**ҚУРРОС** كراث гандано (аз «Мунтахаб»).

**ҚАРАХ** كرخ деҳест қариби Бағдод; ва қила маҳаллае аз Бағдод; ва ба фатҳатайн, *мухаффафи* **карахт** (аз «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚАРД** كرد кор ва амал; ва ба каср (яъне **кирд**)* низ ба ҳамин маънн ояд; ва биззам (яъне **курд**)* тоифаест аз саҳронишинон; ва ба маънии қитаъи замин, ки канораҳои онро баланд сохта дар миёнаш зироат кунанд ва обгир; ва ба маънии нишон (аз «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҚУРРАИ НОҚУШОД** كرهٔ ناكشاد ба маънии бачаи асп, ки ҳануз суворӣ бар он накарда бошанд.

**ҚИРДОР** كردار тарз ва равиш (аз «Сироҷ»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» кор ва амал ва феъл; ва баъзе навишта, ки **кирдор** агарчи ба каср машҳур аст, магар қиёс меҳоҳад, ки билфатҳ (яъне **кардор**)* бошад, чаро ки чун бар лафзи **ор**, ки ифодаи маънии масдари кунад, сиғаи мозиро биёранд, мозӣ ба маънии масдар шавад, чунонки: *гуфтор* ва *рафтор* ва *дидор.*

**ҚИРДИГОР** کردگار номи ҳақ таоло; ва маънии лафзии ин лафз кунандаи тарз аст (аз «Сироҷ»); ва дар «Рашидӣ» навишта, ки маънии таркиби ин лафз худовандгор; чи **кард** (билфатҳ) ба маънии кор ва гор ба маънии худованд.

**ҚАР** کر ношунаво, яъне касе ки гӯши у чизе нашнавад (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва билфатҳ ва ташдиди ро (яъне **карр**)* дар арабӣ ба маънии бозгаштан ва бозгардонидан ва ҳамла бурдан; ва биззам (яъне **кур(р)***) паймона аст ва он дувоздаҳ васқ аст ва ҳар васқе шаст соъ; ва номи ду рӯд аст, яке дар Шервон, ки зери мулки Бардаъ ҳам гузарад; ва дигаре дар Форс (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ҚАРРОР** کرار бозгарданда ва бозгардонанда ва ба такрор ҳамлабаранда; ва аз ин ҷост лақаби ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, зеро ки он ҳазрат дар ҷанг бар сафи аъдо бор-бор ҳамла мебурданд ва ҳеч андеша намекарданд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва ғайруҳумо).

**ҚУРУР** کرور бозгаштан ва вогардидан (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ҚАРДАР** کردر замини сахт ва пушта-пушта (аз «Бурҳон» ва «Муайид»).

**ҚИРБОС** کرباس ҷомаи сифеди маъруф (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Мадор»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки ин *муарраби* **карпос** аст (ки билфатҳ бошад); ва дар «Рисолаи муарработ» низ навишта, ки **кирбос** *муарраби* **карпос** аст, ки (ба фатҳи аввал ва бои форсӣ) лафзи ҳиндӣ, катоне бошад, ба маънии пунба ва *маҷозан* ба маънии ҷомае, ки аз пунба сохта шавад; ва дар ҳолати таъриб аввалро касра аз он додаанд, ки вазни фаълол (ба фатҳи фо) аз ғайри музоаф дар каломи араб наёмадааст.

**ҚАРОРИС** کراریس ҷузвҳои китоб ва сипораҳои Қуръони маҷид; ва ин *ҷамъи* **курроса** аст (ки ба зам ва ташдиди ро бошад).

**ҚИРЁС** کریاس дар кутуби луғоти араб, мисли «Сурох» ва «Қомус» ба маънии таҳоратхона, ки бар бом сохта бошанд; магар дар «Мунтахаб» ба маънии болохона ва дарихона; ва дар «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Мадор» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид» ба маънии болохона ва дарбори подшоҳ ва умаро.

**КИРС** کرس саргини бо ҳам нишаста (аз «Сурох»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **аҷини кирс** саргине бошад, ки ба гилу об омехта каҳгил созанд.

**ҚАРГАС** کرگس тоирест маъруфи мурдахор, ки ба ҳиндӣ гиҷҳ гӯянд (ба касри кофи форсӣ); аксар пари у дар тир ба кор баранд; ва *маҷозан* парҳои тирро низ **каргас** гӯянд; ва **каргасони гардун** ду ситораанд ба сурати каргас: якеро Насри Тоир ва дигареро Насри Воқеъ гӯянд (аз «Латоиф» ва ғайри он)[154].

**ҚАРАФС** کرفس давоест монанди аҷвойн, буи он нохуш ва тез бошад ва он аҷмуди вилоятист; ва аз хавосси у яке ин аст, ки каждумгазида агар бихӯрад, филҳол бимирад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАРБАС** کربس чалпоса.

**ҚАРФАШ** کرفش чалпоса; ва он ҷонварест, ки дар сақфи хонаҳо бошад; ба ҳиндӣ чҳипкалӣ гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚАРШ//ҚАРИШ** کرش шиканбаи сутури нушхорзананда (аз «Мунтахаб»).

**ҚУРОЪ** کراع почаи гусфанд ва гов; ва **поча** ба маънии соқи ҳайвонот аст; ва бинии кӯҳ ва гурӯҳи аспон; ва лафзе ки ба он аспонро фароҳам оваранд (аз «Мунтахаб»).

**ҚАРАЪ** کرع оби борони истода; ва об ба даҳон хурдан аз ҷӯй; ва бориксоқ шудан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҚАРГ** کرگ *мухаффафи* **каргадан**; ва он ҷонварест, ки ба ҳиндӣ генда гӯянд (аз «Рашидӣ» ва «Сироҷ» ва «Бурҳон»); ва дар баъзе шурӯҳи «Сикандарнома» номи мулке аз Рус навишта; ва билфатҳ ва ҳар ду кофи арабӣ (яъне **Қарк**)* деҳест муттасил ба кӯҳи Лубнон (казо фил — «Қомус»); ва дар «Мунтахаб» ба фатҳатайн (яъне **Қараг**)* қалъаест ба навоҳии Булғор; ва дар «Бурҳон» ба фатҳатайн ва ҳар ду кофи арабӣ (яъне **карак**)* номи паррандаест думдароз, ки сиёҳу сифед бошад ва бештар бар кано-

рахон об нишинад ва онро **ақъақ** низ гуянд.

**ҚАРНОТАҚ** کرناتک номи шаҳрест аз мулки Дакан.

**ҚУРАНГ** کرنگ бар вазни **туфанг**; аспи сурхранг (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ» ва «Қашф»).

**ҚУРДАҚ** کردک ба маънии қавиҳайкал; ва ба касри аввал (яъне **кирдак**)* беҳаё ва забоновар дар фарҳанге дида шуда.

**ҚАРМ** کرم дарахти ангур; ва ба фатҳатайн (яъне **карам**)* мурувват ва саховат ва азизӣ ва бузургворӣ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб»); ва низ дар «Латоиф» навишта, ки **курм** (биззам) ба маънии ғаму андуҳи сахт.

**КИРОМ** کرام бузургон; ва ин *ҷамъи* **карим** аст.

**КУРУМ** کروم дарахтони ангур; ва ғамҳо ва андуххо (аз «Латоиф»).

**КИРИШМ** کرشم ба маънии **киришма** (аз «Латоиф»).

**ҚИРДИҲОМ//ҚАРДАҲОМ** کردهام кирдорҳои ман (аз ҳавошии «Маснавии маънавӣ» навишта шуд).

**КУРҚУМ** کرکم заъфарон (аз «Мадор»).

**КАРЗУМ** کرزم гиёхе бошад хушбу (аз «Сурурӣ» ва «Мадор» ва «Иброҳимӣ»).

**КИРОН** کران дар арабӣ номи соз, ки онро барбат низ гуянд; ва ба фатҳи аввал (яъне **карон**)* дар форсӣ ба маънии канораи чизе ва интиҳои чизе (аз «Қашф» ва «Бурхон» ва «Рашидӣ» ва «Мадор»).

**КИРМОН** کرمان номи шаҳрест аз Порс (аз «Латоиф»); ва дар «Музил» навишта, ки ба фатҳи аввал (яъне **Кармон**)* аст ва гоҳе билкаср (яъне **Кирмон**)* ояд. Фарши он ҷо бағоят нафис бошад ва зираи сиёҳ аз навоҳии он хуб ба ҳам расад.

**ҚАРКАН** کرکن ғаллаи сабз ва нимпухтаро гуянд, ки бирьён кунанд, хоҳ нухуд бошад, хоҳ гандум ва ҷав (аз «Сироҷ» ва «Бурхон»).

**ҚУРДИСТОН** کردستان мулкест аз Эрон.

**ҚАРГАДАН** کرگدن ҷонварест шабеҳ ба говмеш ва фил ва дар ҷисм кучак аз фил ва калон аз говмеш ва пусти у бағоят сахт бошад ва як шох дорад бар пешонӣ руста; ба ҳинди генда гуянд; ва он чи баъзе аз аҳли луғат навишта, ки чанд филро шикор карда мехурад ва бо чаи он хордор бошад ва баъди панҷ сол мутаваллид мешавад, ҳама хурофот аст (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**КАРОНИДАН** ва **КАРОНДАН** کرانیدن و کراندن ҳар ду мутааддии кардан аст; ва **кунонидан**, ки дар авом машҳур аст ғалат бошад, ба ин қоида, ки ҳар масдари лозимро, ки мутааддӣ созанд алифу нуни моқабли **дан**, ки аломати масдар аст, оранд, чунончи аз **гардидан** — *гардонидан*; ва агар аломати масдар **тан** бошад, аввал амри он масдар бароваранд ва баъди он алифу нун ва ё зоид карда, ба долу нуни масдари мутааддӣ нумоянд ва гоҳе ё-ро аз он ҳазф созанд, чунончи аз **сухтан** — *сузонидан* ва *сузондан* ва аз **расидан** — *расонидан* ва *расондан* (аз «Наҳр-ул-фасоҳат»); ва назди аксарӣ **кунонидан** саҳеҳ бошад ба қоидае, ки дар масдари соҳиби **тан** мазкур шуд; чи назди эшон дар мутааддӣ кардани масдари соҳиби тан ва **дан** қоида воҳид аст, чунончи аз **рамидан** ва **сойидан** ва **хондан** — *рамондан* ва *соёндан* ва *хонондан* меоянд.

**КАРОЧИДАН** کراچیدن фарьёд кардани мурғи хонагӣ ба вақти байза ниҳодан (аз «Бурҳон»).

**ҚУРОЗИДАН//ҚИРОЗИДАН** کرازیدن хиромидан ба ноз; ва ба кофи форсӣ (яъне **гурозидан ва гирозидан**)* низ омада (аз «Бурҳон»).

**ҚАРДАН** کردن сивои маънии маъруф, ба маънии шудан низ омада, чунончи Нуруллоҳ ва Хони Орзу дар «Шарҳи Гулистон» ба мақоми боби панҷум навиштаанд.

**ҚАРМАН** ва **АРМАН** کرمن و ارمن мағриб ва машриқ (аз «Сироҷ» ва «Қирои-ус-саъдайн»).

**ҚАРГАСОНИ ГАРДУН** کرگسان گردون ду ситора ба сурати каргасе: якеро Насри Тоир ва дигареро Насри Воқеъ гуянд.

**ҚАР(Р)УБИЁН** کروبیان фириштагони муқарраб (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**ҚАРОМАТ ҚАРДАН** کرامت کردن додан.

**ҚИРАВ** کرو каштии хурд, ки дар дарьё бошад (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҚАРБОСУ** کرباسو ба маънии чалпоса, ки ба ҳиндӣ чҳипкалӣ гӯянд (аз «Сироҷ»).

**ҚУРОСА** کراسه ба маънии Қуръони маҷид ва мутлақ китоб (аз «Бурҳон»); ва дар «Мунтахаб» биззам ва ташдиди рои муҳмала ва тахфифи он (яъне **кур(р)оса**)* ҷузве аз китоб ва порае аз Қаломуллоҳ; ин лафзи арабист.

**ҚАРОНА** کرانه ба маънии канораи ҳар чиз (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҚИРОЯ** کرایه уҷрати бор кардани асп ва шутур; ва биҳил ва уҷрати нишастани хона ва дуккон (аз «Бурҳон»); ва баъзе ба маънии баробари ва сазоворӣ низ навишта; ва ин лафзи арабист, ки форсиён аз ҷинси каломи худ медонанд.

**ҚИРОЯНДА** کراینده кироякунанда (аз «Сироҷ»); ва ин иштиқоқ аз масдари ҷаълист аз олами *талабидан* ва *фаҳмидан*, зеро ки лафзи **кироя** арабист.

**ҚАРСАНА** کرسنا ғаллаест тираранг, ки таъми он мобайни адас ва мош аст (аз «Бурҳон»); ва соҳиби «Мустафвӣ» навишта, ки ба ҳиндӣ онро матар гӯянд [155].

**ҚУРА** کره ба маънии гуй, ки бад-он бозӣ кунанд; ва ҳар чизи мудаввар ва гирд, ки мисли гуй бошад; ва ба зам ва ташдиди ро (яъне **курра**)* бачаи аспу хар; ва ба маънии тозиёна; ва ба замми аввал ва сукуни дуввум ва изҳори ҳо (яъне **курҳ**)* нохушӣ ва сахтӣ ва ранҷ; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **карҳ**)* ҷабр ва норизомандӣ; ва ба фатҳи аввал ва касри сонӣ, бар вазни хаҷил (яъне **кариҳ**)* ба маънии кареҳ ва номарғуб; ва ба замматайн (яъне **куруҳ**)* *мухаффафи* **курӯҳ**, ки ба ҳиндӣ кус гӯянд; ва ба маънии асп ва тозиёна; ва ба маънии кус форсист ва боқӣ арабӣ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Чароғи ҳидоят»).

**ҚУРУҲ** کروه ба ҳиндӣ кус гуянд; ва он чаҳор ҳазор газ масофати замин бошад; ва назди баъзе се ҳазор газ ва ҳар газ ду заръ ва ҳар заръ ҳашт гира (аз «Муайид» ва «Сурурӣ» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва дигар кутуби ҳайъати ҳиндиён ва юнониён ва расоили масоҳат ва ҳисоб); агарчи дар кутуби мазкура дар таъйини **куруҳ** ихтилофи бисьёр аст, магар хулоса ҳамин аст, ки навиштам.

**ҚИРИШМА** کرشمه ишорат ба чашму абру (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Маҷмаъ-ул-фурс»); ва дар «Рашидӣ» ва «Қашф» ба фатҳатайн (яъне **карашма**)*.

**ҚИРМИ ПИЛА** کرم پیله кирми абрешум (аз «Латоиф»).

**ҚУРРОСӢ** کراثی ганданогун.

**ҚАРБАЛОӢ** کربلائی навъе аз либос ва қумош.

**ҚАРӢ** کری ношунавоӣ.

**ҚУРКӢ** کرکی ба маънии куланг, ки тоири маъруф аст (аз «Мунтахаб»).

**ҚУРПИЗӢ** کرپزی маккорӣ ва ҳилагарӣ; ва ба маънии шаҷоат ва доноӣ ҳам омада (аз «Қашф»); ва баъзе муҳаққиқон ба замми кофи форсӣ ва ба замми бои арабӣ (яъне **гурбузӣ**)* навишта ва баёнаш хоҳад омад, иншоаллоҳу таоло.

**ҚАРРУБӢ** کروبی ба маънии фириштаи муқарраб; ва дар «Хиёбон» навишта, ки **карруби** қисмест аз малоикаи муқарраба; ва дар «Қомус» аст **алкарубӣ** (битахфифурро) содотулмалоикат; ва ба ташдиди ро низ воқеъ шавад.

**ҚУРСӢ** کرسی тахти кучак; ва фалаки ҳаштум; ва **курсии хат** баробар ва ба мақоми худ уфтодани ҳуруф дар навиштан; ва **курсии айвон ва хона** иборат аст аз баландии замини айвон ва хона (аз «Латоиф» ва «Чароғи ҳидоят»).

### Фасли коф маъа зои муъҷама ва форсӣ

**ҚУЗОЗ** کزاز дардест, ки аз сахтии сармо дар бандгоҳи гардан ва си-

на ба сабаби ташаннуҷ ва инҷимоди аъсоб пайдо мешавад (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф» ва «Худуд-ул-амроз»).

**ҚАЗ** قز ба маънии қач; ва навъе аз абрешуми камқимат, ки **қаз** *муарраби* он аст (аз «Бурҳон»).

**ҚИЗЛИҚ** قزلق корди кӯчак (аз «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Мадор» ва «Сурурӣ»); магар дар «Ҷаҳонгирӣ» ба кофи форсии мафтуҳ ва касри лом ва кофи дуввум арабӣ (яъне **газлик**)*; ва дар «Сироҷ» навишта, ки ба кофи арабист ва қила ба кофи форсӣ (яъне **кизлик** ва **гизлик**)*; ва билфатҳ ва касри аввал ва ломи мафтуҳ (яъне **казлак** ва **кизлак**)* ба маънии мутлақ корди кӯчак.

**ҚАЖАҚ** قژاق онкас, ки филбонон бар сари фил зананд.

**ҚАЖДУМ//ҚАЗДУМ** قژدم // قزدم *ҳар ду дуруст*; ва ба кофи форсӣ (яъне **гаждум**)* чунонки гумон баранд, хатост.

**ҚАЗМ** قزم сабзае бошад, ки бар канори ҳавз ва лаби ҷӯ рӯяд (аз «Бурҳон»).

**ҚАЖМАЖЗАБОН** قژمژ زبان тифле, ки забонаш ба калимот хуб ҷорӣ набошад (аз «Рашидӣ»); ва дар «Бурҳон» ба маънии ғайри фасеҳ; ва дар «Сироҷ» навишта, ки ба маънии касе ки забонаш рост нагардад; ва лафзи **қаж** мубаддали **қач** ва **маж** аз тавобеъи ӯст.

**ҚУЗБУРА** قزبره кашнизи сабз (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАЖА** قژه гӯштпорае, ки дар ҳалқ овезон бошад; ба ҳиндӣ кавва номанд ва баъзе кагҳ гӯянд (аз «Ғароиб-ул-луғот» ва «Бурҳон»); ва ба маънии корди бузурги хамдор, ки бад-он гӯшт қима кунанд; ва дар ҷое ба маънии мазаи зумухт дида шуда.

**ҚАЖЗАХМА** قژزخمه бадамал ва дағобоз (аз «Сироҷ»).

**Фасли коф маъа сини муҳмала**

**ҚИСО** قسا ба маънии гилем, ки онро пӯшанд (аз «Мунтахаб»).

**ҚИСРО** قسری лақаби Нӯшервон; ва дар «Қомус» аст, ки **Қисро** *муарраби* **Хусрав**, ки ба маънии восеъулмулк (ё восеъулмалик, яъне подшоҳи сахӣ ва олиҳиммат)* аст (аз «Сироҷ» ва «Рисолаи муарработ»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **Қисро** *муарраби* **Хусрав** лақаби Нӯшервон ва лақаби дигар мулуки Форс ва мадоин, лиҳозо *ҷамъ* **акосира** меояд.

**ҚАСНО** قسنی навъе аз коснии саҳроӣ, ки талхмаза бошад.

**ҚУСБ** قسب кунҷораи равған; ва он суфли равған аст; ва билфатҳ (яъне **касб**)* ба маънии ҳосил кардан; ва *маҷозан* ба маънии ҳунар ва пеша (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**ҚИСВАТ** قسوت ҷомаи пӯшиданӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСОЛАТ** قسالت коҳил шудан (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСОД** قساد норавоии матоъ ва беравоҷии ашьё ва адами харидори он (аз «Мунтахаб» ва «Сироҷ»); ва ҳам дар «Сироҷ» навишта, ки **қасодӣ** (ба зиёдати ё) низ омада.

**ҚАСР** قسر шикастан ва шикастагӣ; ва ҳаракати зер, чаро ки талаффузи он ба инкисори лаби зерин ҳосил мешавад; ва билкаср ва фатҳи син (яъне **кисар**)* пораҳо; *ҷамъи* **касра** (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ҚУСУР** قسور *ҷамъи* қаср (аз «Мунтахаб»); ва бештар истеъмоли ин лафз дар пораҳои аъдод ояд, чунонки *нисф* ва *сулс* ва *рубъ* ва *хумс* ва ғайра.

**ҚАСИР** قسیر шикасташуда.

**ҚАС** قس ба маънии ёр ва рафиқ ва марди шариф; ва ба маънии мутлақи одамӣ низ меояд (аз «Хиёбон»).

**ҚУСУФ** قسوف гирифтани офтоб ва моҳ; ва бадҳол шудан; ва дар урф **кусуф** дар офтоб ва **хусуф** дар моҳ гӯянд (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСИФ** قسیف пӯшида ва бадҳол ва турушрӯ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСАЛ** قسل коҳилӣ ва сустӣ (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Муайид» ва «Мадор»).

**ҚАСОЛ** قسال дар ҳошияи «Маснавӣ» ин лафзро ба маънии дур ва ҷудо

навиштааст; ва дар «Латоиф» ва ғайра ёфта нашуд; зоҳиран саҳеҳ ба кофи форсӣ бошад.

**ҚУСЕЛ** کسیل дафъ кардан ва фиристодан (аз «Латоиф»); ва муаллиф гуяд, ки ин лафз ба кофи форсӣ саҳеҳ бошад.

**ҚАСЛОН** کسلان коҳил ва суст.

**ҚАСУҚӮ//ҚАСУ ҚӮ** کس و کو ба маънии ақрибо ва руфақо (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАСИДА** کسیده носара ва матоъи беравоҷ (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**ҚАСМА** کسمه мӯе чанд, ки ивази зулф онро миқроз кунанд ва ҳам дода бар рухсора овезанд (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Қашф»).

**ҚИСОЙИ//КИСОӢ** کسائی номи шахсест қорӣ ва наҳвии[156] машҳур, ки у аксар **кисо**, яъне гилем мепӯшид (аз «Мунтахаб»).

**ҚАСНО** کسنی *мухаффафи* **коснӣ** (аз «Бурҳон»).

**ҚАСЕ** کسی ин лафз барои накираи завилъуқул меояд, чунончи гӯӣ: *касе дар ин ҷо нест,* яъне одаме дар ин ҷо нест; ва дар ғайри завилъуқул истеъмоли ин лафз набояд сохт; ва он чи баъзе гӯянд, ки: *касе ҳавелӣ...* ва *касе хат...* ва амсоли инҳо маҳзи ғалат аст (аз «Наҳр-ул-фасоҳат» ва ғайри он); ва дар лафзи **касе** ёи аслӣ нест, гоҳе барои накира бошад ва гоҳе барои ваҳдат; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки лафзи **касе** сивои маънии маъруф, ба маънии замири мутакаллим ва мухотаб низ ояд; мисоли маънии аввал аз **Фитрат**, байт:

Аз тан сарам ҷудо куну аз ман ҷудо мабош.
Бераҳм бош, ҷони касе, бевафо мабош!

Мисоли дуввум Ашраф гӯяд, байт:

Биё, ки бар сари роҳат нигоҳам аз айнак
Шуд каф гирифта тарозуи интизори касе.

**ҚУСТӢ** کستی маъхуз аз **кустан**, ки ба маънии молидан аст; ва ба маънии кӯфтан низ; ва *маҷозан* ба маънии он ки ду шахс истода бо ҳам овехта зӯрозмоӣ кунанд (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Муайид»)[157].

**Фасли коф маъа шини муъҷама**

**ҚАШКОБ** کشکاب оши ҷав, ки барои беморон пазанд (аз «Бурҳон»).

**ҚУШТОСП** کشتاسپ номи подшоҳ; чун ин лафз ба кофи форсист, лиҳозо тафсили он дар кофи форсӣ мастур аст.

**ҚИШТ** کشت зироат; ва ба истилоҳи шатранҷ будани шоҳ дар он хона, ки агар дар он ҷо сивои шоҳ муҳраи дигар бошад, кушта шавад.

**ҚУШУС** کشوث номи давое, ки тухми онро ба сурьёнӣ динор гӯянд ва шарбати динор аз он аст (аз «Бурҳон»).

**ҚУШОД//ГУШОД** کشاد//گشاد сиғаи мозист, аз **кушодан**; ва ба маънии фароҳ ва тир аз камон раҳо кардан; ва ба маънии хушӣ ва фатҳ низ омада (аз «Бурхон» ва «Рашидӣ»); ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки лафзи **кушод**-ро мардуми форсӣ ба кофи форсӣ ва аҳли Мовароуннаҳр ба кофи арабӣ истеъмол кунанд.

**ҚИШИКДОР** کشکدار посбон ва чавкидор.

**ҚИШМАР** کشمر номи деҳест аз вилояти Туршез; ва билфатҳ ва билкаср ва мими максур (яъне **Қашмир** ва **Қишмир**)* *мухаффафи* **Қошмир**, ки шаҳри маъруф аст (аз «Бурҳон»).

**ҚАШВАР** کشور аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Баҳори Аҷам»; ва дар «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Мадор» билкаср (яъне **кишвар**)*, ба маънии мулк; ва соҳиби «Мадор» навишта, ки ҳар кишвар аз кишварҳои ҳафтгона ба яке аз сабъаи сайёра тааллуқ дорад, чунончи Ҳинд мутааллиқ ба Зуҳал аст ва Чин ба Муштарӣ ва Туркистон ба Миррих ва Хуросон ба Офтоб ва Мовароуннахр, яъне Турон ба Зуҳра ва Рум ба Уторид ва Балх ба Қамар.

**ҚУШҚАНҶИР** کشکنجیر чизе ки бад-он девори қалъа мешикананд; ва ба маънии тӯп *маҷоз* аст; ва ин *мухаффафи* **кӯшканҷир** (کوشك انجیر) аст; ва маънии таркибии ин лафз

қалъашигоф аст (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Сироҷ»); ва дар «Муайид» ба маънии гула навишта.

**ҚАШОВАРЗ** کشاورز музореъ ва деҳқон (аз «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» ва «Қашф»); ва соҳиби «Мадор» ба касри аввал (яъне **кишоварз**)* навишта; ва баъзе гуянд, ки дар асл **киштварз** буд, то-ро барои тахфиф ҳазф карданд ва алиф зиёда нумуданд; ва соҳиби «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» ва ғайра навишта, ки дар асл **киштовар** буд, то-ро ба ҷиҳати тахфиф ҳазф карданд ва қоида аст, ки зои муъҷамаро дар форсӣ дар охири баъзе алфоз зоид ҳам меоранд.

**КУШНИЗ** کشنیز тухми маъруф аст (аз «Муайид» ва «Қашф»)[158].

**ҚАШ** کش бағал ва сина ва камар (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»); ва дар «Қашф» ба маънии тиҳигоҳ; ва дар «Бурҳон» навишта, ки **Қаш** номи шаҳрест аз Мовароуннаҳр ва наздик ба Нахшаб; Ибни Муқаннаъ ҳар шаб моҳе аз чоҳе, ки дар навоҳии шаҳри Қаш воқеъ аст, мебаровард.

**ҚАШИШ** کشش лафзи туркист, бар вазни **ҳарис**; пешво ва муаллими тарсоён ва зоҳиди насрониён ва бутпарастон (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Чароғи ҳидоят» ва луғоти туркӣ ва «Рашидӣ»).

**ҚАШШОФ** کشاف бисьёр пайдокунанда ва бисьёр пардакушоянда; ва номи тафсир аз Ҷоруллоҳи Замахшарӣ.

**ҚАШФ** کشف бардоштани парда аз руи чизе ва кушода ва бараҳна кардан; ва ба фатҳатайн (яъне **кашаф**)* ҷонварест, ки дар об монад ва онро боха ва сангпушт гӯянд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҚАШҚ** کشک дуғи хушкшуда; ва баъзе гуянд, ки ба маънии ҷави муқашшар ва номи таомест мисли ҳариса, ки аз орди гандум ё ҷав ва шири гуспанд рост кунанд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **кушак**)* ба маънии қаср ва айвон, ҷаро ки *мухаффафи* **кӯшк** бошад; ва ба касри аввал ва сонӣ (яъне **кишик**)* дар туркӣ ба маънии посбонӣ (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**ҚАШКУЛ** کشکول бар вазни **мақбул**; косаи бузург, ки гадоён доранд (аз «Сироҷ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»).

**ҚАШХОН** کشخان қалтабон ва дайюс (аз «Бурҳон»).

**ҚАШИШОН** کشیشان зоҳидони насоро ва тафсилаш дар **қашиш** гузашт.

**ҚАШИДАН** کشیدن ба маънии ҷимоъ низ омада (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАШ ЗАДАН** کش زدن даст дар гардани ҳариф зада зур кардан (аз «Чароғи ҳидоят»); ва дар «Шарҳи Гулкуштӣ» ба замми коф (яъне **куш задан**)* ногаҳон даст дар гардани ҳариф андохта, зур кардан бар замин задан.

**КУШОДНОМА // ГУШОДНОМА** کشادنامه / گشادنامه фармони подшоҳӣ ва парвонаи маонӣ ва талоқнома (аз «Бурҳон» ва ғайра).

**КИШТА** کشته бар вазни **ришта**; ба маънии олу ва шафтолу ва зардолу ва амсоли он, ки донаи онҳоро берун сохта хушк карда бошанд (аз «Бурҳон»); ва дар «Ойини Акбарӣ» навишта, ки **кишта** (бил каср) чизест мураккаб аз уд ва лубон ва сандал ва лодан ва мушк ва набот ва гулоб курс баста нигоҳ доранд, дар сухтан буи хуш диҳад; ва биззам (яъне **кушта**)* ба маънии мақтул; ва *маҷозан* ба маънии ошиқ.

**КУШНИЗА** کشنیزه ғураи ангур, ки дар ибтидо баробари кушниз бошад.

**ҚАШТӢ** کشتی сафина, ки дар дарьё бошад; ва навъе аз пиёлаи шароб (аз ««Бурҳон» ва «Муайид» ва «Рашидӣ» ва «Сироҷ»); ва низ соҳиби «Рашидӣ» навишта, ки таҳқиқ он аст, ки ба фатҳи кофи форсӣ (яъне **гаштӣ**)-ст, мансуб ба **гашт** ва сайр; ва **куштӣ** (биззам) мусораат; ва аз руи таҳқиқ ин лафз бад-ин маънӣ ба сини муҳмала аст, мансуб ба **кустан**, ки ба маънии куфтан аст. Чун ду кас бо ҳам куштӣ гиранд, яке мар дигареро мехоҳад, ки бар замин бикубад (аз «Рашидӣ»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва «Сурурӣ» ва «Баҳори Аҷам» низ талаффузи ин бад-ин маънӣ ба сини муҳмала (яъне **кустӣ**)* таҳқиқ шуда.

**КИШИКЧӢ** کشکچی посбон [158а].

### Фасли коф маъа зои муъҷама

**КИЗЗАТ** کظّت пурии меъда ва пурии мутлақ (аз шарҳи «Нисоб»).

**КАЗМ** کظم хашм фуру хурдан (аз «Мунтахаб»).

**КАЗИМ** کظیم хашм фурухуранда (аз «Мунтахаб»).

### Фасли коф маъа айни муҳмала

**КАЪБ** کعب шитолинг; ва ба маънии устухони мураббаъ, ки бад-он бозии нард бозанд (маънии аввал аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва ба истилоҳи илми ҳисоб номи мартабаи севвум аст аз манозили ҷабр ва муқобала, чунончи мартабаи аввалро **шайъ** гӯянд ва мартабаи сониро **мол** ва мартабаи солисро **каъб**; чун шайъро дар шайъ зарб кунанд, мол гӯянд; ва чун молро дар ҳамон шайъ зарб кунанд, каъб номанд, масалан: адади 3-ро шайъ фарз кардем ва чун 3-ро, ки **шайъ** бошад, дар 3 зарб кардем, 9 ҳосил шуд; ва ин навъ ҳосили зарбро мол хонанд; ва чун молро, ки 9 аст боз дар шайъ, ки 3 аст, зарб намоӣ 27 (бисту ҳафт) ҳосил шавад; ва ин қисм ҳосили зарбро, ки ба мартабаи севвум аст, каъб номанд; ва номи падари қабилае аз Араб; ва номи бозии атфол; ва номи яке аз асҳоб, яъне Каъб ибни Зуҳайр, ки маддоҳи ҳазрати расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама буд.

**КУЪУБАТ** کعوبت нуҳусат ва душворӣ (аз «Шамсӣ»); ин лафз, ки дар номаи Абулфазл омадааст, ба маънии мазкур муносиби мақом наменамояд ва на мувофиқи луғоти муътабара; пас аз «Сурох» ва «Қомус» ва ғайра ба маънии баландӣ ва тараффуъ мафҳум мегардад; чун муродифи **шамотат** воқеъ шуда ва **шамотат** ба маънии шод шудан аст бар ранҷи душманон, пас **куъубат** ҳам ба маънии баландӣ ва тараффуъи худ бошад бар мухолифон; ва ғолиб ин аст, ки **куъубат** (**کئوبت**) бошад (ба замми коф ва замми ҳамза), ба маънии шикастагӣ ва бадҳолӣ, чунонки аз «Қомус» ва «Сурох» зохир мешавад; ва он чи дар нусхаҳои ҳол ба айн ёфта мешавад ба иттибоъи таҳрифи котибони қадим аст.

**КУЪАЙТ** کعیت булбул (аз «Сурох» ва шурӯҳи «Нисоб»).

**ҚАЪҚ** کعک навъе аз нони равғанӣ ва ширин; ва ин *муарраби* кок аст (аз шарҳи «Нисоб» ва «Рисолаи муарработ» ва «Муайид»).

**ҚАЪБИ ҒАЗОЛ** ва **ҚАЪБУЛҒАЗОЛ** کعب غزال و کعب الغزال навъе аз шакарпора (аз «Бурҳон»); ва баъзе гӯянд, ки онро ба ҳиндӣ батаса гӯянд.

**ҚАЪБИ ГУРГИ ПАЙҚОН** کعب گرگ پیکان устухони шитолинги гург, ки пайкон дар пои худ банданд, ба хосияти он аз рафтан монда нашаванд.

**ҚАЪБАТАЙН** کعبتین ду понса бошанд кучак аз устухони мураббаъи шашпаҳлу, ки бар паҳлуи хар як понса аз як то шаш адад нақш кунанд ва бад-он нард бозанд (аз «Қашф» ва ғайра).

**ҚАЪБА** کعبه исми байтуллоҳ; дар асл ба маънии муртафеъ аст; чун бинои Қаъба аз замин муртафеъ ва баланд аст, лиҳозо Қаъба ном карданд; ё муртафеъ аст аз рӯи маротиб (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Сурох» навишта аз ин ки Қаъба мураббаъ ва чаҳоргӯша аст, чи такъиб ба маънии чаҳоргуша кардан аст ва ба маънии понсаи қиморбозӣ ҳам омада, зеро ки понсаи бозии нард мураббаъ ва чаҳоргӯша бошад.

**ҚАЪБИ ЛАНГАРӢ** کعب لنگری номи шахсе, ки ниҳоят ҳариси хӯрдан ва пуртамаъ буд.

### Фасли коф маъа фо

**ҚАФФУЛХАЗИБ** کف الخضیب номи ситораест сурхранг ба ҷониби шимол, ки чун ба доираи нисфуннаҳор расад вақти иҷобати дуъост; ва **кафи хазиб** бидуни алифу ломи таъриф, ба маънии дасти рангин (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ҚАФОЛАТ** کفالت зомин шудан ва мутааҳҳид шудан (аз «Мадор» ва ғайри он).

**КИФОЯТ** كفايت бас шудан ва кофӣ шудан ва суд гирифтан (аз «Мунтахаб»); ва ба касри аввал ва ҳарфи чаҳорум ҳамза (яъне **кифоъат** (كفائت)* монанди ҳамдигар шудан дар қавм.

**ҚУФОТ** كفات *ҷамъи* **кофӣ,** ба маънии доноёни коргузор.

**ҚАФТ** كفت ба маънии шигофт ва тарконид; ва ин сиғаи мозист аз **кафтан** (аз «Бурҳон»).

**ҚАФТОР** كفتار ҷонварест саҳроии даранда, ки ба ҳиндӣ ҳундар гӯянд (аз «Латоиф» ва ғайри он); ва баъзе гӯянд ба маънии зани соҳира низ аст, ки ҷигари мардум ба нигоҳи хеш бароварда мехурад; ба ҳиндӣ даян номанд; ва асл ин аст, ки **кафтор** дар форсӣ ва даян дар ҳиндӣ номи ҳамон даррандаест, ки бештар сагро шикор мекунад. Чун зани соҳираи мазкура он даррандаро ба сеҳр мусаххар карда сувор мешавад, *маҷозан* зани соҳираи ҷигархорро гӯянд.

**ҚУФР** كفر ногаравидан ва носипосӣ; ва билфатҳ (яъне **кафр**)* ба маънии пушидан ва кузаи бузург (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»)[159].

**КУФУР** كفور носипоси; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **кафур**)* носипосикунанда аз неъмат (аз «Мунтахаб»).

**ҚАФЛИЗ** ва **ҚАФЧАЛИЗ** كفليز و كفچليز номи ҷонвари обӣ аз қисми вазағ; ва ба маънии кафча, ки дар он сӯрох-сӯрох бошанд (аз «Латоиф»).

**ҚАФ(Ф)** كف панҷа ва кафи даст; ва ба маънии бозистода кардан касеро ва ду пора духтан ҷомаро бар якдигар ва нобино кардан ва хирқа ва луқма ва сокит кардани ҳарфи ҳафтуми рукни баҳр, чун нун: фоилотун ва мафоилатун; ва дар форсӣ билфатҳ ва тахфиф (яъне **каф**)* ба маънии кафи дасту по; ва ба маънии забад, чунончи *кафи дарьё* ва *кафи собун*: ва ба маънии сӯхтаи чақмоқ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Суроҳ»).

**ҚАФОФ** كفاف андоза ва он қадар маъош, ки кифоят кунад ва мустағнӣ созад аз талаб ва он рӯзӣ ва маъош ва харҷи рӯзмарра бошад (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Латоиф» ва «Суроҳ» ва «Ҳиёбон»).

**ҚАФАҚ** كفك кафи даст; ва ба маънии кафи об ва кафи собун ва кафи шир ва амсоли он (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚАФАЛ** كفل сурини одамӣ ва ҳайвон; ва билкаср (яъне **кифл**)* баҳра ва ҳиссаи чизе; ва он ки бар сутур натавонад нишаст; ва гилем, ки бар пушти сутур андозанд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Баҳори Аҷам»).

**ҚАФИЛ** كفيل мутааҳҳид ва зиммадор ва зомин ва қабулкунандаи коре бар худ (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**КАФИ ДУЪО ГИРИФТАН** كف دعا گرفتن даст ба дуъо бардоштан.

**КИФФАТАЙН** كفتين ҳар ду паллаи тарозу[160].

**КАФИДАН** كفيدن таркидан (аз «Бурҳон»).

**КАФОНИДАН** كفانيدن тарконидан (аз «Бурҳон»).

**КАФ ҚАРДАН** كف كردن ба маънии хурдан (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАФАН ПОРА ҚАРДАН** كفن پاره كردن шифо ёфтан аз бемори ва заъф; ва наҷот ёфтан аз офат ва маҳлака.

**КУФРОН** كفران носипосӣ.

**ҚАФАН** كفن лафзи арабист; форсиён гоҳе тафрис карда **кафан**-ро ба сукуни фо (яъне **кафн**)* оранд, Шифой гуяд, мисраъ:

Аз латтаи ҳайзи ҳоҳарат кафн кунад...

**КУФУ** كفو ҳамҷинс ва ҳамнасаб ва монанд ва ҳамто; ва ин лафз ба замми аввал ва сукуни сонӣ (яъне **куфв**)* низ омада (аз «Суроҳ»).

**ҚАФЧА** كفچه ҷумчаи калон ва сари мор, ки ба сурати кафча паҳн мекунад.

**ҚАФФА** كفه паллаи тарозу ва ҳар чиз, ки мисли он гирд бошад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Суроҳ» ва «Тоҷ-ул-луғот»); ва низ дар «Латоиф» навишта, ки ба замм ва ташдид (яъне **куффа**)* ба маънии ҳошияи пироҳан; ва ба фатҳ

ва тахфиф (яъне **кафа**)* дар форси хушаи нимкуфта ва он чи дар-у дона бошад.

**ҚАФФОРА** كفاره пушандаи гуноҳон ва он бадали ҷиноят бошад, масалан дар шикастани қасам ва хурдани руза муъовизаи гуноҳ нумоянд: ва **каффораи қасам** як банда озод кардан ё се руза доштан, ё даҳ мискинро таом, ё даҳ мискинро кисват пушонидан; ва **каффораи савм** думоҳа руза доштан ё шаст мискинро таом (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Фатовӣ»-и Фирузшоҳӣ»).

**ҚАФИДА** كفيده ба маънии тарқида ва шигофта (аз «Қашф» ва «Фарҳанги Ҳусайнӣ» ва «Бурҳон» ва «Сурурӣ»).

**ҚАФАРА** كفره *ҷамъи* **кофир.**

**ҚАФШАКӢ** كفشكى номи дови куштӣ, ки чун ҳариф дарёбад, ки ҳеч ҷои худаш дар банди хасм нест, ногоҳ сари по бар хусяаш занад, то муаллақ бар замин ояд (аз «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**Фасли коф маъа лом**

**ҚАЛЛО** كلا ҳарф аст барои радди сухани пешин; ҳосили маънии он ин аст, ки: «чунин нест»; ва гоҳе барои мусаллам доштани сухани ғайр бошад, дар ин сурат исм бошад, ба маънии «ҳақ аст»; ва ба тахфифи лом (яъне **кало**)* ба маънии гиёҳи тар (аз «Қашф» ва «Сурох»); ва ба касри аввал ва тахфиф (яъне **кило**)* лафзе мавзуъ барои маънии ташбеҳ; ва дар ин ҳолат бидуни изофат мустаъмал намешавад.

**КИЛЕСО** كليسا парастишгоҳи куффор (аз «Қашф» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Бурҳон»).

**ҚАЛБИ АВВО** كلب عوا саги бисьёр фарьёдкунанда: ва номи манзиле аз манозили Қамар ва он чаҳор ситораанд ба сурати саги овозкунанда.

**ҚАЛБ** كلب саг; ва ба фатҳи аввал ва касри лом (яъне **калиб**)* ба маънии девона ва газанда (аз «Мунтахаб»).

**КИЛОБ** كلاب *ҷамъи* **калб**, ки ба маънии саг бошад (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЛБИ ҚАЛИБ** كلب كلب ба маънии саги гаванда ва саги девона (аз «Мунтахаб»).

**ҚУЛЛУБ** كلوب анбури оҳангар, ки бад-он оҳани гармро мегиранд (аз «Мунтахаб»).

**ҚУЛУХКУБ** كلوخ كوب олатест, ки музореъон бад-он кулухи калонро бикубанд ва бишкананд (аз «Хиёбон»).

**ҚАЛАКХУСП** كلك خسپ муфлиси парешонҳол; чи **калак** ба маънии гулхан аст (аз «Чароғи ҳидоят»); ва баъзе ба ҷои **хусп** лафзи часп (ба фатҳи ҷими форсӣ )низ навиштаанд; ва **калак** ба маънии хокистар низ марқум сохтаанд.

**ҚАЛОТ** كلات деҳ ва қаря ва қалъаи болои куҳ ва номи фанне аз куштӣ (аз «Чароғи ҳидоят» ва ғайра).

**ҚУЛУФТ** كلفت ба маънии гунда ва дурушт ва ноҳамвор (аз «Бурҳон» ва «Бахори Аҷам»); ва биззам ва фатҳи фо (яъне **кулфат**)* кудурат ва ранҷ ва андуҳ; ба ин маънӣ арабист (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

ҚАЛОЛАТ كلالت монда шудан ва кунд шудан ва бепадару модар шудан ва бефарзанд шудан (аз «Мунтахаб»).

**КИЛОЪАТ** كلائت бар вазн ва маънии ҳиросат ва ҳифозат (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЛОНАВАТ** كلانوت қавмест аз мутрибон; ва ин лафзи ҳиндист[164].

**ҚАЛКАҶ** كلكج ситезакунанда.

**ҚАЛАНД** كلند бар вазни **саманд**; олатест оҳанӣ, ки бад-он заминро барои зироат бикованд; ба ҳиндӣ кассӣ гуянд (аз «Сурурӣ» ва «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**КИЛИД** كليد он чи ки бад-он қуфл бикшоянд.

**ҚАЛЛАИ ҚАНД** كله قند кузаи қанд.

**ҚАЛБУЛҶАББОР** كلب الجبار ситораест ба сурати калб.

**ҚУЛУХАНДОЗ** كلوخ انداز сурохҳо, ки дар девори қалъа созанд, ки аз миёни онҳо сангу кулух бар душманон андозанд; ва алҳол аз онҳо ба бундуқҳо ҷанг мекунанд; ва ҷашне ва ишрате ва шаробхорӣ, ки

дар ҳафтаи охирини моҳи шаъбон кунанд; ва ба маънии фалохан низ омада (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам»).

**КИЛС** كلس лафзи арабист; ба маънии оҳаки сифед ва чуна ва оҳаке, ки бад-он иморат созанд; ва ба фатҳатайн ва сини муҳмала (яъне **калас**)* дар ҳиндӣ қуббаро гуянд, ки бар гунбади аморӣ ва буруҷ ва масоҷид ва кунгураҳои иморат насб кунанд.

**ҚУЛЛИЙЁТИ ХАМС** كليات خمس бидон ки дар мантиқ панҷ кулли аст: аввал ҷинс, чун ҳайвон; дуввум навъ, чун инсон; севвум фасл, чун нотиқ; чаҳорум хосса, чун зоҳик; панҷум арази ом, чун мошӣ.

**ҚУЛОҒ//ҚАЛОҒ** كلاغ зоғи даштӣ (аз «Бурҳон»).

**ҚАЛМУРҒ** كلمرغ навъест аз каргаси сурхсар, ки бар сараш пар набошад (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҚАЛАФ** كلف доғҳои тира, ки бар рухсораи баъзе мардум падид ояд; ва ба маънии ишқ (аз шарҳи «Нисоб» манқул аз «Қанз» ва «Мағриб» ва «Қомус»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки билфатҳ (яъне **калф**)* шефта шудан ба чизе.

**ҚАЛМАҲУЛБАРҚ** كلمح البرق мисли дурахшидани барқ, яъне ба зудии тамом.

**ҚИЛҚ** كلك ҳар найи миёнхолиро умуман ва найқаламро хусусан; ва ба фатҳатайн (яъне **калак**)* ба маънии ништари ҳаҷҷом ва фассод, ки ба ҳиндӣ онро пачҳна гуянд; ва ба маънии шум ва номуборак ва бало ва сахтӣ ва дарди сар; ва билфатҳ (яъне **калк**)* ба маънии бағал ва оғуш; ва биззам (яъне **кулк**)* ба маънии пашми нарми дунба (аз «Сироҷ» ва «Мусталаҳот» ва «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**ҚУЛУНГ** كلنگ дастафрозест, ки бадон замин ва девор кованд; ва ба замми аввал ва фатҳи лом (яъне **кулaнг**)* паррандаи мушобеҳ ба сорас ва номи соз (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»); ва дар луғоти туркӣ барои маънии аввал, ба замми аввал ва фатҳи лом навишта ва гуфта, ки ба форсӣ онро **каланд** номанд; ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки ба фатҳи аввал ва сонӣ (яъне **каланг**)* *мубаддали* **галанд**, зеро ки доли муҳмала ба кофи форсӣ бадал мешавад.

**ҚАЛОЛ** كلال дар арабӣ мондагии аъзо ва хирагӣ ва кундӣ; ва ба замми аввал (яъне **кулол**)* дар форсӣ ба маънии касе ки зуруф аз гил созад (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ҚАЛ** كل касе ки сари у бему бошад аз ҷушиши сар; ба ин маънӣ туркист; ва билфатҳ ва ташдиди лом (яъне **калл**)* ба маънии гунг ва лол; дар ин сурат лафзи арабист; ва дар «Мунтахаб» ба маънии кунд шудани забон; ва биззам ва ташдид (яъне **кулл**)* ба маънии ҳама ва ҷамеъ; ва дар «Латоиф» навишта, ки ин лафзи муфрад аст, ки ба маънии ҷамъ ояд; ва дар истилоҳи суфия **кулл** воҳиди мутлақро гуянд, **кулл** исми ҳақ таолост ба эътибори ҳазрати воҳидийят ва илохийят, ки ҷомеъи маҷмуъи асмост.

**ҚАЛАЛ** كلل паре чанд аз мурғи махсус, ки подшоҳон ва ҷавонон ба дастор ва кулоҳ ниҳанд ва онро ҷиға ва калғӣ низ гуянд (аз «Бурҳон»); ва дар арабӣ шугуфтагии марғзор бо гулҳо (мустафод аз «Сурох»); ва билкаср (яъне **килал**)* гунгӣ ва бастазабонӣ (аз «Латоиф»).

**ҚАЛМАЛ** ва **ҚАЛҚАЛ** كلمل و كلكل ҳарзагуӣ (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАЛМАҚАЛ** كلمكل шуру ғавғо.

**ҚАЛИЛ** كليل кунд ва суст ва мондашуда ва хира ва гунг (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҚАЛОМ** كلام сухан гуфтан; ва ба истилоҳи илми наҳв лафзест, ки мутазаммин бошад ду калимаро, яъне мураккаб бошад аз ду исм ё феъл ва исм, ки нисбати яке ба дигаре бошад бар ин ваҷҳ ки фоидаи том диҳад, чунончи: «Зайдун қоимун» ва «қома Зайдун». Ва **калом** илмест, ки дар он масоили нақлиро ба далоили ақлӣ собит кунанд ва **мутакаллим** донандаи он илм аст (аз «Мунтахаб» ва «Чаҳор шарбат»).

**ҚАЛОМИ МУСТАДОМ** كلام مستدام иборат аст аз каломи илоҳӣ ва ваҳй.

**ҚАЛМ** كلم хаста ва маҷрӯҳ кардан; ва ба фатҳи аввал ва касри лом

(яъне **калим**)* суханҳо, *ҷамъи* **калима** (аз «Мунтахаб»).

**КУЛУМ** كلوم чироҳатҳо (аз шуруҳи «Нисоб»).

**ҚАЛИМ** كليم сухангӯй ва ҳамсухан ва маҷруҳ; ва лақаби Мусо алайҳиссалом, чаро ки аксар бо ҳақ таоло калом мекарданд; ва тахаллуси шоире.

**ҚАЛБАТОН** ва **ҚАЛБАТАЙН** كلبتان و كلبتين олатест оҳангаронро, ки бад-он оҳани гармро гирифта ба дасти дигар аз митрақа мекубанд ва онро анбур ва моша низ гӯянд; ва ба маънии гулгири шамъ низ омада (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва шуруҳи «Нисоб»); зоҳиран ин ҳар ду лафз таснияи **калба** аст, ки як парран онро мегуфта бошанд.

**КУЛЯТАЙН** كليتين ҳар ду гурда; ва ин *таснияи* **куля** аст.

**ҚАЛИДОН** كليدان кундаеро гӯянд, ки бар пои дуздон ва гунаҳгорон ниҳанд; ва ба касри аввал (яъне **килидон**)* олати басту кушоди дари боғ ва дари кӯча ва қуфлро низ гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Муайид»).

**ҚАЛОШКАН** كلا شكن навъе аз ҳалво, ки бағоят сахт бошад (аз «Бурҳон»).

**КИЛИД АФГАНДАН** كليد افگندن дар вилоят расм аст, ки чун занони он ҷо ба фолгуш мутаваҷҷеҳ шаванд, афсуне хос бар килид дамида бар сари роҳ андозанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАЛЛА БАР ҚАЛЛАИ ҚАСЕ ЗАДАН** كله بر كلهٔ كسی زدن *киноя аз* даъвои баробарӣ доштан (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАЛОҒ ГИРИФТАН** ва **ҚАЛОҒ ЗАДАН** كلاغ گرفتن و كلاغ زدن таъна задан ва истеҳзо кардан (аз «Мусталаҳот»).

**КУЛОҲ АНДОХТАН** ва **КУЛОҲ БА ҲАВО АНДОХТАН** ва **КУЛОҲ БАР ОСМОН АНДОХТАН** كلاه انداختن و كلاه بهوا انداختن و كلاه بر آسمان انداختن *киноя аз* камоли завқу шодмонӣ ва хушҳолӣ (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»); ва шахсе **кулоҳ андохтан** ба маънии оҷизӣ кардан низ навишта.

**ҚУЛОҲ АФГАНДАН** ва **ҚУЛОҲ БАРҚАШИДАН** كلاه افگندن و كلاه بركشيدن *мурод аз* таъзим, чаро ки дар баъзе мулкҳо барои таъзими дигаре кулоҳи худро аз сар баргиранд, чунончи дар аҳли Фаранг маъмул аст.

**ҚУЛОҲГУША ШИКАСТАН** كلاه گوشه شكستن фахр кардан.

**ҚУЛӮХИ ХУШК БАР ЛАБ МОЛИДАН** كلوخ خشك بر لب ماليدن *киноя аз* махфӣ ва пинҳон доштани амре (аз «Бурҳон»).

**ҚУЛӮ** كلو ба маънии калонтар ва раиси маҳалла; ва баъзе ба касри аввал (яъне **килу**)* хондаанд (аз «Латоиф»); ва ба замматайн ва вови маъруф (яъне **кулу**)* дар арабӣ сиғаи ҷамъи амри ҳозир, ба маънии бихӯред; дар ин сурат баъди вов алифи зоид ҳам менависанд, барои аломати тамйизи вови ҷамъ аз вови аслӣ.

**ҚАЛИМА** كلمه ба маънии сухан (аз «Қашф» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба маънии як сухан; ва низ дар «Мунтахаб» навишта, ки ба истилоҳи наҳвиён **калима** лафзест муфрад, ки маънӣ дошта бошад; ва мантиқиён **калима** феълро гӯянд.

**КИЛЛА** كله он чи мисли ҳаймаи кӯчак аз ҷомаи борику тунук ба ҷиҳати манъи пашша ва магас созанд (аз «Рашидӣ» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»); ва соҳиби «Қашф» ва «Муайид» ба маънии хайма ва соябон навишта; ва **кулаҳ** (биззам ва тахфифи лом ва ҳои малфуз) маъруф аст, ки бар сар пӯшанд; ва ба маънии олати таносул; ва ба маънии ҳаракоти ҷимоъ (аз «Мусталаҳот» ва «Чароғи ҳидоят»).

**ҚАЛТА** كلته ба маънии андак; ва ба маънии думбурида ва касе ки ҳарф ба махраҷ гуфтан натавонад; ва чубдасти кӯчак ва ситабр; ба ҳиндӣ онро сунта ва гатка гӯянд (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Қашф» ва «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки дар асл ба маънии бурида ва мақтуъ аст, лиҳозо **калтадум** ба маънии буридадум ва **калтапар** ба маънии буридапар ва **калтазабон**

ба маънии гунг; ва ҳар шайъи ноқисро *маҷозан* **калта** гӯянд.

**ҚАЛОФА** کلافه ба маънии калова; ва фаннест аз кушти, ки ҳар ду пои худ ба гардани ҳариф банд карда уро мисли калофа бипечанд; фои **калофа** мубаддал аз вов аст, дар асл калова буд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚУЛИЧА** کلیچه нони хамирии майда.

**ҚАЛОВА** ва **ҚАЛОБА** کلاوه و کلابه ресмоне, ки бар чангалук тананд; ба ҳиндӣ аттия гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚАЛОТА** کلاته ба маънии деҳи кучак; ва ба маънии мазраъа (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚУЛЯ** کلیه гурда, ки узви даруниш маъруф аст; ва ба замми аввал ва ташдидиломи мақсур ва ташдиди ёи таҳтонӣ (яъне **куллийя**)* ба маънии ҳамагӣ ва ҳама будан (аз «Мунтахаб»); ва ба истилоҳи мантиқ мафҳуме ба ваҷҳе, ки манъ накунад нафси тасаввури вуқуъи у аз вуқуъи ширкат дар вай, чунончи мафҳуми инсон, ки ҳайвони нотиқ аст содиқ меояд бар Зайд ва Бакр ва Холид ва ғайруҳум.

**ҚАЛПАТРА** کلپتره ба маънии нодуруст (аз «Кашф» ва «Мадор» ва «Сурурӣ»); ва дар «Бурҳон» ва «Сироҷ» ба маънии беҳуда ва бемаънӣ.

**ҚУЛУНБА** کلنبه кулича, ки аз халво ва мағзи бодом пур кунанд (аз «Сироҷ»).

**ҚУЛОЛА** کلاله муи печида; ва ба маънии зулф низ омада; ва ин лафз ба кофи форсӣ (яъне **гулола**)* низ омада (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**ҚУЛБА** کلبه хонаи кучак; ва ба маънии гӯша ва дуккон ҳам омада (аз «Бурҳон»).

**ҚУЛОҲ** کلاه маъруф аст; ва ба маънии тоҷи подшоҳӣ омада (аз «Бурҳон»).

**ҚАЛИЛА** کلیله номи шағолест, ки қиссаи у дар китоби «Қалила ва Димна» мастур аст (аз «Латоиф»).

**ҚАЛОПЕСА** کلاپیسه гаштани чашм бошад аз ҳоли худ, чунончи сиёҳии чашм пинҳон шавад ба лаззати бисёри шаҳват ё ба воситаи заъф ё ба ҷиҳати хашм ва эъроз (аз «Латоиф»).

**ҚИЛОСА** کلاسه маъхуз аз **килс**, ки (билкаср аст) ба маънии чуна ва оҳак ва гач, чунонки дар «Қанз» омада; пас маънии **килоса** он чи аз чуна сохта бошанд, чунонки **ҳи бола** ба маънии дом, ки аз ҳабл сохта мешавад («Шарҳи Гулистон» аз Абдулғанӣ ва «Сироҷ»); ва он чи баъзе шореҳони «Гулистон» ва баъзе аҳли луғат **кулоса** (ба замми аввал) номи мавзеъ гуфтаанд, зоҳиран хатост, чаро ки дар масҷид тахсиси мавзеъи дигар гунҷоиш надорад.

**ҚАЛОМӢ** کلامی мансуб ба **илми калом**; ва илми калом иборат аз маърифати ақоид аст ба адиллаи ақлийяи муайиди нақл; ва гоҳе *мурод аз* **каломӣ** шахсе ки завқи тавҳиди аёнӣ наёфта бошад ва роҳи маърифати илоҳӣ ба пои истидлол рафта бошад (аз «Латоиф»).

**ҚИЛКИ ФАРАНГӢ** کلک فرنگی навъе аз қалам, ки онро ҳоҷат ба давот набошад; ва он чубе бошад миёнтиҳи ва андаруни он миле аз қисми оҳани маснуъӣ ё аз сурб муҳкам карда мениҳанд, ки ба вақти навиштан мили мазкур ба коғаз суда ҳуруфи моил ба сиёҳӣ зоҳир мегарданд. Подшоҳон ва умароён аксар бад-он қалам барароизи мардум дастхат менумоянд.

**ҚУЛЛИИ ҶУЗЪӢ** کلی جزئی ба истилоҳи мантиқ **куллӣ** он аст, ки мафҳуми у аз ширкат ибо накунад, чунончи: ҳайвон; ва **ҷузъӣ** он аст, ки мафҳуми у ибо кунад аз ширкат, чунончи: Зайд ва Амр.

### Фасли кофи арабӣ маъа мим

**ҚУММАСРО** کمثری баёнаш дар охири ҳамин фасл мастур аст.

**ҚИМХОБ** کمخاب соҳиби «Кашф» гуфта, ки билкаср (яъне **кимхоб**)* саҳеҳ аст; ва дар «Бурҳон» навишта, ки билкаср ва билфатҳ (яъне **кимхоб** ва **камхоб**)* ҳар ду саҳеҳ; ва дар «Рашидӣ» навишта, ки билкаср (яъне **кимхоб**)* саҳеҳ нест, чаро ки **хоб** кам дорад; ва **хоб** ба маънии он аст, ки онро ба ҳиндӣ рунва гӯянд (ба зам), яъне пашми борик.

**КАМОТ** كمات саморуғ; ва он чизест сифед ба шакли байза ва баъзе сурати чатр дар айёми барсот аз замин руяд; ва ба замми коф (яъне **кумот**)* ба маънии диловарон ва сипоҳиён; ин *ҷамъи* камӣ-ст, ки ба маънии диловар бошад (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва ин лафз ба ҳар ду маънӣ ба тои мудаввар менависанд.

**КУМАЙТ** كميت ба маънии шароби лаъли ангурӣ, ки ба сиёҳӣ занад; ва аспи сурхранг, ки ба сиёҳӣ занад ва ёлу думи ӯ сиёҳ бошад; ва номи шоире аз Араб; ва ба фатҳи аввал ва ташдиди мими максур ва ташдиди таҳтонӣ (**каммийят**)* ба маънии чанде ва миқдори чизе ки санҷида шавад ё паймуда шавад ё шумурда шавад («Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Мунтахаб» ва «Сурох» ва ғайри он).

**КАМАНДИ ВАҲДАТ** كمند وحدت ресмоне бошад аз решум ва ғайра, ки дарвешон ва суфиён ба вақти муроқаба гирди камар ва зону печида менишинанд (аз «Мусталаҳот» ва «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**КАМАРИ ВАҲДАТ** كمر وحدت ба маънии каманди ваҳдат (аз «Мусталаҳот»).

**КУМОЧ** كماچ навъе аз нон аст, ки ситабр бошад; ва ба маънии бодресаи хайма; ва ин лафзи туркист (аз «Бурҳон» ва «Мусталаҳот»).

**КАМАНД** كمند дар асл **хаманд** буд, зеро ки маънии ҳаму печ ва инъитоф дар-ӯ зоҳир аст (аз «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф»).

**КАМАРБАНД** كمربند чокар; ва ба маънии миёнбанд.

**КИМОД** كماد гарм кардани узв ба чизе ки он чизро аввал аз оташ гарм карда бошанд (аз «Кашф»).

**КАМАР БАР КАМАР** كمر بر كمر ба маънии баландӣ бар баландӣ; чи камар ба маънии баландӣ ҳам омада; ва ба маънии баробар — баробар низ омада (аз «Сироҷ» ва «Кашф» ва «Бурҳон»).

**КАМАР** كمر маъруф аст, яъне миён; ва ба маънии миёнбанд, ки ба ҳиндӣ патка гӯянд; ва ба ин маънӣ *маҷоз* аст; ва гареваи миёни кӯҳро низ гӯянд (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Сироҷ»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **камар** дар асл ба маънии миён аст; ва ба маънии банде, ки бар камар банданд *маҷозан* шуҳрат гирифта. Пас **камарбанд**-ро баъзе ғалат гӯянд маҳалли назар аст.

**КУМИЗ** كميز бар вазни **гурез**; ба маънии бавл; ва ба касри аввал (яъне **кимиз**)* низ омада; ва ба кофи форсӣ (яъне **гимиз**)* низ навиштаанд (аз «Бурҳон»).

**КУМУК** كمك иъонат ва мададгорӣ, чи дар кору бор ва чи дар ҷанг (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**КАМОЛ** كمال тамом ва тамом шудан; ва тахаллуси ду шоир: яке аз Исфаҳон [162]. ва дигаре аз Хуҷанд (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**КАМОНИ РУСТАМ** كمان رستم қавси кузаҳ (аз «Мусталаҳот»).

**КАМ** كم дар арабӣ ба маънии чанд; ва ба маънии бисьёр; ва биззам ва тахфифи мим (яъне **кум**)* замири ҷамъи музаккари мухотаб, ба маънии шумо; ва билфатҳ ва ташдиди мим (яъне **камм**)* миқдори чизе; ва биззам ва ташдиди мим (яъне **кумм**)* ба маънии остин; ва билкаср ва ташдид (яъне **кимм**)* ғилофи шугуфа; ва **акмом** *ҷамъи* ин ҳар ду (аз «Мунтахаб» ва ғайра); ва лафзи кам (билфатҳ) дар форсӣ ва лафзи андаке ҳар ду агарчи барои маънии таклил аст, лекин аксар ба маънии нафйи мутлақ ояд (аз «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф»).

**ҚАМАМ** كمم номи толоб дар Кашмир.

**КАМИН** كمين пинҳон шудан дар ҷое ба қасди душман ё шикор (аз «Бурҳон»); ва дар «Мунтахаб» пинҳоншаванда дар корзор ва ҷуз он; ва дар «Сироҷ» навишта, ки **камин** бар вазни **нигин** лафзи арабист; аз ин ҷост, ки соҳиби «Қомус» ба маънии касе оварда, ки ба қасди касе пинҳон нишинад; ва **камингоҳ** ҷои шахси мазкур; ва **камин** кардан *маҷозан* ба маънии пинҳон шудан ба қасди касе ё чизе; ва метавонад, ки **кардан** дар ин ҷо ба маънии шудан бошад, чунонки Саъдӣ фармояд, мисраъ:

Табъи туро то ҳаваси наҳв кард...

ва низ *маҷозан* ба маънии каминготҳ омада, чунонки *фулонӣ дар камин аст*; ва дар форсӣ ба маънии чизи кам омада.

**ҚАМЗАН** کمزن ба маънии камҳиммат навиштаанд; ва баъзе гуфта, ки **кам зан** яъне зикраш кам кун, яъне зикраш тарк кун.

**ҚАМОН** کمان дар асл **хамон** буд (ба фатҳи хои муъҷама), мансуб ба **хам**; ба тағйири алсина хо ба коф бадал шуда (аз «Бурҳон»).

**ҚАМИ ЧИЗЕ ГИРИФТАН** کم چیزی گرفتن нушуда ва нобуд ангоштан; бидон ки лафзи **кам** дар мақоми маъдум ва нафйи мутлақ истеъмол кунанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАМАНД ҲАЛҚА ҚАРДАН** کمند حلقه کردن мустаъиди сайд ва пайкор будан.

**ҚАМОНИ ҚАСЕ ҚАШИДАН** کمان کسی کشیدن ҳамоварди у шудан ва аз ухдаи он баромадан (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАММУН** کمون номи давоест, ки ба ҳиндӣ зира гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); **маъҷуни каммунӣ** аз ин мураккаб бошад.

**ҚАМАР БОХТАН** کمر باختن камар шикастан ва бетоқат мондан аз бим ва ғам.

**ҚАМАР КУШОДАН** کمر کشادن тарк кардани коре ва фарох кардан (аз «Бурҳон»).

**ҚАМОНИ ШАЙТОН** کمان شیطان қавси қузаҳ.

**ҚАМОН АЗ ТОҚИ БАЛАНД ОВЕХТАН** کمان از طاق بلند آویختن аз зуҳури амри азим ва кори аҷиб тафохур кардан; маъмул аст, ки чун касе фатҳи азим мекунад, камони худро аз ҷои баланд меовезад.

**ҚАМОНЧА** کمانچه номи созе маъруф, ки мизроби он камоншакл чизест (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚАМОНА** کمانه камони наҷҷорон, ки бармаро бад-он ба гардиш оранд (аз «Бурҳон»).

**ҚАМАРИ ҚУҲ** کمر کوه миёни куҳ (аз «Сироҷ»).

**ҚАМОНҶУЛА** کمان جوله ба маънии қирбон, ки камонро дар он гузоранд, чаро ки ҷӯла ба маънии тарказ аст; чун қирбон бе тарказ набанданд, лиҳозо чунин гуфта шуд (аз «Сироҷ»).

**ҚАМОНГУРУҲА** کمان گروهه камоне, ки дар он ғулула ниҳода раҳо кунанд (аз «Бурҳон»); ва ба ҳиндӣ онро ғулел гуянд.

**ҚУММАСРО** کمثری номи мевае, ки онро ба форсӣ амруд гуянд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАМИЙ(Й)** کمی бар вазни **фаъил**; ба маънии диловар ва далер, ки бо силоҳ бошад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ҚАМОҲИЯ//ҚАМОҲӢ** کماهی ба маънии чунончи он муқаддима ҳаст.

**ҚАМОЯНБАҒӢ** کماینبغی ба маънии чунончи ки сазовор аст; дар ин лафз коф ҳарфи ташбеҳ ва лафзи **мо** зоида, чаро ки баъди кофи ташбеҳ лафзи **мо** зоида оранд, то ҳарфи ҷорра бар феъл наёяд ва **янбағӣ** сиғаи музореъ аз **инбиғой**, ки ноқиси ёист аз боби инфиъол, ба маънии сазовор шудан.

### Фасли кофи арабӣ маъа нун

**ҚУНДАИ ПО** کندهٔ پا чӯби калон ва сангин, ки сурохе чанд дошта бошад, ки пои гунаҳгорон дар он андохта банд кунанд.

**ҚАНАБ** کنب ресмонест, ки онро аз пусти катон созанд ва он ниҳоят муҳкам бошад; ва навъе аз хиёр аст; ва ба маънии барг ва тухми банг; ва ба арабӣ ба маънии чиркки дасту по (аз «Бурҳон»).

**ҚУНИШТ** کنشت бутхона (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Рашидӣ» оташкада навишта; ва дар «Бурҳон» ба ҳамон ҳаракоти мазкура ба маънии маъбади яҳуд; ва дар «Сироҷ» низ ба ҳамон ҳаракоти мазкура ба маънии ибодатхонаи куффор.

**ҚУНЯТ** کنیت номе ки дар аввали он лафзи **аб** бошад ба насб, ё ба ҷарр, ё ба рафъ; ё лафзи **умм** бошад, ё **ибн**, ё **бинт**, чун: *Абулҳасан* ва *Абибакр* ва *абоҳурайра* ва *уммулкитоб* ва *умми Кулсум* ва *Ибни Ҳоҷиб* ва *ибнуссабил* ва *бин*-

гулкарм, ба маънии шароби ангури ва *бинтуссадр* ба маънии андеша; ва гоҳе лафзи **кунят** дар форси ба маънии лақаб ҳам мустаъмал мешавад.

**КИНОЯТ** کنایت пушида сухан гуфтан ва сухани пўшида; ва ба истилоҳ чизеро ба чизе дар зеҳн ташбеҳ карда, исми мушаббаҳро махфи дошта, номи мушаббаҳун биҳи мазкур сохтан; мисоли он, байт:

Лўълу аз наргис фурў борида гулро об дод,
В-аз тагарги рўҳпарвар молиши уннов дод.

Яъне маъшуқ ранҷида шуд ва ашк аз чашм фурў борида рухсораро об дод ва аз дандони рўҳпарвар лаби худро молиш дод.

**КУНЧАД** کنجد тухмест маъруф, ки аз он равған гиранд; ба ҳинди онро тил гуянд (ба касри тои фавқонӣ).

**ҚАНД** کند ба маънии шакар; ва қанд *муарраби* ин аст; ва номи деҳест аз Хуҷанд; ва ба туркӣ мутлақ деҳро гўянд (аз «Сироҷ»); ва дар «Бурҳон» ба маънии ҷироҳат ва реш; ва ба маънии гурез ва гурехтан низ омада; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки ба истилоҳи тирандозон кашише, ки баъди кашидани камон дар ҳолати кушод тир кунанд.

**ҚАНУД** کنود ба маънии носипос ва замине, ки дар ў гиёҳ нарўяд; ва ба амматайн (яъне **кунуд**)* носипосӣ (аз «Латоиф»).

**КУНГУР** کنگر *мухаффафи* **кунгура**, ки болои иморат созанд (аз «Сироҷ»).

**ҚУНДУР** کندر самғи дарахтест мушобеҳ ба мастаки (аз «Мунтахаб»).

**ҚАНОР** کنار канораи чизе ва гуша ва тараф; ва ба каср (яъне **кинор**)* ба маънии бағал ва оғўш; ва ба замми аввал (яъне **кунор**)* самарест хушмаза; ба ҳиндӣ онро бер гўянд (аз «Бурҳон»); ва соҳиби «Рашидӣ» хилофи он навишта, ки ба каср гўшаи ҳар чиз ва тараф; ва ба фатҳ бағал; ва соҳиби «Қашф» низ ба фатҳ (яъне **канор**)* ба маънии бағал гуфта.

**ҚУНДОВАР** کنداور доно ва ҳаким ва паҳлавон (аз «Рашидӣ»).

**ҚАНАНДАИ ДАРИ ХАЙБАР** کنندهٔ در خیبر *киноя аз* ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу.

**КУНДПИР** کند پیر пирзани солхўрда.

**ҚАНЗ** کنز ганҷ ва хизона; ва номи китоб дар илми фиқҳ; ва номи китобе дар луғат.

**КУНУЗ** کنوز *ҷамъи* **канз**, ки *муарраби* **ганҷ** аст.

**ҚАНИЗ** کنیز ба маънии зани мамлука ва парастори занон; ва ба маънии духтари бикр ва душиза низ омада (аз «Бурҳон»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба касратайн (яъне **киниз**)*.

**ҚАННОС** کناس он ки хошоки хонаи мардум рўбад; ва онро ба форсии Ҳиндустон **хокруб** ва *маҷозан* ба маънии ҷаллод ва гарданзананда низ омада; ва ба касри аввал ва тахфифи нун (яъне **кинос**)* ҷои хоб кардани оҳу ва гавазн (аз «Суроҳ» ва ғайра).

**ҚАНОИС** کنائس масоҷид ва маъобиди тарсоён (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**КИНГОШ** کنگاش машварат ва салоҳпурсӣ; ва ин лафзи туркист (аз «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва луғоти туркӣ).

**КИНГАШ** کنگش ба маънии машвара; ва ин *мухаффафи* **кингош** аст.

**ҚАНИШ** کنش ба маънии кина; ва ба замми коф ва касри нун (яъне **куниш**)* ба маънии кирдор ва амал (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАНАФ** کنف ҷониб ва канора ва паноҳ (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Қашф»).

**ҚАНИЗАК** کنیزک кофи охири ин лафз ҷузви калима нест, балки барои тасғир ё таҳқир.

**КУНЧИШК** کنجشک тоири маъруф; ва номи чўбест дар соз; ва дар «Бурҳон» ва «Музил» ва «Муайид» ин лафз ба замми кофи форсӣ ва касри чим (яъне **гунчишк**)* аст; ва дар «Ҷаҳонгирӣ» низ ба замми кофи форсӣ ва фатҳи ҷим.

**КУНГ** کنگ фарбеҳ ва қавиҳайкал ва хўшаи хурмо; ва билкаср (яъне **кинг**)* ба маънии беҳаё ва забоно-

Табъи туро то ҳаваси нахв кард...

ва низ *маҷозан* ба маънии камингоҳ омада, чунонки *фулонӣ дар камин аст*; ва дар форсӣ ба маънии чизи кам омада.

**ҚАМЗАН** کمزن ба маънии камҳиммат навиштаанд; ва баъзе гуфта, ки **кам зан** яъне зикраш кам кун, яъне зикраш тарк кун.

**ҚАМОН** کمان дар асл **хамон** буд (ба фатҳи хои муъҷама), мансуб ба **хам**; ба тағйири алсина хо ба коф бадал шуда (аз «Бурҳон»).

**ҚАМИ ЧИЗЕ ГИРИФТАН** کم چیزی گرفتن ношуда ва нобуд ангоштан; бидон ки лафзи **кам** дар мақоми маъдум ва нафйи мутлақ истеъмол кунанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАМАНД ҲАЛҚА КАРДАН** کمند حلقه کردن мустаъиди сайд ва пайкор будан.

**ҚАМОНИ ҚАСЕ ҚАШИДАН** کمان کسی کشیدن ҳамоварди у шудан ва аз ӯҳдаи он баромадан (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАММУН** کمون номи давоест, ки ба ҳиндӣ зира гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); **маъҷуни каммунӣ** аз ин мураккаб бошад.

**ҚАМАР БОХТАН** کمر باختن камар шикастан ва бетоқат мондан аз бим ва ғам.

**ҚАМАР ҚУШОДАН** کمر کشادن тарк кардани коре ва фарох кардан (аз «Бурҳон»).

**ҚАМОНИ ШАЙТОН** کمان شیطان қавси қузаҳ.

**ҚАМОН АЗ ТОҚИ БАЛАНД ОВЕХТАН** کمان از طاق بلند آویختن аз зуҳури амри азим ва кори аҷиб тафохур кардан; маъмул аст, ки чун қасе фатҳи азим мекунад, камони худро аз ҷои баланд меовезад.

**ҚАМОНЧА** کمانچه номи созе маъруф, ки мизроби он камоншакл чизест (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚАМОНА** کمانه камони наҷҷорон, ки бармаро бад-он ба гардиш оранд (аз «Бурҳон»).

**ҚАМАРИ ҚУҲ** کمر کوه миёни кӯҳ (аз «Сироҷ»).

**ҚАМОНҶӮЛА** کمان جوله ба маънии қирбон, ки камонро дар он гузоранд, чаро ки **ҷӯла** ба маънии таркаш аст; чун қирбон бе таркаш набанданд, лиҳозо чунин гуфта шуд (аз «Сироҷ»).

**ҚАМОНГУРУҲА** کمان گروهه камоне, ки дар он ғулула ниҳода раҳо кунанд (аз «Бурҳон»); ва ба ҳиндӣ онро ғулел гӯянд.

**ҚУММАСРО** کمثری номи мевае, ки онро ба форсӣ амруд гӯянд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚАМИЙ(Й)** کمی бар вазни **фаъил**; ба маънии диловар ва далер, ки бо силоҳ бошад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ҚАМОҲИЯ//ҚАМОҲӢ** کماهی ба маънии чунончи он муқаддима ҳаст.

**ҚАМОЯНБАҒӢ** کماینبغی ба маънии чунончи ки сазовор аст; дар ин лафз коф ҳарфи ташбеҳ ва лафзи **мо** зоида, чаро ки баъди кофи ташбеҳ лафзи **мо** зоида оранд, то ҳарфи ҷорра бар феъл наёяд ва **янбағӣ** сиғаи музореъ аз **инбиғой**, ки ноқиси ёист аз боби инфиъол, ба маънии сазовор шудан.

**Фасли кофи арабӣ маъа нун**

**ҚУНДАИ ПО** کندۀپا ҷӯби калон ва сангин, ки сӯрохе чанд дошта бошад, ки пои гунаҳгорон дар он андохта банд кунанд.

**ҚАНАБ** کنب ресмонест, ки онро аз пусти катон созанд ва он ниҳоят мустаҳкам бошад; ва навъе аз хиёр аст; ва ба маънии барг ва тухми банг; ва ба арабӣ ба маънии чирки дасту по (аз «Бурҳон»).

**ҚУНИШТ** کنشت бутхона (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Рашидӣ» оташкада навишта; ва дар «Бурҳон» ба ҳамон ҳаракоти мазкура ба маънии маъбади яҳуд; ва дар «Сироҷ» низ ба ҳамон ҳаракоти мазкура ба маънии ибодатхонаи куффор.

**ҚУНЯТ** کنیت номе ки дар аввали он лафзи **аб** бошад ба насб, ё ба ҷарр, ё ба рафъ; ё лафзи **умм** бошад, ё **ибн**, ё **бинт**, чун: *Абулҳасан* ва *Абибакр* ва *абоҳурайра* ва *уммулкитоб* ва *умми Кулсум* ва *Ибни Ҳоҷиб* ва *ибнуссабил* ва *бин.*

*тулкарм*, ба маънии шароби ангури ва *бинтуссадр* ба маънии андеша; ва гоҳе лафзи **кунят** дар форси ба маънии лақаб ҳам мустаъмал мешавад.

**КИНОЯТ** کنایت пушида сухан гуфтан ва сухани пушида; ва ба истилоҳ чизеро ба чизе дар зеҳн ташбеҳ карда, исми мушаббаҳро махфӣ дошта, номи мушаббаҳун биҳи мазкур сохтан; мисоли он, байт:

Луълу аз наргис фурӯ борида гулро об дод,
В-аз тагарги руҳпарвар молиши унноб дод.

Яъне маъшуқ ранҷида шуд ва ашк аз чашм фурӯ борида рухсоро об дод ва аз дандони руҳпарвар лаби худро молиш дод.

**КУНҶАД** کنجد тухмест маъруф, ки аз он равған гиранд; ба ҳиндӣ онро тил гӯянд (ба касри тои фавқонӣ).

**ҚАНД** کند ба маънии шакар; ва **қанд** *муарраби* ин аст; ва номи деҳест аз Хуҷанд; ва ба туркӣ мутлақ деҳро гӯянд (аз «Сироҷ»); ва дар «Бурҳон» ба маънии ҷироҳат ва реш; ва ба маънии гурез ва гурехтан низ омада; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки ба истилоҳи тирандозон кашише, ки баъди кашидани камон дар ҳолати кушод тир кунанд.

**ҚАНУД** کنود ба маънии носипос ва замине, ки дар ӯ гиёҳ нарӯяд; ва ба замматайн (яъне **кунуд**)* носипосӣ (аз «Латоиф»).

**КУНГУР** کنگر *мухаффафи* **кунгура**, ки болои иморат созанд (аз «Сироҷ»).

**КУНДУР** کندر самғи дарахтест мушобеҳ ба мастакӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҚАНОР** کنار канораи чизе ва гуша ва тараф; ва ба каср (яъне **кинор**)* ба маънии бағал ва оғӯш; ва ба замми аввал (яъне **кунор**)* самарест хушмаза; ба ҳиндӣ онро бер гӯянд (аз «Бурҳон»); ва соҳиби «Рашидӣ» хилофи он навишта, ки ба каср гӯшаи ҳар чиз ва тараф; ва ба фатҳ бағал; ва соҳиби «Қашф» низ ба фатҳ (яъне **канор**)* ба маънии бағал гуфта.

**КУНДОВАР** کنداور доно ва ҳаким ва паҳлавон (аз «Рашидӣ»).

**ҚАНАНДАИ ДАРИ ХАЙБАР** کنندهٔ در خیبر *киноя аз* ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу.

**ҚУНДПИР** کند پیر пирзани солхӯрда.

**ҚАНЗ** کنز ганҷ ва хизона; ва номи китоб дар илми фиқҳ; ва номи китобе дар луғат.

**ҚУНУЗ** کنوز *ҷамъи* **канз**, ки *муарраби* **ганҷ** аст.

**ҚАНИЗ** کنیز ба маънии зани мамлука ва парастори занон; ва ба маънии духтари бикр ва дӯшиза низ омада (аз «Бурҳон»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба касратайн (яъне **киниз**)*.

**ҚАННОС** کناس он ки хошоки хонаи мардум рӯбад; ва онро ба форсии Ҳиндустон **хокрӯб** ва *маҷозан* ба маънии ҷаллод ва гарданзананда низ омада; ва ба касри аввал ва тахфифи нун (яъне **кинос**)* ҷои хоб кардани оҳу ва гавазн (аз «Сурoҳ» ва ғайра).

**ҚАНОИС** کنائس масоҷид ва маъобиди тарсоён (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**КИНГОШ** کنگاش машварат ва салоҳпурсӣ; ва ин лафзи туркист (аз «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва луғоти туркӣ).

**КИНГАШ** کنگش ба маънии машвара; ва ин *мухаффафи* **кингош** аст.

**ҚАНИШ** کنش ба маънии кина; ва ба замми коф ва касри нун (яъне **куниш**)* ба маънии кирдор ва амал (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАНАФ** کنف ҷониб ва канора ва паноҳ (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Қашф»).

**ҚАНИЗАК** کنیزک кофи охири ин лафз ҷузви калима нест, балки барои тасғир ё таҳқир.

**КУНҶИШК** کنجشک тоири маъруф; ва номи ҷӯбест дар соз; ва дар «Бурҳон» ва «Музил» ва «Муайид» ин лафз ба замми кофи форсӣ ва касри ҷим (яъне **гунҷишк**)* аст; ва дар «Ҷаҳонгирӣ» низ ба замми кофи форсӣ ва фатҳи ҷим.

**ҚУНГ** کنگ фарбеҳ ва қавиҳайкал ва хушаи хурмо; ва билкаср (яъне **кинг**)* ба маънии беҳаё ва забоно-

вар; ва билфатх (яъне **канг**)* ба маънии боли мурғ ва бозуи инсон ва шохи дарахт; ва ба замми кофи форсӣ (яъне **гунг**)* ба маънии инсони безабон (аз «Латоиф»).

**ҚУНОМ** كنام оромгоҳи баҳоим ва ошьёнаи мурғони саҳро ва чарогоҳ (аз «Сурурӣ» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ҚУНДУЛОН** كندلان хаймаи калон ва бузург, ки пеши дарвозаи подшоҳ истода кунанд; ва ин лафзи туркист (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ҚАНОН** كنان ба маънии кухна; ва ба каср (яъне **кинон**)* ба маънии пушиш (аз шарҳи «Нисоб»).

**КИН(Н)** كن ба маънии парда ва пушиш; ва ба замми коф (яъне **кун**)* дар арабӣ сиғаи амр аст, ба маънии шав, муштақ аз **кона якуна кавнан**; ва ишорот бошад ба амри ҳақ таоло дар рузи азал дар **боби** пайдо шудани мавчудот (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва ба касри аввал (яъне **кин**)* дар туркӣ ба маънии пас ва ақиб.

**КУН-МАКУН** كن مكن ба маънии амру наҳӣ, ки хукумат иборат аз он аст (аз «Бурҳон»).

**ҚАНЪОН** كنعان номи писари Нуҳ алайҳиссалом, ки куфр варзида буд; ва номи шахри Яъқуб алайҳиссалом; ва номи падари Нумруд (аз «Шарҳи Хоқонӣ» ва «Муайид» ва «Бурҳон»).

**ҚУНДА ШУДАН** كنده شدن банд шудан.

**ҚУНДА ҚАРДАН** كنده كردن номи дов аз куштӣ; ва он пои худро дар пои ҳариф банд карда зур бар синаи ҳариф овардан аст (аз шарҳ).

**КАНДАН** كندن маъруф аст; ва ба маънии рамидан низ омада.

**ҚУНФАКОН** كن فكان хосили маънии ин маҷмуъ *«шав, пас шуд»*, *мурод аз* олами мавчудот.

**КУНФАЯКУН** كن فيكون *киноя аз* олами мавчудот.

**КУНУН** كنون ба маънии акнун (аз «Бурҳон»).

**КУНДУ** كندو хуми бузург, ки аз гил созанд ва дар он ғалла пур кунанд (аз «Латоиф»).

**ҚИНОЯ** كنايه пушида сухан гуфтан ба тавре ки маънии он сареҳ ва зоҳир набошад.

**ҚАНОНА** كنانه кухна; ва ба касри аввал (яъне **кинона**)* кеши тир, ки онро таркаш гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҚУНҲ** كنه дар арабӣ ба маънии поёни чизе ва вақти кор ва ҳақиқати чизе; ва ба замматайн ва ҳои мухтафи (яъне **кунух**)* дар форсӣ чонварест кучак, ки бар саг ва дигар чонварон часпад; ба арабӣ онро қурод гуянд (ба замми қоф; аз «Бурҳон» ва «Сироч» ва «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ҚУНДА** كنده ҳар чуби ситабр ва бузург; ва ба маънии чубе калони сурохдор, ки пои мучримон ба сурох дохил карда ба мех банд намоянд; ва номи фанне аз кушти; ва билфатх (яъне **канда**)* ба маънии хандак; ва лафзи **хандақ** *муарраби* ҳамин аст (аз «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Мусталаҳот»).

**КИНИСА** كنيسه маъбади габрон ва тарсоён (аз «Бурхон» ва «Суроҳ»).

**ҚАНОРА** كناره маъруф аст (аз «Бурҳон» ва «Чаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ»).

**ҚУНЧОРА** كنجاره он чи баъд аз кашидани равған суфли кунчад ва ғайра монад (аз «Бурхон»).

**ҚУНОСА** كناسه хошок ва он чи ба чоруб аз чое руфта гардад (аз «Мунтахаб»).

**ҚАНДУРӢ** كندورى суфра ва дастархони таом (аз «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Сироч»).

**ҚУНЧҚОВӢ** كنج كاوى ба маънии тафаҳҳус ва талош ва диққат ва ғавр ва имъон.

**ҚАНДАКОРӢ** كنده كارى нақшхо, ки ба зар ва чубу санг ва амсоли он канaнд (аз «Мусталаҳот»).

### Фасли кофи арабӣ маъа вов

**ҚАВКАБ** كوكب ситораи равшан ва бузург (аз «Мунтахаб»).

**ҚӮЛОБ** كولاب ба маънии толоб (аз «Бурҳон»).

**КАВОИБ** کواعب занони норпистон; ва ин *ҷамъи* **коиб** аст (аз «Мунтахаб»).

**КУДОБ** کوداب оше бошад, ки онро аз ширан ангур пазанд (аз «Бурҳон»).

**КУЧАИ САЛОМАТ** کوچهٔ سلامت хандаке бошад бисьёр каҷу пурпеч, ки аҳли муҳосира аз миёни мурчоли худ дар паноҳи каҷиҳояш ба қурби қалъаи ғаним мерасанд.

**КУҲИ РАҲМАТ** کوه رحمت номи кухест қарибн Макка, ки онро ҷабалуррахмат гуянд.

**КУСТ** کوست ба маънии садама (аз «Бурҳон»).

**КАВСАҶ** کوسج *муарраби* **куса**, ки маънии он дар таҳқиқи **куса** мазкур аст (аз «Бурҳон» ва «Рисолаи муарработ»).

**КУХ** کوخ хонае, ки аз наю алаф созанд; ва хонаи беравзан; ва гиёҳе, ки аз он ҳасир бофанд; ва ба маънии кирм, чунонки: *дар фулон чиз кух уфтода* (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Латоиф»).

**КУД** کود тудаи хирмани ғалла ва тафсири маҷмӯъа ҳам ҳаст, ки дар муқобалаи пароганда бошад (аз «Бурҳон»).

**КАВНУ ФАСОД** کون و فساد мавҷуд шудан ва табоҳ гардидан.

**КУҲИ ЗУМУРРУД** کوه زمرد *мурод аз* ин шайъи муҳол.

**КУЧАБАНД** کوچه بند ба маънии маҳфуз; ва куча ки ба ҳар ду сари он дарвоза бино карда бошанд, ки ба вақти андешаи офате онҳоро банд нумоянд.

**КАВР** کور афзунӣ ва печи дастор (аз «Суроҳ»).

**КӮКНОР** کوکنار ғузаи хашхош: мураккаб аз **кӯк**, ки ба маънии сурфа аст ва **нор**, ки тарҷамаи руммон, зеро ки ба сурфа муфид аст (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**КУРАР** کورر дар тӯркӣ ба маънии мебинад.

**КУНИ ХАР** کون خر нодон ва аҳмақ ва марди беақл (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **куни хар** (ба изофат) *киноя аз* мардуми бетамизу аҳмақ.

**КУТАҲНАЗАР** کوته نظر ноокибатандеш (аз «Бурҳон»).

**КАВЕР** کویر бар вазни **далер**; замини беоб ва сароб (аз «Бурҳон»); ва дар шарҳи «Нисоб» ба кофи форсӣ (яъне **гавер**)* ба маънии замини ҳамвор.

**КАВТАР** کوتر ба маънии кабутар.

**ҚУЗАИ ҚИМОР** کوزهٔ قمار шахсе ки зар ба қиморбозон вом бидиҳад; чун ба тафориқ аз онҳо боз биситонад дар қуза ҷамъ менумояд.

**КУЗ** کوز дар арабӣ ба маънии қӯза ва ҳар зарфи дастадор (аз «Мунтахаб»); ва дар форсӣ ба маънии хамида ва дутошуда; ва ба маънии пуштхамида (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва ба замми коф ва вови маъдула ва сукуни зои муъҷама (яъне куз)* дар туркӣ чашмро гуянд, ки тарҷамаи айн аст (аз луғоти туркӣ).

**КӮС** کوس нақораи бузург; ва ба маънии куфтан ва осеб ва садама; ва нақораро ба муносибати куфтан **кӯс** гуянд; ва ба маънии сафи лашкар ва парраи фавҷ ва қатор; ва навъе аз бозӣ, ки мушобеҳи шатранҷ аст; ва ба маънии гушаи ҷома ва гилем ва палос низ омада; ва ба маънии имову ишорот (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ»).

**КӮШ** کوش номи рӯзи чаҳордаҳум аз ҳар моҳи шамсӣ (аз «Бурҳон» ва «Муайид»); ва дар «Рашидӣ» ба ин маънӣ ба кофи форсӣ (яъне **гӯш**)*-ст.

**КУРНУШ** کورنش ба маънии хам шуда салом кардан; ва касоне ки вовро малфуз кунанд, хатост (аз луғоти туркӣ).

**КУКАЛТОШ** کوکلتاش бародари ризоъӣ (аз луғоти туркӣ); лиҳозо бародари ризоъии подшоҳро **кукалтошхон** лақаб бошад. Муаллиф гуяд, ки бародари ризоъӣ дар ин ҷо мурод аз писари доя нест, балки шахси дигар бошад; ва **кукалтош** мураккаб аст аз **кука** ва **тош** ва ломи таҷъил, зеро ки **кука** писари дояро гуянд ва **тош** мубаддали **дош**, ки калимаи иштирок аст, чунонки дар форсӣ лафзи **ҳам**; пас **кукалтош** ба маънии хамкука бошад, яъне ду шахс, ки шири як доя хӯрда бо-

шанд. Биззарур писари он доя он ҳар ду шахсро кука бошад ва он ҳар ду шахс бо ҳам кукалтош бошад, яъне ҳамкука; ва он чи **кукалтош** ба маънии писари доя гӯянд, зоҳиран *маҷоз* бошад, ки уро дар туркӣ фақат **кука** номанд.

**ҚУФ** کوف бум, ки тоири манҳус аст (аз «Фирдавс-ул-луғот»).

**ҚӮҲИ МАҲРУҚ** کوه محروق кӯҳест дар роҳи Макка.

**ҚУҚ** کوک ба маънии овози бисьёр баланд; ва тухми коҳу, ки хӯрданаш хоб орад; ва ба вови маҷҳул (яъне **кӯк**)* ҳамоҳанг кардан созеро бо якдигар ва мувофиқ сохтани овозҳои торҳо ва асвот; ва ба маънии сурфа, ки онро ба арабӣ суъол гӯянд; ва аз ин ҷиҳат ғузаи хашхошро кӯкнор гӯянд, ки ба сурфа муфид аст; ва ба туркӣ ба вови маъруф (яъне **кук**)* ба маънии кабуд ва нилгун (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам»); ва **кук** (ба замми коф ва вови ғайри малфуз ва сукуни кофи арабӣ) дар туркӣ бех ва решаи дарахт; ва ба маънии чоқ ва тандуруст (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**ҚӮДАҚ** کودک мураккаб аз **кӯд**, ки ба маънии фузла ва наҷосат аст; чун атфол беҳуш дар ридаи ихтиёр ва эҳтиёт надоранд, лиҳозо чунин гуфтанд; ва ин таҳқиқ ҳарчанд дар зоҳир макрӯҳ аст, лекин баёни воқеъиро чӣ чора. Ғояташ дар урф бар писари амрад ва ноболиғ итлоқ кунанд (аз «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф»).

**ҚУЙЛАҚ** کویلك дар туркӣ ба маънии пироҳан.

**ҚӮЧАҚ** کوچك ба маънии хурд; ва номи мақомест аз дувоздаҳ мақоми мусиқӣ (аз «Чаҳор шарбат»).

**ҚУШҚ** کوشك қаср ва бинои баланд (аз «Бурҳон»); ва ба вови маҷҳул ва фатҳи шин (яъне **кушак**)* низ омада.

**ҚӮЛ** کول толоб ва мағок; ва ба фатҳатайн (яъне **кавал**)* пӯстине, ки аз пусти меши бузург дӯзанд; ва баъзе ба маънии гилеми кӯҳна навишта; ва дар ҳиндӣ ба фатҳатайн, ба маънии нилуфари офтобӣ, ки гулаш сурх бошад ва онро ба ҳиндӣ каммал низ гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ»).

**ҚӮЧАҚАБДОЛ** کوچك ابدال **ба** истилоҳи қаландарон муридеро гӯянд, ки аз дигар муридон сағир ва хурдсол бошад (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Чаҳор шарбат»).

**ҚУТВОЛ** کوتوال муфарраси лафзи ҳиндист, ба маънии соҳиби қалъа; чи дар асл **кутвол** буд (ба тои сақили ҳиндӣ).

**ҚУТАЛ** کوتل маркаби суворӣи хос; ин лафзи туркист (аз луғоти туркӣ).

**ҚУПОЛ** کوپال гурзи оҳанӣ (аз «Бурҳон» ва «Сурурӣ» ва «Рашидӣ»).

**ҚАВОИБИ АНҶУМ** کواعب انجم Банотуннаъш.

**ҚУҚ ШУДАН** کوك شدن мувофиқ шудани соз бо созе (аз «Баҳори Аҷам»).

**ҚӮҚ ҚАРДАН** کوك کردن мувофиқ кардани соз ва мувофиқ кардани овоз (аз «Бурҳон»).

**ҚУКИН** کوکن бар вазни **мӯъмин**; номи вилоятест аз мулки Дакан, ки бар соҳили дарьёи Шӯр аст; ва дар форсӣ ба маънии **чуғд**, ки тоири манҳус аст; ва ба маънии дулмул (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Сироҷ»)[163].

**ҚАВН** کون ба маънии будан ва ҳаст шудан (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии дуньё ва ин ҷаҳон мустаъмал мешавад; ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **кавн** (билфатх) масдар аст, ба маънии мавҷуд шудани чизе; ва олами мавҷудотро **кавн** аз он гӯянд, ки баъд аз набудан буд шуд; ва дар «Бурҳон» навишта, ки дар арабӣ чизе ҳодисро гӯянд, яъне собиқ набуд ва ҳоло пайдо карда шуд.

**ҚУҲҚАН** کوهکن лақаби Фарҳод; зеро ки Хусрави Парвез ба фиреби ваъдаи васли Ширин кӯҳи Бесутунро аз Фарҳод кандонида, роҳи ҳамвор пайдо сохта буд (аз «Сироҷ»).

**ҚУН ХОРИДАН** کون خاریدن пушаймон шудан (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ҚУРДИН** کوردین бар вазни **пӯстин**; ҷомаи пашмин ва гилем (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид»).

**ҚУРГОН** کورگان он ки аз ҷониби модар ҳам подшоҳзода бошад **(аз**

«Мадор»); ва дар луғоти туркӣ навишта, ки: шахсе ки насабаш ба салотин расад ва нисбати домодӣ ҳам дошта бошад; ва дар «Сурурӣ» ба кофи аввали форсӣ ва кофи дуввум арабӣ (яъне **гуркон**)*, ба маънии подшоҳе, ки духтари хоқони Чин дар ҳиболаи никоҳи ӯ бошад.

**ҚАВОЛИДАН//ҚУВОЛИДАН** کواليدن болидани зироат ва ғайра (аз «Бурҳон»).

**КӮҲИ МОРОН** کوه ماران талест дар Қашмир (аз «Мусталаҳот»).

**КӮСТАН** کوستن бар вазн ва маънии куфтан (аз «Бурҳон»).

**ҚАВДАН** کودن аспи полонӣ, ки бор бар ӯ ниҳанд; ва ба маънии шахсе ки тезфаҳму зирак набошад, *маҷоз* аст (аз «Мунтахаб»); ва дар «Муайид» аспи гиронрав ва камрафтор; ва дар «Хиёбон» аз «Қомус» нақл карда, ки ин лафзи арабист.

**ҚӮҲОН** کوهان баромадагӣ ва баландии пушти шутур ва баландии шонаи гов.

**КӮЧА ДОДАН** کوچه دادن гузоштани роҳ барои касе, то бигзарад (аз «Чароғи ҳидоят»).

**КӮЧА ЁФТАН** کوچه يافتن роҳ ёфтан.

**КӮЧАИ ХАМУШОН** کوچهٔ خموشان қабристон.

**КӮРИИ ЧАШМИ ФУЛОН** کوریء چشم فلان яъне ба заъми фулон (аз «Мусталаҳот»)[164].

**КӮЧАИ НАВ** کوچهٔ نو маҳаллаи лулиён (аз «Мусталаҳот»).

**ҚУКУ** کوکو навъе аз палов; ва навъе аз маъкулот, ки аз байзаи мурғ созанд (аз «Мусталаҳот»); ва дар «Рашидӣ» овози фохта.

**ҚУ** کو ба маънии куча; ва ба маънии маҳалла ва хона низ омада; ва калимаест, ки барои истифҳоми завилъуқул низ меояд, чунончи, мисраъ:

**Ку дусте, ки ҳоли маро пурсише кунад...**

ва ба фатҳи кофи форсӣ (яъне **гав**)* ба маънии мағок.

**ҚУРА** کوره оташдони оҳангарон ва мисгарон; ва ҷое ки хишту гач ва амсоли он пазанд; **лекин бад-ин** маънӣ арабист (камо фил — «Қомус»); ва метабонад, ки муарраб бошад; ва низ дар арабӣ **кура ба** маънии шаҳр ва қасаба ва ободӣ ва ноҳия; ва ба вови маҷҳул (яъне **кӯра**)* дар форсӣ ба маънии ҳисса ва баҳра ва панҷум ҳисса аз мулки Форс (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Мунтахаб» ва «Мадор»); ва дар баъзе фарҳанг навишта, ки **гавра** (ба фатҳи кофи форсӣ) ба маънии вайрон ва ҷои хароб.

**ҚАВКАБА** کوکبه дар арабӣ ба маънии ахтар (камо фил — «Қомус»); ва ба маънии анбуҳ ва ҷамоъа низ арабист; ва *маҷозан* ба маънии фарру шукуҳ ва ҳишмат ва гӯи мусайқал (аз «Сироҷ» ва «Кашф»); ва дар «Мунтахаб» ба маънии бузургӣ ва ситора; ва дар «Бурҳон» навишта, ки чубе бошад баланду каҷ, ки аз сари он гӯи фулодии мусайқал овезанд ва пешсуворип мулук мебаранд; ва он аз лавозими подшоҳист; ва ба маънии анбӯҳи мардум низ омада.

**КУҲА** کوهه баромадагии ҳар чиз ва баромадагии пушти гов ва шутур; ва *маҷозан* ба маънии души инсон низ омада (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Рашидӣ»); ва дар «Бурҳон» ва «Сурурӣ» ба маънии ҳамла ва ниҳеб низ омада.

**КӮҲПОЯ** کوه پايه замини домани кӯҳ (аз «Бурҳон» ва «Мусталаҳот»).

**КУНАСТА** کونسته бар вазни **гулдаста**; сурини одами (аз «Бурҳон»).

**КӮЗА** کوزه гуле бошад сифедранг, мушобеҳи гули нисрин.

**ҚАВУРГАҲ** کورگه ба маънии нақора; ин лафзи туркист; баъзе муҳаққиқон навиштаанд, ки дар охири ин лафз ба ҷои ҳо алиф бояд навишт ва ба ҳондан ҳо бояд хонд (аз «Сироҷ» ва «Рашидӣ»); ва дар луғоти туркӣ ба замми аввал ва фатҳи ро ва вови маъдула ва фатҳи кофи форсӣ (яъне **курага**)* ба маънии нақоран калон навишта.

**КУКА** کوکه дар туркӣ бародари ризоъӣ.

**КӮСА** کوسه касе ки баъд аз вақти баромадани риш мӯи риши ӯ нарӯида бошад (аз «Бурҳон»).

**ҶӮФТА** کوفته ба маънии осебрасида ва озоркашида ва аз меҳнат ва сафар мондашуда; ва ба маънии гулулаи қимаи гӯшт; ва он чи аз ваҷҳи қалтабонӣ ва дайюсӣ ҳосил нумуда шавад (аз «Мусталаҳот»).

**ҚАВОКИБИ МАРСУДА** کواکب مرصوده якҳазору бисту панҷ ситораи собитанд, ки аҳли ҳайъат аз қавоиди расад онҳоро маълум карда, чиҳилу ҳашт сувар, ки бар фалак муртасиманд, аз онҳо мураккаб аст: аз он ҷумла дувоздаҳ сувар бар нафси минтақатулбуруҷ воқеъанд, ки дувоздаҳ буруҷи машҳура иборат аз он аст; ва бисту як сувар ба ҷониби шимоли минтақатулбуруҷ воқеъ шуда ва понздаҳ сувар ба ҷониби ҷануби минтақатулбуруҷ; ва тафсили кавокиб ва сувар дар фасли бои муваҳҳада маъа сини муҳмала мазкур шуд ба ин иборат: **бисту як пайкари нур дар айвони шимол.**

**ҚӮПАЛА** کوپله хубоб, ки дар об ва ҳар шайъи рақиқ пайдо мешавад; ва шугуфа ва қуфл ва мӯи фарқ ва кулоҳ (аз «Бурҳон»).

**ҚУВВА** کوه равзан, ки дар девор гузоранд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҚУТОҲПОЧА** کوتاه پاچه кутоҳқомат; ва номи ҷонвари чорпои саҳрой (аз «Мусталаҳот»).

**ҶӮЧАКДИЛӢ** کوچك دلی нозукдилӣ ва бераҳму тараҳҳум низ навиштаанд.

**ҚӮРИ МУҚРӢ** کور مقری кӯри модарзод (аз «Хиёбон»); ва дигар таҳқиқаш дар лафзи **муқрӣ** хоҳад омад.

**Фасли кофи арабӣ маъа ҳо**

**ҚАҲРУБО** کهربا муҳрае бошад зардранг; чун онро бар чарм суда ба коҳ қариб кунанд, коҳро ба худ мекашад.

**ҚУҲУЛАТ** کهولت думӯ шудан, яъне дар риш мӯи сиёҳу сипед пайдо шудан (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**ҚУҲБАД** کهبد зоҳиди кӯҳнишин; ва билкаср (яъне **кеҳбад**)* сарроф ва хизонадор (аз «Бурҳон»).

**ҚАҲАР** کهر ранге бошад махсуси аспу астар ва онро кумайт ҳам мегӯянд (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»), ва дар «Сироҷ» навишта, ки: гумон дорам, ки ин лафз ба касри аввал ва фатҳи дуввум (яъне **ки ҳар**)* бошад, тамма каломуҳу; ин ба касри коф, ба ҳои махлутутталаффуз ва сукуни рои муҳмал (яъне **кҳир**)* лафзи ҳиндист; ва он савте бошад мусиқидонони Ҳиндро, ки овозро ба ҳанҷара меғалтонанд.

**ҚУҲНАСУВОР** کهنه سوار саромади паҳлавонон ва ноиби устоди куштигирон.

**ҚАҲФ** کهف паноҳ; ва ба маънии ғор (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**ҚАҲУЛ** کهول марде, ки дар риши ӯ мӯҳои сиёҳу сифед бошанд.

**ҚАҲЛ** کهل марди миёнасол, яъне на ҷавон бошад, на пир, ай миёни ҷавониву пирӣ бошад.

**ҚЕҲИН** کهین кучактарин (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚҲИРШОДХОН** کهر شادخوان номи мутрибе, ки савти кҳир хуб адо мекард.

**ҚАҲКАШОН** کهکشان сифедие бошад тӯлонӣ, ки шабҳо мушобеҳи роҳ дар осмон нумояд (аз «Бурҳон»); муаллиф гӯяд, ки хусусан дар охири мавсими барсот аз сари шом нумоён бошад, як сари он ба ҷануб ва сари дигар ба шимол; ва гоҳе аз ин вазъ мунҳариф ҳам мебошад; ва инро **қаҳкашон** аз он гӯянд, ки мушобеҳ бад-он аст, **ки** касе коҳро дар расан баста бар замини реголуда кашад ва хатҳо аз он бар замин падид оянд.

**ҚАҲ** که *мухаффафи* **коҳ**; ва биззам (яъне **куҳ**)* *мухаффафи* **кӯҳ**; ва билкаср (яъне **кеҳ**)* ба маънии кучак ва каммартаба (аз «Сироҷ»).

**ҚАҲАНА** کهنه *ҷамъи* **коҳин**, ки ба маънии ғайбгӯӣ ва фолгир бошад.

**ҚЕҲИНА** کهینه ба маънии хурд ва кӯчак.

**ҚУҲНАФЕЪЛА** کهنه فعله маккор ва ҳилакунанда ва таҷрибакор.

**ҚАҲӢ** کهی фавҷе бошад алоҳида, ки ба атрофу ҷавониб рафта барои лашкари хос коҳу дона ва ҳема ва ғайра биёрад.

**Фасли кофи арабӣ маъа ёи таҳтонӣ**

**КИЁ** کیا ба маънии паҳлавон ва худованд ва покиза (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**КИПО** کیپا навъе аз таом, ки рудаи борики гуспандро пок карда дар ҷавфи он гушти қима ва долнухуд ва биринҷ ва масолеҳ пур карда дар равған мепазанд (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**КИСФИДО** کیس فدا он ки мухолиф ба вақти ҳазимат кисаҳои зар андохта бигрезад, то ба зар машғул шуда таъоқуби ӯ накунанд.

**КИЁСАТ** کیاست зиракӣ ва доноӣ (аз «Мунтахаб» ва «Мадор»); ва касоне ки ба кофи форсӣ (яъне гиёсат)* хонанд, маҳзи ғалат, чаро ки лафзи арабӣ аст ва дар арабӣ кофи форсӣ намеояд.

**КЕМУХТ** کیمخت маъруф аст; ва «Сомонӣ» дар кофи форсӣ оварда, ки асли ин **гевомухт** буд; чи Гев вақте ки дар саҳрои Туркистон пинҳон мешуд, аз пусти гурхар кемухт сохт ва аз ӯ дигарон омухтанд (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ҚАЙТА** ва **ЗАЙТА** کیت و زیت ба маънии чунон ва чунин.

**ҚАЙНУНАТ** کینونت ба маънии будан ва офариниш ва пайдоиш (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**КАЙФИЙЯТ** کیفیت чигунагӣ ва ҳолат ва вазъе, ки ҳосил бошад дар чизе; ва дар форсӣ ба тахфиф (яъне **кайфият**)* низ омада.

**ҚАЮМАРС** کیومرث номи подшоҳест, ки аввал дар ҷаҳон подшоҳӣ кард; ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ва ғайри он навишта, ки **Гаюмарт** (ба фатҳи кофи форсӣ ва тои фавқонӣ) ба маънии зинда ва гӯё, чи **гаю** ба маънии гуё ва **март** ба маънии зинда; ва он **чи** дар мутааххирин ба кофи арабӣ ва сои мусалласа машҳур аст, дуруст набошад, чаро ки ин исми форсист ва дар форсӣ сои мусалласа наёмада; ва Хони Орзу дар «Сироҷ» ва «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **Гаюмарт** (ба кофи форсӣ ва фатҳи мим ва тои фавқонист), чи **гаю** қалби гӯй-ст, ба маънии гӯянда ва **март** мубаддали **мард** аст (ки ба доли муҳмала бошад); пас маънии таркибии он марди гуё мешавад. Зоҳиран подшоҳи мазкур хушкалом буда ва талоқати лисони хуб дошта бошад, ки бад-ин лақаб мулаққаб гардид; ва дар «Рисолаи муарработ»-и Мулло Абдуррашиди соҳиби «Рашидӣ» ва «Мунтахаб» чунин навишта, ки Қаюмарс (ба фатҳи кофи арабӣ ва фатҳи мим ва сои мусалласа) *муарраби* **Геюмарт** аст (ки ба касри кофи форсӣ ва фатҳи мим ва тои фавқонӣ бошад) ва маънии таркибии он пешвои замин аст; чи лафзи **гею** ба маънии замин аст ва **март** (билфатҳ) ба маънии сайид ва пешво; ва ин калимаи забони сурьёнист ё юнонӣ, чунончи **геюметриё**, ки ба маънии илми ҳандаса аст, **гею** ба маънии замин ва **метриё** ба маънии андоза; ва **мард** ва **морт** ба маънии сайид, чунончи морт Марьям гӯянд, ҳазрати Марьямро.

**ҚАЙҚУБОД** کیقباد маънии лафзии он одили барҳақ аст; чи **кай** ба маънии одил ва **қубод** дар асл **ғубод** буд (ба ғайни муъҷама) ба маънии барҳақ; ғайнро ба қоф бадал карданд; номи подшоҳе азимушшон аз Эрон, ки камоли айёш буд, сад сол подшоҳӣ кард (аз «Бурҳон»); ва лақаби Муиззуддин, ки подшоҳи Деҳлӣ ва мамдуҳи Амир Хусрав буд.

**ҚАЙД** کید дар арабӣ ба маънии макру ҳила ва фиреб ва бадсиголӣ (аз «Сиҳоҳ» ва «Суроҳ»); ва билкаср ва ёи маҷҳул (яъне **кед**)* *мухаффафи* **Кедор**, ки яке аз роҷаҳои Ҳинд аст, ки муъосири Сикандар буд; ва номи яке аз маъбудони ҳиндувон; ва номи ситораи манҳус, ки ба ҳиндӣ гит номанд (аз «Бурҳон» ва «Шарҳи Сикандарнома» аз Хони Орзу).

**ҚАЙЁД** کیاد маккор ва бисьёр ҳилагар.

**ҚАЙФАР** کیفر подош ва ҷазои амали бад (аз «Қашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Сурурӣ»); ва дар «Бурҳон» ҷазои некӣ ва бадӣ; ва дар «Сироҷ» мукофот ва сазои бадӣ.

**ҚИНАТУЗ** کینه توز кинаандӯз; ва ба маънии кинакаш.

**ҚАЙҚОВУС** کیکاوس номи подшоҳе аз Эрон, ки Рустам аз рафиқони ӯ

буд; ва номи бародари Муиззуддини Қайқубоди султони Деҳлӣ.

**ҚАЙЙИС** کیس ба маънии зирак ва доно (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»); ва билкаср (яъне **кис**)* ба маънии киса (камо фил — «Мунтахаб»).

**ҚУЮС** کیوس *ҷамъи* **коса.**

**ҚАЙЛУС** کیلوس бар вазни **маҳбус**; ғизо, ки дар меъда табхи аввал ёфта, мисли оши ҷав мегардад (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**ҚАЙМУС** کیموس бар вазни **маҳбус**; номи сурати ғизо, ки дар табхи дуввум дар ҷигар пухта мешавад ва он мисли оби софе бошад (аз «Бурҳон»); ва баъзе аз аҳли таҳқиқ чунин навишта, ки **каймус** он чи табх меёбад дар ҷигар ва уруқ ва он ба сурати рағва бошад, яъне каф; ин лафзи сурьёнист.

**ҚЕШ** کیش ба маънии хӯй ва одат; ва ба маънии таркаш, ки дар он тир гузоранд; ва ба маънии дин ва мазҳаб; ва номи шаҳр дар ҷазираи баҳри Форс; ва навъе аз катон; ва номи ҷонваре, ки аз у пустин созанд; ва дарахти шимшод; ва лафзест, ки ба вақти шатранҷбозӣ дар маҳалли худ гӯянд ва мардумони ин замон ба ҷои он кишт гуянд ва ин хатост; чи **кеш** сиғаи амр аст, ба маънии дур шав; ва дар шатранҷ низ ҳамин мурод аст (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҚИНИ СИЁВУШ** کین سیاوش номи лаҳнест аз мусиқӣ аз мусаннафоти Борбад (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҚЕДИ ҚОТЕЪ** کید قاطع номи кавкабе манҳуси думдор ва он қотеъи аъмор аст; зоҳиран *муфарраси* кет аст, ки (ба ёи маҷҳул) дар Ҳинд номи ситораи манҳус аст.

**ҚАЙФ** کیف ба маънии чи гуна; ва ин исми мубҳам аст ғайри мутамаккин ва мабнист бар фатҳ; ва ин барои пурсидани аҳвол бошад (аз «Сурох»); ва ба истилоҳ арзе, ки қабули қисмати биззот накунад, чунончи: савод ва баёз; ва ба маънии нашъа ва мастӣ ва чизе ки нашъаву беҳушӣ орад *маҷоз* аст (аз «Фирдавс-ул-луғот» ва ғайра).

**ҚАЙФА МО ЯТТАФИҚ** کیف ما یتفق ба ҳар тавр, ки иттифоқ меуфтад.

**ҚАЙФА МАТТАФАҚ** کیف مااتفق ба ҳар тавр, ки иттифоқ уфтод.

**ҚАЙК** کیک кирмест газанда ва сурхранги маъруф (аз «Бурҳон»).

**ҚАЙЛ** کیل ба маънии паймудан ва паймона ҳар ду омада (аз «Мунтахаб»).

**ҚАЙЁЛ** کیال паймоянда; ва чизеро ба паймона паймоишкунанда.

**ҚАЙФ** ва **ҚАМ** کیف و کم чи гуна ва чанд; ва ба истилоҳ **кайф** иборат аст аз арзе, ки қабули қисмати биззот накунад, чунончи савод ва баёз; ва **кам** арзест қабули қисмати биззот кунад, чунончи хат ва сатҳ ва ҷисм; ва барои тафҳими ом чунин таъриф ҳам метавон кард, ки **кайф** васфест, ки дарёфти шиддат ва заъфи он ба тааққул тааллуқ дорад ва ба зоти худ қисмат напазирад, магар ба мутобеъати маҳалли худ, чунончи ҳарорат ва бурудат ва таъмҳо ва буҳо ва алвон ва хубӣ ва зиштӣ ва самийят ва тирёқийяти ашьё ва илм ва ҷаҳл ва ҷуд ва бухл ва ғайри он дар мардум; ва **кам** он аст, ки ба зоти худ қобили қисмат бошад ва дарёфти миқдораш ба вазн ё адад ё паймоиш тааллуқ дорад, чунончи ҷамеъи ашьёи зиҷисм.

**ҚАЙВОН** کیوان номи ситораи Зуҳал, ки бар фалаки ҳафтум аст; ва *маҷозан* фалаки ҳафтумро низ гуянд (аз «Сироҷ-ул-луғот»).

**ҚАЁН** کیان подшоҳони азимушшон; ва он чаҳор подшоҳ будаанд: Қайковус ва Қайхусрав ва Қайқубод ва Қайлухросп; ва дар Қаюмарс тааммул аст (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҚАЙН** کین гушти андаруни фарҷи зан (аз шуруҳи «Нисоб»).

**ҚАЙҚ ДАР ШАЛВОР ё ДАР МӮЗА УФТОДАН** کیک در شلوار یا در موزه افتادن бeқарор ва музтариб шудан (аз «Бурҳон»).

**ҚЕҲОН** کیهان бар вазни **эшон**; ба маънии ҷаҳон ва рузгор ва дуньё; ва ба фатҳи аввал (яъне **кайҳон**)* низ омада; ва ба кофи форсӣ (яъне **геҳон** ва **гайҳон**)* ҳам саҳеҳ аст, ба эътибори тағйири лаҳҷа (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ҚАЙФДОН** کیفدان даббаи маъҷуноти муншӣ; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки зарфе бошад, ки хонаҳои мутааддид дар он бошад; ва ҳуққаҳое, ки маъоҷин дар он гузоранд.

**ҚАЙЛА** کیله паймона.

**ҚАЙ** کی бар вазни **май**; дар форсӣ калимаест, ки барои истифҳоми замон меояд; ва ба маънии шаҳаншоҳ ва баландқадр; ва ин номро дар баландӣ ва қадр аз **кайвон** гирифтаанд, ки баландтарин кавокиби сайёра аст; ва **кай** ба маънии одил ва латиф ва асил ҳам омадааст; ва дар қадим чаҳор подшоҳро **кай** мегуфтанд: Қайковус ва Қайхусрав ва Қайқубод ва Қайлуҳросп; ва лафзи **кайй** (билфатҳ ва ташдиди ё) дар арабӣ ба маънии доғ, ки оҳанро ба оташ гарм карда бар узв ниҳанд (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**ҚАЁНӢ** کیانی мансуб ба **каён**, ки *ҷамъи* кай бошад; пас **каёнӣ** ба маънии чизе ки лоиқи шохони азимушшон бошад (аз «Ҳиёбон»).

**ҚЕЛУКҲАРӢ** کیلوکهری номи деҳе, ки қариби Деҳлӣ буд; алҳол дар онҷо мақбараи Ҳумоюн подшоҳ аст.

## БОБИ ҚОФИ ФОРСӢ

### Фасли кофи форсӣ маъа алиф

**ГО** گا дар туркӣ тарҷамаи ҳарфи **бо**, ки барои илсоқ ва сила ояд; ва тарҷамаи ҳарфи **ро**, ки ҳарфи рабт аст; ва дар баъзе ҷо ифодаи мафъулийят низ мекунад.

**ГОД** گاد мозӣ аз **годан**, ки ба маънии г...идан ва ҷимоъ кардан аст.

**ГОВАНБАР** گاو عنبر ҷонваре бошад шабеҳ ба гов, ки дар дарьё мемонад. Гӯянд, ки анбар фузлаи уст; ва дар истилоҳ **гованбар** *киноя аз* молдори фоидадеҳ.

**ГОВЗӮР** گاوزور касе ки ба риёзати фунуни куштӣ дар ниҳояти қувват бошад (аз «Мусталаҳот»).

**ГОЗУРВОР** گازروار номи дов аз куштӣ, ки онро дар ҳиндӣ дҳубипат гӯянд; ва он чунон бувад, ки дасти ҳариф кашида сина ва бозуи уро бар пушти худ овардан ва худро хам сохта такон додан аст ба наҳве ки ҳариф аз болои пушташ аз садамаи такон аз ҷо даромада ру ба руи ӯ бар замин уфтад (аз «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**ГОВСАР** ва **ГОВСОР** گاوسر و گاوسار номи гурзи Фиридун, чаро ки сари он гурз ба сурати гов буд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГОР** گار лафзест, ки ба маънии кунанда меояд, чун: *ситамгор* ва *гунаҳгор* ва *хидматгор*; ва ба маънии лоиқ ояд, чун: *растгор*, ай лоиқи растан; ва ба маънии сабаб, чун: *рӯзгор*, ба маънии сабаби рузу шаб; ва *ёдгор*, ба маънии сабаби ба ёд омадани касе (аз «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф»).

**ГОЗ** گاز навъе аз микроз ва гулгири шамъ; ва ба маънии алаф ва гиёҳ, ки ба ҳиндӣ гҳас гӯянд, ки хӯроки баъзе чаҳорпоён аст; ва ба маънии дандони ноб (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва **«Ҷаҳонгирӣ»** ва «Қашф» ва «Муайид»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **гоз** ба маънии алаф ва гиёҳ, ки ба ҳиндӣ гҳас гӯянд, ба ҳои махлутутталаффуз, ки бар ғайри ҳиндӣ талаффузи он душвор аст; он ҳо-ро ҳазф карданд ва сини муҳмаларо ба зои муъҷама бадал карданд; ва тавофуқ дар ин ду забон бисьёр аст.

**ГОЖ** گاژ ҷо ва мақом (аз «Бурҳон»).

**ГОВАРС** گاورس аз **тақрири** соҳиби «Туҳфат-ул-муъминин» ва ғайра маълум мешавад, ки ғаллаест ба форсӣ арзан ва ба ҳиндӣ чина номанд; ва соҳиби «Мустафвӣ» навишта, ки онро ба ҳиндӣ баҷра гӯянд ва **ҷоварс** *муарраби* ҳамин аст.

**ГОВРИШ** گاوریش ба маънии аҳмақ ва масхара ва хомтабъ (аз «Бурҳон»).

**ГОЛ** گال номи ғалла, ки бисьёр реза бошад, ки онро говарс низ гӯянд; аз «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Ойини Акбарӣ» ва ғайри он дарёфт шуд, ки онро ба ҳиндӣ канганӣ гӯянд; ва низ дар «Бурҳон» ба маъ-

нии машғулӣ ва фиреб ва макр; ва ба маънии фарьёд ва ғалтидан; ва ба маънии дур ва баъид; ва шағол ва навъе аз анкабут; ва ғузан пунба; ва хурус; ва навъе аз гул.

**ГОМ** گام қадам ва по ва масофате, ки ба вақти рафтан миёни ҳар ду по воқеъ шавад; ва ба маънии лиҷоми асп (аз «Бурҳон»); ва дар «Хиёбон» ба маънии аспе, ки роҳе махсуси маъруф дошта бошад; ва дар шарҳи шореҳи фозил ба маънии аспи сустрафтор.

**ГОВДУМ** گاودم қарной, ки онро карной низ гӯянд.

**ГОН** گان лоиқ ва сазовор (аз «Бурҳон»); ва ин лафз дар охири аъдод барои таъйини теъдод ояд, чунонки: *дугон* ва *сегон*; ва дар «Баҳори Аҷам» навишта, ки **гон** ва **гона** тамйизи мубҳами аъдод аст, чунонки: *ҷавзи ҳафтгона* ва *бодоми ҳаштгона*; ва *дугона* ва *чаҳоргона*-ро ҳамин қиёс аст.

**ГОВ ЗОДАН** گاو زادن мерос ва нафъи касир гирифтан ва интифоъи куллӣ ёфтан (аз «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**ГОВИ ГАРДУН** گاو گردون бурҷи Савр.

**ГОВКУН** گاوکون аҳмақ (аз «Бурҳон» ва «Мусталаҳот»)[165].

**ГОВИ СУФОЛИН** گاو سفالین *киноя аз* хуми шароб (аз «Шарҳи Хоқонӣ).

**ГОВОҲАН** گاو آهن оҳане бошад нӯкдор, ки бар қулба насб кунанд, то бад-он замин шигофанд (аз «Бурҳон»).

**ГОВИ ЗАМИН** ва **ГОВИ САРО** گاو زمین و گاو ثری гове, ки замин бар пушти ӯст ва он гов бар пушти моҳист.

**ГОВ ДАР ХИРМАН КАРДАН** گاو در خرمن کردن кори касе помол кардан ва расво кардан ва харобу табоҳ сохтан.

**Г...ИДАН** گائیدن ҷимоъ кардан.

**ГОВ** گاو ба маънии сурохӣ, ки онро ба сурати гов сохта бошанд (аз «Бурҳон»).

**ГОЗА** گازه ресмоне, ки аз шохи дарахт ё аз чӯби сақф овехта, атфол дар он нишаста ба ҳаво биҷунбанд; ба ҳиндӣ ҷҳула номанд; ва ба маънии хонае, ки бар канори фолиз созанд; ва ба маънии камингоҳи сайёд ва савмаъа, ки бар кӯҳ бошад; ва ба ин маънии охир ба кофи арабӣ (яъне **коза**)* ҳам омада (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГОҲ** گاه ба маънии тахти подшоҳӣ; ва ба маънии вақт ва ҷой ва хайма; ва ба маънии дови қимор (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ГОВДӮША** ва **ГОВДӮШ** گاودوشه و گاودوش зарфе бошад хос, ки дар он шири гов ва ғайра дӯшанд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГОНА** گانه лафзест аз алфози зоида ва ифодаи такрор кунад, ки дар охири ҳар як аз аъдод дароваранд ва ҳамон адад бе каму зиёда мафҳум гардад (аз «Бурҳон»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки ин лафз дар охири аъдод барои теъдод ояд, чунонки: *дугона* ва *сегона* ва *панҷгона* ва *ягона*, ки дар асл *якгона* буд; барои рафъи сақолат кофи аввалро ҳазф карданд, *ягона* боқи монд.

**ГОВТОЗӢ** گاوتازی лофу гизоф задани номард дар муқобалаи ҳариф (аз «Чароғи ҳидоят» ва ғайра); ва дар «Бурҳон» ғалаба нумудан ва хасмро суханони таҳдид гуфтан.

**ГОВИ ПАРВОРӢ** گاو پرواری яъне гове ки онро дар хонаи сард ба айёми тобистон нигоҳ дошта ва ғизои лоиқ дода фарбеҳ нумуда бошанд. Мутобиқи таҳқиқи «Рашидӣ», ки дар лафзи **парвор** нумудааст.

## Фасли кофи форсӣ маъа бои арабӣ ва форсӣ

**ГАП** گپ калом ва сухан; ва ба маънии гизоф низ омада (аз «Рашидӣ»); ва дар луғоти туркӣ ба маънии суҳбат ва ихтилот низ навишта.

**ГАБР** گبر оташпараст (аз «Бурҳон»).

**ГАБЗ** گبز қавӣ ва ситабр.

**ГИПӢ** گپی дар туркӣ тарҷамаи лафзи монанд ояд, ки ҳарфи ташбеҳ аст.

**Фасли кофи форсӣ маъа доли муҳмала**

**ГАД** گد *мухаффафи* гидя (аз «Латоиф»).

**ГИДЯ** گدیه гадоӣ кардан (аз «Бурҳон»)[166].

**Фасли кофи форсӣ маъа золи муъҷама**

**ГУЗАШТ** گذشت сиғаи мозист; ва ба маънии роҳ ва гузаргоҳ; ва ба маънии пас ва баъд низ омада (аз «Рашидӣ» ва ғайри он).

**ГУЗАР** گذر чунонки аз «Сироҷ-ул-луғот» собит мегардад, ба маънии гузаштан; ва ба маънии роҳ; ва ба маънии роҳе, ки ба ҷиҳати убури дарьё муайян бошад.

**ГУЗОРИШ** گذارش адо кардан; ва ин лафз ба зои муъҷама (яъне گزارش)* навиштан ҳам дуруст аст (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**ГУЗОФ** گذاف гуфтори беҳуда (аз «Муайид»); ва дар «Сироҷ-ул-луғот» ва «Бурҳон» **гизоф** (گزاف ба касри аввал ва зои муъҷама) бар вазни **хилоф** ва қила ба зам (яъне **гузоф**)* ба маънии беҳуда; ва дар «Рашидӣ» ба замми аввал ва зои муъҷама, чизе ки ба тахмина ва гумон гуянд; ва *маҷозан* ба маънии ҳарза ва беҳуда; ва ба маънии бисьёр ва беҳисоб низ омада.

**ГУЗОРДАН** گذاردن адо кардан ва пешкаш нумудан (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Бурҳон»); ва баъзе муҳаққиқон навиштаанд, ки **гузордан** (ба золи муъҷама), ба маънии тарк кардан ва ба зои ҳавваз, ба маънии адо кардан.

**ГУЗОШТАН** گذاشتن / / گزاشتن ба золи муъҷама ва зои муъҷама ҳар ду дуруст (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Сироҷ»).

**ГУЗОФА** گذافه ҳар чиз, ки ба тахмину гумон бувад ва кайлу вазн накарда бошанд; аз ин ҷиҳат ба маънии бисьёр ва беҳисоб ояд; ва *маҷозан* ба маънии ҳарза ва беҳуда (аз «Рашидӣ»); ва дар «Бурҳон» ба зои муъҷама (яъне گزافه)*.

**ГУЗОРА** گذاره он чи аз ҳад даргузарад (аз «Мусталаҳот»); ва дар «Чароғи ҳидоят» ба маънии беҳадду беҳисоб ва комил ва бисьёр.

**Фасли кофи форсӣ маъа рои муҳмала**

**ГАРРО** گرا ба маънии ҳаҷҷом; ва ба маънии ғулом (аз «Латоиф» ва «Рашидӣ»).

**ГУРЕЗПО** گریزپا ғулом ва каниз, ки ҳар бор гурезад.

**ГИРОНРИКОБ** گران رکاب *муқобили* сабукъинон; ва ба маънии мутаҳаммил ва ботамкин; ва касе ки дар ҷанггоҳ собитқадам бошад ва аз ҳамлаи хасм аз ҷо наравад (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Рашидӣ» ва «Муайид» ва ««Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»).

**ГИРОН ҚАРДАНИ РИКОБ** گران کردن رکاب ба маънии сувор шудан.

**ГИРИФТ** گرفت мозӣ аз **гирифтан**; ва ин сиғаи мозӣ аксар ба маънии масдар меояд; ва ба маънии лоф ва таъна ва эътироз ва муахиза ҳам омада (аз «Бурҳон» ва «Мадор»); ва дар «Хиёбон» навишта ки **гирифт** мутааддӣ ва лозим ҳар ду ояд, чунончи гуянд, ки: *овози фулонӣ гирифт*, яъне банд шуд.

**ГУРИНҶ** گرنج биринҷ, ки аз шолӣ гирифта мешавад (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»).

**ГУРГОНҶ** گرگانج номи дорулмулки вилояти Хоразм (аз «Бурҳон»).

**ГУРҶ** گرج номи вилоят, ки онро Гурҷистон низ гуянд; ва биззам ва кофу ҷим ҳар ду форсӣ (яъне **гурч**)* шуша, яъне порча ва қоши харбуза ва хиндувона ва ғайра; ва билфатҳ (яъне **гарч**)* шигофи гиребон ва курта ва пироҳан; ва ба касри аввал ва **фатҳи** сони ва ҷими форсӣ (яъне **гирач**)* ба маънии гач, ки дар иморат ба кор ояд (аз «Латоиф»).

**ГУРД** گرد паҳлавон ва диловар; ва билфатҳ (яъне **гард**)* ба маънии шаҳр ва навъе аз абрешуми нафис; ва ба маънии офтоб; ва ба маънии ғам; ва ба маънии нафъ (аз «Рашидӣ» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ГУРБАБЕД** گربه بید навъе аз хафтдаҳ анвоъи бед.

**ГУРГБАНД** گرگبند гирифтори гургон; ва *кинoя аз* забун ва асир (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Шарҳи Сикандарнома» аз Хони Орзу).

**ГИРДБОД** گردباد маъруф аст, ки ба хиндӣ багула номанд.

**ГАР** گر марази хориш; ва номи рудест дар сарҳади мулки Ғазон; ва калимаест, ки ба маънии созанда ва кунанда ояд, чун: *шишагар* ва *ҳилағар*; ва ба маънии соҳиб ва доранда ояд, чун: *хусуматгар* ва *тувонгар*; ва аксар истеъмоли ин лафз дар чизе кунанд, ки ҷаъли ҷоилро тасарруф дар ҳасти он чиз бошад, чун: *шамшергар* ва *оҳангар* ва *заргар маҷоз* аст, зеро ки ҷаъли ҷоилро дар зоти зар ва оҳан ҳеч дахле нест (аз «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» ва «Рашидӣ» ва «Муайид»)[167].

**ГИРОНСАР** گرانسر мутакаббир (аз «Бурҳон»).

**ГИРИФТАНИ ХОТИР** گرفتن خاطر ранҷидани хотир (аз «Чаҳор шарбат»).

**ГИРДБУР** گردبر бармаи наҷҷорон (аз «Рашидӣ» ва шарҳи «Нисоб»).

**ГАРУГАР** گروگر бар вазни **кабӯтар**; номест аз номҳои ҳақ таоло; ва маънии он муродбахш аст (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ГАРГАР** گرگر номест аз номҳои ҳақ таоло; ва маънии он сонеъуссаноеъ аст; ва ба маънии тахти подшоҳон низ омада (аз «Бурҳон»).

**ГИРИФТОР** گرفتار маъруф; ва ба маънии гирифторӣ низ ояд (аз «Мусталаҳот»).

**ГУРОЗ** گراز хуки нар; ва ба муносибати далерӣ ва шаҷоати он, ба маънии марди баҳодур ва далер ва шаҷоъ ояд; ва низ бар марди золим ва ситамгар итлоқ кунанд (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Сурурӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Бурҳон» ба маънии рафтори ба ноз кардан; ва ба маънии бели оҳанӣ, ки бадон замин шигофанд, низ оварда.

**ГУРБУЗ** گربز ба маънии маккор ва хилагар, чаро ки дар асл **гургбуз** буд, яъне гург ба сурати буз (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид»).

**ГАРМХЕЗ** گرمخیز чолок (аз «Бу
ҳон»).

**ГУРЕЗ** گریز он чи дар қасоид аз аб
ти ҳолия ё баҳория ва ғайра биду
ни овардани ҳарфи фосил якбор
гӣ ба мадҳи мамдӯҳ интиқол ну
моянд.

**ГУРБАИ РУС** گربهٔ روس гурбаи хонаг
чаро ки дар Эрон аксар гурбаи ру
мепарваранд.

**ГУРС** گرس *мухаффафи* **гуруснагӣ**.

**ГИРОИШ** گرایش майл ва рағбат (а
«Бурҳон»).

**ГИРДБОЛИШ** گردبالش болиши кӯча
ва мудаввар, ки ба вақти хоб зер
рухсор ниҳанд; ба ҳиндӣ галта
гуянд (ба фатҳи кофи форсӣ); н
метавонад, ки **гултакя** (ба замм
аввал) бошад, *мухаффафи* **гулта**
( گول تکیه ); ва лафзи **гирдболиш** ба
ҳамин долл аст; ва баъзе аҳли лу
ғат қоиланд, ки моқабли шини **бо
лиш** касра ва фатҳа (яъне **боли**
ва **болаш**)* ҳар ду саҳеҳ.

**ГУРЕҒ** گریغ гурез ва гурехтан (а
«Бурҳон» ва «Сироҷ-ул-луғот»).

**ГИРИФТАНИ ЧАРОҒ** گرفتن چراغ х
муш кардани чароғ.

**ГИРДАК** گردك хайма ва ҳаҷла; н
ҷистон, ки онро пахелӣ гуянд; н
навъе аз нон (аз «Латоиф»).

**ГАРМАК** گرمك боқилои дар об ҷуш
нида; ва навъе аз харбуза дар м
қобалаи **сарда**; ва он сифедранг
ширин ва муаттар бошад; ва та
ғири **гарм** ҳам аст (аз «Бурҳон»)

**ГАРДАНБОРИК** گردن باریك мулоим н
мутеъ ва мунқод.

**ГИРОНСАНГ** گرانسنگ марди бота
кин ва вақор; ва ба маънии соби
ва қонеъ (аз «Бурҳон» ва «С
роҷ»).

**ГАРГ** گرگ номи шаҳр.

**ГАРМ** گرم ба маънии ҷалд ва шито

**ГУРГИ МАСЕҲОДАМ** گرگ مسیحادم *ки
ноя аз* субҳ.

**ГИРИФТАМ** گرفتم маъруф аст; н
*маҷозан* ба маънии фарз кардам.

**ГУРЗАМ** گرزم номи бародари аъён
Исфандиёр (аз «Бурҳон»); ва б
фатҳи кофи арабӣ ва ҳарфи севвум

зои муъҷамаи мазмум (яъне **карзум**)* гиёҳе бошад хушбӯдор (аз «Сурурӣ» ва «Мадор» ва «Иброҳимӣ»).

**ГУРУСНАЧАШМ** گرسنه چشم *киноя аз* мумсик ва бахил ва ҳарис ва гадо (аз «Бурҳон»).

**ГИРОН** گران ба маънии сақил ва сангин, ки *муқобили* **сабук** бошад ва *зидди* **арзон**; ва ҳар чиз, ки қимат ба нисбати дигар ашъё зоид дошта бошад (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мадор» ва «Муайид»); ва низ дар «Сироҷ-ул-луғот» мастур аст, ки баъзе ин лафзро ба тағйири лаҳҷа ба фатҳ (яъне **гарон**)* низ хондаанд ва ҳам навишта, ки лафзи **гарон** ба маънии шахси ногувор ва макрӯҳтабъ, ки вуҷудаш бар мардум гарон бошад.

**ГИРОНҶОН** گران جان мардуми сахтҷон ва марди бисьёр суст ва коҳил ва пир (аз «Бурҳон»).

**ГУРДОН** گردان паҳлавон ва диловар (аз «Рашидӣ»); ва дар «Бурҳон» ба фатҳ (яъне **гардон**)* аст.

**ГУРГОН** گرگان номи шаҳр аз Эрон; *муарраби* он **Ҷурҷон** бошад (аз «Бурҳон»).

**ГУРДАНОН** گردنان паҳлавонон ва диловарон; ва дар «Рашидӣ» билфатҳ (яъне **гарданон**)*[168].

**ГИРОЙИДАН//ГАРОЙИДАН** گرائیدن дар «Мадор» ба касри аввал ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба фатҳи аввал ва дар «Сироҷ» ва «Бурҳон» ба касри аввал мустафод мешавад; ба маънии рағбат кардан ва майл нумудан.

**ГИРИСТАН** گرستن *мухаффафи* **гиристан** (گریستن; аз «Муайид» ва «Бурҳон»).

**ГИРЕБОН** گریبان мураккаб аст аз лафзи **гире** (ба касратайн ва ёи маҷҳул); ба маънии гардан ва унуқ ва калимаи **бон**, ки ба маънии доранда ва муҳофиз бошад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»); муаллиф гӯяд, ки ёи маҷҳулро агар маъруф (яъне **гирибон**)* хонанд музоиқа набошад, балки фасеҳ нумояд.

**ГИРОЙИСТАН** گرایستن майл ва рағбат кардан (аз «Сироҷ»).

**ГУРГИН** گرگین номи паҳлавоне эронӣ; ва ба фатҳ (яъне **гаргин**)* соҳиби марази хориш (аз «Латоиф» ва «Сироҷ»).

**ГАРМХУН** گرم‌خون ба маънии бисьёр дӯст ва муҳиб (аз «Бурҳон»).

**ГАРМ ҶУШИДАН** گرم جوشیدن бисьёр муҳаббат кардан ва тапок нумудан.

**ГАРДУН** گردون фалак ва ароба, ки ба ҳиндӣ гари гӯянд; ва ба маънии ратҳ ва баҳал низ бошад (камо фӣ «Баҳори Аҷам»); ва дар «Хиёбон» навишта: **гардун** осмон; ва ароба, ки ба ҳиндӣ гарӣ гӯянд; ва чархе, ки яке аз асбоби ҷарри сақил аст; ва маҳфӣ намонад, ки **гардун** мураккаб аст аз **гард** ба маънии гардидан ва вову нун, ки дар асл алифу нун буда; пас **гардун** дар асл **гардон** бошад ва табдили ҳарфи иллат бисьёр аст.

**ГАРЗАМОН** گرزمان бар вазни **паҳлавон**; ба маънии фалакулафлок (аз «Ҷаҳонгирӣ»)[169].

**ГУРОЗИДАН** گرازیدن хиромидан ба ноз (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГУРОЗОН** گرازان хиромон (аз «Бурҳон»).

**ГУРБАИ КАСЕ БА АНБОН ФУРӮ ШУДАН** گربهٔ کسی بانبان فرو شدن *киноя аз* камоли комёбии ӯ.

**ГАРДМОН** گردمان номи мавзеъ аз Шервон.

**ГАРД БАРОВАРДАН** گرد برآوردن поймол кардан ва ҳалок сохтан (аз «Бурҳон»).

**ГУРБАГУН** گربه‌گون маккор ва ҳилагар ва муҳил (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ГИРД БАРОМАДАН** گرد برامدن ба талош ва тафаҳҳус гирдогирди чизе гардидан.

**ГАРДАН ХОРИДАН** گردن خاریدن изҳори тафаккур ва таҳайюр (аз «Чаҳор шарбат»).

**ГУРБАИ МУШКИН** گربهٔ مشکین навъе аз гурбаи саҳрой, ки ба арабӣ забод гӯянд (ба фатҳи зои муъҷама ва бои муваҳҳада) ва баёнаш дар **забод** гузашт.

**ГИРДАГОН** گردگان мевает, ки мисли бодом шикаста мағзи он мехуранд; ва онро ҷавз низ гӯянд ва чормағз ҳам номанд; ва ба ҳиндӣ акҳруг хонанд.

**ГУРБА ДАР АНБОН** گربه در انبان макру ҳила ва маккор (аз «Латоиф»).

**ГУРГУН** گرگن ғаллаи сабз бирьён кардашуда (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГУРБА ДАР БАҒАЛ ДОШТАН** گربه در بغل داشتن макру ҳила кардан (аз «Мусталаҳот»).

**ГИРЕҲ БА БОД ЗАДАН** گره بباد زدن такя ва эътимод бар кори бебақо кардан.

**ГАРДА ПУШИДАН** گرده پوشیدن молидани хоки замини зурхона бар бадан ба ҳангоми куштӣ.

**ГАРД ҚАРДАН** گرد کردن зуҳур кардан; ва **гард кардани тир** баланд рафтани тир аст (аз «Мусталаҳот»); ва ба касри аввал (яъне **гирд кардан**)* ба маънии ҷамъ кардан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ГИРИФТАН** گرفتن сивои маънии маъруф, буридан, чун *гирифтани шох* ва *гирифтани нохун*; ва ба маънии банд кардан, чунончи *дарро гирифтам* ва *рахнаро гирифтам*; ва ба маънии кандан, чунончи *дандон гирифтан* ба маънии дандон кандан; ва ба маънии фарз кардан; ва ба маънии шуруъ кардан (аз «Мусталаҳот»).

**ГИРАВ** گرو ба маънии раҳн; ва *маҷозан* ба маънии қайд ва муқайяд низ ояд (аз «Баҳори Аҷам»).

**ГУРУҲА** گروهه гулии бундуқ ва гулулаи камон (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГИРОНСОЯ** گران سایه *киноя аз* мардуми олиқадр ва соҳибшукуҳ ва тамкин (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ГАРДА** گرده хокаи наққошон; ва он зуғоли суда аст, ки дар порча баста бошад ва бар коғазе, ки дар он ба нақшаи гулҳо ва тасвирот сузанҳо зада бошанд, моланд, то аз он сӯроххо тарҳи нақш бар коғази дигар нишинад; ва он коғази сузанзадаро низ **гарда** гӯянд.

**ГУРГИНА** گرگینه ба маънии мутлақи пӯстин (аз «Бурҳон»).

**ГАРМОБА** گرمابه ба маънии ҳаммом (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ГАРДОНИЯ** گردانیه номи пардае аз мусиқӣ.

**ГАРЕВА//ГИРЕВА** گریوه ба маънии пушта, яъне замини баланд (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Бурҳон»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» фақат ба фатҳ (яъне гарева)*.

**ГУРАСНА** گرسنه касе ки уро иштиҳои таом бошад; ва ба замми аввал ва сукуни сонӣ ва фатҳи син (яъне гурсана)* низ саҳеҳ (аз «Баҳори Аҷам»); ва дар «Бурҳон» ва «Музил» ба замматайн (яъне гурусна)*.

**ГУРГИ БОРОНДИДА** گرگ باران دیده ба маънии озмудакор ва гарму сарди рузгор дида (аз «Мусталаҳот»).

**ГУРЗА** گرزه кафчамори бузург; ва ба маънии муҳиб.

**ГАРА** گره ба маънии сабу; дар ин лафз навъе аз тавофуқи лиссонайн аст; ва ба касратайн ва ҳои малфуз (яъне гиреҳ)* ба маънии уқда (аз «Муайид» ва «Бурҳон»).

**ГИРДКӮҲ** گردکوه номи кӯҳест дар навоҳии Рай (аз «Латоиф»).

**ГУРУҲ** گروه ҷамоъаи мардум (аз «Бурҳон» ва «Қашф»).

**ГИРИФТА** گرفته лоф ва таъна (аз «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГИРДРӮЙ** گردروی тасбеҳе бошад аз марворид, ки занон ба ҷиҳати оройиш бар гирди руи худ банданд (аз «Бурҳон»); ва дар «Чароғи ҳидоят» ба маънии ойинаи фӯлодӣ, ки мудаввар бошад.

**ГИРОЙ** گرای майл ва рағбат ва хоҳиш ва қасд; ва сиғаи амр ҳам аст бо маонии мазкура (аз «Бурҳон»).

**ГУРГОШТӢ** گرگ آشتی бинобар маслаҳати худ ба тариқи фиреб ба зоҳиран бо душман сулҳ кардан (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**ГАРМДИМОҒӢ** گرم دماغی *киноя аз* такаббур бошад.

**ГИРДНОЙ** گردنای аз қисми бозичаи атфол аст, ки онро ба ҳиндӣ латту гӯянд (аз «Наводир-ул-алфоз»).

**ГИРОНҶОНӢ** گرانجانی сустӣ ва коҳилӣ.

**ГАРМҶУШИ** گرمجوشی муҳаббат ва ихтилот кардан ва тапок нумудан.

**ГУРОЗӢ** گرازی *киноя аз* ҷуръат ва далерӣ.

**ГУРУСНАЧАШМӢ** گرسنه چشمی ҳирс ва гадоӣ.

**Фасли кофи форсӣ маъа зои муъҷама**

**ГАЗПО** گزپا номи ҷонварест, ки пояш дароз бошад.

**ГАЗИТ** گزیت хароҷ ва заре, ки аз куффор гиранд; ва он чи шуҳрат дорад билкаср ва фатҳи таҳтонӣ (яъне **гизят**)*-ст ва *муарраби* он **ҷизя** бошад (аз «Бурҳон»).

**ГАЗИД** گزید ба маънии боҷу хароҷ; ва ба маънии ҷизя, ки аз куффор ситонанд (аз «Сироҷ»).

**ГАЗАНД** گزند бар вазни **каманд**; ба маънии офат ва осеб ва ранҷ (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Сироҷ»); ва дар «Муайид» ва ҳам дар «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Иброҳимӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Музил» ва «Ҷаҳонгирӣ» ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (**яъне гузанд**)* овардаанд.

**ГУЗИР** گزیر чора ва илоҷ (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Бурҳон»).

**ГУЗОР** گزار ништари ҳаҷҷом ва фассод; ва накши борик, ки наккошон бад-он таъйини шакли нуқуш ва тасовир созанд; ва амри **гузордан** (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»); ва Мир Нуруллоҳ дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки **гузор** ва **гузордан** ба маънии раҳо кардан ва адо кардан аст; дар мардум, ки ба золи муъҷама (яъне گذار)* машҳур шуда, ғалати маҳз аст, ба зои муъҷама саҳеҳ бошад.

**ГАЗАР** گزر зардак, ки ба ҳиндӣ гаҷар гӯянд (аз «Бурҳон»); ва дар «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Кашф» ба касри аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **гизар**)* ва дар «Муайид» ба фатҳатайн ва золи муъҷама (яъне **газар** گذر)*; ва **гузар** (ба замми аввал ва фатҳи зои муъҷама) ба маънии роҳ (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГАЗ** گز дарахте бошад, ки бештар дар канораҳои рудхонаҳо рӯяд; ва ба ҳиндӣ ҷҳав гӯянд; ва навъе аз тири бепару пайкон, ки ҳар ду сари он борик ва миёни у гунда ва ситабр бошад (аз «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Рашидӣ» ва «Мадор» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ГУЗОРИШ** گزارش адо кардан (аз «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Рашидӣ» ва «Мадор» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва лафзи **гузор** ва **гузар** ва **гузаштан** (گذار، گذر، گذشتن) аз «Сироҷ-ул-луғот» ба золи муъҷама собит гардид.

**ГИЗОФ** گزاف бар вазни **ғилоф**; беҳуда ва ҳарза; ва ба маънии беҳисоб ва беҳад (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ-ул-луғот» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва ҳам дар «Бурҳон» ва «Сироҷ» навишта, ки ин лафз ба замми аввал (яъне **гузоф**)* низ аст; ва Мир Нуруллоҳи Аҳрори дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки **гузоф** (ба замми аввал, на ба касри аввал), лекин дар таъриб **ҷизоф** гӯянд (ба каср) ба риъояти вазни масдар, чунончи *қитол*.

**ГИЗЛИК** گزلك корди кучак; ва навъе аз корди қаламтарош, ки сари он баргашта бошад ва дунболааш борик; ва ин лафз ба кофи арабӣ (**яъне кизлик**)* низ саҳеҳ аст (аз «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» ба кофи арабӣ ва ба фатҳи аввал ва севвум (яъне **казлак**)* низ навишта.

**ГУЖМ** گزم дарахти садаро гӯянд, ки дарахти пашшаи ғол аст; ва ба арабӣ шаҷаратулбақ хонанд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ГАЗМ** گزم дарахти газ, ки ба ҳиндӣ ҷҳав гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва навъе аз дарахти газ бошад мушобеҳ ба дарахти сарв; ва билфатҳ ва кофи арабӣ (яъне **казм**)* сабзае бошад, ки бар канораи ҳавзу лаби ҷӯй рӯяд (аз« Бурҳон»).

**ГАЗ КАРДАН** گز کردن ба газ паймудан.

**ГАЗИДАН** گزیدن неш задан ва ба дандон ба зӯр гирифтан, чунонки кори каждум ва мор аст; ва ба замми аввал (яъне **гузидан**)* писанд нумудан ва ихтиёр кардан (аз «Бурҳон»).

**ГУЗИН** گزين мунтахаб ва писандида (аз «Сироч» ва «Баҳори Ачам»); ва дар баъзе шуруҳ ва расоил мастур аст, ки **гузин** **сиғаи амр аст аз** **гузидан**, ба маънии исми мафъул.

**ГУЗОРДАН** گزاردن адо кардан (аз «Чаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»); ва дар «Шарҳи Бустон» аз Абдулвосеъ марқум аст, ки **гузордан**, ки ба маънии адо кардан бошад, ба зои ҳавваз аст; ва **гузордан** (گذاردن), ки ба маънии тарк кардан бошад, ба золи муъчама; ва Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки **гузордан** ба маънии раҳо кардан ва тарк кардан, ки дар мардум ба золи муъчама машҳур шуда, ғалат аст, ба зои муъчама саҳеҳ бошад.

**ГАЗА** گزه навъе аз тиру пайкон бошад; ва чубе, ки бад-он накора навозанд.

**ГАЗИДА** ва **ГАЗЯ** گزيده و گزيه хароч ва чизя ва ришват (аз «Рашидӣ» ва «Латоиф» ва «Муайид»).

**ГАЗИ ИЛОҲӢ** گزالهی иборат аз гази акбарӣ; ва он чиҳилу як ангушт аст.

**ГАЗБОЗӢ** گزبازی навъе аз рақс (аз «Баҳори Ачам»).

### Фасли кофи форсӣ маъа сини муҳмала

**ГУСТОХДАСТ** گستاخ دست чобукдаст (аз «Бурҳон»).

**ГУСТОХ** گستاخ шух ва чолок ва беадаб.

**ГУСОР** گسار ба маънии хӯранда, чунонки *ғамгусор* ва *майгусор* (аз «Сироч-ул-луғот» ва «Бурҳон»); ва баъзе чунин навишта, ки **гусор** ба маънии шиканандаи чизе ки нарм бошад ва печида шавад, магар ба шарте ки исме бад-у мураккаб бошад; ва гоҳе *мачозан* ба маънии хӯранда ояд, чаро ки аз хӯрдан чиз кам мегардад ва аз миқдори худ шикаста мешавад, чунончи *майгусор* ва *ғамгусор*.

**ГУСИЛ** گسل амр аз **гусехтан** (аз «Бурҳон»).

**ГУСЕЛ** گسيل ба маънии дафъ кардан ва мурахҳас кардан ва фиристодан (аз «Латоиф»).

**ГУСТАҲАМ** گستهم бар вазни **муҳтарам**; номи писари Навзар ибни Манучеҳр; ва номи яке аз паҳлавонони Эрон (аз «Бурҳон»).

**ГАСТАРДАН//ГУСТАРДАН** گستردن паҳн кардан ва фуру чидан (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**ГУСАСТАН** گسستن шикастани чизи нарм, ки печида шавад.

### Фасли кофи форсӣ маъа шини муъчама

**ГУШТОСП** گشتاسپ номи подшоҳе, ки падари Исфандиёри Руйинтан буд (аз «Бурҳон» ва «Сироч»).

**ГАШТ** گشت сайр ва гардидан.

**ГУШОД** گشاد ба маънии фатҳу зафар ва хушӣ; ва ба маънии раҳо кардани тир аз шаст (аз «Бурҳон»); ва дар «Чавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки лафзи **гушод**-ро мардуми форс ба кофи форсӣ ва аҳли Мовароуннаҳр ба кофи арабӣ истеъмол нумоянд.

**ГАШТАР** گشتر хуштар.

**ГИШНИЗ** گشنيز тухми маъруф аст (аз «Музил» ва «Бурҳон»); ва дар урф ба фатҳи кофи арабӣ (яъне **кашниз**)* шуҳрат дорад.

**ГАШ** گش хуб ва хушрафтор бо нозу такаббур (аз «Бурҳон» ва «Сироч-ул-луғот» ва «Рашидӣ» ва «Кашф»).

**ГАШАН** گشن бар вазни **чаман**; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **гашн**)* низ ба маънии бисёрӣ ва анбуҳӣ ва гунчон аз ҳар чиз, ки бошад; ва ба замми аввал ва сукуни сонӣ (яъне **гушн**)* ба маънии фаҳл ва нар, ки *муқобили* **мода** аст; ва ба маънии толиби нар шудан ва борвар шудани модаи сонри ҳайвонот ва борвар шудани дарахти хурмо (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Сироч» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ», манқул аз «Одоб-ул-фузало»); ва гуянд, ки ба дарахти хурмо, ки бор наёрад аз дарахти хурмои дигар, ки мевадор бошад, ду чор хурмо гирифта дар ин дарахти бебар мениҳанд, ба қудрати илоҳӣ он дарахти бесамар мусаммар мегардад.

**ГУШНИ** گشنی ба маънии чуфтии нар бо мода ва борвар кардани дарахти хурмо (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**ГУФТАН** گفتن ба маънии кардан («Шарҳи девони Ҳофиз» аз Буҳлул).

**Фасли кофи форсӣ маъа лом**

**ГУЛИ РАЪНО** گل رعنا гули дуранг; ва он гуле бошад аз андарун сурх ва берун зард (аз «Баҳори Аҷам»).

**ГУЛИ ГУЛОБ** گل گلاب ба истилоҳи баъзе майнушон *киноя аз* шароб.

**ГУЛИ МАҲТОБ** گل مهتاب порчаҳои маҳтоб, ки аз миёни барги дарахтон бар замин меуфтад; ва номи гуле, ки онро ба ҳиндӣ чандни гӯянд.

**ГУЛ ШУГУФТ** گل شگفت яъне амри ғарибе зоҳир шуд.

**ГУЛГАШТ** گلگشت сайри ҷоҳои марғуб.

**ГИЛИ ҲИКМАТ** گل حکمت он чи порчаҳои карпос ба гили рақиқ олуда карда бар зарфи гилӣ ё шиша васл кунанд, то ба оташ тарқида нашавад.

**ГУЛОҶ** گلاج қисме аз ҳалво (аз «Бурҳон»).

**ГУЛИ ТАСБЕҲ** گل تسبیح имоми тасбеҳ (аз «Мусталаҳот»).

**ГУЛИ САРИ САБАД** گل سر سبد *киноя аз* сармояи равнақ; ва чизе ки аз амсоли худ беҳтар ва муаззаз ва мумтоз бошад; чи маъмули гулфурушон ва боғбонон аст, ҳар гуле ки аз ҷумлаи гулҳо калон ва беҳтар бошад, онро бар сари сабаде, ки аз гулҳо пур бошад, мениханд.

**ГУЛҚАНД** گلقند маъруф; ва *киноя аз* лаби маъшуқ (аз «Мусталаҳот»).

**ГУЛБАНД** گلبند навъе аз чомаҳои рангин, ки ба ҳиндӣ бандҳну гӯянд.

**ГУЛНОР** گلنار навъе аз анор аст, ки сивои гул самар надорад, магар гули он калону садбарг мебошад баробари гули гулоб; ва онро **гулнори форсӣ** низ гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ГУЛИ АБР** گل ابر қитъаи абр.

**ГУЛШАКАР** گلشکر ба маънии **гулқанд.**

**ГУЛЗОР** گلزار ба зои ҳавваз навиштан саҳеҳ аст ва ба золи муъҷама маҳзи ғалат, чаро ки лафзи **зор** дар калимаи **гулзор** аз олами *лолазор* ва *сабзазор* ва *киштзор* аст; ва калимаи **зор** барои касрат ва зарфият меояд.

**ГУЛУСУЗ** گلوسوز дар «Чароғи ҳидоят» ба маънии хушнумо ва хушоянда навишта; ва дар «Баҳори Аҷам» ба маънии ширин оварда, чаро ки чизе ки бағоят ширин бошад гулуро месузад, лиҳозо ширинро **гулӯсуз** гуфтанд; ва **ҳусни гулӯсуз,** яъне ширин, иборат аст аз ҳусни сабеҳ дар муқобалаи ҳусни малеҳ, ки ҳусни сиёҳу намакин бошад.

**ГУЛГАЗ** گلگز рангест сурхи моил ба андак кабудӣ, ки дар урф онро аббосӣ номанд; ва он рангест, ки мушобеҳ ба гули газ бошад; ва газ дарахтест, ки ба ҳиндӣ ҷҳав гӯянд (аз «Рашидӣ» ва «Сироҷ»).

**ГУЛРЕЗ** گلریز навъе аз оташбозӣ, ки ба ҳиндӣ пҳулҷҳарӣ гӯянд.

**ГУЛИ НИШОТ** گل نشاط *киноя аз* шароб (аз «Сироҷ-ул-луғот»).

**ГУЛИ САДБАРГ** گل صدبرگ ба маънии гули сурх ва гулнори форсӣ низ; ва номи гулест, ки зардранг мебошад ва онро ба ҳиндӣ генда гӯянд (аз «Баҳори Аҷам»).

**ГУЛБОНГ** گلبانگ овози қаландарон ва шотирон (аз «Сурурӣ» ва «Чароғи ҳидоят»); лекин ба маънии мутлақ шури мардум, ки дар вақти шодӣ мебошад, мустаъмал мешавад; ва дар «Бурҳон» ба маънии овози шотирон ва овози булбул оварда; ва дар «Фирдавс-ул-луғот» ба маънии овози хуш ва муждаи нек.

**ГУЛ** گل маъруф аст; ҳар ҷо ки лафзи **гул** билоизофат ба исми дарахте мазкур шавад, хоси гули сурх мурод бошад, ки ба арабӣ вард гӯянд ва агар музоф бошад ба суи дарахте, дар он сурат ом аст, чунончи *гули савсан* ва *гули наргис*; ва лафзи гул ба маънии ахгари оташ низ аст; ва лафзи **гул** *маҷозан* ба маънии натиҷа низ омада; ва низ ба маънии беҳтар ва хуб; ва **гил**

(билкаср) хоки ба об омехта; ва гоҳе ба маънии хоки мунҷамид ва хушкшуда низ бошад (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**ГУЛИ ЧАШМ** گل چشم сифедии кӯчак, ки бар сиёҳии чашм пайдо ояд.

**ГУЛЗОРИ ИБРОҲИМ** گلزار ابراهیم дар тафосир манқул аст: вақте ки Нумруд Иброҳим алайҳиссаломро дар оташ андохт, оташ ба ҳукми илоҳӣ сард гардида ақсоми гулҳо дар он ҷо шугуфтанд.

**ГИЛЕМ** گلیم ҷомаи пашмини маъруф, ки аз пашми меш бофанд (аз «Баҳори Аҷам»).

**ГУЛБОМ** گلبام номи лаҳне аз лаҳнҳои мусиқӣ.

**ГУЛХАН** گلخن ба маънии оташгоҳ; ва навъе аз оташдон аст, ки дар он ба реги гарм ғалла бирьён кунанд; ва маънии таркибии ин лафз оташхона бошад; чи **гул** (биззам) ба маънии ахгари оташ аст ва **хан** *мухаффафи* **хона** (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Муайид»); ва *маҷозан* ба маънии ҷои андохтани хасу хошок низ гуфтаанд; ва назди фақир муаллиф асаҳ ин аст, ки **гулхан** мураккаб бошад аз **кул**, ки (ба замми кофи арабӣ) дар туркӣ хокистарро гуянд, чунонки дар баъзе луғоти туркӣ дида шуда ва **хан** *мухаффафи* **хона**; дар ин сурат итлоқи ин лафз барои ҳар се маънӣ, ки мазкур шуд, дуруст мешавад ва илло барои маънии охир, ки Урфӣ дар қасида овардааст, қабоҳат пайдо хоҳад шуд; байти Урфӣ:

Шояд аз [170] гулбунсифат дар гулхан аз файзи ҳаво
Пардаҳои анкабут ангезад аз ҳар тори гул.

**ГУЛ ҚАРДАН** گل کردن ба маънии зоҳир ва нумудор шудан; ва ба маънии хомӯш кардан ва рӯшан кардани чароғ низ омада (аз «Бурҳон» ва «Мусталаҳот» ва «Сироҷ» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **гул кардан** дар мавориди каломи асотиза лозим дида шуда, магар Ҷалолои Таботабо дар фикрае, ки ба таърифи чашмаи дурнок аст, мутааддӣ оварда, яъне ба маънии зоҳир ва нумудор кардан [171].

**ГУЛ ШУДАН** گل شدن зоҳир шудан (аз «Баҳори Аҷам»).

**ГУЛГУН** گلگون ба маънии сурхранг, ва номи аспи Ширин, ки маъшуқаи Фарҳод ва маъшуқаи Хусрави Парвез буда; ва *маҷозан* ҳар аспи беҳтарро **гулгун** гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Қашф»).

**ГУЛБУН** گلبن ба маънии дарахти гули сурх (аз «Бурҳон»); ва ба фатҳи бои муваҳҳада (яъне **гулбан**)* хондан хатост.

**ГУЛФИШОН** گلفشان навъе аз оташбозӣ, ки ба ҳиндӣ пхулчҳарӣ гӯянд.

**ГУЛ ФИРИСТОДАН** ва **ГУЛИ ҲАМ ЧАШМИ ФИРИСТОДАН** گل فرستادن گل همچشمی فرستادن касеро барои муқобилаи худ талабидан (аз «Мусталаҳот»).

**ГУЛШАН** گلشن ҷои гул; ва ин мураккаб аст аз **гул** ва **шан**, ки калимаи нисбат аст (аз «Сироҷ»).

**ГУЛИСТОН** گلستان ва гоҳе ба замми аввал ва сукуни сонӣ ва касри сини муҳмала (яъне **гулситон**)* низ меояд; маънӣ маъруф аст.

**ГУЛОН** گلان қисме аз нони манда (аз «Сироҷ»)[172].

**ГУЛ ХОНДАН** گل خواندن ба истилоҳи қиморбозони вилоят, ҳама нақди худро дар як бор бар дов ниҳодан, чи вақте ки ҳама нақди худро як бор бар дов мениҳанд, он вақт лафзи **гул** (ба замми кофи форсӣ) ба забон меронанд, чунончи қиморбозони Ҳинд дар чунин ҳолат лафзи **ҷҳул** (ба замми ҷими арабии махлутутталаффуз ба ҳо) мегӯянд.

**ГУЛИ ЗАМИН//ГУЛЗАМИН** گلزمین ба маънии қитъаи замини хуб (аз «Мусталаҳот»).

**ГУЛ ЧИДАН** گلچیدن маъруф; ва ба маънии тамошо кардан (аз «Мусталаҳот»).

**ГУЛИ МИЗОН** گل میزان Зуҳра, чаро ки Мизон хонаи Зуҳра аст.

**ГУЛИ ХУДРУ** گل خودرو баъзе аз гулҳои набототи мутаъорифа ва ғайри мутаъорифа, ки ба саҳро ва ҳаволии боғ худ ба худ рӯяд, мисли лолаи кӯҳӣ ва ғайра.

**ГУЛИ БЕГОНА** گل بیگانه гули худру; ва баъзе ба маънии гули нав навиштаанд.

**ГУЛҒУНЧА** گل‌غنچه ба маънии гулгуна, ки бар рӯ моланд (аз «Бурҳон»).

**ГУЛГАЧА** گلگچه шодӣ, ки то рӯзи ақиқаи мавлуд кунанд (аз «Бурҳон»).

**ГУЛГУНА** گلگونه рангест, ки занон бар рӯ моланд (аз «Бурҳон»); ва дар яке аз кутуби тиббия ба назар омада, ки **гулгуна** давое мураккаб аст аз сендур ва сифеда ва шаҳми ҳанзал ва равғани ёсамин, ки барои ҷило ва сафои ранги рӯ бар чеҳра моланд ва баъд аз ним соате ба оби гарм бишӯянд.

**ГУЛИ ПИЁДА** گل پیاده ҳар гуле, ки бутаи кӯчак дошта бошад, мисли наргис ва лола ва савсан ва бунафша; ва низ ба маънии гули худрӯ (аз «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Мусталаҳот» ва «Бурҳон»).

**ГИЛМОЛА** گلماله олатест меъморонро, ки бад-он гилу оҳак бар девор моланд; ба ҳиндӣ онро карнӣ гӯянд.

**ГИЛА** گله шикоят (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**ГУЛОЛА** گلاله мӯи муҷаад ва печида; ва ба маънии зулф (аз «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ»); ва дар «Сироҷ» ва «Бурҳон» навишта, ки ин лафз ба кофи арабӣ (яъне **кулола**)* низ омада; ва дар «Бурҳон» ба маънии қамис низ оварда.

**ГУЛКУНДА** گلکنده *муфаррас* ва *мухаффафи* **гулкунда** (گولکنده), номи қалъа, ки ба муфосалаи се куруҳ аз Ҳайдаробод воқеъ аст.

**ГУЛИ КӮЗА** گل کوزه гули сифеди мушобеҳ ба гули нисрин, магар қадре аз он калон бошад ва дар хушбӯ кам (аз «Сироҷ»).

**ГУЛҒУНА** گلغونه ба маънии гулгуна.

**ГУЛИСТОНЗОДА** گلستان‌زاده ба маънии гулу сабза; ва ба маънии доҳзода ва канизакзода (аз «Мусталаҳот»).

**ГИЛОБА** گلابه гилу лой ва гили ба об сиришта, ки бад-он девор андоянд.

**ГУЛИ ОТАШӢ** گل آتشی гул, ки онро ба ҳиндӣ садагулаб[173] номанд; ва баъзе навишта, ки ҳамин гули сурх аст, ки аз он гулоб гиранд (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ГУЛИ ҶАЪФАРӢ** گل جعفری гулест зардранг.

**ГУЛИ ҲАМЧАШМӢ** ва **ГУЛИ ҲАМКОРӢ** گل همچشمی وگل همکاری ба маънии гули куштӣ.

**ГУЛОБИ ТАБАРӢ** گلاب طبری гулобе, ки дар Табаристон ҳосил шавад.

**ГУЛНОРИ ФОРСӢ** گلنار فارسی қисме аз анор, ки гули он сад барг ва бағояти сурхӣ ва калонӣ ба миқдори гули садбарг бошад.

**ГУЛИ КУШТӢ** گل کشتی гуле, ки паҳлавоне ба иродаи куштӣ назди паҳлавоне дигар фиристад; ва ин расм дар вилоят шоеъ аст; ва номи маснавӣ аз Мир Наҷот дар истилоҳоти куштӣ (аз «Чаҳор шарбат»).

**ГУЛШАНӢ** گلشنی тахаллуси шоире.

**ГУЛОБӢ** گلابی навъе аз шишаи кӯчаки мудаввар ва рангину мунаққаш бошад; ва қисме аз амруд (аз «Мусталаҳот»).

**ГУЛОНӢ** گلانی гулфурӯш ва боғбон.

**ГИЛИН ГУЙ** گلین گوی *киноя аз* замин (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Бурҳон»).

**ГУЛИ МУШКӢ** گل مشکی номи гуле, ки рангаш сиёҳ бошад.

**Фасли кофи форсӣ маъа мим**

**ГИМИЗ** گمیز бавл, ки дар урф онро пешоб гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид»)[174].

**ГУМ-ГУМ** گم‌گم овози кандидани нақб (аз шарҳ).

**ГУМЗАН** گمزن маъдум ва харобкунанда; ва торак[175].

**ГУМОН** گمان ба маънии шак.

**ГУМЗАДА** گمزده гумроҳ.

**ГУМ ГИРИФТАНИ ЧИЗЕ** گم گرفتن چیزی маъдум ангоштан он чизро ва қасд нанумудан ба он чиз.

**ГУМБУДАГӢ** گم بودگی ҳаросон шудан (аз шуруҳи «Сикандарнома»).

**Фасли кофи форсӣ маъа нун**

**ГАНДАНО** گندنا навъе аз сабзаи хӯрданӣ, мисли сир (аз «Бурҳон»).

**ГУНБАДИ ОБ** گنبد آب иборат аз ҳубоб.

**ГАНҶИ ДЕВОРБАСТ** گنج دیواربست ба маънии ганҷе, ки мисли девор баланд уфтода бошад; ва номи ганҷест, ки шахсе писари сағир дошт, ба вақти мурдан моли худро барои он писар дар бинои девор ниҳода. Баъд аз муддате чун девор қариби уфтодан гашта буд ҳазрати Хизр ба рафоқати Мусо он деворро шикаста, боз дуруст сохт, ки то моли ятим аз дасти дигарон маҳфуз монад.

**ГУНҶ** گنج ба маънии гунҷоиш (аз «Латоиф»); ва дар «Бурҳон» **ганҷ** (билфатҳ) ба маънии моли касир. Бидон ки Хусрави Парвезро ҳашт ганҷ буд: аввал **ганҷи арус**, ки худ ҷамъ карда буд; дуввум **ганҷи бодовард**, севвум **ганҷи дебои** хусравӣ, чаҳорум **ганҷи Афросиёб**; панҷум **ганҷи сухта** ва дар ин ҷо лафзи сухта ба маънии санҷида аст; **шашум ганҷи хазро**; ҳафтум **ганҷи шодовард**; ҳаштум **ганҷи бор.**

**ГАНҶИ БОДОВАРД** گنج بادآورد ганҷи дуввум аз ҳашт ганҷи Хусрави Парвез; ваҷҳи тасмияаш ин ки қайсари Рум аз хавфи Парвез чанд каштӣ аз зари сурх пур карда ба ҷазирае мефиристод. Ва боди мухолиф он каштиҳоро ба суи мулки Парвез овард. Парвез он молро гирифт, лиҳозо он молро **ганҷи бодовард** ном карданд (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Кашф»); ва дар «Чаҳор шарбат» навишта, ки **ганҷи бодоварd** ба истилоҳ моли муфтро гӯянд.

**ГУНБАД** گنبد навъе аз иморати мудаввар, ки маъруф аст; ва ба маънии ҷастан, лекин навъе аз ҷастан аст, чунончи ба чаҳор по ҷастани оҳу ва асп; ва *киноя аз* сурин низ бошад (аз «Сироҷ» ва «Мусталаҳот» ва «Бурҳон»).

**ГУНБАДИ ЧОРБАНД** گنبد چاربند иборат аз дуньё, ба лиҳози арбаъаи аносир; ва баъзе осмонро низ гӯянд, ба эътибори машриқу мағриб ва ҷанубу шимол (аз «Сироҷ»).

**ГАНД** گند буи бад; ва дар ҳинди гандҳ (ба доли махлутутталаффуз ба ҳо), ба маънии мутлақи буй; ба ҳамин сабаб атторро **гандҳӣ** гӯянд (аз «Хиёбон»).

**ГУНДБИР** گندبیر ба маънии зол ва аҷуз, яъне пирзани солхӯрд (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»); ва дар «Сироҷ-ул-луғот» навишта, ки **ганд бир** (ба фатҳи кофи форсӣ) ва метувонад, ки ба замми кофи арабӣ ва бои форсӣ (яъне **кундпир**)* бошад, ба маънии касе ки ҳофизааш кунд бувад; ва ба *маҷоз* ба маънии пири хараф мустаъмал шуда, лиҳозо **қундфир** (ба қоф ва фо) *муарраби* он омадааст; агар ба кофи форсӣ мебуд, дар таъриб ба ҷим бадал мешуд; ва фақир муаллифро низ дар «Қомус» ба назар омада, ки **қундфир** *муарраби* **гунд бир** аст; пас аз қоидаи таъриб дарёфт мешавад, ки **кундпир** ба кофи арабӣ ва бои форсист.

**ГАНҶУР** گنجور хизонадор; дар асл ганҷвар буд, муракқаб аз **ганҷ** ва калимаи **вар**, ки ба маънии дорандa ва худованд аст. Пас моқабли вовро ба ҷиҳати тахфифи талаффуз замма дода, вовро сокин карданд. Ва ҳамин ҳол аст *ранҷур* ва *муздур*ро (аз «Сироҷ» ва ғайри он).

**ГУНҶИШК** گنجشک паррандаест машҳур (аз «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Музил»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба фатҳи ҷим, магар будани кофи форсӣ дар аввал ба иттифоқ аст.

**ГУНБАДИ ГУЛ** گنبد گل ба маънии ғунчаи гул ва пиёла (аз «Бурҳон»).

**ГАНГАЛ** گنگل сухр ва ҳазл ва зарофат (аз «Латоиф»).

**ГАНДАНОГУН** گندناگون *киноя аз* сабз ранги моил ба андак сиёҳӣ.

**ГАНДИДАН** گندیدن буи бад додани чизе.

**ГАНҶИ ШОЙГОН** گنج شایگان ин ном номи **ганҷи бодовард** аст, ки мазкур шуд; чун **шойгон** ба маънии фарох ва лоиқ ва сазовор аст ва ҳар чизи беҳтар ва хубро низ гӯянд, ки лоиқи шоҳ бошад; чи **шойгон** дар асл **шоҳгон** буд, яъне лоиқи шоҳ. Чун **ганҷи бодовард** ган

чи фаровон ва беҳтар буд, лиҳозо шойгон низ ном карданд; ва кори нимрузро низ **шойгон** гӯянд; чун ганчи **бодовард** низ бе меҳнат ба даст уфтода буд, лиҳозо **ганчи шойгон** ном карданд (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**ГАНЧИ РАВОН** گنج روان *киноя аз* ганчи **Қорун**, чаро ки пайваста дар зери замин ҳаракат ба суи таҳт мекунад.

**ГАНЧИ ҚОРУН** گنج قارون имом Фарро гуфта, ки чиҳил тан калидҳои кунузи Қорун мекашиданд ва ҳар калид ба миқдори ангушт буд; ва имом Саълабӣ гуфта, ки хизонаи Қорун чаҳорсад ҳазору чиҳил ҳазор анбон буд пур аз зару нуқра; ва ба дуъои Мусо алайҳиссалом Қорун ва ҳама хизонаи ӯ ба замин фуру рафта ва то қиёмат ба суи асфал равон хоҳад монд.

**ГУНБАД СОХТАН** گنبد ساختن *киноя аз* сурини худ бардоштан барои феъли бад (аз «Мусталаҳот»).

**ГАНЧОРА** گنجاره ба маънии гулгуна (аз «Бурҳон»).

**ГУНДА** گنده дар муқобалаи борик, чунончи ресмон ва чомаи гунда; ва ба маънии гулӯлаи хамир, ки барои нон ба ҳар ду даст мудаввар мекунанд (аз «Бурҳон»).

**ГАНЧА** گنجه номи шаҳри Низомӣ алайҳирраҳмат.

**ГАНЧИНА** گنجینه мансуб ба **ганч** ва чои **ганч**; ва *мачозан* ба итлоқи зарф бар мазруф ба маънии моли касир низ меояд.

**ГАНЧИ ГОВ** گنج گاو номи ганчест аз ганчҳои Чамшед; ва он дар замони Баҳроми Гӯр зоҳир шуда буд. Гӯянд деҳқоне зироатро об медод, ногоҳ сӯрохе дар он чо буд, ки тамоми об дар он сӯрох мерафт. Деҳқон Баҳромро хабар кард. Ва мардумони Баҳроми Гӯр он чоро канданд, иморати васеъ зоҳир шуд. Ва дар он иморат говмешҳо аз тило сохта буданд мурассаъ ба ҷавоҳири қиматӣ. Ва гирди онҳо бисёр шаклҳои вуҳуш ва туюр аз зару ҷавоҳир сохта буданд. Баҳроми Гур он ганчро гирифта ба фақирону муҳтоҷон дод (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ГАНЧИ ИЛОҲӢ** گنج الهی Қуръони мачид (аз «Сироч»).

**ГАНДАМАГЗӢ** گنده مغزی сухани таккаббур гуфтан (аз «Рашидӣ»).

**Фасли кофи форсӣ маъа вов**

**ГУВОРО** گوارا ҳар чиз, ки хушмаза бошад ва ба табиат хуш ояд ва зудҳазм бувад; ва ба фатҳ (яъне **гаворо**)* хатост (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Кашф» ва «Латоиф»).

**ГУНИЁ** گونیا тахтаи мусаллас бошад моил ба тул, ки меъморон ва наҷҷорон доранд, качиву ростии чуб ва иморатро бад-он маълум нумоянд (аз «Сироч-ул-луғот») ва «Бурҳон»).

**ГУИЁ** گوئیا ба маънии гуӣ; алиф дар охир зиёда аст; истеъмоли ин лафз аксар ба чиҳати ташбеҳ бошад.

**ГУВО** گوا *мухаффафи* гувоҳ (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Бурҳон»).

**ГӮДОБ** گوداب номи таомест, ки аз гушту биринч ва мағзи нухуду мағзи гирдагон бипазанд ва онро ба сирка ва дӯшоб туруш кунанд (аз «Бурҳон» ва «Сироч»); ва низ дар «Сироч» навишта, ки баъзе ба маънии таоми зербирьён гуфта; ва дар шарҳе навишта, ки биринчро дар чавфи барра пур карда бипазанд.

**ГАВАШТ** گوشت номи яке аз шаш овозаи мусиқӣ ва он: «Навруз» ва «Мота»[176] ва «Салмак» ва «Гавашт» ва «Шаҳноз» ва «Гардония» бошад (аз «Сироч» ва «Бурҳон» ва «Чароғи ҳидоят»).

**ГӮШТПЕЧ** گوشت پیچ ба маънии гушмол (аз «Сироч»).

**ГӮГИРДИ СУРХ** گوگرد سرخ *киноя аз* иксир; чаро ки иксир аз ӯ сохта шавад ва он чузви аъзами иксир аст.

**ГӮГИРД** گوگرد давоест маъданӣ, ки онро ба ҳиндӣ гандҳак гуянд (аз «Бурҳон»).

**ГӮСФАНД** گوسفند ба маънии меш, муқобили буз, чунонки **маъз** дар арабӣ муқобили **заън** аст (мустафод аз «Қомус» ва «Сурох»); ва баъзе навиштаанд, ки итлоқи гусфанд

бар меш ва буз ҳар ду омада (аз «Сироҷ»).

**ГУВОР** گوار ҳар чизи хурданӣ ё нӯшиданӣ, ки ба зоиқа хушмаза ояд ва зудҳазм бошад; ва билфатҳ (яъне **гавор**)* хатост (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Баҳори Аҷам»).

**ГУР** گور хари саҳроӣ, ки онро гӯрхар гуянд ва ин *маҷоз* аст ё ба ҷиҳати тахфиф **гурхар**-ро **гур** фақат гуфтаанд; ва дар «Рашидӣ» чунин навишта, ки **гавр** (билфатҳ) номи мулк ва қавмест аз бараҳманон; ва номи вилоятест аз Бангола; ва биззам ва вови маҷҳул (яъне **гӯр**)* ба маънии қабр; ва ба маънии дашти ҳамвор; ва аз ин ҷост, ки хари даштиро **гурхар** гуянд, яъне хари гур; ва дар «Бурҳон» ба вови маҷҳул (яъне **гӯр**)* ба маънии айшу ишрат ва шароб; ва ба маънии саҳро ва замини ҳамвор.

**ГУРХАР** گورخر ба маънии хари саҳрой; чи **гӯр** ба маънии саҳро ва замини ҳамвор ва дашт аст (аз «Бурҳон»).

**ГАВҲАР** گوهر зоти шайъ ва асли ҳар чиз; ва **ҷавҳар** *муарраби* он аст. хоҳ ба маънии ёқуту лаъл ва ғайра бошад, хоҳ ба маънии ҷавҳари шамшер ва ғайра; ва дар «Бурҳон» **гавҳар** ба маънии марворид; ва ба маънии мутлақ ҷавоҳирот, чунончи: *лаъл* ва *ёқут* ва *зумуррӯд* ва *алмос* ва ғайри он; ва ба маънии асл ва нажод ва зот; ва ба маънии фарзанд; ва ба маънии сифоти ниҳонӣ ва ақл ва фарҳанг.

**ГАВЕР** گویر дар шарҳи «Нисоб» ба маънии замини ҳамвор; ва дар «Бурҳон» ба маънии сароб, ки аз дур об менумояд; ва ба маънии саҳро.

**ГУШЁР** گوشیار бар вазни **ҳушёр**; лақаби ҳакиме, ки Абулҳасан ном дошт ва шайх Абуалии Сино шогирдии ӯ нумудааст (аз «Бурҳон»); ва дар «Рашидӣ» ба кофи арабӣ (яъне **Кушёр**)* номи мунаҷҷиме.

**ГУШАИ ЗАНҶИР** گوشهٔ زنجیر ба маънии ҳалқаи занҷир.

**ГУЛБОР** گولبار бори сангин.

**ГУШТИ ХАР** گوشت خر *киноя аз* чизе ки ҳеҷ ба кор наёяд.

**ГАВДАРЗ** گودرز номи паҳлавоне ... Эрон; ва номи подшоҳ (аз «Бур... ҳон»).

**ГАВАЗ** گوز *мухаффафи* **гавазн**; ва ба фатҳи аввал ва сукуни вов (яъне **гавз**)* ба маънии гирдагон ва **ҷав...** *муарраби* он аст; ва ба вови ма... ҳул (яъне **гуз**)* боде ки аз р... поин ба овоз бароянд (аз «Бур... ҳон»); ва ба замми аввал ва вови ғайри малфуз ва сукуни зои му... ҷама (яъне **гуз**)* дар туркӣ чаш... ро гӯянд.

**ГУВОРИШ** گوارش хушмазагӣ ва ... ми таом ва номи давое мурак... барои ҳазми таом, ба шарте ... хушмаза бошад; ва **ҷувориш** *му... раби* он аст (аз «Бурҳон» ва «С... роҷ» ва «Муайид» ва «Мадор» ... «Кашф»).

**ГӮШ** گوش маъруф аст; ва *мухаф... фи* **гуша**; ва номи рузи чаҳорда... аз ҳар моҳи шамсӣ (аз «Ҷаҳон... рӣ» ва «Рашидӣ» ва «Сироҷ» ... «Бурҳон»).

**ГУШ ТО ГУШ** گوش تا گوش аз ин ... то он сар.

**ГАВАҚ** گوک мағок ва хандақи куч... ва ба замми аввал ва вови ғай... малфуз ва сукуни кофи фор... дуввум (яъне **гуг**)* дар турки ... мон ва ранги кабудро низ гӯянд.

**ГУЛ** گول аблаҳ ва нодон ва аҳм... ва ба маънии макру фиреб; ... замми аввал ва вови ғайри ма... фуз ва сукуни лом (яъне **гул**)... дар туркӣ ба маънии толоби кӯч... ва ба фатҳатайн (яъне **гавал**)* ... маънии пашмина бо мӯҳои онҳ... ки дарвешон ва муҳтоҷон пӯш... (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «М... талаҳот» ва «Сурурӣ» ва «Р... дӣ»).

**ГУВОЛ** گوال ба маънии ҷувол; ва ... вол *муарраби* он аст (аз «Сиро...

**ГӮРЧАШМ** گور چشم навъе аз ҷ... ҳарир, ки дар бофти он ба ш... чашми гӯрхарон нуқуш кунанд, ... нонки дар Ҳиндустон порчаи б... булчашм равоҷ дорад (аз «Сир... ва «Бурҳон»).

**ГУЗМ//ГУЗИМ** گوزم ба маънии ... ми ман; чи дар туркӣ **гуз** ба м... нии чашм ва мим барои мута... лим; ва ин лафз ба лаҳҷаи у...

кон ба кофи арабӣ (яъне **куз**)*-ст ва ба лаҳҷаи қизилбошон ба кофи форсӣ (яъне **гуз***; аз «Латоиф»).

**ГУРГОН** گورگان ба маънии касе ки лоиқи айшу ишрат бошад; чи **гур** ба маънии айшу ишрат ва шароб аст ва **гон** ба маънии лоиқ ва сазовор (аз «Бурҳон»); ва лақаби шоҳ Темур низ аз баъзе кутуб дарёфт мешавад; ва ҳар подшоҳи ҷалилулқадрро **Гургон** гӯянд.

**ГУРХОН** گورخان лақаби подшоҳи Хато ва Хутан (аз «Сироҷ»).

**ГУШ ҚАРДАН** گوش کردن ба маънии шунидан.

**ГУШ МОЛИДАН** گوش مالیدن бидуни даъво ба кори азим мустаид шудан (аз шуруҳи «Сикандарнома»).

**ГУИ ГИРЕБОН** گوی گریبان тукмае ки бар гиребон дузанд.

**ГАВАЗН** گوزن ҷонварест ва он навъе аз гови кӯҳист, ки ба ҳар ду шохаш чанд шохи дигар руста бошад; ба ҳиндӣ онро бараҳсингҳа гӯянд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ГУЙ БУРДАН** گوی بردن фавқият ёфтан ва зиёдат кардан ва **голиб** омадан (аз «Бурҳон»).

**ГУН** گون ба маънии ранг (аз «Сироҷ»).

**ГАВҲАР-ХОТУН** گوهر خاتون номи зани Султон Санҷар.

**ГАВОН** گوان ба маънии паҳлавонон ва диловарон.

**ГУДБОН** گودبان ба маънии кӯҳони шутур ва ғайра (аз «Латоиф»).

**ГУРКАН** گورکن номи ҷонваре чаҳорпоя; ба ҳиндӣ биҷҷу гӯянд.

**ГУВОЛИДАН//ГАВОЛИДАН** گوالیدن болидани дарахт ва нумув кардани дарахт ва ғайра (аз «Муайид» ва «Бурҳон»).

**ГУШ ДОДАН** گوش دادن шунидан.

**ГУШИ СОҒАР МОЛИДАН** گوش ساغر مالیدن соғарро ба каф оварда майнушӣ кардан.

**ГАВ** گو мағок ва замини нишеб; ва ба маънии шуҷоъ ва муътабар ва бузург; ва ба вови маъруф (яъне **гу**)* ба маънии гуй, ки ба чавгон бозӣ ба он кунанд; ва ба вови маҷҳул (яъне **гӯ**)* ба маънии гов, ки ба арабӣ бақар хонанд (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ГУДА** گوده лафзи туркист; ба маънии бадан ва тан (аз «Мусталаҳот»).

**ГӮШВОРА** گوشواره ба истилоҳи аҳли дафтар васати арзи варақи дафтар аст, ки ақди мизон он ҷо нависанд; ва ба истилоҳи шуаро матлаъ, ки баъди мақтаъ оранд; ва номи зеварест, ки дар гуш кунанд (аз «Мусталаҳот» ва ғайри он).

**ГУИ АНГУЛА** گوی انگله тукма ва ҳалқа, ки бар гиребон ва ғайра дузанд; **гуй** ба маънии тукма ва **ангула** ба маънии ҳалқа, ки дар он тукма гузоранд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ГУСОЛА** گوساله бачаи гов бошад; ва ба маънии бачаи шутур ва бачаи фил низ; ва ба маънии мутлақ бача ҳам омада; чи **гӯ** (ба вови маҷҳул) ба маънии хурд ва кӯчак омадааст; пас **гӯсола** ба маънии хурдсола бошад; ва **гӯ** (ба вови маҷҳул) ба маънии гов ҳам навиштаанд ва ҳо барои нисбат бошад; пас маънии **гӯсола** гови яксола бошад (аз «Бурҳон»); ва дар «Сироҷ» чунин навишта, ки **гавсола** (билфатҳ) бачаи гов; чи **гав** (билфатҳ) *мухаффафи* **гов** аст ва **сола** дар асл **ҳола** буд; чи **ҳол** ба маънии ором ва қарор аст, яъне чизе ки гов бад-он ором мегирад ва он бачаи уст.

**ГУНА** گونه ранг ва лавн ва тавр ва вазъ ва услуб.

**ГУПИЁЗА** گوپیازه таомест мутаъориф дар Балх (аз «Бурҳон»); ва баъзе навишта, ки номи тараи бадбу.

**ГУГДА** گوگده дар туркӣ лафзи мураккаб аст, ба маънии дар осмон; чи **гуг** ба маънии осмон ва **да** (ба ҳои мухтафӣ) ба маънии дар.

**ГАВЧӢ** گوچی мағоки кӯчак (аз «Бурҳон»).

**ГУШМОҲӢ** گوش ماهی ба маънии садаф ва пиёла (аз «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ГУЙ** گوی сиғаи хитоб аст аз **гуфтан**; ва *маҷозан* ба маънии ташбеҳ низ **ояд** (аз «Чароғи ҳидоят»); ва барои шак низ меояд.

**ГАВТОЗӢ** گرتازی лоф ва даъвои беҳақиқат дар ғалаба ва зур бар ҳариф.

**Фасли кофи форсӣ маъа ҳои ҳавваз**

**ГҲАНПОЙТ** گهنپایت номи шаҳрест дар Дакан.

**ГАҲГИР** گه‌گیر аспе ки тан ба суворӣ надиҳад[177] (аз «Мусталаҳот»).

**ГАҲВОРАИ ДЕВ** گهوارهٔ دیو фаннест аз фунуни куштӣ, ки ду ҳариф якдигарро такон диҳанд, то яке дигареро ғофил карда бар замин андозад; ва гоҳе *киноя* бошад аз одами бадтинат.

**ГАҲВОРА** گهواره навъе аз чорпой, ки барои роҳати атфол дар ҳаво овезанд.

**ГАҲ** گه ба маънии ҷой ва вақт; ва ба маънии субҳ; ва ба маънии бутаи заргарон, ки зару нуқра дар он гудозанд; ва ба маънии зуд ва шитоб; ва ба маънии кучак низ омада (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**Фасли кофи форсӣ маъа ёи таҳтонӣ**

**ГИЁ** گیا ба маънии гиёҳ (аз «Бурҳон»).

**ГИПО** گیپا қисме аз палов; ва дар луғоти туркӣ ба кофи арабӣ (яъне кипо)* навишта, лиҳозо дар фасли кофи арабӣ ба тафсил марқум шуд.

**ГИРО** گیرا ба маънии гиранда.

**ГИТ** گیت ба забони ҳиндӣ навъе аз суруд аст, мисли дхурпад.

**ГАЮМАРТ** گیومرت номи подшоҳе, ки аввал дар ҷаҳон подшоҳӣ карда; ва баёнаш дар фасли кофи арабӣ маъа ёи таҳтонӣ гузашт.

**ГЕҶ** گیج парешон ва парогандамағзӣ (аз «Латоиф» ва «Мусталаҳот»).

**ГИРУДОР** گیرودار фармондиҳӣ ва ҳукумат ва ҳукмронӣ; ва ба маънии ҷанг низ омада (аз «Хиёбон» ва «Бурҳон»); ва Мир Нуруллоҳ дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки **гирудор** (яъне **гир** ва **дор**)* ҳар ду сиғаи амр аст, яъне инро бигир ва онро нигоҳ дор ва гаҳи мақоми ҳукумат гуфта мешавад; ва *киноя аз* карру фарри салтанат ва амирӣ.

**ГЕСУДОР** گیسودار мавлозода, яъне писари ғулом; ва ба маънии ситораи думдор (аз «Муайид»).

**ГИРАНГ** گیرنگ бар вазни **нийранг**; номи қасаба (аз «Бурҳон»).

**ГИЛ** گیل мулкест, ки онро Гилон гуянд.

**ГИИ** گین соҳиб ва худованд; ва ба маънии пур ва мамлув; дар ин сурат *мухаффафи* **огин** аст (аз «Рашидӣ»).

**ГАЙҲОН** گیهان ба маънии рузгор ва ҷаҳон (аз «Бурҳон»); ва дар «Сироч» навишта, ки **гийҳон** (билкаср) ва қила ба фатҳ (яъне **гайҳон**)* ба маънии ҷаҳон ва рузгор; ва ба кофи форсӣ ва арабӣ, ҳар ду, саҳеҳ аст, ба эътибори тағйири лаҳҷа; ва баъзе муҳаққиқин навиштаанд, ки **геҳон** (ба ёи маҷҳул) имолаи **гоҳон** аст, мансуб ба **гоҳ**, яъне вақт ва замона; чун аксар ашёи олам таъаллуқ ба авқот доранд, лиҳозо ба маънии ҷаҳон ояд.

**ГИЛОН//ГЕЛОН** گیلان номи мулкест ва номи деҳест наздики Бағдод, мавлиди ҳазрати Шайх Абдулқодир раҳматуллоҳи алайҳи; ва **Ҷилон** (**Ҷилон**) *муарраби* он аст.

**ГЕСУ** گیسو Хони Орзу дар «Сироч» навишта, ки Қавсӣ гуяд; **гесу** муи дарозе, ки аз ҳар ду ҷониб дароз кашида бошад, чунонки дар «Гулистон» сиёҳии гесувони тофта ва баъзе муродифи зулф навишта; на аз ашъори мутааххирин зоҳир мешавад, ки гесу ғайри зулф аст; Қосими Машҳадӣ гуяд, байт:

Як сари мӯ дар сари лайливашон бекор нест,
Он чи меояд зи ёр аз зулфи гесу мешавад[178].

**ГЕВ** گیو номи писари Гавдарзи паҳлавони эронӣ (аз «Бурҳон»).

**ГЕСУБУРИДА** گیسو بریده зани беҳаё.

**ГЕВА** گیوه навъе аз кафши намадин.

**ГЕТӢ** گیتی олам ва дунёё (аз «Сироч»).

**ГИЛӢ** گیلی мансуб ба **Гил**, ки мулкест аз Табаристон; ва **гилӣ** *киноя аз* аспи беҳтар, чаро ки аспи он ҷо хуб ва беҳтар бошад; ва **гилӣ** қа-

ме аз муғулон низ аст; ва қила номи амире аз умарои муғул.

**ГИДӢ** گیدی мураккаб аз **гид**, ки ба маънии ғилевоз аст ва ёи нисбат; ва ғилевоз шаш моҳ нару шаш моҳ мода мегардад, лиҳозо бар мардуме, ки руҷулийят ва ғайрат надорад, итлоқ кунанд (аз рисолае муътабар).

## БОБИ ЛОМ

### Фасли лом маъа алиф

**ЛОЛО** لالا ба маънии банда ва ғулом ва хидматгор; ва ба маънии рушан ва дурахшон; магар истеъмоли ин лафз ба маънии рушан ва дурахшон аксар бо лафзи луълуй ояд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ», ва «Муайид»).

**ЛО** لا ба арабӣ ҳарфи нафй аст; ва ба форсӣ ба маънии парда ва ту, ки онро таҳ низ гуянд; ва **ло бар ло** ба маънии ту бар ту (аз «Муайид»); ва ба маънии миқроз; зоҳиран ба ин маънӣ *киноя* аст ба миқроз ба мушобаҳати шакли ло.

**ЛОРАЙБ** لاریب бешак ва он чи дар он шак набошад.

**ЛОЗИБ** لازب ба маънии часпанда (аз «Қашф» ва «Сурох»); ва **зарбати лозиб** зарберо гуянд, ки нишони он баъди беҳ шудан боқӣ монад.

**ЛОКПУШТ** لاك پشت боха, кӣ ба ҳиндӣ качҳува гуянд; ва **лок** ба маънии косаи чубин аст (аз «Бурҳон»).

**ЛОТ** لات номи буте, ки қавми Шуъайб алайҳиссалом уро мепарастиданд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЛОҲУТ** لاهوت олами зоти илоҳист, ки соликро дар он мақом фано филлоҳ ҳосил мешавад ва мартабаи асифотро ҷабарут ва мартабаи асморо малакут номанд (аз «Қашф» ва «Латоиф»); ва баъзе гуянд, ки **лоҳут** дар асл **лоҳу илоҳу**-ст ва ҳарфи то зоид; ва қонуни араб аст, ки чун калимоти муғлақа гуянд, чизе ҳазф нумоянд ва чизе зиёда кунанд, то номаҳрамон маҳрум аз ҳақиқати он бошанд; пас **лоҳу** нафй аст, яъне нест таҷаллии сифот мар тоифаи афродро; ва лафзи ҳу исми зот аст, **илоҳу** магар таҷаллии зот; ва ҳақ ин аст, ки **лоҳут** дар асли луғат масдар аст, бар вазни фаълут, муштақ аз **лоҳ**, чунонки *рағбут* ва *раҳмут*; ва **лоҳ** асли лафзи **аллоҳ** аст, маъхуз аз **лайҳ** ба маънии пӯшидан ва дар парда рафтан ва ҳоказо (фис — «Сурох»).

**ЛОЕҲ** لائح дурахшон ва пайдошаванда (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ЛОҚЕҲ** لاقح обистан; ва он чи фаҳлро ба вай ҷуфтӣ диҳад; ва боде ки абр пайдо кунад ва дарахтро борвар кунад; **лавоқеҳ** *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб»).

**ЛОХ** لاخ ба маънии ҷой ва мақом; магар бидуни таркиб гуфта намешавад, ҳамчун **санглох** ба маънии ҷое, ки дар он сангҳо бошад ва **девлох** ба маънии ҷои девон ва **лох** ба маънии бисьёрӣ ва анбуҳ низ меояд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва «Сурурӣ»).

**ЛОБУД(Д)** لابد ба маънии ноҷор ва ногузир ва биззарур; мураккаб аз **ло**, ки ҳарфи нафй аст ва **будд** ба маънии чора ва иваз (аз «Мунтахаб»).

**ЛОД** لاد раддаи девор; ва навъе аз дебо; ва навъе аз атриёт; ва ба маънии қалъа (аз «Бурҳон»).

**ЛОҒАР** لاغر ба маънии маъруф аст (аз «Баҳори Аҷам» ва ғайра).

**ЛОТАЗАР** لاتذر сиғаи наҳй, ба маънии магзор.

**ЛОҶОР** لاجار ба маънии ногузир мустаъмал мешавад, лекин саҳеҳ **ноҷор** (ба нун) аст; чи таркиби лафзи **ҷор**, ки форсист бо лафзи **ло**, ки калимаи арабист, барои нафй бо вуҷуди мавҷуд будани **но**, ки лафзи форсист, ваҷҳе надорад (аз «Баҳори Аҷам»).

**ЛОҲНУР** لاهنور номи шаҳри Лоҳур.

**ЛОЛШАҲБОЗ** لال شهباز дарвеше, ки соҳибкамол будааст, магар аксари қаландарон ба у эътиқоди тамом доранд ва ба вақти бангнӯши уро ёд мекунанд[179].

**ЛОҚИС** لاقیس номи деве, ки дар намоз ба хотир васваса андозад (аз «Сурурӣ» ва «Мадор» ва «Кашф»); ва соҳиби «Рашидӣ» ба ҷои қоф, фо гуфта ва навишта (яъне **лофис**)*, ки баъзе касон ба ҷои фо, қоф хонанд; ва дар «Бурҳон» ба фо (яъне **лофис**)* навишта ва гуфта, ки ба қоф низ омада; ва дар «Сироҷ-ул-луғот» ба қоф аст; ва аз «Мунтахаб» ҳам қоф мустафод мешавад.

**ЛОС** لاس абрешуми фурӯмоя (аз «Бурҳон»).

**ЛОМИСОС** لامساس иқтибос аст аз ояи карима: «фазҳаб фаинна лака филҳаёти ан тақула ломисоса», яъне гуфт Мусо алайҳиссалом Сомирии гусоласозро, ки: пас бирав аз миёни мо, пас ба дурустӣ, ки ҳаст туро аз уқубат дар зиндагӣ, ки гӯи ҳар киро, ки назди ту ояд, ки судан макун маро, яъне дур шав аз ман; чаро ки ҳар ки наздик шудӣ ба ӯ, ӯро ва он касро тап гирифтӣ; аз ин бим мардумон аз ӯ ва ӯ аз мардумон гурезон мебуд (аз «Тафсири Ҳусайнӣ»).

**ЛОШ** لاش дар туркӣ тани мурдаро гӯянд; ва ба арабӣ *мухаффафи* **лошайъ**, ки маъдум иборат аз он аст.

**ЛОМЕЪ** لامع рӯшан ва дурахшон (аз «Мунтахаб»).

**ЛОЗЕЪ** لاذع сӯзон ва сӯзанда (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ЛОҒ** لاغ ҳазл ва зарофат ва хуштабъӣ (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**ЛОДИҒ** لادغ ба маънии газанда; ва номи дардест, ки пӯстро мегазад, чунонки мору каждум мегазад (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва баъзе шореҳони «Нисоб» навишта, ки ба золи муъҷама ва айни муҳмала (яъне **лозеъ**)* номи дардест, ки соҳибаш пиндорад, ки касе аз оташ месӯзад.

**ЛОТКУФ(Ф)** لاتکف аз боби насара янсуру; ба маънии боз истода машав ва боз истода макун.

**ЛОҲИҚ** لاحق он ки аз пас омада восил шавад; ва он чи аз ақиб ба чизе пайвандад.

**ЛОЛАНГ** لالنگ ба маънии залла ва пасхурда (аз «Латоиф»).

**ЛОЛ** لال дар туркӣ ба маънии гунг, яъне забонгирифта; ва ба маънии ранги сурх муштарак аст миёни форсӣ ва ҳиндӣ; ва **лола** ҳам мураккаб аст аз **лол**, ки ба маънии сурх аст ва **ҳо**, ки калимаи нисбат аст; ва ҷавҳарест сурхранги қиматӣ, ки онро **лаъл** гӯянд; ва **лаъл** *муарраби* **лол** аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ»).

**ЛОЯЪҚИЛ** لایعقل дар истеъмоли форсиён ломи охир ба вақф хонда мешавад ва сиғаи музореъи манфист, барои истимрор меояд ва дар сифати ҳайвон воқеъ мешавад, ба ҷиҳати изҳори камоли нодонии ӯ, яъне алҳол ҳам беақл аст ва дар истиқбол ҳам беақл хоҳад монд.

**ЛОТОИЛ** لاطائل бефоида; чи **тоил** ба маънии фоида аст (аз «Мунтахаб»).

**ЛОЯЗОЛ** لایزال доим ва безавол; ин сиғаи музореъи манфист аз боби хофа яхофу, ки барои истимрор дар сифати ҳақ таоло воқеъ шавад, ба ҷиҳати изҳори камоли безаволии ӯ, яъне алҳол ҳам безавол аст ва дар истиқбол ҳам безавол хоҳад монд.

**ЛОЛОИ ЧАШМ** لالای چشم иборат аз мардумаки чашм, ба эътибори сиёҳии он; чаро ки **лоло** ғуломро гӯянд ва ғуломи ҳабашӣ сиёҳ бошад.

**ЛОИМ** لائم ба маънии маломаткунанда (аз «Сурох»).

**ЛОЯЪЛАМ** لایعلم сиғаи музореъи манфист; ва мими ин дар муҳовараи форсиён ба вақф хонда мешавад; ва ин барои истимрор низ меояд ва сифати ҳайвон воқеъ мешавад, ба ҷиҳати изҳори камоли нодонии ӯ, яъне алҳол ҳам нодон аст ва дар истиқбол ҳам беилм ва мавсуф ба нодонӣ хоҳад монд.

**ЛОМ** لام зиреҳҳо; ва як зиреҳро **лома** гӯянд; ва номи ҳарф, ки зулфи хубонро ба он ташбеҳ кунанд (аз «Мунтахаб»); ва дар «Шарҳи Хоқонӣ» навишта, ки дар форсӣ навъе аз кулоҳи намадӣ, ки фақирон бар сар ниҳанд; ва низ ҳарфи **лом** ба рои муҳмала бадал шавад ва ба кофи арабӣ низ.

**ЛАИМ** لئیم нокас ва бахил (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва баъзе на-

вишта, ки фарқ дар **лаим** ва **бахил** он аст: **лаим** он ки на худ мехурад ва на дигареро медиҳад; ва **бахил** он ки худ мехурад ва дигареро намедиҳад.

**ЛОҶАРАМ** لاجرم ногузир ва биззарур ва лоилоҷ; чи **ло** ҳарфи нофия аст ва **ҷарам** (ба фатҳатайн) ба маънии илоҷ ва гузир ва чора.

**ЛОЗИМ** لازم *муқобили* **мутааддӣ**; ва он ки дар урф **лозимӣ** мегуянд (ба зиёдати таҳтонӣ) ғалат аст, чаро ки **лозим** худ сиғаи исми фоил аст, ҳоҷат ба ёи фоилият надорад; ва дар **мутааддӣ** ёи аслист, муқобилиломи калима, зеро ки сиғаи исми фоил аст аз **тааддӣ**, ки ба маънии гузаштани чизе бошад аз яке ба дигаре.

**ЛОНУСАЛЛИМУ** لانسلم ба маънии саломат намедорем, яъне қабул намекунем; магар дар назми форсӣ замми мимро талаффуз намекунанд ва мимро мавқуф хонанд.

**ЛО ВА НАЪАМ** لا و نعم хар ду ҳарфи эҷобанд; **ло** барои нафӣ ва инкор ба маънии не ва нест; ва **наъам** барои исбот ва иқрор, ба маънии оре ва бале.

**ЛОЛОЁН** لالایان ғуломон ва хидматгорон (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»).

**ЛОЙИДАН** لائیدن сухан гуфтан ва лоф задан ва ҳарзагуӣ кардан (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ЛОШКАН** لاشکن номи куҳест (аз «Бурҳон»).

**ЛОН** لان номи куҳест.

**ЛОЧИН** لاچین дар туркӣ шоҳини шикориро гӯянд.

**ЛОДАН** لادن номи хушбуй, ки мисли душоб сиёҳу рақиқ бошад; онро анбари асалӣ низ гӯянд (аз «Бурҳон»).

**ЛОМОН** لامان ба маънии фиреб ва дуруғ (аз «Шарҳи Хоқонӣ»); ва анбухӣ; ва ба маънии бевафоӣ; ва амр аст ба маънии биҷунбон; ва ба маънии мағок (аз «Латоиф»).

**ЛОКАН** لاکن куҳест (аз «Бурхон»).

**ЛОВ** لاو гили сифед, ки бад-он деворри хона сифед кунанд (аз «Бурҳон»).

**ЛОБА** لابه ба маънии тамаллуқ ва чоплусӣ ва хушомад; ва ба маънии фиреб ва аҷз ва ихлос *маҷоз* аст (аз «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Сироҷ»).

**ЛОНА** لانه ба маънии хонаи зунбури бешаҳд ва ошьёнаи мурғон (аз «Бурҳон» ва «Қашф»).

**ЛОҒИЯ** لاغیه гиёҳест ширдори бисьёр гарм; ва ба арабӣ ба маънии ботил ва зани беҳудагуро гуянд (аз «Бурҳон» ва «Мунтахаб»).

**ЛОҲРА** لاهره навъе аз сурати каштӣ, ки бад-он аз дарьё убур кунанд; ва ин лафзи ҳиндист.

**ЛОҶУРЪА** لاجرعه якборагӣ ҳама нушидани он чи дар пиёла бошад, бе он ки дам гирифта андак-андак нушанд.

**ЛОҲИҚА** لاحقه он ки аз пас восил шуда бошад; ва он чиз, ки баъди аввал даррасад; маъхуз аз **луҳуқ**, ки ба маънии аз дунболи чизе пайвастан аст.

**ЛОМАҲОЛА** لامحاله маънии лафзии он ин аст, ки: *нест бозгардидан*; дар асл чунин аст: *«ломаҳолата мин ҳазаламри»*, яъне нест бозгардидан аз ин кор. Пас хулосаи маънии **ломаҳола** биззарур аст (аз тарҷамаи «Мишкоти шариф»); ва касоне, ки мимро мазмум хонанд (яъне **ломуҳола**)* ва дар охир ҳои замир донанд, ғалат; ва дар «Сироҷ» ва «Мунтахаб» навишта, ки **маҳола** (ба фатҳи мим) ба маънии чора ва гузир; ва **ломаҳола** ба маънии ночор ва ногузир.

**ЛОМИСА** لامسه қувватест дар ҷилди бадани инсон, ки ба судани чизе идроки нармӣ ва сахтии он чиз мекунад.

**ЛОМА** لامه ба маънии зирех, ки аз ҳалқаҳои оҳанӣ созанд (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ЛОВА** لاوه номи бозии атфол, ки ба ҳиндӣ гиллиданда гуянд (аз «Бурҳон»).

**ЛОДИНА** لادنه гиёҳест, ки аз пусти соқи он расан бофанд; ба ҳиндӣ сан гуянд (аз «Бурҳон»).

**ЛОЯ** لایه раддаи девор ва тои ҷома ва коғаз, ки дар урф онро таҳ гуянд.

ки гуянд: *лат-лат кардам*, яъне пора-пора кардам; ва **латта**, ки ба маънии пораи ҷома мустаъмал аст, аз ин маъхуз бошад; ва **лат** ба маънии катон, ки қумошест маъруф; ва **лат** ба маънии шикам; ва аз ин мураккаб аст **латанбон** (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Бурҳон»).

**ЛАТАНБОР** ва **ЛАТАНБОН** لت انبار و لت انبان ба маънии бисьёрхор ва шикампараст; мураккаб аз **лат**, ки ба маънии шикам аст; ва **латанбон** касе ки шиками у мисли анбон бошад; ва **анбон** зарфи чармин мисли машк; ва метувон гуфт, ки мураккаб аз **лут** (биззам) бошад, ки *мухаффафи* **лӯт** аст; ва **лут** ба маънии таоми лазиз аст; дар ин сурат **лутанбон** ва **лутанбор** (ба замми аввал) бувад (аз «Сироҷ»); ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки нун дар охири **латанбон** дар бадали рои муҳмала омадааст.

**Фасли лом маъа сои мусалласа**

**ЛУСУМ** لثوم бусидан ва буса додан чизеро.

**ЛАССА//ЛИССА//ЛУССА** لثه гӯшти гирдогирди дандон (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Ҷазарӣ»-и Муллоалии Қорӣ; ва билкаср назди аксар аст.

**ЛАСИҚА** لثقه навъе аз тапи балғамӣ; ва билкаср (яъне **лисиқа**)* хатост.

**Фасли лом маъа ҷими арабӣ ва форсӣ**

**ЛАҶОҶАТ** لجاجت муболаға кардан ва ситезакорӣ кардан (аз «Кашф» ва «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва «Канз»).

**ЛАҶОҶ** لجاج ба маънии ситеза (аз «Кашф» ва «Муайид» ва «Суроҳ» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**ЛУҶАҶ** لجج *ҷамъи* **луҷҷа**, ки ба маънии миёни дарьё ва амиқтарин мавзеъи дарьёст.

**ЛАҶУҶ** لجوج ба маънии ситезакунанда.

**ЛАҶЛОҶ** لجلاج он ки дар сухан забонаш дармонад ва сухан дуруст гуфтан натувонад; ва номи возеъи шатранҷ; ва баъзе навиштанд номи шотири шатранҷ аст, на исми возеъ; ва баъзе гуянд номи шотири шатранҷ ва муршиди қиморбозон (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Сироҷ» ва «Ҷаҳонгири» ва «Муайид» ва «Рашидӣ»); ва баъзе, ки **лаҳлоҷ** гӯянд ва ҷими аввалро ба ҳои ҳуттӣ гумон баранд ва баъзе ба ҷои ҷими аввал ёи таҳтонӣ (яъне **лайлоҷ**)* хонанд, ин ҳар ду тавр ғалати маҳз.

**ЛУҶ** لج бараҳна; ва номи қавмест, ки бузургони эшон сина урьён медоштанд (аз «Муайид»).

**ЛАЧАК** لچك лафзи туркист; ба маънии меъҷар ва рупоки мураббаъ, ки дар он такаллуф ба кор баранд (аз «Мусталаҳот»).

**ЛИҶОМ** لجام *муарраби* **лигом** (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Рашидӣ»).

**ЛУҶАЙН** لجين бар вазни **ҳусайн**; ба маънии сими холис (аз «Мунтахаб»).

**ЛУҶАН** لجن зани қаҳба; ва дар «Бурҳон» ба маънии бараҳна ва урьён; ва *маҷозан* ба маънии лулӣ.

**ЛУҶҶА** لجه миёни дарьё ва амиқтарин мавзеъи дарьёи жарф (аз «Мунтахаб»); ва **лачча** (билфатҳ ва ташдиди ҷими форсӣ) *муфарраси* **лаччҳа**, ки лафзи ҳиндист.

**ЛУҶҶӢ** لجی дарьёи жарф ва пуроб (аз «Мунтахаб»).

**Фасли лом маъа ҳои муҳмала**

**ЛУҲО** لحا *ҷамъи* **лиҳя** (билкаср), ки ба маънии риши мардон аст.

**ЛАҲАД** لحد навъе аз қабр (аз «Мунтахаб»).

**ЛИҲОЗ** لحاظ нигоҳ доштан ба чашм чизеро; ва ба фатҳ (яъне **лаҳоз**)* дунболаи чашм (аз «Суроҳ» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**ЛИҲОФ** لحاف ҷомаи пунбадори шабхобӣ ва қазоганд (аз «Мунтахаб»).

**ЛУҲУҚ** لحوق ба ҳам пайвастани ду чиз ё бештар ва ба дунболи чизе пайвастан (аз «Мунтахаб»).

**ЛИҲЁН** لحيان номи шакле аз шонздаҳ ашколи рамл бад-ин сурат .///.; ва дар луғат марди соҳиби риши дароз.

**ЛАҲН** لحن овози хуш, ки бо нағма бошад; ва хуш хондани Қуръон ва ҷуз он; ва ба маънии хатое ки дар гуфтан бошад; ва навъе аз қофияи маъюб (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ЛАҲЗА** لحظه миқдори як бор нигоҳ кардан ба гўшаи чашм (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЛИҲЯ** لحیه ба маънии риш, ки бар чеҳраи мардон мебошад.

**ЛУҲМА** لحمه туъмаи боз аз шикори у; ва ба маънии пуди ҷома, ки ба тор бофанд; ба ҳиндӣ бана гўянд (аз «Мунтахаб»).

**ЛАҲАҚА** لحقه аз пас расандагон ва аз дунбол пайвастагон; ин *ҷамъи* лоҳиқ аст.

**Фасли лом маъа хои муъҷама**

**ЛАХТ** لخت гурзи оҳанӣ; ва ба маънии пораи чизе; ва ба маънии андаке (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ЛУХ** لخ гиёҳест, ки бад-он бурие бофанд; ва он бар канораи обҳо рўяд (аз «Мунтахаб»).

**ЛАХТИ ДАР** لخت در ба маънии тахтаи дарвоза.

**ЛИХОФ** لخاف ба маънии сангҳои сипеди тунук, яъне камҳаҷм (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ЛАХШИДАН** لخشیدن лағзидан (аз «Бурҳон»).

**ЛАХШОН** لخشان чизе соф, ки бар он даст ё по билағзад.

**ЛАХЧА** لخچه шуълаи оташ ва ахгар (аз «Бурҳон»).

**ЛАХША** لخشه шуълаи оташ ва ахгар (аз «Бурҳон»).

**ЛАХЛАХА** لخلخه хушбуе чанд, ки онҳоро ба ҳам омехта мебўянд (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**Фасли лом маъа доли муҳмала**

**ЛУД** لد *ҷамъи* **алад**, ки ба маънии гумроҳтар ва ситезандатар аст; ва номи мавзеъ ба Шом (аз «Латоиф»).

**ЛАДҒ** لدغ газидани мору каждум (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва Ибни Ҳоҷ навишта: он ки ба мухкари худ неш занад, мисли зунбур ва каждум, газидани онро **ладғ ва ласъ** гўянд; ва он ки ба дандон газад, мисли саг ва сибоъ ва мор, газидани онро **наҳш** номанд.

**ЛАДИҒ** لدیغ моргазида.

**ЛАДҒА** لدغه неш задани мору каждум (аз «Қомус» ва «Мунтахаб»).

**ЛАДУННӢ** لدنی он чи касеро бидуни саъйи у ва кушиши ғайри маҳз ба фазли хеш аз назди худ ҳақ таоло ато фармуда бошад; ё бидуни таълими ғайр аз назди табиати зеҳни у бошад; ин мансуб аст ба **ладун**, ки ба маънии назд аст.

**Фасли лом маъа золи муъҷама**

**ЛАЗОИЗ** لذائذ *ҷамъи* лаззат (мустафод аз шуруҳи «Шофия»).

**ЛАЗЪ** لذع сухтани оташ касеро ва сузиш додан касеро (аз «Мунтахаб»).

**ЛАЗЗОЪ** لذاع сузонанда.

**Фасли лом маъа рои муҳмала**

**ЛАР** لر дар туркӣ ҳарфест аломати ҷамъ, ки чун баъди муфрад ояд, ҷамъ гардонад, чунончи: *асплар*, яъне бисёр аспон (аз «Мадор» ва «Бурҳон»); ва **лур** (биззам) тоифае аз саҳроиён, ки аз шаётин ва канизони Сулаймон алайҳиссалом ба вуҷуд омаданд; ва ба маънии рустоӣ ва марди аҳмақ мустаъмал (аз «Мунтахаб»).

**Фасли лом маъа зои муъҷама**

**ЛАЗИБ** لزب часпанда ба чизе (аз «Сурох»).

**ЛУЗУҶАТ** لزوجت часпидагӣ (аз «Мунтахаб»).

**ЛАЗИҶ** لزج ҳар чизе ки часпанда бошад, мисли сиреш (аз «Мунтахаб» ва «Қомус»).

**Фасли лом маъа сини муҳмала**

**ЛАСЪ** لسع газидани мору каждум ва ғайра (аз «Кашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ЛИСОНУЛҲАМЛ** لسان الحمل гиёҳест баргаш мушобеҳ ба забони барра

ва тухмашро ба форси бортанг гуянд; барои дафъи исҳол нофеъ.

**ЛИСОН** لسان забон; ва ба фатҳ ва ба ташдиди сини муҳмала (яъне **лассон**)* фасеҳулкалом ва теззабон.

**ЛАСИН** لسن фасеҳ ва забоновар; ва ба замматайн (яъне **лусун**)* *ҷамъи* он, яъне фасеҳон ва забоноварон; ва ба замми аввал ва сукуни сонӣ (яъне **лусн**)* *ҷамъи* алсун, ки ба маънии фасеҳ ва забоновар аст; ва ба фатҳатайн (яъне **ласан**)* фасоҳат ва забоноварӣ (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**Фасли лом маъа шини муъҷама**

**ЛАШКАРӢ** لشکری марди сипоҳӣ (аз «Шарҳи Гулистон»).

**Фасли лом маъа соди муҳмала**

**ЛИС(С)** لص дузд ва сориқ; *ҷамъи* он **лусус** (аз «Мунтахаб»).

**Фасли лом маъа тои муҳмала**

**ЛАТАМОТ** لطمات тапончаҳо.

**ЛУТФ** لطف нармӣ ва тозагӣ (аз «Сурох»).

**ЛАТИФ** لطیف некӯкор ва покиза ва нарм (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб»).

**ЛАТОИФУЛХИЯЛ** لطائف الحیل накуиҳои ҳилаҳо ва хубиҳои ҳилаҳо.

**ЛАТИМ** لطیم силихурда ва номи аспи нуҳум (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЛАТМА** لطمه тапонча.

**ЛАТИФА** لطیفه накуӣ ва чизи нек ва нозук (аз «Мунтахаб»).

**ЛАТОИФИ СИТТА** لطائف سته муқаррар аст, ки солик ба маротиби улё ва маърифат восил намегардад, то ин шаш латифа уро рушан нагардад: аввал **латифаи нафс** аст, маҳалли ои ноф бошад; дуввум **латифаи қалб** аст, маҳалли он дил аст, ки ҷониби ясор бошад; севвум **латифаи рӯҳ** аст, ки маҳалли он дар сина, ҷониби ямин; чаҳорум **латифаи сар** аст, маҳалли он фами меъда, ки мобайни ямину ясори сина аст; панҷум **латифаи хафӣ-ст**, ки маҳалли он дар пешонӣ бошад; шашум **латифаи ахфо**-ст, маҳалли он қиҳфи сар аст; ва инҳоро **атвори ситта** низ гуянд.

**Фасли лом маъа зои муъҷама**

**ЛАЗО** لظی номи дӯзах ва оташи забоназананда (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Мадор»).

**Фасли лом маъа айни муҳмала**

**ЛАЪИБ** لعب ба маънии бозӣ (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» ба фатҳи лом ва сукуни айн ва фатҳи лом ва касри айн (яъне **лаъб** ва **лаъиб**)* ҳар ду тавр навишта.

**ЛАЪЛИ МУЗОБ** لعل مذاب ба маънии лаъли гудохта; ва ин *кинoя* аст аз шароби сурхи ангурӣ (аз «Бурҳон»).

**ЛУЪОБ** لعاب оби даҳан ва оби ҳар чизе ки ғилзат ва часпидагӣ дорад; ва ба фатҳи аввал ва ташдиди айн (яъне **лаъъоб**)* бозигар.

**ЛУЪБАТ** لعبت чизе ки ба он бозӣ кунанд; ва тасовири ҷома, ки духтарон бозӣ кунанд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муайид»).

**ЛАЪУҚ** لعوق доруи рақиқ, ки лесида шавад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ЛАЪАМРУК** لعمرک ишорат бад-ин оят: *«лаъамрука иннаҳум лафӣ сакратиҳим яъмахун»*, яъне савганди беҳисоби[181] ту эй Муҳаммад ба дурустӣ, ки куффори қавми ту ҳамчу қавми Лут дар гумроҳии хеш ҳайрону саргардонанд.

**ЛАЪАЛЛА** لعل ҳарфи тараҷҷист; ба маънии умеди чизе, ки вусули он мумкин бошад; ва гоҳе ба маънии шояд ояд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва **лаъл** (ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ) *муарраби* **лол**, ба маънии ҳар чизи сурх умуман; ва ба маънии ҷавҳари сурхи қиматӣ, хусусан (аз «Рисолаи муарработ»); ва дар «Сироҷ» навишта, ки **лаъл** *муарраби* **лол** аст, ки ба ҳиндӣ ва форсӣ муштарак бошад ё тасаррufи форсиёни арабидон аст; ва дар «Баҳори Аҷам» гуфта, ки **лаъл** ҷавҳарест сурхранг; ва ин дар асл ба алиф буд, ки форсиёни мутаарраб ба айн менависанд; Мир Садруддин Муҳаммад дар «Ҷавоҳирнома»

овардааст ин ки: мегӯянд маъдани **лаъл** дар Бадахшон аст, аз мутаҳаддисот аст, зеро ки маъдани он махфӣ буд, то дар замони хилофати авоили Аббосиён дар арзи Хатлон зилзилаи азим падид омада ва кӯхи Сакнон шигофта шуда кони лаъл пайдо гашт. Ва лаъл аз шаҳри Бадахшон намехезад, балки аз маъодини дигар дар Бадахшон оварда мефурӯшанд ва бад-он шуҳрат гирифта; ва лаъл анвоъ мебошад; руммонӣ ва пиёзӣ ва тамрӣ ва лаҳмӣ ва уннобӣ ва бақамӣ ва идрисӣ ва дӯшобӣ ва лаъли пайконӣ ва лаъли ақрабӣ ва лаъли қутбӣ ва он нигинавор паҳн бошад.

**ЛАЪЛИН** لعلین ба маънии сурх; ва ин мансуб ба **лаъл**, ки ҷавҳарест маъруф.

**ЛАЪЛИ ПАЙКОНӢ** لعل پیکانی лаъле, ки онро ба шакли пайкон тароширида бошанд ва занон аз он гӯшвора созанд (аз «Мусталаҳот»).

**ЛАЪЛИ ПИЁЗӢ** لعل پیازی навъе аз (лаъли)* камранг.

**ЛАЪЛИ ҚУТБӢ** لعل قطبی қисме аз лаъл, ки нигинавор паҳн бошад.

**ЛАЪЛИ АҚРАБӢ** لعل عقربی навъе аз лаъл.

**ЛАЪЛӢ** لعلی рангест сурх, ки мусаввирон ва наққошон ба кор баранд.

**Фасли лом маъа ғайни муъҷама**

**ЛУҒУБ** لغوب ранҷурӣ ва дармонда шудан (аз «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Латоиф»).

**ЛУҒАТ** لغت забони қавмро гӯянд, ҳар забоне ки бошад; ва ба истилоҳ алфозе, ки маонии он шуҳрат надорад; ва лафзи **луғат** дар асл **лағв** буд. Вови мутаҳаррики моқабли он мафтуҳ. Он вовро ба алиф бадал карданд, баъдуҳу илтиқои сокинайн шуд миёни алифу танвин, алифро ҳазф карданд ва ивази он то дар ҷояш даровarданд, луғат шуд.

**ЛУҒОТ** لغات ҷамъи солим ба ҳазфи ломи калима.

**ЛУҒАЗ** لغز сӯрохи муши даштӣ; ва он бағоят печдор бошад, лиҳозо номи навъе аз каломи мубҳам, ки ба форси чистон гӯянд.

**ЛИҒ** لغ калимаест, ки дар туркӣ ифодаи ишорат[182] кунад, ба маънии ҳаст (аз «Мадор»).

**ЛАҒВ** لغو беҳуда гуфтан ва сухани ботил; ва ҳар чи ба кор наёяд; ва биззам (яъне **луғв**)* навъи сухан ва забони қавме (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ЛУҒУНА** لغونه ба маънии ороиш ва гулгуна (аз «Мадор»).

**Фасли лом маъа фо**

**ЛИФТ** لفت ба маънии шалғам (аз «Мунтахаб»).

**ЛАФЧ//ЛАФҶ** لفچ//لفج дар асл ба маънии порчаи гӯшти беустухон; ва *маҷозан* ба маънии лаби ситабр ояд; ва гоҳе ба маънии мутлақ лаб ояд (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Латоиф»).

**ЛУФФОҲ** لفاح навъе аз буйиданӣ, чун бодинҷон, ки зард шавад (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»); ва дар «Туҳфат-ул-муъминин» навишта, ки самари ябруҳ аст; ва ябруҳ (ба ҳои муҳмала) бехи наботест ба сурати инсон, ки ба форси мардумгиё гӯянд.

**ЛАФЗ** لفظ берун афгандан аз даҳон ва сухан гуфтан (аз «Мунтахаб» ва «Ғоят-ут-таҳқиқ»); ва баъзе ба маънии мутлақ андохтан навиштаанд.

**ЛАФ(Ф)** لف ба маънии дарпечидан; ва **лаффуннашр** ба маънии дарпечидан парогандаро.

**ЛАФИФ** لفیف ҳар чизи печида ва дарҳам ва дӯст ва калимае, ки дар он ду ҳарфи иллат бошад (аз «Мунтахаб»).

**ЛАФЧАН//ЛАФЧИН** لفچن ба маънии марде, ки лаби ситабр ва бузург дошта бошад (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ЛАФЧА** لفچه каллаи паркола[183] ва гӯшти беустухон (аз «Бурхон» ва «Муайид» ва «Рашидӣ»).

**Фасли лом маъа қоф**

**ЛИҚО** لقا ба маънии дид (аз «Суроҳ» ва «Муайид» ва «Кашф» ва «Мадор»); ва дар «Сурурӣ» ба

фатҳ (яъне **лақо**)* ба маънии ҷимоъ навишта.

**ЛАҚАБ** لقب номе ки дар он маънии мадҳ ё зам манзур бошад, ба хилофи алам, ки дар он ҳеч маънӣ мутабодир[184] набошад (аз «Латоиф»).

**ЛИҚОҲ** لقاح обистан ва ҳомила шудан (аз «Мунтахаб»).

**ЛАҚАВМОҶИС** لقوماجس ин лафзро Хони Орзу дар «Шарҳи Сикандарнома» **Нақавмоҷис** таҳрир карда (ба фатхи нун ва қоф ва касри ҷими арабӣ ва сини муҳмала) номи ҳаким, ки падари Арасту буд[185].

**ЛАҚТ** لقط чизи уфтодаро бардоштан ва барчидан (аз «Мунтахаб»).

**ЛАҚИТ** لقیط бачае, ки дар роҳ уфтода ёфта бошанд ва онро аз замин бардошта бошанд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ЛАҚУ ДАҚ//ЛАҚУДАҚ** لق و دق ба маънии замини ҳамвор ва сахт, ки гиёҳу дарахт надошта бошад ва ин дар асл **лағу дағ** (**лағудағ**; ба ғайни муъҷама) буд (аз «Сироҷ-ул-луғот»).

**ЛАҚ** لق бему ва соф (аз «Латоиф»).

**ЛАҚЛАҚ** لقلق *муарраби* **лаклак**, ки тоири обист, мор ва моҳиро шикор кунад.

**ЛУҚТА** لقطه чизи уфтода, ки бардошта шавад аз замин ва барчидашуда (аз «Мунтахаб»).

**ЛУҚЯ** لقیه мулоқот (аз «Латоиф»).

**ЛУҚМАИ ХАЛИФА** لقمۀ خلیفه навъе аз ҳалвост, ки бағоят нафис бошад (аз «Бурҳон»).

Фасли лом маъа коф

**ЛУКНАТ** لکنت гирифтагии забон дар ҳангоми сухан гуфтан, ки ба ҳиндӣ ҳаклана гӯянд.

**ЛАК** لک аблаҳ ва нодон; ва низ адади маъруф, ки сад ҳазор бошад, лекин ба ин маънӣ ҳиндист, зеро ки ҳиндиён барои шумор мартабаҳо муқаррар кардаанд, чунонки дар кутуби ҳисоб марқум аст; ва назди форсиён ва тозиён мартаба муқаррар нест, ғайр аз як ва даҳ ва сад ва ҳазор; ва ба маънии чизе, ки мисли самғ бар дарахти кунор ва ғайра дар Ҳинд мунҷамид мешавад, низ ҳиндист, магар он ки таъриб кардаанд; ва биззам (яъне **лук**)* ба маънии гунда ва ситабр ва нотарошида ва латтакухна (аз «Сироҷ»); ва дар луғоти турки навишта, ки биззам, **лук** ба маънии ситабр ва гунда туркист; ва дар «Бурҳон» ва «Латоиф» биззам, ба маънии чизе ки аз у ранги сурх гиранд.

**ЛУКУК** لکوک *ҷамъи* **лак**, ки *муарраб* ва *муфарраси* **лакҳ** аст; ва он ба ҳиндӣ номи адади сад ҳазор аст.

**ЛАКЛАК** لکلک тоири обист.

**ЛАГАН** لگن тašт, ки дар он даст шӯянд; ва ба турки чалопчи гӯянд; ва ба маънии шамъдон ва манқал низ омада (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Мусталаҳот» ва «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ЛУККА** لکه ба маънии доғ ва порча (аз «Баҳори Аҷам»)[186].

**ЛИГНА** لگنه аз ангуштони по то бунни рон; ва ин қалби **линга** аст.

**ЛАКҲНАВТӢ** لکهنوتی дар замонаи собиқ шаҳре будааст дар ақсои шарқияи мулки Бангола; ва баъзе навишта, ки номи мулки Гавр, ки вилоятест аз Бангола.

Фасли лом маъа мим

**ЛАММО** لما ба маънии ҳар гоҳ; ва ба маънии илло; ва яке аз ҳуруфи ҷозимаи нофияи истиғроқия.

**ЛАМАЪОТ** لمعات рушаниҳо; ва номи китоб дар илми ҳадис.

**ЛАМТУР** لمتر фарбеҳ ва қавӣ ва гунда (аз «Латоиф»).

**ЛАМС** لمس судан чизеро ба даст ё ба узве; ва ба маънии ҳоҷат; ва ба маънии ҷимоъ (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЛУМУЪ** لموع дурахшидан; ва ба маънии рушаниҳо ва тобишҳо; ба ин маънӣ *ҷамъи* **ламъа** аст, ки ба маънии дурахшидан бошад.

**ЛАМЯЗАЛ** لم یزل ҳамеша ва поянда ва безавол; ва иборат аз зоти ҳақ таоло; ва **ламязал** дар асл **язол** буд; чун **лам** ҷозим бар **язол** оварданд, охирашро ҷазм карданд, алиф ба илтиқои сокинайн уфтод.

**ЛАМ** لم ҳарфи нафӣ; ва ба касри лом ва фатҳи мим (яъне **лима**)* ба маънии чаро; форсиён дар муҳовароти худ ба ин маънӣ низ мимро сокин хонанд; ва ба маънии сабабпурсӣ ва ҳуҷҷат ва эътироз мустаъмал нумоянд; ва дар муҳовараи арабӣ дар сурати илхоқи ёи нисбат мимро мушаддад хонанд.

**ЛАМЪОН** لمعان дурахшидан (аз «Сурох»).

**ЛАМҲА** لمحه дурахшидани барқ ва як бор андак дидан чизеро (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қашф»); ва *маҷозан* ба маънии замонаи андак, ки ба миқдори қалил бошад.

**ЛИММА** لمه муй, ки аз буногуш гузашта бошад (аз «Мунтахаб»).

**ЛАМЪА** لمعه рушании андак; ва биззам (яъне **лумъа**)* порае аз узв, ки хушк монда бошад дар вузу ва ғусл (аз «Мунтахаб»).

**Фасли лом маъа нун**

**ЛУНҶ** لنج ба маънии лаб; ва билфатҳ (яъне **ланҷ**)* хироми ноз (аз «Сироҷ» ва «Бурҳон»).

**ЛИНГИ ҚАМАР** لنگ کمر номи фанне аз фununи куштӣ, ки пои худро дар пои ҳариф банд кардан ва зур бар камараш овардан аст, то бар замин уфтад (аз «Мусталаҳот»).

**ЛАНГАР** لنگر чизест оҳании гиронвазн, каштиро бад-он бар ҷои худ нигоҳ доранд; ва таом, ки ба фуқаро ва масокин диҳанд; ва ҷое ки дар он ҷо таом ба фуқаро диҳанд (аз «Мусталахот» ва ғайри он).

**ЛИНГИ САРҚАШ** لنگ سرکش фаннест аз фununи куштӣ; ва он чунон бошад, ки пои худро ба узве аз аъзои ҳариф банд карда ба зур кашидан аст.

**ЛАНБАҚ** لنبک номи саққои мулозими Баҳроми Гур, ки дар мурувват ва меҳмоннавозӣ шуҳрати тамом дошт (аз «Бурҳон»).

**ЛАНГ** لنگ он ки аз по рафтан натавонад; ва ба маънии олати таносул; ва дар аснои сафар мақом дар ҷое кардан; ва биззам (яъне **лунг**)* фута ва лунгӣ; ва билкаср (яъне **линг**)* ба маънии соқ ва аз бехи рон то нохуни по; ва дар ҳинди **линг** (билкаср) ба маънии олати таносул (аз «Сироҷ» ва «Мусталаҳот» ва «Бурҳон»).

**ЛАНГАР АНДОХТАН** لنگر انداختن қарор гирифтан ва мақом кардан.

**ЛИНГИ БАРРА БАР ЛИНГ ЗАДАН** لنگ بره بر لنگ زدن гурехтан (аз «Мусталаҳот» ва «Бурҳон»).

**ЛИНГИ БАРРА** لنگ بره қисме аз ош аст, ки аз орди гандум месозанд ва бар рон ниҳода мисли расан метобанд ва бирьён карда дар гушт мепазанд.

**ЛИНГИ ХОКӢ** لنگ خاکی ҳарифро ба хок андохта по бар пушташ задан (аз «Мусталаҳот»).

**ЛАНГАРӢ** لنگری навъе аз ташти бузург; ва мансуб ба **лангар**.

**ЛАНТАРОНӢ** لن‌ترانی ҳаргиз нахоҳӣ дид маро; ва *маҷозан* ба маънии худситоӣ бошад; ва баёнаш дар лафзи **аринӣ** гузашт.

**Фасли лом маъа вов**

**ЛИВО** لوا аламн фавҷ ва нишони лашкар; ва ба фатҳи аввал (яъне **лаво**)* хатост (аз «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Суроҳ» ва «Мадор»).

**ЛУҚО** لوقا номи ҳакиме юнонӣ, падари Қусто; ва баъзе гӯянд, ки Қусто номи китоб аст (аз «Бурҳон»).

**ЛУШО** لوشا номи ҳаким (аз «Бурҳон» ва «Муайид»)[187].

**ЛАВҲИ ПО** لوح پا тахтаи чубӣ, ки ҷӯлоҳа ба ангуштони по муҳкам мегирад (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЛУБ** لوب замини сангистони беоб (аз шуруҳи «Нисоб»).

**ЛАВОҲИБ** لواهب оташҳои шуълазан; ва ин *ҷамъи* **лоҳиб** аст, чунонки савоҳил *ҷамъи* **соҳил**.

**ЛАВЗИЁТ** لوزیات ҳалвои бодом.

**ЛАВЪОТ** لوعات сӯзишҳои дил дар дустии касе (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ЛАВЪАТ** لوعت сухтани дустӣ дилро ва сӯзиши дил аз ишқ (аз «Мунтахаб»).

**ЛУТ** لوت барахна; ва ба вови маҷҳул (яъне **лӯт**)* ақсоми таомҳои лазиз; ва ба маънии кудаки амрад (аз «Бурҳон»).

**ЛӮТ-ПУТ** لوت پوت ақсоми таомҳои лазиз (аз «Бурҳон»)[188].

**ЛАВС** لوث ба маънии олудагӣ (аз «Мунтахаб»).

**ЛАВЗИНАҶ** لوزینج *муарраби* **лавзина**[189].

**ЛУЧ** لوچ ба маънии аҳвал; ва ба маънии бараҳна (аз «Рашидӣ»); ва дар луғоти туркӣ ба ҳар ду маънии мазкур ба замми лом ва вови ғайри малфуз ва сукуни ҷими форсӣ навишта; зоҳиран ҳамин асаҳ аст.

**ЛАВОИҶ** لوائج ба маънии сӯзишҳо; *ҷамъи* **лоиҷа**, ки ба маънии сӯзанда аст (аз «Суроҳ»).

**ЛУЛАПЕЧ** لوله پیچ ҳар қумоше, ки онро мисли мактуб бипечанд, чунон ки дороӣ ва атлас ва сотҳан.

**ЛАВҲ** لوح ҳар чи паҳн бошад аз устухон ва чӯб ва санг ва ғайра; ва дурахшидани барқ; ва пайдо шудани ситора ва ҷуз он; ва биззам (яъне **луҳ**)* ҳавои миёни замину осмон, яъне ҷавв ва фарқе, ки миёни замину осмон аст (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Сиҳоҳ»).

**ЛАВОЕҲ** لوائح рӯшаниҳо; *ҷамъи* **лоеҳа**; ва номи китоб дар тасаввуф[190] (аз «Мадор»); ва он чи дар ибтидои «Тоҷ-ул-мадоеҳ»-и Зафар **лавоеҳ** ба маънии *ҷамъи* **лавҳ** мустафод мешавад дар ҳеч китоби луғат ва сарф ба субут намерасад.

**ЛУХ** لوخ гиёҳест, ки бар каноран обхо рӯяд ва бурие аз он бофанд.

**ЛӮРҚАНД** لورکند мағок, ки аз сайл бар замин пайдо мешавад (аз «Бурҳон»).

**ЛАВЕД** لوید ба маънии дег (аз «Рашидӣ»); ва дар «Бурҳон» дег ва патилаи саркушода.

**ЛУР** لور замине, ки сайлоб онро канда бошад; ва камони ҳаллоҷ; ва навъе аз киштӣ ва сафина (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ЛАВЗ** لوز бодом (аз «Мунтахаб»).

**ЛӮС** لوس тамаллуқ ва чоплӯсӣ.

**ЛАВОШ** لواش дар туркӣ нони тунук ва нарми аз гандум (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Мадор»).

**ЛУШ** لوش бехабар ва беҳуш; ва ба маънии ваҳал ва халоб ва гили сиёҳ; ва ба маънии каҷдаҳан ва соҳиби худдом низ омада (аз «Муайид» ва «Бурҳон»).

**ЛУТ** لوط номи пайғамбар, ки зани ӯ кофира буд ва қавми ӯ ба амориди муғлим мешуд, ҳақ таоло замини шаҳри эшонро мунқалиб сохт ва бар боқимондагон сангу оташ борид.

**ЛАВОҲИЗ** لواحظ дунболаҳои чашм (аз «Суроҳ»).

**ЛАВОМЕЪ** لوامع асарҳои рӯшан ва партавҳои дурахшон; ва ин *ҷамъи* **ломеъа** ва **ломеъ** аст.

**ЛУҚ** لوق навъе аз шутур, ки бор мебарад; ва он ки ба зонуву даст роҳ равад ба таври атфол аз шиддати заъф ва сустӣ; ва ба маънии оҷизӣ ва забун (аз «Рашидӣ» ва «Сурурӣ» ва «Латоиф»).

**ЛАВЛОҚ** لولاک ишорат аст ба «лавлоку лимо хилқатилафлоки», ба маънии агар намебудӣ ту, албатта на пайдо кардаме афлокро; ва ин ҳадиси қудсист; ва **ҳадиси қудсӣ** онро гӯянд, ки он ҳазратро ба хоб ваҳӣ расида бошад.

**ЛУЙИЙИЛ** لوی ئیل соли наҳанг, ки назди туркон муқаррар аст.

**ЛУЛ** لول бешарм ва беҳаё; ва ба маънии бешармӣ ва беҳаёӣ (аз «Рашидӣ» ва ғайри он); ва лӯлаи обрез, ки онро ба ҳиндӣ тунтӣ гӯянд.

**ЛАВМ** لوم маломат кардан (аз «Кашф» ва «Мадор» ва «Суроҳ» ва «Қомус»); ва баъзе ба маънии бухл низ навиштаанд; зоҳиран ин *маҷоз* бошад.

**ЛАВЛАВШАМ** لولوشم баъзе шореҳони «Сикандарнома» навиштаанд, ки номи гулест.

**ЛАВҲИ ТИЛИСМ** لوح طلسم лавҳе бошад, ки тариқи кушодани тилисм, ки бар он тахта таҳрир карда дар миёни тилисм таъбия нумоянд.

**ЛӮКОН** لوکان он ки ба зонуву даст роҳраванда бошад (аз «Рашидӣ»).

**ЛӮРИЁН** لوریان қавмест саҳронишин, ки аксари эшон роҳзан бошанд ва бозигарӣ ва ба кучаҳо саройидан низ пеша доранд ва ба муҳраҳои биллавр низ бозӣ кунанд; ва **биллаврӣ** *киноя аз* пиёлаи биллавр (аз «Бурҳон» ва «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ЛАВЗИНА** لوزینه ҳалвое, ки дар он мағзи бодом андохта бошанд (аз «Бурҳон»).

**ЛАВҲАШАЛЛОҲ** لوحش‌الله дар асл **лоавҳашаҳуллоҳ** буд; ва маънии он ваҳшат надиҳад уро аллохи таоло; форсиён дар вақти таъзим ва истеъҷоб ба маънии хоҳиш ва тахсин истеъмол кунанд, чунонки гуянд: *бар вай фулон сад лавҳашаллоҳ,* ай сад орзу ва сад таҳсин (аз «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ»).

**ЛАВҲИ НОХОНДА** لوح ناخوانده илми ладуннӣ; ва дар баъзе шуруҳ мурод аз кутуби ғайри мураввач; ва дар баъзе шуруҳ *киноя аз* лавҳи маҳфуз.

**ЛАВИША** لویشه ресмоне, ки ба вақти наълбандӣ лаби аспро бад-он банданд (аз «Сурурӣ» ва «Рашидӣ»).

**ЛИВОША** لواشه номи фанне аз фунуни куштӣ (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ЛУЛӢ** لولی маъруф аст; ва ин мансуб ба **лӯл** аст, ки ба маънии бешармӣ ва беҳаёӣ бошад (аз «Рашидӣ»).

**ЛАВЗАЪИ** لوذعی бағоят зирак ва зудёбандаи маонӣ (аз «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб» ва «Сураҳ»).

**ЛУТӢ** لوطی ринд ва кӯдакбоз (аз «Чароғи ҳидоят»); ва дар «Мусталаҳот» ба маънии бебок ва номуқайяд, ки ҳиндиён банка гӯянд.

**ЛУТИЮЛЛАҲӢ** لوطی اللهی яъне банкаи худо; ба ҷиҳати узми шаън банкаро ба худо мансуб кардаанд.

**ЛӮРӢ** لوری номи тоифаест, ки бозигарӣ ва саройидан ба кучаҳо пешаи эшон бошад (аз «Бурҳон»).

**Фасли лом маъа ҳои ҳавваз**

**ЛАҲАБ** لهب шуълаи оташ.

**ЛАҲИБ** لهیب оташи шуълазан.

**ЛУҲРОСП** لهراسپ номи подшоҳест (аз «Муайид» ва «Бурҳон»).

**ЛАҲОТ** لهات ба маънии мулоза, яъне гуштпорае, ки дар ҳалқ муаллақ бошад (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф»).

**ЛАҲОНУР** لهانور яке аз номҳои шаҳри Лохур.

**ЛАҲЗ** لهز даромехтан ва мушт задан бар сина (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЛАҲАФ** لهف дареғ хурдан ва андуҳгин шудан (аз «Латоиф» ва «Сураҳ» ва «Мунтахаб»).

**ЛАҲВ** لهو бозӣ ва ҷимоъ кардан (аз «Мунтахаб»).

**ЛА** له дар туркӣ тарҷамаи **бо**, **ки** барои маънии маъийят ояд; ва дар асл **ила** буд (ба касри ҳамза).

**ЛУҲНА** لهنه таоми ношто, яъне он чи наҳор хуранд (аз «Қашф»); ва дар «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ» ба маънии таоми қалил, ки ба зудӣ пеши меҳмон ниҳанд, то бад-он шуғл кунад, қабл аз ғизои зиёфат.

**ЛУҲҶА** لهجه таоми ношто, яъне наҳорӣ; ва билфатҳ (яъне лаҳҷа)* забон ва муҳовара ва ваъз ва такаллум ва овози хуш ва луғат.

**Фасли лом маъа ёи таҳтонӣ**

**ЛАЙЛАТУЛИСРО** لیلة الاسری шаби меъроҷ.

**ЛАЙЛО** لیلا маъшуқаи Қайс, ки ба Маҷнун машҳур аст.

**ЛИНАТ** لینت ба маънии мулоимӣ ва нармӣ (аз «Қашф»).

**ЛАЙТА** لیت калимаест, ки ба вақти орзуи чизе гуянд; ва ба форси тарҷамаи он **кошкӣ** бошад (аз «Мунтахаб»); ва баъзе навиштаанд, ки **лайта** барои орзуи чизе, ки ҳусули он номумкин бошад, ба хилофи **лаъалла**, ки барои орзуи чизест, ки ҳусули он мумкин бошад.

**ЛИЁМАТ** لیامت маломат кардан; аз **лавм** (билфатҳ).

**ЛАЙС** لیث шери дарранда, ки онро асад низ гӯянд (аз «Мунтахаб»).

**ЛИЁЗ** لیاذ ба маънии паноҳ гирифтан.

**ЛАЙЛАТУЛБАДР** لیلة البدر шаби ча-

ҳордаҳум, ки дар он нури моҳ ба камол мерасад.

**ЛАЙЛАТУЛҚАДР** ليلة القدر шабест дар сол як бор ва дар таъйини он ихтилофи ривоёт аст; магар наздики аксар шаби бисту ҳафтуми рамазон аст; ибодати ин шаб беҳтар аз ибодати ҳазор моҳ аст.

**ЛАЮС** ليوس беиззат [191] (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЛИСУРҒУС** ليشرغس сарсоми балғамӣ (аз «Ҳудуд-ул-амроз»).

**ЛИҒ** ليغ баддил (аз «Латоиф»).

**ЛИФ** ليف чизе бошад, ки онро аз пусти хурмо месозанд (аз «Бурҳон»); ва дар «Кашф» ва «Мунтахаб» решаи пусти дарахти хурмо; ва баъзе навишта, ки чизест нарм, ки аз дарахти хурмо ҳосил шавад.

**ЛИЁМ** ليام бахилон; ин *ҷамъи* лаим аст (аз «Сурурӣ» ва «Муайид»).

**ЛИҚ** ليق суфи давот.

**ЛИН** لين нармӣ, *зидди* **хушунат** (аз «Мунтахаб»); ва **ҳуруфи лин** вов ва алиф ва ёи таҳтонии сокини моқабл мафтӯҳ.

**ЛЕСИДАН** ليسيدن хойидан (аз «Бурҳон»); ва дар урф чизеро ба ангушт ё забон гирифта хӯрдан.

**ЛИНА** لينه танаи дарахти хурмо (аз «Сурох» ва шарҳи «Нисоб»).

**ЛИФА** ليفه суфи давот, ки дар сиёҳи тар кунанд (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ЛАЙЛӢ//ЛАЙЛЕ** ليلى ҳар ду вазъ дуруст; номи маъшуқаи Қайс; ва ин исм муфаррас аст ба ин тасарруф, ки **Лайлӣ** ба эътибори қоидаи арабӣ шояд ки дар асл **Лайло** ( ليلا ) бошад; чи муаннаси афъал сифате ки маънии лавн ва айб ва ғайруҳумо дошта бошад, бар вазни **фаъло** меояд; чун лавни маъшуқаи мазкура сиёҳ буд, лиҳозо ба ин исм мусаммо шуд; форсиён ҳамзаи охирро эътибор надоранд; **Лайлоро** ба қоидаи имола **Лайле** карданд (ба ёи маҷҳул); чун назди эшон аксар ҷо ёи **маҷҳулро маъруф** хондан асаҳ аст, лиҳозо ёи охири **Лайлӣ**-ро маъруф хонданд.

**ЛАЁЛӢ** ليالى *ҷамъи* **лайл** аст; ба маънии шабҳо.

## БОБИ МИМ

### Фасли мим маъа алиф

**МО** ما ҳарфи нафӣ аст, ба маънии нест; ва калимаи истифҳом аст, ба маънии чи чиз аст; ва исми мавсул аст, ба маънии он чи (аз «Мунтахаб» ва «Канз»); ва **моъ** (бо ҳамза), ба маънии об аст; **миёҳ** *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб»).

**МОНО** مانا ба маънии шабеҳ ва назир ва монандшаванда; ва ба маънии **таҳқиқ**; ва ба маънии **шоҳид**; ва **ҳамоно**, яъне пиндорӣ ва гӯӣ (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Хиёбон»).

**МУАДДО** مؤدى ба маънии адо кардашуда ва расонидашуда; ва гоҳе ба маънии мазмун ва маънӣ низ ояд (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Канз»).

**МАЪВО** ماوى ба маънии бар ҷой баргаштан, яъне хонаи худ (аз «Мунтахаб»).

**МОНИЁ** مانيا навъе аз ҷунун аст, ки соҳибашро хислати даррандагон бошад: аксар ғазабнок будан ва қасди изои мардум нумудан хосияти ӯ бувад (аз «Кифояи Мансурӣ»).

**МОШИРО** ماشرى вараме ва мӯе бувад, ки дар сару рӯй ва пешонӣ зоҳир шавад; ва ин лафзи сурёнист (аз «Ҳудуд-ул-амроз» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва ғайри он).

**МОЛИХУЛИЁ** ماليخوليا халали димоғӣ ва савдо ва хаёли хом; ва саҳеҳ **молинхулиё** (ба нун; аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва ғайри инҳо).

**МОХУЛИЁ** ماخوليا *мухаффафи* **молинхулиё**, ки (ба касри лом ва сукуни нун ва замми хои муъҷама ва вови маъруф ва касри ломи дуввум ва таҳтонӣ ба алифи кашида) луғати юнонист, ба маънии маразе, ки дар димоғ ба ҳам расад; ва тарҷамаи ин хилти сиёҳ бувад; чун маразн мазкур савдовист, лиҳозо ба ин

ном хонданд, аз олами тасмиятушшайъ ба исми модда; **мохулиё** ба тахтонӣ ба ҷои нун, чунонки машҳур шуда ғалат аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Хиёбон» ва «Бурҳон»); ва дар «Ҳудуд-ул-амроз» навишта, ки лафзи юнонист, баъди ломи аввал нун аст ва қабл ёи тахтонӣ ва ҳар ду лом максур аст дар машҳур; ва дар асл ломи аввал мафтуҳ; навъе аз ҷунун, ки дар фикр фасод ба ҳам расад, магар соҳибаш изо ба касе намерасонад.

**МОҶАРО** ماجرا он чи гузашта бошад ва саргузашт ва аҳволи замонаи гузашта.

**МОМИСО** ماميثا ба луғати сурёнӣ номи гиёҳест бағоят бадмаза, усораи онро низ момисо гӯянд; ва ба шини муъҷама ва муҳмала хондан ва навиштан хатост (аз «Бурҳон»).

**МОРАФСО** مارافسا афсунгари морон (аз «Бурҳон»); ва *маҷозан* ба маънии мутлақ афсунгар низ меояд.

**МОСИВО** ماسوا он чи сивои зоти боритаолост; ва он ҳама мавҷудот ва махлуқот аст.

**МО-МАЗО** مامضى он чи гузашт ва замонаи гузашта.

**МАЪМАНИ РИЗО** مامن رضا яъне ҷои амни Ризо; ва ин ишорат аст ба Машҳади муқаддаси Ризавия, ки мазори мутаҳҳари имом Алии Мусоризо дар он ҷост; ва ин пеши баъзе ҳукми Қаъба дорад. Ҳар гунаҳгор, ки дар он ҷо ояд аз бозхости гуноҳ эмин бошад (аз «Хиёбон»).

**МОДАРБАХАТО** مادر بخطا душноми машҳур; ва **модарбахутан**, ки ҳарфест муҳмал ба муқобилаи он курсинишин.

**МОБАҚО** مابقا он чи аз чизе боқӣ монда бошад; ва ба маънии пасхурда низ мустаъмал.

**МАОБ** مآب ҷои бозгаштан (аз «Мунтахаб»).

**МАОРИБ** مآرب бар вазни **матолиб** аст; ба маънии ҷоҳои ҳоҷат хостан; *ҷамъи* **маъраб**, ки исми зарф аст ва ҳам масдари мимӣ, маъхуз аз **ирб** (билкаср), ки ба маънии ҳоҷат аст (аз «Мунтахаб» ва манқул аз «Зубдат-ул-фавоид»).

**МОҲТОБ** ва **МАҲТОБ** ماهتاب و مهتاب ба маънии моҳ ва партави моҳ ҳар ду омада ва маънии дуввум машҳур аст; ва ба маънии аввал Хоҷа Ҷамолуддини Салмонрост байт:

Аз ин дақиқ чӣ ҳосил сипеҳрро чу аз он
На курси меҳр бароянд, на гирдаи маҳтоб.

Хоҷа Низомӣ фармояд, байт:

Ҳарири руқоқи ду парвезанӣ
Чу маҳтоб тобанда дар равшанӣ.

(аз «Баҳори Аҷам»).

**МОҲИ НАХШАБ** ماه نخشب моҳе, ки Ҳаким ибни Атои машҳур ба Ибни Муқаннаъ, ба сеҳру шаъбада аз симоб ва дигар ашьё сохта буд: он моҳ то муддати ду моҳ ҳар шаб аз ҷоҳе, ки дар пойини куҳи Сиём буд, бармеомад, то чаҳор фарсанг нураш мерасид; ва **Нахшаб** (ба фатҳи нун ва сукуни хои муъҷама ва бои муваҳҳада) номи шаҳрест дар мулки Мовароуннаҳр. Аз Нахшаб то Самарқанд серуза роҳ аст. Ва аз он ҷоҳ то Нахшаб ду фарсанг аст. Ва Ибни Муқаннаъ (ба замми мим ва фатҳи қоф ва ташдиди нуни мафтуҳ ва айни муҳмала; аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**МОҲ ДАР АҚРАБ** ماه در عقرب ба вақти будани моҳ дар охири бурҷи **Ақраб** кардани кори нек мамнуъ аст.

**МОТ** مات дар истилоҳи шатранҷбозон гирифтор ва муқайяд шудани шоҳи шатранҷ; зоҳиран лафзи **мот** дар асл сиғаи мозӣ хоҳад буд, ба фатҳи тои фавқонӣ (яъне **мота**)* аз **мавт**; ҳоло ба касрати истеъмол тои онро мавқуф хонанд; ва ба касри аввал ва фатҳи ҳамза, бар вазни **сифат** (яъне **миат**)*, ба маънии сад, ки адади маъруф аст; ва ба касри мим ва мадди ҳамза, бар вазни **сирот** (яъне **миот**)*, ба маънии садҳо (аз «Қанз»).

**МОИТ** مائت ба маънии миранда.

**МОФОТ** مافات он чи фавт шуда.

**МОҚУТ** ماقوت навъе аз ҳалво (аз «Бурҳон»).

**МОҲИЙЯТ** ماهيت ба маънии ҳақиқати чизе мустаъмал; бидон ки ин масдари ҷаълист, тарошидаи аҳли мантиқ ва ҳикмат; маънии лафзии

лафзи **моҳийят** чист? Ин шудан бошад, мураккаб аз **мо**-и мавсула ва **ҳи** (ба касри ҳо) ва фатҳи ё (яъне **я**)* замири муаннаси воҳид бошад; ё-и мушаддад аломати ҷаъл ва тои масдарӣ, магар ёи лафзи **ҳи** ба ҷиҳати иҷтимоъи ёи **ят** ҳазф шудааст.

**МОЪУЛҲАЕТ** ماءالحیوة оби ҳаёт; ва ба истилоҳи муҳаввасон давоест мураккаб аз шаҳду танкор ва равғани зард, ки ба ҳар филизи кушта омехта оташ диҳанд, он филиз зинда мегардад.

**МАУНАТ** مؤنت бар вазни **азубат**; ба маънии моюҳтоҷи маъишат, чун нафақа ва кисват; ва ба маънии меҳнат ва ранҷ кашидан (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Қанз» ва «Мадор»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **маунат** дар асл ба маънии бор ва машаққат; ва дар урф ба маънии харҷ.

**МУОЛАФАТ** مؤالفت бо касе пайвастан ва хӯгар шудан (аз «Қанз»).

**МУОХОТ//МУВОХОТ** مواخات бо ҳам бародарӣ доштан.

**МОСТ** ماست бар вазни **рост**; ба маънии ҷуғрот (аз «Бурҳон»).

**МОБАЪДАТТАБИАТ** مابعد الطبیعة чизе ки сивои табиат аст, яъне илми илоҳӣ.

**МОҶ** ماج ба маънии моҳ (аз «Бурҳон»).

**МОРИҶ** مارج оташ, ки дуд надошта бошад (аз «Мунтахаб» ва «Қомус»); ва номи падари навъи ҷин, чунонки Одам номи падари навъи инсон аст.

**МОРПЕЧ** مارپیچ пурхам; ва баъзе ба маънии парчами алами лашкар навишта; ва он чи мусаввирон шакле ба вазъе кашанд, ки гӯё чанд мор бо ҳам печидаанд.

**МОЮҲТОҶ** مایحتاج дар асл **моюҳтоҷилайҳ** буд, ба маънии он чи ҳоҷат карда шавад ба суи он; дар истеъмол лафзи **илайҳ**-ро, ки силаи он аст, ҳазф нумоянд.

**МОИДАИ МАСЕҲ** مائده مسیح то муддате ҳар руз ба васотати абр хон бар Исо алайҳиссалом нозил мешуд; ва дар он моҳӣ будӣ бирьёни бехор, ки равған аз ӯ мечакид, наздики сари он намак ва муттасили думи он сирка ва бар ҳаволии хон анвоъи тараҳо чида ва панҷ гирдаи нон ва бар яке равғани зайтун ва бар дигаре асал ва бар севвум равғани зард ва бар чаҳорум панир ва бар панҷум қадид, яъне гуштбирьён (аз «Тафсири Ҳусайнӣ»).

**МОЛЕҲ** مالح шӯр ва намакин (аз «Қанз»).

**МОНЕҲ** مانح сахӣ ва бахшанда ва карим (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МОҲ** ماح сифедии тухми мурғ; ва **муҳ** (биззам ва ҳои муҳмала) зардаи байзаи мурғро гӯянд (аз «Қанз»).

**МОСИХ** ماسخ ба маънии тафеҳ, яъне бемаза, ки ба ҳиндӣ пхика гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Туҳфат-ул-муъминин»).

**МОНАНД** مانند ҳарфи ташбеҳ (аз «Баҳори Аҷам»).

**МОРИСФАНД** مار اسفند номи рӯзи бисту нуҳум аз ҳар моҳи шамсӣ.

**МОСТБАНД** ماست بند панирсоз.

**МОЪУЛВАРД** ماءالورد гулоб, ки araқи гул бошад.

**МОҶИД** ماجد марди бузургвор.

**МАЪХАЗ** مأخذ ҷое ки чизеро аз он гиранд.

**МАЪХУЗ** مأخوذ гирифта ва гирифтор.

**МОҲИР** ماهر устоди кор (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МОҲУР** ماهور номи шуъбаи мусиқӣ (аз «Бурҳон»).

**МУАХХАР** مؤخر ба маънии дар охир овардашуда; ва номи манзили бисту ҳафтум аз манозили Қамар (аз «Мунтахаб»).

**МАЪҶУР** مأجور аҷр додашуда ва савоб додашуда (аз «Мунтахаб»).

**МОВАРУННАҲР** ماورالنهر *мухаффафи* **Мовароуннаҳр**; ба маънии он чи он рӯи рӯд бошад; чун мулки Турон аз Эрон он рӯи рӯди Ҷайҳун воқеъ аст, лиҳозо мулки Туронро эрониёни арабидон Мовароуннаҳр номанд.

**МОДАНДАР** مادندر зани падар, ки модари ғайри ҳақиқии ин кас бошад.

**МОҲАЗАР** ماحضر он чи ки ҳозир шуда; дар форсиён исми таоми қалили бетакаллуф, ки мавҷуд ва ҳозир бошад; лиҳозо ба лиҳози исмият ёи танкир дар охир оварда **моҳазарӣ** гуянд ва илло ёи танкир дар охири феъли мозӣ чӣ маънӣ дорад, ба хилофи лафзи **модом**, ки аз ҷиҳати **мо** масдарияи исме шудааст барои таъйини вақти чизе барои чизе, лекин чунки назди форсиён модомро исмият барои чизи муайян мустаъмал нашудааст, лиҳозо ёи танкир дар он овардан хатост (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мусталаҳот» ва «Хиёбон»).

**МАОСИР** مآثر осор ва нишонаҳои нек ва корҳои писандида (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МОРМУҲР** مارمهر муҳрае бошад, ки аз сари мор берун меоранд; ва низ ба маънии фодзаҳр (аз «Бурҳон»).

**МОРИ НУҲСАР** مار نه سر *киноя аз* фалак (аз «Бурҳон»); ба лиҳози он ки маҷмуъи фалак нуҳ табақ аст.

**МАЪСУР** مأثور асарпазир шуда ва ҷазо додашуда; дар луғати араб наёмада, магар форсиён меоранд; саҳеҳ ба ҷои он **мутаассир** аст; ва **адъияи маъсура** ба маънии адъияе, ки аз он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама манқул аст (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**МОЛИКИ ДИНОР** مالك دينار лақаби яке аз авлиёуллоҳ аст; рӯзе он бузург дар каштӣ нишаста буд, як динор аз нохудо гум шуд. Он нохудо бар он бузург туҳмати дуздӣ кард. Он бузург гирья ба ҷаноби илоҳӣ нумуд. Моҳиён он қадар динор дар каштӣ рехтанд, ки агар он нохудо тавба аз хатои худ намекард, каштӣ аз бори динор ғарқ шудӣ (аз шурӯҳи «Сикандарнома»).

**МАЪЮС** مأيوس он чиз, ки аз ӯ умед бурида шуда бошад; ва ба маънии беумед, ки онро дар урф ноумед гуянд; ва лафзи **маъюс** дар луғати араб наёмада, магар мустаъмали форсиён аст (аз «Баҳори Аҷам»).

**МАЪНУС** مأنوس хугар ва хӯкардашуда; ва ба маънии писанд ва марғуб.

**МОДАРИ ОБУ ОТАШ** مادر آب و آتش ба маънии гирьякунанда бо сузу гудоз (аз «Бурҳон»).

**МОҲПАЙКАРИ ДУРАФШ** ماه پیکردرفش *киноя аз* шаб ё осмон.

**МОЛИД ГӮШ** مالید گوش ай ҳушёр шуд.

**МОЕЪ** مایع ҳар чиз, ки рақиқ бошад мисли равған ва сирка ва шаҳд ва мислуҳу (аз «Мадор»).

**МОҲИ МУҚАННАЪ** ماه مقنع ҳамон **моҳи Нахшаб**, ки мазкур шуд, чаро ки Муқаннаъ номи ҷадди он Ҳаким аст, ки моҳ аз тилисм сохта буд ва нураш то чаҳор фарсанг мерасид.

**МОҒ** ماغ тоирест сиёҳ, ки аксар бар об нишинад; ва ба маънии меғ; ва ба маънии буҳор, ки дар айёми сармо гоҳ-гоҳе ба вақти субҳ мебошад; ба ҳинди куҳа гуянд; ва навъе аз кабутар; ва ба маънии аблақ низ омада (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»)[192].

**МОЗОҒ** مازاغ ишорат аст ба ояи карима: *«мозоғалбасару ва мотағо»*, яъне он ҳазрат дар шаби меъроҷ дар мақоми қурб нагардонид чашмро ба сӯи дигар ашёъ ва на бефармонӣ кард аз ҳукми худо; **мо** нофия ва **зоғ** сиғаи мозист аз **зайғ**, ки ба маънии каҷӣ ва майл кардан аст.

**МАУФ** ماوف бар вазни мақул; ба маънии офатрасидашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАЪЛУФ** مألوف хӯгирифташуда ва дӯстӣ кардашуда.

**МОЮЪРАФ** مایعرف мурод матоъи хона ва моле ки таҳбисоти касе бошад (аз «Мусталаҳот»).

**МОҚ** ماق ба маънии гушаи чашм, ки ба тарафи бинист; ва ҳамин лафз ба фатҳи мим ва сукуни ҳамза, ки ба сурати алиф аст (яъне **маък**)* низ ба маънии гӯшаи чашм, ки ба тарафи бинист (аз шарҳи «Нисоб»).

**МОРИҚ** مارق аз дин берунраванда ва гумроҳ (аз «Мунтахаб»).

**МОСАДАҚ** ماصدق дар асл **мосадақалайҳи** буд, яъне он чи содиқ шуд бар он; дар муҳовара ба маънии мазмун ва маънӣ мустаъмал.

**МОЛОЯТОҚ** مالایطاق он чи ки дар қудрат ва тоқати касе набошад.

**МОЛИК** مالک номи савдогаре, ки Юсуф алайҳиссаломро аз ихвони ӯ харида буд; ва номи фириштае, ки муваккали дӯзах аст; ва баъзе гӯянд, ки дарбони дӯзах аст.

**МОМАК** مامک *тасғири* **мом,** ки ба маънии модар аст; ва ин тасғир барои тараҳҳум бошад, на ба маънии тасғири ҳақиқӣ ва тасғири таҳқирӣ; ва дар мухотабот ба вақти тараҳҳум духтарро низ гӯянд; ва номи бозии атфол ва онро **сармомак** низ номанд.

**МОРИ ЗАҲҲОК** مار ضحاک море, ки дар шонаи пушти Заҳҳок пайдо шуда буд ва ҳамеша мағзи сари одамӣ мехӯрд; ва низ *киноя аз* сари занҷир (аз «Рашидӣ»).

**МОЛ** مال маъруф аст; **мол**-ро мол аз он гӯянд, ки табъи инсон моил ба сӯи он мебошад (аз «Муайид»); ва ба истилоҳи аҳли ҳисоб **мол** онро гӯянд, ки ададеро дар нафси худаш зарб кунанд, он чи ҳосил шавад онро **мол** гӯянд, чунонки чаҳорро дар чаҳор зарб карданд, шонздаҳ ҳосил шуд. Пас ин шонздаҳро **мол** гӯянд ва **маҷзур** низ номанд ва он чаҳорро **ҷазр** хонанд. Лекин ин қадар дар **мол** ва **маҷзур** фарқ аст: аввалро дар ҷабру муқобала итлоқ кунанд ва сониро дар ададиёт.

**МАОЛ** مآل бар вазни **мақол**; ҷои руҷӯъ ва ҷои бозгашт; ва ба маънии анҷоми кор мустаъмал аст; ва ин лафз сиғаи исми зарф аст аз **авл,** ки бар вазни **қавл** аст ба маънии бозгардидан.

**МОЛОМОЛ** مالامال агарчи ба маънии бисьёр ва касир аст, лекин *маҷозан* ба маънии пур ва мамлув мустаъмал мешавад; ва муаллиф гӯяд: ҳарчанд ки дар кутуби арабӣ ва форсӣ талош нумуда, магар дарёфт нашуд, ки дар таркиби **моломол** лафзи **мол** барои кудом маънист. Охираш ба илқои ғайбӣ чунон қарибі савоб менумояд, ки дар ин таркиб **мол** мусталаҳи аҳли ҳисоб аст, ки чун ададеро дар нафси худаш зарб кунанд, он чи ҳосил шавад онро мол гӯянд. Пас **моломол** ба алифи иттисол, ба маънии **мол бо мол (молбомол)** бошад; ва аз ин касрати **мол** мафҳум шуд. Ва мисоли касрати мол ин аст: чунон чи панҷро дар панҷ зарб кардем, бисту панҷ ҳосил шуд ва ин мол аст. Пас ин **мол**-ро, ки бисту панҷ бошад дар бисту **панҷ** зарб кардем, шашсаду бисту панҷ ҳосил шуд, чун шашсаду бисту панҷро зарб кардем, се лакҳу навад ҳазору шашсаду бисту панҷ ба ҳам расид, ало ҳазалқиёс. Чун иҷтимоъи молҳоро касрат лозим аст, лиҳозо **моломол** ба маънии вофир ва фаровон бошад. Ва фаровонии шайъ муҷиби пурии зарф аст. Аз ин боис *маҷозан* ба маънии пуру мамлув ояд. Ин маҷоз дар маҷоз аст. Ва баъзе гӯянд: дар ин таркиб **мол** *мухаффафи* **молӣ**-ст, исми фоил аз **малоъ.** Ҳамзаи исми фоил ба сабаби касраи моқабл **ё** гардида **молӣ** шуд. Баъдуҳу ба касрати истеъмол **ё** уфтод, чунонки аз лафзи **софӣ ё** сокит шуда **соф** монд, **мол** ба маънии пур ҳосил шуд. Баъд аз он алифи иттисол лоҳиқ нумуданд. Пас **моломол** ба маънии пур бо пур бошад ва аз ин касрати пурии чизе ҳосил гашт.

**МАЪМУЛ** مأمول умед дошташуда.

**МАЪКУЛ** مأکول хӯрданӣ ва он чиз ки хӯрда шавад ва хӯрдашуда.

**МУАҶҶАЛ** مؤجل бар вазни **мунаввар**; ба маънии фурсат ва муҳлат додашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУАВВАЛ** مأول бар вазни **мунаввар**; таъвил кардашуда; ва каломи аз зоҳир ба хилофи зоҳир гардонидашуда.

**МОИЛ** مائل хамида ва майлкунанда ва хоҳишкунанда ва шоиқ; ва номи ҷузви аъзами фалаки Қамар, ки дар он ҳомил маркуз аст ва дар ҳомил тадвир ва дар тадвир Қамар; ва баёнаш дар таҳқиқи лафзи **тадвир** гузашт.

**МОЛОЯНҲАЛ** مالاینحل он чи қобили во шудан нест.

**МАОҚИЛ** مآکل *ҷамъи* **маъкал,** ки масдари мимист, ба маънии хӯрдан; ва итлоқи ин бар **маъкул** ба тарики *маҷоз* аст, аз қабили итлоқи масдар бар мафъул, чунончи **халқ** ба маънии махлуқ.

**МОҚАЛЛА ВА ДАЛЛА** ما قل و دل *киноя аз* каломи қалил, ки далолат

кунад бар мурод ва муддаъои бисьёр.

**МАОСИМ** مآثم гуноҳҳо; *ҷамъи* **маъсам**, ки масдари мимист, ба маънии **исм**.

**МОМ** مام ба маънии модар (аз «Бурҳон»).

**МОДОМ** مادام аз афъоли нокиса аст, ба маънии то вақте; бидон ки **мо** дар лафзи **модом** масдария аст, ки феъли мадхули худро ба маънии масдар гардонад; ва **модом** суратан феъл аст ва дар маънии исм ва аҳкоми исм бар ин ҷорист, чунончи таваққият; пас ин лафзи **модом** барои таваққияти мазмуни ҷумлаи мадхули худ меояд; ва ба маънии мудом ва ҳамеша низ омада, чунончи дар «Туҳфат-ул-ироқайн»; магар бад-ин маънӣ алифи аввал зоида бошад.

**МОЪУН** ماعون ба маънии закоти мол ва он чи бад-он муъовинат ҷӯянд; ва асбоби хона, мисли дег ва тоба ва оташ ва каланд ва мисли он (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МОИН** مانن дурӯғгӯ (аз «Мунтахаб»).

**МАЪМУН** مامون амн кардашуда ва маҳфуз ва беҳарос; ва номи халифаи Бағдод, ки писари Ҳоруни Рашид буд.

**МАЪМАН** مامن ба маънии ҷои амн.

**МОРИН** مارن ба маънии сари бинӣ он қадар, ки нарм бошад (аз «Мунтахаб» ва шурӯҳи «Нисоб»).

**МОФОРИҚИН** مافارقين номи вилоятест (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**МОЪИ МАЪИН** ماء معين ба маънии оби равон, ки тоҳир ва соф бошад; ва **маъин** сиғаи исми мафъул аст аз **айн**, чунонки **мабиъ** аз **байъ** (аз «Мунтахаб» ва «Қомус» ва «Сурох»).

**МОБУН** مابون шахсе ки ба марази иллати убна гирифтор бошад (аз «Латоиф»).

**МОЖАНДАРОН** مازندران мулки Табаристон, аз тавобеъи Эрон дар иқлими чаҳорум; ва дар замонаи қадим он мулк маскани девон буд (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**МОЧИН** ماچين мулкест дар ҷануби Чин ва машриқии Ҳиндустон.

**МОКИЁН** ماكيان лафзи муфрад аст, ба маънии як мурғи хонагӣ, ки мода бошад; ва нари онро хурӯс гӯянд (аз «Бурҳон»).

**МОДИЁН** ماديان лафзи муфрад аст, ҷамъ нест; ба маънии як аспи мода; ва ҳоҷат ба илҳоқи лафзи **асп** надорад; пас **аспи модиён** гуфтан хато бошад; ва модаи дигари ҳайвонотро модиён намегуянд, хоси модаи аспро гӯянд. Зоҳиран ҳамин аст, ки **модиён** тамом як **лафз аст** ва метувонад, ки мазид алайҳи **мод** бувад, чун **солиён** ба маънии сол (аз «Баҳори Аҷам»).

**МОН** مان ба маънии хона ва асбоб ва матоъ; ва ба маънии мо бошад, ки замири мутакаллими маъалғайр аст; ва ба маънии моро ва маро низ меояд; ва сиғаи амр аст аз **мондан** ба маънии бигзор; ва ба маънии бош ва бимон низ ояд; ва ба маънии шабеҳ ва назир ва монанд (аз «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Хиёбон»).

**МИАТАЙН** مائتين лафзи арабист; ба маънии дусад, чаро ки таснияи **миат** аст, ки ба маънии сад бошад; ва ба истилоҳи мусиқиёни Аҷам номи яке аз усули мусиқист (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**МИИН** مائين ба маънии садҳо; ин *ҷамъи* **миа** аст ба хазфи тои фавқонӣ.

**МОҲИ ҚАНЪОН** ماه كنعان *киноя аз* Юсуф алайҳиссалом.

**МОМИРОН** ماميران бехест мушобеҳ ба зардчуб, ки ба давои чашм ба кор ояд (аз «Мадор» ва «Бурҳон»).

**МОҲТОБ БА ГАЗ ПАЙМУДАН** ماهتاب بگز پيمودن *киноя аз* кардани кори муҳол ва ҳаракати лағв ва бефоида (аз «Баҳори Аҷам» ва ғайри он).

**МУЪТАМАН** مؤتمن ба маънии муътамад ва амин (аз «Мунтахаб» ва «Зубдат-ул-фавоид»).

**МОДУН** مادون мосиво; ва ба маънии фурӯтар низ омада.

**МОШУ** ماشو ғарбол (аз «Мусталаҳот»).

**МОКУ** ماكو олатест оҳанӣ ҷулоҳагонро, ки ба ҳиндӣ онро нал гуянд (аз «Қашф» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**МОИДА** مائده ба маънии хони пур аз таом ва неъмат (аз «Қашф» ва «Қанз» ва «Мадор»).

**МОША** ماشه олатест оҳани оҳангаронро, ки оҳан гарм карда бад-он мегиранд ва гоҳе чизи муҳкамро бад-он ба зур мекашанд; ба ҳинди сансӣ гуянд; ва ба маънии тутаи бундуқ, ки дар он фатила, яъне тура ниҳода дар боруги пиёлаи бундуқ оташ мерасонанд (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**МОҲЧА** ماهچه он чи аз зару сим шакле мисли моҳи мудаввар сохта ва сайқал зада ба сари аламн фавҷ насб кунанд (аз «Бурҳон»).

**МОҲИЧА** ماهيچه риштаҳои майдаи гандум, ки пухта бо ширу шакар мехуранд; ба арабӣ атрия гуянд (аз «Қашф»).

**МОШУРА** ماشوره ба маънии найпорач кучаки миёнтиҳӣ, ки ҷулоҳагон доранд ва ресмоне бар он печида дар моку ниҳода мебофанд; ва низ ба маънии ресмони хом, ки бар дук печида мешавад; ба ҳинди онро пиндия гуянд; ва мутлақ луларо **мошура** гуянд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Қашф»).

**МАЪСУРА** مأثوره ҷазо додашуда; ва **адъияи маъсура** ба маънии адъияе, ки аз он ҳазрат ва саҳоба манқул аст (аз «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**МОШИТА** ماشطه ба маънии зане, ки муи сари занонро шона мекарда бошад ва арусро ороиш кунад; ва онро **машшота** низ гуянд, маъхуз аз мишт (билкаср), ки ба маънии шона аст.

**МОСИКА** ماسكه номи қувватест, ки нигоҳ дорад ғизоро дар меъда (аз «Мунтахаб»).

**МУВАЛЛИДА** مولده қувватест, ки аз хун таҳсили манӣ кунад ва онро мустаъиди қабули сурати инсон ва ғайра кунад.

**МОҶИДА** ماجده зани бузургвор.

**МОҲА** ماهه ба маънии барма, ки бад-он сурох кунанд; ва ба маънии моша, ки номи вазн аст (аз «Бурҳон»).

**МАЪДУБА** مأدبه зиёфат.

**МОНИСТА** مانسته монанд кардашуда (аз «Латоиф»).

**МОРИ ГУРЗА** مار گرزه мори сиёҳи кафчадор.

**МОРИРА** ماريره дояи модархонда (аз «Муайид»).

**МОЯ** مايه ба маънии асл ва модда; ва ба маънии миқдор низ омада (аз «Хиёбон»); ва дар «Бурҳон» навишта, ки **моя** ба маънии модае, ки зидди нар бошад; ва номи гове, ки Фиридунро шир медод; ва ба маънии дастгоҳ ва сомон ва буньёд.

**МОДДА** ماده асли ҳар чиз ва сомони таркиби ҳар шайъ, ки мадад бошад барои ғайрӣ ва зиёдати муттасила ба чизе (аз «Мунтахаб» ва «Зубдат-ул-фавоид»); ва дар «Суроҳ» ба маънии афзунии пайваста; ва лафзи **модда** дар хутути мурсала гоҳе ба ҷои лафзи **боб** ва лафзи **муқаддама** мустаъмал мешавад, чунонки дар *моддаи саъйи фулон* ва дар *моддаи ирсоли русули расоил.*

**МОРЧӮБА** مارچوبه номи давое, ки ба арабӣ ҳилявн гуянд; ва дар «Қашф» навишта, ки гиёҳест дофеъи захри мору каждум; ва ҳам гиреҳ ба сурати мор бувад.

**МОЗИЯ** ماضيه ба маънии гузашта.

**МОНӢ** مانی наққоше буд дар Рум, ки ба дуруғ даъвои нубувват мекард ва наққоширо муъҷизаи худ сохта халоиқро даъват мекард; ва китоби Аржанг у ҳам тасниф карда (аз «Туҳфат-ус-саъодат»).

**МОҲӢ** ماحی маҳвкунанда ва несту нобудкунанда.

**МОҲАЗАРӢ//МОҲАЗАРЕ** ماحضری таоми қалили бетакаллуф, ки ба вақти ҳоҷат мавҷуд ва ҳозир бошад.

**МОЛОЯЪНӢ** مالايعنی он чиз, ки мурод надорад касе аз ӯ.

**МОЛӢ** مالی пуркунанда ва пуршаванда.

**МОВАРОӢ** ماورای он чи паси чизе бошад; ва ба маънии мосиво низ омада.

**МОҚӢ** ماقی гушаи чашм, ки ба тарафи бинист (аз шарҳи «Нисоб»).

**МОҲИ ҶАЛОЛӢ** ماه جلالی иборат аз ҳар моҳи шамсӣ, ки мансуб аст ба таърихи Ҷалолуддин Маликшоҳи Салҷуқӣ; ва баъзе **моҳи Ҷалолӣ** *мурод аз* моҳи фарвардин доранд, чаро ки офтобро шараф дар он моҳ мебошад; дар ибтидои дафтари дуввуми Абулфазл **моҳи Ҷалолӣ** мансуб аст ба таърихи Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар подшоҳ, ки онро **моҳи илоҳӣ** низ гуянд; ва ибтидои он моҳ аз таҳвили офтоб аст аз бурҷе ба бурҷе.

**МОРӢ** ماری дар турки ба маънии ҳалокат.

**МОКОНӢ** ماکانی номи шаҳре; ва **Мокон** номи подшоҳе, ки шаҳри мазкур мансуб ба уст (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**МОЪӢ** مائی ба маънии обӣ, яъне мансуб ба об; ва *мухаффафи* **Мовароуннаҳрӣ**.

**МОРИ ҲИМЯРӢ** مار حمیری *киноя аз* Заҳҳок, чаро ки Заҳҳок аз қабилаи Ҳимяр буд.

**МОЛИШГАРӢ** مالشگری мулоабат бо занон (аз «Баҳори Аҷам»).

**МОЗИНӢ** مازنی исми наҳвист, ки мансуб ба суи **Мозин**, ки қабилаест аз Тамим (аз «Лубб-ул-албоб»).

**МОҲИ ЯМОНӢ** ماه یمانی рӯи сарвари коинот саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама (аз «Рашидӣ»).

**Фасли мим маъа бои муваҳҳада**

**МУБАРРО** مبرا безоршуда ва пок кардашуда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУБТАҒО** مبتغا хосташуда ва орзу (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУБОЛО** مبالا *мухаффафи* **муболот** ба маънии пок доштан.

**МАБО** مبا *мухаффафи* **мабод** аст (аз «Латоиф»).

**МУБОРО** مبارا дар асл **муборот** буд ба маънии безории завҷайн аз якдигар (аз «Латоиф»).

**МАБДАЪ** مبداء сиғаи исми зарф аз сулосии муҷаррад, ба маънии маҳалли оғоз кардан ва ҷои ошкоро шудан; ва биззам ва доли муҳмалаи максура ва баъдуҳу ҳамза (яъне **мубдиъ**)* сиғаи исми фоил аз боби афъол, ба маънии оғозкунанда ва ошкорокунанда ва офаринанда; ва биззам ва доли муҳмалаи мафтуҳ (яъне **мубдаъ**)* сиғаи исми зарф аз боби афъол, ба маънии маҳалли оғоз кардан ва ҷои ошкоро кардан; ва аз ин лафз дар ҳар се вазъи мазкура гоҳе зоти ҳақ таоло мурод бошад; ва дар сурати зарфийят ба маънии мутлақи ғазал ва қасида низ меояд.

**МУБОСАТАТ** مباسطت бо касе фароҳӣ варзидан; ва ин иборат аз дӯстист.

**МУБОАДАТ** مباعدت дурӣ ва муфоракат.

**МУБТАҒАЁТ** مبتغیات ба маънии орзуҳо (аз «Шамсӣ»).

**МУБАРРИДОТ** مبردات сардкунандагон; ва адвияи сард, ки мизоҷро сардӣ бахшад (аз «Қанз» ва ғайри он).

**МУБАРРОТ** مبرات ҳар чизи муаннас, ки пок карда шуда бошад.

**МАБҲУТ** مبهوت ҳайрон (аз «Кашф» ва «Мадор»); исми мафъул аз **буҳт**, ки (биззам) ба маънии ҳайрат аст.

**МУБОЛОТ** مبالات пок доштан ва андеша кардан (аз «Кашф» ва «Суроҳ» ва «Сурурӣ» ва «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУБОРАЗАТ** مبارزت ба маънии ҷанг ва корзор (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МУБОДАРАТ** مبادرت пешӣ гирифтан ва шитобӣ кардан ва далерӣ нумудан (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУБОШАРАТ** مباشرت ҷимоъ кардан ва ба худ ба коре даршудан (аз «Қанз» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МАБИТ** مبیت ба маънии шаб гузарондан ва ҷои шаб гузарондан; маъхуз аз **баёт** (ба фатҳ), ки бар вазни фаъол, ба маънии шаб кардан аст; ё муштак аз **буютат**, ки масдар ба маънии шаб ғузарондан аст (аз «Муҳаззаб» ва ғайри он).

**МАБОТ** مبات шаб ғузарондан ва **ҷои** шаб гузарондан.

**МАБОНИЯТ** مباینت аз ҳамдигар ҷудо шудан (аз «Мунтахаб»).

**МУБОҲОТ** مباهات нозидан ва тафохур кардан ба чизе (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАБТ** مبت ор ва нанг (аз «Латоиф»).

**МАБЪУС** مبعوث барангехташуда, яъне пайдо кардашуда (аз «Қанз»).

**МУБТАҲИҶ** مبتهج шодон.

**МУБҲИҶ//МУБАҲҲИҶ** مبهج ба маънии хуш ва шодмонкунанда.

**МУБОҲ** مباح ҳалол дошташуда ва ҷоиз дошташуда.

**МАБОД** مباد ба фатҳ саҳеҳ ва ба зам (яъне **мубод**)* хато; нафйи **бод**, ки барои дуъо бошад.

**МИБРАД** مبرد суҳон; ва ба замми мим ва фатҳи бо ва рои мушаддади максур (яъне **мубаррид**)* сардкунанда; ва ба фатҳи рои мушаддад (яъне **Мубаррад**)* номи наҳвист, моҳири фанни наҳв (аз «Мунтахаб»).

**МУБАТТАР** مبتر думбурида ва бефарзанд ва хароб; ва ба маънии душман низ омада.

**МУБАШШИР** مبشر хабари хуш расонанда.

**МУБАЗЗИР** مبذر исрофкунанда ва бемаҳал ва бедареғ харҷкунанда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАБРУР** مبرور накуӣ кардашуда.

**МУБОШИР** مباشر ихтиёркунанда ва ба худ ба коре даршаванда ва ҷимоъкунанда.

**МАБРАЗ** مبرز ба маънии пойхона (аз «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва фатҳи бо ва ташдиди рои муҳмалаи максур (яъне **мубарриз**)* ба маънии зоҳир ва рушан; ва бузург ва номвар.

**МУБОРИЗ** مبارز он ки бо касе ба ҷанг берун ояд ва он сипоҳӣ бошад; ва ин сиғаи исми фоил аст аз **муборазат**, ки ба маънии берун омадан бошад дар ҷанг ба муқобалаи ҳариф (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Нисоб» аз Юсуф).

**МАПЕШ** مپیش *имолаи* **мапош**, яъне марез.

**МУБДИЪИ ФАЙЁЗ** مبدع فیاض ба маънии оғозкунандаи бисьёр файзрасон; ва аз ин мурод ҳақ таоло бошад.

**МАБСУТ** مبسوط фарох кардашуда ва номи китоби фиқҳ (аз «Қанз»).

**МУБДЕЪ** مبدع аз худ чизе пайдокунанда (аз «Қашф»).

**МУБТАДЕЪ** مبتدع бидъаткунанда (аз «Латоиф»).

**МИБЗАЪ** مبضع нештари фассод (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАБИЪ** مبیع харидашуда ва фурухташуда (аз «Қашф»).

**МУБАРҚАЪ** مبرقع номи нағмае аз мусиқӣ (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**МАБЛАҒ** مبلغ ҷои расидан ва мақом ва ба маънии ҳад ва ниҳоят; ва ба маънии миқдор; ва ба маънии андак; ва ба маънии бисьёр (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва **мубаллағ** бар вазни му**наққаш**, ба маънии расонидашуда, ва ба касри лом (яъне **мубаллиғ**)* расонанда; [193] ва **мублағ** (ба замми мим ва сукуни муваҳҳада ва фатҳи лом) низ ба маънии расонидашуда, сиғаи исми мафъул аз **иблоғ** аст ва мутафарреъ аз **булуғ**, ки ба маънии расидан ва комил шудан аст, ҷунончи гуянд, ки: *ин кудак болиғ шуда*; ва дар форсӣ низ тарҷамаи **булуғ**, ки расидан аст, ба маънии комил шудан бисьёр меояд, чунончи гуянд, ки: *ин мева расидааст*, ай пухта ва комил шудааст. Ҳамчунин **мублағ** низ ба маънии комил ва ҷаййид аст. Ва ин лафз аксар дар иншои сифати зари накд воқеъ мешавад. Магар ин сифат қабл аз мавсуф меояд, чунончи: *мублағи даҳ рупия*, яъне чунин рупияҳо, ки созанда онро ҷаййид ва комил ба сифоти худаш сохтааст ва носара ва ғайри ҷаййид нест; ва баъзе навиштаанд, ки **маблағ** (ба фатҳи аввал ва севвум) масдари мимист, ки дар сифати зари накд ба маънии исми мафъул воқеъ мешавад.

**МУБАДРИҚ** مبدرق ба маънии раҳбар.

**МУБОРАК** مبارک баракат кардашуда ва хуҷаста ва бузург кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАБОЛ** مبال чои бавл, яъне маҳалли пешоб, ки иборат аз фарчи зан ва қазиби мард бошад.

**МАБОҚИЛ** مباقل мазраъаҳои тара, чунонки киштзори пиёз ва сир ва бодинҷон ва шалғам ва ҳулба, яъне митхӣ.

**МУБТАЗАЛ** مبتذل ба маънии залил ва хор ва беқадр.

**МУБТИЛ** مبطل ботилкунанда.

**МУБИЛ** مبل резанда; ва сиҳҳатёфта; ва таркунанда ва ашкбор (аз «Латоиф»).

**МУБРАМ** مبرم муҳкам ва устувор (аз «Қашф»).

**МУБҲАМ** مبهم пӯшида ва фурӯбаста (аз «Мунтахаб»).

**МУБТАСИМ** مبتسم шугуфтагикунанда ва дандон сифедкунанда.

**МУБИН** مبين ошкорокунанда ва ошкорошуда; ва ба заммии мим ва ташдиди ёи таҳтонии максур (яъне **мубаййин**)* баёнкунанда; ва ба фатҳи таҳтонӣ (яъне **мубайян**)* баён кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУБАРҲАН** مبرهن ба ҳуҷҷатҳои рӯшан ва ба далоили қотеъ собит кардашуда.

**МАБСУТА** مبسوطه фарох ва фарохӣ кардашуда ва чизи ғайри мураккаб.

**МУБАРРИДА** مبرده чизҳои сардкунанда ва сардидиҳанда.

**МАБТАХА** مبطخه ба маънии фолизи харбуза (аз «Латоиф»).

**МАБСУСА** مبثوثه пароганда ва парешон (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МАБОДИИ ОЛИЙЯ** مبادی عاليه малоик ва уқули ашара.

**МУБОҲАЛА** مباهله ҳамдигариро нафрин кардан, яъне дуъои бад кардан (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МУБОЛАҒА** مبالغه сахт кӯшидагон дар коре; ва ба истилоҳ сифоти маҳмуда ё мазмумаи шахсе ба тарике баён кардан, ки мустабъид нумояд ё муҳол: агар ба ақлу одат мумкин бошад, **муболағаи таблиғ** гуянд; ва агар ба ақл мумкин ва ба одат номумкин бошад, **муболағаи иғроқ** хонанд; ва агар ба ақлу одат ҳар ду муҳол бошад, **муболағаи ғулув** номанд.

**МУБОҲӢ** مباهى нозкунанда ва фахркунанда.

**МУБҚӢ** مبقى боқидорандаи чизе ва қоим ва барподоранда.

**МУБОДӢ** مبادى ошкорокунанда; сиғаи исми фоил аз **мубодот**, ки ба маънии ошкоро кардан аст; ва ба фатҳи мим (яъне **мабодӣ**)* *ҷамъи* **мабдаъ**, ки сиғаи исми зарф аст ба маънии ҷои ошкоро шудан.

**МУБАЙЙИҲӢ** مبيهى пайдокунандаи қуввати боҳ; ва бидуни ёи таҳтонӣ ва ташдиди ҳо галат аст (аз «Музил»); бидон ки **мубаййиҳӣ** мансуб аст ба **мубаййиҳ**, ки сиғаи исми фоил аст, бар вазни **мусаввир**, аз боби тафъил, маъхуз аз **боҳ**, ба ҳазфи ёи таҳтонии максур, ба қонуне, ки биюфтад ёи максур аз ёи мушаддад, ки моқабли у ҳуруфи саҳеҳ бошад дар вақти нисбат, чун: саййидӣ ва муҳаймӣ.

**МАБНӢ** مبنى бино кардашуда; ва дар истилоҳи сарфиён лафзе, ки ҳарфи охираш ҳамеша бар вазъе, ки ҳаст собит бошад ва ба ихтилофи авомил мутағаййир нашавад; ва ба фатҳи мим ва сукуни бо ва фатҳи нун ва дар охир алиф ба сурати ё (яъне **мабно**)* ба маънии ҷои бинои чизе.

**МАБОНӢ** مبانى ҷоҳои бино; ва ин *ҷамъи* **мабно**-ст, ки (ба фатҳи мим ва фатҳи нун) ба маънии ҷои биност; гоҳе ба маънии мазомин бошад; ва гоҳе *киноя аз* аъзо ва андом бошад.

**МУБТАНӢ** مبتنى бинокунанда ва бинокшаванда; ва ба фатҳи нун (яъне **мубтано**)* бино кардашуда.

**МУБХИЛӢ** مبخلى бахилӣ ва ба бухл нисбат карда шудан.

### Фасли мим маъа тои фавқонӣ

**МУТТАКО** متكا ба маънии такьягоҳ (аз «Қашф» ва «Мадор»); ва **муттакои ресмонӣ** иборат аст аз расане, ки аз ресмони пунба ё пашм бофанд ва дарвешон ба вақти муроқаба гирдогирди камар ва ҳар ду зону бикашанд; онро **каманди ваҳдат** низ гуянд, ба ҳиндӣ селӣ номанд.

**МАБОНИЯТ** مباینت аз ҳамдигар ҷудо шудан (аз «Мунтахаб»).

**МУБОҲОТ** مباهات нозидан ва тафохур кардан ба чизе (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАБТ** مبت ор ва нанг (аз «Латоиф»).

**МАБЪУС** مبعوث барангехташуда, яъне пайдо кардашуда (аз «Қанз»).

**МУБТАҲИҶ** مبتهج шодон.

**МУБҲИҶ//МУБАҲҲИҶ** مبهج ба маънии хуш ва шодмонкунанда.

**МУБОҲ** مباح ҳалол дошташуда ва ҷоиз дошташуда.

**МАБОД** مباد ба фатҳ саҳеҳ ва ба зам (яъне **мубод**)* хато; нафйи **бод**, ки барои дуъо бошад.

**МИБРАД** مبرد суҳон; ва ба заммн мим ва фатҳи бо ва рои мушаддади максур (яъне **мубаррид**)* сардкунанда; ва ба фатҳи рои мушаддад (яъне **Мубаррад**)* номи наҳвист, моҳири фанни наҳв (аз «Мунтахаб»).

**МУБАТТАР** مبتر думбурида ва бефарзанд ва хароб; ва ба маънии душман низ омада.

**МУБАШШИР** مبشر хабари хуш расонанда.

**МУБАЗЗИР** مبذر исрофкунанда ва бемаҳал ва бедареғ харҷкунанда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАБРУР** مبرور накӯи кардашуда.

**МУБОШИР** مباشر ихтиёркунанда ва ба худ ба коре даршаванда ва ҷимоъкунанда.

**МАБРАЗ** مبرز ба маънии пойхона (аз «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва фатҳи бо ва ташдиди рои муҳмалаи максур (яъне **мубарриз**)* ба маънии зоҳир ва рушан; ва бузург ва номвар.

**МУБОРИЗ** مبارز он ки бо касе ба ҷанг берун ояд ва он сипоҳӣ бошад; ва ин сиғаи исми фоил аст аз **муборазат**, ки ба маънии берун омадан бошад дар ҷанг ба муқобалаи ҳариф (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Нисоб» аз Юсуф).

**МАПЕШ** مپیش *имолаи* **мапош**, яъне марез.

**МУБДИЪИ ФАЙЁЗ** مبدء فیاض ба маънии оғозкунандаи бисьёр файзрасон; ва аз ин мурод ҳақ таоло бошад.

**МАБСУТ** مبسوط фарох кардашуда ва номи китоби фиқҳ (аз «Қанз»).

**МУБДЕЪ** مبدع аз худ чизе пайдокунанда (аз «Қашф»).

**МУБТАДЕЪ** مبتدع бидъаткунанда (аз «Латоиф»).

**МИБЗАЪ** مبضع нештари фассод (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАБИЪ** مبیع харидашуда ва фурӯхташуда (аз «Қашф»).

**МУБАРҚАЪ** مبرقع номи нағмае аз мусиқӣ (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**МАБЛАҒ** مبلغ ҷои расидан ва мақом, ва ба маънии ҳад ва ниҳоят; ва ба маънии миқдор; ва ба маънии андак; ва ба маънии бисьёр (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва **мубаллағ** бар вазни **муноққаш**, ба маънии расонидашуда, ва ба касри лом (яъне **мубаллиғ**)* расонанда; [193] ва **мублағ** (ба замми мим ва сукуни муваҳҳада ва фатҳи лом) низ ба маънии расонидашуда, сиғаи исми мафъул аз **иблоғ** аст ва мутафарреъ аз **булуғ**, ки ба маънии расидан ва комил шудан аст, чунончи гуянд, ки: *ин кудак болиғ шуда*; ва дар форсӣ низ тарҷамаи **булуғ**, ки расидан аст, ба маънии комил шудан бисьёр меояд, чунончи гуянд, ки: *ин мева расидааст*, ай пухта ва комил шудааст. Ҳамчунин **мублағ** низ ба маънии комил ва ҷаййид аст. Ва ин лафз аксар дар иншои сифати зари нақд воқеъ мешавад. Магар ин сифат қабл аз мавсуф меояд, чунончи: *мублағи даҳ рупия*, яъне чунин рупияҳо, ки созанда онро ҷаййид ва комил ба сифоти худаш сохтааст ва носара ва ғайри ҷаййид нест; ва баъзе навиштаанд, ки **маблағ** (ба фатҳи аввал ва севвум) масдари мимист, ки дар сифати зари нақд ба маънии исми мафъул воқеъ мешавад.

**МУБАДРИҚ** مبدرق ба маънии раҳбар.

**МУБОРАК** مبارک баракат кардашуда ва хуҷаста ва бузург кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАБОЛ** مبال чои бавл, яъне маҳалли пешоб, ки иборат аз фарчи зан ва қазиби мард бошад.

**МАБОҚИЛ** مباقل мазраъаҳои тара, чунонки киштзори пиёз ва сир ва бодинҷон ва шалғам ва ҳулба, яъне митхӣ.

**МУБТАЗАЛ** مبتذل ба маънии залил ва хор ва беқадр.

**МУБТИЛ** مبطل ботилкунанда.

**МУБИЛ** مبل резанда; ва сиҳҳатёфта; ва таркунанда ва ашкбор (аз «Латоиф»).

**МУБРАМ** مبرم муҳкам ва устувор (аз «Кашф»).

**МУБҲАМ** مبهم пушида ва фурубаста (аз «Мунтахаб»).

**МУБТАСИМ** مبتسم шугуфтагикунанда ва дандон сифедкунанда.

**МУБИН** مبين ошкорокунанда ва ошкорошуда; ва ба замми мим ва ташдиди ёи таҳтонии максур (яъне **мубаййин**)* баёнкунанда; ва ба фатҳи таҳтонӣ (яъне **мубайян**)* баён кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУБАРҲАН** مبرهن ба ҳуччатҳои рушан ва ба далоили қотеъ собит кардашуда.

**МАБСУТА** مبسوطه фарох ва фарохӣ кардашуда ва чизи ғайри мураккаб.

**МУБАРРИДА** مبرده чизҳои сардкунанда ва сардидиҳанда.

**МАБТАХА** مبطخه ба маънии фолизи харбуза (аз «Латоиф»).

**МАБСУСА** مبثوثه пароганда ва парешон (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**МАБОДИИ ОЛИЙЯ** مبادی عاليه малоик ва уқули ашара.

**МУБОҲАЛА** مباهله ҳамдигариро нафрин кардан, яъне дуъои бад кардан (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МУБОЛАҒА** مبالغه сахт кушидагон дар коре; ва ба истилоҳ **сифоти** маҳмуда ё мазмумаи шахсе ба **тарике** баён кардан, ки мустабъид нумояд ё муҳол: агар ба ақлу одат мумкин бошад, **муболағаи таблиғ** гуянд; ва агар ба ақл мумкин ва ба одат номумкин бошад, **муболағаи иғроқ** хонанд; ва агар ба ақлу одат ҳар ду муҳол бошад, **муболағаи ғулув** номанд.

**МУБОҲӢ** مباهی нозкунанда ва фахркунанда.

**МУБҚӢ** مبقی боқидорандаи чизе ва қоим ва барподоранда.

**МУБОДӢ** مبادی ошкорокунанда; сиғаи исми фоил аз **мубодот**, ки ба маънии ошкоро кардан аст; ва ба фатҳи мим (яъне **мабодӣ**)* *ҷамъи* **мабдаъ**, ки сиғаи исми зарф аст ба маънии чои ошкоро шудан.

**МУБАЙЙИҲӢ** مبيّحی пайдокунандаи қуввати боҳ; ва бидуни ёи таҳтонӣ ва ташдиди ҳо ғалат аст (аз «Музил»); бидон ки **мубаййиҳӣ** мансуб аст ба **мубаййиҳ**, ки сиғаи исми фоил аст, бар вазни **мусаввир**, аз боби **тафъил**, маъхуз аз **боҳ**, ба ҳазфи ёи таҳтонии максур, ба қонуне, ки биюфтад ёи максур аз ёи мушаддад, ки моқабли ӯ ҳуруфи саҳеҳ бошад дар вақти нисбат, чун: саййидӣ ва муҳаймӣ.

**МАБНӢ** مبنی бино кардашуда; ва дар истилоҳи сарфиён лафзе, ки ҳарфи охираш ҳамеша бар вазъе, ки ҳаст собит бошад ва ба ихтилофи авомил мутағаййир нашавад; ва ба фатҳи мим ва сукуни бо ва фатҳи нун ва дар охир алиф ба сурати ё (яъне **мабно**)* ба маънии чои бинои чизе.

**МАБОНӢ** مبانی чоҳои бино; ва ин *ҷамъи* **мабно**-ст, ки (ба фатҳи мим ва фатҳи нун) ба маънии чои биност; гоҳе ба маънии мазомин бошад; ва гоҳе *киноя аз* аъзо ва андом бошад.

**МУБТАНӢ** مبتنی бинокунанда ва биношаванда; ва ба фатҳи нун (яъне мубтано)* бино кардашуда.

**МУБХИЛӢ** مبخلی бахилӣ ва ба бухл нисбат карда шудан.

### Фасли мим маъа тои фавқонӣ

**МУТТАКО** متكا ба маънии такьягоҳ (аз «Кашф» ва «Мадор»); ва **муттакои ресмонӣ** иборат аст аз расане, ки аз ресмони пунба ё пашм бофанд ва дарвешон ба вақти муроқаба гирдогирди камар ва ҳар ду зону бикашанд; онро **каманди ваҳдат** низ гӯянд, ба ҳиндӣ **селӣ** номанд.

**МАТО** متى ба маънии кай ва чун ва ҳар гоҳ (аз «Қанз»).

**МУТАМАННО** متمنى ба маънии орзу кардашуда (аз «Қанз»).

**МУТАБАННО** متبنى ба фарзандӣ гирифташуда, яъне шахсе ки уро касе ба фарзандӣ гирифта парварда бошад (аз шуруҳи «Нисоб»).

**МУТАВАФФО** متوفى вафот ёфташуда; исми мафъул аз **таваффи**, ки (аз боби)* тафаъул аст.

**МАТОБ** متاب бозгаштан ва ҷои руҷуъ (аз «Мунтахаб»).

**МУТАРОҚИБ** متراكب бар ҳам нишаста (аз «Мунтахаб»).

**МУТАЪОҚИБ** متعاقب аз паси ҳамдигар даванда ва аз пас даванда.

**МАТОИБ** متاعب ранҷҳо ва мондагиҳо; *ҷамъи* **таъаб**, хилофи қиёс.

**МУТААЗЗИБ** متعذب хушгувор.

**МАТОНАТ** متانت устуворӣ ва муҳкамӣ (аз «Мунтахаб»).

**МУТАШОБЕҲОТ** متشابهات оёти махфиюлмаънӣ (аз «Қанз»).

**МУТАММИМОТ** متممات тамомкунандаҳо ва комилкунандаҳо.

**МУТАМАННИЁТ** متمنيات орзуҳо ва орзу кардашудаҳо.

**МУТАЯММИНОТ** متيمنات баракатҳо ва чизҳои бобаракат.

**МУТААННИТ** متعنت саҳв ва хатои касе ҷуянда ва айбгиранда (аз «Қанз»).

**МУТАҲАТТИМОТ** متحتمات воҷибшавандагон.

**МАТОЪИ РУИ ДАСТ** متاع روى دست *киноя аз* матоъи камбаҳо, ки дар беруни дукконҳо медоранд ё бар даст ниҳода мефурушанд (аз «Баҳори Аҷам»).

**МУТАВВАҶ** متوج ба маънии тоҷ ниҳодашуда.

**МУТАФАРРАҶ** متفرج ҷои сайру тамошо.

**МУТАРАШШЕҲ** مترشح тарованда.

**МУТАЛАТТАХ** متلطخ олуда (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МУТААВВИД** متعود ба маънии хукарда ва одаткунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУТАЗОД(Д)** متضاد ба маънии б... ҳам мухолафаткунанда.

**МУТАРАДДИД** متردد мутафаккир; ... ба маънии раванда низ омада.

**МУТААННИД** متعند бар вазни **мутафаккир**; душман ва бадхоҳ ... инодкунанда.

**МУТААББИД** متعبد ибодаткунанда ... бисьёр ибодаткунанда ва ба такаллуф ибодаткунанда.

**МУТАСОИД** متصاعد болобароянда ... бар баландӣ раванда.

**МУТАМАРРИД** متمرد бар вазни **мутаваллид**; ба маънии саркаш ва нофармон ва бағӣ (аз «Мунтахаб»)

**МУТАБАЛЛИД** متبلد бар вазни **мутараддид**; кундзеҳн ва аҳмақ.

**МУТАРАССИД** مترصد умедвор ... чашмдошт доранда (аз «Суроҳ»).

**МУТАҚАССИР** متكسر шикананда ... шикасташаванда.

**МУТАБАҲҲИР** متبحر марди бисьёрилм (аз «Мунтахаб»).

**МУТАЗАРРАР** متضرر зарар расонида шуда; ва ба касри он (яъне **мутазаррир**)* зарарасонанда.

**МУТАШОИР** متشاعر худро ба зур шоир гуёнида.

**МУТААССИР** متعسر душвор.

**МУТААЗЗИР** متعذر душвор (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУТАНАФФИР** متنفر раманда ва нафраткунанда (аз «Қанз»).

**МУТАБОДИР** متبادر пеши гиранда ... ба суръат шитобанда ба суи зеҳн

**МУТАЛАББИС** متلبس ҷома пушанда ва пинҳоншаванда ва пушида.

**МУТААТТИШ** متعطش ташна.

**МУТАРРАШ** مترش ба сиғаи исми мафъул аз боби тафъил; марди риштарошанда; ва ин тасарруфи форсизабонони мутааррабаст, ки аз тарошидан, ки калимаи форсист, ба таври арабӣ иштиқоқ кардаанд (аз «Баҳори Аҷам»).

**МУТАФАҲҲИС** متفحص кованда ва ҷустуҷукунанда (мустафод аз «Мунтахаб»).

**МУТАХАССИС** متخصص хусусийятдоранда.

**МУТААРРИЗ** متعرض пешоянда ва соил.

**МУТАСАЛЛАТ** متسلط баргумошташуда ва касе ки бар ӯ даст ёфта бошанд; ва ба касри лом (яъне **мутасаллит**)* бар касе дастёбанда ва ғалабакунанда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУТАСОҚИТ** متساقط бо ҳам фурӯрезанда.

**МУТАВАРРЕЪ** متورع парҳезгор ва порсо (аз «Қанз»).

**МУТАВАЗЗЕЪ** متوزع пароганда ва парешон (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАТОЪ** متاع ҳар чи аз ӯ нафъ гиранд (аз «Мадор»).

**МУТАФАРРЕЪ** متفرع фаръи чизе шаванда ва аз чизе мисли шох берӯноянда.

**МУТАСАДДЕЪ** متصدع дарди сар ёбанда; ва ин лафз ба ҷои **мусаддеъ** (ба касри дол), ки ба маънии дарди сар диҳанда аст, овардан хатост, чунончи баъзе дар иншо нависанд, ки: *мутасаддеъи хидмат мешавам*; дар ин сурат **мусаддеъ** бояд навишт.

**МУТТАСЕЪ** متسع ба маънии фароҳшаванда.

**МУТАДАРРЕЪ** متدرع зиреҳпӯш.

**МУТАЗАРРЕЪ** متضرع зорикунанда.

**МАТБУЪ** متبوع пайравӣ кардашуда.

**МУТАНАВВЕЪ** متنوع гуногуншаванда (аз «Суроҳ»).

**МУТАЗАЪЪИФ** متضعف бар вазни **мутасарриф**; бисьёр заъифшаванда, чаро ки боби тафъил барои муболаға низ меояд ё барои зарурат.

**МУТАКОСИФ** متكاثف ғализ ва ситабр шудан; *зидди* **мутахалхил** (аз «Мунтахаб»).

**МУТТАСАФ** متصف сифат кардашуда (аз «Қанз»).

**МУТЛИФ** متلف ба маънии талафкунанда ва харобу зоеъкунанда.

**МУТТАҲИФ** متحف туҳфадиҳанда; ва фатҳи ҳои муҳмала (яъне **муттаҳаф**)* туҳфа кардашуда.

**МУТААФФИФ** متعفف муттақӣ ва порсо.

**МУТАЗОИФ** متضايف бо ҳамдиғар нисбатдоранда.

**МУТАРОДИФ** مترادف дар паси якдигар суворшаванда; ва ба маънии пай дар пай низ мустаъмал мешавад; ва ду-се лафз, ки дар маънӣ шарик бошанд, чунончи: қалб ва ҷанон ва фуъод, ки ҳар се ба маънии дил аст.

**МУТАЛАҲҲИФ** متلهف бар вазни **мутасарриф**; афсусхӯранда ва андуҳгин (аз «Мунтахаб»).

**МУТААННИФ** متعنف сарзанишкунанда ва дурӯштхуинумоянда.

**МУТАМАЗЗИҚ** متمزق порашаванда (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУТАТАРРИҚ** متطرق бар вазни **мутафарриқ**; роҳёбанда ва роҳ пайдокунанда.

**МУТАЗОИҚ** متضائق бо ҳам тангикунанда.

**МУТАЪОРИК** متعارك моландаи гӯш ва гӯшмолдиҳанда ва харошанда ва маҳву мундарискунанда ва хоҷатравоикунанда ва комёбшаванда; ва корзоркунанда; ва анбуҳшаванда (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**МУТАКАФФИЛ** متكفل зомин ва мутааҳҳид (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУТАЗАЛЗИЛ** متزلزل ларзанда ва ҷунбанда (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»).

**МУТАХАЛЛИЛ** متخلل халаландоз.

**МУТАМОСИЛ** متماثل мушобеҳ ва монанди ҳамдигар шаванда.

**МУТАФОВИЛ** متفاول фолгиранда; ин лафзро ба вов навиштан хатост; ба ҷои вов ҳамза навиштан ва хондан саҳеҳ бошад, ба ин шакл (мутафоил متفائل)

**МУТААҲҲИЛ** متاهل соҳиби аҳлийят ва худованди хона ва соҳиби зану фарзанд.

**МУТАМОИЛ** متمائل майл ва хоҳишкунанда ва дар ҳаму ҷамшаванда; маъхуз аз **тамоюл**, ба маънии хамидан.

**МУТАДОВАЛ** متداول аз якдигар навбат ба навбат **гирифташуда** ва даст ба даст гардонидашуда.

**МУТАРАССИЛ** مترسل бар вазни **мутаҳаммил**; нома фиристанда.

**МУТАОЛ** متعال баландшаванда; дар асл **мутаолӣ** буд, исми фоил аз **таоло**, ки ноқиси вовист аз тафоъул; дар ҳолати рафъӣ замма бар ё сақил буд, соқит карданд, баъдуҳу ичтимоъи сокинайн шуд миёни ё ва танвин, ё-ро хазф карданд ва дар охир вақф карданд, танвин ҳам соқит гардид, **мутаол** боқӣ монд.

**МУТААЛЛИМ** متالم дардманд ва дарднок (аз «Қанз»).

**МУТАЛОТИМ** متلاطم ба ҳамдигар тапончазананда ва ба якдигар латмазананда; ва ин лафз аксар дар сифати дарьёи шадидулмавч воқеъ мешавад (аз «Мунтахаб»).

**МУТАРЧАМ** مترجم тарчама кардашуда ва аз забоне ба забоне дигар баён кардашуда; ва ба касри чим (яъне **мутарчим**)* тарчамакунанда.

**МУТАБАССИМ** متبسم ба маънии оҳиста хандакунанда, ки ҳеч овозаш аз даҳан ва бинӣ берун наёяд; ва ба маънии шугуфта низ мустаъмал мешавад (аз «Қанз»).

**МУТАРОКИМ** متراکم бар ҳам нишинанда ва гирдоянда; ва *киноя аз* ҳучум ва анбуҳкунанда (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУТАРАССИМ** مترسم нависанда ва расмкунанда ва соҳиби расм.

**МУТАЗАЛЛИМ** متظلم додхоҳ.

**МУТТАСАМ** متسم доғ кардашуда ва нишонии махсус кардашуда (аз «Сурох»).

**МУТАҲАТТИМ** متحتم вочиб ва лозим; аз **ҳатм** (билфатҳ) ба маънии устувор кардан (аз «Қанз» ва Мунтахаб»).

**МУТААЛЛИМ** متعلم таълимгиранда, яъне талмиз ва шогирд (аз «Қашф»).

**МУТАРАННИМ** مترنم сароянда (аз «Мунтахаб»).

**МУТАЙЯМ** متیم муштоқ ва дардманд (аз «Латоиф»).

**МУТАММИМ** متمم тамомкунанда ва комилкунанда.

**МУТАНАЪИМ** متنعم ба нозу неъмат гузаронкунанда.

**МУТАДАЙЙИН** متدین ба маънии диндорӣ.

**МАТН** متن ба маънии пушт; ва ба маънии устувор ва чои баланд ва сахт; ва *мачозан* ба маънии иборати китобӣ, ки шарҳи он тувон кард ба маонии мазкура; ба фатҳатайн (яъне **матан**)* хондан хатост; магар **матан** (ба фатҳатайн) дар форси сиғаи иаҳӣ аст аз **танидан**.

**МАТИН** متین устувор ва муҳкам; ва яке аз асмои расул саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**МУТАҲОВИН** متهاون сустикунанда; ва дар «Мунтахаб» ба маънии хор ва ҳақир дошташуда.

**МУТАҲАССИН** متحصن дар ҳисор нишинанда ва қалъанишин.

**МУТААЛЛИҲИН** متالهین ба маънии парастиши ҳақ кунандагон ва ибодаткунандагони ҳақ таоло ва ҳукамои соҳибислом.

**МУТҚАН** متقن устувор ва муҳкам (аз шуруҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**МУТАБОИН** متباین аз ҳам чудошаванда.

**МУТАКАВВИН** متکون ҳастшаванда ва мавчудшаванда.

**МУТАЛАВВИН** متلون ранг ба ранг шаванда.

**МУТАМАККИН** متمکن маконгиранда ва чогиранда; ва ба истилоҳ исме, ки дар охири он эъробҳои мухталиф пайдо оянд, ба ихтилофи авомил.

**МУТАКАЛЛИМИН** متکلمین соҳибони илми калом; ва **илми калом** илмест, ки дар он муқаддамоти илми манқулро ба далоили ақли собит кунанд ва ақоидро ба адиллаи ақлия муваччаҳ созанд.

**МУТАНАББЕҲ** متنبه хабардор ва огоҳ.

**МУТАДОВАЛА** متداوله аз якдигар навбат ба навбат гирифташуда ва даст ба даст гардонидашуда.

**МУТҚАНА** متقنه ба маънии устувор ва муҳкам.

**МУТАНАВВЕЪА** متنوعه гуногуншаванда ва навъ-навъшаванда ва ақсомақсом шаванда.

**МУТАХАЙЯЛА** متخیله хаёл кардашуда ва маҳалли хаёл, ки димоғ бошад; ва ба касри ёи таҳтонӣ (яъне **мутахаййила**)* қувватест дар димоғ, ки таркиби баъзе сувар ба

баъзе маънӣ мекунад ва гохе чизҳои дида ва нодида, рост ё дурӯғро нақш менумояд.

**МУТОҶАРА** متاجره бо ҳам тиҷорат кардан.

**МУТАҶАББИРА** متجبره фирқаи золимон ва ҷамоъати зулмкунандагон.

**МУТАЗОДДА** متضاده бо ҳамдигар зидкунанда.

**МУТАНОҲИЯ** متناهيه ба поёни чизе расанда ва ба мунтаҳои чизе расанда.

**МУТАТОЛИЯ** متتاليه ба маънии пай дар пай оянда ва паси якдигар раванда; маъхуз аз **тулувв**, ба маънии дар пайи касе рафтан (аз «Мунтахаб»).

**МУТАДОРИКА** متداركه дарёбанда чизеро, ки аз даст рафта бошад.

**МАТТА** متّه ба маънии барма, ки наҷҷорон чубро бад-он сурох кунанд.

**МУТААЗЗИБА** متعذبه хӯрданӣ ва нушидании хушгувор; ва уқубат ва азобкунанда.

**МУТТАКӢ** متكى такьякунанда.

**МУТАНОҲӢ** متناهى ба поён расанда ва ба мунтаҳо расанда.

**МУТАВАЛЛИ** متولى бар сари кор бошанда ва дустидоранда (аз «Мунтахаб»).

**МУТАМАННӢ** متمنى орзуманд; ва ба фатҳи нуни мушаддад (яъне **мутаманно**)* орзу кардашуда.

**МУТААДДӢ** متعدى таҷовузкунанда аз ҳадди худ; ва ба истилоҳи илми сарфу нахв феълеро гӯянд, ки маънии он феъл аз фоил таҷовуз карда, тааллуқ гирад ба мафъул; ва *зидди* он **лозим** аст, ки маънии он фақат ба фоил тамом шавад ва мафъулро нахоҳад.

**МУТАМАШШӢ** متمشى ҷорӣ ва равоншаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУТАВОРӢ** متوارى пӯшидашаванда ва пинхоншаванда (аз «Кашф»); ва Анварӣ ба сукуни дуввум (яъне **мутворӣ**)* бастааст; ва ин сукун навъе аз тафрис аст.

**МУТАВОЗӢ** متوازى бо ҳам баробаршаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУТАСОВИ** متساوى бо ҳам баробаршаванда.

**МУТАСАДДӢ** متصدى пешоянда; аз **тасаддӣ**, ки ба маънии пеш омадан аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва аз пеш оянда; дар ин ҷо *мурод аз* пешкор аст.

**МУТААЗЗӢ** متاذى изоёбанда ва озурдашаванда.

**МУТАОЛӢ** متعالى баландшаванда; исми фоил аз **таолӣ** (ки ба касри лом) аст, боби тафоъул аз ноқис, маъхуз аз **улувв.**

**МУТАВОЛӢ** متوالى паёпайшаванда ва пай дар пай оянда.

**МУТАЛАЪЛЕЪ** متلالىء рӯшан ва тобон; исми фоил аз **талаълуъ,** ки бар вазни **тафаълул** аст, рубоъии мазид, маъхуз аз **лӯълӯъ,** ки ба маънии марворид аст; ва ин қисм иштиқоқ аз ҷомид дар каломи араб мустаъмал аст, чунончи: **аърақ** ба маънии расид дар ироқ; маъхуз аз **ироқ**, ки ҷомид аст.

**МУТАЛАҚҚӢ**' متلقى мулоқоткунанда; ва ба фатҳи қофи мушаддад (яъне **муталаққо**)* ба маънии мулоқот кардашуда.

**МУТАҶАЛЛӢ** متجلى рӯшан ва ошкоро.

**МУТАҲАЛЛӢ** متحلى зеварпӯшанда ва оросташаванда.

**МУТАРАҚҚӢ** مترقى афзуншаванда.

**МУТАРОҚӢ** متراقى афсунхон.

**МУТАЛОШӢ** متلاشى парешон ва хароб ва маъдум; дар ин сурат маъхуз аст аз **лошайъ**; ва ин қисм иштиқоқ аз мураккабот бисьёр омада; ва он **чи** ки дар мардум **муталошӣ** ба маънии талош ва талошикунанда машҳур, маҳзи ғалат, чаро ки **талош** лафзи туркист; ва аз алфози туркиву форси ба таври арабӣ иштиқоқ кардан хатост, агарчи ба нудрат баъзе форсиён кардаанд, аннодиру калмаъдум.

**МУТАМОДӢ** متمادى ба маънии дароз.

**МУТАҒОСӢ** متغاثى фарьёдхоҳ, ки забонзади баъзе мардум мешавад маҳзи ғалат, чаро ки инро аз сулосии мазиди ноқис медонанд; ва ҳол он ки масдаре, ки ба ҷиҳати ин маънист, аҷваф аст; саҳеҳ ба ҷои

он **мустағосӣ**-ст, ба маънии додхоҳ ба ду ваҷҳ: яке он ки **мустағос** сиғаи исми мафъул аст, ба маънии касе ки аз у додрасӣ хоҳанд, чунонки **мустаъон**; ва ёи тахтонӣ дар охир барои нисбат аст, яъне мансуб ба **мустағос** ва он додхоҳ бошад; дигар он ки **мустағос** сиғаи масдари мимӣ низ метувонад шуд, чаро ки масдари мимӣ бар вазни сиғаи исми мафъул ва зарф меояд ва ёи тахтонӣ барои нисбат, яъне мансуб ба **мустағоса**, фа ифҳам.

**МУТАҲАЗЗӢ** متحظی ба маънии баҳравар; исми фоил аз **таҳаззӣ**, ки тафаъул аст, муҷаррадаш **ҳизва** (билкаср), ки ноқиси вовист ба маънии баҳрамандӣ (аз «Сурох»).

**Фасли мим маъа сои мусалласа**

**МУСАННО** مثنی ду бор кардашуда ва дуввум гардонидашуда (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МАСВО** مثوی ҷои ором ва қарор (аз «Кашф» ва «Канз» ва «Мунтахаб»).

**МИСҚАБ** مثقب он чи бад-он дар чизе сурох кунанд; ба ҳиндӣ онро барма гуянд; ин сиғаи исми ола аст аз **сақб**, ки (ба фатҳ аст) ба маънии сурох кардан (аз «Мунтахаб»).

**МАСОЛИБ** مثالب айбҳо ва забуниҳо (аз «Мунтахаб»).

**МУСИБ** مثیب подошдиҳанда ва ба эътидоли мизоҷ бозоянда (аз «Мунтахаб»).

**МАСОБ** مثاب ҷои бозомадан ва ҷои анбуҳи об ва ҷои анбуҳи одамиён; ва ба зам (яъне **мусоб**)* роҳе ки дар кӯҳ бошад; ва ба маънии ҷазо ва подош ва савоб додашуда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУСБАТ** مثبت навишташуда ва собит кардашуда; ва ба фатҳи сои мусалласа ва бои муваҳҳадаи мушаддади мафтӯҳ (яъне **мусаббат**)* барқарор дошташуда (аз «Мунтахаб»).

**МАСУБАТ** مثوبت ба маънии ҷазои некӣ.

**МАСУБОТ** مثوبات ивазҳои некӣ ва ҷазои некӣ; ва ин *ҷамъи* **масуб** аст, ба маънии савоб додашуда; ва **савоб** ба маънии музди ибодат аст дар охират (аз «Кашф» ва ғайри он).

**МУСАЛЛАС** مثلث се кардашуда ва сето ва сегуша; ва номи хушбуи, ки қурсҳои онро сегуша месозанд, ва баъзе гуянд, ки он хушбуро **мусаллас** аз он гуянд, ки аз мушк ва сандал ва кофур мураккаб созанд; ва навъе аз шароб, ки баъди соф кардан севвум ҳиссаи ҳуи монда бошад; ва онро ба форсӣ **секи** номанд, чи дар асл **сеякӣ** буд, ва ба истилоҳи фуқаҳо навъе аз шароб ва он шираи ангур бошад, ки ду сулси он ба ҷушидан бисӯзад ва сулс бимонад; манофеъи он қариб ба хамр аст; ва ба истилоҳи аҳли луғат ба маънии лафзе, ки барои як маънӣ ҳарфи аввали он ро ба ҳар се ҳаракат, ки фатҳа ва зам ва касра аст, хондан саҳеҳ бошад; ва гоҳе *киноя аз* калимаи се ҳарфӣ бошад, чунонки лафзи меҳр **ва моҳ** (ماه ва مهر), ки ҳар як се ҳарф дорад; ва шакли димоғи инсон низ мусаллас аст, чунонки шаклаш дар фасли ҳои муҳмала маъа вов марқум шуд; ва **мусаллас** номи шаклест аз ашколи илми таъвизот се дар се, ки ҳама нуҳ хона дорад; ва он ба нисбати мурабба' муассиртар бошад; ва қавме аз насоро, ки ба се худо қоиланд; ва навъе аз ҷулуси адаб; ва номи шакле сегуша аз ашколи илми ҳандаса (аз «Мадор» ва «Туҳфат-улмуъминин» ва «Бурҳон» ва дигар кутуби луғат).

**МАСОЛИС** مثالث сеторҳо; ва гоҳе *киноя* бошад аз сози мутрибон.

**МУСМИР** مثمر меводоранда ва меваоваранда.

**МАСРАДИТУС** مثرديطوس ба забони юнонӣ давоест маъҷун; ва ин *мухаффафи* **Масравдитус** (ё **Масрудитус**) аст.

**МАСРАДТОС** مثردطاس *мурод аз* тоси калон, ки дар он арабон сарид мехуранд; ва **сарид** пораҳои нони дар шурбо тар кардашударо гуянд.

**МУСАЛЛАСИ МУТАСОВИЮЛАЗЛОЪ** مثلث متساوی الاضلاع шаклест сегуша аз ашколи илми ҳандаса, ки ҳар се хатти мустақими он баробар бошад (мисолаш бар ҳошия навишта мешавад); ва ба ҷиҳати тамиз




мусалласи **мутасовиюссоқайн** ва мусалласи **мухталифулазлоъ** низ бар ҳошия навишта мешавад.

**МУСАЛЛАСОТУЛАФЛОК** مثلثات الافلاک *мурод аз* буруҷи афлок аст, чаро ки минҷумлаи дувоздаҳ буруҷ се бурҷи оташианд; Ҳамал, Асад, Қавс; ва се бурҷи бодӣ: Ҷавзо, Мизон, Далв; ва се бурҷи хокӣ: Савр, Сунбула, Ҷадй; ва се бурҷи обӣ: Саратон, Ақраб, Ҳут.

**МИСҚОЛ** مثقال номи вазнест, ки чаҳору ним моша бошад (аз «Қашф» ва «Қарободин»-и Муҳаммад Шарифхони Шоҳиҷаҳонободӣ). Агарчи дар ин ихтилофи бисьёр кардаанд, магар аҳво ҳамин аст.

**МИСЕЛ** مثیل *имолаи* **мисол**.

**МИСОЛ** مثال шабеҳ ва назир ва тасвир; ва ҳукмномаи қозӣ; ва ба маънии монанд; ва фармони подшоҳӣ ва парвона ва мутлақ ҳукм; ва **олами мисол** оламест фурӯтар аз олами арвоҳ; ва он чи дар ин олами зоҳирист, мисли он дар **олами мисол** аст; ва хоб ки мебинанд онро сувари олами мисолӣ гуянд (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Қашф»).

**МИСЛ** مثل ба маънии монанд; ва ба фатҳатайн (яъне **масал**)* монанд; ва васфи ҳол ва достон ва қисса, ки машҳур шуда бошад; ва қисса ва ҳикояте, ки барои эзоҳи матолиб оранд (аз «Мунтахаб»); ва дар «Шарҳи Маснавӣ» навишта, ки **мисл** (билкаср) мусовӣ дар ҷамеъи сифотро гӯянд; ва **мисол**-ро мусовот дар ҷамеъи сифот шарт нест.

**МУСАММАН** مثمن ҳаштпаҳлу ва ҳаштгӯша кардашуда; ва гоҳе *киноя* бошад аз биҳишт, зеро ки биҳишт низ ҳаштанд.

**МУСАЛЛАСНИШОН** مثلث نشان дигаронро ба адаб пеши худ нишонанда, ай дузону нишонанда; ва зоҳир аст, ки дар ҳолати дузону нишастан шакли мусаллас зоҳир мешавад.

**МУСАЛЛАСИ ОТАШИН** مثلث آتشین *киноя аз* Ҳамал ва Асад ва Қавс.

**МАСОБАТ** ва **МАСОБА** مثابت و مثابه ин лафз барои ташбеҳ ояд, ба маънии монанд (аз «Қашф»); ва ин лафз дар ҳақиқат исми зарф аст, муштақ аз **савб** ва **савабон**, ки ба маънии бозгашт бошад, мисли **манзила**, ки аз **нузул** аст; пас таҷридкарда ба маънии мутлақи ҷой бошад; ва ба маънии ҳад ва мартаба мустаъмал мешавад.

**МИСОЛА** مثاله фармони подшоҳӣ ва маншур.

**МАСОНА** مثانه кисаи бавл, ки дар шикам мебошад.

**МУСЛА** مثله гӯшу бинӣ буридан ва уқубат кардан (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); лекин ин масдар ба маънии исми мафъул мустаъмал мешавад, чунонки **халқ** ба маънии махлуқ; ва дар баъзе кутуб ба маънии аъзо буридашуда ва пустбарканда ва мӯи тан барканда навиштаанд.

**МАСУБА** مثوبه ҷазои неки ва аҷри ибодат дар охират (аз «Суроҳ»).

**МАСОНӢ** مثانی дутоҳо; ва ба маънии сураи фотиҳа аз он ки дубора хонда мешавад дар ду ракъат; ва ба маънии тамоми Қуръони маҷид, ба сабаби иқтирони ояти раҳмат ва ояти азоб (аз «Суроҳ»); ва баъзе аз муҳаққиқон навишта, ки **масонӣ** *ҷамъи* **масно**-ст, ки (ба фатҳи мим ва сукуни сонӣ ва фатҳи нун бошад) маъдул аз **иснон**, ба маънии ду-ду; ё он ки **масонӣ** *ҷамъи* **мусанно** бошад, ки (ба замми мим ва фатҳи сонӣ ва ташдиди нуни мафтуҳ бошад) ба маънии тасния кардашуда.

**МАСНАВӢ** مثنوی мансуб ба **масно**, ки (ба фатҳи мим ва сукуни сои му-

салласа ва фатҳи нун ва алифи мақсура) исмест маъдул аз **иснайн**; **иснайн**, ки тарҷамаи он ба форсӣ ду-ду бошад; алифи мақсура мутобиқи қоида дар ҳолати илҳоқи ёи нисбат ба вов бадал карданд. Чун дар абьёти **маснавӣ** дар ҳар байт ду қофияи алоҳида бошад, лиҳозо абьёти мухталифулқавофиро **маснавӣ** ном карданд.

**МУСАЛЛАСИ БОДӢ** مثلث بادی иборат аз Ҷавзо ва Мизон ва Далв.

**МУСАЛЛАСИ ХОКӢ** مثلث خاکی иборат аз Савр ва Сунбула ва Ҷадӣ.

**МУСАЛЛАСИ ОБӢ** مثلث آبی иборат аз Саратон ва Ақраб ва Ҳут.

### Фасли мим маъа ҷим

**МУЧАЛКА** مچلکا лафзи туркист; ба маънии аҳдномаи муҷримон.

**МУҶРО** مجرا равон кардан ва ҷои равон кардан ва равон кардашуда; ва билфатҳ (яъне **маҷро**)* ҷои равон шудан ва ҷои ҷорӣ шудан; ва номи ҳаракати равӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Шамс-ул-улум»); ва ба расмулхатти арабӣ дар охири ин лафз алифи мақсура ба сурати ё (яъне مجری)*-ст; ва ба истилоҳи баъзе мутааххирини Ҳиндустон мулоқоти умаро ва салом ва таслимотро гӯянд.

**МУҶТАБО** مجتبی баргузидашуда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МИҶАСТИКУШО** مجسطی‌کشا касе ки ҳалли масоили китоби «Миҷастӣ» нумояд (аз «Бурҳон»).

**МУҶОЗО** مجازا *мухаффафи* **муҷозот**, ба маънии якдигариро ҷазо додан ва бадла додан; ва ин тасарруфи форсиён аст, чунонки *мувосот* ва *мудоротро* *мувосо* ва *мудоро* гӯянд (аз «Ҳиёбон»).

**МУҶАЗЗО** مجزا пора-пора кардашуда ва ҷузв-ҷузви алоҳида кардашуда.

**МАҶОЗИБ** مجاذیب кашидашудагон ва рабудашудагон; ва ин *ҷамъи* **маҷзуб** аст (аз «Мунтахаб»).

**МУҶИБ** مجیب ҷавобдиҳанда ва қабулкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУҶОБ** مجاب ҷавоб додашуда ва қабул кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУҶТАНИБ** مجتنب аз чизе дурикунанда (аз «Қанз»).

**МУҶАРРАДОТ** مجردات иборат аз уқули ашара; ва назди баъзе арвоҳ ва малоик.

**МУҶМАЛОТ** مجملات оёте, ки маънии он муҳтоҷ бар тафсил бошад.

**МАҶҲУРОТ** مجهورات назди қориён ҷумлаи ҳуруфи таҳаҷҷӣ нузда ҳарф аст, сивои даҳ ҳуруфи мa муса.

**МУҶОНАБАТ** مجانبت аз чизе дур шудан ва аз коре як сӯ шудан (аз «Мунтахаб»).

**МАҶОАТ** مجاعت гуруснагӣ (аз «Мунтахаб»).

**МУҶОМАЛАТ** مجاملت накӯӣ кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУҶОНАСАТ** مجانست ҳамҷинсӣ ва ҳамқавмӣ.

**МУҶОВАРАТ** مجاورت қурб ва ҳамсогӣ.

**МАҶИЙЯТ** مجیت ба маънии омадан.

**МУҶОЛАСАТ** مجالست ҳамнишинӣ.

**МУҶОБОТ** مجابات суханҳои ҷавоб додашуда.

**МУҶОЗОТ** مجازات подош додан ва ҷазо додан дар некию бадӣ (аз «Қанз» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**МУҶТАС(С)** مجتث ба маънии аз бех баркандашуда; ва номи **беҳрест** аз нуздаҳ буҳури шеър, чаро ки **иҷтисос** аз бех баркандан аст; чун мусаддас ин баҳрро, ки «мустафъилун фоилотун» аст, аз баҳри хафиф барканда гирифтаанд, зеро ки дар аркони ин ҳар ду баҳр ихтилоф ҳамин аст, ки дар ин баҳр «мустафъилун» муқаддам аст бар ду «фоилотун» ва дар хафиф дармиён аст; ва аз музоҳифоти ин баҳр вазни аксар ояд: «мафоилун, фаилотун, мафоилун, фаилоту».

**МАҶ(Ҷ)** مج мош, ки ғаллаи маъруф аст (аз «Мунтахаб»); ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **муҷҷ** (биззам ва ташдиди ҷим) *муарраби* мунг, ки ба ҳиндӣ ба маънии моши сабз аст.

**МУҶАННАҲ** مجنح бар вазни **муфарраҳ**; соҳиби ҷаноҳ, яъне соҳиби бозу.

**МУҶТАҲИД** مجتهد ҷаҳдкунанда ва иҷтиҳодкунанда ва роҳи савоб пайдокунанда.

**МАҶИД** مجيد бузургвор ва гиромӣ (аз «Сурох»).

**МУҶАММАД** مجمد чизи ракик, ки аз сардӣ баста шуда бошад (аз «Латоиф»).

**МАҶҲУД** مجهود иститоат ва қудрат кардашуда ва кӯшиш кардашуда.

**МУҶААД** مجعد мӯи марғул.

**МУҶАДДИД** مجدد аз сари нав кунандаи коре; ва ба фатҳи дол (яъне **муҷаддад**)* аз сари нав пайдо кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАҶДУД** مجدود соҳиби бахт ва рӯзӣ; ва номи ҳаким Саноӣ (аз «Мунтахаб»).

**МУҶОҲИД** مجاهد ба кофирон корзоркунанда ва кӯшишкунанда.

**МАҶД** مجد бузургӣ ва бузургвор шудан; ва ба заммӣ мим ва касри ҷим ва ташдиди дол (яъне **муҷидд**)* кӯшишкунандагон дар коре (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУҶАРРАД** مجرد танҳо ва торики дунъё ва марди безан; ва ба истилоҳи ҳукамо чизе аз мумкинот, ки муназзаҳ ва модда бувад, чун уқул ва нуфус, ки аҳли шаръ малоика ва арвоҳ хонанд.

**МИҶМАР** مجمر он чи дар он уд сузанд ва зугол афрӯзанд (аз «Кашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Қомус» ва «Сурох» ва «Ҳалл-ул-луғот»); ва дар «Мунтахаб» билкаср ва биззам (яъне **миҷмар** ва **муҷмар**)* номи шакли сездаҳум аз понздаҳ ашколи ҷанубӣ, кавокибаш ҳафт аст.

**МУҶИР** مجير ба маънии дастгир ва паноҳдиҳанда (аз «Латоиф»).

**МУҶАДДАР** مجدر бар вазни мунаввар; он ки обила дар обила дошта бошад; ва *маҷозан* ба маънии мунаққаш; ин сиғаи исми мафъул аст аз **таҷдир**, маъхуз аз **ҷадар** (ба фатхатайн), ки ба маънии нишони газидани шутур, ки бар гардани шутур ва хар бошад (казо фил — «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАҶЗУР** مجذور дар истилоҳи ҳисоб мазрубе, ки ба зарб ҳосил ояд, масалан дуро дар ду зарб карданд, чаҳор ҳосил шуд; ин чаҳорро маҷзур мегӯянд (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**МУҶОВИР** مجاور ҳамсоягикунанда.

**МАҶБУР** مجبور баъд аз шикастагӣ басташуда; ва ба зӯр бар коре доштащуда (аз «Мунтахаб»).

**МУҶТОЗ** مجتاز гузоштащуда ва таҷовузкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МАҶОЗ** مجاز роҳ ва ҷои гузаштан ва зидди ҳақиқат; ва ба маънии калимае, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ мустаъмал шавад ва маънии мавзӯъи ҳақиқии он матрук нашуда бошад, балки дар маънии мавзӯъ ва ғайри мавзӯъ лаҳ алоқаи мушобаҳат ё зарфийят ё сабабийят ва ғайри он мутаҳаққиқ бошад, чунончи: **хар** дар асл ба маънии ҳайвони ноҳиқ аст ва ба алоқаи мушобаҳат, ки ҳамоқат бошад, бар марди аҳмақ итлоқ кунанд; ва алоқаи зарфийят, чунончи: **хон хостанд**, яъне таом хостанд; ва алоқаи сабабийят, чунончи итлоқи шамс бар завъ (зуъ) ва итлоқи кул бар ҷузв, масалан аномилро асобеъ гуфтан, чунончи: *«яҷъалуна асобеъаҳум фӣ азониҳим»*; ва итлоқи ҷузв бар кул, масалан тамоми сураи фотиҳаро «алҳамд» гуфтан; ва итлоқи олат_ ушшайъ бар он шайъ, масалан ҳуруф ва хатро қалам гуфтан ва каломро забон; ва тасмиятушшайъи биисми мо яъулу илайҳи, мисли шираи ангурро шароб гуфтан, қавлаҳу таоло *«инни арони аъсару хамран»*; ва тасмиятушшайъи биисми мокон, чунончи: ятим гуфтан касеро баъди булуғ; ва тасмиятушшайъи биисми моддатихи, чунончи: теғро оҳан гуфтан ва ало ҳазалқиёс; чун баёни ақсоми маҷоз холӣ аз татвил ва такаллуф набувад барои мисоли он ба ҳамин қадар писанд нумуд.

**МУҶАВВИЗ** مجوز раводорандаи коре; ва ба фатҳи вов (яъне **муҷавваз**)* таҷвиз кардашуда ва раво доштащуда (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МУҶОҲИЗ** مجاهز сохтагикунанда ва асбобдоранда.

**МАҶАС(С)** مجس ҷои даст ниҳодани табиб бар набзи бемор (аз «Мун-

тахаб»); ва дар «Сурох» ба касри мим ва фатхи чим (яъне **мичасс**)*.

**МАЧЛИС** مجلس чои нишастан; ва ба фатхи лом (яъне **мачлас**)* нишастан (аз «Мунтахаб»).

**МАЧОЛИС** مجالس *чамъи* **мачлис.**

**МАЧЛИСНАВИС** مجلس نویس хузурнавис, яъне вокеъанависи дарбори подшохӣ.

**МАЧУС** مجوس қавми оташпараст, ки аз тобеъони Зартуштанд (аз «Бурхон»); ва дар «Мунтахаб» парастандагони мох ва офтоб ва оташ; **мачусӣ** вохиди он; ва дар «Комус» ва «Рисолаи муарработ» навишта, ки **мачус** *муарраби* **манчгӯш**, яъне сағирулузн; чун возеъи дини мачус марди хурдгӯш буд, лихозо чунин гуфтанд.

**МУЧАССИС** مجصص гач кардашуда (аз «Латоиф»).

**МАЧОМЕЪ** مجامع чохои чамъ шудан.

**МИЧДОФ** مجداف чубе пахни сепахлу, ки бар пахлуи киштӣ мебанданд ва каштиро ба он меронанд; ба хиндӣ онро пата гӯянд (аз «Мунтахаб» ва шархи «Нисоб»).

**МУЧАВВАФ** مجوف бар вазни **мушарраф**; ба маънии чизе ки чавф кардашуда бошад ва аз андарун холи бошад.

**МУЧАФФИФ** مجفف хушккунанда (аз «Канз»).

**МАЧХУЛ** مجهول нодонисташуда ва навъе аз феъл, ки фоили он маълум набошад.

**МАЧОЛ** مجال чои чавлон кардан, ки майдон бошад; ва масдари мимӣ ба маънии чавлон; ва *мачозан* ба маънии кудрат ва токат мустаъмал (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МУЧМАЛ** مجمل фарохамоварда ва дархамкарда ва ояи карима, ки маънии он мухточ ба тафсил бошад (аз «Мунтахаб»).

**МАЧБУЛ** مجبول офаридашуда ва табъӣ ва чибиллат кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАЧЗУМ** مجذوم касе ки онро бемории чузом бошад; ва он иллатест, ки хун фосид шуда аъзои сағор мерезанд.

**МАЧЗУМ** مجزوم мактӯъ ва буридашуда; ва ба маънии якин кардашуда

**МАЧЧОН** مجان муфт ва харза ва ройгон (аз «Мунтахаб» ва шархи «Нисоб»).

**МУЧУН** مجون бебоки кардан ва шухи ва хазл (аз «Мунтахаб»).

**МИЧАН(Н)** مجن сипар, ки панохи захми теғу табар аст (аз шарх).

**МАЧНУН** مجنون чунунзада ва девона, ва лақаби Қайс, ки ошиқи Лайли буд (аз «Мунтахаб»).

**МАЧОНИН** مجانین девонагон; ва он *чамъи* **мачнун** аст.

**МАЧМАЪУЛБАХРАЙН** مجمع البحرین чое ки дар он ду дарьё чамъ шуда бошанд; ва номи макоме, ки Мусо ва Хизр алайхимуссалом дар он мулокот кардаанд; ва он чоест, ки он чо дарьёи Рум ва дарьёи Форс чамъ шудаанд.

**МАЧЗУ** مجزو бахри мусаддасест, ки дар асл вазъи мусамман бошад; онро мачзу гӯянд ба эътибори дур кардани чузве аз он.

**МУЧОХАДА** مجاهده ранч ва машаккат ва кушиш ва бо кофирон чанг кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУЧАННАДА** مجنده чамъ кардашуда ва чои чамъ шудан; аз **тачнид**, ки ба маънии лашкар чамъ кардан аст (аз «Мунтахаб» ва «Мадор»); ва *мачозан* ба маънии помол, чаро ки чои чамъ шудани лашкарро помолӣ зарур аст.

**МУЧМАЪАЛАЙХ//МУЧМАЪ АЛАЙХИ** مجمع علیه ичмоъ кардашуда бар он, яъне муттафак алайхи.

**МИЧАННА** مجنه номи бозоре кариб ба Маккаи муаззама (аз шархи «Нисоб»).

**МУЧОВАБА** مجاوبه касеро чавоб додан (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МИЧАРРА** مجره Кахкашон; ва он хатти сифед аст, ки ба шаб дар осмон дида мешавад (аз «Мунтахаб»).

**МИЧАСТӢ** مجسطی номи китобест дар илми риёзӣ муштамил бар далоил ва усули ашколи илми хандаса; мучиди он Батлаймус аст; ва дар асл номи илмест ба хайъати афло-

ку замин ва мақодири ҳаракот ва каммийяти абъод ва аҷром; ва ба забони юнонӣ ба маънии тартиб аст, зеро ки ин илм пеш аз Батлаймус бад-ин тартиб набуд; ва баъзе навишта, ки аз ҳаким Уқлидис аст; ва билфеъл, ки «Миҷастӣ» мавҷуд аст, тарҷумаи он аст, ки Насируддини Тусӣ таҳрир карда.

**МУҶАЛЛӢ** مجلی рушанкунанда; ва номи аспи аввал, кӣ аз ҳама аспони риҳон пештар бошад; ва маъмули суворони Араб чунон буд, ки дар майдони муъораза омада, гурӯҳҳо (гаравҳо) баста, ба ҷиҳати имтиҳон ҳама аспонро баробар истода карда, якборагӣ ба ҳам метохтанд. Ҳар аспе, ки аз ҳама аспон пеш шавад, онро муҷаллӣ гӯянд ва ҳар ки ақиби у бошад, онро **мусаллӣ** номанд, аз **таслия**, ки ба маънии сурин гирифтан аст; ва намозеро, ки мусаллӣ гӯянд аз он ҷиҳат аст, ки дар суҷуд сурин бармедорад; чун аспи дуввум сари худро дар сурини аспи аввал ниҳода, мусаллӣ гӯянд; ҳар ки пас аз мусаллӣ бошад, онро мусаллӣ (مسلی) хонанд; ва аз ин тартиб чаҳорумро **толӣ** ва панҷумро **миртоҷ** (билкаср) ва ало ҳазалқиёс, то даҳдувоздаҳро ном аст ва боқиро нест, чунончи дувоздаҳумро, ки аз ҳама пас бошад, онро **фискил** номанд ва **тоскит**, ки аспи даҳум бошад, ҳама аҳли луғат муттафиқанд ва дар сиҳҳати **қошур** ва **фискил**, ки ёздаҳум ва дувоздаҳум бошад, шак кардаанд (аз шурӯҳи «Нисоб»); ва ба замми мим ва фатҳи ҷим ва ломи мушаддади мафтуҳ (яъне **муҷалло**)* ҷало додашуда ва рушан ва ошкоро кардашуда; ва ба фатҳи мим ва сукуни ҷим ва фатҳи лом (яъне **маҷло**)* сиғаи исми зарф, ба маънии ҷои зидудан ва рушон ва ошкоро кардан.

**МАҶОЗӢ** مجازی мансуб ба **маҷоз**, яъне ғайри ҳақиқӣ; ва ба замми мим (яъне **муҷозӣ**)* ҷазодиҳанда ва подошдиҳанда (аз «Кашф»).

**МАҶОЛӢ** مجالی *ҷамъи* **маҷло**-ст, ки (ба фатҳи мим ва фатҳи лом) сиғаи исми зарф аст, ба маънии ҷои ҷало, ки ойина бошад; пас **маҷолӣ** ба маънии ойинаҳост; ва ба маънии ҷоҳои ҷилва.

**МАҶОРӢ** مجاری ҷоҳои ҷорӣ шудани чизе ва роҳҳои равон шудани чизе.

**МАҶӢ** مجی ба маънии омадан (аз шарҳи «Нисоб»).

**Фасли мим маъа ҳои муҳмала**

**МУҲОБО** محابا дар асл **муҳобот** аст, ки форсиён ба ҳазфи то истеъмол кунанд, ба маънии фуру гузоштан ва мурувват ва иъонат ва сулҳ ва нигаҳдошт ва лиҳоз (аз «Мунтахаб» ва «Музил» ва «Кашф» ва «Мадор»).

**МУҲОКО** محاکا *мухаффафи* **муҳокот**, ки ба маънии бо ҳам сухан гуфтан аст (аз «Мунтахаб»).

**МИҲЗО** محذی олатест, ки бад-он чармдузон чармро қатъ кунанд; ба ҳиндӣ рапнӣ гӯянд (аз шарҳи «Нисоб»)[194].

**МУҲАЛЛО** محلی ороссташуда ва зевар додашуда ва сифат кардашуда; ва *маҷозан* ба маънии чеҳра ояд (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Канз»).

**МУҲАЙЁ** محیا ба маънии чеҳраи инсон ва ғайри он; ва дар охири ин лафз алифи максура ба сурати ё (яъне محیی)* ҳам менависанд.

**МУҲАММАД ПИСАРИ ЯҲЁ** محمد پسر یحیی имом Муҳаммади Ғазолӣ раҳматуллоҳи алайҳи.

**МУҲИБ(Б)** محب дустдоранда.

**МЕҲРОБ** محراب хона ва садри маҷлис ва тоқи даруни масҷид, ки ба тарафи қибла бошад; чун тоқи мазкур олаи ҳарби шайтон аст, лиҳозо **меҳроб** ном кардаанд.

**МАҲСУБ** محسوب ба шумор овардашуда.

**МИҲЛАБ** محلب зарфе бошад, ки шир дар он душанд; ва низ номи дарахтест хушбудор, ки тухми онро ҳаббулмиҳлаб гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**МУҲТАСИБ** محتسب наҳйкунанда аз чизҳое, ки дар шаръ мамнуъ бошад ва башуморсроранда (аз «Мунтахаб»).

**МУҲТАҶИБ** محتجب дар парда шаванда ва пушида ва пинҳоншаванда.

**МАҲМИДАТ** محمدت ситоиш (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУҲСАНОТ** محصنات *ҷамъи* **маҳсана**; он чи нек дошта шуда бошад; ва ба маънии накуиҳо мустаъмал.

**МУҲОМАЛАТ** محاملت бо ҳам бор бардоштан.

**МУҲТАҶИБОТ** محتجبات занони пардаnишин.

**МУҲОРАБОТ** محاربات ҷангҳо ва корзорҳо.

**МУҲОКАМОТ** محاکمات *ҷамъи* **муҳокама**, ки ба маънии рафъ нумудани хусумат аст.

**МУҲКАМОТ** محکمات оёти зоҳирулмаонӣ, яъне оёте, ки маонии он сареҳ бошад бар як ваҷҳ.

**МУҲОКОТ** محاکات бо ҳам ҳикоят кардан (аз «Мунтахаб»).

**МАҲАББАТ** محبت ба фатҳ саҳеҳ аст; ва он чи ба зам (яъне **муҳаббат**)* машҳур аст, ғалат; чи масдари мимӣ аз сулосии муҷаррад ба замми аввал мустаъмал нашуда (аз таҳқиқоти Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ).

**МУҲОЗОТ** محاذات бар вазни **мулоқот**; муқобала ва рӯ ба рӯ шудан ва дар баробари ҳам шудани чизе ба чизе дигар (аз «Мунтахаб»).

**МУҲАЙЁТ** محیات ҷамоъати зинда кардашуда.

**МУҲОЗАРОТ** محاضرات маълумот ва ёддоштташудаҳо ва суханҳои мувофиқи ҳол ва ҳикоёти салаф муносиби мақом, яъне илми таворих; ва ба маънии ҳозир шуданҳо низ омада.

**МУҲОВАРАТ** محاورت посух додан.

**МУҲОВАРОТ** محاورات ҳамкаломиҳо.

**МАҲМУЛ БИЛМУВОТОТ** محمول بالمواطات ба истилоҳи мантиқ хабар будан аз шайъ биловоситаи калимаи дигар, яъне бидуни таркиби калимаи дигар, чунончи: зориб дар *«Зайд зориб»*; ва дигар **маҳмул билиштиқоқ** бошад ва ин маҳмул аст ба воситаи калимаи дигар, чунончи: лафзи мол дар *«Зайд зумол»*, ки маҳмул аст ба воситаи **зу**.

**МУҲОМОТ** محامات аз касе дафъ кардан чизеро ва нигоҳ доштан (аз «Суроҳ»).

**МУҲОВАЛАТ** محاولت талаб кардан ва хостан.

**МУҲДИС** محدث нав пайдокунанда; ва ба фатҳи дол (яъне **муҳдас**)* нав пайдокардашуда ва бевузугардида; ва ба замми мим ва фатҳи ҳо ва ташдиди доли максур (яъне муҳаддис)* донандаи илми ҳадис ва ахбори набавӣ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**МАҲЛУҶ** محلوج пунбаи аз дона пок кардашуда.

**МУҲ(Ҳ)** مح зардаи тухми мурғ (аз «Қанз»).

**МАҲОМИД** محامد ситоишҳо ва хислатҳои нек; ин *ҷамъи* **маҳмидат** аст.

**МАҲМУД** محمود ҳамд кардашуда; ва номи подшоҳест; ва номи филест аз афёли Абраҳа, ки ба ҷиҳати ҳадми Қаъба оварда буд; ва номи шахсе, ки аз машоҳири масхараґони Эрон буд ва дар аҳди Акбар дар Ҳинд омада (аз «Мунтахаб» ва «Мусталаҳот»).

**МУҲАММАД** محمد саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдманоф ибни Қусай ибни Қилоб ибни Мурра ибни Қаъб ибни Лувай ибни Ғолиб ибни Фиҳр ибни Молик ибни Назар ибни Канона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Ильёс ибни Музар ибни Низор ибни Миадд ибни Аднон то ин ҷо билиҷмоъ аст; ва баъдуҳу мухталаф фиҳи ван-Назар ҳува Абуқурайши фӣ қавлилҷумҳур Мутталиб (ба замми мим ба тои мушаддад) ва Маноф (ба фатҳи мим) Қусай (ба сиғаи тасғир), Қилоб (ба каср), Мурра (биззам ва ташдид), Лувай (тасғир), Фиҳр (билкаср), Назар (ба фатҳатайн), Хузайма (сиғаи тасғир), Музар (ба замми мим ва фатҳи муъҷама), Низор (ба каср), Миадд (билкаср; аз Қирмонӣ «Шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ»); ва маънии лафзи Муҳаммад бисьёр ситудашуда (аз «Мунтахаб»).

**МЕҲВАР** محور сиғаи исми ола аз ҳавр (билфатҳ), ки ба маънии гирд гаштан аст; ва ба маънии тири чарх, ки чархи дулоб бад-он мегардад; ва ба истилоҳи риёзӣ хатест

мавҳум, ки як сари он ба қутби шимолӣ ва як сари он ба қутби ҷанубӣ пайваста аст (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МУҲАЙЙИР** محير номи пардаи мусиқӣ, мувофиқи тудӣ-и Ҳинд (аз «Мадор» ва ғайри он); ва баъзе гӯянд, ки пардаи «Ҳусайнӣ»-ст.

**МАҲАЛЛИ НАЗАР** محل نظر мақоми фикр; ва *киноя аз* ҷои эътироз.

**МУҲТАКИР** محتكر ғаллафурӯш, ки ба нийяти гиронӣ ғалларо нигоҳ дорад.

**МАҲРУР** محرور гармимизоҷ ва лоғар (аз «Мунтахаб»).

**МАҲШУР** محشور ҳашар кардашуда, яъне рӯзи қиёмат барангехташуда.

**МАҲЗАР** محضر сиҷилли қозӣ ва ҳузур ва ҳозир шудан ва ҷои ҳозир омадан ва вақти ҳозир омадан; ва **некмаҳзар** касе ки ғоибро ба некӣ ёд кунад.

**МУҲАРРИР** محرر нависанда ва озодкунанда; ва ба фатҳи рои аввал (яъне **муҳаррар**)* навишташуда ва озод кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАҲШИР** محشر мутлақ ҷои гирд омадани мардум дар рӯзи қиёмат; ва ин лафз ба фатҳи шин (яъне **маҳшар**)* низ омада (аз «Суроҳ» ва «Қомус» ва «Мунтахаб» ва тарҷамаи «Мақомоти Ҳарирӣ»).

**МАҲЗУР** محذور он чи аз он тарсида шавад (аз «Мунтахаб»).

**МАҲЗУР** محظور ҳаром кардашуда ва манъ кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУҲТАРИЗ** محترز эҳтирозкунанда, яъне парҳезкунанда ва хешро нигоҳдоранда (аз «Латоиф»).

**МАҲБИС** محبس ҷои ҳабс ва зиндон.

**МАҲСУС** محسوس дониста ва дарёфтшуда ба яке аз ҳавосси хамса; ва ба маънии ошкоро (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МАҲРУС** محروس нигоҳ доштašуда.

**МАҲШУШ** محشوش сӯхташуда ва олудашуда ва макруҳ; маъхуз аз **ҳашш** (билфатҳ ва ташдид), ки ба маънии афрӯхтани оташ; ва часпонидани пари тир; ва бироз ва қазои ҳоҷат аст, чунонки дар «Суроҳ» ва «Қомус» ва «Мунтахаб» аст.

**МАҲИС** محيص бар вазни **фаъил**; гардидани чизе ва растгорӣ ёфтан ва халос гардонидан (аз «Латоиф»).

**МУҲАРРИС** محرص дар ҳирс ва оз андозанда; ва ба фатҳи ро (яъне **муҳаррас**)* дар ҳирс ва оз андохташуда.

**МУҲАРРИЗ** محرض варғалонанда ва касеро бар ҷанг ангезанда; ва ба фатҳи ро (яъне **муҳарраз**)* варғалонидашуда ва бар ҷанг ангехташуда.

**МАҲИЗ** محيض бар вазни **фаъил**; ҳолати ҳайз (аз «Латоиф»).

**МАҲЗ** محض шири холис ва ҳар чизи холис (аз «Мунтахаб»).

**МУҲИТ** محيط даргиранда ва иҳотакунанда ва дарьёи Шӯр, ки тамоми заминро иҳота кардааст; ва номи китоб аз имом Муҳаммад дар фиқҳ (аз «Мунтахаб»).

**МАҲЗУЗ** محظوظ баҳраманд ва бахтвар (аз «Мунтахаб»).

**МУҲТАЗ(З)** محتظ баҳраёб; ва *маҷозан* ба маънии хуш ва масрур.

**МАҲФУФ** محفوف гирдогирд гирифташуда (аз «Мунтахаб»).

**МАҲЗУФ** محذوف буридашуда ва аспи думбурида (аз «Мунтахаб» ва «Мадор»); ва ба истилоҳи арӯз рукне, ки аз охири он сабаби хафиф, ки ду ҳарф бошанд, андохта бошанд, чун аз **мафоийлун** лун биандозанд, мафоӣ бимонад, **фаӯлун** ба ҷои он ниҳанд.

**МУҲАРРАФ** محرف баргардонидашуда аз ростӣ, яъне каҷ; ва ба касри ро (яъне **муҳарриф**)* баргардонанда аз ростӣ, яъне каҷкунанда.

**МУҲТАРИФ** محترف ҳампеша.

**МУҲТАРИҚ** محترق сӯхташаванда ва сӯхта (аз «Мунтахаб»).

**МУҲАҚҚИҚ** محقق таҳқиқкунанда ва он ки суханро ба далел собит кунад ва мудаққиқ он ки далелро ба далел собит кунад; ва ба истилоҳи суфия касе ки бар ӯ ҳақиқати ашьё камоянбағӣ мункашиф гашта бошад. Ва ин маънӣ касеро муяссар аст, ки аз ҳуҷҷат ва бурҳон

гузашта, ба мартабаи кашфи илоҳӣ расида бошад ва ба айнулъиён мушоҳада нумуда бошад, ки ҳақиқати ҳама ашьё ҳақ аст ва ба ғайр аз вуҷуди воҳиди мутлақ мавҷуде дигар нест; ва мавҷудияти ашьёи дигар ба ҷуз изофат беш нест (аз «Латоиф»); ва дар сурате, ки қофи аввалро мушаддади мафтӯҳ (яъне **муҳаққақ**)* хонанд, ба маънии он чиз, ки таҳқиқ шуда бошад; ва номи хатте аз шаш хат, ки Ибни Муқла онро вазъ кардааст.

**МАҲҚУҚ** محقوق рост ва дуруст кардашуда (аз «Латоиф»).

**МАҲҚ** محق ботил кардан; ва пок кардан; ва коҳидан ва коҳонидан; ва сухтани гармо чизеро; ва ба замми мим ва касри хо (яъне **муҳиқ**)* он ки ҳақ ба ҷониби ӯ бошад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва ба маънии амри маъқул.

**МУҲОҚ//МИҲОҚ//МАҲОҚ** محاق костани моҳ; ва ибтидои он аз шаби понздаҳум бошад; ва ба маънии се рӯзи охири моҳ, ки дар он айём моҳ нопадид мешавад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Мадор»).

**МУҲРИҚ** محرق сузонанда[195]; ва ба фатҳи ро (яъне **муҳрақ**)* сузонидашуда.

**МАҲАҚ//МИҲАҚ** محك ба маънии санги заркаш, ки сиёҳ бошад ва бар он озмоиши зар кунанд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Мадор»).

**МИҲРОҚ** محراك бисьёр ҳаракатдиҳанда ва бисьёр афсункунанда; ва яке аз номҳои Исрофил алайҳиссалом (аз «Латоиф»).

**МАҲОФИЛ** محافل *ҷамъи* **маҳфил,** ки ба маънии ҷои ҷамъ шудани мардум аст; маъхуз аз **ҳафл** (билфатҳ), ки ба маънии гирд омадан аст (аз «Сурох»).

**МУҲОЛ** محال амри нобудани, ки будани он мумкин набошад; ва ба фатҳи аввал (яъне **маҳол**)* ҷохои фуруд омадан ва ҷохои кушодан мустаъмал мешавад; ва ба маънии мутлақ ҷой; дар ин сурат *ҷамъи* **маҳалл** аст; ва **маҳол** (ба фатҳ) дар асл **маҳолил** буд, ломро дар лом идғом карданд, **маҳол** шуд; ва **миҳол** (ба касри мим ва тахфифи лом) макру ҳила (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Мадор»).

**МАҲЛУЛ** محلول ҳал кардашуда.

**МУҲТАМАЛ** محتمل эҳтимол кардашуда.

**МАҲМИЛ** محمل каҷова, ки бар шутур банданд ва ҳавдаҷ; ва ин сиғаи исми зарф аст аз **ҳамл** (билфатҳ), ки ба маънии бор бардоштан аст.

**МУҲОВАЛ** محاول гирдгарданда ва каволакунанда.

**МУҲАҶҶАЛ** محجل аспи сурхранг ё сиёҳ, ки ҳар чаҳор пои ӯ сифед бошад (аз «Мунтахаб»).

**МУҲАССИЛ** محصل таҳсилкунанда ва бисьёр ҳосилкунанда; ва ба ташдиди соди мафтӯҳ (яъне **муҳассал**)* ҳосил кардашуда; ва ба фатҳи мим ва сукуни ҳои муҳмала ва соди муҳмала (яъне **маҳсал**)* ҷои ҳосил шудан.

**МУҲИЛ** محيل ҳилагар.

**МУҲАВВИЛ** محول бар вазни **мусаввир** (ба вови максур); гардонанда ва ҳавола ва супурдкунанда; ва ба фатҳи вови мушаддад (яъне **муҳаввал**)* супурд кардашуда.

**МАҲМУЛ** محمول ба маънии мазнун, яъне гумон кардашуда ва бор бардошташуда; ва ба истилоҳи мантиқиён ба маънии хабар, ки дар муқобалаи мубтадост; ва ин **маҳмул** *муқобили* **мавзӯъ** мебошад; ва мантиқийин мубтадоро мавзӯъ гӯянд, чунончи: «алинсону ҳайвонун»; пас инсон мавзӯъ аст ва ҳайвон маҳмул аст.

**МАҲТУМ** محتوم воҷиб кардашуда ва ҳукм кардашуда.

**МУҲТАШИМ** محتشم соҳиби ҳадам ва ҳашам.

**МУҲАРРАМ** محرم ба сиғаи исми мафъул ҳаром кардашуда ва ҳаром дошташуда; ва номи моҳ; чун дар ин моҳ дар айёми ҷоҳилият қитол бар мардум ҳаром будааст, лиҳозо моҳи мазкур ба ин исм мусаммо гардид (аз «Рисолаи нуҷум» ва дигар кутуб); ва ба замми мим ва касри рои мухаффафа (яъне **муҳрим**)* касе ки эҳроми ҳаҷ баста; ва ба маънии дар ҳарам раванда; ва ба фатҳ ва рои мафтӯҳ (яъне

маҳрам)* он ки дар ҳарам роҳ ёбад ва бо вай никоҳ ҳаром бошад; ва *маҷозан* ба маънии воқифи кор низ ояд (аз «Қашф» ва «Сурох» ва «Мадор»).

**МИҲАН** محن *ҷамъи* **меҳнат**; ва билфатҳ ва сукуни ҳо (яъне **маҳн**)* ба маънии озмудан (аз «Қашф» ва Мадор»).

**МАҲЗУН** محزون андуҳгин.

**МИҲЧАН** محجن чавгон (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУҲЗАРУН** محضرون ҳозиршудагон (аз «Латоиф»).

**МУҲСИН** محصن марде ки зан кунад (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**МУҲЙИУДДИН** محیی‌الدین ва ба замми мим ва фатҳи ҳо ва ташдиди ёи максур (яъне **Муҳайййиддин**)* низ саҳеҳ [196].

**МАҲОСИН** محاسن накуиҳо; ин *ҷамъи* **ҳусн** аст, хилофи киёс; ва ба маънии риши мардон низ (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МАҲВ** محو сутурдан ва зоил кардан ва пок кардан ҳуруф ва нуқушро аз лавҳ ва ҷуз он; ва низ номи мавзеъест ва сиёҳии моҳ; ва ба истилоҳи суфиён кам ва нобуд ва зоил ва маъдум шудани авсоф ва одоти башарӣ; ва форсиён ба маънии шефта ва ошиқ ва девона низ меоранд (аз «Латоиф» ва «Чароғи ҳидоят» ва ғайри он).

**МАҲШУВ(В)** محشو оғанда ва пур кардашуда ва мамлув; форсиён ба тахфиф (яъне **маҳшув**)* низ меоранд.

**МАҲБАРА** محبره давот (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» ба ин маънӣ билкаср (яъне **миҳбара**)* аст; ва *маҷозан* ба маънии қаламдон низ омада.

**МАҲАФФА//МИҲАФФА** محفه ба маънии ҳавдаҷмонанд чизе, ки каҳорон бар душ баранд (аз «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**МАҲАЛЛА** محله ҷои фуруд омадан ва манзил ва мақоми мардум (аз «Муайид» ва «Қашф»); ва ба зам (яъне **муҳалла**)* хатост.

**МУҲАВВАТА** محوطه ҷои иҳота кардан ва ҷои нигоҳ доштан ва ҷои гирд овардан; ва ин сиғаи исми зарф аст аз боби тафъил, ки дар у ҳарфи иллат аст, сивои лом калимаи *таълил* ва *табдил* намепазирад; ва ба фатҳи мим ва сукуни хо (яъне **махвата**)* ғалат аст; чи саҳеҳ доштани ҳарфи иллат дар сиғаи зарф аҷваф аз сулосии муҷаррад бидуни мавонеъ собит нашуда; ё он ки дар асл **маҳут** беҳ буда бошад (ба фатҳи мим ва замми ҳо ва сукуни вов), ки аз касрати истеъмол силаи ҳо ҳазф шуда фақат **маҳут** ба маънии исми зарф мустаъмал шудааст.

**МЕҲРОБГАҲ** محرابگه иборат аз масҷид.

**МУҲОРАБА** محاربه бо касе ҷанг ва корзор кардан.

**МУҲОКАМА** محاکمه назди ҳоким рафтан барои дафъи хусумат ва мунсифшуда ва дафъи хусумат нумудан (аз «Сурох»).

**МАҲКАМА** محکمه ҷои хукм кардани қозӣ.

**МАҲҶУБА** محجوبه зане парданишин ва ҷубе ки дар паси дарвоза мениҳанд (аз «Қашф»).

**МУҲИЛА** محیله зани ҳилакунанда.

**МУҲОФА** محافه чизест монанди ҳавдаҷ, ки занон дар он сувор шаванд; бидон ки **муҳофа** (ба замми мим) бидуни ташдид дуруст набошад; саҳеҳ ба ташдиди фо (яъне **муҳоффа**)*-ст, чаро ки ин сиғаи исми зарфи музоъаф аст аз боби муфоилат; магар он ки форсиён агар ба тахфиф хонанд, ҷоиз бошад.

**МИҲҶАМА** محجمه олаи ҳиҷомат кардан; ва он устура бошад кучак, ки ба ҳиндӣ пачҳна гӯянд; ё шишаи ҳаҷҷом ё кадуи ҳаҷҷом, ки дар он хун мекашад; ва **ҳиҷомат** дар ин ҷо ба маънии устура задан аст барои хун кашидан; ва ба маънии касби ҳаҷҷоми урфӣ низ омада.

**МУҲТОЛА** محتاله зани ҳилагар ва маккора (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**МАҲРУСА** محروسه нигоҳбонӣ кардашуда; ва **мамолики маҳруса** *киноя аз* мулки худ аст, чаро ки аксар одами чизи худро ҳиросат мекунад; ва дар урф *киноя аз* мулки подшоҳист.

**МУҲОВАРА** محاوره бо дигар калом кардан ва посух додан якдигарро (аз «Сурох» ва «Қанз» ва ғайри он).

**МУҲОСАРА** محاصره аз гирдогирд банд кардани роҳи касе (аз «Мунтахаб»).

**МУҲТАРИФА** محترفه пешаварон ва санъатгарон (аз «Қанз»); ва ин дар асл сиғаи исми фоили воҳиди муаннас аст, аз боби ифтиъол, ки сифат воқеъ шуда, мавсуфи ӯ мисли лафзи *фирқа* ва *ҷамоъа* ҳамеша маҳзуф мебошад; аз ин ҷиҳат итлоқ дар маънии ҷамъ менумоянд, чунонки *муътазала*.

**МАҲКИЙЯ** محکیه ҳикоят кардашуда.

**МАҲКУМ(УН)АЛАЙҲ** ва **МАҲКУМ(УН)БЕҲ** محکوم علیه و محکوم به баёни ҳар ду дар ин таркиб аст, чунончи: *«Зайдун қоимун»*; пас дар ин ҷо лафзи *Зайд*ро маҳкумалайҳ гӯянд ва лафзи *қоим*ро маҳкумбеҳ номанд; бидон ки лафзи *ҳува* дар арабӣ ва лафзи *аст* дар форсӣ ва лафзи *истин* дар юнонӣ ва лафзи *ҳӣ* дар ҳиндӣ барои нисбати ҳакамия далолат мекунад.

**МАҲМУДА** محموده сақмуниё, ки давоест талху мусҳил барои сафро ва балғам (аз «Туҳфат-ул-муъминин» ва «Бурҳон»).

**МУҲОДАСА** محادثه бо ҳам сухан гуфтан.

**МУҲТАВӢ** محتوی гирдогирд гиранда ва муҳитшаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУҲОЗӢ** محاذی муқобил ва рӯ ба рӯ ва баробаршаванда (аз «Мунтахаб»); муштақ аз **ҳазв** (билфатҳ), ки ба маънии баробар кардани ду чиз аст.

**МУҲӢ** محیی зиндакунанда; дар асл муҳйӣ буд, бар вазни **мукрим**; замма бар **ё** сақил буд андохта **ё**-ро сокин карданд, иҷтимоъи сокинайн шуд миёни ёи сонӣ ва танвин; **ё**-ро ҳазф нумуданд **муҳӣ** монд; ва ба замми мим ва фатҳи ҳо ва ташдиди ё (яъне **муҳайй**)* низ ба маънии зиндакунанда; ва ин дар асл муҳйӣ буда; замма бар **ё** душвор буд андохтанд, ба иҷтимоъи сокинайн **ё** ҳазф шуд **муҳайй** монд; дар ин сурат аз боби тафъил аст.

**МЕҲРОБӢ** محرابی навъе аз шамшер; ва ба маънии масҷид низ омада.

**Фасли мим маъа хои муъҷама**

**МУХАЛЛО** مخلی раҳо кардашуда ва холӣ кардашуда (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»).

**МУХОТИБ** مخاطب рӯ ба рӯ сухангӯянда; ва гоҳе *мурод аз* он хашму итобкунанда бошад; ва ба замми мим ва фатҳи то (яъне **мухотаб**)* касе ки ба ӯ сухан гуфта шавад; ва ба маънии ном ва лақаб кардашуда; ва гоҳе *мурод аз* он хашму итоб кардашуда низ бошад.

**МИХЛАБ** مخلب чанголи мурғи шикорӣ ва чанголи шер (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»)

**МАХОЛИБ** مخالب чанголҳои ҷонварони шикорӣ, мисли боз ва ҷурра ва шер ва ғайрухумо.

**МУХАРРИБ** مخرب вайронкунанда.

**МУХАЗЗАБ** مخضب рангин кардашуда ва васма басташуда.

**МУХОТАБОТ** مخاطبات бо ҳам калом карданҳо; ва гоҳе *мурод аз* он мурасалот ва мукотабот бошад.

**МУХОДААТ** مخادعت макру фиреб додан (аз «Мунтахаб»).

**МУХОДАЪОТ** مخادعات макрҳо ва фиребҳо (аз «Шамсӣ»).

**МУХАДДАРОТ** مخدرات занони пардանишин; маъхуз аз **хидр** (билкаср), ки ба маънии парда аст; ва ба касри доли муҳмалаи мушаддада (яъне **мухаддирот**)* адвия, ки бехобӣ ва сустии андом орад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Қанз»).

**МУХОЛАТАТ** مخالطت бо касе даромехтан (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАХОФАТ** مخافت ба маънии хавф ва тарсидан (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»); ва ин масдари мимист аз сулосии муҷаррад; дар асл **махуфат** буд, вови мутаҳаррики моқабли он ҳарфи саҳеҳи сокин, ҳаракати вов нақл карда ба моқабл доданд; вов дар асл мутаҳаррик буд, моқабли он акнун мафтӯҳ гардид, он вовро ба алиф бадал карданд **махофат** шуд; ва ба замми мим ва касри фо (яъне **мухофит**)* оҳиста

хонанда; ва ба фатҳи фо (яъне **мухофат**)* оҳиста хондашуда.

**МИХЛОТ** مخلات тубра, ки ба дона пур карда ба даҳони асп банданд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАХЗУНОТ** مخزونات *киноя аз* пӯшидагиҳо ва იродаҳои махфӣ.

**МАХТУРОТ** مخطورات фикрҳо ва андешаҳо ва он чизҳо, ки ба хотир расида бошанд ва чизҳое, ки дар он хавф бошад.

**МУХОЛАФАТ** مخالفت ба фатҳи лом, на ба касри лом (яъне **мухолифат**)*197.

**МУХОФАТАТ** مخافتت бар вазни **муфоъалат**; оҳиста хондан (аз «Қомус»).

**МАХУФТ** مخفت сиғаи наҳӣ аст аз **хуфтан**, бар хилофи қиёс (аз шарҳи Абдулвосеъ бар «Бустон»).

**МУХАННАС** مخنث ба маънии ҳез; яъне касе ки уро ба дасткорӣ аз руҷулийят соқит карда бошанд; исми мафъул аз **тахнис**, ки маъхуз аст аз **хинс** (билкаср), ки ба маънии суст ва дутост; чун аз марди руҷулийят дур кардашуда чолокӣ ва устувории мардона намебошад, лиҳозо муханнас гуфтанд; ва **хинс** ба маънии мазкур дар «Сурох» мастур аст.

**МАХРАҶ** مخرج ҷои берун баромадан; ва ба замми мим ва касри ро (яъне **мухриҷ**)* берун бароваранда.

**МУХ(Х)** مخ мағзи сар ва мағзи устухон; ва *маҷозан* хулосаи ҳар чизро гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Туҳфат-ул-муъминин»).

**МАХЗУД** مخضود дарахти пок кардашуда аз хор (аз «Мунтахаб»).

**МУХАЛЛАД** مخلد ба маънии ҳамеша.

**МАХТУР** مخطور ба ҳалок наздик кардашуда; ва андеша ва он чи дар дил гузарад.

**МУХАДДИР** مخدر бехис ва сусткунандаи андом; ва ба маънии дар парда нишонанда; ва ба фатҳи доли мухмалаи мушаддад (яъне **мухаддар**)* бехис ва суст кардашуда ва дар парда нишонидашуда.

**МУХБИР** مخبر хабардиҳанда; ва гоҳе аз ин лафз чеҳраи инсон низ мурод бошад, чаро ки чеҳра аз аҳволи ботин хабар медиҳад; ва **мухбири содиқ** иборат аз ҳазрати расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**МУХАЙЯР** مخير ихтиёр додашуда; ва ба касри ёи таҳтонии мушаддад (яъне **мухаййир**)* ихтиёр ба касе диҳанда; ва марди некӯтар ва бисьёр хайркунанда ва сахӣ.

**МУХАММАР** مخمر бар вазни **мунаввар**; сиришташуда ва тайёр (аз «Мунтахаб»).

**МУХАММАС** مخمس панҷгӯша кардашуда; ва навъе аз назм, ки маъруф аст; ва номи навъе аз усули мусиқӣ, ки ба хиндӣ онро **тал гӯянд**; ва назди аҷам усул ҳафтдах аст, чунонки: *мухаммас* ва *туркӣ* ва *дуяк* ва *давр* ва *сақил* ва *хафиф* ва *чаҳорзарб* ва *дурафшон* ва *миатайн* ва *зарбулфатҳ* ва *усули фохта* ва *чанбар* ва *нимсақил* ва *азфар* ва *арсад* ва *рамал* ва *ҳазаҷ*.

**МАХДУШ** مخدوش харошидашуда ва харош доштошуда (аз «Мунтахаб»); ва *мурод аз* он васваса кардашуда.

**МАХРУШ** مخروش харошидашуда; муштақ аз **харш** (билфатҳ), ки ба маънии харошидан аст, чунонки дар «Мунтахаб» ва «Қомус» воқеъ аст; ва дар ин лафз навъе аз қабили тавофуқи лисонайн аст дар арабӣ ва форсӣ.

**МУХЛИС** مخلص ихлоскунанда; ва ба замми мим ва фатҳи лом (яъне **мухлас**)* холис кардашуда; ва ба фатҳи мим ва фатҳи лом (яъне **махлас**)* ҷои ихлос ва маҳалли итмом; ва ҳам масдари мимист, ба маънии раҳоӣ ва халосӣ; ва бар вазни **мунаввар** (яъне **мухаллас**)* ба маънии озод ва раҳонидашуда ва пок кардашуда ва хулоса кардашуда.

**МАХИЗ** مخيض дуғи равған гирифташуда (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАХОЗ** مخاض дарди зеҳ, яъне дарде ки ба вақти вилодат занонро лоҳиқ мешавад; ва ба маънии шери модаи обистан; ва дар «Нисоб» *мурод аз* махоз ибни махоз; ва **ибни махоз** шутурбачае, ки ба соли

дуввум даромада бошад; ва агар бача мода бошад, **бинти махоз** номанд; ва ба маънии дар коре даромадан ва ҷои даромадан (аз «Мунтахаб» ва шуруҳи «Нисоб»).

**МУХАЛЛИТ** مخلّط омехтакунанда; ва ба фатҳи ломи мушаддад (яъне **мухаллат**)* омехташуда (аз «Мунтахаб»).

**МАХЛУТ** مخلوط омехташуда.

**МИХЯТ** مخيط сузан; ва ба фатҳи мим ва касри дуввум (яъне **махит**)* духташуда (аз «Латоиф»).

**МУХТАБИТ** مختبط хоҳандаи чизе аз касе бе васила ва собиқаи маърифати; ва дар шаб суолкунанда аз ҷиҳати шарм ва ор (аз «Мунтахаб»).

**МУХАТТАТ** مخطط ҳар чи бо хутут бошад ва маъшуқи соҳибхат.

**МУХАББАТ** مخبط дар ҳам омехта; ва гоҳе аз он *мурод* бошад маънии фосид ва табоҳ (аз «Латоиф» ва ғайри он).

**МУХОТ** مخاط оби бинӣ (аз «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**МАХРУТ** مخروط харошидашуда; ва ҷисме, ки ба шакли газар, яъне зардак, як сари он ситабр ва як сари он борик бошад.

**МУХАЛЛАЪ** مخلّع хилъат додашуда.

**МАХЛУЪ** مخلوع берун овардашуда ва баровардашуда.

**МУХТАРЕЪ** مخترع ихтироъкунанда ва кори нав беруноранда (аз «Мунтахаб»).

**МУХОДЕЪ** مخادع макр ва фиребкунанда.

**МУХЛО БИТТАБЪ** مخلى بالطبع раҳо кардашуда бо табиат, яъне билотакаллуф ва беандеша.

**МУХОЛИФ** مخالف ба истилоҳи мусиқиён номи шуъбаи мақоми «Ироқ»; ва **мухолиф** мураккаб аз панҷ нағма бошад ва онро ба вақти завол месароянд.

**МУХАЛЛАФ** مخلف вопас гузошташуда; ва ба замми мим ва сукуни хои муъҷама ва касри лом (яъне **мухлиф**)* шутуре, ки аз нуҳсолагӣ даргузашта бошад (аз «Суроҳ» ва ғайра).

**МУХТАЛИФ** مختلف ихтилофкунанда; ва *киноя аз* ҳинду, чаро ки ҳиндувон бо ҳам дар аксар муқаддамот ихтилоф доранд дар муқобалаи муттафиқ, ки иборат аз мусалмон аст; ва **мухталаф** (биззам ва ломи мафтуҳ) ихтилоф кардашуда; ва ба маънии луғате, ки дар он ихтилоф бошад, ки арабист ё форсӣ.

**МАХУФ** مخوف бар вазни **мақул**; ба маънии тарсидашуда ва хавфнок (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва ғайра); ва баъзе навиштаанд, ки **хавф** масдари лозим аст, ба маънии тарсидан, на мутааддӣ, ба маънии тарсонидан; пас сиғаи исми мафъул аз у омадан маҳалли тааммул аст; ғолибан ҳарфи ҷарр дар ин лафз муқаддар бошад, яъне дар тақдири махуф анҳу бошад, чунонки лафзи муштарак, ки аз масдари лозим аст, дар ҳақиқат муштарак фиҳи бувад, тамма каломуҳум; ва **мухавваф** бар вазни **мунаввар**, сиғаи исми мафъул аз **тахвиф** аст; дар ин сурат ба касри вов (яъне **мухаввиф**)* ба маънии тарсонанда бошад.

**МАХОВИФ** مخاوف ҷоҳои хавф (аз «Мунтахаб»).

**МИХРОҚ** مخراق ба маънии дурра, ки аз карпос ба ҳам печида ба касе зананд (аз «Мунтахаб»).

**МУХАРРИҚ** مخرق поракунанда ва аз ҳам даранда.

**МУХНАҚ** مخنق гулу гирифташуда.

**МАХНУҚ** مخنوق гулу афшурдашуда.

**МАХЗУЛ** مخذول хор кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАХОЗИЛ** مخاذيل *ҷамъи* **махзул** аст.

**МУХТАЛ(Л)** مختل ба маънии халал ёфташуда.

**МУХАЛХАЛ** مخلخل чизе ки аҷзояш бо ҳам хуб часпон ва муттасил набошанд.

**МУХТОЛ** مختال мутакаббир (аз «Мунтахаб»).

**МАХОИЛ** مخائل *ҷамъи* **махила**, ки ба маънии маҳалли хаёл аст; ва ба маънии осор ва аломот ва ҷоҳои хаёл ва гумон бурдан (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МАХОДИМ** مخادیم махдумон ва бузургон; ва ин *ҷамъи* **махдум аст.**

**МУХЯМ** مخیم ҷои барпо кардани хайма; ва ба замми мим ва фатҳи хои муъҷама ва ташдиди ёи таҳтонии мафтуҳ, бар вазни **муаззам** (яъне **мухайям)*** ҷои истода кардани хайма; дар сурати аввал аз боби афъол ва дар сурати сонӣ аз боби тафъил; ва фатҳи аввал хатост, чи ҳар гоҳ ки аз сулосии муҷаррад гирифта шавад **махом** бояд навишт, чунонки **мақом** ва **маном** (аз «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Суроҳ»).

**МУХТАСИМ** مختصم хусуматкунанда.

**МАХТУМ** مختوم муҳр кардашуда ва муқаффал ва банд кардашуда (аз «Қашф»).

**МУХАТТАМ** مختم мухр кардашуда ва муқаффал.

**МАХОТИМ** مخاتیم *ҷамъи* **махтум** аст; ва **махтум** ба маънии мухр кардашуда; пас паймонаҳоро **махотим** аз он номанд, ки муҳри подшоҳ бар онҳо мебошад (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАХОЗИН** مخازن *ҷамъи* **махзан,** ки ба маънии ҷои ниҳодани хизона аст.

**МАХЗУН** مخزون дар хизона ниҳодашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАХЗОН** مخزان номи маъбади тарсоён, ки ба исми Бонӣ маъруф аст.

**МАХТУБА** مخطوبه зани хостгорӣ кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУХАДДАРА** مخدره зани парданишин; маъхуз аз **хидр** (билкаср), ки ба маънии парда аст (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**МАХРАҚА** مخرقه шармандагӣ ва тирагӣ; ва билкаср (яъне **михрақа)*** теғи чӯбин, ки баъзе қаландарон доранд; ва номи олаи бозӣ (аз «Латоиф» ва «Суроҳ»); ва баъзе ба маънии хирқаи дарвешон навишта.

**МАХИДА** مخیده чунбида ва лағзида; ва *маҷозан* ба маънии харобкарда (аз «Бурҳон»).

**МУХОСАМА** مخاصمه бо ҳам хусумат ва душманӣ кардан.

**МУХАЙЯЛА** مخیله маҳалли тахйил, ки димоғ бошад; чаро ки димоғ ҷои хаёл аст; ва ба замми мим ва фатҳи дуввум ва ташдиди таҳтонии максур (яъне **мухаййила)*** номи қувватест, ки онро хаёл низ гӯянд.

**МАХМАСА** مخمصه гуруснагии муфрит ва сузише, ки аз гуруснагӣ дар сина ва шикам пайдо шавад; ва *маҷозан* ба маънии ғами азими изтиробангез мустаъмал (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**МАХМАЛИ ДУХОБА** مخمل دوخوابه навъе аз махмал, ки ҳар ду тараф пашмдору рангин ва мулоими яксон бошад.

**МУХТӢ** مخطی касе ки иродаи савоб кунад ва беқасд аз ӯ хато зоҳир гардад; ва **хотӣ** касе ки ба иродаи худ хато кунад (аз «Суроҳ»).

**МУХОТӢ** مخاطی хатокунанда; аз боби муфоилат; ва қисме аз балғам, ки мушобеҳ ба оби бинӣ бошад.

**МАХРУТӢ** مخروطی ба истилоҳи илми ашколи ҳандасӣ чизе ки як сари он мудаввару паҳн бошад ва сари дигар борик ба тадриҷ бувад, чунонки шакли газар бошад.

**МАХЛАСӢ** مخلصی раҳой; чи **махлас** (билфатҳ) масдари мимист; ва зиёдати ёи масдари баъди масдари арабӣ аз тасарруфи форсиён аст, чунончи: *саломат* ва *саломатӣ* ва *фузул* ва *фузулӣ.*

**Фасли мим маъа доли муҳмала**

**МУДОВО** مداوا даво кардан ва дармон кардан; ва ин *мухаффафи* **мудовот** аст, ки ба маънии дармон кардан бошад, чунончи: **муҳобо** ва **мувосо** *мухаффафи* **муҳобот** ва **мувосот** аст (аз «Қанз»).

**МУДОВО** مداوی сиғаи исми мафъул; давокарда ва дармон кардашуда (аз «Қанз»).

**МУДОРО** مدارا риъоят кардан ва сулҳу оштӣ нумудан; ва ин дар асл **мудорот** буд; ва дар каломи форси гоҳе **то** аз ин меуфтад ва дар арабӣ ба **то** мустаъмал аст; ва ҳамчунин **муҳобо** ва **мувосо** (аз «Мунтахаб»).

**МАДО** مدی ба маънии ғоят ва ниҳоят (аз «Мунтахаб»).

**МИДҲАТ** مدحت ситоиш (аз «Суроҳ» ва «Қашф»).

**МУДОҲАНАТ** مداهنت зоҳир кардан, ба хилофи он чи дар дил бошад (аз «Қомус»); ва дар «Мунтахаб» ба маънии нифоқ ва дуруғ гуфтан; ва дар «Сурох» ва «Мадор» ба маънии чарбзабонӣ ва хушомад; ва дар «Канз» ба маънии сустӣ кардан.

**МУДРАКОТ** مدرکات ақлҳо ва донишҳо.

**МУДОВОТ** مداوات даво кардан ва дармон нумудан.

**МУДОАБАТ** مداعبت мазоҳ ва хуштабъӣ ва бозӣ кардан.

**МУДОРОТ** مدارات сулху оштӣ ва риъоят кардан; ва ба фатҳи мим (яъне **мадорот**)* хатҳои сайри кавокиб, ки ҳукамо бар кураи афлок фарз кунанд.

**МУДДААЁТ** مدعیات *ҷамъи* **муддаъо**; алиф дар ҳолати ҷамъ ба **ё** бадал шуда.

**МУДДАТИ ИДДАТ** مدت عدت айёми баъди талоқ, ки дар он арса зан шавҳар накунад; барои муталлақа се ҳайз ё се моҳ ва барои бева чаҳор моҳу даҳ рӯз; ва иддати занони ҳомила вазъи ҳамл.

**МАДЕҲ** مدیح бар вазни **фасеҳ**; ситоиш.

**МАДОЕҲ** مدائح ситоишҳо; ва ин *ҷамъи* **мадеҳа** аст.

**МИДОД** مداد сиёҳии давот (аз «Мунтахаб»).

**МАДИД** مدید кашидашуда ва дароз; ва номи баҳре аз арӯз.

**МАД(Д)** مد кашиш ва афзунӣ ва дарозӣ; ва назар кардан ба суи чизе; ва хатте, ки бар алиф нависанд; ва хатте дароз, ки дар ҳисоб нависанд (аз «Мунтахаб»); ва биззам ва ташдиди доли муҳмала (яъне **мудд**)* номи паймона; ва он назди аҳли Ироқ ду ратл бошад (аз «Сурох»).

**МАДОР** مدار ҷои давр ва ҷои гардиш (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии доира ва давра ва ҳалқа низ ояд.

**МАДАР** مدر кулух; ва гоҳе *киноя* бошад аз замин; ва ба заммп мим ва касри дол ва ташдиди ро (яъне **мудирр**)* ҷорикунандаи бавл (аз «Мунтахаб»).

**МУДБАР** مدبر пушт додашуда, яъне касе ки давлату бахт уро пушт дода бошад, ай баргашта бошад; ва ба замми мим ва фатҳи дол ва ташдиди бои муваҳҳадаи максур (яъне **мудаббир**)* тадбиркунанда ва соҳибтадбир; ва ба фатҳи бои муваҳҳадаи мушаддад (яъне **мудаббар**)* парвардашуда ва тадбир кардашуда ва бандае, ки аз паси марги соҳиби худ озод шавад (аз «Мунтахаб»).

**МИДРОР** مدرار бисьёр обрезанда ва абри бисьёр боранда; ва ба маънии борон низ ояд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАДОРУС** مداروس куҳнашуда ва нопадидшуда ва беравнақ ва хондашуда [198].

**МАДОРИС** مدارس ҷоҳои дарс гуфтан; *ҷамъи* **мадраса** (аз «Мунтахаб»)[199].

**МАДҲУШ** مدهوش бар вазни **масрур**, лафзи арабист, сиғаи исми мафъул ба маънии мутаҳаййир ва саргашта ва ҳайрон (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва он чи форсиён ин лафзро ба вови маҷҳул (яъне **мадҳӯш**)* ба маънии маст ва беҳуш меоранд, навъе аз тафрис аст; чунонки Хони Орзу дар «Хиёбон» навишта, ки **мадҳуш** лафзи арабист, ба вови маъруф, ба маънии таҳайюр, маъхуз аз **даҳиш (даҳаш)***; форсиён гоҳе вови маъруфи лафзи арабиро маҷҳул хонанд, чунонки: *ғӯта* ва *мадҳӯш*; пас ин /навъе аз тафрис бошад; ва лафзи **мадҳуш**, ки ба маънии мутаҳаййир аст, форсиён *маҷозан* ба маънии беҳуш истеъмол кунанд.

**МАДҚУҚ** مدقوق куфташуда ва лоғар ва борик кардашуда (аз «Латоиф»).

**МУДАҚҚИҚ** مدقق кори борик кунанда ва нуктаҳои борик пайдокунанда; ва дар «Латоиф» навишта: он ки далелро ба далел собит кунад.

**МУДРИК** مدرک фаҳманда ва расанда ва дарёбанда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МАДХАЛ** مدخل дахл кардан ва дохил шудан ва ҷои дахл; дар сурати маънии аввал масдари мимист ва дар сурати маънии сонӣ исми зарф; ва ба замми ав-

вал ва хои муъчамаи максур (яъне **мудхил**)* ба маънии Бахил; ва ба фатҳи хо (яъне **мудхал**)* ҷои дахл кардан ва дохил кардашуда (аз «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**МАДОХИЛ** مداخل ҷоҳои дахл; ба маънии омадани зар мустаъмал; ва бо ҳам ёфтан ва дарҳам духтани ду чизе; ва ҳинои бутадор, ки занони раъно бар дасту по бананд; ва амокин ва буютро низ гӯянд (аз «Мусталахот»).

**МАДДИ БУЛБУЛ** مد بلبل нолаи булбул.

**МУДАЛЛИЛ** مدلل ба далел собиткунанда; ва ба фатҳи ломи мушаддад (яъне **мудаллал**)* ба далел собит кардашуда.

**МУДАММАЛ//МУДАММИЛ** مدمل он чи ҷироҳатро аз рим пок карда фароҳам орад.

**МАДЛУЛ** مدلول ба истилоҳи аҳли мантиқ маъниро гӯянд.

**МИДЪАМ** مدعم номи ғуломи он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама; ва ба ин маънӣ ба ғайни муъҷама (яъне **Мидғам**)* ғалат (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУДҒАМ** مدغم ҳарфе ки дар ҳарфи хамҷинси худ даромада бошад; ва ба маънии пайваста ва дарҳамрафта ва дарҷкарда ва пушида низ омада; ва дар асл маънии **идғом** лигом дар даҳони асп даровардан аст (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва ғайра).

**МУДОМ** مدام шароб; ва ба маънии хамеша доштаашуда; ва исми мафъул аз **идомат** (аз «Суроҳ» ва «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**МУДЛАҲИМ** مدلهم сахт сиёҳ ва торик (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАДИНАТУЛИСЛОМ** مدينة الاسلام лақаби Куфа, ки дорулмулки Ироқи Араб аст.

**МАДЯН** مدين номи шаҳрест бар канори дарьёи мағриб (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**МАДОИН** مدائن *ҷамъи* **мадина**; ва он ҳафт шаҳр буданд ободон дар ҳаволии Бобул. Акнун ҳамаҳо харобанд (аз «Бурҳон» ва ғайри он); ва дар «Шарҳи девони Хоқонӣ» ва «Мунтахаб» навишта, ки шаҳрест дар Ироқи Араб тахтгоҳи Нушервон.

**МУДҲОМТОН//МУДҲОММАТОН** مدهامتان боғи сабзу сероб, ки аз ғояти сабзӣ ба сиёҳи занад (аз «Мунтахаб»); ва баъзе ба маънии ду барги сабз навишта.

**МУДУН** مدن шаҳрҳо; ва ин *ҷамъи* **мадина** аст, ки ба маънии шаҳр бошад.

**МАДЮН** مديون қарздор (аз «Қашф» ва «Мадор»).

**МУДАВВАН** مدون бар вазни **мулавван**; ҷамъ кардашуда (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**МАДДА** ва **ЛИН** مده و لين **мадда** (билфатҳ ва ташдиди дол) ба истилоҳи сарфиён ҳарфи иллати сокин, ки ҳаракати моқаблаш мувофиқи он бошад, чунонки вови сокини моқаблаш мазмум ва ёи сокини моқабл максур ва алифи сокини моқабл мафтуҳ бошад; ва **лин** (билкаср) ҳарфи иллати сокин сивои алиф, ки моқаблаш мафтуҳ бошад.

**МАДИНА** مدينه ба маънии мутлақ шаҳр; ва номи шаҳри хос, ки марқади ҳазрати рисолатпаноҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама дар он аст; ва лафзи **мадина** маъхуз аст аз **тамаддун**, ки ба маънии ҷамъ шудан аст; чун анвоъи муҳтарифа ва анвоъи мардум дар шаҳр ҷамъ мешаванд, лихозо **мадина** мегӯянд.

**МАДРИСА** مدرسه ҷои дарс ва тадрис (аз «Музил»).

**МИДДА** مده рим, ки аз ҷироҳат бадар меоянд; ва билфатҳ ва ташдид (яъне **мадда**)* ба истилоҳи сарфиён ҳарфи иллати сокин, ки ҳаракати моқаблаш мувофиқи он бошад, чунончи вови сокини моқабл мазмум (аз «Суроҳ» ва ғайра).

**МУДРИКА** مدركه қувватест дар инсон, ки идроки ҳақоиқи ашёъ кунад ва он ақл асту зеҳн.

**МАДАНӢ** مدنی бошандаи шаҳр; ва мансуб ба **мадина**; аз лафзи **мадина** дар ҳолати нисбат **ё** ва **ҳо** хазф карда шудааст.

### Фасли мим маъа золи муъҷама

**МУЗАККО** مذکی гулу буридашуда ва бисмил (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАЗҲАБ** مذهب бар вазни **мактаб**; ҷои рафтан ва роҳ; ва *маҷозан* ба маънии дину ойин; ва ба замми мим ва фатҳи зол ва ҳои мушаддади мафтуҳ (яъне **музаҳҳаб**)* зарандуда кардашуда; ва ба касри ҳои мушаддад (яъне **музаҳҳиб**)* зарандудакунанда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУЗОБ** مذاب гудохташуда (аз «Қашф» ва «Бурҳон»).

**МАЗҲУБ** مذهوب зарнигор ва зарандуда.

**МУЗНИБ** مذنب гуноҳгор (аз «Қанз»).

**МУЗАБЗАБ** مذبذب мутараддид бар як ҳол ва як ҷо қарор нагирифташуда.

**МАЗАЛЛАТ** مذلت хор шудан.

**МУЗ** مذ дар арабӣ ба маънии ибтидои замон ва он замон (аз «Мунтахаб»); ва дар форси биззам ва билфатҳ (яъне **муз** ва **маз**)* ба маънии соҳиб ва худованд; ва аксар мураккаб ояд, ҳамчу *исфандормуз* (аз «Бурҳон»).

**МУЗАККИР** مذکر ёддиҳанда; ва ба фатҳи коф (яъне **музаккар**)* ба маънии мард ва нар, ки зидди мода бошад (аз «Мунтахаб»).

**МАЗКУР** مذکور агарчи дар арабӣ сиғаи исми мафъул аст, форсиён ба маънии зикр низ истеъмол кунанд (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МАЗОҚ** مذاق чашидан; ва ба маънии чашидангоҳ ва махалли қуввати зоиқа, ки кому забон аст; ва **мазоқ** сиғаи исми зарф аст аз **завқ**, ки ба маънии чашидан аст (аз «Мунтахаб»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **мазоқ** дар асл ба маънии зарофат ва изҳори шавқ пеши маъшуқ.

**МАЗМУМ** مذموم бад ва зишт ва он ки уро бад гуфта бошанд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**МАЗОҚ ЗАДАН** مذاق زدن иборат аст аз зоҳир нумудани беихтиёрии шавқи бусу канор ва ғайри он, ки дар маҳалли рағбат ва шаҳват даст диҳад (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МАЗХУРА** مذخوره захира кардашуда.

**МАЗМУМА** مذمومه ҳар чиз, ки бад ва зишт бошад.

**МУЗАККАРИ САМОЪӢ** مذکرسماعی марде ки мутеъи зани худ бошад (аз «Муайид» ва «Бурҳон»).

**МАЗӢ//МАЗӢ** مذی рутубат аст, ки дар ғалабаи шаҳват зоҳир мешавад (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

### Фасли мим маъа рои муҳмала

**МУРТАҶО** مرتجا умед дошташуда (аз «Латоиф»).

**МИРОЪ** مراء ҷидол ва ситеза кардан ва худнумоӣ (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МАРЪО** مرعی чарогоҳ; ва ба маънии гиёҳи сабз ва чаридан (аз «Мунтахаб»).

**МУРАББО** مربی тарбият кардашуда ва парвардашуда; ва он чи аз қисми мева дар қивоми қанд ё шакар парваранд.

**МУРТАЗО** مرتضی писандида (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»); ва лақаби ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу.

**МАРЗО** مرضی беморон; ин *ҷамъи* **мариз** аст (аз «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва фатҳи ро ва ташдиди зоди муъҷамаи мафтуҳ (яъне **мураззо**)* ба маънии писандида.

**МАРҲАБО** مرحبا ин лафз дар Араб барои таъзими меҳмон гуянд; **марҳаб** масдари мимист, ба маънии фарох шудан ва алиф аломати насб аст, чаро ки дар таркиби мафъул мутлақ воқеъ шуда, ба ҳазфи феъл; дар асл чунин буд: «раҳабат лакаддору марҳабан», яъне фарох шуд барои ту хонаи фарох шуданӣ; пас ба ҷиҳати тахфиф феълро маъа мутааллиқ хазф карданд ва насбро барои далолати ҳазфи он боқӣ гузоштанд, **марҳабо** боқӣ монд.

**МАРОЁ** مرایا ойинаҳо; ин *ҷамъи* **миръот** аст, хилофи қиёс ва **муроъӣ**, ки мувофиқи қиёс аст, мустаъмал нест (аз «Суроҳ» ва ғайри он).

**МУРҒИ ИСО** مرغ عیسی шаппар ва хаффош (аз «Бурҳон»).

**МАРДУМҒИЁ** مردم‌گیا гиёҳе бошад, ки бехи он шабеҳ ба сари одами мебошад; ва баъзе навишта, ки ба шакли тамоми ҷисми одами ҳам мода ва ҳам нар бувад ва барканандаи он ҳамон дам бимирад (аз «Бурҳон»).

**МУРҒИ МАСЕҲО** مرغ مسیحا шаппар ва хаффош.

**МУРВО** مروا фоли нек (аз «Бурхон» ва «Латоиф»).

**МУРҒИ ҚИБЛАНУМО** مرغ قبله نما аз мис шакле хурд ба сурати мурғ созанд, ба ҳар тараф, ки хоҳанд бигардонанд, магар сари он мурғ ба тарафи қибла қарор мегирад.

**МАРКУБ** مرکوب суворӣ кардашуда.

**МАРҒУБ** مرغوب писандида ва маъқул ва хоҳиш нумудашуда.

**МАРЪУБ** مرعوب тарсонидашуда.

**МУРТАЪИБ** مرتعب хоиф ва тарсанда.

**МАРҲУБ** مرهوب сиғаи исми мафъул аз руҳб дуруст набошад, чаро ки **руҳб** (биззам) тарсидан, лозим аст; ва сиғаи мафъул аз лозим дуруст набошад; ба ҷои он **маръуб** (ба айни муҳмала) саҳеҳ бошад, аз **раъб**, ки ба маънии тарсонидан аст, чунонки дар «Сурох».

**МАРҲАБ** مرحب фарох шудан ва ҷои фарох (аз «Мунтахаб»).

**МАРТУБ** مرطوب рутубатнок ва фарбеҳ (аз «Мунтахаб»).

**МУРОҚИБ** مراقب чашмдоранда, яъне умедвор ва тарсанда ва муроқибакунанда ва нигаҳбон.

**МАРБУБ** مربوب ба маънии махлуқ (аз «Латоиф»).

**МАРСУБ** مرسوب ба таҳ нишасташуда ва дурди ҳар чиз.

**МУРАККАБ** مرکب бар вазни **мунаввар**; сиёҳии навиштан, ки дар давот андохта бад-он китобат кунанд; ва ба маънии чизе дар чизе нишонидашуда ва таркиб додашуда; ва ба фатҳи мим ва сукуни ро ва фатҳи коф (яъне **маркаб**)* он чи бар он сувор шаванд аз қисми мавошӣ ва каштӣ магар аксар ба маънии асп мустаъмал; ва гоҳе ба маънии каштӣ ва сафина меоянд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАРОКИБ** مراکب он чизҳо, ки бар онҳо сувор шаванд.

**МУРАТТАБ** مرتب рост ва дуруст кардашуда ва дараҷа ба дараҷа дар мартаба ва мақоми ҳар кудом овардашуда.

**МУРТАКИБ** مرتکب шуруъкунанда дар коре ва суворшаванда ва ба амал оваранда ва гуноҳкунанда (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»).

**МАРТАБАИ АВВАЛИ ҲИСОБ** مرتبهٔ اول حساب *киноя аз* оҳод аст; ва он аз як то даҳ бошад.

**МАРТАБАИ ДУВВУМИ ҲИСОБ** مرتبهٔ دوم حساب *киноя аз* ашарот; ва он аз даҳ то сад аст.

**МУРОБИТОТ** مرابطات бо ҳам рабтдоштаҳо.

**МУРОФААТ** مرافعت пеш бурдан ва сухани даъво назди ҳоким бурдан (аз «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Мадор»).

**МУРОФАЪОТ** مرافعات арздоштҳо, ки ба хидмати бузургон нависанд.

**МУРОСАЛОТ** مراسلات мактубҳо, ки мусовиён нависанд.

**МАРЪИЙЁТ** مرئیات чизҳое, ки дида мешаванд.

**МАРОРАТ** مرارت талхӣ (аз «Муайид» ва «Мунтахаб»)[200].

**МАРДАШТ** مردشت номи ҷое[201].

**МУРОБАҲАТ** مرابحت ба суду манфаат байъ кардан (аз «Қанз-ул-луғот»).

**МУРОҚАБАТ** مراقبت чашмдошт ва нигаҳбонӣ ва ҳиросат (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУРОҶААТ** مراجعت бозгаштан (аз «Мунтахаб»).

**МУРОҒАБАТ** مراغبت хоҳиш ва рағбат.

**МУРОФАҚАТ** مرافقت ҳамроҳӣ ва рафоқат кардан (аз «Сурох»).

**МАРҲАМАТ** مرحمت меҳрубонӣ нумудан.

**МУРУВВАТ** مروت мардумӣ ва мардӣ; ва ин маъхуз аст аз **маръ**, ки ба маънии мард бошад (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Музил» ва «Сурох»); ва ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **муравват**)* хатост.

**МУРОЪОТ** مراعات бо ҳам чаро кардан ва нигаҳ доштан; ва ба гӯшаи чашм нигаристан; *маҷозан* ба маънии сулук ва риъоят (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МАРОМОТ** مرامات мақосид ва матолиб.

**МИРЪОТ** مرآة ойина; ин сиғаи исми ола аст аз **руъят** ба маънии асбоби дидан; ин дар асл **маръият** буда бар вазни **мафъилат**, ёи мутаҳаррики моқабли мафтух; он ё-ро ба алиф бадал карданд, **миръот** шуд; ва касоне ки **миръот ба** касри мим ва сукуни ро ва фатҳи алифи ғайри мамдуда (яъне **миръат ё мирот**)* бар вазни **мифъал** гӯянд, хатост, чаро ки тои ин аслӣ нест, ки дар мақоми ломи феъл уфтад, балки зоида аст; ва **маръат** (ба фатҳ ва алифи ғайри мамдудаи мафтуҳ) ба маънии зан (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МАРКАБИ ЗИНПУШТ** مرکب زین پشت *киноя аз* шутури дукуҳон (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**МИРҚОТ** مرقات нардбон ва зина; ин лафзро ба тои мудаввар (яъне مرقاة)* ҳам нависанд (аз «Сурох»).

**МУРАҒҒАБОТ** مرغبات ба маънии чизҳои писандида ва марғуб.

**МАРКАЗИ МУСАЛЛАС** مرکز مثلث *киноя аз* замин ба эътибори абъоди салоса, ки тӯл ва арз ва умқ дорад (аз «Шарҳи девони Хоқонӣ»).

**МАРГПЕЧ** مرگ پیچ навъе аз печи дастор; ва он чунон бошад, ки як печ аз дастор тоб дода ҳалқадор ба тарафи гӯшу гардан меовезанд; ва онро **маргпеч** аз он номанд, ки дорандаи он худро аз ғояти шаҷоат гирифтори марг медонад; ва ин маъмули баҳодурон аст.

**МАРАҶ** مرج ошуфта шудани кор ва фасод ва табоҳӣ; магар вақте ки бо лафзи **ҳарҷ** ба ҳам ояд (ба сукуни ро хонанд) ва **ҳарҷ-марҷ** ҳар ду лафзро ба сукуни сонӣ оранд; ва лафзи **марҷ** (ба фатҳи мим ва сукуни ро) ба маънии чарогоҳ ва замин низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Музил» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**МАРОҲ** مراح рафтан ва равон шудан; ва ба маънии ҷои роҳат ва осоиш; ва биззам (яъне **мурох**)* мавзеъе, ки шутурон ба суи он раванд ва ором гиранд; ва ба касри мим (яъне **мироҳ**)* нишот ва шодӣ (аз «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУРАВВЕҲ** مروح роҳат ва нишот ва осоишдиҳанда ва хушбудор гардонанда; ва ба фатҳи вов (яъне **мураввах**)* роҳат ва осоиш додашуда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАРАҲ** مرح сахт шод шудан ва такаббур кардан ва фосид шудан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУРАББЕҲ** مربح судманд ва нафъбахш.

**МАРОБЕҲ** مرابح манофеъ ва судҳо; ба маънии мураббеҳ.

**МАРҶУҲ** مرجوح ба маънии мағлуб.

**МУРТОҲ//МИРТОҲ** مرتاح соҳиби роҳат ва нишот; ва аспи панҷум аз даҳ аспон, ки тафсили он дар **муҷаллӣ** гузашт (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУРАШШАҲ** مرشح чакидашуда ва сероб.

**МУРҒИ МАСЕҲ** مرغ مسیح хаффош, ки ба форсӣ шаппар номанд; гуянд, ки чун Исо алайҳиссалом хост, ки мурғе бисозад, сурати мурғ мураттаб сохта нафс дар у дамид, ба кудрати ҳақ таоло зинда шуд, лекин чун мақъадаш фаромӯш сохта буданд, бимурд. Ва баъд аз он ҳақ таоло мурғе ба ҳамон сурат пайдо кард.

**МУРҒИ СУБҲ** مرغ صبح булбул ва хурӯс.

**МАРХ** مرخ равған молидан; ва номи дарахте ва чӯби оташзана (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МАРКАЗИ ЧАРХ** مرکز چرخ *киноя аз* замин.

**МУРДОД** مرداد номи моҳи форсӣ, ки муддати мондани офтоб аст дар бурҷи Асад; ва он тақрибан ба ҳиндӣ бхадун бошад; ва номи рӯзи ҳафтум аз ҳар моҳи шамсӣ (аз «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Рашидӣ» ба фатҳ (яъне **мардод**)*.

**МУРТАД(Д)** مرتد аз ислом ва мусалмонӣ баргаштошуда.

**МУРМАД** مرمد рамад кардашуда ва рамад; ба фатҳатайн (яъне **марамд**)* дард ва сурхии чашмро гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУРАДДАД** مردد боз гардонидашуда.

**МАРИД** مريد мутамаррид ва саркаш ва берунраванда аз фармони худои таоло ва рондашуда; ва ба замми мим (яъне **мурид**)* иродакунанда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Қашф»).

**МУРТАҚАД** مرتقد хобгоҳ (аз «Латоиф»)[202].

**МАРҚАД** مرقد хобгох; сиғаи исми зарф аз **рукуд**, ки ба маънии хоб аст; ва *маҷозан* қабрро гӯянд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**МИРБАД** مربد ҷои нишонидани шутур ва ғайра; ва ба маънии ҷое ки хурмо дар он хушк кунанд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МИРФАД** مرفد косаи бузург (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**МАРД** مرد бериш шудан ва аз ҳад даргузаштан; ва биззам (яъне **мурд**)* *ҷамъи* **амрад**; ва ба фатҳатайн (яъне **марад**)* ба даст молидан ва дар об тар кардан ва меваи тозаи дарахти арок (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МИРСОД** مرصاد роҳи фарох (аз «Қашф» ва «Муайид» ва «Латоиф»).

**МАРСАД** مرصد ҷои нигоҳ доштан ва мавзеъи чашмдошт ва интизори чизе; ва **маросид** *ҷамъи* он (аз «Мунтахаб»).

**МУРШИД** مرشد роҳи рост нумоянда (аз «Мунтахаб»).

**МАРСУД** مرصود чашм дошташуда ва аз расад маълум кардашуда; ва **кавокиби марсуда** дар фасли коф маъа вов мазкур шуд.

**МУРҒИ БАЙЗАИ ФӮЛОД** مرغ بيضهٔ فولاد тасвири мурғ, ки аз оҳан сохта бар худи фулод насб кунанд, чаро ки **байза** ба маънии худи фулодист (казо фил — «Мунтахаб»).

**МАРОСИД** مراصد *ҷамъи* **марсад.**

**МАРЕЗОД** مريزاد яъне дар лағзиш мабод.

**МАРГИ НАВ МУБОРАК БОД** مرگ نو مبارکباد дар маҳалле гӯянд, ки фитнаи тоза барпо шавад (аз «Мусталаҳот»).

**МУРУР** مرور гузаштан ва рафтан.

**МУР(Р)** مر дар арабӣ ба маънии талх ва падари қабила аст аз Араб; ва самғи дарахтест, ки ба ҳиндӣ онро бабул гӯянд; ва билфатҳ (яъне **марр**)* ресмон ва каланд; ва ба маънии гузаштан ва рафтан; ва дар форсӣ ба фатҳ ва тахфиф (яъне **мар**)* ба маънии адади панҷоҳ; аз ин сабаб садроду **мар** гӯянд; ва гоҳе *маҷозан* ба маънии шумор ояд; ва гоҳе ба маънии беҳад ва бисьёр бошад; ва ин лафз фоидаи маънии ҳаср кунад ва гоҳе зоид ҳам ояд барои тахсини калом (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАРИР** مرير марди тувоно ва бозаҳра ва расани дарози сахттофта (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**МАРҒЗОР** مرغزار ҷоеро гӯянд, ки дар он сабза бисьёр руста бошад; чи **марғ** (билфатҳ) навъе аз гиёҳ бошад, ки онро фурузд низ гӯянд ва ба ҳиндӣ дуб номанд (ба вови маъруф ва мувахҳада; аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**МУРҒИ ОТАШХОР** مرغ آتش خوار кабк; ва баъзе гуфта, ки ба маънии самандар.

**МУРҒИ САҲАР** مرغ سحر ба маънии булбул; ва баъзе гуфта, ки хурӯс, лекин аввал ақвост (аз «Бурхон»).

**МУРҒИ НОМАБАР** مرغ نامه بر кабӯтар ва ҳудҳуд.

**МИРРИХИ ЗУҲАЛХОР** مريخ زحل خوار *киноя аз* ангиштдон ва мичмар (аз «Муайид»).

**МУРОЪОТУННАЗИР** مراعات النظير риъоят кардани он қисм алфозро, ки бо ҳам муносибат доранд, яъне асмои чизҳоро ҷамъ нумудан, ки бо якдигар муносибат дошта бошад, мисли: *гул* ва *хор* ва *булбул* ва *тир* ва *кеш* ва *камон* ва *зеҳ* ва *қурбон* ва ғайра.

**МАРКУЗ** مركوز муҳкам нишонидашуда; маъхуз аз ракз, ки ба маънии сари найза ва ҷуз он дар замин фурӯ бурдан аст.

**МУРАЧЧАЗ** مرجز навъе аз шеър; ва ба истилоҳи аҳли иншо қисме аз се ақсоми наср, ки **мураччаз** ва **мусаччаъ** ва **орӣ**-ст; пас **мураччаз** насре бошад, ки калимоти фиқратайни аксар чоҳо ҳама ҳамвазн бошанд дар тақобули якдигар бидуни риъояти саҷъ, мисол: *хаёли нозими бетааллуқ қомати дилрубое номавзун аст ва қиёси носири бетамассук кокули мумиеӣ номарбут,* ва ало ҳазалқиёс; мисоли дигар аз насри **мураччаз** азизеростː *сарфи авқот бе фикри воҳиби корсоз ва харчи анфос бе зикри қодири кирдигор мазаррати тамом ва хусри камол дорад, иноятн қодири қадир ва авотифи воҳиби карим насиби ҳол ва қарини кор бод.* Ва ин қисм наср бисьёр қалилулистеъмол аст. Ва **мусаччаъ** иборате, ки калимоти фиқратайн як-ду чо ё зиёда дар муқобала чунон воқеъ шаванд, ки қофия метавонад шуд; ва **орӣ** он ки аз шароити **мураччаз** ва **мусаччаъ** орӣ бувад, лекин бо салосати он матонат ҳам бошад.

**МАРЗ** مرز замин; ва баъзе гуфта, ки замини ободон ва қобили зироат; ва ба маънии сарҳад; ва ба маънии хиёбон; ва ба маънии муш; ва биззам (яъне **мурз**)* сурохи мақъад; ва ба маънии мучомаат низ омада (аз «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Сурурӣ» ва «Латоиф» ва «Чаҳонгирӣ»).

**МАРҒАЗ** مرغز номи мавзеъе дар вилоят.

**МАРКАЗ** مرکز миёни чизе ва маҳалли истода кардани чизе ва нуқтае, ки миёни доираи паркор мебошад; дар асл ин лафз сиғаи исми зарф аз **ракз** (билфатх), ки ба маънии чизе нукдор, мисли найза ва чуз он дар замин фуру бурдан аст; пас нуқтаи доираи паркорро ба ҳамин чиҳат марказ гуянд, ки он чоест, ки нуки парраи паркорро дар он фуру бурда, парраи дигар доира макашанд; ва **маркази хок** иборат аст аз замин ё васати кураи арз.

**МАРЪУС** مرؤس тобеъ ва ходим ва *киноя аз* раъийят.

**МАРАС** مرس ба маънии расане, ки дар гулуи аспу саг ва ғайра банданд (аз «Чароғи ҳидоят»); ва дар «Бурҳон» чунин навишта, ки **марс** (билфатх) номи меваи майхуш; ва ба арабӣ ба даст молидан ва ма... кидани тифл ангуштро; ва ба фат... ҳатайн (яъне **марас**)* табиб ... каҳҳол; ва дар «Мунтахаб» навиш... та, ки **марс** (билфатх) марди бисьё... муморасаткунанда ва дармонкунан... да; ва тар кардани хурмо дар об; ва ангушт хоидани кудак; ва даст ба мандил пок кардан; ва равиш ва хуй; ва ба фатҳатайн, ба маъ... нии расан ва расан овехтан а... далв.

**МАРЗАНЧУШ** مرزنجوش *муарраби* **мар... зангуш**; ва он навъе аз райҳон аст, ки хушбудор бошад ва зулфу хат... ти маъшуқро бад-он ташбеҳ ку... нанд; ба ҳиндӣ давуна гуянд; дар асл **марзагуш** буд, чи **марза** ба маънии муш аст; чун баргаш шабе... хи гуши муш бошад, лиҳозо ба ин исм мусаммо гашт (аз «Рашидӣ» ва «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Ри... солаи муарработ»).

**МУРТАЪИШ** مرتعش раъшадор ва лар... зон (аз «Латоиф»).

**МУРЪАШ** مرعش навъе аз кабутар, ки дар ҳаво муаллақ мезанад ва ҳал... қа мешавад (аз «Мунтахаб»); ва баъзе навишта, ки ин навъи кабу... тар аксар номабар бошад.

**МАРҒАШ** مرغش шаҳрест дар Шом (аз «Мунтахаб»).

**МАРЕШ** مریش ба маънии реш макун, ай захмӣ ва мачруҳ макун; ва *му... баддали* **марез**, чаро ки зои муъча... ма ба шини муъчама табдил ме... бад, чунонки дар «Чавоҳир-ул-ҳу... руф».

**МАРШУШ** مرشوش чакидашуда ва по... шидашуда аз об ва ғайри он (аз «Сурох»).

**МАРСУС** مرصوص устувор кардашуда ва бино ба арзиз баровардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУРТОЗ** مرتاض риёзаткунанда ва соҳибриёзат; ва ба истилоҳи аҳли тасаввуф **риёзат** ба маънии ром кардани нафси саркаш аст ва ранч кашидан дар ибодот ва илму ҳунар (аз «Мунтахаб»).

**МАРБИЗ** مربض чои гуспандон (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАРУЗ** مروض риёзат додашуда ва ром нумудашуда; ва дар «Латоиф» ба

замми мим ва фатҳи ро ва вови мушаддади мафтуҳ (яъне **муравваз**)* риёзат додашуда; ва ба вови максур (яъне **мураввиз**)* риёзатдиҳанда.

**МАРАЗ** مرض бемори̅ (аз «Мунтахаб»).

**МИРТ** مرط гилеми аз суф ва ҷуз он (аз «Мунтахаб»); ва дар «Муҳazзаб» навишта, ки навъе аз чодар аст.

**МАРБИТ** مربط ҷои бастан, хусусан макони бастани ҳайвонот; ва билкаср (яъне **мирбит**)* чизе ки бад-он чизеро банданд (аз «Мунтахаб»).

**МАРТАЪ** مرتع чарогоҳ ва сабзазоре, ки баҳоим дар он чаранд; ва чарогоҳе, ки обу алаф дар он бисьёр бошад (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАРОТЕЪ** مراتع чарогоҳҳои чаҳорпоён; ин *ҷамъи* **мартаъ аст.**

**МУРАҚҚАЪ** مرقع китоби тасовир ва хирқа ва далқи дарвешон, чаро ки ин ҳар ду чиз руқъа-руқъа ва пора-пора ба ҳам ҷамъ кардашуда мебошад (аз «Қашф» ва ғайри он).

**МУРАББАЪ** مربع ҳар чиз, ки чаҳоргуша бошад; ва ҳар чиз, ки арзу тули он баробар бошад; ва навъе аз нишасти умаро ва салотин, ки мутаъориф аст; ва навъе аз нақши таъвиз, ки шонздаҳ хона дорад.

**МАРОБЕЪ** مرابع манзилҳо ва маконҳо.

**МУРАССАЪ** مرصع исми мафъул аз **тарсеъ**, моддааш **расаъ** (ба фатҳатайн) ба маънии часпидан ба чизе; ва дар истеъмол ба маънии он ҷи̅ ки дар он ҷавоҳирот ба зар нишонда бошанд; ва ба маънии назму насре, ки алфозаш бо муқобили худ ҳамвазн ва ҳамсаҷъ бошанд.

**МАРСУЪ** مرصوع ба маънии **мурассаъ.**

**МУРТАФЕЪ** مرتفع баландшаванда ва баланд; ва аз ҷое беруншаванда; ва ба фатҳи фо (яъне **муртафаъ**)* бардошташуда.

**МАРҶЕЪ** مرجع ҷои бозгаштан (аз «Сурох»).

**МАРФӮЪ** مرفوع баланд дошташуда ва бардошташуда ва рафъ кардашуда ва ҳаракати рафъ додашуда (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУРВАЪ** مروع тарсонидашуда ва нигоҳдошта арруъулфазаъ (арравъулфазаъ; арруъулфараъ; аз «Қомус» ва «Латоиф»)[203].

**МАРТАБАИ ҶАМЪУЛҶАМЪ** مرتبهٔ جمع الجمع мақоми ваҳдат ва зуҳури аввал.

**МАРҒ** مرغ навъе аз гиёҳ, ки ба анбуҳи̅ руяд, бағоят сабзу нозук бошад; ба ҳинди̅ дуб гуянд; ва ба араби̅ ба маънии ғалтидани сутур дар алаф ва ҷуз он; ва биззам (яъне **мурғ**)* ба маънии офтоб ва хар тоир, ки болу пар ва минқор дорад; ва навъе аз сурохи̅; ва ба фатҳатайн (яъне **марағ**)* дар араби̅ оби даҳанро гуянд (аз «Рашиди̅» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Мадор» ва «Сурури̅» ва «Ҷаҳонгири̅»); ва соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки хоси хусрро мурғ гуфтан истилоҳи ҳиндиён аст.

**МУРОДИФ** مرادف дар пайи касе нишинанда; ва лафзе, ки ба лафзи дигар дар маъни̅ шарик бошад.

**МУРАВВАҚ** مروق соф кардашуда ва мусаффо ва шароби полуда, ки аслан ғаш дар он набувад; ва ба касри вов (яъне **мураввиқ**)* равоқсозанда, яъне меъмор; ва касе ки парда бар сақфи хона бандад; ва ба касри аввал ва сукуни дуввум ва фатҳи севвум (яъне **мирвақ**)* дар шигифт овардан ва хушҳол сохтан (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МИРОҚ(Қ)** مراق дар асл номи пардаи ғишоист, ки зери ҷилди маҳсуси шикам аст ва зери он сифоқ ва зери он пардаи сарб аст, ки бар меъда ва ҷигар ва тиҳол ва амъо муҳит аст; чун моддаи савдо дар меъда ё тиҳол ва ғайра ҷамъ шавад, нафх дар пардаи мироқ воҷиб мекунад, пас абхира аз он моддаи савдови̅ тасоуд карда ба димоғ расида, боиси ихтилоли ҳавос ва хаёлоти фосида мешавад; ва гоҳе ин маразро, ки молихулиёи мироқи̅ ҳамин аст, фақат **мироқ** номанд; ва баъзе навишта, ки соҳиби ин маразро ба сабаби тасоуди абхираи мутакосира гардан гунда ва ситабр мешавад ва сузиши шона ҳам лозим.

**МИРФАҚ** مرفق оринҷ, ки бандгохи соид бо бозуст; ва ба фатҳи мим (яъне **марфақ**)* низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАРАҚ** مرق шурбо (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУРОҲИҚ** مراهق кудаке, ки наздики булуғ расида бошад (аз «Мунтахаб»).

**МУРОФИҚ** مرافق ҳамроҳ ва рафоқаткунанда; ва ба фатҳи мим ва касри фо (яъне **марофиқ**)* ба маънии оранҷҳо ва он чизҳо, ки бад-он нафъ ёбанд (казо фис — «Суроҳ»).

**МУРҒАК** مرغك номи суруд (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**МУРДАРЕГ** مرده ریگ ночиз ва фурӯмоя (аз «Чароғи ҳидоят»); ва дар «Латоиф» ва «Бурҳон» ба маънии фурӯмоя ва вомонда, яъне чизеро гӯянд, ки аз мурда бозмонда бошад; ва онро ба арабӣ мерос гӯянд; ва **мурдаре** низ омада.

**МУРҒИ ЗИРАК** مرغ زیرک мурғест маъруф, ки ба ду по аз дарахт овезон шуда ба овози баланд ҳақ-ҳақ гӯяд; ва ба маънии тутӣ низ навиштаанд; ва баъзе мурод аз иблис доранд ва баъзе аз Ҳорут ва Морут ирода нумоянд (аз «Латоиф»).

**МУРҒИ ШАБОҲАНГ** مرغ شب آهنگ ба маънии булбул.

**МАРКАЗИ ХОК** مرکز خاک *киноя аз* замин ё миёни андаруни замин.

**МАРДУМАК** مردمک сиёҳии кучак, ки дар миёни сиёҳии чашм мебошад; ва **мардумак** онро ба ҳамин сабаб гӯянд, ки сурате кӯчак ба шакли одамӣ дар он менумояд; ва аз ин ҷиҳат дар арабӣ инсонулъайн гӯянд; ва ба ҳамин ҷиҳат дар ҳиндӣ путлӣ номанд, агарчи дар ин замон путлӣ дар ҳиндӣ сиёҳии калонро гӯянд; ва он сиёҳии кучак, ки дар ҳақиқат путлӣ ҳамон аст, онро тил номанд [204].

**МИРҶАЛ** مرجل ба маънии деги мисини бузург (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МУРТАҶАЛ** مرتجل шеъри хутбаи бадеҳа гуфташуда ва лафзе ки аз маънӣ ба маънии дигар бе муносибат накл карда шуда бошад, бо вуҷуди лиҳози маънии аввал (аз «Мунтахаб» ва дигар кутуб).

**МАРҒУЛ** مرغول бар вазни **мақбул**; ш чутоб; ва ба маънии муи печида ва овози мурғон ва навъе аз ово хоси мутрибон, ки бо печидагӣ бо шад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бур ҳон» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонги рӣ»).

**МУРСАЛ** مرسل фиристодашуда; ва ба маънии набии соҳиби китоби алло

**МАРСУЛ** مرسول ин лафз мин ҳайси луғати араб саҳеҳ нест; ба ҷо лафзи **марсул** лафзи **мурсал** (би фатҳи сини муҳмала) ба маънии фиристодашуда истеъмол бояд кард (аз «Баҳори Аҷам»); ва лафзи **марсул** ба маънии фиристодашуда дар ҳеҷ китобе ёфта нашуда, чаро ки исми фоил ва исми мафъул аз **рисолат**, ки масдари сулосии му ҷаррад аст, дар каломи араб мус таъмал нашуда.

**МУРАФФАҲУЛҲОЛ** مرفه الحال осуда ҳол ва хушмаъош (аз «Мадор»).

**МАРОҲИЛ** مراحل манзилҳо; ва ин *ҷамъи* марҳала аст (аз «Мунта хаб»).

**МУРАББАЪИ МУСТАТИЛ** مربع مستطیل ҷисми чаҳоргушаи дарозидоранда, чунонки тақтеъи китоб бошад.

**МАРСУМ** مرسوم ойин кардашуда ва нишон кардашуда; ва гоҳе *мурод аз* лафзи марсум дармоҳа ва рузина бошад, чаро ки ҳар чи умаро ва салотин барои касе муайян кунанд, онро дар дафтари худ нишон мекунанд, ай менависанд.

**МАРОСИМ** مراسم нишонаҳо ва ойинҳо (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МАРҶУМ** مرجوم рондашуда ва сангсор кардашуда (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУРТАСИМ** مرتسم нақшгиранда (аз «Мунтахаб»).

**МАРОМ** مرام мурод ва матлаб; **маром** сиғаи исми зарф аст, муштақ аз равм (билфатҳ), ки ба маънии талаб ва ҷустан ва қасд аст (аз «Қомус» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАРДУМ** مردم ба маънии як одамӣ ва бисьёр одамиён, чаро ки ин лафзро ба маънии муфрад ва ҷамъ ҳар ду истеъмол кунанд; ва сиёҳии чашм, ки маҳалли басар аст ва

мардумак тасғири он аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ» ва «Мадор»).

**МУРАХХАМ** مرخم нарм гардонидашуда; ва калимаи мунодо, ки ҳарфи охири он андохта шуда бошад ба ҷиҳати тахфиф; ва назди форсиён ҳар калимае, ки ҳарфи охираш андохта шуда бошад, мунодо будани он зарур нест.

**МАРОҲИМ** مراحم меҳрубониҳо; *ҷамъи* **марҳамат.**

**МАРОҲИМ** مراهم марҳамҳо, ки бар захм банданд.

**МУРТАҲИН** مرتهن гаравдиҳанда ва гаравгиранда; ва Мир Нуруллоҳ дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки чун **артаҳон** ба маънии қабул нумудани раҳн аст, бояд ки масдари лозим бошад, пас сиғаи мафъул сурат намегирад ва сиғаи исми фоил дар ин иборат, ки: *ба шукри ӯ муртаҳан рост намеояд*, муносиб дар ин маҳал **марҳун** аст; магар он ки **муртаҳан** (ба фатҳи ҳо) ба ҳазф ва эсол мисли муштарак, ки аслаш муштарак фиҳи аст, муртаҳан фиҳи мулоҳаза нумоянд ҳосили он ҳамон **марҳун** мешавад. Магар чун соҳиби «Ҳидоя» лафзи ибтиёъро, ки ба маънии қабул нумудани байъ аст, мутааддӣ истеъмол нумуда ва колои харидаро мутабоъ ба сиғаи мафъул оварда; ва ҳамчунин **иштиро**-ро низ мутааддӣ оварда **муштаро** (ба фатҳи ро) ба маънии байъ истеъмол карда; пас **муртаҳан** ба сиғаи мафъул дуруст бошад.

**МИРКАН** مركن ба маънии тағор ва лаган (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**МУРДОН** مردان ба маънии кӯдакони содару; ин *ҷамъи* **амрад** аст.

**МАРҲУН** مرهون гарав кардашуда.

**МАРҶОН** مرجان марвориди хурд; ва **луълуъ** ба маънии марвориди калон (аз «Тафсири Баҳри мавваҷ» ва «Суроҳ» ва «Қомус»); ва ҳеҷ яке аз ин луғоти арабӣ ба маънии ҷавҳари сурхранг, ки ба ҳиндӣ мунга гӯянд, нанавишта; ба луғоти муътабараи форсӣ, мисли «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» ҳам ёфта нашуда, магар дар «Бурҳон» навишта, ки **марҷон** дар арабӣ ба маънии марвориди хурд аст ва ба маънии ҷавҳари сурхранг низ арабист; ва дар «Мадор» ба ҳар ду маънӣ оварда; ва дар «Мунтахаб» навишта, ки **марҷон** марвориди хурд ва ба маънии буссуд низ омада; зоҳиран ба ин маънӣ форсист, зеро ки дар луғати араб ба ин маънӣ ёфта нашуда, тамма каломуҳу; ва масмуъ аст, ки **марҷон** ба маънии ҷавҳари сурхранг аст дар оби дарьёи Шур мисли наботот меруяд. Чун аз об берун меоранд санг мегардад ва гоҳе мисли чӯб кирмхӯрда мешавад; ва панҷ[206] **марҷон** дар адвия борҳо ба назар омада.

**МАРЗБОН** مرزبان заминдор ва молики замин, чаро ки **марз** дар форсӣ заминро гӯянд; ва *кинoя аз* ҳоким ва подшоҳ ва нигоҳдорандаи сарҳад; ва ба замми зои муъҷама (яъне **марзубон**)* *муарраби* он аст (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**МУРҒИ СУЛАЙМОН** مرغ سليمان худхуд (аз «Бурҳон»).

**МУРҒИ МАҶНУН** مرغ مجنون мурғе, ки дар мӯи сари Маҷнун ошьёна карда буд.

**МУРҒИ ЗАРРИН** مرغ زرين мурғест баробари мокиён мушобеҳ ба шакли дурроҷ ва андаке ба товус низ мушобаҳате дорад ва пару болаш монанди зар дурахшон ва ламъон медорад, магар лавни ӯ ба сабзӣ моил мебошад ва калғӣ низ медорад.

**МУРҒИ ОМИН** مرغ آمين ситораи каффулхазиб, зеро ки назди мунаҷҷимин муқаррар аст, ки ҳар кас ки вақти тулуъи каффулхазиб дуъо кунад мустаҷоб шавад; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки фириштаест, ки дар ҳаво парвоз кунад ва ҳамеша омин гӯяд; ҳар дуъое, ки ба оминаш расад мустаҷоб шавад.

**МУРҒИ ШАБХОН** مرغ شبخوان *кинoя аз* булбул, чаро ки аксар дар айёми баҳор ба вақти шаб овоз мекунад.

**МАРВИ ШОҲИҶАҲОН** مرو شاهجهان номи шаҳрест аз Хуросон.

**МАРДИ МАЙДОН** مرد ميدان *кинoя аз* ҳариф ва муқобил.

**МУРАББАЪНИШИН** مربع نشين чорзонунишин, чаро ки таври нишастани умаро ва салотин аст.

**МАРГИ НАВ** مرگ نو дар «Мусталаҳот» ба маънии фитнаи тоза навишта аст; ва баъзе ба маънии ишқ навиштаанд.

**МАРҶУВ(В)** مرجو умед дошташуда (аз «Мунтахаб»).

**МУРҒИ ҲАҚГӮ** مرغ حق‌گو мурғест, ки шабҳо ба ду по аз дарахт овезон шуда ба овози баланд ҳақ-ҳақ гуяд; ва онро **мурғи зирак** низ гуянд (аз «Бурҳон»).

**МАРВ** مرو бар вазни **сарв**; номи шаҳрест аз Хуросон; ва номи гиёҳест хушбудор (аз «Бурҳон»).

**МИРРА** مره сафро, ки хилтест зардранг ва талхмаза аз ҷумлаи ахлоти чаҳоргона; ва ба маънии қувват ва тувоноӣ ва ақл; ва билфатҳ ва ташдид (яъне **марра**)* ба маънии як бор (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Қанз»).

**МАРОРА** مراره заҳраи ҳар ҳайвон, ки ба ҳиндӣ онро питта гӯянд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАРСУСА** مرصوصه ба арзиз устувор кардашуда.

**МУРАТТАБА** مرتبه дуруст кардашуда ва дараҷа ба дараҷа дошташуда.

**МАРАДА** مرده дар арабӣ ба маънии девони саркаш ва мутамарридон ва саркашон; ин *ҷамъи* **морид** аст (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳи мим ва сукуни ро (яъне **марда**)* дар форсӣ ба маънии шаҷоъ ва баҳодур; ва биззам (яъне **мурда**)* маъруф; ва *маҷозан* ба маънии ошиқ ояд.

**МАРҒУЛА** مرغوله печутоб ва муи печида ва овози мурғон ва навъе овози хоси мутрибон, ки бо печидагӣ бошад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**МИРВАҲА** مروحه бодкаш ва бодзан; ин сиғаи исми ола аст аз **равҳ**, ки (билфатҳ бошад) ба маънии осоиш ва насим (аз «Муайид» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб»).

**МУРСАЛА** مرسله фиристодашуда ва овехта кардашуда; ва зеварест, ки занон дар гулӯ овезанд; зоҳиран ба ҳиндӣ онро ҳар гуянд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Қашф»).

**МАРСУЛА** مرسوله ба маънии фиристодашуда ғалат аст; ва ба ҷои он саҳеҳ **мурсала** аст (ба фатҳи син), зеро ки ин аз масдари **ирсол** омадааст, на аз **рисолат** (аз «Музил»)

**МУРЗИЪА** مرضعه зани ширдиҳанда атфолро, яъне доя.

**МАРҲАЛА** مرحله манзилгоҳ ва кӯчгоҳ ва манзил; ва ба маънии ҷои рахту асбоб; маъхуз аз **раҳл** (билфатҳ) ба маънии полони шутур ва рахт ва асбоб аст; ва ҳам ба маънии полон ниҳодан бар шутур ва кӯч кардан (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»), ва ба маънии миқдори масофати чаҳор фарсанг; ва навъе аз иморот, ки перомуни қалъаи ҷангӣ сохта ва бар он нишаста ҷанг кунанд.

**МАРОҒА** مراغه номи шаҳр аз вилояти Озарбойҷон; дар арабӣ ба маънии ғалтидани ҷонвар низ аст, хоҳ тоир бошад, хоҳ чаҳорпоя; дар ин сурат исми зарф аст аз **радғ** (билфатҳ), ба маънии ғалтидани ҳайвон (аз «Қомус» ва «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Қашф» ва «Бурҳон»).

**МУРОҚАБА** مراقبه умед доштан ва нигоҳ доштан чизеро; ва тарошидан; ва гардан фурӯ андохтан; ва ба истилоҳ ҳузури дил аст бо худо ва ғайбат аз мосиво.

**МАРСУДА** مرصوده аз **расад**, маълум кардашуда; бидон ки **кавокиби марсуда** якҳазору бисту панҷ ситораи савобитанд, ки аҳли ҳайъат аз қавонини расад маълум кардаанд ва чиҳилу ҳашт сувар, ки бар фалак муртасим аст, аз онҳо мураккабанд; ва тафсили он **сувар** дар фасли бои муваҳҳада маъа сини муҳмала мазкур шуд.

**МУРОФАЪА** مرافعه даъво пеши ҳоким бурдан.

**МАРВА** مروه кӯҳест дар Маккаи муаззама (аз «Мунтахаб»).

**МАРСИЯ** مرثیه сифати мурда (аз «Қашф» ва «Суроҳ» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»); ва ба сини муҳмала навиштан ва ташдиди таҳтонӣ (яъне **марсийя** مرسیه) хондан хатост.

**МАРОТИБИ СИТТА** مراتب سته ба истилоҳи суфиён аввал **аҳадийят**, ки эътибори зоти фақат аст ва ба олами ғайб низ мусаммо мегардад;

ва ба қавли баъзе ваҳдат, ки мусаммо ба яқини аввал ва барзахи кубро ва қобилийяти маҳз мешавад; ва сонӣ **воҳидийят**, ки эътибори зот аст ба асмо ва сифот тафсилан; солис **арвоҳи муҷаррада**, ки иборат аз уқули олийя ва арвоҳи башарийя аст; робеъ **малакут**, ки ҳовии нуфуси самовӣ ва башарийя аст ва онро олами мисол ҳам гуянд; хомис **олами мулк**, ки *киноя аз* аҷсом ва аъроз бошад ва ба **олами шаҳодат** низ мусаммо мегардад; содис **олами инсони комил**, ки маҳалли ҷамеъи маротиб аст.

**МАРОТИБИ ЧАҲОРГОНА** مراتب چهارگانه шариат ва тариқат ва маърифат ва ҳақиқат.

**МУРҒОНИ УЛИАҶНИҲА** مرغان اولی اجنحه тоирони соҳиби бозуҳо; ва ин *киноя* аст аз фириштагон.

**МУРАККАБОТИ ИМТИЗОҶИЙЯ** مرکبات امتزاجیه аз ёздаҳ то нуздаҳ ва ғайри имтизоҷийя аз бисту як то наваду нуҳ.

**МУРТАҚӢ** مرتقی баландкунанда ва болораванда.

**МАРВӢ** مروی ривоят кардашуда.

**МАРТӢ** مرطی уштур, лекин дар шарҳи «Нисоб» ёфта нашуда.

**МАРДУМИ ОБӢ** مردم آبی навъе аз ҳайвони обист, ки ба сурати инсон мебошад, сифедпуст ва бағоят нозукандом.

**МУРТАШӢ** مرتشی ришватситонанда (аз «Мунтахаб»).

**МАРДУМӢ** مردمی мурувват ва риъоят.

**МУРАББӢ** مربی парваришкунанда; ва ба фатҳи бои муваҳҳада ва дар охир алиф ба сурати ё (яъне **мураббо**)* парвардашуда; ва он чи аз қисми мева дар шираи қанд парварда кунанд.

**МАРЗӢ** مرضی сиғаи исми мафъул, ба маънии писандида; ва ба замми мим ва фатҳи ро ва ташдиди зоди муъҷамаи мафтуҳ ва дар охир алиф ба сурати ё (яъне **мураззо**)* низ ба маънии писандида.

**МАРИЙ** مری бар вазни **амир**; ҷисме лаҳмист ба сурати руда андаруни гулу, ки роҳи обу таом аст ва касабаи рия, ки манфази дам аст болои марийи мазкур аст; ва ба маънии гуворо ва ҳазм; ва ба замми мим ва ташдиди рои муҳмала (яъне **муррӣ**)* чизест, ки ба форсӣ онро обкома ва ба ҳиндӣ канҷӣ номанд; ва он обе бошад, ки дар он ғаллаи матбух андохта туруш кунанд; ва ба касратайн ва ёи маҷҳул (яъне **мире**)* дар форсӣ кушидан ва ситеза ва баробарӣ кардан бо касе дар мартаба (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Сурoҳ» ва «Латоиф» ва «Қанз»).

**МУРТАЗАВӢ** مرتضوی мансуб ба Муртазо Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу; ҳар лафзе, ки дар охири он алифи мақсура бошад, чун ёи нисбат дар охири он оранд, алифро ба вов бадал кунанд, дар арабӣ ёи нисбатро мушаддад хонанд ва дар форсӣ мухаффаф.

**МУРОЪӢ** مراعی риъояткунанда ва нигаҳбоникунанда ва чаронанда; ва ба фатҳи мим (яъне **мароъӣ**)* сабзазорҳо, ки сутуронро дар он чаронанд; ва ба маънии чаронидашудагон; ва ба маънии риъоятҳо низ омада.

**МИРДӢ** مردی ба маънии хала, яъне чӯбе дароз, ки маллоҳон каштиро бад-он ронанд (аз «Мунтахаб»).

**МУРАББАЪИ ТУЛОНӢ** مربع طولانی ҳар чизи чаҳоргуша, ки тӯлаш аз арзи он зиёда бошад.

**МАРЪӢ** مرئی ба маънии дидашуда; ин сиғаи исми мафъул аст аз **руъят**, дар асл **маръуй** буд, бар вазни **мафъул**; вов ва ё дар як калима ба ҳам омаданд, вовро ё карданд ва ё-ро дар ё идғом сохтанд ва моқабли ё-ро ба каср бадал карданд барои муносибати ё, **маръӣ** шуд.

**МУРОЪИ** مرائی риёкунанда ва худнумо; ва ин сиғаи исми фоил аст аз **риё**, ки масдари қалилулвуқуъ аз боби муфоилат аст; дар асл **муроъӣ** бар вазни **муқориб** буд, замма бар ё сақил буд, андохтанд; аҳли араб ба ҷиҳати илтиқои сокинайн, ки ба ё ва танвин шуд, ё-ро ҳазф кунанд; ва форсиён ба ҷиҳати адами истеъмоли танвин ҳазфи ё раво намедоранд.

**МАРҶОНИ ҶАНУБӢ** مرجان جنوبی қисме аз марҷон, ки аз тарафи ҷануб ва ҷазоири Сарандеп оранд.

**МАРҶОНИ МАРСУБӢ**[207] مرجان مرسوبی навъе аз марҷон, ки тирарang ва ноқис бошад.

**МУРАККАБИ ТАҚИИДӢ** مرکب تقییدی он мураккабро гӯянд, ки сифати мавсуф бошад, чун: *раҷули қоим*; ё музофилайҳ, чун: *ғуломи Зайд*; дар ин ҳар ду сурат мавсуф ва музоф муқайяд ба сифати худ ва музофилайҳи худ аст.

**МАРТУБӢ** مرطوبی шахсе фарбеҳи балғамимизоҷ, ки фарбеҳии ӯ бидуни асбоби зоҳирӣ бошад.

**МАРОСӢ** مراثی *ҷамъи* **марсия.**

**МАРГӢ** مرگی ба маънии вабо (аз «Мусталаҳот»).

**Фасли мим маъа зои муъҷама**

**МУЗАККО** مزکی закот додашуда ва пок кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАЗОЁ** مزایا афзуниҳо; *ҷамъи* **мазиййят**, ки ба маънии афзунӣ ва фазилат аст; *маҷозан* ба маънии атоё ва инъомот мустаъмал мешавад.

**МУЗАЙЯБ** مزیب зеб додашуда; ва ин лафзи синоъист, маъхуз аз **зеб**, ки калимаи форсист, аз олами *музаллаф* ва *мушашдар* ва *мулаббаб.*

**МУЗОҲАМАТ** مزاحمت тангӣ нумудан бар касе (аз «Мунтахаб»).

**МАЗИЛЛАТ** مزلت лағзидан; ва ба фатҳи зои муъҷама (яъне **мазаллат**)* ҷои лағзидан.

**МУЗАХРАФОТ** مزخرفات *ҷамъи* **музахраф**, ба маънии дурӯғҳое, ки мисли рост ороста шуда бошанд (аз «Сурох» ва ғайра).

**МАЗИЙЯТ** مزیت афзунӣ ва зиёдат ва фазилат (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Сурох»); ва ба замми мим ва фатҳи зои муъҷама ва ташдиди таҳтонӣ (яъне **музайят**)* равғани зайт молидашуда; ва дар баъзе нусахи тавқеъоти Қисро ба ҷои ин лафз **музайян** навишта аст; ва ҳамин асаҳ аст.

**МУЗҶОТ** مزجات андак ва беэътибор (аз Қанз»); ва Мир Нуруллоҳ дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки музҷот сиғаи исми мафъул аст ба тои таънис аз **азҷо** ва **тазҷийя** мисли **аъло** ва **таълийя**, ба маънии чизеро ба суҳулат аз ҷое ба ҷое бурдан; чун матоъи қалил ба суҳулат аз ҷое ба ҷое бурда мешавад, лиҳозо матоъи қалилро **бизоати музҷот гӯянд**; муаллиф гӯянд бар тақдире, ки аз **азҷо** бошад, ки боби афъол аст, дар асл **мазҷуят** буд, бар вазни **макрумат**; ё ба ҷиҳати фатҳи моқабл алиф гашта **музҷот** гардид, чунки лафзи **бизоат** ба сабаби вуҷуди то муаннаси лафзист, лиҳозо лафзи ӯро ба **музҷот**, ки сиғаи муаннас аст, сифат оварданд.

**МУЗОВАЛАТ** مزاولت чизеро бо чизе қарин кардан (аз «Қашф»); ва дар «Қанз» дар чизе кӯшидан; ва дар «Сурох» расидан ба коре.

**МУЗОҲИФОТ** مزاحفات буҳуре, ки дар онҳо зиҳоф воқеъ шуда бошад; ва **зиҳоф** (ба касри аввал) ба истилоҳи арӯз уфтодан ва соқит шудани як ҳарф ё ду ҳарф аз рукни аслии баҳре, ё зиёда шудани ҳарфе бар рукни аслӣ.

**МИЗГИТ** مزگت ба маънии масҷид (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**МУЗДАВАҶ** مزدوج ҳамқарин ва ба ҳам омехташуда; ва ба истилоҳи аҳли бадеъ ба маънии маснавӣ.

**МИЗОҶ** مزاج омезиш; ва ба истилоҳи атиббо кайфийяте, ки аз омехтани чизҳо ба ҳам расад, масалан ранги сурх, ки аз омехтани барги танбул ва катҳ ва чуна пайдо шавад; ва сиришту табиати инсонро ба ҳамин сабаб **мизоҷ гӯянд**, ки кайфийяте аз имтизоҷи аносири арбаъа ба ҳам мерасад.

**МИЗЕҶ** مزیج *имолаи* **мизоҷ.**

**МАЗҶ** مزج омехтан (аз «Мунтахаб»).

**МИЗОҲ** مزاح бо ҳам хуштабъӣ кардан; ва ба замми мим (яъне **музоҳ**)* хуштабъӣ (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» биззам ва билкаср (яъне **музоҳ** ва **мизоҳ**)* масдар аст, ба маънии лоғ ва хуштабъӣ кардан.

**МАЗИД** مزید зиёдатӣ ва афзунӣ ва афзун кардашуда; ва дар сурати маънии аввал ва дуввум масдари мимист ва ба маънии севвум исми мафъул аст аз **зода язиду зиёдатан**, ки аҷвафи ёӣ бошад, мисли **боъа ябиъу** (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**МУЗАРРАД** مزرد зирехпуш.

**МАЗОД** مزاد тушадон; ва ба замми мим (яъне **музод**)* зиёда кардашуда (аз «Латоиф»).

**МУЗАЪФАР** مزعفر заъфаронӣ ва зардранг; ва навъе аз палови ширин, ки биринҷи он ба заъфарон ва ғайра ранг кунанд.

**МАЗОМИР** مزامیر найҳое, ки онро менавозанд; *ҷамъи* **мизмор** (билкаср), ки ба маънии ной аст (аз «Мунтахаб»); ва дар урф ҷамеъи сози мутрибонро гӯянд.

**МУЗДУР** مزدور мураккаб аст аз лафзи **музд**, ки ба маънии уҷрат **аст** ва калимаи **вар**, ки ба маънии соҳиб ва худованд аст; ба ҷиҳати рафъи сиқли моқабл вовро замма дода уро сокин карданд; ва ба фатҳи мим, ки машҳур аст (яъне **маздур**)* хатост (аз «Бурҳон»).

**МУЗАВВАР** مزور бар вазни **мунаввар**; он чи аз қисми ғизо барои тасаллии бемор пазанд; ва таоми нарм, ки маризро диҳанд; ва ба касри вов (яъне **музаввир**)* макр ва фиребкунанда ва дурӯғгӯ.

**МИЗМОР** مزمار най, ки онро менавозанд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАЗИР** مزیر сахт ва сулб (аз «Сурох»).

**МАЗОР** مزار ҷои зиёрат; аксар итлоқи ин лафз бар қабр кунанд (аз «Мунтахаб»).

**МИЗМАР** مزمر сози уд, ки менавозанд (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба маънии барбат низ навишта, ки *мухаффафи* **мизмор** аст, ки ба маънии ной бошад.

**МАЗ(З)** مز макидан; ва биззам (яъне **музз**)* мазаи туруштиу ширинӣ ба ҳам омехта, ки онро ба форсӣ майнуш гӯянд; ва билкаср (яъне **мизз**)* ба маънии афзунӣ (аз «Мунтахаб»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **музз** (биззам) дар арабӣ лаззатест, ки аз имтизоҷи турушию ширинӣ ба ҳам расад.

**МУЗОРЕЪ** مزارع зироаткунанда ва кашоварз; ва ба фатҳи мим (яъне **мазореъ**)* *ҷамъи* **мазраъ**, ки ба маънии ҷои коштан ва деҳи кӯчак аст.

**МУЗОД КАРДАНИ МАТОЪ** مزاد کردن متاع нархи матоъ боло кардан (аз «Мусталаҳот»).

**МАЗОЛИФ** مزالف ҷоҳои анбӯҳ ва ҷои ҷамъ шудан (аз «Мунтахаб»).

**МУЗОҲИФ** مزاحف ба истилоҳи аруз рукни ғайри солим, яъне рукне, ки дар он тағйир шуда бошад.

**МУЗАЛЛАФ** مزلف бар вазни **мунаввар**; маъшуқи соҳибзулф ва навхат; ва ин тасарруфи форсизабонони мутаарраб аст, Муҳаммадисҳоқи Шавкат гӯяд, байт:

Музаллаф аст рухи хомаам зи бахти сиёҳ,
Саводи шоми фироқам хати лаби ҷом аст.

(аз «Баҳори Аҷам»); ва дар «Мусталаҳот» ба маънии маъшуқи навхат; ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **музаллаф** лафзест синоъии форсизабонони мутаарраб, ки ба тариқи сиғаи арабӣ овардаанд, маъхуз аз **зулф**, ки лафзи форсӣ, аз оломи **назокат**, ки аз лафзи нозук тарошидаанд.

**МУЗАХРАФ** مزخرف ороста ва зарандуда; ва дурӯғ, ки мисли рост ороста карда шуда бошад (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МАЗОЛИҚ** مزالق ҷоҳои лағзидан.

**МАЗДАК** مزدک номи марде дар ғояти фасоҳат ва киёсат дар замони падари Нӯшервон, мазҳаби ибоҳат, баъзе ашъё ихтироъ карда; чун Нушервон подшоҳ шуд Маздакро бо рафиқонаш ба қатл расонид; ва ин исм ба зои форсӣ (яъне **Мажлак**)* асаҳ аст (аз «Бурҳон» ва ғайра).

**МУЗОЛ** مزال лағзиш ва ҷои лағзиш.

**МУЗИЛ** مزیل дуркунандаи осори чизе.

**МУЗОҲИМ** مزاحم тангӣ бар касе кунанда ва ранҷрасонанда ва анбуҳикунанда.

**МУЗДАҲАМ** مزدحم издиҳом кардашуда; ва ба касриҳои мухмала (яъне **муздаҳим**)* издиҳомкунанда ва анбуҳикунанда.

**МУЗМИН** مزمن дерина ва куҳна; ва ба маънии ланг ва барҷо мондашаванда ва касе ки дасту пояш аз ҳаракат ва рафтор бозмонда бошад (аз «Мунтахаб» ва «Муҳаззаб» ва «Латоиф» ва ғайра).

**МУЗАЙЯН** مزین ороста; ва ба касри тахтонии мушаддада (яъне **музаййин**)* дар муховараи баъзе арабони ҳол ба маънии халлоқ, ки дар урф онро ҳаҷҷом гуянд.

**МУЗН** مزن борон (аз «Мунтахаб»); ва дар шарҳи «Нисоб» ба маънии абр; ва дар «Сурох» ба маънии абри сифед.

**МАЗИДАН** مزیدن макидан (аз «Бурҳон»).

**МУЗДАЛАФА** مزدلفه номи ҷое ба Маккаи муаззама.

**МАЗБАЛА** مزبله ҷои саргин андохтан ва ҷои наҷосат андохтан; ин исми зарф аст маъхуз аз **зибл** (билкаср), ки ба маънии саргин аст (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МАЗОБИЛА** مزابله ҷоҳои наҷосат ва ҷоҳои саргин андохтан; ин *ҷамъи* **мазбала** аст.

**МУЗДАВАҶА** مزدوجه ҳамқариншуда ва ба ҳам омехташуда (аз «Мунтахаб»).

**МАЗОДА** مزاده тӯшадон (аз «Сурох» ва «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУЗЛИҚА** مزلقه лағзишдиҳанда (аз «Мунтахаб»).

**МУЗЛИФА** مزلفه наздик овардашуда ва фароҳам овардашуда ва анбуҳ кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МИЗАФФА** مزفه номи яке аз олоти ҷулоҳа.

**МАЗИЙ** مزی *мухаффафи* **мазийят**, ба маънии зиёдат ва афзунӣ (аз «Канз» ва ғайра).

### Фасли мим маъа зои форсӣ

**МУЖГОН//МИЖГОН** مژگان *ҷамъи* **мижа** аст; гоҳе бар муфрад истеъмол шавад; дар асл ба фатҳи зои форсӣ (яъне **мижагон** ва **мужагон**)*-ст, магар ба сукуни зо бештар мустаъмал гардида, Масеҳи Кошӣ гуяд, байт:

Чашмат ба домани мижгон бар
кабоби дил
Оташ зада [208], ки боли самандар
шикаста аст.

(аз «Мусталаҳот»).

**МУЖДА//МИЖДА** مژده бишорат ва хабари хуш (аз «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Мадор»).

**МУЖДАГОНИ** مژدگانی чизе ва нақде, ки ба муждарасон диҳанд (аз «Мусталаҳот»).

### Фасли мим маъа сини муҳмала

**МАСО** مساء вақти шом (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУСТАСНО** مستثنی берун овардашуда ва хос кардашуда ва ҷудо кардашуда; сиғаи исми мафъул аст аз **истисно**, асли у **саноъ**, ба маънии чизеро мумтоз кардан; ва ба истилоҳи наҳвиён он чизе ки берун карда шуда бошад аз хукми моқабл ба қайди илло, ё ба он чи дар маънии иллост (аз «Канз» ва «Мунтахаб» ва гайри он).

**МАСЕҲО** مسیحا лақаби ҳазрати Исо алайҳиссалом; бидон ки дар Қуръони маҷид лафзи Масеҳ воқеъ аст. Пас зиёдати алиф тасарруфи форсиён бошад (аз «Баҳори Аҷам»), ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **Масеҳо** *муарраби* **Машсхо**-ст, ки (ба шин ва хои муъҷама бошад) ба маънии муборак, дар забони сурёнӣ.

**МУСТАВФО** مستوفا тамом гирифташуда; ва алифи ин лафзро ба сурати ё ҳам менависанд.

**МУСАММО** مسمی ном кардашуда, яъне соҳиби ном.

**МУСАББЕҲОНИ МАЛОЪИ АЪЛО** مسبحان ملاء اعلا тасбеҳкунандагони гуруҳи бартар; ва ин *киноя* аст аз фириштагон.

**МАСҶИДИ АҚСО** مسجد اقصی исми Байтулмуқаддас, ки масҷидест дар Шом.

**МАСЛУБ** مسلوب бар вазни **мағлуб**; рубудашуда (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МУСТАВҶИБ** مستوجب сазовор ва лоиқ (аз «Канз»).

**МУСТАТОБ** مستطاب хушомада ва покомада ва лазиз; исми мафъул аз иститобат, маъхази ин **тайййиб** аст (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Латоиф»).

**МУСТАҲАБ(Б)** مستحب дуст дошташуда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»);

ва ба истилоҳи фуқаҳо он феъл аз ибодот, ки расул саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама савоби он баён фармудаанд, ё гоҳе худ карда бошанд.

**МУСТАҶОБ** مستجاب ҷавоб додашуда (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии қабул кардашуда мустаъмал.

**МУСТАҶИБ** مستجیب иҷобаткунанда (аз «Латоиф»).

**МУСТАСҲИБ** مستصحب суҳбатдоранда (аз «Латоиф»).

**МУСАЙЛИМАИ КАЗЗОБ** مسیلمهٔ کذاب номи кофире, ки ба замони расул саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама даъвои нубуввват карда буд.

**МУСТАВДАЪОТ** مستودعات амонатҳо (аз «Мунтахаб»); ва дар «Шамсӣ» чизҳои амонат дошташуда.

**МУСОМАҲАТ** مسامحت бо ҳам кор осон гирифтан; ва гоҳе таҷрид карда ба маънии осон кардани кори касе ва оштӣ ва осонӣ кардан ва саҳл гирифтан ва далер ва чизеро саҳл пиндошта таваҷҷуҳ ба он накардан; муштақ аз **самҳ** (билфатҳ), ки ба маънии ҷавонмардӣ ва осон гирифтан аст (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Кашф» ва «Мадор»).

**МАСЪАЛАТ** مسألت бар вазни **манқабат**; ба маънии дархостан; он чи ки баъзе мардуми новоқиф бар вазни **матонат** (яъне **масолат**)* хонанд, хатост.

**МУСОҲАМАТ** مساهمت ба маънии мушоракат (аз «Мунтахаб»).

**МУСОЛАМАТ** مسالمت бо ҳам сулҳ кардан ва оштӣ (аз «Суроҳ»).

**МУСТАЪЛИЁТ** مستعلیات ҳуруфе ки хондани онҳо забонро ба ҳанаки аъло бардорад; ва баъзе навишта, ки сари забон ба ком равад; ва он ҳафт ҳарф аст: *сод* ва *зод* ва *то* ва *зо* ва *хои муъҷама* ва *ғайни муъҷама* ва *қоф*; ва ҳуруфи мунхафиза сивои инҳост.

**МУСОҲАЛАТ** مساهلت осон гирифтан ва саҳл пиндоштан (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии сусти кардан низ мустаъмал.

**МУСТ** مست ғаму андуҳ ва гила (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»).

**МУСКИРОТ** مسکرات он чизҳо, ки нашъа ва масти орад, мисли шароб ва банг ва амсоли он.

**МУСТАЛАЗЗОТ** مستلذات чизҳои марғуб, ки бад-он лаззат гиранд.

**МАСОФАТ** مسافت дурии биёбон; ва ин маъхуз аст аз **савф** (билфатҳ), ки ба маънии бу гирифтан аст; чун роҳбар дар биёбон роҳ гум мекунад, хоки он ҷо гирифта мебуяд ва маълум мекунад, ки дар роҳи рост аст ё роҳро гум карда. Пас ба касрати истеъмол номи дурии миёни манозил ва ғайра шуд (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Канз»).

**МИСОҲАТ** مساحت паймудани замин (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Суроҳ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Баҳрул-ҷавоҳир» ва «Латоиф»); ва ба фатҳи мим (яъне **масоҳат**)* хатост.

**МУСОАДАТ** مساعدت ёри кардан (аз «Канз»).

**МУСАХХИНОТ** مسخنات гармкунандагон (аз «Канз»).

**МИСВОТ** مسواة панҷае бошад, ки бад-он замини зироат рост кунанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МИСҲОТ** مسحات беле, ки ба он аз замин гил кананд (аз «Мунтахаб»); ва дар шарҳи «Нисоб» ба маънии белча.

**МУСОРААТ** مسارعت бо ҳам шитобӣ ва ҷалдӣ нумудан.

**МУСОВАМАТ** مساومت бо касе даранг кардан дар байъ барои гирон фуруҳтан ва диққат нумудан дар харидан ва фуруҳтан (аз «Мунтахаб»).

**МУСОВОТ** مساوات бар вазни **мулоқот**; баробарӣ кардан ва баробар омадан (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МАСКАНАТ** مسکنت бар вазни **мафъалат**; муфлисӣ (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАСЪУЛОТ** مسئولات он муқаддамот, ки дар воқеъот мавҷуд бошад ва аксар мардумонро бар он иттилоъ набошад.

**МУСКИТ** مسکت хомушкунанда.

**МУСТАНБАТОТ** مستنبطات ҷоҳои берун овардани чизе ва берун овардашудаҳо; ин *ҷамъи* **мустанбат** аст, ис-

ми зарф ва исми мафъул аст аз **истинбот** ва ин маъхуз аз **набт**, ки ба маънии об баромадан аз зери замин ва чоҳ аст (аз «Суроҳ»).

**МУСТАҒИС** مستغیث фарьёдхоҳ, яъне додхоҳ (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАҲИС(С)** مستحث барангезанда; ва ба фатҳи хои муҳмала (яъне **мустаҳас(с)***) барангехташуда (аз «Латоиф»).

**МУСТАҒОС** مستغاث касе ки аз ӯ додрасӣ хоҳанд.

**МУСТАҲДАС** مستحدث чизи нав пайдо кардашуда; ва ба касри доли муҳмала (яъне **мустаҳдис**)* чизи нав пайдокунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАХРИҶ** مستخرج беруноваранда; ва ба фатҳи ро (яъне **мустахраҷ**)* берун овардашуда.

**МАСЕҲ** مسیح дуст ва бисьёр паймоишкунандаи замин; ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Исо алайҳиссалом, зеро ки он ҳазрат дусти хақ буданд ва аз боиси таҷаррӯд аксар ба сайру гашт мебуданд; ва ба маънии дуруғгу; ва ба маънии он ки як чашму як абру надошта бошад; ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Даҷҷол низ аст; ва баъзе гуфтаанд, ки лақаби Даҷҷол **Миссиҳ** аст бар вазни **сиккин**; ва **Масеҳ** бар вазни **саҳеҳ** лақаби Исо; ва масеҳ ба маънии пораи нуқраву зари бесикка, ки сиккааш фарсуда шуда бошад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МАСҲ** مسح даст молидан ва ҷимоъ кардан (аз «Мунтахаб»).

**МАССОҲ** مساح бисьёр паймоишкунандаи замин (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАМЛЕҲ** مستملح намакин.

**МУСОМЕҲ** مسامح оштикунанда ва дар коре бо касе осоникунанда ва далеркунанда.

**МУСТАРОҲ** مستراح ҷои осоиш ва фароғат ва ҷои роҳат; ва *маҷозан* гоҳе пойхона низ мурод бошад, чаро ки он ҳам ҷои осоиш ва фароғат аст; ва лафзи **мастроҳ** (билфатҳ) мураккаб аст аз лафзи **маст** ва лафзи **роҳ**, ки ба маънии масти шароб аст; пас **мастироҳ** (**масти роҳ**)* ба изофати маст ба сӯи **роҳ**, ба маънии масти шароб аст, чунон-ки Мулло Низомӣ дар «Сикандарнома» ба мазаммати дуньё гуфта, мисраъ:

...Ки ҳам мастироҳ асту ҳам мустароҳ.

**МУСТАРВЕҲ** مستروح осудашаванда ва буи хуш баранда; ва ба фатҳи вов (яъне **мустарваҳ**)* ҷои осоиш, дар масдари ин, ки **истарвоҳ** аст, таълил накардаанд, бар **асли** худ гузоштаанд (аз «Суроҳ» ва «Қанз»).

**МУСТАҚБЕҲ** مستقبح зишт ва бад; исми фоил аз **истиқбоҳ**.

**МУСАТТАҲ** مسطح паҳн ва густурдашуда.

**МУСАЛЛЕҲ** مسلح силоҳдор ва соҳибсилоҳ.

**МАСХ** مسخ баргардонидани сурат ба сурате дигар, ки бадтар аз сурати нахустин бошад; ва рафтани маза аз чизе (аз «Мунтахаб»); ва сездаҳ чиз аст, ки ҳақ таоло ба сабаби афъоли бад мансух гардонида: аввал фил, ки марди лутӣ буд; дуввум хирс, ки кудаконро муханнас мекард; саввум харгуш, ки зане буд аз ҳайз ғусл накардӣ; чаҳорум каждум, ки ғаммоз буд; панҷум сусмор, ки ғоратгар буд; шашум хук, ки хилофи амри пайғамбар шикори моҳӣ кардӣ; ҳафтум рубоҳ, ки дузд буд; ҳаштум боха, ки зонӣ буд; нуҳум зоғ, ки мутакаббир буд; даҳум фохта, ки савганди дуруғ хӯрдӣ; ёздаҳум гунҷишк, ки молч ҳаром мехӯрд; дувоздаҳум муш, зане буд, ки ба уҷрат навҳа кардӣ; сездаҳум бум, ки тағйири мазҳаби худ карда буд; ва баъзе бисту нуҳ навишта, валлоҳу аълам биссавоб.

**МАСЛАХ** مسلخ ҷои пӯст кашидани чаҳорпоён, ва гоҳе *маҷозан* ба маънии забҳ кардани ҳайвонот.

**МАСЛУХ** مسلوخ гӯспанд ва бузи пӯст кандашуда.

**МАСЕХ** مسیخ бемаза (аз «Суроҳ»).

**МУСТАМАНД** مستمند андӯҳгин ва ғамгин; *маҷозан* ба маънии ҳоҷатманд; ва ин мураккаб аст аз **муст** (биззам), ки ба маънии ғаму андӯҳ бошад ва калимаи **манд**, ба маънии соҳиб ва худованд (казо фил — «Бурҳон»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **мустаманд** (биззам) ҳоҷатманд, чи **муст** (биззам) ба маънии ҳоҷат аст.

**МУСТАБЪИД** مستبعد дурӣ хоҳанда ва дур шумуранда; ва ба фатҳи айн (яъне **мустабъад**)* дурӣ ҷусташуда ва дур шумурдашуда; ва ба маънии баъид ва душвор мустаъмал мешавад.

**МАСАД** مسد решаи дарахт ва ресмони лифи хурмо ва ресмони пашми уштур (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАСЪИД** مستسعد некбахти ва саъодатҷӯянда ва ёрихоҳанда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАЗОД** مستزاد зиёда кардашуда; ва навъе аз шеър, ки дар охири ҳар мисраъ калимаи зиёда аз вазн оваранд (аз «Латоиф»).

**МУСТАРАД(Д)** مسترد боз пас додашуда ва вопас додашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУСОИД** مساعد ёридиҳанда.

**МУСАҲҲАД** مسهد бар вазни **мунаввар**; бедор кардашуда.

**МАСНАД** مسند такьягоҳ ва болишч бузург (аз «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Латоиф»); ва биззам ва нуни мафтӯҳ (яъне **муснад**)* рузгор ва замона; ва писархонда; ва ҳаромзода; ва чизе ки ба он такья дода бошанд чизеро; ва чизе ки пушт ба он дода шавад; ва касе ки панoҳ ба у бурда шавад; ва ба истилоҳи наҳвиён хабарро **муснад** ва мубтадоро муснад(ун)илайҳ гӯянд; ва феъл низ **муснад** мешавад, чунонки дар: ***«зарраба Зайдун»***, **зарраба** муснад аст ва **Зайд** муснадилайҳ.

**МУСТАБИД(Д)** مستبد танҳо ба коре истодашаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАҶИД(Д)** مستجد маъхуз аз **ҷадид** аст (аз «Латоиф»).

**МУСТАНАД** مستند чизе ки ба он пушт дода шавад; ва касе ки паноҳ ба ӯ бурда шавад (аз «Мунтахаб»); ва ба касри нун (яъне **мустанид**)* пушт ба чизе диҳанда ва паноҳҷӯянда (аз «Латоиф»).

**МУСТАИД(Д)** مستعد сохтагӣ ва омодагии чизе доранда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАЪОД** مستعاد суд ва нафъ гирифташуда; ва ин сиғаи исми мафъул аст аз **истиъода**, ки маъхуз аст аз **оида**, ки ба маънии суд ва нафъ бошад, чунонки дар «Сурох» аст; ва назири ин **мустафод** аст, маъхуз аз **фоида**.

**МУСТАФОД** مستفاد фоида гирифташуда; ва он чи ки ба тариқи фоида ҳосил шуда бошад.

**МУСТАРШИД** مسترشد рoстрави хоҳанда ва раҳнумой талабкунанда; ва ба маънии мурид мустаъмал.

**МИСРАД** مسرد олатест оҳанӣ, ки бад-он дар чарм сӯрох кунанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУСТАЛИЗ(З)** مستلذ лаззатгиранда ва мазаёб.

**МУСАХХАР** مسخر ром ва фармонбардор кардашуда ва мутеъ (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАҚАР(Р)** مستقر ҷои қарор; ва **мустақаррулхилофат** дар аҳди Акбар подшоҳ лақаби балдаи Агра буд.

**МАСТУР** مستور пушидашуда ва пушонанда; ин сиғаи исми мафъул ба маънии исми фоил низ омада: «*камо қолаллоҳу таоло ҳиҷобан мастуран*» (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАҶИР** مستجير паноҳҷӯянда ва зинҳорхоҳанда (аз «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» ба маънии паноҳ ва паноҳдиҳанда низ оварда.

**МУСТАЪОР** مستعار ба орият гирифташуда; исми мафъул аз **истиъора**, маъхази он **авр**.

**МУСТАЪИР** مستعير ориятхоҳанда.

**МИСМОР** مسمار мехи оҳанӣ (аз «Баҳори Аҷам» ва «Муайид»).

**МУСТАШОР** مستشار сиғаи исми мафъул, ба маънии машварат кардашуда; ё он ки ба ӯ машварат кунанд ва аз ӯ салоҳ пурсанд.

**МУСТАНИР** مستنير талаби рӯшаникунанда ва нурҷӯянда; ва ба маънии мутлақ рӯшан низ омада.

**МУСТАҶОР** مستجار он ки талаби амн аз ӯ кунанд.

**МАСИР** مسير масдари мимист, ба маънии рафтан ва сайр кардан; ва сиғаи исми зарф аст, ба маънии ҷои рафтор (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУСТАБШИР** مستبشر шодшаванда ва мужда талабкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАНКИР** مستنكر бад ва зишт.

**МУСТАЙСИР** مستيسر омодашаванда (аз «Сурох»).

**МУСТАКБИР** مستكبر гарданкаш ва мутакаббир ва мағрур.

**МУСТАМИР(Р)** مستمر устувор ва равон ва пайваста ва доим (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАЗҲИР** مستظهر ёрихоҳанда ва қавипуштшаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУСАММАР** مسمر меххои оҳану нуқра ва ғайра куфташуда.

**МУСКИР** مسكر хар чи ки нашъа ва масти орад.

**МУСТАБСИР** مستبصر бинодилшаванда (аз «Латоиф»).

**МУСАТТАР** مستر бар вазни **муаттар**; ба маънии пӯшида.

**МУСТАНСИР** مستنصر номи яке аз хулафои Аббосия.

**МУСТАДИР** مستدير хар чи гирд бошад ва мудаввар.

**МУСФАР** مسفر рӯшан ва сифед (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МАСҶУР** مسجور пур ва моломол аз об (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУСТАТИР** مستتر пинхон ва дар парда шаванда; ва ин лафз ба фатхи тои фавқонии дуввум (яъне **мустатар**)* хатост, чаро ки **иститор**, ба маънии дар парда шудан, лозим, на мутааддӣ; ва зоҳир аст, ки сиғаи исми мафъул аз лозим намеояд.

**МУСТАШЪИР** مستشعر пинхон дар дили худ тарсанда.

**МУСТАХБИР** مستخبر хабарчӯянда.

**МИСОС** مساس судан ба даст ва ҷимоъ кардан (аз «Мадор» ва «Қашф»).

**МАС(С)** مس ба даст молидан ва судан ба даст ва ҷимоъ кардан (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**МУСТАЪНИС** مستانس улфатгиранда ва хӯгар (аз «Мунтахаб»).

**МУСАДДАС** مسدس шашпахлу; ва қисме аз ақсоми шеър, ки бар асли байт чаҳор мисраъ афзуда бошанд.

**МАСҚИТУРРАЪС** مسقط الراس мавлид ва ватане, ки дар он ҷо таваллуд шавад; ва **масқит** (ба касри қоф) сиғаи исми зарф аст аз насара янсур, хилофулқиёс, ба маънии ҷои уфтодани раъс; ва **раъс** ба маънии сар. Чун вақти вилодат аввал сари мавлуд бар замин меояд, лиҳозо хусусияти сар карда (таҳқиқи лафзи **масқит** аз «Ҷорбардӣ» ва «Саъдия»-и Тафтозонӣ).

**МУСТАВҲИШ** مستوحش ваҳшатҷӯянда.

**МУСТАНБИТ** مستنبط беруноваранда об ва алам (илм) ва монанди он; ва ба фатҳи бои муваҳҳада (яъне **мустанбат**)* берун овардашуда ва ҷои берун овардани чизе (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАНБОТ** مستنباط ин лафз ғалат аст, ба ҷои он **мустанбатот** саҳеҳ аст, ки мазкур шуд.

**МУСАММАТ** مسمط дар ришта кашидашуда ва силки марворид; ва дар истилоҳи санъати шеърист, ки шоир дар се мисраъ ё бештар як қофияро риъоят кунад ва мисраъи чаҳорум ё мофавқи онро бар ҳолати худ гузорад; пас мураббаъ ва мухаммас ва мусаддас ва мусаббаъ ва мусамман ва муашшар аз афроди **мусаммат** аст; ва **мусаммат** сиғаи исми мафъул аст аз **тасмит**, ки ба маънии марворид дар ришта кашидан бошад. Чун дар санъати **масаммат** дар авохири чанд мисраъ қавофии мутамосил паиҳам меоранд, ба марворид дар ришта кашидан муносибате тамом дорад; ё он ки **мусаммат** аз он гӯянд, ки **тасмит** дар луғат чизе ба фитроки зин бастан аст. Чун шоир чанд мисраъи худро бо байти дигаре марбут ва мунзам мекунад, гӯё ки чизе ба фитроки зин бастан аст.

**МУСАЛЛИТ** مسلط баргуморанда касеро бар касе; ва *маҷозан* ба маънии ғолиб ва зӯровар; ва ба фатҳи лом (яъне **мусаллат**)* ба маънии шахсе ки ӯро бар касе гумошта бошанд; ва *маҷозан* ба маънии мағлуб.

**МУСТАЙҚИЗ** مستيقظ бедор (аз «Мунтахаб»).

**МУСАББАЪ** مسبع ҳафт бахш кардашуда; ва чизе ки ҳафт паҳлу дошта бошад; ва навъе аз шеър, ки ҳар банди ӯ ҳафт мисраъ дошта бошад.

**МУСРИЪ** مسرع шитобкунанда ва пайки тезрафтор.

**МУСТАВДАЪ** مستودع амонатгоҳ; ва ба касри дол (яъне **муставдеъ**)* амонат нигоҳдоранда (аз «Мунтахаб»).

**МИСМАЪ** مسمع гуш; ва ба маънии дастаи миёнаи далв (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАДАЪ** مستدع бадеъ ва аҷиб шумурдашуда.

**МАСОМЕЪ** مسامع гушҳо.

**МУСТАТЕЪ** مستطيع соҳибиститоат ва соҳибқудрат.

**МУСТАТБЕЪ** مستتبع пайравикунанда.

**МУСТАТОЪ** مستطاع фармонбардор ва мутеъ (аз «Латоиф»).

**МУСТАВСЕЪ** مستوسع фарох (аз «Латоиф»).

**МУСОВИЮЛАЗЛОЪ** مساوی الاضلاع чизе мусаллас ё мураббаъ ва ғайра, ки ҳама гушаҳои он баробар бошад.

**МУСТАҶМЕЪ** مستجمع ҷамъкунанда ва фароҳаморанда.

**МУСАҶҶАЪ** مسجع сухани бо қофия; ва номи санъате, ки шоир шеърро чаҳор ҳисса кунад, баъди риъояти се саҷъ ҳиссаи чаҳорумро бар қофия, ки бинои шеър бар он ниҳодааст, тамом кунад, чунончи дар ин байти ҳазрати Шайх Муслеҳуддин Саъдии Шерозӣ, байт:

Боз ояву дар чашмам нишин,
эй дилситони нозанин,
К-ошубу фарьёд аз замин
то осмонам меравад.

Ва ҳамчунин муншӣ дар ибораги **мусаҷҷаъ** риъояти чанд саҷъ дар ҳар фикра нумояд.

**МАСОҒ** مساغ ҷои равонии чизе ва ҷои равон шудан ва ҷавор (аз «Мунтахаб»): ва дар «Латоиф» навишта, ки маъхуз аз **савғ** аст, ки ба маънии осон ба гулӯ фуру шудани шароб ва таом бошад.

**МУСТАҲИФ** مستحيف ситамкунанда (аз «Латоиф»).

**МУСТАХИФ** مستخيف тарсанда ва хавфнок (аз «Латоиф»).

**МУСРИФ** مسرف беандоза харчкунанда ва беҷо харчкунанда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУСТАҒРИҚ** مستغرق ғарқшаванда; ва ҳамаро фаророрасанда; ва ба тамоми тувоноии худ коре кунанда; ва комил; ва ба фатҳи ро (яъне **мустағрақ**)* хондан хатост (аз «Мунтахаб» ва «Музил»).

**МАСОҚ** مساق ҷои рондан (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МАСБУҚ** مسبوق он ки касе ё чизе бар у собиқ шуда бошад; ва ба маънии гузашта (аз «Латоиф»).

**МУСТАРАҚ** مسترق дуздидашуда; аз **истироқ**; ва ба замми мим ва сукуни сонӣ ва фатҳи фавқонӣ ва фатҳи ро ва ташдиди қоф (яъне **мустараққ**)* ба бандагӣ гирифташуда ва сар кардашуда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУСТАШРИҚ** مستشرق рушан ва тобон (аз «Латоиф»).

**МУСТАВСИҚ** مستوثق устуворигиранда ва устувор.

**МАСЛАК** مسلك роҳ; ва ин сиғаи исми зарф аст аз **сулук**, ки ба маънии рафтан бошад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МАСОЛИК** مسالك роҳҳо; ва ин *ҷамъи* маслак аст.

**МУСТАҲЛИК** مستهلك ҳалокшаванда.

**МИСКАК** مسكك номи соз, ки ба даҳан навозанд (аз «Мадор»).

**МАСЛУК** مسلوك рафташуда ва рафтан кардашуда.

**МУСТАМСИК** مستمسك чанг дарзананда (аз «Мунтахаб»).

**МИСК** مسك *муарраби* **мушк** (ки ба зам ва шини муъҷама аст) ва он давои хушбуи маъруф аст (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАЪСАЛ** مستاصل аз бех баркандашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАЪҲИЛ** مستاهل сазовор ва лоиқ.

**МУСТАЗАЛ(Л)** مستذل хор ва залил доштaшуда.

**МАСОЛ(Л)** مسال ҷуволдузҳо; ва ин *ҷамъи* **мисалла** аст, ба маънии сузани калон (аз «Латоиф»).

**МУСТАХИЛ** مستحيل мҳол ва номумкин; ва аз ҳоле ба ҳоле гарданда; ва ҳилагар (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва ғайра).

**МУСТАМОЛ** مستمال ба суи худ майл додашуда ва тасаллӣ ва дилосо нумудашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАҚИЛ(Л)** مستقل соҳибистиқлол ва муҳкам ва побарҷо ва танҳо ба коре истодашаванда; ва ба маънии андак шуморкунанда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки дар истеъмоли форсиён ба маънии зани манкуҳа; ва дукконҳои зери хона, ки молик аз кирояи он мунтафеъ шавад.

**МУСТАҚБИЛ** مستقبل рӯ ба чизе оранда ва пешоянда ва замонаи оянда, ки муқобили мозӣ ва ҳол аст; ва ба фатҳи бои муваҳҳада (яъне **мустақбал**)* ба истилоҳи мусаввирон тасвири дучашмӣ, ки ду чашм ва ҳар ду рухсора дорад, дар муқобалаи нимрух, ки ба истилоҳи мусаввирон тасвири якчашмиро гӯянд.

**МУСТАЪҶИЛ** مستعجل шитобанда ва шитобкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МАСИЛ** مسيل чои равон шудани об (аз «Мунтахаб»).

**МУСАҶҶАЛ** مسجل сиҷил кардашуда; ва **сиҷил(л)** ба касратайн ва ташдиди лом, қаболаи бо муҳр **аст** (аз «Мунтахаб»); ва гоҳе *маҷозан* ба маънии дуруст ва ороста.

**МУСТАТИЛ** مستطيل ҷисмдароз; ва ба истилоҳи ҳандаса ҷисме дароз, ки тӯлу арзаш баробар набошад; шаклаш ин аст: 

(аз «Кашф» ва «Баҳори Аҷам» ва ғайри инҳо).

**МИСҲАЛ** مسحل гӯрхар (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАСЪУЛ** مسئول хосташуда.

**МАСЛУЛ** مسلول баркашидашуда ва баровардашуда (аз «Мунтахаб»); ва **сайфи маслул** ба маънии шамшери бараҳна, ки баркашидашуда бошад аз ниём; ва низ **маслул** ба маънии касе ки ӯро маразӣ сил бошад, наузубиллоҳи минҳо.

**МУСТАДИЛ(Л)** مستدل талаби далел кунанда (аз «Латоиф»).

**МУСТАБДИЛ** مستبدل бадалкунанда; ва ба фатҳи дол (яъне **мустабдал**)* бадал кардашуда (аз «Ла[тоиф]»).

**МУСҲИЛ** مسهل давое, ки шикамро ҷо[рӣ] кунад.

**МУСАЛСАЛ** مسلسل ба занҷир басташуда ва бо ҳам пайванд додашуда, ва он чи аз қисми муқайяш б[ар] даври аморӣ ва ғайра дузанд (аз «Мунтахаб» ва «Чароғи ҳидоят»).

**МУСТАҲОМ** مستهام саргашта ва ҳай[]рон (аз «Сурох»).

**МАСМУМ** مسموم касе ки ӯ заҳр хӯр[]да бошад.

**МУСОҲИМ** مساهم шарик ва анбоз.

**МАСОМ(М)** مسام сӯрохҳои бағоят б[ар]рик, ки дар тамомии ҷилди бад[а]ни одамӣ ва ғайра зери ҳар бун[и] мӯй бошад ва арақу бухорот а[з] онҳо дафъ мешавад; ин лафз да[р] асл **масомим** буд, *ҷамъи* **масмам**, ки сиғаи **исми** зарф бошад а[з] **сам**, ки (билфатҳ) ба маънии сӯрох аст; пас дар сиғаи воҳид в[а] ҷамъ мимро дар мим идғом кард[а] **масам** ва **масом** сохтанд; **масам(м)** ба фатҳи аввал ва сонӣ ва ташди[]ди мим, воҳид аст ва **масом(м)** б[а] фатҳи аввал ва сонӣ ва ташдид[и] мим, *ҷамъи* он аст; форсиён б[а] тахфифи мим хонанд.

**МУСТАҚИМ** مستقيم рост, ки зидди каҷ бошад; ва ба маънии ҳар чи к[и] рост истода бошад.

**МУСТАХДИМ** مستخدم хидматхоҳанда; ва ба фатҳи дол (яъне **мустахдам**)* касе ки аз ӯ хидмат хоҳанд.

**МУСТАДОМ** مستدام ҳамеша ва ҳамешагихоҳанда (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУСТАЛЗИМ** مستلزم лузумхоҳанда ва лозимгиранда.

**МУСЛИМ** مسلم он ки ислом дорад; ва ба замми мим ва фатҳи син ва ташдиди **ломи** мафтӯҳ (яъне **мусаллам**)* бовар дошташуда ва саломат дошташуда ва супурдашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАНҶИМ** مستنجم талаби рӯшной кунанда ва рӯшан (аз «Латоиф»).

**МУСТАТИМ** مستتم талаби тамомӣ кунанда ва тамом (аз «Латоиф»).

**МУСТАШМИМ** مستشم бӯянда.

**МУСТАҲОН** مستهان залил ва хор ва сабук дар назари мардум.

**МУСТАҲҶАН** مستهجن макруҳ ва зишт ва айб гирифташуда (аз «Суроҳ»).

**МУСТАЪОН** مستعان ёрӣ хосташуда, яъне касе ки аз ӯ истиъонат кунанд ва ёрӣ хоҳанд.

**МУСТАЪИН** مستعين иъонатхоҳанда ва мададҷӯянда.

**МУСТАБИН** مستبين возеҳ ва рӯшан ва зоҳир ва ошкоро (аз «Латоиф»).

**МИСАН(Н)** مسن навъе аз санг аст, ки бар он корду шамшер тез кунанд; ба форсӣ фасон ғӯянд; ва ин ғайри чарх аст, ки ба ҳиндӣ сан гӯянд; ва ба замми мим ва касри син (яъне **мусинн**)* пири солхӯрда; ва ба замми мим ва фатҳи син (яъне **мусанн**)* ба маънии соҳибсинон (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва ғайра).

**МИСКИН** مسكين сиғаи муболаға бар вазни **мифъил**: ба маънии бисьёр беҳаракат ва бекуввват; ва дар «Комус» гуфта: касе ки тангдастӣ ва фақр ӯро аз ҳаракат ва қувват боздошта бошад; ва аҳли шаръ **мискин** касеро гӯянд, ки ҳеч надорад ва **фақир** касеро номанд, ки он қадар мол надошта бошад, ки закот бар он воҷиб шавад.

**МАСОКИН** مساكين *ҷамъи* **мискин.**

**МАСКИН** مسكن хилофи қиёс, чаро ки ин сиғаи исми зарф аст аз бобн **насара янсур**, ба маънии ҷои сукунат ва мақом; ва баъзе ба фатҳи коф (яъне **маскан**)* низ гуфтаанд, мувофики қиёс (аз «Ҷорбардӣ» ва «Мунтахаб» ва ғайра); ва ба замми мим ва касри кофи мушаддад (яъне **мусаккин**)* таскиндиҳанда ва фурӯнишонанда.

**МУСМАН** مسمن бар вазни **муҳкам**; ба маънии фарбеҳ аз рӯи хилқат ва бар вазни **муаззам** (яъне **мусамман**)* фарбеҳ кардашуда; ва ба касри мими дуввум (яъне **мусаммин**)* фарбеҳкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУСАЛМОН** مسلمان агарчи таҳқиқи лафзи **мусалмон** камо ҳаққуху душвор, магар он чи ба фақир муяссар шуд, ин аст: навиштаанд, ки **мусалмон** дар асл **муслиммон** буд; **мон** ба маънии монанд, яъне монанди муслим, чунончи **осмон** мураккаб аст аз лафзи **ос** ва лафзи **мон**. Чун дар форсӣ ҳарфи охири лафзи аввал ва ҳарфи аввали лафзи охир аз як ҷинс бошад, якро ҳазф кунанд, лиҳозо аз **муслиммон** як мимро ҳазф карданд, **мусалмон** шуд. Бар ин тақдир мураккаб аз лафзи арабӣ ва форсист. Ва баъзе гӯянд, ки **мусалмон** *ҷамъи* **муслим** аст, ба тариқи форсӣ, мисли **мӯъминон** *ҷамъи* **мӯъмин;** лекин ба маънии воҳид машҳур аст, чунончи **ҳур**, ки *ҷамъи* **ҳавро**-ст ва ба маънии воҳид шуҳрат гирифта ва ҷамъи он **ҳурон** меоранд. Ба ҳамин тавр ҷамъи **мусалмон мусалмонон** оранд. Зоҳиран ҳар ду тавҷеҳи мазкур камо ҳаққуҳу содиқ намеоянд, чаро ки ба ҳар ду ваҷҳ сукуни син собит мешавад. Ва ҳол он ки ҳеч ҷо дар ашъори мутақаддимин ва мутааххирин сини **мусалмон** ба сукун воқеъ нашуда, балки ҳама ҷо мафтӯҳ аст. Ҳақ ин аст, ки дар лафзи **мусалмон**, ки (ба замми мим ва фатҳи син) лафзи форсист ва лафзи **муслим**, ки калимаи арабист иттифоқан модда муттаҳид уфтода, чунончи дар **хулуб** ва **халоб**, ки аввал (ба замматайн) арабист, ба маънии вахл ва сонӣ форсӣ; ва **усвор** (биззам) арабист, ба маънии бар асп нишинанда ва **асвор** (билфатх) форсӣ. Пас зарур нест. ки **мусалмон** аз **ислом** маъхуз бошад, балки форсии бахт аст ва муфрад аст, на мураккаб ва воҳид аст, на ҷамъ, валлоҳу аълам биссавоб.

**МУСТАҲСАН** مستحسن ба маънии некӯ шумурдашуда ва писанд нумудашуда; ва ба касри сини дуввум (яъне **мустаҳсин**)* некпиндоранда.

**МАСЪАЛА** مسئله дархостан ва пурсидан чизеро, ки аз он чиз мардум пурсанд ва дар мардум пурсида шавад ва маҳалли пурсидан дар муқаддамоти ақлӣ ва нақлӣ; ин лафз ба фатҳи аввал ва сонӣ ва фатҳи лом ва бидуни ҳамза (яъне **масала**)* низ дуруст аст (аз «Мунтахаб» ва ғайра); ва баъзе мардум, ки ба сукун ва бидуни ҳамза (яъне **масла**)* хонанд, хато ва ғалат аст.

**МАСТЕҲ** مستيه сиғаи наҳӣ аст аз **стеҳидан**; ба маънии маситез, яъне

ситеза макун (аз «Латоиф»); ва ба замми мим ва сукуни син ва фатҳи фавқонӣ (яъне **муста**)* дар арабӣ туъмаи туюри шикорӣ, мисли боз ва чурра ва шикара.

**МУСТАҲОЗА** مستحاضه зане ки уро зиёда аз айёми хайз хун ояд.

**МАСЕҲИ ЯКШАБА** مسیح یکشبه хамри душоб.

**МАСРАҶА** مسرجه чароғдон (аз «Қанз»).

**МУСТАМИРРА** مستمره ба маънии равон ва устувор ва доимӣ (аз «Мунтахаб»).

**МУСИЧА** مسیچه *мухаффафи* **мусича** (موسیچه); ва он тоирест сифеди мушобеҳ ба қумрӣ; ва баъзе саъваро гуянд (аз «Бурҳон» ва «Мадор»).

**МУСТАТОЪА** مستطاعه қудрат дошташуда ва дастрас дошташуда.

**МУСОЯРА** مسایره баробарӣ гирифтан (аз «Суроҳ»).

**МУСВАДДА** مسوده ба маънии сиёҳ; ва *маҷозан* ба маънии навишта ва он чи аввал сарсарӣ навишта бошанд, то бори дигар онро ба сафо ва хубӣ нависанд; ва ин лафз маъхуз аз **асвадод** аст, ки бар вазни **афъалол** аст; чаро ки ҳар лафзе, ки дар он маънии лавн бошад, аксар аз боби **афъалол** меояд, чунонки *аҳмарор* ва *ахзарор* ва *асфарор* ва *асвадод*; ва дар Қаломуллоҳи маҷид низ лафзи **мусвадда** аз боби **афъалол** воқеъ шуда: *«ва изо бушшари аҳадуҳум билунсо залла ваҷҳаҳун мусваддан ва ҳува казим»*. Ва он чи ки баъзе **мусаввада** гуянд (ба замми мим ва фатҳи син ва ташдиди вов) хатост, чаро ки лафзи **мусаввада** аз боби **тафъил** дар каломи араб мустаъмал нашуда; баъзе муҳаққиқон фармудаанд, ки ин ҳама тақрири мазкур рост намеоянд, чаро ки **мусвадда** (ба ташдиди дол) дар Қаломи маҷид ба маънии мутлақ сиёҳ аст, на ба маънии сиёҳ кардашуда ва на ба маънии навишташуда; пас **мусаввада** (ба замми мим ва ташдиди вов) дуруст бошад (ва фатҳи син), чаро ки **тасвид** ба маънии навиштан, ки масдари он аст, дар каломи акобир ва сиқот бисьёр омада, агарчи исми мафъулаш дар каломи араб наёмада; ва он чи баъзе **масавда** гуянд (ба фатҳи мим ва фатҳи син ва сукуни вов) маҳзи ғалат аст; ва он ки баъзе **масвада** бар вазни **машғала** гуянд, он низ ғалат аст.

**МАСТИ ГУЗОРА** مست گذاره масте ки мастии у аз ҳад гузашта бошад.

**МУСТАЪНИФА** مستأنفه аз сари нав гиранда ва оғозкунанда ва ром ва оҳиста ва ба як су истодашаванда; ва *маҷозан* ба маънии чудо ва алоҳида низ омада (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**МУСАББЕҲА** مسبحه ангушти шаҳодат, ки онро саббоба низ гуянд (аз «Қашф»).

**МУСТАКРЕҲ** مستکره макруҳ ва нохуш ва зиштдонанда чизеро.

**МУСТАРХӢ** مسترخی суст ва фуруҳишташаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУСТАҚСӢ** مستقصی ба ниҳояти чизе расанда.

**МУСТАВЛӢ** مستولی бар касе дастёбанда ва ғалабакунанда.

**МУСИЙ** مسی бадкирдор ва бадафъол (аз «Қашф»).

**МАСҲӢ** مسحی навъе аз муза, ки сулаҳо ва умаро дар по кунанд.

**МУСТАЗӢ** مستضی рушанигиранда ва рушанихоҳанда.

**МУСТАВФӢ** مستوفی тамомро фарогиранда ва сардафтари аҳли девон, ки аз дигар муҳосибон ҳисоб гирад (аз «Қашф» ва ғайра).

**МУСТАЛҚӢ** مستلقی бар қафо хобанда, яъне пушт ба бистар карда дасту по дарозкунанда.

**МУСТАСҚӢ** مستسقی обхоҳанда барои нушидан; ва соҳиби маразы истисқо; чун дар баъзе ақсоми истисқо ташнагӣ бисьёр бошад, лиҳозо соҳибашро мустасқӣ гуянд.

**МУСТАДЪӢ** مستدعی дархосткунанда (аз «Қанз»).

**МУСТАВӢ** مستوی баробар ва ҳамвор (аз «Латоиф»).

**МУСОВӢ** مساوی баробар; ва ба фатҳ (яъне **масовӣ**)* *ҷамъи* **саййиъа**, ки ба маънии бадӣ ва гуноҳ аст (аз «Қашф»).

**МУСТАКФӢ** مستکفی кифоятхоҳанда дар ҳар кор ва номи халифаи Бағдод.

**МУСТАҒОСӢ** مستغاثی ба маънии фарьёдӣ ва додхоҳ саҳеҳ бошад ба ду ваҷҳ: яке он ки **мустағос** сиғаи исми мафъул аст, ба маънии касе ки аз ӯ додрасӣ хоҳанд ва он ҳоким бошад; ёи таҳтонӣ, ки дар охири лафзи **мустағосӣ**-ст барои нисбат бошад, яъне мансуб ба **мустағос** ва мансуб ба **мустағоси** додхоҳ бошад; ва ваҷҳи дигар он ки **мустағос** сиғаи масдари мимӣ бошад, чаро ки масдари мимӣ бар вазни сиғаи исми мафъул ва зарф меояд ва ёи таҳтонӣ барои нисбат, яъне мансуб ба **истиғоса**, ё он ки ёи таҳтонӣ барои фоилият бошад; дар ин сурат **мустағосӣ** ба маънии истиғосакунанда бошад, чунончи: **касбӣ** ба маънии касбкунанда бошад, фа иф҇ҳам.

**МУСАЛЛӢ** مصلی маъхуз аз **таслия**, ки ба маънии ғам аз дил бурдан аст; ба ҳамин муносибат номи аспи севвум аст аз даҳ аспон, ки тафсилаш дар **муҷаллӣ** ғузашт; ва ба касри мим ва ташдиди ломи максур (яъне **мисаллӣ**)* номи дардест, ки соҳибаш чунон пиндорад, ки касе сӯзани калон дар баданаш мехалонад (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАСОЪӢ** مساعی давиданҳо ва шитоб карданҳо; *ҷамъи* **масъот**, ки масдари мимист, ба маънии **саъй**.

**МУСТАРЗӢ** مسترضی ризоҷӯ ва хушнудихоҳанда; ва ба фатҳи зоди муъҷама (яъне **мустарзо**)* розӣ ва ризоманд.

**Фасли мим маъа шини муъҷама**

**МУШТАҲО** مشتها марғуб; ва дар «Латоиф» ба маънии орзу.

**МАШРАБ** مشرب ошомидан ва ҷои ошомидан (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии мазҳаб ва дину ойин *маҷоз* аст, ба муносибати интифоъи маънавӣ аз ӯ; ва билкаср (яъне **мишраб**)* пиёла ва кӯза.

**МАШУБ** مشوب бар вазни **мақул**; омехташуда ва махлут (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Қашф»).

**МАШОРИБ** مشارب ошомиданҳо ва ҷоҳои ошомидан.

**МУШОВАРАТ** مشاورت машварат кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУШОЯЪАТ** مشایعت бо касе ёрӣ кардан ва пайравӣ нумудан ва чанд қадам ҳамроҳи касе рафтан барои рухсат (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**МУШОКУЛАТ** مشاکلت ҳамшакл будан ва монанд шудан (аз «Мунтахаб»).

**МУШТАҲАЕТ** مشتهیات ашьёи марғуб ва орзу доштаашудаҳо.

**МИШКОТ** مشکات тоқе фарох, ки дар он чароғ ва қиндил гузоранд; ва расмулхатти саҳеҳи ин лафз (مشکوة) ба вов ва тои мудаввар, магар ба хондан алиф хонда мешавад; ва ҳамин ҳол дорад лафзи салот (صلوة) ва закот (زکوة) ва ҳаёт (حیوة)؛ дар ин ҷо ба ҷиҳати ифодаи ом ба алифу тои дароз навишта шуд (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва ғайра).

**МУШРИҚОТ** مشرقات чизҳои рушан; ва *киноя аз* ситорагон.

**МАШТУТ** مشتوت пароганда; ва *маҷозан* торҳои ҷома қабл аз бофтан.

**МАШМУМОТ** مشمومات атриёт ва чизҳои хушбӯ, ки бӯйида шаванд.

**МУШАТТАТ** مشتت парешон ва пароганда ва мутараддид.

**МАШИЙЯТ** مشیت хостан (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»); магар истеъмоли ин лафз мухтас гашта ба маънии хоҳиш ва марзии ҳақ таоло; ва дар «Хиёбон» навишта, ки **машийят** иродаи илоҳӣ; ва пеши баъзе **машийят** хос аст аз ирода, чунончи аз имом Ҷаъфари Содиқ алайҳиттаҳийёт марвист, ки аз баъзе иродатҳои илоҳӣ анбиё ва авлиёро хабар мешавад, ба хилофи **машийят**, ки аз он анбиё ва авлиёро иттилоъ набошад.

**МАШОИХ** مشایخ пирон; ин *ҷамъи* шайх аст, хилофулқиёс (аз «Мунтахаб» ва ғайри он); ва низ ба ҷои дигар дар «Мунтахаб» навишта, ки **машоих** *ҷамъи* **машиха** аст ва **машиха** *ҷамъи* **шайх** аст; пас аз ин собит шуд, ки **машоих** *ҷамъулҷамъи* **шайх** аст. Аҷиб ки дар урф **машоих**-ро бар шахси воҳид итлоқ кунанд ва барои ҷамъ алифу нун зоида карда **машоихон** гӯянд.

**МУШКРО КОФУР КАРД** مشک را کافور کرد яъне мӯи сиёҳро сифед кард (аз «Муайид»).

**МАШҲАД** مشهد ҷои ҳозир шудан ва шаҳодатгоҳ ва қабристони шаҳидон; ва номи шаҳре дар Эрон, ки ба замонаи қадим онро Тус мегуфтанд. Чун мазори шарифи ҳазрати Алӣ Мусои Ризо алайҳиссалом дар он шаҳр вокеъ аст, лиҳозо онро Машҳади муқаддас гуянд.

**МАШИД** مشید гач кардашуда; ва *маҷозан* ба маънии устувор ва мухкам кардашуда; ва ба замми мим ва фатхи шин ва ташдиди ёи мафтуҳа (яъне **мушайяд**)* ба гач ва чуна мухкам кардашуда; ва ба касри ёи мушаддад (яъне **мушаййид**»)* ба гач ва чуна мухкамкунанда; ва ин маъхуз аз **шайд аст**, ки (ба фатҳ бошад) ба маънии гач ва чуна (аз «Мунтахаб»).

**МУШКБЕД** مشک بید навъе аз ҳафтдаҳ анвоъи бед, ки гули он хушбу бошад; он чи ки баъзе шоирон **мушкбед** ба маънии чуби сиёҳ бастаанд ва хол он ки чуби дарахти **мушкбед** сиёҳ намебошад. Ғолибан ба муносибати лафзи **мушк**, ки сиёҳ бошад, чунин таҷвиз кардаанд.

**МУШЪИР** مشعر хабардиҳанда; ва ба фатҳ ва айни муҳмалаи мафтуҳ (яъне **машъар**)* ҷои қурбонии ҳаҷ дар Макка ва ҷои муи сар тарошидани ҳоҷиён ва ҷои ибодат (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАШОИР** مشاعر ҷоҳои ибодати ҳоҷиён ва ҷоҳои қурбонӣ кардан; *ҷамъи* **машъар**; ва он чи **машоир** ба маънии роҳҳо шуҳрат гирифта, дар кутуби луғоти муътабара ёфта намешавад, магар ба ҷои он **машореъ** бошад (ба фатҳи **мим** ва касри рои мухмала) ба маънии роҳҳо, *ҷамъи* **машраъ**, ки исми зарф бошад, маъхуз аз **шаръ**, ки ба маънии роҳ кушодан аст.

**МУШАШДАР** مششدر бар вазни **мукаллал**; мутаҳаййир; маъхуз аз **шашдар**; ва ин тарошидаи форсизабонони арабидон аст (аз «Баҳори Аҷам»).

**МУШАҶҶАР** مشجر бар вазни **мунаввар**; ҷомае ки нуқуши суратҳои дарахтон дошта бошад (аз «Мунтахаб»).

**МАШКУР** مشکور писандида ва ситуда (аз «Мунтахаб»).

**МУШОР** مشار ишорат кардашуда (аз «Муайид»).

**МАШОҲИР** مشاهیر *ҷамъи* **машҳур**; ва *маҷозан* ба маънии бузургон ва номварон.

**МУШИР** مشیر соҳибмашварат (аз «Муайид» ва «Мадор»); ва дар «Латоиф» ба маънии машваратկунанда ва ишораткунанда.

**МУШТАҲИР** مشتهر шуҳратдиҳанда; ва ба фатҳи хо (яъне **муштаҳар**)* шуҳрат додашуда.

**МУШАҲҲАР** مشهر бар вазни **мунаввар**; шуҳрат додашуда.

**МУШАММИР** مشمر доман ба миён барзананда барои давидан; ва ба фатҳи мими дуввум (яъне **мушаммар**)* иборат аз аспи тезрафтори мустаидди давидан (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**МУШАВВИШ** مشوش парешонкунанда; ва ба фатҳи вов (яъне **мушаввaш**)* парешон кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МИШМИШ** مشمش зардолу; ва онро хубонӣ низ гуянд; ва он меваест ширин (аз «Мунтахаб»).

**МУШТУ ДУРАФШ** مشت و درفش *киноя аз* амри пурдушвор (аз «Мусталаҳот»).

**МУШТ//МИШТ** مشط шона, ки онро дар мӯй ва ғайра кашанд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУШОЪ** مشاع муштарак ва тақсим нокардашуда ва ошкоро ва фош кардашуда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»); ва аксар истеъмоли он дар замин аст, чунонки дар «Мадор» навишта, ки **мушоъ** замини муштарак, ки қисмат кардашуда набошад.

**МАШОРЕЪ** مشارع ба маънии роҳҳо; *ҷамъи* **машраъ**, ки исми зарф бошад, маъхуз аз **шаръ**, ки ба маънии роҳ кушодан аст.

**МУШБАЪ** مشبع сер кардашуда; ва фатҳа ва замма ва касра он қадар пур хонда шуда, ки алиф аз фатҳ ва вов аз замма ва ё аз касра пайдо шуда бошад.

**МУШАЪШАЪ** ва **МУШАЪШАЪА** مشعشع و مشعشعه рушан; ва шароби ба об омехта (аз «Сурох»).

**МУШТОЪ** مشتاع ошкоро кардашуда ва фош кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУШАННАЪ** مشنع бад ва зишт ва маломат кардашуда.

**МУШРИФ** مشرف баланд ва бар боло баландшаванда ва хабардор ва нависанда, ки болои нависандагон мутаайийн шавад, то аз хиёнати эшон хабардор буда бошад; ва қариб ва мустаид шудани зуҳури амре аз хайр ё шар .(аз «Мунтахаб» ва «Шамсӣ» ва «Латоиф»); ва низ дар «Латоиф» мастур аст, ки ба фатҳи аввал ва саввум (яъне **машраф**)* ба маънии чои баланд; ва ба аввал мазмум ва сонӣ мафтуҳ ва рои мушаддади мафтуҳ (яъне **мушарраф**)* бузургӣ додашуда.

**МАШЪУФ** مشعوف шефта ва ошиқ ва муҳиб (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАШҒУФ** مشغوف касе ки андаруни пардаи дилаш чизе расида бошад (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**МАШОҚ(Қ)** مشاق сахтиҳо; ин *ҷамъи* **машаққат** аст; ва ба фатҳи мим ва ташдиди шин (яъне **машшоқ**)* бисьёр машқи коре кунанда.

**МУШФИҚ** مشفق меҳрубоникунанда ва тарсанда бар касе ва меҳрубонӣ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУШТАҚ(Қ)** مشتق лафзе аз лафз гирифташуда (аз «Суроҳ»).

**МУШАВВИҚ** مشوق ба орзу дароваранда касеро; ва ба фатҳи вови мушаддад (яъне **мушаввақ**)* ба орзу даровардашуда (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳи мим ва замми шин, бар вазни **мақул** (яъне **машуқ**)* ба маънии шоиқ; ва агар *мухаффафи* **маъшуқ** хонда шавад ҳам дуруст аст (аз «Латоиф»).

**МУШАББАК** مشبك ҳар шайъ, ки дар он сурох-сурох бошанд; ба ҳиндӣ онро ҷалӣ гуянд.

**МУШК//МИШК** مشك ҳар ду тавр саҳеҳ аст, чаро ки аҳли Форс ба касри мим (яъне **мишк**)* ва аҳли Мовароуннаҳр ба замми мим (яъне **мушк**)* хонанд; ва **миск** (билкаср ва сини мухмала) *муарраби* он аст (аз «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам»).

**МУШАНГ** مشنگ бар вазни **туфанг**; навъе аз ғалла; ва ба маънии дузд ва роҳзан (аз «Бурҳон»).

**МУШТАРАК** مشترك ба истилоҳи аҳли луғат лафзе ки ду ё зиёда аз ду маънӣ дорад; ва он лафзро барои ҳар маънӣ вазъ карда бошанд ва алоқае аз алоқаҳои маҷоз дар он ёфта нашавад, чунонки **чория**, ки ба маънии каниз ва офтоб ва каштӣ; ва аз ҳамин қабил лафзи **айн**, ки барои бисьёр маънист.

**МУШОКИЛ** مشاكل монандшаванда ва ҳамшаклшаванда; ва номи баҳрест аз нуздаҳ буҳури аруз (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУШТАМИЛ** مشتمل гирдогирд фарогиранда ва бар болои чизе муҳитшаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУШТАИЛ** مشتعل шуълазан ва сӯзон ба забонакашн.

**МУШТАҒИЛ** مشتغل машғулшаванда; ва ба маънии руйгардонанда, чунончи дар ин байт, байт:

> Зи савдои ҷонон ба ҷон муштағил.
> Ба зикри ҳабиб аз ҷаҳон муштағил.

Дар мисраъи аввал ба маънии машғулшаванда ва дар мисраъи сонӣ ба маънии ругардонанда, яъне ба сабаби ишқи маъшуқ ба ҷону дил машғуланд, ай аз таҳи дил ва сидқи ҷон хоҳони у ҳастанд ва ба ёди у аз ҷаҳон руйгардонандаанд; лафзи **иштиғол** аз боби **ифтиъол** аст, ки ба тағйири сила маънии он мутағаййир мешаванд, чунонки лафзи **рағбат**, ки ба маънии хоҳиш аст, чун силаи он ан ( عن ) ояд, ба маънии эъроз гардад, чунонки дар ҳадис: *«ман рағба ан санната фалайса манно»*; ҳамчунин лафзи **иштиғол**-ро ҳар гоҳ ба лафзи **аз**, ки тарҷумаи **ан** аст, истеъмол кунанд, маънии он руй гардонидан бувад («Шарҳи Бустон» аз Абдулвосеъ).

**МУШТМОЛ** مشتمال даллокӣ ва молише, ки куштигирон бар бозуи худҳо бо ҳам муштҳо зананд, то сахт гардад.

**МАШМУЛ** مشمول аз ҳама су фарогирифташуда ва иҳота кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАШОМ(М)** مشام магар дар истеъмоли форсӣ ба тахфифи мим хонда мешавад; маҳалли қуввати шомма дар мунтаҳои бинӣ ва муқаддами димоғ аст; дар ҳақиқат ин лафз

сиғаи ҷамъ аст, ки ба маънии воҳид истеъмол ёфта; **машомм** дар асл **машомим** буд *ҷамъи* **машмим,** ки сиғаи исми зарф аст аз **шамм,** ки масдар аст, ба маънии буйидан; пас дар сиғаи воҳид ва ҷамъ мимро дар мим идғом карда **машамм** ва **машомм** сохтанд.

**МАШЪАРУЛҲАРОМ** مشعرالحرام яке аз ҷоҳои қурбонии ҳаҷ дар Маккаи муаззама; ва яке аз мақомҳои ибодат (аз «Сурох»); чи **шаъира** қурбонии ҳаҷро гӯянд.

**МАШЪУМ** مشئوم бар вазни **мақсум;** ба маънии манҳус саҳеҳ аст; чи ин сиғаи исми **мафъул** аст аз **шаъма, яшаъма, шаъман,** ки маҳмузулъайн бошад; ва **машум** бар вазни **мақул** низ ҷоиз аст; ва он чи ки дар авом шухрат ёфта, ки **майшум** аст (ба фатҳи мим ва сукуни ёи таҳтонӣ ва заммн шин ва сукуни вов), ғалат аст, чунонки соҳиби «Завъ» дар таърифи калима ба ин маънӣ ишорат нумудааст; ва соҳиби «Музил-ул-ағлот» низ ҳамин таҳқиқ карда; ва соҳиби «Сурох» навишта, ки омма **майшум** гӯянд.

**МАШЪАЛИ ВОДИИ КАЛИМ** مشعل وادیء کلیم таҷаллӣ, ки Мусо алайҳиссаломро дар водии Айман дар торикӣ зохир шуда буд.

**МАШЪАЛКУШОН** مشعل کشان қавмест аз куффор (аз «Баҳори Аҷам»); гӯянд, ки эшон машъалро кушта ба хонаи торик ҷомаи духтарон андохта, ба чанд писарон амр кунанд, ки ҳар яке ҷома бардорад соҳиби он ҷома дар никоҳи ӯ бошад.

**МАШШОЪИН** مشائین *ҷамъи* **машшоъ,** ки сиғаи нисбат аст, мисли **ҳаддод,** ё муболаға, мисли **қаттол;** чун ё баъди алиф зоида воқеъ шуд, ба ҳамза бадал шуд, **машшоъ** гардид, чун ба ёву нун ҷамъ карданд **машшоъин** шуд; ва **машшоъин** тоифаест аз хукамо, ки дар идроки ҳақоики бисьёр ашьё машӣ ва рафтор ба далоил мекунанд, яъне ба далоил ва аломот ба мақсуд фоиз мешаванд.

**МАШҲУН** مشحون пур кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУШТЗАН** مشت زن куштигир; чи маъмули куштигирон аст, ки қабли куштӣ бар дӯшу бозуи худ муштзанӣ кунанд, то бад-он[209] сахт ва устувор шавад (аз «Хиёбон»).

**МАШРИҚАЙН** مشرقین иборат аз машриқ ва мағриб; бидон ки машриқу мағрибро ду машриқ гуфтан бино бар тағлиб аст; ва **тағлиб** онро гӯянд, ки як шайъи ғолибро аз ду шайъ, ки бо ҳам муқобил бошанд, ғалаба дода, итлоқи он бар дигаре нумуда, ҳамон исми шайъи ғолибро тасния нумоянд, чунонки машриқ ва мағрибро **машриқайн** гуянд, ба лиҳози шарофати тулӯъ аз машриқ; ва шамсу қамарро **қамарайн** гӯянд, ба лиҳози он ки шамс дар муҳовараи араб муаннаси самоъист ва қамар музаккар; пас музаккар аз муаннас ғолиб ва ашраф аст; ва **волидайн** ба лиҳози он ки волид ба нисбати волида ғолиб ва ашраф аст, чаро ки нисбати писар ба падар тааллуқ дорад; ё он ки **машриқайн** ба ҷиҳати он гуянд, ки машриқ ду хастанд: яке машриқи сайфӣ, ки матлаъи атвалулайём бошад, дигар машриқи шатавӣ, ки матлаъи ақсарулайём бошад; пас буъди миёни машриқи шатавӣ ва сайфӣ ба лиҳози дараҷоти қурай арз сеҳазору яксаду сию ҳафт курӯх пои боло мешавад, валлоҳу аълам биссавоб.

**МУШК БАР ЗАХМ АФШОНДАН** مشک در زخم افشاندن *киноя аз* тоза кардани захм ва изо расонидан, чаро ки захм аз мушк табоҳ мешавад.

**МУШК ДАР ШАРОБ КАРДАН** مشک در شراب کردن *киноя аз* беҳуш кардан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МУШОҲАРА** مشاهره моҳ ба моҳ чизе додан ва моҳиёна (аз «Мунтахаб» ва «Хиёбон»).

**МУШОҲАДА** مشاهده дидан ва бо касе дар ҷое ҳозир будан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МАШУВРА** مشوره салоҳпурсӣ ва кинғош; ва ба ин маънӣ ба сукуни шин ва заммн вов (яъне **машвура**)* низ омада (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Қомус»); ва ба фатҳи вов (яъне **машвара**)* чунонки машхур аст, ба субут намерасад; ва Ибни Ҳоҷ мувофиқи ваҷҳи аввал таълил писанд нумуда.

**МУШАРРИФА** مشرفه номае ва рисолае, ки аз тарафи шахси аъло бошад ба суи адно.

**МАШРАЪА//МАШРУЪА** مشرعه ҷои об хурдан (аз «Латоиф»).

**МУШОФАҲА** مشافهه бар вазни **муфоала**; ру ба ру шудан ва ру ба ру сухан гуфтан (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Канз»).

**МИШРАБА** مشربه зарфе ки аз он об хуранд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУШОАРА** مشاعره бар вазни **муфоала**; бо ҳам шеър хондан.

**МАШЪАРА** مشعره ҷои шеър хондан (аз «Кашф»).

**МАШҒАЛА** مشغله шуру ғавғо ва кору бор (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАШИМА** مشیمه пусти рақиқ, ки бар бача вақти вилодат печида мебошад; ва номи пардаи шашум аз ҳафт пардаҳои чашм (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Сиҳоҳ» ва ғайра).

**МУШОР(УН)ИЛАЙҲ** مشارالیه *киноя аз* муътабар; ва тарҷумаи ин лафз ишорат кардашуда ба суи ӯ, яъне ангуштнумо; ва дар «Хиёбон» ва ғайра навишта, ки чун шахси зиизззатро мардум ба якдигар ба ишора менумоянд, лиҳозо ба маънии касе ки ба ҷоху ҷалол расад, ки мардум ба суи ӯ ба ангушт ишора кунанд.

**МАШЪАЛА//МИШЪАЛА** مشعله ба маънии машъал (аз «Шамсӣ»).

**МАШШОТА** مشاطه зани шонакаш, ки муи занонро шона кардан ва арӯсонро ороиш додан пешаи ӯ бошад; ва биззам (яъне **мушшота**)* хатост (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва баъзе навишта, ки **машшота** дар истеъмоли форсиён ба тахфиф (яъне **машота**)* низ омада, агарчи кам омада; ва дар урфи ҳол даллоларо низ гӯянд (аз «Хиёбон» ва «Чароғи ҳидоят»)

**МУШТАРӢ** مشتری аксар ба маънии харидор; ва гоҳе ба маънии фурӯшанда низ ояд; ва номи ситорае, ки бар фалаки шашум аст; аҳли танҷим онро Саъди Акбар донанд ва онро Қозии фалак низ гӯянд; ба форсӣ Бирҷис ва ба ҳиндӣ Браҳаспат номанд; хонаи ӯ Қавс ва Ҳут ва шарафи ӯ дар Саратон; ва ба истилоҳи кимиёгарон ва муҳаввасон **муштарӣ** ба маънии арзиз аст, ки ба ҳиндӣ ранг гӯянд.

**МУШКУЙ** مشکوی бутхона; ва *маҷозан* ҳарамсарои умаро ва мулук (аз «Сурурӣ» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид» ва «Кашф»); ва дар «Бурҳон» билфатҳ (яъне **машкӯй**)* низ гуфтааст.

**МУШТЕ** مشتی *киноя аз* андак миқдор; ва ба маънии ҷамоъаи қалил.

**МАШҚӢ** مشقی тахта ва коғаз, ки бар он машқи ҳуруф карда бошанд.

**МАШВӢ** مشوی ба маънии бирьён (аз «Мунтахаб»).

**МАШӢ** مشی рафтан ба нармӣ (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУШТАҲӢ** مشتهی хоҳишкунанда ва орзуманд; ва ба маънии иштиҳо пайдокунанда ғалат аст, чаро ки ин мутааддӣ ба як мафъул аст; ва барои маънии иштиҳо пайдокунанда **мушаҳҳӣ** саҳеҳ бошад.

**МУШАҲҲӢ** مشهی сиғаи исми фоил аст, мутааддӣ ба ду мафъул; ба маънии орзудиҳанда, яъне иштиҳо пайдокунанда; аз **ташҳия**, ки масдар аст аз тафъил; ва боби **тафъил** аз ноқис бар вазни **тафъилат** меояд.

**Фасли мим маъа соди муҳмала**

**МУСАЛЛО** مصلا мутлақ ҷои намоз ва идгоҳи ҳар шаҳр, хусусан идгоҳи Шероз, ки он ҷоест бағоят хушу хуррам ва сайргоҳ.

**МУСТАФО** مصطفی баргузидашуда (аз «Мунтахаб»); ва соф кардашуда, ай мусаффо аз сифоти замимаи башарӣ (аз «Фирдавс-ул-луғот» ва ғайри он).

**МУСОБ** مصاب мусибатзада ва ранҷ расидашуда.

**МАСОИБ** مصائب макруҳот ва шадоид ва ранҷҳо (аз «Канз»); бидон ки ҳамзаи **масоиб** мубаддал аз **ё**-ст, хилофулқиёс (камо фӣ «Зубдат-ус-сарф»).

**МАСАБ(Б)** مصب ҷои рехтани об ва ғайра.

шад; пас агар манӣ мухталит аз ду навъ бошад, ҳайвони мутаваллид аз он бо ҳар ду навъ мин ваҷҳа мушобаҳат мекунад, чунончи бағл, яъне астар, ки ҳам ба шакли фарас мемонад ва ҳам ба шакли ҳимор.

**МУСОФАҲА** مصافحه дасти ҳамдигар гирифтан ба вақти мулоқот; ва ин қоиммақоми **муъонақа** аст (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МИСРАЪИ РЕХТА** مصرع ریخته *киноя аз* мисраъи беҳтари бетакаллуф, ки бе меҳнати фикр мавзун шуда бошад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**МИСРАЪИ ПЕЧИДА** مصرع پیچیده иборат аз мисраъе, ки мазмунаш дақиқ бошад.

**МИСРАЪИ БАРҶАСТА** مصرع برجسته мисраъи беҳтар, ки бетакаллуф ва бе меҳнати фикр ба файзи мабдаъи файёз аз ғайб ба хотир бирасад (аз «Мусталаҳот»).

**МИСҚАЛА** مصقله олатест оҳанӣ, ки бад-он корду шамшер ва оинаи фулодиро аз занг пок нумоянд ва рушан кунанд (аз «Қанз»).

**МУСАЛЛӢ** مصلی намозгузоранда ва дуруд бар набӣ фиристанда; ва номи аспи дуввум аз даҳ аспон, ки аз ҳама муқаддам бошад ва аз аввал муаххар; ва тафсилаш дар таҳқиқи лафзи **муҷаллӣ** гузашта; ва ба замми мим ва фатҳи сод ва фатҳи ломи мушаддад (яъне **мусалло**)* намозгоҳ ва ҷои намоз гузордан; ва дар истилоҳи фуқаҳо ба маънии идгоҳ аст; ва гуянд, ки **мусаллои Шероз**, яъне идгоҳи он ҷо фазои нафис дорад, чунончи сайргоҳи аксари халоиқ он ҷост.

**МИСРӢ** مصری мансуб ба **Миср**; ва он чи ки мардум наботро **мисрӣ** гуянд, ғалат, магар ба ваҷҳе ҷоиз ҳам мегардад, ки собиқ дар мулки Араб наботи беҳтар сивои Миср аз Ҳинд ва ғайра намерасид. Чун чизе ба мулке ба сабаби хубӣ махсус бошад, исми он мулк ба ёи нисбат ва бидуни ёи нисбат исми он чиз мегардад, чунончи зарфи Чинро **чинӣ** ва аспи Туркистонро **туркӣ** ва намаки Собнахрро **собнахрӣ** ва ало ҳазалқиёс.

**МУСТАКО** مصطکی самғест зардранг магар ба ё шуҳрат гирифта, лиҳозо дар ин ҷо навишта шуд.

**МУСТАФВӢ** مصطفوی бидон ки ин лафз ба зиёдати вов хатост, чаро ки дар лафзи **мустафо** ва **муртазо** алифро, ки хомис буд, ҳазф карда ёи нисбат мееоранд; дар ин сурат **мустафӣ** ва **муртазӣ** ҳар ду ба ёи маъруф саҳеҳ бувад ва **муртазвӣ** ва **мустафвӣ** ба зиёдати вов, хато бошад; чунонки ба аксар мақом дар каломи хавосу авом воқеъ аст, магар чун дар тасонифи сиқот бисьёр омадааст, лиҳозо чандон маҳалли таарруз нест (аз «Ҷорбардӣ» ва дигар кутуб ва расоил).

### Фасли мим маъа зоди муъҷама

**МАЗО МО МАЗО** مضی ما مضی ба маънии гузашт он чи гузашт.

**МАЗО** مضا равонӣ ва даргузаштан (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МИЗРОБ** مضراب он чи бад-он созро навозанд (аз «Қанз»).

**МУЗОРАБАТ** مضاربت мол ба касе додан барои тиҷорат, ки нафъи он ба ширкат бошад (аз «Мунтахаб»).

**МУЗОҶААТ** مضاجعت бо ҳам як ҷо хуфтан (аз «Қашф» ва «Қанз»).

**МУЗОДДАТ** مضادت бо ҳам зид будан ва бо касе душманӣ кардан.

**МУЗОФОТ** مضافات мутааллиқот ва мансубот.

**МУЗОҲОТ** مضاهات ба чизе монанд шудан (аз «Мунтахаб»).

**МАЗИЛЛАТ** مضلت ҷои гумроҳӣ ва замин, ки дар у роҳ гум шавад (аз «Суроҳ»).

**МУЗИЧ(Ч)** مضج бонг ва нолакашанда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУЗМАР** مضمر дар дил доштошуда ва пинҳон ва пушида; маъхуз аз **замир**, ба муносибати он ки замири ҳар касе пинҳон бошад; ва ба замми мими аввал ва фатҳи сонӣ ва ташдиди мими дуввуми мафтуҳ (яъне **музаммар**)* аспи тезрафтори борикмиён; ва ба маънии аспи фарбеҳ низ омада (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МАЗОР(Р)** مضار *ҷамъи* **мазаррат**, ки ба маънии газанд ва нуқсон аст.

**МИЗМОР** مضمار сиғаи исми ола аз замр (ки ба фатҳ аст); ва **замр** дар луғат ба маънии лоғарист; ва маъмули арабон чунон аст, ки аввал аспонро фарбеҳ кунанд ва баъдуху ба тадриҷ ба майдон мегардонанд. Пас арақ аз бадани аспон ҷорӣ мешавад ва қадре аз ин риёзат лоғар мешаванд. Ва ба ин муносибат **мизмор** майдонро гуянд, ки дар он аспонро давонанд (аз Шареши «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ» ва «Муайид»).

**МАЗОМИР** مضامير *ҷамъи* **мизмор** аст, ки ба маънии майдони риёзати аспон бошад.

**МУЗТАР** مضطر зарар расидашуда; ва *маҷозан* ба маънии беихтиёр ва бечора (аз «Мунтахаб»); ва ин сиғаи исми мафъул бошад аз **изтирор**, ки аз боби **ифтиъол** аст; бидон ки ҳар масдаре, ки аз боби **ифтиъол** бошад ва фои калима соди муъҷама ё соди муҳмала воқеъ шавад, тои ифтиъолро ба то ( ط )-и муҳмала бадал кунанд, чунончи дар **изтироб** ва **изтирор** ва **истибор** (اضطراب و اضطرار و اصطبار), ки дар асл **изтироб** ва **изтирор** ва **истибор** (اضتراب و اضترار و اصتبار) буд.

**МУЗАР** مضر номи падари қабилае аз Араб; ва ба замми мим ва касри зод ва ташдиди ро (яъне **музирр**)* зарар расонанда; ва ба фатҳи мим ва фатҳи зод ва ташдиди ро (яъне **мазарр**)* ҷои газанд ва ҷои тангӣ (аз «Мунтахаб»).

**МАЗҶАЪ** مضجع хобгоҳ (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МАЗОҶЕЪ** مضاجع хобгоҳҳо.

**МУЗЕЪ** مضيع зоеъкунанда.

**МУЗОРЕЪ** مضارع шарик ва шабеҳ (аз «Мунтахаб»); ва монандшаванда (аз «Суроҳ»); ва **музореъ** исми фоил аст аз **музораъат**, ки ба маънии мушобаҳат бошад; ва сиғаи **музореъ**-ро аз он музореъ гуянд, ки мушобаҳат дорад ба исми фоил дар ҳаракот ва саканот ва ададҷ ҳуруф ва сифати накира, чун: «*раҷулун язрибу ва зорибун*» ва духули ломи ибтидоӣ, чун: «*инна Зайдан лаязруба ва лазорибун*»; ва мушобаҳат дорад ба исми ҷинс дар умум ва хусус, яъне чунончи исми ҷинс итлоқ карда мешавад ва муштарак мебошад дар миёни афрод ва мухассас мебошад ба ломи аҳд, чун: *арраҷулун*; ҳамчунин **музореъ** муштарак мебошад миёни ҳол ва истиқбол ва мухассас мебошад ба син ва савфа ва ломи мафтуҳ; ва ваҷҳи иштиқоқи **музораъат** ба маънии мушобаҳат аз **заръ** он аст, ки гуё исми фоил ва музореъ аз замонае, ки ба манзалаи заръи воҳид аст, шир мехуранд. Пас ҳар ду ахавайни ризоъӣ шуданд. Ваҷҳи дигар он ки чун **музораъат** дар ҳақиқат маъхуз аст аз **заръ**, ки (бил-фатҳ) ба маънии пистони гову гуспанд аст, пас **музореъ** ба маънии бача бошад, ки бо бачаи дигар аз пистоин ҳайвони воҳид шир хурад; ва гуё маънии ҳол ва истиқбол ду бачаанд, ки аз лафзи воҳид, ки ба манзалаи пистон аст, бо ҳам шир мехуранд, ай ба вуҷуд меоянд; дар ин ҷо *маҷозан* ба итлоқи зарф бар мазруф **лафзеро**, ки маънии ҳол ва истиқбол аз он пайдо меояд, **музореъ** ном карданд. Ва **музореъ** номи баҳрест аз буҳури ашъор; ва он баҳрро аз он **музореъ** номиданд, ки **музореъ** ба маънии мушобеҳ аст. Ва ин баҳр низ ба баҳри **мунсареҳ** мушобеҳ аст, ки дар он ҷузви дуввуми ҳар яке аз ин ду баҳр муштамил аст бар ватади мафруқ; ва баъзе навиштаанд, ки ин мушобеҳ аст ба баҳри ҳазаҷ, дар ин маънӣ, ки дар аркони ин ҳар ду баҳр автод муқаддаманд бар асбоб.

**МУЗОФ** مضاف мансуб ва мутааллиқ.

**МУЗОАФ** مضاعف дучанд; ва дар истилоҳи сарф ҳар калимае, ки дар охири он ду ҳарф аз як ҷинс оянд.

**МАЗОИҚ** مضائق ҷоҳои танг (аз «Канз»).

**МАЗИҚ** مضيق ҷои танг (аз «Мунтахаб»).

**МАЗҲАК** مضحك ҷои хандидан; ва чизе ва касе ки бар у ханданд; ва ба замми мим ва касри ҳо (яъне **музҳик**)* ба ханда оранда (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МУЗМАҲИЛ(Л)** مضمحل магар дар форсӣ ташдиди лом хондан зарур нест; ба маънии нест ва маҳвшаванда ва ночиз ва суст (аз «Кашф» ва

«Мунтахаб» ва «Зубдат-ул-фавоид»).

**МАЗМУН** مضمون маънии луғавии он дар миён гирифташуда; маъхуз аз **зимн** (билкаср).

**МУЗОДДА** مضاده бо ҳам зид будан; дар ин сурат масдар аст аз боби мафоалат; ва ба маънии чизи муаннаси бо якдигар зидкунанда; ва ба ин маънӣ сиғаи муаннаси **исми** фоил аст, аз боби **муфоалат**.

**МАЗИЛЛА** مضله ҷои залолат ва гумроҳӣ.

**МУЗОЯҚА//МУЗОЙИҚА** مضايقه ҳар лафзе, ки бар вазни **муфоалат** бошад, ҳарфи чаҳоруми он мафтуҳ бошад; баъзе мардум аз беилтифотӣ максур хонанд, чунончи: *мубошарат* ва *мутобақат* ва *мухолафат* ва *мутолаъа* ва *муъолаҷа* ва *муъонака* ва *муколама* ва *мулоямат* ва *мулоҳаза* ва *мунокаша* ва *муросала* ва қасс ало ҳазалбавоқӣ.

**МУЗҒА** مضغه гуштпора (аз «Сурох»); ва он микдор чизе ки дар як бор хойида шавад.

**МУЗИЙ** مضى рушаншаванда ва рушанкунанда; исми фоил аз **изоат**, ки лозим ва мутааддист.

**МУЗОҲӢ** مضاهى ба маънии монанд ва мушобеҳ.

**Фасли мим маъа тои муҳмала**

**МАТОЕ** مطايا чахорпояхое, ки бар пушти онҳо сувор шаванд, мисли аспу уштур ва ғайри он; ва ин *ҷамъи* **матийя** аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУТАРРО** مطرا тоза ва тозагӣ кардашуда; ва гоҳе *маҷозан* ба маънии мусаффо ва обдор.

**МАТО** مطا ба маънии пушт (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАТАБ(Б)** مطب ҷое ки табиб дар он нишаста муъолаҷаи маризон нумояд.

**МУТАЙЙИБ** مطيب буи хуш диҳанда ва покшаванда; ва ба фатҳи таҳтонӣ (яъне **мутайяб**)* пок ва хушбудор кардашуда.

**МАТЛАБ** مطلب ҷои талаб; ва ба фатҳоти салоса (яъне **маталаб**)* нахӣ аз **талабидан**; ва ба замми мим ва ташдиди тои мафтуҳа ва касри лом (яъне **Мутталиб**)* исми Ибни Абдулманофи ҷадди расул саллаллоху алайхи ва олиҳи ва саллама.

**МУТНИБ** مطنب дарозидиҳанда ва бисёргу (аз «Мунтахаб»).

**МАТВИЙЕТ** مطويات чизҳои печидашуда; ва **матвийёти замир** *киноя аз* иродаҳо.

**МАТЪУМОТ** مطعومات хурданиҳо ва таомҳо.

**МАТАРОТ** مطرات боронхо; *ҷамъи* матар, ки ба маънии борон аст.

**МУТОВАЪАТ** مطاوعت фармонбардорӣ кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУТОРАҲОТ** مطارحات бо ҳам сухан андохтанҳо ва хушомад ва тамаллуқҳо.

**МАТМАХ** مطمح ҷои баланд доштани назар (аз «Сурох»); ва дар «Мунтахаб» ҷои уфтодан; ва *маҷозан* ба маънии ҷои тамаъ.

**МАТРАҲ** مطرح ҷои андохтани чизе ва киса ва зарфи сайёдон, ки сайдро гирифта дар он нигоҳ дорад (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МАТБАХ** مطبخ ҷои пухтан; ва ба замми мим ва касри мувахҳада (яъне **мутбих**)* пухткунандаи таом; ва онро дар муховара боварчӣ гӯянд.

**МАТБУХ** مطبوخ ҳар чиз ки онро ба оташ пухта бошанд, хусусан давои ҷушонидашуда.

**МАТРУД** مطرود бар вазни **мардуд**; рондашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУТТАРИД** مطرد мустақим ва бар як ватирашаванда ва пайи якдигар шаванда; ва ба касри мим ва сукуни то (яъне **митрад**)* найзаи кутоҳ, ки бад-он вухушро зананд ва сайд кунанд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва дар «Шарҳи девони Хоқонӣ» ҷомае, ки дар зери ҷома пушанд.

**МАТАР** مطر борон (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муайид» ва «Мадор»); ва дар «Шарҳи Хоқонӣ» **митар** (ба касри мим ва фатҳи сонӣ) ба маънии тозагӣ навишта.

**МАТИР** مطير бар вазни **фаъил**; боранда; маъхуз аз **матар**, ки (ба фатҳатайн), ба маънии борон аст;

ва ба замми мим ва фатхи то ва ӣи тахтонии мушаддади мафтуҳ (яъне **мутайяр**)* ба маънии хачалатзада; ва мусаввири тасовири туюр.

**МАТОР** مطار паридан ва чои паридан (аз «Латоиф»).

**МУТАРРАЗ** مطرز бар вазни **мунаввар**; зинат додашуда ва тироз кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУТАЛЛАС** مطلس рупияи бесикка ва дираму динори бенақш.

**МУТТАЛЕЪ** مطلع хабардиханда; ва ба фатҳи лом (яъне **мутталаъ**)* хабардор кардашуда; ва ба фатҳи мим ва касри лом (яъне **матлеъ**)* чои баромадани кавкаб; ва *маҷозан* байти аввал аз ғазал ва қасида, ки дар хар ду мисроъ қофия дошта бошад.

**МАТОЛЕЪ** مطالع *ҷамъи* **матлаъ**; ва номи китобест дар илми мантиқ.

**МАТМУЪ** مطموع тамаъ кардашуда.

**МАТОМЕЪ** مطامع *ҷамъи* **тамаъ** аст, хилофи қиёс, чунонки **маҳосин** *ҷамъи* **ҳусн**.

**МАТМАЪ** مطمع чои тамаъ доштани чизе.

**МАТБУЪ** مطبوع хушоянда ва марғуби табъ.

**МУТОВЕЪ** مطاوع фармонбардорикунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУТОЪ** مطاع итоат ва фармонбардорӣ кардашуда, яъне касе ки мардум итоати у карда бошанд ва мутеъи у шаванд.

**МУТАРРАФ** مطرف ба маънии аспе, ки сару думи у сипед бошад ё сиёҳ ва дигар аъзо ба ранги дигар (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва навъе аз саҷъ ва он алфозест, ки мувофиқ бошад ба ҳарфи равӣ ва мухталиф ба вазну аъдоди ҳуруф, чун *вақор* ва *атвор ва ҳол* ва *хаёл*; ва дар «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн» ба маънии музайян ва пурзинат; маъхуз аз **тараф** (ба фатҳатайн), ки ба маънии банди зару нукра аст, ки бар камар банданд; ва **мутраф** (ба замми аввал ва фатҳи ро) чодари алам ва ғайра (аз «Сурох»).

**МАТОФ** مطاف чои гирдогирд гаштан ва тавоф кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУТЛАҚ** مطلق озодшуда аз қайду ҳаср ва бехусумат ва равон кардашуда ва он ки онро қайд набошад (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МУТАББАҚ** مطبق ту бар ту кардашуда ва сарпӯшдор ва навъе аз порча, ки аз тарафи Халлух оранд.

**МУТАВВАҚ** مطوق дар тавқ кардашуда.

**МАТОИМ** مطاعم хурданиҳо ва таомҳо; *ҷамъи* **митъам**, ки масдари мимист, ба маънии исми мафъул.

**МАТРОН//МИТРОН** مطران саргуруҳи насоро ва саргуруҳ ва меҳтари қавми куффор; ва гуянд, ки **матрон** аксар занҷир бар андоми худ печида дорад (аз «Қомус» ва ғайри он).

**МУТЛАҚУЛЪИНОН** مطلق العنان озод ва бетаарруз ва гузоштташуда инон.

**МИТҲАН** مطحن осиё (аз «Латоиф»).

**МАТЪУН** مطعون синони найза задашуда; ва *маҷозан* ба маънии айб ва хори ёд деҳонидашуда (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУТАЙЯН** مطين бар вазни **музайян**; гил андудашуда.

**МУТМАИН(Н)** مطمئن орамида ва сукунгиранда.

**МУТОРАҲА** مطارحه бо касе сухан гуфтан; ва *маҷозан* ба маънии машвара нумудан; ва гоҳе ба маънии хушомад низ мустаъмал мешавад.

**МУТОЯБА** مطايبه бо касе хуштабъӣ ва мизоҳ кардан (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МАТМУРА** مطموره пинҳон кардашуда; муштақ аз **тамр** (билфатҳ), ки ба маънии дар зери хок кардан ва пӯшидан аст; ва **матмура** *киноя аз* нихонхона ва таххона (аз «Сурурӣ» ва «Зубдат-ул-фавоид» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МАТИЙЯ** مطيه ба маънии суворӣ ва маркаб (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МУТАВВЕЪА** مطوعه ҷамоъате чиҳодкунанда бе он ки бар эшон воҷиб бошад.

**МУТОЛАЪА** مطالعه ба чизе нигаристан барои вукуф ёфтан бар он (аз «Мунтахаб»).

**МИТҲАРА** مطهره офтоба ва зарфи об, ки бад-он вузу кунанд.

**МИТРАҚА** مطرقه путк ва чакуши оҳангарон, ки ба ҳиндӣ ҳатҳавра ва гҳан гӯянд (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУТОЛАБА** مطالبه талаб нумудан ва бозҷустан.

**МУТРИБА** مطربه зане ки мардумонро ба шодиву тараб орад.

**МАТБАХӢ** مطبخی боварчӣ.

**МАТВӢ** مطوی дар ҳам печидашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАТОВӢ** مطاوی печидагиҳо ва шиканҳо ва навардҳо; *ҷамъи* **матвӣ** (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

### Фасли мим маъа зои муъҷама

**МУЗОҲИРОТ** مظاهرات касеро пуштӣ додан ва ҳимоят кардан (аз «Кашф»).

**МУЗАФФАР** مظفر фирузмандӣ додашуда; ва номи подшоҳест.

**МИЗАЛ(Л)** مظل соябон.

**МАЗОЛИМ** مظالم ситамҳо; ин *ҷамъи* **мазлима** аст, ки (ба фатҳи мим ва касри лом) ба маънии ситам бошад; ва адолатгоҳҳо ва ҷоҳое, ки дар он золимонро ба сазо мерасонанд.

**МУЗЛИМ** مظلم торик (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва ба фатҳи мим ва касри лом (яъне **мазлим**)* ҷои торик.

**МАЗОН(Н)** مظان ҷоҳои гумон бурдан; агарчи ин лафзи ҷамъ аст, магар гоҳе ба маънии воҳид ҳам меояд, чунонки лафзи **машом(м)**.

**МАЗИННА** مظنه мавзеъи занн, яъне ҷои гумон бурдан (аз «Қомус» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Сурох»).

**МИЗАЛЛА** مظله ба маънии соябон (аз «Сурох»).

**МАЗЛИМА** مظلمه ситам кардан ва додхоҳӣ кардан (аз «Сурох»); ва ба замми мим ва сукуни сонӣ ва касри лом (яъне **музлима**)* торик.

### Фасли мим маъа айни муҳмала

**МУАММО** معما пӯшидашуда ва кур ва нобино кардашуда (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»); ва дар «Латоиф» навишта, ки **муаммо** ба маънии макони пӯшида; ва ба истилоҳ каломе ки ба ваҷҳи саҳеҳ долл бошад барои исме ба тариқи рамз ва имо, ки писанди табъи салим бошад; ва дар баъзе кутуб чунин навишта, ки **муаммо** ба маънии бедида ва беназар; ва дар истилоҳ каломе ки далолат кунад ба тариқи рамз ва имо бар исме ба тариқи қалб ё ташбеҳ ё ба ҳисоби ҷумал ё ба ваҷҳе дигар.

**МАЪАҲОЗО** معهذا ба маънии бо ин, яъне бо вуҷуди ин маънӣ.

**МУАЗЗО** معذا сӯгвор ва мотамзада.

**МУЪОДО** معادا бо касе адоват доштан ва чизе паёпай кардан; ва ин *мухаффафи* **муъодот** аст.

**МУАРРО** معرا ба маънии бараҳна.

**МИЪО** معی ба маънии рӯдае, ки дар шикам бошад (аз «Қанз» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУЪОТИБ** معاتب итобкунанда; ва ба фатҳи фавқонӣ (яъне **муъотаб**)* итоб кардашуда (аз «Қанз»).

**МАЪОЙИБ** معایب айбҳо ва бадиҳо; *ҷамъи* **муъиб**, ки масдари мимист, ба маънии айб (аз «Сурох»).

**МУЪОҚИБ** معاقب укубат ва азобкунанда.

**МУЪИБ** معیب бар вазни **мунир**; айбкунанда ва айбдор; ва ба фатҳ (яъне **маъиб**)* айб.

**МУЪҶИБ** معجب мутакаббир ва хештанбин ва худписанд; исми фоил аз **эъҷоб**, ки ба маънии хубии худ дидан ва ба худ нозидан аст (аз «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Сурох»).

**МУАРРАБ** معرب аз аҷамӣ ба арабӣ овардашуда; ва ин навъе аз луғат аст, ки дар асл аҷамӣ бошад ва араб дар он тасарруф карда аз ҷинси каломи худ сохта бошанд; ва биззам ва тахфифи рои мафтуҳ (яъне **муъраб**)* эъроб додашуда; ва эъроб ҳаракоти ҳуруфро гӯянд; ва ба истилоҳи наҳв лафзе ки мухталиф гардад охири он ба ихтилофи авомил.

**МУАҚҚИБ** معقب дар пас афганда.

**МАЪЗИРАТ** معذرت узр хостан (аз «Сурох»).

**МУЪОНАДАТ** معاندت бо ҳам душманӣ ва инод кардан.

**МАЪДИЛАТ** معدلت адлу дод.

**МАЪИЙЯТ** معیت ҳамроҳӣ; ва гоҳе аз ин лафз ишора бошад ба ин оят: *«инналлоҳа маъассобирина».*

**МАЪИШАТ** معیشت зиндагонӣ ва зистан; ва он чи ба он зиндагонӣ кунанд (аз «Канз» ва «Сурох»).

**МУЪОВАНАТ** معاونت ёрӣ кардан (аз «Сурох»).

**МУЪОШАРАТ** معاشرت бо ҳам зист кардан ва бо касе зиндагонӣ нумудан (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУЪОВАДАТ** معاودت бозгаштан (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУЪОҚАБАТ** معاقبت азоб кардан, яъне задан ва бастан касеро (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МУЪОТАБАТ** معاتبت итоб кардан (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МУАЗЗАМОТ** معظمات калонҳо.

**МУЪЗИЛОТ** معضلات ба маънии мушкилот.

**МУЪОЗАДАТ** معاضدت ёрӣ додан ва бозуи якдигар будан.

**МАЪУНАТ** معونت ёрӣ додан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАЪРИФАТ** معرفت шинохтан.

**МУЪОДОТ** معادات бо якдигар адоват кардан ва бо касе душманӣ кардан.

**МЕЪРОЧ** معراج олаи уруч; ва он нардбон аст (аз «Мунтахаб»).

**МАЪОРИЧ** معارج нардбонҳо; ин *ҷамъи* **меъроч** аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУЪВАЧ(Ҷ)** معوج кач ва норост (аз «Мунтахаб»).

**МЕЪРАЧ** معرج нардбон; ва билфатх (яъне **маърач**)* маҳалли баромадан; ва ба замми мим ва фатҳи айн ва фатҳи рои муҳмалаи мушаддад ва чим (яъне **муаррач**)* ҷомаест нафис ва мунаққаш; ва **муаррачгар** ба маънии бофандаи муаррач; ва **муаррачгарони фалак** иборат аз қазову қадар, ки корходорони афлоканд (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва шуруҳи «Сикандарнома»); ва баъзе навишта, ки иборат аст аз **уқули ашара** ва он даҳ фириштагони муқаррабанд, ки ба эътиқоди ҳукамо афлок сохтаи ушон аст.

**МАЪОБИД** معابد ибодатхонаҳои куффор; *ҷамъи* **маъбад** аст.

**МУЪИД** معید иъодакунанда ва борбор кунандаи коре (аз «Латоиф»).

**МУИД(Д)** معد омода ва тайёркунанда; ва ба фатҳи айн (яъне **муадд**)* омода ва тайёр кардашуда.

**МАЪДУД** معدود шумор кардашуда ва чизи андак.

**МУЪТАЗИД** معتضد ёригиранда (аз «Мунтахаб»).

**МАЪОҚИД** معاقد ҷоҳои гиреҳ бастан ва ҷоҳои замон ва аҳд кардан (аз «Мунтахаб»).

**МАЪБАД** معبد ибодатгоҳ ва ҷои парастиши насоро (аз «Муайид»); ва ба маънии ҷои ибодати мусалмонон низ ояд; ва ба замми мим ва фатҳи айни муҳмала ва ташдиди бои муваҳҳадаи мафтӯҳ (яъне **муаббад**)* ибодат кардашуда.

**МУАДДАД** معدد бар вазни **мунаввар**; худованди шумор гардонидашуда ва созу сомон додашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУАРБАД** معربد ҷангҷӯ ва бадхӯ (аз «Мунтахаб»).

**МАЪОД** معاد ҷои авд; ба маънии ҷои бозгашт; ва *маҷозан* оламӣ охиратро гӯянд.

**МУЪТАМИД** معتمد эътимодкунанда бар касе; ва ба фатҳи мими дуввум (яъне **муътамад**)* эътимод кардашуда бар ӯ.

**МУЪОНИД** معاند инодкунанда ва душман.

**МАЪҲУД** معهود қадим ва кӯҳна; ва паймон кардашуда.

**МУЪТОД** معتاد одат гирифташуда ва одатгиранда (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МУЪТАД** معتد дар асл **муътадӣ** буд; ё дар ҳолати ҷарӣ ва рафъӣ соқит шуд; ба маънии аз ҳад даргузаранда ва сахт ситамгор.

**МАЪОЗ** معاذ ҷои паноҳ ва паноҳ додан.

**МУАДДИЛУННАҲОР** معدل النهار ва ин доираест, ки тансифи фалак менумояд аз машриқ ба суи мағриб ва Қутби Шимолии ин доира маҳсус ва маъруф аст ва Қутби Ҷанубии ин доира дида намешавад, магар бар замин хатти истиво, ва мо яқрибу минҳу; ва инро **муаддилуннаҳор** аз он гӯянд, ки чун сайри Шамс бар ин доира воқеъ мегардад, лайлу наҳор баробар мешавад дар ҷамеъи навохӣ тақрибан, магар дар арзи тисъин баробар намешавад ва Шамсро бар ин доира иттифоқи сайр дар сол ду бор меуфтад; яке дар аввали Ҳамал ва дигар дар охири Сунбула; ва дар таҳти ин доира дар айни муҳозот доираи дигар бар руи замин фарз кунанд, ба наҳве ки агар доираи **муаддилуннаҳор** қотеъи олам шуда, заминро ҳам қатъ нумояд. Пас замин аз ҷое, ки қатъ шавад, ҳамон ҷо хатти истивост. Шакли доираи **муаддилуннаҳор** ва минтақатулбуруҷ навишта мешавад:




НЭР — нуқтаи эътидоли рабеъӣ; НЭХ — нуқтаи эътидоли харифӣ; М — муаддилуннаҳор; Ш — шимол; ДМ — доираи минтақатулбуруҷ; Ҷ — ҷануб; МА — мақоми ақсаруннаҳор; МА' — мақоми атвалуннаҳор.

**МЕЪЁР** معيار тарозуи зарсанҷ ва санги маҳак (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАЪШАР** معشر сиғаи исми макон аст аз **ишрат**, ки ба рифқ зиндагонӣ кардан аст; аз ин ҷиҳат гуруҳи дӯстон ва хешонро маъшар гӯянд («Шарҳи Нисоб» аз Мавлоно Юсуф ибни Монеъ ва «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва фатҳи айн ва ташдиди шини мафтуҳа (яъне **муашшар**)* ба маънии даҳгӯша.

**МАЪОШИР** معاشر гуруҳҳои дӯстон; ва ба маънии мутлақ гуруҳ низ омада; ин *ҷамъи* **маъшар** аст; ва ба замми мим ва касри шин (яъне **муъошир**)* бо касе зиндагоникунанда, яъне ҳамсуҳбат ва рафиқ.

**МУЪСИР** معسر тангдаст ва дарвеш; ва ба замми мим ва фатҳи айни муҳмала ва сини муҳмалаи мафтуҳи мушаддад (яъне **муассар**)* ба маънии душвор (аз «Латоиф»).

**МЕЪМОР** معمار бисьёр иморaткунанда; ва ин сиғаи муболаға аст, чунон ки **минъом** ба маънии марди бисьёрбахшиш; чун иморат ба маънии ободист, лиҳозо банноро, ки (ба фатҳ ва ташдид) сиғаи нисбат аст, ба ҷиҳати тафаъул ва таяммун **меъмор** гуфтанд; ва баъзе гӯянд, ки **меъмор** сиғаи исми ола аст, чун банно (битташдид) маҳкуми бонӣ, яъне ҳокими бино мешавад, *маҷозан* бар у итлоқи ола карданд, фа ифҳам.

**МУАСФАР** معصفر чизе ки ба гули кочира онро ранг карда бошанд; чи **усфур** (ба замми аввал ва солис) гули кочира аст (казо фил—«Баҳрул-ҷавоҳир»); ва гули кочираро ба ҳиндӣ касанба гӯянд; ва баъзе аз устодон **муасфар**-ро, ки бар вазни **муанбар** аст, ба маънии гули кочира бастаанд, ва фиҳи таммал (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва сукуни айн ва фатҳи сод ва фатҳи фо (яъне **муъсафар**)* Хоқонӣ ба маънии гули кочира овардааст.

**МИЪШОР** معشار даҳяк ғирифтан (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МУАСКАР** معسكر лашкаргоҳ (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»); ва ба фатҳ (яъне **мааскар**)* хондан хатост, чаро ки исми зарфи рубоъӣ ба замм ояд.

**МАЪБАР** معبر ба маънии убур ва ҷои убур ва маҳалли гузар ва ҷои гузаштан аз дарьё; ва билкаср ва бои муваҳҳадаи мафтуҳ (яъне **миъбар**)* каштӣ ва он чи бад-он аз

дарьё убур кунанд; ва ба замми мим ва фатҳи айн ва бои муваҳҳадаи мушаддади мафтуҳ (яъне **муаббар**)* таъбир кардашуда; ва ба касри бои мушаддад (яъне **муаббир**)* таъбиркунанда ва баёнкунанда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МАЪОБИР** معابر каштиҳо, ки бад-он аз дарьё убур нумоянд ва гузарҳои дарьё, ки аз он ҷо мардум убур кунанд.

**МУЪИР** معير ба ориятдиҳанда чизеро.

**МУЪОСИР** معاصر ҳамахд ва ҳамзамона.

**МАЪРАКАГИР** معركه‌گير куштигир ва дигар аҳли бозӣ, ки дар бозор мардуми тамошоиро ҷамъ кунанд (аз «Баҳори Аҷам»).

**МЕЪҶАР** معجر ба маънии миқнаъа ва рупуши занон (аз «Мунтахаб» ва «Музил»).

**МУЪҶИЗ** معجز оҷизкунанда ва харқи одат ва кароmоти набӣ.

**МАЪЗ** معز ба маънии буз, ки ҳайвони маъруф аст; ба ҳиндӣ онро бакрӣ гӯянд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАЪКУС** معكوس нигунсор.

**МАЪОНИС** معانس духтарони душизаи ҷавон; чи ин *ҷамъи* **маънас** аст, ки масдари мимӣ бошад, ба маънии фоил, ки **онис** аст, маъхуз аз **анис** ва **унус**, ки ба маънии дер мондани зан аст баъди булуғ ба хонаи падар бешуй.

**МАЪОРИС** معارس манзилҳои фуруд омадан (аз «Суроҳ»).

**МАОШ//МАЪОШ** معاش зиндагонӣ кардан; ва он чи ба он зиндагонӣ кунанд ва ҷои зиндагонӣ; ва низ дуньёро гуянд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МАЪОЙИШ** معايش асбоби зиндагонӣ; *ҷамъи* маъишат (аз «Мунтахаб»).

**МАЪШУШ** معشوش фароҳам овардашуда ва касб кардашуда ва пироҳани руқъа духташуда (аз «Мунтахаб»); ва низ номи санъате аз шеър.

**МЕЪРОЗ** معراض тири бепар, ки онро ба форсӣ тири газ гӯянд (аз «Мунтахаб»); ва он тире бешад, ки ҳар ду сари он борик ва миёнашситабр; чун раҳо шавад мухарраф шуда аз маҷмаъи мурғон чандро шикор мекунад.

**МАЪРИЗ** معرض ҷои зоҳир кардани чизе; ва ба фатҳи рои муҳмала (яъне **маъраз**)* низ дуруст (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАЪА** مع ба маънии бо, ки лафзест ба маънии ҳамроҳӣ; ва исми ҷомид аст аз асмои лозимулизофат; ва он чи баъзе мардум ба ҷои **маъа** (معه) ба зиёдати ҳо нависанд, хатост, магар он ки онро замири музаккари воҳид донанд ва ба зам хонанд, ё ба вақфи мазҳар хонанд, на мухтафӣ.

**МУАРРИФ** معرف таърифкунанда **ва** шинохткунонанда; ва ба маънии касе ки дар маҷлиси салотин ва умаро мардумонро ба ҷои лоиқи ҳар кудом нишонад; ва шахсе бошад, **ки** чун касе пеши салотин ва умаро равад ва маҷҳулулҳол бошад, авсоф ва насаби ӯ баён кунад, **то** дархури он мавриди иноят шавад; ва ба истилоҳи мантиқ чизе ки мувассал бошад ба суи матлуби тасаввурӣ, чунонки: ҳайвони нотиқ мувассал аст ба тасаввури инсон; ва ба фатҳи рои мушаддад (яъне **муарраф**)* шинохташуда ва таъриф кардашуда.

**МАЪРУФ** معروف шинохташуда ва машҳур; ба маънии накуӣ ва номи валиюллоҳ; ва ба истилоҳи аҳли сарф феъле, ки нисбат ба фоил дошта бошад ва маҷҳул феъле бошад, ки нисбат ба мафъул дорад.

**МАЪОРИФ** معارف шиносоӣ ва ҷоҳои шинохтан ва ошноён ва аҳли илму фазл ва номварон.

**МИЪЛАФ** معلف охури аспон ва чизе ки бад-он аспонро алаф хӯронанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУЪТАКИФ** معتكف дар масҷид барои ибодат нишинанда ва аз чизе боз истодашаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУЪОФ** معاف дар асл **муъофӣ** буд, бар вазни **муноди**; сиғаи исми мафъул аз боби **муфоалат**, ки масдараш **муъофот** аст, бар вазни **муноҷот**, маъхуз аз **афв**; пас дар истеъмоли форсиён алиф аз охири **муъофӣ**, ки мақлуб аст аз **ё** **соқит** шуда, чунонки дар лафзи **соф**, ки дар

асл **софӣ** буд, сиғаи исми фоил; дар истеъмоли форсӣ ё аз охири он уфтод, чунонки аз лафзи **мутаъол,** ки дар асл **мутаъолӣ** буд, ё аз охири он дар ҳолати вақф соқит шуд; пас **маъоф** (ба фатҳи мим) чунонки шуҳрат дорад, ғалат аст,

**МАЪТУФ** معطوف печонидашуда.

**МУЪТАРИФ** معترف иқроркунанда.

**МУАЛЛАҚ** معلق овехташуда; ва **муаллақ задан** ҳаракат кардани дорбозон ва бозигарон ба вазъе ки вожгун гашта ба суръат боз рост шудан, чунонки кабутарон кунанд; ба ҳиндӣ кала гӯянд (ба фатҳи кофи арабӣ); ва ба ҳиндӣ базӣ низ гӯянд; ба ҳамин қисм навъе аз варзиши куштигирон аст.

**МУАВВАҚ** معوق боз доштташуда ва дар банд доштташуда; ва *маҷозан* ба маънии мушкил ва душвор мустаъмал.

**МЕЪЛОҚ** معلاق он чи бад-он чизеро даровезанд; ва хори оҳанӣ, ки қассобон бад-он гӯштро биёвезанд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МАЪОРИК** معارك ҷоҳои ҷанг ва майдонҳои корзор; ва ин *ҷамъи* **маърика** аст (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУАЛЛИМУЛМАЛОИК** معلم الملائك лақаби шайтон (аз «Чаҳор шарбат»).

**МАЪУЛ** معول бар вазни **мақул**; ба маънии эътимод кардашуда; сиғаи исми мафъул аз **авил**, ки ба маънии эътимод ва такья кардан аст (казо фил — «Мунтахаб»); ва ба фатҳи мим ва сукуни айн ва фатҳи вов (яъне **маъвал**)* ҷои такья ва эътимод ва ҷои истиъонат; ва дар «Хиёбон» **муаввал** (ба замми мим ва фатҳи айн ва ташдиди вови мафтуҳ) эътимод кардашуда; ва ҳам ба маънии эътимод кардан, зеро ки ба сиғаи исми мафъул аз **таъвил** масдари мимӣ ҳам омада; ва **таъвил** ба маънии эътимод кардан аст; ва ба касри мим ва сукуни айн ва фатҳи вов (яъне **миъвал**)* ба маънии куланги оҳанӣ, ки бад-он сангро шигофанд (казо фил — «Қашф» вал — «Мунтахаб»).

**МАЪОҚИЛ** معاقل сарҳадҳо ва ҷоҳои паноҳ ва маконҳои қалб ва мушкил ва қалъаҳо.

**МУЪОМИЛ** معامل муъомалакунанда; ва дар «Сикандарнома» *киноя аз* муштоқ ва орзуманд, чунонки аксари шореҳини сиқот навиштаанд; ва ба маънии хариду фурухткунанда.

**МУЪЗИЛ** معضل душвор ва мушкилкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МАЪҚУЛ** معقول ба маънии бастошуда ва паноҳ бурдашуда ва писандидаи ақл.

**МУЪИЛ** معيل шахсе ки бисьёр иёл дорад (аз «Мунтахаб»).

**МУАТТАЛ** معطل бекормонда ва фурӯгузошта (аз «Қашф»); ва он ки ба субути зоти ҳақ таоло мункир бошад.

**МУАҚҚАЛ** معقل шутуре, ки бозуву соқаш ба расане бо ҳам баста бошанд, маъхуз аз **иқол.**

**МУАҶҶИЛ** معجل шитобкунанда ва пешигиранда; ва ба фатҳи ҷими мушаддад (яъне **муаҷҷал**)* шитоб кардашуда ва бемуҳлат.

**МАЪЛУЛ** معلول чизе ки онро ба иллат ва сабабҳои зарурии у собит карда бошанд; ва ба маънии бемор хатост, зеро ки аз **иллат**, ки ба маънии беморист, сиғаи сифати **алил** меояд, на **маълул** (аз «Қомус» ва «Рисола»-и Ибни Ҳоҷ ва «Мунтахаб»); лекин бо васфи ин маънӣ дар каломи баъзе сиқот воқеъ шуда.

**МУАЛЛИМИ АВВАЛ** معلم اول *киноя аз* Арасту (аз «Бахори Аҷам»); чаро ки илми ҳикматро аввал Арасту ба қайди китобат оварда таълим нумуд. Ва қабл аз Арасту ҳукамои собиқ ҳикматро ба шогирдон забонӣ таълим менумуданд.

**МУЪТАЛ(Л)** معتل сиғаи исми фоил аз **эътилол**, ба маънии беморшаванда; ва ба истилоҳи сарфиён феъле ё исме, ки дар он ҳарфи иллат бошад.

**МИЪСАМ** معصم ҷои дастбаранҷан, яъне соид (аз «Шакаристон» ва «Суроҳ»).

**МУЪҶАМ** معجم ҳуруфи **алиф, бе, те,** **се** ило охира, чаро ки ин таркиб ва тартиби вазъи араб нест, балки вазъкардаи аҷам аст; ва ба маънии ҳуруфи нуқтадор (аз «Қашф»

ва «Муайид»); ва соҳиби «Дақоиқ-ул-иншо» навишта, ки ҳуруфи манқутаро аз он ҷиҳат муъҷама номанд, ки **эъҷом** дар луғат ба маънии изолаи иштибоҳ аст. Чун ба нуқта рафъи иштибоҳ мешавад, лиҳозо ҳуруфи манқутаро муъҷама гуянд. Ва баъзе ҷамеъи ҳуруфи таҳаҷҷиро **муъҷам** мехонанд, чаро ки чунонки ба нуқта дафъи иштибоҳ мешавад, ба адами нуқта низ изолаи иштибоҳ мегардад; ва **муаҷҷам** бар вазни **муаззам**; навъе аз луғоти араб ва он лафзест, ки дар ҳақиқат арабӣ бошад, магар аҳли аҷам онро бисьёр истеъмол кунанд ва аз ҷинси каломи худ донанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУАММИМ** معمم соҳиби имома ва дастор.

**МУАЗЗИМ** معزم азиматхон ва афсунгар; ва ба фатҳи зои муъҷама (яъне **муаззам**)* ба маънии афсунзада.

**МАЪЛУМ** معلوم *кинояаз* молу зар ва дираму динор; ва ба маънии захира (аз «Қашф» ва «Мадор» ва «Шарҳи Гулистон»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **маълум** дар форсӣ ба маънии зар мустаъмал аст, бад-он ҷиҳат ки зар аз ин ҳама шуҳрат, ки дорад эҳтиёҷи ном бурданаш нест, чунонки лафзи **яқин** ба маънии марг; ва баъзе ба маънии захира низ гуфтаанд.

**МАЪОЛИМ** معالم иборат аст аз олам ва ҷаҳон; чи **маъолим** *ҷамъи* **миъ-лам** аст, ки (ба касри мим ва сукуни айн) сиғаи исми ола аст, ба маънии аломат. Чун ин ҷаҳон ҳама далолат ва аломатҳост бар соиеъи худ, лиҳозо ҷаҳонро маъолим гуфтанд.

**МУЪТАСИМ** معتصم ҷангулзананда дар чизе барои истиъонат ва наҷот ва паноҳгиранда.

**МУЪЛАМ** معلم нақшдор ва мухаттат ва мунаққаш; чи **алам** (ба фатҳатайн) ба маънии нишон ва нақш аст (аз «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва фатҳи айн ва касри ломи мушаддад (яъне **муаллим**)* омӯзонанда ва нохудо ва маллоҳи ҷиҳозро низ гӯянд, чаро **ки** ӯ моҳири аҳкоми каштӣ ва ҷиҳоз бошад; ва ба фатҳи лом (яъне **муаллам**)* таълим додашуда ва одоб омӯзонидашуда; ва аксар истеъмоли ин лафз дар ҳайвонот аст, чун *саги муаллам* ва *бузинаи муаллам* ва *тутии муаллам* ва ало ҳазалқиёс.

**МАЪСУМ** معصوم нигоҳ дошташуда ва боз мондашуда аз гуноҳ (аз «Хиёбон» ва «Мунтахаб»).

**МАЪОН** معان ҷои ёрӣ додан; ва дар «Нисоб» ба маънии мутлақ ҷо гуфта (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАЪМАЪОН** معمعان ба маънии шиддати мавсими гармо (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУАНВАН** معنون унвон кардашуда, яъне дебоча кардашуда.

**МАЪН** معن марде буд аз Араб бағоят сахӣ ва баландҳиммат (аз «Бурҳон»).

**МУАЛЛАҚ ҚАШИДАН** معلق کشیدن навъе аз варзиши куштӣ, ки сар бар замин гузошта он тараф ғалтидан; ба ҳиндӣ калабазӣ гуянд.

**МУАЛЛАҚ ЗАДАН** معلق زدن вожгун гашта боз ба суръат рост шудан, чунонки кабутарон ва дорбозон кунанд.

**МУАЛЛАҚЗАН** معلق زن дорбоз ва бозигар ва раққос (аз «Бурҳон»).

**МАЪҶУН** معجون сиришташуда ва хамир кардашуда; ва ба истилоҳи атиббо адвияе чанд сойида, ки ба шаҳд ё қивоми қанд омехта бошад, хоҳ хушмаза бошад ё талх, ба хилофи ҷувориш, ки дар он хушмаза будан шарт аст.

**МАЪИН** معین ҷорӣ ва равон (аз «Қомус» ва шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Мадор» ва «Сурох»); ва ин сиғаи исми мафъул аст аз **айн** ва **айнон**, чунонки аз **байъ мабиъ**; ва ба замми мим ва касри айн (яъне **муъин**)* ёридиҳанда; ва ба замми мим ва фатҳи айн ва ёи таҳтонии мушаддади мафтуҳ (яъне **муайян**)* махсус ва муқаррар кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАЪДИН** معدن ба маънии кон (аз «Музил» ва «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**МАЪОДИН** معادن ба маънии конҳо; *ҷамъи* **маъдин**, ки ба маънии кон аст.

**МАЪФУВ(В)** معفو афв кардашуда ва муъоф нумудашуда.

**МУЪОҲАДА** معاهده бо якдигар аҳду паймон бастан.

**МУЪОНАҚА** معانقه бо ҳам гардан муқорин сохтан ва бо ҳам бағалгир шудан.

**МИЪБАЛА** معبله пайкони дароз ва паҳн (аз шарҳи «Нисоб»).

**МИЪСАРА** معصره он чи чизеро ба он афшуранд ва ҷувози равғангарон; ва ба замми мим ва фатҳи айн ва ташдиди соди мафтуҳ (яъне **муассара**)* афшурдашуда.

**МАЪНИИ БЕГОНА** معنی بیگانه маънии беҳтар ва латиф ва умда, ки пеш аз у касе набаста бошад.

**МАЪШУҚА** معشوقه дар охири лафзи маъшуқа назар ба қоидаи арабийя тои таънис аст, лекин ба қонуни форсиён тои таънис нест. Ин тоест, ки дар авохири аксар алфоз зиёда кунанд, чунончи дар ин байти Салим, байт:

> Муфлис чу шудем рӯ ба у овардем,
> Маъшуқаи рӯзи бенавоист худо.

Ва ҳамин қисм дар **айёра** ва **рақиба** (аз «Мусталаҳот» ва «Хиёбон»).

**МУЪҶИЗА** معجزه оҷизкунанда; чун харқи одате аз набӣ содир шавад, ки аз овардани мисли он халқ оҷизояд, инро муъҷиза гӯянд; ва чун аз валӣ харқи одате пайдо гардад, онро кароматхонанд; ва чун харқи одате аз кофир ба зуҳурояд, онро истидроҷ гӯянд.

**МАЪЗИ(УН)ИЛАЙҲ** معزی الیه ба маънии мансубилайҳ; ва ба замми мим ва ташдиди зои муъҷама ва бидуни ёи тахтонӣ ғалат аст; чи **маъзӣ** бар вазни **марзӣ**, сиғаи исми мафъул аст аз **азӣ**, **яъзо** ва **азоъан**; ва **азоъ** дар луғат нисбат доштан ба касе ё чизе (казо фил — «Мунтахаб» вас — «Суроҳ»).

**МУЪОЯНА** معاینه рӯ ба рӯ чизеро дидан (аз «Мунтахаб»); ва бо ҳам чашм чор шудан.

**МАЪИДА** معده узви одамӣ, ки таом дар он қарор ёбад ва ҳазм шавад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Қомус» ва «Сурох» ва «Муайид»); ва ба касри мим ва сукуни айн ва фатҳи мим ва сукуни сонӣ (яъне **меъда** ва **маъда**)* низ омадааст

**МАЪТӮҲ** معتوه бар вазни **мафъул** дилшуда ва беақл ва беҳуш, ки гоҳе ба таври девонагон калом ку... над ва гоҳе ба вазъи оқилон (аз «Суроҳ» ва ғайри он).

**МАЪРИКА** معرکه ҷанггоҳ ва ҷои кор... зор; ва ин сиғаи исми зарф аст аз **арк**, ки ба маънии молидан ва гум... мол додан ва харошидан аст; чун далерон дар корзор ҳамдигарро ме... моланд, лиҳозо ҷанггоҳро **маърика** исм шуд (аз «Мунтахаб» ва «Шар... ҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Моне...)

**МУАЗЗИБА** معذبه шиканча ва азобку... нанда, яъне дар ранҷ андозанда.

**МУЪОМАЛА** معامله бо ҳам амал кар... дан ва кор кардан.

**МУЪТАДДУНБИҲ(И)** معتدبه шумор... гирифташуда, яъне муътабар ва қобили эътибор.

**МАЪОЗАЛЛОҲ** معاذالله **маъоз** масда... ри мимист, ки дар таркиби мафъу... ли мутлақи феъли маҳзуф воқе... шуда ва он **аъуз** бошад; пас дар асл **аъуз маъозаллоҳ** буд, яъне па... ноҳ мехоҳам, паноҳ хостан ба ху... дои таоло.

**МУЪТАЗАЛА** معتزله фирқаест, ки ме... гӯянд, ки ба дунё ва охират ди... дани ҳақ таоло мумкин нест; ва низ мегӯянд, ки некӣ аз худост ва бадӣ аз нафс ва муртакиби кабир... на муъмин аст, на кофир; Восил ибни Ато, ки муқаддами ин ҷамоъа аст, шогирди Шайх Ҳасани Басри буда. Як рӯз дар масҷид бо шогирдони дигар ин ҳикоят мекард, ки муртакибони кабоир на муъминанд ва на кофир ва исботи манзилатун байналманзалатайни мекард. Шайх ин сухан бишунид ва фармуд: *«иътазала миннӣ»*, яъне ҷудошуда ва дуршуда аз мо; ва аз ин сухан ин исми **муътазала** бар он фирқа монд (аз «Латоиф»).

**МАЪНО//МАЪНӢ** معنی қасд кардашуда ва ҷои қасд кардан ва ҷои хостан (аз «Муайид» ва «Канз» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»); **маъно** дар асл **маънуй** бар вазни **мафъул** буд, вовро ба **ё** бадал карда ба қоидае, ки чун вов ва ё ҷамъ шаванд ва аввали эшон сокин, вовро

ба ё бадал кунанд; пас ё дар ё идғом карданд ва заммаи нунро ба касра бадал карданд барои муносибати ё; баъдуҳу ёи аввалро барои тахфиф ҳазф нумуда касраро ба фатҳ бадал карда, ё-ро ба алиф бадал нумуданд, **маъно** шуд; магар ба навиштан ба ё нависанд ва форсиён назар ба сурати мактубӣ **маънӣ** хонанд (ба касри нун). Ва агар **маънӣ**-ро исми зарф гиранд, аслаш бар вазни **мафъил** бошад, ёи мутаҳаррики моқабл мафтуҳи ё-ро ба алиф бадал карданд, дар ин сурат таълил камтар мешавад.

**МАОНӢ//МАЪОНИ** معانی *ҷамъи* **маъно (маънӣ)**-ст; ва номи илмест, ки шинохта мешавад ба он аҳволи лафзи арабӣ ва ғайра ба наҳҷе ки ба сабаби он мутобиқ бошад лафзи муқтазои ҳолро ва он чи нигоҳ дорад аз вукӯъи хато дар адои маонии матлуба ва он чи боздорад аз сахтдушворнии мазмун ва бадуслубии иборат ва ҳосил мешавад бад-он балоғати калом ва он мунҳасир мешавад дар ҳашт боб: боби аввал дар аҳволи исноди хабарӣ; сонӣ дар аҳволи муснад(ун)илайҳ ба ҳазфи он ва адами ҳазфи он; солис дар аҳволи муснад ба ҳазф ва ғайри ҳазфи он; робеъ дар аҳволи мутаалликоти феъл, чунончи ҳазфи мафъул ва такдими он бар феъл ва ғайру золик; хомис дар қаср ба алфози истисно [210] ва ин аз қисми хаср аст; содис дар баёни иншо ва анвоъи он касир аст, аз он ҷумла таманно ва тараҷҷӣ ва истифҳом ва қасам ва тааҷҷуб ва амр ва наҳӣ ва ғайра; собеъ дар баёни васл ва фасл, чунончи атфи баъзе ҷумла бар баъзе ва тарки он; сомин дар эҷоз, яъне овардани каломи мухтасар, ки ҳовии маонии касира бошад ва ба ҳазфи музоф ва ғайра дар итноб ва мусовот; ва он барои эзоҳ ва тафсили иҷмол бошад. Ва чун илми баён ва илми бадеъ дар таҳти илми маонӣ мундариҷ мешавад, лихозо зикри он ҳар ду низ дар ин ҷо муносиб донист. **Баён** илмест, ки шинохта мешавад ба он эроди маонӣ дар анҳои мухталифа ба камӣ ва бешӣ дар вузӯхи далолат; ва он мунҳасир аст дар се боб: боби аввал дар ташбеҳ; боби дуввум дар маҷоз ва истиъора; боби севвум дар киноя. **Бадеъ** илмест, ки шинохта мешавад ба он вуҷуҳи таҳсини калом баъди риъояти мутобақати калом ба муқтазои ҳол ва баъди ваззоҳати далолати алфоз бар маънӣ. Ва **бадеъ** ду қисм аст: лафзи ва маънавӣ. **Баёни бадеъи лафзӣ** ва анвоъи он бисьёр аст, минҷумлаи он тарсеъ ва таҷнис ва мақлуб ва раддулаҷз ва илтизоми молоюлзам ва инро эънот низ номанд ва муталаввин ва зуқофиятайн ва тавшеҳ ва таътил ва манқута ва мусиммат ва ракто ва хайфо ва мақтаъ ва мувассал ва муламмаъ ва мусаҳҳаф ва мутазамминуллуғатайн ва ғайра. Ва **баёни бадеъи маънавӣ** ва аснофи он низ бисьёр аст, аз он ҷумла: иҳом ва муҳтамилуззиддайн ва инро зулваҷҳайн низ номанд ва таъкидулмадҳ бимо яшбаҳуззам ва ҳуснуттаълил ва таҷоҳулулмаъориф ва муболаға ва лаффуннашр ва сиёқатулаъдод ва тансиқуссифот ва ирсолулмасал ва ҷамъ маъаттафриқ ва талмеҳ ва эътирозулкалом ва илтифот ва муроъотунназир ва муаммо ва луғз ва таърих ва ғайра.

**МУЪОФӢ** معافی сиғаи исми фоил, ба маънии афвкунанда.

**МУАЗЗӢ** معزی таъзияткунанда; ва ба касри айн ва ёи нисбат (яъне **муиззӣ**)* мансуб ба **Муизз**, ки номи ҳақ таоло ва номи яке аз салотин; ва **Муиззӣ** тахаллуси шоирест аз шуарои мутақаддимини Эрон; ва **маъзӣ** (билфатх) бар вазни **марзӣ**; ба маънии мансуб.

**МУЪТӢ** معطی атокунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУАЛЛИМИ СОНӢ** معلم ثانی *киноя аз* Абунасри Форобӣ, ҷаро ки кутуби ҳикмати юнониро, ки Арасту ва ғайра тахрир кардаанд, аввал Абунасри Форобӣ онҳоро аз юнонӣ ба арабӣ мутарҷим нумуда таълим кард.

**МАЪДАНӢ** معدنی номи ҷомаест сурхранг (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**МУЪТАНӢ** معتنی темордоранда ва эҳтимомкунанда.

**МАЪОЛӢ** معالی баландиҳо; ин *ҷамъи* **маъло**-ст, ки (ба фатҳи мим ва сукуни айн ва фатҳи лом) масдари мимист, ба маънии улув.

**МУЪРАВРИ** معروری бар вазни **мухшав-шин** аст, аз боби **ифъиол**, эърав-риятилфарасу ракбатаху урёнан, **муъравр**ӣ ба маънии рокиби аспи бараҳнапушт (аз «Латоиф»).

**Фасли мим маъа ғайни муъҷама**

**МУҒАРРО** مغرا шигифт ва тааҷҷуб доштошуда ва ба сиреш часпони-дашуда (аз «Мунтахаб» ва «Су-роҳ»).

**МУҒОДАРАТ** مغادرت бо якдигар бева-фоӣ кардан.

**МУҒИС** مغیث фарьёдрас (аз «Мунта-хаб»).

**МУҒОС** مغاث номи чӯби давоӣ; ва он пусти дарахти саҳроист (аз «Бур-ҳон» ва «Мунтахаб»).

**МУҒАММАД** مغمد пӯшида кардашуда ва шамшери дар ғилоф кардашуда.

**МИҒФАР** مغفر худи оҳанӣ; сиғаи ис-ми ола аст аз **ғаффара (ё ғафр)**, ки ба маънии пӯшидан ва пинҳон кардан аст (аз «Кашф» ва «Баҳо-ри Аҷам»).

**МУҒИР** مغیر ғораткунанда ва шитоб-кунанда (аз «Латоиф»).

**МУҒБАР(Р)** مغبر ғуборолуда ва ти-фаранг (аз «Мунтахаб»).

**МУҒАММИЗ** مغمز ба чашму абрӯ ишоракунанда ва гаммозикунанда.

**МАҒМУЗ** مغموز муттаҳам ва маъюб (аз «Суроҳ»).

**МАҒАЖ** مغژ сиғаи наҳӣ аз **ғажидан**, ки ба маънии нишаста рафтан аст ба таври атфол.

**МАҒРАС** مغرس ҷои нишондани дарахт (аз «Мунтахаб»).

**МАҒШУШ** مغشوش хиёнат кардашуда ва омезиш кардашуда ва ҳар чиз, ки ғайри холис бошад (аз «Лато-иф» ва «Мунтахаб»).

**МАҒС** مغص печиши шикам ва печиши ноф ва дард кардани рӯда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУҒТАБАТ** مغتبط ба маънии маҳсуд (аз «Мунтахаб»).

**МАҒБУТ** مغبوط маҳсуд.

**МАҒ** مغ амиқ ва жарф; ва ба маъ-нии рудхона; ва биззам (яъне муғ)* оташпараст (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**МУҒРИФ** مغرف ба кафи даст обгиран-да (аз «Латоиф»).

**МИҒЛОҚ** مغلاق қуфл ва қуллоб, ки бад-он дарро бананд (аз «Мунта-хаб»).

**МУҒЛАҚ** مغلق дари басташуда ва ка-ломе ки дарёфти маънии он муш-кил бошад (аз «Мунтахаб»).

**МАҒЛУҚ** مغلوق дари басташуда.

**МАҒОК** مغاک лафзи форсист маъруф; мансуб ба **мағ**, ки ба маънии умқ аст ва калимаи **ок** барои нисбат аст.

**МАҒЛУЛ** مغلول тавқи таъзиб дар гар-дан андохташуда.

**МИҒЗАЛ** مغزل дук.

**МУҒУЛ** مغول қавмест маъруф; дар луғоти туркӣ навишта, ки ин **лаф-зи** туркист, ба маънии умдаи фир-қаи турк; ва ба маънии содадил низ аз луғоти туркӣ; ва дар баъзе аз фарҳангҳо ба маънии шарир низ навиштаанд.

**МУҒСИЛ** مغسل ғуслдиҳанда; ва ба фатҳи син (яъне **муғсал**)* ғусл до-дашуда.

**МУҒТАНАМ** مغتنم ғанимат пиндошта-шуда ва ғанимат гирифташуда.

**МАҒОБИН** مغابن бунҳои рон (аз «Су-роҳ»).

**МУҒИЛОН** مغیلان дарахти бабул, ки ба ҳиндӣ кикар низ гӯянд; дар асл **уммғилон** буд, ки маънии он модари девон аст; чи **умм** (биззам ва таш-дид) ба маънии модар ва **ғилон** (билкаср) *ҷамъи* **ғул**; ва лафзи **умм** *маҷозан* барои муқоранат ва муҷоварат меоянд, заммаи алифро ба мим дода, алифро ба ҷиҳати тахфиф ҳазф кунанд; пас лафзи **муғилон** муфрад аст ва *ҷамъи* **му-ғил** нест, чунонки баъзе гумон ба-ранд (аз «Мунтахаб» ва баъзе шу-руҳи «Гулистон»); ва дар «Бур-ҳон» навишта, ки **муғайлон** бар вазни **Сулаймон**, номи дарахти хор-дор; ва дар «Суроҳ» ва «Қомус» марқум аст, ки **уммғайлон** (ба зам-ми аввал ва фатҳи ғайни муъҷа-ма) дарахти сумра, ки онро талҳ низ гӯянд; ва он дарахтони бузур-ганд хордор дар регистони Араб.

**МАҒБУН** مغبون ба маънии зиён расидашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАҒЗ ДАР САР ҚАРДАН** مغز در سر کردن хомуш шудан (аз «Бурҳон»).

**МАҒЗ ТАР ҚАРДАН** مغز تر کردن сухан гуфтан.

**МАҒОРА** مغاره ғоре, ки дар кӯҳ бошад (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»); ва ба маънии ҷои ғорат кардан, чаро ки исми зарф аз **ғорат** ҳам дуруст метавон шуд (аз шарҳи Нуруллоҳ).

**МУҒЛАҚА** مغلقه дари басташуда ва сухани мушкил.

**МИҒРАФА** مغرفه кафгир ва кафча (аз «Мунтахаб» ва «Қанз» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУҒАЛЛАЗА** مغلظه ситабр ва дурушт (аз «Мунтахаб»); ва дар «Қанз» ба маънии устувор кардашуда.

**МАҒЛАТА** مغلطه ҷое ки мардум дар он ба иштибоҳ ва ғалатӣ уфтанд.

**МАҒБУТА** مغبوطه дар фарҳанги «Кушоишнома» ба маънии ҷаҳд кардашуда навишта; ва дар кутуби луғат ёфта нашуда, магар ба маънии ҳасад кардашуда[211].

**МАҒРА** مغره гулест сурхранг, ки ба ҳиндӣ геру гӯянд (ба касри кофи форсӣ).

**МАҒРИБӢ** مغربی ашрафӣ ва дурустзар; баъзе навишта, ки дар мулки Мағриб кони тилост, ки тилои он сурх ва беҳтар мебошад. Ашрафӣ, ки аз тилои он кон сохта меоранд, онро **мағрибӣ** гуянд. Дар асл **дурусти мағрибӣ** буд. Чун чизе ба сабаби хубӣ ба ҷое хусусият дорад, ба ҷиҳати тахфиф номи он чиз ҳазф карда, ёи нисбат ба номи он ҷо лоҳиқ карда, исми он чиз қарор диҳанд, чунончи **дабиқӣ**, ки навъе аз ҷомаи абрешумӣ бошад, дар асл мансуб аст ба **Дабиқ**, ки номи шаҳр аст, Шайх Саъдӣ фармояд, байт:

Зишт бошад дабикиву дебо,
Ки бувад бар арӯси нозебо.

**МУҒАННӢ** مغنی мутриб ва сурудгӯянда; ва ба замми мим ва сукуни сонӣ ва касри нун (яъне **муғнӣ**)* бениёз гардонанда.

**МУҒРӢ** مغری часпанда ва лузуҷат пайдокунанда ва варғалонанда касеро бар ҷанг (аз «Сурох»).

**МУҒТАЗӢ** مغتذی ғизоёбанда (аз «Латоиф»).

**МАҒЗИ** مغزی қисме аз ҳалвост, ки бағоят сифед бошад; мағзи писта ва бодом дар он омехта курсҳо бананд.

**Фасли мим маъалфо**

**МУФОҶО** مفاجا *мухаффафи* **муфоҷот,** ба маънии ногоҳ.

**МУФОҶОТ** مفاجات ногоҳ шудан.

**МУФОХАРАТ** مفاخرت бо касе фахр кардан ва нозиш кардан дар бузургӣ ва ҳунар (аз «Мунтахаб»).

**МУФОВАСАТ** مفاوضت бо ҳам роз гуфтан ва машвара кардан ва баён кардани сухан ба нармӣ (аз «Сурох» ва ғайри он).

**МУФОВАЗОТ** مفاوضات мактубот, ки аъло ба адно навишта бошад; ва муросалоти мактуботе, ки ба мусовӣ навишта бошад.

**МУФРАДОТ** مفردات *ҷамъи* **муфрад,** ки ба маънии танҳост; ва дар асли истилоҳ ҳуруфи таҳаҷҷӣ, ки алоҳидаалоҳида нависанд; ва асомии аъдод аз як то даҳ.

**МУФТАРАЗОТ** مفترضات чизҳои фарз кардашуда.

**МАФЛУҶ** مفلوج фолиҷзада.

**МУФҶИҶ** مفجج хом ва нопухтадоранда; ва ин *зидди* **мунзиҷ** аст.

**МУФАРРЕҲ** مفرح фарҳатдиҳанда; ва номи давое мураккаб, ки ширин ва хушмаза ва хушбу ва муқаввии дилу ҷигар бошад (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУФАЗЗЕҲ** مفضح расвокунанда.

**МАФОТЕҲ** مفاتیح *ҷамъи* **мифтоҳ,** ки ба маънии калид аст.

**«МИФТОҲ»** مفتاح номи китоб аз Саккокӣ дар илми маонӣ.

**МУФАССИХ** مفسخ номи дардест, ки соҳибаш чунон мепиндорад, ки он узвро пора-пора мекунанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАФҚУД** مفقود гум кардашуда ва ёфтанашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУФТАҚАД** مفتقد гум кардашуда ва ноёфташуда; ва дар «Латоиф» ба маънии тафаққуд кардашуда, яъне бозпурс кардашуда.

**МУФРАД** مفرد ба истилоҳи баъзе форсиён бандаи фармонбардор (аз «Шарҳи Гулкушти»).

**МУФАККИР** مفکر фикркунанда.

**МУФТАҚИР** مفتقر ба маънии муҳточ.

**МАФХАР** مفخر масдари мимист, ба маънии фахр ва нозидан ба чизе.

**МАФАР(Р)** مفر исми зарф аз **фирор**, ба маънии ҷои гурехтан, яъне ҷое ки дар он гурехта нишинад ва аз офат амн ёбад; ва ба маънии роҳе, ки аз он роҳ тувон гурехт; ва ба маънии гурехтан низ омада.

**МАФТУР** مفطور пайдо кардашуда ва шигофташуда (аз «Мунтахаб»).

**МАФРУЗ** مفروز ҷудо кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАФОЗ** مفاز расидангоҳ.

**МАФОВИЗ** مفاوز ҷоҳои расидан ва манозил ва мақомот; ва ин *ҷамъи* мафоз аст.

**МАФРАШ** مفرش он чи ҷомаи хоб ва рахт дар он ниҳанд (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии бистар ва фарш ва ҷомаи хоб (аз «Кашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва ба маънии ҷомадон, ки онро аз чарм созанд, мисли сундуқ (аз «Муайид»).

**МАФРУЗ** مفروض фарз кардашуда.

**МУФАВВИЗ** مفوض кор ба касе вогузоранда; ва ба фатҳи вов (яъне **муфавваз**)* ба касе вогузоштишуда (аз «Мунтахаб»).

**МУФИЗ** مفیض файзрасонанда.

**МУФРИТ** مفرط аз ҳад даргузаранда; ва *маҷозан* ба маънии касир ва бисьёр (аз «Қанз» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАФЗАЪ** مفزع паноҳгоҳ (аз «Мунтахаб»).

**МАФРАҒ** مفرغ ҷои рехтани об (аз «Сурох»).

**МАФРУҒ** مفروغ рехташуда.

**МУФАРРИҚ** مفرق парогандакунанда; ва билфатҳ ва рои муҳмалаи максур (яъне **мафриқ**)* ба маънии фарқ; ва он хаттест, ки зоҳир мешавад аз дуним кардани муи сар, ба ҳиндӣ манг гӯянд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУФИҚ** مفیق ба ҳуш оранда ва ҳушёр (аз «Латоиф» ва ғайри он).

**МАФЛУК** مفلوک мубталои фалокат, яъне фалакзада ва муфлис ва табоҳ; ва ин исми мафъул аз масдари ҷаълист.

**МУФАЗЗАЛ** مفضل афзун кардашуда ва фавқийят додашуда; ва ба касри зоди муъҷама (яъне **муфаззил**)* афзун ва фавқийятдиҳанда; ва би замми мим ва сукуни фо ва касри зоди муъҷама (яъне **муфзил**)* нак-кункунанда ва афзункунанда (аз «Мунтахаб»).

**МАФЗУЛ** مفضول фазилат додашуда.

**МАФСИЛ** مفصل бар вазни **манзил**, пайвандгоҳи андом (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва ба замми мим, бар вазни **мунаввар** (яъне **муфассал**)* тафсил кардашуда; ва номи китобест.

**МАФОСИЛ** مفاصل пайвандгоҳҳои андом.

**МАФТУЛ** مفتول печидатори тофта, хоҳ аз абрешум, хоҳ аз калобатун.

**МУФАХХАМ** مفخم бузург доштошуда (аз «Мунтахаб»).

**МУФТАТАН** مفتتن фитна ангехташуда ва дар фитна андохташуда (аз «Латоиф»).

**МАФТУН** مفتون дар фитна андохташуда ва шефта ва ошиқ (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУФАТТИНИН** مفتنین фитнаандозон.

**МУФОВАЗА** مفاوضه якдигарро супурдан; ва дар «Сурох» анбозӣ кардан ва баробарӣ кардан дар коре; ва дар муҳовараи аҳли иншо ба маънии хат ва рисола мустаъмал кунанд; ва дар «Хиёбон» навишта, ки ба маънии анбозӣ кардан; ва *маҷозан* ба маънии ҷимоъ низ мустаъмал шуда; шореҳи фозил навишта, ки чун маънии асли моддаи ин лафз супурдан аст, **муфовaза**, ки бар вазни **муфоалат** аст, ба маънии супурдани ҳар яке худро ба дигаре; ва аз ин *киноя* ба ҷимоъ возеҳ аст.

**МАФРАҒА** مفرغه ҷои рехтани чизи рақиқ (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МУФРАДА** مفرده дар луғат ба маънии танҳо; ва дар истилоҳи аҳли дафтар ҷамъро гуянд, аз ҷиҳати он ки қарина надорад.

**МАФОЗА** مفازه ҷои раҳоӣ ёфтан ва ҷои фирузӣ ва таяммунан ва тафаъулан, ба маънии биёбон низ оянд, то ба осонӣ аз у гузашта шавад (аз «Мунтахаб» ва «Канз» ва «Латоиф» ва ғайри онҳо).

**МУФТАРӢ** مفتری дуруғгуянда бар касе; ва буҳтон ва туҳматниҳанда бар касе.

**МУФЗӢ** مفضی расонанда ва мубошираткунанда (аз «Мунтахаб»).

### Фасли мим маъа қоф

**МУҚТАДО** مقتدا касе ки мардумон пайравии у нумоянд.

**МАҚЛИЁСО** مقلیاثا луғати сурёнист, ба маънии тухми тарai тезак, ки онро холун гуянд (аз «Бурхон»).

**МУҚТАЗАБ** مقتضب буридашуда; ва номи баҳр; чун ин баҳрро аз баҳри мунсареҳ буридаанд, яъне аркони ин ду баҳр якест. Ихтилоф ҳамин дар тартиб аст. Асли **мунсареҳ** мустафъилун, мафъулоту аст чаҳор бор ва асли **муқтазаб** мафъулоту мустафъилун чаҳор бор; ё он ки аруз ва зарби ин баҳрро гоҳе қатъ ҳам менумоянд, ай меандозанд.

**МУҚИТ** مقیت тувоно ва рузидиҳанда ва нигоҳдоранда ва гувоҳ ва ҳозир (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУҚОВАМАТ** مقاومت бо касе баробарӣ кардан (аз «Канз»).

**МАҚДИРАТ** مقدرت қудрат ва тувоноӣ ва тувонгар будан (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**МАҚТ** مقت душманӣ.

**МУҚТАНИЁТ** مقتنیات асбоби дуньявӣ ва сармоя кардашуда.

**МАҚОМОТ** مقامات *киноя аз* маротиб ва қавоид ва ҳикоёти иборати арабийя, чунонки «Мақомоти Ҳарирӣ» ва «Мақомоти бадеъӣ» ва «Мақомоти ҳиндӣ» ва муҳовароти арабийя.

**МУҚОСОТ** مقاسات ранҷ кашидан (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**МАҚОЛАТ** مقالات масдари мимист, ба маънии гуфтор (аз «Канз»).

**МАҚБУҲ** مقبوح дур дошташуда аз хайр (аз «Хиёбон»); ва дар он манқул аст аз «Қомус»; ва дар «Сурох» ба маънии зишт.

**МАҚСИД** مقصد ҷои қасд; ва ба фатҳи соди муҳмала, чунонки шуҳрат дорад, дуруст набошад, қасада яқсиду аз зараба язрибу омадааст (казо фис — «Сурох»).

**МАҚОСИД** مقاصد номи китоб дар илми калом.

**МАҚОМИ МАҲМУД** مقام محمود дараҷаи аъло аз ҳасанот; ва номи мақомест, ки он ҳазрат дар шаби меъроҷ он ҷо расиданд (аз «Латоиф» ва ғайри он).

**МАҚАЛЛИД** مقلد амалкунанда бар қавли касе ба ғайри далел; ва *маҷозан* ба маънии наққол ояд [212].

**МАҚЪАД** مقعد ҷои нишастан; ва *маҷозан* маҳалли махсус, ки дубур бошад (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**МАҚОИД** مقاعد ҷоҳои нишастан.

**МИҚВАД** مقود ресмон ва полҳанг.

**МАҚОЛИД** مقالید *ҷамъи* **миқлид**, ки (билкаср аст) ба маънии калид; ва ин муарраб аст (аз «Мунтахаб»).

**МАҚАР(Р)** مقر ҷои қарор ва ором; ва ба замми мим ва касри қоф ва рои мушаддад (яъне **муқирр**)* иқроркунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУҚАШШАР** مقشر бар вазни **мунаввар**; пуст(и) дур кардашуда; ва ин аз **тақшир** аст, ки ба маънии пуст дур кардан бошад; ва **тақшир** аз боби **тафъил** аст, ки барои изолаи маъхаз меояд (аз «Мунтахаб» ва ғайраҳо).

**МУҚОМИР** مقامر қиморбоз ва ҳариф (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**МУҚАТТАР** مقطر бар вазни **мунаввар**; қатра-қатра чаконидашуда.

**МУҚАВВАР** مقور бар вазни **мунаввар**; ба маънии қуворадор кардашуда (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**МУҚААР** مقعر ҷои амиқ ва ҷои мағок; ва сатҳаи ботинии кура, ки муҷavваф бошад.

**МАҚУЛОТИ АШАР** مقولات عشر як чавҳару нуҳ араз; пас афроди чавҳар панч аст: яке чисм; дуввум ҳаюло; севвум сурат; чаҳорум нафси нотиқа; панчум акл, яъне малоика. Ва нуҳ араз ин аст: аввал кайф; дуввум камм; севвум айн; чаҳорум мато; панчум изофат; шашум вазъ; ҳафтум феъл; хаштум инфиъол; нуҳум милк (ба касри мим); ва тафсили ин хама дар фасли нун маъал-хо, дар баёни лафзи **нуҳ араз** мазкур хоҳад шуд.

**МУҚОТИР** مقاطر чаконандаи об ва мисли он.

**МАҚСУР** مقصور кутоҳ кардашуда; ва ба маънии мунҳасир ва кифоят кардашуда ва шусташуда.

**МАҚОДИР** مقادير андозаҳо; ва ин *чамъи* **миқдор** аст.

**МАҚОҲИР** مقاهير қахр кардашудагон; *чамъи* **макқур.**

**МУҚАВҚАС** مقوقس мурғест, ки тавқ дорад; ва лақаби ҳокими Миср ва Искандария, ки тарсо буд ва ба хазрат имон оварда; ва лақаби ҳар ки подшоҳи Миср ва Искандария бошад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МИҚЁС** مقياس андоза; ва он чи ки бад-он андоза гиранд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУҚТАБИС** مقتبس оташгиранда ва рӯшанигиранда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МИҚВАС** مقوس расани аспон; ва ба замми мим ва фатҳи қоф ва ташдиди вови мафтӯҳ (яъне **муқаввас**)* чизе ки хамида бошад, монанди камон (аз «Мунтахаб»).

**МИҚНОТИС** مقناطيس санги оҳанрубо, ки ба ҳиндӣ чуммак гӯянд (ба замми чими форсӣ ва ташдиди мими мафтӯх; аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Кашф»); ва дар «Бахр-ул-чавоҳир» билфатҳ ва ба чои коф ғайни муъчама (яъне **мағнотис**)* низ омада; ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **миқнотис** *муарраби* **микнотис**, ки лафзи юнонист.

**МУҚАРНАС** مقرنس иморате ки онро ба сурати қурнос сохта бошанд; ва **қурнос** (биззам) бинии кух; ва *мурод аз* **муқарнас** иморати баланд ва бинои олӣ (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»); ва ба маънии мунаққаш; ва ба маънии пор, ки меъмо рон бар он нишинанд, ҳар ду ғалат аст.

**МУҚАДДИМАТУЛЧАЙШ** مقدمة الجيش лашкаре, ки пеш фиристода шуда бошад; ва касе ки аз ғояти шачоат пешрави лашкар бошад (маънии аввал аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» бузурги лашкар.

**МУҚАЙЯШ** مقيش бар вазни **мушаввашъ**; торҳои нуқра, ки онро пахн карда бошанд (аз «Баҳори Ачам»); ва ба хотири муаллиф мерасад, ки ин сиғаи исми мафъул аст, аз боби тафъил, маъхуз аз **қайш.** Чун лафзи **қайш** дар «Қомус» ва «Сурох» ва «Мунтахаб» ва ғайра ёфта нашуда, зоҳиран лафзи арабӣ нест ва форсӣ ҳам набошад, чаро ки коф дар форсӣ наёяд. Ғолибан **қайш** *муарраби* **кес** бошад, ки лафзи ҳиндист, ба маънии мӯи сар; ва таъриб аз лафзи ҳиндӣ бисьёр омадааст, чунонки **қаранфул** *муарраби* **каранпхул** ва **итрифал** *муарраби* **трипхал.** Пас моддаи **қайш**-ро дар боби тафъил бурда, исми мафъул аз он **муқайяш** баровардаанд, бар вазни **мушавваш.** Ва дар ҳақиқат **муқайяш** ба маънии чизест, ки бар атрофаш торҳои нуқра ва ғайра тарошида, ба таври мӯи сар, дӯхта бошанд. Ҳоло баъзе бепарвоёни Ҳинд бар торҳои нуқра, ки бурида бошанд, итлоқи **муқайяш** кунанд, чунончи гули усфурро гули муасфар гӯянд. Пас он чи **муққайш** (ба замми мим ва ташдиди қофи мафтӯҳ ва сукуни таҳтонӣ) шухрат дорад, дуруст набошад, чаро ки бар ин вазн сиғаи исми мафъул аз хеч боб наёмада. Ва сивои он маъмул чунон аст, ки ҳар гоҳ исми мафъул ё исми фоил аз лафзи ачамӣ ё чомид маъхуз нумоянд, аксар аз боби тафъил месозанд.

**МУҚТАНИС** مقتنص шикоркунанда ва асиркунанда ва касбкунанда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МИҚАС(С)** مقص расане ки ба он хар ду дасти чаҳорпоя банданд дар вақти душидан (аз «Мунтахаб»).

**МИҚБАС** مقبص расан, ки пеши аспони раҳо кашида доранд, то рост истад (аз «Сурох»).

**МИҚАТ(Т)** مقة ба маънии қатзан ва онро қатгир низ гӯянд.

**МУҚАРРАТ** مقرط ба гушвора зинат додашуда.

**МУҚАННАЪ** مقنع бар вазни **муламмаъ**; номи марде, ки писари ӯ Ибни Муқаннаъ кунят дошт ва Ато номи ӯ буд. Ва Ато ба сеҳру тилисм моҳ аз чоҳ бармеовард, ки Нахшаб ва Қаш ва ғайра аз ӯ рушан мешуд. Ва он моҳро Моҳи Муқаннаъ низ гӯянд, агарчи сохтаи Ибни Муқаннаъ буд. Ва ин итлоқ аз он қабил аст, ки гӯӣ Мансурро бар дор карданд; чи он касе ки аналҳақ гуфт ва ӯро бар дор карданд, Ҳусайн ибни Мансур ном дошт, на Мансур фақат (аз «Шарҳи Қиронус-саъдайн»).

**МУҚОТЕЪ** مقاطع қатъкунанда ва чизеро ба иҷора гиранда; ва ба фатҳи мим (яъне **мақотеъ**)* ба маънии ҷоҳои итмом ва интиҳо.

**МУҚТЕЪ** مقطع қатъкунандаи муъомалот ва даъвии мардумон; ва ба замми мим ва фатҳи қоф ва тои мушаддади мафтӯҳ (яъне **муқаттаъ**)* буридашуда; ва чизе ки завоидро аз атрофаш бурида, ороста ва пероста карда бошанд; ва ба касри мим ва сукуни қоф ва фатҳи то (яъне **миқтаъ**)* ба маънии миқроз; ва ба фатҳи мим (яъне **мақтаъ**)* маҳалли интиҳо ва итмом ва охири байти ғазал ва қасида; ва ба маънии қатъ кардан низ омада; дар ин сурат масдари мимист.

**МИҚРОЗАК** مقراضك фаннест аз куштӣ; ва он чунон бошад, ки ҳар ду пои худро ҳамчу миқроз дар гардани ҳариф андохта зур кардан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МАҚОЛ** مقال гуфтугу; ин масдари мимист.

**МУҚБИЛ** مقبل қабулкунандаи фармони ҳақ ва рӯ ба чизе кунанда ва соҳибиқбол ва давлат; ва ба фатҳи бои муваҳҳада (яъне **муқбал**)* қабул кардашуда ва рӯ овардашуда; ва ба замми мим ва фатҳи қоф ва ташдиди бои муваҳҳада (яъне **муқаббал**)* бусидашуда[213].

**МАҚТАЛ** مقتل ҷое ки агар дар он ҷо захм расад бимирад; ва замине, ки касе дар он қатл шуда бошад (маънии аввал аз «Латоиф»).

**МУҚОТИЛ** مقاتل муқотала ва корзоркунанда; ва ба фатҳи тои фавқонӣ (яъне **муқотал**)* муқотала ва корзор кардашуда.

**МАҚЛ** مقل суханчинӣ кардан ва бад гуфтан касеро пеши касе ва нигаристан ба чизе ва фуру бурдани об ва ғайри он; ва биззам (яъне **муқл**)* самғест маъруф, ки ба ҳиндӣ гугил гӯянд; ва меваи дарахтест монанди кунор; ва ба замми мим ва касри қоф ва ташдиди лом (яъне **муқилл**)* дарвеш ва фақир ва андаккунанда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»); ва ба замматайн (яъне **муқул**)* *ҷамъи* **мақол**, ки ба маънии сухан аст; ва низ дар «Латоиф» ба маънии гурз ва гупол навишта.

**МУҚАЛҚАЛ** مقلقل беқарор; ва ба маънии шароб низ омада.

**МИҚВАЛ** مقول забон (аз «Мунтахаб»).

**МАҚИЛ** مقيل нимрӯз хуфтан ва чоштгоҳ шароб хурдан (аз «Латоиф»).

**МУҚОМ//МАҚОМ** مقام масдар аст, ба маънии истодан; ва ҳам ба замми мим ва фатҳи мим (яъне **муқом** ва **мақом**)* исми зарф аст, ба маънии ҷои истодан (казо **фис** — «Сурох»); ва дар «Музил» навишта, ки ба фатҳи мим, ҷои қиём; ва ба замми мим, масдар ба маънии иқомат; ва дар «Қашф» **мақом** (ба фатҳ) ҷои истодан; ва дар истилоҳи мусиқӣ **мақом** пардаи сурудро гӯянд; ва он дувоздаҳанд: аввал Рост; дуввум Шабоб; севвум Буслик; чаҳорум Ушшоқ; панҷум Зери Бузург; шашум Зери Кучак; ҳафтум Ҳиҷоз; ҳаштум Ироқ; нуҳум Зангула; даҳум Ҳусайнӣ; ёздаҳум Раҳовӣ; дувоздаҳум Наво (аз «Қашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Рисолаи мусиқӣ»); магар соҳиби «Қашф» ба ҷои Ҳиҷоз ва Зангула Боҳарз ва Нуҳованд оварда; ва баъзе ба ҷои Шабоб Сифоҳон овардаанд; ва дар «Латоиф» навишта, ки **мақом** дар истилоҳи соликон иқомати банда аст дар ибодат, дар оғози сулук ба дараҷае, ки ба он тавассул кардааст; ва шарти солик он аст, ки аз мақоме ба мақоме дигар тараққӣ кунад, то

аз наваду нуҳ мартабаи таквин даргузарад ва ба садум мартабаи тамкин мақом кунад; ва *мурод аз* **тамкин** заволи башарийят аст, ки онро мартабаи фақр ва фано гӯянд.

**МАҚДАМ** مقدم аз сафар ё аз ҷое бозомадан; ва ҳангоми қадам ниҳодан ва ҷои қадам ниҳодан; ва ба замми мим ва касри дол (яъне **муқдим**)* пешраванда ва далер ва кунҷи чашм, ки ба тарафи бинӣ бошад; ва ба зам ва фатҳи қоф ва ташдиди доли максур (яъне **муқаддим**)* пешкунанда; ва ба фатҳи дол (яъне **муқаддам**)* пеш кардашуда; ва номи манзили бисту шашум аз манозили Қамар; ва он ду ситораи рӯшан аст дар бурҷи Далв, ки ба фосилаи як найза дида мешавад; ва ба истилоҳи мантиқиён ҷузви аввали қазийяи шартияро **муқаддам** номанд ва ҷузва сониро толӣ гӯянд, чунончи: *«ин канатишшамсу толеъатан фаннаҳору мавҷудун».* Ҷумлаи аввал, ки: *«ин канатишшамсу толеъатан»* бошад, **муқаддам** аст ва ҷумлаи сонӣ, ки: *«фаннаҳору мавҷудун»* бошад, толист.

**МАҚСИМ** مقسم ҷои тақсим (аз «Сурох»).

**МУҚРИМ** مقرم шутури нар (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУҚТАҲИМ** مقتحم ихтиёркунанда ва ғолибомада ва золим.

**МУҚҲАМ** مقحم дар чизе андохташуда (аз «Мунтахаб»).

**МУҚАВВИМ** مقوم бар вазни **мусаввир**; қиматкунанда ва ростдоранда (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МУҚДИМУЛЪАЙН** مقدم العين гӯшаи чашм, ки ба тарафи бинист (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**МАҚСУДИ КУНФАКОН** مقصود کن فکان *киноя аз* зоти ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама.

**МУҚАННИН** مقنن қонунбароранда ва қонуншинос; исми фоил аз **тақнин**, ки масдари ҷаълист, маъхуз аз **қонун**, ки лафзи румист мустаъмал дар арабӣ.

**МИҚРОЗИ ШУТУРГАРДАН** مقراض شتر گردن навъе аз миқроз, ки каҷ бошад (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МАҚБАРА//МАҚБУРА** مقبره гӯри мурда (аз «Қанз» ва «Сурох»).

**МУҚАЛҚАЛА** مقلقله овози сурохӣ ва шиша (аз фарҳанг).

**МУҚОСАМА** مقاسمه бо касе савганд хурдан ва касеро чизе бахшидан.

**МУҚАЛЛИДПЕША** مقلد پیشه *мурод аз* наққол ва раққос ва хунёгар.

**МАҚСУРА** مقصوره ба маънии ҳуҷраи кучак (аз «Қомус»); ва дар «Қанз» ба маънии тахт ва ҳаҷла; ва дар «Мадор» ва «Кашф» ҷои истодани имом дар масҷид.

**МУҚОБАЛА** مقابله бо ҳамдигар баробарӣ кардан ва бо ҳамдигар рӯ ба рӯ шудан; ва ба истилоҳи илми нуҷум назари ситора ба ситораи дигар ба фосилаи нисфи даври фалак, ки яксаду ҳаштод дараҷа бошад, яъне шаш бурҷ, масалан: Қамар дар чаҳорум дараҷаи Саратон бошад ва Муштарӣ дар панҷум дараҷаи Ҷадӣ; ва ин далел бар тамоми душманист.

**МУҚАДДИМА** مقدمه пешраванда; ва он чи пораи лашкар, ки пеш фиристанд; ё матлабе, ки пештар гуфта шавад барои осонии фаҳми матолиби дигар (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»); ва ба фатҳи доли мушаддад (яъне **муқаддама**)* исми мафъул аст, ба маънии пеш додашуда (аз «Мунтахаб»); ва ба тахфифи дол хато.

**МИҚНАЪА** مقنعه чодари борик, ки як арз бошад (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»).

**МИҚРОЗА** مقراضه навъе аз пайкони душоха; ва номи ҳалвоест (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Мусталаҳот»).

**МИҚРАЪА** مقرعه чӯбе ки ба он бизананд ва тозиёна; ва ин сиғаи исми ола аст аз қаръ (билфатҳ), ки ба маънии куфтан аст.

**МУҚЛА** مقله тамоми косаи чашм бо сафедӣ ва сиёҳӣ; ва **Ибни Муқла** номи хушнавис, ки ҳар шаш хат эҷод карда[214].

**МУҚОРАНА** مقارنه ҷамъ шудани ду кавкаб дар як бурҷ (аз «Мунтахаб»).

**МУҚОЯСА** مقایسه бо касе қиёс кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУҚРӢ** مقری хононанда ва таълимкунандаи Қуръон атфолро; ва **кӯри мукрӣ** иборат аз ҳофизи нобино, ки кудаконро хондани Қуръон меомӯзонад. Ва бештари чунин ҳофизони нобино, ки аз айёми туфулийят нобино мегарданд, дар ҷавониву пирӣ худро гоҳе дар хоб бино намебинанд; ва шахсе ки дар ҷавонӣ ва ё пирӣ нобино мегардад, ҳамеша худро дар хоб бино мебинад.

**МУҚТАДӢ** مقتدی пайравикунанда; ва ба фатҳи дол (яъне **муқтадо**)* он ки мардум пайравии ӯ кунанд, яъне пешво.

**МУҚТАЗӢ** مقتضی тақозокунанда; ва ба фатҳи зоди муъҷама ва алифи мақсура (яъне **муқтазо**)* тақозо кардашуда (аз «Латоиф»).

**МАҚЗӢ** مقضی гузордашуда ва тамом кардашуда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУКТАФӢ** مکتفی аз ақиб дароянда (аз «Латоиф»).

**МУҚТАНӢ** مقتنی сармоядор ва сармоядиҳанда (аз «Латоиф»).

**МУҚНӢ** مقنی корезкананда.

**«МУҚАДДИМАИ НАҲВИ ЗАМАХШАРӢ»** مقدمهٔ نحو زمخشری номи китоб дар илми наҳв аз Ҷоруллоҳи Замахшарии соҳиби тафсири «Кашшоф».

**МИҚРОЗӢ** مقراضی қисме аз ҳалво.

**МИҚРОЗИ ҲИНДӢ** مقراض هندی миқрози Ҳинд, ки беҳтар бошад; ва баъзе гӯянд, ки навъе аз миқроз, ки барги танбулфурӯшон доранд, ки понро ба он пероиш мекунанд, ё он чи фуфилро ба он реза-реза кунанд.

### Фасли мим маъа коф

**МУКТАСИБ** مکتسب ба саъйи худ ҳосилкунанда чизеро; ва ба фатҳи сини муҳмала (яъне **муктасаб**)* ба саъй ва талаб ҳосил кардашуда ва ҷои ҳосил кардани чиз ба саъйи худ.

**МУКИБ(Б)** مکب бар рӯ даруфтанда ва бар рӯ дарандозанда; ва ба фатҳи коф (яъне **мукабб**)* бар рӯ андохташуда; муштақ аз **икбоб**, ки ба маънии ба рӯ афгандан ва ба рӯ уфтодан аст, лозим ва мутааддӣ ҳар ду омада (аз «Мунтахаб» ва «Канз» ва «Хиёбон»).

**МУКАВКАБ** مکوکب ситорадор кардашуда; ва он чи аз зару нуқра мисмор дошта бошад.

**МУКААБ** مکعب чаҳоргӯша кардашуда; ва зане ки норпистон бошад.

**МАКОСИБ** مکاسب касбҳо ва пешаҳо; ва ин *ҷамъи* **касб** аст, хилофулқиёс.

**МАКРУБ** مکروب андӯҳнок (аз «Латоиф»).

**МУКОТАБ** مکاتب ғуломе, ки ба ризои молики худ қимати худро мутакаффил шавад, ки аз муздурии худ ба молики хеш адо нумояд ва озод гардад.

**МУКАВВАНОТ** مکونات ба маънии махлуқот ва мавҷудот.

**МУКНАТ** مکنت ба маънии қудрат ва тавонгарӣ (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»); ва билфатҳ (яъне **макнат**)* ба ин маънӣ хатост.

**МУКОВАҲАТ** مکاوحت кушидан; ва душманӣ кардан ва душном додан (аз «Мунтахаб» ва «Канз» ва «Сурох»).

**МАКРУМАТ** مکرمت бузургӣ ва навозиш (аз «Кашф» ва «Сурох» ва «Музил»).

**МУКОШАҲАТ** مکاشحت душманӣ кардан (аз «Канз»).

**МАКИДАТ** مکیدت бадандешӣ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАКОНАТ** مکانت пойгоҳ ва мартаба ва иззат (аз «Сурох»).

**МУКОФОТ** مکافات бо ҳам баробар шудан ва баробар истодан ва подош ва сазои бад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Канз» ва ғайри он); ва ин дар асл **мукофаят** буд, ёи мутаҳаррики моқабли ӯ мафтуҳ, он ёро ба алиф бадал карданд, **мукофот** гардид; ва ин масдар ба маънии ҳосили билмасдар мустаъмал мешавад.

**МАКС** مکث даранг кардан ва интизор нумудан; ва биззам ва билкаср (яъне **мукс** ва **микс**)* ба маънии даранг (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МАКОИД** مكائد *ҷамъи* **макида**; ба маънии бадсиголӣ ва бадандешӣ (аз «Хиёбон»).

**МУКИД** مکید кайдкунанда (аз «Латоиф»).

**МИКСОР** مکثار касирулкалом ва бисьёргу (аз «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ»).

**МАКСУР** مكسور шикаста ва каср додашуда, яъне ҳаракати зер додашуда.

**МУКАФФИР** مكفر каффорадиҳанда ва кофирхонанда касеро (аз «Мунтахаб»).

**МУКАРРАР** مکرر бор-бор кардашуда; ва ба истилоҳ ба маънии ғайри марғуб аст.

**МАГАСГИР** مکس گیر анкабут.

**МАКНУЗ** مکنوز хизона кардашуда; ва *маҷозан* ба маънии пинҳон дошташуда.

**МУКОС** مکاس таваққуф кардани соҳиби коло дар байъ (аз «Мусталаҳот»).

**МИКНОС** مکناس ҷоруб (аз «Латоиф»).

**МУКЕС** مکیس *имолаи* **мукос**; дар муъомала ниҳоятталабӣ кардан ва тангӣ гирифтан дар байъ (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Кашф» ва «Мунтахаб»); ва соҳиби «Муайид» навишта, ки **мукес** ба маънии марди бовақор; ва дар асл ин лафз ба сои мусалласа (مكيث) буд ва форсиён ба сини муҳмала менигоранд; ва баъзе ба маънии нуқсон ва ками навиштаанд; ва дар «Бурҳон» ба маънии ниҳояти таъкид ва муболаға кардан дар коре; ва ба маънии бочу хароҷ, аввал асаҳ аст.

**МУКТАНИС** مكتنس хасу хошокрубанда (аз «Латоиф»).

**МУКТАНИФ** مكتنف панохҷуянда ва яксушаванда (аз «Латоиф»).

**МАКФУФ** مكفوف дар луғат пироҳаннавардида; ва ба истилоҳи аруз рукни ҳафтҳарфӣ, ки ҳарфи ҳафтуми сокинро аз охири у андохта бошанд, чун аз мафоӣлун нун биандозанд, мафоӣлу бимонад (ба замми лом).

**МАКУК** مكوك ба маънии моку, ба ҳиндӣ нал гӯянд, ки ҷӯлоҳа дорад.

**МАҚБУЛ** مکبول банд кардашуда ва маҳбус (аз «Мунтахаб»).

**МУКАЛЛАЛ** مكلل ба маънии дурахшон ва муламмаъ кардашуда ва тоҷ бар сар ниҳодашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУКАҲҲАЛ** مكحل бар вазни **мунаввар**; сурмасо; ва биззам ва ҳои муҳмалаи мафтуҳ (яъне **мукҳал**)* ба маънии сурмадон (аз «Мунтахаб»).

**МАКҲУЛ** مکحول сурмасо.

**МАКИЛ** مكيل ба паймона паймудашуда.

**МАКОЙИЛ** مكائيل *ҷамъи* **микёл** (билкаср), ки ба маънии паймона аст (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУКАММИЛ** مكمل тамом ва комилгардонанда; ва ба фатҳи мими сонӣ (яъне **мукаммал**)* тамом ва комил гардонидашуда.

**МИКЁЛ** مكيال паймона.

**МУКТАТАМ** مكتتم пушида (аз «Латоиф»).

**МАКОРИМ** مکارم навозишҳо ва бузургвориҳо; ва ин *ҷамъи* **макрумат** аст.

**МУКРИМ** مكرم навозанда ва бахшишкунанда; ва ба замми мим ва фатҳи коф ва ташдиди рои мафтӯҳ (яъне **мукаррам**)* гиромӣ кардашуда ва бузург дошташуда; ва ба касри ро (яъне **мукаррим**)* гиромикунанда.

**МАКТУМ** مكتوم пушида; ва *киноя аз* роз (аз «Мунтахаб»).

**МУКАВВАН** مكون ҳаст нумудашуда ва пайдо кардашуда.

**МАКОН** مكان ҷои будан; сиғаи исми зарф аст, муштақ аз **кавн** (билфатх), ки ба маънии будан аст; ва ба маънии мутлақи ҷо мустаъмал.

**МАКНУН** مكنون пинҳон дошташуда; ва ин сиғаи исми мафъул аст, маъхуз аз **кан** (билфатҳ), ки ба маънии пушидан аст (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва ғайруҳумо); чун гавҳари қиматӣ ва хушобро ба муҳофазат пушида доранд, лиҳозо *маҷозан* **гавҳари макнун** гавҳари қиматӣ ва хушобро гӯянд.

**МАКИН** مكين макондоранда ва соҳибмакон.

**МАҚМАН** مكمن ҷои пинҳон шудан ва камингоҳ; сиғаи исми зарф аз **му-кун**, ки (ба зamматайн) ба маънии пинҳон шудан аст (аз «Мунтахаб»).

**МАҚОМИН** مكامن *ҷамъи* **макман**, ки ба маънии ҷои пушида шудан аст (аз «Мунтахаб»).

**МАКРОН** مكران номи шаҳр [215].

**МАГАСРОН** مكس ران ба ҳиндӣ мурчхал ва чунрӣ гӯянд, ки аз парҳои думи товус ва муи думи гови кӯҳӣ созанд.

**МУКТАСАБА** مكتسبه касб кардашуда ва ба меҳнат ҳосил кардашуда.

**МАКРАЪА** مكرعه машки об (аз «Латоиф»).

**МУКОБАРА** مكابره бузургии худ бар дигаре собит кардан ва муъораза ва ғалаба ва ҷанг кардан бо касе (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МИКНАСА** مكنسه ҷоруб (аз «Сурох»).

**МАКТАБХОНА** مكتب خانه агарчи индат-таҳқиқ ин таркиб ғалат аст, чаро ки лафзи **мактаб**, ки сиғаи исми зарф бошад ба маънии ҷои китобат, ҳоҷат ба лафзи **хона** надорад. Ва агарчи баъзе устодон ба сабили таҷрид дар шеъри худ овардаанд, чунонки Мирзо Муҳаммадалии Соиб гуяд, байт:

То мабод огоҳ аз завқи гирифторӣ шавад,
Мекунам озод тифлонро зи мактабхонаҳо.

Магар авло ҳамин аст, ки аз ин қисм алфоз иҷтиноб нумоянд.

**МУКЛОВА** مكلاوه лафзи ҳиндист, ба маънии гавна, ки маъмули ҳиндувон аст, ки мукаррар арӯсро ба хона оранд.

**МАҚОРЕҲ** مكاره бар вазни **масоҷид**: ба маънии макруҳот, яъне ранҷ ва сахтиҳо; ва ба фатҳи мим ва ташдиди коф ва фатҳи ро ва хои мухтафӣ (яъне **маккора**)* зани бисьёр макркунанда.

**МУКОТАБА** مكاتبه бо ҳамдигар нома навиштан; ва *маҷозан* номаро низ гуянд; ва бандаро ба моли ӯ фурухтан (аз «Мунтахаб»).

**МУКОШАФА** مكاشفه душмании ошкоро кардан ва ҷанги бармало кардан; ва зоҳир шудани асрор ва умури ғайбӣ дар дили валиюллоҳ.

**МУКТАСӢ** مكتسى пушанда ва гилем дар бар кашанда; аз **иктисо** (казо фил — «Мунтахаб»).

**МУКОРИ** مكارى харбанда ва кироядиҳанда, яъне касе ки аспу шутур ва ғайра ба кироя диҳад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Мусталаҳот»).

**МУКТАСАБӢ** مكتسبى ҳосил кардашуда; чи **муктасаб** (ба замми мим ва фатҳи сини муҳмала) масдари мимӣ низ аст, ба маънии иктисоб; ва чун ёи нисбат ба масдар мулҳақ шавад, гоҳе маънии мафъул ҳосил меояд.

**МУКФӢ** مكفى кифоятдиҳанда.

**МУКТАФӢ** مكتفى кофӣ ва басандкунанда ба чизе (аз «Сурох»).

**МУКОФӢ** مكافى ба маънии мусовӣ ва баробар (аз «Сурох»).

### Фасли мим маъа лом

**МАЛҶО** ملجا ба маънии ҷои паноҳ; маъхуз аз **лаҷоъ**, ки ба маънии паноҳ гирифтан аст.

**МАЛО** ملا ба маънии ошкоро; ва гоҳе иборат аз анҷуман ва маҳфил; ва ба фатҳи мим ва дар охир ҳамза (яъне **малоъ**)* ба маънии гурӯҳи мардуми ашроф ва бузург (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва ташдиди лом ва баъди алиф ҳамза (яъне **муллоъ**)* **сиғаи** муболаға, ба маънии бисьёр пур, яъне пури бисьёр аз илм, маъхуз аз **милъ**, ки ба маънии пурист, чунончи **куббор** (биззам ва ташдид) ба маънии бисьёр бузург; форсиён ин қисм алифи мамдударо мақсура хонанд, магар дар изофат ва васфийят.

**МУЛТАҶО** ملتجا ҷои паноҳ ва паноҳ гирифтан (аз шарҳи «Нисоб» ва «Латоиф»).

**МУЛТАҚО** ملتقى ҷои ба ҳам расидани ду чиз ва ҷои васл (аз «Мунтахаб»).

**МАЛКО** ملكا номи марде, ки фақеҳ ва муҷтаҳиди тарсоён будааст (аз «Муайид»).

**МАЛИКБАДО** ملكبدا номи шахсе.

**МАҚОИД** مقاعد *ҷамъи* **макида**; ба маънии бадсиголӣ ва бадандешӣ (аз «Хиёбон»).

**МУКИД** مکید кайдкунанда (аз «Латоиф»).

**МИКСОР** مکثار касирулкалом ва бисьёргу (аз «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ»).

**МАКСУР** مکسور шикаста ва каср додашуда, яъне ҳаракати зер додашуда.

**МУКАФФИР** مکفر каффорадиҳанда ва кофирхонанда касеро (аз «Мунтахаб»).

**МУКАРРАР** مکرر бор-бор кардашуда; ва ба истилоҳ ба маънии ғайри марғуб аст.

**МАГАСГИР** مگس گیر анкабут.

**МАКНУЗ** مکنوز хизона кардашуда; ва *маҷозан* ба маънии пинҳон дошташуда.

**МУКОС** مکاس таваққуф кардани соҳиби коло дар байъ (аз «Мусталаҳот»).

**МИКНОС** مکناس ҷоруб (аз «Латоиф»).

**МУКЕС** مکیس *имолаи* **мукос**; дар муъомала ниҳоятталабӣ кардан ва тангӣ гирифтан дар байъ (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Кашф» ва «Мунтахаб»); ва соҳиби «Муайид» навишта, ки **мукес** ба маънии марди бовақор; ва дар асл ин лафз ба сои мусаллаcа (**مکیث**) буд ва форсиён ба сини муҳмала менигоранд; ва баъзе ба маънии нуқсон ва камӣ навиштаанд; ва дар «Бурҳон» ба маънии ниҳояти таъкид ва муболаға кардан дар коре; ва ба маънии боҷу хароҷ, аввал асаҳ аст.

**МУКТАНИС** مکتنس хасу хошокрубанда (аз «Латоиф»).

**МУКТАНИФ** مکتنف паноҳҷӯянда ва яксушаванда (аз «Латоиф»).

**МАКФУФ** مکفوف дар луғат пироҳаннавардида; ва ба истилоҳи аруз рукни ҳафтҳарфӣ, ки ҳарфи ҳафтуми сокинро аз охири у андохта бошанд, чун аз мафоилун нун бияндозанд, мафоилу бимонад (ба замми лом).

**МАКУК** مکوک ба маънии моку, ба ҳиндӣ нал гӯянд, ки ҷулоҳа дорад.

**МАҚБУЛ** مکبول банд кардашуда ва маҳбус (аз «Мунтахаб»).

**МУКАЛЛАЛ** مکلل ба маънии дурахшон ва муламмаъ кардашуда ва тоҷ бар сар ниҳодашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУКАҲҲАЛ** مکحل бар вазни **мунаввар**; сурмасо; ва биззам ва ҳои муҳмалаи мафтуҳ (яъне **мукҳал**)* ба маънии сурмадон (аз «Мунтахаб»).

**МАКҲУЛ** مکحول сурмасо.

**МАКИЛ** مکیل ба паймона паймудашуда.

**МАКОЙИЛ** مکائیل *ҷамъи* **микёл** (билкаср), ки ба маънии паймона аст (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУКАММИЛ** مکمل тамом ва комилгардонанда; ва ба фатҳи мими сонӣ (яъне **мукаммал**)* тамом ва комил гардонидашуда.

**МИКЁЛ** مکیال паймона.

**МУКТАТАМ** مکتتم пушида (аз «Латоиф»).

**МАКОРИМ** مکارم навозишҳо ва бузургвориҳо; ва ин *ҷамъи* **макрумат** аст.

**МУКРИМ** مکرم навозанда ва бахшишкунанда; ва ба замми мим ва фатҳи коф ва ташдиди рои мафтуҳ (яъне **мукаррам**)* гиромӣ кардашуда ва бузург дошташуда; ва ба касри ро (яъне **мукаррим**)* гиромикунанда.

**МАКТУМ** مکتوم пушида; ва *киноя аз* роз (аз «Мунтахаб»).

**МУКАВВАН** مکون ҳаст нумудашуда ва пайдо кардашуда.

**МАКОН** مکان ҷои будан; сиғаи исми зарф аст, муштақ аз **кавн** (билфатҳ), ки ба маънии будан аст; ва ба маънии мутлақи ҷо мустаъмал.

**МАКНУН** مکنون пинҳон дошташуда; ва ин сиғаи исми мафъул аст, маъхуз аз кан (билфатҳ), ки ба маънии пушидан аст (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва ғайруҳумо); чун гавҳари қиматӣ ва хушобро ба муҳофазат пушида доранд, лиҳозо *маҷозан* **гавҳари макнун** гавҳари қиматӣ ва хушобро гӯянд.

**МАКИН** مکین макондоранда ва соҳибмакон.

**МАКМАН** مکمن чои пинҳон шудан ва камингоҳ; сиғаи исми зарф аз **мукун**, ки (ба замматайн) ба маънии пинҳон шудан аст (аз «Мунтахаб»).

**МАКОМИН** مکامن *ҷамъи* **макман**, ки ба маънии чои пушида шудан аст (аз «Мунтахаб»).

**МАКРОН** مکران номи шаҳр[215].

**МАГАСРОН** مکس ران ба ҳиндӣ мурчхал ва чунрӣ гӯянд, ки аз парҳои думи товус ва мӯи думи гови кӯҳӣ созанд.

**МУКТАСАБА** مکتسبه касб кардашуда ва ба меҳнат ҳосил кардашуда.

**МАКРАЪА** مکرعه машки об (аз «Латоиф»).

**МУКОБАРА** مکابره бузургии худ бар дигаре собит кардан ва муъораза ва ғалаба ва ҷанг кардан бо касе (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МИКНАСА** مکنسه ҷоруб (аз «Суроҳ»).

**МАКТАБХОНА** مکتب خانه агарчи индаттаҳқиқ ин таркиб ғалат аст, чаро ки лафзи **мактаб**, ки сиғаи исми зарф бошад ба маънии ҷои китобат, ҳоҷат ба лафзи **хона** надорад. Ва агарчи баъзе устодон ба сабили таҷрид дар шеъри худ овардаанд, чунонки Мирзо Муҳаммадалии Соиб гӯяд, байт:

**То мабод огоҳ аз завқи гирифторӣ шаванд,**
**Мекунам озод тифлонро зи мактабхонаҳо.**

Магар авло ҳамин аст, ки аз ин қисм алфоз иҷтиноб нумоянд.

**МУКЛОВА** مکلاوه лафзи ҳиндист, ба маънии гавна, ки маъмули ҳиндувон аст, ки мукаррар арусро ба хона оранд.

**МАКОРЕҲ** مکاره бар вазни **масоҷид**: ба маънии макруҳот, яъне ранҷ ва сахтиҳо; ва ба фатҳи мим ва ташдиди коф ва фатҳи ро ва ҳои мухтафӣ (яъне **маккора**)* зани бисьёр макркунанда.

**МУКОТАБА** مکاتبه бо ҳамдигар нома навиштан; ва *маҷозан* номаро низ гӯянд; ва бандаро ба моли ӯ фурӯхтан (аз «Мунтахаб»).

**МУКОШАФА** مکاشفه душмании ошкоро кардан ва ҷанги бармало кардан; ва зоҳир шудани асрор ва умури ғайбӣ дар дили валиюллоҳ.

**МУКТАСӢ** مکتسی пушанда ва гилем дар бар кашанда; аз **иктисо** (казо фил — «Мунтахаб»).

**МУКОРӢ** مکاری харбанда ва кироядиҳанда, яъне касе ки аспу шутур ва ғайра ба кироя диҳад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Мусталаҳот»).

**МУКТАСАБӢ** مکتسبی ҳосил кардашуда; чи **муктасаб** (ба замми мим ва фатҳи сини муҳмала) масдари мимӣ низ аст, ба маънии иктисоб; ва чун ёи нисбат ба масдар мулҳақ шавад, гоҳе маънии мафъул ҳосил меояд.

**МУКФӢ** مکفی кифоятдиҳанда.

**МУКТАФӢ** مکتفی кофӣ ва басандкунанда ба чизе (аз «Суроҳ»).

**МУКОФӢ** مکافی ба маънии мусовӣ ва баробар (аз «Суроҳ»).

### Фасли мим маъа лом

**МАЛҶО** ملجا ба маънии ҷои паноҳ; маъхуз аз **лаҷоъ**, ки ба маънии паноҳ гирифтан аст.

**МАЛО** ملا ба маънии ошкоро; ва гоҳе иборат аз анҷуман ва маҳфил; ва ба фатҳи мим ва дар охир ҳамза (яъне **малоъ**)* ба маънии гурӯҳи мардуми ашроф ва бузург (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва ташдиди лом ва баъди алиф ҳамза (яъне **муллоъ**)* сиғаи муболаға, ба маънии бисьёр пур, яъне пури бисьёр аз илм, маъхуз аз **милъ**, ки ба маънии пурист, чунончи **куббор** (биззам ва ташдид) ба маънии бисьёр бузург; форсиён ин қисм алифи мамдударо мақсура хонанд, магар дар изофат ва васфийят.

**МУЛТАҶО** ملتجا ҷои паноҳ ва паноҳ гирифтан (аз шарҳи «Нисоб» ва «Латоиф»).

**МУЛТАҚО** ملتقی ҷои ба ҳам расидани ду чиз ва ҷои васл (аз «Мунтахаб»).

**МАЛКО** ملکا номи марде, ки факеҳ ва муҷтаҳиди тарсоён будааст (аз «Муайид»).

**МАЛИКБАДО** ملکبدا номи шахсе.

**МАЛОЪУЛАЪЛО** ملاء الاعلى гурухи фириштагон дар олами улвӣ; чи **малоъ** (ба фатҳатайн) бар вазни **фаъал**, ба маънии гурухи мардуми ашроф ва **аъло** ба маънии бартар, сиғаи исми тафзил.

**МУЛАББАБ** ملبب ба маънии лаболаб; ва ин лафз аз руи ҳақиқат ғалат аст, магар Ҷонибӣ ба сиҳҳат дорад, лиҳозо ҷоиз бошад, чаро ки зарифон ба вақти зарофат алфози форсиро ба вазъи алфози арабӣ метарошанд, чунонки **мурағған** ба маънии бисьёр равгаидор ва **мушашдар** ба маънии мутаҳайийр ва бехабар ва **музаллаф** ба маънии маъшуқи соҳибзулф (аз «Музил» ва ғайра).

**МУЛТАҲИБ** ملتهب шуълазан ва оташи забонакашанда ва фурузон (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МАЛОИБ** ملاعب бозиҳо.

**МУЛОЗАМАТ** ملازمت пайваста будан ба ҷое ё назди касе (аз «Мунтахаб»); ва касоне ки ба золи муъҷама нависанд, маҳзи беҷо.

**МАЛОҲАТ** ملاحت намакини; ва навъе аз лавни одамӣ, ки моил ба сиёҳӣ бошад. Чун дар ин қисм ранг як гуна тобише ва ламъон мебошад, ки табиати идроки хубӣ ва кайфиййяти онро матбуъ ва марғуб медонад, лиҳозо ба лиҳози марғубиййят онро ба намакинӣ сифат карданд, фа ифҳам.

**МУЛКАТ** ملکت подшоҳӣ (аз «Мунтахаб»).

**МАЛАКОТ** ملکات *ҷамъи* **малака**, ки қуввати ҳусули хар шайъ аст дар табиат.

**МАЛОСАТ** ملاست нармӣ ва софӣ ва ҳамворӣ (аз «Сурох»).

**МУЛОБАСАТ** ملابست бо ҳамдигар мушобаҳат доштан (аз «Мунтахаб»).

**МУЛОМАСАТ** ملامست чимоъ кардан ва ба хамдигар сойидан (аз «Мунтахаб»).

**МАЛБУСОТ** ملبوسات ҷомаҳое, ки аз он либос сохта шавад ва ҷомаҳои пушиданӣ.

**МУЛОЯМАТ** ملایمت созворӣ ва ду чизро фароҳам овардан; ва *маҷозан* ба маънии нармӣ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУЛТАФИТ** ملتفت баргашта ба сун касе ё чизе нигаранда (аз «Сурох»).

**МИЛЛАТ** ملت ва дар «Мунтахаб» ба маънии дин; ва дар «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб» ба маънии гурӯх; ва дар «Сурох» кеш ва шариат.

**МАЛАКУТ** ملکوت подшоҳӣ ва парвардигорӣ ва тасарруф ва олами фириштагон; ва ба истилоҳи суфиён олами маънӣ, ки олами арвоҳ аст (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Канз»); ва баъзе ба маънии олами ғайб навишта; ва дар баъзе аз расоили тасаввуф мастур аст, ки **малакут** мақоми ибодати фириштагон аст, яъне тоати беқусур ва бефутур ҳосил шавад, чунонки мақоми ибодати малоика аст.

**МУЛАВВАС** ملوث олуда (аз «Мунтахаб»).

**МАЛЕҲ** ملیح намакин; ва *маҷозан* зидди **сабеҳ**, ки сифедлавн бошад (аз «Мунтахаб» ва «Канз» ва ғайраҳумо).

**МУЛИҲ(Ҳ)** ملح муболағакунанда дар коре.

**МАЛЛОҲ** ملاح каштибон; ва ин маъхуз аст аз **малҳ** (билфатҳ), ки ба маънии ба ҳар ду бол тапидани мурғ аст (аз «Мунтахаб»).

**МИЛВОҲ** ملواح мурғе, ки ба дом банданд, то онро дида дигар мурғон биёянд (аз «Сурурӣ» ва «Мунтахаб»).

**МАЛОХ** ملاخ номи шахре (аз «Сурурӣ»); ва дар «Бурхон» номи ҷазира.

**МУЛҲИД** ملحد аз рохи ҳак баргарданда ва фосиқ ва бедин (аз «Мунтахаб»).

**МАЛУНД** ملند сиғаи наҳӣ аст, ба маънии лофу гизоф мазан; аз **лунд** (биззам), ки ба маънии лофу гизоф бошад (аз «Латоиф»).

**МУЛТАҲАД** ملتحد паноҳгоҳ (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**МАЛОЗ** ملاذ ҷои паноҳ; ва ба фатҳи аввал ва ташдиди золи муъҷама (яъне **малозз**)* ба маънии чизҳои лазиз, *ҷамъи* **мулизз**, ки бар вазни **муҳимм** аст; ва ба фатҳи аввал ва ташдиди лом (яъне **маллоз**)* ду-

руғгу, ки гуяду накунад (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**МАЛИКИ АНБАР** ملك عنبر подшоҳи анбариён, ки қавме буд аз араб, ки дар баъзе билоди Дакан тасаллут доштанд.

**МАЛИКИ НИМРУЗ** ملك نیمروز Рустам, чаро ки ӯ подшоҳи Систон буд; ва мулки Систонро ном Нимруз аст (аз «Бурҳон»).

**МАЛБУС** ملبوس ҷомаи пушиданӣ, мисли пироҳан ва қабо ва дастор ва кулоҳ ва ғайра.

**МАЛОБИС** ملابس *ҷамъи* **малбас**, ки ба маънии пушиш ва либос аст (камо фис — «Сурох»).

**МУЛТАБАС** ملتبس пушида ва иштибоҳ кардашуда.

**МИЛМОС** ملماس дар абьёти мулҳақаи «Нисоб» ба маънии қалам оварда ва дар дигар кутуби луғат ёфта нашуд.

**МУЛАХХАС** ملخص пок кардашуда ва холис ва хулоса кардашуда (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва ба маънии мухтасар низ омада.

**МИЛОТ** ملاط гиле, ки ба он сангу хиштҳои деворро васл кунанд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**МУЛТАҚАТ** ملتقط барчидашуда ва руфӯ кардашуда ва бардошташуда; ва ба касри қоф (яъне **мултақит**)* барчинанда ва руфукунанда ва бардоранда (аз «Латоиф»).

**МАЛҲУЗ** ملحوظ ба дунболаи чашм нигаристашуда (аз «Сурох»).

**МУЛАММАЪ** ملمع рушан кардашуда ва дурахшон кардашуда ва он чи ба вараки тило рушан кунанд; ва дар истилоҳ санъате, ки як мисраъи арабӣ ва як мисраъи форсӣ, ё байте арабӣ ва байте форсӣ дошта бошад.

**МУЛТОЪ** ملتاع ба маънии сузанда; ва *маҷозан* ба маънии муштоқ ва ҳарис.

**МАЛҲУФ** ملهوف андуҳгин ва мазлум (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**МАЛИҚ** ملق он ки ба забон чоплусӣ кунад ва дар дил ихлос надошта бошад; ва ба фатҳ (яъне **малқ**)* маҳв кардан ва дуст доштан ва чоплусӣ; ва ба фатҳатайн (яъне **малақ**)* замини ҳамвор (аз «Латоиф»); ва баъзе навишта, ки баamматайн (яъне **мулуқ**)* овози об, ки аз хишт андохтан бармеояд.

**МУЛСИҚ** ملصق дарчаспанда; ва ба фатҳи сод (яъне **мулсақ**)* часпидашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУЛҲИҚ** ملحق даррасанда ва даррасонанда ва дарёбанда ва он чи ба охири чизе пайваста шавад (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МАЛАК** ملك фиришта; ва он чи қоим шавад ба ӯ коре; ва ба фатҳи мим ва касри лом (яъне **малик**)* ба маънии подшоҳ; ва билкаср (яъне **милк**)* молики чизе шудан ва он чи ҳаққи касе буда; ва рохи рост; ва ҳайъате, ки аз ҷомапӯшӣ хосил шавад; ва гоҳе *маҷозан* ба маънии ҷома ояд; ва биззам (яъне **мулк**)* подшоҳ шудан (аз «Мунтахаб»); ва дар «Шарҳи Истилоҳоти суфия» навишта, ки **мулк** (биззам) мосивои аллоҳ аз мумкиноти мавҷуда ва мақдура; ва дар истилоҳи суфия аз олами шаҳодат иборат аст, чунончи: **малакут** олами ғайб ва **ҷабарут** олами анвори қоҳира ва **лоҳут** олами зоти ҳақ; ва баъзе навишта, ки **малик** (ба фатҳи мим ва касри лом) ба замонаи қадим амирро низ мегуфтанд.

**МАЛИК** مالك молик ва соҳиб ва номи ҳақ таоло (аз «Латоиф»).

**МИЛОК** ملاک асли чизе; ва он чи чизе ба ӯ қоим бошад (аз «Мунтахаб»).

«**МУЛЛОҶАЛОЛ** ملاجلال китобе дар мантиқ; ва ин шарҳи «Таҳзиб» аст аз Муллоҷалол.

**МИЛАЛ** ملل *ҷамъи* **миллат**, ки ба маънии дин ва мазҳаб аст; ва итлоқи **миллат** бар дини ҳақ ва ботил ҳар ду омада; ва **милалу ниҳал** ба маънии динҳо ва мазҳабҳо; чи **ниҳал** *ҷамъи* **ниҳла** аст, ки (билкаср) ба маънии мазҳаби сивои ислом бошад (казо фил — «Мунтахаб»).

**МУЛ** مل шароб (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**МАЛИКУЛКАЛОМ** ملك الكلام лақаби шахсе ки Малики Куммӣ ном дошт, аз мусоҳибони Иброҳими Одилшоҳи мамдуҳи Зуҳурӣ.

**МАЛСУМ** ملثوم бусида ва буса додашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУЛАССАМ** ملثم бусидашуда.

**МУЛТААМ** ملتئم захме, ки бех шуда ҳар ду лаби он ба ҳамдигар пайваста шуда бошанд; ва ба касри ҳамза (яъне **мултаим**)* илтиём ва пайвастагидиҳанда (аз «Суроҳ»).

**МУЛТАСАМ** ملتثم чои буса ва бусидашуда; ва ба касри сои мусалласа (яъне **мултасим**)* бусанда.

**МУЛҲАМ** ملحم навъе аз порчаи абрешумӣ, ки ниҳоят мулоим бошад (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**МУЛТАЗАМ** ملتزم мавзеъест наздики Рукни Ямонӣ дар муҳозии Каъба; ҳоҷатмандон дар он ҷо дуъо мекунанд; ва ба касри зои муъҷама (яъне **мултазим**)* бар худ лозим гиранда (аз «Мунтахаб»).

**МАЛУМ** ملوم маломат кардашуда (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУЛОЗИМ** ملازم ҳамеша бошанда ба ҷое ё назди касе (аз «Мунтахаб»); ва ба муносибати ҳамин маънӣ нукарро гӯянд.

**МАЛОМ** ملام масдари мимист, ба маънии маломат кардан ва ҷои маломат.

**МУЛҲИМ** ملهم илҳомкунанда, яъне дар дил афгананда аз ҷинси хайр; ва он ҳақ таолост; ва ба фатҳи ҳо (яъне **мулҳам**)* илҳом кардашуда.

**МУЛОИМ** ملايم ба маънии нарм ва фароҳамоянда; ва ба маънии мувофиқ ва муносиби табъ.

**МАЛВИН** ملوين рузу шаб (аз «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**МИЛКИ ЯМИН** ملك يمين дар истилоҳи фиқҳ ба маънии каниз ва ғулом; чи **ямин** дар луғат ба маънии ғалаба аст; ва ғулому каниз аз ғалабаи ислом меоянд; холо *маҷозан* ғулому канизи зархаридро низ **милки ямин** гӯянд.

**МУЛАВВАН** ملون рангомезӣ кардашуда ва рангоранг кардашуда.

**МУЛҚАН** ملقن талқин кардашуда; ва ба касри коф (яъне **мулқин**)* талқинкунанда (аз «Латоиф»).

**МАЛОЪИН** ملاعين *ҷамъи* **малъун** аст.

**МАЛ-ОН** ملآن бар вазни **фаълон**; ба маънии пуркунанда; ва *маҷозан* ба маънии пур (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАЛАТИЙЯ** ملطيه номи шаҳрест дар Рум, ки дар ибтидои ислом масками куффор буд; ва он чи дар баъзе нусахи **«Гулистон» Малита** бар вазни **қасида** навиштааст, ғалат аст (аз «Суроҳ» ва «Тақвим-ул-булдон»).

**МУЛТАҲИМА** ملتحمه табақаи аввали берунӣ, ки мумосси ҳавост аз ҳафт табақоти чашм, ки акси сувар ва ашкол, ки дида мешавад, аввал дар он меуфтад.

**МУЛОЗА** ملازه гуштпорае, ки андаруни ҳалқ овехта мебошад; ба ҳиндӣ онро каг гӯянд (аз «Бурҳон»); ва дар «Мадор» ба зои форсӣ (яъне **мулоҷа**)*-ст.

**МУЛОҲАЗА** ملاحظه ба гӯшаи чашм нигаристан (аз «Кашф»).

**МУЛОТАФА** ملاطفه бо касе накуӣ кардан; ва *маҷозан* мактуб ва муросаларо низ гӯянд (маънии аввал аз «Мунтахаб»).

**МАЛАКА** ملكه қуввати ҳусули шайъ дар зеҳн ва қудрат кардани коре ки мутамаккин гардад ба табиати касе (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва ба фатҳи мим ва касри лом (яъне **малика**)* зани подшоҳ.

**МАЛОИНА** ملاعنه *ҷамъи* **малъун** аст, хилофулқиёс; ва ба замми мим ва фатҳи айн (яъне **мулоана**)* сиғаи исми мафъул аз **муфоалат** ва то дар охир барои таънис аст, чаро ки ин лафз дар сифати лафзи ҷамъ воқеъ аст ва лафзи ҷамъ назди наҳвиён ҳукми муаннас дорад, ки дар Абулфазл афоғинаи мулоана аст.

**«МУЛЛОЗОДА»** ملازاده номи китобе дар илми маонист; ва дар асл номи мусаннифи уст; ва дар истилоҳ *киноя аз* олати руҷулийят.

**МАЛОҲИДА** ملاحده *ҷамъи* **мулҳид**; ва ин дар асл **малоҳид** буд, то, яъне ҳо дар охир ба ҷиҳати таъкиди маънии ҷамъ зиёда карда, чаро ки гоҳе дар охири сиғаи ҷамъ мунтаҳоулҷумӯъ ва ғайра **то** ба ҷиҳати таъкиди ҷамъ зоид меоранд, чунончи: *малоик* ва *малоика* ва *саёқил*

ва *саёқила* ҷамъи *сайқал* (аз «Шарҳи Усули Акбарӣ»).

**МАЛИКШОҲ** ملك شاه номи подшоҳи азимушшон аз Салҷуқиён, ки Низом ном вазире дошт, ки бисёр сахӣ ва каримуттабъ буд.

**МАЛАКОТИ ФОЗИЛАИ ЧАҲОРГОНА** ملكات فاضلهٔ چهارگانه ҳикмат ва шаҷоат ва иффат ва адолат.

**МАЛАКОТИ РАДДИЯИ ҲАШТГОНА** ملكات رديهٔ هشتگانه ҳасад ва буғз ва бухл ва хирс ва кизб ва ғазаб ва кибр ва беҳаёӣ.

**МАЛАКОТИ ФОЗИЛА** ملكات فاضله хислатҳои хуб.

**МАЛҲАМА** ملحمه ҷои ҷанги азим; ва дар «Суроҳ» фитна ва ҷанги бузург; гуё маъхуз аз **лаҳм** аст, чунончи **маслаха** аз **салх** (аз «Латоиф»).

**МУЛОАБА** ملاعبه бо касе бозӣ кардан (аз «Мунтахаб»).

**МАЛОИКА** ملائكه фириштагон; *ҷамъи* **малак** аст; дар асл **малоик** буд, **то** ба ҷиҳати таъкиди маънии ҷамъ зиёда кардаанд, чунонки **малоҳида** *ҷамъи* **мулҳид** ва **саёқила** *ҷамъи* **сайқал.**

**МИЛЪАҚА** ملعقه чумча ва кошуқи оҳанӣ; ва ба истилоҳи атиббо номи вазни муайян аст; аз маъҷунот ва асал чаҳор мисқолро **милъақа** номанд ва аз давоҳои дигар як мисқолро **милъақа** гуянд; ва мисқол чаҳору ним моша бошад; ва лафзи **милъақа** ба замми мим (яъне **мулъақа**)* низ навиштаанд; ва аз «Мунтахаб» билкаср.

**МАЛАҚОВОЗА** ملك آوازه баландовоза.

**МУЛҲӢ** ملهى ғофилкунанда ва дар бозӣ оранда.

**МАЛОҲӢ** ملاهى бозиҳо (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МАЛИКИ ҚУММӢ** ملك قمى маликушшуарои пойтахти султон Одили Иброҳимшоҳи тахтнишини Биҷопур. У духтари худро ба Зуҳурӣ дода буд[216].

**МУЛТАВӢ** ملتوى печида ва печ дар печ шаванда; ва навъе аз ҳаракати набз, ки ҳамчу ресмони печида махсус шавад.

**МУЛТОНӢ** ملتانى дар вилоят мутлақ ҳиндуро **мултонӣ** гуянд (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МУЛТАҶӢ** ملتجى паноҳҷуянда (аз «Латоиф»).

**МУЛӢ** ملى тувонгар (аз «Латоиф»).

**Фасли мим маъа мим**

**МАМЛУКАТ** مملكت мақоми салтанат; ва ба маънии подшоҳӣ; ва ба фатҳ ва касри лом (яъне **мамлакат** ва **мамликат**)* низ омада (аз «Комус» ва «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МАМОТ** ممات марг (аз «Кашф» ва «Қанз»); ва **мамот** масдари мимист; дар асл **мамват** бар вазни **мафъал** буд, вови мутаҳаррики моқабли он ҳарфи саҳеҳи сокин; ҳаракати вов нақл карда ба моқабл доданд; вов дар асл мутаҳаррик буд, акнун моқаблаш мафтуҳ гашт, он вовро ба алиф бадал карданд **мамот** шуд.

**МУМОСАЛАТ** مماثلت монанд шудан (аз «Мунтахаб»).

**МУМОЗАҶАТ** ممازجت омехтагӣ ва иртибот.

**МУМОНААТ** ممانعت боздоштан ва манъ кардан.

**МИМРОЗИЙЯТ** ممراضيت бисёр мариз шудан; ва *маҷозан* ба маънии ғалатӣ.

**МАМҚУТ** ممقوت бар вазни **мафъул;** душман гирифташуда ва мабғуз (аз «Муайид» ва «Қанз» ва «Хиёбон»).

**МУМОЯЗАТ** ممايزت ҷудо сохтан ва тамиз кардан.

**МАМОРОТ** ممارات гузаштаҳо ва моҷароҳо (аз «Латоиф»); ва ба замми аввал (яъне **муморот**)* бо касе рафтан ва хусумат ва адоват ва ситеза кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУМОШОТ** مماشات бо касе рафтан ва ҳамроҳӣ кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУМОТАЛАТ** مماطلت дафъулвақт кардан ва фурсат нумудан ва пас афгандани коре (аз «Мунтахаб»).

**МУМОРАСАТ** ممارست кушидан ва тафаҳҳус кардан ва таҷриба нумудан ва дар коре ранҷ нумудан ва дармон кардан (аз «Мадор» ва «Су-

роҳ» ва «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Қашф» ва «Сурурӣ»).

**МАМЗУҶ** ممزوج омехташуда ва шаробе, ки бо гулоб ё ба дигар араќи борид омехта бошанд.

**МУМТАЗИҶ** ممتزج омезанда ва омехташаванда.

**МАМЛУҲ** مملوح ба маънии намакин ва ба маънии дидашуда; ва дар ин сурат қалби **малмуҳ** аст.

**МУМАЗЗАҲ** ممزح чомаест қиматӣ аз қисми катон; ва ба маънии обхона (аз «Шарҳи девони Хоқонӣ»); ва дар дигар кутуби муътабара ёфта нашуд.

**МУМОСИХ** مماسخ масхкунанда, яъне баргардонанда сурати аслиро ба сурати зишт.

**МУМТАД(Д)** ممتد кашидашуда ва дарозшуда (аз «Мунтахаб»).

**МУМАҲҲАД** ممهد густурдашуда ва неку кардашуда; ва ба касри хо (яъне **мумаҳҳид**)* густаронанда (аз «Мунтахаб»).

**МУМАРРАД** ممرد бар вазни **мунаввар**; бинои дурахшон ва сода ва ҳамвор (аз «Мунтахаб»).

**МУМИД(Д)** ممد мададкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МУМАДДИД** ممدد номи дарде, ки аз он асаби андом кашида мешавад (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУМКИНУЛВУҶУД** ممكن الوجود он аст, ки на вуҷудаш зарурӣ ва на адами он зарурӣ бувад; ва он махлуқот аст.

**МАМАР(Р)** ممر роҳ ва ҷои гузаштан; ва *маҷозан* ба маънии сабаб низ мустаъмал аст (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»).

**МУМТИР** ممطر борандаи борон.

**МУМАЙЙИЗ** مميز тамизкунанда ва ҷудокунанда хубро аз зишт.

**МУМОС(С)** مماس бо ҳам соидашуда ва бо ҳам соянда ва ҷои ба ҳам судан; чи ин исми фоил ва исми мафъул ва исми зарф аст аз **муфоалат** ва маъхази ин **масс** бошад (ба фатҳ ва ташдид), ки музоаф аст.

**МАМЗУҒ** ممضوغ хойидашуда.

**МАМОЛИК** ممالك мақомҳои подшоҳи, ва ин *ҷамъи* **мамлукат** аст (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**МАМЛУК** مملوك банда (аз «Мунтахаб»).

**МАМОЛИК** ممالیك *ҷамъи* **мамлук** аст; ва он ғулом ва каниз ва дигар ашьё бошад.

**МУМСИК** ممسك чанг дарзананда ва боздоранда аз хуруҷ; ва ба маънии бахил (аз «Сурох»).

**МУМОСИЛ** مماثل ба чизе монандшаванда ва баробар (аз «Мунтахаб»).

**МУМИЛ(Л)** ممل малулкунанда.

**МУМТАҲАН** ممتحن озмудашуда (аз «Мунтахаб»).

**МАМНУН** ممنون неъмат додашуда ва миннат ниҳодашуда ва нуқсон кардашуда (аз «Латоиф»).

**МУМТАҲАН** ممتهن хор кардашуда; маъхуз аз **махонат** (аз «Латоиф»).

**МУМКИН** ممكن дастдиҳанда ва пайдошаванда; ва гоҳе ба маънии махлуқ ва инсон низ ояд; ва ба замми аввал ва фатҳи дуввум ва ташдиди кофи мафтуҳ (яъне **мумаккан**)* қоим ва побарҷо кардашуда; ва ба касри кофи мушаддад (яъне **мумаккин**)* қоим ва побарҷокунанда касеро.

**МАМЛУВ(В)** مملو пур кардашуда; сиғаи исми мафъул аст аз **малоъ**; дар асл **мамлуъ** буд бар вазни **мафъул**, пас ҳамзаро ба вов бадал карданд ва вовро дар вов идғом карданд, **мамлувв** шуд; ва форсиён ба тахфиф ҳам оранд; ва низ дуруст бошад ба замми мими аввал ва сукуни дуввум ва фатҳи лом, бар вазни **мукрам** (яъне **мумлав**)*; дар ин сурат низ сиғаи исми мафъул аст аз боби афъол, маъхуз аз **малоъ**, ки ба маънии пур кардан бошад.

**МУМАВВАҲ** مموه зарандуда ва муламмаъ кардашуда (аз «Мунтахаб»); ва дурӯғе, ки ба фиреб онро монанди рост гардонида бошанд; ва номи санъатест.

**МИМСАҲА** ممسحه мола, яъне чизе ки бад-он чизи дигарро бимоланд; ва ба маънии гилмолаи меъморон мустаъмал (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУМСИКУЛАИННА** ва **МУМСИКУЛЪИНОН** ممسك الاعنه و ممسك العنان номи шакли дувоздаҳум аз ашколи шимолӣ ба сурати марди истода, ба як даст тозиёна ва ба дасти дигар инони асп; кавокибаш чаҳордаҳ.

**МАМЗИЙ** ممضی гузашташуда ва равон кардашуда.

**МУМТАЛӢ** ممتلی пур ва оганда; ва ин исми фоил аст аз **имтило**.

### Фасли мим маъа нун

**МИНО** منا мавзеъест дар Маккаи муаззама, ки мақоми бозор аст ва ҳоҷиён дар он ҷо қурбони кунанд; ва ба замми аввал (яъне **муно**)* умедҳо, ҷаро ки *ҷамъи* **муня** аст, ки (бизэам) ба маънии орзу ва мақсад бошад; ва ба фатҳ (яъне **мано**)* миқдор ва андоза ва баробар ба ман, ки дар вазн ва санҷидан муқаррар аст; ва ба маънии манозил низ омада; бар ин тақдир *мухаффафи* **манозил** бошад (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУНОДО** منادی ба маънии овоз додашуда ва хондашуда; ва *муродифи* **нидо** низ омада (аз «Мунтахаб»).

**МИНСО** منسا асо (аз «Қанз» ва шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**МАНШАЪ** منشا ва он чи ки мардум баъди алиф, ки дар ҳақиқат ҳамза аст, ҳамзаи дигар нависанд хатост; ва агар нависанд, болои алиф бояд навишт ба ҷиҳати ишораи ин маънӣ, ки ин алиф нест, ҳамза аст; ба маънии ҷои пайдо шудан ва ҷои будан, магар дар урф ба маънии сабаб мустаъмал мешавад.

**МУНАҚҚО** منقی пок кардашуда ва соф кардашуда, чунончи **мавизи мунаққо** ва **омулаи мунаққо**; **мавиз** меваи маъруф аст, ки дар даво ба кор ояд ва **мунаққо** сифати он аст, яъне мавизе, ки онро аз тухмаш пок ва соф карда бошанд; ва баъзе мардум, ки мавизро мунаққо гуянд ва аз лафзи **мавиз** ғофил мешаванд, ғалате азим аст.

**МИНҚАЛО** منقالا фавҷи пеш, яъне ҳировул.

**МАНКУБ** منکوب хароб ва бадҳол ва сахтӣ расидашуда (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Қанз»).

**МУНТАХАБ** منتخب баргузидашуда; ва ин сиғаи исми мафъул аст аз боби ифтиъол (аз «Қанз» ва «Қашф»).

**МАНКИБ** منکب китф ва душ (аз «Суроҳ» ва «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Мадор»).

**МАНҶАЛОБ** منجلاب мағоке бошад, ки оби ҳаммом ё оби боварчихона ва амсоли он дар он ҷамъ шавад; ва зоҳир аст, ки он ниҳоят макруҳ ва бадбу бошад (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки соҳиби «Баҳори Аҷам» гуяд дар таркиби ин лафз, зоҳир он аст, ки мураккаб бошад аз **манҷал**, ки исми зарф аст аз **наҷл**, ки ба маънии андохтани чизест ва лафзи **об**; пас **манҷалоб** ба маънии ҷои андохтани об бошад.

**МАНОҚИБ** مناقب авсофи ҳамида.

**МАНСИБ** منصب ҷои барпо шудан; ва *маҷозан* ба маънии рутба ва ухдаи ҷалилулқадр, ки барои умаро аз ҳузури подшоҳи Ҳиндустон муқаррар гардад; ва ба фатҳи сод (яъне **мансаб**)* хатост (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Музил»); ва аз таҳқиқоти Хони Орзу чунин ба таҳқиқ расида, ки лафзи **мансаб**, ки ба фатҳи сод шуҳрат дорад, ба иқтизои зобитаи тасриф ба касри сод бояд; ва ин ғалати ом аст, на ғалати авом. Бидон ки ғалат бар ду гуна аст: яке ғалати ом, чунонки лафзи **мансиб**, ки ба касри сод аст ва ба фатҳи сод (яъне **мансаб**)* гирифта шавад, чунонки шуарои омма бо лафзи **лаб** ва **ғабғаб** қофия кардаанд; ва дигар ғалати авом, чунонки лафзи **таъинот** ба маънии шахси таъин кардашуда ба тарафе ва коре; ва ин истеъмоли авом аст, тамма каломуҳу.

**МУНСАКИБ** منسکب обрезанда ва гирьяи бисьёр кунанда (аз «Мунтахаб»).

**МАНОБ** مناب ҷои истодан; ва низ ба маънии истодан ба ҷои касе (аз «Мунтахаб»).

**МУНТАСИБ** منتسب нисбатдоранда бо касе.

**МАНДУБ** مندوب лафзе ки дар ҳолати мусибат ё гирья ба тариқи навҳа талаффуз нумуда шавад.

**МАНОКИБ** مناکب душҳо ва китфҳои мардум.

**МУНҚАЛИБ** منقلب баргарданда ва вожгуншаванда; ва ба истилохи мунаҷҷимин қисме аз ақсоми салосаи буруҷи дувоздаҳгона ба эътибори таъсироти саъодат ва наҳв аст; дар толеъи бурҷи **мунқалиб** кори росту дуруст наёяд; ва ба фатҳи лом (яъне **мунқалаб**)* масдари мимист, ба маънии баргаштан; ва ҳам исми зарф, ба маънии ҷои баргаштан ва вожгун шудан; ва чун ин аз боби инфиъол аст, лихозо исми мафъул аз ин намеояд (аз «Қомус» ва ғайри он); ва он чи дар «Мунтахаб» ба маънии мафъул навишта, аз тасарруфи котибон аст.

**МУНСАҶИБ** منسجب кашидашаванда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МАНОҚИБ** مناکیب хароб ва бадҳолон ва сахтирасидагон; ин *ҷамъи* **манкуб** аст.

**МАНУБ** منوب ниёбат кардашуда.

**МУНШАИБ** منشعب шох дар шох шаванда; ва номи китобест дар илми сарф.

**МУНОСАБАТ** مناسبت бо ҳам нисбат доштан (аз «Мунтахаб»).

**МУНОДАМАТ** منادمت ҳамнишинӣ (аз «Мунтахаб»).

**МУНОФАРАТ** منافرت бо касе назди ҳоким рафтан барои исботи бузургии хасабу насаб (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАНЪУТ** منعوت наът кардашуда ва сифат кардашуда.

**МУНОФОТ** منافات аз ҳам ҷудо шудан ва нафӣ кардан ва бо ҳам хар дигареро нест кардан, чунонки нақиз ва зиддийят, ки миёни шабу рӯз ва гармию сардист (аз «Кашф»).

**МУНШАОТ** منشآت бар вазни **муфъалот**; иншо кардашудаҳо; ва ин *ҷамъи* **муншӣ** аст, ки (ба замми мим ва сукуни нун ва шини муъҷама) сиғаи исми мафъул бошад аз иншо; ва *мурод аз* **муншаот** мусваддот ва иборот ва таснифот аст.

**МУНЯТ** منیت орзу ва мақсуд; ва ба фатҳи мим ва касри нун ва ташдиди таҳтонии мафтуҳ (яъне **манийят**)* мавт ва марг (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Канз»).

**МАНҚИСАТ** منقصت нуқсон ва айб (аз «Муҳаззаб»).

**МАНҚИЗАТ** منقضت нақиз ва шикастагӣ (аз «Шамсӣ»).

**МАНҲУТ** منحوت тарошидашуда (аз «Латоиф»).

**МИНҲАТ** منحت теша ва ранда (аз шарҳи «Нисоб»).

**МИНҲОТ** منحات рандаи наҷҷорон (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАНОМОТ** منامات ба маънии хобҳо.

**МАНБИТ** منبت ҷои руйидан; ва ба замми мим ва фатҳи нун ва фатҳи муваҳҳадаи мушаддад (яъне **мунаббат**)* руёнидашуда; ва ба истилоҳи наққошон ва меъморон нақше, ки аз замини худ андаке баланд бошад, чунонки нақши сикка бар рупия (аз «Канз» ва ғайри он).

**МАНҲИЙЁТ** منهیات афъоли бад, ки кардани онҳо дар шаръ манъ карда шудааст.

**МАНОТ** منات номи буте дар Араб, ки Хузайл ва Хузоъа, ки ҳар ду қабилаанд аз Араб, онро мепарастиданд (аз «Латоиф»).

**МАНФААТ** منفعت судмандӣ (аз «Сурох»).

**МИННАТ** منت накӯӣ ва эҳсон кардан бо касе (аз «Мунтахаб»); ва дар «Сурох» навишта, ки **миннат** неъмат додан ва баён кардан бо касе (аз «Мунтахаб»); ва дар баъзе кутуб навишта, ки шумор кардани мунъим неъматҳои худро бар неъмати додашуда ва бори неъмат бар касе ниҳода марҳуни эҳсони худ доштан ва муътариф шудани мунъим алайҳ ба неъматҳои мунъим; ва сохиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки лафзи **миннат** бо лафзи *доштан* ва *ниҳодан* ва *бардоштан* ва *шустан* ва *кашидан* ва *пазируфтан* мустаъмал мегардад.

**МУНОКАҲАТ** مناکحت никоҳ кардан (аз «Мунтахаб»).

**МАНОЗААТ** منازعت бо касе дар чизе кушидан ва бо касе дар баровар-

дани ҳаққи худ кашокаш кардан ва хусумат кардан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф») [217].

**МАНҚАБАТ** منقبت ҳунар ва ситудагӣ; ва ба истилоҳ маҳомид ва санои аҳли байт ва асҳоби кибори ризвоналлоҳи таоло алайҳим аҷмаъин.

**МУНОЗАРОТ** مناظرات бо ҳам баҳс карданҳо.

**МУНБАИС** منبعث барангехташаванда.

**МИНТАҚАТУЛБУРУҶ** منطقة البروج доираест, ки ҳама дувоздаҳ буруҷ бар ҳамин доира воқеъ шудаанд. Ва ин доира ба шакли минтақа, яъне миёнбанд бар ҳаволии афлоки сабъа баромадааст; ва ин доираи **минтақатулбуруҷ** доираи муаддилуннаҳорро тақотуъ нумудааст ҳамоилӣ. Чун Шамс ба ҳар ду нуқтаи маҳалли тақотуъ расад, лайлу наҳор дар ҷамеъи биқоъ, ғайри арзи тисъин ва мо яқрибу минҳу, баробар бошад. Ва ин ду маҳалли тақотуъро ду нуқтаи эътидол гуянд. Ва он нуқта, ки чун Офтоб аз у гузарад шимолӣ шавад, вайро эътидоли рабеъӣ номанд ва он раъси Ҳамал аст. Ва нуқтаи дигар, ки муқобили он аст, чун Офтоб аз у гузарад, ҷанубӣ шавад, онро эътидоли харифӣ гӯянд ва он раъси Мизон аст. Ва сайри Шамс доиман бар ин доира воқеъ мебошад. Ва шакли **доираи минтақатулбуруҷ** ва **доираи муаддилуннаҳор** ин аст:






НЭР - НУҚТАИ ЭЪТИДОЛИ РАБЕЪӢ
НЭХ - НУҚТАИ ЭЪТИДОЛИ ХАРИФӢ
М - МУАДДИЛУННАҲОР
ДМ - ДОИРАИ МИНТАҚА-ТУЛБУРУҶ
Ш - ШИМОЛ
Ҷ - ҶАНУБ
МА - МАҚОМИ АҚСАРУННАҲОР
МА¹ - МАҚОМИ АТВАЛУННАҲОР

**МАНСУҶ** منسوج бофташуда; ва ин маъхуз аст аз **насҷ**, ки ба маънии бофтан аст; ва низ қисме аз бофтаи абрешумӣ (аз «Шарҳи Бустон»).

**МУНТИҶ** منتج натиҷадиҳанда.

**МУНДАРАҶ** مندرج даромада дар чизе (аз «Мунтахаб»).

**МУНДАМИҶ** مندمج дарҳамрафта ва дохилшаванда.

**МАНҲАҶ** منهج роҳи рост ва роҳи кушода (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАНОҲИҶ** مناهج роҳҳои рост; ва ин *ҷамъи* **манҳаҷ** аст (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МИНҲОҶ** منهاج роҳи рост ва кушода (аз «Қанз» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУНТАСАҶ** منتسج бофташуда.

**МУНҶ** منج магаси сабз, ки гуштро ганда кунад ва кирм андозад.

**МУНЗИҶ** منضج пухтакунанда ва пазандаи мева ва реш ва хилт ва моддаро (аз «Суроҳ»).

**МУНАҚҚАҲ** منقح пок кардашуда ва соф кардашуда ва чизе ки аз дуруғ пок бошад.

**МУНСАРЕҲ** منسرح осонӣ ва равони кардашуда; ва номи баҳре; чун дар аркони ин баҳр сабабҳо муқаддаманд бар ватад, лиҳозо осонтар гуфта мешавад; ва баъзе навиштаанд, ки **инсироҳ** аз ҷома берун омадан аст. Ин баҳр ҳам дар нуқсони зиҳофот ба ҳадде мерасад, ки ба миқдори ду рукни хеш мерасад, лиҳозо ин ихтисорро ба берун омадан аз ҷома ташбеҳ карданд.

**МИНФАХ** منفخ дамаи оҳангарон; ва он пусти ҳайвон бошад, ки аз он бод ба оташ мерасонанд (аз «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва фатҳи нун ва касри фои мушаддад (яъне **мунаффих**)* дардаманда; ва он чи ки бод дар шикам бисьёр пайдо кунад.

**МАНСУХ** منسوخ нест гардонидашуда ва рад кардашуда.

**МУНТАСИХ** منتسخ нусхагиранда ва нусхахонанда; ва ба фатҳи син (яъне **мунтасах**)* нусха гирифташуда; ва баъзе ба маънии рад кардашуда низ навиштаанд.

**МАНОХ** مناخ маҳалли хоб ва ҷои осудагӣ (аз «Латоиф»).

**МУНФАСИХ** منفسخ фосид ва табоҳ.

**МУНҚОД** منقاد ром ва мутеъ ва фармонбардор ва фурутаникунанда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУНЪАҚИД** منعقد басташаванда (аз «Мунтахаб»).

**МУНСАД(Д)** منسد басташаванда.

**МАН-ЯЗИД** من یزید навъе аз байъ, ки ҳар ки аз дигар харидорон қимат зиёда диҳад, харид нумояд; ва ба маънии фурӯхти коло; ва ба маънии бозор низ навиштаанд.

**МУНШИД** منشد шеърхонанда.

**МУНАЗЗАД** منضد бар ҳамдигар чидашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУНҶАМИД** منجمد баста ва фусурдашаванда, чунонки об ё равған ва ғайра аз сардӣ баста гардад.

**МУНТАҚИД** منتقد нақдситонанда; ва ба фатҳи қоф (яъне **мунтақад**)* сара кардашуда ва пок (аз «Латоиф»).

**МУНФАРИД** منفرد танҳо.

**МУНАДДИД** منلد пардадаранда, ки рози касе фош кунад (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАНФАЗ** منفذ ҷои даргузаштан ва ҷои ҷорӣ шудан; ва аз ин маънӣ роҳ мурод аст.

**МИНҚОР** منقار нули мурғ ва олати дона чидан ва олаи чӯб кандан (аз шарҳи «Нисоб»).

**МИНШОР** منشار арра, ки бад-он чӯбро қатъ кунанд (аз «Мунтахаб»).

**МУНЗИР** منذر тарсонанда; ва яке аз асмои пайғамбари мо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ки он ҳазрат низ куффорро аз азоби дӯзах метарсониданд (аз шарҳи «Нисоб»).

**МАНЗАР** منظر ҷои назар; бидон ки ин лафз гоҳе ба маънии чашм бошад, чаро ки чашм маҳалли хурӯҷи назар ва ҷои пайдо шудани басар аст; ва гоҳе ба маънии чеҳра ва рӯ меояд, зеро ки чеҳра мавзеъи вокеъ шудани назар аст, чунонки аксар назар бар чеҳра меуфтад; ва гоҳе ба маънии дарича, ки бар сари бом ва ғайра бошад, мустаъмал мешавад, чаро ки дарича ҷоест, ки дар он ҷо нишаста назар ба атроф мекунанд (иҷмолан аз «Кашф»; ва аз татаббуъи каломи асотиза маълум шуда).

**МАНОЗИР** مناظر *ҷамъи* манзар.

**МИНХАР** منخر сӯрохи бинӣ; ва ба фатҳи мим ва касри хои муъҷама (яъне **манхир**)* низ омада (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МУНКАР** منکر бад ва қабеҳ ва ношоиста ва амри қабеҳ, ки ҳар ки бинад инкор кунад; ва номашруъ; ва ба маънии ношинохташуда; ва номи фиришта аз ду фириштагон, ки дар гӯр суол кунанд; ва биззам ва кофи максур (яъне **мункир**)* инкоркунанда (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Музил» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУНҶАР** منجر кашидашаванда; дар асл **мунҷарар** буд; **ро** дар **ро** идғом ёфт; сиғаи исми фоил аз **инҷирор**, ки бар вазни **инфиъол** аст, маъхуз аз **ҷарр**, ки ба маънии кашидан бошад.

**МАНОР** منار чароғдон ва ҷои баланд, ки бар он чароғ афрӯзанд, чаро ки ин сиғаи исми зарф аст, ба маънии ҷои нур; ва *маҷозан* ҷои баланди азон гуфтан; ва ду сутун, ки аз хишт ва ё санг бар ямин ва шимоли масоҷид бино кунанд; шояд ки дар замонаи қадим бар он чароғ меафрӯхта бошанд. Ба ҳамин сабаб онро **манор** гӯянд. Ва дар ин замон, ки онро **минор** гӯянд (ба зиёдати таҳтонӣ), ғалати маҳз аст (аз «Музил» ва «Мунтахаб» ва «Муайид» ва ғайра).

**МАНШУР** منشور парогандашуда ва фармони подшоҳӣ (аз «Мунтахаб»); ва баъзе гӯянд ба маънии фармони подшоҳӣ, ки дар лутф ва иноят бошад.

**МАНОШИР** مناشیر фармонҳои подшоҳӣ; ин *ҷамъи* **маншур** аст.

**МУНТАШИР** منتشر пароганда (аз «Мунтахаб»).

**МИНБАР** منبر олаи баланд шудан, ки ҷои хатиб бошад; ва ин сиғаи исми ола аст аз **набр**, ки ба маънии бардоштан аст (аз «Сурох»).

**МАНОБИР** منابر *ҷамъи* **минбар**.

**МАНДБУР** مندبور монда ва парешонҳол аз касрати ҳаракат ва рафтор.

**МИНУЧЕҲР** منوچهر *мухаффафи* Минучеҳр (مینوچهر), ба маънии биҳиштрӯ, ки номи набераи Эраҷ аст аз ҷониби духтар; ва Эраҷ писари **Фиридун** буд (аз «Бурҳон»).

**МУНОСИР** مناصر ёридиҳанда; ва исми фоил аз **муносарат**; ва ба фатҳи мим (яъне **маносир**)* ҷоҳои ёрӣ додан (аз «Латоиф»).

**МУНКАДИР** منکدر тира (аз «Латоиф»).

**МУНКАСИР** منکسر шикананда.

**МАНСУР** منصور ёрӣ додашуда; ва номи фақири комили машҳур аст; дар «Таворих»-и Ибни Халликон мастур аст, ки номи эшон Ҳусайн буд ва номи падари эшон Мансур. Ба исми падари худ маъруф гаштаанд. Ва эшонро Ҳаллоҷ аз он гӯянд, ки: Рузе бар дуккони ҳаллоҷе нишаста буданд, ҳаллоҷро коре фармуданд. Ҳаллоҷ инкор кард, ки ман ба кори худ машғулам. Эшон гуфт, ки ту бирав, ман ивази ту кор мекунам. Ҳаллоҷ барои кардани кори эшон рафт. Чун ҳаллоҷ баъди андак дер бозомад, ҳамаи пунбаи дуккон маҳлуҷ ёфт, мутааҷҷиб гардид. Аз он рӯз лақаби эшон Ҳаллоҷ машҳур шуд.

**МАНСУР** منشور дурри носуфта; ва ба маънии мутафарриқ ва пароганда; ва каломе, ки манзум набошад.

**МАНОХИР** مناخر *ҷамъи* **минхар**, ки (ба касри аввал) ба маънии сӯрохи бинист.

**МАНОХИР** مناخیر *ҷамъи* **минхар**, ки (билкаср) ба маънии сӯрохи бинист; ва **манохири дар** *киноя аз* тахтаи камарз, ки бар канорае яклахт мулсақ кунанд, то лахти дигар ба вақти бастани дарвоза бар он қарор гирад ва онро бинии дар гуянд; ва **манохир** агарчи сиғаи ҷамъ аст, лекин дар таркиб бо лафзи **дар** ба маънии воҳид мустаъмал мешавад.

**МУНҲАДИР** منحدر аз боло ба зер оянда (аз «Мунтахаб»).

**МУНЗАҶИР** منزجر бозмонанда.

**МУНФАТИР** منفطر шигофташаванда.

**МАНУЛАХИР** من‌الاخیر он миқдор боре, ки чун бар киштии пурбор ниҳанд, киштӣ ғарқ шавад (аз «Латоиф»).

**МУНТАҲИЗ** منتهز фурсатёбанда ва ғанимат шуморкунанда, яъне ғаниматдонанда ва ба ҷунбишдоранда.

**МУНҒАМИС** منغمس ба об фурурав[анда], яъне ғариқ (аз «Суроҳ» [ва] «Мунтахаб»).

**МУНДАРИС** مندرس кухна ва фарсуд[а], хусусан ҷомаи кухна (аз «Мунт[а]хаб» ва «Латоиф» ва ғайри он).

**МАНКУС** منکوس нигунсор ва сарн[и]гун (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**МУНТАМИС** منطمس фурӯнишинанд[а] ва нест ва маҳвшаванда (аз «Ла]тоиф»).

**МАНГЛУС** منکلوس номи шаҳре [дар] Ҳинд, ки дар навоҳии он фили [хуб] ва беҳтар пайдо мешавад (аз «Ра]шидӣ»).

**МАНФУШ** منفوش пунба ва пашми [за]дашуда, ай ба камони наддофи [за]ҳам пошидашуда.

**МИНҚОШ** منقاش мӯчина, ки бад-он муйро аз бадан барканананд (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии наҳри[...]нӣ, ки бад-он нохун ва ҳарфи ға[...]лат тарошанд.

**МАНИШ** منش хӯ ва табиат (аз «Ма[...] дор» ва «Бурҳон» ва «Кашф» [ва] «Ҷаҳонгирӣ» ва «Баҳори Аҷам»).

**МАНҶУШ** منجش мохчаи алам; зохи[...]ран *мубаддали* **манҷуқ** аст.

**МАНЮШ** منیوش сиғаи нахӣ аст [аз] **нию̄шидан**, ба маънии машунав (аз «Бурҳон»).

**МАНОС** مناص гурехтан ва бозпас шудан ва хешро бозкашидан ва гурезгоҳ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАНСУС** منصوص ба камоли тафаҳҳус ба таҳқиқ расонидашуда; ва он чи аз ояти сареҳи ғайри мухтоҷ ба таъвил, ё аз ҳадиси сареҳ ба субут расонида шуда бошад.

**МУНАҒҒАС** منغص мукаддар ва тира (аз «Суроҳ»).

**МУНҚАРИЗ** منقرض буридашаванда.

**МУНХАФИЗ** منخفض ба нишеб уфтода ва пастшаванда.

**МУНҚАБИЗ** منقبض гирифташаванда ва танг басташаванда.

**МУНОҚИЗ** مناقض шикананда ва мухолиф.

**МАНОТ** مناط масдари мимист; ба чизе даровехтан; ва ба маънии даровехтагӣ ва печидагӣ мустаъмал, ки

хосили билмасдар аст; ва ҳам сиғаи исми зарф, ба маънии ҷои даровехтани чизе, маъхуз аз **навт**, ки ба маънии даровехтан аст; ва *маҷозан* гоҳе ба маънии матлаб ва мақсад низ мустаъмал мекунанд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МАНУТ** منوط вобаста ва ба чизе даровехташуда (аз «Мунтахаб»).

**МУНХАРИТ** منخرط чизе ки ба сабаби тарошидани ҳама атрофаш соф ва мусаффо шуда бошад; ва *маҷозан* ба маънии ороста ва дурустшаванда; ва дар «Маҷмӯъ-ул-луғот» **мунхарит** ба маънии дар миёни чизе дароянда; ва дар «Сурох» даркашидашаванда дар ришта.

**МУНБАСИТ** منبسط кушодашаванда ва густурдашаванда; ва гоҳе *маҷозан* ба маънии масрур ва хушҳол ва инбисоторанда ояд.

**МАНЕЪ** منيع бар вазни **фаъил**; боздоранда; ва *маҷозан* ба маънии муҳкам ва устувор, ҷаро ки ҳар чизи устувор ғайрро аз мудохалат бозмедорад.

**МАННОЪ** مناع бисьёр манъкунанда.

**МУНҚАЛЕЪ** منقلع баркандашаванда.

**МУНУЪ** منوع боздоранда ва бисьёр манъкунанда (аз «Латоиф»).

**МУНҚАНЕЪ** منقنع қаноаткунанда (аз «Латоиф»).

**МАНБАЪ** منبع чашма; ва ин сиғаи исми зарф аст аз **нубуъ**, ки ба маънии баромадани об аст аз замин.

**МАНОБЕЪ** منابع *ҷамъи* **манбаъ**.

**МУНТАҶАЪ** منتجع некукор ва ҷойгоҳи обу гиёҳ (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**МУНТАБЕЪ** منطبع манқушшаванда (аз «Мунтахаб»).

**МАНОФЕЪ** منافع *ҷамъи* **манфаат**.

**МУНДАФЕЪ** مندفع дафъшаванда.

**МУНОЗЕЪ** منازع бо касе дар чизе вокӯшанда.

**МУНТАҲОУЛҶУМУЪ** منتهى الجموع вазни ҷамъе, ки боз онро ҷамъ натувон сохт, чунончи вазни мафоил ва мафоӣл, ки ин ҳар ду вазнро бори дигар ҷамъ карда ҷамъулҷамъ мехонанд, ба хилофи дигар авзони ҷамъ, чунончи **аколиб** *ҷамъи* **аклаб** ва **аклаб** *ҷамъи* **калб** аст.

**МУНСАБЕҒ** منصبغ рангиншаванда.

**МУНИФ** منيف бар вазни **муқим**; нок ва бузург ва баланд ва зиёда (аз «Мунтахаб»).

**МУНЗАҲИФ** منزحف дуршаванда аз самти маъқулийят ва дуршаванда аз вазни саҳеҳ (аз «Шарҳи Хоконӣ»).

**МУНКАШИФ** منكشف вошаванда ва кушода ва бараҳнашаванда.

**МУНҲАРИФ** منحرف хамида ва баргаштташаванда.

**МУНЪАТИФ** منعطف хамгиранда ва баргарданда.

**МУНСАРИФ** منصرف аз ҳоле ба ҳоле баргарданда; ва ба истилоҳи наҳв исме, ки қабул кунад касра ва танвинро ба хилофи ғайри мунсариф, ки касра ва танвинро қабул намекунад.

**МАНҶАНИҚ** منجنيق навъе аз фалохани бузург, ки бар сари чӯбе қавӣ таъбия кунанд ва сангҳои калон дар он ниҳода бар девори қалъа зада деворро мешикананд; ва ин *муарраби* **манчаник** аст ва илло дар хоси арабӣ ҷим ва қоф дар ҳеҷ калима наёмадааст. Чун дар замонаи собиқ олаи мазкур ба ҷиҳати қалъагирӣ камоли муфид буд, лиҳозо тафохуран ба ин исм мусаммо гашт. Баъд аз он муарраб карданд (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Бурхон» ва «Лубб-ул-албоб» ва «Муайид» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**МАНҶУҚ** منجوق мохчаи алам ва чатр; ва он чизе бошад, ки аз зару сим ва ғайра рост карда бар сари аламми лашкар ва ғайра мениҳанд; ва ин лафзи муарраб аст (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Кашф» ва «Бурхон»); ва баъзе навишта, ки тосаке, ки бар сари алам насб кунанд.

**МУНШАҚ(Қ)** منشق шигофташаванда ва порашаванда.

**МУНФИҚ** منفق нафақадиҳанда (аз «Латоиф»).

**МУНХАРИҚ** منخرق даридашаванда.

**МИНТИҚ** منطيق фасеҳулкалом ва нек сухангӯ (аз «Мунтахаб»).

**МАНТИҚ** منطق сухан гуфтан ва сухан ва гуфтор; ва номи илмест маъруф ва таърифаш ин аст: *«олатун конунийята таъсим муроъотуҳаззеҳну анилхатоъи филфикр»*: ва билкаср ва тои муҳмалаи мафтӯҳ (яъне **минтақ**)* миёнбанд ва камарбанд; ва ба замми мим ва касри то (яъне **мунтиқ**)* гуё ва каломкунанда (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**МАНТУҚ** منطوق сухан ва калом; ва ба маънии мазмун ва маонӣ низ омада.

**МУНТАБИҚ** منطبق бар ҳам ниҳодашаванда; ва *маҷозан* ба маънии баробар ва мувофиқоянда.

**МУНФАК(К)** منفك чудогарданда (аз «Латоиф»).

**МУНҲАТИК** منهتك пардадарида шаванда (аз «Латоиф»).

**МУНҲАМИК** منهمك кушанда дар коре ва муболағакунанда дар он кор (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАНОСИК** مناسك ҷохои ибодати ҳоҷиён; ва ба *маҷоз* зикри маҳал ва иродаи хол, ба маънии афъол ва аъмоли хаҷ, чунончи: тавофи Каъба ва рамюлҷамор ва саъй миёни Сафо ва Марва, яъне давидан миёни Сафо ва Марва ва вуқуфи Арафот, яъне истодан дар Арафот ва қурбонӣ ва бастани эҳром ва ғайри он; *ҷамъи* **мансак** аст, ки ба маънии ибодатгоҳи ҳоҷиён бошад.

**МАНСАК** منسك ибодатгоҳ ва ҷои қурбонии хоҷиён; ва ин маъхуз аст аз **нуск** (биззам), ки ба маънии ибодат кардан ва Қуръон хондан ва қурбонӣ кардан аст (аз «Мунтахаб»).

**МАНДАК** مندك пора-пора; ва дар «Фарҳанг»-и Мир Азудуддавла ба маънии касод ва норавоии матоъ марқум сохта (аз «Латоиф»).

**МУНСАЛИК** منسلك дароянда дар чизе ва силкшаванда (аз «Мунтахаб» ва манқул аз «Зубдат-ул-фавоид»).

**МУНҲАЛИК** منهلك худро дар халок андозанда (аз «Латоиф»).

**МИН-ЗОЛИКА** من ذلك дар луғат ба маънии аз он ҷумла; ва дар истилоҳи аҳли дафтар харҷро гуянд.

**МАНҲАЛ** منهل чашма дар чарогоҳ... саҳро, ки мардум ва баҳоим ... об нушанд; ва ин маъхуз аз ... аст, ки ба маънии сероб шудан ... шад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ... ғайри он).

**МАНОҲИЛ** مناهل *ҷамъи* **манҳал**, ки ба маънии чашма бошад.

**МАНЗИЛ** منزل ҷои фуруд омадан, ... кин аксар ба маънии ҷое му... мал аст, ки мусофирон ба ҷ... хоб ва ором дар он фуруд о... ва ба маънии мутлақ хона ва ... кон низ мустаъмал мешавад; ва ... замми мим ва фатхи зои муъ... (яъне **мунзал**)* фуруд овардаш... ва фуру фиристодашуда.

**МАНОЗИЛ** منازل *ҷамъи* манзил; ... **манозили Қамар** назди аҳли т... ҷим бисту ҳафтанд; ва хинд... **манзили Қамарро** чҳатр гуянд: а... вал Шаратайн, ки ба ҳиндӣ ас... гуянд; дуввум Бутайн, ба ҳи... бҳарнӣ, севвум Сурайё, ба хи... картка; чаҳорум Дабарон, ба ҳи... руҳанӣ; панҷум Ҳақаъа, ба ҳи... миргсар, шашум Ханаъа, ба ҳи... аридра; ҳафтум Зироъ, ба ҳи... пузбас; хаштум Насра, ба ҳи... пукх; нуҳум Тарфа, ба ҳиндӣ а... ликҳо; даҳум Ҷабҳ, ба ҳиндӣ м... хо; ёздаҳум Зира, хиндӣ пурба; ду... воздаҳум Сарфа, ҳиндӣ уттара; с... даҳум Авво, ҳиндӣ ҳаст; чаҳорд... хум Симок, ҳиндӣ читра; понзд... ҳум Ғафра, ҳиндӣ савант; шонзд... ҳум Зубоно, ҳиндӣ басакҳа; ҳаф... даҳум Иклил, ҳиндӣ анварад... ҳездаҳум Қалб, ҳиндӣ чештҳа; ну... даҳум Шавла, ҳиндӣ мул; бист... Наоим, ҳиндӣ пурбакҳар; бист... якум Балда, ҳиндӣ уттаракҳ... бисту дуввум Саъди Зобеҳ, ҳинд... саряп; бисту севвум Булаъ, ҳинд... дхануштха; бисту чаҳорум Ахби... ҳиндист бҳака; бисту панҷум С... уд, ҳиндӣ пурба баҳадурпат; бист... шашум Муқаддам, ҳиндӣ утта... баҳадурпат; бисту ҳафтум Му... хар, ҳиндӣ риютӣ. Бидон ки ҳ... яке аз буруҷи дувоздаҳгона аз д... манзил пау боло мураккаб аст.

**МУНДАМИЛ** مندمل ҷироҳате, ки гуш... таш фароҳам омада беҳ шуда бо... шад.

**МИНҶАЛ** منجل дос, ки бад-он зироат ва ғайра даравaнд; ва билфат...

(яъне **манчал**)* чои андохтани чизе бошад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**МУНААЛ** منعل он чи ба шакли наъли асп бошад; ва **айни мунаал** *киноя аз* ҳилол.

**МУНҲАЛ(Л)** منحل кушодашаванда (аз «Мунтахаб»).

**МИНХАЛ** منخل парвезан ва ғарбол; ва ба замми мим ва замми хои муъчама ва ба фатхи хо (яъне **мунхул** ва **мунхал**)* афсаҳ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАНҚАЛ** منقل ангиштдон, ки онро мичмар низ гуянд (аз «Мадор»); ва дар «Қашф» ба замми аввал ва севвум (яъне **мунқул**)*.

**МИНДИЛ** منديل дастор ва дасторча, ки бар миён банданд (аз «Қашф» ва «Муайид» ва «Мунтахаб»); ва ба маънии румол ва порчаи нодӯхта низ навиштаанд.

**МАНДАЛ** مندل доирае, ки афсунгарон ва азоимхонон гирд ба гирди худ бар замин кашанд; ва ба забони ҳиндӣ навъе аз духул, ки онро пакҳовач низ гуянд (аз ««Бурҳон» ва «Сурурӣ» ва «Мусталаҳот»).

**МАНҲУЛ** منحول шеъри дигарӣ, ки бе тағйири алфоз ва мазмун ба номи худ хонда бошад (аз «Мунтахаб» ва «Сурурӣ» ва «Сурох»).

**МИНВОЛ** منوال чубе бошад чулоҳагонро, ки ҳар қадар чома бофта мешавад бар он мепечанд; ва *мачозан* ба маънии тавр ва дастур мустаъмал кунанд (аз «Мунтахаб» ва «Шарҳи Мақомоти Ҳарири»); ва дар «Сурох» ба маънии навардидани бофанда.

**МАНОЛ** منال чои ёфтани чизе ва маҳалли ҳусули шайъ, чунончи арозии мулк ва чогир ва боғ ва мазраъа ва дуккон, ки ин ҳама маҳалли ҳусули молу зар хастанд (аз «Муайид»).

**МАНБАЛ** منبل коҳил ва суст ва бадэътиқод (аз «Бурҳон»); ва дар «Латоиф» ба маънии коҳил ва бадэътиқод; ва ба маънии маҳалли захм ва номи давое, ки бар захмҳои тоза истеъмол кунанд.

**МУНФАИЛ** منفعل шарманда ва асари чизе пазиранда (аз «Мунтахаб»).

**МУНТАҚИЛ** منتقل аз чое ба чое барраванда.

**МАНОМ** منام чои хуфтан ва хобгоҳ (аз «Мунтахаб»).

**МАНҲУМ** منهوم ҳарис ва гурусна (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУНЪИМ** منعم молдор ва неъматдиҳанда.

**МИНЪОМ** منعام бисьёр бахшишкунанда (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУНТАСИМ** منتسم насимгиранда; ва *мачозан* ба маънии буи хуш гиранда.

**МУНҲАЗИМ** منهزم аз миёни чанг гурезанда ва лашкари шикастхурда.

**МУНҲАДИМ** منهدم вайроншаванда ва иморати уфтода ва аз ҳам рехта.

**МУНСАЧИМ** منسجم об ва ашки равоншаванда (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУНТАЧИМ** منتجم рушан ва тобон (аз «Латоиф»).

**МУНХАРИМ** منخرم бинибурида ва гуш сурох кардашуда (аз «Латоиф»).

**МУНТАҚИМ** منتقم интиқомгиранда ва кинакашанда аз касе.

**МУНТАЗИМ** منتظم рост ва дурустшаванда (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»); агарчи аз боби ифтиъол аст, магар мутааддӣ наёмада.

**МУНЗАМ(М)** منضم пайвасташаванда ва омехташаванда ва фароҳамоянда ба чизе.

**МАНОЗИМ** مناظم чоҳои пайвастан ва чоҳои тартиб ва назм.

**МУНИМ(М)** منم суханчиникунанда (аз «Латоиф»).

**МАНЪИ КАЛИМ** منع کلیم *киноя аз* чавоби лантаронӣ.

**МУНЪАДИМ** منعدم нестшаванда; ва дар «Хиёбон» навишта, ки: баъзе гӯянд ин лафз ғалат аст ва саҳеҳ маъдум; зохиран аз он аст, ки инфиъол қабули феъл мехоҳад ва адам чизе нест, ки шайъ онро қабул кунад; ва соҳиби «Музил-ул-ағлот» навишта, ки **инъидом** лафзи ғалат аст, чаро ки боби **инфиъол** мухтас ба илоч ва таъсир аст, магар истеъмоли он бисьёр аст.

**МАННОН** منان бисьёр некикунанда ва неъматдиҳанда ва миннатниҳанда; ва яке аз асмои ҳақ таоло.

**МАНУН** منون замона ва марг; ва **райбулманун** ба маънии ҳаводиси рузгор (аз «Мунтахаб»); ва ба замми мим ва фатҳи нун ва фатҳи вови мушаддад (яъне **мунавван**)* танвин додашуда.

**МИНАН** منن *ҷамъи* **миннат** (аз «Латоиф»).

**МУНТИН** منتن ганда ва бадбу (аз «Қашф»).

**МАНКИБАЙН** منکبین ҳар ду китф; ва ин *таснияи* **манкиб** аст.

**МАНГИДАН** منگیدن оҳиста зери лаб сухан гуфтан (аз «Латоиф»).

**МИНХАРАЙН** منخرین ҳар ду сурохи бинӣ.

**МИН** من ба забони арабӣ, тарҷамаи лафзи **аз**; ва ба маънии бар низ омада; ва билфатҳ (яъне **ман**)* ба маънии касе ва он кас ва кист; ва ба ин маънӣ барои ҷамъ ва муфрад ҳар ду омада; ва ба фатҳи мим ва ташдиди нун (яъне **манн**)* неъмат додан ва миннат ниҳодан ва нуқсон кардан ва газангабин ва таранҷабин ва ҳар рутубате ширин, ки бар барги баъзе дарахтон мунҷамид шавад, мисли бедангабин ва ширхишт; ва ба маънии таранҷабин, ки бар қавми Мусо алайҳиссалом борида буд; ва номи вазни муайян, ки ду ратл бошад; ва ин **ман** бештар мустаъмали атиббост; ва **мани ҳиндӣ** чиҳил сер аст ва вазни **сер** дар ҳар мулк мухталиф бошад (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Сурох» ва ғайра); ва соҳиби «Баҳори Аҷам» чунин навишта, ки лафзи **ман** дар форсӣ замири мутакаллими воҳид аст; гоҳе ба сиғаи ғоиб ҳам оид созанд, чунонки дар қиссаи «Шоҳ ва Гадо», мисраъ:

Кош ман ҳам кабӯтаре будӣ...

ва ба маънии нисбат ҳам, чунончи **душман** ба маънии шахси мансуб ба душ, ки *мухаффафи* **дušт** аст, ба маънии зишт, яъне касе ки дар зоти ӯ шар бошад; ва лафзи **ман** ба маънии туда низ омада, чунончи харман (билфатҳ) ба маънии тудаи калон; ва сурохе, ки дар васати шохини тарозу созанд, ки ришта аз он гузаронида, ба вақти санҷидан ба даст гиранд; ва **манро** ба маънии **маро** низ омада, Салмони Ҳамадонӣ гӯяд, байт:

Баски одат дили манро ба мурувват бошад
Нагазам гар ҳама ангушти надомат бошад

**МУНҲИЁН** منهیان хабардиҳандагон; дар ин ҷо ин лафз ба ҷиҳати баъзе мубтадиён навишта шуд.

**МАНАССА** منصه ҷои зоҳир шудани чизе; лиҳозо ба лиҳози ҳамин маънӣ ба маънии тахт ё сарир, ки арусро бар он нишонда ҷилва диҳанд ва уро бар домод ва дигар нозирон он ҷо зоҳир кунанд, мустаъмал; ва ин лафз ба касри мим (яъне **минасса**)* низ омада; ва ба замми мим бо ташдиди нун (яъне **мунласа**) ғалат аст (аз «Мунтахаб» ва «Зубдат-ул-фавоид» ва «Муайид» ва «Мадор»); ва дар «Сурох» ба касри олат бардоштан, яъне тахт ва сарире, ки бад-он арусро аз дигарон мумтозу баланд гардонанд.

**МИНСАФА** منسفه чак; ва он чӯбе бошад панҷшоха, ки хирмани куфтаро бад-он мегардонанд; ва олати алаф афгандан ва чизест, ки хирмани куфтаро бад-он бар бод диҳанд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Сурурӣ» ва «Бурҳон»).

**МУНОЗАРА** مناظره бо ҳам назар кардан, яъне фикр кардан дар ҳақиқат ва моҳийяти чизе; ва ба маънии бо ҳам баҳс кардан мустаъмал мешавад; ва номи илме, ки дар он қавонини мубоҳаса мундариҷ аст (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**МИНТАҚА** منطقه миёнбанд, ки ба ҳиндӣ онро патка гӯянд (аз «Қашф» ва «Қанз» ва «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва **минтақатулбуруҷ** номи доираест, ки баёнаш дар ҳамин фасл гузашт.

**МАНКӮҲА** منکوحه зани никоҳ карда шуда (аз «Қанз»).

**МАНЕЖА** منیژه номи духтари Афросиёб, ки Безан ном паҳлавони писари Гев бар ӯ ошиқ буд (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»).

**МАНОРА** مناره нишон, ки дар роҳ аз сангу хишт барпо кунанд; ва дар

асли луғат ба маънии чароғпоя бошад; зоҳиран ваҷҳи тасмия он бошад, ки собиқ барои роҳ ёфтани мусофирон чароғе бар манора меафрухтанд, зеро ки дар билоди Араб ба шабҳо мераванд (аз «Ҳиёбон»).

**МАНТУҚА** منطوقه калом ва сухан.

**МУНОСАФА** مناصفه ба дуним кардан чизеро (аз «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУНҚУЛА** منقله бар вазни **сунбула**; ба маънии мичмар (аз «Бурҳон»).

**МАНУБ АНҲУ** منوب عنه шахсе ки касе ба кораш ноиби у бошад.

**МАНЗИЛГОҲ** منزلگاه махфӣ намонад, ки **манзил** худ ба маънии ҷои нузул аст; **лафзи гоҳ** бо вай бекор менумояд. Лекин ҷавоб он аст, ки таркиби **манзилгоҳ** ба қалби изофат аст, ки дар асл **гоҳи манзил** буд. Ва лафзи **гоҳ** ба маънии мутлақ замин ё муфиди зарфийяти мутлақа. Ва **манзил** ба маънии макони хос. Пас дар ин сурат изофати ом ба сӯи хос бошад. Ва дар каломи фусаҳо **манзилгоҳ** бисёр омадааст. Ва **манзил** бо лафзи *кардан* ва *гирифтан* ва *бурдан* ва *уфтодан* мустаъмал (аз «Баҳори Аҷам»).

**МАНОҲА** مناحه масдари мимист, ба маънии мотам кардан; ва низ ба маънии ҷои навҳа ва мотам (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУНАЗЗАҲ** منزه пок ва дур гардонидашуда аз зиштиҳо; ва ба касри зои муъҷама (яъне **муназзеҳ**)* дар истилоҳи суфийя шахсест, ки зоти ҳақро ба сифати танзеҳ диниста бошад ва аз ҳайсийяти зуҳур дар мазоҳир надида ва надониста бошад (аз «Латоиф»).

**МУНОФАСА** منافسه рағбат кардан дар чизе ба тариқи мусовот ва муъораза кардан ва ҳасад бурдан (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУНТАБЕҲ** منتبه ба маънии огоҳ (аз «Латоиф»).

**МУНОҚАША** مناقشه бо ҳам баркандан ва баровардан чизеро ба сӯи худ ва низоъ кардан ва бо касе дуру дароз гирифтан дар чизе.

**МУНОСАЛА** مناضله бо касе баробарӣ кардан дар тирандозӣ (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии масофат омада.

**МУНҚАСИРА** منكسره шикасташавандa ва фирқаи шикастаҳол.

**МАНСУБА** منصوبه чизе барпо кардашуда ва тадбири кор ва бозии шатранҷ ва номи бозии ҳафтум аз ҳафт бозии нард.

**МУНДФА** مندفه пунбаи надфкарда ва фароҳамоварда, ки ба ҳиндӣ гала гӯянд (аз «Мусталаҳот»).

**МУНҲАНӢ** منحنی хамида ва кузпушт; ва *маҷозан* ба маънии заъиф ва нотувон низ истеъмол кунанд.

**МУНТАВӢ** منطوی навардидашаванда ва дар ҳам печидашаванда.

**МАНСИЙ** منسی фаромуш кардашуда (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**МУНАҚҚӢ** منقی пок ва софкунанда аз олоиш; ва ба фатҳи қоф (яъне **мунаққо**)* пок кардашуда; ва он **чи** ки баъзе мардум мавизро, ки меваи маъруф аст, **мунаққо** номанд ва лафзи **мунаққо**-ро сифати мавиз намедонанд, ғалати азим аст; ва баёнаш ба тафсил гузашт.

**МУНОФӢ** منافی несткунанда ва ботилкунанда.

**МУНТАФӢ** منتفی нестшаванда.

**МАНФӢ** منفی нест кардашуда.

**МАНВӢ** منوی нийят кардашуда.

**МАНОҲӢ** مناهی афъоли боздошташуда, яъне афъоле, ки дар шаръ мамнуъ бошад; ва ин *ҷамъи* **манҳӣ**-ст, ки (ба фатҳи мим) ба маънии боздошташуда бошад (аз «Мунтахаб»).

**МАНИЙ** منی дар арабӣ ба маънии оби пушт; ва ба тахфифи таҳтонӣ (яъне **манӣ**)* дар форсӣ ба маънии такаббур ва худбинӣ; мураккаб аз лафзи **ман** ва ёи масдарӣ; ва ба касри мим ва сукуни нун ва ёи маҷҳул (яъне **Мине**)* *имолаи* **Мино**, ки бозорест дар Маккаи муаззама, ки маҳалли қурбонист.

**МАНБАЛӢ** منبلی бадэътиқодӣ ва мункирӣ ва коҳилӣ (аз «Бурҳон»).

**МУНБӢ** منبی хабардиҳанда (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**МУНҲӢ** منهی хабардиҳанда (аз «Қашф»); ва ба фатҳи мим ва сукуни нун ва касри ҳо (яъне **манҳӣ**)* наҳй кардашуда ва манъ кардашуда; ва *маҷозан* ба маънии бад ва забун.

**МУНЗАВӢ** منزوی ба яксушаванда аз халқ ва гушанишин (аз «Мунтахаб»).

**МУНҶАЛӢ** منجلی рушан ва ошкоро ва аз ватан берунраванда (аз «Мунтахаб»).

**МУНТАФӢ** منتفی чароғи фурунишинанда ё оташ ва гармии фурунишинанда.

**МУНСАНӢ** منثنی сарнигун ва дуто (аз «Латоиф»).

**МУНШӢ** منشی оғозкунанда ва аз худ чизе гуянда (аз «Мунтахаб»).

**МУНОДӢ** منادی нидодиҳанда, ки барои изҳори амри хоким дар шаҳр мегардад; ва форсиён ба маънии нидо истеъмол кунанд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»); ва низ соҳиби «Мунтахаб» навишта, ки **мунодо** (ба замми мим ва фатҳи дол) сиғаи исми мафъул, ба маънии хондашуда, яъне нидо додашуда; ва ба маънии нидо низ омада; бар ин тақдир масдари мимист, ё он ки дар асл **мунодот** бошад, **то**-ро ҳазф карданд, чунончи дар **мудоро**, **ки** дар асл **мудорот** буд; форсиён **мунодӣ** (ба касри дол) хонанд, чунонки Мусӣ ва Исӣ ва Лайлӣ; ва соҳиби «Баҳори Аҷам» чунин навишта, ки **мунодӣ** овози духул, ки барои огоҳии мардум бошад; бо лафзи *кашидан* ва *задан* мустаъмал.

Фасли мим маъа вов

**МУВОСО** مواسا ёрӣ кардан ва риъоят ва сулҳ кардан ва ғамхорӣ нумудан; ва ин лафз дар асл **мувосот** буд; дар истеъмоли форсиён тои охир уфтод ҳамчунин **мудоро** ва **муҳобо** (ҳар ду лафз ба замми мим) ба маънии мусолаҳа ва нармӣ. Дар асл **мудорот** ва **муҳобот** буд; зобитаи форсиён аст, ки ҳарфи то аз нокиси боби муфоалат ҳазф кунанд ба сабили ҷавоз (аз «Сироҷ» ва «Ҳоҷ» ва «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**МУСО** موسی дар арабӣ устура, ки аз он муи сар тарошанд; ва номи пайғамбари маъруф алайҳиссалом ба ин маънӣ лафзи **мусо** мураккаб аст аз **му** ва **со**, ки ба забони сурёни аввал ба маънии тобут ва сонӣ ба маънии об аст. Чун эшонро Фиръавн аз дарьёи Нил дар тобут ёфта буд, лиҳозо ба ин исм мусаммо шуданд (маънии аввал аз «Мунтахаб» ва маънии сони аз рисолаи Абдулвосеъ); ва Сирешӣ дар «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ» навишта, ки ба забони қибтӣ **му** ба маънии об ва **шо** (ба шини муъҷама) ба маънии шаҷар; чун эшонро дар об қурби ашҷор ёфта буд, лиҳозо **Мушо** ном карданд. Баъдуҳу муарраб карда, шини муъҷамаро ба сини муҳмала бадал сохтанд ва ба таври асмои ноқиси ёӣ ба ё навиштанд ва ба алиф хонданд.

**МАВЛО** مولی озодкунанда; ва ғулом; ва ёридиҳанда; ва ба маънии худованд ва меҳтар ва ҳамсоя ва ёр ва ғуломи озод кардашуда (аз «Қанз» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва шарҳи «Нисоб); ва ин лафз масдари мимист, ки ба маънии исми фоил ва исми мафъул мустаъмал мешавад ва метавонад, ки сиғаи исми мафъул бошад. Бар ин тақдир дар асл **мавлуй** буд, бар вазни **мафъул**. Вов ва ё ба ҳам омаданд, аввали эшон сокин; он вовро ба **ё** бадал карда, ё-ро дар ё идғом нумуданд ва заммаи ломро ба каср бадал сохтанд, барои муносибати ё; баъдуҳу **ё**-и аввал барои тахфиф ҳазф карда, касрро ба фатҳ бадал карданд, **ё**-и мутаҳаррики моқабли он мафтуҳи **ё**-ро ба алиф бадал сохтанд **мавло** шуд; магар ба китобат ба ё нависанд, чунонки аксари наҳвийин дар лафзи **маъно** ҳамин тақрир баён кардаанд. Ва форсиён гоҳе **мавло** (مولا) ба алиф нависанд, чунонки **моҷаро** (ماجرا)-ро, ки дар расмулхати арабӣ **моҷаро** (ماجری) нависанд.

**МУВАССО** موصی васият кардашуда; ва ба замми мим ва сукуни вов ва фатҳи сод (яъне **мувсо**)* низ дуруст.

**МУВАФФО** موفا вафо кардашуда; ва *маҷозан* ба маънии тамом ва комил низ меояд.

**МАВТО** موتى мурдагон (аз «Қанз»); ва ин *ҷамъи* **маййит** аст.

**МУШИ ХУРМО** موش خرما ҷонварест, ки ба хиндӣ гилеҳрӣ гуянд (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МУҶИБ** موجب лозимкунанда.

**МАВОҶИБ** مواجب *ҷамъи* **муҷаб,** ки (ба фатҳи мим аст) ба маънии лозим гардонидашуда ва муқаррар кардашуда аз байъ ва мисли он; ва он чи гуянд, ки: **мавоҷиби у дар сари кор чист,** яъне лозим гардонидашуда ба маъоши у чист ё муқаррар дошташуда дар байъи авқоти у чист; пас **мавоҷиб,** ки ҷамъ аст ба маънии воҳид мустаъмал мешавад, аз қисми **ҳур ва машоих,** ҳар ду ҷамъ аст ва ба маънии воҳид мустаъмал; ё он ки **мавоҷаб** (ба фатҳи мим ва фатҳи ҷим) мақлуби **моваҷаб** аст, ба маънии он чи ки лозим шуда, чунонки **маҳосил** мақлуби **моҳасал;** ва метувонад, ки **мувоҷаб** (ба замми мим ва фатҳи ҷим) сиғаи исми мафъул бошад, аз боби муфоалат, ба маънии лозим гардонидашуда ва муқаррар дошташуда; ва ин ваҷҳи охир бетакаллуф аст, фа ифҳам.

**МАВКИБ** موكب гуруҳи суворон, ки дар суворин амири худ бошанд (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»); ва дар «Бурҳон» ба фатҳи коф (яъне **мавкаб**)* ба маънии сипоҳ ва лашкар; ва дар «Суроҳ» навъе аз рафтор ва ҷамъи суворон; ва дар «Қанз» ба маънии гуруҳи суворон.

**МАВОКИБ** مواكب гуруҳҳои суворон ва лашкарҳои суворон.

**МУАДДИБ** مؤدب адабдиҳанда; ва ба фатҳи доли мушаддад (яъне **муаддаб**)* адаб додашуда.

**МАВОҲИБ** مواهب бахшишҳо; *ҷамъи* **мавҳибат.**

**МУВОЗАБАТ** مواظبت доим бар як кор будан ва ҳамеша кардани коре ва мудовимат нумудан бар коре (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Қанз»).

**МУВОЛОТ** موالات бо касе дусти ва пайвастагӣ доштан ва пай дар пай кардани коре (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Қанз» ва «Суроҳ»).

**МУВОСОТ** مواسات ёрӣ кардан ва ба молу тан бо касе ғамхорӣ кардан (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Қанз» ва «Қашф»); ва лафзи **мувосот** маҳмузулфо ва ноқис аст, ки ҳамзаи он ба вови мақлуб мактуб шуда; мисоли вовӣ нест, чунонки ба зоҳир дида мешавад.

**МУВОСАЛАТ** مواصلت пайвастан (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МАВОТ** موات он ки беҷон бошад; ва замини хушк; ва бехудованд; ва биззам (яъне **мувот**)* марг (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**МУЪОХОТ** مؤاخات бародарӣ кардан ва бародар гирифтан касеро (аз «Қашф» ва «Қанз»).

**МАВАДДАТ** مودت дуст доштан (аз «Суроҳ»).

**МАВҲИБАТ** موهبت бахшиш (аз «Қанз» ва «Суроҳ»).

**МУВОТОТ** مواطات ба маънии мувофақат кардан (аз «Суроҳ»); ва ба истилоҳи мантиқиййин хабар гаштани чизе биловосита мар мубтадоро, ай бидуни инзимоми калимаи зу ва ғайри он, чунончи: *«Зайдун қоимун»,* ба хилофи *«Зайдун қиёмун»,* ки он ҳамли саҳеҳ намебошад, магар ба воситаи зу, ай *«Зайдун зу қиёмин».*

**МАВЪИЗАТ** موعظت панд додан ва панд (аз «Суроҳ»).

**МУВОЗОТ** موازات муқобала ва бароварӣ.

**МАУНАТ** مؤنت бор ва гиронӣ ва таъаб (аз «Суроҳ»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки мояҳтоҷи маъишат, чун нафақа ва тушаи сафар; ва ранҷ ва меҳнат.

**МУВОЗАРАТ** موازرت вазорат ва вазирӣ кардан ва ёрӣ додан (аз «Мунтахаб»).

**МУВОДААТ** موادعت вадоъ кардан.

**МУАССИРОТ** مؤثرات таъсиркунандагон; ва гоҳе *киноя* бошад аз ситорагон.

**МУЪОМАРАТ** مؤامرت бо касе машварат нумудан (аз «Мунтахаб»).

**МАВОРИС** مواريث *ҷамъи* **мерос.**

**МУРИС** مورث меросрасонанда; ва ба *маҷоз* ё ба таҷрид, ба маънии мутлақ расонанда; магар ба кутуби муътабараи луғот ба ин маънӣ ёф-

та нашуда; ва аз «Мунтахаб» ва «Қомус» дарёфта мешавад, ки **мувconfigured** (ба замми мим ва фатҳи вов ва ташдиди рои муҳмалаи максур) бошад, ба маънии барангезанда ва афрӯзанда ва муштаилкунанда.

**МУРСАРАҶ** مورسرج *муарраби* **мурсара**; ва он хуруҷи табақаи анабийя аст; ва он дар ибтидо ба қадри сари мур бошад (аз «Ҳудуд-ул-амроз»).

**МУВАШШАҲ** موشح зевар додашуда ва ороста; сиғаи исми мафъул аз **тавшеҳ**; ва **тавшеҳ** дар луғат вишоҳ дар гардан андохтан аст; ва **вишоҳ** (ба зам ва каср) ҳамоил ва гулубанди мурассаъро гӯянд, ки навъе аз зевари занон аст; ва **тавшеҳ** ба истилоҳи аҳли бадеъ номи санъатест дар шеър, ки агар як ҳарф аз сари ҳар мисраъ ё аз сари ҳар байт гирифта ҷамъ кунанд, исми шахсе ё мисраъе хосил шавад.

**МУАЗЗИНИ (МУЪЗИНИ) ТАСБЕҲ** موذن تسبيح имоми тасбеҳ; ва **муаззини (муъзини) тасбеҳи фалак** иборат аст аз офтоб.

**МАВЛИД** مولد ҷои вилодат ва ватан ва замони вилодат; ва ба замми мим ва фатҳи вов ва касри ломи мушаддад (яъне **мувallид**)* зоянда ва пайдокунанда; ва ба фатҳи ломи мушаддад (яъне **мувал-лад**)* шахсе аҷамӣ, ки дар Араб парвариш ёфта бошад; ва ба маънии лафзи аҷамӣ, ки араб дар каломи худ истеъмол кунанд; ва шахсе дутухма, чунончи падараш аз Ҳинду модараш аз Ҳабаш бошад; ва навъе аз луғати араб ва он луғатест, ки дар асли мавзӯъ нест, магар аз луғати аслӣ гирифтаанд (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва шарҳи «Нисоб»).

**МАВРУД** مورود бар вазни **мавҷуд**; вирд кардашуда ва вазифахонӣ нумудашуда.

**МАВЛУД** مولود зоидашуда; ва он писар ва духтар бошад; ва ба маънии замони зоидан низ омада (аз «Мунтахаб»).

**МАВОЛИД** مواليد фарзандон; ва ин *ҷамъи* **мавлуд** аст; ва гоҳе аз **мавол**и**д** мавлидҳои салоса мурод бошад, ки наботот ва **ҷамодот** ва ҳайвонот аст, зеро ки ин ҳар се бачагони аносири афлоканд.

**МАВЪИД** موعد вақти ваъда кардан ва ҷои ваъда кардан.

**МАВОЪИД** مواعيد *ҷамъи* **миъод** аст, ба маънии ваъда кардан ва ҷои ваъда ва замони ваъда бошад.

**МАВЪУД** موعود ваъда кардашуда.

**МАВДУД** مودود дуст доштташуда.

**МАВОҶИД** مواجيد ҳолатҳо ва рақсҳо, ки ба истимоъи нағмае суфиёнро мебошад; ва ин *ҷамъи* **ваҷд** аст, хилофулқиёс.

**МУҶИД** موجد аз худ пайдокунандаи чизеро.

**МУБИД** موبد ҳаким ва донишманди оташпарастон (аз «Бурҳон»); ва дар «Муайид» ва «Сурурӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ба фатҳи муваҳҳада (яъне **мубад**); ва дар «Рашидӣ» ва ғайра навишта, ки **мубад** ба маънии пири майфуруш, чи **му** дар туркӣ ба маънии дарахти ангур аст. Чун муғон дарахти ангурро парвариш менумоянд ва аз он шароб созанд, лиҳозо **мубад** гӯянд; ва лафзи **бад** (билфатҳ) ба маънии соҳиб ва худованд аст; ва баъзе **му** ба маънии панд ва ҳикмат навиштаанд. Пас маънии таркибии он худованди ҳикмат бошад. Ба арабӣ ба замми мим ва фатҳи ҳамза, ки ба сурати вов аст ва ташдиди муваҳҳадаи мафтуҳ (яъне **муаббад**)* ба маънии ҳамеша, маъхуз аз **абад**.

**МАВОД(Д)** مواد магар форсиён ба тахфиф хонанд; *ҷамъи* **модда**, ки ба маънии асли ҳар чиз ва зиёдати муттасила ба чизест.

**МАВОИД** موائد *ҷамъи* **моида**, ки ба маънии хони пуртаом бошад.

**МУВАККИД** موكد таъкидкунанда; ва ба фатҳи коф (яъне **муваккад**)* таъкид кардашуда ва устувор.

**МАВРИД** مورد ҷои об хурдани мардум ва баҳоим дар саҳро ва обхур ва маҳалли фуруд омадан; ҳамчунин ҳар исми зарф, ки аз мисоли вовӣ ва ёй бошад, максурулъайн меоянд, чунончи: *мавтин* ва *мавзеъ* ва *мавъид* ва *мавrид* ва *мавқиф* ва *мавқеъ* ва *мавсим* ва *мавлид* ва *майсир*; гоҳе масдари мимӣ бошад,

ба маънии вуруд; ба замми мим ва фатҳи вов ва фатҳи рои муҳмалаи мушаддад (яъне **мупаррад**)*, ба маънии гулгун ва сурхранги мушобеҳ ба гул; ва лафзи **мӯрд** дар форсӣ (ба замми мим ва сукуни вови маъруф ва сукуни рои муҳмала) номи дарахтест, ки онро ба арабӣ ос гуянд. Барғаш ба ғояти сабзӣ ва тароват бошад (казо фил — «Бурҳон»).

**МАВФУР** موفور бисьёр кардашуда ва тамом (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МУСИҚОР** موسیقار номи созест, ки дар он найҳои кӯчак ва бузург ба андоми мусаллас бо ҳам васл кунанд; ва навиштаанд, ки **мусиқор** номи паррандаест, ки дар минқори у сурохҳо бисьёр бошад ва аз он сурохҳо овозҳои гуногун мебарояд. Ҳукамо илми мусиқиро аз он истихроҷ кардаанд (аз «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Кашф»).

**МУСИР** موثر эсоркунанда (аз «Латоиф»); ва ба замми мим ва фатҳи ҳамза, ки ба сурати вов бошад ва сои мусалласаи мушаддади максур (яъне **муассир** مؤثر)* таъсиркунанда.

**МУСИР** موسر тувонгар (аз «Латоиф»).

**МУЪТАМИР** مؤتمر фармонбардор ва машвараткунанда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**МУВХИР** موخر гушаи чашм ба тарафи гӯш (аз шарҳи «Нисоб»); ва ба замми мим ва фатҳи ҳамза, ки ба сурати вов бошад (яъне **муаххар**)* номи манзили бисту ҳафтум аз маноэили Қамар; ва он ду ситора аст мисли муқаддам дар бурҷи Ҳут.

**МУВАФФИР** موفر зиёдакунанда; ва ба фатҳи фо (яъне **муваффар**)* зиёда кардашуда ва бисьёр кардашуда.

**МАВТИ АҲМАР** موت احمر мавти сахт (аз «Латоиф»).

**МУШИ КУР** ва **МУШАКИ КУР** موش کور و مشك کور қисме аз муш, ки ба руз кур мебошад ва ба шаб бино.

**МУҶАЗ** موجز кутоҳ ва мухтасар; ва номи китобе дар илми тиб.

**МАВЗ** موز бар вазни **ҷавз**; дарахти кела, ки меваи маъруф аст (аз «Бурҳон»).

**МАВҶХЕЗ** موج خیز дарьё; ҷаро ки дар асл ба маънии ҷои хостани мавҷ аст, зеро ки чун амр бо исм мураккаб гардад, панҷ қисм маонӣ ҳосил мешавад, чунончи маънии исми фоил аз тезрав ва тезандоз зохир аст; ва маънии исми мафъул аз хокрез ва порчабез, яъне хок рехташуда ва аз порча бехташуда; ва ба маънии масдар чунончи **хунрез** ба маънии хун рехтан; ва маънии исми зарф, чунончи **мавҷхез** ба маънии ҷои хостани мавҷ, ки дарьё ва толоб бошад; ва маънии исми ола, чун **магасрон**, ки ба ҳиндӣ онро чнур гуянд (ба нуни ғунна).

**МАВИЗ** مویز қисмест калон аз ангур, ки хушк карда нигоҳ доранд; мардуми ом онро мунаққо гуянд; ва ба ҳинди дакҳ номанд.

**МУНИС** مونس ҳамдам ва оромдиҳанда (аз «Мунтахаб»).

**МУАССИС** مؤسس устуворкунанда.

**МУВАҲҲИШ** موحش бар вазни **мусаввир**; ба маънии рамонанда ва рамидагидиҳанда; ва ба замми аввал ва сукуни сони ва касри ҳои мухмала (яъне **мувҳиш**)* андуҳгинкунанда (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МАВОИЗ** مواعظ пандҳо ва насиҳатҳо.

**МАВҚЕЪ** موقع ҷои воқеъ шудан ва ҷои уфтодан (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳи қоф (яъне **мавқаъ**)* низ омада; ва ба замми мим ва фатҳи вов ва ташдиди қофи мафтӯҳ (яъне **муваққаъ**)* тавқеъ кардашуда ва баланд кардашуда.

**МАВОҚЕЪ** مواقع ҷоҳо ва маҳалҳо; *ҷамъи* **мавқеъ**.

**МУҶЕЪ** موجع ба дард оранда ва дарднок (аз «Мунтахаб»).

**МУДЕЪ** مودع падрудкунанда, яъне рухсаткунанда; ва ба фатҳи дол (яъне **мудаъ**)* падруд кардашуда.

**МУВАЗЗЕЪ** موزع парогандакунанда ва тақсимкунанда (аз «Мунтахаб»).

**МАВЗЕЪ** موضع ҷои ниҳодани чизе; ва ба маънии мутлақи ҷо мустаъмал.

**МУЛАЪ** مولع сиғаи исми мафъул ба маънии ҳарис гардонидашуда (аз

«Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Сурох»).

**МАВЗӮЪ** موضوع ниҳодашуда ва сохташуда; ва ба истилоҳи илмӣ, ба маънии мақсуде, ки аз он дар илме баҳс кунанд; ва дар истилоҳи мантиқиён ба маънии мубтадо, ки дар муқобалаи хабар бошад; ва хабар, ки дар муқобалаи мубтадо бошад онро **маҳмул** гӯянд, чунончи: *«алинсону ҳайвонун»*: пас инсон мавзӯъ ва ҳайвон маҳмули уст.

**МУИ ДИМОҒ** موی دماغ шахсе ки мухилли айш ва сабаби бедимоғӣ бошад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи хидоят» ва «Мусталаҳот»); ва дар «Чаҳор шарбат» ба маънии касе ки зубдаи мусоҳибони касе бошад.

**МАВҚИФ** موقف ҷои истодан (аз «Сурох»); ва ҷои истодани ҳоҷиён; ва он саҳроест ба фосилаи хафт куруҳ аз Макка ва хоҷиён дар он ҷо шаббош шуда аз субҳ то охири зухр истода бошанд; ва онро арафот низ гуянд.

**МАВОҚИФ** مواقف ҷоҳои истода шудан; ин *ҷамъи* **мавқиф** аст.

**МУАЛЛИФ** مؤلف улфатдиҳанда ва ҷамъкунанда чизҳои мутафаррикро бо ҳамдигар; ва ба фатҳи лом (яъне **муаллаф**)* ҷамъ кардашуда (аз «Мунтахаб»).

**МУВАЗЗИФ** موظف вазифакунанда ва вазифадиханда; ва ба фатҳи зои муъҷама (яъне **мувazzаф**)* вазифа кардашуда ва вазифа додашуда.

**МУВАССАФ** موصف тавсиф кардашуда.

**МАВҚУФ** موقوف истода кардашуда; ва ба истилоҳи сарф харфи охири лафзе ки аз пайвастани мобаъдаш бозистода карда шуда бошад ба андохтани ҳаракати у; ва ба истилоҳи аруз рукне ки ҳарфи ҳафтуми мутаҳаррики уро сокин карда бошанд, чунончи тои мафъулоту ба вақф сокин (яъне **мафъулот**)* кунанд.

**МУЪТАЛИФ** مؤتلف хугирифташаванда ва созвороянда (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МУВАФФИҚ** موفق тавфиқдеҳ.

**МУВАССИҚ** موثق ба маънии устувор; маъхази он **вусуқ** (аз «Мунтахаб»).

**МАВОСИҚ** مواثیق аҳдҳо ва устувориҳо ва паймонҳо; ва ин *ҷамъи* **мисоқ** аст, ки (ба касри аввал) ба маънии аҳду паймон ва устуворӣ бошад.

**МУВҚ** موق гушаи чашм ба тарафи бинӣ (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУЪҚ** مؤق гушаи чашм ба тарафи бинӣ (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУЪТАФИК** مؤتفك баргардонанда ва бозгардонанда аз чизе; ва дар «Сурох» навишта, ки **муътафикот** шаҳрҳои қавми Лут, ки баргардонида шудааст; ва бодҳое, ки мухталиф вазад аз ҳар ҷиҳате.

**МАВСИЛ** موصل номи шахрест дар Ироқ; ва номи ҷазира; ва ҷои васл, ва ба замми мим ва соди мухмалаи максур (яъне **мусил**)* ба маънии расонанда; ва ба замми мим ва фатҳи вов ва соди мухмалаи мушаддади мафтуҳ (яъне **мувассал**)* васл кардашуда ва пайванд кардашуда (аз «Муайид» ва «Қашф» ва «Мадор» ва «Музил» ва «Лубб-ул-албоб»).

**МӮРЧОЛ** ва **МУРЧАЛ** مورچال و مورچل ... мағокеро гуянд, ки ба ҷиҳати гирифтани қалъаҳо дар атрофи он кананд (аз «Бурхон»); ва ахли ... диёр онро **мӯрчо** гӯянд.

**МУАММИЛ** مؤمل умедвор; ва номи аспи хафтум, ки ба зарурати қофия дар байти «Нисоб» ба мақоми хаштум воқеъ шудааст (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУАҶҶАЛ** مؤجل фурсат додашуда ва мухлат додашуда.

**МУВАККАЛ** موكل шахсе ки кор ба у супурда шуда бошад; ва ба касри коф (яъне **муваккил**)* супорандаи кор ба дигаре (аз «Латоиф»).

**МӮЛ** مول маъшуқи зан; ва ҳаромзода; ва даранг ва таъхир; ва амр аст ба маънии бош!; ва ба маънии тавба; ва ба маънии нозу ғамза (аз «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**МУВҲИМ** موهم дар ваҳму ғалатӣ андозанда.

**МАВСУМ** موسوم ном ниҳодашуда ва нишон кардашуда; ва ба маънии доғдор.

**МУВЛИМ** مولم дардмандкунанда ва

дардрасонанда (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**МУАССАМ** مؤثم гунаҳгор ва муҷрим (аз «Латоиф»).

**МАВСИМ** موسم ҳангоми чизе; ва ба фатҳи син (яъне **мавсам**)* ғалат аст (аз «Қашф» ва «Муайид» ва «Суроҳ»); ва **муассам** (ба замми мим ва фатҳи ҳамза, ки ба сурати вов бошад ва сини муҳмалаи мушаддади мафтуҳ) ба маънии исм кардашуда.

**МӮ БАРОВАРДАНИ ЗАБОНИ ҚАЛАМ** مو براوردن زبان قلم бекор мондани қалам аз навиштан; чи вақте ки му ё реша ба забони қалам меояд ҳарф дуруст навишта намешавад.

**МАВТИН** موطن ҷои ватан (аз «Қашф»).

**МАВОЗИН** موازين *ҷамъи* мизон аст.

**МУЪТАМИН** مؤتمن амонатдор; ва ин исми фоил аст аз **эътимон** бар вазни **ифтиъол**, маъхуз аз **амонат**.

**МУҚИН** موقن яқинкунанда.

**МУАЗЗИН** مؤذن бонги намоз гӯянда; ва ба замми мим ва сукуни вов ва касри золи муъҷама (яъне **муъзин**)* исми фоил аз боби афъол, ба маънии огоҳидиҳанда ва бонги намоз гӯянда.

**МӮЙИДАН** مونيدن гиристан ва навҳа кардан.

**МУЁН** مويان гирьён ва навҳакунанда.

**МӮ БАР ТАН ТЕҒ ҚАШИДАН** مو بر تن تيغ كشيدن дар камоли ғазаб ва хашмнокӣ омадан.

**МӮ БА КАФ БАРОМАДАН** مو بكف برامدن муҳол будани коре (аз «Рашидӣ»).

**МӮ БАРОВАРДАНИ ЗАБОН** مو براوردن زبان *киноя аз* амри муҳол ба зуҳур овардан.

**МУЛУ** مولو шохи ҳайвон аст, ки онро ҷугиён навозанд мисли нокус; ва онро ба ҳиндӣ сангӣ гӯянд (аз «Қашф» ва «Бурҳон»); ва дар «Рашидӣ» навишта, ки шохи дарахт аст, ки онро ба ҷавф[218] карда менавозанд.

**МУСИЧА** موسيچه мурғест сифед баробари қумрӣ (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Бурҳон»); ва низ дар «Бурҳон» навишта, ки баъзе саъваро мусича гӯянд.

**МУВОЗАНА** موازنه бо чизе ҳамвазн будан (аз «Қашф» ва «Қанз»).

**МУҚИНА** موقنه зани соҳибяқин (аз «Латоиф»).

**МУДАЪА** مودعه супурдашуда (аз «Латоиф»).

**МУВОЗАЪА** مواضعه бо ҳам ширкат кардан (аз «Мунтахаб»).

**МУЯ** مويه гирья ва навҳа (аз «Мадор» ва «Сурурӣ» ва «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Муайид»).

**МУМО(УН)ИЛАЙҲ** مومی‌اليه лафзи **мумо** (ба замми мим ва вови маъруф ва фатҳи мими дуввум) бар вазни **Мусо**, сиғаи исми мафъул аст аз **имо**; пас маънии **мумо(ун)илайҳ** имо ва ишора кардашуда ба суи у; ва касоне ки ба вови маҷҳул ва ба касри мими сонӣ ва ёи маъруф (яъне **муми(ун)илайҳ**)* хонанд, ғалат аст (аз «Музил» ва дигар кутуби сарф).

**МУВОҶАҲА** مواجهه бар вазни **муфоалат**; бо ҳам ру ба ру шудан.

**МУВАҶҶАҲ** موجه хуб ва писандида; ва он чӣ ба суи у ру карда шавад (аз «Мунтахаб»).

**МУЧИНА** موچينه олатест оҳанӣ, ки аз он му аз бадан мечинанд.

**МАВОЛИДИ САЛОСА** مواليد ثلاثه *киноя аз* наботот ва ҷамодот ва ҳайвонот; **наботот** он чи ки аз замин рӯяд ва болидагӣ дорад, ай аз қисми дарахтон бошад; ва **ҷамодот** он чи аз қисми санг ва гил бошад; **ва ҳайвонот** он чи ки чондор бошад ва ба иродаи худ ҷунбиш ва ҳаракат кунад.

**МУВОДАЪА** موادعه якдигарро вадоъ кардан.

**МУВАЛЛЕҲ** موله шефта ва ошиқ ва девона (аз «Мунтахаб»)); ва *маҷозан* навъе аз анвоъи дарахти бед, ки онро беди Маҷнун низ номанд.

**МУОХАЗА** مؤاخذه гирифт кардан.

**МӮЙИНА** موئينه пустин, яъне либосе ки аз пусти ҳайвоноти пашмдор созанд.

**МУРЧОНА** مورچانه зангоре ки дар зоти оҳан дарравад ва ба сайқал дур кам шавад (аз «Хиёбон»); ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки **мӯр** ба маънии маъруф ва **чона** ҳарфи нисбати муфиди маънии ташбеҳ, ба маънии занги оҳан.

**МУРЧА** مورچه навъе аз мур, ки бағоят хурд бошад; ва занг, ки дар зоти оҳан дарравад.

**МУРЁНА** موریانه бар вазн ва маънии **мӯрчона.**

**МАВЛАВӢ** مولوی мансуб ба **мавло,** ки ба маънии худованд аст; баъди илҳоқи ёи нисбат алифе, ки робеъ буд, ба вов бадал шуд, зеро ки алифи мақсура дар охири калимаи сеҳарфӣ ва чаҳорҳарфӣ ба вақти нисбат ба вов бадал мешавад.

**МАВОШӢ** مواشی *ҷамъи* **мошия,** ки ба маънии сутури бисьёр роҳраванда аст (аз «Суроҳ»); ва итлоқи ин лафз бар мутлақ чаҳорпояхои боркаш нумоянд.

**МУАДДӢ** مؤدی ба маънии расонанда.

**МӮРӢ** موری раҳгузари оби саҳни хона; ва ин дар форсӣ ва ҳиндӣ муштарак аст (аз «Шарҳи Қиронус-саъдайн»); ва дар «Бурҳон» навишта, ки **мӯрӣ** ба маънии раҳгузари оби хона ва лӯлаи кӯза; ва навъе аз бофтаи абрешумӣ; ва номи вилоят аз Туркистон; ва баъзе навишта, ки **мӯрӣ** навъе аз ош аст.

**МУВОЗӢ** موازی муқобил ва муҳозӣ.

**МӮИ БИНӢ** موی بینی шахсе ки макруҳ ва мухил ва сабаби бедимоғӣ бошад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Мусталаҳот»); ва дар «Чаҳор шарбат» ба маънии касе ки зубдаи мусоҳибон ва хулосаи муқаррабони касе бошад.

**МАВОЛӢ** موالی ёрон ва худовандон; *ҷамъи* **мавло**-ст.

**МУШАКДАВОНӢ** موشك دوانی навъе аз оташбозии атфол, ки дар Ҳиндустон низ мутаъориф аст; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **мушакдавонӣ** *киноя аз* фитнаангезӣ; ва **мушак** аз анвоъи машҳураи оташбозист.

**МӮМИЁӢ** موميائی чизест сиёҳранг; ва он ду қисм бошад: яке амалӣ, дуввум конӣ. **Амалӣ** чунон бошад, ки тифле сурхру ва сурхмуй шариф-та парвариш менумоянд. Чун умраш қариб ба сӣ сол расад канду сангин рост кунанд ва он кандуро ба шаҳду **адвия** пур кунанд ва он ҷавонро дар он канду истода карда, банд нумуда таърихаш бар он менигоранд. Чун яксаду бист сол мунқазӣ гардад онро мекушоянд. Ҳар чи аз он шаҳду одами дар он канду мемонад, ҳама **мӯмиён** бошад. Барои ислоҳи шикастагии ҳар узв ҳама узви он шахс ба кор баранд. Ва баъзе муҳаққиқон чунин навишта, ки Ёй ном қариест аз музофоти Порс ва қариби он дар кӯҳ толобест. Баъд аз соле дар он чашма ҷуш меояд, бар канораш ҷусумате монанди мум мунҷамид мегардад. Ва мардумони хоким он ҷо бар он чашма мутааййинанд, дустматро мегиранд. Ва онро ба он қария нисбат карда **мӯмиёӣ** (яъни **муми Ёӣ**)* номанд (аз «Мадор ва «Кашф»); ва низ соҳиби «Кашф» навишта, ки бар дари он чашма ғарболе аз мис васл кунанд ва баъд аз сол ғарболро бармедоранд ва дар он чанд дирҳам **мумиёӣ** ёбанд. Ва соҳиби «Бурҳон» ва «Рашидӣ» навишта, ки дар асл **мумой ин** буд, чаро ки чун аз кон бармеоранд монанди мум нарм бошад. Аз касрати истеъмол тағйир дода **мӯмиёӣ** гуфтанд.

**МУСИҚӢ** موسیقی номи илми суруд; ва ин луғати суёнист; гоҳе ба ҳазфи чаҳорум, ки ёи таҳтонӣ бошад, истеъмол кунанд ва **мусқӣ** гуянд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мусталаҳот»); ва дар забони юнонӣ ба маънии лаҳн аст.

Бидон ки ибтидои **мусиқӣ** ба қавли Фахруддини Розӣ аз ҳаким Файсоғуриси талмизи Сулаймон алайҳиссалом аст. Ва назди баъзе аз ҳазрати Довуд алайҳиссалом. Ва баъзе гуянд, ки **қуқнус** ном мурғест аз овозаш ҳукамо истихроҷи илми мусиқӣ кардаанд. Ва мутобиқи дувоздаҳ буруҷи фалаки «Дувоздаҳмақом» кардаанд ва шуъбаҳои мақомотро мувофиқи соати лайлу наҳор бисту чаҳор қарор дода. Ва асомии мақомоти дувоздаҳгона ин аст: аввал «Раҳовӣ» дуввум «Ҳусайнӣ», севвум «Рост», чаҳорум «Ҳиҷоз», панҷум «Бузург», шашум «Кучак», ҳафтум «Ироқ»,

хаштум «Сифоҳон», нуҳум «Наво», даҳум «Ушшоқ», ёздаҳум «Зангула», дувоздаҳум «Буслик». Ва ҳар мақом ду шуъба дорад: ва яке аз пастии он мақом хезад ва дигаре аз баландии он мақом пайдо шавад. Ва ҳар шуъба мураккаб аз чанд нағма бошад.

Бидон ки шуъбаҳои мақоми «Раҳовӣ» аввал «Наврӯзи Араб»; ва он мураккаб аз шаш нағма бошад; ва дигар «Наврӯзи Аҷам»; ва он низ мураккаб аз шаш нағма бошад. Шуъбаҳои мақоми «Ҳусайнӣ»: аввал «Дугоҳ» ва он мураккаб аз ду нағма бошад, дуввум «Муҳайяр» ва он мураккаб аз ҳашт нағма. Шуъбаҳои мақоми «Рост»: яке «Панҷгоҳ» ва он мураккаб аз панҷ нағма, дуввум «Мубарқаъ». Шуъбаҳои мақоми «Ҳиҷоз»: аввал «Сегоҳ» ва он мураккаб аз се нағма, дуввум «Ҳисор» ва он мураккаб аз ҳашт нағма. Шуъбаҳои мақоми «Бузург»: аввал «Ҳумоюн», дуввум «Ниҳуфт». Шуъбаҳои мақоми «Кӯчак»: аввал «Ракб» ва он мураккаб аз шаш нағма, дуввум «Баёт» ва он мураккаб аз панҷ нағма. Шуъбаҳои мақоми «Ироқ»: аввал «Мухолиф» ва он мураккаб аз панҷ нағма, дуввум «Мағлуб» ва он мураккаб аз ҳашт нағма. Шуъбаҳоч мақоми «Наво»: аввал «Наврӯзи хоро» ва он мураккаб аз панҷ нағма, дуввум «Моҳур» ва он мураккаб аз шаш нағма. Шуъбаҳои мақоми «Сифоҳон»: аввал «Табрез» ва он мураккаб аз панҷ нағма, дуввум «Нишопур» ва он мураккаб аз шаш нағма. Шуъбаҳои мақоми «Ушшоқ»: аввал «Зобул» ва он мураккаб аз се нағма, дуввум «Авҷ» ва он мураккаб аз ҳашт нағма. Шуъбаҳои мақоми «Зангула»: аввал «Чаҳоргоҳ» ва он мураккаб аз чаҳор нағма, дуввум «Уззол» ва он мураккаб аз панҷ нағма. Шуъбаҳои мақоми «Буслик»: аввал «Аширон» ва он мураккаб аз даҳ нағма, дуввум «Сабо» ва он мураккаб аз панҷ нағма.

Бидон ки аз таркиби ду-ду мақом шаш оҳанг эҷод карда: аввал «Салмак» ва он аз пастии «Сифоҳон» ва баландии «Зангула» хезад; дуввум «Гардония» ва он аз пастии «Ушшоқ» ва баландии «Рост»; севвум «Наврӯз» ва он аз баландии «Ҳусайнӣ» ва пастии «Буслик»; чаҳорум «Гавашт» ва он аз пастии «Ҳиҷоз» ва баландии «Наво»; панҷум «Мора» ва он аз пастии «Кӯчак» ва баландии «Ироқ»; шашум «Шаҳноз» ва он аз пастии «Бузург» ва баландии «Раховӣ» хезад.

Бидон ки гӯша ҷумла чиҳилу ҳашт аст. Аз он ҷумла он чи ба таҳқиқ расида ин аст: аввал «Баҳори нишот»; дуввум «Ғариб»; севвум «Сувор»; чаҳорум «Ғамзидо»; панҷум «Баёти турк»; шашум «Сарфароз»; ҳафтум «Бастанигор»; ҳаштум «Баёти Гардония»; нуҳум «Нуҳовандак»; даҳум «Сафо»; ёздаҳум «Дилбар»; дувоздаҳум «Авҷи камол»; сездаҳум «Нигор»; чаҳордаҳум «Висол»; понздаҳум «Шаҳрӣ»; шонздаҳум «Аширон»; ҳафтдаҳум «Уззол»; хездаҳум «Ишратангез»; нуздаҳум «Баҳри камол»; бистум «Аслӣ»; бисту якум «Эътидол»; бисту дуввум «Гулистон»; бисту севвум «Табрези кабир»; бисту чаҳорум «Ҳайрат»; бисту панҷум «Ҷамолӣ»; бисту шашум «Руҳафзо»; бисту ҳафтум «Муътадила»; бисту ҳаштум «Маънавӣ»; бисту нуҳум «Паҳлавӣ». Ва дигар нағамоти мусиқӣ бисьёранд, аз он ҷумла андаке навишта мешаванд: «Боғи сиёвушон» ва «Боди наврӯз» ва «Бонги Анқо» ва «Банди шаҳриёр» ва «Баҳори бишкана» ва «Бахман» ва «Чағона» ва «Дерсол» ва «Пардаи занбур» ва «Пардаи кумрӣ» ва «Пардаи ёқут» ва «Панҷаи кабк» ва «Бушнакон» ва «Тахти Ардашер» ва «Боравзана» ва «Тезии Бохарз» ва «Хоркаш» ва «Хонаи Анқо» ва «Хуросон» ва «Ҳарнои бузург» ва «Хумохусрав» ва «Долофарид» ва «Дилангезон» ва «Дифрахш» ва «Рох» ва «Ромишхор» ва «Ҷомадарон» ва «Роҳи Хусравонӣ» ва «Роҳи қаландар» ва «Роҳгон» ва «Рӯҳ» ва «Рӯшанчароғ» ва «Зангона» ва «Зербузургон» ва «Зерхурд» ва «Сайри баҳор»[219] ва «Сипахбудон» ва «Севортир» ва «Шодбод» ва «Шабоб» ва «Фонус» ва «Қавли косагар» ва «Қайсарон» ва «Ганҷи Фиридун» ва «Лабино» ва «Нори ширин» ва «Нори наврӯз» ва «Ноқусӣ» ва «Нахчиргоҳ» ва «Нағмаи Анқо» ва «Навои чаковак» ва «Навои хоркан» ва «Наврӯзи хурдак» ва

«Нушлабино» ва «Нушина» ва «Нимрост» ва «Ороиш» ва «Озодвор» ва «Сарвистон»; ва сивои ин сӣ лахни эҷоди Борбадист ва он дар кутуби луғат марқум аст. **Авқоти саройидани мақомот**: бидон ки вақти саройидани «Раҳовӣ» аз субҳи содиқ то тулуъ; баъд аз он вақти «Ҳусайнӣ»-ст то як поси рӯз баромада; боз вақти «Ироқ» то нимрӯз; пас аз он вақти «Рост» дар айни нимрӯз; пас аз он вақти «Кучак» то як поси рӯзи боқимонда; баъдуҳу «Буслик»; ва баъдуҳу вақти «Ушшоқ» аст то зардии офтоб; ва шом вақти «Зангула» то як поси шаб; баъдуҳу вақти «Ҳиҷоз»; баъдуҳу вақти «Бузург»; баъдуҳу дар нимшаб вақти «Наво»; ва баъду... вақти «Сифоҳон» то тулӯъи субҳи содиқ. **Баёни баҳри усул, ки дар Ҳинд тал гӯянд**; бидон ки талхо назди Аҷам ҳафтдаҳ аст: аввал «Мухаммас», дуввум «Туркзарб», севвум «Дуяк», чаҳорум «Давр», панчум «Сақил», шашум «Хафиф», ҳафтум «Чаҳорзарб», хаштум «Дурафшон», нуҳум «Миатайн», даҳум «Зарбулфатҳ», ёздаҳум «Фохтазарб», ки онро «Усули фохта» низ гуянд, дувоздаҳум «Чанбар», сездаҳум «Нимсақил», чаҳордаҳум «Азфар», понздаҳум «Арсад», шонздаҳум «Рамал», ҳафтдаҳум «Ҳазаҷ».

Чун аз мусиқии форсиён қадре баён нумуда шуд, биззарур аз **роги ҳиндуён** низ андаке навишта мешавад; бояд донист, ки алҳон ва овозро дар истилоҳи ахли Ҳинд **сур** (ба замми сини муҳмала) гуянд. Пас **сур** ҳамагӣ ҳафтанд: аввал «Саҳраҷ»[220], ки онро «Сур» низ гуянд, дуввум «Рикхаб», севвум «Гандҳар», чаҳорум «Мадҳам», панчум «Панчам» (ба фатҳи бои форси ва сукуни нун ва чими форсии мафтуҳ), шашум «Дҳеват» (ба касри дол ба хои махлутуттталаффуз ва ёи маҷҳул ва фатҳи вов ва тои фавконӣ), ҳафтум «Никҳав» (ба касри нун); Са-Ри-Га-Ма-Па-Дха-Ни ишорат ба ин сурҳост, ба ҳарфи аввали асомии инҳо (дол ва хо маҷмуъ як ҳарф аст); ва ин ҳафт ҳуруфро дар урфи ҳиндиён саргам гуянд. Бидон ки назди ҳиндиён ҳамагӣ шаш **рог** аст ва ба ҳар рог панҷ **рогинӣ** мутааллиқ аст.

Асомии шаш рог ин аст: а...
«Бҳайрун», дуввум «Малку...
севвум «Ҳиндавл», чаҳорум «...
рог»[222], панчум «Мегхрог», шаш...
«Дипак». Бидон ки чун дар т...
ни рогиниҳо ба ҳар рог ихтилоф...
бисьёр аст, лиҳозо ихтилофи ...
расоил баён карда мешавад. Ва...
чи тавофуқи рогиниҳо ба ро...
назди Ғуломризои муаллифи ри...
лаи «Усул-ун-нағамот-ул-Осафи» ...
дигар мутааххирини ин фан соҳи...
аст, бар ин гуна аст: рогиниҳои
«Бхайрун»: аввал «Бҳайравӣ», ду...
вум «Рогкалӣ», севвум «Гуҷари»...
чаҳорум «Кҳат», панчум «Гандҳар»...
шашум «Асаварӣ». Рогиниҳои «Ма...
кус»: аввал «Бакесрӣ», дуввум «Ту...
дӣ», севвум «Десӣ», чаҳорум «Су...
ха», панчум «Мукҳарӣ», шашум...
«Мултонӣ». Рогиниҳои «Ҳиндавл»...
аввал «Пурия», дуввум «Басант»...
севвум «Лалит», чаҳорум «Пан...
чам», панчум «Дҳунасарӣ», шашум...
«Марва». Рогиниҳои «Сирирог»: ав...
вал «Гаврӣ», дуввум «Пурбӣ», сев...
вум «Қаура», чаҳорум «Тирван»...
панчум «Малсирӣ», шашум «Читеи...
рӣ». Рогиниҳои «Мегхрог»: авв...
«Мадмат», дуввум «Гунд», севв...
«Садсаранг», чаҳорум «Буддҳун»...
панчум «Савант», шашум «Сурат»...
Рогиниҳои «Дипак»: аввал «Чҳана...
нат», дуввум «Ҳамир», севвум «Ка...
лён», чаҳорум «Қидара», панчум
«Бҳаг», шашум «Эман». Ва баъзе
чунин тақсим кардаанд: рогиниҳои
«Бҳайрун»: аввал «Бҳайравӣ» дар
сардрут вақти субх хонанд, дуввум
«Байрарӣ»[223] вақташ дар сардрут,
авоҳири руз; севвум «Мадмат» ва
онро дар сардрут, дар аввали руз
хонанд ва назди баъзе дар васати
руз; чаҳорум «Сандҳавӣ» дар сард...
рут, дар авохири руз; панчум «Бан...
гол» дар сардрут, дар авохири руз
хонанд. Рогиниҳои «Малкус»: ав...
вал «Тудӣ» онро дар сардрут
баъд аз як паҳри руз баромада
хонанд, дуввум «Гаврӣ» онро дар
сардрут дар авохири руз хонанд,
севвум «Қанглӣ» ва онро «Қангрӣ»
низ гуянд ва онро дар сардрут
вақти субҳ хонанд, чаҳорум «Кҳан...
паватӣ» онро дар сардрут баъди
нисфи шаб хонанд, панчум «Қав...
каб» онро дар сардрут дар охири
шаб хонанд. Рогиниҳои «Ҳиндавл»
низ панч аст: «Рамкрӣ» ва онро

«Рамклӣ» низ гӯянд, дар басантрут ба вақти субҳ хонанд, дуввум «Вайсакҳ» онро дар басантрут авоили рӯз хонанд, севвум «Лалит» дар басантрут вақти субҳ хонанд, чаҳорум «Билавал» ва онро «Брадарӣ» низ гӯянд ва дар басантрут дар авоили рӯз хонанд, панчум «Патманчарӣ» онро дар басантрут дар нисфи шаб хонанд. Рогиниҳои «Дипак»: аввал «Десӣ» ва онро дар гарикҳумрут дар дуввум пахри рӯз хонанд, дуввум «Қамуд» онро дар гарикҳумрут дар дуввум пахри шаб хонанд, севвум «Нат» онро дар гарикҳумрут дар охири рӯз хонанд, чаҳорум «Қайдара» онро дар гарикҳумрут дар нисфи шаб хонанд, панчум «Қанхра» онро дар гарикҳумрут дар пахри аввали шаб хонанд. Рогиниҳои «Сирирог» низ панч аст: аввал «Малсирӣ» [224] онро дар ҳимрут дар севвум пахри рӯз хонанд, дуввум «Марва» (ба рои мухмалаи мавкуф) онро дар ҳимрут дар авохири рӯз хонанд, севвум «Дҳунасарӣ» ва онро дар ҳимрут дар авохири рӯз хонанд, чаҳорум «Басант» ва онро дар рӯзхои басант дар нисфи рӯз хонанд, панчум «Асаварӣ» ва онро дар пахри рӯз бароmада хонанд. Рогиниҳои «Мегҳрог» панч аст: аввал «Тутук» онро дар барсот дар нисфи шаб хонанд, дуввум «Малар» онро дар барсот дар нисфи шаб хонанд ва фӣ замонино дар мавсими барсот ба ҳар вақт хонанд, севвум «Гучарӣ» онро дар барсот дар пахри аввали рӯз хонанд, чаҳорум «Бхуполӣ» онро дар барсот дар пахри аввали шаб хонанд; панчум «Дескар» онро дар барсот дар авохири шаб ва дар авоили рӯз хонанд.

**Путтрҳо ва бҳарчохои рогҳои мазкура**: путтрҳои «Бҳайрун», «Девсакх» ва «Лалит» ва «Ҳуркҳ» ва «Мадҳу» ва «Билавал» ва «Бангол» ва «Бхабас» ва «Панчам»; ва бҳарчохои ҳаштгонаи путтрхои мазкур: «Суҳа» ва «Билавалӣ» ва «Суратҳӣ» ва «Қанбҳарӣ» ва «Андаҳӣ» ва «Бхал» ва «Гучарӣ» ва «Патманчарӣ» ва «Байравӣ»; путтрхои «Малкус»: «Гандхар» ва «Синдх» ва «Макр» ва «Трипхан» ва «Шаҳана» ва «Сангитбалилат» ва «Маликура» ва «Қамуда»; бҳарчохои путтрҳои мазкура: «Дҳунасирӣ» ва «Малсирӣ» ва «Сукҳрай» ва «Дарга» ва «Гандҳар» ва «Бхимпаласӣ» ва «Қамудӣ»; путтрхои «Ҳиндул»: «Басант» ва «Малва» ва «Марва» ва «Қасал» ва «Бакҳар» ва «Лангдхун» ва «Дҳул»; бҳарчохои путтрхои мазкур «Лилаватӣ» ва «Қесруӣ» ва «Читӣ» ва «Пурбӣ» ва «Паваратӣ» ва «Тирван» ва «Девгирӣ» ва «Сарасватӣ»; путтрҳои «Дипак»: «Қусум» ва «Танак» ва «Нат» ва «Нараян» ва «Бахридуст» ва «Раҳас» ва «Мангала» ва «Мангалас» ва «Нак» ва «Аруна»; бҳарчоҳои путтрҳои мазкур: «Мангал» ва «Гучарӣ» ва «Чичавандӣ» ва «Малгучарӣ» ва «Бҳуполӣ» ва «Манухар» [225] ва «Аҳирӣ» ва «Эман» ва «Ҳамир»; путтрхо «Сирирог»: «Сирирун» ва «Қулаҳал» ва «Савант» ва «Сангрун» ва «Ракисирӣ» ва «Кҳатрог» ва «Буддхванс» ва «Дескар»; бҳарчохои путтрҳои мазкур: «Бачаба» ва «Дхиянчий» ва «Кунба» ва «Сухнӣ» ва «Сард» ва «Кхим» ва «Саркҳхо» ва «Сарасватӣ»; путтрхои «Мегҳрог»: «Қалай» ва «Багесарӣ» ва «Сухана» ва «Пурба» ва «Канхра» ва «Тилак» ва «Астана» ва «Санкрабхаран»; бҳарчоҳои путтрҳои мазкур: «Қарнанат» ва «Қадвӣ» ва «Қадманат» ва «Бахарӣ» ва «Манчҳ» ва «Пирч» ва «Патманчарӣ» ва «Судхнат»; ва баъзе чунин навиштаанд, ки назди ҳиндиён шаш **рог** аст ва онро **судҳ** гӯянд ва **сӣ рог(и)нӣ**-ст, ки онро **санкиран** номанд ва чихилу ҳашт путтр, яъне писарон, рогиниҳои онро **саланг** гӯянд. Бокӣ ҳама бҳарчохост, онро судҳсаланг номанд. Пас ҳар рогро панч-панч рогинии санкиран ва ҳашт-ҳашт путтрсаланг ҳосил шуданд ва судҳсаланг, яъне бҳарчохоро шумор нест. Бояд донист, ки санкиран он рогиниҳост, ки дар вақти рог сароянд ва саланг он ки вақти муайян надорад. Бидон ки аввал роги «Бҳайрун» аст, фаслаш кувар ва катик, вақташ аз ду гҳарии шаби боқимонда то субҳ аст. Панч санкиран, яъне рогиниҳои вақтии у ин аст: яке «Кҳатрагинӣ», дуввум «Рамклӣ», севвум «Девгандҳар», чаҳорум «Бҳабас», панчум «Билавал»; ва ҳашт саланг, яъне рогиниҳои мухталифулавқоти

та», нухум «Чахтала», дахум «Чав[illegible] [illegible] «Аржавтели», [illegible] [illegible] «Тилевари», ки онро «Ча[illegible]» низ гӯянд.

**Фасли мим маъа хо**

**МЕХРГИЁ** [illegible] маъруф [illegible] ба арабӣ [illegible] (ябрух) [illegible] [illegible] [illegible] хи [illegible] ба сурати инсон бошад, бо худ дорад, хама халқ бар ӯ мехрубон бошад ва ӯро хама маҳбуб дӯст доранд. Ва баъзе гӯянд, ки мехргиё гули офтобпараст аст, ки онро субҳчамухи гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Мусталаҳот»).

**МУХАННО** [illegible] гуворо ва [illegible] ва хушмаза (аз «Мунтахаб»).

**МУХАРРО** [illegible] пухташуда, ки чизе ки дар об ба гарми оташ хуб пухта шуда [illegible] (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Бурхон» ва «Мадор»).

**МАХАЛАН** [illegible] масдар аст [illegible] мафъули мутлақ [illegible] ба хазфи феъл ва фоил [illegible] амр мустаъмал мегардад; ай ам хал, яъне оҳиста бош (аз «Сурох» ва «Нисоб»).

**МУХРИ ШИФО** [illegible] [illegible] хонон бар ресмон дамида, гирехҳо зада дар гулӯи маризон андозанд.

**МУХРАИ ТАП** [illegible] мӯҳраест, ки [illegible] хосияти дафъи тап кунад.

**МАХРАБ** [illegible] гурезгоҳ; макони [illegible] он аст (аз «Латоиф»).

**МАХРУБ** [illegible] гурехта.

**МАХИБ** [illegible] [illegible] фу сахм аз ӯ борад [illegible] ӯ тарсанд (аз «Мунтахаб»); ва шореҳ фозил низ дар «Шарҳи Гулистон» [illegible] махиб (ба [illegible] [illegible] [illegible] муҳиб) [illegible] ки шуҳрат [illegible] [illegible] боби афъол аз ин модда [illegible] аст. Муаллиф гӯяд: аз хайбат, ки масдари лозим аст махиб (ба фатхи мим), сиғаи исми мафъул бидуни тақдири харфи чар дуруст набошад. Пас махиб дар ҳақиқат махиб минху аст, ба маънии тарсидашуда аз ӯ (аз «Сурох» ва

фатхи мим аст.

**МУХАЗЗИБ** [illegible] покиза [illegible] ва хуб; ва ба фатхи золи муъчама [illegible] [illegible] (яъне мухаззаб) покиза [illegible] [illegible] дар [illegible] луғати араб; ва мухаззабулахлоқ ба маънии хушхулқ ва [illegible] [illegible] «Канз»).

**МАХАБ(Б)** [illegible] [illegible] вазидани бод (аз «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**МАХТОБ** [illegible] маъруф; ва ин лафзи [illegible] аст, ки дар асл тоби мах буд. Пас итлоқи он бар моҳ дуруст набошад, лекин омадааст, чунонки дар луғати [illegible] навишта шуда. Ва изофати он ба хилол ва моҳу бадр дуруст набошад, магар он ки [illegible] [illegible] [illegible]

Махтобу хилолу бадр [illegible] набувад.

Лекин ин қисм изофат дар ҳамин байт дида шуда (аз «Чароғи хидоят»).

**МАХОРАТ** [illegible] устодӣ (аз «Сурох» ва «Бахрул-чавохир»).

**МУХЛАТ** [illegible] даранг ва оҳистагӣ ва фурсат (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАХОБАТ** [illegible] лафзи арабист, бим ва тарс ва хашм ва бузургӣ (аз [illegible]) [illegible] ба маънии шукӯҳ ва [illegible] орада (аз «Чароғи хидоят» ва «Бахори Аҷам»).

**МУХИЧ** [illegible] бархезанда ва ғубор барангезанда; ва ба хамин [illegible] маънӣ ба зами мим ва фатхи хо ва [illegible] [illegible], мақсур (яъне мухайинч) низ омада; ва [illegible].

**МУХАЧ** [illegible] [illegible] мухча, ки ба маънии чон ва рух аст.

**МАХРОЧ** [illegible] лақаби подшоҳони [illegible] [illegible] мекохад, ки лақаби [illegible] [illegible] Хинд бошад.

**МУХАННАД** [illegible] шамшере, ки сохтаи Хинд бошад (аз «Сурох»).

**МАХД** [illegible] гахвора ва густурдан ва ҳар мавзеъе, ки барои тифл муҳайё

ӯ ин аст: яке «Сухув», дуввум «Кхатсар», севвум «Чурастик», чаҳорум «Десакх», панҷум «Санкиран», шашум «Судх», ҳафтум «Хаҷиф», ҳаштум «Бхайрави». Роги дуввум «Малкус», фаслаш ду моҳи агҳан ва пус, вақташ аз тулӯъ то як пос, панҷ рогинии вақти ӯ ин аст: яке «Гуҷари», дуввум «Билавали», севвум «Туди», чаҳорум «Малсири», панҷум «Асавари», ва ҳашт рогинии мухталифулавқоти ӯ ин аст: яке «Улахя», дуввум «Бангал», севвум «Гандхари», чаҳорум «Калян», панҷум «Эман», шашум «Бангали», ҳафтум «Патманчари», ҳаштум «Бератх». Роги севвум «Хиндавл», фаслаш магх ва пхагун, вақташ аз як поси рӯз бароmada то қариби ду паҳр, панҷ рогинӣ, вақти ӯ ин аст: яке «Васант», дуввум «Лалит», севвум «Бхимпаласи», чаҳорум «Дескар», панҷум «Кхинавати»; ва ҳашт рогинии мухталифавқоти ӯ ин аст: яке «Панчам», дуввум «Дхул», севвум «Будхванс», чаҳорум «Бхупали», панҷум «Маям», шашум «Биттеири», ҳафтум «Пярч», ҳаштум «Бхатияр». Роги чаҳоруми «Сиригор», фаслаш чайт ва байсакх, вақташ аз як поси рӯзи боқимонда то шом; панҷ рогинии вақти ӯ ин аст: яке «Дхунасири», дуввум «Таҷак», севвум «Пурби», чаҳорум «Гаври», панҷум «Кинтри» ва ҳашт рогинии мухталифавқот: яке «Сиригув», дуввум «Маликура», севвум «Тирван», чаҳорум «Рачханс», панҷум «Марва», шашум «Вачхатра», ҳафтум «Малва», ҳаштум «Кариатбхари». Роги панҷум «Дипак», фаслаш четх ва асарх, вақташ аз ду паҳр то як поси рӯзи боқимонда; панҷ рогинӣ, вақти ӯ ин аст: яке «Саранг», дуввум «Девгири», севвум «Гурсаранг», чаҳорум «Кафи», панҷум «Нат», ҳашт рогинии мухталифулавқоти ӯ ин аст: яке «Кидара», дуввум «Мангал», севвум «Кавкаб», чаҳорум «Маддхамадес», панҷум «Пурба», шашум «Барви», ҳафтум «Кхамач», ҳаштум «Кулахатки». Роги шашум «Мегхмилар», фаслаш саван ва бхадун, вақташ аз ними шаб то субҳи козиб, дар ҳангоми бориши борон аз як поси рӯз гузашта тамоми рӯз ва шаб; панҷ рогинӣ, вақти ӯ ин аст: яке «Малхар», дуввум «Ханчути», севвум «[illegible]», «Катхра», чаҳорум «Сур[illegible]», панҷум «Сампрабхаран»; ҳашт рогинии мухталифулавқоти ӯ [illegible] яке «Камула», дуввум «Ару[illegible]», севвум «[illegible]», чаҳорум «[illegible]», панҷум «Ханчути», шашум «[illegible]» [illegible], ҳафтум «Саванг», ҳаштум «Малхари». Боқи «Судхсалан»... бхарчо ва шоро шумор нест. [illegible] баъзе аз он навишта мешавад: «Мадху», «Ванки», «Япакни», «Ма[illegible]хути», «[illegible]ари», «Айдичони», «[illegible]хани», «Ахири», «Тиланги», «[illegible]ри», «Мрихалвасанти», «Ку[illegible]хини», «Камили», «Гаюхха», «Сакх», «Ма[illegible]ру», «Батхур», «[illegible]», «[illegible]ка», «Карнани», «Хамир», «Са[illegible]», «[illegible]», «Панаки», «Калинане», «[illegible]», «Бхимсангрип», «Байрари», «Санбхар», «Сирсмини», «Анандиру», «Субхтик», «Ч[illegible]», «Рухани», «Чандрагус», «Саравти», «Бхупали», «Кушк», «Мхал[illegible]», «[illegible]нияр», «Ниндаи», «Анбхур», «Кулан», «Кур», «Ка[illegible]», «Картак», «Пр[illegible]», «[illegible]ала», «[illegible]», «Сенти», «Кани[illegible]», «[illegible]ри», «[illegible]», «Тирбени», «Панда[illegible]», «Кантка», «Кхид», «Чутак», «Су[illegible]», «[illegible]», «Гунчранти», «Какоҳари», «Манчха», «Чанкум», «Ахи[illegible]», «Кула», «Рудан», «Кантхил», «[illegible]лави», «Кандкари», «Каловени», «[illegible]», «Сакир», «Санхирни», «[illegible]», «[illegible]ли», «[illegible]», «Кна[illegible]», «Апла[illegible]», «[illegible]хари», «[illegible]ти», «Парайан», «Вайкхам[illegible]», «[illegible]якали», «Денкали», «Бехангачи», «Бхула», «Лухан», «Калкат», «Пи[illegible]яватн», «Прия», «Кансагар», «Др[illegible]», «[illegible]анчари», «Сиидху», «Тхари», «К[illegible]дурги», «Гар», «Фарудаст», «Гау[illegible]», «Битат», «Бадхи», «Малсахи», «[illegible]ланг», «Мат», «Акир», «Мукт[illegible]», «Каран», «Сагари», «Сипи[illegible]», «Нат[illegible]», «Ткумори», «Суран[illegible]», «Чанондхари», «Натнараян», «Чи[illegible]газари», «Камал», «Мудрик», «Д[illegible]ри». Ойндан аксоми [illegible] бисёр аст. Асомии дувоздаҳ тал, ки [illegible] дар ҳиндиён муқарраранд, [illegible] «Чаланктала», дуввум «Талхал», ки онро «Дхиманктала» низ гӯянд, севвум «Тивруак», ки онро «[illegible]зарба» низ гӯянд, чаҳорум «Чалатиттала», ки онро «Тирятал» низ [illegible]янд, панҷум «Толи сезарба», ки бе тавассути бошад дар «Чалдтиттала», шашум «Дхимататтала», ҳаф[illegible]

созанд (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**МИҲОД** مهاد бистар ва бисот ва фарш (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); бидон ки ин лафзи муфрад аст ва *ҷамъи* **махд** нест.

**МУҲРАИ СИФЕД** مهرهٔ سفید нокус, ки ба ҳиндӣ санкх гӯянд.

**МЕҲМОР** مهمار сахт беҳудагӯ (аз «Мунтахаб»).

**МЕҲЗОР** مهذار беҳудагӯ (аз «Сурох»).

**МУҲОҶИР** مهاجر муфоракаткунанда аз хона ва акрибо, яъне мусофир ва касе ки бо расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама ҳиҷрат нумуда бошад аз Макка ба сӯи Мадина.

**МЕҲР** مهر муҳаббат; ва ба маънии офтоб; ва номи моҳи шамсӣ, ки онро ба ҳиндӣ катик гӯянд; ва номи рӯзи шонздаҳум аз ҳар моҳи шамсӣ; ва дар ин мисраъи «Қирон-ус-саъдайн», мисраъ:

Омада аз меҳр шудай ҳам ба меҳр...

*кинояаз* бҳанкада; чи **бҳан** дар ҳиндии китобӣ офтобро гӯянд; ва **маҳр** (билфатҳ) дар арабӣ ба маънии кобин; ва он накду ҷинс бошад, ки ба вакти акди никоҳ зиммаи мард муқаррар кунанд; ва биззам (яъне **муҳр**)* маъруф аст; дар ин сурат ба лафзи *кардан* ва *задан* ва *гузоштан* ва *бастан* ва *ниҳодан* мустаъмал мешавад (ҳар чаҳор маънии аввал аз «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва боқӣ аз «Баҳори Аҷам»).

**МУҲҶАТУЛАҲҶОР** مهجة الاحجار *кинояаз* ҷавоҳирот, мисли зумурруд ва лаъл ва ёқут ва ғайра.

**МИҲОР** مهار чӯбе кучак, ки дар бинии уштур кунанд ва ресмон бад-он банданд; ва дар урф ба маънии ресмоне, ки бад-он чӯб банданд (аз «Музил» ва «Мунтахаб»); ва дар «Бурҳон» ба фатҳ (яъне **маҳор**)* аст ва ба замми мим (яъне **муҳор**)* хатост.

**МАҲҶУР** مهجور ҷудоӣ кардашуда ва гузошташуда ва сухани парешон ва ноҳақ ва минҳу; қавлуху таоло *«иттахазу ҳазалқуръона маҳҷуран»* (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАҲМУЗ** مهموز ба маънии маъюб ва айб кардашуда ва калимае, ки яке аз ҳуруфи аслии ӯ ҳамза бошад (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МЕҲМОЗ** مهماز хори оҳанӣ, ки бар пошнаи музаи суворон бошад; ва ин сиғаи исми ола аст аз **ҳамз**, ки ба маънии фушурдан ва задан аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МИҲМЕЗ** مهميز мехи оҳанӣ, ки бар пошнаи музаи суворон бошад; ва ин дар асл **меҳмоз** буд, ба қоидаи имола алифро ба **ё** бадал карданд (аз «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мадор» ва «Кашф»).

**МУҲРАИ НАМОЗ** مهرهٔ نماز курсе бошад баробари кафи даст аз хоки шифо, ки баъзе аз имомиямазҳабон дар намоз саҷда бар он гузоранд.

**МУҲИМСОЗ** مهم ساز касе ки мафъул бошад ё даллоли занон.

**МУҲАНДИС** مهندس андозагиранда ва касе ки дар илми ҳандаса ва ашкол олим бошад (аз «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАҲБИТ** مهبط ҷои фуруд омадан.

**МУҲҶЕЪ** مهجع ба хоб раванда; ва ба фатҳи мим (яъне **маҳҷеъ**)* хобгоҳ (аз «Латоиф»).

**МАҲОЛИК** مهالك ҷоҳои ҳалок.

**МУҲАЛЛИЛ** مهلل таҳлилкунанда, яъне калимаи *«ло илоҳа иллаллоҳ»* хонанда.

**МАҲБИЛ** مهبل даҳони фарҷи зан (аз шарҳи «Нисоб»).

**МУҲМАЛ** مهمل фурӯ гузоштагпуда, яъне матрук ва бекор (аз «Мадор» ва «Кашф»).

**МАҲУЛ** مهول тарснок (аз «Латоиф»).

**МАҲИЛ** مهيل ҷои хавф; маъхуз аз **ҳавл**; ва ба маънии фурӯрехта, муштақ аз **ҳайл** (билфатҳ), ки ба маънии фурӯ рехтан аст (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**МАҲАЛ** مهل оҳистагӣ ва даранг ва замон; ва биззам (яъне **муҳл**)* миси гудохта (аз «Сурох»); ва ба фатҳи мим ва касри хо (яъне **маҳил**)* дар форсӣ сиғаи наҳй аст, ба маънии магузор, аз **ҳилидан**, ки ба маънии гузоштан ва раҳо кардан аст.

**МАҲАЛХАЛ** مهلهل захр додашуда ва ҷомаи борику тунук ва рақиқ бофташуда (аз «Сурох»).

**МАҲМУМ** مهموم андухгин.

**МАҲОМ(М)** مهام *ҷамъи* **муҳим(м)**; ва ин дар асл **маҳомим** буд (аз «Музил» ва дигар кутуби қавоиди арабийя).

**МУҲИМ(М)** مهم дар миёни ҳам андозандаи ваҳм; билфатҳ ва ташдиди мим (яъне **маҳамм**)* ба маънии андӯҳ аст; пас *маҷозан* амри азим ва кори душворро **маҳамм** гӯянд, чаро ки кори душвор табиатро дар андуҳу фикр меандозад; ва *киноя аз* зарур (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Қашф» ва «Хиёбон»).

**МАҲ БАР КӮҲОН** مه بركوهان мураккаб; номи суруд аст.

**МУҲОН** مهان иҳонат кардашуда, яъне залил ва хор (аз «Қашф» ва «Сурурӣ» ва «Мунтахаб»).

**МЕҲИН** مهين дар форсӣ ба маънии бузургтар; ва ба фатҳи мим ва касри ҳо ва ёи маъруф (яъне **маҳин**)* дар арабӣ ба маънии суст ва заъиф; ва *маҷозан* ба маънии ҳақир ва хор; ва **моъи маҳин** иборат аз оби манӣ (аз «Қашф»); ва ба замми мим (яъне **муҳин**)* хордоранда, исми фоил аз **иҳонат**.

**МУҲАЙМИН** مهيمن он ки эмин кунад дигареро аз хавф ва гувоҳи содиқ ва ин яке аз асмои илоҳист (аз «Сурох» ва «Мадор»); ва дар «Қашф» ба маънии меҳрубон; ва дар «Мунтахаб» нигаҳбон ва меҳрубон. Ва муҳаққиқинро дар таҳқиқи **муҳаймин** се қавл аст: яке он ки аслаш **маомин** аст, исми фоил аз **омана юъмину имонан**, маъхуз аз амн бо бақои ҳамзаи боби афъол дар музореъ ва исми фоил ва ғайра: ҳамзаи аввалро ба ҳо бадал карданд ва сониро ба ё ба хилофи қиёс, чунончи дар «Сиҳоҳ» ва «Сурох» мазкур аст; дуввум он ки аслаш **мааймин** аст, бар вазни мафайъил, исми фоил аз **айманат** бар вазни **файъалат**, ки мулҳақ аст ба даҳраҷ ба илҳоқи **ё** баъди фо; пас ҳамзаро ба ҳо бадал карданд, бар хилофи қиёс; ва ин қавли мухтори Байзовӣ дар «Мадорик» ва ғайра аст; севвум он ки исми фоил аст аз **ҳайманат**, ки ба маънии ҳифозат аст, мулҳақ ба даҳраҷ; дар ин сурат ҳо аслист ва **ё** барои илҳоқ. Ва ин мухтори соҳиби «Шамс-ул-улум» ва «Ҷалолайн» аст.

**МЕҲРГОН** مهرگان номи моҳи хазон; ва он муддати мондани офтоб аст дар бурҷи Мизон.

**МАҲРАҶОН** مهرجان *муарраби* **меҳргон** (аз «Мунтахаб»).

**МАҲРОН** مهران номи давое.

**МЕҲМОН** مهمان маъруф аст; ва ин мураккаб аз **меҳ**, ки ба маънии бузург аст ва **мон** ба маънии хона; ва ё он ки лафзи **мон** барои ташбеҳ бошад, яъне монанди бузург аст дар иззат; ва лафзи **меҳмон** ба маънии меҳмонӣ низ омадааст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ» ва дигар кутуб).

**МАҲМО АМКАН** مهما امكن ба маънии то вақте ки мумкин бошад; **маҳмо** ҳарфи шарт аст ва **амкан**, ки сиғаи мозист, феъли шарти ӯст.

**МУҲРАЧИН** مهره چين бозигар ва ҳуққабоз.

**МАҲТОБ БА ГАЗ ПАЙМУДАН** مهتاب بگز پيمودن *киноя аз* кори муҳол, ки саранҷомаш мумкин набошад.

**МУҲРА БА ТОС АНДОХТАН** مهره بطاس انداختن дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **муҳра ба тос андохтан** он аст, ки собиқ бар даргоҳи салотин тоси ҳафтҷӯш мегузоштанд ва дар вақти инқизои соат муҳра, ки бад-он таъбия будӣ меуфтод ва овозе删 бармеомад; ва дар урфи ҳол ба маънии гуз задан низ меояд.

**МАҲҶУВ(В)** مهجو ҳаҷв кардашуда.

**МАҲМАҲ** مهمه биёбон (аз шарҳи «Нисоб»); ва ба замми мими аввал ва касри ҳо ва ташдиди мими дуввум (яъне **муҳимма**)* дар андӯҳ андозанда; ва *маҷозан* ба маънии зарурӣ, чаро ки кори зарурӣ одамиро дар андуҳу ғам андозад.

**МАҲМУСА** مهموسه навъе аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ, ки ба сурати нарм ва паст адо шавад ва он ин аст: сини муҳмала ва тои фавқонӣ ва шини муъҷама ва ҳои муҳмала ва сои мусалласа ва кофи арабӣ ва хои

муънама ва соди мухмала ва фо ва нон ҳавваз ( ) ва сипоҳиҳо ҳама маҷҳура аст.

**МЕХИНА** مهینه бузург.

**МЕХНА** مهنه мавзеъест дар Хуросон, мавлиди Анварӣ.

**МУХЧА** مهجه ба маънии ҷон ва рӯҳ ва хуни миёни дил; ва *маҷозан* ба маънии хулосаи ҳар чиз (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**МАХЧА** مهچه *мухаффафи* моҳча; ва он чизест, ки ба сурати моҳи мусаввар аз зару сим сохта ва сайқал зада бар сари аламу фавҷ насб кунанд (кизо фил — «Бурҳон»).

**МАХЛИКА** مهلقا моҳсурат (аз «Канз»).

**МУХРА** مهره дар форсӣ маъруф, ки ба Ҳинди манка гӯянд ва ба маънии куррапаи асп (аз «Мунтахаб» ва «Сурох») ва ба маънии чехраи аспон ва ба фатҳатайн (яъне махара) *маҷозан* моҳир, ки ба маънии устод аст.

**МАХ** مه ба маънии моҳи; ва ин аз асмон афъол аст, ба маънии амр; ва дар форсӣ билкаср (яъне мех) ба маънии бузург ва сардори қавм; ва билфатҳ (яъне мах) *мухаффафи* моҳ.

**МУХАЙИ** مهی дар арабӣ ба маънии омодакунанда; ва ба касратайн ва тахфифи тахтонӣ (яъне мехи) дар форсӣ ба маънии бузургӣ ва сардорӣ.

**МЕХРБОНӢ/МЕХРУБОНӢ** مهربانی шафқат; ва иқре аз ҷомаи латиф (аз «Бахори Аҷам»).

**МУХТАДӢ** مهتدی ҳидояткунанда; ва ба фатҳи дол (яъне мухтадо) хидоят кардашуда.

**МАХТОБӢ** مهتابی чизе ба махтоб расида, чунончи катони махтобӣ, яъне катони махтобрасида, ки катони шаккардида; ва ба маънии рангшикаста; ва иморати кӯчак, ки бар лаби ҳавз барои сайри махтоб созанд; ва навъе маъруф аз оташбозӣ (аз «Мусталаҳот»).

**МАХДӢ** مهدی хидоят кардашуда; ва номи имоми дувоздаҳум (яъне махдӣ), ки ҳанӯз зоҳир нашуда ва пинҳон аст (аз «Сурох»).

Фасли мим маъа ё

**МИРЗО** میرزا пештар аз номи мирзодагон ё амирзодаҳо бар сардорон истеъмол кунанд ва дар Эрон бар содот итлоқ нумоянд; ғолибан дар асл амирзо буд, ки алифи он аз касрати истеъмол ҳазф шуда, чунончи дар Буҷах ва Булахаб, маънии таркибии он амирзода бошад, бар ин тақдир мирзо ( ) ба тахфифи тахтонӣ, чунончи машхур аст, дуруст набошад, магар баъзе устодон оварданд, чунончи Абдурраззоқи Файёз гуяд, байт:

Бад-ин васила, ки Мирзосаъиди мо танҳо
Чи хуб кард, ки фавҷе рафт аз дили мо.

Ва низ яке аз шуаро гуфта, байт:

Мирзо ҳама вақт ҷома зарторӣ нест,
Пайваста сипеҳр бар сари ёри мост.

(аз «Бахори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**МИНО** مینا шишаи шароб; ва низ обгинаи рангин, ки бад-он бар тилову нуқра наққошӣ кунанд; ва ранги он саба бошад ё лоҷвардӣ, ағари сурх ва сипед низ бошад, ва дар «Маҷмаъ-ул-фурс» навишта, ки ҷавҳарест саба; ва билфатҳ (яъне майно) тоири маъруф, ки сиёҳранг бошад, ба ин маънӣ форсист (аз «Бахори Аҷам» ва «Бурҳон» ва ғайри он).

**МИМИ КОТИБ** میم کاتب *кинояи* аз курчашм (аз «Бурҳон» ва «Маҷор»).

**МИРОБ** میراب боғбон, ки обрасонии дарахтон зиммаи ӯ бошад; ва дорулаи гувҳари дарё, ки каштиҳо ба ихтиёри ӯ бошад.

**МИЗОБ** میزاب новдон, яъне пашола, ки роҳи баҳарравиш обӣ бом бошад; ва ин муарраб аст (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**МАЙИТ** میت ба маънии мурда; ва таъйит дар асл майвит бар вазни файъил буд; пас вовро ба ё бадал карда идғом намуданд; гоҳе тахфиф карда майт мегӯянд (ба фатҳи мим ва сукуни ё); дар ин му-



аннас ва музаккар баробар аст (аз «Сурох»).

**МАЙМАНАТ** میمنت баракат ва саъодат (аз «Канз» ва «Кашф»).

**МИҚОТ** میقات ба маънии вақт ва ҳангоми кор ва ваъдагоҳ; ва ба маънии он ҷо, ки эҳроми ҳаҷ дар он ҷо банданд ва он панҷ ҷо: Зулҳулайфа ва Зоти ирақ ва Ҷаҳфа ва Қарн ва Яламлам (аз «Муайид» ва «Сурох» ва «Мухтасари фиқҳ»); ва миқоти пайғамбар Мусо алайҳиссалом ...

**МИЛОД** میلاد замони вилодат (аз «Мунтахаб» ва номи ... (аз «Бурҳон» ва «Муайид»).

**МИЪОД** میعاد бо якдигар ваъда кардан ва ҷои ваъда кардан ва замони ваъда (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**МАЙМАНД** میمند касабаест аз музофоти Ғазнин (аз «Сурурӣ» ва «Рашидӣ»).

**МУЯССАР** میسر осон кардашуда; номи мафъул аз таяссур, маъхуз аз юср (билзам), ки ба маънии осонист ва чароне ки ба ин маънӣ ба фатҳи мим (яъне маяссар) гӯянд, ғалат аст; ва ба фатҳи мим ва сукуни ё ва касри син (яъне майсир) қимор бохтан (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох»).

**МАЙЗАР** میزر таҳбанд ва чодар (аз «Маҷор» ва «Латоиф» ва «Кашф»); ва дар «Бурҳон» навишта, ки майзар бар вазни Қайсар дастор ва миндиле, ки бар сар банданд; ва дар «Мунтахаб» ва «Рашидӣ» билкаср ва ёи маъруф (яъне мизар) ба маънии зериҷома ва изор; зоҳиран мизар (билкаср ба ёи маъруф) арабист ва билфатҳ форсист, чунонки аз «Сурох» мафҳум мегардад.

**МАЙСУР** میسور осон ва осон шудан; дар ин сурат масдар аст бар вазни мафъул (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**МИР** میر *мухаффафи* амир.

**МИРОХУР** میراخور доругаи истабл.

**МИРШАБГИР/МИРИ ШАБГИР** میرشبگیر кӯтволи шаҳр, ки ба вақти шаб барои посбонӣ дар кӯчаву бозор гардад.

**МИРБАХР/МИРИ БАХР** میربحر доругаи гавҳари дарё.

**МЕЗ** میز асбоби зиёфат, ва ба маънии курсӣ, ки бар он таом ниҳода мехуранд (аз «Бурҳон»); ва дар мӯцийда ба маънии зиёфат.

**МЕХДУЗ** میخدوز адимулҳаракат.

**МЕШГУШ** میشگوش номи гулом.

**МАЙХУШ** میخوش мазаи турш, ки дар вай ширинӣ ҳам бошад (аз «Бурҳон»).

**МИРОТАШ** میرآتش доругаи тупхона.

**МЕҒ** میغ абри сиёҳ, ва гоҳе ба маънии мутлақ сиёҳ, магар вақте ки дар муқобалаи бод ояд, ки ба маънии сифед аст (аз «Латоиф»).

**МИСОҚ** میثاق аҳду паймон ва устуворӣ (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»); ва рӯзи мисоқ иборат аст аз рӯзи азал, ки арвоҳ ба рубубияти ҳақ иқрор оварданд, ки ояти: *«аласту бираббикум қолу бало»* баёни он аст.

**МАЙИК** میک ба маънии гирьён (аз шарҳи «Нисоб»).

**МИМИ МУТАВВАҚ** میم مطوق *кинояи* аз алифи куфиён, ки иборат аз олати мардӣ бошад (аз «Бурҳон»), ва баъзе ба маънии мими ҳалқадор навишта.

**МЕЗАК** میزک шоша (аз «Латоиф»).

**МИЛАК** میلک номи порчае, ки аз шаҳри Нишопур оранд.

**МАЙЛ** میل дар арабӣ хамидан ва хамидагӣ ва ҷунбидан; ва ҳоҷиш ва тавачҷуҳ; ва билкаср (яъне мил) форсист ба маънии он чӣ, ки бад-он сурма дар чашм кашанд; ва манор, ки ба ҷиҳати аломати фарсанг

дар роҳ созанд; ва ба маънии куруҳ; ва он чаҳор ҳазор зироъ аст ва ҳар зироъ бисту чаҳор ангушт (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва ғайруҳумо); ва Юсуф ибни Монеъ дар «Шарҳи Нисоб» навиштааст, ки **мил** чаҳор хазор қадам бошад; ва **мил** ба маънии сихи оҳанӣ ё мисӣ, ки бар сари гунбад насб кунанд; ва дар «Баҳори Аҷам» навишта, ки **мил** сулси фарсанг аст, ки онро куруҳ гӯянд. Чун бар сари ҳар куруҳе аломат барои тамом шудани куруҳ ба сурати мил сохта бошанд, *маҷозан* он масофатро низ **мил** гӯянд; ва низ лафзи **мил** ба маънии чӯби вазндор, ки ба кори варзиши паҳлавонон ояд, ба ҳиндӣ мугдар гӯянд.

**МИКОЛ** ва **МИКОЙИЛ** میکال و میکائیل номи фиришта, ки ба ризқрасонии махлуқот маъмур аст (аз «Сурох»).

**МИМ** میم ин ҳарф дар форсӣ барои чанд маънӣ ояд: аввал барои замири мутакаллим, ки фоил бошад, чун *кардам* ва *гуфтам*; дуввум барои нисбат ояд, чунончи *нилам*, мансуб ба ранги нил; ва он ҷавҳаре бошад қиматӣ; севвум ба маънии худ ояд, байт:

> Гуфтам, ки барам калаф зи рӯям,
> Ӯ рехт ғубори ғам ба мӯям [228].

Чаҳорум **мим** ба маънии ҳастам ояд, чунончи мисраъ:

> Мастам зи ғами ишқи ту мастам,
> мастам...

ай маст ҳастам; панҷум ба маънии изофат, ай ба маънии музофилайҳ, чунончи *дилам* ва *забонам*; шашум ба маънии таъйин, ай барои таъйини маҳал дар аъдод, чун *чаҳорум* ва *панҷум* ва ғайруҳум; ва асл ин аст, ки соҳиби «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки мим дар авохири аъдод ифодаи фоилият кунад, чунонки дар *якум* ва *дуввум* ва *севвум* ва монанди он, ай «мо *қома биҳилваҳдату ва мо қома биҳилиснайнийяту ва ало ҳазалқиёс*»; ва лиҳозо дар арабӣ воҳид ва сонӣ ва солис ва монанди он меояд ва моқабли ин мим дар лафзи дуввум мафтӯҳ мебошад, ба ҷиҳати рафъи сақолати иҷтимоъи заммот ва дар соири аъдод мазмум; ва гоҳе ин мим дар охири адад маҳзуф ҳам ояд; ҳафтум ба маънии таъниc, чун *хонум* ва *бегим;* ҳаштум мими зоид, чунончи *ба хонаи худам меравам* ва *чаро* ва *чаром*, ба маънии чаридан; нуҳум ба маънии наҳӣ, чунончи *макун* ва *магӯ* ва *мадон*; даҳум барои замири мутакаллим, ки мафъул бошад ва ифодаи маънии лафзи **маро** диҳад, чунонки Низомӣ фармояд, мисраъ:

> Бар он *дорам*, эй маслаҳатхоҳи ман...

яъне бар он дор маро; ва **мим** гоҳе ба нун бадал шавад, чун *каҷим* ва *каҷин*, ба маънии баргустувон ва *бом* ва *бон*, ба маънии ранг; ва гоҳе ба хои муъҷама бадал шавад, чун *барм* ва *барх* (билфатҳ), ба маънии толоб; ва ба ғайни муъҷама, чун *паймона* ва *пайғона*; ва ба фо, чун *махир* ва *фахир*, ба маънии хори миҳмез; ва ба ҳо, чун *торум* ва *тора*, ба маънии хонаи чӯбин ва **торум** (طارم) *муарраби* он аст; ва мими масдар ва мозӣ дар музореъ ва амр ва исми фоил ба ёи таҳтонӣ бадал шавад, чун *ояд* ва *биё* ва *оянда.*

**МАЙШУМ** میشوم ин лафз ғалат аст ва саҳеҳ **машъум** (ба фатҳи мим ва сукуни шин) аст ва тафсилаш дар фасли мим маъашшин марқум аст, дар он ҷо бояд дид.

**МАЙМУН** میمون хуҷаста ва муборак ва номи марде; ва дар форсӣ ба маънии бузина (аз «Бурҳон»); ва ин лафзро ба маънии муборак кам истеъмол бояд кард, ба эҳтимоли маънии дигар, ки макрӯҳ аст.

**МИЁН** میان васати чизе; ва ба ҳамин ҷиҳат ба маънии камар мустаъмал мешавад, зеро ки камар дар васати бадан воқеъ шудааст; ва ба ҳамин сабаб ғилофи теғ ва ғайраро гӯянд, чаро ки силоҳ дар миёни он мемонад (аз «Баҳори Аҷам»).

**МАЙЛОН** میلان хамидан ва хоҳиши табиат (аз «Суроҳ»).

**МАЁМИН** میامن баракатҳо ва саъодатҳо; ва ин *ҷамъи* **майманат** аст; ва андомҳои ҷониби рост, *ҷамъи* **маймана**, ки ба маънии рост бошад.

**МЕЗБОН** میزبان касе ки меҳмонро таом хӯронад; чи лафзи мез ба маънии асбоби зиёфат ва курсии таом

аст, калимаи **бон** ба маънии доранда.

**МАЙДОН ДОДАН** میدان دادن ҷой холӣ кардан барои касе аз рӯи таъзим.

**МАЙДОН** میدان бар вазни **фаълон**; аз **майд** (билфатҳ) ба маънии ҷунбидан; пас итлоқ бар замини фарох ба тариқи *маҷоз* бошад; ва **мидон** (ба касри мим) бар вазни **мизон**, исми ола бошад аз **давн** (ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ) ба маънии лоғар сохтан. Чун суворӣ ва гашти замини фарох чорпояро лоғар мекунад, лиҳозо **мидон** гуфтанд, чунончи **мизмор** аз **зумр** маъхуз аст;. ва **зумр** (**зумур**; биззам ва ба замматайн) ба маънии лоғармиён шудан аст; ва баъзе навиштаанд, ки **майдон** (ба фатх) форсӣ ва **мидон** (билкаср) *муарраби* он (аз «Шарҳи Гулистон» аз Нуруллоҳ); ва ба истилоҳи ҷавҳариён ба маънии арзу тули ёқут ва зумурруд ва ғайра.

**МАЙ ДАР ГИРЕБОН ҚАРДАН** می در گریبان کردن ба зӯр шароб додан.

**МАЙДОН ҚАШИДАН** میدان کشیدن худро ҷамъ карда пас рафтан барои барҷастан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МАЁМИН** میامین ашхоси муборак ва чизҳои муборак; ин *ҷамъи* **маймун** аст.

**МАЙН** مین дурӯғ гуфтан ва дурӯғ (аз «Мунтахаб»); ва ба касри мим ва ёи ғайри малфуз ва сукуни нун (яъне **мин**)* дар туркӣ замири мутакаллими муфрад, тарҷамаи лафзи **ман**.

**МЕТИН** میتین мехест оҳанӣ, ки бад-он дар санг шигоф андозанд (аз «Бурҳон» ва ғайра).

**МИРЗОЙ ҚАШИДАН** میرزائی کشیدن нозбардорӣ кардан.

**МИЛ ДАР ДИДА ё ДАР ЧАШМ ҚАШИДАН** میل در دیده یا در چشم کشیدن касеро нобино сохтан; ҷаро ки милро гарм карда дар чашм кашидан боиси кӯрии чашм аст.

**МАЙГУН** میگون рангест моил ба сурхӣ.

**МИНУ** مینو олами улво ва биҳишт; ва баъзе ба маънии фалак навишта; ва низ ба маънии обгинаи рангин, ки ба зеварҳо ба кор баранд, ки онро **мино** низ гӯянд; ва ба маънии зумуррад (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Муайид» навишта, ки гавҳарест нафис.

**МИЁҲ** میاه обҳо; *ҷамъи* **моъ**, ки дар асл **моҳ** буд ба маънии об (аз «Қашф» ва ғайри он).

**МЕВА//МАЙВА** میوه билкаср ва билфатҳ ҳар ду омада (аз «Шарҳи Сикандарнома» аз Хони Орзу ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**МАЙМАНА** میمنه тарафи дасти рост; ва номи фавҷе, ки ба тарафи дасти рости подшоҳ ё амир дар вақти ҷанг истода бошад (аз «Қанз»).

**МАЙСАРА** میسره тувонгарӣ; ва тарафи дасти чап; ва номи фавҷе, ки ба тарафи дасти чапи подшоҳ дар вақти ҷанг истода бошад (аз «Қанз» ва ғайра).

**МИЁНХОНА** میان خانه ба истилоҳи мусиқиён овози мутавасситро гӯянд (аз «Мусталаҳот»).

**МИЗАНА** میذنه ҷои азон гуфтан (аз «Латоиф»).

**МАЙМУНА** میمونه номи фаннест дар куштӣ (аз «Чароғи ҳидоят»).

**МАЙДА** میده орди порчабез; ва *мухаффафи* **моида**, ки ба маънии хони пуртаом аст.

**МИЁНҶӢ** میانجی* қосид; ва низ ба маънии элчигарӣ; зоҳиран мураккаб аст аз **миён** ва лафзи **гӣ**, ки (ба кофи форсӣ) калимаи нисбат аст; пас кофро ба ҷим бадал карда чунин хондаанд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мусталаҳот»); муаллиф гӯяд, ки чун лафзи **миёна**-ро ба ё муттасил карданд, ҳои мухтафӣ ба кофи форсӣ бадал шуда, ба ҷими арабӣ мубаддал гашт; ва ё он ки мураккаб бошад аз **миён** ва лафзи **чӣ**, ки калимаи туркист, ки барои маънии соҳиб ва худованд ва доранда аст. Пас ба ҷиҳати тахфиф ҷими форсӣ ба ҷими арабӣ бадал гашт.

**МАЙЛИ КУЛЛӢ** میل کلی махалли ғояти буъди минтақатулбуруҷ аз муаддилуннаҳор; ва масофати он бисту сеюним дараҷа аст.

**МИРОХУРБОШИ** میرآخورباشی сардори коркунони истабли подшоҳ.

**МЕХИ** [illegible] ... ва хар-[illegible] ... ҷоба ... (аз «Бурҳон» ва ғайри он).

**МИЕНДОРИ** میانداری даллолӣ ва дар-[illegible] кори воситаи судӣ ва [illegible] ва курунсокӣ; ва ба истилоҳи [illegible] ... нагузоштан ки бо ҳам [illegible] (аз «Мусталаҳот»).

## БОБИ НУН

### Фасли нун маъа алиф

**НО** نا ҳарфи нафӣ аст бар муштақот ва сифот, ки киноя аз сиғаи исми фоил ва исми мафъул аст, дохил мегардад, чунончи *нободиш* ва *ноумедӣ*, ва лафзи ... бар асмои ғайри сифат, ки масодир ва асмои ҷомид бошанд, дохил мешавад, чунончи *дейим* ва *бешуъдр* ва *безор*; ва дар чанд мавзеъ бар хилофи ин қоида мустаъмал аст, чунончи *номурод* ва *нохан(г)ор* ва *ноинсоф* ва *но...* ва *ноумед* ва *носипос* ва *ноаҳл* ва *ноком*, аммо лафзи *ноқабул* вачҳе дорад, ки қабул ба маънии мақбул дар истеъмоли форсӣ омадааст, чунончи *саломат* ба маънии солим; ва лафзи *нокувват* ба маънии бекувват ва ноеб ва нодон ба субут намерасад, магар он ки дон *мухаффафи* доно бошад, ё он ки дон ба маънии донанда омадааст. Пас метавон гуфт ки лафзи но бар он дохил шудааст. Ва назири ин лафзи *носоз* ба маънии сознакунанда, ва инчунин хилофи қоида дар каломи асотиза бисёр аст. Саъдӣ гӯяд, байт:

> Умед ҳаст парастандагони мухлисро,
> Ки ноумед нагарданд зи остони илоҳ.

Хоҷа Ҳофиз фармояд, байт:

> Ҳофиз аз машраби қисмат гила ноинсофист,
> Табъи чун оби ғазалҳои равон моро бас.

**НОШИТО** ناشتا гурусна будан, яъне наҳори нокардан аз бомдод, ки чизе нахӯрда бошад (аз «Кашф» ва «Муайид» ва «Бурҳон»).

**«НОН ВА ХАЛВО»** نان و حلوا номи китоб, ва он маснавиест мухтасар дар ҷавоби «Маснавӣ»-и Мавлавии Рум аз Шайх Баҳоуддини Омулӣ.

**НОМИ ХУДО** نام خدا ба маънии каломи худо (аз «Шарафнома»).

**НОХУДО** ناخدا маллоҳ (аз «Бурҳон»). дар асл ноовхудо буд, зоро ҳазф карданд.

**НОЗО** نازا модаи ҳар ҳайвон, ки зоянда набошад.

**НОНБО** [illegible] *мухаффафи* нонобой, ки таббох ва ҳалвоз бошад.

**НОБ** ناب дар форсӣ холис ва соф ва бегаш; ва дар арабӣ шутури модаи пир ва дандони ништари сибоъ, ки онро ба форсӣ дандони ашк гӯянд ва ба ҳиндӣ кучлӣ номанд ва баъзе ҳиндиён кила номанд (ба ёи маъруф, аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**НОСИБ** ناصب барпо ва қоимкунанда ва душмандоранда ва ҳаракати забардиҳанда дар калимаи муъраб.

**НОХУНИ ОФТОБ** ناخن آفتاب [illegible] (аз «Муайид»).

**НОСУТ** ناسوت олами аҷсом, ки дунё ва ин ҷаҳон бошад; ва гоҳе *мунозан* ба маънии шариат ва ибодати зоҳирӣ.

**НОШИРОТ** ناشرات [illegible] (аз «Мунтахаб»).

**НОБИТ** [illegible]

**НОХОСТ** ناخواست бехоҳиш (аз «Ваҳ...» [illegible]); ва дар «Бурҳон» ба маънии беталаб ва беғалаб [illegible].

**НОДОШТ** ناداشت ба маънии муфлис.

**НОГИРИФТ** ناگرفت ба маънии ногоҳ (аз «Бурҳон»).

**НОШИНОХТ** ناشناخت ба маънии но-шинохташуда; бидон ки ношинохт бар хилофи қиёс воқеъ шуда он чун бешинохт (аз «Хиёбон»).

**НОГОЧ** ناگاچ ногох (аз «Бурхон»).

**НОХИЧ** ناهیچ роҳраванда ва роҳи фараҳ пайдокунанда (аз «Сурох»).

**НОРАНҶ** نارنج *муаррабаи* норанг (аз «Рисолаи муарработ»).

**НОФПЕЧ** ناف پیچ дарди печиши ноф.

**НОЗЕҲ** ناضح шутури обкаш (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**НОЧАХ** ناچخ найзаи кӯчак (аз «Сурурӣ» ва «Рашидӣ» ва «Бурхон» ва «Кашф» ва дар «Муайид» ба замми ҷими форсӣ (яъне ночух)).

**НОСИХ** ناسخ нависандаи нусхакунанда ва радкунанда.

**НОГУЗАРД** ناگزرد ба маънии зарурӣ ва ногузир.

**НОВАРД** ناورد ҷангу ҷадал ва тохтан (аз «Бурхон»).

**НОКИД** ناکید саракунандаи дирамҳо.

**НОМУРОД** نامراد лафзи ӯ ва саҳеҳ бемурод (аз «Музил»), магар аз «Бахори Аҷам» мустафод мешавад, ки агарчи ин лафз хилоф кунад аст, лекин чун назоирашн бисёр аст, ҷоиз бошад, чунончи *ноумед* ва *носипос* ва ғайра.

**НОМАСИФЕД, НОМАИ СИФЕД** نامه سفید ниҳоят солеҳ ва ... .

**НОРАД** ناژد ... ки бар ... ҳайвонот пайдо ... (аз «Бурхон»).

**НОҲИД** ناهید духтари нористон, ай духтаре, ки пистонаш шаҳ бармада рошанд (аз «Бурхон» ва «Мунтахаб»).

**НОҲИД** ناهید ситораи Зуҳра ки бар фалаки севум тобад ва онро мутрибаи фалак гуянд (аз «Бурхон»).

**НОФИЗ** نافذ ҷоришаванда; ва ин лафз, аксар сифати амр ва ҳукм воқеъ мешавад (аз «Мунтахаб»).

**НОГУВОР** ناگوار бадмаза ва бадбӯйка ва ба табиат, нохушоянда ва нохозим; ва ба фатҳи кофи форсӣ (яъне ногавор) ҳам ... (аз «Бурхон»).

**НОЧОР** ناچار лоилоҷ ва ... бизазарур (аз «Бурхон»); ва ба маънии очиз ... ва баъзе ин маънӣ лочор гуфтан саҳеҳ набошад, чаро ки чор калимаи форсист, *мухаффафи* чора. Пас нафии он ба лафзи ло, ки калимаи арабист, дуруст нест.

**НОХОР** ناهار касе ки аз субҳ чизе нахурда бошад; дар асл ноохор буд, алифи мамдударо ба ҷиҳати тахфиф ҳазф карданд; ва охор ба маънии хӯриш ва таом аст (аз «Рашидӣ»); ва ба маънии ташна низ омада.

**НОГУЗИР** ناگزیر ночор ва лоилоҷ, яъне бизазарур.

**НОСУР** ناسور ин лафз ба син ва сод ҳар ду саҳеҳ аст (аз «Баҳру-л-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**НОСИР** ناصر ёридиҳанда.

**НОЗИР** ناظر нависандае, ки болои нависандагон муқаррар гардонида шавад то муомалаи эшонро назар карда бошад (аз «Шамсӣ») ва ба маънии ҳочисаро низ омада.

**НОФИР** نافر рамаванда ва нафраткунанда ва ғоиб (аз «Мунтахаб»).

**НОХАМВОР** ناهموار ... фароз ва ба маънии беадаб ва нолоиқ.

**НОКУР** ناقور нои бузург ва сур (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**НОДИР** نادر шайъи камёб ва камтар, чаро ки надр дар луғат ба маънии бароmadan аст, ва шайъи камёб низ аз халқи касрат баромадааст (аз «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ»), ва гоҳе нодир ба маънии маъдум низ меояд ва дар «Сурох» навишта, ки нодир мими фона аз надр ки ба маънии уфтодан аст, ва ба маънии танҳо ва ғариб шудан низ омада.

**НОЗУР** ناظور ниғаҳбон.

**НОР** نار ба маънии анор, ки меваи маъруф аст; ва ба арабӣ оташро гуянд (аз «Бурхон»).

**НОМУСИ АКБАР** ناموس اکبر қонда ва дастури бузург ва шариат, чаро ки дар луғати ҳукамо номус ба маънии тадбири ба сиёсат аст; ва лақаби Ҷабраила алайҳиссалом (аз «Ахлоқи ...» ва дигар кутуб).

**НОШИР** ناشر пароганда ва фошкунанда ва рӯзкунандаи чизе ва зинда будиҳанда.

**НОШИЗ** ناشز баланднишинанда (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»).

**НОЗ** ناز навруста ва дарахти сарв ва санавбар; ва ба маънии бедимоғӣ ва бепарвоӣ ва истиғноии маъшуқ; ва ба маънии фахр низ омада (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мадор»).

**НОМУС** ناموس исмат ва иффат ва таваққуъи ҳурмат аз халқ доштан ва некномӣ ва тадбир ва сиёсат ва малоик ва аҳкоми илоҳӣ ва Ҷабрайил алайҳиссалом ва қоида ва дастур ва бонг ва садо ва соҳиброз ва кожаи сайёд ва макру ҳилаи пинҳонӣ (аз «Бурҳон» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва ғайраҳо).

**НОКАС** ناکس фурӯмоя ва нолоиқ ва ноаҳл; ва ба касри коф (яъне **нокис**)* дар арабӣ ба маънии нигунсор.

**НОХИС** ناخس дардест, ки соҳибаш пиндорад, ки сузан мехалонанд.

**НОРАС** نارس меваи хом ва норасида (аз «Чароғи ҳидоят»).

**НОВУС** ناوس бар вазни **товус**; дар «Ҷаҳонгирӣ» ба маънии оташкада; ва дар «Муайид» ва ғайра ибодатхонаи куффор.

**НОС** ناس исми ҷинс аст, ба маънии як одам; ва ба маънии одамиён муфрад ав ҷамъ ҳар ду омада.

**НОҚУС** ناقوس хармуҳраи калон, ки ҳунуд ва тарсо ба вақти ибодати худ навозанд; ва дар «Шарҳи Гулкуштӣ» навишта, ки **ноқус** иборат аз занги бузург аст, ки тарсоён дар васати калисо аз сақфи хона овезанд ва ба рузи якшанбе аз субҳ то вақте ки мардум аз намоз фориғ шаванд, навозанд.

**НОТАРОШ** ناتراش ноҳамвор ва беадаб ва сифла (аз «Бурҳон»).

**НОВУНӮШ** ناونوش нағмаи най шунидан ва шароб нушидан; ва ҳосили маънӣ ишрат ва тараб аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Хиёбон»).

**НОНХУРИШ** نانخورش он чи ки нон ба он хурда шавад, хоҳ он чизи намакин бошад, хоҳ ширин, хоҳ туруш; ба ҳиндӣ салан гӯянд.

**НОИШ** ناعش зиндагонибахшанда, аннаъш албақоъ (аз «Қомус»).

**НОМУШАХХАС** نامشخص бетаҳқиқ ва номуайян; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки ба маънии касест ки бар як вазъу як ҳолат набошад.

**НОҚИС** ناقص камшаванда; ва ба истилоҳи сарфиён лафзе ки ҳарфи охирӣ аз ҳуруфи аслии он ҳарфи иллат бошад.

**НОФИЗ** نافض афшонанда, яъне ҷунбонанда ва тапе, ки ба ларза ояд (аз «Суроҳ» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Қашф»).

**НОҲИФОЗ** ناحفاظ бешарм ва фосиқ ва беэҳтиёт (аз «Баҳори Аҷам»).

**НОСЕЪ** ناصع холис (аз «Мунтахаб» ва «Қомус» ва «Қашф» ва «Суроҳ»).

**НОНИ КУЛОҒ** نان کلاغ гиёҳест, ки тухми онро бар нон пошанд; онро зоғ дуст дорад. Ба ҳамин ҷиҳат **нони кулоғ** номанд (аз «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**НОҲИҚ** ناهق хари нар (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**НОСИҚ** ناسق интизом ва тартибкунанда.

**НОЗУК** نازک маънии он маъруф аст; ва форсиёни мутаарраб **назокатро** аз лафзи **нозук** тарошидаанд ва лафзи **назокат** дар ашъори устодон бисёр аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**НОВАК** ناوک навъе аз тир; ва он кучактар бошад; ва **новак** дар асл мусағғари **нова** аст; ва он чӯбе бошад муҷаввафи миёнхолӣ; ва баъзе гуянд, ки нове бошад дарози оҳанин, ки тирро дар он гузошта ба вазъи махсус ба зеҳи камон банд карда меандозанд; ва камони онро камони тахш гуянд. Ба касрати истеъмол тири онро *маҷозан* **новак** ном шуда; ва ин *маҷоз* аст ба итлоқи зарф бар мазруф (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Сурурӣ» ва «Латоиф» ва «Мусталаҳот»).

**НОСИК** ناسک ибодаткунанда дар роҳи ҳақ таоло ва қурбоникунанда (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**НОРДОНГ** ناردانگ оби анор ва хулосаи анор (аз «Латоиф»).

**НОФИ ХОК** ناف خاک *киноя аз* Маккаи муаззама (аз «Бурҳон»); ва гоҳе ба маънии мутлақ замин омада.

**НОК** ناک лафзест, ки барои иттисофи мавсуфӣ ба сифате дар охири калимот оранд; ва ба маънии олуда ва оғашта (аз «Бурҳон»); ва дар «Мадор» ва «Рашидӣ» ба маънии худованд ва соҳиб омада.

**НОЛ** نال он чи монанди ришта аз миёни қалам вақти тарошидан бармеояд; ва ба маънии найшакар ва рӯдхонаи кучак ва найи миёнтиҳӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Бурҳон»); ва зоҳиран ба маънии аввал муштарак аст дар миёни арабӣ ва форсӣ.

**НОИМ** ناعم номи яке аз қилоъи Хайбар (аз шарҳи «Нисоб»).

**НОИМ** نائم хуфта ва хобида.

**НОТАМОМ** ناتمام ноқис ва ноболиғ.

**НОМУЛОИМ** ناملایم номуносиб ва дурушт ва амри хароб ва бад.

**НОКОМ** ناکام номурод; ва ба маънии ночор ва биззарур (аз «Бурҳон»).

**НОДИМ** نادم пушаймон.

**НОФИ ОЛАМ** ناف عالم Маккаи муаззама.

**НОМАРДУМ** نامردم нокас; **чи мардум** лафзест, ки бар муфрад ва ҷамъ итлоқ кунанд (аз «Мусталаҳот»).

**НОФАРЧОМ** نافرجام касе ки накӯиш охири кор надошта бошад; ва лафзи **нофарчом** хилофи қиёс бошад, аз оломи **номурод** ва **ноҳанҷор** (аз «Хиёбон»).

**НОФИ ЗАМИН** ناف زمین *киноя аз* Маккаи муаззама; шояд ки ваҷҳаш чунин бошад: манқул аст, ки аз боми Қаъба то Байтулмаъмур, ки бар фалаки чаҳорум бошад, нуре мамлув аст, ки робит аст миёни осмону замин, чунончи ҷанинро дар раҳми модар ғизо ба воситаи ноф мерасад; ҳамчунин хайру баракоти самовӣ аз Қаъба ба атрофу акнофи замин мерасад, лиҳозо Қаъбаро **нофи замин** гуфтанд. Пас *маҷозан* исми Макка шуда. Ва агар Макка дар васати кураи арз буди, биззарур бар васати ҳақиқии хатти истиво мебуд. Ва ҳол он ки аз хатти истиво бист дараҷа ба тарафи шимол воқеъ аст. Ва низ дар васати рубъи маскун ҳам нест, чаро ки дар иқлими дуввум аст, на чаҳорум.

**НОРВАН** ناروَن қисме аз анор, ки онро гулнори форсӣ гуянд, гулаш калон ва садбарг бошад ба ғояти анбуҳӣ ва ниҳояти сурхӣ; дар миқдор баробари гули сурх; ва номи дарахтест бағоят хушандом ва пурбарг ва соядор (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва низ соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки **норвун** (ба замми вов) мубаддали **норбун** аст, ки дарахти анор бошад.

**НОЗАНИН** نازنین мураккаб аст аз **ноз** ва лафзи **нин**, ки калимаи нисбат аст (аз «Баҳори Аҷам»); ва соҳиби «Қашф» навишта, ки **нозунин** (ба замми зои муъҷама) ба маънии нозукандом аст.

**НОГУЗОРОН** ناگذاران ба маънии ногузир ва зарур ва лобуд.

**НОТУВОН** ناتوان бетоқат; ва ин хилофи қиёс аст, **бетувон** бояд; агар гуӣ *мухаффафи* **нотувоно**-ст, зоҳиран ин қисм тахфиф дуруст набошад, чаро ки алифе, ки ифодаи фоилият кунад ҳазф натувон кард (аз «Чароғи ҳидоят»); ва соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки ин чанд лафз баръакси қоида мустаъмал аст, чунонки **ноинсоф** ва **ноумед** ва **носипос** ва **нотувон** ва **номурод** ва **ноком.**

**НОТУВОНБИН** ناتوان‌بین ба маънии ҳосид, зеро ки касеро тувоно дидан наметувонад.

**НОРДОН** ناردان донаи анор; ва дар «Бурҳон» навишта, ки анордонаи туруш.

**НОВДОН** ناودان роҳи бадаррави оби бом.

**НОРБУН** ناربن дарахти анор.

**НОЙИДАН** نائیدن фахр кардан (аз «Бурҳон»).

**НОЙБОН** نایبان нигаҳбони ғор, чаро ки **ной** ба маънии ғор омада (аз фарҳанге навишта шуд).

**НОХУН БА ДИЛ ЗАДАН** ناخن بدل زدن асар кардан ба дил ва беқарор кардан (аз «Чароғи ҳидоят» ва «Мусталаҳот»).

**НОФ ЗАДАН** ناف زدن қатъ кардани нофи тифли навзойида.

**НОСИ** ناسی фаромушкунанда (аз «Латоиф»).

**НОМУТАНОХӢ** نامتناهی бепоён ва бенихоя.

**НОХӢ** ناهی маньқунанда ва боздоранда аз коре.

**НОДОШТИ** نداشتی муфлиси ва бенавоӣ ва бенавоӣ (аз «Бурхон»).

**НОЙ** نای ба маънии най, ки онро навозанд; ва ба маънии гулу ва хулкум (аз «Бурхон»); ва ба маънии куча низ омада; ва дар шархи «Нисоб» навишта, ки он ар[...]ои ба маънии наздик кардан ва дур кардан; ва ин аз луғоти аздод аст.

**НОЙИ ТУРКИ** نای ترکی карнай (аз «Бурхон»).

**НОМӢ** نامی [...] номвар ва муаззаз ва маъруф; ва дар арабӣ ба маънии боланда ва нумувкунанда (аз «Бурхон»).

**НОҶАРМАКИ** ناجرمکی номи яке аз ... хидони тарсо (аз «Шархи Хоконӣ»).

**НОҶӢ** ناجی растагор аз укубат ва начотёбанда ва сохибороз.

**НОРӢ** ناری чин ва парӣ, ва ба маънии дузахӣ низ омада.

**НОШПОТӢ** ناشپاتی меваест машхур (яъне нок).

**НОРИ ФОРӢ** نار فارسی донахо бошад, ки бар ҷилди бадан пайдо шавад ...

**НОНБОӢ** نانبای мухаффафи нонбой, яъне таббох, ки нону або мепазад.

**Фасли нун маъа бои муваххада**

**НАБО** نبا хабар (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**НАБОТ** نبات гиёх ва харчи сабза ва шарахм, ки аз замин руяд; ва ... аз қанди мусаффо, ки баъзе аҳли Хинд онро мисрӣ гуянд.

**НАБТ** نبت гиёх ва рустани гиёх (аз «Мунтахаб»).

**НАБОЛАТ** نبالت бузургвор ва машхур шудан (аз «Мунтахаб»).

**НУБУВВАТ** نبوت хабар додан ва пайғамбарӣ.

**НУБОХ, НИБОХ** نباح бонги ... ва нибохи муътоди саг, ки дар хиф онро ... (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох»).

**НАБАРД** نبرد ҷангу чидол ва кифол (аз «Бурхон»).

**НАБЗ** نبض ҷунбидан ва дарафшидан ва набзе (ба ... аз «Мунтахаб» ва «Бахрул-чавоҳир» ва «Кашф» ва «Сурох»).

**НАБИЗ** نبيذ шаробе, ки аз хурмо ва ҷав ва ғайра созанд; ва дар истеъмоли форсӣ ин лафз ба ... (яъне **набид**) низ сахех бошад (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох»); ва баъзе ба маънии чизе навишта, ки ба хинди онро буза гуянд.

**НАБОИР** نبائر писарзодагон, *ҷамъи* **набера**, ва ин ҷамъ ба тасарруфи форсиён арабидон аст, ки лафзи форсиро ба таври арабӣ ҷамъ кунанд, чунонки **фаромин** *ҷамъи* **фармон** ва **каронин** *ҷамъи* **хон** оварданд.

**НАББОШ** نباش кафандузд ва кафанкаш (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НАББОЗ** نباز [...]; ва ин мубалаға нест, балки сифат нисбат аст, чунонки аттор ва хаддод.

**НАБЪ** نبع берун омадани об аз чашма.

**НАБК** نبک бори дарахти кунор; набка вохид (аз «Мунтахаб»).

**НАБИЛ** ва **НАБИЛА** نبيل бузург ва доно ва неку ва фарбех (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**НАБОИЛ** نبائل бузургон ва корхон ва бузург ва неку ... ҷамъи **набила** нест.

**НАБЛ** نبل тир андохтан ва тир ва ... огохӣ (аз «Мунтахаб») ва дар «Латоиф» ба маънии фаропеш кашидан; ва ба фатҳатайн (яъне набал) ба маънии бузург ва хурд; ва ба ин маънӣ аз луғоти аздод ... «Нисоб» вас — «Сурох»).

**НАБХ** نبح ... ва ... малфуз (яъне **набих**) номи тирлони пайғамбар саллаллоху алайхи ва олих ...

**НОМ БАР ЯХ ЗАДАН** نام بر یخ زدن фаромуш кардан ва маҳв кардан (аз «Бурҳон»).

**НОН ДАР РАВҒАН УФТОДАН** نان در روغن افتادن ба хотирхоҳи комёб шудан ва ҳафвеб гаштан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**НОЗУКХАЁЛОН** نازکخیالان [illegible] ва фикркунандагон дар [illegible] таоло.

**НОСИКОН** ناسکان ибодаткунандагон.

**НОХУН БА ОАНГ ОМАДАН** ناخن بسنگ آمدن [illegible] кинох аз амри номулоим пеш омадан.

**НОХУН ГУЗОШТАН** ناخن گذاشتن кинох аз ҷавоби ом ва айб (аз «Чароғи ҳидоят»).

**НОЖУ** ناژو [illegible] ба маънии дарахти [illegible] [illegible].

**НОТАРОШИДА** ناتراشیده беадаб (аз «Мусталаҳот»).

**НОРАСИДА** نارسیده [illegible] нопухта ва хом на [illegible] (аз «Бурҳон»).

**НОХУНА** ناخنه гӯште бошад монанд ба сифеди нохун, ки дар кунҷи чашм пайдо шавад. Агар илоҷи он накунанд сиёҳии чашмро фурӯ пӯшад (аз «Бурҳон» ва «Кифоя»).

**НОИЗА** نایزه лӯлаи офтоба ва найи миёнхолӣ (аз «Бурҳон»); ва маҷрои рагҳо, ки мили моку аз он мегузаронанд.

**НОЗИЛА** نازله сахтӣ ва ҳаводиси замона (аз «Мунтахаб»).

**НОИБА** نائبه ҳодиса ва воқеъа ва тапи гарм (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Зубдат-ул-фавоид»).

**НОЛА** ناله овози баланд, ки аз сӯзи одил [illegible] [illegible] ба маънии чи хурд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Кашф» ва «Мадор»).

**НОИҲА** نایحه гиря ва нола ва мусибат.

**НОСИЯ** ناصیه мӯи пешонӣ (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); магар дар кутуби форсӣ ба маънии пешонӣ мустаъмал аст.

**НОНХОХ** نانخواه тухми тиех аст, ки пухта хӯрдани (он [illegible]) таом пайдо мекунад ва [illegible] ном кардаанд, ба хиндӣ аҷвайн гӯянд. Дар асл номи ин ба хиндӣ анчвайн буд; ва ба хиндӣ ғалларо номанд ва чвайн ба маънии хӯронанда, нуни аввалро барои тахфиф ҳазф кардаанд.

**НОЗУРА** نازوره маҳбуба ва маъшуқа.

**НОВА** ناوه ба маънии роҳи бадарравии оби бом; ва он аксар аз чӯб бувад ё суфол, хиндӣ парнала; ва [illegible] «[illegible]» [illegible] ки чӯби нутох ва [illegible].

**НОФИЛА** نافله [illegible] ғайри воҷиб; ва намози суннат ва ибодате, ки бар банда воҷиб набошад (аз «Бурҳон» [illegible]).

**НОБА** ناب шароби холис (аз фарҳанги [illegible]).

**НОМИЯ** نامیه қувватест дар ҷисми ҳайвонӣ ва наботот [illegible].

**НОСАРА** ناسره ғайри холис; ва [illegible] [illegible] бошад; ва гоҳе *масдар* ба маънии сухани бад [illegible] ва дар ин [illegible] калимаи **но** барои нафӣ аст.

**НОХИЯ** ناحیه кароне мулк ва тарафе аз вилоят (аз «Сурох» ва «Ғиёс»).

**НОБАҲРА** نابهره ба маънии бузург ва [illegible] ва ба маънии [illegible] (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**НОЧИЯ** ناجیه наҷотёбанда ва растгор аз уқубат.

**НОФИ ҲАФТА** ناف هفته рӯзи сешанбе.

**НОЗИЛМАНЗАЛА** نازل منزله ба маънии қоиммақом.

**НОБИҒА** نابغه номи шоири маддоҳ Нуъмон ибни Мунзир.

**НОИРА** نائره [illegible] шуълаи [illegible] ва [illegible] душманӣ ва гурезандӣ ва рамандагӣ [illegible] [illegible].

**НОШИ** ناشی пайдошаванда ва навчавон (аз «Латоиф»).

ҳи ва саллама, ки озод карда буданд ӯро (аз «Мунтахаб»); ва дар шарҳи «Нисоб» ба замми нун ва фатҳи бо (яъне **нубаҳ**)* номи ғуломи мазкур.

**НАБЕРА** نبيره бар вазни **сағира**; фарзандзода умуман форсист; ба маънии писарзода хусусан; гоҳе духтарзодаро низ гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**НУБЛА** نبله санг, ки бад-он истинҷо кунанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**НАБАРДА** نبرده диловар ва баҳодур (аз «Сурурӣ» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**НАБИҲ** نبيه бар вазни **фаъил**; огоҳ ва огоҳидиҳанда (аз «Латоиф»).

**НАБИСА** نبيسه ба форсӣ духтарзода; ва баъзе гӯянд, ки ба маънии писарзода низ омада (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**НАБӢ** نبی фаъил аст, ба маънии фоил, агар муштақ аз **набо**-ст, ки ба маънии хабар додан бошад; пас **набӣ** ба маънии хабардиҳанда бувад, ё муштақ аз **нубувв**, ки ба маънии улувв ва иртифоъ бошад; чун мартабаи **набӣ** аз дигар махлуқот аълост, **набӣ** гуфтанд; ва **набӣ** ом аст, хоҳ соҳиби китоб бошад ё набошад ва **расул** хос аст, он ки соҳиби китоб бошад (аз шарҳи «Нисоб»); ва **нубӣ** (ба замми аввал ва касри сонии муваҳҳада ва ёи маъруф) ба форсӣ Қуръон ва Мусҳаф ва Каломи илоҳӣ (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»); ва дар «Кашф» ба ин маънӣ ба касратайн (яъне **нибӣ**)* низ омада.

**НАБЗИ МУЛТАВӢ** نبض ملتوی қисме аз ҳаракати набз аст, ки монанди ресмон печида маҳсус мешавад; ва ин далолат бар суъи ҳоли мариз кунад.

### Фасли нун маъа тои фавқонӣ

**НАТОИҶ** نتائج зодагон; *ҷамъи* **натиҷа** (аз «Мунтахаб»).

**НАТОИҶ** ва **ОСОР** نتائج و آثار маволиди салоса ва ҳарорат ва бурудат ва рутубат ва юбусат.

**НАТН** نتن бӯи бад (аз «Кашф» ва «Канз»).

**НАТИН** نتين чизе ки дар он бӯи ба[д] ояд.

**НУТУЪ** نتوء иртифоъ ва баромадагии ҳар чиз.

**НАТИҶА** نتيجه берун овардашуда ва тарошидашуда; муштақ аз натҷ (билфатҳ), ки ба маънии тароши[ди]дан ва берун кардан аст; ва ба ис[ти]лоҳи мантиқ қавлест, ки ҳосил шавад аз имтизоҷи ҷузвҳои сугро ва кубро ба андохтани лафзи му[т]каррар, ки онро ҳадди авсат гӯянд, чунончи аз: *«алъоламу мутағай[]йирун ва куллу мутағаййирин ҳо[]дисун»—«алъоламу ҳодисун»* ҳосил мешавад.

### Фасли нун маъа сои мусалласа

**НАСО** نثا ба маънии хабар (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**НАС(С)** نث фош кардан (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**НУСОР** نثار он чи бирезанд аз ҳар чиз (аз «Мунтахаб»); ва дар «Кашф» ва «Суроҳ» навишта, ки **нисор** (билкаср) масдар аст, ба маънии афшондан ва пошидан аз қисми нақду ҷинс бар фарқи касе ба сабили тасаддуқ; ва биззам (яъне **нусор**)* он чи аз зару гавҳар, ки пошида шавад.

**НАСР** نثر пароганда кардан ва пароганда ва сухани пошида (аз «Мадор» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Суроҳ»).

**НАСРА** نثره манзили ҳаштум аз маонзили Қамар; ва он ду ситора аст аз қадри чаҳорум наздики якдигар дар бурҷи Асад (аз «Суроҳ» ва «Ойини Акбарӣ»); ва дар яке аз расоили муътабараи ҳайъат ва танҷим навишта, ки **насра** чун пораи абр аст бар синаи Саратон дар миёни чаҳор кавкаб бар шакли мураббаъи мунҳариф.

### Фасли нун маъа ҷим

**НУҶАБО** نجبا бузургворон ва баргузидагон; ва ин *ҷамъи* **наҷиб** аст (аз «Мунтахаб»).

**НАҶВО** نجوی ба маънии роз (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**НАЧИБ** نجيب марди асил ва шариф; ва ба маънии шутури гузида ва некрафтор (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НАЧОИБ** نجائب шутурон; ва ин *чамъи* **начиб** аст, ки ба маънии шутури гузида аст (аз «Мунтахаб» ва «Сурурӣ» ва «Сурох»).

**НАЧОБАТ** نجابت исолат ва бузургворӣ ва гиромӣ шудан (аз «Қашф» ва «Сурох»).

**НАЧОСАТ** نجاست палидӣ (аз «Қашф»).

**НАЧДАТ** نجدت шачоат ва далерӣ (аз «Сурох»).

**НАЧОТ** نجات растагорӣ (аз «Баҳори Ачам» ва «Қашф» ва «Қомус» ва «Сурох»).

**НАЧОҲ** نجاح растагорӣ ва фирузӣ ва равоии ҳочат (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НУЧҲ** نجح фирузӣ ва баромадани ҳочат (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НАЧД** نجد замини баланд, *хилофи* **ғавр**; ва номи мулке аз Араб миёни Ҳичоз ва Ирок ва миёни Басра ва Маккаи муаззама, ки замини он баланд аст ба нисбати Ямома ва Ҳичоз; ва ба маънии ороиши хона ва ғалаба кардан ба шачоат ва ранч дидан; ва ба маънии панох; ва ба маънии хушӣ ва хуррамӣ (аз «Мунтахаб» ва «Лубб-ул-албоб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Қомус» ва «Сурох»).

**НИЧОД** نجاد банди шамшер, ки бар душу сина ҳамоил андозанд (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НАЧЧОР** نجار дурудгар.

**НАЧАС** نجس ба маънии палид шудан ва палид ва нопок; ва ба маънии дуввум ба фатҳи нун ва касри чим (яъне **начис**)* низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муайид»).

**НАЧАФ** نجف номи шахрест, ки марқади ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу вачхаҳу дар он аст.

**НАЧОҚ** نجاق номи силоҳест (аз «Баҳори Ачам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**НАЧЛ** نجل насл ва авлод ва фарзанд; ва ба маънии андохтан чизеро (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НАЧМ** نجم ситора; ва ҳар гиёҳе бетана, ки онро ба ҳиндӣ бел гӯянд, мисли дарахти каду ва хиёр ва ишқпечон ва ғайра; ва номи Парвин, ки онро Сурайё низ гӯянд; ва бад-ин маънӣ алифу лом лозими оч бошад (аз «Мунтахаб»).

**НАЧДА** نجده шачоат ва далерӣ (аз «Сурох»); ва *мацозан* ба маънии шучоъ; ва ба маънии суруд низ навишта.

**НАЧЧОРИ ШЕРВОН** نجار شروان *киноя аз* имом Хоқонӣ, ки шоири маъруф аст, чаро ки падари эшон пешаи наччорӣ мекард.

**НАЧОШӢ** نجاشی номи подшоҳи Ҳабаша (аз «Сурох»).

**Фасли нун маъа ҳои муҳмала**

**НУҲУСАТ** نحوست аз «Мунтахаб» ва «Қашф» [229].

**НАҲОФАТ** نحافت лоғарӣ ва нотувонӣ (аз «Мунтахаб» ва «Бахр-ул-чавоҳир» ва «Сурох»).

**НАҲТ** نحت тарошидан (аз «Қашф»).

**НИҲЛАТ** نحلت кобинн зан додан беиваз ва беталабе ва пайдо кардан ва даъво кардан ва қарзи ҳасан ва бахшиши беиваз; ва мазҳаби ботил (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НАҲР** نحر шутур куштан ва бар сина захм задан (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Латоиф»).

**НИҲРИР** نحرير бар вазни **дилгир**; донишманд ва зирак (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**НАҲОРИР** نحارير донишмандон ва зиракон; ин *чамъи* **ниҳрир** аст, ки ба маънии донишманд бошад.

**НУҲОС** نحاس мис, ки ба ҳиндӣ танба гӯянд ва дуди бе шуълаи оташ; ва ба касри нун (яъне **ниҳос**)* сиришт ва асл ва табиат (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва шарҳи «Нисоб»).

**НАҲИФ** نحيف лоғар ва назор ва марди очиз (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**НАҲСАЙНИ ФАЛАК** نحسين فلك *мурод аз* Зуҳал ва Миррих.

**НУҲУЛ** نحول лоғарӣ ва гудохта шу-

«Чароғи ҳидоят» ва ғайра навишта, ки **наргиси шаҳло** наргисест сифеди моил ба сиёҳӣ.

**НАРД** نرد номи бозист дар муқобалаи шатранҷ; ва ба маънии тани дарахт низ омада (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»).

**НАРГИС** نرگس (аз «Мадор» ва «Бурҳон»).

**НАРҶИС** نرجس *муарраби* **нарғис** (аз «Сураҳ»).

**НАРГ** نرگ халқа задани лашкар барои шикор; ва ба маънии зурхонаи паҳлавонон (аз «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**НАРМ-НАРМ** نرم نرم оҳиста-оҳиста.

**НАРИМОН** نریمان номи ҷадди Рустам (аз «Бурҳон»).

**НАРДБОН** نردبان зина.

**НАРГИСӢ ЗАДАН** نرگسی زدن чашмак задан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**НАРРАДЕВ** نره‌دیو ба маънии деви нар (аз «Бурҳон»).

**НАР(Р)А** نره ба маънии олати руҷулийят, ки ба арабӣ закар гӯянд; ва ба маънии шохи дарахт; ва ба маънии зишт, чунонки наррадев (аз «Латоиф»).

**НАРГИСА** نرگسه қуббае ки аз санг ё чӯб ва ғайра, ки бар сақфи иморот ва дарвозаҳо месозанд ва бар гирди он гулҳо нишонанд (аз «Шарҳи Хоқонӣ»); ва дар баъзе аз кутуб навишта, ки он чи аз оҷ гулҳои наргис тарошида бар сақф ва ғайра хотамбандӣ кунанд.

**НАРМОҲАНӢ** نرم‌آهنی оҷизӣ ва забунӣ.

**НАРГИСӢ** نرگسی яъне қаляи наргисӣ; ва он чунон бошад, ки байзаҳои мурғро ҷӯш дода, пуст дур карда дар қима печида мепазанд ва ба вақти хӯрдан ҳар байзаро аз корд дуним карда мениҳанд. Зардӣ ва сифедии он мушобеҳ ба гули наргисӣ менумояд. Ва қисме аз палов; ва ба маънии ишора кардан ба чашм, аз олами чашмак задан; ва ба маънии танз кардан; ва номи шоире маъруф (аз «Мусталаҳот»).

**НУРСӢ** نرسی номи шоҳзода; ва билфатҳ (яъне **Нарсӣ**)* низ навишта, чунонки дар «Ҷаҳонгирӣ».

**Фасли нун маъа зои муъҷама**

**НАЗОКАТ** نزاکت форсиён иштиқоқи ин лафз аз лафзи **нозук** ба таври алфози арабӣ кардаанд ва ҳол он ки форсист ва дар арабӣ ҳеч асл надорад (аз «Музил»).

**НАЗОҲАТ** نزاهت дур шудан аз бадӣ ва покӣ аз айб (аз «Қашф» ва «Сураҳ» ва «Мунтахаб»).

**НУЗҲАТ** نزهت дури аз айб ва зиштӣ ва беайбӣ ва покизагӣ ва нақуӣ (аз «Қашф» ва «Сураҳ» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб»); ва дар «Хиёбон» ба маънии хушҳолӣ.

**НАЗД** نزد *мухаффафи* **наздик** (аз «Бурҳон» ва «Музил»); ва соҳиби «Муайид» аз «Қашф» навишта, ки билкаср аст ва қила билфатҳ (яъне **низд ва назд**)*.

**НАЖОД** نژاد аслу насаб (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Қашф»); ва дар «Бурҳон» ба каср (яъне **нижод**)*.

**НАЖАНД//НИЖАНД** نژند сарнигун ва паст ва хор (аз «Латоиф» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Зуфонгуё»); ва дар «Бурҳон» ба фатҳ ва касри аввал ва фатҳи сонӣ, андухгин; ва ба маънии саргашта ва паст ва хашмгин.

**НАЗР** نزر андак ва қалил (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сураҳ»).

**НАЗОР** نزار лоғар (аз «Рашидӣ»).

**НАЗЪ** نزع кашидан чизеро аз ҷои худаш ва ҷон кандан (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Сураҳ»).

**НИЗОЪ** نزاع орзуманд шудан ва орзумандӣ ва бо ҳам кашокаш кардан ба хусумат (аз «Мунтахаб» ва «Сураҳ»).

**НАЗФ** نزف ҳама об аз чоҳ кашидан ва суст гардонидан ва рафтани хун; ва ба маънии ҷараёни хун (аз «Ҳудуд-ул-амроз» ва «Сураҳ» ва «Мунтахаб»).

**НУЗЛ** نزل зиёфат ва меҳмонӣ, ки пеши меҳмон гузоранд (аз «Қашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Сураҳ»).

**НИЖАМ** نژم бухоре, ки дар ҳавои зимистон ба субҳ падид ояд; ба ҳиндӣ кухл (аз «Рашидӣ»); ва дар

«Ҷаҳонгирӣ» ба фатҳ ва дар «Бурҳон» ба каср ва фатҳ (яъне **нижам** ва **нажам**)*.

**НАЗОКАТ КАРДАН** نزاکت کردن изҳори нозукмизоҷии худ кардан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**НАЖОДА** نژاده асил ва наҷиб (аз «Бурҳон» ва «Сурурӣ» ва «Кашф»).

**НАЗЕҲ** نزه пок аз айб; ва *маҷозан* ба маънии тоза ва хуб (аз «Латоиф»).

**НУЗУЛӢ** نزولی маҳалли фуруд омадани сипоҳ ва мардум ва подшоҳу амир.

**Фасли нун маъа сини муҳмала**

**НИСО** نسا занон; ва ин *ҷамъи* **имраатун** аст, хилофи қиёс, ки аз моддаи муфради худ нест (аз «Сурох»).

**НАСЯН МАНСИЙЯН** نسیا منسیا ба маънии фаромуши азёдрафта, яъне камоли фаромуш.

**НАСИБ** نسیب бар вазни **нақиб**; шахси олинасаб ва ҳамроз (аз «Латоиф»).

**НАСАБ** نسب насл ва нажод (аз «Сурох»); ва ба касри аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **нисаб**)* *ҷамъи* **насаб** аст.

**НИСБАТ** نسبت *киноя аз* муносибати суруд бо вақт; чи сурудy нағмаро бо вақте муайян нисбатест; ё он ки **нисбат** ба маънии пардаи суруд бошад, чаро ки ҳар парда сурат мегирад аз нисбат ва таркиби овозхои пасту баланд (аз шарҳи Сайфуллоҳи Аҳмадободӣ ва Хони Орзу).

**НАСАМОТ** نسمات дамҳо ва буҳои хуш.

**НИСВАТ** نسوة занон; ин *ҷамъи* **имраатун** аст; хилофулқиёс (аз «Сурох»).

**НАСИҶ** نسیج бофта ва ҷома ва навъе аз ҳарири зарбофта (аз «Кашф»).

**НАСОИҶ** نسائج *ҷамъи* **насиҷа**, ки ба маънии ҷома бошад ва навъе аз ҳарири зарбофта.

**НАССОҶ** نساج бофандаи ҷома.

**НАСҶ** نسج бофтани ҷома ва бофта.

**НАСХ** نسخ дур кардан ва зоил кардан [232] чизеро ба чизе ки беҳтар аз он бошад; ва ба маънии китоб навиштан; ва низ номи хаттест аз шаш хат, ки ихтироъкардаи Хоҷа Имодуддини Ёқути Мустаъсимист. Чун Хоҷаи мазкур хатти насхро ихтироъ карда, хутути дигар пеши он мансух шуданд. Ба ҳамин сабаб хатти **насх** гуянд (аз «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»); ва ба замми аввал ва фатҳи сонӣ (яъне **нусах**)* *ҷамъи* **нусха**, ки китоб бошад.

**НАСАҚБАНД** نسق بند омили мулк.

**НАСР** نسر каргас ва номи бутест.

**НАСТАР** نستر *мухаффафи* **настаран**.

**НАСТУР** نسطور номи марде соҳибмазҳаб ва муҷтаҳиди тарсоён (аз «Муайид» ва «Кашф»).

**НАСРИ ТОИР** نسر طائر шаклест бар фалак ба сурати каргасе, ки паррон бошад ба ҷониби шимол аз минтақатулбуруҷ; ва онро **уқоб** низ гуянд.

**НАСНОС** نسناس навъе аз ҳайвон, ки бар як пой ҷаҳад (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»); ва соҳиби «Ҳаёт-ул-ҳайвон» навишта, ки **нисноc** (билкаср) навъе аз ҳайвон аст, ки ба сурати нисфи одами бошад, чунонки як гуш ва як даст ва як пой дорад ва ба таври мардум дар арабӣ калом кунад; ва соҳиби «Бурҳон» низ билкаср (яъне **нисноc**)* навиштааст; ва дар «Таворихи Беҳҷат-ул-олам» навишта, ки **насноc** дар навоҳии Адан ва Уммон бисьёр аст; ва он ҷонварест монанди нисфи инсон, ки як дасту як по ва як чашм дорад ва дасти у бар синаи у бошад ва ба забони арабӣ такаллум кунад. Ва мардуми он ҷо уро сайд карда мехуранд.

**НАСРИ ВОҚЕЪ** نسر واقع ситораест рушан ба сурати каргасе, ки аз боло ба фурудоянда бошад; ва он ба ҷониби қутби ҷануб аст (аз «Мунтахаб»); ва дар Бирҷандӣ «Шарҳи бист бобе» навишта, ки ситораест рушан бо ду ситораи дигар ва ин ҳар се ситора бар мисоли мусалласи кучак воқеъ шудаанд ба ҷиҳати мушобаҳати у ба каргасе, ки боло ба ҳам оварда бошад ва он ду ситора ба манзалаи ду боли уст.

**НАСФ** نسف баркандани бино; ва ба фатҳатайн (яъне **Насаф**)* номи шаҳр (аз «Латоиф»).

**НАСАҚ** نسق рушан ва дастур ва тартиб додан (аз «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**НАСТАЪЛИҚ** نستعلیق номи хатти маъруф; дар асл насхтаълиқ буд, чаро ки ин хатро аз хатти насх ва хатти таълиқ истихроҷ кардаанд. Ва ин исми хатте муқаррар гашт ва дар исм тахфиф зарур аст, ба ин ҷиҳат тахфиф хон муъҷамаро хазф нумудаанд.

**НАСК** نسک номи ҳафтотии адас, ки хиндӣ онро масур гӯянд ва бизам (яъне **нуск**)* ҳар дафтаро ном бошад аз дафотини Пожанд, ба ин ҳар ду маънӣ форсист; ва бизам ба арабӣ ба маънии ибодат ва қурбонӣ, ва ба замматайн (яъне **нусук**) қурбониҳо, дар ин сурат ҷамъ аст (аз «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Сурох»).

**НАСИМ** نسیم боди нарм (аз «Мадор» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва он ки бӯи хуш дорад (аз «Хиёбон»).

**НИСЕН** نیسن фаромӯши ва фаромӯш кардан; ва бифатҳ (яъне **насён**)* ба фаромӯшӣ бар ӯ ғолиб бошад (аз «Сурох»).

**НИСРИН** نسرین номи гули сафеди хушбӯдор, ки ба форсӣ онро насгаран гӯянд ва ба ҳиндӣ севатӣ номанд; ва бифатҳ (яъне **насрин**)* чунонки машҳур аст, дида нашуда; ва ба фатҳи аввал ва солис (яъне **насрайн**)* таснияи **наср**, ва он ду ситора аст ҳар як ба сурати каргас, якеро Насри Тоир гӯянд ва дигареро Насри Воқеъ (аз «Кашф» ва «Бақр-ул-ҷавоҳир» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**НАСТАРАН** نسترن лафзи форсист; ва он гулест хушбӯдор, ки ба арабӣ онро **нисрин** гӯянд ва ба ҳиндӣ севатӣ номанд (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Рашидӣ»).

**НИСВОН** نسوان занон; ин *ҷамъи* имраатун аст, аз лафзи муфрад нест (аз «Сурох»).

**НАСТАЪЛИҚ ХАРФ ЗАДАН** نستعلیق حرف زدن алфози фасеҳу балеғи ба-тақаллуф гуфтан ва алфозро ба махраҷ адо кардан.

**НАСУ** نسو нарм ва ҳамвор (аз «Бурҳон»).

**НАСТАЪЛИҚГУ** نستعلیق گو касе ки алфози сахеҳу балеғи батакаллуф ва бо махраҷ адо кунад.

**НИСБАТИ ҲУКМИЯ** نسبت حکمیه далолат кардан аз мавзӯъ ва маҳмул ба тарики исбот ё нафӣ воқеъ бошад, чунончи *далоламу ҳодисин* ва «*Задун қоимун*» ва «*Задун лайса биқоимин*» ва «*алъолами лайса биқадимин*»; чунончи овардани калимаи «аст» ё «нест» дар авохири ҷумлаҳои форсӣ.

**НИСЯ** نسیه он чи ки нақд набошад ва он вомест, ки баъди мӯҳлат адо кардан бошад (аз «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**НУСХА** نسخه навиштаи шуда (аз «Кашф»).

**НАСАҚЧӢ** نسقچی ҷӯбдор ва интизом кунандаи шаҳриён ва лашкариён.

**НАСТУРО** نسترو номи донае, ки тарсоён; ва дар «Бурҳон» ба маънии тарсой.

**НАСАБ** نسب нажод ва нажод (аз «Сурох»)...

**НАШЪ** نشأ ва ин ки баъди хатти мустақим хатти каҷи мунҳанӣ нависанд, бечост; ва агар билфарз нависанд, болои хатти мустақим нависанд, то ишорат шавад, ки хатти мустақим дар ин ҷо алиф нест, балки ҳамза аст; ва ин лафзро бар вазни сарой гуфтан ғалат аст на ба сурати нашша (نشه) навиштан ҳам хатост; ба маънии офаридан ва нав пайдо шудан; ва *ҷавонон* ба маънии ҷавон ва олам муштамал мешавад.

**НИШЕБ** نشیب пасти ва замини паст (аз «Кашф» ва «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Муайид»).

**НИШДАТ** نشدت ҷустуҷӯ кардани гумшударо (аз «Мунтахаб»).

**НИШКУНҶ** نشکنج нирифтани гӯшти касе ба ду сари ангушт ё ба ду сари нохун, чунонки ба дард ояд (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Кашф» ба фатҳи аввал ва севвум (яъне **нашканҷ**)*.

**НАШИД** نشید шеър хондан ва овоз баланд кардан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»), ва дар муҳоварат форсиён ба касратайн ва ёи маҷҳул (яъне нишел)* ба маънии суруд ва овозхонӣ (аз «Латоиф»); ва дар «Бурҳон» ва «Мадор» ба касратайн [illegible] суруд ва овозхонда[illegible].

**НИШТАР** نشتر *мухаффафи* ништар [illegible] фасд кардан (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»).

**НАШР** نشر [illegible] ва дигар [illegible] кушодани [illegible] ва фош кардани хабар; [illegible] *[illegible]* ба маънии [illegible]; ва ба фатҳатайн (яъне нашар)* пароганда шудан; ва пароганда ва парокандагон [illegible] омада (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НУШХОР** نشخوار бар вазни душвор; он чи ҳайвони шутуру гӯсфанд хӯрдани худро боз аз меъда ба даҳан оваранд ва бихоянд ва фурӯ баранд; ба хиндӣ ҷугал гӯянд (аз «Бурҳон»); зоҳиран ин лафзи туркӣ бошад, чаро ки дар луғоти туркӣ ҳам ба назар омада.

**НИШВОР** نشوار нушхор.

**НУШУР** نشور зинда шудан; ва субҳи нушур *мурод аз* субҳи рӯзи қиёмат (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НИШОПУР** نشاپور номи шаҳр дар Хуросон, дар асл ин **Нехшопур** аст, чи лафзи нех ба маънии шаҳр аст ва Шопур номи подшоҳ; ва **Нишопур** номи шуъба аз мақоми «Наво» (аз «Бурҳон»).

**НАШЗ** نشز баланд нишастан ва баландии ҷустан ва ҷои баланд; ва ба фатҳатайн (яъне **нашаз**)* низ омада.

**НУШУЗ** نشوز носозгорӣ кардани зан бо шавҳар (аз «Мунтахаб»).

**НАШОТ** نشاط хушӣ ва шодмонӣ ва ба касри аввал (яъне **нишот**)* ба [illegible] магар [illegible] касри [illegible] нашит аст, ки ба маънии шодмон бошад, ҳамчун кирам *ҷамъи* карим (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Музил» ва «Сихох»).

**НАШШОФ** نشاف чозиб ва дар худ кашанда; ва ба фатҳ ва таъхифи (яъне **нашоф**)* ҷунун ва девонагӣ ва хабт (аз «Латоиф»).

**НАШФ** نشف ҷазб кардан ва дар худ кашидани ҷома аракро; ва ба фатҳатайн (яъне **нашаф**)* [illegible] санги сиёҳ, ки бо хушунат бошад, ва ба касра (яъне **нишф**)* косаи сар ва кадаҳи чӯбин (аз «Латоиф»).

**НАШУК** نشوک он чи адвияи рақиқ дар бинӣ андозанд.

**НИШЕМ/НИШИМ** نشیم *мухаффафи* **нишеман**, ба маънии ошёна ва оромгоҳ (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**НИШЕМАН** نشیمن халватхона ва оромгоҳ ва ошёнаи мурғон (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Баҳори Аҷам»).

**НАШОНДАН** نشاندن мутааддии **нишастан**.

**НАШЪАТАЙН** نشأتین он чи болои хатти мустақим хатте каҷ ва мунҳанӣ навишта мешавад, ишорат аст бар ин ки алиф нест, балки ҳамза аст; ғараз ки лафзи **нашъатайн** бар вазни **каъбатайн** ва **фарқадайн** аст; ва он ки баъзе мардум бар вазни **имомайн** гӯянд, маҳзи ғалат аст; ва маънии **нашъатайн** дунё ва охират аст.

**НИШОН/НАШОН** نشان аломи фавҷ ва фармони шоҳзода.

**НАШВ** نشو пайдо шудан (аз «Латоиф»); ва [illegible] ба маънии рӯйидан ва болидан аст; ва **нашву намо** (ба ҳар ду лафз ба фатҳа чун аст) ва [illegible], ки лафзи **намо**-ро ба замми нун (яъне **нумо**)* хонанд, ғалат хонанд.

**НУШОРА** نشاره буродаи чӯб ва он [illegible] (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**НАШОСТА** نشاسته маъруф аст, чун дар сохтани он дурдии мағзи гандум дар об менишонанд, ба ҳамин сабаб (**нашоста**) гӯянд.

**НУШРА** نشره ҳадия[233], ки барои тифлон нависанд; ва ба маънии таъвиз ва афсун низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва дар «Ма-

дор» билфатҳ (яъне **нашра**)* ба маънии шодии хатми Қуръон; ва дар «Бурҳон» билфатҳ, он чи бо заъфарон ва шангарф ба рӯзи мактабнишинӣ ба руи тахтаи атфол нависанд.

**НАШША** نشه бар вазни **пашша**; бехушӣ ва кундии ҳавос, ки аз хурдани шароб ва банг ва ғайра пайдо шавад; касоне ки барои ин маънӣ **нашъ** (نشا) ба алиф ва ҳамза нависанд, ғалат аст.

**НИШГИРДА** نشگرده олатест оҳанӣ, ки бад-он кафшдузон чармро қатъ кунанд; ва ба ҳиндӣ рапӣ гӯянд (аз «Бурҳон»).

**Фасли нун маъа соди муҳмала**

**НИСОБ** نصاب он микдори мол, ки закот бар он воҷиб шавад; ақалли дараҷаи он аз нуқра дусад дирам бувад ва аз тилло бист мисқол; ва аксари дараҷаи онро ҳадди муайян нест. Вазни дирам шаш доник аст ва доник чаҳор тассуҷ ва тассуҷ ду ҳабба ва ҳабба ду ҷав ва ҷав шаш хардал ва вазни мисқол бист қирот ва қирот панҷ биринҷ; закоти мол чиҳилум ҳиссаи он мол бошад баъди ҳар сол (аз шарҳи «Нисоб»); ва лафзи **нисоб** дар кутуби форсӣ аксар ба маънии молу зар ва сармоя мустаъмал мешавад.

**НАСБ** نصب барпо кардан; ва душман доштан; ва ҳаракати зер дар калимаи муарраб, чунонки фатҳ дар калимаи мабийӣ; ва ба фатҳатайн (яъне **насаб**)* бут ва он чи барпо кунанд баҳри парастиш; ва бад-ин маънӣ ба замматайн ва фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **нусуб** ва **насб**)* низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НАСАФАТ** نصفت дод ва инсоф (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва ба касри аввал ва сукуни сонӣ (яъне **нисфат**)* ғалат, чунонки машҳур аст.

**НУСРАТ** نصرت ёрӣ кардан ва ёрӣ додан; ва билфатҳ (яъне **насрат**)* хатост (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»).

**НАСУҲ** نصوح соф ва холис ва тавбаи устувор, ки боз гуноҳ ҳаргиз накунад; ва низ номи марде, ки дар ҳаммомҳо даллокӣ мекард ва қиссаи тавба кардани ӯ дар «Маснавии маънавӣ» машруҳ аст (аз «Латоиф»).

**НАСР** نصر ёрӣ додан; ва ба замми нун ва фатҳи соди мушаддад (яъне **нуссар**)* ёридиҳандагон; *ҷамъи* **носир**; ва падари қабилае аз Бани Асад (аз «Мунтахаб»).

**НАСИР** نصیر мададгор; ва низ қабилаест аз яҳуд (аз «Латоиф»).

**НАС(С)** نص нек борикӣ кардан дар пурсидан, то ғояти онро бидонанд; ва баланд кардани чизе (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва ба маънии ошкоро кардан (аз «Кашф» ва «Латоиф»); ва ба истилоҳи илми усул навъе аз оёти қуръонӣ, ки зоҳир ва мумтоз гардонад ду кори муташобеҳро, ки ин некӯст ва он бад, чунончи, қавлуҳу таоло *«аҳаллаллоҳулбайъа ва ҳаррамаррибо»*, чаро ки куффор мегуфтанд, ки **байъ** ва **рибо** ҳар ду баробар аст; ва гоҳе итлоки **насс** бар ояти зоҳир кунанд, ки ба вазоҳат бар маънии мақсуд далолат дошта бошад; балки форсиён ҳар каломи сареҳ ва пурзоҳирро **насс** гӯянд.

**НУСУС** نصوص оёти Қуръон, ки маънии онҳо сареҳ ва ошкор бошад.

**НАСИФ** نصیف чодари нодӯхта, яъне якарз бошад; ва нимаи ҳар чиз; ва ходим (аз шарҳи «Нисоб»).

**НАСЛ** نصل пайкони тиру найза; ва **нусул** (ба замматайн) ва **нисол** (ба касри аввал) *ҷамъи* он (аз шарҳи «Нисоб»).

**НИСОЛ** نصال пайконҳо.

**НАСБУЛЪАЙН** نصب‌العین мадди назар ва манзури хотир ва муқобили чашм.

**НАСРОНӢ** نصرانی исавимазҳаб, чаро ки яке аз асмои Исо алайҳиссалом Носирист аз он ки мавлиди он ҷаноб қарияи Носира будааст, аз музофоти Байтулмуқаддас, дар вилояти Шом; ва ин нисбат ба ҳазфи алиф аст ва зиёдати алифу нун, чунонки дар **ҳаққонӣ**.

**НУСАЙРӢ** نصیری номи тоифаест мансуб ба **Нусайр**, ки яке аз фидоиёни ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу буд, ки он ҳазратро худо ме-

гуфт ва он ҳазрат ӯро ба қатл мерасониданд, боз ӯ зинда мешуд ва қиссаи ҳаёту мамоти ӯ машҳур аст (аз «Мусталаҳот»); пас **Нусайрӣ** ба маънии фадавии ҷоннисор ва росихулэътиқод мустаъмал аст.

**НИСФӢ** نصفی навъе аз пиёлаи шароб (аз «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Сурурӣ»); ва забти ҳаракат касе накарда. Ба хотири муаллиф мегузарад, ки **нисфӣ** (билкаср ва ёи маъруф) ба маънии он пиёлаи шаробхӯрӣ, ки кадуи хушкро дуним сохта, нисфи асфалро соф карда пиёла созанд; ва *маҷозан* ҳар пиёларо мегуфта бошанд.

**Фасли нун маъа зоди муъҷама**

**НАЗОРАТ** نضارت тозагӣ ва обдорӣ (аз «Мунтахаб»).

**НАЗРАТ** نضرت тозагӣ (аз «Мунтахаб»).

**НУЗҶ** نضج расидани мева ва пухтани ҳар чиз ва пухтани реш ва пухтани модда ва хилт (аз «Сурох»); ва ба истилоҳи атиббо лоиқи хуруҷ шудани хилт ба ғализ шудани рақиқ ё ба рақиқ шудани ғализ.

**НАЗИҶ** نضیج меваи пухта ва думмали пухта ва моддаи пухтаи ҳар чиз, ки пухтагии он аз оташ набошад.

**НАЗҲ** نضح об кашидан (аз «Сурох»).

**НУЗОР** نضار зар; ва ба маънии тило ва холиси ҳар чиз (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**НАЗИР** نضیر тоза ва обдор; ва ба маънии зар; ва низ қабилае аз яхуд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**НАЗР** نضر зар; ва ба маънии тозарӯӣ (аз «Сурох»); ва ба фатҳатайн (яъне **назар**)* чизи холис (аз «Латоиф»).

**Фасли нун маъа тои муҳмала**

**НАТОТ** نطاة номи қалъаи Хайбар (аз шарҳи «Нисоб»).

**НАТЪ** نطع бисот ва фарши чармин; ва пӯсте, ки дарвешон бар миён банданд (аз «Латоиф» ва ғайра); ва дар «Мунтахаб» билфатҳ ва ба фатҳатайн (яъне **натъ** ва **натаъ**)* бисот.

**НИТОҚ** نطاق камарбанд, ки ба ҳиндӣ патка гӯянд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб»).

**НУТҚ** نطق сухан гуфтан; ва баamматайн (яъне **нутуқ**)* *ҷамъи* **нитоқ**, ки ба маънии миёнбанд аст; ва ба маънии қавсе аз фалак (аз «Мунтахаб»).

**НУТУЛ** نطول бар узв рехтани обе, ки ба давоҳо ҷӯшонида бошанд; ва ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **натул**)* ба маънии он оби ба доруҳо ҷӯшонида, ки бар узв резанд (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НАТЪПӮШОН** نطع پوشان *киноя аз* паҳлавонон, ҷаро ки вақти куштӣ тунбон аз чарм мепӯшанд (аз «Мусталаҳот»).

**НАТЪӢ** نطعی тунбони чармӣ, ки устоди куштигирон пӯшанд (аз «Мусталаҳот»).

**НАТӢ** نطی ин лафз ба нун ва тои муҳмала ва таҳтонӣ, ки ба номи дӯзах шуҳрат дорад, ғалат аст; ва ба лом ва зои муъҷамаи мафтӯҳ ва алифи мақсура (яъне **лазо**)* саҳеҳ аст.

**Фасли нун маъа зои муъҷама**

**НИЗОМУДДИНИ АВЛИЁ** نظام الدین اولیا Хони Орзу алайҳираҳмат дар ҷое навиштааст, ки ғолибан лақаби эшон **Низоми авлиё**-ст; мардуми Ҳинд **Низомуддини авлиё** гӯянд; итлоқи **авлиё**, ки *ҷамъи* **валӣ**-ст бар як фард кунанд.

**НАЗОФАТ** نظافت покизагӣ (аз «Кашф» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**НАЗОРАТ** نظارت назар кардан ва нигаристан ба чизе (аз «Мунтахаб»).

**НАЗАРИ ТАСЛИС** نظر تثلیث баёнаш дар **таслис** гузашт.

**НАЗАР** نظر нигоҳ; ва ба маънии фикр низ омада.

**НАЗАРИ ҒАЛАТАНДОЗ** نظر غلطانداز иборат аст аз онҷунон нигоҳи маъшуқ, ки ошиқонро ба ғалатӣ андозад, ай ҳар яке чунон пиндорад, ки хос нигоҳ ба сӯи ман кардааст.

**НАЪЛ ДАР ОТАШ** نعل در آتش бекарор; ва ҳар гоҳ касеро ба маҳаббати мул бекарор хоҳанд, номи ӯ бар наъли асп навишта дар оташ ниҳанд ва афсуне хонанд, матлуб ба маҳаббати толиби худ бекарор мегардад ва ҳозир шудан мутеъ мешавад (аз «Рашиди» ва «Латоиф»); ва дар «Бурҳон» ба маънии изтироб ва бекарори навишта ва ҳамин вачҳи мазкур баён хоҳад.

**НУЪУЗ** نعوظ истодагии закар (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»).

**НАЪНОЪ** ва **НАЪНАЪ** نعناع و نعنع пудина (аз шарҳи «Нисоб»).

**НАЪИК** نعيق бар вазни рафик; бонги зоғ (аз «Мунтахаб»).

**НИЪОЛ** نعال *ҷамъи* наъл, ки ба маънии кафш аст ва наъли асп.

**НАЪЛ** نعل кафш; ва ба маънии оҳане, ки зери кошина кафш таъбия кунанд; ва чизест аз чӯби сандал тиронсанг, ки куштигирон даркашида бар сару дӯш гардонанд; ва ҳам чизест аз олоти ресмон, ки ба кори тупкаши ояд (аз «Мусталаҳот»).

**НЕЪМАЛБАДАЛ** نعم البدل ба маънии беҳтарбадала ва некӯиваз, неъма феъли мадҳи мабнию алалфатҳ ва лафзи бадал фоили ӯ ва махсуси билмадҳи ҳамон чизест, ки онро неъмалбадал гӯянд.

**НИАМ** نعم *ҷамъи* неъмат; ва ба фатҳатайн (яъне наам)* калимаи эҷоб ва тасдиқ, ба маънии оре ва бале; ва ниҷа ба фатҳатайн, ба маънии чаҳорпоя, мисли шутур ва гов ва гӯспанд; ва биззам (яъне нуъм)* тозаги ва нарми ва ба ... ба касри нун ва сукуни айни муҳмала ва фатҳи мим (яъне ниъма)* феъли мадҳ мабни бар фатҳ, ба маънии нек (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сироҷ» ва «Муайид»).

**НАЪОИМ** نعائم номи манзили бистум аз манозили Қамар, ва он ҳаштор ситора аст ба шакли мураббаъ дар бурҷи Қавс, ки ба Зуҳал нисбате доранд (аз «Суроҳ» ва ғайра); ва ҷамъи наъома, ки шутурмурғ бошад ва он порахои оҳанин гарми оташинро мехурад.

**НАЪИМ** نعيم биҳишт; ва ба маънии неъмат ва неки ва дастрас ва мол ва ноз (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Муайид»).

**НУЪМОН** نعمان номи яке аз мулуки араб, ки онро Нуъмон ибни Мунзир гӯянд; ва ӯ бародари Баҳроми Гӯр кӯшке Ҳаварнақ ном аз Симнори меъмор таъмир карондаи буд; ва низ номи Имоми Аъзам Абуҳанифа раҳматуллоҳи алайҳи; ва номи марде, ки Нуширвон ӯро зери пои пил андохта буд; ва бифатҳ (яъне Наъмон)* номи рудхона аст (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Суроҳ»); ва лолаи Нуъмон ва шақоики Нуъмон навъест аз лола ки ба ғоят сурх бошад. Гӯянд, ки онро Нуъмон подшоҳ аз кӯҳистон ба шаҳр оварда буд. Ва баъзе гӯянд, ки Нуъмон уро бисьёр дуст медошт.

**НАЪЛ АФГАНДАН** ва **НАЪЛ РЕХТАН** نعل افگندن و نعل ريختن давидан ва мондани асп аз рафтор (аз «Латоиф»).

**НАЪЛ ДАР ОТАШ НИҲОДАН** نعل در آتش نهادن касеро бекарор кардан (аз «Латоиф»).

**НАЪЛ БАР БАДАН** نعل بر بدن ... ба сурати наъл бар бадан сӯхтан (аз «Мусталаҳот»)[235].

**НАЪЛИ ВОЖГУН БАСТАН** نعل واژگون بستن мардумро дар чустучуи худ дар шак андохта ба тарафи хилофи максад саргардон кардан.

**НАЪЛАЙНИ ЧУБИН** نعلين چوبين он чи миёли кафш аз чӯб сохта ба вақти истинҷо ва вузӯ дар по кунанд.

**НАЪОМА** نعامه шутурмурғ (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**НАЪҶА** نعجه меш (аз «Латоиф»).

Фасли нун маъа ғайни муъҷама

**НАҒАМОТ** نغمات овозҳои хуш (аз «Кашф»).

**НАҒМАҲОИ НИМРАНГ** نغمهاى نيمرنگ нағмаҳои нотамом ... (аз ...).

**НАҒЗАК** نغزک ҳар шайи хуб ва латиф; ва ҳар кори андак, ки ба хуби бошад; ва номи меваи ҳинди, ки онро анбаҳ гӯянд (аз «Бурҳон» ва ғайри он); зоҳиран нағзак номи

**НАЗИФ** نظيف бар вазни шариф; халол ва пок ва тохир (аз «Кашф»).

**НАЗАРТАНГ** نظرتنگ муродифи танг-чашм.

**НАЗМ** نظم ба ҳам пайвастани силки марворид ва ҳаркашидани ҷавоҳир дар ришта (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва *ҳаҷозан* каломи мавзун, ки дар муқобалаи наср бошад.

**НАЗЗОМ** نظام номи ҳакиме, ки аз муътазила буд, ба охир қоили ачзои ғайри мутаноҳия билфеъл дар ҷисм гардид ва эътиқодаш бар ин аст, ки қатъи масофати номаҳдуд дар замони маҳдуд мутааззир аст, магар ба тафра, ва ба касри нун ва тахфифи зои муъчама (яъне низом) риштаи ҷавоҳир ва оростагии ҳар чиз; ва номи вазири Малик-шоҳ Салчуқӣ, ки исми ӯ Ҳасан буд ва Низомулмулк лақаби ӯ аст; ва ба замми нун ва ташдиди сонӣ (яъне нуззом)* *ҷамъи* нозим[234].

**НАЗМОРОИ ШЕРВОН** نظم آرای شروان лақаби Хоқонӣ.

**НАЗАР ЕФТАН** نظر یافتن тарбия ёфтан ва файзпазир шудан (аз «Мусталаҳот»).

**НАЗОРА** نظاره нигаристан бар чизе; ва форсиён ба ин маънӣ ба ташдид (яъне наззора)* ҳам истеъмол кунанд (аз «Баҳори Аҷам»); ва бифатҳ ва ташдид (яъне наззора)* ба маънии назаркунандагон (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Комус»).

**НАЗОРАТПЕША** نظارت پیشه ... ва ...

**НАЗОРАГИ** نظارگی ба маънии назаркунанда, ки ба маънии масдар бошад (аз «Баҳори Аҷам»).

**НАЗАРӢ** نظری вашни қисми аввал аст аз ҳар ду қисми ҳикмат; ва ҳикмати назари-ро ҳикмати илмӣ низ гӯянд; ва он тасаввури ҳақоиқи мавҷудот бошад. Ва қисми дуввум ҳикмати амалӣ-ст. Ва тақсими назарӣ бисёр аст, чунончи: илми маъ... ва илми ... ва ... ва ... ва ... ботот ва ғайра.

**Фасли нун маъа айни муҳмала**

**НАЪМ** نعم ба маънии неъмат; ин исми ҷинс аст, на сиғаи ҷамъ, чунонки баъзе гумон бурданд, чаро ки фаъла (ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ) аз авзони ҷамъ нест (аз «Сурох» ва «Комус»); ва баъзе шуррох ва муҳаққиқон навиштаанд, ки ин исми *ҷамъи* неъмат аст; ва исми ҷамъ онро гӯянд, ки маънии ҷамъ дорад ва аз авзони ҷамъ набошад.

**НАЪЛБАҲО** نعل بها моле, ки фидии вилояти худ ба лашкари душман кави диҳанд, то горат накунад.

**НАЪОБ** نعاب бачаи зоғ, чунонки дар дуъои Довуд алайҳиссалом «*ё раззоқинназъоб фи ушшиҳи*» (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир»); ва ба замми айн ва ташдиди ... (яъне нуъ...) сиёҳ; ва гӯянд, ки бачаи зоғро даҳан сурх мебошад. Модару падараш онро оташ пиндошта мегурезанд. Ба ҳукми илоҳӣ пашшаҳо онро оташ пиндошта парвона-вор дар даҳони бача меуфтанд ва кӯти он ҳамон мешавад.

**НАЪИБ** ... овози зоғ (аз шарҳи «Нисоб»).

**НЕЪМАТ** نعمت дастрас ва мол ва рӯзӣ ва ноз ва осонӣ ва накуӣ ва ато (аз «Мунтахаб» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф»).

**НАЪТ** نعت таъриф ва васф кардан (аз «Мунтахаб»); агарчи лафзи наът ба маънии мутлақ васф аст, лекин аксар истеъмоли ин лафз ба маънии ... ситоиши ... расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам омадааст; ва ба маънии сиғаи исми фоил ва исми мафъул ва сиғаи сифати мушаббаҳ низ меояд.

**НУЪУТ** نعوت *ҷамъи* наът.

**НИЪОҶ** نعاج *ҷамъи* наъҷа, ки ба маънии меш аст.

**НУЪОС** نعاس ғунудагӣ ва оа хоб шудан (аз «Латоиф» ва «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**НАЪШ** نعش ҷаноза, хоҳ маййити мусалмон бошад, хоҳ номусалмон бошад; ва Банотуннаъш-ро низ гӯянд, ки он чанд ситораанд машҳур.

анбаҳ эҷоди ҳиндиёни форсидон аст.

**НАҒИЛ** نغل ҷои шаббошии чаҳорпоён дар саҳро; ва ба маънии сероб шудан; ва дар арабӣ ба маънии бадан аст; ва кинаварӣ; ва ба фатҳатайн (яъне **нағал**)* табоҳ шудан (аз «Латоиф»).

**НАҒУЛ//НАҒУЛ** نغول ҷое ки дар саҳро барои шаббошии говон ва гуспандон созанд; ва ба замматайн (яъне **нуғул**)* ба маънии амиқ ва жарф; ва ба маънии дур ва баъид ва дароз ва тамом ва комил; ва ба касри аввал (яъне **ниғул**)* нардбон (аз «Латоиф»).

**НАҒАМ** نغم *ҷамъи* **нағма** (аз «Мунтахаб»).

**НАҒНАҒА** نغنغه овози латиф ва нағмаи суруд (аз «Латоиф»).

**НАҒУЛА** نغوله муи печида, ки онро ба ҳиндӣ ҷура гӯянд (аз «Баҳори Аҷам»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ва «Маҷмаъ-ул-фурс» ва «Бурҳон» ба маънии зулфи хубон.

**НУҒУЛӢ** نغولی ба маънии тааммуқ ва ғавр (аз «Латоиф»).

### Фасли нун маъа фо

**НАФАСРУБО** نفس ربا калюме ки хондан ва талаффузи он саҳл бошад, на ба душворӣ.

**НАФОСАТ** نفاست зачча шудани зан; ва ҳасад ва бахилӣ кардан; ва ба маънии хубӣ ва писандидагӣ ва латофат (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох»).

**НИФРАТ** نفرت навъе рамидагӣ аз чизе; ва билфатҳ (яъне **нафрат**)* як бор рамидан ва рамидагӣ.

**НАФАҲОТ** نفحات бӯҳои хуш.

**НАФАХОТ** نفخات дамиданҳои бод; *ҷамъи* **нафха**.

**НАФТ** نفت ва баъзе билкаср (яъне **нефт**)* навишта; қисме аз равған, ки аз замин ҷушад. Ва баёни он дар лафзи ба тои муҳмала хоҳад омад (аз «Латоиф» ва «Муайид» ва «Бурҳон» ва «Мадор»).

**НАФФОСОТ** نفاثات занони дардаманда бар укдаҳо [236] ва занони соҳира.

**НАФС** نفث дардамидан ва фузлаи чизе аз даҳон андохтан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НАФҲ** نفح дамидани бӯи хуш ва вазидани бод (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**НАФОЕҲ** نفائح бӯҳои хуш.

**НАФХ** نفخ дамидан ва пурбод шудан.

**НАФУХ** نفوخ адвияи хушк, ки дар бинӣ даманд.

**НАФОД** نفاد сипарӣ шудан (аз «Сурох»).

**НАФОЗ** نفاذ гузаштани тир аз ҷое, ки бад-он расад ва ҷорӣ шудани фармон ва нома (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва номи ҳаракати васл вақте ки хуруҷ ба ӯ пайвандад; ва ҳаракати хуруҷ ва мазидро низ **нафоз** гӯянд.

**НУФУЗ** نفوذ даргузаштан ва ҷорӣ шудани фармон ва нома ва асар кардан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НАФСУЛАМР** نفس الامر ҳақиқати кор ва асли муддаъо; ва ба маънии собит ва муҳаққақ ва кори воқеъӣ.

**НАФИР** نفير фарьёд ва нола ва овоз; ва ба маънии гурезанда ва нафраткунанда; ва ба маънии карраной.

**НАФАР** نفر гурӯҳи мардум аз се то даҳ; форсиён бар як кас итлоқ кунанд; ва ба маънии чокар ҳам омада (аз «Латоиф ва «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мадор»).

**НАФУР** نفور гурезанда ва раманда.

**НИФОС** نفاس айёми заччагии зан (аз «Қомус» ва «Сурох» ва «Кашф» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб»); ва ба маънии хуни вилодат.

**НАФОИС** نفائس *ҷамъи* **нафиса**.

**НАФАС** نفس дам; ва он ҷазби насим аст аз роҳи бинӣ ё даҳон барои тарвеҳи қалб ва дафъи бухор ва боз ба ҳамон роҳ; ва ин ҳар ду ҳаракат ба маънии баромадан ва фурӯ рафтани дам, маҷмӯъ як нафас бошад ва *ҷамъи* он **анфос** оянд; ва **нафс** (ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ) ба маънии ҷон ва рӯҳ ва ҳақиқати шайъ ва ҳастӣ ва айни ҳар чиз; дар ин сурат *ҷамъи* он

**нуфус** ва **анфус** бошад; ва **нафс** дар истилоҳи тасаввуф се қисм аст, агарчи дар ҳақиқат ҳамин як рӯҳ аст. Магар чун ба ҳар сифате, ки мавсуф мегардад муносиби он сифат мавсум мешавад. Ва он се қисм ин аст: аввал **нафси аммора,** яъне сахт амркунанда ба тарафи лаззот ва ҳузузи фонии мамнӯъа, камо қолаллоҳу таоло: *«иннаннафса ла амморатун биссуъи»*; дуввум **нафси лаввома**, ба маънии бисьёр маломаткунанда худро ба вуқӯъи маъосӣ ба ҳидояти нури дил; ва ин **нафс** сулаҳо ва авлиёро ҳосил бошад. Аз ин сабаб аллоҳи таоло ӯро муқассим ба қисм гардонида: *«ло уқсиму биннафсиллаввомати»*; севвум **нафси мутмаинна**; ва он аз сифоти замима соф шуда ба ахлоқи ҳамида муттасиф гашта ба қурби илоҳӣ фоиз шуда ба итминон мерасад, лиҳозо ба ин хитоб мушарраф аст: *«ё айюҳаннафсулмутмаиннату арҷиъи ило раббики розиятан марзийятан»* (аз «Кашф»); ва назди баъзе **нафс** чаҳор қисм аст: се қисм ҳамон аст, ки мазкур шуд; ва чаҳорум **нафси мулҳима** он ки иродати мухталифа аз он дар дил роҳ ёбад; ва дар «Қомус» ва «Суроҳ» **нафс** (билфатҳ) ба маънии рӯҳ ва хун ва тан ва чашми захм низ омада; ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **нафс** ба маънии олати таносул низ мустаъмал.

**НУФУС** نفوس ҷонҳо ва арвоҳ; ин *ҷамъи* **нафс** аст, ки (ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ бошад) ба маънии ҷон.

**НАФИС** نفیس чизе ки қиматӣ ва гиронмоя ва латифу писандида бошад (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва дар «Латоиф» ба маънии ҳосид ва бахил аст, ки аз «Қомус» нақл карда; ва дар «Суроҳ» низ ба ин маънӣ ёфта мешавад.

**НАФЗ** نفض афшондан; ва ҳуммои нофиз аз ин ҷост (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**НЕФТ//НАФТ** نفط магар ба каср асаҳ; равғанест ва он ду қисм бошад: сиёҳ ва сифед. Беҳтар сифед аст, аз мулки Шервон аз замин меҷӯшад; ва гоҳе *маҷозан* борутро низ гӯянд; ва **нефт** (نفط) *муарраби* **нафт** (**нефт** نفت) аст (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Муайид» ва «Мадор»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **нефт** (билкаср) доруе, ки ҳукамо сохтаанд, ҳар ҷо ки андозанд оташ даргирад.

**НАФФОЪ** نفاع бисьёр судрасонанда; ва биззам (яъне **нуфоъ**)* *ҷамъи* **нофеъ.**

**НИФОҒ** نفاغ қадаҳи бузург (аз «Бурҳон»).

**НАФОҚ** نفاق равон ва равоҷ ёфтани матоъ, *зидди* **касод;** ва билкаср (яъне **нифоқ**)* дурӯӣ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**НАФЛ** نفل ибодате, ки бар банда воҷиб набошад (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**НАФУЛ//НУФУЛ** نفول дур ва баъид ва амиқ ва фаҳмидаги ва ғавр (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**НАФСИ КУЛЛ** نفس کل *киноя аз* арш.

**НАФӢ КАРДАН** نفی کردن дур кардан ва нест кардан ва аз шаҳр бадар кардан.

**НИФРИН** نفرین дуъои бад (аз «Бурҳон»).

**НАФАС КУШОДАН** نفس کشادن калом кардан.

**НАФАС СӮХТАН** نفس سوختن ба маънии танг шудани дам аз касрати ранҷ бурдан ва меҳнат кашидан, чунон ки баъд аз давидан ва ғута задан ҳолате торӣ шавад (аз «Баҳори Аҷам»); ва дар «Чаҳор шарбат» навишта, ки **нафас сӯхтан** *киноя аз* меҳнат.

**НАФАС РОСТ КАРДАН** نفس راست کردن *киноя аз* таваққуф кардан ва ором гирифтан.

**НАФСИ АММОРА** نفس اماره хоҳиши табиати инсон, ки ба сӯи лаззоти дунявӣ бошад; **аммора** (ба фатҳи аввал ва ташдиди мим) сиғаи муболаға аст, ба маънии бисьёр амркунанда ва сахт ҳукмкунанда.

**НУФУСИ САЛОСА** نفوس ثلاثه аммора ва лаввома ва мутмаинна; ё он ки *киноя аз* арвоҳи **салоса,** ки рӯҳи ҳайвонӣ ва рӯҳи наботӣ ва рӯҳи ҷамодист.

**НУФУСИ ҚУДСИЯЯ** نفوس قدسيه зотхои пок ва арвохи аброр ва ахёр ва [illegible] хи суфийя зоти бахти хак субхонаху таоло.

**НАФСИ НОТИҚА** [illegible] рух ва [illegible] гуянд.

**НАФАҚА** [illegible] он чи ба иёл ва атфол хуронда [illegible] (аз «Мадор»).

**НАФХА** [illegible] (аз «Мунтахаб»).

**НАФХА** [illegible] бўи хуш.

**НАФОЧА** ба маънии рукъаи мураббаъ [illegible]; ва [illegible] маъмули араб аст (аз «Комус»).

**НАФТА** [illegible] обила (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва шархи «Никоб»).

**НАФСИ КУЛЛИ** [illegible] хазрати мачмуъи нуфуси анвоъи маволиди [illegible].

**НАФСИ БАХИМА** [illegible] чони хайвони чахорпой; ва мурод аз ин нафси аммора.

**НАФСИ НАБОТИ** [illegible] рухе ки дар набогот, яъне сабза ва дарахтон мебошад.

**НАФИ** [illegible] рондан ва дур кардан ва дур шудан (аз «Сурох»); ва ба маънии шахрбадар кардан, чунончи Нуруллох дар «Шархи Гулистон» навишта.

Фасли нун ва коф

**НУКО** [illegible] покиза (аз «Латоиф»).

**НУКАБО** [illegible] чамъи накиб.

**НУКРАПО** [illegible] номи тоирест, ки ранги пои он сафед бошад.

**НАКДАН** [illegible] ба маънии билфеъл ва филфавр мустаъмал.

**НИКОБ** [illegible] парда, ки занон бар рўи оланд ё бар чизи нафис андозанд; ва ба фатхи нун (яъне накоб) ба ин маъни хатост; ва билфатх ва ташдиди коф (яъне наккоб) сўрохкунанда ва накоканда (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Муайид» ва «Бахори Ачам»).

**НУКТАИ ИНТИХОБ** [illegible] нуктае, ки дар хошияи китоб бар [illegible] ти мухоавии байти марғуб ва чизи писандида гузоранд; ва ба истило-

**НАКБ** [illegible] сўрох кардан дар девор; ва сўрох ба маънии суранг низ ояд (аз «Бахори Ачам» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НИКМАТ** [illegible] укубат (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Комус»).

**НИКОБАТ** [illegible] сутудагӣ; ва ба фатх (яъне накобат) сутудан (аз «Сурох»).

**НИКРОТ** [illegible] суруд [illegible] онро [illegible] гуянд (аз [illegible]); ва [illegible] бошад.

**НАКОВАТ** [illegible] покизагӣ (аз «Сурох»).

**НАКЛИ РУХ** [illegible] амали бараё ахли риёзат, ки рухи худро ба чисми дигаре бараанд, ба шарте ки он чисм аз пок холи бошад; ва ин амалро халъи бадан низ гуянд.

**НАККОД** [illegible] бисёр саракунанда дирамҳо ва динорро (аз «Мунтахаб»).

**НАКД** [illegible] омода кардан ва додан ва сара кардани дираму динор (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва ба маънии симу зари маскук гохе киноя аз маънии дил ва зот ояд; ва ба маънии фикҳ; ва ба маънии писар низ ояд.

**НАКШИ ЗИЕД** [illegible] дар «Бурхони котеъ» навишта, ки номи билломусаммо он чи кобили дидан набошад, тамма каломуху; ва дар «Латоиф» ва ғайра навишта, ки зиёд номи бозии дувуми аз хафт бозии нард, чаро ки хар накш, ки дар каъбатайн уфтад, хангоми бохтан яке аз он зиёд бозанд; ва дар «Сирочи лу-ғот» навишта, ки дар бозии мазкур дар хар чашм як хол зиёда карданд, ва тахкики ин дар баёни лафзи «хол»-и зиёд муфассал мазкур шуд, хамон асах аст.

**НИҚОР** [illegible] [illegible].

**НАКИР** [illegible] ва [illegible] хурдаке, ки бар пушти тухми хурмо бошад; ва ба маънии хастаи хурмо ва риштае, ки дар шигофи хурмо бошад, ва харфе бошад аз бехи дарахт, ки дар он шароб нигох доранд; ва ба маънии нодон; ва ба

маънии ҳақир, ва нақиру қитмир [illegible] бешӣ [illegible] нисбат [illegible] бешӣ *киноя аз* сағиру кабир бошад (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Мадор» ва дигар кутуб), ва назди фақир нақиру қитмир *киноя* аз ҷузъиёти муқаддамот ва аз мардуми авом, ки рўшинос [illegible]

**НАҚР** [illegible] кӯфтан (аз «Латоиф»); [illegible] «Мунтахаб» ба маънии до[illegible]на чидани мурғ, ва дар «Сурох» ба маънии донӣ чидани мурғ ва кандани чӯб ва сур дамидан ва [illegible]

**НУКТАИ ЧОГИР** [illegible] *киноя аз* замин.

**НУКТАИ НУКРЕЗ** نقطهٔ نوکریز қатраи кӯчак ба миқдори нукта, ки аз нӯки қалам бар коғаз рехта шавад.

**НАҚУМОНИС** [illegible] номи падари [illegible]

**НАҚШ** [illegible] ҷинсе аз суруди қавлон, ки [illegible] аст; ва ба маънии донӣ бозии нард, ки бар [illegible] мурод ояд ва ба маънии лаёқат ва сазоворӣ, чунонки [illegible] (аз «Шарҳи девони Хоқонӣ» ва «Мадор» ва «Туҳфат-ус-саъодат»).

**НАКС** [illegible] кам кардан [illegible] (яъне нукс), чунончи машҳур шуда, хатост (аз «Сурох» ва «Музил» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва Мир Нуруллоҳ дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки накс (билфатҳ) мутааддист ва нуқсон лозим.

**НАҚЗ** نقض шикастан (аз «Мунтахаб»).

**НАҚИЗ** [illegible] ба маънии [illegible] рафъи шайъ, яъне нафйи шайъ, чу-

навишта, [illegible] «инсонун ҳайвонун» ва «баъзу-л-ҳайвони лайса биҳайвонин». Ин ҳар ду [illegible] накизанд, ба эътибори нафй ва исбот. Аввал содиқ аст ва дигар козиб. [illegible] фарқ [illegible] на [illegible] нест ва ҳаёту мамот ва [illegible] ду [illegible] чунончи [illegible] нест, ки [illegible] ҳар ду [illegible] балки зидд бошад.

**НУКАТ** نکت *ҷамъи* нукта.

**НИКОТ** [illegible] *ҷамъи* нукта, ва ин ҷамъ [illegible] (яъне нукот) [illegible] хатост, чаро ки вазни фуъол (ба зам) аз авзони ҷамъ нест (аз «Кашф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб»).

**НАҚЪ** نقع ғубор ва гард (аз «Шарҳи [illegible]»).

**НАҚУЪ** نقوع он чи аз [illegible] (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»); ва дар «Баҳр[illegible]» [illegible] он [illegible] бошанд.

[illegible]

**НУКТАИ ШАК(К)** [illegible] нуктае, ки [illegible] гу[illegible]

**НУКРАҲИНГ** [illegible] маънии мутлақ сифед аст, чунончи бутхинг ба маънии буте, ки сифед бошад (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**НАҚЛ** نقل аз ҷое ба ҷое бурдан ва аз ҷое ба ҷое рафтан (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»); ва дар «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Мунтахаб» навишта, ки он чи баъди шароб аз кис[illegible] [illegible] хуранд, онро нукл (ба замми аввал) гӯянд; ва дар «Комус» ва «Музил» навишта, ки ба ин маънӣ [illegible] ба замми нун (яъне «нукл») ки дар забон машҳур шуда ғалат аст; ва дар «Сурох»

навишта, ки **накл** (билфатҳ) аз ҷое ба ҷое бурдан; ва ба зам мо юнқалу биҳи алашшароб.

**НУКУЛ** نقول *ҷамъи* **накл.**

**НУҚТАИ МУҚОБИЛ** نقطهٔ مقابل *киноя аз* ҳамсар; ва гоҳе *киноя аз* ҳариф бошад (аз «Баҳори Аҷам»).

**НУҚТАИ МАВҲУМ** نقطهٔ موهوم ба маънии нуқтае, ки ба он қадар борикӣ бошад, ки вуҷуди онро ваҳм тасаввур кунад ва ба зоҳир маҳсус набошад ва баъзе онро ҷузви лоятаҷаззо ва ҷавҳари фард низ гӯянд (аз «Баҳори Аҷам» ва дигар кутуб).

**НУҚТА РЕХТАН** نقطه ریختن *киноя аз* фол задани рамл (аз «Мусталаҳот»).

**НАКШ ЗАДАН** نقش زدن дов бурдан (аз «Мусталаҳот»).

**НАҚШИ БАД НИШАСТАН** نقش بد نشستن накше ки ба мурод нанишинад.

**НАҚШИ ҶАҲОН** نقش جهان боғест дар Исфаҳон.

**НАКШ БАР ОБ ҚАШИДАН** نقش برآب کشیدن *киноя аз* кори абас кардан ва иртикоби амри бесабот.

**НУҚТАИ САҲВ** نقطهٔ سهو нуқтае, ки ба саҳв бар ҳарфи ғайри манқут дода бошанд ва он қобили ҳак бошад (аз «Баҳори Аҷам»).

**НАҚШИ ҚАРИНА** نقش قرینه *мурод аз* накши муқобил, ай нақше, ки дар муқобалаи нақши дигар бошад, ҳар ду бо ҳам мутобиқ мебошад.

**НУҚОВА** نقاوه баргузида ва хулоса (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Музил»); ва ба фатҳ (яъне **накова**)* хатост.

**НАҚАЛА** نقله наклкунандагон; ва ин *ҷамъи* **ноқил** аст.

**НУҚРА** نقره сими гудохта; ва ба маънии чоҳак, хусусан чоҳаки паси гардани инсон дар мунтаҳои мӯи сар; ва номи қарияест (аз «Сурох» ва ғайра).

**НУҚТАИ ЗИРЕҲ** نقطهٔ زره иборат аз сари мех, ки дар ҳалқаи зиреҳ васл мекунанд, то сари ҳалқа кушода нагардад.

**НУҚТА** نقطه маъруф аст; ва дар истилоҳи ҳикмат ва ҳандаса ба маънии мунтаҳои хат (аз «Мунтахаб»).

**НУҚБА** نقبه хориш, ки он мараз бошад аз юбусат ва ғалабаи хун.

**НАҚИЪА** نقیعه номи зиёфати қудуми сафар (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**НАҚИЙ** نقی пок ва холис; ва ба касри аввал ва сукуни қоф (яъне **никй**)* мағзи устухон (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**НУҚСОНӢ** نقصانی ба маънии нуқсон; дар ин лафз ёи таҳтонӣ дар охир зоид аст, чунончи дар **саломатӣ** ва **халосӣ** ва ғайра; ва ҳамчунин дар **шайдоӣ** низ зоид аст (аз «Хиёбон»).

**НАҚШИ АРӮСӢ** نقش عروسی суруд, ки дар ҳангоми шодии никоҳ махсус аст; ба ҳиндӣ сеҳра гӯянд.

**Фасли нун маъа коф**

**НАКБО** نکبا боде, ки аз се тараф вазад; ва он бағоят бад аст, хусусан дар ҳақи ҷаҳоз (аз «Мунтахаб» ва ғайра); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **накбо** ба маънии боде, ки кач вазад, яъне на аз машриқ бувад, на аз мағриб ва на аз ҷануб ва на аз шимол, балки аз як гӯша, аз ҳар чаҳор гӯшаҳои миёни ин чаҳор тарафи мазкур вазад, масалан, аз миёни ҷануб ва машриқ ё аз миёни мағриб ва шимол, ало ҳазалқиёс.

**НИГЕСО** نکیسا номи мутрибе, ки нукари Хусрави Парвез буд (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Иброҳимӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид»); ва фақир муаллиф гӯяд, ки агарчи аҳли луғат ёи маҷҳул навиштаанд, магар ҳар гоҳ ки маъруф (яъне **Нигисо**)* хонда шавад фасеҳ менумояд ва маҷҳулро маъруф хондан ҷоиз аст.

**НАКБАТ** نکبت хорӣ ва ранҷ ва хушкӣ (аз «Қомус» ва «Сурох» ва «Кашф»); магар дар «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Музил» билкаср (яъне **никбат**)*.

**НАКҲАТ** نکهت бӯи хуш ва бӯи даҳон (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва ба кофи форсӣ (яъне **нагҳат**)* маҳзи ғалат, чаро ки кофи форсӣ дар алфози арабӣ намеояд ва дар охири калима тои фавқонии моқабли

мафтух дар форсӣ намеояд, магар он ки навъе аз тафрис гуфта шавад.

**НИКОТ** نكات *ҷамъи* **нукта** (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Музил»); ва ба зам (яъне **нукот**)* маҳзи ғалат, чаро ки вазни **фуъол** (ба зам) аз авзони ҷамъ нест.

**НИҚОБАТ** نكابت газанд ба душман расонидан (аз «Мунтахаб»).

**НУКАТ** نكت *ҷамъи* **нукта**; ва ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ (яъне **накт**)* ковидани замин ва ба сар дарафгандан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва қисме аз таом.

**НИКС** نكث тоб боз кардан аз расан ва шикастани аҳд (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии мутлақ шикастан ва қатъ оянд.

**НИГОР** نگار нақш ва бут, ки ба арабӣ санам гуянд; ва ба маънии маъшуқ ва махбуб; ва ба маънии нақше, ки аз хино бар дасту пои маъшуқон кунанд (аз «Бурхон» ва «Қашф»).

**НИГИНИ СУВОР** نگين سوار нигинаро гуянд, ки дар ангуштари ё зевари дигар нишонида бошанд; ва ғайри нишонидаро нигини пиёда гӯянд (аз «Мусталаҳот» ва «Баҳори Аҷам»).

**НУКР//НУКУР** نكر носипосӣ ва нохушӣ ва шигифт; ва *маҷозан* ба маънии азоб (аз «Латоиф»).

**НУКС** نكس бозгаштани беморӣ, яъне авд кардани мараз; ва билфатҳ (яъне **накс**)* сарнигун кардан ва нигунсор уфтодан (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НИКУҲИШ** نكوهش сарзаниш ва маломат (аз «Қашф» ва «Мадор» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»); магар дар «Сурурӣ» ва «Бурхон» ба фатҳи аввал (яъне **накуҳиш**)*.

**НИГИНИ ОШИҚУ МАЪШУҚ** نگين عاشق و معشوق ду нигини мухталифуллавн, ки дар як хона нишонида бошанд (аз «Баҳори Аҷам»).

**НАГ** نگ *мухаффафи* **нигина**.

**НАКОЛ** نكال укубат ва ранҷ (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Мадор»).

**НИКЛ** نكل банди оханӣ, ки бар пои муҷримон ниҳанд (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**НУКУЛ** نكول аз савганд хӯрдан бозистодан ва баддилӣ ва эъроз (аз «Латоиф»).

**НИГУН** نگون хамшуда (аз «Бурхон» ва «Муайид»).

**НИКУҲИДАН** نكوهيدن сарзаниш ва маломат кардан (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Бурхон» ба фатҳи аввал ва ба касри аввал низ гуфта (яъне **накуҳидан** ва **никуҳидан**)*.

**НИГАРОН** نگران бинанда ва мунтазир (аз «Бурхон»).

**НУКТА** نكته сухани покиза, ки пӯшида бошад, яъне ҳар кас онро надонад; ва ба маънии нукта низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»).

**НАКИРА** نكره ношиносӣ ва ношинохтагӣ, яъне зидди маърифа (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**НАКУҲИДА** نكوهيده маломат кардашуда ва бад ва зишт (аз «Бурхон» ва «Музил»); магар дар «Ҷаҳонгирӣ» ба касри аввал (яъне **никуҳида**)*.

**НИГОРБАСТА** نگار بسته ба маънии маъшуқ.

**НИГОРИ АРМАНӢ** نگار ارمنى *мурод аз* Ширин, ки Фарҳод бар у ошиқ буд.

**Фасли нун маъа мим**

**НАМО** نما болидан ва афзоиш ва баланд шудан (аз «Қашф» ва «Муайид» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НУМУЗАҶ** نموذج *муарраби* **нумуна** (аз «Музил»); ва аз ҷои дигар маълум шуд, ки *муарраби* **нумуда** аст, на *муарраби* **нумуна**, фа ифҳам ва таммал.

**НУМРУД** نمرود номи подшоҳи кофир (аз «Музил»).

**НУМУДАН** ва **НУМУД** نمودن و نمود маънии лафзи аввал машҳур аст ва маънии лафзи дуввум аломат ва нишони чизе ва зоҳир; ба маънии равнақ ва хубии зоҳирӣ; ва ба маънии вуҷуд низ омада.

**НАМИР** نمر паланг, ки даррандаи машҳур аст (аз «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб»).

**НАМИР** نمیر бар вазни **фақир**; оби хушгувор ва ширин (аз «Қашф» ва шарҳи «Нисоб»).

**НАМОЗ** نماز парастиш ва хидматгорӣ ва ниёз (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Қашф»).

**НАМАШ** نمش маразест аз амрози ҷилд; ва он қатъи мустадир бошад, гоҳ шавад, ки ҳамчу калаф пахн бошад; ва сабаби он дами савдовист.

**НАМАКЧАШ** نمک چش ба маънии намак чашидан.

**НАМС** نمص муй чидан (аз «Мунтахаб»).

**НАМАТ** نمط фарш ва бисоти рангин ва бисоти шатранҷ ва равиш ва дастур (аз «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва ба маънии пардаи суруд низ омада.

**НАМОИҚ** نمائق *ҷамъи* **намиқа**, ки ба маънии мактуб аст.

**НАМОРИҚ** نمارق *ҷамъи* **нумруқа**, ки ба маънии болиш аст (аз «Мунтахаб»).

**НАМАТҲОИ ТАНГ** نمطهای تنگ пардаҳои дақиқ аз суруд (аз «Шарҳи Сикандарнома»).

**НАМЛ** نمل мур; ва номи маразест, ки донаҳои хурд бар андом зоҳир шаванд (аз «Мунтахаб»).

**НАМУМ** نموم бисьёр ғаммозикунанда.

**НАММОМ** نمام суханчин ва ғаммоз; ва номи гиёхе хушбӯдор (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НАМИМ** نمیم ғаммоз.

**НАМАКИН** نمکین мансуб ба **намак** (на ба сукуни мим); дар истилох ба маънии масхара омада.

**НАМАДЗИН** نمدزین намаде бошад, ки зери зин бар пушти асп ниҳанд; ва онро хайгир низ гуянд (аз «Бурҳон»).

**НАМОЗӢ КАРДАН** نمازی کردن пок кардан ва соф нумудан.

**НАМ НАДОШТАН** نم نداشتن муфлис ва нодор будан (аз «Мусталаҳот»).

**НАМАҚ ХӮРДАНУ НАМАКДОН ШИКАСТАН** نمک خوردن و نمکدان شکستن намакҳаромӣ кардан (аз «Мусталаҳот»).

**НАМОЗ БУРДАН** نماز بردن парастиш кардан ва оҷизӣ нумудан.

**НУМОЕН** نمایان нумудоршаванда; ва *маҷозан* ба маънии калон ва бисьёр, чаро ки хар чи калон ва бисьёр бошад, биззарур зоҳир ва нумоён мешавад.

**НУМУВ(В)** نمو болидан ва афзоиш (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох»); ва дар форсӣ ба тахфиф (яъне **нумӯ** ва **нумув**)* ҳам омада.

**НАМИҚА** نمیقه бар вазни **фаъила**; навишташуда ва мактуб, муштақ аз **намқ**, ки ба маънии навиштан аст (аз «Сурох»).

**НУМРУҚА** ва **НУМРУҚ** نمرقه و نمرق болиши кучак (аз «Мунтахаб»); ва дар «Қашф» билфатҳ (яъне **намруқа** ва **намруқ**)*.

**НУМУНА** نمونه нумудори кор (аз «Мадор»); ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки **нумуна** дар асл **нумуда** буд, чаро ки дол ба нун бадал мешавад.

**НАМЛА** نمله бусуре чанд сафровӣ бувад, ки ба тадриҷ пахн гашта ба якдигар муттасил шаванд моил ба суфрат (аз «Қифояи Мансурӣ»).

**НАМЛАИ ҶОВАРСИЯ** نملهٔ جاورسیه бусуре бошад шабеҳ ба говарс ва асли он сурх ва сари он сифед (аз «Қифояи Мансурӣ»).

**НАММОМӢ** نمامی ғаммозӣ.

### Фасли нун маъа нун

**НАНГ** ننگ дар форсӣ ба маънии шарм; ва билкаср (яъне **нинг**)* дар туркӣ тарҷумаи лафзи **ро**; ва барои изофат низ ояд.

**НАНГИН** ننگین маъюб ва зишт (аз «Латоиф»).

### Фасли нун маъа вов

**НАВО** نوا мутлақ овоз; ва номи мақомест аз дувоздаҳ мақоми мусиқӣ; ва ба маънии сомон ва асбоби тувонгарӣ ва лашкар ва сипоҳ; ва шукр ва сипос; ва фарзанд ва на-

бера; ва пешкаш ва назрона; ва ба маънии созгорӣ ва қут ва хурок; ва ба маънии гирифторӣ ва қайд ва ба ивази касе дигареро дар қайд нишондан; ва номи тоифае аз муғулон; ва *мухаффафи* **навот**, ки ба арабӣ тухми хурморо гӯянд (аз «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Латоиф» ва «Рашидӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**«НАВРӮЗИ ХОРО»** نوروز خارا номи шуъбае аз мақоми «Наво» (аз «Бурҳон»).

**НӮШГИЁ** نوش‌گیا гиёҳест, ки дафъи сумум кунад.

**НАВВОБ** نواب бисьёр ниёбаткунанда; ва биззам ва ташдид (яъне **нуввоб**)* ниёбаткунандагон; *ҷамъи* **ноиб.**

**НАВОИБ** نوائب мусибатҳо; ин *ҷамъи* **ноиба** аст (аз «Қашф»).

**«НАВРУЗИ АРАБ»** نوروز عرب номи шуъбае аз «Раҳовӣ» (аз «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ва «Чароғи ҳидоят»).

**НАВОТ** نوات хастаи хурмо, яъне тухми хурмо (аз «Мунтахаб»).

**НАВОХТ** نواخت ба маънии мувофиқ ва мутобиқ ва баробар ва лоиқ (аз «Мусталаҳот»).

**НАВОБИТ** نوابت рустаниҳо ва гиёҳҳо.

**НАВБАТ** نوبت вақти чизе; ва ба маънии мусибат ва карат ва мартаба (аз «Мунтахаб»); ва дар «Бурҳон» ба маънии нақора ва хайма ва пос ва муҳофазат.

**НУВИШТ//НИВИШТ** نوشت таҳрир нумудан ва печидан (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**НАВОФИҶ** نوافج *ҷамъи* **нофаҷ** аст, ки (ба фатҳи фост) *муарраби* **нофа**.

**НАВАНД** نوند ба маънии аспи тезрафтор (аз «Сурурӣ» ва «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Рашидӣ»).

**НАВШОД** نوشاد шаҳрест хуснхез, ки ба хубруён мансуб аст (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Мадор» ва «Бурҳон»); ва дар «Қашф» биззам ба вови маҷҳул (яъне **Нӯшод**)*.

**НУВЕД** نوید хабари хуш (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва «Латоиф»); ва дар «Баҳори Аҷам» ва «Муайид» ба фатҳи нун ва ёи маҷҳул (яъне **навед**)*; ва он чи дар мардум ба фатҳатайн (яъне **навайд**)* машҳур шуда, хатост.

**НАВАРД** نورد печутоб; ва бисот ва фарш; ва чубе бошад ҷулоҳаро, ҳар қадар ҷома, ки бофта мешавад, бар он мепечад; ва ба маънии баробар; ва ҷангу хусумат; ва ба маънии дархур ва лоиқ; ва домани пироҳан (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Латоиф»); ва дар «Муайид» ва «Мадор» навишта, ки **навард** ба маънии писандида ва ҷанг ва бисот ва печидан ва ҷома ва кунҷ ва гуша ва сурох; ва дар баъзе «Шуруҳи Сикандарнома» навишта, ки **навард** иборат аз сурохи рубоҳ, чаро ки он ҳам печ дар печ мебошад.

**НАВБАР** نوبر меваи наврас ва духтари норпистон.

**НАВР** نور бар вазни **ҷавр** ва **савр**; ба маънии шугуфаи сифед ва шугуфаи зард (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**НАВБАҲОР** نوبهار номи оташкадае (аз «Бурҳон»); ва дар «Қашф» номи бутхона.

**НУҚАР** نوکر ба маънии чокар (аз «Сурурӣ» ва «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Рашидӣ» ба фатҳ (яъне **навкар**)* навишта ва гуфта, ки зоҳиран **ин** лафзи туркист.

**НУШОЗАР** نوش آذر номи оташкада.

**НУВОР//НАВОР** نوار чизе бошад ба таври расан, ки бад-он чорпой бофанд ва бар хайма дӯзанд; ва ба касри аввал (яъне **нивор**)* хатост (аз «Музил» ва «Қашф»).

**НӮШОДУР** نوشادر давоест мушобеҳ ба намак; **нуш** ба маънии тирёқ ва **одур** ба маънии оташ, яъне тирёқ аст, ки аз миёни оташ ба ҳам мерасад (аз «Бурҳон»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба фатҳи дол (яъне **нӯшодар**)*.

**НАВОИР** نوائر шуълаҳо; ин *ҷамъи* **ноира** аст, ки ба маънии шуъла бошад.

**НАВЗАР** نوذر номи писари Манучеҳр (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**НАВШАХР** نوشهر номи қасабаест наздики Шервон.

**НАВНИЁЗ** نونیاز ошиқи нав ва тифли навмашқ.

**НУЗ** نوز *мухаффафи* **ҳануз** (аз «Бурҳон»).

**НАВРУЗ** نوروز рузи аввали моҳи фарвардин, ки расидани офтоб аст ба нуқтаи аввали Ҳамал (аз «Бурҳон»); ва дар «Мадор» номи пардаи «Ҳусайнӣ».

**НАВРАС** نورس меваи наврасида ва ҳар чизи тоза; ва номи китобест ба қавонини илми мусиқӣ дар забони ҳинди, ки султон Иброҳими Одилшоҳи мамдуҳи Зуҳурӣ тасниф карда; ва дар ҳиндӣ **наврас** нуҳ ҳолат аст, ки бинои ашъори ҳинди бар он бошад: аввал **сингаррас** (ба касри сини муҳмала ва ихфои нун ва кофи форсӣ) ва он баёни ороиш ва зевар ва таърифи маъшуқ аст; дуввум **басрас** ва он хуши ва тараб аст, ки ба шунидани зикри марғуб ҳосил шавад: севвум **карунарас** (ба фатҳи кофи араби ва замми рои муҳмала ва нун ба алифи кашида) ва он ҳолати афзунии ғаму андуҳ, ки эҳтимоли ҳалок дорад; чаҳорум **рудррас** (ба замми ро ва сукуни дол ва баъдуҳу рои муҳмалаи дигар) бар вазни **шукр**; ва он ҳолати хафагӣ ва ранҷиш бошад; панҷум **биррас** (ба касри бои муваҳҳада ва ёи маъруф) ва он ҳолати шаҷоат ва зурмандӣ бошад; шашум **бҳайрас** (ба фатҳи бои муваҳҳадаи махлутутталаффуз ба ҳо ва сукуни таҳтонӣ (маҷмуъ бар вазни **най**; ва он ҳолати хавф ва ҳайбат бошад; ҳафтум **бибҳатсрас** (ба касри бои муваҳҳада ва ёи маъруф ва фатҳи муваҳҳадаи махлутутталаффуз ба ҳо ва сукуни тои фавқонӣ ва сини муҳмала) ҳолати истикроҳ аз хабоис ва наҷосатҳо бошад; ҳаштум **адбҳутрас** (ба фатҳи алиф ва сукуни дол ва замми бои муваҳҳадаи махлутутталаффуз ба хо ва сукуни тои фавқонӣ) ҳолати истеъҷоб, ки ба дидани ашьёи аҷиб ҳосил шавад; нуҳум **сантрас** (ба сини мухмала ба алифи кашида ва нуну тои фавконии ҳар ду сокин) бар вазни **кор**; баёни ваҳдонийяти зоти ҳақ таоло ва ҳақонки фақр ва таҷарруд бошад.

**НАВОМИС** نوامیس *ҷамъи* **номус.**

**НУШ** نوش ширин ва гуворо ва оби ҳаёт; ва ба маънии зиндагӣ ва фодзаҳр ва тирёқ ва шаҳд (аз «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Сурури» ва «Қашф»).

**НАВТ** نوط овехтан (аз «Мунтахаб»).

**НАВХАТ** نوخط чизи нав ба руи кор омада; ва ба маънии маъшуқи хат навдамида (аз «Мусталаҳот» ва ғайра).

**НАВЪ** نوع гуна ва қисм; ва аҳли мантиқ куллеро гуянд, ки бар зотҳое ки ҳақиқати он яке бошад, воқеъ шавад, чунонки инсон, ки бар Зайд ва Амр ва Холид итлоқ кунанд ва фарас, ки ҳар фарасро фарас метувон гуфт ва бақар, ки ҳар бақарро бақар итлоқ кунанд.

**НУФОҒ** نوفاغ номи шаҳрест (аз «Бурҳон»).

**«НАВРУЗИ БУЗУРГ»** نوروز بزرگ номи нағмае аз мусиқӣ (аз «Бурҳон»).

**НАВЛ** نول дар арабӣ ато ва бахшиш; ва дар форсӣ ба замми нун ва вови маҷҳул (яъне **нул**)* минқори мурғон ва ноизаи машраба ва куза (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**НАВЪИ СОФИЛ** نوع سافل навъеро гуянд, ки таҳти ҷамеъи анвоъ бошад ва таҳти он навъи дигар набошад, агарчи синф ва ашхос бошанд, чунонки инсонро **навъи софил** гуянд, ки таҳти ҳайвон ва ҷисми номӣ ва ҷисми мутлақ аст, ки ҳар як аз эшон навъи изофианд ва мундариҷанд таҳти ҷавҳар, ки ҷавҳарро ҷинси олӣ гуянд.

**НАВОХИЛ** نواخل *ҷамъи* **нахл,** хилофи қиёс.

**НАВОЛ** نوال ато ва бахшиш (аз «Сурох»).

**НУН В-АЛ-ҚАЛАМ** نون والقلم *киноя аз* дуньё, ҷаро ки давот ва қалам ва навиштан ва хондан ҳама аз лавозими дуньё; ва номи дуньё ва номи сурае дар сипораи бисту нуҳум.

**НАВМ** نوم хоб (аз «Сурох»).

**НАВОХТАН** نواختن ба мурод расондан ва хуш кардан; ва ба маънии саройидан ва аз созу нақора овоз

баровардан (аз «Бурҳон» ва «Зубдат-ул-фавоид»); ва ба истилоҳи куштигирон бар замин задани ҳарифро **навохтан** гуянд (аз «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**НАВОН** نوان хиромон; ва ба маънии чунбон ва ларзон ва куз ва хамида ва дуто ва кухна ва лоғар ва огоҳ ва хушёр (аз «Бурҳон»).

**НУН** نون *мухаффафи* **кунун**; ва танаи дарахт; ва дар арабӣ ба маънии моҳӣ ва шамшер ва номи шаҳре; ва ба маънии давот ва сиёҳии давот; ва ба маънии шаб ва чохи занахдон; ва ҳарфи нун ба ҳисоби ҷумал, яъне абҷад панҷоҳ адад дорад (аз «Латоиф» ва «Сурох» ва «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва низ ҳарфи нун барои ифодаи чанд маънӣ ояд: аввал маънии нафй кунад, чун *накард* ва *нагуфт*; дуввум ба маънии тардид, Қалим гуяд, рубоъӣ:

Аспат, ки ҳино зебфизои тани уст,
Кӯхест, ки лолазор дар домани уст,
Не, не, ғалатам, ки осмони дигар аст
Дар ранги ҳино шафақ ба пироҳани уст.

Севвум нуни масдар, чунончи дар лафзи *кардан* ва *гуфтан*; чаҳорум нуни рабт, ки ифодаи ҳукм кунад, чун **хушан** ба маънии хуш аст ва **дабиран**, ба маънии дабир аст; панҷум зоид, чун *подош* ва *подошан*; шашум нуни истифҳом, чунончи Саъдӣ гуяд, байт:

На моро дар ҷаҳон аҳду вафо буд,
Ҷафо кардиву бадаҳдӣ нумудӣ.

Ҳафтум нуни нисбат, чунончи **риман** мансуб ба рим ва **баранҷан** мансуб ба биринҷ; ва гоҳе ба мим бадал шавад, чун *бон* ва *бом*, ба маънии пушти сақфи хона; ва ба лом бадал шавад, чун *нилуфар* ва *лилуфар* ва *чандан* ва *чандал*, ки сандал *муарраби* он аст; ва ба ҳо, чун *марзан* ва *марза* ба маънии муш.

**НӮШИРВОН** نوشیروان ба маънии Ширинҷон номи подшоҳ; чун комоли одил ва хушху буд, ба ин лақаб мулаққаб шуд (аз «Мадор» ва «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Муайид»); ва дар шарҳе муътабар дида шуда, ки **Нушнрвон** мураккаб аст аз лафзи **нав** (билфатх), ки тарҷамаи ҷадид аст ва **шер** ба маънии асад ва лафзи **вон** ҳарфи ташбеҳ, яъне монанди шери нав, ай шери ҷавон.

**НУЙИН** نوئین бар вазни **рӯйин**; дар асл домодро гуянд; ва туркон салотинро ба ин лафз хитоб кунанд; ва ба маънии амири аъзам (аз «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Муайид»); ва дар «Рашидӣ» забти ҳаракат накарда ва ба маънии подшоҳзода ва амири аъзам навишта; ва дар «Баҳори Аҷам» **навйин** (ба фатҳи нун) бар вазни **парвин**; *мухаффафи* **навойин** аст, мураккаб аз лафзи **нав** ба маънии тоза ва лафзи **ойин** ба маънии расм ва ороиш. Агар дар **навйин** лафзи **ойин**ро ба маънии ороиш гиранд, **навйин** ба маънии шахсе бошад, ки ба тарзи тоза бо ороиш ҷилвагар шуда бошад. Ва ба муносибати хубии он итлоқи ин лафз бар домод ва амир кунанд. Ва агар лафзи **ойин**-ро ба маънии расм манзур доранд, **навойин** ба маънии подшоҳе ё амире бошад, ки расмҳои нав эҷод кунад.

**НАВБАР ҚАРДАН** نوبر کردن меваи тоза аввал бор дар он фасл хӯрдан ё чидан.

**НАВРАҲОН** نورهان чизеро гӯянд, ки касе аз ҷое фиристад ва туҳфа ва савғот ва музд ва ато ва силаи шеър (аз «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Сурурӣ»).

**НАВОЙИН** نوآئین зебо ва ороста (аз «Бурҳон»).

**НИВИШТАН** نوشتن китобат кардан; ва ба фатҳатайн (яъне **наваштан**)* ба маънии печидан ва навардидан (аз «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Мадор»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба фатҳи аввал ва касри сонӣ (яъне **навиштан**)*, ба маънии китобат; ва ба маънии печидан ва навардидан.

**НӮШИН** نوشین ширин; мансуб ба **нӯш**, ки ба маънии шаҳд бошад (аз «Бурҳон»).

**НАВОЗОН** نوازان номи пардае аз мусиқӣ (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**НӮШДОРУ** نوشدارو тирёқ ва шароб ва позаҳр (аз «Бурҳон»); ва он чи дар кутуби тиб мастур аст, **нӯшдору** маъҷунест ширинмаза, муфарреҳи

қалб ва муқаввии меъда ва давоест, ки дафъи ҷамеъи олом ва ҷирохатҳо кунад.

**НАВОХОНА** نواخانه зиндон (аз «Сурурӣ» ва «Бурҳон»).

**НАВБОВА** نوباوه меваe, ки аввал расида бошад, яъне меваи тоза ва наврасида; ва ба маънии мутлақ тоза низ меояд (аз «Кашф» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ» ва «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Лисон-уш-шуаро» ва «Бурҳон» ба маънии **туҳфа**, ва яке аз сиқот дар «Шарҳи Бўстон» навишта, ки **навбова** ба маънии он чи ки боғбонон аз гулу мева ва тараҳо сабаде ба тарзи матбуъ ба хам чида ба хидмати мулук ва умаро баранд.

**НАВРА** نوره оҳак, яъне чунаи қалъӣ; ва машҳур биззам (яъне **нура**)* аст (аз «Мунтахаб»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **нувара** (ба замми аввал ва фатҳи дуввум) чизест, ки барои дур кардани мў аз бадан ба кор баранд. Ва он оҳак ва зарнихи ба ҳам соида аст. Ва дар «Бурҳон» ба ин маънӣ ба замми аввал ва сукуни сонӣ (яъне **нура**)*-ст.

**«НАВОИ ФОХТА»** نوای فاخته навъе аз хафтдаҳ толи мусиқиён, ки онро «Сури фохта» низ гўянд.

**НИВОЛА** نواله маъруф аст (аз «Муайид» ва «Кашф»); ва дар «Бурҳон» ба фатҳ (яъне **навола**)*.

**НЎШОБА** نوشابه номи маликае, ки подшоҳи мулки Бардаъ буд, бо Сикандар мулоқот кард (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**НИВИШТА** نوشته китобат кардашуда (аз «Музил»).

**НАВКИСА** نوکیسه навдавлат (аз «Чароғи хидоят»).

**НАВШАҲ** نوشه подшоҳи навҷавон ва навдомодро низ гўянд; ва биззам ва вови маҷҳул (яъне **нўшаҳ**)* ба маънии хушу хуррам (аз «Бурҳон»).

**НАВБАРДА** نوبرده ғуломи навхарида; ва **барда** (билфатҳ) дар туркӣ ғуломро гўянд.

**НАВҲА** نوحه гирья кардан ба овоз ва баёни мусибат.

**НАВЧА** نوچه ҷавони навхоста (аз «Чароғи ҳидоят»).

**«НАВБАҲОРӢ»** نوبهاری номи навое аз мусиқӣ (аз «Мадор» ва «Муайид»).

**НАВӢ** نوی тозагӣ; ва ба замми нун ва касри вов (яъне **нувӣ**)* Қуръони маҷид; ва дар арабӣ ба фатҳи нун ва дар охир алифи мақсура ба сурати ё (яъне **наво**)* тухми хурмо ва ғайри он (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**НАВОДӢ** نوادی Бухлули шореҳи «Девони Ҳофиз» навишта, ки лафзи туркист, ба маънии надидӣ.

**НАВРЎЗӢ** نوروزی тухфае, ки ба рузи навруз ба хидмати шоҳ баранд (аз шуруҳ).

**НАВБАТӢ** نوبتی нақорачӣ ва посбон ва хаймаи бузург ва аспи кутал (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»).

**НУРӢ** نوری тўтии сифед (аз «Чароғи ҳидоят»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **нурӣ** ҷонварест қирмизранги барроқ, ки тамоми танаш чун минкори тўтӣ сурх бошад, лекин варои тўтист; ва низ қисмест аз зардолу.

**НАВОХОНӢ** نواخوانی суруд саройидан; ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки «Наво» мақомест аз суруд; пас **навохонӣ** ба *маҷоз* сухани хубу хушро гўянд; ва он чи ба тариқи танз ва истеҳзо гуфта шавад.

**НУРОНӢ** نورانی рушан, мансуб ба **нур**; алифу нун зоида аст, чунончи дар **ҳаққонӣ** ва **раббонӣ**[238]; ва билфатҳ (яъне **навронӣ**)* мансуб ба **навр**, ки (ба фатҳи аввал) ба маънии шугуфа аст.

**НАВОСӢ** نواصی *ҷамъи* **носия**, ки ба маънии муи пешонист.

**НАВОҲӢ** نواحی канораҳои мулк; ва ин *ҷамъи* **ноҳия** аст.

**НАВОҲӢ** نواهی *ҷамъи* **наҳӣ**, яъне он чи ки дар шаръ мамнўъ бошад.

**Фасли нун маъа ҳо**

**НУҲО** نها ақлҳо.

**НИҲЕБ** نهیب *имолаи* **ниҳоб** аст, ки лафзи арабӣ бошад, ба маънии ҳайбат ва тарс ва бим ва азамат ва овози муҳиб ва ғорат; ва **ба**

фатхи аввал (яъне **наҳеб**)* бар вазни **нақиб**; ба маънии ғоратгар (аз «Мадор» ва «Сурох» ва «Муайид» ва «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**НИҲОБ** نهاب ғорат кардан ва ғаниматҳо (аз «Сурох»).

**НАҲБ** نهب ғанимат ва ғорат (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НУҲУКАТ** نهوکت фарсудагӣ ва лоғарӣ (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НАҲМАТ** نهمت ҳиммат бастан ва қасду ирода кардан бар чизе ва ҳарис нумудан; ва ба маънии мурод (аз «Латоиф» ва «Кашф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Муайид»).

**НУҲЗАТ** نهضت дар «Мунтахаб» ва «Қашф» ба маънии бархостан ва қасд кардан, лекин ба маънии кӯч мустаъмал мешавад.

**НИҲУФТ** نهفت пинҳон; ва номи шуъбаи мусиқӣ аз мақоми «Бузург» (аз «Бурхон» ва «Рашидӣ»).

**НАҲҶ** نهج роҳи рост ва роҳи пайдо ва роҳи кушода (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Қашф» ва «Қанз» ва «Баҳори Аҷам»); ва низ соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки форсиён ба фатҳатайн (яъне **наҳаҷ**)* низ истеъмол кардаанд, чунончи Дарвеши Волеҳи Ҳиравирост, байт:

Ҳар касе бар наҳаҷе рафт раҳи осоиш,
Ғунча аз роҳи дили тангу гул аз руи кушод.

**НИҲОД** نهاد буньёд ва хилқат (аз «Бурхон»).

**НУҲОВАНД** نهاوند номи шаҳр аз Ироқи Аҷам; ва номи пардае аз мусиқӣ, ки ба ними шаб сароянд; ва **Нуҳованд** (ба замми нун) аслаш **Нӯҳованд** буда, ҳои хуттиро ба ҳои хавваз бадал карданд, вов ба ҷиҳати тахфиф ҳазф нумуданд ва лафзи **ованд** калимаи нисбат аст. Чун шаҳри мазкур бинокардаи Нӯх алайҳиссалом аст, лиҳозо **Нуҳованд** гуянд, яъне мансуб ба **Нӯх**. Ва дар исботи замми нун «Қомус» ва «Лубб-ул-албоб» муттафиқанд. Ва дар «Мадор» ва «Бурхон» ба касри нун (яъне **Неҳованд**)*; ва дар «Рашидӣ» **Неҳованд** (ба касри аввал) дар асл **Неҳованд** (نه آوند) буд, яъне шаҳристон; **чи неҳ** (бил-каср) ба маънии шаҳр ва **оvанд** ба маънии зарф. Чун он шаҳри азим буд, бад-ин ҷиҳат онро ованди шаҳрҳо ном карданд.

**НАҲОР** نهار касе ки аз бомдод чизе нахурда бошад; дар асл **ноохор** буд, чи **охор** ба маънии хуриш аст; ва дар арабӣ ба маънии руз (аз «Бурхон»).

**НАҲЙИ МУНКАР** نهی منکر боздоштан ва манъ кардан аз мамнуъоти шаръийя.

**НИҲОЗ** نهاز бузи нар, ки модаҳои галаро борвар гардонад (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар «Бурхон» навишта, ки **нуҳоз** (ба замми аввал) гуспанди нар, ки пеш-пеши гала равад.

**НАҲШ** نهش газидани мор ва саг ва ғайра; ва ба дандони пеш гирифтан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**НУҲУЗ** نهوض кӯч кардан ва равон шудан ва ҳаракат кардан ва бархостан (аз «Сурох» ва ғайри он).

**НУҲ АРАЗ** نه عرض бидон ки мавҷуд мунқасим аст ба ду қисм: яке воҷибулвуҷуд, дуввум мумкинулвуҷуд. Ва пас **воҷибулвуҷуд** воҷиби биззот аст, ки вуҷудаш зарурӣ бошад ба эътибори зоти вай ва он ҳақ субҳонаҳу таолост, ки басити маҳз аст ва мураккаб аз ҷинс ва фасл нест. Ва **мумкинулвуҷуд** он ки вуҷудаш зарурӣ набувад ва на адами он зарурӣ бувад ва он махлуқот аст. Бидон ки **мумкинулвуҷуд** ба ду қисм аст: яке **ҷавҳар** ва он иборат аст аз мумкине, ки қоим ба зоти худ бошад, яъне муҳтоҷи маҳал набошад. Ва **араз** ба хилофи он афроди ҷавҳар панҷ аст: яке ҷисм ва он иборат аст аз чизе ки қобили абъоди салоса бувад; ва абъоди салоса тулу арз ва умқ бошад; дуввум ҳаюло; севвум сурат; чаҳорум нафси нотиқа; панҷум ақл, ки ба лисони шаръ онро малак гуянд, яъне фиришта. Ва он назди ҳукамои машшоин мунҳасиранд дар даҳ, ки онро уқули ашара гуянд; ва назди ишроқиин ва мутакаллимин ғайри маҳсуранд. Қисми дуввуми мумкинулвуҷуд араз аст ва он нуҳ аст: аввал кайф ва он ба эътибори зоти худ

на муқтазои қисмат бувад, на муқтазои адами қисмат, агарчи ба мутобаати махалли худ қисмат ё адами қисмат қабул кунад, чунончи савод ва баёз ва ҳарорат ва бурудат ва ғайри он агар ба ҷисм ориз шаванд мунқасим гарданд, чун ба нуқта ориз шаванд, аслан мунқасим нагарданд. Ва ин кайф ду қисм аст: яке кайфи ҷисмонӣ, чунонки баён кардем ва дигар кайфи нафсонӣ, ки ба нафси нотиқа ориз шавад, чунонки илм ва ҷахл ва ҷуд ва бухл ва ғайри он. Дуввум камм ва он аразест, ки тааққулаш мавқуф бар тааққули ғайр набувад ва ба эътибори зоти худ қобили қисмат бошад. Ва он ду қисм аст: мунфасил, ки дар вай аҷзои мутамойизулвуҷуд билфеъл мавҷуд бошанд, чун адад, ки мураккаб аз оҳод ва он оҳод дар вай ҷудо-ҷудо мавҷуд бошанд; ва муттасил, ки қобили тақсим бувад, лекин аҷзои мутамойизулвуҷуд дар вай билфеъл мавҷуд набошанд, чунонки имтидоди чизе ки чанд газ бошад; севвум айна ва он хайъатест, ки ориз шавад ҷисмро ба сабаби будани он дар макон; чаҳорум мато ва он хайъатест, ки ориз шавад ҷисмро ба сабаби будани он дар замон; панҷум музоф, яъне изофат ва он иборат аст аз нисбати миёни ду чиз, чунончи васфи убуввват, ки нисбат аст миёни аб ва ибн; шашум вазъ ва он иборат аст аз хайъате, ки хосил шавад дар чизе ба эътибори нисбати вай ба сӯи умури дохилийя ва хориҷийя, чунонки ҳайъати қиёму қуъуд ва исталқо, ки пушт ба замин мулсақ кардан аст; ва ҳафтум феъл ва он ҳайъатест ғайри қор, ки ҳосил шавад дар фоил ба тариқи таҷаддуд ба сабаби таъсир кардани вай дар мунфаил, чунонки ҳайъате, ки ҳосил мешавад дар арракаш ба вақти арракашӣ; хаштум инфиъол ва он ҳайъате ғайри қор, ки ҳосил шавад дар мунфаил ба тариқи таҷаддуд ба сабаби таъсир кардани фоил дар он ба тариқи мазкур, чун ҳайъате, ки ҳосил мешавад дар чӯб вақти арракашӣ ба сабаби қабул кардани вай асари арракашӣ; нуҳум милк (ба касри мим), ки онро ҷида низ гӯянд (ба касри ҷим ва фатхи доли муҳмалаи муҳаффафа) ва он ҳайъатест, ки ҳосил шавад дар ҷисм ба сабаби иҳота кардани умури хориҷийя, ки интиқол кунад ба интиқоли ҷисм аз маконе баробар аст, ки иҳотаи ҷамеъи аҷзои ҷисм кунад ё баъзе аҷзои уро, чун хайъате, ки ҳосил шавад одамиро аз бурқаъ пушидан ё аз ҷубба ё аз кулоҳ пушидан ё имома бастан. Ин ду байт, ки ҳар яке ҷомеъи як ҷавҳар ва нуҳ араз аст, навишта мешавад, байт:

Марде дарози неку дар шаҳри хеш имруз<br>
Бо хоста нишаста аз карди хеш фирӯз.

Байт:

Ба даврат басе ошиқи дилшикаста<br>
Сияҳ карда ҷома ба кунҷе нишаста[239].

**НАҲИҚ** نهیق бонги хар (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**НАҲАНГ** نهنگ ҷонвари обии маъруф (аз «Бурҳон»).

**НИҲОЛ** نهال дарахти мавзуни навруста; ва ба маънии комёб *маҷоз* аст; ва ба маънии бистар ва тушак ҳам омадааст; ва ба маънии шикор низ (аз «Бурхон» ва «Баҳори Аҷам»).

**НИҲОЛ СОХТАН** نهال ساختن ба маънии коштан.

**НИҲОЛИН** نهالین тушак; ва ба маънии лиҳоф низ омада.

**НУҲУНБАН** نهنبن сарпӯши дег (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ»); ва дар «Сурурӣ» ба фатҳи аввал ва замми сонӣ (яъне **наҳунбан**)*.

**НИҲУФТАН** نهفتن маънӣ маъруф аст (аз «Рашидӣ» ва «Музил» ва «Бурҳон»); ва дар «Муайид» ба замматайн (яъне **нуҳуфтан**)*; ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба касратайн (яъне **ниҳифтан**)*.

**НИҲОНХОНА** نهانخانه таҳхона (аз «Бурҳон»).

**НА** نه дар туркӣ ба маънии бо, ки тарҷамаи ҳарфи маъийят аст.

**НУҲЯ** نهیه хирад ва ақл (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**НУҲ-СЕЗДАҲ** نه سیزده навъе аз қимор, ки ба ҳиндӣ онро нав-тераҳӣ гӯянд.

**НУҲБА** نهبه ғорат (аз «Латоиф»); ва дар «Мунтахаб» бонг кардан.

**НАҲЙ** نهی боздоштан ва манъ кардан; ва ба заммн нун ва фатҳи ҳо ва дар охир алифи мақсура ба шакли ё (яъне **нуҳо**)* ақлҳо ва хирадҳо; ва ин *ҷамъи* **нуҳя** аст (аз «Сурох» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**НАҲОРӢ** نهاری *киноя аз* таоми субҳ; дар урф навъе аз шӯрбои ғӯшт, ки ба вақти субҳ хӯранд.

**Фасли нун маъа ёи таҳтонӣ**

**НИЕ** نیا ҷад, яъне падари падар; ва ба маънии падари модар низ омада; ва ба маънии бародари модар, ки ба ҳиндӣ мамун гӯянд; ва ба маънии қадр ва азамат (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Латоиф» ва «Қашф» ва «Мадор» ва «Зуфонгуё»).

**НИЁБ** نیاب дандонҳое, ки дар миёни дандони осиё ва дандони пешин воқеъ шудаанд; ва ин *ҷамъи* **ноб** аст, чунончи **диёр** *ҷамъи* **дор** (аз «Латоиф» ва ғайри он).

**НАЙРАНҶОТ** نیرنجات сеҳрҳо ва афсунҳо; ва ин *муарраби* **найранг** аст; баъди таъриб ба алиф ва то ҷамъ карда шуда (аз «Латоиф» ва «Баҳори Аҷам» ва «Қашф»).

**НИЁБАТ** نیابت ба ҷои касе истодан (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**НАЁРИСТ** نیارست ба маънии натавонист (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**НАЙБАСТ** نی بست ба ҳиндӣ чҳаппар.

**НИМДАСТ** نیمدست маснади кучак (аз «Мадор» ва «Баҳори Аҷам»).

**НИМРОСТ** نیمراست пардаи мусиқӣ (аз «Баҳори Аҷам»).

**НИЙЯТ** نیت азму ирода; ва дар форсӣ ба тахфиф (яъне **ният**)* ҳам омада.

**НИМСУФТ** نیمسفت *киноя аз* нотамом (аз «Бурҳон»).

**НАЙРАНҶ** نیرنج *муарраби* **найранг//нированг.**

**НИМТОҶ** نیمتاج навъе аз тоҷ аст, ки аз дебо бофанд ва ба ҷавоҳир мурассаъ кунанд (аз «Мусталаҳот»).

**НИМРУХ** نیم رخ тасвири якчашмӣ, чаро ки он нисфи чеҳра дорад.

**НИЛАКАБУД** نیله‌کبود қисмест аз ранги аспон.

**НАЙЙИР** نیر сиғаи муболаға аст, ба маънии бисьёр нуркунанда; ба муносибати касрати нур офтобро гӯянд; ва гоҳе **найййри асғар** моҳро номанд (аз «Қашф» ва «Мадор»); ва ба касри нун ва ёи маъруф (яъне **нир**)* чӯбест, ки бар гардани гов ниҳанд (аз шарҳи «Нисоб»).

**НИЛУФАР** نیلوفر ду қисм бошад: офтобӣ ва моҳтобӣ; офтобӣ сурх бошад. ба вақти тулӯъи офтоб шугуфта мешавад, ба ҳиндӣ онро кул гӯянд; ва дигар моҳтобӣ ва он ду навъ аст: яке сифеди маҳз ва дигар сифеди моил ба кабудӣ. Ин ҳар ду навъ ба вақти шом шугуфта мешавад ва дар адвияи юнониён ҳамин ба кор баранд. Ва Хони Орзу дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **нилуфар** сивои гули маъруф, ки дар об рӯяд, гулест дигар, ки биёраи он бар дарахти дигар печад ва он нилӣ бошад. Қосими Гунободӣ дар «Шоҳномаи Исмоили Сафавӣ» гӯяд, байт:

Сипар муҳкам ба дӯши некбахтон,
Чу нилуфар, ки печад бар дарахтон.

Ва дар «Рисолаи муарработ» навишта, ки **нилуфар** *муарраби* **нилупал** аст.

**НАЙИ АСКАР** نی عسکر *мурод аз* қалам, чаро ки қалами **Аскар**, ки мавзеъест аз Аҳвоз, хуб мебошад (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**НАЙШОПУР** نیشابور номи шаҳрест дар Хуросон, ки маъдани фирӯза дар ҳудуди он аст; ва номи шуъбае аз мусиқӣ (аз «Бурҳон»); ва дар «Қашф» билкаср (яъне **Нишопур**)*; ва дар «Рашидӣ» ва ғайра навишта, ки дар асл **Неҳшопур** буд, яъне шаҳри Шопур, чаро ки дар форсии қадим **неҳ** (билкаср) шаҳрро гӯянд; ҳои ҳавваз ба ёи таҳтонӣ бадал шуда.

**НЕКМАҲЗАР** نیک‌محضر ба маънии некҳазар аст, яъне ҳузур (камо фис — «Сурох»); яъне касе ки ӯ некҳузур бошад (аз «Ҳиёбон»).

**НИМКОР** نیمکار санъатгареро гӯянд, ки ба дастафрози дигарон кор кунад ва он чи уҷрат ёбад ба молики дастафроз ҳисса диҳад.

**НИМБАР** نیمبر фаннест аз куштӣ (аз «Чароғи ҳидоят»).

**НИМРӮЗ** نیمروز вилояти Систон; ва дар «А̄ҷоиб-ул-булдон» марқум аст, ки чун ҳазрати Сулаймон алайҳиссалом дар он ҷо расиданд замине диданд пур аз об. Девонро фармуд то хокрез кунанд. Девон дар нимрӯз хокрез карданд, лиҳозо ба **Нимрӯз** мавсум шуд (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»); ва дар баъзе шурӯҳ чунин дида шуда, ки чун хусрави Чин ба он ҷо расид, онро ба вақти нимрӯз лашкаргоҳ кард. Аз он рӯз ба ин исм мавсум шуд. Ва баъзе гӯянд он мулкро Рустам дар вақти нимрӯз фатҳ карда буд; ва номи пардае аз мусиқӣ.

**НИЁЗ** نیاز ҳоҷат (аз «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**НЕРЕЗ** نیریز номи шуъбае аз пардаи «Сифоҳон»; ва номи деҳест аз Форс (аз «Рашидӣ» ва «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Муайид»).

**НИЕЙИШ** نیایش зори ва ситоиш ва таҳсин ва дуъо ва офарин (аз «Мадор» ва «Муайид» ва «Зуфонгуё» ва «Бурҳон»); ва баъзе аз муҳаққиқин навиштаанд, ки **ниейиш** дар асл **ниёзиш** буд, зои муъҷама ба ёи таҳтонӣ табдил ёфта; ва ин табдил дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» низ навиштааст.

**НИЮШ//НИЙӮШ** نیوش сиғаи амр аст ба маънии бишнав; аксар ба исм мураккаб шуда, ба маънии исми фоил ояд.

**НЕШ** نیش сивои маънии маъруф, ба маънии дандони дарози нукдор, ки ба ҳар ду ҷониби даҳони сибоъ ва хук ва ғайра бошад.

**НИЁҚ** نیاق *ҷамъи* **нока.**

**НАЙҚ** نیق ҷимоъ; ва номи ҳақиқии ҷимоъ дар арабӣ ҳамин аст ва дигар асмои машҳура *маҷоз* аст; ва ба касри аввал ва ёи маҷҳул (яъне **нек**)* дар форсӣ муродифи **хуб**; ва ба маънии бисьёр низ оранд.

**НИРАНГ** نیرنگ макру фиреб ва тилисм ва сеҳр ва афсун; ва *маҷозан* ба маънии аҷоибот низ ояд; ва ба маънии нақшаи тасвир, ки ба зуғол бар коғаз тарҳ кунанд (аз «Баҳори А̄ҷам» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Қашф» ва «Муайид» ва «Мадор» ба фатҳ (яъне **найранг**)*; ва дар «Бурҳон» ба каср ва билфатҳ.

**НИМЛИНГ** نیملنگ қурбони камон (аз «Баҳори А̄ҷам» ва «Бурҳон» ва «Иброҳимӣ»).

**НИМРАНГ** نیمرنگ рангбохта ва ноқис ва нотамом (аз «Шаръ-уш-шуаро»).

**НИЛАҚ** نیلق навъе аз ҷомаи абрешумӣ.

**НАЙЛ** نیل бар вазни **сайл**; ба маънии ёфтан (аз «Қашф» ва «Латоиф» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**НИЕЛ** نیال номи подшоҳ; ва номи ғуломи Султон Санҷар.

**НИМҲИЛОЛ** نیمهلال *киноя аз* лаби маъшуқ (аз «Бурҳон»).

**НИЁМ** نیام *ҷамъи* **навм**, ки ба маънии хоб бошад, чунончи **сиём** *ҷамъи* **савм**; ва ҳам *ҷамъи* **ноим**, ки ба маънии хуфта бошад, чунончи **тиҷор** (ба каср) *ҷамъи* **тоҷир**; ва дар форсӣ ба маънии ғилофи корд ва шамшер.

**НАЙЙИРИ АЪЗАМ** نیراعظم иборат аз офтоб.

**НИЛАМ** نیلم ҷавҳарест қиматии нилгун.

**НИЛУФАРИ МОТАМ** نیلوفر ماتم сиёҳпӯшони мотам гули нилуфарро аз ҷиҳати сиёҳрангӣ бар сар зананд (аз «Мусталаҳот»).

**НИЁГОН** نیاگان аҷдод; ва ин *ҷамъи* **ниё**-ст, хилофи қиёс, чаро ки кофи форсӣ дар ҷамъ бадал аз ҳои мухтафӣ меояд; ва ҳол он ки дар ин ҷо набуд (аз «Латоиф» ва «Рашидӣ»).

**НАЙЙИРАЙН** نیرین *таснияи* **найир**; *мурод аз* офтобу моҳ.

**НИРОН** نیران *ҷамъи* **нор**, ки ба маънии оташ аст, чунончи **тиҷон** *ҷамъи* **тоҷ** (аз «Шарҳи Мақомоти Ҳарирӣ»).

**НИЮШИДАН//НИЙӮШИДАН** نیوشیدن ба маънии шунидан (аз «Бурҳон»).

**НАЙДУЛОН** نیدلان бар вазни **мардумон**; сангинӣ ва гиронӣ, ки дар хоб бар мардум уфтад ё сурати муҳиб дар хоб нумояд ва одамӣ аз дидани он метарсад; ба арабӣ кобус гӯянд; ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ба замми дол (яъне **найдулон**)*; ва дар «Мунтахаб» ва «Сурох» ба зам ва ба фатҳи дол (яъне **найдулон** ва **найдалон**)*; ва ин лафзи арабист, ки дар «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» овардаанд.

**НАЙАНБОН** نی‌انبان номи созе, ки аз най ва чарм созанд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Латоиф»).

**НАЙСОН** نیسان номи моҳи ҳафтум аз моҳҳои румиён; ва он муддати мондани офтоб дар бурҷи Ҳамал. Аз қатароти борони ин моҳ дар садаф марворид пайдо шавад; ва борони ин моҳро низ *маҷозан* **найсон** гӯянд (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»).

**НАЙИН** نیین мансуб ба **най**; ё ва нун барои нисбат аст, чунонки дар **симин** ва **зарин**; ва хонаи найинро ба ҳиндӣ чҳаппар гӯянд, ки дар Ҳиндустон равоҷ дорад (аз «Хиёбон»).

**НИМҶОН** نیمجان ошиқ.

**НИМТАҲ КАРДАН** نیم‌ته کردن аз камар гирифта андохтан (аз «Мусталаҳот»).

**НИЛ КАШИДАН** نیل کشیدن доғ гузоштан.

**НИЛ БАР ЗАБОН РАФТАН** نیل بر زبان رفتن *киноя аз* шуҳрати амри ғайри мумкин, чаро ки чун нил сиёҳ шавад амри дур аз корро шуҳрат диҳанд. Ва ин масали машҳур аст дар Эрон ва Ҳинд (аз «Мусталаҳот»).

**НИМКОСА ДАР ЗЕРИ КОСА ДОШТАН** نیم‌کاسه در زیر کاسه داشتن *киноя аз* макру ҳила (аз «Мусталаҳот»).

**НЕКӢ КАРДАН ВА БА ОБ АНДОХТАН** نیکی کردن و بآب انداختن бе таваққуъи иваз некӣ кардан.

**НАЙ ДАР НОХУН КАРДАН** نی در ناخن کردن навъе аз таъзиб аст.

**НЕРӮ** نیرو зӯр ва қувват (аз «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Муайид»); ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба ёи маъруф (яъне **нирӯ**)*; ва муаллиф гӯяд, зоҳиран ҳамин фасеҳ аст, ки **ё** ва вов ҳар ду маъруф хонда шавад. Ва фусаҳои Эронро маъмул аст, ки дар аксар ҷо, балки ҳама ҷо маҷҳулро маъруф мехонанд.

**НИМКАЛА** نیم‌کله нимсохта ва нотамом.

**НИМКОРА** نیمکاره ноком ва нимсохта ва ноқис (аз «Бурҳон»).

**НИМА** نیمه нисф; ва ба маънии тараф ва ҷониб.

**НИМХОЯ** نیم‌خایه *киноя аз* фалак, ба эътибори он ки куравишакл аст ва ҳамеша ними назар меояд ва ним аз ҳиҷоби замин махфӣ мемонад.

**НАЙША** نیشه найи кӯчаки миёнтиҳӣ бо чанд сӯрох; дар асл **найча** буд, чими форсиро ба шини муъҷама бадал карданд; ва онро шубонон менавозанд.

**НИЛА** نیله ҷонварест саҳроии калонтар аз гавазн, ки онро нилагов низ гӯянд.

**НЕФА** نیفه бандкаши изор, ки маъруф аст; ва ба маънии пӯстин; ва ба маънии букча (аз «Латоиф»); ва Хони Орзу дар «Шарҳи Сикандарнома» навишта, ки **нефа** ба маънии пӯстине, ки аз пӯсти ҳаволии нофи рубоҳ созанд ва он бағоят нарму латиф бошад; ва дар «Бурҳон» **нефа** ба маънии пӯстине, ки аз пӯсти шиками рӯбоҳ созанд; ва ба маънии букча низ омада. Муаллиф гӯяд, ки **нефа** ба маънии бандкаши изор *имолаи* **нофа** бошад, яъне чизе ки нисбат ба **ноф** дорад. Чи ҳарфи ҳо дар **нофа** барои нисбат аст, ба ҳамин ҷиҳат нофаи мушкро **нофа** гӯянд, ки аз нофи оҳу мебарояд; ва ҳо барои нисбат бисьёр ояд, чунончи **даста** ва **дунба** мансуб ба **даст** ва **дум**.

**НАЙЗА** نیزه тарҷамаи румҳ (аз «Баҳори Аҷам»); ва билкаср (яъне **низа**)* шуҳрат дорад. Муаллиф гӯяд, ки дар асл ба маънии найи кӯчак аст, чаро ки мураккаб аст аз лафзи **най** (билфатҳ), ки маъруф бошад ва лафзи **иза**, ки барои тасғир ояд, чунонки дар **машкиза** ва **новиза**. Пас аз лафзи **найза** як

ё ба чиҳати тахфиф ҳазф кардаанд.

**НАЙ** نی маъруф аст; ва билкаср ва ёи маҷҳул (яъне **не**)* калимаест, ки барои нафӣ ояд (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»); ва ба касри нун ва ташдиди таҳтонӣ (яъне **нийй**)* дар арабӣ ба маънии хом, чунончи гӯшти хом ва ҳар чизи нопухта; ва ба касри аввал ва ёи маъруф (яъне **нӣ**)* дар туркӣ ба маънии лафзи **ро**, ки аломати мафъул бошад (маънии арабӣ аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**НАЙЗАИ (НИЗАИ) ХАТТӢ** نیزۀ خطی ба маънии найзае, ки бисьёр рост бошад, мисли хатти ҷадвали китоб (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Мусталаҳот» **найзаи хиттӣ** (ба касри хои муъҷама ва ташдиди тои муҳмала) ба маънии найза, ки мансуб ба **Хитта** аст. Ва Хитта номи мавзеъест дар Ямома, ки дар он ҷо найзаи хуб пайдо мешавад. Ва баъзе гуянд, ки дар он ҷо аз ҷои дигар оварда мефурӯшанд.

**НИМОДАМӢ** نیم آدمی *киноя аз* мутлақ зан, зеро ки ду занро дар гувоҳӣ ба манзалаи як мард дошта; ва дар «Девон»-и Хоқонӣ *киноя* аз волидаи Хоқонӣ аст (аз шарҳ).

## БОБИ ВОВ

### Фасли вов маъа алиф

**ВО** وا норасида ва кушода ва ҷудо (аз «Бурҳон»); ва ишорат аз вовайло.

**ВОЛО** والا навъе аз ҷомаи абрешумии борик; ва ба маънии бузургқадр (манкул аз «Қашф-ул-маъонӣ»).

**ВОВАЙЛО** واویلا ба маънии афсус; чи лафзи **во** калимаи нудба аст ва нудба (биззам) ба маънии навҳа ва мотам ва **вайл** ба маънии афсус ва андуҳ ва дар охир алиф барои мадди савт, ки дар ҳолати нудба дар охири алфоз пайдо мекунанд.

**ВОҲИЮЛЪУРО** واهی العرا дастовез аст (аз «Латоиф») [240].

**ВОҶИБ** واجب доим ва ҳамеша; ва ба маънии лозим ва сазоворшаванда; ва ба истилоҳи ҳукамо он ки дар вуҷуд ва бақои худ муҳтоҷи ғайр набошад ва он ҳақ таолост.

**ВОҲИБ** واهب бахшанда.

**ВОҚЕЪАТАЛАБ** واقعه طلب муфсид ва ҷангҷӯ.

**ВОЛИИ АҚРАБ** والیء عقرب *киноя аз* ситораи Миррих, ҷаро ки бурҷи Ақраб хонаи Миррих аст.

**ВОФИЮЛҲАСАБ // ВОФИЮЛҲАСБ** وافی الحسب касе ки дар шарафи молу дин ва илм ва дигар камолот комил бошад.

**ВОЗЕЪИ ЧОР КИТОБ** واضع چارکتاب ҳақ таоло, ки Таврот бар Мусо алайҳиссалом ва Забур бар Довуд алайҳиссалом ва Инҷил бар Исо алайҳиссалом ва Қуръон бар Муҳаммад Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама нозил сохт.

**ВОХОСТ** واخواست муҳосаба ва мутолаба ва бозхост.

**ВОРИС** وارث меросгиранда.

**ВОЗЕҲ** واضح рушан ва ҳувайдо; ва ба маънии рушан ва тобон (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВОСИТАТУЛЪИҚД** واسطة العقد гавҳари калон ва бешқимат, ки дар васати ҳақиқии ҳама гавҳарҳои гулубанд ва ҳамоил бошад; ва он чи ба маънии имоми тасбеҳ шуҳрат гирифта, хатост.

**ВОРИД** وارد дароянда; ва ба маънии қосид ва пайк (аз шарҳи «Нисоб» ва ғайра).

**ВА ИН ЯКОД** وان یکاد ишорат аст ба тамоми оят, ки барои дафъи чашми захм хонанд. Ва он ин аст: *«ва ин якодуллазина кафару лаязлиқунака биабсориҳум ламмо самиъуззикра ва яқулуна иннаҳу ла маҷнун».*

**ВОФИД** وافد ба расулӣ пеши касе раванда; ва он ки бар маркаби наҷиб сувор шавад (аз «Мунтахаб»).

**ВОҶИБУЛВУҶУД** واجب الوجود он ки зоти ӯ муқтазои вуҷуди ӯ бошад,

чунончи зоти боритаоло, ки зоти ӯ дар вуҷуд муҳтоҷи ғайр нест.

**ВОМОНД** وامائد ба маънии бақо ва қиём ва боқӣ мондан (аз шуруҳи «Сикандарнома»).

**ВОР** وار ба маънии монанд ва лоиқ ва тарз ва равиш ва дастур; ва калимаи нисбат, чун сугвор ва тақсирвор.

**ВОНШИР** وانشر номи шаҳр.

**ВОГИР** واگیر варзишест паҳлавононро, ки як-як даст бар девор ниҳода ба ҷониби ҳамон даст бар сина зур кунанд, то сина баромада ва паҳн шавад (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ВОСИТ** واسط номи шаҳрест дар Ироқи Араб; ва **Восит** аз он ном карданд, ки миёни Бағдод ва Басра воқеъ аст. Ва дар бешаи замини он қалам хуб ба ҳам мерасад. Ва сивои ин чаҳор қаряи дигар низ **Восит** ном доранд (аз «Лубб-улалбоб» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**ВОЗЕЪ** وازع боздоранда ва солори лашкар ва ҳоким ва султон (аз «Мунтахаб»).

**ВОЗЕЪ** واضع ниҳандаи чизе дар ҷое; ва ба маънии пайдокунанда ва созанда мустаъмал.

**ВОКИФ** واقف истодашаванда; ва ба маънии донанда (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ВОМИҚ** وامق дӯстдоранда; ва номи марде, ки бар Азро ошиқ буд (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ВОҚ** واق нигаҳдоранда, яъне шафеъ; ва номи парранда аст.

**ВОБИЛ** وابل борони бузургқатра; ва номи қабилаест аз араб (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Лубб-улалбоб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ВОИЛ** وائل қабилаест аз араб; ва номи қаря (аз «Лубб-ул-албоб»).

**ВОЛ** وال дар форсӣ навъе аз моҳии фулусдор; ва ба арабӣ паноҳ бурдан ва паноҳ (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Мунтахаб» ва «Рашидӣ»).

**ВОМ** وام қарз; ва ба маънии ранг ва лавн низ омада (аз «Бурҳон»).

**ВОРУН** وارون дар «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ба маънии божгуна ва нигун ва маъкус; ва дар «Баҳори Аҷам» ба маънии номуборак.

**ВОЖУН** واژون нигун ва номуборак (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки *мухаффафи* **вожгун** аст.

**ВОЛОН** والان бодён, ки ба ҳиндӣ саунф гуянд (аз «Бурҳон»).

**ВОН** وان шаҳрест аз вилояти туркон; ва ҳарфи ташбеҳ, ба маънии монанд; ва ба маънии доранда низ ояд (аз «Бурҳон»).

**ВОДИИ АЙМАН** وادی ایمن иборат аз саҳрое, ки Мусо алайҳиссалом бо завҷаи худ ба вақти шаб дар он саҳро мерафтанд, иттифоқан ба сабаби вазъи ҳамли он афифа ҷустуҷуи оташ нумуданд, ногоҳ аз дур рушанӣ ба назар омад. Чун қариб рафтанд, бар дарахте нур ёфтанд. Дар он ҷо ба Мусо алайҳиссалом аз ғайб нидо расид; ва аввалин меъроҷи эшон ин буд. Ва **Айман** (ба фатҳи аввал ва сукуни ё ва фатҳи мим) ба маънии соҳиби ҷониби ямин, сиғаи сифати мушаббаҳ аст, маъхуз аз **ямин**, ки ба маънии дасти рост аст. Чун водии мазкур ҷониби дасти рости Мусо алайҳиссалом воқеъ буд, лиҳозо **водии Айман** гуфтанд. Ва баъзе навишта, ки водии мазкур ҷониби рости кӯҳи Тур воқеъ аст.

**ВО ШУДАН** وا شدن шугуфта шудан; ва ба маънии ҷудо шудан ва аз таклиф баромадан (аз «Мусталаҳот»).

**ВОХӮРДАН** ва **БАРХӮРДАН** واخوردن و برخوردن мулоқот кардан (аз «Баҳори Аҷам»).

**ВОРИСИ ТОҶУ НИГИН** وارث تاج و نگین *киноя аз* шоҳзода.

**ВОҚЕЪ ШУДАН** واقع شدن *киноя аз* дучор шудан.

**ВОКАШИДАН** واکشیدن дароз кашидан ва ба зуру ҳила чизе аз касе ҳосил кардан.

**ВОБУСИДАН** وابوسیدن эъроз кардан.

**ВОКАРДАН** واکردن кушодан ва фориғ нумудан.

**ВОСӮХТАН** واسوختن ба истилоҳи шуарон Эрон безор шудан ва эъроз ва рӯгардонӣ кардан аз маъшуқ;

зоҳиран **восӯхти** шуаро аз ин ҷост (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ВОВ** واو ин ҳарф дар кутуби форсӣ бар чанд қисм ояд: аввал **вови лузум**, ки миёни лозим ва малзум дарояд, чунонки дар ин мисраъ, мисраъ:

*Ману дасту* домони оли расул...

ва дар ин байт:

*Мову маю* зоҳидону таква,
То ёр сари кадом дорад.

Дуввум **вови истибъод** ва он миёни мустабъид (ба касри айн) ва мустабъад (ба фатҳи айн) дарояд, чунончи дар миёни *ман* ва *инкор* дар шеъри Ҳофиз, шеър:

*Ману инкори* шароб ин чӣ ҳикоят бошад,
Зоҳиран ин қадарам ақл кифоят бошад.

Мисоли дигар, байт:

Аз ту баргирамy дил бо дигаре ёр кунам,
Эй ба қурбони ту сад дил, *ману ин* кор кунам.

Севвум **вови атф**; ва он аксар дар миёни ду муфрад воқеъ шавад, сокин хонанд, мафтӯҳ набояд хонд, чунончи: *ману ту* дар миён коре надорем; хоҳ дар назм бошад, хоҳ дар наср. Ва агар дар миёни ду ҷумла воқеъ шавад, уро мафтӯҳ алоҳида бояд хонд ва гоҳе маҳзуф ҳам бошад; Соиб гуяд:

Ба қадри ҳар сукун роҳат бувад, бингар маротибро,
Давидан, рафтан, истодан, нишастан, *хуфтану мурдан.*

Ва дар баъзе маҳал ҳазфи **вови отифа** муҷиби мазиди фасоҳат ва балоғат бошад, чунонки байт:

Қурбон шавам туро, ки надонистаӣ ҳануз
Ихлоси ман, муҳаббати ман, эътиқоди ман.

Ва миёни аъдод **вови атф** овардан муҳилли фасоҳат аст, чунончи дар ин мисраъ, мисраъ:

Буса гирифтам аз лабаш як-ду се-чор *панчу шаш...*

Чаҳорум **вови тасғир**; ва он дар охири аълом ва асмо воқеъ шавад, чунончи **писару** ба маънии писари кӯчак ва **шайху** ба маънии шайхи кучак; панҷум **вови қасамия**; ва он ҷуз дар аввали асмои арабӣ дарнаёяд, чунончи *валлайл* ва *вашшамс* ва *ваззуҳо* ва *валлоҳ*. Ва **вови қасам** исми мобаъди худро ҷар диҳад, яъне ҳарфи охири он исмро касра медиҳад; шашум **вови зоид**; ва он он аст, ки дар калом эҳтиёҷи маънияш набошад, хусусан бар лафзи *лекин* ва муҳаффафоти у, чунончи *валекин* ва *вале* ва *валек*, Саъдӣ гуяд:

...Ки эй некбахт, ин на шакли ман аст,
*Валекин* қалам дар кафи душман аст.

Ҳафтум **вов** ба маънии маъа ояд, Саъдӣ гуяд:

*Пириву сад* айб чунин гуфтаанд...

Ва баъзе инро **вови тасвия** гӯянд, яъне пирӣ баробари сад айб аст; хаштум **вов** ба маънии тақобул; Файзӣ гӯяд, байт:

Ишқ *асту ҳазор* шуъла дар тоб,
Ақл *асту ҳазор* пунба дар об.

Ва назди баъзе ин **вов** барои тасвия аст; ва баъзе инро **вови ташбеҳ** гӯянд; нуҳум **вови нисбат**, чунончи *ҳиндӯ* ва *чоку* ва *неку* ва *патту*, ки навъе аз бофтаи пашмина аст; чи **пат** ба маънии пашми нарм аст; ва **обу**, ба маънии нилуфар: даҳум **вови ҳолия**, шоир гуяд, байт:

Доғам зи *нотавонию* афсӯси зиндагист,
Дандон намонд дар *даҳану* лаб газиданист.

Ёздаҳум **вови ишмоми замма,** чунончи дар лафзи *хуш* ва *худ* ва *хурд* (*хаш* ва *хад* ва *хард*); ва ин вовро маъдула низ номанд; дувоздаҳум **вов** ба маънии **ё**, чунончи Саъдӣ гуяд, байт:

Гул ҳамин панҷ *рузу* шаш бошад,
В-ин «Гулистон» ҳамеша хаш бошад.

Сездаҳум **вови тахфиф**, яъне аз муҳаффаф кардани лафзи ӯ (او) пайдо шавад, чунончи дар ин байт:

Дил мутаҳаййир, ки чӣ донад *варо*,
Ақл дар ин гум, ки чӣ хонад *варо*.

Чаҳордаҳум **вови маъдула**, чунончи дар лафзи *ту* ва *чу* ва *дӯ*; ва ин вовро баёни замма ҳам гӯянд;

понздаҳум **вов** барои муъовaза, чунончи Урфи гуфта, байт:

Зи шавқи куи ту по дар гилам
зи ғамза чӣ суд,
Ҳазор ҷони *гиромиву* як қадам
рафтор.

Ва бояд донист, ки **вов** гохе ба алиф бадал мешавад, чун *фурӯғ* ва *фуроғ* (биззам) ба маънии тоб ва рушанӣ; ва *кус* ва *кос* ба маънии нақораи бузург; ва ба **бои арабӣ** бадал шавад, чун *навишта* ва *набишта*; ва ба **бои форсӣ**, чун *вом* ва *пом* ба маънии ранг; ва ба **фо**, чун *ёва* ва *ёфа* ва *калова* ва *калофа*; ва ба **доли муҳмала**, чун *коливa* ва *колида* ба маънии парешон; ва ба **мим**, чун *мавиз* ва *мамиз* ва *парвосидан* ва *пармосидан* ба маънии мас кардан чизеро; ва ба **ёи таҳтонӣ**, чун *ханӯз* ва *ҳаниз* ва *ангур* ва *ангир*; ва ба **шини муъҷама**, чун *хадев* ва *хадеш* ба маънии худованд.

**ВОҚЕЪА** واقعه хоб; ва ба маънии ҷанг ва ходиса ва сахтӣ ва замони қиёмат ва мурдан ва ҳол ва корзор (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Мусталахот»).

**ВОЛЕҲ** واله лафзи арабист; сиғаи исми фоил ба маънии шефта ва саргашта дар ишқ ва мафтун; ва ба фатхи лом (яъне **вола** ва **волаҳ**)* ба ин маънӣ ғалат аст (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Сурох» ва «Кашф» ва «Латоиф»); ва ба фатҳи лом ва хои мухтафӣ (яъне **вола**)* қисме аз ҳарири абрешумии борик (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ВОҲИЛА** واهله номи зани Нуҳ алайҳиссалом (аз «Латоиф»).

**ВОИЯ** واعيه ҳофиз ва нигаҳбон ва фарьёдкунанда (аз «Кашф» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**ВОРАСТА** وارسته озод ва фориғулбол.

**ВОҚИСА** واقصه номи манзилест дар рохи Макка (аз «Сурох»).

**ВОМОНДА** وامانده ба маънии пасмонда ва боқимонда ва пасхурда.

**ВОГУЯ** واگويه гуфтугу; ва дар «Чароғи ҳидоят» **вогуя** ба маънии бозгуфтан ҳарфи шунидаро, ки ба ҳиндӣ чарча гуянд.

**ВОАҶАБОҲ** واعجباه ба маънии эй тааҷҷуб; ва ин дар мақоми таассуф гуянд; алиф ва ҳо дар охири алфоз дар ҳолати нудба ба ҷиҳати мадди савт[241] зоид кунанд.

**ВОҲИЯ** واهيه аз ҳам уфтода (аз «Қанз» ва «Мунтахаб»); ва дар «Муайид» ба маънии гумроҳ.

**ВОҲИМА** واهمه қувватест, ки идроки маънии ҷузъия кунад, ки ба махсусот таллуқ дорад, масалан садоқат ва адоват. Ва баъзе мухаққиқон чунин навиштаанд, ки кори воҳима он аст, ки чизҳои дида ва нодида, рост ё дуруғ нақш менумояд, хоҳ он чизҳо дар олами сурат бошад, хоҳ набошад, масалан ҳазор офтоб бар осмон таваҳҳум кунанд ва ҳол он ки якест, беш нест. Ва ин қувват тобеъи ақл нагардад, ба хилофи қувватҳои дигар, чунончи шахс дар хонаи торик танхо бо мурда муҷовир бошад, ҳарчанд ақл хукм кунад мурда ҷамод аст, аз ӯ тарс набояд кард, қуввати вохима васваса медиҳад ва хоиф гардонад.

**ВАИЛЛОНА** والانه бидон ки дар мақоми лафзи **ваилло** истеъмоли лафзи **ваиллона** ғалати маҳз аст, чаро ки дар чунин мақом **илло** мураккаб аст аз лафзи **ин**, ки калимаи шарт аст ва аз лафзи **ло**, ки калимаи нафӣ аст. Пас бо вуҷуди **ло**-и нофия лафзи **на**, ки дар форсӣ барои нафӣ бошад, хеч хоҷат надорад.

**ВОЯ** وايه хоҷат ва мурод; ва ба *маҷозан* ба маънии муқаддима; ва ба маънии муътоди харрӯза, мисли хӯроки кукнор ва афюн (аз «Мусталахот» ва «Чароғи хидоят»).

**ВОШӢ** واشى дуруғгу (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВОҲӢ** واهى ба маънии суст (аз «Мадор» ва «Сурох»).

**ВОРАСТАГӢ** وارستگى озодагӣ ва фориғболӣ.

**ВОФӢ** وافى тамом ва комил.

**ВОҚӢ** واقى нигохдоранда; муштақ аз **виқоят**, ки ба маънии ҳифозат аст.

**ВОЪӢ** واعى нигохдоранда ва ёдгиранда (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**ВОЛИ** والی дуст ва ҳоким ва молик; ва ба маънии хеш ва қариб низ омада.

**ВОДИ** وادی рӯдхона ва раҳгузари оби сайл, яъне замини нишеби ҳамвори камдарахт, ки ҷои гузаштани оби сайл бошад; ва ба маънии саҳрои мутлақ низ омада; ва ба маънии муқаддима ва муъомала низ мустаъмал мешавад (аз «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб» ва ғайра).

**ВОҶИБӢ** واجبی вазифа ва рӯзина.

**ВОРАФТАГӢ** وارفتگی музмаҳил шудан ва гудоз ёфтан (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ВОСУХТАГӢ** واسوختگی ба маънии сухтагӣ.

**Фасли вов маъа бои муваҳҳада**

**ВАБР** وبر ҷонварест шабеҳ ба гурба; ва ба фатҳатайн (яъне **вабар**)* ба маънии пашми шутур ва ғайра (аз «Сурох»).

**ВАБИС** وبص ба маънии дурахшидан (аз «Сурох»).

**ВАБОЛ** وبال сахтӣ ва гиронӣ ва азоб (манқул аз «Тоҷ-ул-луғот»); бидон ки **ваболи** Офтоб дар Далв бошад ва **ваболи** Қамар дар Ҷадӣ ва ваболи Уторид дар Қавс ва Ҳут ва Зуҳраро дар Ақраб ва Ҳамал ва Миррихро дар Мизон ва Савр ва Муштариро дар Ҷавзо ва Сунбула ва Зуҳалро дар Саратон ва Асад.

**Фасли вов маъа тои фавқонӣ**

**ВАТАД** وتد мехи чӯбин (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»); ва дар «Латоиф» ва «Мадор» ва «Сурох» ва «Кашф» ва шарҳи «Нисоб»-и дигар ба фатҳи вов ва касри фавқонӣ (яъне **ватид**)*.

**ВИТР** وتر танҳо ва тоқ, ки ба муқобалаи ҷуфт аст; ва ба фатҳатайн (яъне **ватар**)* зеҳи камон ва тори соз (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАТИРА** وتیره роҳу равиш ва ниҳод ва дастур (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**Фасли вов маъа сои мусалласа**

**ВАСОҚ//ВИСОҚ** وثاق банд ва қайд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Мадор» ва «Кашф» ва «Сурох»); ва ҳама аҳли луғат дар ин муттафиқанд ва барои маънии хона ва ҳарамсарой мухталифанд; дар «Латоиф» **вусоқ//висоқ** (ба зам ва каср) ба маънии хона; ва дар «Кашф» ба зам (яъне **вусоқ**)* ба маънии хона; ва дар «Сурурӣ» ва «Баҳори Аҷам» ба фатҳ (яъне **васоқ**)* ба маънии хона; ва дар «Мадор» ба ин маънӣ ба каср (яъне **висоқ**)* навишта.

**ВУСУҚ** وثوق устуворӣ ва эътимод (аз «Мунтахаб» ва «Тоҷ-ул-луғот»).

**ВАСИҚ** وثیق устувор (аз «Сурох»).

**ВАСАН** وثن бут, ки аз санг ва дигар ашьё созанд (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**ВАСИҚА** وثیقه устувории аҳду паймон ва аҳднома (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАСАНӢ** وثنی бутпараст.

**Фасли вов маъа ҷими арабӣ**

**ВИҶО** وجا хасӣ кардан ва куштан; ва ба фатҳ (яъне **ваҷо**)* тарс ва андӯҳ ва силӣ задан (аз «Сурох»).

**ВАҶАБ** وجب лафзи арабист, ба маънии бадаст (бидист), ки ба ҳиндию урду балишт гӯянд (аз «Мадор»).

**ВУҶУБ** وجوب воҷиб шудан ва лозим шудан ва сазовор шудан ва муқаррар шудан ва тақозо кардан зоти вуҷуди худро, ай ҳастии худро ва номумкин будани адами ӯ (аз «Сурох» ва ғайра); ва гоҳе *мурод аз* он зоти ҳақ таоло бошад.

**ВАҶАНОТ** وجنات *ҷамъи* **ваҷна**, ки ба маънии рухсораи одамӣ бошад, ки баланд баромада бошад ва мӯи риш дар он ҷо намерӯяд ва он паҳлуи биниву зери чашм мебошад. Ва он мавзеъ агарчи ҷузви рухсора аст, магар *маҷозан* рухсораро гуфта мешавад (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ВАҶОҲАТ** وجاهت хубрӯӣ ва рӯшиносӣ ва иззат; ва ба касри вов (яъне

**виҷоҳат**)* хатост (аз «Қашф» ва «Музил» ва «Суроҳ»).

**ВАҶ(Ҷ)** وج номи давоест, ки онро агари туркӣ гӯянд; ва номи шаҳрест ба Тоиф (аз «Мунтахаб»).

**ВИҶД** وجد тувоно шудан ва тувонгар шудан ва ёфтан; ва билфатҳ (яъне **ваҷд**)* андухгин шудан ва шефта шудан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох»); ва дар урф ҳолати завқу шавқ, ки суфиёни самоъписандро мешавад.

**ВУҶУД** وجود ёфтани матлуб ва хастӣ (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох»); ва ба маънии ҷисм ва бадан, ки дар урф мустаъмал аст дар кутуби луғат ёфта нашуд, магар он ки *маҷоз* бошад. Ва чун забонзади баъзе сиқот аст, зохиран дуруст бошад.

**ВИҶОР** وجار чои мондани кафтор ва гург (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВАҶУР** وجور доруи рақиқ, ки дар халқ резанд (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ВАҶИЗ** وجیز бар вазни **фаъил**; кутоҳ ва мухтасар (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВАҶАЪ** وجع дард (аз «Қашф»).

**ВАҶЕЪ** وجیع дарднок (аз «Мунтахаб»).

**ВАҶИЛ** وجل касе ки аз ваҳм тарсон бошад; ва ба фатҳатайн (яъне **ваҷал**)* масдар аст, ба маънии тарсидан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва шарҳи «Нисоб»).

**ВИҶДОН** وجدان гумшударо ёфтан ва донистан ва дарёфтан (аз «Қашф» ва «Канз» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАҶҲ** وجه рӯ ва чехра ва тариқа ва тавр; ва ба маънии зот ва ҳақиқати чизе; ва он чи бад-он маъош карда шавад, чунончи замин ва мушохара; ва ба маънии сӯй ва ҷониб (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Канз» ва «Суроҳ»).

**ВИҶҲА** وجه дар охири ин лафз тои фавқонист, ки дар ҳолати вақф хо мешавад ва дар сурати изофат ва васфият ба каср мутаҳаррик шуда боз то мегардад ва бар вазни **фаъилат** мешавад; ва лафзи **виҷҳа** ба маънии тараф ва қибла ва мавзеъе, ки рӯ ба тарафи он карда шавад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ВАҶНА//ВИҶНА//ВУҶНА** وجنه мавзеъи рухсораи одамӣ, ки баланд баромада аст (аз «Мунтахаб»).

**ВУҶУҲ** وجوه *ҷамъи* **ваҷҳ**, ки маънии он мазкур шуд.

**ВАҶЕҲ** وجیه бар вазни **фаъил**; марди рушинос ва худованди ҷоҳ ва марди хубсурат ва ҳар чизи хушнумо (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**Фасли вов маъа ҳои муҳмала**

**ВАҲДАТ** وحدت ягона шудан ва танҳой ва яке будан (аз «Мунтахаб»).

**ВАҲИД** وحید ягона ва танҳо.

**ВАҲДАТУЛВУҶУД** وحدة الوجود ба истилоҳи мутасаввифин мавҷудотро ҳама як вуҷуди ҳақ субҳонаҳу таоло донистан ва вуҷуди мосиворо маҳзи эътиборот шумурдан, чунончи *мавҷ* ва *ҳубоб* ва *гирдоб* ва *қатра* ва *жола* — ҳамаро як об пиндоштан.

**ВАҲШ** وحش вахшиёни сахро; ва ин *ҷамъи* **ваҳшӣ**-ст; ва ба фатҳи вов ва касри ҳо (яъне **ваҳиш**)* ба маънии зишт (аз «Латоиф»).

**ВУҲУШ** وحوش *ҷамъи* **ваҳш** ва **ваҳш** *ҷамъи* **ваҳшӣ**-ст, ба маънии ҷонварони сахрой.

**ВАҲАЛ** وحل гил ва лой ва замине, ки ба об нарм шуда бошад (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қомус»).

**ВУҲДОН** وحدان *ҷамъи* **воҳид**.

**ВАҲЙИ МУНЗАЛ** وحی منزل иборат аз Қуръони маҷид.

**ВАҲЙ** وحی пайғоми худо ва сухани нарм.

**ВАҲДАТИ НАВЪЙ** وحدت نوعی воҳид будан аз рӯи навъ, чунончи *Зайд* ва *Амр* ва *Холид* ва *Валид*ро бо ҳам ваҳдати навъист, зеро ки эшон ҳама инсонанд.

**ВАҲШӢ** وحشی ҷонвари сахроии раманда аз мардум; ва ҷониби чапу ҷониби берунӣ аз баъзе андом дар муқобалаи инсӣ, ки ҷониби дарунии андомро гӯянд, масалан пушти дастро ҷониби ваҳшӣ гӯянд ва ка-

фи дастро ҷониби инсӣ номанд (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ВАҲДАТИ ИРОДӢ** وحدت ارادی воҳид донистан худои таолоро, яъне мусалмон шудан ба эътиқоди худ ва иродаи худ аз гуфтаи анбиё; ва баъзе чунин навишта, ки якдил будани мардумон ба иродаи худхо билоиҷбор, чунончи тобеъони анбиёро бошад.

**ВАҲДАТИ ҚАҲРӢ** وحدت قهری воҳид донистани худои таоло, яъне мусалмон шудан ба қаҳр ва ғалабаи салотини ислом; ва баъзе чунин навишта: ваҳдате, ки мардумонро ба қаҳру ғалабаи касе ҳосил шавад, чунончи нукарони салотинро, ки ба зоҳир ба ҳукми ҳоким муттафиқ ва муттаҳид бошанд ва ба ботин иттиҳоде надоранд.

**Фасли вов маъа хои муъҷама**

**ВАХОМАТ** وخامت носозгорӣ ва душворӣ ва гиронӣ (аз «Мунтахаб»).

**ВАХ** وخ муродифи воҳ-воҳ.

**ВАХ-ВАХ** وخ وخ калимаест, ки дар вақти хуш омадани чизе гуянд (аз «Мусталаҳот»).

**ВАХШ** وخش номи шаҳрест аз вилояти Хатлон; ва ба фатҳатайн (яъне **вахаш**)* номи маразест, ки баҳоимро бошад (аз «Латоиф» ва «Сурурӣ»); ва дар «Лубб-ул-албоб» гуфта, ки шаҳрест дар навоҳии Балх; ва дар «Бурҳон» ба фатҳатайн, номи беморист, ки аспро дар пой мешавад; ва билфатҳ (яъне **Вахш**)* номи шаҳре аз Бадахшон.

**ВАХИМ** وخم ногувор ва носозгор (аз «Латоиф»).

**ВАХИМ** وخیم душвор ва гирон ва бадгувор (аз «Мунтахаб»); ва дар «Қашф» ба маънии бад ва зишт.

**Фасли вов маъа доли муҳмала**

**ВАДИАТ** ودیعت амонат (аз «Мунтахаб»).

**ВИДОҶ//ВАДОҶ** وداج ба маънии раги гардан; ва он ду раг аст, ҳар дуро **видоҷайн** ва **видоҷон** гуянд.

**ВАДУД** ودود дуст (аз «Латоиф»).

**ВУД(Д)** ود дустӣ ва доно; ва билфатҳ ва ташдид (яъне **вадд**)* номи бути қавми Нуҳ алайҳиссалом, ки ба сурати мард буд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВАДОЪ** وداع падруд кардан (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва «Қашф» ва «Сурох» ва «Музил»); ва ба каср (яъне **видоъ**)* хондан навъе аз тафрис бошад.

**ВАДАЪ** ودع мухраи сифед, ки аз дарьё барояд; ба ҳиндӣ санкҳ гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Бурхон»).

**ВАДОЕЪ** ودایع амонатҳо; *ҷамъи* **вадиат** (аз «Мунтахаб»).

**Фасли вов маъа рои муҳмала**

**ВАРОЪ** وراء ба маънии пас ва ақиб ва ҷониби пас; ва ба маънии фарзанд; ва ба маънии сиво ва ғайра; ва ба фатҳ ва ба қаср, яъне бидуни мад (**варо**)* ба маънии махлуқот аз ҷинну инс; ва дар форсӣ *мухаффафи* **уро** (аз «Латоиф»).

**ВАРДМУРАББО** وردمربی ба маънии гулқанд.

**ВАРҚО** ورقا фохта ва кабутар (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАРХАҶ** ورخج забун ва палид (аз «Бурхон»).

**ВАРТИҶ** ورتیج номи тоире, ки ба арабӣ онро салво ва саммонӣ гуянд (аз «Бурҳон»).

**ВАРД** ورد гули сурх, ки арақи онро гулоб гуянд (аз «Мунтахаб»); ва ба каср (яъне **вирд**)* кори ҳаррузаи доимӣ; ва мавзеъи об хурдан ва об бардоштан (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВУРУД** ورود ба ҷое андаромадан (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ВАРИД** ورید бар вазни **ҷадид**; раги гардан (аз «Мунтахаб»); ва назди атиббо ҳар раге, ки дар он ҷаҳандагӣ ва ҳаракат набошад, ба *хилофи* **ширён**.

**ВАРАХС** ورخس вараме, ки дар буни нохун пайдо мешавад.

**ВАРЪ** ورع парҳезгорӣ; ва ба фатҳи вов ва касри ро (яъне **вареъ**)* парҳезгор (аз «Мунтахаб»).

**ВАРРОҚ** وراق коғазбурранда; ва марде, ки динору дирами бисьёр до-

рад; ва ба маънии нависанда; ва ба тахфиф (яъне **варок**)* сабзии замин аз гиёҳ (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Муайид»).

**ВАРАҚ** ورق барги дарахт ва коғази бурида; ва ба фатҳи вов ва касри ро (яъне **вариқ**)* дирами нуқраву сими маскук; ва ба замми вов ва сукуни ро (яъне **вурқ**)* кабӯтарон; чи ба ин маънӣ *ҷамъи* **варқо**-ст, ки (ба фатх) ба маънии кабутар ва фохта бошад.

**ВАРИК** ورك сурин ва кафал; ва ба сукуни ро (яъне **варк**)* низ омада (аз «Мунтахаб»).

**ВАРДУК** وردوك бар вазни **мардуд**; лафзи форсист; он чи аз коҳ ва най рост кунанд; ба ҳиндӣ чҳаппар гуянд (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ВИРНОК** ورناك номи чашмае, ки дар Қашмир аст.

**ВАРАЛ** ورل ҷонварест шабеҳ ба сақанқур ва сусмор (аз «Бурҳон»).

**ВАРАҚУЛХАЁЛ** ورق‌الخيال банг, ки ба ҳиндӣ бҳанг гӯянд.

**ВАРАМ** ورم омос ва доғ кардан (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Суроҳ»).

**ВАРАҚИ ХОМ** ورق خام коғази аҳли дафтар, ки ҳак ва ислоҳ дар он воқеъ нашуда бошад ва аз он диёнат ва хиёнати ин ҷамоат маълум мешавад.

**ВАРАҚ РЕХТАН** ورق ريختن мот кардан ва хароб кардан.

**ВАРХӮРДАН** ورخوردن мулоқӣ шудан.

**ВАРАҚ ГАРДОНИДАН** ورق گردانيدن феъли абас кардан ва айби беилмии худ нухуфтан ва вазъи қадимии худ якборагӣ тарк нумудан.

**ВАРТА** ورطه маҳалли ҳалокӣ ва замине, ки дар он роҳ набошад; ва *маҷозан* ба маънии гирдоб мустаъмал; ва ба касри вов (яъне **вирта**)* хатост (аз «Мунтахаб» ва «Бахр-ул-ҷавохир» ва «Латоиф» ва «Суроҳ» ва «Қашф»).

**ВАРАСА** ورثه меросёбандагон; ин *ҷамъи* **ворис** аст (аз «Мунтахаб» ва «Мадор»).

**ВАРЕ** ورى *имолаи* **варо**, ки ба маънии махлуқот аст.

### Фасли вов маъа зои муъҷама

**ВИЗОРАТ** وزارت (аз «Суроҳ»).

**ВИЗР** وزر геронӣ ва бори гирон ва пуштвора ва бардоштани бор бар пушт; ва ба маънии гуноҳ ва ба маънии силоҳ ва *ҷамъи* он **авзор** (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Суроҳ»).

**ВАЗИР** وزير он ки дар бардоштани бори касе шарик бошад (аз «Мунтахаб»); зоҳиран чун вазир дар муқаддима бардоштани бори салтанат ва риёсат бо султон муттафиқ мебошад, лиҳозо ба ин лақаб мулаққаб шуда.

**ВАЗИШ** وزش вазидагии бод; ва ин ҳосили билмасдар аст аз **вазидан.**

**ВАЗАҒ** ва **БАЗАҒ** وزغ و بزغ ҳирбо (аз «Мунтахаб»); ва дар «Мадор» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» ба маънии ғук навиштаанд; ва дар «Бурҳон» навишта, ки навъе аз чалпоса аст; ва дар «Суроҳ» ба маънии ҷонварест чун карбаса.

**ВАЗН** وزن (аз «Суроҳ»); ва ба фатҳатайн (яъне **вазан**)* хатост; ва дар форсӣ ба маънии иззат ва вақор низ мустаъмал аст.

**ВАЗОН** وزان дар форсӣ ба маънии равон аст; ва дар арабӣ билфатҳ ва ташдид (яъне **ваззон**)* бисьёр вазнкунанда; ва биззам ва ташдид (яъне **вуззон**)* вазнкунандагон.

**ВАЗАҒА** وزغه ҳирбо (аз «Мунтахаб»); ва дар «Мадор» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ» ба маънии ғук навиштаанд; ва дар «Бурҳон» навишта, ки навъе аз чалпоса аст; ва дар «Суроҳ» навишта, ки ҷонварест чун карбаса.

### Фасли вов маъа сини муҳмала

**ВУСТО** وسطى ба маънии ангушти миёнагӣ; ва ин *таъниси* **авсат** аст, яъне дар миён уфтода; ва дар **хинсир** ва **бинсир** нун зоида аст бар **буср** ва **хуср**. Пас **буср** далолат бар вузуҳ ва қувват мекунад ва **хуср**, ки ба маънии хурдӣ ва кутоҳист, далолат бар маънии аҷз ва кутоҳӣ мекунад. Ва ин хар ду ба эътибори қувват ва заъфи худ мусаммо бад-ин исм шуданд («Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ).

**ВАСТО** وستا ситоиши худо (аз «Мадор»); ва дар «Сикандарӣ» ба зам (яъне **вусто**)*.

**ВУСЪАТ** وسعت фарохӣ (аз «Мунтахаб»).

**ВАСОТАТ** وساطت дар миён шудан ва восита ва васила шудан (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох»).

**ВАСМАТ** وصمت доғ кардан; ва *маҷозан* тухмат кардан (аз «Мадор»).

**ВАСИТ** وسیت наздики ва дастовез (аз «Латоиф»).

**ВАСХ//ВАСАХ** وسخ чирк ва рим, ки ба ҳиндӣ онро майл гуянд; ва ба маънии римнок низ омада (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Латоиф» ва «Қашф»).

**ВАСОИД** وسائد болишҳо; ва ин *ҷамъи* **висода** аст.

**ВАСОВИС** وساوس *ҷамъи* **васвос.**

**ВАСТ** وسط ба маънии дар миён ва миёни ҳар чиз; ва ба фатҳатайн (яъне **васат**)* чизе ки миёна бошад, яъне мутавассит бувад дар тул ва каср ва фарбеҳӣ ва лоғарӣ ва дигар кайфиёт (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Латоиф» ва «Мадор»); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки ба фатҳатайн, ба маънии миёна, ки иборат аз миёни ҳақиқӣ ва марказ бошад; ва исми чизест, ки дар миён воқеъ шавад, мисли ангушти вусто; ва ба фатҳи вов ва сукуни син (яъне **васт**)* зарфи мубҳам аст, ба маънии дар миён.

**ВАСОИТ** وسائط *ҷамъи* **восита**; ва ба маънии василаҳо мустаъмал (аз «Мунтахаб»).

**ВАСИТ** وسیط бар вазни **фаъил**; он ки дар насаб миёна ва дар маҳал рафеъ бошад; ва китобест дар фиқҳ (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ВУСЪ** وسع фарохӣ ва дастрас ва тувоноӣ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Суроҳ»).

**ВАСМ** وسم нишон кардан ва айбу нишон ва доғ (аз «Латоиф» ва «Суроҳ»).

**ВАСИМ** وسیم бар вазни **фаъил**; ба маънии ҳасанулваҷҳ, яъне хубсурат ва ҷамил ва нишон кардашуда (аз «Суроҳ» ва ғайра); ва баъзе навишта, ки номи дарахт аст, ки шохи он сиёҳу сифед бошад.

**ВАСАН** وسن бар вазни **чаман**; хоб ва ғунудагӣ, ки муқаддимаи хоб аст (аз «Латоиф»); ва ба фатҳи вов ва касри син ва нун (яъне **васин**)* ба маънии хуфта (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ВИСОДА** وساده болиш ва болин (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Қашф»).

**ВАСМИЙ** وسمی борони бузургқатра (аз шарҳи «Нисоб»); ва борони аввалини баҳор (аз «Мунтахаб»).

**ВАСНӢ** وسنی ду зан, ки як шавҳар дошта бошанд; ҳар яке мар дигареро **васнӣ** бошад (аз «Бурҳон»).

**Фасли вов маъа шини муъҷама**

**ВУШТО** وشتا номи шарҳи «Жанд», ки китоби дини оташпарастон аст (аз «Бурҳон»)[242].

**ВУШОТ** وشات суханчинон ва ғаммозон ва дуруғгуяндагон; *ҷамъи* **вошӣ**, чунонки **қузот** *ҷамъи* **қозӣ**.

**ВАШТ** وشت хуб ва хуш (аз «Латоиф»).

**ВИШОХ//ВУШОХ** وشاح ба ҳиндӣ ҳар гуянд; ва ба маънии гулубанд (аз «Мунтахаб»).

**ВАШ** وش хуб ва хуш ва сара; ба маънии шабеҳ ва назир ва монанд; ва номи шаҳр аз Туркистон; ва навъе аз бофтаи абрешумӣ ва шамлаи дастор (аз «Бурхон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ВАШАҚ** وشق дар арабӣ бори як шутурро гуянд; ва он шаст соъ бошад (аз «Мунтахаб»); ва дар туркӣ ба фатҳатайн, навъе аз пустин; ва он дар асл ҷонварест дар Туркистон баробари рубоҳ сифедранг, ки доғҳои сиёҳ бар он бошанд (аз «Бурҳон»); ва дар «Латоиф» навишта, ки ба фатҳатайн, навъе аз пустин; ва ба замматайн (яъне **вушуқ**)* ғуломи содару; зоҳиран ба ин маънӣ *мухаффафи* **вушоқ** аст.

**ВУШОҚ** وشاق хидматгор ва ғуломи содару; ва ин туркист (аз «Латоиф» ва «Қашф» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ»); ва дар «Бурхон» ба

касри аввал (яъне **вишоқ**)* ба маънии ғуломи содару; ва ба маънии каниз омада.

**ВАШИҚ** وشيك шитобикунанда; ва ба маънии пайки тезрафтор (аз «Сурох» ва ғайра).

**ВАШАЛ** وشل оби андак (аз «Сурох»).

**ВАШТАН** وشتن ракс кардан (аз «Бурҳон»).

**ВАШИ** وشی навъе аз ҷомаи абрешумии мансуб ба шаҳри **Ваш** аст (аз «Муайид»); ва дар «Мунтахаб» ба маънии ҷомаи рангин.

**Фасли вов маъа соди муҳмала**

**ВАСОЁ** وصايا *ҷамъи* **васийят.**

**ВАСАБ** وصب бемори ва ранҷ (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ВУСЛАТ** وصلت пайванд ва хеши ва пайвастагӣ; ва билфатҳ (яъне **васлат**)* пораи чизе (аз «Мунтахаб»).

**ВАСМАТ** وصمت айб (аз «Бахр-ул-ҷавоҳир» ва «Сурох»).

**ВАСИЙЯТ** وصيت андарз кардани озими сафар ё шахсе қарибулмавт дусти худро, ки баъди ман чунон ва чунин бояд кард.

**ВАСИД** وصيد остона (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**ВАССОЛ** وصال бисьёр пайвандкунанда; ва ба замми вов ва ташдид (яъне **вуссол**)* *ҷамъи* **восил**; ва ба каср ва тахфиф (яъне **висол**)* пайвастан.

**ВАСЛА** وصله пораи ҷома ва коғаз ва ғайра.

**ВАСӢ** وصی он ки ба у васият карда бошад (аз «Мунтахаб»); ва низ *кинoя* бошад аз ҳазрати Алӣ каррамаллоху ваҷҳаху.

**Фасли вов маъа зоди муъҷама**

**ВАЗЪ** وضع ниҳодан (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии тартиб; ва ба маънии сохтан низ мустаъмал; ва ба замми вов ва сукуни зоди муъҷама (яъне **вузъ**)* ба маънии он бача, ки нутфа барои ҷисми у дар охири айёми тухр, наздик ба ҳайз дар раҳими модар баста шавад, музға гардад. Ва он бача заъифулхилқат бошад (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАЗЕЪ** وضيع бар вазни **фаъил**; фурумоя ва нокас (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох»).

**ВУЗӮ** وضو масдар аст, ба маънии рӯ шустан; ва *маҷозан* ба маънии рӯ ва дасту по шустан барои намоз; ва ба фатҳи вов (яъне **вазӯ**)* ба маънии обе, ки бад-он вузу кунанд (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Қашф» ва «Музил» ва «Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ).

**ВАЗИМА** وضيمه бар вазни **мадина**; зиёфати мотам (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ВАЗЗОҲАТ** وضاحت бисьёр рушан; ва ба маънии рушанкунанда.

**Фасли вов маъа тои муҳмала**

**ВАТО** وطا рафтан ва поймол кардан; ва ба касри вов ва ҳамза дар охир (яъне **витоъ**)* бо касе мувофақат кардан ва ҷомае, ки бар хавдаҷ ва ғайри он бияндозанд; ва ба маънии бистар ва ниҳолин ва либос (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва ғайра).

**ВАТАР** وطر ҳоҷат (аз «Мунтахаб»).

**ВАТВОТ** وطواط парасту, ки онро хаттоф низ ғуянд; ва ба ҳиндӣ абабил номанд; ва лақаби шоире ба сабаби кутоҳӣ ва лоғарии ҷисми у (маънии аввал аз «Мунтахаб»).

**ВАТӢ** وطی ба маънии ҷимоъ; ва поймол кардан (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**Фасли вов маъа зои муъҷама**

**ВАЗИФА** وظيفه чизе ки барои касе харруза муқаррар шуда бошад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**Фасли вов маъа айни мухмала**

**ВИЪО** وعا ованд ва зарф (аз «Қашф» ва «Сурох»).

**ВАЪИД** وعيد ваъдаи бад; ва ин хос дар боби шар ва бадӣ мустаъмал аст, чунончи касе ғуяд, ки ман туро фардо хохам зад; ва мисли он,

ба хилофи **ваъда**, ки он дар хайр мустаъмал аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ВУЪУД** وعود *ҷамъи* **ваъда**.

**ВАЪВАЪ** وعوع овози саг (аз «Латоиф»); ва дар шарҳи «Нисоб» овози шағол ва гург.

**ВАЪДА** وعده навид додан дар некӣ ва хабар додан дар бадӣ, магар аксар дар некӣ ва хайр мустаъмал аст (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Баҳори Аҷам»).

### Фасли вов маъа ғайни муъҷама

**ВАҒО** وغا ҷанг ва шуру ғавғо; ва ба касри вов (яъне **виғо**)* хатост (аз «Сурох» ва «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ВАҒД** وغد камина ва фурӯмоя ва нокас (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

### Фасли вов маъа фо

**ВАФО** وفا ваъда ба ҷо овардан ва ба сар бурдани дӯстӣ ва аҳди сухан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАФОТ** وفات масдар аст аз муҷаррад ба зиёдати то; ва ба маънии марг (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ВИФОҚАТ** وفاقت мувофақат ва созворӣ кардан.

**ВАФД** وفد ба расулӣ ва элчигарӣ пеши касе рафтан; ва *ҷамъи* **вофид** низ омада (аз «Мунтахаб»).

**ВУФУД** وفود *ҷамъи* **вафд** аст ва **вафд** (билфатҳ) исми *ҷамъи* **вофид** аст ва **вофид** ба маънии ба расулӣ пеши касе раванда; ва ба маънии он ки бар маркаби наҷиб сувор шавад; пас **вуфуд**, ки *ҷамъулҷамъи* **вофид** аст, ба маънии расулон ва пайғомбарандагон ва суворони маркаби наҷиб бошад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва баъзе ба маънии гурӯҳ ва қабила навиштаанд. Магар дар кутуби муътабараи луғот ба ин маънӣ дида нашуда.

**ВУФУР** وفور тамом шудан ва бисьёр шудан ва ба маънии бисьёрӣ мустаъмал (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва ба фатҳ (яъне **вафур**)* хатост.

**ВИФОҚ** وفاق созгорӣ кардан (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»); ва ба маънии муҳаббат ва иттифоқ мустаъмал мешавад.

**ВАФҚ** وفق созвор ва мувофиқ ва басанд (писанд)* (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Кашф» ва «Мадор»).

**ВАФЗА** وفضه бар вазни **қабза**; ба маънии таркаш (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВАФИЙ** وفی тамом ва комил (аз «Сурох»).

### Фасли вов маъа қоф

**ВАҚОҲАТ** وقاحت беҳаёӣ ва бешармӣ ва беадабӣ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Хиёбон»).

**ВИҚОЯТ** وقایت нигаҳ доштан ва паноҳи чизе; ва ҳар чи бад-он чизе нигоҳ доранд; ва муқаввои китоб; ва номи китобе дар фиқҳ (аз «Сурох» ва «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ВАҚИАТ** وقیعت ба маънии маломат ва айбгӯӣ аз ақиби мардум ва ғаммозӣ (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ВАҚЪАТ** وقعت сахтӣ ва осеби кор (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАҚЕҲ** وقیح бар вазни **фаъил**; бешарм (аз «Латоиф»).

**ВАҚҚОД** وقاد фурӯзанда ва бисьёр афрухташаванда.

**ВАҚУД** وقود ҳезум ва он чи бад-он оташ афрузанд; ва ба зamматайн (яъне **вуқуд**)* масдар аст, ба маънии оташ афрӯхтан (аз «Мунтахаб»).

**ВАҚИД** وقید он чи бад-он оташ афрӯзанд, мисли ҳезум ва коҳ (аз «Мунтахаб»).

**ВАҚОР** وقار орамидагӣ ва оҳистагӣ ва ҳилм ва тамкин ва гиронборӣ; маъхуз аз **вақр** (билфатҳ) ба маънии гиронбор шудан аст (аз «Сурох» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Музил» ва «Қомус» ва «Баҳрул-ҷавоҳир»); ва ба касри вов (яъне **виқор**)* хондан навъе аз тафрис аст.

**ВИҚР** وقر боре, ки онро ҳар ё астар тувонад бардошт ва миқдори

он чиҳил соъ бошад; ва билфатҳ ва сукуни қоф (яъне **вакр**)* гиронии гуш ва гирон шудан; ва *маҷозан* ба маънии ҳилм ва тамкин (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва ғайра).

**ВАҚҚОС** وقاص гарданшикананда (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб»); ва дар «Мадор» ва «Қашф» ба маънич чангчу; ва дар «Шарҳи девони Ҳофиз» навишта, ки номи яке аз асҳоб, ки дар фанни камондорӣ ва тирандозӣ маҳорати тамом дошт.

**ВИҚОЪ** وقاع чимоъ; ва чанг (аз «Латоиф» ва «Суроҳ»).

**ВАҚЪ** وقع ҷои баланд (аз «Суроҳ»); ва *маҷозан* ба маънии эътибор ва иззат.

**ВАҚОЕЪ** وقایع руйдодҳо ва ҳаводис ва аҳвол ва ахбори корзорҳо; *ҷамъи* **вақъа**, ки ба маънии фитна ва қатл аст. Пас ба маънии аввал *маҷоз* бошад аз маънии охир (аз «Суроҳ» ва ғайра); ва касоне ки *ҷамъи* **воқеъа** донанд, хатост.

**ВУҚУЪ** وقوع уфтодан ва фуруд омадани мурғ (аз «Мунтахаб»); ва *маҷозан* ба маънии зоҳир шудани ҳар шайъ.

**ВАҚЕЪ** وقیع баланд ва рафеъ; маъхуз аз **вақъ**, ки ба маънии ҷои баланд ва сари кӯҳ аст.

**ВАҚФ** وقف истодан дар ҷое ва истодан ва таваққуф нумудан дар калом ва донистан ва мутталеъ шудан; ва он чи дар мулки касе набошад ва ба роҳи худо онро гузошта; ва дар баъзе ҷо ба маънии мутлақи ато мустаъмал мешавад (аз «Суроҳ»).

**ВУҚУФ** وقوف донистан ва огоҳӣ; ва ба маънии истодан (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Латоиф»).

**ВАҚВОҚ** وقواق номи ҷазира аст ва дар он ҷо дарахтон бошанд, ки самари онҳо ба сурати инсон бошад нар ва мода. Тули ҳар як ба қадри як даст, аз мақоми ноф ҷӯбе ба дарахт пайваста. Ба вақти шаб гиръя мекунанд ва сухан ҳам менумоянд ва меҷунбанд. Ва чун аз дарахт ҷудо кунанд бимиранд. Ва *маҷозан* он дарахтро низ **вақвоқ** гуянд (аз «Бурҳон» ва «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ВИҚОЯ** وقایه нигаҳ доштан ва паноҳи чизе; ва ҳар чи бад-он чизеро нигоҳ доранд ва муқаввои китоб; ва номи китобе дар фиқҳ (аз «Суроҳ» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**ВУҚИЙЯ** وقیه номи вазни муқаррарӣ; ва он чиҳил дирам бошад (аз «Латоиф»).

**ВАҚИ** وقی нигаҳ доштан.

### Фасли вов маъа коф

**ВАКОЛАТ//ВИКОЛАТ** وکالت (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Суроҳ»).

**ВАКР** وکر ошьёнаи мурғ (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Суроҳ» ва «Латоиф»).

**ВАКС** وکس нуқсон ва зиён (аз «Латоиф»).

**ВИКОФ** وکاف полони асп ва хар (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ВАКИРА** وکیره бар вазни **фаъила**; зиёфати бинои хонаи нав (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

### Фасли вов маъа лом

**ВИЛО** ولا дустӣ ва маҳаббат ва паёпай кардани коре ва наздикии айём; ва ба фатҳ (яъне **вало**)* ёрон ва мероси бандаи озод (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Канз»).

**ВАЛАДУЗЗИНО** ولدالزنا зодаи ҳаром; ва дар истилоҳ парвонаҳо ва кирмҳо ва дигар ҳашарот, ки дар айёми баршигол пайдо мешаванд ва ба тулуъи ситораи Суҳайл бимиранд.

**ВУЛОТ** ولات *ҷамъи* **волӣ**; ба маънии ҳокимон ва дӯстон; ва ба ташдиди лом (яъне **вуллот**)* хатост; ҳамчунин **қузот** (ба тахфифи зоди муъҷама) *ҷамъи* **қозӣ**.

**ВИЛОДАТ** ولادت зоидан (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ВИЛОЯТ** ولایت як мулки подшоҳ ва замини ободон; ва мутакаффили кори касе шудан ва тасарруф ва дустӣ; ва ҳукумат ва имората сул-

тон; ва тақарруби бандаи нек бо худои таоло; ва ба фатҳ (яъне **валоят**)* ёрӣ додан ва садоқат (аз «Тафсири Ҷалолин» ва «Қомус» ва «Мадор» ва «Музил» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам» ва «Кашф» ва «Сурох»).

**ВУЛУҶ** ولوج даромадани чизе ба чизе (аз «Мунтахаб»).

**ВАЛИАҲД** ولیعهد мутасарриф ва ҳокими вақт; ва ба истилоҳ ба маънии касе ки подшоҳ ӯро ба ҳини ҳаёти худ ба ирода ва марзӣ бар ҷои хеш нишонда мухтори салтанат гардонад.

**ВАЛУД** ولود зане, ки фарзандони бисьёр орад.

**ВАЛИД** ولید кӯдак; ва номи чанд ашхос (аз «Мунтахаб»).

**ВАЛАЪ** ولع хирс ва фирефтагӣ; ва биззам (яъне **вулъ**)* ба маънии дурӯғ (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Хиёбон»).

**ВУЛӮЪ** ولوع ҳарис шудан; ва ба фатҳи аввал ва заммӣ сонӣ (яъне **валӯъ**)* ҳарис (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВУЛӮҒ** ولوغ об хӯрдани саг ва даҳан ба об ниҳодани саг ба қасди хӯрдан (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ВАЛАҲ** وله саргаштагӣ ва ишқ; ва хашму ғазаб (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ВАЛВАЛА** ولوله вовайло гуфтан (аз «Мунтахаб»); ва ба маънии ҷӯшу хурӯш мустаъмал аст; ва дар «Бурҳон» ба маънии ошӯб ва ғавғо; ва дар «Сурох» бонгу фарьёд.

**ВАЛИЙЯ** ولیه полони хар ва асп (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВАЛИМА** ولیمه бар вазни **рақима**; ба маънии зиёфати арӯси, яъне зиёфати шодии кадхудоӣ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох»).

**ВАЛИЙ** ولی дуст ва садиқ ва ёридиҳанда; ва мутасарриф ва соҳиб ва худованд; ва бандаи неки муқарраби ҷаноби ҳақ таоло; ва ин лафз мақтуъулизофат меояд, чунонки *валиаҳд* ва *валинеъмат* (аз «Қомус» ва «Баҳори Аҷам»).

**Фасли вов маъа нун**

**ВАН** ون меваи зира, ки андаруни оч мағзаке бошад; ба ҳиндӣ чирунҷӣ гуянд; ва калимаи ташбеҳ аст, ба маънии монанд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ВАНДА** ونده таратезак (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ВАНӢ** ونی сустӣ кардан дар корҳо ва мондагӣ (аз «Сурох» ва шарҳи «Нисоб»).

**Фасли вов маъа ҳо**

**ВАҲҲОБ** وهاب бисьёр бахшанда.

**ВАҲҲОҶ** وهاج афрӯхта ва фурӯзон ва рушан ва дурахшанда (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Мадор» ва «Сурох»).

**ВАҲҶ** وهج шуъла задани оташ; ва ба фатҳатайн (яъне **ваҳаҷ**)* афрухтагӣ ва сузиши оташ (аз «Мунтахаб»).

**ВИҲОД** وهاد заминҳои паст ва нишеб; ва ин *ҷамъи* **ваҳда** аст (аз «Сурох»).

**ВАҲАҚ** وهق каманд (аз шарҳи «Нисоб»).

**ВАҲМ** وهم рафтани дил ба сӯи чизе беқасд ва гумон бурдан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАҲН** وهن бар вазни **саҳн**; ба маънии сустӣ (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Латоиф»); ва Мавлоно Юсуф ибни Монеъ дар «Шарҳи Нисоб» навишта, ки истеъмоли ин лафз дар суст шудани аъзост.

**ВАҲДА** وهده замини паст ва нишеб ва ҳамвор (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ВАҲ** وه калимаи тааҷҷуб ва таҳсин ва афсус (аз «Хиёбон»).

**ВАҲЛА** وهله тарсидан ва тарс ва навбат ва карат (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ВАҲМА** وهمه дарди зеҳ, яъне дарди вилодат.

**ВАҲБӢ** وهبی бахшидашуда ва ато кардашуда.

**ВАҲӢ** وهی суст шудан; ва истеъмоли ин лафз дар чизҳои нарм кунанд, мисли суст шудани ҷома (аз «Шарҳи Нисоб»-и Юсуф ибни Монеъ).

### Фасли вов маъа ёи тахтонӣ

**ВЕС** ویس номи маъшуқа, ки Ромин бар-у ошиқ буд; ва билфатҳ (яъне вайс)* дар арабӣ калимаи истеҳқор аст (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ВАЙҲ** ویح калимаи мадх; ва ба маънии зиҳӣ; ва калимаи тараҳҳум ва таҳсин; ва калимаи афсус; ва калимаи танбеҳ; ва калимаи зачр низ аст.

**ВАЙЛ** ویل дар арабӣ ба маънии вой бошад, ки калимаи афсус аст; ва ба маънии адоват ва сахтӣ ва шуру фиғон бар мусибат; ва ба маънии халок; ва номи водист аз дузах (аз «Сурох» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **вайл** дар асл **вой** будааст, ба маънии ҳузн; ломро зиёда кардаанд ва аз асл ангоштанд.

**ВИРОН** ویران маънии он маъруф аст (аз «Баҳори Аҷам»).

## БОБИ ҲО

### Фасли ҳо маъа алиф

**ҲО** ها дар араби исми феъли амр аст, ба маънии бигир (аз шарҳи «Нисоб»); ва дар форсӣ ҳарфи ҷамъ ва гоҳе зоид низ меояд, чунончи *одобҳо*; чи **одоб** *ҷамъи* **адаб** аст, хоҷат ба лафзи **ҳо** надорад. Ва ҳарфи **ҳо** бар ду қисм аст: аввал **ҳои музҳар** (ба замми мим ва фатҳи ҳо), яъне хуб ба талаффуз ояд. Ва он дар аввал ва авсат ва охири калимот ояд, чунончи лафзи *ҳарчанд* ва *ҳама* ва *меҳр* ва *чеҳр* ва *моҳ* ва *гувоҳ*; дуввум **ҳои мухтафӣ** ва он дар охири калимот воқеъ шавад ва ба талаффуз дарнаёяд ва иктифо ба ҳаракати мокаблаш кунанд. Ва ин **ҳои мухтафӣ** бар чанд **қисм** аст: аввал он ки мулҳақ ба феъли мозӣ гардад ба ҷиҳати интиҳо ва итмоми ҳаракат. Ва ин **ҳо** зоид бошад барои фасоҳат, чун *гуфта* ва *карда* ва *нишаста* ва *бархоста*. Ва ин **ҳо**-ро ба талаффуз овардан фасоҳат нест. Ва ҳамчунин **ҳо**-и *ошкора* ва *хора*, ки ба алиф мубаддал шудааст мустаҳсанутталаффуз набошад. Дуввум **ҳо-и нисбат**, чунончи *замона* мансуб ба *замон*; ва навъест аз **ҳо-и нисбат**, агарчи он дар ҳақиқат ҳои зоида аст, магар ин қадар ҳаст, ки аксар баъди ё ва нуни нисбат мулҳақ шавад, чунончи *заррина* ва *пашмина* ва *суфолина* ва *камина*. Ва назоири ин бисёр аст. Ва қисме дигар аст аз **ҳо-и нисбат**, ки баъди ё ва нуни нисбат воқеъ нашавад, мансубилайҳро моддаи сурат мансуб набошад, чун *даста*, яъне он чи аз аҷзои баъзе ашьё, ки ба даст гирифта шавад. Севвум **ҳо**-и **фоил**, чунончи *ҳаркора* ва *нокора* ва *гӯянда* ва *ҷӯянда*. Чаҳорум **ҳо-и мафъул**; ва он баъди сиғаи воҳиди мозии мутлақ ояд ва маънии шуда аз ӯ мустафод шавад, чунончи *харида* ва *газида* ва *чакида* ва *кушта* ва *ғайра*. Панҷум **ҳо-и тасмия**; ва он он аст, ки дар авохири асмо ва афъол мулҳақ созанд ва ба нисбати асли моддаи алам қарор диҳанд, чунончи *лола* ва *сабза* ва *зарда* ва *нила* ва *сифеда* ва *дида* ва *гурда* ва *хока* ва *паймона* ва *нишона* ва *реза*. Шашум **ҳо-и микдория**; ва он барои таъини микдор дар авохири асмо ояд, чунончи *якруза* ва *якшаба* ва *думоҳа* ва *садсола* ва *даҳмарда*. Ҳафтум **ҳо-и вақт**; ва он дар авохири асмои арабӣ дар бадали тои қарашат ва гоҳе дар бадали тои масдария ва гоҳе дар бадали тои таънис ва ғайра омада, чунончи *раҳмат* ва *раҳма* ва *давлат* ва *давла* ва *ҳикмат* ва *ҳикма* ва *оқила* ва *комила* ва *болиға* ва *зоҳида* ва *ҷамила* ва *мастура*. Ҳаштум **ҳо-и замири музаккари** *мухаффафи* **ҳува**; ва он дар иборати арабӣ ояд, чунончи дома *иқболуҳу* ва *наволуҳу* ва *ҷалолуҳу* ва *саламаҳу*. Нуҳум **ҳо-и ташбеҳ**; ва он дар авохири асмо баъди алифу нуни ҷамъ ояд, чун *дустона* ва *ҳакимона* ва *ошиқона* ва *зарифона* ва *шоҳона* ва *ғарибона* ва *каримона* ва *одилона* ва *девона* ва *дандона*, яъне чизе ки мушобеҳ ба дандон бошад; ва *забона* ба маънии шуъла, зеро

ки мушобаҳат ба забон аст ва *гуша* мушобаҳат ба гуш, зеро ки гуш ҳар ду канораи руй аст, на дар васати руй. Даҳум ҳо-и **ҳолия**; ва он баъди феъли мозӣ ва ғайра ояд ва маънии ҳолат аз у мурод доранд, чун *хуфта уфтода буд*; ва *нишаста мехурд*; ва *сувора мерафт*. Ёздахум **ҳо**-и **отифа,** ки мавсила низ номанд, чунончи *хурда рафт*; ва *кашида бурд*; ва *аз таъом фароғат ёфта сувор хоҳам шуд*; ва баъзе ин **ҳо**-ро **ҳо**-и **тааққабия** низ гуянд. Дувоздаҳум **ҳо**-е бошад, ки дар васати калима зоид ояд, чунончи *Рустам* ва *Рустҳам* номи писари Зол ибни Сом ва *Зардушт* ва *Зардҳушт* номи возеъи дини оташпарастӣ. Сездаҳум **ҳо**-и **исмия**, зеро ки дар охири баъзе асмо воқеъ мешавад, чун *хома* ва *ома* ба маънии давот; ва *ҷома* ва *ғалла* ва *калима*. Чаҳордаҳум **ҳо**-и **масдария**; чунончи *зора* ба маънии зорӣ. Ва бидон ки **ҳо** гоҳе ба **алиф** бадал шавад, чун *ҳеч* ва *эч*; ва ба **бои арабӣ**, чун *кӯҳа* ва *куба* (ба кофи арабӣ ва вови маҷҳул) ба маънии мавҷи об; ва ба **бои форсӣ**, чун *кӯҳ* ва *кӯп*, тарчамаи ҷабал; ва ба **ҷими арабӣ**, чун *ногоҳ* ва *ногоч* ва *моҳ* ва *моч*; ва ба **хои муъчама**, чун *ҳалопуш* ва *халопуш,* ба маънии ошуб ва ғавғо ва *ҳазина* ва *хазина* ва *ҳасту* ва *хасту* ба маънии муқир ва муътариф; ва ба **дол**, чун *шанбе* ва *шанбед* ба маънии аввали рӯзи ҳафта; ва ба **сини муҳмала**, чун *роҳ* ва *рос*; ва ба **ғайни муъчама**, чун *мулҳам* ва *мулғам* ба вазн ва маънии марҳам; ва ба **фо**, чун *туҳ* ва *туф* (биззам); ва ба **кофи арабӣ**, чун *парвона* ва *парвонак*, ҷонваре ки пешопеши шер овоз кунад; ва ба **лом**, чун *чоҳ* ва *чол*; ва ба **мим**, чун *босара* ва *босарам* (ба бои арабӣ ва син ва рои муҳмалатайн) замине, ки барои зироат ороста бошад ва *паноҳ* ва *паном*; ва ба **вов** низ бадал шавад; ва ба **ё**, чун *роҳгон* ва *ройгон.*

**ҲОҲУНО** ههنا ба маънии ин ҷо.

**ҲОИБ** هائب тарсанда ва бимнок (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҲОРИБ** هارب гурезанда (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҲОДИМУЛЛАЗЗОТ** هادم‌اللذات ба маънии вайронкунандаи лаззатҳо; ва ин лақаби малакулмавт аст, яъне фириштае, ки қобизи арвоҳ аст.

**ҲОТИ** هات исми феъл ба маънии амр, яъне бибахш ва биёр (аз «Мунтахаб»).

**ҲОРУТ** هاروت номи яке аз он ду фиришта, ки дар чоҳи Бобул овехта шудаанд. Агар касе бар сари он чоҳ ба талаби ҷоду равад, уро таълим кунанд (аз «Бурҳон»).

**ҲОР** هار ба маънии уфтода ва мунҳадимшаванда (аз «Мунтахаб»); **ҳор** дар асл **ҳоир** аст; айни уро, ки ҳамза аст ва дар асл вов буд, ҳазф карданд, хилофи қиёс мисли шок. На мақлуби **ҳоир** аст, чунонки баъзе гумон бурдаанд, зеро ки эъроби у мисли эъроби саҳеҳ аст, на мисли **қозӣ** (аз «Ҷорбардӣ»); ва лафзи **ҳор** дар ҳиндӣ ба маънии ҳамоили гул аст; ва дар форсӣ низ мустаъмал мешавад.

**ҲОПУР** هاپور номи шаҳр қариби Деҳлӣ.

**ҲОБИТ** هابط фурудоянда (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҲОЪ** هاع баддил ва ғардил (аз «Сурох»).

**ҲОЕЪ** هائع марди баддил ва ғардил (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҲОТИФ** هاتف овоздиҳанда; ва ба ҳамин сабаб ба маънии фиришта, ки аз олами ғайб овоз диҳад; ва ин исми фоил аст аз **ҳатф**, ки ба маънии овоз додан аст (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҲОИ МУШАҚҚАҚ** های مشقق *киноя аз* ҳои дучашмӣ.

**ҲОЛ** هال лафзи форсист, ба маънии илойчии сифед ва қарор ва ором ва милҳо, ки ба ҷиҳати чавгонбозӣ ба ҳар ду сари майдон аз санг ва гаҷ созанд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҲОТИЛ** هاطل абри бисьёрборанда (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ҲОБИЛ** هابیل номи фарзанди Одам алайҳиссалом, ки Қобил уро кушт.

**ҲОЙЛ** هائل хавлнок ва шадид ва тарсонанда; муштақ аз **ҳавл**.

**ҲОДИМ** هادم шикастакунандаи имо-

рат ва харобу вайронкунандаи биноҳо.

**ҲОИМ** هائم шефта ва саргашташаванда дар ишқ ва саргардон дар ғайри роҳи рост ва сахт ташнашаванда (аз «Мунтахаб»).

**ҲОШИМ** هاشم номи падари чадди расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ки камоли хушхулқ буданд.

**ҲОРУН** هارون номи пайғамбаре, ки бародари калони Мусо алайҳиссалом буданд ва ба рафоқати Мусо қиём доштанд; ва номи халифаи Бағдод, ки уро Ҳоруни Рашид мегуфтанд, нихоят соҳибмурувват буд; ва ба маънии қосид ва пайк ва нақиб ва посбон низ омадааст (аз «Қашф» ва «Бурҳон» ва шурӯҳ).

**ҲОМОН** هامان номи кофире, ки вазири Фиръавн буд (аз «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Латоиф»).

**ҲОВАН** هاون чизе бошад аз чӯб ё аз оҳан ё биринч, ки дар он ғалла ё адвия мекубанд (аз «Баҳр-ул-чавоҳир» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Ачам»); ва дар «Сурох» навишта, ки **ҳован** (ба фатҳи вов) *муарраби* **ҳовун** аст, ки лафзи румӣ бошад, *чамъи* он **ҳавовин**, мисли **қонун** ва **қавонин**. Пас ҳазф карданд аз он вови сониро ва фатҳ доданд вови аввалро, чаро ки дар каломи араб фоил ба замми айн наёмада.

**ҲОМУН** هامون дашт, ки замини ӯ хамвор бошад (аз «Сурурӣ» ва «Латоиф» ва «Бурхон»).

**ҲОН** هان ба маънии хабардор бош; ва ин калимаи танбеҳ аст (аз «Бурҳон»).

**ҲОМА** هامه косаи сар ва пешонӣ; ва меҳтар; ва ба маънии бум ва низ ҷонвари хазанда (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»).

**ҲОИЛА** هائله ҳавлнок ва тарсонанда.

**ҲОЛА** هاله ба форсӣ онро хирмани моҳ гӯянд; ва он доирае бошад, ки гоҳ-гоҳ гирдогирди моҳу офтоб пайдо мешавад ва он аломати борон бошад; ва баъзе навишта, ки **ҳолаи моҳ** далели борон ва **ҳолаи меҳр** далели муқотала (аз «Мунтахаб» ва ғайра); ва дар форсӣ ба маънии лавн ва ранг; ва ба маънии қарор ва ором (аз «Бурҳон»).

**ҲОВИЯ** هاویه номи дӯзахи ҳафтум; ва он охирин ва асфали табақа аст аз ҳафт табақоти дузах (аз «Латоиф»).

**ҲОЛГОҲ** هالگاه майдони чавгонбозӣ.

**ҲОРУНӢ** هارونی ба маънии қосидӣ ва нақибӣ ва посбонӣ.

**ҲОРУТӢ** هاروتی ба маънии соҳир ва соҳирӣ (аз фарҳанге навишта шуда).

**ҲОШИМӢ** هاشمی мансуб ба **Ҳошим**, ки чадди Абдуллоҳ ва падари Абдулмутталиб ва писари Абдулманоф буд.

**ҲОИ ҲУДОӢ** های هدائی ба маънии ҳои ҳавваз.

### Фасли ҳо маъа бои муваҳҳада

**ҲАБО** هبا ғубор ва гард ва ҳаво, ки аз равзан дар офтоб пайдо ояд (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох»); ва *маҷозан* ба маънии ҳақир ва залил ва хору ночиз.

**ҲУБУБ** هبوب вазидани бод (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҲИБАТ** هبت бахшидан ва бахшиш.

**ҲАБТ** هبط фуруд овардан ва нуқсон кардан (аз «Мунтахаб»).

**ҲУБУТ** هبوط фурӯд омадан (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»); бидон ки **ҳубут** кавокиби зидди шараф аст. Чун кавкаб ба маҳалли ҳубут расад, далел аст бар пастии аҳволи мансуботи он кавкаб. Ва **ҳубути офтоб** дар Мизон аст ба дарачаи нуздаҳум; ва **ҳубути қамар** дар Ақраб ба дарачаи севвум дар манзили зубоно.

**ҲУБАЛ** هبل номи буте, ки дар Қаъба ниҳода буданд; ва ба касри аввал ва фатҳи муваҳҳада ва ташдиди лом (яъне **ҳибалл**)* ба маънии коҳил ва гиронтан (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Қомус»).

**ҲИБА** هبه бахшидан (аз «Мунтахаб»).

**ҲАБ ЛӢ** هب لی ишорат ва талмеҳ аст ба дуъои Сулаймон алайҳиссалом, ки гуфт: *«рабби ҳаб лӣ мулкан лоянбағӣ ло ҳадда мин баъдӣ»*, эй

парвардигор, бибахш маро мулке, ки сазовор нест ва назебад ҳеч касро аз паси ман.

### Фасли ҳо маъа тои фавқонӣ

**ҲИТР** هتر сухани бефоида ва сахтии замона; ва *маҷозан* ба маънии ғайбат ва пардадарӣ (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ҲАТТОК** هتاك пардадар, яъне касе ки парда аз рози мардум бидарад (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҲАТК** هتك пардадарӣ (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ҲАТТИЯПУР** ва **ҲАТТИЯПУЛ** هتيه‌پور و هتيه‌پول ҳар ду якест; номи ҷое, ки дар аҳди Шоҳиҷаҳон подшоҳ ду фили маст барои сиёсат якеро ба ҷониби рост ва дигареро ба суи чап мебастанд.

**ҲАТНОЛЧӢ** هتنالچی касе ки ҳатнолро сар диҳад; ва **ҳатнол** лафзи ҳиндист, ба маънии тупи кучак, ки бар пушти пил баранд.

### Фасли ҳо маъа ҷим

**ҲИҶО** هجا ҳаҷв кардан ва никуҳидан ва ба эъроб адо кардан ҳуруфро (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»); ва **ҳуруфи ҳиҷо** *киноя аз* алиф, бо, то, со.

**ҲИҶРАТ** هجرت гузоштан ва ҷудо шудан аз хонумон.

**ҲАҶЪАТ** هجعت хобу хуфтан (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҲУҶУД** هجود ба шаб бедор будан ва хуфтан ва ба шаб намоз кардан; ва ин аз луғоти аздод аст (аз «Кашф» ва «Суроҳ»).

**ҲАҶР** هجر масдар аст ба маънии ҷудоӣ кардан; ва билкаср (яъне **ҳиҷр**)* исми масдар аст ба маънии ҷудоӣ (аз «Кашф» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**ҲИҶҶИР** هجير хӯй ва одат; ва **ҳаҷир** (ба фатҳи ҳо ва касри ҷим) бар вазни **фаъил**, гармои нимрӯз ва ҳавзи фарох (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**ҲУҶӮЪ** هجوع хоб ва ором (аз «Кашф» ва «Сурох» ва «Мадор» ва «Мунтахаб»).

**ҲАҶЛ** هجل замини нишеби миёни ду куҳ (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»); ва дар «Мунтахаб» ба фатҳатайн (яъне **ҳаҷал**)*.

**ҲАҶВ** هجو мазаммат кардан; ва баъзе мардум аз беилтифотӣ ба фатҳи аввал ва замми ҷим (яъне **ҳаҷув**)* хонанд, ғалат аст.

**ҲАҶМА** هجمه галаи шутурон, ки аз чиҳил шутурон зиёда бошанд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**ҲИҶРӢ** هجری мансуб ба ҳиҷрати расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, ба ҳазфи тои масдарӣ; ва соҳиби «Аҷоиб-ул-булдон» овардааст, ки сабаби вазъи таърихи ҳиҷрӣ он аст, ки Абимусои Ашъарӣ, ки ҳокими Яман буд, дар замони хилофати ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу нома навишт, ки аз ҷониби шумо мактубҳое, ки ба ман судур менумоянд, таърихаш маълум намешавад, ки кадом вақт навишта шуда. Бояд ки агар бори дигар нома барнигоранд, ба таъйини таърихи он бояд пардохт. Пас халифаи дуввум ба асҳоби пайғамбар алайҳиссалоту вассалом ба ҷиҳати вазъи таърих машвара нумуд. Баъзе гуфтанд, ки бинои таърих бар вафоти сарвари коинот бояд ниҳод, ки воқеъаи азим бувад. Халифаи дуввум ин писанд накарда, ки маро аз ин амр ба сабаби ёди вафоти он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама ҳар лаҳза ғаме тоза рӯ хоҳад дод. Ва баъзе гуфтанд, ки бинои кор бар мабъаси он сарвари мавҷудот бояд сохт. Ин маъниро низ написандиданд, ки аз ин андӯҳу алам зиёда хоҳам кашид, зеро ки дар он вақт ба залолат гирифтор будам. Ҳар гоҳ, ки таърихи куфри худам ёд хоҳад омад, ба шиканҷаи ҳумум кашида хоҳам шуд. Пас ин уқдаи молоянҳал марқум сохта ба ҳазрати Алии Муртазо алайҳиссалом фиристоданд. Он ҳазрат ишорат ба ҳиҷрат фармуданд. Пас бинобар ишорати он ҳазрат мабдаъи таърих аз ҳиҷрат нумуданд. Чи ҳиҷрат ибтидои зафар ва нусрат ва қуввати ислом буд. Аз он вақт рӯз ба рӯз давлати ислом тараққӣ пазируфт. Ва ҳиҷрат иборат аст аз омадани Хайрулбашар аз Мак-

каи муаззама ба сабаби изои куффор ба Мадинаи мунаввара ба таърихи бисту ҳафтуми сафар аз Макка баромада, се руз дар ғор таваққуф фармуда ба ғурраи рабеъулаввал аз ғор равона шуда, ба таърихи дувоздаҳуми рабеъулаввал ба Мадина дохил шуданд. Ва ин таҷвизи **таърихи ҳиҷрӣ** ба соли ҳафтдаҳум буда аз ҳиҷрат, яъне ба вақти муайян кардани таърихи ҳиҷрӣ ҳафтдаҳ сол бар ҳиҷрат гузашта буд. Чун он ҳазрат иродаи ҳиҷрат аз ибтидои муҳаррам пешниҳоди хотир доштанд, лиҳозо ба вақти таърих ибтидои азм мўътабар дошта ин тафовут, як моҳу бисту шаш рўз, аз назар андохтанд. Ё он ки муҳаррам ашҳар аз шуҳури ҳаром буд, аз ин боис ибтидо аз муҳаррам карданд.

### Фасли ҳо маъа доли муҳмала

**ҲУДО** هدا ростӣ ва роҳи рост (аз «Мунтахаб»).

**ҲАДОЁ** هدايا *ҷамъи* **ҳадийя**; ба маънии туҳфаҳо (аз «Мунтахаб»).

**ҲУДОТ** هدات ҳидояткунандагон; ва ин *ҷамъи* **ҳодӣ**-ст.

**ҲАДАР** هدر мубоҳ шудани хун рехтани касе ва ботил ва зоеъ ва ночиз шудан (аз «Кашф» ва «Сурох» ва «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**ҲАДИР** هدير бонги кабутар ва бонги шутур (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҲИДОЪ** هداع баддил (аз «Кашф»); ва дар кутуби луғат ёфта нашуда, магар **ҳизоъ** (ба касри аввал ва золи муъҷамаи арабӣ), ба маънии марди заъиф ва баддил дар «Қомус» мастур аст.

**ҲАДМ** هدم вайрон кардан ва баруфтодагии бино ва харобӣ; ва билкаср (яъне **ҳидм**)* ҷомаи кўҳна (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Латоиф»).

**ҲИДОН** هدان баддил ва аҳмақ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҲУДН** هدن сулҳ (аз «Мунтахаб»).

**ҲУДА** هده хақ ва фоида; ва **беҳуда** аз ин ҷост (аз «Рашидӣ»).

**ҲАДИЙЯ** هديه ба маънии туҳфа; ва ба сукуни дол ва фатҳи ёи таҳтонӣ низ ба каломи асотиза мустаъмал аст; ва ба истилоҳ қимати Қуръони маҷидро гўянд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Баҳори Аҷам» ва «Кашф» ва «Музил» ва «Латоиф»).

**ҲАДӢ** هدى шутур ва гуспанд; ки ба Каъба барои қурбонӣ фиристанд (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»); ва ба замми ҳо ва фатҳи дол ва дар охир алиф ба сурати ё (яъне **ҳудо**)* ба маънии ростӣ ва роҳи рост нумудан (аз «Сурох»).

### Фасли ҳо маъа золи муъҷама

**ҲУЗАЙЛ** هذيل номи қабилаест аз араб (аз «Латоиф»).

**ҲАЗАЁН** هذيان суханҳои беҳуда гуфтан дар беҳушии мараз (аз «Мунтахаб» ва «Кашф»); ва соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки ин лафзро форсиён ба сукуни сонӣ (яъне **ҳазён**)* низ истеъмол кунанд.

### Фасли ҳо маъа рои муҳмала

**ҲАРРО** هرا гулулаҳои зару нуқраи мушобеҳ ба ҳалила, ки дар сохти зини асп ба кор баранд; *маҷозан* ба маънии мутлақи зевар ва ҳамоили асп; ва биззам ва ташдид (яъне **ҳурро**)* шўр ва фарьёд ва овози муҳиб; ва ба маънии тарсу бим ва дурахшидан; ва ба касри аввал ва тахфифи ро (яъне **ҳиро**)* *мухаффафи* **Ҳирот** (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон»).

**ҲАРАБ** هرب фирор кардан ва гурехтан ва шиддати ҳузн (аз «Музил» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**ҲАРОТ** هرات аз «Музил»; ва соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки агарчи лафзи **Ҳарот** номи шаҳре, ки дорулмулки Хуросон аст, ба каср (яъне **Ҳирот**)* шуҳрат дорад, магар Фозили Чалабӣ дар ҳавошии мутаввал **Ҳарот**-ро (ба фатҳи аввал) оварда, тамма каломуҳу; ва дар «Лубб-ул-албоб» ва «Бурҳон» низ ба фатҳ аст.

**ҲАРҲАФТ** هرهفت *киноя аз* зинати занон; ва он ҳафт ороиш аст мар занонро. Ва он: васма ва ҳино ва

гулгуна ва сифедоб ва зарак ва ғолия ва сурма (аз «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам»); зоҳиран ин ороиши занони вилоят аст. Ва дар баъзе фарҳанг чунин ба назар омада ва забони баъзе низ масмуъ шуда, ки ороиши **ҳарҳафти** занони Ҳиндустон ин аст: пушок ва зевар ва ҳино ва сурма ва пон ва мисси ва оростагии мӯи сар.

**ҲАРАҶ** هرج саргаштагии шутур аз сахтии гармо; ва билфатх (яъне **ҳарч**)* фитна ва ошуб (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҲИР(Р)** هر ба араби гурбаро гӯянд, ки ҳайвони маъруф аст; ва билфатҳ ва тахфиф (яъне **ҳар**)* дар форси калимаест, ки ифодаи маънии умум кунад ва гоҳе ифодаи маънии шарт кунад, чунонки гуй: *ҳар ки ин ҷо ояд, уро салом кунам.* Ва овардани ин лафз бар сиғаи ҷамъ дар каломи кудамо шоеъ аст, хусусан дар қасоиди Хоқонӣ ва ҳамчунин дар ин иборати Абулфазл, ки баромадан ба ҳар вуҷуҳ муносиб медонад (аз «Баҳори Аҷам»); ва лафзи **ҳарр** (билфатҳ ва ташдид) ба маънии сохти асп, мисли зин ва лигом (аз «Сурурӣ»).

**ҲАРИР** هریر бар вазни **фақир**; бонги саг (аз «Мунтахаб» ва «Канз»).

**ҲАРГИЗ** هرگز ба маънии ҳеч вақт ва ҳеч замон ва ҳамеша ва лоязол (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ҲУРМӮЗ** هرموز номи ҷое қариби Язд.

**ҲУРМУЗ** هرمز номи рӯзи аввал аз ҳар моҳи шамсӣ; ва номи ситораи Муштарӣ; ва номи писари Нушервон, ки падари Хусрави Парвез буд (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҲИРМОС** هرماس шери дарранда (аз «Мунтахаб»).

**ҲИРМИС** هرمس исми Идрис пайғамбар алайҳиссалом, ки ҳам набӣ ва ҳам подшоҳ ва ҳам ҳаким буданд. Риёзиро, ки ҳисобу ҳандаса ва ҳайъат ва нуҷум бошад, пайдо карда (аз «Бурҳон» ва «Мадор»); магар соҳиби «Бурҳон» ин лафзро ба замми аввал ва севвум (яъне **Ҳурмус**)* навишта ва гуфта, ки ду ҳакими дигар **Ҳурмус** ном будаанд; ва соҳиби «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки *муарраби* Ҳурмуз аст, ки *мухаффафи* Ҳурмуз (هرمز) аст, ба маънии Муштарӣ.

**ҲИРОВУЛ** هراول фавҷе, ки аз ҳама пеш бошад (аз луғоти туркӣ).

**ҲИРҚИЛ** هرقل лақаби подшоҳи Рум; ва онро Азимуррум низ гӯянд; ва ин лафз ба касри аввал ва фатҳи сонӣ ва сукуни қоф (яъне **Ҳирақл**)* низ омадааст (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҲАРАМ** هرم пирӣ ва сахт пир шудан; ва ба фатҳи аввал ва касри сонӣ (яъне **ҳарим**)* марди пири куҳансол (аз «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф» ва «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ» ва «Мадор»).

**ҲАРУМ** هروم номи шаҳр ва номи паҳлавон (аз фарҳанге навишта шуд).

**ҲАРЗШОН МАРЗШОН** هرزشان مرزشان ба маънии букъа ва маконшон (аз «Фарҳанги Маснавӣ»).

**ҲАРАМОН** هرمان биноест дар мулки Миср; ва он ду гунбад аст сангини бағоят қадим, ки ҳукамо қабл аз туфон таъмир кардаанд. Ва баъзе гӯянд, ки Идрис алайҳиссалом сохтаанд ва он аз туфон хароб нашуда. Ҳазрати Али каррамаллоҳу ваҷҳаҳу аз сурати тилисмаш, ки каргасест панҷпояро дар панҷа гирифта, таърихи бинояш маълум фармуданд: *«банияларамон аннаср фиссаратон».* Аз ин зоҳир мешавад, ки тақрибан панҷ ҳазор сол пештар аз Одам аз ҷин бино шудааст. Чи ҳоло Наср дар Ҷадӣ аст. Ва Наср дар ду ҳазор сол як бурҷ тай мекунад.

**ҲАР СЕ ДАКАН** هر سه دکن *кино͡я аз* Беҷопур ва Ҳайдаробод ва Давлатобод.

**ҲАРВ** هرو задан ба ҳирова; ва **ҳирова** (ба касри аввал) чӯбдасте гундаро гӯянд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**ҲИРОСА** هراسه сурате ки боғбон дар боғи фолиз барои маҳфуз мондан аз туюр созанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҲАРЗА** هرزه беҳуда (аз «Мадор» ва «Баҳори Аҷам»).

**ҲАРОЙИНА** هرآينه ба маънии ночор; ва ба фатҳи ро, чунонки баъзе гу-

мон баранд, хатост (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Музил» ва «Бурҳон»).

**ҲИРОҲ** هراه Ҳирот.

**ҲИРМИСИЙЯ** هرمسیه мансуб ба **Ҳирмис**, ки номи Идрис алайҳиссалом аст; ва номи ҳаким.

**ҲИРРА** هره гурбаи мода (аз шарҳи «Нисоб»).

**ҲАРВАЛА** هروله навъе аз рафтор, ки онро пуя низ гуянд (аз «Латоиф»).

**ҲАРИСА** هریسه навъе аз ош аст, ки аз гандуми куфта ва гушту равған ва намак ва масолеҳ рост кунанд (аз «Ойини Акбарӣ»).

**ҲИРӢ** هری номи шаҳрест дар Хуросон машҳур ба **Ҳирот** (аз «Бурҳон»); ва баъзе навишта, ки **ҳирӣ** (ба касратайн) ба маънии фуру рехтани ганҷ аст. Чун он шаҳрро ба сабаби фуру рехтани ганҷ таъмир кардаанд, **лиҳозо ба ин исм** мусаммо шуд.

**ҲАРРОЙ** هرای ҳалила ва гулулаҳои зару нуқраи мушобеҳ ба ҳалила, ки дар сохти зини асп ва яроқ[244] ба кор баранд; ва биззам (яъне **ҳуррой**)* ба маънии тарс ва хавф ва дурахшидан ва овози муҳиб; ва ба ин маънӣ ба фатҳи аввал ҳам дуруст аст; ва билкаср (яъне **ҳиррой**)* ба маънии фуру рехтан (аз «Бурҳон»); ва дар баъзе шуруҳ *маҷозан* ба маънии зини мурассаъ низ навишта; ва ба маънии гулула, ки дар ҷарас ва зангула мебошад.

**ҲАР ДУ ЯКӢ** هر دو یکی фаннест дар куштӣ, ки як даст аз болои души ҳариф гузаронида бар пушти камараш расонида ва дасти дуввум дар миёни ҳар ду ронаш даровар-да ҳар ду дасти худро бо ҳам мунзам сохта ба зӯр бар замин задан аст (аз «Мусталаҳот» ва «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**ҲАРЗАДИРОЙ//ҲАРЗАДАРОЙ** هرزه درای беҳудагу; чи **даройидан** ба маънии овоз кардан аст; ва ҷарасро ба ҳамин ҷиҳат **даро** гуянд (аз «Хиёбон»).

**ҲАРЗАЛОЙ** هرزه لای беҳудагу; чаро ки **лойидан** ба маънии гуфтан аст.

**ҲАРАВӢ** هروی мансуб ба суи **Ҳарот**, ки шаҳрест ба Хуросон; ва **ҳаравӣ** (ба фатҳатайн) номи қисме аз хафт ақсоми (забони)* форсӣ; ва зоҳиран ин низ мансуб ба **Ҳарот** аст (то лафзи Хуросон аз «Лубб-ул-албоб» ва боқӣ аз ҷои дигар).

**Фасли ҳо маъа зои муъҷама**

**ҲАЗОРОВО(З)** هزارآواز *киноя аз* булбул.

**ҲАЗОРҶАРИБ** هزارجریب номи мақом, ки маскани шиъиён аст дар Эрон (аз «Мусталаҳот»).

**ҲАЗЗАТ** هزت айшу тараб.

**ҲАЗИМАТ** هزیمت шикаст (аз «Мунтахаб»).

**ҲАЗАҶ** هزج дар луғат овози ботаранну ми хушоянда аст; ва номи баҳре аз буҳури шеър. Чун сурудҳои араб аксар ба ин вазн аст, лиҳозо ин баҳр бад-ин исм мусаммо гардид. Вазнаш ҳашт бор мафоӣлун аст. Ба лиҳози зиҳофот аснофи ин бисьёр аст.

**ҲАЗОРМЕХ** هزارمیخ навъе аз либоси фуқаро, ки ба риштаҳои гунда ҷо ба ҷо дузанд.

**ҲАЗАД** هزد ҷонвари обӣ, ки онро ба ҳиндӣ уд гӯянд (ба вови маҷҳул); ва ба турки қундуз (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҲАЗОР** هزار булбул; ва номи бозии ҷаҳоруми нард (аз «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Баҳори Аҷам»); ва дар «Рашидӣ» навишта, ки **ҳазор** навъе аз булбул аст.

**ҲИЗАБР** هزبر шери дарранда (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Суроҳ»); ва ба заммӣ аввал ва зои форсӣ (яъне **ҳужабр**)* чунонки баъзе мардум гуянд, хатост.

**ҲАЗОҲАЗ** هزاهز ҷунбиш ва гурехтагӣ, ки аз тарси хасм дар лашкар уфтад.

**ҲИЗОЪ** هزاع марди заъифи баддил (аз «Қомус» ва «Суроҳ»).

**ҲУЗОЛ** هزال лоғарӣ (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҲАЗЛ** هزل сухани беҳуда ва масхарагӣ ва лоғар кардан (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҲАЗДАҲ ҲАЗОР ОЛАМ** هژده هزار عالم соҳиби «Басоир» овардааст, ки дар ҳар рубъе аз арбоъи олам аз шарқиву ғарбӣ ва ҷанубию шимолӣ чаҳор ҳазору понсад олам аст, ки маҷмуъ ҳаздаҳ ҳазор бошад; ва дар «Хилофат-ул-манокиб» аз Саййидалии Ҳамадонӣ мазкур аст, ки олам сесаду шаст ҳазор бошад; ва баъзе гуянд ҳафтод ҳазор; ва баъзе ҳаздаҳ олам гуянд, чунончи ақлийя ва нурийя ва руҳийя ва нафсийя ва табъийя ва ҷисмийя ва унсурийя ва мисолийя ва хаёлийя ва барзахийя ва ҳишрийя ва чинонийя ва ҷаҳаннамийя ва аърофийя ва руъятийя ва суварийя ва ҷамолийя ва камолийя. Маҷмуъи ин аволим дар ду олами зоҳир ва ботин, ки ғайбу шаҳодат аст, мундариҷ аст (аз «Латоиф»); ва баъзе чунин навишта, ки олами уқул ва олами арвоҳ ва олами афлок, ки нуҳ аст ва олами аносир, ки чаҳор аст ва олами маволид, ки се бошад, маҷмуъ ҳаздаҳ мешавад.

**ҲАЗОРДОСТОН** هزار داستان булбул (аз «Бурҳон»).

**ҲАЗМОН** هزمان *мухаффафи* **ҳар замон** (аз «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҲАЗ(З)А** هزه ҷунбонидан; ва билкаср (яъне ҳиз(з)а)* ҷунбиши суворон ва ғавғои нишот (аз «Латоиф»).

**ҲАЗОРПОЯ** هزار پایه кирмест маъруф, ки дар ҳинди канслай гуянд.

**ҲАЗИНА** هزینه бар вазн ва ба маънии **хазина;** ва ба маънии **харҷ ва** нафақаи иёл; ва ба маънии ҳамеша (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҲАЗОРХОНА** هزارخانه шиканбаи гуспандон, ки онро чорхона низ гуянд.

**ҲАЗОРӢ** هزاری кazди куштигирон касе ки ҳар руз ҳазор тахта шаланг нумояд.

**Фасли ҳо маъа шини муъҷама**

**ҲАШТ БИҲИШТ** هشت بهشت яке хулд, дуввум доруссалом, севвум дорулқарор, чаҳорум ҷаннати адн, панҷум ҷаннатулмаъво, шашум ҷаннатуннаъим, ҳафтум иллийин, ҳаштум фирдавс.

**ҲИШТ** هشت сиғаи мозист аз **ҳиштан,** ба маънии гузоштан.

**ҲАШТ СИФОТ** هشت صفات маърифати аллоҳ; ва илм; ва шукр дар ҳама ҳол; ва ризо ба қисмати азалӣ; ва сабр бар бало ва қиллати ризқ; ваттаъзим лиамриллоҳ; ва шафақат ало халқиллоҳ; ва иффат.

**ҲАШ(Ш)** هش шодон ва кушодару (аз «Мунтахаб» ва ғайра); ва биззам (яъне ҳуш)* дар форсӣ *мухаффафи* **ҳӯш** (هوش).

**ҲАШШОШ** هشاش хандонрӯ (аз «Суроҳ»).

**ҲАШТУ ЧАҲОР ЧАШМИ ФАЛАК** هشت و چهار چشم فلک *киноя аз* дувоздаҳ буруҷи фалак.

**ҲИШТАН** هشتن гузоштан ва раҳо кардан (аз «Бурҳон»).

**Фасли ҳо маъа зоди муъҷама**

**ҲАЗМ** هضم шикастани чизе ва шикастани таъом дар меъда (аз «Латоиф» ва «Суроҳ»).

**ҲАЗБА** هضبه замини баланд ва пушта (аз «Суроҳ» ва «Нисоб»).

**Фасли ҳо маъа тои муҳмала**

**ҲАТЛОН** هطلان борони заъиф, ки чанд руз мутавотир борад (аз «Суроҳ» ва «Мунтахаб» ва ғайра).

**Фасли ҳо маъа фо**

**ҲАФТ ДАРЬЁ** هفت دریا аввал **дарьёи Ахзар**, ки арзи он понсад фарсанг бошад ва ҷазоири ободи бисьёр дорад. Ва яке аз ҷазоири он Сарандеп аст. Бар ҷониби шарқии он Чин ва ба ғарбии он Яман ва шимолӣ Ҳинд ва ба ҷанубӣ дарьёи Муҳит ва тули ин баҳр ҳазор фарсанг; дуввум **дарьёи Уммон**, ба ҷониби шарқии он Форс ва ғарбии он қасабаи Уммон ва ба ҳамин сабаб онро баҳри Уммон гуянд ва бар шимолии он Ироқи Араб ва Хузистон ва ҷанубии баҳри Ҳинд ва тули ин дарьё яксаду ҳафтод фарсанг; севвум **дарьёи Қулзум,** чи **Қулзум** шаҳрест кучак бар канораи дарьё, ки дарьёро ба он ном хонанд ва онро баҳри Аҳмар низ гу-

янд. Ва тулаш баробари тули рубъи маскун ва арзаш чаҳорсаду шаст фарсанг; чаҳорум **дарьёи Барбар** ва он баҳрест аз баҳри Ҳинд ва ҷазираи Қанилу аз билоди Фаранг дар ин баҳр аст, ки дар аҳди хулафои Аббосия мусалмонон фатҳ карданд. Ва тӯли ин баҳр якҳазору се фарсанг ва арзаш мутафовит, дар баъзе маҳал ду-се фарсанг, ниҳояти паҳнояш дусаду шаст фарсанг; панҷум **дарьёи Укьёнус**, ки билоди аксои мулки мағриб ба сохили ин баҳр мунтаҳо мешавад. Ҷазоири Холидот дар ин баҳр аст. Ва ибтидои ин аз хатти истиво ба ҷониби мағриб. Ва чун ин баҳр бар шимолӣ ва ғарбии Румия ва Фаранг аст, баҳри Зулумот низ хонанд. Дар он ҷо нури офтоб камтар расад. Ба вақти нисфуннаҳор мисли субҳи содиқ рӯшанӣ бувад ва боқӣ ба ҳама вақт шаб. Тӯли ин баҳр якҳазору сесаду сию шаш фарсанг; шашум **дарьёи Кустантания**, ки онро Баҳруррум низ гӯянд. Тӯлаш аз баҳри Риқон, ки шуъбаи баҳри Муҳит аст, то ба қалъачаи Сикандар якҳазору сесад фарсанг ва арзаш аз Искандария то диери Фаранг дусаду шаш фарсанг; ҳафтум **дарьёи Асвад**, ки онро баҳри Узоқ низ гӯянд, чи Узоқ мавзеъест бар сохилаш ва бар ҷониби шарқии он Тохон аст. Ва он ҳадди мулки Чингизхон аст, ки ба дашти Хифчоқ машҳур аст. Ва тӯли ин дарьё якҳазору сесад мил. Ва аз Каъбулаҳбор разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ҳақ таоло ҳафт баҳр бадин тафсил офарида: аввал баҳри Муҳит, ки онро Набташ ном бошад; дуввум баҳри Қайс; севвум баҳри Асам; чаҳорум баҳри Музлим; панҷум баҳри Мармос; шашум баҳри Сокин; ҳафтум баҳри Мокӣ. Аз ин баҳрҳо ҳар яке бар дигаре муҳит аст. «Қамо қолаллоҳу таоло валбаҳру юмаддаҳу мин баъдиҳи сабъатулбуҳурин» (аз «Тазкираи Миръот-ул-хаёл» марқум шуда); ва дар «Бурҳон» навишта, ки **ҳафт дарьё** ин аст: аввал дарьёи Чин; дуввум дарьёи Мағриб; севвум дарьёи Рум; чаҳорум баҳри Набташ; панҷум баҳри Табария; шашум баҳри Ҷурҷон; ҳафтум баҳри Хоразм.

**ҲАФТ ҚУРРО** هفت قرا аввал Нофеъ; дуввум Абуамр; севвум Ибни Омир; чаҳорум Осим; панҷум Ҳамза; шашум Кисоӣ; ҳафтум Абдуллоҳ ибни Қасир.

**ҲУФТ** هفت даме аз шароб ва об, ки ба туркӣ қурт ва ба арабӣ ҷуръа номанд (аз «Бурҳон»).

**ҲАФТУ ҲАШТ** هفت و هشت *киноя аз* гуфтори хусуматангез (аз «Мусталаҳот»).

**ҲАФВАТ** هفوت лағзиш ва хато кардан; ва *маҷозан* ба маънии беҳудагӯӣ (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ҲАФТ ҚИРОЪАТ** هفت قرائت қироъати аввал аз Нофеъи Маданист; қироъати дуввум аз Абдуллоҳ ибни Қасири Маккӣ; қироъати севвум аз Абуамри Басрӣ; қироъати чаҳорум аз Ибни Омири Шомӣ; қироъати панҷум аз Осими Куфӣ; қироъати шашум аз Ҳамзаи Куфӣ; қироъати ҳафтум аз Алии Куфии мулаққаб ба Кисоӣ.

**ҲАФТОДУ ДУ МИЛЛАТ** هفتادودوملت бояд донист, ки ҳамагӣ миллатҳо ҳафтоду сеанд: яке аз он суннат ва ҷамоат ва ҳафтоду ду сивои он. Бидон ки дар асл шаш гурӯҳанд: рофизийя, хориҷийя, ҷабрийя, қадарийя, ҷаҳимийя, мурҷийя. Ва ҳар гурӯҳе аз инҳо дувоздаҳ фирқа дорад. **Баёни фирқаҳои рофизийя** ин аст: **алавийя**, ки ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳуро набӣ гӯянд; **абадийя** Алиро шарик донанд; **шиъа** гӯянд: ҳар ки ҳазрати Алиро аз ҷамеъи сахоба дӯсттар надорад, кофир аст; **исҳоқийя** гӯянд, ки нубуввват хатм нашудааст; **зайдийя** гӯянд: дар имомати намоз ба ҷуз авлоди Алӣ дигареро нашояд; **аббосийя** ба ҷуз Аббос ибни Абдулмутталиб касеро имом надонанд; **имомийя** заминро аз имоми ғайб холӣ надонанд ва намоз нагузоранд магар паси Банӣ Ҳошим; **норисийя**[245] гӯянд, ки: ҳар ки худро бар дигаре фозил донад, кофир аст; **мутаносихийя** гӯянд: чун ҷон аз қолаб барояд равост, ки дар колбуди дигаре дарояд; **лоъинийя** Талҳа ва Зубайр ва Оишаро лаънат кунанд; **роҷеъийя** гӯянд, ки Алӣ бори дигар ба дуньё

хохад омад ва ҳоло дар абр мемонад; **муртазийя** гуянд, ки ба ҷанг пеш омадан бо подшоҳи мусалмон равост. **Баёни фирқаҳои хориҷийя**: **азрақийя** гуянд: касе дар хоб накуӣ набинад, зеро ки ваҳӣ мунқатеъ шудааст; **риёзийя** гӯянд, ки имон қавли солеҳ ва амали солеҳ ва нийят ва суннат аст; **саълабийя** гуянд, ки корҳои мо ҳосил шудаанд ба хоби[246] ҳақ таоло, на ба қудрату хоҳиши ӯ; **хозимийя**[247] гуянд, ки фарзийяти имон шинохта нашудааст; **халфийя** гуянд, ки гурехтан аз муқобалаи куффор, ки дучанд бошанд, куфр аст; **кузийя** гуянд, ки бадан бидуни бисёр молиш пок намешавад; **канзийя** гуянд, ки додани закот фарз нест; **муътазила** гуянд, ки шар ба тақдири илоҳӣ нест ва намоз ба имомати фосиқ раво нест ва имон аз касби банда аст ва Қуръон махлуқ аст ва мурдагонро аз дуъо ва садақа нафъ намерасад ва меъроҷ беш аз Байтулмуқаддас нест ва китобу ҳисоб ва мизон ҳеч нест ва фириштагон аз муъминин афзаланд ва руъяти ҳақ дар қиёмат нахоҳад шуд ва кароматн авлиё ҳеч нест ва аҳли ҷаннатро хуфтан ва мурдан аст ва мақтул ба мавти худ намемирад ва аломоти қиёмат мисли Даҷҷол ва ғайра ҳеч нест; **маймунийя** гӯянд, ки имони билғайб ботил аст; **муҳкамийя** гуянд: ҳақ таолоро бар халқ ҳукм нест; **сироҷийя** гуянд, ки аҳволи пешиниён на ҳуҷҷат аст ва инкор кардан бар он воҷиб; **ахнасийя** гуянд: намерасад ҷазои амал ва уҷри он ба банда. **Баёни фирқаҳои ҷабрийя**: **музтарийя** гуянд, ки хайру шар ҳама аз худост ва нест бандаро дар он ҳар ду ихтиёр; **афъолийя** гуянд: барои банда феъл аст, валекин бидуни қудрат ва ихтиёр; **маъийя** гӯянд: барои банда феъл ва қудрат аст ба ғайри тоқат додани ҳақ таоло; **торикийя** гуянд, ки баъд аз имон чизи дигар фарз нест; **бахсийя** гуянд: ҳар ки хаст насиби худ мехурад, пас чизе додан касеро зарур нест; **мутаманнийя** гуянд, ки хайр он хайр аст, ки нафс бад-он тасаллӣ ёбад; **каслонийя**[248] гуянд: савобу азоб зиёда намешавад ба амал; **ҳабибийя** гуянд, ки дуст ҳаргиз азоб накунад дусти худро; **хавфийя** гуянд, ки дуст ҳаргиз натарсонад дустро; **фикрийя** гуянд, ки фикр дар маърифати ҳақ аз ибодат беҳтар аст; **ҳасабийя** гуянд, ки дар олам қисмат нест; **ҳуҷҷатийя** гуянд, ки чун корҳо ба тақдири худост, бар банда ҳеч ҳуҷҷат нест, ки бад-он гирифтор шавад. **Баёни фирқаҳои қадарийя**, ки мегуянд: банда мухтори феъли худ аст, дар итмоми умур ба мадади ҳақ таоло муҳтоҷ нест; **аҳадийя** гуянд, ки моро ба фарз иқрор аст, бар суннат инкор; **санавийя** гуянд, ки некӣ аз яздон аст ва бадӣ аз аҳриман; **кайсонийя** гуянд, ки афъоли мо махлуқ аст ё на; **шайтонийя** гуянд, ки шайтонро вуҷуд нест; **шарикийя** гуянд, ки имон ғайри махлуқ аст, гоҳ бошад ва гоҳ набошад; **ваҳмийя** гуянд, ки феълҳои моро мукофот нест; **радидийя** гуянд, ки дуньё фонӣ нест; **нокисийя** гуянд, ки хуруҷ бар имом ҷоиз аст; **мубаттарийя** гуянд, ки тавбаи гунаҳгор қабул нест; **қоситийя** гуянд, ки касби илму мол ва ҳикмату риёзат фарз аст; **низомийя** гуянд, ки ҳақ таолоро шайъ гуфтан равост; **муаллафийя** гуянд, ки намедонем шар муқаддар аст ё на. **Баёни фирқаҳои ҷаҳимийя**, ки муттафиқанд бар ин ки имон билқалб аст, на ба забон ва мункири азоби қабр ва суоли Мункару Накир ва ҳавзи Қавсар ва малакулмавт ва каломи ҳақ ба Мусо алайҳиссаломанд ва ихтилоф доранд дар миёни худҳо; **муатталийя** гуянд, ки асмои ҳақ таоло ва сифоти ӯ махлуқанд; **мутаробисийя** гуянд: илму қудрат ва машийят махлуқанд ва хулқ ғайри махлуқ аст; **мутароқибийя** гуянд, ки ҳақ таоло дар макон аст; **воридийя** гуянд: ҳар ки дар дузах равад боз берун нахоҳад омад ва муъмин дар дузах нахоҳад рафт; **ҳарақийя** гуянд, ки аҳли дузах чунон сузанд, ки аз эшон як асар дар дузах намонад; **махлуқийя** гуянд, ки Қуръони маҷид ва Таврот ва Инҷил ва Забур махлуқанд; **ибрийя** гуянд, ки Муҳаммад расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама марде буд оқил ва ҳаким, на расул; **фонийя** гуянд, ки ҷаннат ва дузах ҳар ду фано хоҳанд шуд; **занодиқийя** гуянд, ки бувад меъроҷ ба

рух, на бар тан ва ҳақ таоло маръист дар дунье ва оламро қадим гуянд ва қиёматро мункиранд; **лафзийя** гуянд: Қуръон каломи қорист, на каломи илоҳӣ, магар маънии Қуръон каломи илоҳист; **қабрийя** мункири азоби қабранд; **воқифийя** гуянд, ки дар махлуқийяти Қуръон моро таваққуф аст. **Баёни фирқаҳои мурҷийя,** ки бар ин муттафиқанд, ки пайғамбарон барои низоми кори олам хавф ва раҷо менумоянд, вагарна ҳақ таоло бениёз аст аз азоб кардан бар бандагон; **торикийя** гуянд, ки хеч чизи дигар баъди имон фарз нест; **шоийя** гуянд: ҳар ки гуфт «ло илоҳа иллаллоҳ» бикунад ҳар чи хоҳад, ҳеч азоб нест; **роҷийя** гуянд: банда ба тоат мақбул ва ба маъсийят осӣ намегардад; **шокийя** шак доранд дар имони худ, гуянд, ки руҳ имон аст; **наҳамийя** гуянд, ки имон илм аст, ҳар ки надонад ҷамеъи авомир ва навоҳии паси он кофир аст; **амалийя** гуянд, ки имон амал аст; **манқусийя** гуянд: имон гоҳе зиёда мешавад ва гоҳе кам; **мустаснийя** гуянд: мо муъминон ҳастем, иншоаллохи таоло: **ашрийя** гуянд: қиёс ботил аст, салоҳияти далел надорад; **бидъийя** гуянд: итоати амир воҷиб аст, агарчи амр кунад ба маъсийят; **мушаббаҳийя** гуянд: ҳақ таоло Одамро бар сурати худ офаридааст; **ҳашвийя** гуянд: воҷиб ва суннат ва мустаҳаб ҳама воҳиданд. Ва Абулқосими Розӣ ҳафт фирқаи дигар ҳам аз эшон баровардa: кировийя, даҳрийя, ҳолийя, ботинийя, ибоҳийя, бароҳимийя, ашъарийя. Ва асмои баъзе аз эшон суфастоийя ва фалосифа ва саманийя ва маҷусийя ҳам ёфта шуда.

**ҲАФТ ДӮЗАХ** هفت دوزخ гуянд ки дузах якест, магар табақоти ҳафт дорад. Ва асомии ҳафт табақот, ки ҳар яке дузахи машҳур аст, ин аст билоқайди тартиб: яке сақар, дуввум саъир, севвум лазо, чаҳорум ҳутама, панҷум ҷаҳим, шашум ҷаҳаннам, ҳафтум ҳовия. Соҳиби «Латоифи маънавӣ» навишта, ки ҳовия аз ҳама асфал аст.

**ҲАФТОДУ ДУ ШОХ** هفتادو دو شاخ иборат аз ҳафтоду ду миллат ё ҳафтоду ду дараҷа, ки дар вуҷуди одами бошад (аз китобе навишта шуд).

**ҲАФТ АХТАР** هفت اختر иборат аз ҳафт ситораи сайёра: аввал Қамар, ки ба форсӣ Моҳ гуянд ва ба ҳиндӣ Сум номанд ва ҷояш ба фалаки аввал; дуввум Уторид, ки ба форсӣ Тир гуянд ва ба ҳиндӣ Будҳ номанд ва ҷояш ба фалаки дуввум; севвум Зуҳра, ки ба форсӣ Ноҳид ва ба ҳиндӣ Суккар номанд ва ҷои он ба фалаки севвум; чаҳорум Шамс, ки ба форсӣ Хуршед ва ба ҳиндӣ Аит номанд ва ҷои ӯ ба фалаки чаҳорум; панҷум Миррих, ки ба форсӣ Баҳром гуянд ва ба ҳиндӣ Мангал номанд ва ҷои ӯ ба фалаки панҷум; шашум Муштарӣ, ки ба форсӣ Бирҷис гуянд ва ба ҳиндӣ Браҳаспат номанд. ҷои ӯ ба фалаки шашум; ҳафтум Зуҳал, ки ба форсӣ Кайвон гуянд ва ба ҳиндӣ Саничар номанд, ҷои ӯ ба фалаки ҳафтум.

**ҲАФТ КИШВАР** هفت کشور иборат аз ҳафт мулк, ки маҳалли салтанати калон ҳастанд. Зоҳиран он: Чин ва Туркистон ва Ҳинд ва Турон ва Эрон ва Рум ва Шом. Ва баъзе ба ҷои Туркистон Фарангро шумор кунанд. Ва беҳтар он аст, ки **ҳафт кишвар** *мурод аз* ҳафт иқлим бошад, ки ҳукамо ҳафт ҳиссаи рубъи маскунро қарор додаанд.

**ҲАФТ ПИР** هفت پیر *мурод аз* ҳафт қорӣ, ки асмои эшон ин аст: аввал Нофеъи Мадани; дуввум Абдуллоҳ ибни Қасири Маккӣ; севвум Абуамри Басрӣ; чаҳорум Ибни Омири Шомӣ; панҷум Осими Куфӣ; шашум Ҳамзаи Куфӣ; ҳафтум Алии Куфии мулаққаб ба Кисой.

**ҲАФТ ГЕСӮДОР** هفت گیسودار аз ҷумлаи чиҳилу ҳашт сувари фалакӣ ҳафт суратро гесудор гуянд. Ва он Авво ва Зотулкурсӣ ва ҳомили Раъсулғул ва Мумсикулаинна ва Миръоти мусалсала ва Ҷаббор, ки онро Ҷавзо низ гуянд ва Сунбула бошад.

**ҲАФТХОНИ ИСФАНДИЁР** هفتخوان اسفندیار баёнаш баъди **ҳафтхони Рустам** мазкур хоҳад шуд.

**ҲАФТҶӮШ** هفت جوش ҳафт филиззоти ба ҳам омехта, ки онро аждаҳот

гӯянд ва он бағоят муҳкам бошад. Ва он ҳафт филиз ин аст: яке зар, дуввум нуқра, севвум мис, чаҳорум ҷаст, панҷум оҳан, шашум усруб, ҳафтум арзиз. Пушида намонад, ки филиззот ҳама нуҳанд. Ҳафт мазкур шуд, ҳаштум руй, нуҳум симоб. Ва руй, ки аз кон бармеояд, бағоят камёб аст. Ва он чи дар ин диёр мутаъориф аст руйи ҷаълист, мураккаб аз мис ва арзиз. Ва биринҷ, ки ба ҳиндӣ питал номанд, низ мураккаб аст аз мис ва ҷаст. Ва симоб лиёқате надорад, ки ба яке аз филиззот омехта шуда зарфе ё мисли он сохта шавад (то лафзи ба ҳам омехта аз «Баҳори Аҷам» ва боқӣ аз «Бурҳон» ва ҷои дигар).

**ҲАФТ ХАТ(Т)** هفت خط хутути сабъа, ки дар ҷоми Ҷамшед буд. Бад-ин тартиб аввал **хатти ҷавр** (ки ба фатҳи ҷим ва рои муҳмала аст) ва ин хат бар канораи ҷом буд ва болои ҳама хутут; дуввум **хатти Бағдод**, ки зери хатти ҷавр аст; севвум **хатти Басра**; чаҳорум **хатти азрақ** ва ин хатро **хатти сабз** ва **хатти сиёҳ** ва **хатти шаб** низ гӯянд; панҷум **хатти даршакар** ва инро **хатти ашк** ва **хатти хатира** низ гуянд; шашум **хатти косагар**, ҳафтум **хатти фурӯдина** ва ин хатро **хатти музаввир** ҳам хонанд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҲАФТ СУБЪ** هفت سبع субъ бар вазни **рубъ**; *мурод аз* ҳафт ҳиссаи Қуръони маҷид, ки онро ҳафт манзил гӯянд ба ҷиҳати он ки қориёни салаф дар як ҳафта хатми Қуръони маҷид муқаррар нумудаанд. Чунонки таъйини суратҳо ба ҳуруфи «фамӣ бишавқин» кардаанд ва тартибаш ин аст: аввал рӯз аз сураи фотиха шуруъ кунанд, дуввум рӯз аз сураи моида, севвум рӯз аз сураи Юнус, чаҳорум рӯз аз сураи Банӣ Исроил, панҷум рӯз аз сураи шуаро, шашум рӯз аз сураи вассофот, ҳафтум рӯз аз сураи қоф. Ва назди баъзе ба лиҳози маънӣ каломуллоҳ ҳафт қисм аст: аввал ваъда, дуввум ваъид, севвум ваъз, чаҳорум қисас, панҷум амр, шашум наҳӣ, ҳафтум адъия (аз шуруҳи сиқот).

**ҲАФТ АВРАНГ** هفت اورنگ ҳафт ситораи Банотуннаъш.

**ҲАФТ РАНГ** هفت رنگ сиёҳ ва сифед ва сурх ва сабз ва зард ва кабуд ва аббосӣ, ки онро гулгаз ва қирмизӣ гуянд.

**ҲАФТ ҲАЙКАЛ** هفت هيكل ҳафт дуъост, ки дар ҳар рӯзи ҳафта як дуъо аз у хонанд, ки муҷиби амну саломат бошад.

**ҲАФТ ИМОМ** هفت امام имоми аъзам Абуҳанифа, имом Шофеъӣ, имом Молик, имом Аҳмад ибни Ҳанбал, имом Абуюсуф, имом Муҳаммад, имом Зафар.

**ҲАФТ ЛОИ ЧАШМ** هفت لای چشم ҳафт пардаи чашм; чи лафзи **ло** ба форсӣ ба маънии ту аст.

**ҲАФТ ПАРДАИ ЧАШМ** هفت پردهٔ چشم яъне ҳафт табақаи чашм; ва он ҳафт табақа ин аст: аввал табақаи мултаҳима, ки аз ҳама берун аст ва мумоси ҳавост; дуввум табақаи қарнийя; севвум инабийя ва лавни он мухталиф бошад дар ашхос; чаҳорум анкабутийя; панҷум шабакийя; шашум машимийя; ҳафтум сулбийя. Ва мобайни инабийя ва анкабутийя рутубатест, ки байзӣ ном дорад. Ва мобайни анкабутийя ва шабакийя ду рутубатанд, яке ҷалидӣ ва дигар зуҷоҷӣ (аз кутуби тиббия марқум шуд ва аз «Баҳори Аҷам» низ).

**ҲАФТ ҚАЛАМ** هفت قلم *кинояаз* ҳафт хатти маъруф; ва он ҳафт ин аст: аввал сулс, дуввум муҳаққақ, севвум тавқеъ, чаҳорум райҳон, панҷум риқоъ, шашум насх, ҳафтум таълиқ (аз «Баҳори Аҷам» ва «Бурҳон»).

**ҲАФТ АНДОМ** هفت اندام ба ҳасби зоҳир аввал сар, дуввум сина, севвум пушт, чаҳорум ва панҷум ҳар ду даст, шашум ва ҳафтум ҳар ду по. Ва ба ҳасби ботин димоғ ва дил ва ҷигар ва сипурз ва шуш ва заҳра ва меъда. Ва баъзе ба ҷои меъда гурда навиштаанд (аз «Латоиф»); ва мувофиқи «Тафсири Ҳусайнӣ» чашм ва гуш ва забон ва батн ва фарҷ ва дасту по. Ва номи рагест ва онро ба ҳамин сабаб

хафт андом гӯянд, ки ба фасди он хуни сар ва сина ва пушт ва дасту по хориҷ мешавад.

**ҲАФТ ИҚЛИМ** هفت اقليم он чи аз «Муфарреҳ-ул-қулуб» ва «Шарҳи Чағминӣ» ва «Шарҳи Тазкираи Муҳаққаки Тусӣ» ва «Миръот-ул-хаёл» ва «Тақвим-ул-булдон» ва дигар кутуб ба субут пайваста ин аст, ки замин куравишакл аст ба сурати гӯй. Ду рубъи ҷанубӣ ва як рубъи шимолии он дар об ғарқ аст ва як рубъи шимолии макшуф ва инро рубъи маскун гӯянд. **Ҳафт иқлим** ва ҷуз он харобаҳо ва ҷибол дар ҳамин маҳсур аст. Ҳукамо арзи рубъи маскунро аз хатти истиво навад дараҷа тахмин кардаанд ва аз он ҷумла сӣ дараҷа аз самти Қутби Шимолӣ хориҷ намуда арзи ақолими сабъаро дар шаст дараҷа ёфтаанд. Ва адами қобилияти ободӣ сӣ дараҷаи мазкура бинобар ғалабаи бурудат аст, ки ба сабаби буъди офтоб дар он ҷост. **Ҳафт иқлим** монанди ҳафт бисоти мутаввала аз машриқ то ба мағриб дар рубъи маскун воқеъ аст баробари якдигар. Ва хатти истиво аз ҷануби арзи Чин шурӯъ шуда бар Гангдиж, ки аз замини Чин аст ва ба мустақарри Шаётини машҳур баромада бар ҷазираи Ҷамкут гузашта баъд аз он ба ҷазоири арзи Заҳаб ва бар ҷануби Сарандеп ва ҷазоири Занг мерасад ва бар шимоли ҷиболи Қамар гузашта ва бар ҷануби Сиёҳони мағриб даромада ба баҳри Уқьёнус мунтаҳо шавад. **Иқлими аввал**: амокин, ки дар ӯст ин аст: ҷазираи Ваквоқ, ки он дар сарҳади машриқ ва баъзе билоди Чин, мисли: Зитун ва Хонқуҳ ва Хонҷу ва Хансо ва Селӣ. Ва ҷазираи Сарандеп ва дигар ҷазоири Ҳинд ва Яман — Махобандар ва Сағра ва Сабо ва Ҳазрамавт ва Адан ва Марсот ва Шаҷра ва Зафар ва Қалҳот ва Забид ва Шарҷа ва Ҳиллӣ ва Ҷабла ва Саъда ва Морт ва Данор ва Ҷараш ва Шарин. Ин хашт аз Яман аст. Ва Ирам, ки ба Шаддод мансуб аст ва билоди Зангбор ва Маъдануззаҳаб ва Билодуннуба ва қасабаи Уммон ва Ҳабаша ва Барбар ва Макр ва рӯди Нақла ва балади Санвомил ва балади Шило ва Саққола ва Салҷумоса ва Ҷобулсо ва Ғона ва Барисоҳ ва Риғода. Ин ҳар се низ аз Судон ва Занҷ аст. Ва ҷазираи Қарак ва баъзе билоди Ҳиҷоз. Тули ин иқлим сеҳазору бисту ду фарсанг аст ва арз яксаду чиҳилу ҳафт фарсанг. Ва дар ин иқлим бист кӯҳ ва сӣ наҳр ва мардуми ин иқлим сиёҳранг бошанд. Тули наҳор дар ин иқлим дувоздаҳ соату рубъ ва миёнаи он сездаҳ соату нисф. **Иқлими дуввум**: амокин, ки дар ин иқлим аст, ин аст: тавобеъи Уммон ва тавобеъи Яман ва Ямома ва тавобеъи Ҳиҷоз аст. Ва Тиҳома ва Маккаи муборака, ки дар ибтидои иқлими дуввум аст ва Мадинаи мунаввара қариби васати дуввум ва Тоиф ва Ҳуҷра ва Қид ва Қутиф ва Хайбар ва тавобеъи Ҳабаш ва Қаярвон ва баъзе билоди Африқийя ва билоди Саъид ва Миср, мисли Қифт ва Қавс ва Ахим ва Изоб ва Асют ва Сахо ва Ҳулвон ва Уқсур ва Армана ва баъзе билоди мулки мағриб, мисли Даръа ва Сус ва рӯди Нат ва Масило ва вилояти Бахрайн ва Ҷадда ва Сукутар ва аксар билоди Ҳинд, мисли Мансура ва Давлатобод, ки собиқ Девгир ном дошт ва Аҳмаднагар ва Патн [249] ва Ҷайпур ва бандар ва вилояти Тилангана ва Гулканда, яъне Ҳайдаробод, ки тахтгоҳи Тилангана аст ва бандари Муҳаммадобод ва Гуҷарот ва Бурҳонпур, ки сарҳади Хандес [250] аст ва Кҳапнайт ва Саврат ва Суманат ва Нагпур ва субаи Бирар ва Аҷмири шариф ва Банорас ва Шарифобод ва Салгам ва Салимобод ва Кур ва Ситора ва гонуи Срихиммат ва Ҷуфтобод ва Кургат ва Борикобод ва Ҷаҳонгиробод ва Акбарнагари мусаммо ба Роҷмаҳал ва Урисса вилоятест миёни Ҳайдаробод ва Бангола ва Бихор ва Куч аз тавобеъи Бангола ва Гуркан. Соҳиби «Шарҳи Чағминии форсӣ» ва «Миръот-ул-хаёл» Деҳлиро аз ин иқлим шумурдаанд. Ва соҳиби «Муфаррех-ул-қулуб», ки аз мутааххирин ва бошандаи Деҳлист, Деҳлиро аз иқлими севвум навишта. Тули ин иқлим ҳуҳазору хаштсаду сию ду фарсанг аст ва арз яксаду сию ду фарсанг. Ва дар ин иқлим бисту ҳафт кӯҳ ва ҳамин

қадар анҳор. Ва ранги мардум миёни савод ва сумрат, яъне гандумгуни моил ба сиёҳӣ. Ва дар ин иқлим ғояти тули наҳор сездаҳ соату нисф ва рубъ бошад. **Иқлими севвум**: амокин, ки дар ин иқлим бошанд, ин аст: Байтулмуқаддас ва Шом ва Фаластин вилоятест ва Сус ва баъзе билоди Африқия ва тавобеъи Қайравон ва Туробулуси Мағриб ва баъзе билоди мулки Мағриб, мисли Асақӣ, ки дар мунтаҳои мулки Мағриб аст ва Ламта ва Форс ва Қустантания ва Сетиф ва Африқия кишварест аз мулки Мағриб ба ҷониби машриқи Сбейтлаи дохили Африқия дар ибтидои мулки Мағриб ва Суса аз Африқия ва Туробулус аз Африқия дар шарқии Қайравон ва Димишқ шаҳрест дар Шом ва Баалбак қариби Димишқ; Асқалон ва Ёфо ва Рамла ва Қайсория ва Шавбак ва Қарак ва ин ҳашт шаҳр низ аз Шом аст; ва аз билоди Ироқи Араб, мисли Ҳилла ва Наҳрвон; ва аз билоди Кирмон Ҳурмуз ва Яздсер ва Зарандеҳ ва Сипарҷон ва Мадян ва Миёт[251] ва Табария ва Мадоин ва Ҳелвон ва Наҳрвон ва Афланҷа ва Қистот ва Қоҳира ва Искандария ва Миср ва Ҳарумон ва Айнушшамс ва Фароҳ ва Файюм ва Балис ва Ашмунайн ва Анҷафсо[252] ва Минят ибни Хасиб ва Маниф ва Қулзум шаҳрест бар канораи баҳри Яман ва нисбат дода мешавад бад-он дарьё ва Тенис[253] ва ин дувоздаҳ аз навоҳии Миср аст; ва Арҷон аз билоди Форс ва Шероз ва Бағдод ва Куфа ва Наҷаф шаҳрест ду фарсанг аз Кӯфа ва Табук ва Аҳвоз ва Басра ва Восит ва Язд ва Абарқуҳ ва Истахр ва Байзо ва Қозарун ва Аскара ва Қодисия ва Румия ва Ироқи Араб ва Бобул ва Исфаҳон ва Фирӯзобод ва Шустар ва Кирмон ва Сиҷистон ва Кеч ва Буст ва Рухҷ ва Хош ва Хузистон ва Даврақ ва Байҳақ ва Ғазнин ва Қобул ва Майманд ва Қандаҳор ва Синд ва Диёлпур ва Мултон ва Қача ва Мукрон ва вилояти Афғонон ва Зобулистон ва Систон ва Пешовар ва Лоҳур ва Нагаркут ва Сарҳинд ва Ҳансӣ ва Ҳисор ва Тханисар ва Панипат ва Деҳлӣ ва Шоҳиҷаҳонобод ва Ромпури мусаммо ба Мустафообод ва Аграи маъруф ба Акбаробод ва Лакҳнав ва Авадҳ ва Балгиром ва Қалпӣ ва Матҳура ва Кашмир ва Шимол ва Туркистон ва муаззами билоди Чин; ва тули ин иқлим дуҳазору дусаду чиҳилу чаҳор фарсанг ва арз яксаду шонздаҳ фарсанг. Ва дар ин иқлим сию се кӯҳ ва бисту ду наҳр. Ва ранги мардуми ин иқлим асмар аст, яъне гандумгун. Ғояти тули наҳор дар ин иқлим чаҳордаҳ соату нисф. **Иқлими чаҳорум**: амокин, ки дар ӯ бошад ин аст: Танҷа дар мунтаҳои Мағриб ва Афранҷа ва ҷазираи Тор ва Давс ва Қубрус ва Қарнота[254] ва Молиқа дар ҷануби Андалус ва Антокия ва Тарасус ва Туробулуси Шом ва Ҳалаб ва Ҳимс ва Ҳамот ва Маръаш ва Тилмсон ва Амд ва Нисибин ва Тадмур ва Мавсил ва Урмия ва Сарминрой ва Дайлам ва Аламут ва Тафруш ва Қум ва Қумс ва Қошон ва Симнон ва Астаробод ва Ҷурфо ва Қон ва Қарҳон[255] ва Исфароин ва Ҷурҷон ва Тус ва Нишопур ва Ҷурин[256] ва Хабушон ва Туршез ва Ҷунобод ва Қуҳистон вилоятест, ки Табас ва Бирҷанд аз музофоти ӯст; ва Турон ва Зӯзан ва Сарахс ва Форёб ва Бистом ва Нотил ва Қасри Ширин ва Динавар ва Толиқон ва Насо ва Луқон ва Қоин ва Хатлон ва Вахш ва Шумон аз билоди турк ва Хуросон вилоятест васеъ ва Марви Шоҳиҷон ва Марврӯд ва Махна ва Дашти Ховарон ва Ғур ва Балх ва Маймаса ва Андхӯ[257] ва Тирмиз ва Бадахшон ва Ғурҷистон ва Курдистон ва Бодғис ва тавобеъи Форс ва Домғон ва Шероз ва Кушанҷ (Қавшанҷ)* ва Исфахон ва Ироқ ва Машҳад ва Теҳрон ва Дамованд ва Табаристон ва Омул ва Рустамдор ва Сова ва Гелон ва Казвин ва Абхар ва Занҷон ва Сухравард ва Торум ва Ардистон вилоятест мутазаммини панҷоҳ деҳ; ва Хоф ва Ҷом ва Турбат ва Сабзвор ва тавобеъи Ҳирот ва Вастон ва Завора ва Султония ва Рай ва Ҳамадон ва Нуҳованд ва Озарбойҷон ва Табрез ва аз баъзе диёри Бакр ва Рум ва Ардабил ва Мароға ва Урдубод ва Халхол ва Тибет ва баъзе билоди Хато ва Хутан ва би-

лоди Шимол ва Чин. Тули ин иқлим дуҳазору дусаду шасту шаш фарсанг ва арз наваду нуҳ фарсанг. Ва дар ин иқлим бисту панҷ кӯҳ ва бисту ду наҳр. Ва ранги мардум дар миёни гандумгунӣ ва сифедӣ. Ғояти тули наҳор дар ин иқлим чаҳордаҳ соат бошад ва нисфу рубъ. **Иқлими панҷум**: амокин, ки дар ӯ бошанд ин аст: Ҳайҷалуззуҳра ва Андалус ва баъзе билоди Рум, мисли Амурия ва Қуния ва Оқсарой ва Қайсария ва Сивос ва Малтия ва Тукот ва Арзал ва Сирвон[258] ва Сарир ва Бардаъ ва Ҷурҷония ва Замахшар ва Бухоро. Назди баъзе аз панҷум ва назди баъзе аз чаҳорум Элоқ ва Қустантания, яъне Истанбул, ки тахтгоҳи Рум аст; ва Юнон ва Йлёнворис ва баъзе билоди Андалус, мисли Ашбута, ки дар ғарби Андалус аст ва мадинаи Валид ва Тулитула ва Мурсия ва Шотия ва Тартуса ва Лорида ва Таррагуна ва ин ҳашт шаҳр аз Андалус аст; ва Баршилуна дар охири иқлими панҷум хориҷ аз Андалус аст ва дохили Фаранг; ва Шамохӣ ва Кубо ва Шош ва Тантала ва Киличдорон ва Сичистон ва Арминия ва Гурҷистон ва Байлақон ва Ганҷа ва Хоразм ва шимолии билоди Хуросон; ва Мовароуннаҳр вилоятест шарқияш Фарғона, ғарбияш Хоразм ва шимолиаш Тошканд, ҷанубиаш Балх ва Самарқанд аз муаззами билоди Турон ва Қаш ва Насаф, яъне Нахшаб ва Ӯш ва Тифлис ва Марғишиён ва Андиҷон ва Исфара ва Хуҷанд ва ҳудуди Тароз ва ҳудуди Қошғар ва васати билоди Туркистон. Тӯли ин иқлим якҳазору ҳафтсаду ҳаштодуҳафт фарсанг ва арзаш ҳаштоду чаҳор фарсанг. Ва дар ин иқлим сӣ кӯх ва понздаҳ наҳр. Ва лавни мардум сифед. Ва ғояти тӯли наҳор дар ин иқлим понздаҳу нисфи соат; **Иқлими шашум**: амокин, ки дар ӯ бошанд, ин аст: Сақолия ва Нибелуна дар авоили шашум дар шарқи Андалус ва Арбуна дар шарқи Андалус муттасил ба билоди Фаранг ва Барвол[259] ва баъзе билоди Туркистон, мисли Ҷанд ва Фороб ва тавобеъи билоди Рум ва Румия ва Афранҷа ва Саксин ва Бобулабвоб ва Хатлон ва Силибузин ва билоди Рус, мисли Ос ва Алон ва Маруқон ва Пиртос ва Хазар ва билоди Фаранг ва Испиҷоп ва Фархор ва Чаркас ва муаззами билоди Туркистон, мисли Элмоғ ва Бешансонеъ ва Қароқурум. Ва аксари мардумони эшон саҳроианд. Ва Фороб ва Тароз ва Хутан ва Чигил ва Тотор ва Хузкемок. Тӯли ин иқлим якҳазору понсаду ёздаҳ фарсах ва арз ҳафтоду як фарсах. Ва дар ин иқлим даҳ кӯҳ ва чиҳил наҳр. Ва мардуми ин иқлим сурхранг. Ва тӯли наҳор понздаҳ соату ними рубъ. **Иқлими ҳафтум**: амокин, ки дар ин иқлиманд, ин аст: Ҷобулқо ва билоди Сақолия ва Сиқлоб ва тавобеъи Рус ва тавобеъи Фаранг ва Ҳиракла ва Булғор; ва дар ҷануби ин иқлим билоди Туркистон, мисли Халлух ва Тархон ва Қанмол ва дигар туркони саҳронишин; ва дар мобайни шимол ва шарқи ин иқлим диёри Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ он тарафи Сadди Сикандар. Ва дар ин иқлим иморат камтар. Ва Булғор шаҳрест дар ин иқлим, ки дар авоили фасли гармо шафақи хур он ҷо ғоиб намешавад, ки сифедаи субҳ зоҳир мегардад. Ва кӯтоҳии рӯз дар Булғор ба чаҳор соат ва шаб бар бист соат ва боз баръакс мешавад. Тӯли ин иқлим якхазору яксаду се фарсах ва арз шасту як фарсах. Ва дар ин иқлим даҳ кӯх ва чиҳил наҳр. Ва лавни мардуми ин иқлим сурх аст, магар моил ба сифедӣ. Ва бояд донист, ки тӯли маъмураи рубъи маскун аз соҳили ғарбии баҳри Муҳит то соҳили шарқии он назди Батлимус яксаду ҳафтоду ҳафт дараҷа ва арз ҳафтоду нуҳ. Ва назди аксарӣ аз ҷазоири Холидот, ки дар мунтаҳои ҷониби ғарбии ободии рубъи маскун аст, то Гангдиж, ки дар мунтаҳои шарқӣ аст, тӯли ободӣ яксаду ҳаштод дараҷа аст ва арз аз хатти истиво, ки дар мунтаҳои ҷанубист, то мунтаҳои ободии ҷониби шимол шасту шаш дараҷа. Бидон ки миқдори масофати ҳар дараҷаи арзӣ шасту шашу ним мил бошад ва шашсаду шасту шаш газ; ва дақиқаи арзӣ як милу чаҳорсаду чиҳилу чаҳор газ ва мил курӯҳро гӯянд; ва курӯҳ чаҳор ҳазор газ бошад.

| ном | тул | арз | иқлим, мулк |
|---|---|---|---|
| Аттук | 106 дарачаву 5 дақиқа | 33 дарачаву 4 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Ачмер | 111 дарачаву 5 дақиқа | 25 дарачаву 50 дақиқа | 2 Ҳинд |
| Уччайн | 112 дарачаву 30 дақиқа | 22 дарачаву 55 дақиқа | 2 Молух, Ҳинд |
| Аҳмадобод | 108 дарача | 23 дарача | 2 Ҳинд |
| Искандария | 61 дарача | 30 дарача | 3 Миср |
| Истарх | 88 дарача | 32 дарача | 3 Форс |
| Исфаҳон | 82 дарачаву 40 дақиқа | 33 дарачаву 50 дақиқа | 4 Эрон |
| Агра, яъне Акбаробод | 112 дарачаву 45 дақиқа | 27 дарача | 3 Ҳинд |
| Илаҳобод | 116 дарачаву 50 дақиқа | 26 дарачаву 52 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Амаравати | 114 дарачаву 45 дақиқа | 28 дарачаву 40 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Антокия | 71 дарачаву 26 дақиқа | 25 дарачаву 30 дақиқа | 4 Шом |
| Аврангобод | 111 дарачаву 30 дақиқа | 19 дарачаву 5 дақиқа | 2 Ҳинд |
| Авадҳ | 116 дарачаву 55 дақиқа | 23 дарачаву 5 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Бобулабвоб | 85 дарача | 43 дарача | 5 Арминия |
| Бобул | 80 дарача | 32 дарача | 3 Ироқи Араб |
| Панипат | 113 дарачаву 22 дақиқа | 28 дарачаву 15 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Патна | 119 дарачаву 12 дақиқа | 26 дарачаву 40 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Бухоро | 97 дарача | 30 дарача | 4 Турон |
| Бадахшон | 84 дарачаву 24 дақиқа | 34 дарачаву 30 дақиқа | 4 Турон |
| Бадоюн | 114 дарача | 27 дарачаву 20 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Бурҳонпур | 108 дарача | 22 дарача | 2 Дакани Ҳинд |
| Бистом | 109 дарачаву 35 дақиқа | 35 дарачаву 10 дақиқа | 4 Эрон |
| Буст | 100 дарача | 33 дарача | 3 Эрон |
| Басра | 84 дарача | 30 дарача | 3 Ироқи Араб |
| Баалбак | 70 дарачаву 45 дақиқа | 35 дарачаву 15 дақиқа | 4 Шом |
| Бағдод | 80 дарача | 38 дарача | 3 Ироқи Араб |
| Балх | 87 дарачаву 5 дақиқа | 36 дарачаву 5 дақиқа | 4 Хуросон |
| Банорас | 117 дарача | 26 дарача | 2 Ҳинд |
| Бҳупал [260] | 111 дарача | 23 дарача | 2 Дакани Ҳинд |
| Бичапур | 105 дарачаву 30 дақиқа | 17 дарачаву 22 дақиқа | 2 Дакани Ҳинд |
| Байтулмуқаддас | 66 дарача | 31 дарача | 3 Шом |
| Пешовар | 106 дарачаву 40 дақиқа | 31 дарача | 3 Ҳинд |
| Табрез | 82 дарача | 34 дарача | 4 Эрон |
| Табук | 53 дарача | 30 дарача | 2 Араб |
| Тибет (Таббат) | 110 дарача | 40 дарачаву 5 дақиқа | 4 Ҳинд |
| Тилмсон | 24 дарача | 23 дарача | 3 Мағриб |
| Тҳанисар | 112 дарачаву 33 дақиқа | 29 дарача | 3 Ҳинд |
| Тҳатҳ | 82 дарачаву 30 дақиқа | 25 царачаву 2 дақиқа | 2 Ҳинд |
| Чадда | 77 дарача | 21 дарачаву 5 дақиқа | 2 Араб |
| Чурчон | 90 дарача | 37 дарача | 4 Эрон |
| Чалолобод | 105 дарачаву 40 дақиқа | 34 дарача | 3 Ҳинд |
| Чамкут [261] | 170 дарачаву 5 дақиқа | 2 дарача | 1 Чазоири Ҳинд |
| Чанд | 97 дарачаву 10 дақиқа | 43 дарачаву 30 дақиқа | 5 Туркистон |
| Чинват | 41 дарачаву 5 дақиқа | 41 дарачаву 22 дақиқа | 5 Санъо |
| Чанпур | 116 дарачаву 6 дақиқа | 26 дарачаву 11 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Ҳичр | 72 дарача | 23 дарача | 2 Араб |
| Ҳалаб | 72 дарачаву 30 дақиқа | 34 дарачаву 15 дақиқа | 4 Шом |
| Ҳиллат | 79 дарача | 31 дарачаву 30 дақиқа | 3 Ироқи Араб |

| ном | тӯл | арз | иқлим, мулк | |
|---|---|---|---|---|
| Химс | 75 дарача | 35 дарача | 4 | Шом |
| Ҳайдаробод | 114 дарачаву 5 дақиқа | 18 дарачаву 22 дақиқа | 2 | Дакан |
| Хонфу | 160 дарачаву 5 дақиқа | 14 дарачаву 5 дақиқа | 1 | Чин |
| Хончу | 162 дарачаву 5 дақиқа | 14 дарачаву 5 дақиқа | 1 | Чин |
| Хутан | 106 дарачаву 5 дақиқа | 42 дарача | 5 | Туркистон |
| Хуҷанд | 100 дарачаву 35 дақиқа | 41 дарачаву 55 дақиқа | 5 | Туркистон |
| Хоразм | 94 дарачаву 5 дақиқа | 42 дарачаву 45 дақиқа | 5 | Эрон |
| Димёт | 63 дарача | 31 дарача | 3 | Миср |
| Димишқ | 70 дарача | 38 дарача | 3 | Шом |
| Давлатобод | 111 дарачаву 5 дақиқа | 22 дарачаву 30 дақиқа | 2 | Дакан |
| Деҳлӣ | 112 дарачаву 18 дақиқа | 28 дарачаву 11 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Дхакх (Дакка)* | 122 дарачаву 11 дақиқа | 29 дарачаву 35 дақиқа | 3 | Бангола |
| Данор | 77 дарача | 13 дарачаву 30 дақиқа | 1 | Яман |
| Ромпур | 114 дарачаву 36 дақиқа | 28 дарачаву 40 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Роҷмаҳал | 121 дарачаву 5 дақиқа | 25 дарачаву 55 дақиқа | 3 | Бангола |
| Рамла | 66 дарачаву 15 дақиқа | 30 дарачаву 10 дақиқа | 3 | Фаластини Шом |
| Забид | 74 дарачаву 20 дақиқа | 11 дарачаву 34 дақиқа | 1 | Яман |
| Сирунҷ | 114 дарачаву 42 дақиқа | 24 дарачаву 48 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Сринагар | 112 дарачаву 52 дақиқа | 33 дарачаву 10 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Сарандеп | 130 дарачаву 5 дақиқа | 2 дарачаву 30 дақиқа | 1 | Ҷазираи Ҳинд |
| Серминрой[262] | 79 дарача | 31 дарача | 3 | Ироқи Араб |
| Санбхал | 114 дарачаву 26 дақиқа | 28 дарачаву 30 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Сӯмнот [263] | 107 дарача | 22 дарача | 2 | Дакан |
| Самарқанд | 99 дарача | 40 дарачаву 5 дақиқа | 5 | Турон |
| Сус | 45 дарачаву 30 дақиқа | 22 дарача | 2 | Мағриб |
| Сехринд [264] | 111 дарачаву 30 дақиқа | 29 дарачаву 30 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Сиялкут [265] | 108 дарачаву 35 дақиқа | 32 дарачаву 4 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Суют | 61 дарачаву 45 дақиқа | 27 дарачаву 10 дақиқа | 3 | Миср |
| Шероз | 88 дарача | 29 дарача | 3 | Форси Эрон |
| Санъо | 77 дарачаву 14 дақиқа | 14 дарачаву 30 дақиқа | 1 | Яман |
| Тоиф | 76 дарачаву 22 дақиқа | 21 дарачаву 18 дақиқа | 2 | Араб |
| Тартус | 70 дарачаву 15 дақиқа | 34 дарачаву 10 дақиқа | 3 | Шом |
| Таробулуси Шом | 69 дарача | 38 дарача | 4 | Шом |
| Таробулуси Мағриб | 40 дарача | 32 дарачаву 30 дақиқа | 3 | Мағриб |
| Танҷа | 18 дарача | 35 дарача | 4 | Мағриб |
| Тӯс | 92 дарача | 37 дарача | 4 | Эрон ва Хуросон |
| Адан | 75 дарача | 10 дарача | 1 | Яман |
| Асқалон | 66 дарачаву 30 дақиқа | 32 дарача | 3 | Шом |
| Ғазна | 105 дарача | 33 дарача | 3 | Зобулистон |
| Форёб | 99 дарачаву 35 дақиқа | 36 дарачаву 45 дақиқа | 4 | Хуросон |
| Файд | 78 дарача | 26 дарача | 2 | Араб |
| Қубрус | 66 дарачаву 14 дақиқа | 36 дарача | 4 | Шом |
| Қатиф | 74 дарача | 25 дарача | 2 | Араб |
| Қулзум | 64 дарача | 33 дарачаву 9 дақиқа | 3 | Миср |
| Қаннавҷ | 115 дарачаву 15 дақиқа | 26 дарачаву 59 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Қандаҳор | 106 дарача | 28 дарачаву 5 дақиқа | 3 | Ҳинд |
| Қайравон | 41 дарача | 31 дарача | 3 | Мағриб |
| Кобул | 105 дарачаву 11 дақиқа | 31 дарачаву 20 дақиқа | 4 | Ҳинд |
| Кангра | 110 дарачаву 35 дақиқа | 30 дарачаву 50 дақиқа | 3 | Панчоб |

| ном | тул | арз | иклим, мулк |
|---|---|---|---|
| Қалпӣ | 115 дарача | 25 дарачаву 30 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Гучарот | 108 дарачаву 28 дақиқа | 23 дарача | 2 Ҳинд |
| Кирана | 113 дарача | 28 дарачаву 40 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Кашмир | 107 дарачаву 8 дақиқа | 33 дарача | 4 Ҳинд |
| Куфа | 79 дарача | 31 дарача | 3 Ироқи Араб |
| Гвалир [266] | 114 дарача | 23 дарачаву 56 дақиқа | 2 Ҳинд |
| Лохур | 109 дарачаву 22 дақиқа | 31 дарачаву 50 дақиқа | 3 Панчоб |
| Лакҳнав | 116 дарачаву 13 дақиқа | 26 дарачаву 30 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Лудҳияна | 110 дарачаву 40 дақиқа | 29 дарачаву 10 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Мадина | 75 дарачаву 22 дақиқа | 25 дарачаву 8 дақиқа | 2 Араб |
| Мадоин | 80 дарача | 33 дарача | 3 Ироқи Араб |
| Мадин | 67 дарача | 28 дарача | 3 Араб |
| Маръаш [267] | 71 дарачаву 40 дақиқа | 36 дарача | 4 Шом |
| Марв | 94 дарачаву 40 дақиқа | 34 дарачаву 30 дақиқа | 4 Хуросон |
| Миср | 63 дарача | 30 дарача | 3 Миср |
| Макка | 77 дарачаву 10 дақиқа | 21 дарачаву 40 дақиқа | 2 Араб |
| Мунгер | 120 дарачаву 11 дақиқа | 26 дарачаву 6 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Мавсил | 77 дарача | 36 дарачаву 30 дақиқа | 4 Ироқи Араб |
| Нахравон | 79 дарачаву 45 дақиқа | 32 дарача | 3 Ироқи Араб |
| Восит | 82 дарача | 33 дарача | 3 Ироқи Араб |
| Ҳирот | 94 дарачаву 22 дақиқа | 34 дарачаву 30 дақиқа | 4 Хуросон |
| Ҳардвар | 113 дарача | 29 дарачаву 40 дақиқа | 3 Ҳинд |
| Ҳамадон | 83 дарача | 35 дарача | 4 Ироқи Ачам |
| Ямома | 78 дарача | 21 дарача | 2 Араб |

**ҲАФТ МАРДОН** هفت مردان иборат аз расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама ва хулафои арбаъа ва Ҳасанайн; ва баъзе навишта, ки ишорат азақтоб ва автод ва нуқабо ва нуҷабо ва абдол ва ғавс ва ахёр; ва баъзе гуянд, ки мурод аз ин асҳоби каҳфанд, ки ҳафт мард ҳастанд ва як саг.

**ҲАФТ ЗАМИН** هفت زمین соҳиби «Ҷавоҳир-ут-тафсир» аз «Такмилат-ул-қисас» нақл карда, ки замин ҳафтанд: номи аввал зуҳко [268]; дуввум ахлада ва он маскани ақорибӣ ҷаҳаннам аст; севвум арқа ва он маҳалли анокиби дӯзах аст; чаҳорум арбиё ва он ошьёни бозони нирон аст; панҷум ҳумалто; шашум сиҷҷин ва дар он дафтари аъмоли фуссоқ аст; ҳафтум аҷибо ва он мавзеъи иблис ва атбоъи уст, тамма каломуху; ва баъзе навиштаанд, ки **ҳафт замин** иборат аз ҳафт иқлим аст.

**ҲАФТХОҲАРОН** هفت خواهران *киноя аз* ҳафт кавкаби Банотуннаъш.

**ҲАФТХОН** هفتخوان иборат аз ҳафт манзили роҳе, ки Рустам аз он роҳ барои халоси Қайковус, ки девон уро ба ҳаволии калъаи Мозандарон қайд карда буданд, ба ҳафт руз рафта буд ва дар ҳар манзил офате пеш меомад, Рустам онро дафъ мекард, чунончи дар манзили аввал Рустам ба хоб буд, ки шере қасди Рустам кард, Рахши Рустам он шерро кушт. Дар манзили дуввум аждаҳое пайдо шуда, охир аз дасти Рустам кушта шуд. Дар манзили севвум зани соҳира ба фиреб додани Рустам омад, охир аз дасти Рустам кушта шуда. Дар манзили чаҳорум Улод ном деве бо лашкари худ ба ҷанг омад. Рустам лашкари уро қатл кард, Ӯлод бигрехт. Дар манзили панҷум Ӯлодро гирифтор сохт. Дар манзили шашум Аржанг ном деве ба ҷанг омад. Баъд аз куштии бисьёр Рустам сари уро аз тан барканд. Дар манзили ҳафтум бисьёр девонро кушт ва Бед ном сардори девонро мутеъ кард. Баъд аз он бо деви сипед, ки сардори бисьёр девон буд, Рустам кушти карда зер сохт ва ба ханҷар синаи уро чок карда ва Қовусро аз банд раҳо карда ва

шохи Мозандаронро баъд аз ҷанги бисьёр кушта музаффар ва мансур ба Эрон бозомад.

**ҲАФТХОНИ ИСФАНДИЕР** هفتخوان اسفندیار иборат аз ҳафт манзили роҳи Руйиндиж, ки дар он ҳафт маҳлакаи азим буд. Исфандиёр барои раҳоии хоҳарони худ ба он рафта буд. Чунончи дар манзили аввал ду гург буданд хунхор; ва дар манзили дуввум шер; ва дар манзили севвум аждаҳо; ва дар манзили чаҳорум зани ҷодугар; ва дар манзили панҷум симурғ; ва дар манзили шашум боду борону барф ва раъду жола; ва дар манзили ҳафтум оби амиқ пеш омад. Исфандиёр ҳар ҳафт балоро дафъ карда саломат ба Руйиндиж расид. Ва аз ҳар ақаба, ки мегузашт хони шукрона мекашид. Чун Исфандиёр ба Руйиндиж расид, ба макру ҳила лашкари Арҷоспшоҳро, ки у хоҳарони Исфандиёрро дар қалъа қайд карда буд, шикаст дод ва шаҳри уро бисухт ва ҳар ду хоҳарони худро аз қайд раҳо карда бо ғаноими касир пеши падар овард.

**ҲАФТА** هفته маъруф; ва ба маънии касе ки аз бисьёр роҳ рафтан монда шавад (аз «Сурурӣ»).

**ҲАФТ-НУҲ** هفت نه ороишу зевар ва асбоби арусӣ; ва **нуҳ-даҳ** низ гуянд; ва метувонад, ки **ҳафт-нуҳ** *мурод аз* торҳои соз бошад. Чи бар рубоб ва мисли он нух ва ҳафт тор мебанданд (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**ҲАФТГОҲ** هفتگاه иборат аз ҳафт иқлим.

**ҲАФТ ГАНҶИНА** هفت گنجینه Хони Орзу дар «Шарҳи Сикандарнома» навишта, ки зоҳиран расми салотини Эрон буд, ки ҳафт ҷо хизона медоштанд ё он ки **ҳафт ганҷина** *мурод аз* ҳафт гуна бахшиши подшоҳон бошад; ва он ҳафт ин аст: аввал нуқуд, дуввум ҷавоҳир, севвум албаса, чаҳорум ҳайвонот, панҷум атъима, шашум арозӣ, ҳафтум боғот.

**ҲАФТ КУҲ** هفت کوه аввал куҳи **Қоф**; дар китоби «Муъҷам-ул-булдон» мастур аст, ки куҳи **Қоф** ба гирди олам баромадааст. Баландии у қариби фалак расида ва ҷирмаш аз зумурруд аст ва кабудии ҳаво аз акси лавни уст; дуввум куҳи **Дамованд** ва баландияш миқдори сад ҷариб; севвум куҳи **Сарандеи** ва нақши қадами Одам алайҳиссалом дар он куҳ аст аз ангушти по то пошна ҳафтод газ шумурдаанд. Ва дар «Аҷоиб-ул-махлуқот» оварда, ки бар он нақши қадам ҳар руз борон меборад; чаҳорум куҳи **Гулистон** дар навоҳии Тус воқеъ аст ва тули ин бисьёр навиштаанд; панҷум куҳи **Варан** ва он куҳе баланд аст аз билоди Мағриб, тахминан ҳазор фарсанг; шашум куҳи **Лазкиён** онро ҷабали Фатқ низ гуянд. Ва ин куҳ кашида шудааст аз соҳили баҳри Хазар, наздики Дарбанд ба ҷониби ҷануб. Ва ин куҳ вусъати азим дорад; ҳафтум куҳи **Чин** ва он куҳ аз ҳудуди Чин меояд ва мекашад ба ҷониби мағриб то ҳудуди Фарғона ва Кеш ва Самарқанд ва муттасил мешавад ба Ғурҷистон ва Бадахшон ва мепайвандад ба куҳи Балх ва Ғур ва Ғазнин ва ба сарзамини Қобул ва Афғонистон дарояд ва дар навоҳии Панҷоб ва Кашмир бигзарад ва шохе аз он то ҳудуди Бистом ва Домғон расад ва ба куҳи Қоран пайвандад ва муттасил мешавад ба ҷиболи Мурунг ва Ошом ва Силҳат ва ба мулки Бангола ва Урисса расад; ва Нодун ва Камоюн ва Сринагар ва Алмура ва Барнат ва Непол дохили ҳамин куҳ аст. Ва ин куҳ азимтарини куҳхост баъди куҳи Қоф. Ва дар Ҳинд онро куҳи Суолак хонанд. Ва сивои инҳо ду куҳи дигар навиштаанд: яке Ҷабалуннур, дуввум ҷабали Қамар (аз тазкираи «Миръот-ул-хаёл»).

### Фасли ҳо маъа қоф

**ҲАҚАЪА** هقعه номи манзили панҷум аз манозили Қамар; ва он се ситора дар Ҷавзо наздики якдигар ва гирд (аз «Мунтахаб»).

### Фасли ҳо маъа коф

**ҲОКАЗО** هکذا ба маънии ҳамчунин.

**ҲУКҲУК** هکهک фувоқ, ки ба ҳиндӣ онро ҳичкӣ гуянд (аз «Бурҳон»).

### Фасли ҳо маъа лом

**ҲАЛО** هلا калимаи танбеҳ аст, ба маънии огоҳ бош (аз «Мадор» ва «Бурхон» ва «Мунтахаб» ва «Маҷмаъ-ул-фурс»).

**ҲУЛБ** هلب муи хук (аз шуруҳ ва «Суроҳ»).

**ҲУЛК** هلك ҳалокӣ ва нестӣ (аз «Мунтахаб»); ва ба фатҳатайн (яъне **ҳалак**)* дар форси ҳикхик ва фувоқ; ва ба замми аввал (яъне **ҳулк**)* чарме, ки онро монанди паллаи тарозу созанд ва аз сари чуби манчаниқ овезанд ва пур аз санг карда ба ҷониби хасм андозанд (аз «Бурхон»).

**ҲАЛОҲИЛ** هلاهل номи заҳри қотил, ки ҳеч даво ва тиреқ илоҷпазир набошад (аз «Мадор» ва «Бурхон» ва «Қашф» ва «Рашидӣ» ва «Музил» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Туҳфат-ул-муъминин» мастур аст, ки **Ҳалоҳил** номи куҳест дар ҳудуди Чин, бехи наботе дар он ҷо ба ҳам мерасад, ки он заҳр бошад. Номаш ба номи кухи ӯ машҳур шуда. Дар ин сурат, агар **ҳалоҳилро** ба тақдими лафзи **заҳр** истеъмол кунанд авло ва ансаб менумоянд.

**ҲИЛ** هل қоқулаи сиғор, яъне илойчии сифед; ва сиғаи амр аст аз **ҳилидан** ба маънии бигзор; ва кунҷора, ки он нухолаи кунчид ва саршафи равғангирифта бошад; ва биззам (яъне **ҳул**)* ба маънии оғуш; ва билфатх (яъне **ҳал**)* дар арабӣ каломи истифҳом аст, ба маънии оё чунин бошад (аз «Латоиф» ва «Мусталаҳот»).

**ҲИЛОЛ** هلال моҳи нав то се шаб; ва ин маъхуз аз **ҳалал** аст, ки ба маънии камӣ ва заъифӣ бошад (аз «Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ); ва дар истилоҳи форсиён, ба маънии тароши нохун низ омада, чаро ки он низ ба сурати ҳилол бошад; ва ҳам *кинояаз* пиёла.

**ҲИЛОЛ-ҲИЛОЛ** هلال هلال пора-пора ва лахт-лахт.

**ҲАЛУММА** هلم ба маънии биё ки, сиғаи амр аст аз омадан.

**ҲАЛАЛУМ** هللم номи бозист, ки атфоли шаҳри Кирмон бозанд.

**ҲИЛИДАН** هليدن гузоштан (аз «Бурҳон»).

**ҲИЛЯВН** هليون гиёҳест, ки тухми онро ба даво ба кор баранд (аз «Суроҳ»).

**ҲУЛОҚУ** هلاكو лафзи туркист; дар асл **Ҳӯлокухон** аст ибни Тулихон ибни Чингизхон; ва он подшоҳе буд золим, ки дар санаи шашсаду панҷоҳу шаш Бағдод ва дигар амсорро қатл нумуд (аз «Нафоис-ул-фунун»).

**ҲАЛИСА** هليسه сутуне бошад, ки он ҷо мардумон каштиро ба зӯр меоранд ва бар он сутун ресмоне печанд ва мардумон ба ҷониби худ мекашанд, ки то ба канора бирасад (аз «Фарҳанги Шамсӣ»); ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки **ҳалиса** чубаке бошад пахн, ки каштихои кӯчакро бад-он ронанд ва маллохон вақти рондан халя-халя гӯянд [269].

**ҲАЛЯ** هليه чубаке бошад пахн, ки каштихои кӯчакро бад-он ронанд (аз «Мусталаҳот»).

**ҲИЛӢ** هلى ба маънии бигзорӣ; сиғаи амр аст аз **ҳилидан** бо ё-и хитоб.

### Фасли ҳо маъа мим

**ҲАМОНО** همانا ин лафз барои заньоянд, яъне барои гумон: ғолиб ба маънии пиндорӣ ва гӯё ва шояд (аз «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Қашф» ва «Рашидӣ» ва ғайра); ва дар «Қуня» ва «Одоб-ул-фузало» ба маънии биляқин; ва биззам (яъне **ҳумоно**)* хатост; ва дар «Хиёбон» навишта, ки **ҳамоно** мураккаб аст аз **ҳам,** ки зоида низ оянд, чунонки: **ҳамчунон** ва **ҳамчунин** ва аз лафзи **моно.** Пас **ҳамоно** низ ба маънии пиндорӣ бошад.

**ҲУМО** هما мурғест, ки устухон мехӯрад ва бар сари хар ки сояи ӯ уфтад, ба давлат ва салтанат расад; ва номи духтари Баҳман, ки ба шариати зардуштӣ дар никоҳи Баҳман буд ва Дороб аз ӯ муваллид шуд (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва ғайра).

**ҲАМТО** همتا баробар ва мислу монанд.

**ҲИММАТ** همت ҳузн ва фикр; ва *маҷозан* иродаи баланд ва қасди дил ва андоза (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Сурох» ва ғайра); ва *маҷозан* ба маънии дуъо низ мустаъмал.

**ҲАМПО** همپا ҳамроҳ.

**ҲАМПУШТ** همپشت муайид ва мададгор.

**ҲАМДАСТ** همدست шарик ва муттафиқ, ва баробар ва ҳамқудрат (аз «Бурҳон»).

**ҲАМОВАРДА** همآورده ҳарифи ҷанг; ва ба маънии боулӣ, ки пил ва ғайраро диҳанд (аз фарҳанге ва «Мусталахот» [270].

**ҲАМСАР** همسر ба маънии баробар ва завҷаи манкуҳа.

**ҲАМОР** همار андоза ва ҳисоб ва ҳамеша; ва дар арабӣ билфатҳ ва ташдид (яъне **ҳаммор**)* бисьёргӯ.

**ҲАМЗ** همز ба чашм ишора кардан ва фишурдан бар панҷа ва зағта овардан ва айб кардан ва задан ва сухтан (аз «Сурох»).

**ҲАМС** همس нармии овоз ва овози нарм (аз «Мунтахаб» ва ғайри он).

**ҲАМНАФАС** همنفس рафиқ ва ҳамкалом.

**ҲАМЗУЛФ** همزلف шавҳари хоҳари зан.

**ҲАМСИЛК** همسلك он ки онро ба ҳиндӣ самдхӣ гуянд.

**ҲАМТАНГ** همتنگ мувофиқ ва баробар.

**ҲАМСАНГ** همسنگ баробар ва ҳамвазн.

**ҲАМОЛ** همال бар вазни **камол**; ба маънии анбоз ва ҳамто (аз «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Бурҳон» мастур аст, ки ин лафз ба замми аввал (яъне **ҳумол**)* низ омада.

**ҲАММАҚИЛ** هم مقيل ҳамхоба (аз «Латоиф»).

**ҲУМУМ** هموم андуҳҳо ва андешаҳо; ва ин *ҷамъи* **ҳамм** аст, ки (ба фатҳи ҳо ва ташдиди мим) ба маънии андуҳ бошад.

**ҲИМАМ** همم ҳимматҳо ва қасдҳо; ва ин *ҷамъи* **ҳиммат** аст.

**ҲУМОМ** همام меҳтари қавм ва марди бузург (аз «Мадор» ва «Латоиф» ва «Кашф»); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки **ҳумом** ба маънии меҳтари қавм, ки бороюю тадбир бошад; ва ин маъхуз аз **ҳиммат** аст.

**ҲАМ(М)** هم лафзи арабист, ба маънии андуҳ ва ба маънии қасд кардан (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»); ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки ба фатҳ андуҳ ва андеша; ва масдар низ омада; ва ба маънии хостан ва қасд кардан; ва билкаср ва ташдиди мим (яъне **ҳимм**)* марди сахт пир, ки заъиф бошад; ва дар «Муфаррех-ул-қулуб» навишта, ки **ҳам** (билфатҳ) ҳолатест, ки ба як лаҳза хавф лоҳиқ шавад ва ба як лаҳза раҷо. Пас **ҳам** ҳолатест миёни хавфу раҷо; ва дар сурати фатхи аввал ва тахфифи мим (яъне **ҳам**)* лафзи форсист, муродифи низ; соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки фарқ дар лафзи **низ** ва **ҳам** он аст, ки овардани лафзи **ҳам** бар маътуф ва маътуфалайҳ ҳар ду саҳеҳ бошад, чунонки гӯянд: *ҳам намоз кардам ва ҳам рӯза гирифтам*; ба хилофи лафзи **низ**, ки танҳо бар маътуф ояд; ва айзан лафзи **ҳам** дар муфрадот ояд, чунонки: *ҳам Зайдро задам ва ҳам Амрро*; ба хилофи лафзи **низ**, ки ҷуз дар ҷумла наёяд, чунонки: *Зайдро задам ва низ Амрро.* Ва агар ҷумлаи дуввум бинобар зарурат дар сурати муфрад бошад, асл дар ҷумла хоҳад буд. Ва айзан лафзи **ҳам** бар лафзе дохил мешавад, ки он лафзи маҳмул ба мувотот бар мадхул нашавад, масалан: *ҳамроз гӯянд*, ба маънии ду кас, ки роздори якдигар бошанд, на он ки *ҳамроздор гӯянд.* Ва ҳамин қисм *ҳамдостон* ва *ҳамроҳ* ва амсоли он. Ғараз ки лафзи **ҳам** аз ҳуруфи отифа аст ва ифодаи иштирок филамр мекунад, чунонки дар амсалаи мазкура. Ва дар «Чароғи ҳидоят» мастур аст, ки лафзи **ҳам** бо лафзи **низ** гоҳе ҷамъ мешавад ва гоҳе танҳо фақат зоид бошад.

**ҲАМГИНОН** همگنان ба маънии ҳамакасон; ва ин *ҷамъи* **ҳамгин** аст, ба овардани алифу нуни ҷамъ ва ҳазфи ёи таҳтонӣ. Ва ин лафз дар

асл ба фатҳатайн (яъне **ҳамагинон**)* буд. Ба ҷиҳати таволии ҳаракот мимро барои тахфиф сокин кардаанд, чунонки **мижгон** ба сукуни сонӣ хонанд, *ҷамъи* **мижа**, ки ба фатҳи сонӣ бошад. Ва лафзи **ҳамагин** (ба фатҳатайн) мансуб аст ба лафзи **ҳама** ба овардани **ё** ва нуни нисбат, чунонки дар *симин* ва *заррин*. Ва ҳо-е, ки дар охири лафзи **ҳама** бувад, ба ҳолати нисбат бувад, ба кофи форсӣ бадал шудааст. Ва баъзе навиштаанд, ки **ҳамгинон** *ҷамъи* **ҳамагӣ**-ст; ба ҷиҳати тахфиф таҳтониро ҳазф кардаанд ва нун зоида оварда мимро сокин кардаанд. Ва назди баъзе *мухаффафи* **ҳамагинон (ҳамагӣинон)*** аст, ба маънии инон ҳамагӣ. Ва ба кофи арабӣ (яъне **ҳамкинон**)* хондан хатост (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мадор» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҲУМОЮН** همایون муборак ва хуҷаста (аз «Бурҳон»); ва ин лафз мураккаб аст аз **ҳумо** ва калимаи **юн**, ки барои нисбат ояд.

**ҲАМЕДУН** همیدون ба маънии ҳамчунин ва акнун (аз «Баҳори Аҷам» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва «Хиёбон»); ва дар «Шарҳи Сикандарнома» ба маънии **ҳамедон** низ навишта, чаро ки дар лаҳҷаи эрониён аксар алиф ба вов бадал мешавад.

**ҲАМЁН//ҲАМАЁН** همیان кисаи зар; ва билкаср (яъне **ҳимён**)* муаррабӣ он (аз «Баҳори Аҷам» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва «Мунтахаб»).

**ҲАМҚИРОН** همقران ин лафз дуруст омадааст; магар дар лафзи **ҳамқарин** лафзи **ҳам** зоид, зеро ки **қарин** сиғаи сифати мушаббаҳ аст, ба маънии ёр ва мусоҳиб, на ба маънии масдар (аз «Баҳори Аҷам»).

**ҲАМОН** همان ба фатҳи аввал саҳеҳ аст ва ба замми аввал (яъне **ҳумон**)* хатост, чаро ки дар асл **ҳам он** буда. Ва ин аз сиқот ва муҳаққиқон масмӯъ аст. Ва ишорат аст ба чизе, ки дар хотир малҳуз бошад. Ва муродифи лафзи **дигар** ҳам меоянд.

**ҲАМДОН** همدان қабилаест аз Яман; ва ба фатҳатайн (яъне **Ҳамадон**)* номи шаҳрест аз Эрон; ва **Ҳамзон** (ба фатҳ ва золи муъҷама) *муаррабӣ* он (аз «Мунтахаб» ва «Хиёбон»).

**ҲАМДОМОН** همدامان ду кас, ки ду хоҳар ба никоҳ дошта бошанд, ҳар яке мар дигареро ҳамдомон бошад дар муховараи аҳли забон (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»).

**ҲАМДОСТОН** همداستان ҳамкалом ва ҳамсуҳбат (аз «Бурҳон»).

**ҲАМЪИНОН** همعنان ҳамроҳ ва баробар (аз «Бурҳон»).

**ҲАМЧУ** همچو ҳарфи ташбеҳ; ва ба маънии ҳамчунин низ омада (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ҲАМТАРОЗУ** همترازو муқобил ва ҳамқувват ва баробар.

**ҲАМХОБА** همخوابه дар охири ин лафз **ҳо** зоида аст.

**ҲАМОРА** هماره андоза ва ҳисоб; ва ба маънии ҳамеша, зеро ки ба ин маънӣ *мухаффафи* **ҳамвора** аст (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ҲАМҲАМА** همهمه бонг кардани шери дарранда (аз «Мунтахаб»).

**ҲАМА** همه барои иҳотаи афрод ва шумули аҷзо меоянд ва ҷамъ кардани он бо ёи ваҳдат ғаробате дорад, Толиби Калим гӯяд, мисраъ:

Кутоҳ мешавад ҳама шамъе зи сӯхтан...

Саъдӣ гӯяд, байт:

Ҳама тахту мулке пазирад завол.
Намонад ба ҷуз мулки эзид-таъол.

Ва лами он ин аст, ки **ҳама**-ро ба маънии ҳар истеъмол карда, чаро ки ҳар гоҳ калимаи **ҳар** бар лафзи **ҳама** дохил мешавад, мураккаб ифодаи маънии ҳар яке кунад. Ва фарқ дар миёни лафзи **ҳар** ва **ҳама** он аст, ки **ҳар** барои шумули афрод аст мин ҳайсулмаҷмӯъ ва **ҳама** мин ҳайсулафрод. Лиҳозо хабари ҳар ду муфрад ва ҷамъ воқеъ мешавад, чунонки Соиб гӯяд, байт:

Заҳраи кист. ки ушшоқи туро сайд кунад,
Мешиносад ҳама кас булбули бустони туро.

**ҲУМОЙ** همای мурғи маъруф, ки устухон мехӯрад ва бар сари ҳар касе ки сояи он уфтад, ба давлат ва салтанат мерасад. Ва дар охири ин лафз ёи таҳтонӣ зарурӣ нест, гоҳе меояд ва гоҳе намеояд (аз «Бурҳон» ва ғайра).

**ҲАМАГӢ** همگی мазид алайҳи **ҳама,** яъне тамомӣ ва ҳама; ё он ки **ҳамагӣ** *мухаффафи* **ҳамагин** аст ва **ҳамагин** мураккаб аз **ҳама** ва **гин,** ки ҳарфи нисбат аст бар сабили зиёдат, чунонки лафзи **манд** дар **фирӯзманд** (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мадор» ва «Кашф»).

**ҲАМРОҲӢ** همراهی ба маънии баробари ва мадад низ омада (аз «Мусталаҳот»).

**Фасли ҳо маъа нун**

**ҲИНДБО** هندبا тухми коснӣ (аз «Бурҳон» ва шарҳи «Нисоб»).

**ҲАНГУФТ** هنگفت ба маънии ғафс ва ситабр ва гунда (аз «Латоиф» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ»).

**ҲИНДУИ ЧАРХ** هندوی چرخ *киноя аз* ситораи Зуҳал (аз «Бурҳон»).

**ҲИНД** هند номи зане, ки қотили Амир Ҳамза будааст (аз «Мунтахаб» ва ғайра).

**ҲАНҶОР** هنجار роҳ ва ҷода; ва *маҷозан* ба маънии тарз ва равиш ва қоида ва ранг ва лавн (аз «Баҳори Аҷам» ва «Латоиф ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»); ва дар «Мадор» ба каср (яъне **ҳинҷор**)*.

**ҲАНГОМАГИР** هنگامه‌گیر ҳуҷумкунанда ва бозигар ва шахсе ки бар сари куча ҳангома гирифта нишинад ва ба фиреби таъвизот ва адвия мардумро ҷамъ кунад, то чизе аз эшон ахз нумояд («Шарҳи Бӯстон» аз Мир Абдулвосеъ ва «Бурҳон»).

**ҲАНУЗ** هنوز ба маънии то ҳол ва то акнун; ва касоне ки то ҳануз ба зиёдати лафзи **то** гӯянд, ғалат аст, ҷаро ки фақат лафзи **ҳануз** ба маънии то мавҷуд аст (аз «Мадор» ва «Бурҳон» ва «Кашф»).

**ҲАНГ** هنگ қасд ва ваќор ва ҳушёрӣ ва зӯр ва қувват; ва ба маънии шигоф ва ғор ва қавми сипоҳ ва фавҷ ва зарба ва садма (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ҲАНГОМ** هنگام ба маънии вақт; ва ба маънии ҳангома ва маҷмаъ (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ҲИНДУСТОН** هندوستان мулкест васеъ дар иқлими аввал ва дуввум ва севвум ва қадре дар чаҳорум. Ва соҳиби «Миръот-ул-олам» оварда, ки тӯли мамолики маҳрусаи Ҳиндустон аз Лаҳрибандари мутааллиқи Тҳатҳ то Тҳанаи бандари Асали мутааллиқаи сӯбаи Бангола якҳазору ҳафтсаду чиҳил куруҳ ва арз аз сарҳади Таббати Аксои сӯбаи Кашмир то қалъаи Шулапур якҳазору яксаду ҳафтоду шаш куруҳ; ва таҳсили Ҳиндустон нуҳ арабу бисту чаҳор куруру ҳафтдаҳ лакху шонздаҳ ҳазору ҳаштод ва дусад дом аст. Чун чиҳил-чиҳил домро як рупия мешавад, ба ҳисоби рупияҳо зари таҳсили Ҳиндустон бисту се куруру даҳ лакху чиҳилу ду ҳазору нуҳсаду ҳафт рупия мешавад. Дар санаи понсаду ҳаштоду ҳашти [271] ҳиҷрӣ султон Қутбуддинбеги ғуломи султон Муиззуддини Сом, ки ӯро султон Шаҳобуддин низ хонанд, аввал аз ҳама салотини ислом Ҳиндустонро фатҳ карда. Ва таҳсили сӯбаҳои Ҳиндустон: аввал сӯбаи Шоҳиҷаҳонободи Деҳлӣ: тӯли он яксаду шасту панҷ куруҳ ва арзи он саду чиҳил куруҳ; ҳадди ғарбии ин сӯбаи Лудҳяна, шарқӣ Палвал ва ҷанубӣ Реварӣ ва шимолӣ кӯҳи Камаюн; дуввум сӯбаи мустақаррулхилофати Акбарободи (дар)* урф Агра: тӯли ин суба яксаду ҳафтод куруҳ ва арзи он сад куруҳ; ҳадди шарқии ин сӯбаи Гҳатампур ва шимолӣ дарьё Ганг ва ҷанубӣ Чандпурӣ ва ғарбӣ Палвал; севвум сӯбаи Илаҳобод: ва тӯл аз маҷҳулии Ҷунпур то кӯҳи ҷанубӣ саду шаст куруҳ, арз аз гузари дарьёи Ганг то Гҳатампур саду бист куруҳ, шарқӣ сӯбаи Биҳор, ғарбӣ сӯбаи Акбаробод, шимолӣ сӯбаи Авадҳ, ҷанубӣ Маҳунгадҳ; чаҳорум сӯбаи Авадҳ: ва Авадҳ шаҳре бувад бузург ва ба ҳиндӣ онро Аҷудҳия номанд ва Бҳараич ва Лакҳнав ва Хайробод ва Балгром дохили ин суба аст; тӯли ин суба аз саркори Гуракҳпур то Қан-

навҷ сиву панҷ ва сад курӯҳ ва арз аз кӯҳи шимолӣ то Сидҳури[272] тобеъи Илаҳобод саду понздаҳ курӯҳ; панҷум субаи Патна, машҳур ба Азимобод: ин субаро субаи Биҳор низ гуянд; тули ин суба аз Гадҳӣ то Раҳтас саду бист курӯҳ ва арз аз Турҳат то шимолии кӯҳ саду даҳ курӯҳ, шарқруяи[273] ин суба субаи Бангола ва ғарбруя Илаҳобод ва шимоливу ҷануб кӯҳи бузурги саркори Биҳор ва Ҳоҷипур ва Мунгир; шашум субаи Бангола: дорулимораи ин суба шаҳри Дҳакка, мавсум ба Ҷаҳонгирнагар аст ва саркори Баглана бар соҳили дарьёи Шур аст ва наздики он Қамруп, ки онро Канурад гуянд ва пайвастаи он вилояти Ошом бисьёр васеъ, тули ин суба аз бандари Чатгам то Гадҳӣ чаҳорсад курӯҳ ва арз аз кӯҳи шимолӣ то поёни саркори Бадоун дусад курӯх, шарқрӯяи ин субаи дарьёи Шур ва ғарб субаи Биҳор ва дар шимоли вилояти Кҳинч ва ҷануб Урисса, саркори Тандҳ ва Фатҳобод ва Силхат ва ғайра ва Чатганун ва Шарифобод ва Сулаймонобод ва Гҳургҳат; ҳафтум субаи Урисса[274]: бисту нуҳ қалъаи пухта дорад; ва тӯли ин суба яксаду ҳашт курӯҳ ва арз сад курӯх; ҳаштум субаи Хуҷастабуньёди Аврангобод: аввал ин шаҳрро ном Дҳаранагарӣ машҳур буд, баъд аз он ба Девгадҳ мавсум шуда буд, баъд Султонмаҳмуди Фахруддин Давлатобод ном кард. Аврангзеби Оламгир наздики қалъаи мазкур Аврангобод тарҳ карданд. Тӯлаш саду панҷоҳ курӯҳ ва арзаш сад курӯх; нуҳум Бирар: ва Бирар мулкест миёни ду кӯх; тӯлаш дусад курӯҳ ва арзаш саду ҳаштод курӯх. Пуна дохили ин суба аст; субаи даҳум Хандес[275]: Бурхонпур дорулмулки ин суба аст; тӯлаш ҳафтоду панҷ курӯҳ ва арзи ӯ панҷоҳ курӯҳ; ба ҷониби шарқи ин суба Бирар аст ва шимолӣ Малуҳ; ёздаҳум субаи Малуҳ; дорулмулки он Уҷҷайн аст; тӯлаш дусаду чиҳил курӯҳ ва арзаш дусаду сӣ курӯх; дар шимолии ин суба Нирур ва ғарбӣ Гуҷарот ва Аҷмер; дувоздаҳум субаи дорулхайри Аҷмер: қалъаи Чатур аз тавобеъи ин суба аст ва ҳокими ин қалъаро Рана гуянд; шаҳри Санбҳар: наздики шаҳр ғадирест ба тули чаҳор курӯҳ ва арз як курӯҳ; оби бағоят шур ва даруни ғадир бисьёр қитаъоти замин ба сони мазраъаи шимолӣ, аз он атрофи канора баланд кунанд ва заминро аз каланд нарм карда аз оби ғадир пур мекунанд. Баъди понздаҳ-шонздаҳ руз, ки замин тамоми об-ро ҷазб мекунад, тамоми қитъаи замин намакомуд мешавад. Ва онро аз каландҳо канда бар канора меандозанд. Тули ин суба аз Осер то Беканир ва Ҷайсалмир саду шасту ҳашт курӯҳ ва арз аз ниҳояти саркори Аҷмер то Бансвара саду панҷоҳ курӯҳ; ва шарқруяи ӯ Акбаробод ва ғарбруя Балпури тобеъи Мултон ва шимолӣ қасаботи Шоҳиҷаҳонобод ва ҷануб Гуҷароти Аҳмадобод ва саркорҳои ин суба Чатур ва Аҷмер ва Ҷунпур ва Нагур[276] ва Саруҳӣ ва Беканир; сездаҳум субаи Гуҷарот: Сурате[277], ки бандари номвар аст ва чанд бандари дигар аз тавобеъи ӯст ва Бхарунҷ дохили ҳамин аст. Аз бандари Кҳукҳ то бандари Амара саду бисту панҷ курӯҳ тӯл дорад ва ҳафтоду ду курӯҳ арз дорад; ҷониби шарқии ин суба Аҳмадобод аст, шимолӣ Качҳ, ҷанубӣ ва ғарбӣ дарьёи Шур; чаҳордаҳум субаи Тҳатҳ: дар ин суба аз ҳудуди Мултон ва Уч ва Қач ва Мукран, шимолруя кӯҳҳои хорои баланд ва масокини қавми булуч ва баъзе афғонон ва ҷониби ҷануб аз Уч то Гуҷарот кӯҳҳои рег ва бунгоҳи раиси он ҷо Ҷайсалмир аст; тӯли ин суба аз Қач ва Мукрон дусаду панҷоҳ курӯҳ ва арз аз қасабаи Буддҳан то бандари Лахрӣ сад курух, шарқрӯяи ин субаи Гуҷарот, Аҳмадобод аст ва ғарбрӯя Қач ва Мукран ва шимол Бҳакр, ҷануб дарьёи Шур; саркор чаҳор дорад: Тҳатҳ ва Севастан ва Насирпур ва Амаркут; понздаҳум субаи Мултон: Пакпаттан ва Палпур[278] тобеъи ин суба аст. Чун аз касрати серобии оби сайл ҷангали анбуҳ бисьёр аст, лиҳозо ин диёрро Лаккҳиҷангал низ гуянд. Тӯли ин суба аз Фирузпур то Систон чаҳорсад курӯх, арз аз Хатпур то Ҷесалмир саду бисту панҷ курӯх. Ховаррӯяи саркор Сирҳинд, ғарб-

руя Қач ва Мукран, шимолӣ Сурқут, ҷанубӣ Аҷмер ва саркорҳои ин суба Мултон аст ва Депалпур ва Бҳакр; шонздаҳум субаи доруссалтанати Лоҳур: Лоҳур шаҳрест[279] бузург бар канори дарьёи Равӣ. Ва боғи Шалаяр ба тақлиди боғи Қашмир Шоҳиҷаҳон подшоҳ дар қурби шаҳри Лоҳур эҳдос фармудааст. Ва панҷ дарьёи мулки Панҷоб ин аст: аввал Сатлаҷ, дуввум Биёҳ, севвум Равӣ, чаҳорум Чиноб, панҷум дарьёи Бҳат. Ва мобайни дарьёи Бҳат ва дарьёи Синд Лунара дуобаи[280] машҳур аст. Ва ин дарьёи Синд дар миёни Ҳиндустон ва Қобул ва Зобулистон ҳоил аст. Тули ин суба аз оби Сатлаҷ то дарьёи Синд саду ҳаштоду нуҳ куруҳ ва арз аз Бҳера то Чавкҳандӣ ҳаштоду ҳафт куруҳ. Шарқруя Сеҳринд, ва ғарб Мултон, шимол Қашмир, ҷануб Диялпур; ҳафтдаҳум субаи Қашмир: дар ин суба дувоздаҳ бигҳа замин аст, ки дар он заъфарон рӯяд. Саркори Паглӣ дохили ин суба аст. Тули ин суба аз Хайбар то дарьёи Қашани Ганг саду бист куруҳ ва арз ҳаштод; ҳездаҳум субаи Қобул: ва ин суба чанд тумон дорад. Яке аз он Пешовар аст. Тӯли ин суба аз Аттуки Банорас то Ҳиндукуҳ саду панҷоҳ куруҳ, арз аз Қаробоғи Қандаҳор то Ҳақонсарой сад куруҳ. Шарқруя дарьёи Синд ва ғарбруя Ғур, шимолӣ Андароб ва Бадахшон ва Ҳиндукуҳ ва ҷанубӣ Делвода; нуздаҳум субаи Қандаҳор: тули ин суба сесад куруҳ ва арз дусаду шаст куруҳ. Шарқии он Синд, шимолӣ Ғур ва Ғурҷистон ва Қобул ва Ғазнин миёни шарқу шимол.

**Баёни буъди масофати баъзе билоди Ҳиндустон:** бидон ки аз Шоҳиҷаҳонобод Лоҳур яксаду панҷ куруҳи ҷарибӣ, то Сирҳинд панҷоҳу ду куруҳ; ва аз Сирҳинд Лоҳур панҷоҳу се куруҳ; ва аз Сирҳинд Қангра чиҳилу нуҳ куруҳ. Баҷвара бисту чаҳор (панҷ куруҳ); ва Қангар аз Баҷвара бисту чаҳор; аз Лоҳур Аттук шасту ду куруҳ, аз он ҷо Пешовар чаҳордаҳу ним; ва аз Қобул Ғазнин сӣ куруҳ; ва аз Лоҳур Мултон ҳафтод ва аз Мултон Бҳакр яксаду шаш ва аз Бҳакр Суҳон панҷоҳу панҷ куруҳ; ва аз Тҳатҳ ҳафтоду панҷ куруҳ; ва аз Бҳакр то Қандаҳор яксаду ҳафтоду ҳафт; ва аз Лоҳур Қашмир ба роҳи Тезинҷал ҳафтоду шаш куруҳ, то Тҳатҳ сию чаҳор куруҳ, аз он ҷо Қашмир чиҳилу ду; ва аз Шоҳиҷаҳонобод Акбаробод ба роҳи рост чиҳилу чаҳор куруҳ ва аз Илаҳобод Банорас бисту нуҳ куруҳу нисф; аз Банорас Сеҳисром бисту шаш куруҳ, аз он ҷо Патна чиҳилу як ва аз он ҷо Мунгир сию ҳафт ва аз он ҷо Гадҳӣ сию як ва аз он ҷо Акбарнагари урф Роҷмаҳал бисту ду куруҳ; ва аз Акбарнагар Ҷаҳонгирнагари урф Дҳакка яксаду шонздаҳ куруҳ, аз Акбарнагар Урисса яксаду сию се куруҳ; аз Шоҳиҷаҳонобод Аҷмер ҳаштоду як куруҳ ва аз Шоҳиҷаҳонобод Сурат ба роҳи Бурҳонпур сесаду ёздаҳ куруҳ, Акбарobод чиҳилу чаҳор куруҳ; ва аз он ҷо Бурҳонпур яксаду ҳафтоду ҳафт куруҳ; ва аз он ҷо Сурат навад куруҳ, ки ҷумлагӣ сесаду ёздаҳ бошад. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Аҳмадобод ба роҳи Аҷмер дусаду панҷоҳу се куруҳ ва аз Аҳмадобод Сурат панҷоҳу як. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Ҳизробод панҷоҳу ду ва Илаҳобод ба роҳи Гадҳмуктесар яксаду сию шаш ва Нурнагар чиҳилу се. Ва аз Нурнагар Мухлиспур бисту як куруҳ ва аз Мухлиспур Қангра шасту ҳашт куруҳ; ва аз Шоҳиҷаҳонобод Ануннагари урф Севлӣ ҳашт куруҳ ва хоси Шикарпур шашу ним куруҳ ва Палампур чаҳор куруҳ ва Талпат панҷ куруҳ. Ва аз Акбаробод Бурҳонпур яксаду ҳафтоду ҳашт, Гуволияр бисту ҳашт; аз он ҷо Серунҷ панҷоҳу ҳашт; ва аз он ҷо Нарбада панҷоҳу якуним; ва аз он ҷо Бурҳонпур чиҳил куруҳ; ва аз он ҷо Аврангобод дусаду бисту як куруҳ. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Тҳанпур наваду чаҳор куруҳ, Акбарobод чиҳилу чаҳор куруҳ. Аз Акбаробод Аҷмер ҳаштоду чаҳор куруҳ, Ҳиндун бисту ҳафт ва аз он ҷо Тунк сию ду, боқӣ Аҷмер. Аз Шоҳиҷаҳонобод Ҳардвор чиҳилу чаҳор куруҳ ва Муродобод чиҳил ва Ҳисор чиҳилу чаҳор. Ва аз Акбаробод Борӣ бисту ду куруҳ ва аз он ҷо Руппарс ёздаҳ. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Ҷунпур яксаду ҳафтоду шаш куруҳ, Илаҳобод яксаду

панчоху панч ва аз он чо Чунпур бисту як. Ва аз Акбаробод Фатхпур хашт куруҳ ва аз Акбаробод Сукр сездаҳ куруҳ, Сурван бисту чаҳор куруҳ, Атава бисту ҳашт куруҳ. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Гуракхпур яксаду шаст, Акбаробод чиҳилу чаҳор ва аз он ҷо Лакҳнав шасту ҳашт ва аз он ҷо Авадҳ бисту ҳафт ва аз он чо Гуракҳпур бисту як. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Қаннавҷ наваду шаш ва Куманӣ бисту шаш; ва аз он чо Анбала нуздаҳ; ва аз он ҷо Сирҳинд бист; ва аз он ҷо дарьёи Сатлаҷгузари Лудҳяна нуздаҳ; ва аз он чо гузари Кундвал нуздаҳ; ва аз он чо Лоҳур сию ҳафт. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Ҳайдаробод сесаду ҳафтоду як ва Аврангобод дусаду шасту панч; ва аз он чо Ҳайдаробод яксаду шаш ва Андур панчоҳ; ва аз он чо...[281] панчоҳу шаш; ва аз Шоҳиҷаҳонобод Биҷопур сесаду панчоҳу ҳафт, Аврангобод дусаду шасту панч; ва аз он чо Биҷопур наваду ду ва Аҳмадобод бисту ҳашт ва Нарбада бисту ҳашт, Биҷопур сию панч. Аз Аврангобод қалъаи Шулапур ҳафтоду ду куруҳ, қалъаи Бадр яксаду панчу ним, қалъаи Авадҳгарҳ шасту се. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Қашмир ба роҳи Сунҷ дусад; ва аз Қашмир Таббати Хурд шаст куруҳ; ва аз Аврангобод қалъаи Калянӣ яксаду бист куруҳ. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Бухоро чаҳорсаду чиҳилу ҳафт куруҳ, то Қобул дусаду шаст; ва аз он чо Балх наваду ҳафт ва аз он чо Бухоро ҳаштоду як куруҳ. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Қобул дусаду шаст, Қандаҳор ба роҳи Қобул сесаду шасту ҳашт; ва аз Қобул Қандахор яксаду шаш; ва аз Қобул то Ғазнин сӣ куруҳ; ва аз Қаробоғ ёздаҳ куруҳ; ва аз он чо Қандахор сӣ куруҳ; ва аз Қандаҳор Исфаҳон чаҳорсаду шасту се, то қалъаи Буст сию як куруҳ; ва аз он чо Масарзобӣ панчоху нух; ва аз он чо Ҳирот панчоҳ; ва аз он ҷо Машҳад ҳафтоду панч; ва аз он чо Исфахон дусаду чиҳилу нух. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Ҳасанабдол яксаду ҳафтоду шаш ва аз Ҳасанабдол Қухот сию ҳафт куруҳ. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Матҳура сию якуним куруҳ ва Ҳосунӣ яксаду бисту нух, Рухтоси Хурд дусаду бист куруҳ ва Хайробод яксаду шонздаҳ. Ва аз Қашмир то Пешовар наваду ҳафт куруҳ, Ҳуснобод ҳафтоду ду ва аз он чо бисту панч Пешовар. Аз гузари Ҷелам то Қобул ба роҳи Аттук яксаду шонздаҳ куруҳ. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод то Рагрҳ яксаду даҳ куруҳ ба роҳи Сирҳинд. Ва аз Суҳон то Қобул сесаду панч; ва аз Гулшанобод Аврангобод шасту чаҳор куруҳ; ва аз Акбаробод Амир яксаду ҳафтоду се; ва аз Давлатобод то бандари Ҷул ҳаштоду як куруҳ ва аз Санбҳар то Бурхонпур яксаду наваду ҳашт ва аз Бурхонпур то Давлатобод ба роҳи Админгарҳ шасту чаҳор. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Осер дусаду ҳафтдаҳ; ва аз Акбаробод Уҷҷайн яксаду бисту шаш. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод то Аҳмадобод дусаду чиҳилу чаҳор; ва аз Аҳмадобод Сурат яксаду бисту панч. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод Схаранпур сию чаҳор; ва аз Султонпур Муродобод яксаду бисту ҳафт, то Шоҳиҷаҳонобод ҳафтоду чаҳор ва аз он чо Муродобод чиҳилу се. Ва аз Лоҳур Шамсобод яксаду шасту панч. Ва аз Шоҳиҷаҳонобод то Тханаи бандари Амал ҳаштсаду наваду севу ним куруҳи ҷарибӣ. Ва фӣ куруҳи ҷарибӣ куруҳи расмии якяк куруҳ ва се рубъи куруҳ мебошад. Ва ин ба тарафи машриқ ва мағриб аст, ки бандари Амал понсаду ҳаштоду ҳафт куруҳ, тарафи мағриб, ки Қаробоғ аст нухсаду шаш куруҳ. Ба тарафи Таббати Хурд аз Шоҳиҷаҳонобод, ки самти шимол аст сесаду сӣ куруҳ; аз Шоҳиҷаҳонобод қалъаи Шулапур, ки ба тарафи ҷануб аст сесаду чиҳилу ду куруҳ. Ин аст тӯл ва арзи мамолики маҳрусаи Ҳиндустон, ки навишта омад.

**ҲИНДУЗАН** هندوزن зани соҳира (аз «Шарҳи Сикандарнома»).

**ҲИНДУВОНА АФГАНДАН** هندوانه افگندن *киноя аз* ниҳояти тарсу бим; **ҳиндувона** тарбуз аст; дар ин чо *киноя аз* пасафгандани ҳайвон, ки гирду сахт ва калон бошад (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ҲИНДУВОНА ДАР ҚУНИ ҚАСЕ ҒАЛТОНИДАН** هندوانه در کون کسی غلطانیدن *киноя аз* бисьёр тарсонидан (аз «Чаҳор шарбат»).

**ҲИНДУ** هندو мансуб ба **Ҳинд**; дар ин лафз вов барои нисбат аст ва ин нисбат хусусийят ба завилъуқул дорад. Ва лафзи **ҳинду** дар муҳовараи форсиён ба маънии дузд ва роҳзан ва ғулом меоянд (аз «Ҳиёбон»).

**ҲУНАЙДА** هنیده сад шутур; ва ба миқдори сад адад (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҲАНАЪА//ҲАНЪА** هنعه доғи паси гардани шутур; ва номи манзили шашум аз манозили Қамар дар бурҷи Ҷавзо; ва он панҷ ситора аст бар дӯши Ҷавзо ба тарафи чап (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҲИНДУВОНА** هندوانه тарбуз, ки самари маъруф аст.

**ҲАНДАСА** هندسه андоза гирифтан; ва ин *муарраби* **андоза** аст ба ибдоли ҳамза ба хо ва ҳазфи алиф; чун дар каломи араб дол ва зо бефосила дар калима ҷамъ намешавад, лиҳозо зо-ро ба сини муҳмала бадал карданд, **ҳандаса** шуд (аз «Мунтахаб» ва «Сурох»); ва дар «Ҳошия»-и таҳрири Уклидис низ ҳамчунин ба назари фақир муаллиф даромада; ва **ҳандаса** номи илмест, ки аз он маърифати ашкол ва мақодири ашьё ҳосил мешавад; ва рақами аъдодро низ гӯянд (аз «Мадор» ва «Музил» ва «Қашф»); ва дар «Бурҳон» ин лафзро билкаср (яъне **ҳиндаса**)* навишта; ва дар баъзе фарҳангҳо ин лафзро ба маънии макру фиреб навиштаанд.

**ҲИНДУҚУҲ** هندوکوه номи кӯҳе, ки аз Қобул чиҳил куруҳ пеш аст (аз «Шамсӣ»).

**ҲАНГОМА** هنگامه маҷмаъи мардум; ва ба маънии вақту ҳангом низ омада (аз «Рашидӣ»).

**ҲАНИЙ** هنی бар вазни **фаъил**; хушгувор ва гуворанда ва ҳозим (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Сурох»).

**ҲИНДӢ** هندی *киноя аз* теғ ва шамшер (аз «Бурҳон»).

**ҲАНГОМАБАНДӢ** هنگامه بندی нумудори.

**Фасли ҳо маъа вов**

**ҲАВО** هوا ҷавфи фалак, яъне фарқе ки миёни осмону замин аст; ва ба маънии холӣ ва боди соқин, ки дар ҷавфи ҳар макон бошад; ва билқаср ба маънии орзу ва иштиёқ ва майли нафси аммора ва бефарзандии модар (аз «Мадор» ва «Латоиф» ва «Сурох» ва «Қашф» ва «Тарҷамаи Ҳарирӣ»); ва он чи дар мардум **ҳаво** ба ҷои лафзи бод мустаъмал мешавад, хилофи муҳовараи аҳли илм аст; ва лафзи **ҳаво** ба истилоҳи сознавозон ба маънии гармӣ ва гарм нумудани соз аз оташ.

**ҲУВИЙЯТ** هویت мартабаи ваҳдат ва зоти боритаоло ва лоҳут (аз «Қашф»).

**ҲАВДАҶ** هودج каҷова, ки дар он занон сувор шаванд; ва амории шутур (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»).

**ҲАВОДИҶ** هوادج амориҳои шутур, ки дар он занон менишинанд; *ҷамъи* **ҳавдаҷ** аст.

**ҲАВҶ//ҲАВАҶ** هوج нодонӣ ва шитобӣ (аз «Мунтахаб»).

**ҲУД** هود номи пайғамбар алайҳиссалом, ки ба дуъои ӯ бар қавми Од тӯфони бод омада буд; ва номи сураи Қуръони шариф; ва ба маънии тавба кардан ва ба ҳақ бозгаштан (аз «Латоиф» ва «Сурох»).

**ҲУРМУЗ** هورمز ситораи Муштарӣ (аз «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайид»).

**ҲӮР** هور дар форсӣ ба маънии офтоб; ва гӯянд ки номи ситорае низ аст, ки баъд аз ҳазор сол толеъ мегардад (аз «Қашф»); ва дар «Хиёбон» навишта, ки **хӯр** ба маънии офтоб аст; ва зоҳиран **хӯр** дар асл **сур** бошад (ба сини муҳмала ва вови маъруф), чунонки дар забони китобии аҳли Ҳинд аст. Ва сини муҳмала ба ҳо дар ҳар ду забон бадал мешавад. Ва касрати тавофуқи ин ҳар ду забон беш аз ҳад аст.

**ҲАВОҶИС** هواجس хатароти шайтонӣ, ки дар дил гузаранд; ва ин *ҷамъи*

**ҳоҷиса** аст. Ва **ҳоҷиса** ба маънии чизе ки дар дил гузарад (аз «Мунтахаб» ва «Қашф»); ва дар «Шамсӣ» навишта, ки маъхуз аз **ҳаҷс**; ва **ҳаҷс** ба маънии овози нарм, ки шунида шавад ва ба фаҳм наёяд. Пас аз ин васвос мурод бошад. Ва маънии **ҳаҷс** дар «Сурох» низ ҳамин аст.

**ҲАВАС** هوس навъе аз ҷунун (аз «Сурох» ва «Қомус»); ва дар «Мунтахаб» ба маънии девона шудан; ва ба истилоҳи форсиён ба маънии орзу ва шавқи чизе ва ишқи хому ноқис.

**ҲУШ** هوش зиракӣ; ва ба маънии ҷон; ва ба маънии марг ва ҳалок (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ҲАВЛ** هول тарсонидан (аз «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Сурох»); ва ба маънии хавф ва бим; ва дар шарҳи «Нисоб» навишта, ки низ лафзи **ҳавл** (билфатх) ба маънии гуе, ки бад-он тифлон бозӣ кунанд.

**ҲӮЙИ АВВАЛ** هوی اول ба истилоҳи куштигирон ба маънии бори аввал (аз «Мусталаҳот»).

**ҲАВОМ(М)** هوام бар вазни **машомм**; ба маънии ҳашаротулъарз, мисли мору каждум ва росу ва мӯр ва ҳар хазандаву газанда; ва ин *ҷамъи* **ҳомма** аст (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Латоиф»).

**ҲАВН** هون дар арабӣ ба маънии ором ва охистагӣ ва вақор ва нармӣ ва сабукӣ; ва дар форсӣ замини зироат, ки пуркулӯх бошад; ва биззам (яъне **хун**)* дар арабӣ ба маънии хорӣ ва беиззатӣ; ва дар форсӣ калимаи таъкид ва калимаи истикроҳ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Бурҳон» ва «Латоиф»); ва низ дар «Бурҳон» навишта, ки навъе аз динор аст, ки дар мулки Дакан роиҷ аст. Фақир муаллиф гуяд, ки ба ин маънӣ, ба замми хо ва сукуни нун ва вови ғайри малфуз, лафзи ҳиндист; ва **хуни Ачтарой** қисме аз **хун** аст, ки возеъи он Ачтарой ном роҷа шуда бошад, валлоху аълам биссавоб.

**ҲАВОН** هوان хорӣ ва беиззатӣ (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Муйид»).

**ҲАВО ГИРИФТАН** هوا گرفتن парвоз кардан (аз «Мусталаҳот»).

**ҲАВОЙ ШУДАН** هوائی شدن парвоз нумудан ва гум шудан.

**ҲАВО ЁФТАН** هوا یافتن тасарруф кардани ҳаво дар мизоҷ (аз «Мусталаҳот»).

**ҲУ** هو ба маънии хавф (аз «Бурҳон»); ва исми зоти боритаоло; ва ба истилоҳи лутиёни Эрон овозе ки куштигирон барои гармии ҳангома дафъатан баркашанд.

**ҲАВУ** هوو бар вазни **сабу**; ба маънии анбоғ, яъне ҳар яке аз он ду зан, ки дар никоҳи як мард бошад; ва дар «Бурҳон» ба заммати (яъне **ҳуву**)*.

**ҲАВВОЛА** هواله ҳавлнок.

**ҲАВО ХӮРДАНИ БОДА** هوا خوردن باده *киноя аз* зоил шудани кайфийяти шароб; чи тасарруфи ҳаво музили нашъаи шароб аст (аз «Мусталаҳот»).

**ҲАВОЙ** هوائی муҳиб ва ошиқ ва дӯст; ва орзуманд ва булҳавас; ва парешон; ва боче ки сивои муқаррарӣ ба хазонаи салотин мерасад (аз «Мусталаҳот»); ва қисме аз оташбозӣ.

**ҲАВЛИГӢ** هولکی ба маънии тарсонидашуда ва харосон; ва *маҷозан* ба маънии музтариб; ва ин мансуб аст ба **ҳавла**, ки (билфатх бошад) ба маънии як бор тарсонидан; чи вазни **фаъла** (билфатх) барои маррат бошад. Пас ба хо-лати илҳоқи ёи нисбат хои ҳавваз мувофиқи қоидаи форсӣ ба кофи форсӣ бадал шуда, чунонки дар **пардагӣ** [282].

### Фасли ҳо маъа ёи таҳтонӣ

**ҲАЙҶО** هیجا корзор ва ҷанг (аз «Қашф» ва «Мунтахаб»).

**ҲАЮЛО** هیولا моддаи ҳар шайъ ва моҳийяти ҳар чиз ва асли ҳар шайъ; ва ҳукамо чунин таъриф кунанд, ки ҷавҳарест, ки махал бошад сурати ҷисмеро; ва ҷавҳари аввалро низ гӯянд. Ва назди суфийя ду қисм аст: яке рӯҳонӣ, ки онро **рӯҳи аъзам** номанд, дуввум ҷисмонӣ, ки онро табиати кул хонанд; ва мутакаллимон ҳақоиқи

ашъё ном кунанд. Ва баъзе навишта, ки ҳаюло (هیولی) *мухаффаф* ва мураккаби **ҳайъати уло**-ст, ба маънии асли шайъ.

**ҲИМИЕ** هیمیا илми тилисм аст.

**ҲАЙҲОТ** هیهات баъидшуда; ин исми феъл аст, яъне исме ки маънии феъли мозӣ дорад; ва он ки дар мақоми таассуф **ҳайҳот-ҳайҳот** гӯянд, маънии он чунон бошад: яъне баъид шудам аз мақсуд (аз «Мунтахаб» ва «Мадор» ва «Кашф»); ва форсиён ба маънии таҳайюр ва тааҷҷуб истеъмол кунанд.

**ҲАЙЪАТ** هیات бар вазни **ғайрат**; сохта шудан ва сурат ва шакл; ва **таҳийя** аз ин ҷост; ва номи илмест, ки бад-он ашколи афлок ва масохати кураи арз дарёфта мешавад; ва **ҳайъот** (ба алифи мамдуда) бар вазни **хайрот**, *ҷамъи* **ҳайъат** аст (аз «Кашф» ва ғайри он).

**ҲИЛОҶ** هیلاج хисобест мунаҷҷимонро, ки бад-он далели умрро шиносанд; ва *маҷозан* зоичаи мавлудро низ гуянд (аз «Муайид» ва шурӯҳ).

**ҲАЙҶ** هیج ғубор; ва ба маънии барангехта шудан; ва ба ташдиди таҳтонии максур, бар вазни **саййид** (яъне **ҳаййиҷ**)* ба маънии барангезанда (аз «Мунтахаб»).

**ҲИРБУД** هیربد ходими оташкада, чаро ки **ҳир** ба маънии оташ аст ва **буд** ба маънии соҳиб ва худованд (аз «Сурурӣ» ва «Бурҳон»).

**ҲЕЗ** هیز муханнас (аз «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ҲЕЧКАС** هیچکس нокас (аз «Мусталаҳот»).

**ҲАЁКИЛ** هیاکل *ҷамъи* **ҳайкал.**

**ҲАЙКАЛ** هیکل ҷуссаи бузург ва аспи дарозҷисм; ва шукуҳ ва азамат; ва бинои баланд ва бутхона; ва сурат ва шакл; ва ҳамоил ва таъвиз (аз «Мунтахаб» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Мадор» ва «Сурох»).

**ҲИЛ** هیل давое, ки ба ҳиндӣ онро илайчии сифед номанд; зоҳиран ин *муарраби* **ҳел** аст (ки ба ёи маҷҳул бошад); ва ба арабӣ қоқулаи сиғор гуянд (аз «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ҲАЮЛОИ АВВАЛ** هیولای اول *киноя аз* ҷавҳари аввал.

**ҲАЙКАЛУРРУМ** هیکل‌الروم номи бутхона, ки дар Рум будааст.

**ҲАЙМ** هیم саргаштагӣ; ва билкаср (яъне **ҳим**)* шутури ташна; ва дар форсӣ ба ёи маҷҳул (яъне **ҳем**)* ба маънии ҳезуми сӯхтанӣ.

**ҲАЙЗУМ** هیزم чуби хушки сӯхтанӣ (аз «Баҳори Аҷам»); ва Хони Орзу дар «Шарҳи Сикандарнома» навишта, ки ба луғати Курдистон неъматро гуянд. Дар ин сурат *мухаффафи* **ҳайзум** (هیزوم) аст.

**ҲАЙСАМ** هیصم шери дарранда (аз «Мунтахаб» ва «Сурох» ва «Қомус»).

**ҲЕЧМАДОН** هیچمدان нодон ва беилм.

**ҲАЮН** هیون шутур ва асп (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Рашидӣ»).

**ҲАЙҶОН//ҲАЯҶОН** هیجان барангехта шудан (аз «Музил» ва «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Сурох»).

**ҲИН** هین сайлоб; ва ба маънии инак ва бигзор ва биштоб ва огох бош; ва калимаи заҷр (аз «Мадор»).

**ҲАЙМОН** هیمان саргаштагӣ ва ҳайронӣ (аз «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ҲИЁСА** هیاسه ба маънии давол.

**ҲЕМА** هیمه ҳезуми сӯхтанӣ; ва ба фатҳ (яъне **ҳайма**)* низ омада (аз «Бурҳон»).

**ҲЕЛА** هیله *мухаффафи* **ҳалела** (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ҲАЙ** هی ба забони дарӣ ва ҳиндӣ ба маънии ҳаст; ва калимаи танбеҳ аст, ки барои огоҳ кардан гӯянд; ва гоҳе дар мақоми таҳсин ояд; ва ба маънии афсус ва заҷр низ омада (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ҲАЮЛОНӢ** هیولانی мансуб ба **ҳаюло**, ки моддаи ҳар шайъро гӯянд; ва дар ҳолати нисбат нуни зоид ҳам меоранд, чунонки дар *ҳаққонӣ* ва *раббонӣ* ва *рӯҳонӣ* алифу нун зоида аст.

**ҲАЙ МЕРӢ** هی مری лафзи туркист, аз алфози боргир, ки туркон дар муҳотаботи худ оранд (аз «Латоиф»).

## БОБИ ЁИ ТАҲТОНӢ

### Фасли ё маъа алиф

**Ё** ی дар форсӣ аз ҳуруфи отифа ва ифодаи тардид кунад, гоҳе бар маътуфалайҳ ва маътуф ҳар ду ояд; Саъдӣ фармояд, байт:

Ё макун бо пилбонон дустӣ,
Ё бино кун хонае дархурди пил.

Дар ин сурат мадхули яке манфӣ ва мадхули дуввум мусбат бошад ва гоҳе вови отифа низ ба ӯ ҷамъ шавад, хусусан дар ашъори қудамо. Ва дар арабӣ барои нидо ояд (аз «Баҳори Аҷам» ва «Чароғи ҳидоят»). Ва бидон ки ҳарфи **ё** бар ду қисм аст: **маъруф** ва **маҷҳул. Маъруф** бар чанд қисм аст: нисбатӣ ва хитобӣ ва масдарӣ ва лиёқатӣ ва мутакаллимӣ ва фоилӣ ва мафъулӣ ва ташбеҳӣ ва барои муболаға. Аввал **ёи нисбат**, чунончи *ҳиҷозӣ* ва *ҳиндӣ* ва *румӣ* ва *лоҷвардӣ* ва *обӣ* ва *равғанӣ* ва *ҳиҷрӣ* ва *ҷулусӣ*. Ва чун ёи нисбат баъди алифу вов воқеъ шавад ҳамзаи максурро зоида қабл аз ё оранд ба ҷиҳати дафъи иҷтимоъи сокинайн, чун *тилоӣ* ва *каҳрубоӣ* ва *исоӣ* ва *сафоии руӣ* ва *сиёҳии мӯӣ*; ва гоҳе алифро, ки охири исм бошад, ҳазф кунанд ва дар ин ҳамзаи зоида наёранд, чунончи: *Бухоро* ва *бухорӣ*. Ва агар ёи нисбат баъд аз ҳои мухтафӣ дарояд, дар ин сурат гоҳе онро дар талаффуз ба ҳамзаи максура бадал кунанд ва ё-ро дар китобат дахл надиҳанд ва аломати ҳамза болои онҳо нависанд, чунончи: *ҷомаи пистаӣ* ва *шакли байзаӣ*; ва гоҳе ё саломат монад, чун: *сурмаӣ*. Ва ҳамин ҳол аст **ёи хитоб**-ро, чунончи: *гуфтаӣ* ва *суфтаӣ* ва *бандаӣ* ва *шармандаӣ*. Чун ба калимае, ки дар охири он алиф ё ҳо ва ёи таҳтонӣ бошад, ёи нисбат мулҳақ кунанд, он алифу ҳо ва ё-ро ба вов бадал кунанд, чун: *Мусо* ва *Мусавӣ* ва *Исо* ва *Исавӣ* ва *дунё* ва *дунявӣ* ва *сомона* ва *сомонавӣ* ва *Меҳна* ва *Меҳнавӣ* ва *Ганҷа* ва *Ганҷавӣ* ва *Деҳлӣ* ва *Деҳлавӣ*; ва гоҳе ҳои охир дар ҳолати нисбат ҳазф нумоянд, чунончи: *Макка* ва *Маккӣ* ва *Бангола* ва *Банголӣ*; ва гоҳе охири калимаро ба вақти илҳоқи ёи нисбат ба кофи форсӣ бадал кунанд, чун: *хона* ва *хонагӣ* ва *парда* ва *пардагӣ* ва *байъона* ва *байъонагӣ*[283]; ва гоҳе алифу нуни зоида қабл аз ёи нисбат дароранд, чунончи: *раббонӣ* ва *ҳаққонӣ* ва *нафсонӣ* ва *зулмонӣ* ва *ҷисмонӣ* ва *нуронӣ*. Ва чун дар калимае ҳарфи солис ёи таҳтонӣ бошад, дар ҳолати илҳоқи ёи нисбат он **ё**-ро гоҳе ҳазф нумоянд, чун: *Маданӣ* мансуб ба Мадина ва *Қурашӣ* мансуб ба Қурайш ва *Ҳанафӣ* мансуб ба Ҳанифа, яъне Абуҳанифа; ва гоҳе қабли ёи нисбат ҳарфи зои муъҷама зиёда оранд, чун: *Розӣ* ва *Марвазӣ* мансуб ба Рай ва Марв. Дуввум **ёи хитоб**: ва он баъди асмо ва афъол ояд ва дар охири афъол маънии **ту** диҳад, чунончи: *гуфтӣ* ва *мехоҳӣ* ва *хоҳӣ гирифт* ва *бурдӣ*; ва ҳар гоҳ баъди асмо ояд, маънии ҳастӣ аз ӯ мустафод мешавад, чунончи: *ҳанӯз тифлӣ*, яъне тифл ҳастӣ ва *марди тезҳушӣ*, яъне тезҳуш ҳастӣ. Севвум **ёи масдарӣ**: ва он баъди асмо ояд, чунончи: *тарӣ* ва *тозагӣ* ва *покӣ* ва *расвоӣ* ва *доноӣ* ва *биноӣ* ва *содалавҳӣ* ва *шикастагӣ* ва *андуҳгинӣ*. Ва **ёи** масдарӣ бо масдари арабӣ низ лоҳиқ мешавад. Назди баъзе саҳеҳ ва назди баъзе ғалат, вале дар асл сиҳҳат надорад, чун *саломатӣ* ва *халосӣ* ва *сафоӣ*. Чаҳорум **ёи лиёқат**: ва он дар авохири масодир ояд, чунончи: *хурданӣ* ва *куштанӣ* ва *рафтанӣ* ва *гузоштанӣ*, яъне лоиқи хӯрдан ва лоиқи куштан ва лоиқи рафтан ва лоиқи гузоштан: Панҷум **ёи мутакаллим**: ва ин тақлиди арабиён аст ва дар охири асмо ва алқоб ояд, чунончи: *илоҳӣ* ва *махдумӣ* ва *устодӣ* ва *эътизодӣ* ва *қиблагоҳӣ*, яъне *илаҳи ман* ва *устоди ман* ва *махдуми ман* ва *эътизоди ман* ва *қиблагоҳи ман*; Соиб гуяд, байт:

Нависад *нуричашмӣ* офтоб он сафҳаи руро.
Маҳи нав *қиблагоҳӣ* хонад он меҳроби абруро.

Шашум **ёи фоил**: ва он баъди асмо ояд ва маънии кунанда диҳад,

чунончи: *касбӣ* ва *кифоятӣ* ва *ғавғой* ва *фиребӣ* ва *васвосӣ*, яъне касбкунанда ва кифояткунанда ва ғавғокунанда ва фиребкунанда ва васвоскунанда; магар маънии ин ё ба ёи нисбат қарибтар аст. Ҳафтум **ёи мафъул**, чунончи: *муҳрӣ* ва *санадӣ* ва *интихобӣ*, яъне муҳр кардашуда ва санад кардашуда ва интихоб кардашуда; ва ин низ ба ёи нисбат қариб аст. Ҳаштум **ёи ташбеҳӣ**, Низомӣ гӯяд, байт:

Зоғ ба фарри ту *ҳумой* кунад,
Сар, ки расад пеши ту, *пой* кунад.

Ва ин ё ба ёи масдарӣ қариб аст. Нуҳум **ёи муболаға**, чунончи: *алломӣ* ва *фаҳҳомӣ*. Сонӣ **ёи маҷҳул** ва он низ бар чанд қисм аст, чунончи: ёи ваҳдат ва ёи тавсиф ва ёи танкир ва ёи тахсис ва шарт ва ҷазо ва таманно ва истимрор ва изҳори изофат ва таъзим ва таҳқир ва зоида ва ёи миқдор ва виқоя ва ҷамъ. Аввал **ёи ваҳдат**: ва он маънии якӣ диҳад ва ҳамеша маҷҳул ва мулҳақ бо накира гардад ва аслан ба муаррифа мулҳақ нашавад, чун: *подшоҳе* ва *дираме* ва *гадое* ва *нигоҳе*. Ва агар баъди ҳои мухтафӣ ояд ба ҳамза бадал гардад, Саъдӣ гӯяд:

Якум рӯз бар *бандае* дил бисӯхт...

Дуввум **ёи тавсифӣ**: ва инро **ёи ишорат** ва **ёи имой** низ гӯянд; ва кофи баён барои сила баъди он ояд, хоҳ муттасил, чунончи дар ин мисраъ:

Ё ба *васле* [284], ки дил аз ҳаҷр хабардор набуд...

Хоҳ коф ба фосила ояд, чунончи дар ин байт:

*Қотиле* хуни маро рехт, ки дар рӯзи ҷазо
Назар аз ноз ба ҳангомаи маҳшар накунад.

Мисоли ёи тавсифӣ, баъди ҳо дар мисраъи аввал ва ёи зоида дар мисраъи сонӣ:

Хуш *бандае*, ки бошад манзури эзиди пок,
Бар *бандае*, ки дорад ин қадр дар замона.

Севвум **ёи танкир**: аз ӯ маънии итлоқ мустафод мешавад ва таъйин набошад, чунончи дар ин мисраъ:

Дар хароботи муғон нест чу ман *шайдое*...

Чаҳорум **ёи тахсис**: ва аз ӯ ба ҷониби хос дар зеҳн имо нумоянд, байт:

Ману аз дур тамошои гулистони касе,
Ба нигоҳе шуда хурсанд зи бустони *касе*.

Ва дар ин мисраъ:

Соз обод, худое, дили *вайроне*ро...

Панҷум **ёи шарт ва ҷазо**: ва он гоҳе баъди шарт ва ҷазо ҳар ду ояд, чунончи, дар ин байт:

Гар имрӯз *будӣ* худованди ҷоҳ,
*Накардӣ* худ аз кибр дар вай нигоҳ.

Шашум **ёи таманно**, ки дар мақоми ҳасрат дар охири сиғаи мозӣ мулҳақ созанд, чунончи дар ин байт:

Чӣ *будӣ*, ки поям дар ин кориғил
Ба ганҷе фурӯ *рафтӣ* аз коми дил.

Ҳафтум **ёи истимрор**: ва он дар охири сиғаи мозӣ дарояд ва аз ӯ маънии давом мустафод шавад, чунончи дар ин абьёт, абьёт:

*Гирифтӣ* камарбанди зӯрозмой,
В-агар куҳ будӣ *бикандӣ* зи ҷой,
*Нахӯрдӣ*, ки хотир баросоядаш,
*Надодӣ*, ки фардо ба кор оядаш.

Ҳаштум **ёи изҳори изофат** ва он баъди алифу вови сокин ояд, чунончи дар ин: *ҷои ӯ*, ва *пои ӯ*, ва *рӯи ӯ*, ва *мӯи ӯ*. Нуҳум **ёи таъзим**, чунончи дар ин байт:

Бибурд дил зи кафам душ *маҷлисорое*,
*Саҳиқаде*, саманандоми *моҳсимое*.

Даҳум **ёи таҳқир**: ба маънии андак ва истихфоф ва ҳақорат ояд, чунонки дар ин байти Ҳофизи Шерозӣ:

Ёр дорад сари сайди дили Ҳофиз, ёрон,
*Шоҳбозе* ба шикори *магасе* меояд.

Дар ин байт ёи шоҳбозе барои таъзим аст ва ёи магасе барои таҳқир. Ёздаҳум **ёи зоид**: ва он баъди алифу вов ояд, ба наҳҷе ки агар дур кунанд, дар маънӣ халале наёяд, чунонки: *худо* ва *худой* ва *ҳумо* ва *ҳумой* ва *бӯ* ва *бӯй* ва *ҳу* ва *ҳуй*, мисраъ:

*Худойрост* мусаллам бузургиву алтоф...

ва дар ин мисраъ:

*Ҳумой* бар сари мурғон аз он шараф дорад...

ва низ ёи зоида бошад, ки дар охири баъзе асмои арабӣ ва форсӣ мулҳақ шавад, чунонки: *навраҳон* ва *навраҳонӣ* ва *армағон* ва *армағонӣ* ва *фулон* ва *фулонӣ* ва *ҳамён* ва *ҳамёнӣ* ва *қурбон* ва *қурбонӣ* ва *зиёдат* ва *зиёдатӣ* ва *фузул* ва *фузулӣ* ва *интизор* ва *интизорӣ* ва *ҳузур* ва *ҳузурӣ* ва *ғалат* ва *ғалатӣ* ва *қаҳт* ва *қаҳтӣ* ва *халос* ва *халосӣ* ва *нуқсон* ва *нуқсонӣ*; ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» барои ин ҳама алфоз санади шеъри устод мастур аст. Дувоздаҳум **ёи ҷамъ**, чун: *омадем* ва *кардем* ва *рафтем*. Сездаҳум **ёи миқдор**, чунончи дар ин байт:

Суханро бори хотир буд *куҳе*,
Набудаш *соҳибе, соҳибшукуҳе*.

Чаҳордаҳум **ё**, ки мулҳақ бо ҳарфи робит гардад, чун: *доностӣ*, ба маънии донист ва *шайдостӣ*, ба маънии шайдост. Понздаҳум **ёи виқоя**: ва ин дар мунодӣ ва ҳарфи нидо восита бошад ва аслӣ набошад, чунонки дар лафзи *худоё*, ба хилофи *соқиё*. Ва ҳарфи **ё** гоҳе ба **дол** бадал шавад, чун: *рӯянг* ва *рӯданг*; ва ба **лом**, чун: *ной* ва *нол*, ба маънии най; ва ба **ҳо**, чун: *рӯянда* ва *рӯҳанда*, ба маънии нашвунумокунанда (аз «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф»).

**ЁСО** یاسا ба туркӣ мотамро гӯянд (аз «Бурҳон»); ва *маҷозан* ба маънии қатл мустаъмал; ва дар луғоти туркӣ ба маънии қатлу ғорат ва қасос навишта.

**ЁРО** یارا қувват ва тувоной ва тоқат (аз «Бурҳон»).

**Ё АСАФО** یا اسفی ба маънии вой афсӯс; **асаф** (ба фатҳатайн) андӯҳ ва ғам; ва лафзи ё дар аввал ва алиф дар охир, ҳар ду барои мадди савт, *киноя аз* фарьёду оҳ; ва ба ҷои тааҷҷуб ва таҳайюр низ ояд (аз «Кашф» ва «Латоиф»).

**ЁҚУТ** یاقوت номи хушнавис, ки ғуломи Муътасимбиллоҳ буд; ва Муътасимбиллоҳ яке аз хулафои Аббосия будааст; ва **ёқут** ҷавҳарест маъруф ва он чаҳор навъ аст: сурх ва зард ва кабуд ва сифед. Ва ёқути сурх ҳафт лавн бошад: баҳрамонӣ ва руммонӣ ва арғавонӣ ва дурдӣ ва хамрӣ ва халлӣ ва лаҳмӣ; ва баъзе кабидӣ, яъне ҷигарӣ низ навиштаанд (аз «Ҷавоҳирнома» марқум шуд); ва **ёқут** навъе аз палов аст, ки биринҷи он сурх бошад; ва номи ҷазира.

**ЁСАҶ** یاسج тири пайкондор (аз «Бурҳон»); ва дар фарҳанге муътабар ба маънии пайкони дукорда навишта; ва баъзе ба маънии найза навиштаанд; ва гоҳе мурод аз ин оҳи мазлумон бошад.

**ЁФУХ** یافوخ нармаи сар, ки дар ҳолати ширхорагӣ мутаҳаррик бошад; ба ҳиндӣ талу номанд (аз «Суроҳ» ва ғайра).

**ЁД** یاد чунонки ба маънии масдар ояд, ба маънии дил ва хотир низ меояд, чунонки гӯянд: *фулон чиз аз ёди ман рафт* (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ЁДБУД** یادبود ба маънии ёдгор.

**ЁДГОР** یادگار нишон (аз «Бурҳон»); ва *маҷозан* ба маънии фарзанд низ меояд; ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки **ёдгорӣ** (ба ёи нисбат) низ ба маънии **ёдгор** ояд.

**ЁРИ ҒОР** یار غار *киноя аз* ёри содиқ; чаро ки пайғамбар алайҳиссалоту вассалом вақте ки аз Макка ба иродаи ҳиҷрат баромаданд ба роҳ, дар миёни ғоре се рӯз мутаворӣ буданд. Ҳазрати Сиддиқ ҳамроҳ буданд. Аз ин ҷиҳат **ёри ғор** *киноя аз* ёри содиқ аст.

**ЁЗДАҲ ДАР** یازده در *киноя аз* ёздаҳ манфаз ва маҷро, ки дар бадан аст: аввал ва дуввум ҳар ду сӯрохи гӯш; севвум ва чаҳорум ҳар ду сӯрохи бинӣ; панҷум ва шашум ҳар ду маҷрои чашм; ҳафтум ва ҳаштум даҳон, ки муштамил бар ду манфаз аст: яке роҳи обу таом, ки онро марӣ гӯянд, дуввум роҳи танаффус, ки ба қасабаи рия тааллуқ дорад; нуҳум ва даҳум роҳи бавл, ки муштамил бар ду маҷрост: яке сӯрохи бадар рафтани бавл ва дигаре роҳи инзоли манӣ; ёздаҳум манфази буроз. Ва баъзе чаҳори дигар бар ин афзуда, дар бадан понздаҳ дар қарор додаанд: яке сӯрохи кому даҳан, ки аз димоғ ба сӯи ҳалқ мерасад, дуввум ноф, ки роҳи қути ҷанин аст; севвум ва чаҳорум манофизи ҳар ду пистон.

**ЁВАР** یاور мададгор; ин лафз дар асл **ёру** буд, ба тақдими рои мух-

мала бар вов, ки мазид алайҳи ёр аст. Баъдуҳу қалби маконӣ карданд миёни ро ва вов, **ёвар** шуд (аз «Баҳори Аҷам»); муаллиф гӯяд, ки шояд дар асл **ёривар** бошад, ки ба ҷиҳати тахфиф ро ва ё-ро ҳазф карданд.

**ЁҚУТИ МАЙДОНДОР** یاقوت میدان‌دار ёқут, ки паҳн бошад ва сатҳаи он муставӣ ва ҳамвор бувад.

**ЁР** یار мададгор; *мухаффафи* **ёро**, ки ба маънии тоқат аст.

**ЁДАР** یادر рӯзи дувоздаҳум аз ҳар моҳи шамсӣ (аз «Бурҳон»).

**ЁТМИШЛАР** یاتمشار дар туркӣ ба маънии дохил шудаанд.

**ЁС** یاس дар форсӣ *мухаффафи* **ёсаман**; ва дар арабӣ (яъне **яъс**)* ба маънии ноумедӣ (аз «Бурҳон»).

**ЁБИС** یابس хушк ва хушкикунанда.

**ЁИ МАЪКӮС** یای معکوس ёи калон, ки тавил бошад ба ҷониби дасти рост котиб.

**ЁНЕЪ** یانع меваи расида ва пухта (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Латоиф» ва «Сурох»).

**ЁҒ** یاغ дар туркӣ ба маънии равған (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**ЁРУҚ** یارق рушан ва сифед; ин лафзи туркист.

**ЁЛ** یال гардан, ки тарчамаи унуқ аст; ва ба маънии мӯи гардани асп; ва ба ин маънӣ *маҷоз* аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Қашф» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ» ва «Мадор»); ва аз луғоти туркӣ дарёфт шуд, ки ин лафзи туркист.

**ЁЛКУПОЛ** یال‌کوپال ба маънии шаъну шавкат ва тану туш (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ЁВУ ДОЛ** یاو دال исми ду ҳарф аст; ҳарфи ё ба шакле, ки дар муфрадот менависанд, дар тақвим аломати бурҷи Далв аст ва ҳам аломати Муштарӣ; ва **дол** аломати бурҷи Асад аст ва ҳам аломати Уторид.

**ЁВАГИЁН** یاوگیان гумраҳон.

**ЁСИН** یاسین номи яке аз суратҳои Қуръони маҷид, ки дар ибтидои он санои расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама мазкур аст; ва назди баъзе **Ёсин** яке аз асмои он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама; **ва** низ навиштаанд, ки ё ҳарфи нидо ва **син** *киноя аз* лафзи сайид (аз «Тафсири Ҳусайнӣ» **ва** ғайра); ва дар «Байзовӣ» мастур аст, ки **син** *мухаффафи* **инсин**, ки *тасғири* **инсон** аст. Ва тасғир дар ин ҷо барои таъзим бошад.

**ЁХТАН** یاختن даст ба қасди коре дароз кардан ва берун кашидан ва зоҳир кардан (аз «Қашф» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон»).

**ЁЗДАН** ва **ЁЗИДАН** یازدن و یازیدن дастдарозӣ кардан ва ба қасди коре даст дароз кардан ва болидан (аз «Қашф» ва «Мадор» ва «Бурҳон»).

**ЁЗОН** یازان ҳамла кардан ва даст дарозкунон (аз «Латоиф»).

**ЁСАМИН** یاسمین гулест хушбӯ ва он ду қисм аст: яке сифед ва дигаре зард; ва ба ҳиндӣ ҳар ду қисмро чанбелӣ гӯянд (аз «Алфоз-ул-адвия» ва «Туҳфат-ул-муъминин»); ва дар «Мунтахаб» навишта, ки гулест зарду хушбӯ; ва дар «Бурҳон» навишта, ки ёсамин ва ёсаман ва ёсамун ҳар воҳид ба маънии гули маъруф; ва он сифеду зарду кабуд мебошад.

**ЁРАСТАН** یارستن тоқат доштан (аз «Бурҳон» ва «Мадор»).

**ЁҲУ** یاهو навъе аз кабӯтар, ки овози ёҳу аз даҳони он бароя́д.

**ЁБУ** یابو туркист; ба маънии аспи боркаш.

**ЁРНОМА** یارنامه ба маънии кори нек (аз «Бурҳон»).

**ЁВА** یاوه гум ва нопадид ва ҳарза ва беҳуда (аз «Бурҳон»); ва ин лафзи туркист.

**ЁНА** یانه дар туркӣ ба маънии тараф ва ҷониб.

**ЁҚА** یاقه дар туркӣ гиребони ҷомаро гӯянд.

**ЁФА** یافه гумшуда ва мафқуд ва суханони беҳуда ва пуч (аз «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ЁРАНДА** یارنده ба қасди коре даст дарозкунанда.

**ЁСА** یاسه орзу; ва ба маънии ҳукм ва қонун ва сиёсат (аз «Латоиф» ва «Бурҳон»).

**ЁРА** یاره зеварест, ки бад-он ороиши соид кунанд; ба ҳиндӣ онро канган гӯянд (аз «Кашф» ва «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Сурурӣ»).

**ЁРАГӢ** یارگی кудрат ва тувоноӣ (аз «Бурҳон»).

**ЁРФУРӮШӢ** یارفروشی *кинояаз* таҳсин ва таъриф кардани ёр (аз «Бурҳон» ва «Мусталаҳот»).

**ЁВАГӢ** یاوگی гум шудан ва ҳарзагӯӣ (аз «Бурҳон»).

**ЁӢ** یای дар туркӣ камони тирандозӣ ва мавсими тобистон (аз луғоти туркӣ).

**ЁҒӢ** یاغی душман; ва ба маънии бефармон (аз луғоти туркӣ).

**ЁФАДАРОӢ** یافه درای беҳудагу.

**ЁФТАНБОЗӢ** یافتن بازی фиреб хӯрдан.

**Ё БУШРО** یا بشری **ё** ҳарфи нидост; ва **бушро** ба маънии бишорати мунодо, яъне эй бишорат биё, ки ин вақти туст; ё нидо барои тааҷҷуб, яъне эй аҷаб бишорат аст; ё он ки **Бушро** номи ёри барорандаи Юсуф алайҳиссалом аст аз чоҳ, ки мунодо воқеъ шуда (хазо «Мулаххас-ул-мадорик» ва «Ҷомеъ-ул-баён» ва «Баҳри мавваҷ»).

**ЁҚУТИ РУММОНӢ** یاقوت رمانی навъе аз ёқут, ки рангаш мушобеҳ ба ранги донаи анор бошад.

**ЁҚУТИ ГУРГОНӢ** یاقوت گرگانی навъе аз ёқут, ки маъдани он дар наво-ҳии шаҳри Гургон воқеъ аст; ва Гургон шаҳрест дар Ироқи Аҷам[285], ки *муарраби он* Ҷурҷон аст.

**ЁҚУТИ ҶИГАРӢ** یاقوت جگری навъе аз **ёқут**, ки ранги сурхаш моил ба сиёҳӣ бошад, мушобеҳ ба ранги ҷигар.

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа боп муваҳҳада**

**ЯБОБ** یباب ба маънии хароб (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ЯБУСАТ** یبوست хушкӣ (аз «Мунтахаб»).

**ЯБРӮҲ** یبروح бехи луффоҳ, ки ба форсӣ мардумгиё ва ба ҳиндӣ лакҳманӣ гӯянд (аз «Алфоз-ул-адвия» ва «Мунтахаб» ва «Қомус»).

**ЮБС** یبس хушк шудан (аз «Мунтахаб»).

**ЯБРУҲУССАНАМ** یبروح الصنم ба маънии мардумгиё; ва он бехи гиёҳест, ки шабеҳ ба марду зани ба ҳам пайваста, дастҳо бар ҳамдигар ҳамоил карда ва поҳо дар ҳам муҳкам сохта. Нарро пои рост бар пои чапи мода уфтода бошад, модаро баръакси он. Ҳар ки уро канда аз замин ҷудо кунад бимирад (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ЯПАНЛУ** یپنلو мақоме, ки аз шаҳру деҳ асбобу ғалла ва ғайра барои фурӯхтан бад-он ҷо оранд; ба ҳиндӣ онро мандӣ ва ганҷ гӯянд (аз «Латоиф»); ва дар «Бурҳон» ба тақдими нун аст бар бои форсӣ (яъне **янаплу**)*; ва дар «Рашидӣ» ба маънии қофила ва матоъ.

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа тои фавқонӣ**

**ЯТУЪ** یتوع ҳар дарахт, ки ширдор бошад, мисли заққум ва анҷир ва ушар, ба маънии ог (аз «Кашф» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон» ва «Алфоз-ул-адвия»).

**ЯТМИШ** یتمش дар туркӣ ба маънии расида; **ят** ба маънии расид ва **миш** (ба касри мим) ба ҷои ҳои аломати мафъул.

**ЯТУРМИШ** یترمش дар туркӣ ба маънии расонида.

**ЯТОҚ** یتاق посбон, яъне чавкидиханда (аз «Баҳори Аҷам» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ЯТИМ** یتیم тифли бепадар; ва гоҳе ба маънии бемодар бошад; ва тифле, ки модару падар ҳар ду надорад **ятимуттарафайн** гӯянд; ва касоне ки онро ятим ва ясир гӯянд, хатост (аз «Мадор» ва ғайра); ва ба маънии ғулом ва дузд ва айёр; ва дар «Суроҳ» ба маънии сутури бемодар ва ҷавҳари беназир ва тифли бепадар.

**ЯТН** یتن бача, ки баръакси маъмул таваллуд шавад, яъне аввал пои ӯ берун оянд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Суроҳ»).

**ЯТОҚӢ** یتاقی посбонӣ (аз «Сурурӣ» ва «Бурҳон»).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа сои мусалласа**

**ЯСРИБ** یثرب номи Мадинаи мунаввара (аз «Кашф» ва «Музил» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**Фасли ёи тахтонӣ маъа ҳои муҳмала**

**ЯҲЬЁ** یحیی номи пайғамбарест алайҳиссалом; ва номи марде, ки бағоят сахӣ ва чавод будааст.

**ЯҲМУР** یحمور гурхар (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЯҲМУМ** یحموم дуди сиёх (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

**Фасли ёи тахтонӣ маъа хои муъчама**

**ЯХ ДАР БИҲИШТ** یخ در بهشت навъе аз халво (аз «Бурҳон»).

**ЯХОЧ** یخاج лафзи румист; ба маънии тасвири ҳазрати Исо алайҳиссалом, ки бар деворҳои маъобиди насоро мебошад, онро мешуянд ва оби онро табаррукан мегиранд.

**ЯХ** یخ фарқ миёни барф ва ях он аст[286], ки барф мисли ғубор меборад ва ях чун муми гудохта бар кӯҳу дашт қатра-қатра мечакад ва мисли санги сифед мегардад.

**ЯХДОН** یخدان сундуқи атъима ва ҳалвийёт (аз «Мусталаҳот»).

**ЯХ ХӮРДАН** یخ خوردن сардмеҳрӣ кардан ва афсурдадилӣ (аз шарҳе).

**ЯХЧА** یخچه жола (аз «Бурҳон»).

**ЯХШӢ** یخشی хуб ва нек ва муборак ва беҳтар (аз китоби туркӣ навишта шуд).

**ЯХНӢ** یخنی захира, яъне он чи бидоранд аз мол ё таом, ки ба вақти ҳоҷат ба кор ояд (аз «Сурурӣ» ва «Латоиф» ва «Кашф»); ва соҳиби «Бурҳон» навишта, ки яхнӣ ба маънии пухта ва матбух ва захира ва он ҳар чиз, ки аз асбоб ва ғалла нигоҳ доранд, ки ба вақти ҳоҷат ба кор ояд; ва гӯшти пухташуда.

**Фасли ёи тахтонӣ маъа доли муҳмала**

**ЯДИ БАЙЗО** ید بیضا дасти рӯшан ва сифед, ки дасти Мусо алайҳиссалом бошад, ки ба оташ сӯхта шуда буд. Ҳақ таоло онро ба ивази он муъчизаи эшон карда, ки ҳаргоҳ дар бағали хеш дастро зам карда мебароварданд, мисли офтоб рӯшан ба назар омадӣ; ва *маҷозан* ба маънии каромот ва харқи одот.

**ЯДИ ТӮЛО** ید طولی ҳар ду лафзи мавсуф ва сифат; ба маънии дасти дарозтар; ва ин *киноят* аст аз маҳорат ва камоли ба саноеъ ва ҳунарҳо, ки ба даст таъаллуқ дорад.

**ЯД** ید даст ва неъмат ва давлат ва некӣ ва мулк ва миннат ва қудрат ва қувват ва хорӣ (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ЯДИ БАЙЗО НУМУДАН** ید بیضا نمودن муъчиза ва каромот нумудан; чун Мусо алайҳиссалом даст дар гиребони худ карда мебароварданд, рӯшан чун панчаи хуршед зоҳир мешуд.

**Фасли ёи тахтонӣ маъа рои муҳмала**

**ЯРҒО** یرغا роҳвор ва тезрав; ва ба маънии ялғор низ навишта (аз «Латоиф»).

**ЮРТ** یرت манзилро гӯянд (аз рисолаи туркӣ навишта шуд).

**ЮРОШ** یراش неҳзат ва таваҷҷуҳ (аз «Латоиф»).

**ЙИРЛИҒ** یرلیغ фармони подшоҳӣ; лафзи туркист (аз «Кашф» ва «Баҳори Аҷам»).

**ЯРОҚ** یراق аслиҳаи сипоҳ, мисли шамшер ва сипар ва тиру камон ва ғайра; ва гоҳе ба маънии мутлақи сомон ва асбоб ва масолеҳи ҳар чиз ояд (аз луғоти туркӣ ва «Мадор» ва «Мусталаҳот»).

**ЯРАҚОН** یرقان зардии чашм ва бадан (аз «Мунтахаб»); ва дар «Ҳудуд-ул-амроз» ба сукуни сонӣ (яъне **ярқон**)* низ ҷоиз дошта; ва дар «Чароғи ҳидоят» навишта, ки дар ашъори устодон ба сукуни дуввум низ омада; дар ин сурат лафзи **аринӣ** ва лафзи **ҳаракат-ро**, ки ҳар ду мутаҳарриканд, ба сукуни дуввум (яъне **арнӣ** ва **ҳаркат**)* низ тувон хонд.

**ЯРМАЛУН** یرملون лафзест, ки дар ин лафз барои ёддошти қоидаи қироат шаш ҳарфро ҷамъ кардаанд.

Ҳар гоҳ ки баъди нуни сокин ва нуни танвин яке аз ҳуруфи ярмалун воқеъ шавад, он нунро аз ҷинси он ҳуруф гардонида бо ҳам идғом кунанд ё ғунна, магар дар лом ва ро ғунна накунанд, чунончи: *мин явмин* ва *мин раббиҳим* ва *мин моъин* ва *мин лабнин* ва *мин волин* ва *мин нурин* ва *хайран ярраҳ* ва *хайран мин мушрикатин.*

**ЯРҒУ** یرغو ба маънии сиёсат (аз рисолаи туркӣ).

**ЯРОЪА** یراعه найқалам; ва кирми шабтоб; ва марди баддил (аз «Мунтахаб» ва шарҳи «Нисоб»).

**ЯРА** یره дар туркӣ ба маънии замин (аз луғоти туркӣ навишта шуда).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа зои муъҷама**

**ЯЗАКДОР** یزکدار сардори фавҷи талеъа.

**ЯЗДИҶУРД** یزدجرد номи подшоҳе, ки писарзодаи Нушервони Одил буд [287] (аз «Бурҳон»).

**ЯЗАК** یزک муҳофизони лашкар ва муқаддамаи лашкар, ки онро қаровул низ гӯянд; ва он ҷамъе аз суворон аст, ки аз лашкари худ пеш раванд, то аз фавҷи душман хабардор бошанд; ва фавҷи талеъа, ки ба Ҳиндустон онро талова гӯянд; ва ба маънии мутлақи фавҷ низ омада (аз «Баҳори Аҷам» ва «Қашф» ва «Рашидӣ» ва «Сурурӣ» ва «Ҷаҳонгирӣ»).

**ЯЗДОН** یزدان яке аз асмои ҳақ таолост дар форсӣ; чи форсиёни қабл аз ислом ду худо медонистанд: яке яздон ва онро фоили хайр мегуфтанд ва дигар аҳраман, ки онро фоили шар мегуфтанд (аз «Бурҳон»).

**ЯЗНА** یزنه дар туркӣ шавҳари хоҳар (аз «Рашидӣ» ва луғоти туркӣ ва «Бурҳон»).

**ЯЗДӢ** یزدی мансуб ба **Язд**, ки (бил-фатҳ ва доли муҳмала) номи шаҳрест аз тавобеъи Шероз.

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа сини муҳмала**

**ЯСОРАТ** یسارت тувонгарӣ (аз «Мадор» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЯСОР** یسار тувонгарӣ ва сарват; ва дасти чап (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Суроҳ»).

**ЯСР//ЮСУР** یسر осон шудан ва осонӣ; ва ба фатҳи аввал ва касри син (яъне **ясир**)* ба маънии осон (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Латоиф»).

**ЯСИР** یسیر бар вазни **фақир**; андак; ва ба маънии осон (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Суроҳ»).

**ЯСОҚ** یساق муҳим ва тайёрии ҷанг; ва ба маънии девон ва дарбор (аз луғоти туркӣ) [288].

**ЯСОВУЛ** یساول **лафзи туркист**; ба маънии мири тузук ва нақиб ва чубдор.

**ЯСАЛ** ва **ЯСОЛ** یسل و یسال ҳар ду лафз ба маънии парраи фавҷ (аз «Мусталаҳот»).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа шини муъҷама**

**ЯШБ** یشب номи санге қиматӣ, ки моил ба сабзӣ бошад (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**ЯШК** یشک дандони бузурги шутур ва фил ва гург ва аспу саг, ки ба арабӣ ноб ва ба ҳиндӣ кучлӣ ва кила гӯянд (ба ёи маъруф; аз «Рашидӣ» ва «Сурурӣ» ва «Бурҳон»).

**ЯШМ** یشم *муарраби* **яшб**; номи санге қиматӣ, ки моил ба сабзӣ бошад (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Бурҳон»).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа айни муҳмала**

**ЯЪҚУБ** یعقوب кабки нар; ва номи набӣ алайҳиссалом, ки падари Юсуф алайҳиссалом буданд; ва ин лафз арабӣ нест, ибронист; ва номи имом Абуюсуф, ки шогирди Имоми Аъзам Абӯҳанифа буд; ва номи марде имом ва муҷтаҳиди мазҳаби насоро (аз «Қашф» ва «Бурҳон» ва «Суроҳ» ва ғайри он).

**ЯЪСУБ** یعسوب бар вазни **Яъқуб**; ба маънии амири занбурони шаҳд. Ва он занбури нар бошад калонтар аз тамомии занбурони шаҳд. Ҳар ҷо, ки ӯ равад ҳама занбурони шаҳд тобеъ бошанд. Ва *маҷозан* ба маънии саргуруҳи қавм. Ва **Яъсубулмӯъминин** лақаби Муртазо Алӣ

разияллоҳу анху, зеро ки дар ҳангоми хилофати он ҳазрат тамомии муъминин ва содиқин дар ҳар амр тобеъ ва пайравони он ҷаноб буданд.

**ЯЪУҚ** يعوق номи бутест аз бутони қавми Нуҳ алайҳиссалом, ки ба сурати аспе буд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Мунтахаб»).

**ЯЪНӢ** يعنى сиғаи воҳиди музаккари ғоиби феъли музореъи маълум; ба маънии меҳоҳад ва қасд мекунад; ва масдари он **иноят** аст, ки ба маънии қасд кардан аст, чунончи дар «Мунтахаб».

### Фасли ёи таҳтонӣ маъа ғайни муъҷама

**ЯҒМО** يغما ғорат ва тороҷ; ва номи шаҳре аз Туркистон, ки ба хубруён мансуб аст (аз «Кашф» ва «Бурҳон»).

**ЯҒУС** يغوث номи бутест, ки ба сурати шер бувад (аз шарҳи «Нисоб»).

**ЯҒМОӢ** يغمائى ғорат кардашуда; ва мансуб ба **Яғмо**, ки шаҳрест аз Туркистон.

### Фасли ёи таҳтонӣ маъа фо

**ЯФОЪ** يفاع замини баланд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох» ва «Мунтахаб»).

**ЯФАН** يفن пирмарди фартут (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сурох»).

### Фасли ёи таҳтонӣ маъа қоф

**ЯҚЛАМИШР** يقلمشر дар туркӣ ба маънии хуш омадаанд.

**ЯҚИН** يقين бешубҳа; ва ба маънии марг низ омада (аз «Мунтахаб»); ва баъзе аҳли таҳқиқ таърифи **яқин** чунин кардаанд, ки **яқин** чизест, ки зоил нашавад ба ташкики мушаккик; ва **шак** он аст, ки мусовиюттарафайн бошад ва дар вуҷуду адами воло тарафи роҷеҳро занн номанд ва тарафи марҷуҳро ваҳм гуянд. Ва дар «Сурох» навишта, ки гоҳе аз **яқин** иборат занн бошад ва аз занн яқин. Бидон ки **яқин** се маротиб дорад: аввал **илмулъяқин**, дуввум **айнулъяқин**, севвум **ҳаққулъяқин**. **Илмулъяқин** донистани амре ё чизе бошад ба ақволи сиқот ё ба тариқи тавотур, ки аслан шакку шубҳа дар он набошад. Ва **айнулъяқин** он аст, ки чизеро ба чашми худ дида бар моҳийяти он яқин ҳосил карда бошад. Ва **ҳаққулъяқин** он аст, ки кайфийят ва моҳийяти чизеро камоянбағӣ ба ҷамеъи ҳавос дарёфта бошад. Ва ин қисм аълотарин ақсоми яқин аст.

**ЯҚИЗ//ЯҚУЗ** يقظ бедор, ки зидди хуфта аст (аз «Сурох»).

**ЯҚЗОН** يقظان бедор (аз «Сурох»).

**ЯҚТИН** يقطين дарахти каду; ва ҳар дарахте, ки бар замин паҳн шавад, мисли хиёр ва харбуза ва ғайра (аз «Мунтахаб»).

**ЯҚЗА** يقظه бедорӣ, ки зидди хоб аст (аз «Мунтахаб» ва «Музил» ва «Баҳр-ул-ҷавоҳир» ва «Кашф»).

### Фасли ёи таҳтонӣ маъа коф

**ЯК РАҚИБ** يك رقيب *киноя аз* ҳақ таоло.

**ЯКДАСТ** يكدست яксон (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ЯКҶИҲАТ** يك جهت муттафиқ.

**ЯКСАДИЗОТ** يك صدى ذات бидон ки мансаби **яксадизот**-ро ду лакҳ дом муқаррар бошад. Чун як рупияро чиҳил дом бошад, пас ду лакҳ домро панҷ ҳазор рупия мешаванд.

**ЯКТОР** يكتار *киноя аз* андак.

**ЯКЧАШМАКОР** يك چشمه كار кори хуб ва ороста (аз «Мусталаҳот»).

**ЯК БАҒАЛ** يك بغل *киноя аз* миқдори бисёр (аз «Чароғи ҳидоят»).

**ЯКЧАШМ** يك چشم мураккаб, ба маънии офтоб (аз «Шарҳи Сикандарнома» аз Сайфуллоҳи Аҳмадободӣ ва Хони Орзу).

**ЯКҚАЛАМ** يك قلم ҳама ва билкул.

**ЯГОН** يكان касон ва мардумони номуайян; дар асл **якгон** будааст, кофи арабиро ба ҷиҳати тахфиф ҳазф нумудаанд.

**ЯКРОН** يكران аспи ашқар, яъне сурхранг, ки муи ёлу думи у сифед бошанд (аз «Мадор» ва «Шарафнома» ва «Кашф»); ва дар «Суру-

рӣ» ба кофи форсӣ (яъне **ягрон**)* ба маънии аспе, ки ранги он миёни зардиву сурхӣ бошад. Муаллиф гӯяд, ки зоҳиран аз ин такрир саманд мафҳум мешавад. Ва дар «Ҷаҳонгирӣ» ба кофи арабӣ аспи хуб ва саромад; ва дар «Бурҳон» навишта, ки ба кофи арабӣ аспи асил ва хубро гӯянд. Ва низ навишта, ки баъзе гӯянд аспе, ки ашқарранг бошад, ба шарте ки муи ёлу думи сифед дорад. Ва низ навишта, ки баъзе гӯянд ба маънии аспе, ки ба вақти истодан сепо истода шавад ва як пои пасинро қадре кӯтоҳ сохта канораи сумро бар замин ниҳад. Ва инчунин асп бисьёр тезрав бошад. Ва дар «Рашидӣ» ба маънии аспи беҳтар ва гиронқимат, магар қайди кофи арабию форсӣ накарда. Ва баъзе навиштаанд, ки ба маънии мутлақи асп ҳам мустаъмал мешавад.

**ЯКӢ ХӮРДАН** یکی خوردن аз савлати касе худро пас гирифтан ва хайрону саросема шудан (аз «Мусталаҳот»).

**ЯК ХОНА ГАШТАНИ ҚАМОН** یک خانه گشتن کمان *мурод аз* он ки як хонаи камон ғолиб ва хонаи дигар мағлуб ояд, ай кач шавад (аз «Шарҳи Қирон-ус-саъдайн»).

**[Я]КРӮ КАРДАН** یکرو کردن қатъ кардан билкуллийя (аз «Мусталаҳот»).

**[Я]К ПУШТИ НОХУН** یک پشت ناخن *кинояаз* миқдори қалил.

**[Я]К ТАРАФ УФТОДАН** یک طرف افتادن муқобил шудан ва тараф шудан.

**[Я]КҶИЛАВ** یک جلو тезрав (аз «Мусталаҳот»).

**[Я]КРӮ** یکرو мухлиси содиқ ва бенифоқ, ки дар ҳузур ва ғайбат нек гӯяд.

**[Я]ГОНА** یگانه дар асл **якгона** буд, чунонки *дугона* ва *сегона*.

**[Я]КДИЛА** یکدله муттафиқ ва шуҷоъ.

**[Я]КДАНДОНА** یک دندانه яксон (аз «Мусталаҳот»).

**[Я]КӢ//ЯКЕ** یکی мазид алайҳи **як** аст ва маънии ҳар ду баробар аст, фарке надорад, магар дар баъзе маҳал фарқи он табъи салим медонад (аз «Баҳори Аҷам»).

**ЯКРИКОБӢ** یک رکابی ба ҷид шудан дар коре ва шитобӣ (аз «Рашидӣ»); ва дар «Бурҳон» ба маънии аспи кутал; ва ба маънии мустаиди коре шудан.

**ЯКЧАШМӢ** یک چشمی ба як назар ҳама неку бадро дидан (аз «Шарҳи Сикандарнома»).

**ЯКТАҲӢ** یک تهی ҷомаи яктӯ, чунончи дар айёми гармо пӯшанд.

**ЯКРАНГӢ** یکرنگی бенифоқ (аз «Бурҳон»).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа лом**

**ЯЛДО** یلدا шаби торику дароз; шабест, ки дар охирин дараҷаи Қавс воқеъ шавад, яъне дар мунтаҳои моҳи озар, ки ба ҳиндӣ пӯс гӯянд, воқеъ шавад. Ва он шаб дарозтар аз ҳама шабҳои сол аст ва онро наҳс гирифтаанд (аз «Бурҳон» ва «Мадор»). Ва соҳиби «Кашф» аз «Зуфонгуё» нақл карда, ки шаби ёздаҳум, ки офтоб дар Ҷадӣ бошад, яъне шаби ёздаҳуми моҳи дай, ки онро ба ҳиндӣ маҳ гӯянд. Ва он чи муаллифро аз илми танҷим таҳқиқ шуда он аст, ки рӯзе ки офтоб ёздаҳум дараҷаи бурҷи Қавс тай нумояд, кӯтоҳтар аз ҳама рӯзҳои сол ҳамон рӯз аст ва дарозтар аз ҳама шабҳои сол шаби он рӯз аст. Ва ин иттифоқ дар ашараи дуввуми озармоҳ меуфтад. Ва озар мутобиқи пӯс бошад ба андак тафовут.

**ЯЛСАБ** یلسب марде, ки ба лавозими издивоҷ амал нумояд (аз «Шарҳи қасоиди Хоқонӣ»)[289].

**ЯЛАВУҶ** یلوج ба маънии пайғамбар (аз рисолаи туркӣ ва «Мадор»).

**ЯЛҒАР** یلغار туркист; ба маънии давидан бар фавҷи душман; дар асл **айлғар//ийлғар** буд; чун дар туркӣ ҳар якеро аз ҳаракоти салоса ба шакли муносиби ҳар яке аз ҳуруфи иллат нависанд, алифи аввал фатҳи ёи таҳтонист ва алифи дуввум фатҳи ғайни муъҷама. Пас **айлғар** (дар навиштан ایلغار )* бад-ин таҳқиқ дар талаффуз ба вазни **ханҷар** бошад. Гохе дар китобат алифи аввалро наменависанд.

**ЯЛДУГАЗ** یلدگز номи падари Қизил Арслон.

**ЯЛМАҚ** یلمق *муарраби* **ялма**, ки ба маънии кабост (аз «Мунтахаб»).

**ЯЛОҚ** یلاق номи подшоҳи турк (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ЯЛ** یل паҳлавон ва шуҷоъ ва озод (аз «Сурурӣ» ва «Бурҳон»); ва биззам (яъне **юл**)* дар туркӣ роҳро гӯянд (аз луғоти туркӣ).

**ЯЛМОН** یلمان хобонидани теғ (аз «Мусталаҳот»).

**ЯЛАБА** یلبه навъе аз зиреҳ[290], ки аз пусти баъзе ҳайвонот созанд (аз шарҳи «Нисоб» ва «Сuроҳ»).

**ЯЛА** یله раҳошуда ва сар додашуда ва гузоштташуда ва озод; ва ба маънии давон ва тозон ва зани фоҳиша (аз «Бурҳон» ва «Рашидӣ»).

**ЮЛМА** یلمه он чи дар тағорӣ ба ҳайвонот хӯронанд; лафзи туркист (аз «Шарҳи Гулкуштӣ»).

**ЯЛЛАЛЕ** یللی калимаест, ки ҷавонон дар ҳангоми нишот гӯянд (аз «Мусталаҳот»).

**ЮЛЧӢ** یلچی роҳбар ва пайк ва гузарбон ва гадои роҳнишин; чи **юл** (биззам) дар туркӣ номи роҳ ва **чӣ** ба маънии доранда (аз «Бурҳон»).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа мим**

**ЯМОК** یماك номи подшоҳест; ва номи ғуломи қайсари Рум (аз «Муайид» ва ғайра).

**ЯМАК** یمك номи шаҳрест ҳуснхез; ва номи подшоҳест (аз «Бурҳон»).

**ЯМОМ** یمام кабутари саҳрой (аз «Канз»).

**ЯМ(М)** یم дарьё (аз «Мунтахаб»); ва дар истеъмоли форсӣ ба тахфиф ҳам меояд.

**ЯМОН** یمان мансуб ба **Яман**, ки мулкест ба тарафи ҷануби Ҳинд, моил ба Мағриб (аз «Кашф» ва «Мунтахаб»).

**ЮМН** یمن хуҷаста шудан ва баракат ва муборакӣ; ва ба фатҳатайн (яъне **Яман**)* мулкест маъруф дар иқлими аввал ва дуввум. Чун он мулк ба ҷониби ямини Қаъба аст, лиҳозо Яман гуфтанд. Чи аҳли араб Қаъбаро шахсе қарор додаанд, ки ру ба суи машриқ аст ва пушти ӯ ба мағриб (аз «Сuроҳ» ва «Шарҳи Нисоб» аз Юсуф ибни Монеъ).

**ЯМИН** یمین дасти рост ва тарафи дасти рост; ва ба маънии савганд ва тувоной ва қувват ва манзалати неку (аз «Мунтахаб» ва «Қашф» ва «Латоиф»).

**ЮМКИНУ** یمکن сиғаи музореъи маъруф ба маънии имкон медорад; маъхуз аз **имкон**; магар форсиён дар муҳовароти худ нуни **юмкину**-ро мавқуф, ай сокин (яъне **юмкин**)* мехонанд.

**ЙИМА** یمه ба маънии хӯрок; ва ин лафзи туркист, аз луғоти туркӣ навишта шуд; ва касоне ки **имадоронро** ба маънии рӯзинадорон фаҳманд ва нависанд хатост, асаҳ **йимадорон** аст.

**ЯМОНӢ** یمانی мансуб ба **Яман**, ки номи мулкест маъруф ба ҷониби ямини Қаъба (аз Тайийибӣ «Шарҳи Мишкоти шариф»); ва алиф дар лафзи **ямонӣ** ивази яке аз ёи мушаддада аст. Пас гуфта намешавад **ямонӣ** ба алиф ва ташдиди ё, то ҷамъ нашавад ивазу муаввиз, магар **ямонӣ** ба тахфифи таҳтонӣ, ё **ямани** ба ташдиди **ё**.

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа нун**

**ЯНГА** ینگا зани бародар ва зани ам; ва ба маънии кадбону; ва ба маънии машшота низ омада (аз «Латоиф»).

**ЯНБУЪ** ینبوع чашмаи бузург (аз «Қашф» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф»).

**ЯНОБИЪ** ینابیع чашмаҳои бузурги об; ва ин *ҷамъи* **янбуъ** аст (аз «Мунтахаб»).

**ЯНК** ینك ойин ва равиш ва номи ҷазира[291].

**ЯНАПЛУ** ینپلو корвон ва қофила ва бозоре ки дар он аз ҳар тараф аҷнос оварда фурушанд (аз «Бурҳон»); ва дар «Латоиф» ба тақдими бои форси бар нун (яъне **япанлу**)*.

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа вов**

**ЯВМУЛҲИСОБ** يوم‌الحساب рузи қиёмат, ки муддати панҷоҳ ҳазор сол бошад.

**ЯВОҚИТ** يواقيت *ҷамъи* **ёқут.**

**ЮҲ** يوح офтоб (аз «Мунтахаб» ва «Қомус» ва «Қашф» ва «Мадор»).

**ЯВМУТТАНОД** يوم‌التناد рузи қиёмат, чаро ки яке мар дигареро дар он рӯз нидо хоҳад дод, ки: *«ба фарьёди ман бирас»* ва касе нахоҳад расид (аз «Латоиф»); ва лафзи **танод** дар асл **танодӣ** буд, масдар аз боби тафоил. Ё аз охир ба ҷиҳати вақф соқит шудааст.

**ЯВМУННУШУР** يوم‌النشور рузи растахез; чи **нушур** ба маънии зинда шудан аст (аз «Сурох»).

**ЮРАР** يورر дар турки ба маънии баён мекунад.

**ЯВМУЛБОҲУР** يوم الباحور ба маънии рузи буҳрон; ва теъдоди таъйини он назди аксари атиббо чунин аст, ки аз рузи ибтидои мараз ба рузи панҷум уфтад ё ҳафтум ё нуҳум ё ёздаҳум ва чаҳордаҳум ва ҳафтдаҳум ва нуздаҳум ва бистум ва бисту якум ва бисту чаҳорум ва бисту ҳафтум.

**ЮЗ** يوز даррандае, ки охуро сайд кунад ва хурдани панирро бисьёр дӯст дорад; ба ҳиндӣ чита гӯянд; ва ба маънии ҷустан ва талош кардан; ва **дарьюза** аз ин ҷост; ва дар туркӣ лафзи **юз** ба маънии сад бошад, ки номи адади маъруф аст (аз «Латоиф» ва «Ҳиёбон» ва ғайра).

**ЮНУС//ЮНАС//ЮНИС** يونس магар замми нун афсаҳ аст; исми набӣ алайҳиссалом, ки моҳи эшонро фурӯ бурда буд (аз «Қомус» ва «Сурох»).

**ЮВОШ** يواش аспи кутал ва аспи нармрафтор ва риёзатдода, ки лоиқи савории бузургон бошад; ва ин туркист (аз «Латоиф»).

**ЮРУШ** يورش лафзи туркист, ба маънии бар душман давидан ва саворӣ кардан бар муҳим ва таъҷил ва куч кардан (аз «Мадор» ва «Латоиф» ва луғоти туркӣ).

**ЮҒ** يوغ чӯбе, ки бар гардани гови қулба ниҳанд; ба ҳиндӣ ҷува номанд (аз «Латоиф»).

**ЮНТИЙИЛ** يونت ييل ба маънии соли асп (аз рисолаи туркӣ навишта шуд).

**ЯВНОН** يونان магар машҳур **ба замма** (яъне **Юнон**)*; ва он мулкест дар иқлими панҷум, дохили Рум, ки ба номи Явнон ибни Ёфис ибни Нӯҳ обод шуда (аз «Лубб-ул-албоб»).

**ЮЗИДАН** يوزيدن талаб нумудан ва ҷустан.

**ЮЯ//ЙУЯ** يويه қасд ва азм.

**ЮРТАГА** يورتگه ҷои будан ва хона; ва баъзе ба маънии ҷои чавкӣ навишта (аз «Латоиф»).

**ЮЗА** يوزه танаи дарахт (аз «Муайид»).

**ЮФӢ** يوفى беҳудагӯ (аз «Латоиф»).

**ЮЛЧӢ** يولچى муҳофизи роҳ ва роҳдор (аз луғоти туркӣ); чи **юл** (биззам) дар туркӣ роҳ ва **чӣ** ба маънии доранда; ба маънии гадое, ки сари роҳи мардум нишинад ва суол кунад.

**ЮНЕ** يونى **юн** (ба вови маъруф) ба маънии донг аст (аз «Шарҳи Хоқонӣ»).

**ЮЗБОШӢ** يوزباشى сардори сад кас (аз луғоти туркӣ).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа ҳои ҳавваз**

**ЯҲУДО** يهودا номи бародари калони Юсуф алайҳиссалом; ва номи марде дигар.

**ЯҲУД** يهود *ҷамъи* **яҳудӣ**; ба маънии ҷуҳудон (аз «Латоиф» ва «Мунтахаб»).

**Фасли ёи таҳтонӣ маъа ёи таҳтонӣ**

**ЙИЙЛОҚ** ييلاق ҷои сарди ҳаводор, ки ба фасли тобистон дар он бошанд; ва ин туркист (аз «Мусталаҳот» ва «Рашидӣ»).

**ЙИЛ** ييل бар вазни **фил**; ба маънии сол (аз луғоти туркӣ навишта шуд).

**ЙИЛОН** ييلان бар вазни **филон**; лафзи муфрад аст, ба маънии мор (аз рисолаи туркӣ).

ТАМОМ ШУД «ҒИЁС-УЛ-ЛУҒОТ».